**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**МАВОДҲОИ**

# КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ - НАЗАРИЯВИИ ҲАЙАТИ ПРОФЕССОРОН, УСТОДОН ВА ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАВЗУИ “ТАШАККУЛИ МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВӢ ВА ИҚТИСОДИИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶ ИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ ” БАХШИДА БА СОЛҲОИ РУШДИ САНОАТ (2022-2026)




**(24-29 апрели соли 2023)**

## СУХАНИ ИФТИТОҲИИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН, НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ, ДОТСЕНТ АБДУАЛИМЗОДА Ҳ.А.

Мухтарам ҳайати профессорону устодон, донишҷӯён ва ҳозирини гиромӣ!

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳамасола аз рӯйи анъанаи нек дар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, махсусан дар муассисаҳои олии таълимӣ Ҳафтаи илм ва Рӯзи илми тоҷик ҷашн гирифта мешавад, ки дар он ҳайати олимону коршиносон, аспирантон, унвонҷӯён, докторантону магистрантон ва донишҷӯён бо фишурдаи маърузаҳои худ баромад мекунанд ва ин анъанаи нек аз илмпарварии халқи тоҷик маншаъ мегирад.

Дар конференсияи имсола низ натиҷаи корҳои илмию тадқиқотии ҳайати профессорону омӯзгорон мавриди баррасӣ қарор мегирад ва он ба мавзуъҳои мубрам бахшида шудааст. Ҳадаф аз баргузории конференсияҳои апрелӣ ин ҷамъоварии пешниҳодҳои илман асосноки ҳар як муҳаққиқ дар асоси корҳои тадқиқотӣ барои вазорату муассисаҳои дахлдор мебошад. Бинобар ин, аз олимону муҳаққиқон даъват ба амал оварда шуд, ки бо мақолаҳо ва пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ дар конфронс баромад кунанд.

Сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гувоҳи он аст, ки Ҳукумати мамлакат ба илм ва маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Хушбахтона, бо шукргузорӣ аз Истиқлоли давлатӣ ва фазои сулҳу суботи Ватани азизамон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ Ҳафтаи илм ва Рӯзи илми тоҷик баргузор карда шуда, дар доираи бахшҳои алоҳида маърузаҳои илмию назариявӣ, ки давоми як сол муҳаққиқон ба анҷом расонидаанд, пешниҳод карда мешаванд.

Бо ба даст овардани истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ ва бухрони шадид фарогир шуд. Новобаста аз мураккабии вазъ ва печидагии низоми муносибатҳои ҷамъиятиву сиёсӣ рушди иқтисодиёт ва татбиқи ислоҳоти густурда дар маркази таваҷҷуҳи Пешвои миллат қарор дошта, аз аввали солҳои истиқлол раванди гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва даст кашидан аз низоми банақшагирии мутамаркази давлатӣ эълон карда шуд. Дар ин замина нахустин санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ, хусусигардонӣ ва рушди бахши хусусӣ таҳия ва қабул гардид, ки ҷиҳати табдили модели иқтисоди миллӣ замина гузоштанд. Дар баробари ташаккули шаклҳои гуногуни моликият, корҳои назаррас дар самти озод кардани нархҳо ва савдои хориҷӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва ташкили корхонаҳои муштарак ба анҷом расонида шуданд. Ҳамаи ин имконият дод, ки аллакай дар нимаи дуюми солҳои 90-уми асри гузашта ниҳодҳои иқтисодии боэътимод ташаккул ёфта, рукуди иқтисодиёт ва коҳиши нишондиҳандаҳои рушди он пешгирӣ карда шуд.

Бо ба вуҷуд омадани фазои амн ва истиқрори сулҳу Ваҳдати миллӣ ислоҳоти иқтисодӣ хусусияти комплексӣ касб намуда, фарогири самтҳои мухталиф, аз он ҷумла соҳаи идоракунии молияи давлатӣ, низоми молия ва бонкҳо, соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ, бахши хизматрасонӣ, соҳаҳои иҷтимоӣ, таъмини шуғл ва мусоидат ба он ва ғайра гардид. Тадбирҳои андешидашуда ва ислоҳоти татбиқшуда имконият дод, ки дар як давраи кӯтоҳ динамикаи мусбии рушди нишондиҳандаҳои иқтисодӣ таъмин карда шуда, суръати рушди онҳо давоми 31 сол аст, ки дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта мешавад. Маҳз бо ҳамин мазмун конференсияи илмӣ - назариявии ҳайати профессорону устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо ташаббуси раёсати донишгоҳ бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо гардида истодааст, ки он мавзуъҳои таҳқиқотии профессорону устодон, аспирантону унвонҷӯён, докторантону магистрантон ва донишҷӯён дар соҳаҳои

гуногуни молия ва иқтисодро баррасӣ мегарданд.

Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи 31 соли истиқлоли давлатии худ бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқеъ, роҳ ва оянддаи дурахшони худро муайян намуд ва мардуми меҳнатдӯсти кишварамонро зарур аст, ки бо мақсади ноил шудан ба ояндаи нек ва сатҳи зиндагии сифатан нав кӯшиш ба харҷ дода, ба ҳадафҳои неки худ бирасанд.

Дар фишурдаи маърузаҳои илмии ҳайати профессорон ва устодони донишгоҳ дар радифи муаммоҳои назариявӣ-методологӣ, тараққиёти низоми молиявӣ, рукнҳои алоҳидаи идоракунии он, аз қабили омору ҳисобдорӣ, фаъолияти бонкӣ, бозори фондӣ ва суғурта, андозу андозбандӣ, муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва фаъолияти гумрукӣ, таҳлил, аудит ва назорат дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавии ҷараёнҳои иҷтимоию иқтисодӣ мавриди баҳсу мулоҳизаронӣ қарор мегиранд.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, олимону муҳаққиқони ҷавон ва донишҷӯёни донишгоҳро даъват менамоям, ки пайравони Пешвои миллат бошанд, дар шоҳроҳи пурпечутоби илм кӯшиши фатҳи қуллаҳои баландро намоянд, ҳамчун созандагони ояндаи Ватан ба шавқу завқи зиёд касби илму ҳунар намуда, фарзандони шоистаи даврони хеш бошанд.

Дар хотима, Ҳафтаи илм, Рӯзи илми тоҷик ва конференсияи илмӣ - назариявии ҳайати профессорону устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро бахшида ба 32-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Солҳои рушди саноат (2022-2026) кушода эълон намуда, ба кори бахшҳои он муваффақият таманно менамоям.

## БАХШИ МОЛИЯ, ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ-БИРЖАВӢ ВА СУҒУРТА

# АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ИДОРАКУНИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИБУҶЕТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷурахонзода Б.Ҷ.-н.и.и., дотсент, муовини якум, муовини ректор оид ба таълими ДДМИТ.**

**Эшбеков Т.Ҳ. – муаллими калони кафедраи муносибатҳои молиявӣ – қарзии байналхалқии ДДМИТ**

*Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки диққати худро ба мушкилоти масъалаи созмони низоми буҷетӣ, истифодаи усулҳои самараноки амалнамоии он ва ҳамчунин ба самтгирии механизмҳои баробарсозии буҷетӣ аз рӯи истеъмолоти буҷетӣ равона созад. Қайд карда шудааст, ки масъалаҳои худмаблаггузорӣ ва худтаъминкунии минтақаҳо яке аз стратегияҳои афзалиятноки минтақаҳо ба ҳисоб меравад. Дар мақола якчанд тавсияҳо оид ба беҳтар намудани муносибатҳои байнибуҷетӣ дар ҷумҳурӣ оварда шудаанд.*

Яке аз вазифаҳои муҳими ислоҳоти муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон баландбардории самаранокии низоми дастгирии молиявии буҷетҳои маҳаллӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар миёни самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми мазкур нақши асосиро ҷорисозии принсипҳои объективии ҳисоби кумаки молиявӣ ва хусусияти ҳавасмандгардонии дастгирии молиявӣ мебозад. Барои ноилгардии ин мақсадҳо амалисозии маблағи кумаки молиявии минтақаҳо бо назардошти нишондиҳандаҳои даромадҳои андозии потенисалӣ ва талаботҳои маъмурии хароҷотҳо зарур мебошад, чунки истифодаи нишондиҳандаҳои аслӣ(ҳисоботӣ) ҳавасмандии манфиро барои мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ аз нуқтаи назари коҳишёбии ғайриасосноки иқтидори андозӣ ва болоравии хароҷотҳои буҷетҳоро ба бор меорад.

Масъалаҳои дар боло зикршударо метавон бо туфайли зиёд намудани иқтидори молиявии вилоятҳо ҳал намуд, ки онро дар се самти асосӣ асос меёбад.

Якум, бо роҳи афзун намудани даромадҳои андозӣ. Яке аз роҳҳои афзун намудани даромадҳои худии маблағгузорӣ бо ҳаҷми пурра ҷамъ намудани андозҳои маҳаллӣ дар вилоятҳои ҷумҳурӣ мебошад. Бо ин мақсад, зарур дониста мешавад, ки назорат аз болои риоя нашудани ҳисобу китоби объектҳои ғайриманқул пурзӯр карда шавад. Ба чунин обектҳо дохил мешавад: қитъаҳои замине, ки барои истифодаи онҳо аз мақомоти дахлдор иҷозат гирифта нашудаанд; бино ва иншоотҳое, ки бе иҷозат сохта ба истифода дода шудаанд; қитъаҳои замин ва молу мулке, ки бо ҳуҷҷати асл ва масоҳати воқеъии додашуда мувофиқа надоранд; обектҳои ғайриманқуле, ки дар натиҷаи таъмиру таҷдид, азнавсозӣ ва тарҳрезии онҳо шакли аввалаашонро аз даст додаанд.

Агар ҳолатҳои зикршударо пурра ба манбаҳои андозбандӣ табдил диҳем, онгоҳ даромади вобасташудаи вилоятҳо ба андозаи муайян афзоиш хоҳад ёфт.

Бархе аз иқтисодчиён бо мақсади зиёд намудани даромади буҷетҳои маҳаллӣ ақидаи онро доранд, ки фоизи андозҳои маҳаллӣ бояд баланд бардошта шавад. Шояд усули зикршуда дар минтақаҳои аз ҷиҳати захираҳои молиявию иқтисодӣ инкишофёфта истифода бурда шавад, аммо минтақаҳое, ки аз ҷиҳати чунин захираҳо танқисӣ мекашанд, ин усул на он қадар самара мебахшад. Зеро баланд намудани меъёри андозӣ дар минтақаҳои мушкилотдошта ин худ зарба задан ба вазъи иҷтимоӣ-

иқтисодии он ва эҷод кардани монеа ба фазои сармоягузориии минтақаҳои мазкур маҳсуб меёбад.

Дуюм, ба воситаи даромадҳои ғайриандозӣ. Даромадҳои ғайриандозӣ барои буҷетҳои вилоят ҳамчун манбаи иловагӣ барои ташаккул ва пурзӯр намудани мустақиляти иқтисодӣ хизмат мерасонанд.

Яке аз чораҳое, ки ба зиёд намудани даромад аз фурӯши моликияти мақомотҳои маҳаллӣ оварда мерасонад, ин ҷустуҷӯ ва дарёфти объектҳои ғайриманқул ва заминҳои истифоданашуда (бесоҳиб) дар қаламрави вилоятҳо мебошанд. Бо ин мақсад, барои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зарур дониста мешавад, ки обектҳои ғайриманқул ва заминҳои итифоданашуда (бесоҳиб)-ро барои истифода ё ихтиёрдорӣ ба шахсони воқеъӣ ё ҳуқуқӣ дар асоси шартномаи фуруш ё иҷора ба истифода супорида шавад.

Чораи дигаре, ки ба зиёд шудани даромадҳои ғайриандозии буҷети вилоятҳо оварда мерасонад, муайян намудани фондҳои асосии истифоданашудаи муассисаҳои буҷетӣ мебошад. Бо ин мақсад, зарур дониста мешавад, ки фондҳои асосии мазкур ба фуруш ё иҷора супорида шаванд, то даромади буҷети вилоят аз ҳисоби онҳо боз ҳам зиёдтар гардад. Шартномаи иҷоравии молу мулки маҳаллӣ бояд дар зери назорати махсуси мақомоти ҳокимияти иҷроия қарор дошта бошад, зеро он метавонад ба иҷораи фаръӣ (субаренда) бо нархи баланд ва ғайримақсаднок истифода шавад.

Бо мақсади баланд бардоштани даромадҳои ғайриандозӣ аз ҳисоби молу мулки маҳаллӣ, ба мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тавсия дода мешавад, ки феҳристи молу мулки маҳаллӣ ва имконияти истифодаи онҳоро оқилона тартиб диҳанд, ҳамзамон бо мақсади баланд бардоштани самаранокии молу мулки маҳаллии худ чораҳои судманд андеша намоянд. Масалан, меъёри пардохти иҷоравӣ барои истифодаи молу мулки маҳаллӣ метавонад бо назардошти ҷойгиршавии молу мулк, бароҳату дастрас будани нақлиёт ва дигар хусусиятҳое, ки ҷолиб будани молу мулки маҳаллиро зиёд мекунад, муқаррар карда шавад.

Сарчашмаи ғайриандозии навбатие, ки ба афзун намудани даромадҳои вобасташудаи буҷети маҳаллӣ оварда мерасонад, аз ҳисоби ҳаргуна ҳуҷҷатҳои маълумотии ба шаҳрвандон зарурбуда ба ҳисоб мераванд. Имрӯз мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар салоҳияти худ ва дар асоси дархости шарҳвандон ҳаргуна ҳуҷҷатҳои маълумотӣ ба намуди ройгон ба онҳо пешниҳод мешаванд. Аз ин рӯ, барои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зарур аст, ки аз салоҳияти мазкур ба таври хизматрасонии пулакӣ ба шаҳрвандон хизмат расонида шавад. Масалан, чунин номгӯи ҳуҷатҳои маълумотӣ ба шаҳрвандон аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод карда мешавад:

1. Маълумотнома дар бораи ҷои истиқомат;
2. Маълумотнома дар бораи аъзои оила;
3. Хислатнома;
4. Мактуби дархостӣ;
5. Иқтибос (нусха) аз протокол;
6. Маълумотнома барои гирифтани РМА;
7. Маълумотнома барои гирифтани кӯмаки моддӣ (кӯмакпулӣ) барои кӯдакон;
8. Маълумотнома барои дафн;

9. Нишондод ва санадҳое, ки барои гирифтани шиносномаи техникӣ аз «Бюрои минтақавии бақайдгирии техникӣ оиди замин» дода мешавад.

Фаъолияти мазкур ройгон мебошад, аммо он як қатор хароҷотҳоро дар бар мегирад, ки барои пӯшонидани ин намуди хароҷотҳо дар сметаи мақомотҳои маҳаллӣ сарчашмаи маблағгузорӣ пешбинӣ нашудааст. Бинобар ин тавсия дода мешавад, ки як қисми ин намуди хизматрасониҳо ба хизматрасонии пулакӣ табдил дода шаванд ва бо истиснои он малумотномаҳое, ки масъалаҳои иҷтимоиро дар бар мегиранд ройгон ба шаҳрвандон пешниҳод карда шаванд.

Сеюм, зиёд намудани барномаҳои сармоягузорӣ дар минтақа. Чӣ тавре, ки аз назария ва амалия маълум аст, сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои истеҳсолӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ ба афзоиши даромадҳои андозиву ғайриандозии буҷети давлатӣ, алалхусус қисми таркибии он буҷетҳои маҳаллӣ оварда мерасонад. Инчунин, сармоягузорӣ ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ аз он ҷумла шуғли аҳолӣ ва бекорӣ мусоидат мерасонад.

Ба ақидаи мо, яке аз сабабҳои таъмини пасти буҷетҳои маҳаллӣ бо даромадҳои худӣ дар он дида мешавад, ки тақсимоти барномаҳои сармоягузорӣ дар қаламрави кишвари мо нобаробар ба роҳ монда шудааст. Аз ин лиҳоз, нобаробарии назаррас дар рушди байни шаҳру ноҳияҳо, ҳамзамон дар дохили минтақа ва байни минтақаҳои мухталиф ба вуҷуд меояд.

Баланд бардоштани ҷалби сармоягузориҳо дар минтақаҳои мушкилидошта бо якчанд самт амалӣ карда мешавад, ки ҳар яки онҳо усул ва воситаҳои махсусро дар бар мегиранд.

Бояд қайд кард, ки барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назария ва амалияи сиёсати сармоягузории давлат чунин усулҳо истифода бурда мешаванд:

- ҷорӣ намудани механизмҳои мусоид дар муҳити сармоягузорӣ, ки тавассути онҳо дастрасии васеъ барои гирифтани қарзи буҷетӣ, кафолати маҳаллӣ ва имтиёзҳои андозӣ вуҷуд дошта бошад;
- иштироки мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавассути истифодаи манбаъҳои буҷетӣ ва пешниҳод намудани қарз аз ҳисоби буҷетӣ маҳаллӣ;
- кам кардани фоизҳои қарзӣ;
- осон кардани раванди бақайдгирии субъектҳои хоҷагидорӣ аз қайди давлатӣ;
- ташаккул додани инфрасохтори минтақа ва ғайра;

Ба андешаи мо, мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа метавонад чунин амалӣ карда шавад;

- таъсис ва рушди субъектҳои соҳибкорӣ ва тиҷорати хурду миёна;
- ҷалби сармояи хориҷӣ тавассути таъсиси корхонаҳои муштарак;
- коркард намудани барномаҳои миёнамӯҳлати сармоягузории минтақа, бо амалӣ сохтани назорати ҷиддӣ аз рӯи он;
- идома ва тараққӣ додани таҷрибаи сарикасии дастгирии давлатӣ бо мақсади баробарсозии сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва коҳишдиҳии мунтазами касри буҷет.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки бо мақсади такмил додани даромади буҷетҳои маҳаллӣ, зарур дониста мешавад, ки иқтидори молиявии онро ба воситаи даромадҳои андозиву ғайриандозӣ инчунин ҷалб намудани барномаҳои сармоягузорӣ зиёд намоем.

Барои ҷалби сармоягузорӣ дар минтақа зарур дониста мешавад, ки сиёсати давлатиро ба самти дастгириву ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ-инноватсионӣ; муҳайё кардани муҳити мусоид барои сармоягузории хусусӣ; андешидани тадбирҳо оиди кам кардани фоизҳои қарзӣ ва ноилшавӣ ба самаранок истифодабарии маблағҳои буҷети давлатӣ равона карда шавад.

***Адабиёт:***

*1. Кадыров Д.Б., Шодиева Т.Г. Региональная экономика и управление// Д.Б. Кадыров, Т.Г. Шодиева // Учебник. – Душанбе: «Деваштич», 2002. – 260 с.*

*2. Каримова М.Т. Региональная политика: проблемы и перспективы в Таджикистане. / М.Т. Каримова. – Душанбе. Ирфон, 2014. – 204с*

*3. Саидмуродов Л.Х. Стратегия развития регионов страны на современном этапе. Материалы научно-практической конференции 22 июня 2018 года. Финансы социального сектора и его влияние на устойчивое развитие регионов Республики Таджикистан. – Душанбе. – 2018. с. 7-11.*

*4. Ҳасанов А.Р., Содиқов Р.Ҳ. Буҷети давлатӣ. Китоби дарсӣ/ А.Р., Ҳасанов. Р.Ҳ., Содиқов – Душанбе: «ЭР-граф», 2018.– С .3-4.*

## МУАММОҲОИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аминов И. - д. и. и., профессори кафедраи менеҷменти ДДМИТ**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи рушди соҳибкорӣ диққати аввалиндараҷа медиҳанд. Аз ҷумла, дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар аз саънаи 23 декабри соли 2022 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» қайд намуданд, ки «Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд» [1].

Соҳибкорӣ яке аз омилҳои асосии таъмини рушди иқтисодиёт мебошад [2]. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2000 инҷониб суръати афзоиши солонаи маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли пешина ҳудуди 6,0-11,0 фоизро ташкил медиҳад [4, с. 334-335; 5, с. 213]. Танҳо дар 2 сол нишондиҳандаи таҳлилшаванда аз 6,0% кам буд: соли 2009, ки ба 3,9% баробар буд ва ба таъсири буҳрони ҷаҳонии молиявии солҳои 2008-2009 вобаста буд ва соли 2020, ки ба 4,5% баробар буд ва ба таъсири COVID-19 алоқаманд мебошад.

Дар ҷумҳурӣ соҳибкорӣ бо суръати баланд рушд меёбад. Дар солҳои 2016-2022 шумораи субъектҳои хоҷагидор 51,14% зиёд шуданд (ҷадвали 1). Дар баробари ин, дар кишвар муаммоҳо ва монеаҳои рушди соҳибкорӣ бисёранд. Муайян ва бартараф намудани онҳо суръати боз ҳам баланди афзоиши субъектҳои соҳибкорӣ ва рушди иқтисодиёти кишварро таъмин мекунанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши муаммоҳо, мушкилотҳо ва монеаҳои мавҷуда дар роҳи рушди соҳибкорӣ барои таъмини рушди минбаъдаи иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар ҷадвали 1 шумораи умумии сохторҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла шумораи субъекҳои хоҷагидори амалкунанда ва барҳамхӯрда дар солҳои 2016-2021 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. – Шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2022 (дар аввали сол )**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2021 | 2022 | с. 2022 с бо % ба с. 2016 |
|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ,** | **446695** | **641041** | **676438** | **151,14** |
| **бо %** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | |
| аз онҳо | | | | |
| фаъолияткунанда, воҳид | 275995 | 339806 | **343314** | 124,9 |
| бо % ба ҷамъи умумӣ | 61,79 | 53,01 | 50,75 | |
| барҳамдодашуда | 165020 | 301235 | **333124** | 201,87 |
| бо % ба ҷамъи умумӣ | 38,21 | 46,99 | 49,25 | |
| аз ҷамъи умумии субъектҳо | | | | |
| Шахсони ҳуқуқӣ, воҳид | 42358 | 47639 | 48625 | 114,80 |
| бо % ба ҷамъи умумӣ | 9,48 | 7,43 | 7,19 | |
| филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, воҳид | 494 | 608 | 640 | 129,55 |
| бо % ба ҷамъи умумӣ | 0,11 | 0,10 | 0,10 | |
| соҳибкорони инфродӣ, нафар | 403843 | 592794 | 627173 | 155,30 |
| бо % ба ҷамъи умумӣ | 90,41 | 92,47 | 92,71 | |

Сарчашмаҳо: [3, с. 227; 4, с. 347; 5, с.220].

Таҳлили рақамҳо нишон медиҳад, ки дар солҳои 2016-2022 шумораи субъектҳои хоҷагидорӣ 51,14% (аз 446695 то 676438 воҳид) афзудаст. Шумораи шахсони ҳуқуқӣ 14,80 %, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ 29,55% зиёд шудааст. Афзоиши бештар дар шумораи соҳибкорони инфиродӣ – 55,30% ба назар мерасад.

Муаммои аввал ин аст, ки дар сохтори сохторҳои соҳибкорӣ ҳиссаи шахсони ҳуқуқӣ кам мебошад. Ин нишондиҳанда дар аввали соли 2022 дар шумораи умумии субъектҳо 7,19%-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2016 2,29% коҳиш ёфтааст.

Муаммои асосӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар он аст, ки суръати афзоиши сохторҳои барҳамхӯрда аз суръати афзоиши субъектҳои хоҷагидори амалкунанда хеле зиёд аст. Дар солҳои 2016-2022 агар шумораи субъектхои амалкунанда 24,39% фоиз зиёд шуда бошад, пас шумораи субъектхои бархамхӯрда 201,87% (зиёда аз 2 маротиба) афзудааст. Албатта, барҳамхурии субъектҳои соҳибкорӣ раванди диалектикӣ мебошад, вале шумораи барҳамхӯрии онҳоро то ҳадди ақал кам кардан лозим аст. Шумораи субъектҳои хоҷагидор барҳамхӯрда то чи андозае кам карда шавад, мутаносибан дараҷаи рушди иқтисодиёти кишвар бештар мегардад.

Раванди дар боло қайдшуда (суръати баландтари барҳамхӯрии сохторҳои саҳибкорӣ нисбат ба суръати афзоиши субъектҳои амалкунанда) инчунин дар ҳамаи намудҳои субъектҳои хоҷагидор ба назар мерасад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.-Шумораи субъектҳои хоҷагидори амалкунанда ва барҳамхӯрда аз руи намудҳои онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2022.**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2021 | 2022 | с. 2022 бо % ба с. 2016 |
|---|---|---|---|---|

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Субъектҳои хочагидори фаъолияткунанда** | | | | |
| **Хамагӣ, адад** | **275995** | **339806** | **343314** | **124,39** |
| **бо %** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | |
| аз онхо: | | | | |
| Шахсони хуқуқӣ, адад | 31798 | 35392 | 35088 | 110,35 |
| бо % ба ҷамъи умумӣ | 11,52 | 10,42 | 10,41 | |
| филиалхо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, вохид | 391 | 373 | 348 | 89,00 |
| бо % ба ҷамъи умумӣ | 0,14 | 0,11 | 0,10 | |
| сохибкорони инфродӣ, нафар | 243806 | 304041 | 307878 | 126,28 |
| бо % ба ҷамъи умумӣ | 88,34 | 89,47 | 89,67 | |
| **Субъектхои хоҷагидори бархамхӯрда** | | | | |
| **Хамаги, вохид** | **165020** | **301235** | **333124** | **201,87** |
| **бо %** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | |
| аз онхо: | | | | |
| шахсони ҳуқуқӣ. воҳид | 4897 | 12247 | 13537 | 276,43 |
| бо % ба ҷамъи умумӣ | 2,97 | 4,07 | 4,06 | |
| филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, воҳид | 86 | 235 | 292 | 339,53 |
| бо % ба ҷамъи умумӣ | 0,05 | 0,08 | 0,09 | |
| соҳибкорони инфродӣ, нафар | 160037 | 288753 | 319295 | 199,51 |
| бо % ба ҷамъи умумӣ | 96,98 | 95,85 | 95,85 | |

Сарчашмаҳо: [3, с. 227; 4, с. 347; 4, с. 220].

Дар солҳои 2016-2022 шумораи шахсони ҳуқуқии амалкунанда ҳамагӣ 10,35% афзуда бошад, пас суръати афзоиши шахсони ҳуқуқии барҳамхӯрда ба маротиб баланд аст ва 276,43% (зиёда из 2,76 баробар) - ро ташкил дод.

Дар шумораи соҳибкорони инфиродӣ низ чунин вазъият мушоҳида мешавад. Шумораи умумии онҳо дар солҳои 2016-2022 55,30% фоиз афзуда бошад, шумораи соҳибкорони инфродии фаъолияткунанда ҳамагӣ 24,71 фоиз зиёд шудаст. Ин дар вазъияте ки шумораи соҳибкорни инфродии барҳамхӯрда 99,51% фоиз афзудааст ва шумораи соҳибкорони амалкунанда ҳамагӣ 26,28% зиёд шудааст.

Таҳлили рақамҳо нишон медиҳад, ки шумораи амалкунандаи филиалхо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ 11,0% кам шудааст ва миқдори барҳамхӯрдаи онҳо бошад зиёда 3,33 баробар зиёд шудааст.

Муаммои дигар аз он иборат аст, ки дар кишвар шумораи субъектҳои хоҷагидори калон, махсусан дар соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ, дар саноат нокифоя мебошад. Яке аз нишондиҳандаҳои сифатии сохторҳои шахсони ҳуқуқӣ аз рӯи андоза шумораи кормандони дар онҳо фаъолият менамуда мебошад (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. -Шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирафташуда аз рӯи андоза дар ҷумҳурӣ ва дар соҳаҳои саноат дар соли 2021**

| Нишондиҳандаҳо | Дар ҳамаи соҳаҳо | Дар саноати истихроҷи маъдан | Дар саноати коркард | Дар таъмини неруи барқ, газ, буғ ва |
|---|---|---|---|---|

| | | | | | | | тозакунии ҳаво | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | бо % | ҳамагӣ | бо % | ҳамагӣ | бо % | Ҳамагӣ | бо % |
| Ҳамагӣ шахсони ҳуқуқӣ, воҳ. | 48625 | 100,0 | 569 | 100,0 | 3658 | 100,0 | 65 | 100,0 |
| Аз ҷумла амалкунанда, воҳ. | 29967 | 61,63 | 393 | 69,07 | 2358 | 64,46 | 64 | 98,46 |
| Ҷамъи субъектҳои амалкунанда | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ, воҳ. | 29967 | 100,0 | 393 | 100,0 | 2358 | 100,0 | 64 | 100,0 |
| Аз ҷамъи воҳидҳои амалкунанда | | | | | | | | |
| То 30 нафар | 24350 | 81,25 | 351 | 89,31 | 2097 | 88,93 | 21 | 32,81 |
| Аз 31 то 200 нафар | 5205 | 17,39 | 28 | 7,13 | 228 | 9,67 | 23 | 35,94 |
| Аз201 нафар зиёд | 410 | 1,36 | 14 | 3,56 | 33 | 1,40 | 20 | 31,25 |

Сарчашмаҳо: [5, с. 225].

Дар шумораи умумии шахсони ҳуқуқӣ ҳиссаи шахсони ҳуқуқии бузург ҳамагӣ 1,36 %, ҳиссаи шахсони ҳуқуқии миёна 17,39% – ташкил намуд. Ҳиссаи корхонаҳои бузург дар ҷамъи умумии корхонаҳои соҳаи истихроҷи маъдан дар соли 2021 ҳамагӣ 3,56%, дар соҳаи саноати коркарди 1,40%-ро ташкил намуд. Ҳиссаи шахсони ҳуқуқии миёна бошад, мутаносибан дар соҳаҳои номбурда 7,13 % ва 9,67% – ро ташкил намуд, ки ин нишондиҳандаҳо бениҳоят паст мебошанд.

Ҷумҳурӣ аз сарватҳои зеризамини ғанӣ мебошад ва азхудкунии онҳо дар дараҷаи паст қарор дорад. Оид ба ин масъала бояд чораҳои мушаххас, пеш аз ҳама, дар масъалаи сармоягузорӣ ба ин соҳаи муҳими саноат андешида шавад. Дар саноати коркард имкониятҳои зиёди васеъ намудани истеҳсол аз нахи пахта, чагити пахта, пилла, пашм, картошка, меваҳою сабзавотҳо ва дагар маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ мавҷуд мебошанд. Тоҷикистон аз рӯи захираҳои об дар байни кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ пас аз Федератсияи Русия ҷои дуюмро ишғол мекунад ва теъдоди корхонаҳои тавлид ва тақсими неруи барқ, газ ва об ҳамагӣ 64 ададро ташкил медиҳад, зиёд намудани онҳо талаботи рӯз мебошад. Умуман ҷумҳурӣ ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаи саноат эхтиёҷи калон дорад

Дар соли 2021 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ назар ба шумораи онҳо дар соли 2020 қариб 12 ҳазор воҳид кам шуд (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4.-Шумораи корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2021 (воҳид)**

| Нишондиҳан-даҳо | 1991 | 2000 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2021 бо % нисбат ба соли | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 1991 | 2010 | 2020 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ | 56 8 | 365 | 6 | 183 | 159 | 161 | 64,2 6 | 2,68 | 28,3 4 |
| Муассисаҳо и байни хоҷагии кишоварзӣ | 19 | 15 | 8 | 3 | - | - | ... | ... | ... |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | - | 1263 9 | 5137 2 | 12337 9 | 17900 5 | 16700 9 | ... | 1321 ,4 | 93,2 9 |

Сарчашмаҳо: [5, с.272].

Хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ хоҷагиҳои самаранок мебошанд. Аммо дар баъзе ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба ҳар хоҷагии деҳқонӣ барои 4 сотихи замини корам ва 6 сотихи боғ сертификат додаанд. Дар натиҷа деҳқонон ба мушкилотҳои зиёд, ба монанди муайян намудани намуди кишт, истифодаи техника, додани нуриҳои минералӣ, обёрӣ намудани заминҳо рӯбарӯ шуданд. Мо чунин мешуморем, ки дар ҷумҳурӣ бояд ҳадди ақали масоҳати хоҷагиҳои деҳқонӣ муайян карда шавад, то ки истифододабарии он масоҳатҳоро самаранок ташкил кардан мумкин бошад. Дар он ҷойҳое ки масоҳати заминҳо барои ҳамаи деҳқонон аз ҳадди ақали муайяншуда камӣ менамояд, таъсиси кооперативҳо мувофиқи мақсад мебошад ва ин имконият медиҳад, ки заминҳои корам ва боғзорҳо самараноктар истифода бурда шаванд.

Сабабҳои асосии суръати баланди барҳамхӯрии сохторҳои соҳибкорӣ гуногунанд. Монеаҳои рушди соҳибкориро дар механизмҳои ташкилию ҳуқуқии субъектҳои хоҷагидор, ҳавасмандии ин ё он сохторҳо ба рушди истеҳсолот, камбудиҳо дар фишангҳои иқтисодии идораи соҳаҳо ва ғайраҳо ҷустан лозим аст. Сабаби барҳамхӯрии шумораи зиёди хоҷагиҳои деҳқонӣ маҳз ба ҳавасманд набудани соҳибмулкон ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, бо сабаби ба даст наовардани даромади зарурӣ буд.

Акнун монеаҳои умумии бо суръати бениҳоят баланд барҳамхӯрии сохторҳои соҳибкориро таҳлил менамоем.

Якум, новобаста ба он ки дар самти оптимизатсияи андозҳо барои соҳибкорӣ дар кишвар корҳои муайян анҷом дода мешаванд, гаронии онҳо барои соҳабкорон боқӣ мемонад. Бо ҷорӣ шудани таҳрири нави Кодекси андози кишвар аз соли 2022 шумораи нишондиҳандаҳои андозбандишаванда коҳиш ёфт. Шумораи андозҳои миллӣ аз 8 намуд ба 6 намуд кам шуд [6, с. 326; 7, саҳ. 38]. Аз рӯйхати онҳо андоз аз истифодабарандагони роҳ ва андоз аз даромад хориҷ карда шудаанд. Мафҳуми «андоз аз фоида» ба мафҳуми «андоз аз даромад» иваз карда шудааст [6, с. 326; 7, саҳ. 38].

Сарбории андоз ба субъектҳои соҳибкорӣ аз рӯи намудҳои алоҳидаи андозҳо низ коҳиш дода шуд. Меъёри андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) аз 18 фоиз ба 15 фоиз кам карда шуд [6, с. 519; 7, с. 288]. Меъёрҳои пасти андоз аз арзиши иловашуда барои корҳои сохтмонӣ, хизматрасонии меҳмонхонаҳо ва хизматрасонии соҳаи хӯроки омма – 7 фоиз ва барои фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли ватанӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, хизматрасониҳои таълимӣ ва фаъолият оид ба расонидани хизматрасонии тиббӣ дар санаторияю курортҳо дар ҳаҷми 5% муайян карда шудааст» [6, с. 288]. Барои

соҳибкории хурд меъёри андоз дар низоми содакардашуда 6,0 фоиз муқаррар шудааст [7, с. 379]. Меъёри андози иҷтимоӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ аз 25 фоиз то 20 фоиз кам карда шуд [6, с. 552; 7, саҳ. 342].

Дар масъалаи андозҳо ду мушкилоти асосӣ вуҷуд дорад. Ходисахои пинҳон доштани даромад аз тарафи субъектҳои соҳибкорӣ ҷой доранд. Роҳи ҳалли ин мушкилотро бояд муайян намуд ва андозсупорандагонро барои сари вақт супоридани андозҳо ва пинҳон накардани андозҳо роҳандозӣ намудан зарур аст. Баъзе муассисахо бахисобгирии дурустро ба роҳ намондаанд ва дар онҳо муҳосиботи сиёҳ вуҷуд дорад [2]. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки мақомоти андоз низ дар баъзе мавридҳо аз соҳибкорон талаб менамояд, ки пеш аз муҳлат андозҳоро пардохт намоянд ва миқдори андозҳои супорида мешударо нодуруст ҳисоб нанамоянд [2].

Агар маблағи умумии андозҳоро барои субъектҳои хоҷагии алоҳида ҷамъбаст кунем, пас арзиши онҳо ба ҳисоби фоиз аз 45 фоизи фоида зиёд аст. Дар ин ҷо консепсияи (каҷхатти) Лафферро мисол овардан бамаврид аст, ки мувофиқи он «ставкаҳои баланди андоз (зиёда аз 35-40%-и фоидаи соҳибкорӣ) ҳавасмандии фаъолияти соҳибкориро суст карда, сармоягузориро ба такрористеҳсолкунии васеъ ҳавасманд намегардонад, ба афзоиши он халал мерасонад. Сабаби суст шудани пешрафти илму техника, суръати рушди иқтисодиёт ва камшавии даромади андоз ба буҷет мегардад., ки истилоҳи маъмули «доми андоз»-ро ба вуҷуд меорад [9, с. 358].

Ҳамчунин бояд гуфт, ки зуд-зуд гузаронидани санҷишҳои ғайринавбатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ аз ҷониби нозироти андоз, талабҳои ғайриқонунӣ барои пеш аз муҳлат пардохтани андозҳо ва коррупсионӣ дошта, таваҷҷуҳ ва ҳавасмандии аҳолӣ ва соҳибкорони ҷумҳуриро ба пешбурди соҳибкорӣ хеле паст мекунад [8]. Дар ин масъала баланд бардоштани тахассуси кормандони мақомоти андоз, омӯзиши таҷрибаи пешқадами хориҷӣ дар ташаккули низоми андозбандӣ аҳамияти калон дорад. Бояд гуфт, ки қонунгузории андоз на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон яке аз масъалаҳои мураккабтарин ба ҳисоб меравад ва он бояд пайваста такмил дода шавад.

Дуюм, меъёри бозтамвили қарзҳо барои бонкҳои тиҷоратӣ ва фоизҳои бонкӣ ба қарзҳо барои сохторҳои соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ баланд боқӣ мемонанд. Бонки миллии кишвар 06 феврали соли 2023 меъёри бозтамвилро 11% муқаррар кард [10] , ки ин назар ба меъёрҳои пешина пасттар буда, барои рушди соҳибкорӣ мусоидаттар мебошад Новобаста ба кам шудани меъёри бозтамвил, қарзҳо барои соҳибкорон зиёда аз 18-20%-ро ташкил менамоянд, ки ин ҳоло ҳам барои онҳо гаронтар мебошад.

Бонки Русия меъёри калиди бозтимвилро дар сатҳи 7,50% қарор додааст. 17 марти соли 2023 Шӯрои директорони Бонки Русия тасмим гирифт, ки меъёри асосии солонаро дар сатҳи 7,50% нигоҳ дорад [11].

Барои муқоиса меъерҳои бозтамвилро дар баъзе давлатҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил меорем. Ин нишондиҳанда дар Белорус 11,5%, Молдова – 20,0%, Озорбойҷон – 8,25%, Қазоқистон 16,75% – ро ташкил менамояд [12; 13].

Дар давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон меъерҳои бозтамвил хеле паст мебошанд. Масалан, дар Япония 0,10%, дар Канада – 4,50%, Шветсия – 3,0%, Хитой – 3,65%, ШМА – 5,0%, Швейтсария – 1,50%, Зеландияи нав – 4,75%, Дания – 2,75%, Ҳиндустон – 6,50%, Туркиё – 8,50%, Австралиё – 3,60% – ро ташкил менамояд [14].

Муқоиса нишон медиҳад, ки қарзҳои Тоҷикистон нисбатан гарон боқӣ мемонанд. Ин масъала бояд доимо таҳти назорати Бонки миллии ҷумҳурӣ бошад, дар оянда қарзҳои бонкӣ барои соҳибкорӣ бояд боз ҳам муътадил гардонида шаванд.

Дар фаъолияти бонкӣ боз муаммоҳои дигар, монанди арзиши сарватҳои ғайриманқул ва молҳои дигари ба гарав монда мешударо бо таври объективӣ ва ҳақиқӣ муайян намудан, боварии мизоҷонро сазовор гаштан ва ғайраҳо низ мавҷуданд.

Сеюм, суғуртаи хавфи соҳибкорӣ, ки дар рушди соҳибкорӣ аҳамияти калон дорад. Он пардохти маблағи амволи суғурташударо ҳангоми ба амал омадани холатҳое, ки суғурташаванда дар фаъолияти сохибкориаш зиён мебинад, даромадашро аз даст медихад ва хароҷоти ғайричашмдошт содир мекунад, пешбанӣ менамояд. Ин навъи суғурта то ҳол дар ҷумҳурии мо рушд наёфтааст ва ба ин масъала низ бояд диққати аввалиндараҷа дод.

Чорум, ин ҷо боз якчанд дигар монеаҳоро дар рушди соҳибкорӣ бо таври тезисӣ номбар менамоем. Ба онҳо дастрасӣ ва кофӣ набудани инвеститсияҳо, гаронии бо техникаи нав мусаллах намудани корхонахо, номукаммалии инфрасохтори соҳибкорӣ, сатҳи пасти ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ, дуруст роҳандозӣ кардани омор, камбудҳо дар соҳаи тайёр кардани кадрҳои соҳаи истеҳсолот, махсусан мутахассисони инженер-техникӣ ва коргарӣ, паст будани сатҳи рушди соҳибкории инноватсионӣ, воридоти рақобаткунанда ва ғайра дохил мешаванд.

Хулоса, таъмини инкишофи бемайлони минбаъдаи сохибкорӣ дар ҷумҳурӣ ба бартараф намудани монеаҳо ва омилҳои зиёд вобаста аст. Муҳимаш манфиатҳои давлат ва андозсупорандагонро, муносибати байни соҳибкоронро мувозинат (гармонизатсия) намудан, вазифаи аввалиндараҷа ва муҳим мебошад.

***Адабиёти истифодашуда:***


*1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз санаи 23 декабри соли 2022. Захираҳои интернетӣ: http://president.tj/node/29823, санаи муроҷиат аз 10 апрели соли 2023.*

*2. Аминов, И., Аминов, Х.И. Преграды на пути развития бизнеса в Республике Таджикистан / И. Аминоов, Ҳ. Аминов // Экономика Таджикистана//. – 2022. – №4. – С. 13-18.*

*3. Тоҷикистон: 25 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – 522 с.*

*4. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – 702 с.*

*5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – 414 с.*

*6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Налоговый Кодекс Республики Таджикистан (на таджикском и русском языках). – Душанбе: «Шарки озод», 2017. – 672 с.*

*7. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ҶСП «Нашриёти муосир», 2022. – 424 с.*

*8. Набиев, У.Л. Обеспечение устойчивого функционирования и развития малого предпринимательства в Республике Таджикистан:/ У. Л. Набиев: дисс. на соискание учен.*

*степени кандидата экон. наук; Таджикский государственный университет коммерции. – Душанбе, 2021. – 176 с.*

*9. Макконелл К. Р., Брю С.Л. Экономикс: принципы, проблемы и политика /К. Р. Маккорнелл, С. Л. Брю. – М.: Республика, 1992. – Т. 1. – 399 с.*

*10. Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: сомона. – URL: https://www.nbt.tj/tj/ (Санаи муроҷиат: 10.04.2023).*

*11. Ключевая ставка Банка России. Интернет – ресурсы: – URL: https://www.cbr.ru/hd_base/KeyRate/, дата обращения 10 апреля 2023 г. (дата обращения: 10.04.2023).*

*12. Как изменились ключевые ставки центральных банков в странах СНГ: сайт. – URL: https://mir24.tv/news/16498341/kak-izmenilis-klyuchevye-stavki-centralnyh-bankov-v-stranah-sng (дата обращения: 10.04.2023).*

*13. Ставки рефинансирования в странах СНГ // 24 Мир: сайт. – URL: https://mir24.tv/news/16538960/stavki-refinansirovaniya-v-stranah-sng (дата обращения: 10.04.2023).*

*14. Ключевые ставки центральных банков // МФД-Инфоцентр: сайт. – URL: https://mfd.ru/calendar/rates/ (дата обращения: 10.04.2023).*

## СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ РЫНКА ФИНАНСОВЫХ РЕСУРСОВ И ИНВЕСТИЦИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Кошонова М.Р. - д.э.н., профессор каф. Финансы ТГФУ,**
**Кошонова Ф.С. – соискатель каф. Финансы ТГФУ**

Таджикистан, как и все бывшие советские республики, осуществил переход с плановой экономики на рыночную экономику, что кардинально изменило ранее существовавшую социально-экономическую систему страны. Основными чертами рыночной экономики можно назвать предпринимательство, многообразие форм собственности на средства производства, рыночное ценообразование, договорные отношения между хозяйствующими субъектами (людьми, предприятиями и т.д.), ограниченное вмешательство государства в хозяйственную деятельность.

Переход республики на рыночную экономику означает не только проведение приватизации государственной собственности, но также формирование и развитие финансового рынка, включая рынок ценных бумаг, который должен создать эффективные методы привлечения инвестиций, накопления капитала и его использования на нужды частных фирм, компаний, а также экономики страны.

Финансовый рынок государства, как правило, предполагает некую целостную и самодостаточную структуру, которая соответствует классическому представлению об этом элементе финансовой системы. В структуру финансового рынка обычно включают: рынок ценных бумаг, кредитный рынок, валютный рынок, рынок драгоценных металлов и рынок инвестиций. Научные разработки многих исследователей свидетельствуют о существовании неразвитых финансовых рынков некоторых государств, в число которых входит и Республика Таджикистан.

Правительством Республики Таджикистан 18 ноября 2009 года было принято Постановление №627 «О вводе в обращение государственных казначейских векселей», что способствовало началу развития рынка ценных бумаг как основной составляющей финансового рынка[1]. В январе 2010 года в республике началась кампания по сбору средств на строительство Рогунской гидроэлектростанции. Были реализованы акции и сертификаты открытого акционерного общества (ОАО) «Рогунская ГЭС».

Рынок ценных бумаг как неотъемлемая часть финансового рынка является эффективным механизмом для привлечения инвестиций, аккумуляции и рационального

перераспределения капитала между отраслями экономики и хозяйствующими субъектами.

Сегодня формирование государственного рынка ценных бумаг считается одной из первостепенных задач фискальной и денежно- кредитной политики. Еще в 1992 году в республике была образована нормативно-правовая база рынка ценных бумаг, но не функционировал полноценный институт фондовой биржи как организатора торгов ценными бумагами. Постановлением Правительства Республики Таджикистан № 258 от 19 июня 2000 года была утверждена «Программа по развитию рынка ценных бумаг Республики Таджикистан»[1] [2]. Основной целью данной Программы было: 1) формирование законодательной базы рынка ценных бумаг; 2) создание системы институциональных инвесторов; 3) создание инфраструктуры рынка ценных бумаг; 4) государственное регулирование рынка ценных бумаг; 5) развитие инфраструктуры рынка ценных бумаг; 6) система подготовки профессиональных специалистов рынка ценных бумаг; 7) обеспечение условий для функционирования депозитариев и регистраторов; 8) формирование системы заключения сделок на рынке ценных бумаг; 9) совершенствование системы регулирования рынка ценных бумаг, инвестиций; 10) аккумуляция и рациональное перераспределение капитала между отраслями экономики и хозяйствующими субъектами республики.

Таджикская центральная фондовая биржа в 2008 году получила лицензию на осуществление биржевой деятельности. В этом же году Постановлением Правительства Республики Таджикистан была утверждена Стратегия развития рынка ценных бумаг в Республике Таджикистан на 2008 - 2012 гг.

Правительством республики были предприняты определенные меры по созданию эффективного и организованного рынка ценных бумаг, вследствие чего был принят Закон Республики Таджикистан № 745 «О рынке ценных бумаг» от 28 июня 2011 года, который «регулирует отношения, возникающие в процессе выпуска, размещения, обращения и погашения эмиссионных ценных бумаг, независимо от организационно - правовой формы эмитента, особенностей создания и деятельности субъектов рынка ценных бумаг, определяет порядок регулирования и надзора за рынком ценных бумаг в целях обеспечения безопасного, открытого и эффективного функционирования рынка ценных бумаг, защиты прав инвесторов и держателей ценных бумаг, добросовестной конкуренции участников рынка ценных бумаг»[1].

В июне 2013 года в Налоговом комитете Республики Таджикистан была зарегистрирована новая фондовая биржа - Таджикская центральная фондовая биржа, создание которой рассматривается Агентством по развитию рынка ценных бумаг и специализированного регистратора Министерства финансов Республики Таджикистан как первый шаг к созданию организованного рынка ценных бумаг в Таджикистане. Предыдущая фондовая биржа, срок лицензии которой истек и не был продлен, перестала существовать".

В октябре 2015 года в Таджикистане заработал первый организованный рынок первичных ценных бумаг и деривативов. Церемония открытия ОАО «Центрально-Азиатской фондовой биржи» (CASE) состоялась в столице Таджикистана - городе Душанбе. Цель создания данной биржи - вложение долгосрочных зарубежных капиталов в экономику страны. Генеральный директор Центрально-Азиатской фондовой биржи в Таджикистане Азамат Касымов в своем выступлении отметил: «Граждане Таджикистана теперь могут приобрести акции таких компаний и банков, как российские «Газпром», «Сбербанк» и британский «Barclays. Первоначально биржа будет предоставлять возможность купли-продажи ценных бумаг, а с 2016 года - проводить операции с деривативами»[2] [4] [5].

В свою очередь вице-премьер правительства Таджикистана Давлатали Саид отметил, что CASE предоставляет платформу, как для местных, так и для иностранных компаний инвестировать в реальный сектор экономики путем купли-продажи ценных

бумаг таджикских компаний. Участники операций по купле-продаже ценных бумаг на этой бирже в течение пяти лет будут освобождены от уплаты налогов[1].

Для создания соответствующей инфраструктуры, технического и специального программного обеспечения, обеспечения материально- технической комплектации и другим необходимым оборудованием биржи до настоящего момента затрачено 35 миллионов сомони, что составляет 5,3 миллиона долларов.

Главной целью развития вторичного рынка ценных бумаг и фондовых бирж в Республике Таджикистан является аккумуляция временно свободных средств населения, эффективное распределение капитала между отраслями экономики и активизация эмиссии акций отечественных компаний и их перепродажа в фондовых биржах. Развитие вторичного рынка также способствует притоку внешних инвестиций в экономику Республики Таджикистан.

По официальным данным Агентства по статистике при Президенте Республике Таджикистан за 2007-2021 годы поступление иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан составило 7млрд.183 млн. долларов США, из них 3млрд.422 млн. долларов США прямых инвестиций, 0,1 млн. долл. США. портфельных инвестиций и 3млрд.760 млн. долларов США. – другие виды инвестиций[1].

**Приток основных прямых инвестиций в 2007-2021гг ( долл. США**




Итак, наибольший приток прямых иностранных инвестиций в 2007-2021 гг. был осуществлен в энергетическую отрасль - 598,3 млн. долл. США (или 13%); далее: коммуникация - 527,9 млн. долл. (11%); строительство - 396,6 млн. долл.(8%); финансовые услуги - 476,8 млн. долл. (10%); геологическое изучение и добыча полезных ископаемых - 1657,2 млн. долл. (35%); промышленность - 747,8 млн. долл. (16%); торговля - 55,3 млн. долл.; пищевая промышленность - 12,4 млн. долл. (0,25%); в дорожное строительство - 14,3 млн. долл. (0,29%); в здравоохранение - 5,1 млн. долл. (0,10%); сельское хозяйство - 106,1 млн. долл. (2%); туризм - 39,4(1%) млн. долл.; образование - 47,3 млн. долл. (1%); транспорт - 7,6 млн. долл. 0,15%); строительная отрасль - 16,2 млн. долл. (0,33); и другие сферы - 132,2 млн. долл.(3%)[13].

Следует отметить, что в Республике Таджикистан не развит кредитный рынок. Кредитные организации страны за прошедший год собрали временно свободный капитал в размере 5 521,5 млн. сомони, что составляет всего 854 787 тыс. долл. (13,63% от ВВП). Как отмечает М.Р.Ахмедов, - большую часть этих средств составляют денежные переводы трудовых мигрантов

Приток денежных переводов в 2022 году превысил $5,2 млрд. По данным доклада Всемирного банка об экономике Таджикистана, это является рекордно высоким объемом. Для сравнения последний раз наиболее высокий приток денежных переводов был зафиксирован в 2014 году – около $4,2 млрд.

[1] https://investcom.tj/uploads/docfiles/620b3ba05fa62.pdf

В докладе отмечается, что чистый приток денежных переводов оставался ключевым фактором, который стимулировал экономический рост. Объем ВВП в 2022 году достиг почти 116 млрд сомони ($10,5 млрд). При этом, именно переводы мигрантов являются важным источником сокращения бедности в стране. «Опросы ТаджСтат показывают, что от 22 до 30% общего дохода домохозяйств приходится на денежные переводы, более 90% которых поступает из России»[2]. Специалисты Всемирного Банка полагают, что Таджикистан остается одной из самых зависимых от денежных переводов стран в мире. По их данным, около миллиона таджикских мигрантов работают в России в сфере строительства и розничной торговли.

По данным таджикского исследователя Азизова С. А. в Таджикистане реально функционируют всего лишь четыре финансового рынка: финансово-кредитные организации, валютный рынок, рынок ценных бумаг, страховые рынки [10].

Следует отметить, что в республике не развит также рынок драгоценных металлов, хотя принят Закон Республики Таджикистан от 12 мая 2001 года №21 «О драгоценных металлах и драгоценных камнях» [11][12].

Таджикистан обладает большими запасами драгоценных металлов и драгоценных камней, но основная часть их месторождений не разрабатывается. По статистическим данным, в первом полугодии 2014 года объем добычи золота в Таджикистане составил 1,141 тыс. килограмма, а объем серебра - 943,6 килограммов. Самым крупным производителем золота и серебра в Таджикистане является совместное таджикско-китайское предприятие "Зарафшон" на севере республики, на долю которого приходится около 60% общего объема добычи. Объем добычи золота в Таджикистане в первом полугодии 2015 года по сравнению с аналогичным периодом 2014 года увеличился на 80%, а серебра - на 42%. В 2014 году объем добычи золота в Таджикистане превысил три тонны. Объем добычи драгоценных металлов в Республике Таджикистан за последние 20 лет не стабилен.

Из рассмотренных проблем финансового рынка Республики Таджикистан, на примере фондового рынка можно сделать следующие выводы. Финансовый рынок не развит в его классическом понимании. Фондовая Биржа открылась, но до сих пор не предоставлен листинг предприятий, чьи акции выставлены на торги, то есть, еще не сформировались объекты купли-продажи. По нашему мнению, акции таких крупных предприятий, как "Барки Точик", ТАЛКО, ОАО «Рогунская ГЭС» на бирже могут быть интересны потенциальным инвесторам. Другой вопрос, способны ли эти предприятия заинтересовать инвесторов, учитывая их текущее экономическое состояние. В состав "Барки Точик" входят 24 энергетических объекта, которые теоретически, после реального реформирования отрасли могли стать самостоятельными фигурами и в перспективе выйти со своими акциями на биржу. Для того чтобы выйти на биржу, предприятиям нужно пройти такие процедуры, как листинг, IPO (Initial Public Offering) и андеррайтинг. Для этого нужно создать коммерческие структуры, которые будут заниматься проведением IPO (ай-пи-о), андеррайтингом и дью-дилидженсом (due diligence), причем в соответствии с международными стандартами, чтобы иностранные инвесторы могли поверить в достоверность информации и оценить стоимость акций таджикских предприятий, торгующихся на бирже. Для непрерывных биржевых торгов и контроля за рынком нужны также брокеры, дилеры, клиринговая организация и центральный расчетный депозитарий. Только после организации всего вышеупомянутого можно сказать о привлечении внешних и внутренних инвестиций.

На наш взгляд, для эффективного регулирования национального рынка ценных бумаг и решения определенных проблем необходимо принять следующие меры:

- - разработать и внедрить комплекс мер по организации и функционированию рынка ценных бумаг;

---

[2]Доклад Всемирного банка. Объемы денежных переводов в Таджикистан в 2022г.увеличился https://halva.tj/news/obem_denezhnykh_perevodov_v_tadzhikistan_v_2022_godu_uvelichilsya_/

- - принять определенные меры в случае регулярного ухудшения финансовых показателей участников рынка ценных бумаг;
- - улучшить стратегию и тактику управления профессиональных участников рынка ценных бумаг;
- - повысить ответственность профессиональных участников рынка ценных бумаг;
- - разработать меры, способствующие повышению финансовой грамотности населения для множественного привлечения инвесторов на рынок ценных бумаг;
- - совершенствовать нормативно-правовые документы для обеспечения исполнения финансовых обязательств на рынке ценных бумаг, для регулирования порядка размещения и обращения иностранных ценных бумаг на национальном рынке ценных бумаг;
- - допустить на национальный рынок международные рейтинговые агентства, оценить их деятельность на национальном рынке ценных бумаг;
- - определить меры, которые будут направлены на совершенствование процессов и процедур банкротства и ликвидации профессиональных участников рынков ценных бумаг;
- - определить механизмы выявления правонарушений, связанных со злоупотреблениями на рынке ценных бумаг;
- - организовать координационный совет, который будет регулировать и контролировать все составляющие финансового рынка.

**Литература**


[1] Официальный сайт Министерства финансов Республики Таджикистан:http://minfin.tj

[2] Там же.

[3] Там же.

[4] В Таджикистане зарегистрирована новая фондовая биржа. [Электронный ресурс] Режим доступа: http://news.tj/ru/news/v-tadzhikistane-zaregistrirovana-novaya-fondovaya-birzha

[5] Электронный ресурс информационно-правовой системы «Законодательство стран СНГ» http://www.spinform.ru

[6] Там же.

[7] Источник: Государственный комитет по инвестициям и управлению Государственным имуществом; URL: http://www.gki.tj/ru/nvestitsii _v_rt/ nformatsiyai_statistika/

[8] Источник Государственный комитет по инвестициям и управлению Государственным имуществом http://www.gki.tj/ru/nvestitsii _v_rt/ nformatsiyai_statistika/

[9] Там же, показатели в долларах США.

[10 ] Азизов С.А. Эффективные методы регулирования финансового рынка (на примере республики Таджикистан).Автореф.дисс.канд.эк.наук. Душанбе 2023. 25с.

[11] Ахмедов М.Р. Тенденции развития и роль кредитного рынка в современных условиях развития Таджикистана // Вестник ТГУПБП. 2014. №5.-С. 135-141.

[12] Официальный сайт Министерства финансов Республики Таджикистан:http://minfin.tj

[13]. Комилов С.Дж., Кошонов П.С., Теоретические основы оценки эффективности инновационно- инвестиционных проектов в условиях рыночной экономики в Республике Таджикистан [Текст]//Комилов С.Дж., П.С.Кошонов //Финансово-экономический вестник (Паёми молия ва Иктисодиет) №2 (31) 2022. С.5-14. ISSN 2663-0389.

[14]. Объемы денежных переводов в Таджикистан в 2022г.увеличился. Доклад Всемирного банка. https://halva.tj/news/obem_denezhnykh_perevodov_v_tadzhikistan_v_2022_godu_uvelichilsya_/

## ТАҲАВВУЛОТИ ПУЛ: АЗ БАРТЕР БА ПУЛҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

**Муслихова Т.Т. – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ**

Пул, ки мо имрӯз онро истифода мебарем, натиҷаи раванди тӯлонӣ аст. Хусусиятҳои ҷисмонии он бе арзиши ба он додашуда бефоида аст. Мо онро ҳамчун воситаи мубодила истифода мебарем, ки ба мо имкон медиҳад, ки бо мол ва хизматрасонӣ савдо кунем.

Пули стандартӣ на ҳама вақт вуҷуд дошт ва одамон дар давраҳои пеш барои мубодилаи мол ва хизматрасониҳо шаклҳои дигарро истифода мебурданд. Бо тағйир ёфтани талаботи иқтисод ва рушди технология пул ва пардохтҳо ба таври назаррас тағйир ёфтанд. Ҳоло ки мо гап мезанем, муомилоти кортҳои кредитӣ ва пулҳои электронӣ ба одамон имкон медиҳанд, ки молҳо ва хизматрасониҳо бо дар сонияҳо харидорӣ шаванд.

**Иқтисодиёти бартерӣ**. Вақте ки бартер ҳамчун воситаи муомилот истифода мешуд, талаботи одамон хеле маҳдуд буд. Низоми бартерӣ дар тӯли асрҳо истифода мешуд ва ба 6000 сол пеш аз мелод рост меояд. Ин усули савдо пулро талаб намекунад ва танҳо ба ивази молу хизматрасониҳо ба дигар хизматрасониҳо ва молҳо асос ёфтааст. Мубодила дар байни қабилаҳои Месопотамия маъмул буд ва баъдтар аз ҷониби Финикиён қабул карда шуд.

Чизҳоро ба лавозимоти ҳарбӣ, гиёҳ, хӯрок, намак ва чой иваз мекарданд. Аврупоиҳо ба сар то сари ҷаҳон сафар мекарданд, то ки ҳунарҳои дастӣ ба абрешим ва атр савдо, яъне мубодила кунанд. Чорво низ бо мол мубодила мешуд. Агар касе соҳиби гову гӯсфанд буд, ин маънои онро дошт, ки онҳо сарватманданд.

**Пулҳои молӣ**. Мисли мубодилаи мол, пулҳои молӣ аз рӯи ҳамон принсип кор мекарданд ва ягона фарқият дар он аст, ки ҷомеа ба ашёҳои алоҳида арзишҳои гуногунро таъин мекарданд.

Дар замонҳои қадим пулҳои молӣ боиси ба вуҷуд омадани пул гардида, ба шарофати ҳамин иқтисодиёт тараққӣ мекунад.

**Пулҳои филизӣ** (тангаҳо) Азбаски одамон пулҳои молиро бештар истифода мебурданд, онҳо бо мушкилоти нав рӯ ба рӯ шуданд. Ин муҳити савдо чунин камбудии асосии умумӣ дошт - ноустуворӣ ва тақсимнашавандагӣ. Онҳоро муддати дароз нигоҳ доштан мумкин набуд, бинобар ин, одамон қарзи худро адо карда наметавонистанд ва ё дар оянда барои эҳтиёҷоти дигар захира карда наметавонистанд. Илова бар ин, мол дар ҳама бозорҳо як хел набуд ва савдо бо дигар минтақаҳо хеле душвор буд.

Подшоҳи Лидия Алятт аввалин касест, ки 6000 сол пеш аз мелод ба сикказании пулҳои расмӣ шуруъ намуд. Ин пулро ҳамчун тангаҳои аз нуқра ва тилло сохташуда муаррифӣ мекарданд. Барои аз қаллобӣ пешгирӣ кардан, дар рӯи ин тангаҳо аксҳоро сикка мезаданд. Ҳар як танга арзиши гуногун дошт, ки барои одамон арзёбии арзиши ашёҳоро осон мекард. Дар натиҷа, ин пули қабулшуда ба Лидия ҳам дар тиҷорати дохилӣ ва ҳам дар савдои хориҷӣ кумак карда, онро ҳамчун яке аз сарватмандтарин империяҳои Осиёи хурд тасниф мекард. Дере нагузашта, кишварҳо ба сикка задани тангаҳои худ бо арзишҳои гуногун шуруъ карданд.

**Пулҳои коғазӣ.** Пулҳои коғазӣ бори аввал дар давраи сулолаи Тан дар Чин дар асри 7 таҳия шуда буданд, аммо пулҳои коғазии ҳақиқӣ танҳо дар давраи сулолаи Сун, дар асри 11 пайдо шуданд. Дар он вақт пулҳои коғазӣ барои харидани мол истифода мешуданд ва ба мисли имруза кор мекарданд. Фарқи асосӣ дар он буд, ки пулро бонкҳо ва муассисаҳои хусусӣ мебароварданд. Ҳоло тақрибан дар ҳама кишварҳо барои нашри пул ҳукумат масъул аст.

**Пулҳои қарзӣ**. Вақте ки пул ба меъёри асосӣ табдил ёфт ва ҷомеа фаҳмид, ки зиндагии хубро як пора коғаз дикта мекунад, ҳаёт дигар бехатар нашуд. Пулҳои коғазӣ аз дуздӣ эмин набуданд, одамони сарватманд ҳадафи дуздон гардиданд. Дар ҷавоб низоми бонкӣ таъсис дода шуд. Ин модел ба одамон имкон дод, ки даромади худро дар суратҳисобҳои амонатии эътимоднок нигоҳ доранд ва ба ниёзмандон қарз диҳанд. Аммо дар марҳалаи аввал мушкилии калонтарин он буд, ки муфтхурон мардуми камбағалро истисмор мекарданд. Дар натиҷа, бонкҳо масъулияти додани қарзро бо шартҳои муайян ба дӯш гирифтанд.

**Пулҳои электронӣ.** Пулҳои электронӣ пули нақди рақамӣ мебошанд, ки дар шакли файли электронӣ пешниҳод шудаанд. Онҳо метавонанд барои пардохти харид дар мағозаҳои онлайн, пардохт барои хизматрасониҳои гуногун, интиқол ба бонк ба суратҳисобҳо ва кортҳо истифода шаванд. Пардохт тавассути пули электронӣ қариб фавран сурат мегирад. Пулҳои электронӣ маблағҳои ғайринақдӣ мебошанд, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд ва бо истифода аз воситаҳои электронии пардохт интиқол дода мешаванд. Ин усули дар шакли электронӣ нигоҳ доштани асъор ва гирифтани пул тавассути банкомат мебошад.

Таҳаввулоти пул аз рушди технологӣ ва иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Аз табодули говҳо ва мурғҳо ба асъорҳои рақамӣ, инсоният ҳеҷ гоҳ мутобиқшавӣ ва дарёфти алтернативаҳои инноватсиониро бас намекунад.

Бо вуҷуди ин, роҳ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва комилан ғайринақдӣ, ки дар он пул бемайлон аз сарҳад мегузарад, эҳтимол тӯлонӣ ва печида бошад. Иқтисодиёт бояд ба роҳи пурпечутоби дарпешистода омода шавад ва барои баъзеҳо гузариш метавонад гарон бошад.

**Адабиёт:**


1. Григорян Н.С. Электронное денежное обращение. Нужен ли надзор? // Банковское дело. - 2008. - №7.
2. Деньги, кредит, банки. Экспресс-курс. Под ред. Лаврушина О.И. 4-е изд., стер. - М.: Кнорус, 2010. - 320 с.
3.Фролова Т.А. Банковское дело: конспект лекций. Таганрог: ТТИ ЮФУ, 2010.
4. Воронов Ю.П. Страницы истории денег. - Новосибирск: Наука, 1986.
5. Денисов Е.Р. Финансово-правовые основы денежной системы Российской Федерации./Диссертация на соискание ученой степени канд. юрид. наук. Москва, 2003.
6. Деньги, кредит, банки: Учебник/Под ред. О.И. Лаврушина. - М.: Финансы и статистика. - 2002.
7. Ефимова Л.Г. Банковские сделки: право и практика. - М., НИМП, 2001.
8. Лунц Л.А. Денежное обязательство в гражданском и коллизионном праве капиталистических стран//Ученые труды ВИЮН. - Вып. XIV. - М., 1948.


## ТАКМИЛИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДҲОИ ТАШАККУЛ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВӢ БА РУШДИ СОҲАҲОИ БАХШИ ИҶТИМОӢ

**Шоасалов Н.Қ.** -н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷменти молиявии ДДМИТ

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар якҷоягӣ бо ислоҳоти низоми молияи давлатӣ солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон ва давлатҳои дигари собиқ сотсиалистӣ бо пайдоиши буҷетҳо ва фондҳои гуногуни мақсадноки таъинотӣ алоқаманд мебошад. Бунёди онҳо аз зарурати ҳалли таъхирнопазири баъзе масъалаҳои ҳаётан муҳими барои ҷамъият характери иҷтимоӣ ва иқтисодидошта пеш омада буд. Аз ҷумла, такмили ҳалли масъалаҳои бунёди низоми устувори рушди соҳаҳои бахши иҷтимоӣ, маориф, фарҳанг, таъмини давлатии нафақа, суғуртаи тиббӣ ва иҷтимоӣ, ба кор таъмин намудани аҳолӣ ва ғайра меистод.

Айни ҳол низоми амалкунандаи таъмини ҳифзи иҷтимоиро яке аз сохторҳои муҳими иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки фарогири ҳолати таъминоти аҳолӣ, фаҳмидан мумкин аст. Аҳамияти иҷтимоию иқтисодии ин сохтор аз доираи фарогирии он бармеояд. Яъне, масъалаи мубрами такмили равандҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявӣ ба рушди соҳаҳои иҷтимоёт дар шакли мутлақ ва нисбиаш буда барои рушди ҷомеа баъзан монеаҳоро ба вуҷуд меорад. Барои аксари аҳолии кишвар манбаи ягона ва воситаи рӯзгузаронии онҳо ба ҳисоб меравад.

Мушкилоти дар ин самт ҷойдошта, пеш аз ҳама, ба ташаккулёбии объективии заминаи молиявии таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ вобаста буда, такмили ислоҳоти сохтории онро тақозо менамояд. Ҳамчунин, дар раванди таъйиноти пардохтҳо омилҳои субъективӣ ё шахсият нақши муҳим дорад.

Дар шакли дигар такмили ислоҳоти низоми ҳифзи иҷтимоӣ ин барномаи мураккаби комплексӣ (маҷмуӣ) буда, қабули қарорҳои оқилона, дурандешона ва ҳамаҷониба санҷидашударо талаб менамояд. Барои ноил гардидан ба мақсадҳои дар ин консепсия гузошташуда ҳангоми амалан татбиқ гардидани меъёрҳои дар он дарҷгардида, такмили механизми маблағгузорӣ, дарёфти манбаъҳои нави маблағгузорӣ ба ислоҳоти комили низоми ҳифзи иҷтимоӣ оварда мерасонад.

Дар умум, чунин тафовут бо хусусиятҳои ташкил ва амалнамоии ду модели асосии ҳифзи иҷтимоӣ алоқаманд аст, вале омехташавии ин ду моделро дар аксарияти давлатҳо дидан мумкин аст. Солҳои охир наздикшавии ин ду модел ҳарчи бештар ба назар мерасад, ки аз ҳамоиши иқтисодӣ ва мувофиқ будани равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографии ин давлатҳо шаҳодат медиҳад. Аз дигар самт, дар аксарияти давлатҳо раванди мунтазам умумикунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ ҷорӣ гардида истодааст, ки он дар такмилёбӣ қарор дошта, мақсади ниҳоиаш таъмини меъёри комилан мувофиқ барои тамоми аҳолӣ мебошад. Низоми ҳаматарафа ё универсалии идоракунии равандҳои ташаккул ва истифодабарии захираҳои молиявӣ ҳифзи иҷтимои барои давлатҳои Британияи Кабир, Дания, Ирландия ва Шветсия хос аст. Новобаста аз мавҷуд будани ҳолатҳои умумиятдошта дар ташкили низоми ҳифзи иҷтимои ин давлатҳо, дар шакли холис ягон давлат дар алоҳидагӣ аз ин моделҳо истифода намебарад. Бинобар ин, айни ҳол аксарияти низомҳои амалкунандаи ҳифзи иҷтимоӣ дар шакли омехта, ки принсипҳои модели якум ва дуюмро фаро гирифтаанд, амал менамоянд[1, с.78].

Дар интиҳои асри XX қариб тамоми давлатҳои дар ҳоли рушд қарордошта масъалаи такмили идоракунии равандҳои ташаккул ва истифодабарии захираҳои молиявӣ ба рушди соҳаҳои бахши иҷтимоиро ба миён гузоштанд.

Аз аввали солҳои истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми иқтисодиёти миллиро тавассути аз низоми банақшагирии мутамаркази давлатӣ ба иқтисоди бозоргонӣ гузаронидани соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба роҳ монда, дар ин самт як қатор корҳои муҳимро анҷом дод.

Дар ин самт барои гузаронидани ислоҳот қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муайянкунанда ва танзимкунандаи муносибатҳои иқтисодӣ қабул карда шуданд.

Пай дар пай амалӣ гардидани ислоҳоти сохторӣ дар самтҳо ва соҳаҳои муҳимми давлатӣ, бахусус идоракунӣ, молия, фаъолияти бонкӣ, соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавассути таҳия ва татбиқи як қатор барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва амалисозии тадбирҳои муассир барои ҳаматарафа рушд ёфтани иқтисодиёти мамлакат заминаи мусоид гузошт.

Танҳо дар давоми 5 соли охир (солҳои 2019–2023) маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ ба фаъолияти суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ афзоиш ёфт, ки дар ҷадвали зерин ин бартариро метавон қиёс кард[3,с.3].

Ҷадвали 1.

**Маблағое, ки барои суғуртаи иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва фаъолияти дигарисоҳа дар солҳои 2019-2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ равона гардидаанд.**

| солҳо | суғуртаи иҷтимоӣ | ҳифзи иҷтимоӣ | Фаъолияти дигар дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ |
|---|---|---|---|
| 2019 | 350521 | 58292 | 122907 |
| 2020 | 372915 | 60191 | 124856 |
| 2021 | 430684 | 67537 | 84139 |
| 2022 | 437913 | 74311 | 84592 |
| 2023 | 513530 | 83667 | 122136 |

Ҳисоби муаллиф аз рӯи маълумотҳои омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. –С. 157.

Аз ҷадвалӣ 1 хулоса баровардан мумкин аст, ки сарчашмаҳои маблағгузорӣ буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳисоб рафта, дар маҷмуъ, дар давраи муайян хароҷоти суғуртаи иҷтимоӣ 513530 ҳаз. сомонӣ ё 1.3% ҳаҷми умумии буҷетро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2019 68.2% зиёд мебошад.

Маблағҳое, ки барои таъмини нафақа, кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ, татбиқи сиёсати шуғли аҳолӣ ва ташкили истироҳати кудакону наврасон дар солҳои 2009-2018 равона гардидаанд[6,с.112]. (ҳазор сомонӣ).

Ҷадвали 2.

| Солҳо | Талаботи пардохтгардидаи воқеии нафақа | Ҳамагӣ, хароҷоти Агентӣ дар соли молиявӣ | Аз ҷумла: шуғли аҳолӣ | Аз ҷумла: Федератсияи иттифоқи касаба |
|---|---|---|---|---|
| 2009 | 557849,9 | 685954,1 | 7260,0 | 4500,0 |
| 2010 | 674324,8 | 845861,8 | 7300,0 | 4500,0 |
| 2011 | 892056,2 | 1080226,7 | 8000,0 | 5200,0 |
| 2012 | 1144354,3 | 1362167,8 | 11000,0 | 5597,2 |
| 2013 | 1473604,4 | 1524124,1 | 10005,0 | 6820,4 |
| 2014 | 1725480,2 | 1962130,0 | 12085,8 | 7034,5 |
| 2015 | 1758600,5 | 1965138,6 | 12150,0 | 7044,7 |
| 2016 | 1972735 | 2197133,8 | 11539,8 | 5949,7 |
| 2017 | 2211445,8 | 2439019,1 | 15778,2 | 8060,0 |
| 2018 | 2360990,6 | 2578743,3 | 16289,3 | 3222,0 |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Агентии суғуртаи иҷтимои ва нафақа барои солҳои 2009-2018.

Аз маълумоти дар ҷадвал дарҷгардида бармеояд, ки хароҷоти воқеии аз 685954,1 сомонӣ соли 2009 то 2578743,3 сомонӣ дар соли 2018 афзуда, 3,8 маротиба зиёд гардидаанд. Ҳамзамон, талаботи пардохтгардидаи воқеии нафақа, агар дар соли 2009 ҳамагӣ 557849,9 сомониро дар бар гирифта бошад, пас ин талабот соли 2018 ба 2360990,6 сомонӣ расида, 4,2 маротиба афзудаанд. Ба ҳисоби миёна афзоиши мутлақи маблағҳо барои пардохти талаботҳои воқеии нафақа 200348,9 сомониро ташкил намуда, суръати миёнасолонаи афзоиши маблағҳо бошад, ба 1,17 ё 17% ба ҳисоби миёна дар як солро ташкил намудааст.

Аз таҳқиқи масъала ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ташкили дурусти танзим ва идоракуни низоми нафақа омили рушди ин низом буда, дар ин самт иҷрои чунин масъалаҳоро муҳим меҳисобем:

- таъмини пай дар пайи раванди гузариш ба принсипҳои муосири таъминоти нафақа бо назардошти ҳолати пурра нигоҳдории ҳуқуқ ва уҳдадориҳои нафақагирон ва амалӣ намудани низоми бақайдгирии хусусӣ гардонидашудаи ҳуқуки нафақавии шахсони суғурташуда бо истифода аз технологияҳли иттилоотӣ ва барномаҳои муосир;
- амалӣ намудани масъалаи ташкили фонди захиравӣ аз ҳисоби захираҳои озоди фонди нафақа ва таъмини шаффофият ё самаранок истифодабарии ин маблағҳо;

- амалишавии механизми имтиёзҳои нафақавӣ, ки барои кам намудани хароҷоти ғайримақсадноки таъминоти нафақаи ғайридавлатӣ мусоидат намуда, барои амалӣ гардидани таъминоти нафақаи имтиёзнок имконият медиҳад;

- ҳарчи зудтар ба роҳ мондани механизмҳои нави танзими давлати низоми таъминоти нафақа бо назардошти талаботи замони муосир ва таъмини рақобати озод, ҳифзи манфиатҳои нафақагирон ва ҳамгироӣ.

**Рӯйхати адабиёт**

1. Абдураҳмонова М.З. /Оид ба масоили тадқиқоти низоми нафақавии хориҷӣ// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. –Душанбе, 2019 №3/28 -С.26-31;

2. Джабборов А. Время требует новых перемен в социальной защите населения /А.Джабборов// Сомониён-Душанбе. - 1999. - №1. - С14-26;

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» аз 7-уми декабри соли 2022 таҳти №1916;

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ш.Душанбе аз 01.04.2011 №184 аз 05.11.2014 №709

5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. -С.420-428;

6. Шоасалов Н.Қ. Самаранокии низоми нафақа ва меъёрҳои баҳодиҳии он дар иқтисодиёт/Ш.Қ.Хайрзода, Н.Қ. Шоасалов //Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе. – 2019. - №4(67). - С.108-118.

## РОЛЬ КРЕДИТОВАНИЕ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ Т РАЗВИТИЕ ОТРАСЛИ АПК

**Ходжахонов А.А. –доцент кафедры финансов ТГФЭУ**

Переход к рыночным отношениям объективно требует разумного использования различных форм и методов государственной поддержки развития сельского хозяйства с целью достижения продовольственной самодостаточности страны.

В механизме государственной поддержки и помощи в организации и развитии отраслей и сфер АПК в условиях рынка особое практическое значение имеет прозрачная кредитная политика государства.

Поэтому исследование вопросов зарождения и перспектив развития кредитной системы государства в условиях «малоземельного» и «трудоизбыточного» Таджикистана относится к числу наиважнейших проблем теории и практики развития аграрных отношений, требующих функционирования различных форм собственности и типов хозяйств, включая частно-семейные формы отношений, сельскохозяйственный бизнес, различные формы сельхозкооперации и предпринимательской деятельности.

В совокупности это те проблемы, которые без использования кредитной системы государства не могут развиваться эффективно и стать факторами социально-экономического благополучия регионов республики.

Известно, что система кредитования имеет длительную историю и огромную заслугу в развитии социально-экономических проблем различных стран мира, где Таджикистан не исключение.

Поэтому нахождение новых путей и методов разумного использования различных форм и типов кредитования, как для развития национальной экономики, так и её составной части -сельского хозяйства –сегодня, как никогда, имеют особую научно-практическую ценность.

С приобретением государственной независимости перед Республикой Таджикистан, наравне с другими проблемами государственного строительства, во весь рост стала проблема создания собственной кредитной системы и определение ее роли в развитии национальной экономики, решение вопросов полезной занятости населения, развития сельской инфраструктуры и, несомненно, эффективного развития сельской экономики.

Стратегия формирования и совершенствования кредитной системы в аграрном

секторе должна охватывать всю сферу аграрной экономики, в том числе хозяйствующих субъектов, предприятия перерабатывающей промышленности, сферу услуг, а также население. Она весьма важна для развития реального сектора экономики, инфраструктуры рынка и повышения уровня жизни населения.

Эффективное использование кредитных ресурсов в аграрном секторе во многом зависит от того, насколько совершенен механизм их выдачи и возврата. Следовательно, существует большая потребность в разработке методологических основ и совершенствовании механизмов выдачи и возврата кредитных средств в аграрном секторе.

В этой связи необходима разработка конкретных мер по организации в системе кредитования аграрного сектора новых финансовых инструментов, включая сельские банки и систему микрокредитования.

Проблемы кредитования сельского хозяйства, то есть аграрного сектора экономики, связана, прежде всего, с повышением качества жизни сельского населения, обеспечением нормальных условий жизни. При этом кредиты представляют собой важную экономическую категорию, характеризующую процессы эффективного использования свободно собранных денежных и др. средств, которые в условиях функционирования национальных товарно-денежных отношений должны выполнять, роль фактора развития экономики страны, где сельское хозяйство не исключение.

Кредитование в сельском хозяйстве остается сложным и недостаточным. Ключевой областью этой проблемы является изучение и применение теоретико-методологических аспектов формирования финансово-кредитной системы в сельском хозяйстве.

Изучение системы зарубежного кредитования сельского хозяйства позволяет обобщить мировой опыт в целях его использования в переходной экономике Таджикистана. На наш взгляд, мы можем, заимствуя международный опыт, использовать следующие формы кредитования:
- сельскохозяйственный банк;
- система дехканского (фермерского) кредита;
- ипотечное кредитование;
- Республиканская национальная касса сельскохозяйственного кредита.

При этом следует учитывать сложившуюся экономическую ситуацию, а также местные условия в республике.

Исследование показало, что для создания высокоэффективного, конкурентоспособного производства, обеспечивающего реализацию промышленных товаров на высокоразвитых международных рынках, необходимы огромные целенаправленные кредиты и инвестиции в АПК.

Банки представляя кредиты должны соблюдать, а не нарушать все принципы кредитования, такие как срочность, возвратность, материальная обеспеченность, планово-целевой характер и платность. В процессе кредитования банки должны контролировать соблюдение других принципов кредитования. Например, периодически проверять обеспеченность выданных кредитов путем сопоставления задолженности, по ссудам с имеющимся обеспечением. При недостаточности такового соответствующая часть задолженности предъявляется к взысканию. Иными словами, банки должны доверять предприятиям при выдаче кредитов, а потом проверять их использование. Банковский контроль, не вмешиваясь в хозяйственно-финансовую деятельность, должен содействовать повышению эффективности авансируемых средств, снижению стоимости кредитуемых мероприятий.

Для решения данные проблемы нами предлагается следующие мероприятие:

- внедрять системы ипотеки и земельного залога, способствующие привлечению в аграрный сектор коммерческого капитала;

- формировать системы сельскохозяйственных кооперативных банков, в том числе с государственной поддержкой;

- развивать системы государственных кредитов, предоставляемых производителю сельхозпродукции на осуществление сезонных затрат с оформлением залоговых отношений под будущий урожай.

Залоговый механизм закупок продовольственной продукции позволит:

- увеличить предложение продукции на рынке и тем самым снизить рыночные цены;
- гарантировать рентабельный сбыт продовольственных товаров на льготных условиях;
- стабилизировать продовольственный рынок за счет товарных интервенций на продовольственном рынке;
- ослабить монопольное положение заготовителей и переработчиков сельскохозяйственных продукции;
- предоставить сельским товаропроизводителям кредит (натуральный, денежный и пр.).

Таким образом, здесь важно отметить, что в условиях рынка кредитные отношения банков и сельскохозяйственных товаропроизводителей существенно изменились, то есть сельскохозяйственные предприятия и дехканские хозяйства сами могут выбирать кредитные учреждения. Такое положение, как правило, создает межбанковскую конкуренцию. В связи с этим кредит и кредитная система должны занять ключевое положение в системе рычагов стимулирования и повышения эффективности аграрного сектора республики.

**_Литература:_**


1. *Галимон Л.С., Сергиенко А.И., Смирнова З.М.. Финансы сельского хозяйства. – М.: Финансы и статистика, 1984г., С. 3, 255 стр.*
2. *Хотамов Н.Б.. Социально-экономические преобразования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2006гг.). Душанбе -2008г. С.-216.*
3. *Ходжахонов А.А. Развития финансово-кредитная обслуживания субъектов АПК Республики Таджикистан//Вестник Таджикский государственный финансово-экономический университет, №3, Душанбе, 2018, -С. 84-90*


## ҶИҲАТҲОИ ХОСИ ДЕПОЗИТИ “ОВЕРНАЙТ” ДАР ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ


***Латипова Г.С. – муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ***


Рушди бошиддати иқтисодиёти ҷаҳон дар самти молияю бонкдорӣ талаб менамояд, ки фаъолияти институтҳои молиявӣ вобаста ба талаботҳои имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мувофиқ карда шавад. Аз ҳамин лиҳоз бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар институтҳои молиявии дохилию байналхалқӣ ҳаракат менамоян, ки дар асоси талаботи мизоҷон вобаста ба хизматрасониҳои сатҳи гуногуни бонкӣ амал намоянд. Бонкҳо ва дигар институтҳои молиявӣ ҳамавақт дар ҷустуҷӯйи шаклҳои нави хизматрасонианд. Аз ҳамин лиҳоз дар фаъолияти бонкӣ тамоми бурду бохт ва беҳшавии вазъи бонк маҳз аз татбиқи самаранокии амалиётҳои он вобастагӣ дошта, ба моҳият ва сатҳи устувории бонк низ аз рӯйи амалиётҳо ва сатҳи хизматрасонии он баҳо медиҳанд.

Дар шароити имӯза ҳар як бонк бояд фаъолияти худро тавре ба роҳ монад, ки он фарогирии тамоми ҷанбаҳои сатҳи талаботи аҳолӣ дар доираи хизматрасониҳои муосири он бошад. Ва барои мувофиқ сохтани сатҳи амалиёт ва хизматрасонӣ аз таҷрибаи бонкҳои хориҷӣ истифода намуда, ҳангоми хизматрасониҳо фоида ба даст оварад, то ин ки ҷараёни доимии анҷоми амалиётҳоро ба мизоҷон беҳтар намояд. Агар сатҳи хизматрасониҳои бонк хуб ба роҳ монда шуда бошад он метавонад дар доираи фаъолияти худ муштариёни зиёдро ҷалб намуда вазъи молиявии худро дар ҳолатҳои тағйирёби вазъи иқтисодиёт ба таври муътадил нигоҳ дорад.

Чи тавре, ки дар Паёми имсола Асосгузори сулҳу ваҳдат милли пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд таъмини

саривақтии талаботи иқтисодиёт ба маблағгузорию қарздиҳӣ ҳамеша дар меҳвари фаъолияти низоми молия ва бонкҳои кишвар қарор дорад. Пас аз ин гуфтаҳои Пешвои миллат хулоса баровардан мумкин аст, ки бонкҳои тиҷоратӣ дар рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ яке аз муҳаррикҳои асосӣ ва пешбаранда маҳсуб меёбанд.

Илова бар ҳамаи ин вобаста ба талаботҳои имрӯзаи иқтисодиёт дар сатҳи низоми бонкӣ яке аз хизматрасониҳои наве, ки айни ҳол дар бонкҳои хориҷа роҳандозӣ шудааст ин ҷалби депозити "Овернайт» мебошад. «Овернайт» - чунин шакли хизматрасонӣ як намуди амонати кӯтоҳмуддатест, ки ба маблағҳои озоди шахсони ҳуқуқӣ бо асъори миллӣ ё хориҷӣ имкон медиҳад барои як рӯз, шаб ва ё дар як шабонарӯз аз рӯйи соати муайян гузошта ё нигоҳ дошта мешавад. Таркиби калимаи Овернайт (Overnight) аз калимаи англисӣ гирифта шуда маънояш (шабонарӯзӣ) мебошад. Яъне депозити шабонарӯзӣ дар рузҳои истироҳат ва ё рузҳои ид кушода мешавад, агар ба шарте, ки фаъолияти бонк доимӣ бошад. Ва дар ин давраи вақт ҳангоми талабот надоштан ба пули нақд ё ин, ки ташкилотҳо бо ин маблағ эҳтиёҷ надоранд ширкат имкон дорад, ки даромади иловагӣ ба даст оварад. Бояд қайд намуд, ки барои фаъолияти мунтазам ва истифодаи шаклҳои муосири хизматрасониҳои бонкӣ, ки вобаста ба талаботи мизоҷони сатҳи гуногун мебошад бонкҳои тиҷоратӣ бояд чораҳои зарурӣ андешанд ва ҳама вақт барои амалияи манфиати мизоҷони худ аз амалиётҳо ва хизматрасониҳои муосире, ки дар таҷриба бонкҳои давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон истифода мегаданд аз онҳо дар доираи шароит ва имкониятҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода баранд. Аз ин лиҳоз ҷори намудани яке аз шаклҳои нави кутоҳмуддати хизматрасонии бонкӣ овернайт ба мақсад мувофиқ аст. Ғайр аз ин истифодаи чунин шакли хизматрасонӣ дар вақт метавонад ба коҳиш додани ҳаҷми пули дар муомилотбада ва паст кардани таваррум мусоиддат намояд

Айни замон дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон депозити доимамалкунандаи шабонарӯзӣ (овернайт) бо мақсади ҷалб ё пешниҳоди пардохтпазирӣ ба муҳлати як шабонарӯз барои таъмини самаранокии сиёсати пулию қарзӣ, вусъатдиҳии бозори пул, батанзимдарории меъёрҳои фоизии кӯтоҳмуддати бозори байнибонкӣ, инчунин баҳри таъмини самаранокии идоракунии танзими ҳадафи амалиётии худ, идоракунии сатҳи пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ аз ин навъи пепозит истифода мебарад ва меъёри фоизи депозити овернайт аз тарафи Бонки милии Тоҷикистон барои ташкилотҳои қарзӣ -3 банди фоизӣ муқаррар карда шудааст.

Аммо пешниҳоди чунин шакли нави хизматрасонӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ҷараёни пай дар пайи афзоиши воситаҳои пулиро аз рӯйи истифодаи самаранок ба муҳлати кӯтоҳ таъмин менамояд. Овернайт ба мизоҷоне, ки фаъолияти доимӣ ва хубро дар соҳаи тиҷорат, истеҳсолот ва хизматрасони доранд овернайт ба онҳо имконияти дар лаҳзаҳои кӯтоҳтарин гирифтани даромади иловагиро медиҳад. Масалан корхонаи истеҳсолие, ки дар бонки тиҷоратӣ суратҳисоб дорад метавонад маблағҳои пулие, ки ҳамарӯза ба суратҳисоби ҷории он ворид карда мешавад он маблағҳои пулиро дар муддати кӯтоҳтарин дар рӯзҳои истироҳати ҷашнҳо ва идҳо ба тариқи овернайт истифода баранд ё баъд аз анҷоми кор дар рӯзи ҷумъа то ба оғози кор дар рӯзи душанбе (дар муддати дуюним рӯз) маблағҳои муваққатан озод мондаро ба тараққи овернайт истифода барад ва аз ин шакли амалиёт даромади иловагӣ гирад. Ҳаҷми маблағ ва меъёри фоизи депозити овернайтро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи рушди иқтисодиёт ва сатҳи даромаднокии мизоҷон бояд муқаррар намуд. Ва чихеле, ки ин меъёр дар низоми бонкии Федератсияи Россия ба андозаи 10 000 000 рубл бо меъёри 0,25 фоиз дар як рӯз муқарар карда шудааст.

Дар низоми бонкдории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи васеъи депозити овернайт як қатор муаммо ва риояи якчанд меъёрҳо ҳатмист:

- гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оиди моҳияти иқтисодии депозити овернайт;

- кушодани суратҳисоби ҷорӣ аз тарафи муштариёни суратҳисоби фаъолдошта;

- дар асоси имконияти мизоҷон бастани шартнома дар бораи истифодаи доимии амалиёти овернайт ва ғ.

Дар хулоса депозити овернайт метавонанд имконияти афзоиши захираҳои пулии муваққатии ташкилотҳои қарзиро таъмин намуда сатҳи даромаднокии маблағҳои муваққатан озоди шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро дар ҳолатҳои тағйирёби сатҳи таваррум ва нархҳо устувор нигоҳ медорад.

***Адабиёт:***


1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022 ш. Душанбе.*
2. *Дастурамали №220 «Дар бораи қарзи кӯтоҳмуҳлати бозтамвил»*
3. *WWW.allfi.biz/ - словарь инвестора*
4. *Delay-money.com – портал о финансах*
5. *Finansist-kras.ru – финансовый портал Красноярска*
6. *Forextimes.ru – информационно-аналитический портал*
7. *Forex-investor.net – финансовый портал*
8. *Prime-tass.ru – агентство экономической информации*


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ БОЗОРИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳусайнов М. С. – н.и.и., и.в. мудири кафедраи суғуртаи ДДМИТ**

Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ташаккул ва рушди бозори суғурта ҳамчун қисми ҷудонашавандаи низоми молиявӣ яке аз омилҳои мусоидаткунандаи рушди иқтисодиёти давлат, таъмини бехатарии низоми молиявӣ, барқароркунии зарари дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода бамиёномада ба ҳисоб меравад.

Бозори суғурта, аз он нуқтаи назар, барои субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ки ташаккулёбии иқтисодиёти бозоргонӣ аз ҳар як субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ мустақилона нигоҳ намудани саломатӣ, ҳаёт ва моликиятро тақозо менамояд ва ин иқдомро фақат бозори суғурта таъмин карда метавонад. Аз ин лиҳоз, рушди минбаъдаи бозори суғурта ва мукаммалнамоии он дар мамлакат, умуман, барои тараққиёти иқтисодиёт нақши калидиро иҷро намуда, барои илми иқтисодӣ ва фаъолияти хоҷагидории мамлакат объекти таҳқиқот ба шумор меравад. Қайд кардан ба маврид аст, ки рушди соҳаи суғурта аз танзими бевоситаи давлат ва идоракунии маҳаллӣ, инчунин, аз таъмини босифати хизматрасониҳои суғуртавии аҳолӣ вобастагии калон дорад.

Суғурта ҳамчун механизми ҳифзи иҷтимоии дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ бамиёномада мунтазам ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ мусоидат мекард. Мафҳуми мазкур аз калимаи «страх»-и русӣ бармеояд ва ба тоҷикӣ маънои «тарс», «бим»-ро дорад. Соҳибони амвол байни ҳам ба муносибатҳои муайяни истеҳсолӣ ворид гардида, меҳаросиданд, ки амволашон эҳтимолияти нобудшавӣ ё дар натиҷаи офатҳои табиӣ, сӯхтор, ғорат ва дигар хатарҳои ҳаёти иқтисодӣ хавфи аз даст рафтанро дорад [13, с.302].

Аз таърихи пайдоиши суғурта бармеояд, ки ҳанӯз дар аҳди бостон ривоҷи кишоварзиву парвариши чорво ва зуҳури унсурҳои додугирифти моливу пулӣ ба падид омадани содатарин шакли ҳифзи суғуртавӣ, яъне суғуртаи табиӣ ва инкишофи баъдии он мусоидат намуд. Марҳилаҳои таърихии шаклгирии суғурта дар сарчашмаҳои фаровони таърихиву иқтисодӣ бозтоб ёфтаанд [5, с.81-86]. Дар давраи асрҳои миёна моҳияти аслии суғурта на дарёфти даромад ва ё суд, балки ёрии мутақобила байни одамон буд ва нишондиҳандаҳои асосии суғурта дар он давра чунин буд:

- соҳаи суғурта ба қишрҳои миёна, косибӣ, тиҷорат ва умуман бозаргонон хизматрасонӣ менамуд;

- суғурта ҳанӯз аз тиҷорат, косибӣ ва мазҳаб ҷудо нашуда буд ва созмону муассисаҳои вижаи суғуртавӣ мавҷуд набуданд;

- гурӯҳи тоҷирӣ, косибӣ ва ё ҳар гурӯҳи дигаре ба унвони гурӯҳи суғуртакунанда ва суғурташаванда амал мекард.

Дар адабиёти хориҷӣ, аз ҷумла дар корҳои илмии И.В. Котелникова қайд карда шудааст, ки барои нафароне, ки асосҳои назариявии мафҳуми суғуртаро дарк карда наметавонанд, суғурта ҳамчун индикатори асосии сатҳи рушд ва тараққиёти иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад ва он дараҷаи самаранокии иқтисодиро дар худ инъикос менамояд [7, с. 231].

Дигар қисмати муҳими бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ин устувории молиявии ширкатҳои суғуртавӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин радиф, Т.С. Василева қайд менамояд, ки устувории молиявии ширкатҳои суғуртавӣ ин ҳолати истифодаи захираҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад, ки ба суғуртакунандагон имконияти пардохтпазириро медиҳад [4, с. 32-41].

Баъзе олимон, аз он ҷумла А.А.Марковетс бар он ақидаанд, ки бозори суғуртавӣ навъи бозори молиявӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳаракати хизматрасониҳои суғуртавӣ миёни ширкатҳои суғуртавӣ ва суғурташавандагон ва инчунин, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар амал татбиқ карда мешавад [8, с. 55-60].

М.В. Жарова дар тадқиқоти худ дар бораи бозори суғурта чунин қайд мекунад: "Бозори суғурта ин низоми муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки дар натиҷаи хариду фурӯши моли махсус (хизматрасониҳои суғуртавӣ) дар ҷараёни қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ба воситаи манфиатҳои суғуртавӣ татбиқ мешавад ва қисми ҷудонашавандаи калонтарин бозори қарзӣ ба ҳисоб меравад. Бозори суғурта бо ҳамаи шохаҳои ҷараёни бо такрористеҳсол алоқаманд дар асоси қонуниятҳои бозор фаъолият ва дар навбати худ пурра ҳолат ва сатҳи рушди қувваи истеҳсолии ҷомеаро инъикос менамояд [6, с. 149]. Вобаста ба ин, зарурати аз нав дида баромадани муносибатҳои методологӣ оид ба дарк ва омӯхтани таҷрибаи пешқадам дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ ва, ба ин васила, маҳдуд накардани шарҳи умумии бозори суғурта ба вуҷуд меояд.

Дар луғати иқтисодии А.Н. Азрилянин дар бораи бозори суғурта чунин омадааст, ки бозори суғурта ин низоми муносибатҳои иқтисодиест, ки барои хариду фурӯши моли махсус (рӯйпӯши суғуртавӣ) дар ҷараёни қонеъгардонии талаботи ҷомеа ба ҳимояи суғуртавӣ равона гардида, дар шароити мавҷудияти қисми зиёди суғурташавандагон ба вуҷуд меояд. Бозори суғурта ба соҳаҳои суғурта аз рӯи миқёс (миллӣ, минтақавӣ, байналхалқӣ) ва ғайра ҷудо мешавад [2, с. 816].

Таҳлили муфассали бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ имрӯза ва минбаъдаи он дар шакли системаи мураккаб, ки зерсистемаҳои гуногун ва унсурҳоро дар бар мегирад, ба Л.А. Орланюк-Малитская тааллуқ дорад [9, с. 54-59].

Дар айни замон ҷомеаи илмӣ чунин ақидаеро ба вуҷуд овардааст, ки равандҳои институтсионалии марбут ба рушди бозори суғурта нишондиҳандаи амиқ ва сифати фаъолиятест, ки дар иқтисод гузаронида шуда, тағйироти институтсионалӣ дорад [11, с. 45].

Чӣ тавре ки аз маълумотҳо бармеояд, ба воситаи механизми суғурта масъалаҳои муҳим ҳаллу фасл мешавад ва функсияҳои зикргардида барои рушди хоҷагии халқ нақши назаррас дошта, ба воситаи онҳо моҳияти иқтисодии суғурта татбиқ мешавад. Дар баробари ин, бо дастгирии ширкатҳои суғуртавӣ эҳтимолияти паст шудани сатҳи хавф аз ҳар гуна хатар ба воситаи амалисозии функсияи пешгирикунанда зоҳир мегардад, ки хавфу хатар объекти асосии суғурта ба ҳисоб рафта, барои омӯзиш ва пайдоиши суғурта замина мегузорад.

**Ҷадвали 1. - Таснифоти хизматрасониҳои суғуртавӣ**

| Хизматрасониҳои суғуртавӣ аз рӯи меъёр | Шакли хизматрасонӣ |
|---|---|
| Аз рӯйи шакли суғурта | Хизматрасониҳои ихтиёрӣ ва ҳатмӣ |
| Аз рӯйи намуди суғурта | Шахсӣ - суғуртаи ҳаёт, суғурта аз ҳолатҳои фавқулода, суғуртаи тиббӣ;<br>Молумулкӣ - суғуртаи воситаҳои нақлиёт, нақлиёти ҳавоӣ, нақлиёти обӣ, суғуртаи бор, суғуртаи таваккали мол ва дигар намудҳои суғурта;<br>Суғуртаи ҷавобгарӣ - суғуртаи ҷавобгарии шаҳрвандон, соҳибони воситаҳои нақлиёт, суғуртаи ҷавобгарии шаҳрвандони интиқолдиҳанда, суғуртаи ҷавобгарии корхона. |
| Аз рӯйи мизоҷон | Истифодабарандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ - суғуртаи шахсони воқеӣ<br>Корпоративӣ - суғуртаи шахсони ҳуқуқӣ |
| Аз рӯйи таваккал | Таваккалӣ ва ғайритаваккалӣ. Ғайритаваккалӣ - суғуртаи ҳаёт ва дигар намуди суғурта, ки ба ҳаёт алоқамандӣ дорад. Дигар намудҳои суғурта таваккалӣ мебошанд. |
| Аз рӯйи комплексӣ (маҷмуъ) | Як полиси суғуртавӣ - як намуди суғурта барои як мизоҷ;<br>Бастаи суғуртавӣ (маҷмуӣ) - чанд намуди суғуртаро дар бар мегирад. |
| Аз рӯйи пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ | Бонкӣ, лизингӣ, сармоягузорӣ, кишоварзӣ, тиҷоратӣ, авиатсионӣ ва ғ. |
| Аз рӯйи намуди суғуртакунии таваккалӣ | Таваккали молумулкӣ, молиявӣ, соҳибкорӣ ва иҷтимоӣ |
| Аз рӯйи шакли ташкили суғуртакунандагон | Хизматрасониҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва саҳомӣ |
| Аз рӯйи усули фурӯш | Бевосита ва ба воситаи миёнарав. Суғуртакунандагон хизматрасониҳои худро ба воситаи ширкатҳои суғуртавӣ, бонкҳо ва дигар воҳидҳои агентӣ фурӯхта метавонанд |
| Аз рӯйи истифодаи иттилоот | Хизматрасониҳои анъанавӣ ва электронӣ |

**Коркарди муаллиф.**

Чӣ тавре ки аз ҷадвали 2 бармеояд, хизматрасониҳои суғуртавӣ дар шароити бозор васеъ ва гуногунҷабҳа буда, тамоюли рушдро дар солҳои охир нишон медиҳад. Мувофиқи арзёбии мутахассисон гардиши солонаи бозори ҷаҳонии интернет-хизматрасониҳои суғуртавӣ қариб 500 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки 2,5%-и ҳаҷми умумии фурӯши хизматрасонии электронӣ мебошад. Фаъолияти суғуртавӣ на фақат функсияи барқарорсозии зарар аз ҳолатҳои мухталиф ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа, балки функсияҳои инвеститсиониро низ ба воситаи пасандозҳо (захираҳо) бо мақсади таъмини рушди босуботи иқтисодӣ амалӣ менамояд [9, с. 39-43].

Дар асоси пешбурди чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ байни шаҳрвандон ва мизоҷони соҳаи суғурта корҳои таблиғотӣ, гузаронидани семинар, курсҳо ва

конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки боиси рушди соҳа мегарданд.

Дар самти дастгирӣ ва ба илму дониш фаро гирифтани насли наврас ва, дар ин замина, тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи суғурта, ки ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯй бошанд ва барои рушди бозори миллии суғурта замина гузоранд, саҳми давлат ногузир аст.

**ПЕШНИҲОД:**

1. Тағйирот ба низоми қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти суғуртавӣ, бо мувофиқаи қонунгузории таҷрибаи давлатҳои тараққикарда.
2. Ситонидани як миқдори даромади ташкилотҳои суғуртавӣ барои таблиғоти худи ташкилотҳо ва хизматрасонии онҳо дар шабакаҳои телевизионӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ.

**Рӯйхати адабиёт**

1.Абрамова, Т.Г. Особенности развития страхового рынка в России: дисс. на соис. уч. ст. к.э.н. //Т.Г.Абрамова. – Москва, 2003. – 143 с.

2.Азрилян, А. Н.Экономический словарь/А. Н. Азрилян. - Москва, 2008. – 816с.

3.Ашуров, Г.Д. Совершенствование системы оказания страховых услуг в Республике Таджикистан: дис. на соис. уч. степ. 08.00.05. /Г.Д.Ашуров. – Душанбе, 2011. – 134с.

4.Васильева, Т. С. Теоретико-методические аспекты финансовой устойчивости страховых компаний / Т. С.Васильева//Научные записки молодых исследователей. – 2020. - 8(4). С.32-41.

5.Джабаров, Г.Н. Рынок агрострахования и механизмы его развития в Республике Таджикистан/ Г.Н. Джабаров, Ш.С. Азизов, С.В. Мамадов//Кишоварз. - 2019. - № 2(82). - С.81-86.

6.Жарова, М.В. Страховой рынок и основные проблемы его становления в России: дисс. на соис. к.э.н./ М.В.Жарова. - Нижный Новгород, 2000. - 149с.

7.Котельникова, В. Е., М.В Владыка. Рынок страховых услуг: проблемы становления и перспективы развития /В. Е. Котельникова. рук. М. В. Владыка. - 2007. – 231с.

8.Марковец, А.А. Развитие страхового рынка Республики Беларусь /А.А. Марковец, Н.Л. Давыдова. – 2020. - №2. - С.55-60.

9.Орланюк-Малицкая Л.А. Методологические аспекты исследования страхового рынка России // Финансы. – 2004. – № 11. – С. 54–59.

10.Рахимов, М.А. Становление рынка страхования в национальной экономике/М.А. Рахимов. – Худжанд: Худжан. гос. ун-т им. БГ Гафурова, 2012. - 189 с.

11.Сафуанов Р., Казанцева Г. Теоретические основы развития страхования как объекта предпринимательской деятельности // Страховое дело. – 2007. – №8. – С. 45.

12.Сплетухов, Ю.А. Страхование: учебное пособие /Ю.А.Сплетухов. – Москва: Инфра-М, 2008. - 280с.

13.Шаропов, Н. Фаъолияти суғурта: дастури таълимӣ/ Н. Шаропов. – Душанбе, 2009. - 302с.

## МОҲИЯТИ ИҚТИСОДИИ БО ПУЛ ТАЪМИН КАРДАНИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**Холов Р.Ш. – н.и.и., муаллими калон, и.в. мудири кафедраи омори ДДМИТ**

*Дар замони муосир яке аз сарчашмаҳои рушди иқтисодиёт ва умуман муносибатҳои истеҳсолию хоҷагидорӣ, ин таъмини иқтисодиёт бо пул баҳисоб меравад. Монетизатсияи иқтисодиёт ҳамчун ҷузъи муҳими бонкдорию танзими муносибатҳои молиявии кишвар баромад намуда, фишанги асосии ташаккул ва инкишофи бахшҳои хоҷагии халқ ва барномаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад. Дар баробари ин аз ҷониби олимон ва мутахассисони соҳаи иқтисодиёт тадқиқотҳои ҷузъӣ ҳамчун муаммои мубрами давра хеле афзудааст. Дар мақолаи мазкур, бо мақсади амиқ ошкор намудани ҳамалоқамандии*

*байни нишондиҳандаҳои алоҳида ва муайян кардани дараҷаи таъсиррасонии онҳо ба сатҳ ва тавсифи ҳолати кунунии монетизатсияи иқтисодиёт модели корелиатсия ва регресияи хаттӣ истифода гаштааст. Дар воқеъ вазъи кунунии сифати таъминоти иқтисодит бо пул ҳамчун омили ҷудогона; дар рушди иқтисодиёти миллӣ аз нигоҳи илми омори иқтисодӣ баҳогузорӣ гаштааст.*

***Калидвожаҳо**: монетизатсия, рушди иқтисодиёт, намояи нархҳои истеъмолӣ, модели корелиатсия ва регресияи хаттӣ, унсури пулӣ, дороиҳои молиявӣ, таввconfigуарум.*

Мавриди ба зикр аст,таъминоти пулии иқтисодиёт (монетизатсияи иқтисодиёт) ҷузъи таркибии муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ мебошад. Солҳои охир масъалаи мазкур дар ҷомеаи муосир мавриди баҳсу музокира қарор гирифта, барои муайяннамоии ҳолати таъминоти иқтисодиёт бо пул тарзҳои мухталиф истифода гашааст, ки ин раванд боиси зарурияти таҳқиқоти омори-иқтисодӣ вобаста ба вақтро талаб мекунад. Дар адабиётҳои иқтисодӣ ин ҳолат монетизатсияи иқтисодиёт ифода ёфтааст, ки ҳамчун таносуби нишондиҳандаи васеъи ҳаҷми пулӣ ба маҷмуи маҳсулоти дохилии номиналӣ муаян карда мешавад. Мутобиқи методикаи ҳисоб коэффисенти монетизатсия ду нишондиҳандаи калидӣ дорад, яъне ММД-и номиналӣ ва унсури пули ($M_4$).

Сохтор ва миқдори нишондиҳандаҳои ҳаҷми пул дар мамлакатҳо гуногунанд ва аз сатҳи ташкили низоми молиявӣ-қарзӣ, ҳамзамон рушди бозори пули мамлакат вобаста аст. Масалан, дар Англия панҷ унсури пулӣ, Фаронса бошад даҳ, Олмон се, дар ҷумҳурии мо бошад панҷ агрегати пулӣ истифода мегардад. Бояд қайд намоем, ки мутобиқи ақидаи иқтисодчӣ оморшиносӣ рус ЛаврушинО.И ҳаҷми (массаи) пул ҳамчун воситаи муомилот ва ҳаракати он тибқи таснифоти оморӣ дар самтҳои ҷудогона сурат мегирад.[6. саҳ.49.]

Барои андозагирии сатҳи монетизатсия унсурҳои пулӣ ҳамчун миқдори пули дар муомило тистифода мегарданд. Қобили қайд аст, ки унсурҳои зикргардида ҳамчун нишондиҳандаи ҳаҷмии умумӣ ва сохтори нишондиҳандаи ҳаҷми пул, ки аз якдигар бо дараҷаи ҷалби дороиҳои молиявӣ ва сатҳи бозоргирии онҳо ҷудогона тафовутпазиранд. Худи унсури пулӣ ҳамчун нишондиҳандаи оморӣ–ин ҳамаи дороиҳои молиявӣ, ки дар иқтисодиёти кишвар ба сифати пул истифода мегашта мебошад. Вобаста ба ин гуфтаҳо динамикаи унсурҳои пулии мамлакатро дар ҳашт соли охир дида мебароем:

**Ҷадвали 1.-Динамикаи унсурҳои пули Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020.**

| Унсурҳои пулӣ | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $M_0$ | 4144 | 4054 | 4591 | 7588 | 10950 | 11810 | 15 332 | 18 058 |
| Суръати афзоиш | 1,21 | 0,97 | 1,13 | 1,65 | 1,44 | 1,07 | 1,29 | 1,17 |
| $M_1$ | 4789 | 4885 | 5403 | 8728 | 12258 | 13081 | 16 697 | 20 010,3 |
| Суръати афзоиш | 1,17 | 1,02 | 1,10 | 1,61 | 1,40 | 1,06 | 1,27 | 1,20 |
| $M_2$ | 5627 | 5726 | 6535 | 10238 | 13982 | 14748 | 18 937 | 22504,5 |
| Суръати афзоиш | 1,18 | 1,01 | 1,14 | 1,56 | 1,36 | 1,05 | 1,28 | 1,18 |
| $M_3$ | 5627 | 5726 | 6535 | 10238 | 13982 | 14748 | 18 937 | 22504,5 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Суръат и афзоиш | 1,18 | 1,01 | 1,14 | 1,56 | 1,36 | 1,05 | 1,28 | 1,18 |
| $M_4$ | 8492 | 9092 | 10790 | 14788 | 18018 | 18721 | 22 155 | 26 139,9 |
| Суръат и афзоиш | 1,19 | 1,07 | 1,18 | 1,37 | 1,21 | 1,03 | 1,18 | 1,17 |

**Сарчашмаи:**Блютени омори бонкӣ № 12. Солҳои 2015 2019 ва2020.

Зимнан қобили қабул аст, ки нишондиҳандаҳои зерин мутобиқ ба меъёрҳои назарявӣ аз он ҷумла «қоидаи пул»-и М. Фридмен бояд суръати афзоиш аз 10 % боло бошанд, ки ин меъёрро низ ба ғайр аз соли 2014 мушоҳида кардан мумкин аст. [2. саҳ.236.]

Унсури пулии $M_3$, ки таҳлили динамикаи он дар ҷадвал оварда шудааст, дар мамлакати мо унсури асосӣ барои муайян кардани сатҳи монетизатсия истифода мегардад, ки сатҳи ноустувории тағйирёбии ин унсури пулӣ мушоҳида мегардад, ки таъсири бевосита ба сатҳи иқтисод мерасонад.

Сатҳи монетизатсия инъикоскунандаи қобилияти низоми молиявӣ тағйирдиҳии сармоя барои иштирок дар раванди истеҳсолот мебошад. Сатҳи баланди монетизатсия ба фароҳамоварии шароит ва устувории рушди иқтисодиёт, инчунин баландшавии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Инчунин дар солҳои охир устувории тамоили афзоиши сатҳи таъминоти пули иқтисодиёт мушоҳида карда мешавад, хусусан дар соли 2020 коэффициенти мазкур ба 31,7% баробар гаштааст, ки дар муқоиса бо соли 2013 10,8 банди фоизӣ зиёд гардидааст. Бояд тазаккур дод, ки новобаста аз афзоиши сатҳи монетизатсия қимати ин нишондиҳанда аз нишондиҳандаи миёнавазни сатҳи байналмилалӣ (50%) пастар буда тибқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 бояд ба (33,2%) зиёд карда шавад. [1. саҳ. 79]

Динамикаи сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт ва яккатор нишондиҳандаҳои ташаккулдиҳандаи ин равандро, ки барои асоснок намудани гуфтаҳо бо рақамҳои омори расмӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

**Ҷадвали 2.-Нишондиҳандаҳои ташакулдиҳандаи динамикаи раванди монетизатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2019** ( млн,сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Унсури пулии (М4) | 8492 | 9092 | 10790 | 14788 | 18018 | 18721 | 22155 | 26139,9 |
| ММД | 40524.5 | 45605.2 | 48401.6 | 54471.1 | 61 093.6 | 68844 | 77 354 | 82543 |
| Сатҳи монетизатсия бо % | 20,9 | 19,9 | 22,2 | 27,1 | 29,1 | 27,2 | 28,6 | 31,7 |
| **Намояи нархҳои истеъмолӣ бо %** | 3,7 | 7,4 | 5,1 | 6,1 | 6,7 | 3,8 | 0,3 | 9,4 |
| **Суръати рушди иқтисодиёт бо %** | 7,5 | 7,4 | 6,4 | 6,9 | 7,1 | 7,3 | 7,5 | 7,3 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷ.Т. соли 2019, Тоҷикистон:30-соли истиқлолият маҷмӯаи оморӣ, ва Бюллетени омори бонкӣ 2019 сол саҳ.82 ва 2020 сол саҳ.12,14,22.

Бо ақидаи мо нақши Бонки миллии Тоҷикистон дар танзими нишондиҳандаҳои ташаккулдиҳандаи динамикаи ҷараёни монетизатсия бузург арзёбӣ мегардад. Ҳамаи ин ба он оварда расонид, ки дар доираи музокираи илмӣ алоқаманд бо натиҷаи сатҳи

монетизатсия, афзоиши сусти он, дар як сатҳ қарор доштани сатҳи тавварум ва суръати рушди иқтисодиёт боиси пайдоиши мубоҳиса барои ҳалли масъалаи мазкур гаштааст.

Инчунин дар се соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти паст кардани сатҳи тавварум то андозаи 3% пайдо гашт. Бо назардошти тамоили манфӣ қайд кардан бамаврид аст, ки пастшавии суръати афзоишии ММД ба назар мерасад.

**Диаграммаи 1.-Динамикаи сатҳи тавварум, коэффисиенти монетизатсия ва суръати бозафзоиши ММД дар ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2019.**




Монетизатсияи иқтисоди Тоҷикистон дар ҳаҷми 2-3 маротиба пасттар назар ба давлатҳои рушд карда, ҳамзамон давлатҳои Аврупоӣ Ғарбӣ баназар мерасад. Суръати зиёдшавии манетизатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон дар сатҳи паст қарор ёфта, ба андозаи 2% дар як сол афзоиш ба назар мерасад, ки ин низ бо назардошти тавварум ба назар гирифта мешавад. Аз тарафи дигар истифода аз ҷадвали суръати миёнасолонаи ҳаҷми пули васеъ 1,17%, сатҳи таъминоти пули иқтисодиёт 25,5% ва рушди иқтисодиёт ба 7,2% рост меояд.

Бо ин васила зарурати афзоиши суръати монетизатсия Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 15-20 сол ба миён моянд, ки ин нишондиҳанда бояд ба андозаи 80%-таъмин карда шавад. Сатҳи баланди коэффисиенти монетизатсия дар давлатҳои Чин, Ҷопон, Фаронса, Британияи Кабир, хулоса дар ҳамон давлатҳое, ки дар сарҳадоти онҳо марказҳои молиявии байналмилалӣ фаъолият доранд, ба назар мерасад. Дар сохтори ҳаҷми пули Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020 ҳиссаи воситаҳои накдӣ бояд аз ҳисоби рушди ҳисоббаробаркунии ғайринакдӣ ва пулҳои электронӣ кам гарданд. Муаммои қайдгашта аз соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон вуҷуд дорад, ки ҷиҳати он РизоқуловТ.Р. қайд менамояд: «Воқеан дар дигар давраҳо дар рушди иқтисодиёт ин муаммо вуҷуд дошт ва ин муаммои бартарафнашаванда дар сохтори низоми сиёсати пули то ҳол боқи мондааст, яъне ҳиссаи пулҳои накд дар сохтори ҳаҷми пул ҳамзамон нисбатан баланд аст». [12. саҳ. 74]

Вазни қиёсии ҳаҷми пули накд дар соли 2000 ба 81, 2% рост меомад, ки то ҳол ҳарчанд камтар ҳам шуда бошад, ҳоло ҳам мувофиқа ба давлатҳои дигар аз он ҷумла Чин баланд мебошад, бояд қайд кард,ки дар Британияи Кабир вазни қиёсии ҳаҷми пули накди дар муомилот буда ҳамагӣ 3%-ро ташкил медиҳад, ки аз рушди босуботи низоми ҳисоббаробаркунии ғайринакдӣ дар ин мамлакат ва таъминоти беҳамтои захираҳои молиявии корхонаҳо шаҳодат медиҳад.

Аз тарафи дигар масъалаи муҳими таҳлили корреляитсионӣ ва регрессионӣ дар таҳқиқоти таъсиррасонии омилҳо ба рушди иқтисодиёт (У) ин баҳои робитаи миқдории байни аломатҳо мебошад. Муқаррар намудани робатаи зичи омилҳо–нишондиҳандаи сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пул (Х), ҳаҷми пулҳои накд ва омили натиҷавӣ, ки ба сифати нишондиҳандаи он, дар таҳқиқоти мазкур рушди иқтисодиёт қабул шудааст, ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи ҳисобкуниҳо чунин муодилаи регрессияи хаттӣ ҳосил карда шуд: $У=1,522x-3043,0+M_0$.

**Диаграммаи 2.-Муодилаи регрессияи хаттӣ дар асоси нишондиҳандаҳои сатҳи монетизатсия ва рушди иқтисодиёт дар солҳои 2012-2020.**




**Сарчашмаи маълумот:** Дар асоси ҷадвали 2 таҳия ва аз тарафи муллифон ҳисоб карда шудааст.

Аз диограммаи мазкур бар меояд, ки ҳангоми пулҳои нақд дар муомилот зиёд гардад рушди иқтисодиёт руй ба коҳишёбӣ менихад, ва дар баробари ин бояд хотиррасон намуд, ки омили дигар (пандемия) низ таъсири худро расонидааст.

Ҳарчанд нишондиҳандаҳо ҷиҳатҳои манфиро дар даҳсолаи охир пайгирӣ менамояд, бояд қайд намуд, ки дар дар ин давра лағшиши мусбӣ баназар низ мерасад , бамонадӣ: дар як сатҳ қарор ёфтани тавварум, таъмини интенсивии бозафзоиши ҳаҷми пул бо суръати афзоиши басанда ва ғ. Қобили қабул аст, ки бар зами таъсиррасонии омилҳои ғайримонетарӣ сатҳи бо пул таъмин гаштани иқтисодиёт баробар ба 31,7 % буда, ки ин нишондиҳанда нисбати давлатҳои тараққикарда чи тавре дар боло қайд намудем ҳоло ҳам кам аст.

Хулоса алоқаманд бо ин гуфтаҳо ба яккатор муаммоҳо ва пешниҳодҳо ақидаҳои хешро муттамарказ менамоем, ки аз он ҷумла ба муаммоҳои методологии динамикаи баҳодиҳии сатҳи монетизатсия дар танзими муносибатҳои молиявӣ-карзӣ дохил мешавад;

1. Зарурияти интихоби нишондиҳандаи мувофиқи миқдори (унсур) пули дар муомилот буда ва танзими унсурҳо вобаста ба раванд.
2. Зарурияти интихоб ва мувофиқатии нишондиҳандаҳои калидии иқтисодиёт вобаста ба вақт.
3. Мувофиқ ба нишондиҳандаҳои асосии сатҳи монетизатсия, истифода аз таҳлилҳои намуда, зарурияти танзими унсурҳои пулӣ вобаста ба ҳолати бозорӣ ва бозоргирӣ дар давраи муаян.
4. Банақшагирӣ вобаста ба танзими унсурҳои пулӣ ва тавассути он метавонанд, самти рушди оядаи сатҳи монетизатсия ва устувории иқтисодиёти миллиро дар танзими муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ муайян намоянд.
5. Таҳияи ташабуссҳои стратегӣ барои ҷалби захираҳои маҳдуд баҳри татбиқи бовари ба хизматрасонии бонкӣ.
6. Барои ноил гардидан ба ҳадаф ва истифодабарии максималии бартариятҳо дар муҳити дохилӣ ва берунӣ.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. *Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030. (Бахши молиявӣ) саҳ.9*
2. *А.Н. Илларионов*., *Реальный валютный курс и экономический рост. «Вопросы экономики», №2 2002 г..*
3. *Блютени омори бонкӣ 12 (270) 2017г. с.18*
4. *Блютени омори бонкӣ 7 (276) 2019г. с.15-17.*
5. *Блютени омори бонкӣ 12 (305) 2020г. с.14-22.*

6. *ЛаврушинО.И. Основы денежно кредитный политика: проблемы и решения // Банковские услуги, 2002, № 3.*
7. *Омори солонаи ҶТ соли 2019 саҳ. 14.*
8. *Тоҷикистон: 30 –соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ.*
9. *Тураева М.О. «Сиёсати пулию-қарзӣ» Стратегияи развития Таджикистан саҳ. 89.*
10. *Финансы. Денежное обрашение. Кредит: Учебник /по редакции професора Г.Б. Поляка , 2003 С.31-45.*
11. *Ризокулов. Т.Р Проблемы инфляции в экономике Таджикистана. - Душанбе: Ирфон, 2006.*
12. *Ризокулов Т.Р «О некоторых монетарных факторах макроэкономической нестабильности в условиях становления рыночной экономики» Стратегия и развития Таджикистан саҳ. 93 соли 2008.*

## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ҲОЛАТ ВА ИҚТИДОРИ САРМОЯГУЗОРИИ НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРӢ

***Зубайдов Ҷ.И.* - муаллими калони кафедраи молияи ДДМИТ**

Такмили механизми молиявию иқтисодии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ асосан ба самте нигаронида мешавад, ки дар асоси тақвият додани иқтидори иқтисодӣ, алалхус дар шароити дигаргуншавиҳои сохтории иқтисодӣ самаранокии идоракуни таъмин гардонида шавад.

Ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ дастгирии давлатии пешрафти сармоягузориро дар шакли сармоягузории буҷетии объектҳои алоҳида ва ҳам қарздиҳии имтиёзнок дар асоси омехта дар назар дорад. Механизми молиявию иқтисодии ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ ва танзими раванди сармоягузориро унсурҳои зерин муайян мекунанд: ояндабинӣ, танзим, таъмин, таҳлил, ҳавасмандгардонӣ.

Чунончӣ, ояндабинӣ барои тавсифи талабот ба захираҳои молиявӣ ва қарзӣ; танзим барои истифодабарии фишангҳои таъсиррасонӣ ва назорат; таъмин барои фаҳмондану иттилоъдиҳӣ; таҳлил барои муайян намудани тамоюли рушди муносибатҳои қарзӣ дар асоси ошкорнамоии омилҳои асосии таъсиркунанда ба ташаккул ва талаботи захираҳои молиявию қарзӣ, тартибу самти истифодабарии онҳо лозим аст. Самаранокии истифодабарии захираҳо ва асоснокии сиёсати молиявӣ ва қарзӣ, арзёбии арзиши захираҳои молиявию қарзӣ аз рӯи сатҳу самти истифодабарии захираҳои молиявию қарзӣ, назорати ташаккулёбӣ ва истифодабарии ин захираҳо бо дарназардошти ҳавасмандсозӣ шартҳои муҳимтарини идоракунии захираҳои молиявию қарзии минтақа мебошанд.

Ҷои хосро татбиқи низоми пешрафтаи ҳисоби тақозо ба сармоягузорӣ, қарзу хизматрасониҳои бонкӣ, омӯхтани таҷрибаи пешқадами ватанию хориҷии хизматрасонии қарзӣ, таҳияи низоми оқилонаи андозбандӣ, ташкили хизматрасонии бонкӣ ишғол мекунанд.

Ба ин васила, унсурҳои зикршуда сохтору низомеро ташкил медиҳанд, ки дар он дар шароити иқтисоди бозорӣ асоси такмили механизми молиявию қарзии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ муайян карда мешавад. Бояд гуфт, ки сатҳу вазъи сармоягузориҳо хусусан аз ҳисоби манбаъҳои дохилии ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ нишондиҳандаи суботи иқтисодӣ ва симои муайяни мусбати минтақа дар ҷалбнамоии сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ маҳсуб мешавад.

Дар марҳилаи муосир татбиқи равишҳои нави ташкили манбаъҳои ташаккулёбӣ ва равонасозии сармоягузории афзалиятнок муҳим ба шумор меравад. Дар раванди татбиқи амалӣ маълум шуд, ки аз миёни имкониятҳо ҷои таъинкунандаро баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ чун манбаи тавонои сармоягузорӣ ва воситаҳои буҷетӣ ишғол мекунад. Бо дарназардошти маҳдудии имкони молиявӣ муайян намудани самтҳои афзалиятноки ташаккули сохторҳои ниҳодӣ барои ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ ниҳоят муҳим аст. Зимнан дастгирии таъсиси ширкатҳои ғайридавлатии

илмию техникӣ лозим мебошад. Субъектони дорои афкори навоварӣ метавонанд мутахассисони инфиродӣ ва ҳам гурӯҳҳои олимону мутахассисон бошанд. Бо истифода аз муносибатҳои аҳдномавӣ ва шарикӣ дар якҷоягӣ бо сохторҳои хоҷагӣ, бахусус соҳибкорон, онҳо иқтидори зеҳниро ташаккул дода, барои дарёфти усулу бахшҳои самараноки сармоягузории сармояи озод мусоидат мекунанд.

Ба ин васила, такмили механизми молиявию қарзии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ бояд чун низоме баромад кунад, ки унсурҳои баланд бардоштани самаранокии ташаккулёбӣ ва истифодабарии иқтидори сармоягузории НТҶ-ро дар шароити гузариш ба иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионӣ дар бар мегирад. Дар ин самт ҷустуҷӯи роҳҳои нави рушди муҷтамаи сармоягузорию инноватсионии минтақа, вобаста ба ташкили зерсохтори саноатию аграрӣ дар асоси дастгирии фаъоли сармоягузории давлат ва сиёсати сармоягузории минтақа хеле муҳим мебошад. Чунин роҳи ҳалли масъалаҳо, ба фикри мо, дар ибтидо унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

*Танзими давлатии меъёри фоиз дар сатҳи дастгирикунанда. Ин нишондиҳанда бояд бо сатҳи миёнаи нишондиҳандаҳои молиявии соҳаҳои бахши воқеӣ ва гузариш ба иқтисоди саноатию аграрии инноватсионии НТҶ қобили қиёс бошад;

*Танзим ва роҳҳои арзёбинамоии хавфу хатарҳои имконпазир дар ҳудуди НТҶ. Фароҳам овардани шароитҳо оид ба фаъол гардонидани  кафолати давлатии суғурта барои сармоягузориҳое, ки барои иқтисоди саноатию аграрии инноватсионии НТҶ ташаккул дода ва истифода бурда мешаванд;

*Гузариш ба низоми ҳавасмандкунандаи фискали, андозию буҷетӣ барои дастгирии сармоягузорӣ дар НТҶ.

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз сабаби фаъолияти нокифояи сармоягузорӣ дар кишвар, аз ҷумла дар минтақаҳои алоҳидаи он  буҳрони тӯлонии напардохтани қарзҳо мебошад. Дар ин шароит даромаднокии субъектҳои иқтисоди кам гардида садди роҳи такмили иқтидори сармоягузорӣ дар ҳама сатҳҳо мегардад. Аз ин бармеояд, ки фаъолгардонии сармоягузорӣ тибқи низоми ҳавасмандкунӣ ҳисобшудаи рушди иқтидори сармоягузорӣ ва омили таъминкунандаи гузариш ба иқтисоди саноатию аграрии инноватсионии НТҶ мебошад.

Ин вазифаи хеле мушкил аст, зеро дар шароити нави рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ин кор бояд бо сармояи асосии моддӣ ва маънаван куҳнашуда анҷом пазирад. Сиёсати буҷетӣ ва молиявию қарзии ба андоз асосёфта ангезаи субъектони иқтисодиро дар сармоядории даромадҳо ба куллӣ дигаргун мекунад. Чунончӣ, қисми зиёди захираҳои истеҳлоку такрористеҳсол ба маблағгузории эҳтиёҷоти ҷории корхонаҳои амалкунанда масраф шуда, садди роҳи пешравии инноватсионии субъектони иқтисод мегардад. Бинобар ҳамин аз назари мо назорати давлатиро аз болои истифодабарии мақсадноку самараноки сармоягузориҳои давлатӣ, аз ҷумла дар сатҳи хукуматҳои маҳаллӣ, тақвият бояд намуд. Саривақтӣ ва пуррагии ҳаҷми захираҳо бояд тибқи маблағгузории баробари барномаҳои мақсаднок, ки он ҷо объектҳои барномаи сармоягузорӣ ба таври шаффоф зикр шудаанд, муайян шавад.

Масъалаҳои такмили механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ аз раванди дуруст ба роҳ мондани унсури назорати вобастагии зич дорад. Бинобар ҳамин назорат ва мониторинги истифодабарии сармоягузориҳои буҷети дар ин самт мақоми хоса гирифта ҳамчун воситаи таъсирбахши идоракуни баромад мекунад.  Аз ҷумла чунин амалиётҳо аз ҳисоби маблағгузории барномаҳои давлатии рушди кишвару минтақаҳо хеле зарур буда, аз ин хусус бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд. Ҳамзамон хароҷоти асосии берун аз барномаи ҷумҳуриявии сармоягузорӣ тамвилшаванда тибқи моддаҳои гуногуни буҷет ва ҳисоб гирифта мешаванд. Ба андешаи мутахассисон, ин механизм дар сурати таҳия ва тасвиб кардани тартиби омодасозӣ ва гузариши ҳуҷҷатҳои падохт боз ҳам таъсир бахш баромад мекунанд. Ин имкон медиҳад то назорати харҷи маблағҳо пурзӯр карда шавад ва

инчунин муҳлати ҳаракати захираҳои молиявиро дар ҷараёни татбиқи барномаҳои сармоягузорӣ самаранок гардандц.

Яъне, масъалаҳои такмили механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ дар шароити НТҶ пеш аз ҳама тағйир додани равияҳои консептуалии танзими иқтидори сармоягузориро тақозо менамояд. Аз назари мо чунин механизм бояд ба тағйирдиҳии сохтори фондҳои сармоягузорӣ нигаронда шавад. Бо таваҷҷуҳи асосӣ ба соҳаҳои афзалиятнок, ки аз нуқтаи назари иқтидори ташкили фондҳои сармоягузорӣ дар роҳи расидан ба иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионии НТҶ муҳимтар мебошанд. Дар ин замина механизми идоракунӣ дар сатҳи минтақа имкони баҳисобгирии пурраи шароити мушаххаси муайянкунанда барои таъмини гузариш ба иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионии НТҶ-ро дарбар мегирад. Дар ин самт чунин тадбирҳо муҳим аз қабили мушаххас гардондани самтҳои сармоягузорӣ, истифодабарии манбаъҳои имконпазири сармоягузорӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти субъектон тибқи талаботи бозор ва истифодабарии шаклу усулҳои таъсирбахш ба шумор меравандц. Бо ин роҳ ҷамъбаст ва тақсим кардани захираҳои сармоягузорӣ мувофиқ ба муносибатҳои бозории дар кишвар минтақаҳои алоҳидаи он баромад мекунанд.

Дар натиҷа чунин хулоса кардан мумкин аст, ки барои такмили иқтидори сармоягузории НТҶ дар самти иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионии имкониятҳо ба амал омада, дар ин замина стратегияи сармоягузории НТҶ аз мавқеи фаъолгардонии татбиқи модели рушди устувори иқтисодӣ фароҳам оварда мешавад. Аз назари мо бартарии ин пешниҳод, дар тадбиқи ҳадафҳои стратегии рушди минтақаҳо бо сафарбар намудани шарикии давлат бо бахшҳои хусуси аз тариқи шаклҳои нави хоҷагтдорӣ, ташаккули корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ дар раванди рушди минтақавӣ таҷассум меёбад.

Истифодабарии якҷояи танзими давлатӣ ва усулҳои бозории идоракунӣ, ки ба самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ равона шудааст, имкон медиҳад, ки ташаккули иқтидори сармоягузории НТҶ бо риояи шартҳои зерин таъмин карда шавад:

*муайян кардани асосҳои назариявӣ, муқаррароту принсипҳои сиёсати сармоягузории давлат якҷоя бо хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва истифодабарии иқтидори сармоягузории НТҶ;

*асоснок кардани сармоягузории афзалиятноки давлатӣ ва хусусиятҳои соҳавии НТҶ. Таъмини бевоситаи фондҳои сармоягузорӣ баислоҳоти прогрессивии сохторию технологии НТҶ бо гузаштан ба иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионии ва ҳалли мушкилоти иҷтимоии аҳолии минтақа;

*ба низом овардани имконоти минтақавии тавсеи иқтидори сармоягузорӣ. Такмили воситаҳои сармоя бо дарназардошти афзоиши саҳми сармояи ватанӣ дар ҳаҷми умумии захираҳои сармоягузории ҷалбшаванда;

* ташкили механизми молиявию иқтисодии расидан ба иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионии НТҶ дар заминаи дарёфту такмили роҳу усули иқтидори сармоягузории НТҶ.

*фаъол гардондани низоми ҳавасмандгардонии ташаккулёбии даромадҳо ва ҷалб намудани захираҳои молиявии озоди субъектони иқтисодии НТҶ бо самтгирӣ ба сӯи афзоиши доимии ҳиссаи сармоявии даромади аҳолӣ барои такмили иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа.

Ба ин васила, тезонидани гузариш ба иқтисоди саноатӣ-аграрии инноватсионии НТҶ усулан ва куллан таркиби механизми идоракунии равандҳои сармоягузориро аз мавқеи такмилдиҳии механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ тағйир медиҳад. Ин бо тағйирёбии низоми мутамаркази ташаккулёбӣ ва истифодабарии захираҳои сармоягузорӣ аз ҳисоби таъсири натиҷаи кор вобастагӣ дорад. Дар ин асос ҳаҷми захираҳои сармоя афзоиш меёбад. Ҳаминтавр механизми мазкур бо таваҷҷуҳ ба

таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ тибқи амали низоми пешниҳодҳои алтернатив пешниҳод гардонида мешавад. Бо ин роҳ имкониятҳое ба амал меояд, ки сармоягузории ройгон маҳдуд гардида, дар робита ба иқтидори сармоягузорӣ имкониятҳои рушд сафарбар карда шаванд.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, № 1299.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022с.
4. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои солҳои 2016-2020
5. Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми сентябри соли 2021, №358 – 41.;
6. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми апрели соли 2011, №227. – С.4-7;
7. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №293. – 67 саҳ.;


## ТАЪСИРИ РАВАНДИ ИННОВАТСИОНӢ БА ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Пирова М.А.** – ***муаллими калони кафедраи молияи ДДМИТ***

Дар шароити тағйир ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ ва гузариш ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ бо раванди инноватсионӣ алоқамандии бевосита пайдо менамояд. Дар навбати худ раванди инноватсионӣ раванди ташаккул, тавсеа ва аз ҷониби агентҳои миллӣ истифода намудани навовариҳои илмӣ-техникӣ, истеҳсолӣ, ташкилӣ, идоракунӣ ва дигар навовариҳое, ки мазмуни асосии модернизатсияи иқтисодиёт ва ҷомеаро дар маҷмуъ дар назар дорад, касб менамояд. [1, с. 130].

Чи тавре таҷрибаи рушди иқтисодиёти кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, дастовардҳо аз ҷониби онҳо тавассути сармоягузорӣ ба инсон, яъне донишҳои нав, ки дар соҳаи маориф, технологияҳои нав ва техника, ташкил ва идоракунӣ таҷассум ёфтаанд, ба даст омадаанд.

Таҷрибаи ин давлатҳо нишон медиҳад, ки фаъолияти соҳибкорӣ барои иқтисодиёти миллии Тоҷикистон, ки воқеияти такмилёбандагӣ дорад, метавонад татбиқшаванда бошад. Зеро дар шароити муосир, пешрафти илмӣ-техникӣ ва технологӣ метавонад ба омили асосии рушди иқтисодӣ, ҳам барои иқтисодиёти кишвар ва ҳам ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ табдил ёбад.

Вазифаи асосии технологияи инноватсионӣ дар раванди рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла барои рушди босуботи саноати кишвар масъалаи муҳим ва асосӣ арзёбӣ мегардад. Бо назардошти тадбирҳое, ки бо мақсади таҷассумёбии сиёсати миллии илмӣ-техникӣ ва инноватсионии кишвар андешида мешаванд, дар навбати аввал бояд ба ҳифзи технология, баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти технологӣ, дастрасӣ ба иттилоот дар бораи дастовардҳои пешқадами илмӣ-техникӣ имкони васеъ дода шавад.

Дар ин раванд, пурмазмун будани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ то андозае ҳам дараҷаи ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳам сатҳи рушди иқтисодиро муқаррар мекунанд. Дар чунин шароит барои рушди нерӯи инсонӣ, ихтирооти илмӣ, пешрафти илмиву технологӣ, алалхусус дастгирӣ ва рушди инноватсионӣ шароити мусоид фароҳам оварда метавонад.

Дар ин асно, нақши давлат танҳо ба чаҳорчӯбаи дастгирии илмҳои бунёдӣ ва тадқиқотҳои мақсадноки илмӣ маҳдуд нагардида, бояд мустақиман ба таъмини

дигаргуниҳои иқтисодӣ ва рақобатпазирии фаъолияти соҳибкорӣ, хусусан иқтисодиёти миллӣ нигаронида шавад.

Барои тақвияти ин гуфтаҳо метавон сиёсати давлатии технологӣ ва инноватсионии Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро мисол овард, ки он ба самтҳои гуногуни ба ҳам алоқаманди зерин равона карда шудааст[1, с. 141].

- фароҳам овардани фазои солими рушди соҳибкорӣ, ки дар он соҳаи бахши хусусӣ дар соҳаи инноватсия бо баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот инкишоф меёбад;
- ҳавасмандкунонии рушд, тиҷоратикунонӣ ва истифодаи технологияи инноватсионӣ;
- сармоягузорӣ дар бунёди технологияҳои муосир;
- ҳамгироии технологияҳои ҳарбӣ ва саноатӣ, ки қобилияти ҳал намудани масъалаҳои ҳам ҳарбӣ ва ҳам шаҳрвандиро доранд;
- тарбияи мутахассисони баландихтисоси сатҳи ҷаҳонӣ;
- рушди шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва аз байн бурдани қафомонии сиёсати миллии технологӣ, ки ба истифодаи технологияҳо бо мақсади таъсиси иқтидори иқтисодии кишвар равона шудааст;
- мусоидати саноат ба рушди технология, системаи андозагирӣ ва стандартҳо.

Яъне, бо ҳамин тарз, давлат имкон медиҳад, ки шарики тиҷоратӣ барои кӯмак намудан ва рушди тиҷорати хурд ва миёна бо мақсади таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии кишвар иштирок намояд.

Маҳз, таҳияи технологияи баланд ва дар асоси онҳо истеҳсоли маҳсулоти баланди технологӣ, пешниҳоди онҳо ба бозори ҷаҳонӣ, тавсеаи ҳамгироии байналмилалӣ дар ин соҳа барои аксарияти кишварҳои пешрафта модели муҳимтарини стратегӣ ва пешбарандаи рушди иқтисодӣ гардидаст, аз ҷумла Ҷопон, Аврупои Ғарбӣ ва кишварҳои Осиёи Ҷанубию Шарқӣ[2, с. 207].

Вобаста ба ин, хусусияти фарқкунандаи амалисозии сиёсати инноватсионии давлатҳои пешрафта дар фарқият аз илмӣ-техникӣ, пеш аз ҳама дар ҳаҷми захираҳо мебошад, ки бояд баҳри ин мақсадҳо равона карда шаванд.

Агар бо тарзи дигар ифода намоем, фаъолияти инноватсионӣ дар соҳибкорӣ ин дигаргуниҳои мақсадноки ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар натиҷаҳо мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои болозикр, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи имкониятҳои соҳибкории инноватсионӣ метавонад яке аз равияҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи шарикии байналмиллалии илмӣ- техникӣ ва инноватсионӣ гардад.

Бояд қайд кард, ки дар шароити имрӯзаи рақобати геосиёсӣ бо ёрии рушди илм, сифати фазои иттилоотии фаъолияти соҳибкорӣ, ташаккули системаҳои асосии истеҳсолӣ-техникӣ, қобилияти механизми хоҷагидорӣ дар баланд бардоштани фаъолияти баланди инноватсионӣ, рушди низоми маориф ва илм, инчунин вазъи демографӣ муқаррар карда мешавад.

Дар ин асно, дар соҳаи инноватсияи фаъолияти соҳибкорӣ қонунҳои иқтисодӣ дар шакли махсуси идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии мутобиқати иқтисодиёт, яъне механизмҳо ифода меёбанд, ки онҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ маҷмӯи амалҳои ҳамоҳанг ва роҳҳои идоракунии ин соҳаро ҳамчун қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёти кишвар ба вуҷуд меоранд. Ҳамзамон, фаъолияти инноватсионӣ ба истеҳсолоти иҷтимоӣ, сохтори он, ҷараёни фурӯши маҳсулот ва идоракунӣ таъсирбахш мегардад. [2, с.188].

Дар шароити муосири хоҷагидорӣ фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ ба ташаккули омилҳои истеҳсолот вобаста буда, аз доираи таҷдиди раванди истеҳсолот баромада, бо дигаргуниҳо, тағйироти истеҳсолот, бозор, инчунин иқтидори инсонӣ алоқаманд мегардад, аз ҷумла:

- муқаррар намудани сармояи инсонӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ;
- истеҳсол намудани маҳсулоти тағйирдодашудаи нав;

- ҷорӣ намудани техникаи нав ё такмили техника, равандҳои модернизатсияи технологӣ, кафолати нави бозори истеҳсолот;

- ташкили бозори нави фурӯш;

- истифодаи намудҳои нави ашёи хом;

- ислоҳот дар ташкили идоракунии равандҳои истеҳсолот ва таъмини моддӣ-техникии он.

Дар ин асно, ташаккули фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ дар иқтисодиёт натиҷаи як қатор шароитҳои мухталиф мебошад. Аз як тараф, рушди ғояҳои илмӣ тағийрёбии пайдарпайи таҳлилҳои илмиро ба вуҷуд меорад, ки бо муҳити иқтисодӣ ва ҳамгироии ислоҳоти техникӣ робитаи баръакс надоранд. Аз тарафи дигар, таҳлили воқеӣ далолат менамояд, ки тағйирёбии асосҳои илмӣ дар натиҷаи тағйирёбии сохторҳои технологӣ дар ҷомеа пайдо шавад. [2, с.136].

Дар чунин вазъият, системаи инноватсионии фаъолияти соҳибкорӣ барои истифодаи таҷриба ва кашфиётҳои хориҷӣ дар соҳаи илм ва технология, ҷалби олимон ва муҳандисони хориҷӣ, иттиҳод ва ҳамкорӣ бо марказҳо ва озмоишгоҳҳои тадқиқотии хориҷӣ, инчунин мутобиқати натиҷаҳои бадастомада ба талаботи бозор имкон медиҳанд. [3, с. 4].

Айни замон иқтисодиёти кишварҳои пешрафта ба технологияҳои электронӣ ва информатика асос меёбанд ва вобаста ба ҷорӣ намудани техникаи компютерӣ дар тамоми марҳилаҳои раванди такрористеҳсол, бо татбиқи фаъоли биотехнологияҳо ва геноинженерия таҳия карда мешаванд.

Дар натиҷа, тақсимоти соҳавии хоҷагии миллӣ ба вуҷуд меояд, ки сатҳи рушди кишвар аз он вобаста мебошад ва ҳар кадоме аз гурӯҳи соҳаҳо барои иқтисоди миллӣ муҳим ба ҳисоб меравад, чунончӣ:

- соҳаҳои истихроҷ ва коркарди аввалияи ашёи хом (мавод);

- саноати вазнини масолеҳғунҷоиш ва сермеҳнат;

- соҳаи технологӣ, ки қобилияти нисбатан ками меҳнатӣ, масолеҳғунҷоишӣ, вале ҳиссаи хеле баланди сармояи инсонӣ, хароҷоти навовариҳо дар арзиши илова дорад;

- соҳаи технологии ташкил ва таҳияи таъмини барномавӣ, ҳамгироии системавӣ, машварат, омӯзиш. [4, с. 54].

Дар кишварҳои пешрафта, ки иқтисодиёт дар асоси ташаккули донишҳо дар назар дошта шудааст, сохтори соҳавӣ ба самти афзоиши мунтазами ҳиссаи соҳаҳо ба сохтори иқтисодиёти миллӣ табдил ёфтааст.

Ҳамзамон, хусусияти асосии технологияҳои зикршуда дар он аст, ки онҳо асосан дар татбиқи васеи натиҷаи меҳнати ақлонӣ, яъне дониши нав асос ёфтаанд ва ин истисно намебошад. Зеро кашфиётҳои нави илмӣ дар натиҷаи дарки муҳити атроф пайдо мешаванд, яъне қонуниятҳои номаълуми қаблан мавҷудбуда, падидаҳои моддӣ, воқеияти иҷтимоӣ ва маънавӣ, ки ба сатҳи идрок тағйироти ҷиддӣ ворид менамоянд.

Дар раванди гузарондани тадқиқоти илмӣ-амалӣ ва кашфиётҳо байни вазъи иқтисодии ҷомеа, сатҳи фарогирии вазифаҳои амалии муқарраршуда ва имконияти ҳалли онҳо робитаи мутақобила ба вуҷуд меояд. Рушди зарурати иҷтимоӣ дар фаъолияти инноватсионӣ бо унсурҳои бозор ғайримустақим ифода мешавад, ки субектҳои иқтисодиётро ба муқоисаи ҳаҷми захираҳои истифодашуда ё хароҷоти умумии инноватсия бо натиҷаҳои азхудкунии онҳо дар истеҳсолот ё бо натиҷаҳои пешниҳодшуда водор месозад.

Омили дигари муҳими амалигардонии фаъолияти инноватсионӣ масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ мебошанд, ки мувофиқи максадҳои системаи мушаххаси иқтисодӣ гузошта мешаванд. Ин самти мазкур соҳаи танзими давлатӣ мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки истеҳсолкунандагони асосии инноватсияҳои куллии техникӣ ширкатҳои хурди илмӣ, техникӣ ва инноватсионӣ мебошанд, ки дар фаъолияти худ ба дастгирии давлатӣ такя мекунанд.

Таҳкими шаффофияти иқтисодиёти миллӣ дар кишварҳои пешрафта, зиёд шудани вобастагӣ аз иқтисодиёти ҷаҳони, зарурати баланд бардоштани рақобатпазирии он боиси пайгирии тадриҷии тамоми системаи танзими давлатии иқтисодиёт дар ин кишварҳо барои тақвияти дастгирии соҳибкории инноватсионӣ гардид.

Ҳамин тариқ, дар системаи муосири муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҳангоми қабули қарорҳо дар соҳаи инноватсия соҳибкор, пеш аз ҳама, бо ҳавасмандгардонӣ аз ҷониби талаботи муштарак дучор меояд. Бо мақсади ташаккул додани низоми инноватсионии миллӣ, талабот ба инноватсия, талабот ба навовариҳо, талаботи инноватсияи аксарияти субъектҳои хоҷагидорӣ, умуман иқтисодиёт, ба пешниҳод дар соҳаи илм ба назар мерасад.

Бо вуҷуди ин, вазифаи таҳияи консепсияи илмии ҳамкориҳои байни давлат ва сохторҳои соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, мафҳум, мазмун ва усулҳои танзими соҳибкориро бо мақсади ташкили механизми самарабахши таъсири василаҳои иқтисодӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити гузариш ба бозор тақозо мекунад.

Асоси фаъолияти соҳибкорӣ ин инноватсия дар соҳаи маҳсулот ва хизматрасонӣ мебошад, ки имкон медиҳад бозори нав эҷод ва ниёзҳои нав қонеъ шаванд. Инноватсия ҳамчун воситаи мушаххаси соҳибкорӣ хизмат мекунад ва на навовариҳо дар худи онҳо, балки ҷустуҷӯи муташаккилона барои навовариҳо, таваҷҷӯҳи доимиро ба сохторҳои соҳибкорӣ зиёд менамояд.

Дар баробари ин, ба даромади ояндаи соҳибкор он давраҳои инноватсия, ки бо унсурҳои ғайримоддӣ - дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи корӣ, истифодаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, идоракунии самарабахш дар тамоми марҳилаҳои давраи ҳаётии маҳсулот алоқаманданд, саҳми назаррас гузошта метавонанд.

Маҳз дар ин ҳолат, соҳибии ин ё он донишҳо ба офаридани арзиши назарраси иловагӣ имкон медиҳад, ки баъдан метавонад ба фоидаи фавқуллода табдил ёбад. Ин ҳолат дар асари асосгузори назарияи инноватсионӣ Й. Шумпетер «мукофоти инноватсионӣ» ном бурда мешавад, ки онро шартан «рентаи инноватсионӣ» низ меноманд[6, с. 154].

Ҳамзамон, Й. Шумпетер навовариҳоро ба асосӣ ва ғайриасосӣ ҷудо менамуд. Баъдан, Г. Менш, ба ғайр аз навовариҳои асосӣ ва ғайриасосӣ, навовариҳои бардурӯғ ё хаёлиро қайд намуд. Навовариҳои асосӣ барои пайдоиши соҳаҳои нав ва бозорҳои нав хеле муҳим мебошанд.

Олими дигар, П. Друкер қайд мекунад, ки «соҳибкорон бо навовариҳои тафаккур фарқ мекунанд. Инноватсия воситаи махсуси соҳибкорӣ мебошад». Маҳз ҳамин муносибат далели он аст, ки шароити иҷтимоию иқтисодии татбиқи шакли инноватсионии истеҳсолот барои ҳар як ҷомеа объективӣ мебошад.

Аз ин рӯ, бо мақсади амалисозии фаъолияти инноватсионӣ заминаҳои муайяни иқтисодӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд, ки ин фаъолиятро ҳавасманд мекунанд. Таҳлилҳо собит месозанд, ки самараи иқтисодиро бештар на он субекти иқтисодӣ, ки навоварӣ меорад, балки он нафаре, ки онро истифода мебарад, ба даст меорад. Дар ин маврид инноватсияҳо воситаи ҳалли манфиатҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошанд. Манфиатдории субъектҳои хоҷагидорӣ дар фаъолияти инноватсионӣ бо қисми самараи гирифташуда аз натиҷаҳои ба дастомадаи он, яъне аз тақсимоти даромадҳои ояндаи марбут ба татбиқи навовариҳо муайян карда мешавад.

Дар чунин ҳолат барои он, ки татбиқи амалии навовариҳо самаранок гардад, вазъиятҳои мушаххас заруранд. Бо мақсади таъмини раванди инноватсия, танҳо афзоиши сармоягузории асосӣ ба соҳаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ нокифоя аст, инчунин бояд ба омилҳои афзоянда низ таъсир расонд. Омили муҳими афзоиши раванди инноватсионӣ ҳамзамон ташаккули заминаҳои технологӣ, зеҳнӣ, сохторӣ,

институтсионалӣ ва заминаҳои ҳавасмандгардонии шакли инноватсионии рушди иқтисодӣ низ муҳим мебошад.

Ҳамзамон, ҳадафи асосии фаъолияти инноватсионӣ, усулҳо, шаклҳо ва муҳлати иҷрои онҳо бо имкониятҳои захиравии баъзе субектҳои иқтисодиёт ва тамоми ҷомеа ташаккул мeёбанд. Иқтидори захиравӣ, дар навбати худ, ба миқёси фаъолияти инноватсионӣ, ҳамаҷониба фарогирии доираи мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ, пайдарпайи ҳалли онҳо таъсир мерасонад. Иқтидори захиравӣ ҳама он чизҳоеро, ки метавонанд дар раванди инноватсионӣ бо назардошти таъмини натиҷаҳои ниҳоӣ истифода шаванд, дар бар гиранд. Натиҷаҳои ниҳоӣ, дар навбати дигар, ба марҳилаи аввали давраи навбатии раванди инноватсионӣ табдил ёфта, ҳамчун захираҳо низ метавонанд амал кунанд[7, с. 225].

Навовариҳои асосӣ ва ғайриасосӣ, ба нақшаи асосии технологӣ дахолат намекунанд, лекин сифати молро беҳтар мегардонанд ё баъзе унсурҳои раванди технологиро бо мақсади сарфаи намудҳои муайяни захираҳо андаке тағйир медиҳанд. Навовариҳои бардурӯғ ё хаёлӣ зери таъсири тағйироти кӯтоҳмуддат дар афзалиятҳои истеъмолӣ тағйирот ворид мекунанд.

Аз ин рӯ, дар иртибот бо гуфтаҳои болозикр, ташаккули системаи инноватсионӣ ва сиёсати инноватсионӣ дар Тоҷикистон шарти зарурии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Тоҷикистон ва инкишофи афзалиятҳои рақобатпазири иқтисоди миллӣ ба шумор меравaнд.

Дар ин робита, зарурати таҳияи меъёрҳои оқилона, мафҳумҳои дақиқ ва баҳодиҳии миқдории рушди устувори соҳибкории инноватсионӣ, талабот ба шарҳи бештари омилҳои таъмини рушди устувори соҳибкории инноватсионӣ дар муҳити рақобат ба миён меоянд.

Ҷалби инноватсияҳо ба соҳибкор имкон медиҳад, ки аз ҳисоби нархҳои баландтар ва миқдори зиёди молҳои фурӯхташуда маҳсулоти нав истеҳсол кунад ва даромад ба даст орад, инчунин маҳсулоти наве, ки талаботи зиёд дорад, ки ба соҳибкор фоидаи истисноӣ меорад. Рақобат соҳибкорро ба вуҷуд меорад ва ба нобудшавии даромади монополияи ӯ оварда мерасонад.

Бояд қайд кард, ки бе рушд, фоидаи соҳибкорӣ вуҷуд надорад ва бе фоида рушди соҳибкорӣ низ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, кӯшиши ба даст овардани фоидаи соҳибкорӣ ба воситаи комбинатсияҳои нави омилҳои истеҳсолот, шарти муҳими рушди иқтисодиёт махсуб мeёбад. Муҳимтарин омил барои соҳибкорони Тоҷикистон, ин вазъияте мебошад, ки дар он зарурияти капитализатсияи фоида ба иқтисодиёти миллӣ ҳамчун шарти зарурии рушди иқтисодӣ баромад менамояд.

Талаботи рӯзафзуни иқтисодӣ тақозо менамояд, ки системаи инноватсионии миллӣ бо назардошти тағйирёбии механизми бозории амалкарди инноватсияҳо ва такмили технологияи муносибатҳои бозорӣ дар байни субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ташаккул дода шавад. Инчунин системаҳои илмию саноатии мамлакат тағйир ёфта, дар ҳамин асос истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва дохилшавӣ ба бозори ҷаҳонӣ таъмин карда шавад.

Яке аз вазифаҳои ташаккул додани системаи инноватсионии миллӣ инкишоф додан ва баланд бардоштани самаранокии соҳибкории инноватсионӣ, хусусан соҳибкории хурди инноватсионӣ мебошад. Ташкили корхонаҳои хурди инноватсионии дорои технологияи пешқадам яке аз унсурҳои асосии инфрасохтори инноватсионӣ ба шумор меравад. Он ба талаботи бозори инноватсияҳо саривақт вокуниш нишон дода, фаъолияти худро ба истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати технология баландпоя ва рақобатпазир равона месозад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли инноватсионии инкишоф дар шароити дигаргунсозиҳое ташаккул мeёбад, ки ба равандҳои глобалии системаи иҷтимоию иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар мамлакат барномаҳои рушди инноватсионие, ки таъсири маҷмӯи омилҳои муҳити берунӣ ва дохилиро ба назар гиранд, таҳия карда нашудаанд. Проблемаҳои ташаккули системаи инноватсионии миллӣ бо назардошти талаботи равандҳои ташаккули иқтисоди бозорӣ аз доираи назари менеҷмент ва тадқиқотҳои давлатӣ берун мондаанд. Аз тарафи дигар, механизми муассири ҳавасмандгардонии корхонаҳои саноатии мамлакат барои истифодаи васеи инноватсияҳо ва баланд бардоштани фаъолияти инноватсионии онҳо низ ташаккул наёфтаанд.

Ҳамзамон, байни соҳаҳои соҳибкорӣ ва илмию тадқиқотии ҳамкории инноватсионӣ робитаи зич вуҷуд надошта, то ҳол базаи қонунгузории рушди ҳамкории давлатӣ-шахсӣ вуҷуд надошта, давлат ба ҳамкории инноватсионии сохторҳои соҳибкорӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ, марказҳои илмӣ ва бюроҳои таҷрибавию конструкторӣ ба таври назаррас мусоидат наменамояд.

***Адабиёт:***

*1. Drucker, P.F. (1985) "The Practice of Innovation", Innovation and Entrepreneurship Practice and Principles, Harper & Row, New York, pp. 19-33; 141-188; 207-243.*

*2. Ломакин В.К. Мировая экономика. Уч.для Вузов. – М. 2004. С.130-158.*

*3. Нечаева О.Д. Сущность понятия «инновация» и его классификация // Инновации. - 1998. - №2, 3. - С. 4.*

*4. Гамидов Г.С. Иноватика – наука управления процессами преобразования научных достижений в инновации // Инновации №2 (136), 2010.*

*5. Файзуллоев Ф.К. Роль инновационной инфраструктуры в модернизации экономики (статья) // Инновационная технология. – Карши, 2011. – №2 (2).-С.52-54*

*6. Шумпетер Й. Теория экономического развития. (Исследование предпринимательской прибыли, капитала, кредита, процента и цикла конъюнктуры). – М.: Прогресс, 1982. - С 154.*

*7. Методические рекомендации по оценке эффективности инвестиционных проектов: (Вторая редакция) / М-во экон. РФ, М-во фин. РФ, ГК по стр-ву, архит. и жил. политике; рук. авт. кол.: Коссов В.В., Лившиц В.Н., Шахназаров П.Г. -М.: ОАО «НПО «Изд-во «Экономика», 2006.-С. 225.*

## МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ИДОРАКУНИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ

**Ахмедов Х. - муаллими калони кафедраи молияи ДДМИТ**

Мафҳуми қарзи давлатӣ ҳамчун восита ва ё фишанги идоракунии гардиши пул, бозори молиявӣ, таваррум, фаъолияти сармоягузорӣ, истеҳсолот, шуғли аҳолӣ ва ташкили пасандозҳои аҳолӣ ҳамчун масъалаи мубрами сиёсати иқтисодӣ ба шумор меравад. Қарзи давлатӣ аз ҷониби мақомоти қонунгузорӣ (намояндагӣ) ва мақомоти иҷроияи сатҳи гуногуни ҳокимият яке аз воситаи гузаронидани сиёсати мӯътадилсозӣ, зиддидаврагӣ, азнавтақсимкунӣ, ҳавасмандгардонӣ ё боз доштани суръати рушди иқтисодии мамлакат истифода мешавад.

Ташкилёбӣ ва мавҷудияти қарз, шаклҳои гуногуни таъсири он ба фаъолияти иқтисодиёт зарурати таваҷҷӯҳи доимии мақомоти ҳокимиятро ба мушкилоти танзими он ба миён меорад. Аз ин рӯ, дар ин ҷо мо қарзро ҳамчун объекти идоракунӣ баррасӣ хоҳем кард.

Ташкил ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат асоси бавуҷудоӣ ва такмили низоми қарзи дохила ва берунаи давлат ба шумор мераванд. Дар самти алоқамандӣ ва таъсири омилҳои макроиқтисодӣ ба ташаккулёбӣ ва афзоиши қарзи дохилӣ ва берунаи мамлакат таҳлилҳо гузаронида шуданд, ки натиҷаи он чунин арзёбӣ карда мешавад. Бояд қайд кард, ки таҳлил ва танзим намудани самтҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ вобаста ба вазъи кунунӣ ва имконоти тағйирёбию такмили

минбаъдаи онҳо зарурати пешниҳод намудан ва тавсияи чорабиниҳои муайянро ба миён овarданд.

Дар айни замон, амалиётҳо оид ба хариду фурӯши коғазҳои қиматноки ҷамъиятҳои саҳомӣ дар феҳристҳои хусусӣ ба қайд гирифта шудаанд, дар ҳоле ки аксарияти ҷамъиятҳои саҳомӣ муомилоти онро ҳадафи ҷалби сармоя барои рушди тиҷорати худ қарор намедиҳанд.

Мувофиқи маълумоти Агентии рушди бозори коғазҳои қиматнок ва феҳристи махсуси Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2015 то 2022, шумораи бақайдгирифташудаи ҷамъиятҳои саҳомӣ дар системаи ягонаи бақайдгирӣ 408 адад ва маблағи сармояи оинномавии онҳо 27,5 млрд. сомониро ташкил медиҳад.

Барориши саҳмияҳо асосан ба бонкҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои махсуси сохтмонӣ, саноатӣ ва бахши хизматрасонӣ рост меояд.

Аз соли 2015 то 2022 ҳаҷми муомилоти коғазҳои қиматноки ҷамъиятҳои саҳомӣ ба 376,4 миллион сомонӣ рост омадааст, ки он 0,32%-и ММД-ро ташкил додааст, дар ҳоле ки сармояи оинномавии ҷамъиятҳои саҳомии бақайдгирифташуда ба 38%-и ММД-ии кишвар баробар буд.

Дар Тоҷикистон муомилоти коғазҳои қиматнок асосан байни бонкҳо анҷом дода мешаванд. Объекти муомилот ё коғазҳои қиматноки Бонки миллӣ ё векселҳои хазинадории Вазорати молия мебошанд.

Муҳлати гардиши коғазҳои қиматноки БМТ аз 14 то 28 рӯзро дарбар гирифта, фоидаи ҳадди аксари он аз 7,5% то 10,9%-и солона мебошад.

Векселҳои хазинадории давлатии Вазорати молия дар соли 2022 ба муҳлати 3 моҳ дар ҳаҷми аз 25 то 450 миллион сомонӣ бароварда шудаанд. Бо назардошти чунин натиҷаҳо ва ғайрифаъол будани ҷамъиятҳои саҳомӣ дар барориш ва фурӯши коғазҳои қиматнок, ки он метавонад, сармояи дохилиро бахри фаъолсозӣ ва таъмини даромаднокӣ ба сармоягузорон ва эмитентон ба даст орад, пешниҳод менамоем, ки ширкату корхонаҳои давлатӣ ва хусусӣ барориш ва фурӯши коғазҳои қиматнокро ба воситаи равзанаи Биржаи Осиёи марказӣ ба роҳ монанд.

Бинобар ин, сохторҳои дахлдори давлатиро мебояд, бо мақсади танзим ва ҷалбсозии ҷамъиятҳои саҳомӣ ба биржаи фондӣ, зарурати афзун намудани сармояи оинномавӣ ва истифода намудани андозбандии тафриқавӣ аз фоидаи бадастовардаи онҳо корҳои заруриро амалӣ намоянд.

1. Бо назардошти вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва табиию захираҳои меҳнатии маҳаллу минтақаҳои алоҳидаи кишвар зарурати ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок ва бемузди мақсаднок ба хоҷагиҳои деҳқонӣ, соҳибкорони истеҳсолӣ ва субъектони иқтисодиёт хеле муҳим мебошад. Имтиёзҳои андозӣ, кафолати давлатии молу захираҳои молиявӣ ва содагардонии раванди таъсисёбӣ ва маъмурикунонии фаъолияти соҳибкорӣ яке аз воситаҳои ҷалбгардонӣ ва васеъ намудани имкониятҳои ғанисозии буҷети давлатӣ ва сатҳи некуаҳволии аҳолии мамлакат ба шумор меравад.

2. Ташаккул ва пурқувват намудани низоми қарздиҳии бонкҳои давлатӣ ва саҳомӣ бо риоя ва иҷрои қатъии маржаи қарзӣ (арзиши қарз нисбат ба амволи гузошташаванда), маблағгузории соҳибкорӣ ва менеҷменти соҳавӣ дар фаъолияти ҷории ташкилотҳои қарзӣ муҳим дониста мешавад.

Батанзимдарорӣ ва сарфа намудани хароҷотҳои асосӣ ва ҷории ғайриистеҳсолии буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ бо мақсади кам намудани касри буҷет ва таъмини самаранокии хароҷотҳо дар бахшҳои дигари иқтисодиёти миллӣ, натиҷагирӣ ва автоматикунонии пардохтҳоро дар самти ҷамъоварии даромаду хароҷотҳои бахши давлатӣ ва хусусӣ муҳим арзёбӣ менамояд. Ҳолати хароҷотҳои асосӣ ва ҷории буҷети давлатӣ тайи солҳои охир дар ҷадвал нишон дода шудааст.

**Тамоюли хароҷотҳои асосӣ ва ҷории буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2020**

| **Номгуй** | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2020** | **Афзоиш 2020 нисбати 2010** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Харочоти чорӣ | 4479.3 | 5487.6 | 6441.2 | 8430.5 | 9523.4 | 11904.2 | 13307.6 | 13853.4 | 15140.6 | 17172.4 | 3.8 мар |
| Харочоти асосӣ | 2233.2 | 3939.2 | 2583.5 | 3002.9 | 3711.0 | 4280.9 | 4820.6 | 5840.5 | 5762.0 | 6535.2 | 2.9 мар |
| **Харочоти умумй** | **6712.5** | **9426.8** | **9024.7** | **11433.4** | **13234.3** | **16185.1** | **18128.2** | **19693.9** | **20902.5** | **23707.7** | 3.5 мар |
| Харочоти чорӣ нисбат ба харочоти умумӣ (%) | 66.7 | 58.2 | 71.4 | 73.7 | 72.0 | 73.6 | 73.4 | 70.3 | 72.4 | 72.4 | 108.5 |
| Харочоти асосӣ нисбат ба харочоти умумӣ (%) | 33.3 | 41.8 | 28.6 | 26.3 | 28.0 | 26.4 | 26.6 | 29.7 | 27.6 | 27.6 | 82.9 |
| Ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | |

Барои устуворсозӣ ва сарфакунии харочотҳои чорӣ ва асосии бучети давлатӣ, ки аз номгӯи зиёди амволу ашъёи хочагидорӣ, дастгоҳу таҷҳизотҳои техникӣ ва нақлиёту чорабиниҳои фарҳангӣ, варзишӣ ва маъмурию идоракунӣ иборат мебошанд, зарурат ва имконияти маҳдудсозӣ, меъёркунонӣ ва мавқуфгузории гурӯҳи дуюмдарачадошта зурур ҳисобида мешавад.

1. Амалӣ намудани нақшаҳо ва механизмҳои назорати иқтисодӣ-молиявӣ дар самти содирот ва воридоти сармояи дохилӣ ва хоричӣ ба иқтисодиёти кишвар чиҳати гардиш ва истифодаи қонунии маблағҳо ва амволи соҳибмулкон дар ҳудуди мамлакат ва низоми бонкии он зарур мебошад.

2. Чорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ, қарзӣ ва пардохтҳои гумрукию бочи давлатӣ ба кишоварзон, корхонаҳои саноатӣ ва соҳибкорони истеҳсолию ширкатҳои лизингӣ баҳри устуворгардонӣ ва васеънамоии манбаи моддию-техникӣ ва беҳдошти ичтимоӣ-иқтисодии кормандони онҳо ва соҳибкорони навтаъсис мувофиқи мақсад шуморида мешавад.

3. Тағйир додани меъёри андоз аз фоида барои корхонаҳо ва ширкатҳо, ташкилоту муассисаҳо ва соҳибкорони ватанӣ ва хоричие, ки дар давраи як соли

тақвими зиёда аз 20 000 000 сомонӣ (1 769 912 доллари ИМА) фоида ба даст овардаанд, ба меъёрӣ 12% ва 22% андозбандӣ карда шаванд.

4. Ташкил намудани чорабинӣ ва имкониятҳо ҷиҳати бадастории даромад аз истифода ва хариду фурӯши захираҳои тиллоию асъории мамлакат дар биржаҳои асъорию молии байналхалқӣ ва минтақавӣ бо назардошти эҳтиёҷот ва тағйирёбии мусоиди нархи онҳо дар бозори номбаршуда аз ҷониби Вазорати молия ва Бонки миллии Тоҷикистон.

5. Ҷорӣ намудани имтиёз ва ҳавасмандгардониҳо нисбат ба ширкату корхонаҳо ва соҳибкорону шаҳрвандони тоҷике, ки берун аз ҳудуди Тоҷикистон фаъолият менамоянд, барои ташкил ва пешбурди соҳибкории хурд ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар маҳал ва шаҳрҳои афзалиятнок пурра аз андозбандӣ ва пардохтҳои иловагӣ озод карда шаванд.

6. Фоидаи ташкилёфтаи корхонаю ташкилотҳо ва корхонаҳои воҳиди давлатӣ, ки мувофиқан ба рушди соҳа ва таъмини фаъолияти хоҷагидории субъектони номбурда масраф карда мешавад, хуб мешуд, ки ба ҳисоби буҷети давлатӣ ва ба ин восита барои пардохти қарзи беруна ва дохилаи давлат истифода карда шавад.

7. Захираҳои молиявии ба суратҳисоби Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КВД “Тоҷиксуғурта” воридшаванда, ки ба самти муайяни хароҷоти иҷтимоӣ ва талофпӯшонӣ сарф карда мешаванд, бақия ва барзиёдии даврагии онҳо, ки ҳамчун пасандоз дар бонкҳои тиҷоратӣ нигоҳдорӣ мешаванд, даромадҳои фоизӣ ва маблағи асосии он ба суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ интиқол дода шаванд.

1. Гузаронидани чорабинӣ ва гуфтушунид бо шарикон ва кредиторони хориҷию дохилӣ ҷиҳати иваз намудани асъори қарзҳои амалкунанда бо асъорҳои устувор, тағйир додани фоизҳои шинокунандаи қарзҳо ба фоизҳои собитшуда ва тамдид намудани қарзҳои муҳлати кӯтоҳдошта ба қарзҳои дарозмуҳлат ва имтиёзнок зарур ҳисобида мешавад.

2. Амалӣ намудани самтҳои асосӣ ва усулҳои идоракунии молиявӣ бо дарназардошти бастани шартномаҳои свопӣ, варрантӣ ва фючерсии амалишаванда, ҷиҳати батанзимдарорӣ ва кам кардани хатарҳои асъорӣ, фоизӣ ва арзишии воситаҳои молиявии қарзи берунаи давлатиро ташкилдиҳанда муҳим дониста мешавад.

3. Бо мақсади таъмини самаранокӣ ва танзими рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат зарурати тағйир додани хароҷотҳои буҷетӣ ва маблағгузории бонкиро ба самтҳои саноату кишоварзӣ ва сохтмону маориф афзун намуда, мувозинан хароҷотҳои фарҳанг ва варзиш, сохтмони биноҳои маъмурӣ ва дигар хароҷотҳои ҷориро коҳиш додан мувофиқи мақсад мебошад.

4. Корхонаҳои воҳиди давлатӣ бояд пурра фоидаашонро ба буҷети давлатӣ гузаронанд, то ин ки захираҳои молиявии ташкилотҳои номбурда мақсаднок ва ба лоиҳаҳои самараноку афзалиятноки хоҷагии халқи мамлакат сафарбар карда шаванд.

5. Барои ворид кардани мошинҳои қиматбаҳо, ҷавоҳирот ва дигар ашьёҳои қиматнок андоз ва боҷи гумрукии тафриқавӣ муқаррар ва татбиқ карда шавад.

Танҳо амалӣ намудани чораҳои пешбинишуда ва ташкили корхонаю ширкатҳои истеҳсолӣ, ки ба коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва хориҷӣ машғул мебошанд, ба рушди даромаднокӣ ва ғанӣ гардидани манбаҳои буҷети давлатӣ мусоидат хоҳанд кард.

**Адабиёт:**


1. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. – Душанбе: АСПРТ, 2021. - с.425.
2. Селезнев А. З. Государственный долг и внешние активы: Учеб. пособие - М.: ИНФРА-М, 2012. - 284 с.
3. Ахмедов Х.А. Государственные финансы - динамика доходов и расходов бюджета в последние годы / Х.А. Ахмедов, З.М. Зиёев // Вестник ТНУ (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино», 2019.-№2/6.

4. Отчет о состоянии государственного долга на 2020 год. – Душанбе, 2021 год: МФРТ, 2021.-с.13.
5. Разработка макроэкономической модели для Таджикистана /Бюллетень. Проект ЕС «Поддержка отдельных направлений реформ в сфере УГФ», Душанбе, 2018 г. с.299.

## ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР СОҲАИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

**Убайдуллозода Ф.У. - н.и.и., дотсенти кафедраи молияи ДДМИТ**
**Намозализода Ш.Н. - ассистенти кафедраи молияи ДДМИТ**

Дар шароити гузариш ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ бо раванди инноватсионӣ бевосита алоқаманд аст. Раванди инноватсионӣ раванди ташаккул, тавсеа ва аз ҷониби агентҳои иқтисодии иқтисодёти миллӣ истифодаи навовариҳои илмӣ-техникӣ, истеҳсолӣ, ташкилӣ, идоракунӣ ва дигар навовариҳое, ки мазмуни асосии модернизатсияи иқтисодиёт ва ҷомеа дар маҷмӯъ мебошад, зимнан дар назар дошта шудааст.

Ба ақида Й. Шумпетер соҳибкор сиёсати инноватсиониро дар ҳолате татбиқ карда метавонад, ки имконпазирии даромадро дошта бошад: маҳсулоти навро истеҳсол мекунад, бозорҳои навро ташкил мекунад, натиҷаҳои самарабахшро ба даст оварда, ширкатро самаранок истифода мебарад, [4, с. 456].

Бояд қайд кард, ки дар ибтидои ҳазорсолаи сеюм, пешрафти илмию техникӣ ва технологӣ ба омили асосии рушди иқтисодӣ, ҳам барои иқтисодиёти кишвари алоҳида ва ҳам ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ табдил ёфт.

Чи тавре таҷрибаи рушди иқтисодии кишварҳои дорои иқтисодиёти мутараққи бозорӣ нишон медиҳанд, дастовардҳо аз ҷониби онҳо тавассути сармоягузорӣ ба инсон, яъне донишҳои нав, ки дар соҳаи маориф, технологияҳои нав ва таҷҳизот, ташкил ва идоракунӣ таҷассум ёфтаанд, ба даст оварда мешавад. Ба ҳиссаи онҳо дар ин кишварҳо аз 70 то 90% -и афзоиши ММД рост меояд, [1, с. 130]. Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар айни замон фаъолияти соҳибкорӣ барои иқтисодиёти миллии Тоҷикистон, ки имконияти воқеии ояндаи худро дорад, такмилдиҳанда аст. Дар акси ҳол таҳдиди харобшавии (зарарёбии) асосҳои амнияти иқтисодӣ, рушди мустакил ва босуботи кишвар ба вуҷуд меояд. Бояд таъкид кард, ки пурмазмун будани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ то андозае ҳам дараҷаи ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳам рушди иқтисодиро муқаррар мекунад. Дар шароити кунунӣ дар мубориза бар зидди иқтисодии ҷаҳонӣ барои рушди нерӯи инсонӣ, ихтирооти илмӣ, пешрафти илмиву технологӣ, инчунин дастгирии инноватсионӣ, ғолибан шароити мусоид фароҳам меоранд.

Қайд намудан зарур аст, ки вазифаи асосии технологияи инноватсионӣ дар соҳибкорӣ барои аксарияти кишварҳои аз ҷиҳати саноат тараққикардаи ҷаҳон масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо мақсади амалигардонии ҳадафҳои стратегӣ саноатикунонии босуръат ва таъмини бехатарии озӯуқаворӣ аз ҷумлаи чунин кишварҳо маҳсуб меёбад.

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзие, ки сатҳи баланди инноватсиониро касб кардаанд ҶДММ "Водии Зарин"- и ноҳияи Хуросон, ҶСП "Ҷунтай-Данғара, Син Силу Текстил" – и ноҳияи Данғара, ҶДММ "Мармарӣ" дар ноҳияи Ёвон ва Данғара, ҶҶСП "Равғани Сомонӣ", ш. Бохтар, ҶДММ "Мурғи Муминобод" дар н. Муъминобод ва ғайра ба ҳисоб мераванд.

Метавон қайд намуд, ки Маҷмааи нассоҷии Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Ҷунтай-Данғара, Син Силу Текстил" – и ноҳияи Данғара, ки дар ҳамкори бо сармоягузорону мутахассисони Ҷумҳурии мардумии Чин бунёд ёфтааст, яке аз бонуфузтарин корхона аз ҷиҳати иқтидори истеҳсолию технологӣ дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад, ки бо пешрафтатарин технологияи инноватсионии коркарди пахта,

ки аз ширкатҳои бонуфузи Чин, Олмон ва Шветсария дастрас гардидаанд таъмин мебошад. Ҳоло дар корхона таҷҳизотҳо барои бофандагӣ, рангуборкунӣ ва дузандагӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд, ки 190 ададашро дастгоҳои дӯзандагӣ, 1 адад мошини худкори буранда, 2 адад дастгоҳи тарроҳӣ, 1 дастгоҳи гулдузӣ ва 3 ададашро дастгоҳи дарзмолкунӣ ташкил медаҳад.

Марҳилаи аввали фаъолияти корхонаи мазкур бо иқтидори коркарди 10 ҳазор тонна пахта ва истеҳсоли 7600 тонна риштаи баландсифат, моҳи августи соли 2016 бо иштироки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди истифада қарор дода шуд. Соли 2018 марҳилаи дуюми он бо иқтидори истеҳсолии наздик ба 15 ҳазор тонна коркарди нахи пахта ва истеҳсоли 7600 тонна ришта дар як сол ва марҳилаи сеюм бошад бо 11 дастгоҳи рангуборкунӣ, ки аз ҷиҳати экологӣ тоза ва дар сарфаи қувваи барқ каммасраф мебошанд ва истеҳсоли солонаи он дар рангуборкунии матоъҳои газвор зиёда аз 3000 тоннаро ташкил медиҳад муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

То имрӯз аз ҷониби корхона 183 ҳазор дона либосҳои гуногун, 37,2 тонна матоъҳои рангуборшуда 50,14 тонна газвор ва 5 миллиону 35 ҳазор метри мураббаъ матои кешбофӣ, истеҳсол шудааст. Маҳсулоти истеҳсолшудаи корхона бештар ба мамлакатҳои Русия, Беларусия, Туркия, Полша, Чину Покистон ва Озарбойҷон содир карда мешаванд, ки аз ҳисоби даромади корхона аз соли 2016 то имрӯз ба буҷети давлат беш аз 150 миллион сомонӣ маблағ ворид гардидааст. Дар чор марҳилаи фаъолияти корхона 1250 нафар коргар ҷалб шудааст, ки дар оянда имкон аст, бо баланд бардории иқтидори истеҳсолии корхона ва ташкили 3 басти корӣ шумораи кормандон ба 2000 нафар баробар карда шавад, [7].

Ба анҷом расидани марҳилаи сеюм ва чоруми лоиҳаи насоҷии ҶСП "Ҷунтай-Данғара, Син Силу Текстил" ва "Парки кишоварзию саноатии нассоҷии Ҷунтай Син Силу" Тоҷикистонро яке аз бузургтарин мамлакати кишт ва коркарди нахи пахта, ресандагӣ ва бофандагӣ дар Осиёи Марказию кишварҳои ҷаҳон муаррифӣ мекунад.

Корхонаи дигаре, ки дар сатҳи баланди инноватсионӣ таъсис ёфтааст ва яке аз калонтариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ин маҷмааи агросаноатии ҷорводории ҶДММ "Мармарӣ" дар ноҳияи Ёвон ба ҳисоб меравад. Маҷмаа барои парвариши чорвои гӯштӣ ва коркарди он таъсис додашуда ба технологияи пешқадами аврупоӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ сохта шудааст, ки ба 3 сар чорво 10 гектар замин рост меояд ва дар он 1000 сар парвариш карда мешавад. Инчунин, дар маҷмаа минтақаи санитарӣ барои 500 сар, коргоҳи хӯрокатайёркунӣ бо иқтидори 10 тонна соат, анбори нигоҳдории хӯроки чорво барои 4500 тонна, чуқурии нигоҳдории силос барои 21000 тонна сохта шудааст. Системаи гармидиҳӣ ва тоза намудани хонаҳо, минтақаи зоотехникӣ ва ветеринарӣ ба таври автоматӣ идора карда мешаванд. Ҳамчунин барои кам кардани арзиши ғизо, доруҳои байторӣ ва кам кардани талафоти чорво баҳисобгирии онлайн ва мониторинги саломатии ҳайвонот ба таври идоракунии рақамӣ ба роҳ монда шуда, дар ҳар сар чорво чипҳои хурд насб гардидааст. Идораи раванди баҳисобгирии муҳосибӣ тавасути барномаи "1С: Enterprise 8" бароҳ монда шудааст. Маҷмааи мазкур барои таъмини ғизо 800 гектар замини ноҳияи Ёвонро дар ихтиёир дорад, ки дар он ҷуворимаккаю чавдор барои силос, юнучқа ва гандум парвариш карда мешавад. Чорво бошад, аз кишварҳои Аврупо зотҳои абердин-ангус (сиёҳ ва сурх), кабуди Белгия, герефорд, лимузин, обрак, симментал, шалорало ва шведӣ, ки маъмултарин дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта ва ба шароити табиию иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошанд ворид карда шудааст. Вазни чорвои 16-18 моҳа вобаста ба зот 500-700 килограммро ташкил медиҳанд, [6]. Алҳол гӯшти ширкати "Мармарӣ" дар кишвар беназир буда, талабгорони зиёдеро ба худ ҷалб кардааст.

Ҳамунин, соли 2021 дар ноҳияи Данғара маҷмааи агросаноатии мурғпарварӣ ҶДММ "Мармарӣ" таъсис дода шуд. Барои сохтумони бинои инкубатор 1 гектар замин ҷудо гарида, масоҳати зери бинои инкубатор зиёда аз 2000 метри мурабба мебошад, ки

калонтарин инкубатор дар кишвар маҳсуб меёбад. Биноҳои он бо тарҳи муосири истеҳсолӣ ва иншооти ёрирасон бо насби техникаю таҷҳизоти навтарин ва ҷавобгуйи талаботҳои санитарию эпидемиологӣ сохта шудаан. Иқтидори солонаи барориши чуҷа дар инкубатор 5 миллион сарро ташкил медиҳад, ки аз ин 3 миллион сар ба мурғхонаи маҷмааи парандапарварии "Мармарӣ" барои парвариш таҳвил дода мешавад. Чуҷаҳои дигари корхона бошанд, барои таъмини дигар мурғхонаҳои кишвар ҳамчун чуҷаҳои хушзоти гӯштӣ пешниҳод мегарданд. Барои таҳвили чуҷаҳо ба мурғхона техникаи махсусгардонидашуда бо мақсади риояи талабот ва меъёрҳои муайянгардида дастрас карда шудааст. Таҷҳизотҳо ба ҳама талаботи замони имрӯза ҷавобгӯй буда, аз ширкатҳои бонуфузи Ҷумҳурии Мардумии Чин "ИАЙ Фарминг" (EI Farming), ки дар бозорҳои кишварҳои Аврупо ва Осиё мавқеи назаррас доранд, дастрас гардидаанд, [8].

Аз таҳлили вазъи кунунии корхонаҳои номбурда маълум мегардад, ки рушди соҳибкории инноватсионӣ дар соҳаи коркарди моҳсулоти кишоварзӣ ва истифодаи технорлогияи муосир дар шароити имрӯза мувофиқи мақсад буда, муҳимияти ташкили соҳибкории инноватсиониро дар фаъолияти корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ иникос менамояд.

Ҳамин тариқ, рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун раванди доиммо тағйирёбанда дар мавриди такмилёбии технологияҳои инноватсионӣ қарор дошта, натанҳо бо мақсади ба даст овардани самараи миқдорӣ, инчунин таъминкунандаи самараи сифатию меҳнатӣ ва рақобатнопазирии корхона баромад мекунад. Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун мамлакати рӯ ба инкишоф шинохта мешавад, соҳаи саноат ва зерсохторҳои он ба такмилдиҳии техникӣ ва истифодаи технологияи инноватсионӣ ниёз дорад ва барои дар амал татбиқ намудани соҳибкории инноватсионии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ истифодаи таҷрибаи илмию назариявӣ ва амалӣ оид ба масъалаи мазкур муҳим арзёбӣ мегардад.

Аз рафти таҳлил ва омӯзиши рушди соҳибкории инноватсионӣ дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ муайян карда шуд, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

1. Дар шароитеки рушди инноватсионӣ тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакатро фаро гирифтааст ва рӯз то рӯз талабот нисбат ба хизматрасонӣ ва маҳсулоти инноватсионӣ афзоиш меёбад, зарур аст корхонаҳои фаъолияткунанда ва дар оянда ба нақша гирифташудаи соҳаи саноат ва корхонаҳое, ки маҳсулоти кишоварзиро коркард мекунанд, дар шакли инноватсионӣ таъсис дода шаванд;
2. Маҳсулоти истеҳсолшуда, бо назардошати талаботи бозори дохилию хориҷӣ аз ҷиҳати миқдорӣ ва сифатӣ ва ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй истеҳсол карда шавад, то ки рақобатпазириро таъмин карда тавонад;
3. Дар тамоми самти фаъолияти корхонаҳо ҷиҳати баланд бардоштани хизматрасониҳои инноватсионӣ, соҳаҳои дахлдор ва корхонаҳоро зарур аст, ки бозомӯзии кадрҳоро дар кишварҳои хориҷа ба роҳ монда, тарзи сохтани барномаҳои идоракунии инноватсионӣ ва кор бо онро омӯхта, дар амал истифода намоянд;
4. Ҷиҳати ташаккул ва пешрафти соҳибкории инноватсионӣ дар мамлакат зарур аст, ки дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи лоиҳаи сармоягузориҳо оид ба ташкили корхонаҳои хурду миёнаи коркарди меваю сабзавот, равғани растанӣ, коркарди пӯст, коркарди шир ва маҳсулоти ширӣ, кокарди гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, фабрикаҳои паррандапарварӣ, хӯроки чорво, ба мақсад мувофиқ аст.

**Адабиёт:**


1. Ломакин В.К. Мировая экономика. Учебник для Вузов. – М.: 2004. – С. 130-158.
2. Намозализода Ш.Н. Рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии ДДМИТ дар мавзӯи "Рушди менеҷменти инноватсионӣ ва нақши он дар тадбиқи ҳадафҳои статегии кишвар" 29-октябри соли 2022.– Душанбе, 2022. – С.123-129.

3. Намозализода Ш.Н. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули стратегияи рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ. / Ш.Н. Намозализода // Паёми молия ва иқтисод. 2021. № 1 (25). С. 143-150.
4. Шумпетер Й. Теория экономического развития. – М.: Экономика, 1982, - С. 456.
5. Drucker, P.F. (1985) “The Practice of Innovation”, Innovation and Entrepreneurship Practice and Principles, Harper & Row, New York, pp. 19-33.
6. Манбаи электронӣ. https://meat.marmari.tj/(санаи муроҷиат 23.01.2023)
7. Манбаи электронӣ: https://medt.tj/ru/news/novosti-ministerstva-ekonomiki/2291-28-04-2022
8. Манбаи электронӣ. https://www.dushanbe.tj/articles/732-iftito-i-kompleksi-agrosanoatii-mur-parvarii-am-iyati-doroi-mas-uliyati-ma-dudi-marmar-dar-no-iyai-dan-ara (санаи муроҷиат 23.01.2023

## НАПРАВЛЕНИЯ И ФОРМЫ РАЗВИТИЯ КРЕДИТНЫХ ОТНОШЕНИЙ

**Рахимова А.В. – ст. преподаватель кафедры банковского дела ТГФЭУ**

Необходимость кредитных отношений в рыночной экономике очень актуальна. С одной стороны, у отдельных фирм, частных лиц и прочих участников рыночных отношений возникают временно свободные денежные средства. С другой стороны, у участников рыночных отношений возникает потребность в дополнительных средствах. Возникает противоречие, разрешимое с помощью кредитных отношений.

Объективной основой развития кредитных отношений является необходимость обеспечения бесперебойного воспроизводственного процесса путем перемещения свободных денежных средств, предоставленных в ссуду на условиях возвратности, срочности, платности.

С развитием товарно-денежных отношений и формированием рыночной экономической системы кредитные отношения получили неограниченные возможности для своего совершенствования. Возросла роль кредита в образовании финансового капитала, в регулировании пропорций в производстве, в процессе образования средней нормы прибыли.

Понятие «форма» применяется в процессе анализа содержания, а значит, тесно взаимодействует со структурой кредитных отношений. В обыденном употреблении форма обозначает наружный вид, образ, с философских позиций форма есть способ осуществления и выражения содержания. Форма кредита как термин широко используется экономической наукой для анализа кредитных отношений. Прежде чем приступить к их рассмотрению, заметим, что, обладая теми или иными формами, кредит сам является формой более общих обозначений. К. Маркс сделал вывод: «…пока продолжает существовать капиталистический способ производства, продолжает существовать, как одна из его форм, и капитал, приносящий проценты» [ т 3., ч2.,стр. 157].

Кредитные отношения, как всякие экономические отношения, носят исторический характер, то есть они изменяются под влиянием развития производственных отношений. Кредит получает свое выражение в формах, каждая из которых представляет собой ту или иную грань сложного комплекса общественных отношений, возникающих в процессе воспроизводства. **Форма кредита -** это, с одной стороны, отражение сущности кредита, а с другой - отражение взаимосвязи собственно кредитных отношений с предметной стороной кредитной сделки.

Критерием истинности наших знаний о кредите, формах кредита является практика их использования. Наука возникает под влиянием практических потребностей общества и для удовлетворения его определенных нужд. Причем чем быстрее на практике выявляются новые требования, чем быстрее формы кредита

приводятся в соответствие с этими требованиями, тем шире проявляется положительная роль кредита в развитии экономики. Многие явления экономической жизни, меняя сущность явлений, не оставляют неизменной и наиболее консервативную часть - форму их существования. Соответственно меняются определения и дефиниции, выражающие наиболее существенные черты содержания изучаемого явления.

В русском языке слово «форма» означает способ существования содержания, неотделимый от него и служащий его выражением, а также внешнее очертание, наружный вид предмета.

В связи с этим заслуживает внимания представленная современным исследователем Ю.Е. Шенгером трактовка формы кредита как совокупности ряда элементов, определяющих основные черты кредитного отношения, находящихся во взаимной связи и рассчитанных на конкретный тип кредитного отношения.

Наиболее существенными из них признавались следующие:

1) объекты кредитования;
2) порядок выдачи и погашения кредитов;
3) регулирование размера кредита;
4) организация контроля за правильностью использования кредитов[ стр. 269].

В публикациях советского периода традиционно приводились формы кредитных отношений по кредиторам (государственный кредит, банковский кредит) и по объектам: основной и оборотный. Но и в советской экономической науке не было единства в понимании специальных терминов.

В экономической литературе упоминаются следующие формы.

З.С. Каценеленбаум, например, выделял коммунальный, частнохозяйственный, кооперативный кредит [ стр.62]. К коммунальному кредиту он относил кредит, спрос на который предъявляли органы местного самоуправления, города, сельские общества. К частнохозяйственному кредиту, в зависимости от сферы хозяйства, относили ссуды, получаемые торговлей, промышленностью и сельским хозяйством.

Так, российский исследователь в области экономической теории Ю.Е. Шенгер еще в начале 1960-х гг. писал о неразберихе в терминах «форма кредита», «вид кредита», «метод кредитования», «порядок выдачи ссуд».

Автор дифференцировал следующие формы кредитных отношений:

1) прямое банковское кредитование (аккумуляция средств банками и предоставление ими кредитов предприятиям);
2) косвенное банковское кредитование;
3) натуральные кредитные отношения;
4) аккумуляция сбережений населения через сберкассы;
5) государственные займы;
6) продажа в кредит населению товаров длительного пользования;
7) ссуды ломбардов;
8) ссуды касс взаимопомощи;
9) ссуды госстраха под страховые полисы [стр.40].

В классификации кредита, предложенной Ф.С. Масарыгиным, в составе международного кредита в денежной форме выделены межправительственный кредит, межгосударственные валютные и финансовые кредиты [стр.29]. Своеобразие данных ссуд автор видит в субъектах отношений, которыми выступают правительства (государства).

С натурально-вещественной стороны кредит функционирует в двух формах - товарной и денежной. В первом случае ссужаемая стоимость предоставляется в форме товарных масс, поступающих в распоряжение заемщика. Во втором - стоимость ссужается в форме денег. Товарная форма исторически более ранняя, для современного этапа развития характерна форма денежного кредита.

С позиции структуры кредитных отношений (субъектов кредита и ссуженной стоимости) к формам необходимо отнести: банковский, межхозяйственный,

государственный кредит и кредит населению. В данной классификации особое значение имеют не только субъекты кредитных отношений, но и характер ссужаемой стоимости, а также ее целевое назначение. Как для сущности кредита принципиальное значение имеет использование ссуженной стоимости, так и для формы кредита целевое назначение кредита оказывается решающим. Получить ссуду может и банк, и государство, и предприятие, и население, но от того, как используются средства кредитора, в конечном счете, зависит самостоятельность существования той или иной формы кредита.

По мнению профессора Г. С. Пановой, формы проявления кредита как экономической категории можно классифицировать по разным признакам:

а) в зависимости от материально-вещественной природы различают товарную, денежную и смешанную форму кредита;

б) по функциональному признаку (с точки зрения удовлетворения потребностей экономики и клиентов банка) - потребительную и производительную формы;

в) по субъектам кредитной сделки различают такие формы кредита, как юридическим и физическим лицам, а более подробно: ростовщический, коммерческий, банковский, государственный, потребительский, ипотечный, международный» [стр. 27].

Таким образом, кредитные отношения между кредитором и заемщиком могут приобретать различные формы. На наш взгляд, необходимо остановиться на рассмотрении таких форм кредитных отношений, как: потребительский кредит, коммерческий кредит, банковский кредит, ипотечный кредит, инвестиционный кредит.

Таким образом, конкретная форма кредита зависит от потребности заемщика, определяется соглашением сторон.

***Список использованной литературы***


1. К.Маркс, Капитал М.: т 3. ч. 2.стр. 157
2. **Каценеленбаум З.С.** Учение о деньгах и кредите. Ч. 2. Кредит и кредитные учреждения / Ярославский сельскохозяйственный и кустарно-промысловый союз кооперативов. Ярославль, 1922. С. 62.
3. **Масарыгин Ф.С.** Кредитная система СССР. М.: Изд-во МГУ, 1974. С. 29.
4. **Панова Г.С.** Кредитная политика коммерческого банка. М.: ИКЦ «ДИС», 1997. С. 27.
5. **Шенгер Ю.Е.** Очерки советского кредита. М.: Госфиниздат, 1961. С. 269.


## РОҲҲОИ ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Аҳадов И.Қ. – муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ**


Дар шароити имрӯза категорияҳои «субот», «устуворӣ» ва «эътимоднокӣ» дар низоми бонкӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Яъне, имрӯз мафҳуми «суботи бонкӣ» бештар дар мафҳуми суботи молиявии он истифода мешавад. Дар баробари ин устувории молиявии бонкро ҳолат ва сохтори дороиҳо, самаранокии фаъолият ва кифоятии сармоя муайян мекунад. Инчунин тобоварии молиявии бонк аз қобилияти зуд мутобиқ шудан ба тағйиротҳои ногаҳонӣ дар сиёсати фоизӣ ва пардохти уҳдадориҳо вобаста аст.

Суботи молиявӣ ҳолатест, ки дар он ҳамаи бахшҳои низоми молиявӣ (бозорҳои молиявӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва сохтори молиявӣ) муътадил ва бе осебпазирӣ фаъолият намуда, дар муқобили таъсири хавфҳо ва шокҳои берунӣ сатҳи баланди истодагариро таъмин менамоянд [4].

Тағйироти куллие, ки дар солҳои охир, махсусан баъд аз солҳои 2014-2015 ба рушди низоми бонкии кишвар нигаронида шудааст, натиҷаҳои интизориро медиҳанд. Чунки дар низом ташкилотҳои қарзии ноустувор ва рақобатнопазир кам гардида, дар бозори бонкӣ танҳо ташкилотҳои қарзии устувор боқӣ монданд. Инчунин бар замми он ки шумораи онҳо кам гардид, аммо дар нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ

тағйиротҳои мусбат ба чашм мерасанд, аз қабили афзоиш ёфтани ҳаҷми дороиҳо, сармоя, қарзҳо ва ғайра(ниг. ба ҷадвали 1). Гуфтан мумкин аст, ки дар кишвар имконияти ташкил намудани низоми васеи бонкӣ вуҷуд дорад ва эътимоднокии онро бо ташаккул додани ҳаҷми дороиҳо зиёд намудан мумкин аст.

**Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои устовории низоми бонкӣ**

| Нишондиҳандаҳо (1) | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| . **Меъёри кифоятии сармоя** | | | | | | | |
| СТ нисбат ба дороиҳо бо назардошти хавф баркашидашуда | 13,1 % | 17,0 % | 22,9 % | 22,1 % | 19,9 % | 18,2 % | 23,4 % |
| СТ дараҷаи 1 нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда | 10,6 % | 26,7 % | 28,1 % | 29,2 % | 26,3 % | 23,5 % | 19,0 % |
| . **Сифати дороиҳо (2)** | | | | | | | |
| Қарзҳои ғайрифаъол тарҳи фондҳои ташаккулдода нисбат ба СТ | 66,7 % | 105, 5% | 36,6 % | 23,1 % | 19,0 % | 16,2 % | 3,2 % |
| Қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба | 26,3 | 47,6 | 36,5 | 31,1 | 27,0 | 23,8 | 13,7 |
| . **Даромаднокӣ** | | | | | | | |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA) | 0,8 | - | 0,5 | 1,9 | 2,1 | 2,5 | 1,1 |
| Даромаднокии сармоя (ROE) | 5,5 | - | 1,7 | 7,0 | 7,6 | 9,1 | 4,8 |
| Даромади фоизии холис нисбат | 52,2 | 63,7 | 65,2 | 65,3 | 66,3 | 73,5 | 60,9 |
| Хароҷотҳои ғайрифоизӣ | 63,7 | 131, | 61,7 | 56,0 | 60,2 | 61,9 | 64,6 |
| . **Пардохтпазирӣ** | | | | | | | |
| Дороиҳои пардохтпазир нисбат | 24,1 | 30,9 | 30,1 | 30,8 | 27,7 | 30,0 | 31,9 |
| Дороиҳои пардохтпазир нисбат | 70,4 | 83,9 | 73,8 | 72,3 | 67,4 | 70,5 | 87,7 |
| . **Ҳассосият ба хавфи бозорӣ** | | | | | | | |
| Мавқеи кушодаи асъории | - | - | - | - | - | - | 4,7 |
| . **Иловагӣ** | | | | | | | |
| Сармояи тавозунӣ нисбат ба дороиҳои умумӣ | 12,1 % | 25,5 % | 26,6 % | 27,0 % | 27,4 % | 26,3 % | 20,9 % |
| Қарзҳои калон нисбат ба сармояи танзимшаванда | 139, 9% | 132, 0% | 72,2 % | 62,9 % | 71,8 % | 73,5 % | 68,0 % |
| Даромад аз амалиётҳои савдо ва фурӯш нисбат ба даромади умумӣ | 11,9 % | - 6,5 % | 11,2 % | 15,7 % | 14,3 % | 6,1 % | 7,8 % |
| Хароҷотҳои кормандон нисбат ба хароҷотҳои ғайрифоизӣ | 56,8 % | 55,3 % | 56,9 % | 58,7 % | 60,0 % | 58,6 % | 58,7 % |
| Амонатҳо нисбат ба сандуқи қарзии умумӣ | 78,6 % | 96,4 % | 111, 8% | 115, 4% | 102, 5% | 107, 6% | 87,2 % |
| Қарзҳои калон нисбат ба сармояи танзимшаванда | 139, 9% | 132, 0% | 72,2 % | 62,9 % | 71,8 % | 73,5 % | 68,0 % |
| Амонатҳо нисбат ба сандуқи қарзии умумӣ | 78,6 % | 96,4 % | 111, 8% | 115, 4% | 102, 5% | 107, 6% | 87,2 % |

**Сарчашма:** дар асоси маълумотҳои https://nbt.tj/tj/suboti-moliyavi /FSI%204Q2022%20tj.pdf.

(1) Нишондиҳандаҳо тибқи Роҳнамои ҷамъоварии нишондиҳандаҳои устувории молиявии ХБА ҳисоб карда шудаанд.

(2) Ба қарзҳои ғайрифаъол маблағи сандуқи қарзӣ ва қарзҳои байнибонкӣ дохил мешаванд, ки зиёда аз 30 рӯз ба таъхир афтодаанд.

(3) Фоида (пеш аз пардохти андоз) бо ифодаи солона нисбат ба дороиҳо ё сармояи миёна.

Нишондиҳандаҳои дар ҷадвали мазкур овардашуда гувоҳи онанд, ки дар низоми бонкии кишвар пас аз бухрони молиявии ҷаҳонӣ, ки пас аз соли 2015 авҷ гирифта буд ва ба ин соҳа монеаҳои зиёдеро ба вуҷуд овард, пешравиҳои назаррас ба чашм мерасанд. Аз қабили кифоятии сармоя дар ин давра хуб ба назар мерасад, ки аз ҳолати пасттарин дар соли 2015 то ба ҳолати кифоятӣ дар соли 2021 омада расидааст ва аз меъёри муайянкардаи Бонки миллии Тоҷикистон хеле боло мебошад. Яъне ташкилотҳои қарзӣ сармояи танзимшавандаи худро нисбат ба дороиҳо бо назардошти хавф баркашидашуда ба танзим дароварда, уҳдадориҳои худро низ кам намуданд.

Дар солҳои 2015-2016 қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба қарзҳои умумӣ, ки аз 21,2% ба 47,6% рафта расид ва ин сифати сандуқи қарзии бонкҳоро хеле паст намуда, боварии мизоҷонро низ ба бонкҳо коста гардонид. Дигар ин қарзҳои калон нисбат ба сармояи танзимшаванда, ки ин аз 80,1% ба 139,9% омада расид, ки ин ҳам дар таъмини устувории молиявии бонк хатарнок ба ҳисоб меравад. Аммо дар соли 2021 бошад ин нишондиҳандаҳо, яъне қарзҳои ғайрифаъол тарҳи фондҳои ташаккулдода нисбат ба сармояи танзимшаванда ба 3,2% ва қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба қарзҳои умумӣ ба 13,7% омада расид.

Даромаднокии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳо (ROA) ва даромаднокии сармоя (ROE) бошад, ҳарчанд ки дар солҳои аввал рӯ ба пастравӣ ниҳода бошад (дар соли 2016 даромаднокии дороиҳо (ROA) ба -2,8% ва даромаднокии сармоя (ROE) ба -21,0% баробар гардида буд), дар солҳои баъдӣ муътадил ба назар мерасанд.

Ҳолати пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, яъне дороиҳои пардохтпазир нисбат ба дороиҳои умумӣ ва уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат низ 31,9% ва 87,7% баробаранд, ки ин аз ҳолати хуби ташкилотҳои қарзӣ шаҳодат медиҳад.

Вазъи низоми бонкӣ муҳимтарин нишондиҳандаи амнияти иқтисодии ҳар як кишвар, минтақа ва бахши бонкӣ омили таъмини рушди устувори иқтисодиёт мебошад [1, 2].

Баланд бардоштани устувории молиявӣ бо истифода аз истифодаи самараноки дороиҳо масъалаи мубрам ва саривақтӣ барои низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад ва онро бо роҳҳои гуногун, яъне, бо роҳи ҷалб кардани манбаъҳои маблағгузорӣ дар самти зиёд кардани манбаъҳои устувортар ва кам кардани қарзи кредиторӣ ва инчунин, бо роҳи ба гардиш даровардани дороиҳои даромадашон паст ҳал намудан мумкин аст.

Вобаста ба ин тадбирҳои мушаххасе, ки метавонанд аз ҷониби бонк ва муассисон пешниҳод карда шаванд, инҳоянд:

- афзоиши сармояи худӣ аз ҳисоби фоидаи тақсимнашуда. Инчунин таҳия намудани сиёсати дивидендӣ, ки рушди бонкро аз ҳисоби фоидаи тақсимнашуда таъмин менамояд;

–самаранокии истифодаи дороиҳо, он аз рӯи нақша, мунтазам амалӣ карда шавад. Аз ин ҷо зарурати банақшагирии фаъолияти идоракунӣ дар бонк ба вуҷуд меояд, яъне сафарбар намудани уҳдадориҳо ба амалиётҳои активии даромаднок;

- зиёд намудани сармояи оинномавӣ аз ҳисоби моликон ва барориши саҳмияи иловагӣ;

## АДАБИЁТ

1. Kumar K., Prakash A. Developing a framework for assessing sustainable banking performance of the Indian banking sector. *Social Responsibility Journal*. 2019;15(5):689–709. DOI: 10.1108/SRJ-07–2018–0162. С.2.

2. Қоидаҳои муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз, аз 30 ноябри соли 2018 таҳти №163. С.4-5.

3. Рахимов З.А. Развитие банковской системы Таджикистана в условиях переходной экономики. Диссертация на соискание ученой степени д. э. н. по спец. 08.00.10 -

Финансы, денежное обращение и кредит.- Москва 2003. – С.126.
4. Сомонаи интернетии http://www.nbt.tj.

## РАВИШИ СИЁСАТИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР РУШДИ БОЗОРИ САРМОЯИ МОЛИЯВӢ

**Азизқулов Б.Ҷ. – муаллими калони кафедраи молияи ДДМИТ**

*Мақсади тадқиқот таҳлили ҷанбаҳои асосии сиёсати нави сармоягузорӣ хориҷи, ки ба ҳимоя ва пешбурди сармоягузории хусусӣ афзалият медиҳад. Муваффақияти тадқиқот дар ҷустуҷӯи манбаъҳои маблағгузории нав, ба истиснои буҷетӣ барои иҷрои вазифаҳои бузурги давлатӣ ва лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ вобаста аст. Ҷалби сармояи хориҷи дар шароити тағйирёбандаи ҷаҳонии сармоягузорӣ ба як вазифаи муҳими ҳукуматҳои миллӣ табдил меёбад ва аз ин рӯ, дур шудан аз протекционизми сармоягузорӣ ба самти ҳифз ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ зарур аст.*

***Калимаҳои асосӣ:*** *сармоягӯзорӣ, муҳити сармоягузорӣ, имкониятҳо, афзалиятҳо, сармоягузорӣ хориҷи, нуқсонҳо, сармоягузории мустақим, сармоягузории ғайримустақим.*

Иқтисодиёти Тоҷикистон ба иқтисодиёти кушоди хурд мансуб аст. Бино ба ин шароит, тағйир додани нишондиҳандаҳои бозори дохилии сармоя (масалан, дараҷаи фоизи дохилӣ) ба ҷалби сармояи хориҷӣ таъсир расонда наметавонад. Дар ҷалби сармояи хориҷӣ омилҳои макроиқтисодӣ, аз он ҷумла ғунҷоиши бозори дохилӣ, устувории қурби асъор, босуботии сиёсӣ, инчунин дараҷаи инкишофи инфрасохтор ва нишондиҳандаҳои бозори меҳнат, мавқеи муҳимтар доранд. Дар ин қисмати кор масъалаҳои ҷалби инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ (ИМХ) ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зери омӯзиш қарор дода шудаанд. омӯзиши ин масъала танҳо бо таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар самти ҷалби ИМХ маҳдуд набуда, балки кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки дар доираи сиёсати макроиқитисодии давлат низ ин масъала дида шавад. Бо баробари ин масъалаҳои тағйир додан ва такомули иқлими сармогузорӣ дар самти шаффофиятӣ ва пешгӯишаванда, бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ, зери омӯзиш қарор дода шудаанд.

Инвеститсия ин: ихтиёрии бевоситаи (пурра ё қисман) ширкати хориҷии фаръӣ, Созишнома оид ба ҳамкорӣ ё корхонаи муштарак бо ширкати хориҷии фаръӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаи асосие, ки дар ин ҳолат баррасӣ мегардад – ин ҳиссаи инвестори хориҷӣ дар ширкат мебошад. Дар кулли мамлакатҳо (аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон), агар инвестори хориҷӣ беш аз 25% ҳиссаи корхонаро сармоягузорӣ намуда бошад, он гоҳ ин ба ИМХ мансуб дониста мешавад.

Корхона бо инвеститсияи мустақими хориҷӣ дар шаклҳои гуногун вуҷуд дошта метавонад:

- филиал ё шуъбае, ки пурра ба ширкати модарии (Ширкати фаромиллалӣ) ба сифати инвестори мустақим баромадкардаистода таалуқ дорад, ва шахси воқеӣ нест;
- ширкати фаръӣ бо баланси худ ва ҳамчун шахси воқеъӣ вале ширкати модарии ба сифати инвестори мустақим баромад кардаистода ва беш аз 50% саҳмия ва ҳиссаи сармояи онро дар дасти худ дошта, назорат менамояд;
- ширкати ҳамкор (ассоциирования), ки дар сармояи он инвестори мустақими хориҷӣ камтар аз 50% ҳисса дорад ва вобаста ба тақсими сармоя байни саҳомдорон, ҳуқуқи идоракунӣ дорад;
- ба корхонаҳои ба инвестори хориҷӣ алоқамандӣ дошта инчунин он корхонаҳое дохил мешаванд, ки дар он ширкати модарӣ ҳиссаи сармоя ё саҳмия надорад, лекин онро мутобиқи шартнома оид ба идоракунӣ, истеҳсолоти муштарак дар доираи таҳвили ашё, технология ва ғайра, истиғроҷи якҷояи захираҳои табиӣ, назорат менамояд. Дар ин ҳолат назорат дар асоси шаклҳои ғайрисаҳомии моликият амалӣ мегардад.

Кушодашавии бозории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ на танҳо ба инкишофи алоқаҳои беруниқтисодӣ дар самти савдо, балки дар самти инвеститсия низ мусоидат кард. Инвесторҳои хориҷӣ сармояи худро ба иқтисодиёти Тоҷикистон

бештар дар шакли инвеститсияи мустақим бо роҳи таъсиси корхонаҳои муштарак мегузаранд.

Рушди сармояи мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон – воқеияти мусоид аст. Назар ба инвеститсияҳои ҷузъӣ ва дигар инвеститсиҳо, ки арзишҳои пулии баргардонидашаванда ва мӯҳлатноканд, инвеститсияҳои мустақим бо инкишофи сектори ҳақиқии иқтисодиёт, технологияҳои пешқадам ва истифодаи воситаҳои муосири менеҷмент ва маркетинг алоқамандии зич дорад.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2021-ум, 428,4 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 162,5 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақим ва 265,9 млн. доллари ИМА қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида мебошанд.

**Диаграммаи 1.-Ҷалби сармояи хориҷӣ дар соли 2021 (млн. доллари ИМА)**




Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки воридоти сармоягузории мустақим нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 183,3 млн. доллари ИМА ё 53% коҳиш ёфтааст.

Сармояи мустақим асосан ба соҳаҳои саноати коркард – 8,6 млн. дол. ИМА (5,3%), саноати истихроҷи маъдан – 103,6 млн. дол. ИМА (63,7%), фаъолияти молиявӣ ва ҳаргуна хизматрасонии тиҷоратӣ – 3,6 млн. дол. ИМА (2,2%), нақлиёт ва алоқа – 14,5 млн. дол. ИМА (8,9%), сайёҳӣ – 10,4 млн. дол. ИМА (6,4%), саноати сохтмон – 4,1 млн. дол. ИМА (2,5%) ва ғайраҳо – 17,7 млн.доллари ИМА (10,9%) равона карда шудаанд.

**Диаграммаи 2.-Ҷалби сармояи мустқими хориҷӣ ба соҳаҳо (млн. доллари ИМА)**




Дигар намуди сармоя аз ҷумла, қарзҳо ба соҳаҳои саноат – 1,1 млн. доллари ИМА (0,4%), хизматрасонии молиявӣ – 168,4 млн. доллари ИМА (63,3%), сохтмон – 40,9 млн. доллари ИМА (15,4%), нақлиёт ва алоқа – 0,2 млн. доллари ИМА (0,1%) ва дигар соҳаҳо – 55,3 млн. доллари ИМА (20,8%) равона гардидаанд.

**Диаграммаи 3.-Ҷалби сармояи хориҷӣ аз рӯи дигар намуди сармоягузорӣ (млн. доллари ИМА)**




Дар соли 2021 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сармояи мустақими хориҷӣ бештар аз ҷониби **Ҷумҳурии Халқии Хитой – 120,3 млн. долл. ИМА – 74%** (хизматрасонии молиявӣ, алоқа, сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноати сохтмонӣ, истихроҷ ва истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ ва газӣ), **Федератсияи Россия – 14,0 млн. долл. ИМА – 8,6%** (хизматрасонии молиявӣ, алоқа, сохтмон), **Кипр – 8,2 млн. долл. ИМА – 5,1%** (хизматрасонии молиявӣ), **Туркиё – 7,8 млн. долл. ИМА – 4,8%** (саноати коркард, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ), **Швейтсария – 5,9 млн. доллари ИМА – 3,7%** (хизматрасонии молиявӣ), **Фаронса – 3,2 млн. доллари ИМА – 2,0%** (хизматрасонии молиявӣ), **Шоҳигарии Британияи Кабир – 0,9 млн. долл. ИМА – 0,5%** (хизматрасонии молиявӣ, саноат, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ) ва аз ҷониби дигар давлатҳо бошад – 2,2 млн. долл. ИМА – 1,3% ворид гардидааст.

Дар соли 2021 воридоти сармояи мустақими хориҷӣ бештар ба шаҳри Душанбе – 39,9% (64,9 млн. долл. ИМА), Вилояти Суғд – 49% (79,6 млн. долл. ИМА), Вилояти Хатлон –9% (14,7 млн. долл. ИМА), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 1% (1,6 млн. долл. ИМА) ва ба ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад – 1,1% (1,8 млн. долл. ИМА) равона гардидааст.

**Диаграммаи 4.-Ҷалби сармояи хориҷӣ ба минтақаҳо** (млн. доллари ИМА)




Таъсири сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон хеле зиёд аст ва инро дар ҳар қадам ба қадам ҳис карда метавонем. Мисли оне, ки агар сармоягузори хориҷӣ дар ягон

корхонаи хурди давлат сармоягузорӣ намояд дар оянда дидан мумкин аст, ки корхона аз ҷиҳати сифати маҳсулоти истеҳсолшуда нисбат ба дигар корхонаҳои бе сармояи хориҷӣ амал кунанда фарқи калон дорад. Мисоли ин бисёр корхонаҳо ба монанди корхонаи ширбарории шаҳри Душанбе, обҳои ошомиданӣ ва ғайраҳо шуда метавонанд. Агар сармоягузорӣ зиёдтар дар давлат дар тамоми соҳаҳо чӣ иктисодию чӣ иҷтимоӣ шавад мо метавонем дар тақсимоти байналхалқии меҳнат камтарак ҳам бошад мавқеи худро мустаҳкам намоем.

Аммо боз як қатор проблемаҳое ҳастанд, ки метавонанд раванди сармоягузориро дар мамлакат боз медоранд яъне проблемаҳои дохилӣ:

- раванди хусусигардонии корхонаву муассисаҳо ба ҳавасмандкунии инвеститсионӣ равона нест;
- хурдшавии фондҳои асосии истеҳсолӣ ва ҳосилнокии меҳнат ҳиссаи зиёди хароҷотҳо ба сармоя дар ҳаҷми умумии истеҳсол корхонаҳои истеҳсолӣ сармояро дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ бо нархи баланди бозорӣ мехаранд;
- дар соҳаи истеҳсолӣ фаъолнокии пасти сармоягузорӣ ба назар мерасад;
- технологияи навин дар раванди истеҳсолот истифода намешавад ё ки дар миқдори кам истифода мешавад. Бо баробари ин фаъолияти навоварӣ дар ин гуна корхонаҳо паст аст сиёсати буҷавӣ ва пулию – қарзӣ дар Тоҷикистон фаъолияти сармоягузориро ҳавасманд намегардонад. Ҳиссаи баланди андозситонӣ дар хароҷоти корхонаҳо, нигоҳ доштани миқдори пул дар гардиши иқтисодӣ ва фоизи баланди қарзҳои бонкҳои дохилӣ раванди инвеститсиониро дар Тоҷикистон бозмедорад.

Инчунин дигар инвеститсияҳои хориҷӣ дар натиҷаи мубодилаи байналхалқии “ноу-хау” дар шакли таҷрибаи идоракунӣ, технология, нишонаи тиҷоратӣ, ки барои истеҳсоли маҳсулоти иқтисодиёти миллӣ имконотнадошта шароит фароҳам меорад, ба мамлакати қабулкунанда фоидаи потенсиалӣ оварда метавонанд. Аз тарафи дигар бартариҳои ширкати хориҷӣ дар бозори миллӣ инконият медиҳад, ки фоидаи инҳисорӣ ба даст орад. Барои як қатор мамлакатҳо истеҳсоли маҳсулоти муайян масалан дорувори бе мубодилаи “ноу - хау” - хориҷӣ ғайриимкон аст. Дар ин ҳолат сармояи хориҷӣ барои иқтисодиёти миллӣ дар ҳақиқат манфиатнок аст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки барои иқтисодиёти Тоҷикистон барои истеҳсоли дорувории сифаташ баланд ҳатман ширкати хориҷӣ зарур аст. Чунки иқтисодиёти худи мо ба ин ҳолат тобовар нест аз ин рӯ бояд дар соҳаи тандурустӣ бисёртар сармоягузорӣ карда шавад.

***Адабиёт:***


*1. Омори Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*2. Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон 2021.*
*3. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори вилояти Хатлон. Қурғонтеппа, 2021.*
*4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 декабри соли 2022.*
*5. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - www.president.tj.*
*6. Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - www.stat.tj.*
*7. Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - www.amcu.gki.tj.*


## ТАЪСИРИ ХАВФҲОИ БОНКИ ВА ИДОРАКУНИИ ОН ДАР ҶУМУҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


***Шарифзода Г. М.*** *– ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ*



*Дар шароити имрӯзаи рушди муносибатҳои иқтисодии гуногун ҷанба ва васеъ шудани доираи фаъолияти низоми бонкӣ зарурияти дуруст муайян намудани стратегия ва сатҳи хавфҳои бонкӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, муаллиф дар ин радиф, баъди таҳлили як қатор нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ таклифҳои пешниҳодшуда ба ҳалли як зумра мушкилотҳои низоми бонкӣ мусоидат менамояд.*



***Калидвожаҳо:*** *низоми бонкӣ, хавфҳои бонӣ, хавҳои қарзӣ, амнияти иқтисодӣ,*

*сиёсати макропруденсалӣ, кифоятии сармоя, дороиҳои бонкҳо, бӯрони молиявӣ,ташкилоти қарзӣ.*

Аз лиҳози асоси иқтисодии воқеӣ қарздиҳанда чунин соҳаҳои гузоштани воситаҳои қарзӣ, нишондиҳандаҳои миқдории қарз, усулҳои пардохти он, шартҳои созишномаи қарзиро интихоб менамояд, ки барои саривақт ва пурра баргардондани арзиши ба қарз додашуда заминаҳо пайдо шаванд. Лекин бозгашти арзиши номбурда аз қабили пардохт будани қарзгиранда, ки онро дар фаъолияти худ истифода менамояд, умуман аз вазъи иқтисодии бозори пул вобаста мебошад.

Шакли кам кардани хавфи қарзӣ гуфта, сарчашмаи мушаххаси адокунии қарзи мавҷуда ва расмикунонии ҳуқуқи назорати бонк аз болои кифоягӣ ва қобили қабул будани ин сарчашмаро фаҳмидан лозим аст. Агар механизми адокунии қарз аз ҳисоби фурӯши мол ва муқарраркунии он созишномаҳои қарзӣ заминаи асосии баргардондани қарз бошад, онгоҳ муайянкунии шаклҳои таъмини бозгашти қарз кафолати баргардонии он ба ҳисоб меравад.

Идоракунии хавф – ин ҷараёни коркарди созиш, ки барои ноил гаштан ба тавозуни фоидаҳо аз ҳисоби кам кардани хавфҳо ва хароҷотҳои ба он зарура ва қабули қароҳои лозима равона карда шудааст.

Дар шароити муосир таҳқиқи ин хавфи қарзӣ хеле зарур аст, зеро такмили низоми қарзӣ дар нигоҳ доштани Ҷараёнҳои номатлуб, ба мисли хаиари қарзӣ дар инкишофи иқтисоди Ҷумҳурии мо, таъмини бомуваффақият воридшавии он ба низоми ҷаҳонӣ таъсири бевосита дорад.

Низоми қарзӣ қисми даромадноктарини тиҷорати низоми бонки ба ҳисоб меравад. Аз ҳисоби ин сарчашма қисми асосии фоидаи соф ташкил меёбад, ба фондҳои захиравӣ гузаронида мешавад ва барои пардохти дивидендҳои саҳҳомони бонк сарф мегардад.

Барои омӯзиш ва пайдо намудани фаҳмиш оид ба моҳияти хавфи қарзӣ моро зарур аст, бо истилоҳи он шинос гардем. Дар китоби луғати мухтасари истилоҳоти бонкдорӣ истилоҳи хавфи қарзиро чунин шарҳ дода шудааст: Хавфи қарзӣ (кредитный риск) - хавфи ӯҳдадории худро иҷро накардани як тараф аз рӯи ҳуҷҷати молиявӣ ва дар натиҷа ба вуҷуд омадани зарари молиявӣ ба тарафи дигар [3, с. 22].

Дар китоби иқтисодони Ҷумҳурии Тоҷикистон Менгниев А.Х, Шобеков М.Ш, Мирзоалиев А хавфи қарзӣ чунин оварда мешавад: “Хавфи қарзӣ - хавфи ӯҳдадории худро иҷро накардани як тараф аз рӯи ҳуҷҷати молиявӣ ва дар натиҷа ба вуҷуд омадани зарари молиявӣ ба тарафи дигар” [2, с.19].

Хавфи қарз хусусияти асосии муносибатҳои қарзӣ буда дар механизми муайян ифода меёбад. Ин механизм аз ду ҷиҳат асоснок мегардад: аз як тараф дар ҷараёнҳои иқтисодии марбути ҳаракати баргардонидани қарз, аз тарафи дигар – дар муносибатҳои ҳуқуқии қарздиҳанда ва қарзгир, ки аз мавқеи онҳо дар созишномаи қарзӣ бармеоянд.

Асоси иқтисодии кам шудани хавфи қарзиро гирдгардиш ва ҳаракати воситаҳои аъзоёни ҷараёни такрористеҳсолот, инчунин фаъолияти қонунии қарз ташкил медиҳанд. Аммо мавҷуд будани асоси иқтисодии воқеии хавфи қарз маънои онро надорад, ки ин ҷараён худ ба худ таъмин мегардад. Танҳо идоракунии мақсадноки ҳаракати арзишҳои маҳдуд имкон медиҳад, ҳифзи қобилияти пардохт ва баргардондани маблағҳои ба қарз додашуда таъмин карда шавад.

Азбаски дар созишномаи қарзӣ ду шахс – қарздиҳанда ва қарзгир иштирок мекунад, механизми ташкили баргардондани қарз мавқеи ҳар кадоми онҳоро дар амалигардонии ин ҷараён ба назар мегирад.

Қарздиҳанда бо пешниҳод намудани қарз ҳамчун ташкилкунандаи ҷараёни қарзӣ баромад мекунад ва манфиатҳои худро ҳимоя менамояд.

Фаъолияти идоравие, ки барои таснифоти хавфҳо, муқоиса, таҳлил ва баҳодиҳӣ, коркарди роҳи ҳалли он равона карда шудааст, идоракунии хавфҳо номида мешавад. Марҳилаи асосии хавф дар расми зер оварда шудааст.

**Расми 1.**

**Нақшаи умумии чараёни идоракунии хавфҳо**




*Таҳлили хавф – ин марҳилаи аввалаи чараёни идоракунии хавф, ки бо мақсади пайдо намудани маълумоти зарура оиди сохтор ва хусусиятҳои объекти хавфи мавчудбуда ба ҳисоб меравад.*

Таҳлили хавф ба ду гурӯҳи якдигарро пуркунанда чудо мешаванд:

- сифатан, мақсади асосиаш муайян кардани омилҳои асосие, ки ба ҳолати хавфӣ меорад;

- миқдорӣ, ки андозаи хавфро дар алоҳидагӣ ва дар маҷмӯъ ҳисоб мекунад;

Вазифаи таҳлили сифатӣ – бароriши хавфҳои мавчудбуда, пайдоиш ва сарчашмаҳои хавф, оқибатҳои манфӣ ва ё гирифтани фоидаро баъди анчом додани қабули хавф муайян мекунад. Дар рафти таҳлили сифатӣ бояд аҳамияти махсусро ба баровардани хавфҳои имконпазир, эҳтимолияти аз даст додани захираҳо дар вақти ҳолаҳтҳои хавфӣ дода шавад.

Баҳодиҳии ададии хавф, муайян кардани дараҷаи он ва интихоби ҳалли дурусти онро таҳлили миқдорӣ тахмин мекунад. Баҳодиҳии миқдории эҳтимолияти сар задани хавфҳои алоҳида ва ҳисоби пулии оқибатҳои олн имкон медиҳад барои дарёфти хавфи эҳтимолан рух медода, ки дар оянда объекти асосии таҳлил ҳисобида шуда, барои ҳалли он қарорҳои мақсаднок қабул хоҳанд кард.

Равшан кардани хавф муайян мекунад, ба кадом намуди хавф объекти таҳлил гирифтор шудааст. Барои самаранокии равшаннамоии хавф, лозим аст, ки масъалаи хавфро дар маҷмӯъ, бо ҳисобҳои омилҳои ба он таъсиррасонанда, дида баромадан лозим аст.

Ташкилоти амонатию қарзии Имон интернешнл айни замон бо якчанд методҳои баҳодиҳии хавфҳои молиявӣ фаъолияти худро пеш мебарад, ки онҳоро шартан ба чунин гурӯҳҳо тақсим намудан мумкин аст:

✓ оморӣ;

- ✓ аналитикӣ;
- ✓ методи анологӣ;
- ✓ методи баҳодиҳии экспертӣ ва системаи экспертӣ;

**Методи оморӣ** – барои баҳодиҳии *дисперсионӣ, регрессионӣ* ва *омилӣ* (*факторингӣ* ) истифода бурда мешвад. Қимати ин синфҳо дар он аст, ки барои таҳлил бояд маълумоти бисёр дошта бошем. Барои ҳисоби хавфи фаъолияти хоҷагидорӣ ин намуди методро кам – кам истифода мебаранд.

**Методи аналитикӣ** – ин намуди метод бисёртар истифода бурда мешавад. Этирофи онҳо дар он аст, ки олнҳо хуб коркард шудаанд ва зудфаҳм мебошанд. Ба ин методҳо дохил мешаванд: методи дисконткунонӣ, таҳлили талафоти хароҷот, таҳлили безарарии истеҳсолот, таҳлили устуворӣ.

Ҳангоми истифодаи таҳлили дисконткунонӣ, меъёри дисконт ба коэфисенти хавф, ки методи баҳодиҳии экспертӣ ба даст оварда мешавад, ислоҳ карда мешавад. Камбудии ин метод дар он аст, ки миқёси хавф субъективӣ муайян карда мешавад. Истифодабарии методи талафоти харҷ, дар ҳисоббаробаркунии муҳлати талофи лоиҳа дида мешаванд.

Бо методи таҳлили устуворӣ, тағйирёбии наишондиҳандаҳои асосии иқтисодии лоиҳа дар вақти номусоид дигаргуншавии омилҳои гуногун, муаян карда мешавад. Масалан, тағйирёбии ҳаҷми имконпазири дар ҳолати тағйирёбии нарх ба ашёи хом ва маҳсулотҳое, ки барои истеҳоли маҳсулот заруранд. Дар зери мафҳуми устуворӣ дар иқтисодиёт, онро фаҳмидан мумкин аст, ки дар ҳолаи таъсиррасонии номусоиди омилҳо, системаи иқтисодӣ коршоямии худро аз даст намедиҳад.

**Методи анологӣ** – ин метод дар бораи пешгйи ҳолатҳои молиявии лоиҳа, хавфи баамалбарории он бо лоиҳаи шабоҳатдоштаи гузашта муайян карда мешавад. Гузашта аз ин тахмин карда мешавад, ки системаи иқтисодие, ки дар чорчӯбаи он нақша амалӣ карда мешавад, ба таври аналогӣ рафтор мекунад.

**Методи баҳодиҳии экспертӣ ва системаи экспертӣ** – ҳарчанд ки ин ду метод ба як қисмат дохил шаванд ҳам, дар асл инҳо методҳои гуногун мебошанд.

Методи баҳодиҳии экспертӣ ба ҳисси пешакӣ ва дониши пуртаҷрибаи одамони камшумор – экспертон асос ёфтааст. Дар рафти кор пурсиши экспертҳо гузаронида шуда, дар асоси ин пурсиш лоиҳаи пешакии сармоягузорӣ сохта мешавад. Дар шароити яккачини экспертҳо ва ташкили кори оптималии онҳо ин яке аз методҳои боэтимод ба ҳисоб меравад. Мураккабии кор дар механизми яккачинии экспертҳо ва ташкили кори онҳо, бартараф кардани низоъ байни онҳо, муайян кардани рейтингиҳар як эксперт, дуруст гузоштани саволҳои тадқиқот, зоҳир мегардад.

Назар ба методи баҳодиҳии экспертӣ, ки ба ҳиссиёти экспертон асос ёфтааст, методи системаи экспертӣ ба программаи махсуси математикӣ ва компутерӣ асос ёфтааст.

Ин метод дар солҳои охир кор карда баромада шудааст. Таъмини программавӣ базаи маълумотҳо, базали донишҳо, интерфейсро дар бар мегирад.

Ҳамаи маълумотҳо оиди объекти тадқиқшаванда дар базаи маълумотҳо ҷамъ оварда шудаанд. Дар базаи донишҳо – қонунҳое, ки ҳангоми таҳаввули объекти адқиқшаванда ба вуқӯъ мепайвандад, шарҳ дода мешавад.

Интерфейс – ин системаи алоқаҳои компутерӣ мебошад, ки ба шахси дар системаи экспертӣ кор мекарда, ҷавоб ба саволҳои лозима тавассути моделҳои компутерикунонидашуда дастрас намояд, имкон медиҳад. Дар айни замон системаи экспертӣ хеле зуд тараққӣ карда истодааст. Ин программаҳои махсуси компутерие мебошад, ки ҷамъи амалҳои шахс – эксперт ҳангоми ҳалли як соҳаи хурди предмет дар асоси донишҳои ғуншуда, ки дар ҷамъ базаи маълумотҳоро ташкил медиҳад.

Камбудии ҳамаи методҳои дар боло зикргардида дар он аст, ки ҳамаи онҳо ба донишҳои ва қонунҳои коэфисенти хавфро муайянкунанда такя мекунанд.

Коэфисентҳо ё бо методи баҳодиҳии экспертӣ ва ё бо дигар методҳо ҳисоб карда мешаванд.

Марҳилаи қабули қарор – эҳтимолияяти ба як шакли муайян даровардани стратегияи идоракунии ҳамаи намуди хавфро дар ар гирифта, дар вақти зарур шудани захираҳои меҳнатӣ, ҷобаҷогузорӣ ва тақсимоти масъала байни менеҷерон гузошта мешавад.

Ҷараёни бевоситаи таъсиррсонида ба хавф ба се намуди асосӣ ҷудо мешаванд: пасткунӣ, нигоҳдорӣ ва гузаролнидани хавф.

Интихоби дурусти миқёси пешакии огоҳ намудани хавф ва кам намудани он дар системаи идоракунии хавф нақши калонро мебозад. Онҳо иборат аз воситаҳои ҳалли хавф ва методҳои кам намудани дараҷаи хавф иборат мебошанд.

Воситаҳои ҳалли хавф дар ташкилотҳои қарзӣ инҳо мебошанд:

- канора гирифтан аз хавф – ин қабули қарори бошууролнаи гирифтор нашудан ба намуди хавфи муайян мебошад, ки на ҳама вақт муяссар мегардад.

- пешгирии зарар – ин амалҳое мебошанд, ки барои камкунии эҳтимолияти аз даст додан ва безараркунии оқибатҳои он амалӣ карда мешаванд.

- қабули хавф – рӯйпӯши зарарҳо аз ҳисоби захираҳои худӣ. Дар баъзе мавридҳо худ аз худ рух медиҳад, масалан, шахс гумон намебарад, ки хавф вуҷуд дорад ва ё ба он эътибор наметияд. Ҳолатҳое мешаванд, ки одамон бошууролна ба хавф мераванд. Баъзе ашхос аз суғуртакунии тиббӣ даст мекашанду дар ҳолти бемори қисми зиёди маблағҳои коркардаашонро ба муолиҷа сарф мекунанд.

- гузаронидани хавф – ҳангоми интиқоли хавфро ба ашхоси дигарро дар бар мегирад. Мисоли ин намуди стратегия фурӯши қоғазҳои қиматноки хавфнок ба дигар шахсон ва ба даст овардани ҳуҷҷатҳои суғуртавӣ шуда метавонад. Мисоли дигар: Шумо ягон амалро, бо нияти канораҷӯи аз хавф, иҷро мекунед, бо умеде, ки зарари расонидашуда аз ҳисоби дигар рӯёпӯш карда мешавад.

Баъди ҳалли масъалаи кадом муносибатро ба хавф раво дид, бояд ба иҷрои он шурӯъ кард. Кам кардани хароҷот барои баамал баровардани самти интихобкардашуда – принсипи асосӣ дар ин марҳила мебошад, ки бояд риоя кард. Ба таври дигар гӯйем – агар Шумо саҳмия харидан хоҳед, бояд муқоиса кунед, ки хизмати кадоме ба Шумо арзонтар мефарояд – ширкатҳои идоракунандаи фондҳои дутарафа ё брокерон.

Паст кардани дараҷаи хавф – ин ихтисор кардани эҳтимолиятиҳаҷми зарар мебошад.

Барои паст намудани дараҷаи хавф методҳои бисёр мавҷуданд. Яке аз методҳои васеъ, ки дар ташкилотҳои қарзӣ истифода мебарад ва он самарабахш, методҳои пешгӯйикунанда ва паст намудани хавф – ин диверсификатсиякунонӣ, суғуртакунонӣ ва лимиткунонии воситаҳо ба ҳисоб меравад. Ҳоло методҳои охирин номбар кардаамонро дида мебароем ва баъдтар методҳои аввaларо [1].

Лимиткунонӣ – ин гузоштани меъёр, миқёси муайяни маблағи хароҷотҳо, фурӯш, қарз (кредит) ва ғайра. Яке аз олоти маъмултарини идора намудани хавф ин “лимит” мебошад. Аз тарафи субъектҳои хоҷагидор лимит дар вақти фурӯши молҳо ба қарз (кредит), додани займҳо, муайянкунии маблағи гузоштани сармоя ва ғйра истифода бурда мешавад.

Дар аксари вақт, гузоштани лимит ба намудҳои гуногуни амалиётҳо ҳамчун мафҳуми идоракунии хавфи молиявӣ фаҳмида мешавад. Бо вуҷуди ин, дар ин ҷараён ба яке аз стратегияҳои интихобкардашуда бояд такя карда, ҷараёни лимиткунонии амалиётҳои бонк набояд дар ҳолати хаос гузорем.

**АДАБИЁТ**

1. Ашуров Н. Управление банковскими рисками / Ашуров Н., Рахимов Ш. - Душанбе,2000. - 183 с.

2. Каюмов Н.К. К вопросу об угрозах экономической безопасности Таджикистана. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2006. - №1.
3. Олимшоев Р., Ашуров Х.М. Экономическая безопасность банковской деятельности//Вестник Таджикского Национального университета. Серия экономических наук. - №2/5(117). – 2013. – С. 258-259.
4. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз. /Китоби дарсӣ. Эрграф.2018.-С.511
5. Фатҳулло Шарипов. Луғати мухтасари истилоҳоти бонкдорӣ – Душанбе, 2012. - 384 с.

# КОНСЕПСИЯИ МУОСИРИ СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Ормонова М.М. - ассистенти кафедраи суғуртаи ДДМИТ**

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ нақши хавфҳое, ки дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ба миён меоянд, рӯз аз рӯз меафзоянд. Аз ин рӯ, манфиатҳои субъектҳои соҳибкории шаклҳои гуногуни моликият ва аҳолӣ ба ҳифзи боэътимоди суғурта эҳтиёҷи зиёде доранд.

Бояд қайд намуд, ки системаи давлатии ҳифзи ичтимоӣ дар ду шакл тадбиқ мегардад:

- таъминоти ичтимоӣ;
- суғуртаи иҷтимоӣ.

Суғуртаи ичтимоӣ ҳамчун категорияи молиявӣ як қисми муносибатҳои пулии тақсим ва азнавтақсимкунии даромади миллӣ бо мақсади ташаккул ва истифодабарии маблағҳое мебошад, ки барои таъминоти шахсоне, ки дар меҳнати ҷамъиятӣ иштирок намекунанд, таъин шудаанд.

Суғуртаи ичтимоӣ ҳамчун категорияи молиявӣ як қисми муносибатҳои пулии тақсим ва азнавтақсимкунии даромади миллӣ бо мақсади ташаккул ва истифодабарии маблағҳое мебошад, ки барои таъминоти шахсоне, ки дар меҳнати ҷамъиятӣ иштирок намекунанд, таъин шудаанд.

Суғуртаи ичтимоӣ яке аз шаклҳои системаи умумии ҳифзи ичтимоӣ ба ҳисоб рафта, бо хусусияти худ хос аст, яъне он бояд шакли масъулияти тарафайн барои ҳамаи субъектҳои асосии худ, яъне: суғурташуда, корхона ва давлат дошта бошад. Суғуртаи иҷтимоӣ системаи иштироки пурраи хар як субъект дар ҳифзи ичтимоӣ, инчунин, суғуртаи ҳамдигар мебошад, ки суғуртаи ҳатмии нафақа, суғуртаи ҳаёт, беморӣ, фалокат**,** бекорӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

**Суғуртаи давлатии нафақа б**арои пардохти ҳиссаҷудокунӣ хадди муайяни болоии даромади корманд муқаррар карда мешавад, ки аз он зиёд даромад аз пардохти ҳиссаҳо озод карда мешавад. Пардохтҳо аз рӯи ин намуди суғуртаи ичтимоӣ аз ҷониби корманд ва корфармо бо ҳиссаҳои баробар пардохт карда мешаванд.

**Дар суғуртаи саломатӣ** ҳам саҳмҳо ҳам аз ҷониби корманд ва ҳам корфармо бо ҳиссаҳои баробар пардохта мешаванд. Аммо зиёд шудани лимити муайяни даромади корманд ӯро аз уҳдадории суғурта озод мекунад, гарчанде ки ба ӯ дар асоси ихтиёрӣ ҳуқуқи суғурта дода мешавад.

Пардохтҳо барои **суғуртаи садама** танҳо аз ҷониби корфармо (ширкат) дода мешавад. Маблағи ҳиссагузорӣ ба фонди музди кори корхона дохил карда мешавад.

Принсипҳои пардохти ҳиссаҷудокунӣ дар **суғуртаи бекорӣ**. мисли суғуртаи нафақа аст: баробар тақсим кардани маблағи саҳмҳо дар байни корманд ва корфармо ва муқаррар намудани лимити даромад, ки аз болои он дигар «андоз» гирифта намешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар ҶТ навъҳои зайли таъминот таъминот оид ба суғуртаи давлатии ичтимоӣ муқаррар мешаванд:

- таъминоти нафақа;
- кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ;
- кумакпулии ҳомиладорӣ ва таваллуд;

- кумакпулиҳои оилавӣ;
- кумакпулӣ бо сабаби бекорӣ;
- кумакпулӣ барои дафн;
- хароҷоти маблағҳо барои тандурустии кормандон ва аъзои оилаи онҳо;
- иловапулиҳо ба нафақа аз ҳисоби маблағи андӯхти нафақаи ҳисобномаҳои андухти инфиродӣ;
- дигар навъи пардохтҳо, ки мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидаанд.

Дар баробари ин, барои такрористеҳсолкунии муътадили аҳолӣ иқтидори меҳнатии мамлакат танҳо суғуртаи иҷтимоӣ, ки асосан аҳолии шуғлдоштаро фаро мегирад, кифоя нест, ки ин боиси маҳдуд шудани доираи одамоне, ки аз таъминот мегиранд, мегардад. Бояд низоми мукаммали ҳифзи иҷтимоӣ бошад, ки унсури дигари муҳим – расонидани хизматҳо ва пардохтҳоро дар доираи кумаки иҷтимоӣ дар бар гирад. Танҳо бо фаъолияти пурсамари ин ду шакли ҳифзи иҷтимоӣ метавонад ба мақсаде, ки барояшон таъсис ёфтаанд, ба даст оварда шавад.

Тақсимоти ҳифзи иҷтимоӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ ва кумаки иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, бо он муайян карда мешавад, ки онҳо аз сарчашмаҳои гуногун маблағгузорӣ карда мешаванд. Суғуртаи иҷтимоӣ аз ҳисоби саҳмҳои суғуртавии (мақсадноки) корфармоён ва коргарон ба амал бароварда мешавад. Фондҳои кумаки иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, яъне, тавассути андозбандӣ.

**Пешниҳодҳо:**

1. Барои ташаккул ва фаъолияти суғуртаи иҷтимоӣ системаи боэътимоди омори иҷтимоӣ ва демографӣ зарур аст, зеро суғуртаи иҷтимоӣ ба баҳодиҳии миқдорӣ ва пешакии дараҷаи хавф асос меёбад.

2. Самаранокии системаи суғуртаи иҷтимоиро бояд муайян намуд.

**Адабиёт:**


1. Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» соли 2012.
2. Тэпман Л.Н. Страхование.Учебное пособ. М.ЮНИТИ-ДАНА, 2002. 3. Акобиров Х. «Фаъолияти суғурта» Душанбе 2005
4. Роик В.Д. Асосҳои назариявии суғуртаи иҷтимоӣ: ташкилот, иқтисод ва ҳуқуқ. М.: РАГС, 2007.456 с
5.Антропов В.В. Ҳимояи иҷтимоӣ ва интегратсияи иқтисодӣ С: механизми идоракунӣ //меҳнат дар хориҷа. 2008. № 1. С. 95–103.
6.Ламперт Х. Социальная рыночная экономика. Германский путь. М.: Дело, 1993. 224 с.


## МАСЪАЛАҲОИ ТАШКИЛИЮ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲО


**Ҷиҳонова З.А.-ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ**


Ҳар як иқтисодиёт ба қонунҳои объективии иқтисодӣ такя мекунад, ки яке аз онҳо қонуни муомилоти пулӣ мебошад. Муомилоти пулӣ дар зери таъсири муассисаҳои молияӣ ва пеш аз ҳама бонкҳо, ба амал меояд. Бонкҳо миёнарави асосии молиявӣ дар иқтисодиёт буда, ба воситаи онҳо тағйирот дар бозори пул ба мол табдил меёбанд.

Аз ин рӯ, бонкҳои тиҷоратӣ ташкилотҳои қарзие мебошанд, ки ҳуқуқи қонунӣ барои ҷалби маблағҳои озод ва додани қарз аз ҳисоби ин маблағҳо бо мақсади фоида ба даст оварданро доранд. Вобаста ба ин, амалиётҳои бонкиро ба ду гурӯҳи асосӣ: пассивӣ (барои ҷалби пасандозҳо) ва активӣ (барои додани қарз) ҷудо намудан мумкин аст. Ба ғайр аз ин, бонкҳои тиҷоратӣ ҳуқуқи гузаронидани чунин амалиётҳоро низ доранд: амалиёти ҳисоббаробаркунию кассавӣ; амалиёти боварӣ (боварӣ), амалиётҳои байнибонкӣ, амалиёти интиқоли пулӣ, амалиёт бо коғазҳои қиматнок, амалиёт бо асъори хориҷӣ ва ғайра.

Чӣ хеле ки Н.С.Воронова қайд менамояд, бонкҳои тиҷоратӣ муассисаи низоми қарзӣ ва бонкӣ мебошанд, ки ҳаракати сармояи қарзиро бо мақсади ба даст овардани фоида ташкил мекунанд [2, 412-413].

Дар ҳақиқат, бонки тиҷоратӣ дар ташаккул ва фаъолияти ҳам иқтисодиёт ва ҳам соҳаи иҷтимоии мамлакат нақши муҳим дорад. Вобаста ба ин, қайд намудан зарур аст, ки низоми бонкӣ - низоми молиявӣ ва қарзии давлат ба шумор меравад ва дар он захираҳои молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ ҷамъ шуда, аз нав тақсим кардани ин маблағҳо тавассути қарздиҳӣ ба рушди раванди истеҳсолот мусоидат мекунад.

Ташкилотҳои қарзӣ бошанд, қисми муҳимми низоми бонкӣ мебошанд, ки онҳо ба азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ байни иштирокчиёни гуногуни муносибатҳои иқтисодӣ, идоракунии гардиши пули нақд ва тағйир додани суръати гардиши онҳо таъсир мерасонанд. Бо вуҷуди ин, муҳити иқтисодие, ки бонкҳо дар он фаъолият мекунанд, ба равандҳои табдили низоми бонкӣ низ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Барои таъмини амнияти иқтисодии низоми бонкӣ волоияти қонунро дар бахши бонкӣ пурзӯр кардан лозим аст.

Дигаргуниҳои муосири иқтисодӣ бо равандҳои таҳаввулот дар соҳаҳои асосии иқтисодиёт, аз ҷумла низоми бонкӣ алоқамандии зич дорад. Буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ осебпазирии низоми молиявӣ ва зарурати тағйир додани онро бо мақсади таъмини суботи низоми бонкӣ ва субъектҳои асосии онро нишон дод. Мақсади асосии рушди минбаъдаи соҳаи пулию қарзӣ таҳкими устувории бахши бонкӣ бо истиснои эҳтимолияти буҳронҳои системавии бонкӣ мебошад[3].

Дар ҳақиқат, самтҳо ва хусусияти рушди бахши бонкиро бештар рафти ислоҳоти он, ки дар давраи пасазбуҳронӣ оғоз шуда буд, муайян мекунад. Ҳангоми таъсис ва фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо нақши муҳим мебозад. Шакли ташкилию ҳуқуқӣ вазъи ҳуқуқии субъекти хоҷагидор, хусусиятҳои таъсиси он, низоми идоракунӣ, сохтори ташкилиро инъикос намуда, нақшаи идоракунии сармоя, мақсад ва вазифаҳои фаъолияти ташкилотро муайян мекунад.

Шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ шакли субъекти хоҷагидориест, ки бо қонунгузории ин ё он кишвар эътироф гардида, усули тасниф ва истифодаи амволи субъекти хоҷагидор ва вазъи ҳуқуқии онро муайян мекунад. Аз ин рӯ, мафҳуми «шакли ташкилию ҳуқуқӣ» на танҳо шаклҳои иттиҳодияи одамонро барои пешбурди фаъолияти худ дар доираи сохтори муайян инъикос менамояд, балки муттаҳидшавии қонунгузории шаклҳои гуногуни хоҷагидориро низ муайян мекунад.

Дар баробари ин, сохтори мақомоти идоракунӣ, таркиби миқдории онҳо дар ташкилоти қарзӣ бо шакли ташкилию ҳуқуқии он муайян карда мешавад, яъне, аз рӯи шумораи саҳмдорон (иштирокчиён), аз рӯи ҳаҷми амалиётҳои бонкӣ, аз рӯи мақсад ва ҳадафҳои он ва омилҳои дигар.

Тайи чанд соли охир бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозхонди иҷозатномаҳо ва барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ дучор шудааст. Бонки миллии Тоҷикистон ин равандро ҳамчун раванди тоза кардани бозори бонкӣ аз бонкҳои ноустувор ва пардохтнопазир арзёбӣ мекунад.

Низоми бонкӣ яке аз дастовардҳои олии тамаддуни иқтисодӣ мебошад, ки он воситаи гуногуни таъсиррасониро тавассути асъор, пул, коғазҳои қиматнок ба равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, танзими сохтор, муайян кардани самти рушд ва аз ҳама муҳимаш, устувории фаъолияти иқтисодӣ, муомилоти пул ва ба воситаи он тамоми иктисодиётро дастгирӣ менамояд[1].

Рушди иқтисодии мамлакат ба рушди бахши бонкӣ, ҳамкории мутақобилаи он бо бахши ғайримолиявии иқтисодиёт алоқамандии зич дорад. Тавассути қарздиҳӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ ва аҳолӣ бахши бонкӣ ба ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсир мерасонад. Аз тарафи дигар, субъектҳои хоҷагидорӣ манбаи асосии ташаккули захираи ташкилотҳои қарзӣ дониста мешаванд.

Дар иқтисодиёти муосир намудҳои зерини сохтори низоми бонкиро аз ҳамдигар ҷудо кардан мумкин аст:

• якзинагӣ;

• дузинагӣ;

• бисёрзинагӣ.

Дар низоми якзинагӣ бонки марказӣ тамоми вазифаҳои бонкҳоро иҷро карда, ҳамчун маркази ягонаи кредитӣ, ҳисоббаробаркунӣ ва асъорӣ баромад мекунад. Чунин ташкили низоми бонкӣ барои низоми фармонфармоӣ ва назорат хос аст, ки ба ин мисол низоми бонкии ИҶШС (1923-1987) рост меояд.

Дар давлатҳои иқтисоди бозаргонӣ системаи дузинагии бонкӣ вуҷуд дорад, ки ба он аз ҳам ҷудо кардани вазифаҳои бонкҳои марказӣ ва тиҷоратӣ хос аст, ки дар ҷадвали 1 дарҷ гардидааст.

**Ҷадвали 1. Сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Сохтор | 31.12.2021 | 31.12.2022 | Тағйирот(+/-) |
|---|---|---|---|
| **1.Ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ҳамагӣ)** | **63** | **64** | **1** |
| **1.1.Бонкҳо** | 14 | 15 | 1 |
| **1.1.1Бонкҳои анъанавӣ**<br>**1.1.2 Бонкҳои исломӣ** | 13<br>1 | 14<br>1 | 1<br>- |
| **1.2.Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ** | - | 1 | 1 |
| **1.3 Ташкилотҳои маблағгузории хурд** | 49 | 48 | -1 |
| **1.2.1 Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд** | 18 | 19 | 1 |
| **1.2.2 Ташкилотҳои қарзии хурд** | 4 | 3 | -1 |
| **1.2.3 Фондҳои қарзии хурд** | 27 | 26 | -1 |
| **2. Воҳидҳои сохтории ТҚМ (ҳамагӣ)** | **1855** | **1862** | **7** |
| **2.1 Филиалҳо** | 295 | 310 | 15 |
| **2.1.1 Равзанаи бонкии исломӣ** | 2 | 2 | - |
| **2.2 Марказҳои хизматрасонии бонкӣ** | 1204 | 1205 | 1 |
| **2.3 Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд** | 353 | 343 | -10 |
| **2.4 Воҳидҳои сайёр** | 3 | 4 | 1 |

**Манбаъ: таҳияи муаллиф дар заминаи маводи Бюллетени омори бонкӣ барои солҳои дахлдор.**

Аз рӯи ҷадвали 1 муайян кардан мумкин аст, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2022, дар маҷмуъ 64 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 14 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 1 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 19 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 адад ташкилоти қарзии хурд ва 26 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд. Ин нишондиҳанда нисбат ба солҳои қаблӣ ба маротиб кам буда, аммо дар низом ташкилотҳои қарзии устувор боқӣ мондаанд.

Мутобиқи гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки ба рушди низоми бонкӣ таваҷҷуҳи бештар додан лозим аст, зеро он ба рушди иқтисодӣ бевосита таъсир мерасонад.

**Адабиёт**

1. Буч Г., Рамбо Д., Джекобсом А. Язык UML Руководство пользователя: Пер. с англ. — М.: ДМК, 2000.

2. Воронова Н.С. Банки и фонды капиталов как глобальные институты управления инвестициями (рецензия на книгу: Соколов Б.И., Иванов В.В. Банки и

фонды капиталов. – СПб.: НПК «РОСТ», 2011. – 237 с.) // Проблемы современной экономики. – 2012. - № 1. – С. 412-413.
3. О стратегии развития банковского сектора Российской Федерации. Письмо от 30.12.2001 Правительства РФ и Банка России.

## НАЗАРИЯИ ПАЙДОИШИ ПУЛ ВА МУНОСИБАТҲОИ ПУЛӢ ДАР ҶОМЕА

**Шарбатов С.С. - ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ**

Пул категорияи иқтисодӣ буда, дар адабиёти иқтисодӣ ҳамчун моли махсусе мебошад, ки ба таври стихиявӣ аз олами молҳо ҷудо шудааст ва ҳамчун эквиваленти универсалӣ хизмат мекунад.

Аз ин рӯ, пул ҳама гуна воситаи пардохтест, ки барои молҳо ва хидматҳо иваз карда мешавад ва барои пардохтҳо истифода мешавад.

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки пул моли махсусест, ки ягона эквиваленти универсалӣ мебошад. Мувофиқи таъриф, пул як воситаи комилан бозоргир мебошад ва бояд гуфт, ки пул дар натиҷаи муносибатҳои иқтисодӣ дар ҳаёти иқтисодии одамон пайдо шудааст.

Таърифи пул ҳамчун як падидаи махсус дар иқтисодиёт хеле муҳим аст. Дар асоси ин таъриф иқтисодчиён метавонанд замони пайдоиши пул, таъсири онҳоро ба иқтисодиёти кишварҳо ва халқҳои алоҳида ва оқибатҳои пайдоиши пулро муқаррар намоянд. Дар айни замон таърифҳои зерин бартарӣ доранд.

Пул на танҳо маблағи воситаҳои пардохт, ки одамон бояд барои чизу чораи фоиданок пардохт кунанд, коғазҳои қиматнок харанд, қарз диҳанд ва баргардонанд, ҳамчунин пул ҳамчун воситаи умумии пардохт қабул карда мешавад, зеро он ангезаи умумибашарии таърихии устувори фаъолияти инсонро таҷассум мекунад. Назарияи иқтисодии неоклассикӣ иддао дорад, ки рафтори одамонро новобаста ба мансубияти таърихӣ ва фарҳангии онҳо, аз ҷумла ба он асоснок мекунад, ки ангезаҳо ё афзалиятҳое, ки одамонро дар қабули қарорҳо ҳидоят мекунанд, ба таври кофӣ устувор мебошанд [2, 27-28].

Чи тавре ки иқтисодчии австриягӣ Карл Менгер чунин мавқеъро асоснок кард ва қайд намуд, пул бо сабаби он ки «шахсони алоҳида аз молҳои худ ба ивази дигар қобилияти фурӯши мол даст мекашанд, сарфи назар аз он ки ба онҳо барои мақсадҳои бевоситаи истеъмол лозим нест, ба миён омадааст [1,10,11].

Пул чизе бештар аз як воситаи иқтисодӣ аст, ки ба шумо имкон медиҳад, ки муомилоти мубодиларо сода намояд, он дорои ҷузъи фарҳангӣ ва фалсафӣ мебошад. Пул дар шароити муайяни фарҳангӣ ва таърихӣ, дар сатҳи муайяни инкишофи муносибатҳои истеҳсолию иқтисодии ҷамъият, дар асоси асосҳои мушаххаси иҷтимоию фарҳангӣ ба вуҷуд омад ва аз ин рӯ, дар зери таъсири шароити тағйирёбандаи инкишофи ҷамъияти инсонӣ, дар шароити муайяни инкишофи ҷамъияти инсоният ба вуҷуд омад ва характери фаъолияти институти пул низ тағйир меёбад [3, 51].

Тақсимоти меҳнат ва тараққиёти истеҳсоли молӣ ва муомилоти пулии бонкӣ асоси воқеии (объективии) муомилоти пулӣ аст. Сабабҳои асосии ташкили бозорҳои миллӣ ва ҷаҳонӣ аз мукаммалёбии гардиши муносибатҳои пулӣ сарчашма мегирад.

Муомилот бо пули нақд - ин ҳаракати пул аст, ки вай ду вазифаи асосии худ (воситаи муомилот ва воситаи пардохт)-ро иҷро мекунад.

Ба ақидаи Маркс, пул панҷ вазифаро иҷро мекунад: ченаки арзиш, воситаҳои муомилот, воситаҳои ҷамъкунӣ, воситаҳои пардохт ва пули ҷаҳони. Ҳамин арзишро пул дар зери стандарти тилло бозӣ мекунад. Стандарти тиллоӣ ҳамчун системаи пулие фаҳмида мешавад, ки дар он тилло нақши эквиваленти универсалӣ дорад. Дар муомилот тангаҳои тиллоӣ, инчунин қоғазҳое, ки ба тилло иваз карда мешаванд, истифода мегарданд. Олимони муосири Ғарб якдилона се вазифаро эътироф мекунанд:

воситаи муомилот, ченаки арзиш ва воситаҳои ҳифзи арзиш (воситаҳои ҷамъкунӣ) [4, 51].

Пул шароити нигаҳдории арзишро беҳтар намуда, ҳолати нигаҳ доштани арзиш тавассути пул арзиши молҳо нисбатан тағйир намеёбанд. Агар арзиш ба шакли мол нигоҳ дошта шавад, эҳтимолияти паст шудани сифати он ба миён меояд.

Муомилоти пулии бонкӣ ҳаракати пулро аз давраи аз бонк содир гардидан ва то баргашта ба муассисаҳои бонкӣ воридшавии онро дарбар мегирад. Ин ҳаракати пул байни се субъект: одамон, суъбектҳои хоҷагидорӣ ва идораҳои давлатӣ сурат мегирад. Дар умум гуфтан мумкин аст, ки ҳаракати пул дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ ба таври умумӣ муомилоти пулиро ташкил медиҳад.

Нисбати пайдоиши пул ду назария ҷой дорад: назарияи ратсионалӣ ва эволютсионӣ. Тарафдорони назарияи ратсионалӣ ба он ақидаанд, ки пул дар натиҷаи мубодилаи байни одамон дар асоси розигии онҳо ба вуҷуд омадааст. Яъне барои таъмин кардани ҳаракати арзиш дар ҷараёни мубодилавӣ як моли махсус лозим буд, ки он нақши эквиваленти (баробарии) дигар молҳоро иҷро кунад ва ин мол, пул буд.

Асосгузори аввалини ин назария Аристотел буд у дар китобаш менависад, ки «Барои таъмини мубодила бояд ягон воҳиди ченаке (ченаки арзишӣ) ҷой дошта бошад ва ин ченак бояд шартан қабул карда шуда бошад».

Доир ба таърихи пайдоиши пул ақидаҳои зиёд ҷой доранд. Дар марҳалаҳои аввалини тақсимоти ҷамъиятии меҳнат моли ягонае вуҷуд надошт, ки нақши эквиваленти (баробарии) умумии ҳамаи молҳоро иҷро кунад, ки ин боиси душвориҳои зиёде дар ҷараёни мубодила гардида буд.

Баъдтар, бо гузашти вақт дар байни молҳо танҳо металҳои қиматбаҳои суфташуда, тангаҳо, нақши пулро иҷро мекарданд. Ин тангаҳо аз металҳои гуногун ба монанди мис, нуқра, биринҷӣ ва тилло сохта мешуданд.

Имрӯзҳо ба ҳама аллакай маълум аст, ки пул бо истеҳсолот алоқаи зич дорад ва ба ҷараёни истеҳсолот бевосита таъсир мерасонад. Вобаста ба нақши пул, дар низоми пулӣ ва инкишофи иқтисодиёт назарияҳои гуногуни пул ҷой доранд. Се назарияи асоси пулро аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

1. Назарияи металлии пул.
2. Назарияи номиналистии пул.
3. Назарияи миқдории пул.

Яъне, ин ҷараёни муомилот маънои онро дорад, ки молистеҳсолкунанда молашро ба ивази уҳдадории қарзӣ ё васиқа ба ягон муҳлати муайян мефурӯшад. Баъд аз расидани муҳлати уҳдадории қарзӣ ё васиқа, молистеҳсолкунанда уҳдадории қарзӣ ё васиқаро ба соҳибаш дода, пули молашро мегирад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва рушди истеҳсолоти молӣ, пул ҳамчун воситаи пардохт муносибатҳои молистеҳсолкунандаҳоро таъмин мекунад. Пул вазифаи худро ҳамчун воситаи пардохт дар ҳолати пайдо шудани уҳдадориҳои қарзӣ иҷро мекунад. Дар ҳолати иҷро гардидани вазифаи пул ҳамчун воситаи пардохт, дар муомилот миқдори пули ғайринақдӣ зиёд мегардад.

Дар мақола таҳаввулоти назарияҳои пул ва сиёсати пулию қарзӣ ва равишҳои муосири таҳлили назарияҳои пул, ки дар асоси консепсияҳои эволютсионӣ ва ратсионалистӣ асос ёфтаанд, баррасӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, пас аз баррасии ин назарияҳо, мо метавонем далелҳоро барои ва муқобили доштани пули дорои арзиши худ ҷамъбаст кунем. Мо далелҳои зерини онҳоеро, ки арзиши пулро инкор мекунанд, ҷудо карда метавонем. Далели аввалро номиналистҳо ба миён гузоштанд. Онҳо қайд карданд, ки «байни пул ва дигар молҳо муносибатҳои мубодилавӣ вуҷуд надоранд». Дар асл, танҳо мол иваз яке ба дигаре карда мешавад. Пул танҳо миёнарав аст, ки худаш объекти мубодиларо ташкил намедиҳад ва аз ин рӯ, арзиш надорад. Аммо ин далел баръало заиф аст. Аммо, раванди

мубодила ба ду қисм тақсим мешавад : мол ба пул иваз карда мешавад ва баъд пул ба мол иваз карда мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Menger, Karl. Izbrannye raboty. M., 2006.
2. Беккер Г.С. Человеческое поведение, экономический подход. М.: ГУ ВШЭ, 2003. С.27-28.
3. Мещанинова Е.Ю, Теории происхождения денег и денежных отношений, Московский государственный университет имени М.В. Ломоносова, Москва, Россия, УДК 316.7 https://doi.org/10.24158/spp.2022.5.9, Общество: социология, психология, педагогика. 2022. № 5. С. 67–72.
4. Маркс К.К критике политической экономии. М., 1984. С. 51.


## Рушди суғурта дар сайёҳӣ


**Умаршоева Ш.С. - ассистенти кафедраи суғурта**


Пас аз ба вуҷуд омадани Истиқлолияти давлатӣ ва рушд ёфтани соҳаи иқтисодиёти кишвар дар шароити имрӯза яке аз соҳаҳои сердаромадтарин ва пешрафтатарини ҷаҳони муосир ин суғуртаи сайёҳӣ ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус соҳаи суғурта ва сайёҳӣ таваҷҷуҳи олимону мутафаккиронро ба вуҷуд овард.

Маҳз бо ҳамин аҳаммияти рушди суғурта, махсусан суғуртаи сайёҳӣ, пеш аз ҳама, шаклҳои байналҳалқии суғурта аз қабили муносибатҳои берунии тиҷоратӣ, суғуртакунии сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва ғайра дар кишвари мо, аз ҷумла ҷараёни ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, муайян карда мешавад.

Ба ҳама маълум мебошад, ки инсон дар тӯли ҳаёт ҳамеша дар талошу муборизаҳо умр ба сар мебарад, ҳамеша бо бурду бохт, бо шодкомиву нокомиҳо, бо даҳшату фоҷиаҳо рӯ ба рӯст ва касе намедонад, ки як соат пас, ё ин ки баъди як рӯз ба ӯ чӣ воқеае рӯй медиҳад ва ё молу мулки ӯ хуб ҳифз карда мешаванд ё на. Чунки бисёр сайёҳон ҳангоми ба давлати дигар сафар намудан ҳамчун сайёҳ аввалин кореро, ки бо ширкатҳо анҷом медиҳанд ин шартномаи хатарҳоеро, ки дар вақти сайру саёҳат ба вуҷуд меояд, ба имзо мерасонад. Дар холате агар қонунгузории кишвари (макони) будубоши муваққатӣ талаботи кафолати пардохти ёрии тиббиро ба шахсоне, ки дар ҳудуди он муваққатан истиқомат доранд, муқаррар намуда бошад, танзимгари (агенти) туристӣ вазифадор аст, чунин кафолатҳоро пешниҳод намояд.

Дар ширкати туристӣ чунин шартномаҳоро ба имзо мерасонанд??

Суғуртакунии туристӣ дар мавриди бемории тасодуфӣ ва ҳодисаҳои нохуш, шакли асосии додани чунин кафолатҳо мебошад.Суғуртаи хатарҳо дар туризм, ки бо хавфи зиёд ба ҳаёту саломатии туристон алоқаманд буда, хароҷоти зиёдро барои наҷотдиҳӣ талаб мекунанд, аз тарафи субъекти фаъолияти туристӣ бо ризоияти туристон амалӣ мегардад. Суғуртаи дигар хатарҳои ихтиёрбуда, аз чониби туристон ба таври мустақилона ё тавассути субъектҳои фаъолияти туристӣ амали карда мешавад.

Туристони маҳалли ва хориҷие, ки ба намудҳои ғайриоддии (экстремалии) туризм машғул мешаванд, бояд дорои полиси сугуртавии дараҷаи байналмилали бошанд.

Дар ин асос суғурта ин яке аз бахшҳои алоҳидаи соҳаи хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад, ки ташаккул ва такомули он дар шароити имрӯза бозори суғуртавиро таъмин намуда, барои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд. Ин боиси зикр аст,ки маҳз суғуртаи сайёҳӣ барои ҳимояи манфиатҳои суғуртаи сайёҳии шахсӣ тиббӣ, суғуртаи сайёҳии алпенистӣ, суғуртаи сайёҳии куҳнавардӣ, суғуртаи сайёҳии экологӣ ва ғайраро аз оқибатҳои ғайричашмдошт ки ба ҳаёти шахс вобастагӣ дорад эмин нигоҳ медорад.

Дар заминаи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои хоси хоҷагидории миллӣ, татбиқи суғуртаи тиббӣ дар сайёҳӣ зарурати ҳамаҷониба дошта, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ин метавонад ба низоми суғуртавии ягонаи ҷаҳонӣ шомил гардад.

Қайд намудан лозим аст, ки дар доираи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалии Раҳмон ва бо шарофати сулҳу субот, бунёди инфрасохтори замонавӣ ва хизматрасониҳои муносиб соҳаи сайёҳии кишвар бо маром рушд ёфта истодааст. Чӣ тавре, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд: «Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррифи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад». Дар ин робита «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардидани соли 2018 заминаи муҳим барои ҷалби бештари сайёҳон ва воситаи расидан ба дастовардҳои назарраси иқтисодиву иҷтимоӣ дар кишвар хоҳад буд.

Аз рӯи маълумоти омори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ки соли 2022 гуфта шуд, дохилшавии меҳмонони хориҷа ба 999,3 ҳазор нафар, ки ин шумора назар ба соли 2021 3-4 баробар зиётар аст. Аз ин маълум мешавад, дар соли 2022 шумораи туристон афзуда шудаанд. Дар Ҷумҳури айни ҳол 242 ширкати туристи қарор доранд, ки барои беҳтару хубтар гардидани сатҳи зиндагии аҳоли ва ба ҷои кор таъимин намудани шаҳрвандон ва дар ин асос рушд ёфтани соҳаи суғуртаи кишвар нақши муҳимро иҷро менамоянд.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае меоем, ки суғартаи сайёҳи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ёфта истодааст, ки ин нишондиҳандаҳо назар ба солҳои гузашта ва оянда сол то сол афзуда истоддаст. Боиси зикр аст, ки суғуртаи сайёҳи на танҳо дар дохили мамлакат балки дар ҳама минтақаҳои ҷумҳури Бахусус Вилояти Суғд, Ноҳияи Варзоб. Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, бо ҷойҳои фарҳанги, табобати куҳнаварди ҷалбу тавваҷуҳи сайёҳонро ба вуҷуд меорад.

**Рӯхати адабиётҳои истифодашаванда:**


1.Барномаи ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Точикистон барои солҳои 2020 – 2021, «Садои мардум», аз16 августи соли 2021.

2.Барномаи Стратегияи миллии рушд (СМР) барои солҳои 2020-2021. Душанбе, 2021. - 84 с.

3.Шералиев Э., Маъдиев С., Халифазода Ҷ. Суғурта: Душанбе, 2020

4.Б. Ҳамроев, А.Шарифов «Рушди деҳоти Тоҷикистон бо истифодаи имкониятҳои сайёҳӣ» Душанбе 2021

5. Ахвледиан Ю.Т. Страхование. М ЮНИТИ с. 2006.

6. Қонуни ҶТ «Дар бораи суғурта» 2 январи соли 2017.

7. Тэпман Л.Н.Учебное пособ.М.ЮНИТИ-ДАНА,2002. С 139.

8. Акобиров Х. Бозори сугурта Душанбе 2005


## МЕТОДЫ И МЕТОДОЛОГИЯ ФОРМИРОВАНИЯ МЕЖБЮДЖЕТНЫХ ОТНОШЕНИЙ


**Сафаров И.Н. - заместитель начальника управлении науки и инновации ТГФЭУ**

**Алиева З. - специалист отдела подготовки научных, научно-педагогических кадров ТГФЭУ**


Одним из основных направлений в исследование является выбор методики проведение исследования. Для проведение исследования существует много разновидности методов, таких как: методы экономико-статистического и математического анализа, индукции и дедукции, анализа и синтеза, единство исторического и логического в познании экономических явлений. В основном выбор

методики обосновывается тем, чтобы выявить зарождённые проблемы и на этом основе предпринят меры по их решению. По поводу выбора методики для проведения анализа межбюджетных отношений проведена, много исследований и со стороны зарубежных и отечественных учёных.

Что касается выбора методики в своём исследование Коротони Н.Ю. пишет, что «экономический анализ бюджетных показателей, обоснованность их структуры, динамики, соотношения и других параметров являются важнейшими элементами системы оценки социально-экономического развития муниципальных образований. Невозможно оценить уровень развития территории, не зная состояния финансовой сферы, так как именно она является базой реализации социально-экономических программ и проектов»[3,36]. Исходя из исследований Коротини Н.Ю можно прейти к выводу, что методика, которая используется при анализа социально-экономического развития регионов, можно использовать и в анализе межбюджетных отношений. Таким образов в диагностике и совершенствование методов анализа социально-экономического развития регионов свой вклад внёс Юнусзода Х.К. [7,41].

В своём исследование Юнусзода Х.К. пишет, что «В современной науке степень научной обоснованности любого регионального исследования во многом зависит от применяемых подходов и методов, которые в каждой отрасли науки имеют свои специфические особенности. Как известно, методология – это совокупность взглядов о правилах установления характеристики познавательной деятельности, которые основаны на передовых подходах и методах исследования в направлении перспективного развития регионов. Методологический подход выполняет роль стратегического хода исследовательского процесса»[7,42]. На этой основе при анализе экономических литератур он предлагает, такие методы оценки социально-экономического развития регионов, как: метод типологии регионов, картографический метод исследования, статистический метод исследования регионов, метод рейтинговой оценки регионального развития и моделирование. По его мнению данные методы позволят прозрачно оценит ситуацию в регионах и на основе этого решить появившийся проблем.

Следует отметить, что так как межбюджетное отношения являются одной из составных частей социально-экономического развития регионов, данные методы можно применит в анализе данной сферы.

После результатов анализа экономических литератур было выявлено, что для анализа бюджетной поддержки местных органов можно использовать все выше перечисленные методы.

В своём исследование И.В. Яковенко пишет, что «построение экономико-математической модели для поддержки принятия решений при управлении межбюджетными отношениями в решении вопросов повышения качества сбалансированности бюджетов по вертикали посредством увеличения налоговой составляющей их доходной части, играет основную роль. Теоретико-игровая модель, предназначенная для решения проблемы долевого распределения налоговых поступлений между бюджетами различных уровней бюджетной системы Российской Федерации в сопряжении со стратегиями социально-экономического развития административно-территориальных единиц различных уровней иерархии».[8,519]

Следует отметить, что для анализа состояния межбюджетных отношений существует различные методы. Из общей количества методов, выделяются работы таких учёных как Поляка Г.В.,[1,124] Ермакова Е.А. и Болякина О.В.[2,5]. Их работа отличается от других работ исследователей в наличие новых подходов при анализе межбюджетных отношений. Например в своём работе Поляка Г.В. для анализа межбюджетных отношений затрагивает отсутствие категории «закреплённые доходы» и «регулирующие доходы» в бюджетном законодательстве. Его метод предполагает в ходе проведения анализа межбюджетных отношений непременно в анализ надо добавит «закреплённые доходы» и «регулирующие доходы», что позволит провести обширный

анализ данной сферы. Что касается подходов Ермакова Е.А. и Болякина О.В. они в своём исследования предлагают для анализа межбюджетных отношений использовать математические методы, таких как расчёт коэффициентов эффективно использование бюджетных средств. Данный подход еще используются и в работах Родинова В.М. [6,57], Кузнецова Е.В.[4,18], Яшина Н.И.[9,156] и Макарова С.Н.[5]. Таким образом, принимая во внимания мнений вышеупомянутых учёных, мы пришли к выводу что для комплексной оценки состояния межбюджетных отношений можно придерживаться использование следующие группы:

1. Показатели сбалансированности местного бюджет. Данная группа включает в себя 5 коэффициентов таких как:

➢ **коэффициент покрытия расходов местного бюджета** – данный коэффициент показывает уровень покрытия расходов за счёт доходов местного бюджета и рассчитывается с помощью данной формулы:

$$К_{о.п.р.} = \frac{Д}{Р}$$

Где, $К_{о.п.р.}$- коэффициент покрытия расходов; Д – общая сумма доходов местного бюджета; Р – общая сумма расходов местного бюджета.

➢ **коэффициент покрытия дефицита местного бюджета** – данный коэффициент рассчитывается за счёт безвозмездных поступлений, поступлении налоговых доходов по дополнительным нормативам и общая сумма доходов местного бюджета.

$$К_{деф} = \frac{Деф}{Д - БВП - НД_{доп}}$$

Где, $К_{деф.}$- коэффициент покрытия дефицита местного бюджета; Д – общая сумма доходов местного бюджета; БВП – общий обём безвозмездных поступлений; $НД_{доп}$ – налоговые доходы по дополнительным нормативам отчислений.

➢ **коэффициент наличия дополнительных средств местного бюджета** – показывает профицит бюджета, для расчета показателя можно использовать как плановые, так и фактически исполненные показатели бюджета.

$$К_{пр} = \frac{Проф}{Р_ф}$$

Где, $К_{пр.}$- коэффициент наличия дополнительных средств местного бюджета; Проф – профицит местного бюджета; $Р_ф$ – сумма расходов бюджета фактическая.

➢ **коэффициент собственной сбалансированности местного бюджета.** Степень покрытия общей суммы расходов бюджета на реализацию собственных полномочий местного образования доходами без учета утвержденного объема безвозмездных поступлений.

$$К_{с.с.} = \frac{Д - БВП}{Р - БВП_{суб}}$$

Где, $К_{с.с.}$ - **коэффициент собственной сбалансированности местного бюджета**;

Д – общая сумма доходов местного бюджета; БВП – общий обём безвозмезтных поступлений; Р – общая сумма расходов местного бюджета; $БВП_{суб}$ - Безвозмездная поступления в местный бюджет в виде субвенций.

➢ **коэффициента равномерности расходования бюджетных средств в течение года**. Данный показатель можно рассчитать, квартально, полугодовой и годовой. Следует отметить, что самым эффективным будет расчёт коэффициента за годовой период.

$$К_р = \frac{Р_{к12}}{Р}$$

Где, $К_{р.}$- коэффициента равномерности расходования бюджетных средств; $Р_{к12}$ – кассовые расходы местного бюджета (годовой, январь-декабрь); Р – общая сумма расходов местного бюджета.

**2. показатели финансовой независимости местного образования. Данная группа состоит из 6 коэффициентов, таких как:**

➢ Коэффициент финансовой независимости местных бюджетов. Данный коэффициент отражает на сколько финансово независимо местный бюджет от

республиканского бюджета и рассчитывается на основе налоговых и неналоговых поступлений.

$$К_{ф.н.} = \frac{НД + НнД}{Д}$$

Где, $К_{ф.н.}$- Коэффициент финансовой независимости местных бюджетов;

НД- Налоговые доходы местного бюджета; НнД- Неналоговые доходы местного бюджета; Д – общая сумма доходов местного бюджета.

➢ Коэффициент налоговой независимости местного бюджета – отражает на сколько местный бюджет зависит от налоговых поступлений и рассчитается на основе налоговых доходов, которая отражена в данной формуле:

$$К_{н.н.} = \frac{НД}{Д}$$

Где, $К_{н.н.}$- Коэффициент налоговой независимости местного бюджета;

НД- Налоговые доходы местного бюджета; Д – общая сумма доходов местного бюджета.

➢ Коэффициент чистой налоговой независимости местного бюджета рассчитывается на основе налоговых доходов за счёт местного налога. Регионы обладают полномочием самостоятельно управлять только местных налогов. Поэтому указанный коэффициент является индикатором эффективности налоговой политики регионов.

$$К_{ч.н.н.} = \frac{НД_м}{Д}$$

Где, $К_{ч.н.н.}$- Коэффициент чистой налоговой независимости местного бюджета; $НД_м$- Налоговые доходы местного бюджета, поступившие от местных налогов; Д – общая сумма доходов местного бюджета.

➢ Коэффициент общей финансовой зависимости местного бюджета, на наш взгляд данный коэффициент является первоначальным коэффициентом при анализе межбюджетных отношений так как данный коэффициент отражает на сколько в зависимости местный бюджет от республиканского бюджета. Данный коэффициент рассчитывается на основе безвозмездных поступлений на местный бюджет от республиканского.

$$К_{ф.з.} = \frac{БВП}{Д}$$

Где, $К_{ф.з.}$- Коэффициент общей финансовой зависимости местного бюджета; БВП – общий обём безвозмезтных поступлений; Д – общая сумма доходов местного бюджета.

➢ Коэффициент прямой финансовой зависимости местного бюджета. Данный показатель показывает уровень зависимости местного бюджета от республиканского.

$$К_{п.ф.з.} = \frac{БВП_д + БВП_{суб}}{Д_с}$$

Где, $К_{п.ф.з.}$- Коэффициент прямой финансовой зависимости местного бюджета; $БВП_д$ – безвозмездные поступления в местный бюджет в виде дотации; $БВП_{суб}$ – безвозмездные поступления в местный бюджет в виде субвенций; $Д_с$ – Собственные доходы бюджета.

➢ Коэффициент качества финансовой зависимости. Данный показатель показывает на сколько качественно реализуется финансовая помощь со стороны местных бюджетов.

$$К_{к.ф.з.} = \frac{БВП_{суб}}{БВП_д + БВП_{суб}}$$

Где, $К_{к.ф.з.}$- Коэффициент качества финансовой зависимости; $БВП_д$ – безвозмездные поступления в местный бюджет в виде дотации; $БВП_{суб}$ – безвозмездные поступления в местный бюджет в виде субвенций;

**3. Муниципальная бюджетная политики в сфере бюджетных расходов;**

➢ Коэффициент текущих расходов местного бюджета рассчитчвается на основе таких показателей, как текушие расходч бюджета и расходы бюджета. То есть показывает долю расходов бюджета на обеспечения текущих расходов. Коэффициент

чем выше, тем больше текущие расходы, то есть большое количество объёма бюджета направлены на текущие расходы. Данный коэффициент рассчитывается на основе такой формулы:

$$К_{к.р}= \frac{Р_т}{Р},$$

где $К_{к.р}$ - коэффициент текущих расходов бюджета; $Р_т$ – текущие расходы бюджета; Р – расходы.

- Коэффициент инвестиционных расходов бюджета рассчитывается на основе деление инвестиционных расходов бюджета на расходы бюджета. Данный показатель показывает на сколько доля бюджета выделяется на инвестицию и рассчитывается на основе математической формулы:

$$К_{и.р}= \frac{Р_и}{Р},$$

где $К_{и.р}$ - коэффициент инвестиционных расходов бюджета; $Р_и$ – инвестиционные расходы бюджета; Р – расходы.

- Коэффициент относительной стоимости содержания органов местного самоуправления, показывает удельный вес расходов на организацию и реализацию местного управления в общей сумме общественно полезных расходов. Чем выше значение коэффициента, тем дороже обходятся органы власти бюджету.

$$К_{о.м.с}= \frac{Р_{о.м.с}}{Р},$$

где $К_{о.м.с}$ - коэффициент относительной стоимости содержания органов местного самоуправления; $Р_{о.м.с}$ –расходы на содержание органов местного самоуправления; Р – расходы.

- Коэффициент социальной ориентированности местного бюджета. Данный показатель показывает удельный вес расходов на социальную сферу. То есть какая доля от общего расхода выделяется на социальную сферу и рассчитывается на основе формулы:

$$К_{с.о}= \frac{Р_{соц}}{Р},$$

где $К_{с.о.}$ - коэффициент социальной ориентированности местного бюджета; $Р_{соц}$ – расходы социального характера; Р – расходы.

- Коэффициент программных расходов местного бюджета. Данный показатель показывает какая доля расходов предназначена для инвестиции целевых программ которые сформулированы в рамках государственных и целевых программ.

$$К_{п.ц.р}= \frac{Р_{п.ц.р}}{Р},$$

где $К_{п.ц.р}$ - коэффициент программных расходов местного бюджета;

$Р_{соц}$ – расходы бюджета, сформированные в рамках государственных и местных целевых программ; Р – расходы.

**4. показатели финансовой устойчивости местного бюджета;**

- Коэффициент общей финансовой устойчивости местного бюджета. Данный коэффициент отражает уровень покрытия расходов бюджета за счёт налоговых и неналоговых доходов. То есть если коэффициент ближе к одну или равно, это говорит о том что текущие расходы бюджета полностью покрывается налоговым и неналоговыми доходами и рассчитывается на основе формулы :

$$К_{ф.у}= \frac{НД+НнД}{Р_т},$$

где $К_{ф.у}$ - коэффициент общей финансовой устойчивости; НД – налоговые доходы; НнД – неналоговые доходы; $Р_т$ – текущие расходы бюджета.

**5. показатели долговой зависимости местного бюджета.**

- ***коэффициент долговой зависимости местной экономики.*** Этот коэффициент отражает долговой зависимости государство или местных управлений, которая отражает долю государство в валовом внутреннем или региональном продукте. Данный коэффициент рассчитывается на основе местного долга (местного долга)

делённый на общий объем промышленного и сельскохозяйственного производства, розничной торговли и сферы услуг.

$$К_{д.з.м}=\frac{МД}{О},$$

где $К_{д.з.м}$ - коэффициент долговой зависимости местной экономики;

МД – местный долг; О – общий объем промышленного и сельскохозяйственного производства, розничной торговли и сферы услуг.

➢ *Коэффициент долговой емкости бюджета* показывает степень покрытия местного долга доходными источниками без учета утвержденного объема безвозмездных поступлений и поступлений налоговых доходов по дополнительным нормативам отчислений. Рассчитывается на основе математической формулы, которая состоит из, местного долга, бюджетного дохода, объём безвозмездных поступлений и налоговые доходы по дополнительным нормативам отчислений:

$$К_{д.е}=\frac{МД}{Д-БВП-НД_{доп}},$$

где $К_{д.е}$ - коэффициент долговой емкости бюджета; МД – местный долг;

Д – доходы; БВП - объема безвозмездных поступлений; $НД_{доп}$ - налоговые доходы по дополнительным нормативам отчислений.

➢ *Коэффициент долговой зависимости бюджета.* Данный показатель отражает долговой зависимости местного бюджета. Рассчитывается на основе деления местного долга на текущий расход.

$$К_{д.з}=\frac{МД}{Р},$$

где $К_{д.з}$ - коэффициент долговой зависимости бюджета; МД – муниципальный долг; Р – текущие расходы.

➢ *Коэффициент долговой нагрузки бюджета.* Отражает долю расходов из общий расходов местного бюджета.

$$К_{д.н}=\frac{Р_{обс}}{Р},$$

где $К_{д.н}$ - коэффициент долговой нагрузки бюджета; $Р_{обс}$ – расходы бюджета на обслуживание долга; Р – текущие расходы.

➢ *Коэффициент долговой нагрузки на одного жителя.* Данный коэффициент отражает бремя, приходящееся на каждого жителя, то есть доля долга на одного жителя. Рассчитывается на основе формулы:

$$К_{д.н.ч}=\frac{МД}{Ч},$$

где $К_{д.н.ч}$ - коэффициент долговой нагрузки на одного человека; МД – местный долг; Ч – численность населения региона.

➢ *Коэффициент предела обслуживания местного долга* показывает долю текущих расходов по обслуживанию местного долга в общей сумме расходов.

$$К_{обс}=\frac{Р_{обс}}{Р-Р_{суб}},$$

где $К_{обс}$ - коэффициент предела обслуживания местного долга;

Р – текущие расходы; $Р_{суб}$ –расходы бюджета, которые осуществляются за счет субвенций.

Принимая во внимания все перечисленные методы расчёта и коэффициентов можно прийти к выводу, что для более глубокого анализа необходимо, рассчитать все коэффициенты для каждого региона.

Данный метод позволит нам выявить на сколько усовершенствовано межбюджетные отношения в стране. Например используя только коэффициент эффективности использованных межбюджетных трансфертов можно узнать на сколько бюджет региона зависит от республиканского бюджета. Всё это позволит нам усовершенствовать межбюджетные отношения в стране.

**Литература:**

1. Бюджетная система России: учеб. для вузов /под ред. Г.Б. Поляка. М.: ЮРАЙТ, 2000. 621 с.

2. Ермакова Е.А., Болякина О.В. Подходы к определению финансовой самостоятельности местных бюджетов России // Финансы и кредит. 2012. № 12. С. 2–8.
3. Коротина Н.Ю. Методика анализа финансового состояния бюджетов муниципальных образований // Н.Ю. Коротина // Муниципальные финансы. Финансовая аналитика: проблемы и решения. Москва 2014. С. 36-47.
4. Кузнецова Е.В. Оценка качества сбалансированности бюджетов субъектов Российской Федерации // Финансы. 2011. № 2. С. 15–19.
5. Макарова С.Н. Методика финансового анализа и оценки программных расходов бюджета публично-правового образования // Аудит и финансовый анализ. 2012. № 6.
6. Родионова В.М. Сбалансированность бюджетов: теоретический и правовой аспекты // Финансы. 2012. № 4. С. 54–60.
7. Юнусзода Х.К. Совершенствование диагностики и методов оценки социально-экономического развития регионов Республики Таджикистан / Х.К. Юнусзода // Кандидатская диссертация. Душанбе 2020. - 170 стр.
8. Яковенко И.В. Теоретико-методологический подход конвергенции методов качественного и количественного анализа при моделировании управления межбюджетными отношениями // Вестник удмуртского университета// Экономика и право. 2018. Т. 28, вып. 4. Стр. 517-524.
9. Яшина Н.И., Емельянова О.В. Методика оценки финансового состояния консолидированных бюджетов субъектов РФ // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. 2008. №5.С. 154–166.

## УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКӢ ВА ТАЪСИРИ ИҚТИСОДИИ ОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

**Ҷулиев М.Ҳ. - ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодии ДДМИТ**

Ҷаҳонишавии муносибатҳои молиявӣ манбаи муҳими тағйирёбии сатҳу сифат ва баҳодиҳии фаъолияти низоми бонкии ҳар як кишвар мебошад, ки онро ҳамчун фишанги устуворӣ ва муҳим дар рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ гуфтан мумкин аст. Ин тамоюл раванди рушди фаъолияти бонкҳоро ҳамчун як фишанг ва омили дорои таъсири самаранок оид ба ҳавасмандгардонӣ ҷиҳати рушди иқтисоди миллӣ ва татбиқи сиёсати баробарии молиявӣ тавассути низоми бонкӣ инъикос менамояд. Дар робита ба раванди ҷаҳонишавӣ ва эҳтимолияти паҳншавии равандҳои ноустуворӣ байни низоми бонкию дигар низомҳо ва сиёсати молиявии давлат афзоиш меёбад. Ҳамин аст, ки имрӯза хислати ҷаҳонишавии мубодилаҳои иқтисодӣ дар соҳаи молиявӣ на танҳо омили нави рушди низоми бонкӣ мегардад, балки ба фаъолияти воқеии иқтисодиёт дар ҳамоҳангӣ бо низоми бонкӣ таъсири назррас мерасонад. Бинобар ин, зарурати дарки ҷанбаҳои нави рушди молиявии алоқаманд бо равандҳои ҷаҳонишавӣ дар заминаи таъсири он ба фаъолияти низоми бонкӣ бояд баррасӣ гардад.

Ҷаҳонишавӣ раванди умумибашарии баҳамой ё ҳамгирой ва якҷояшавии иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва динӣ мебошад. Ин равандҳо бевосита ба фаъолияти низоми бонкии мамлакат дахл доранд, ки пешбарандаи низоми мунтазами хизматрасониҳо дар сатҳи иқтисодиётро ба уҳда доранд. Яке аз сиёсатҳое, ки дар раванди такмили низоми хизматрасониҳои дохилӣ, аз он ҷумла ба бонкҳо мусоидат менамояд, ин протексионизм мебошад. Протексионизм – сиёсати савдои давлат, ки ба маҳдудкунии воридоти молу хизматрасониҳо равона шуда, мақсади он дастгирии молистеҳсокунандагони ватанӣ, зиёд кардани ҷойҳои корӣ ва таъмини иҷрои нишондиҳандаҳои дигари иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Таҷрибаи рушди як қатор низомҳои миллии бонкӣ (ҳам давлатҳои пешрафта ва кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта), комёбиҳо ва пастравиҳои онҳо нишондиҳандаи он аст, ки либерализатсияи шароити амалигардонии фаъолияти бонкӣ бояд бо чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии низоми бонкӣ пайваст

бошад, ки ин барои ба назар гирифтани мӯҳлатҳо ва миқёси таҳаввулоти иқтисодиёти низоми бонкӣ сабаб мегардад.

Марҳилаи муосири рушди равандҳои ҷаҳонишавии молиявӣ дар заминаи муҳими дигаргуншавии институтсионалии низоми молиявии ҷаҳонӣ сурат мегирад:

- ✓ бартараф намудани маҳдудиятҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ дар роҳи ҳаракати байнидавлатӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ;
- ✓ таъсис қабул ва эътирофи меъёрҳои байналмилалӣ, кодексҳо, маҷмии қоидаҳои беҳтарини пешбурди амалиётҳои молиявӣ бо мақсади назорати хавфҳо дар низоми молиявӣ.

Дар бештари ҳолатҳо, чунин дигаргуниҳои институтсионалӣ бо ташаббуси институтҳои байналмилалии молиявӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба монанди Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ, Созмони умумиҷаҳонии савдо ва ғайра амалӣ мегарданд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ фаъолияти худро барои татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ ва асъорӣ, суботи молиявии низоми бонкӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии амонатгузорон равона карда истодааст, ки низоми бонкӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ба ин масъалаҳо эҳтиёҷи бештар доранд.

Ғайр аз ин, раванди ҷаҳонишавӣ ба масъалаи рақобати бонкӣ низ таъсир расонид, ки бонкҳо мувофиқи талаботҳои ин раванд фаъолияти худро ба принсипҳои мавҷудаи бозор ҷиҳати фаъолияти самаранок ба роҳ монд. Дар низоми бонкӣ яке аз элементҳои дигари раванди ҷаҳонишавӣ ин рақобати бонкӣ мебошад, ки тибқи он бояд бонкҳо фаъолияти худро мувофиқ намоянд ва дар ин масъала як қатор таҳқиқоту коркардҳои илмӣ анҷом дода шудаанд. Дуруст қайд гардидааст, ки нишондиҳандаи рушди босуръати ҷаҳонишавии иқтисодиёт фаъолнокии муносибатҳои тиҷоратӣ мебошад.

Дар шароити имрӯза мақсади асосии фаъолияти ҳар як ташкилоти қарзӣ гирифтани фоида мебошад ва пеш аз ҳама, дар ҷараёни инкишофи соҳаҳо ба имконоти бозори бонкӣ такя кардан зарур аст. Зеро институтҳои молиявӣ, чун қоида, хароҷоти амалиётро зиёд менамоянд, то дар бозори рақобат имкон ёбанд ва барои дастрасии шаклҳои гуногуни хизматрасонӣ филиалҳои нав кушода, мутахассис ва кормандони навро ба кор сафарбар намоянд.

Рақобати бонкӣ ин рақобати доимии бонкҳо аз ҳисоби ишғоли ҳиссаи афзалиятноки бозор баҳри мустаҳкам намуда мавқеи худ дар бозори байнибонкӣ мебошад.

Раванди дигаре, ки ҳангоми рушди бахшҳои гуногун пайдо мешавад, ин бонкҳои бузург мебошанд, ки маҳсулоти бештари пасандозӣ, пардохтӣ ва қарзиро пешниҳод намуда, дар бозор тавассути омӯзиши дақиқ роҳандозӣ менамоянд. Бо чунин тарз рақибони бузург кӯшиш менамояд, ки дар бозор ҳамаи имкониятҳои дар дасти бонкҳо ё ташкилотҳои қарзии дар сатҳи хурд фаъолияткунандаро низ ба даст оранд. Низоми бонкӣ муҳимтарин унсури иқтисоди бозорӣ мебошад, ки вазифаҳои асосии он амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳои байни субъектҳои хоҷагидорӣ дар дохили кишвар ва ҷаҳони беруна, қарздиҳӣ ба фаъолияти иқтисодӣ, ҷамъ овардани пасандозҳо, табдил додани онҳо ба сармоягузорӣ мебошанд. Рушди бахши воқеии иқтисодиёт, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, бозори молиявӣ, баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ бештар ба сатҳи рушди низоми бонкӣ вобаста аст. Норасоиҳо дар фаъолияти низоми бонкӣ бавуҷудомада эҳтимолан барои тамоми иқтисодиёт оқибатҳои харобиовар дорад. Аз ин рӯ, ҳама давлатҳо барои таъмини самаранокӣ ва рушди низоми бонкии худ тадбирҳо меандешанд. Ғайр аз ин, афзоиши ҳиссаи бонкҳо дар ҳаёти иқтисодии ҷамъият бо тағйир ёфтани шаклҳои муомилоти пулӣ, яъне васеъ истифода бурдани маблағҳои ғайринақдӣ ва пардохт алоқаманд аст. Вобаста ба имкониятҳои мавҷудаи низоми бонкӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ҷиҳати пурзур намудани устувории худ меъёри пардохтпазирӣ то як андоза баланд бардошта шуд, ки ин масъала ба мутобиқшавӣ ба

чараёнҳои ҷаҳонишавӣ мебошад. Ҳамзамон тағйрёбии меъёрҳои пардохтпазириро дар диаграммаи 1 дидан мумкин аст.

**Диаграмаи 1.Пардохтпазирии низоми бонкӣ**




**Сарчашма. Таҳияи муаллиф.** Дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ солҳои 2015, №12 (233), 2016, №12 (257), 2018, № 12 (281), 2020, №12 (305).

Аз рӯи маълумотҳои диаграммаи мазкур гуфтан мумкин аст, ки масъалаи пардохтпазирии низоми бонкӣ вобаста ба талаботҳои раванди ҷаҳонишавӣ дар ҳоли афзоиш қарор дошта, ин меъёр сол  сол зиёд гардидаанд. Ин нишондиҳанда дар соли 2015 агар 70%-ро ташкил намуда бошад, пас ин дар соли 2021 75%-ро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба соли 2015 5% зиёд гардидааст.

Пардохтҳои ғайринақдӣ ба соҳаи муносибатҳои пулии субъектҳои хоҷагидорӣ торафт бештар гардида ба суратҳисобҳои бонкӣ ворид намудани даромад, истифодаи чекҳо, кортҳои пластикӣ вобастагии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро аз бонкҳо васеъ намуда, бонкҳоро ба системаи гардиши воқеии иқтисоди бозорӣ табдил медиҳад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо шарофати ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати рақобат дастовардҳои илмию техникии ҷаҳонӣ дар ҳама самтҳои фаъолияти иқтисодии кишварҳо, аз ҷумла бонкдорӣ васеъ истифода мешаванд.

Вобаста ба таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таҳлилҳои амиқи нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ барои устувор гардонидани устувории низоми бонкӣ дар сатҳи зарурӣ андешидани чораҳои зарурӣ мувофиқи мақсад мебошад:

- Тақсимоти дурусти кадрӣ дар сатҳи идоракунӣ ва роҳбарикунанда бо назардошти малака, таҷриба, дониш ва қобилияти навоварӣ дар низоми бонкӣ;
- Тақсимоти дурусти захираҳо ва сафарбарсозии онҳо ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва соҳаҳои нисбатан бехатар;
- Зиёд намудани захираҳои пулӣ аз ҳисоби воситаҳои худӣ ва дар заминаи ин афзош додани амалиётҳои сердаромад;
- Бо роҳи риоя меъёрҳои пардохтпазирӣ зиёд намудани боварии мизоҷон ба низоми бонкӣ;

**Адабиёт**


1. Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019

2. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 23.12.2022 [манбаи электронӣ]. URL: http: // www.president.tj.
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [манбаи электронӣ] www.stat.tj
4. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 [манбаи электронӣ] www.stat.tj
5. Хайрзода. Ш.Қ .Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Точикистон дар шароити бесуботии молиявӣ. Диссертатсия докторӣ 08.00.10 / Хайрзода Ш.Қ. – Душанбе 2021. с 430.
6. Ҷураев Б.М. Пул, қарз ва бонк / Б.М.Ҷураев // ш. Душанбе, соли 2012, 114 с.
7. Ҷулиев М.Ҳ. Муслихова Т.Т Масъалаҳои асосии такмилдиҳии низоми молиявию бонкӣ ба иқтисодиёт Паёми молия ва итисодӣ ДДМИТ № 3 (32) 2022 ISSN 2663-0389 С. 90

## МАЗМУНИ ИҚТИСОДИИ БОЗОРИ ҚАРЗ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Одинаев А.С. –ассистенти кафедраи омори ДДМИТ**

*Айни замон шароити ноустувории иқтисодиёти ҷаҳони муосир ва таъсири омилҳои беруна ба иқтисодиёти миллии кишвар масоили таъмини амнияти сатҳи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ басо муҳим арзёбӣ мегарданд, дар ин маврид бозори қарзӣ соҳаи махсусан таъсиррасон инчунин самаранок баҳисоб меравад. бозори қарзӣ ҳамчун як қисми ҷудогонаи бозори молиявӣ бо ҳамгироии воридшавии воситаҳои молиявии хориҷӣ таъсиргузор буда, раванди тағйирёбии ҳолати воқеъии иқтисоди муосирро ҳамчун омили мусбӣ таъсир мерасонад. Дар самти назария аз нигоҳи оморию иқтисодӣ моҳият ва аҳамияти бозори қарз то баҳол аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ мавриди баҳсу музокираҳо қарор дорад.Дар мақолаи мазкур, бо мақсади муайян кардани мафҳум ва мяти бозори қарзӣ аз нигоҳи назариявӣ буда, нақши бозори қарзӣ дар рушди иқтисоди кишвар мебошад.. Дар воқеъ мафҳум ва моҳияти бозори қарзӣ бо ақидаҳои олимони дохилию хориҷӣ аз нигоҳи илми омори молия баҳогузорӣ гаштааст.*

**Калидвожаҳо**: *таъсирбахшии омилҳо, бозори сармоя, бозори пул, бозори қарзӣ, самаранок иистифодабарии қарз, рушди устувории рақобатпазир, устувории фаъолияти бонкӣ.*

Дар шароити муосир яке аз заминаҳои муҳими фаъолияти бозори қарзӣ ин устувории фаъолияти бонкӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад. Айни замон шароити ноустувории иқтисодиёти ҷаҳони муосир ва таъсири омилҳои беруна ба иқтисодиёти миллии кишвар масоили таъмини амнияти сатҳи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ басо муҳим арзёбӣ мегарданд, дар ин маврид бозори қарзӣ соҳаи махсусан таъсиррасон инчунин самаранок баҳисоб меравад. Хусусан, дар шароити иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори қарзӣ ҳамчун як қисми ҷудогонаи бозори молиявӣ бо ҳамгироии воридшавии воситаҳои молиявии хориҷӣ таъсиргузор буда, раванди тағйирёбии ҳолати воқеъии иқтисоди муосирро ҳамчун омили мусбӣ таъсир мерасонад. Ҳарчанд мо рушди бозори қарзиро омили мусбӣ ҳисобидем, аммо зарурияти омӯзиши таъсирбахшии омилҳои дигар (дохила ва беруна), ки ба рушди иқтисодиёти кишвар ба миён омадааст. Таҷрибаи як қатор кишварҳои минтақа ва рӯ ба инкишоф нишон медиҳад, ки муваффақ шудан дар рушди бозори қарзи бонкӣ дар омӯзиш ва таҳлилҳои дақиқи соҳавӣ маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки «...масъалаи таъмини саривақтии талаботи иқтисодиёт ба маблағгузорӣ, хусусан, қарздиҳӣ бояд ҳамеша дар меҳвари фаъолияти низоми молия ва бонкҳои кишвар қарор дода шавад.

Зеро ҳар қадар, ки аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ба аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор қарзҳои дастрас зиёд пешниҳод карда шаванд, суръати рушди соҳаҳои

иқтисодиву иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамон қадар баланд мегардад.»[3]. Дуруст аст, ки сарчашмаи калидии пайдоиши бозори қарз ин бонкҳои рақобатпазир мебошанд. Вобаста ба ин мутобиқи нишондиҳандаҳои оморӣ бозори қарзи бонкӣ яке аз сохторест, ки дорои хусусияти хос буда, барои таъмини пулӣ дар рушди иқтисодиёт ва умуман тамоми соҳаҳо нақши арзандаро мегузорад.

Хусусияти дигари бозори қарзӣ вобаста ба назарияи омори иқтисодӣ дар он аст, ки ҳамчун омили устуворгардии молиявии бонкҳо, ташкилот корхона ва ғайра, ки дар ин маврид ё баръакс бошад. Ҳамин тавр, бозори қарзӣ метавонанд ҳам нақши устуворгардонӣ ва ҳам нақши ноустуворгардониро ишғол намоянд.

Дар самти назария аз нигоҳи оморию иқтисодӣ моҳият ва аҳамияти бозори қарз то баҳол аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ мавриди баҳсу музокираҳо қарор дорад, ва бояд тазаккур дод, ки мафҳуми бозори қарз вобаста ба санаду меъёрҳои қабулгашта, айни замон зарурияти мавриди таҳқиқот қарор гирад. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки мафҳуми бозори қарзӣ дар санадҳо ва меъёрҳои мақомотҳои дахлдор қариб ба назар намерасад, танҳо дар адабиёти иқтисодӣ мавриди истифода қарор дорад. Мафҳуми мазкур бо танзими молиявӣ-қарзӣ, сиёсати пулию қарзӣ, ва ғайра аз тарафи муҳақиқони ватанию хориҷӣ ҳаммуродиф қабул мегардад, ки асоси мафҳуми «бозори қарз»-ро ифшо намекунанд. Вобаста ба ин масъалаи баҳсангези бозори қарз дар таҳқиқотчиёни ватанию хориҷӣ мавқеъи назаррасро ишғол менамояд, ки бештари олимони соҳа бозори қарзро ҳамчун бозори молиявӣ хонда таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Бояд қайд кард, ки аз тарафи муҳаққиқон оид ба мафҳуми бозори қарзӣ андешаҳо гуногунанд, олимони соҳа моҳият ва сохтори онро ба таври гуногун арзёбӣ намуда, илова бар ин, дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии худ мафҳумҳои «бозори сармоя» ва «бозори пул» бо мафҳуми бозори карзӣ ҳаммуродиф муайян карда шудаанд. Бо ақидаи мо ҳадафи ин тадқиқотҳои гузаронидашуда ошкор кардани моҳият ва асосҳои назариявӣ мутобиқи консепсияҳои меросмондашуда мебошад.

Хулоса бозори қарзӣ ҷузъи ҷудонашавандаи бозори молиявӣ буда, таъминкунандаи ташаккули раванди истеҳсолот ва истеъмолот мебошад. Асос фаъолияти бозори қарзӣ, ин мавҷудияти қарздиҳандагоне, ки маблағҳои муваққатан озод доранд, карзгирандагон, ки уҳдадориҳои худро аз руи қарзҳо сари вақт ва пурра иҷро карда метавонанд, ҳамзамон низоми танзими давлатии бозори карз, таъмини қонунгузори ва меъёри мебошад. Пешниҳоди пули нақди озод барои қарз бояд ба қарздиҳанда сатҳи муайяни даромадро бо дараҷаи қаноатбахши хавфи бознагардонидан таъмин намояд ва имкониятҳои аз даст рафтаро аз ҳисоби сармоягузории маблағҳо ба дороиҳои дигар ҷуброн намояд. Ба ақидаи В.П. Ходаковска бозори қарз «механизмест, ки ба воситаи он муносибатҳо байни корхонаҳо ва шаҳрвандоне, ки ба маблағ эҳтиёҷ доранд ва ташкилоту шаҳрвандоне, ки метавонанд бо шартҳои муайян онҳоро (қарз) диҳанд, муқаррар карда мешавад ва ӯҳдадориҳое, ки дар бозори махсуси коғазҳои қиматнок амалӣ мегарданд»[4].Дар баробари ин, бояд тазакур дод, ки бозори қарзӣ синтези бозорҳои воситаҳои гуногуни пардохт мебошад. Дар мамлакатҳое, ки аз нигоҳи иқтисоди тараққикарда, шартномаҳои қарзӣ дар навбати аввал аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ (бонкҳои тиҷорати ё дигар муассисаҳо), ки қарз мегиранд ва медиҳанд, миёнарав мешаванд ва дуюм, аз ҷониби ташкилотҳои сармоягузорӣ ё ба ин монанд, ки барориши қоғазҳои қиматноки қарзии гуногунро таъмин менамоянд.

[3] Паёми Президенти Ҷуцмҳурии Тоҷикистон «Дарбораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 23 Декабр, 2022 саҳ.4

[4] . В.П.Ходаковска Современное состояние кредитного рынка России и направления работы с просроченной задолженностью // Новая наука и формирование интегративно-целостного мышления. 2017. С. 194-197. 9.

Маслова С.О чунин мафҳумро медиҳад «Бозори қарз механизмест, ки ба воситаи он муносибатҳо байни корхонаҳо ва шаҳрвандоне, ки ба захираҳои молиявӣ эҳтиёҷ доранд ва ташкилотҳо ва шаҳрвандоне, ки метавонанд дар шароити муайян маблағҳои зарурири таъмин намоянд»[5]. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки бозори қарз як соҳаи мушаххаси муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар он объекти амалиёти сармоявӣ дар шароити муайян ба қарз додашуда мебошад. Шарти зарурии фаъолияти бозори қарз мавҷуд будани қарздиҳандагоне мебошад, ки маблағҳои муваққатан «озод» доранд ва қарзгирандагон метавонанд уҳдадориҳои худро дар назди қарздиҳандагон сари вақт ва пурра иҷро намоянд.

Инчунин шарти муҳими фаъолияти бозори қарз мавҷудияти низоми танзими муносибатҳо дар бозори қарз мебошад. Вобаста ба ин барои пурра баён намудани мафҳуми бозори қарз, мафхуми бозори сармояи карзиро истифода бурда, онро ҳамчун як намуди бозори пулӣ (молиявӣ), ки дар он талабот ва пешниҳод ба пули қарз ташаккул меёбад, истифода намудан аз имконот холӣ нест. Ғайр аз ин бозори карзиро аз ҷиҳати функсионалӣ ва институтсионалӣ ҷудо намудан мумкин аст. Бозори қарзӣ ба ҳаракати сармоя дар дохили мамлакат, ба маблағгузории асосӣ табдил додани пасандозҳои пулӣ, афзоиши истеҳсолот ва муомилот, тадбиқи назария дар амалия аз нигоҳи илмию техникӣ, истифодоаи самараноки фондхои асосӣ мусоидат мекунад. Ба ин васила бозор дар давраҳои гуногуни ҳамчун такрористеҳсолкунанда ва мёнарав буда, як навъи такьягоҳи соҳаи моддии истеҳсолот буда, аз ин макон захираи пулии иловагӣ сарчашма мегирад.

Рыкова И.А. бозори қарзиро ҳамчун ҷузъи мушаххаси бозори воситахои қарзи тавсиф мекунад, ки муносибати байни мизоҷ ва сармоягузорро инъикос намуда, чун қоида бо пардохти арзиши қарз даромад ба сармоягузор меоварад[6].

Нақши иқтисодии бозори қарз аз он иборат аст, ки фондхои хурди парокандаро ҷалб намуда, самаранок истифодабарии он дар истеҳсолот ва истеъмолот таъмин мегардад.
Ин ба бозор имкон медихад, ки ҳамчун омил ба марказонидани истеҳсолот ва сармоя фаъолона таъсир расонад.

Хусусияти муҳими бозори қарз ин пурзӯр намудани таъсир ба раванди ташаккули ҳамкории устувории иқтисодии мамлакатҳои ҷаҳонӣ тавассути таъмини сармоя мебошад. Дар асоси таҳлили методологӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотию илмӣ оид ба масъалаи баррасишаванда, ба андешаи мо, мазмун ва шаклҳои ифодаи мафҳумҳои таҳқиқшавандаро чунин пешниҳод кардан мумкин аст: бозори қарз, ҷузъи ҷудонашавандаи бозори молиявӣ буда, таъминкунандаи ташаккули раванди истеҳсолот ва истеъмолот мебошад. Асос фаъолияти бозори қарзӣ, ин мавҷудияти қарздиҳандагоне, ки маблағхои муваққатан озод доранд, қарзгирандагон, ки уҳдадориҳои худро аз руи қарзҳо сари вақт ва пурра иҷро карда метавонанд, ҳамзамон низоми танзими давлатии бозори қарз, таъмини конунгузори ва меъёри мебошад; «Бозори қарзи бонкӣ механизмест, ки ба воситаи он муносибатхои тарафайни бонкҳо ва мизоҷонҳо, ки ба пул ва амалиётҳои молиявӣ эхтиёҷ доранд, ташкилотҳо ва шаҳрвандон метавонанд дар шароити муайян маблағҳои зарурири таъмин намоянд».

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, баланд бардоштани самаранокии бозори қарз вазифаи асосии ҳар як низоми бонкдории кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон мебошад. Бояд қайд намуд, ки нахуст, дар асоси таҳлили назариявӣ, хулосае асоснок карда мешавад, ки нуқтаи назари ягонаи олимони интихобшуда оид ба таърифи мафҳумҳои «бозори қарз» ва « бозори қарзи бонкӣ» дар шароити муосир то ҳол вуҷуд надорад.

---

[5] Ковалев С.Д. Анализ банковского кредитного рынка // Наука, образование, общество: тенденции и перспективы развития. 2017. С. 139-145.
[6] Рыкова И.А. Современное состояние кредитного рынка России и направления работы с просроченной задолженностью // Новая наука и формирование интегративно-целостного мышления. 2017. С. 194-197.

Дуюм, фарҳангӣ самаранок иистифодабарии қарз - ин истифодаи оқилонаи қарз дар муҳлати муайян барои таъмини талабот дар ҳолати зарурӣ барои ташкил ва ташаккули сатҳи хуби иҷтимоӣ-иқтисодии худ дар оянда ба шумор меравад. Таҳти ибораи самаранокии бозори қарзӣ самаранокии истеҳсолот фаҳмида мешавад[7], ки ҳангоми бо пул таъмин гаштани иқтисодиёт боиси афзоиши истеҳсолот мегардад, зеро қарз дар бештари ҳолатҳо барои васеъ намудани истеҳсолот, ба даст овардани техникаю технологияи нав ва сохтани корхонаҳои истеҳсолӣ истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, бозори қарзи ё худ қарзи бонкӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи бозори молиявӣ баҳисоб рафта, нишондиҳандаи калидии иҷтимоӣ –иқтисодӣ, молиявӣ-бонкӣ буда, ҳамчун маҷмӯи нишондиҳандаҳои оморӣ, ва ташаккули рушди устувории рақобатпазир бо омилҳои таъсиррасони дохилӣ ва беруниро бо роҳи таҳкимбахшии рушди иқтисодиёт равона гардида, раванди таъсирбахшиаш бо тарафҳои мусбиаш ба рушди ҷомеъа ҳамзамон суръатафзоии раванди истеҳсолоти миллӣ мебошад. Дар асл низоми нишондиҳандаҳои омории котегорияи мазкур яъне бозори қарзӣ баробари самаранок истифодабарии захираҳои пулӣ, инчунин ҳаҷми ҷалби мабағгузориҳо, ва ғайраро фарогир мебошад. Ифодакунонии сифатии сатҳи бозори қарзӣ дар айни ҳол дар ҳолати бояду шояд қарор дорад, ин мафҳум зери назари муҳаққиқон ва олимони зиёди соҳа ҳам ватанӣ ва хориҷӣ қарор гирифтааст. Масъалаи то кадом андоза сатҳ ва сифати бозори қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расидааст низ қисман вобаста ба соҳаҳо таҳқиқ гардидааст, аммо баҳои омории миқдорию сифатии нишондиҳандаҳои он дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст.

Омӯзиши оморӣ аз нигоҳи назариявӣ рушди бозори қарзӣ инчунин барои ба даст овардани маълумот оид ба миқдор ва ҳаҷми қарзҳо ва арзиши он зарур буда, самаранок истифодабарии қарзҳо бо назардошти ҳолати ноустувори молиявии ҷаҳон, омӯхта шуда, назорат аз болои ташаккулёбии бозори қарзӣ ва муайян кардани омилҳои таъсиррасон дар бар гирифтааст. Инчунин ошкор намудани самаранок истифодабарии қарзҳо дар соҳаҳои алоҳида ё умуман накши он дар сатҳи иқтисодиёт муҳим дониста шуда, алоқамандии дигар соҳаҳо ва таҳия ё тасдиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ доир ба танзими давлатӣ ва муқаррар намудани меъёр яъне фоизи қарзӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Бинобар ин зарур аст, ки бартариятҳои асосӣ ва авлавиятҳое, ки бо пул таъмин кардани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро омӯзиш ва таҳқиқ гардида, аз лиҳози оморӣ арзёбӣ карда шаванд.

Пешниҳодҳо

1.Баланд бардоштани самаранокии бозори қарз вазифаи асосии ҳар як низоми бонкдории кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон мебошад.

2.Муаянсозии сатҳ ва сифати бозори қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили маълумотҳои омории расмӣ, ва ташкили баҳои омории миқдорию сифатии нишондиҳандаҳои он дар сатҳи зарурӣ барои ояндабинии рушди иқтисоди миллӣ.

3. Бартариятҳои асосӣ ва авлавиятҳои бозори қарз, ки яке аз муҳарики бо пул таъмин кардани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, аз лиҳози оморӣ арзёбӣ карда шаванд.

**Адабиёти истифодашуда:**

1. Белоглазова, Г. Банковское дело / Г. Белоглазова. - М.: Питер, 2010. – 254 с.
2. Белоглазова, Г. Н. Банковское дело. Организация деятельности коммерческого банка / Г.Н. Белоглазова, Л.П. Кроливецкая. - М.: Юрайт, Высшее образование, 2017.- 424 с.
3.Иброҳимов И. Р., Ниёзов М. А. Муомилоти пул, қарз ва бонк: васоити таълимӣ. – Душанбе: "Ирфон", 2010, 288 саҳ.

[7] Иброҳимов И. Р., Ниёзов М. А. Муомилоти пул, қарз ва бонк: васоити таълимӣ. – Душанбе: "Ирфон", 2010, 288 саҳ.

4. Ковалев С.Д. Анализ банковского кредитного рынка // Наука, образование, общество: тенденции и перспективы развития. 2017. С. 139-145.
5. Костенкова В.Г. Кредитный рынок России – современное состояние // Возрастание роли финансов и учета в социально-экономическом развитии страны. 2016. С. 84-91.
6.Махшулов С., Ашуров Ғ., Хоҷаев Б. Фаъолияти бонкӣ (барои ихтисосҳои иқтисодӣ). - Душанбе, 2018.
7. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. - 6 - е изд., перераб. И доп. - М. ИНФРА - М, 2011.
8. Официальный сайт Национального Банка Таджикистана.
9. Рыкова И.А. Современное состояние кредитного рынка России и направления работы с просроченной задолженностью // Новая наука и формирование интегративно-целостного мышления. 2017. С. 194-197.
10.Раҳимзода Ш. Саноатикунонӣ – асоси рушди минбаъдаи иқтисодиёт. Ш. Раҳимзода // Молия ва ҳисобдорӣ 2020 №6 (165) июн С. 17-24

## БАХШИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КУШОД ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

**Сафаров Б.Г. –н.и.и., дотсент, муовини ректор оид ба илми ДДМИТ**

Пайдоиши ҷаҳонишавӣ ҳамчун як низоми ягонаи ҷаҳонии иқтисодӣ набояд ҳамчун як раванди кутоҳмуддат, балки раванди дарозмуддат баррасӣ гардад. Иқтисоди ҷаҳон дар тӯли таърихи инкишофи худ ба ҳолати ҷаҳонишавӣ гузашт. Бинобар ин, мо метавонем дар бораи намунаҳои муайяни таърихии раванди ҷаҳонишавӣ таҳлилҳо гузаронем ва дар асоси он муайян намоем, ки шаклҳои ҷаҳонишавӣ кадомҳоянд ва онҳо то чӣ андоза метавонанд ба табиати рушди иқтисодиёти миллӣ таъсир расонанд. Яъне ҷаҳонишавӣ имкониятҳои нави рушди устуворро фароҳам меорад ва ё баръакс, хавфҳои иловагиро, ки бо пайдоиши тамоюлҳои буҳронӣ алоқамананданд, эҷод мекунад. Равандҳои муосири инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ, ки дар шакли буҳронҳо ва таҳримҳо зоҳир гашта истодаанд, масъалаи таъсири омилҳои ҷаҳонӣ ба рушди иқтисодиёти миллии дорои сатҳи баланди иқтисоди кушодро боз ҳам шадидтар мегардонад.

Аммо таҷриба нишон дод, ки имрӯз ҳеҷ як иқтисоди миллӣ, новобаста аз андозаи кишвар ва сатҳи рушди он, бе такя ба иқтисоди беруна самаранок рушд карда наметавонад. Бояд қайд кард, ки раванди такя ба захираҳои дохилӣ як монеаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегардад, зеро он боиси маҳдудияти истифодаи оқилонаи захираҳои миллӣ гардида, дар ниҳоят гузаштан ба иқтисоди бозаргониро душвор месозад. Аз тарафи дигар, ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегияи рушди иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ давлат бояд равандҳоеро, ки дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба амал меоянд, бояд ба назар гирад. Зеро дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ иқтисодҳои кушод ташаккул меёбанд ва "афзоиши кушодагии иқтисод", ки хусусияти умумӣ пайдо мекунад, ҳамчун намунаи муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ амал мекунад ва дар навбати худ равишҳои навро вобаста ба таҳлили тараққиёти хоҷагии халқ дар ин шароит касб мекунанд. Бояд тазаккур дод, ки масъалаи ҳамкории низоми хоҷагии миллӣ бо бозори ҷаҳонӣ, дараҷаи кушодагии он ҳануз аз пайдоиши иқтисоди сиёсии классикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва то имрӯз моҳияти худро гум накарда, баръакс муҳим гашта истодааст.[8]

---

1. Ба таври возеҳ нигаред ба: Қаюмов Н.К. Глобализационные процессы // Н.К.Қаюмов Назаров Т.Н., Маҳмудов И.И., Раҳимов Р.К., Умаров Х.У. Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2003. - № 4. – С. 5-63. Л.Х Саидмуродов. Республика Таджикистан в системе современных связей: модель малой открытой экономики.-Душанбе.: Дониш, 2021.-С.109-110. Х.А. Одинаев. Развитие межрегиональной торговли в условиях экономимической интеграции.-Душанбе: «ЭР-граф», 2020.-172 с. Кодирзода Д.Б.,

Таҷассуми ин равиш дар иқтисодиёти муосири ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки таъсири ин давраҳо ба иқтисодиёти миллӣ танҳо дар шароити кушода имконпазир аст. Аз ин рӯ, кишварҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ роҳи халосиро аз таъсири омилҳои беруна дар доираи раванди минтақасозӣ, яъне ҳамроҳ шудан ба ҳама гуна гурӯҳи ҳамгироии минтақавӣ бо мақсади ҷаҳонишавӣ мебинанд. Дар таҳқиқоти мо баъдан исбот мегардад, ки ин раванд тадриҷан шакли моддиро дар намуди "мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ" касб мекунад, ки мақсади асосии фаъолити сиёсатии иқтисодии он ба даст овардани самараи максималӣ аз ҷаҳонишавӣ ва минтақасозӣ мебошад.

Муҳиммияти методологии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки муаммоҳои кушодагии иқтисодиёт на танҳо аз рӯйи мавқеи географӣ ва дигар омилҳои иқтисодӣ бояд баррасӣ гардад, балки аз нигоҳи тағйиротҳои таркибии муносибатҳои иқтисодие (дар ин ё он сатҳ), ки ҳангоми кушодагии иқтисодиёти кишвар ба хоҷагии ҷаҳонӣ ба вуҷуд меоянд, бояд баррасӣ карда шаванд.

Албатта ҳамгиройӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ки дар кишвар он механизм ва ниҳодҳое, ки то ҳануз рушд накардаанд ва ё умуман вуҷуд надоранд, рушд намоянд. Барҳам додани фарқиятҳо дар низоми моликиятдорӣ байни низомҳои иқтисодиёти минтақавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ ба афзоиши рақобат, хусусигардонии минбаъда, рушди бозори коғазҳои қимматнок ва самаранокии низоми бонкию қарзӣ ва суғуртаи амалиёти содироту воридот мусоидат хоҳад кард.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки иқтисоди кушода ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва марҳилаи кунунии қонунияти инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ падидаи нав нест ва роҳи тӯлонии таърихӣ дорад. Албатта дорои роҳи тӯлонии таърихӣ он дорои ихтилофҳои зиёд низ мебошад. Шаклҳои муосири зуҳуроти ихтилофоти онро мо дар таҳримҳо ва ҷангҳои тиҷоратӣ байни кишварҳои дорои иқтисодиёти рушдкарда мебинем, ки тайи солҳои охир хеле авҷ гирифтаанд. Дар ин маврид аз нигоҳи методологӣ зарур аст, ки иқтисоди кушода дар доираи зернизоми хоҷагии ҷаҳонӣ омӯхта шавад, зеро маҳз чунин таҳлил метавонад ба ҳама саволҳо оид ба таъсири самарабахши ҳамгироии кишварҳои гуногун дар раванди ҷаҳонишавӣ посухи дуруст диҳад.

Ҳамин тариқ, агар ҷаҳонишавӣ дар заминаи либерализатсия, муттаҳидсозии байналмилалии қоидаҳо ва меъёрҳои ҳаракати омилҳои истеҳсолот ва боиси аз байн бурдани сарҳадҳои миллӣ гардад, пас раванде, ки ба муқобили он мусоидат мекунад ин минтақагароии иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Маҳз минтақагароӣ ҳамчун раванди наздикшавии кишварҳо, ки асосан аз ҷиҳати ҷуғрофӣ бо ҳамдигар наздик мебошанд ва талошҳояшонро барои муқовимат ба тамоюлҳои харобиовари ҷаҳонишавӣ муттаҳид менамоянд. Дар натиҷаи минтақагароӣ марказҳои рушди бисёрқутбӣ ба вуҷуд омада, ба ин васила суботи вазъи иқтисоди ҷаҳон таъмин мегардад.

Дар муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ, минтақасозӣ ба яке аз шаклҳои муҳимтарини рушди иқтисодиёти муосири ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Тағйироти маҷмӯӣ дар Аврупо, Амрико, минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором исботи на танҳо шиддати ташаккули маҷмааҳои минтақавии иқтисодӣ, балки гуногунии механизмҳо ва роҳҳои ба ҳам наздик кардани иқтисодиётҳои миллӣ, ба даст овардани самараи фузунсоз ("мултипликативӣ") аз ҷониби кишварҳо, минтақаҳо ва дар маҷмӯъ ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Ҳудудҳои калони иқтисодӣ (бозори дохилии Аврупо, минтақаи тиҷорати озоди Амрикои Шимолӣ, минтақаҳои бавуҷудомадаистода дар Амрикои Ҷанубӣ, Ҷазираҳои Арабҳо ва дигар минтақаҳо) имкон медиҳанд, ки аз онҳо аз самараи "миқёс" истифода баранд ва шароити нави тиҷоратиро ҳам барои ширкатҳои ватанӣ ва ҳам хориҷӣ эҷод кунанд.

---

Солиева Н.Ш. Факторы развития региональной экономической интеграции в условиях глобализации.-Душанбе: «Типография ТНУ», 2021.-184 с.

Ба назари мо, ҷаҳонишавӣ дар ҳама зуҳуроти худ, аз рӯйи табиати худ раванди объективӣ мебошад. Аммо, қувваҳои пешбаранда ва воситаҳои амалисозии он хусусияти ғазб-маҳвкунанда (наступательно-поглощающий) доранд, ки дар робита ба он раванди минтақасозӣ як навъ шакли шарикӣ мебошад, ки он метавонад хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва қавмии ҳар як миллатро ҳифз намояд ва барои рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи ҳар як кишвар ҷиҳати таъмини ҳадафҳои миллии кишвар, махсусан манфиатҳои иқтисодӣ ва таъмини бехатарии он мусоидат намояд.

**Адабиёт**


1. Қаюмов Н.К. Глобализационные процессы // Н.К.Қаюмов Назаров Т.Н., Маҳмудов И.И., Раҳимов Р.К., Умаров Х.У. Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2003. - № 4. – С. 5-63.
2. Кодирзода Д.Б., Солиева Н.Ш. Факторы развития региональной экономической интеграции в условиях глобализации.-Душанбе: «Типография ТНУ», 2021.-184 с.
3. Одинаев Х.А.. Развитие межрегиональной торговли в условиях экономической интеграции.-Душанбе: «ЭР-граф», 2020.-172 с.
4. Саидмуродов Л.Х. Республика Таджикистан в системе современных связей: модель малой открытой экономики.-Душанбе.: Дониш, 2021.-С.109-110.
5. Щебарова, Н.Н. Механизм формирования соотношения свободы торговли и протекционизма и его воздействие на позиции России в мировой торговле: автореферат дис. ... д.э.н. 08.00.14 [Текст] / Н.Н. Щебарова. - Москва, 2004. – С.56.


## МИГРАЦИОННАЯ СИТУАЦИЯ В ЦЕНТРАЛЬНО-АЗИАТСКОМ РЕГИОНЕ: ВЫЗОВЫ И РИСКИ

**Кандыерова Д.О. - д.э.н., профессор кафедры экономической теории ТГФЭУ**

Трудовые мигранты из центрально-азиатских государств, особенно, Таджикистана и Кыргызстана, вносят важный вклад в экономику своих стран. Миграция является одной из основных опор экономики этих стран, выступает фактором, стабилизирующим ситуацию на рынке труда. Рабочие-мигранты ежегодно отправляют домой миллиарды долларов, чтобы помочь своим семьям. Денежные переводы мигрантов составляют около 30% (а в Республике Таджикистан, в некоторые годы, и до 50%) финансовых средств от ВВП Кыргызстана и Таджикистана. Кроме того, они помогают стабилизировать курс местных валют и фактически являются постоянным источником инвестиций в экономику Кыргызстана, Таджикистана и в некоторой степени Узбекистана. По данным МВД России, общая численность нелегальных мигрантов составляет около 1,1 млн человек, большинство из них – выходцы из центрально-азиатского региона.

Из Кыргызстана в миграцию уезжают более 20 % экономически активного населения, в основном, молодежь в возрасте от 18 до 29 лет. Около 40% мигрантов – это женщины [1].

На начало 2022 года на заработках за границей находилось около 1,5 млн узбекистанцев, в частности, более 1 млн (63,7%) работали в России [2].

Из Казахстана в 2021 году эмигрировали 32 209 человек, что на 10,6% больше, чем в 2020 году [3].

Более 1 млн. таджикских граждан Таджикистана находятся в трудовой миграции в России, что составляет более 80% трудоспособного населения страны. Из них в половозрастном разрезе самую крупную категорию составляют молодые трудоспособные мужчины в возрасте от 18 до 29.

Нельзя не учитывать личностные риски, с которыми может столкнуться молодой мигрант в незнакомой социально-экономической и политической среде. Не имея привычного социального окружения и устойчивых морально-этических регуляторов поведения, молодой человек может быть достаточно легко вовлечен в противоправную деятельность.

Особенность современного этапа развития миграции – это феминизация миграционных потоков. Страны Центральной Азии оказалась вовлеченными в этот процесс. Женщины-мигрантки в основном заняты в неформальном секторе, поскольку значительная часть женской трудовой миграции идет в обход официальных институтов учета занятости. Это обусловлено тем, что у них, по сравнению с мужчинами, меньшая профессиональная подготовленность к работе на зарубежных рынках труда, с одной стороны, и, с другой, подобная ситуация является следствием гендерной структуры рынков труда. Кроме того, на родине у женщин остаются несовершеннолетние дети со всеми вытекающими отсюда негативными последствиями.

В 2020 году пандемия коронавируса ударила по всем сферам жизни, в том числе, и по трудовой миграции. Закрытие границ из-за пандемии и меры самоизоляции крайне негативно отразились на судьбе миллионов мигрантов из стран Центральной Азии и Казахстана, живших и работавших в России и других странах региона. Из-за пандемии в Кыргызстане денежные переводы снизились в 2020 году на 15 млн. долларов [4].

Из Узбекистана только официально в 2019 году около миллиона граждан, выехали на работу в Россию, и этот показатель сократился вдвое уже в 2020 году, соответственно, денежные перечисления за пандемийный год также сократились вдвое [5].

Число вернувшихся на родину граждан Таджикистана за первое полугодие 2020-го сократилось вполовину. В 2020 году. Количество выехавших из Таджикистана в Россию трудовых мигрантов сократилось на 77%, а в Казахстан – на 53%. (https://cabar.asia/ru/). Соответственно, сократились денежные переводы на 50 %. В результате доходы бюджета уменьшились на 2 миллиарда 349 миллионов сомони (227 млн. долл.) (https://cabar.asia/ru/). Вследствие этого правительство было вынуждено прибегнуть к внешним кредитам и грантам, снизилась покупательная способность населения, что, в конечном итоге, привело к снижению уровня жизни населения.

После отмены большинства ковидных ограничений, прирост числа мигрантов в январе-феврале 2022 года был в два раза больше, чем в 2021-ом году.

Однако после начала «спецоперации» России в Украине, уже в марте, темп прироста мигрантов сократился почти вдвое по сравнению с первыми двумя месяцами года. По прогнозам Всемирного банка, стоимость денежных переводов из России снизилось в Узбекистане на 21 процент, в Таджикистане – на 22 процента, а в Кыргызстане – на 33 процента.

После объявления частичной мобилизации в сентябре еще больше активизировался поток трудовых мигрантов, возвращающихся из России в Таджикистан, несмотря на «драконовские» цены на авиабилеты. Это обусловлено тем, что мигрантов из стран Центральной Азии обманными путями принуждают к военной службе.

На Совете по правам человека (СПЧ) было принято решение по обязательному прохождению воинской службы в течение года для выходцев из Казахстана, Кыргызстана, Таджикистана и Узбекистана. Мигрантам обещают, что при подписании краткосрочного контракта с Министерством Обороны РФ они смогут получить российское гражданство по упрощенной схеме. Кроме того, иностранным гражданам предлагают от 40 до 70 тысяч рублей. Еще один способ "вербовки" – запугивание мигрантов, а в некоторых случаях доходит до угроз и физического насилия [6].

Иначе говоря, положение мигрантов, находящихся на территории Российской Федерации и без того, мягко говоря, непростое, еще больше усложниться.

Таким образом, можно предположить, что в ближайшей перспективе миграционный поток в Российскую Федерацию будет сокращаться. В этом аспекте, было бы целесообразно разработать миграционную карту в направлении Казахстана.

В этом контексте необходимо формирование единого рынка труда в рамках центрально-азиатского региона.

В этих целях необходимо улучшение миграционной ситуации в регионе, и, прежде всего, сформировать систему эффективной координации деятельности всех заинтересованных структур государственной власти, а также международных, неправительственных организаций и гражданского общества. В этом плане целесообразно использовать потенциал зарубежных общественных и правозащитных организаций.

Во-вторых, разработать механизм регулирования миграционных процессов. В этом направлении необходимо развитие эффективных форм и методов управления трудовой миграцией в центрально-азиатском регионе, основанных на расширении экономических свобод, соблюдении прав человека, развитии двух и многосторонних международных отношений, главной особенностью которых является прозрачность, подотчетность и соблюдение законности, нацеленность на развитие сотрудничества и эффективную координацию.

В-третьих, создание надежной системы защиты граждан в период их работы в странах прибытия, упорядочение трудовой миграции, а также разработка системы контроля за их деятельностью.

В-четвертых, создание системы предвыездной подготовки мигрантов, их целевого профессионального обучения. В этом направлении важно развитие потенциала трудящихся мигрантов, направленное на повышение уровня домиграционной профессиональной подготовки и квалификации, обеспечение социальных гарантий, активизацию участия трудовых мигрантов в процессе национального развития государств.

В-пятых, выявить меры по стимулированию инвестиционной активности трудящихся мигрантов путем увеличения ставки процента по вкладам трудящихся мигрантов в твердой валюте в банках республик стран региона.

Литература:


1. Кандиерова, Д. О. Миграционные процессы в Республике Таджикистан: вызовы, риски, тенденции / Д. О. Кандиерова // Инновационные доминанты социально-трудовой сферы: экономика и управление : Материалы ежегодной международной научно-практической конференции по проблемам социально-трудовых отношений (16 заседание), Воронеж, 20 мая 2016 года / Воронежский государственный университет, Академия труда и занятости (Воронежское отделение). – Воронеж: Воронежский государственный университет, 2016. – С. 116-120.
2. [Электронный ресурс] https://webcache.googleusercontent.com ( Дата обращения 21.03.2023)
3. [Электронный ресурс] https://lsm.kz/migraciya-v-i-kvartale-2022-goda ( Дата обращения 01.03.2023)
4. The Impact of COVID-19 on Tajik Migrants in the Russian Labour Market / S. V. Ryazantsev, O. K. Kasymov, Z. K. Vazirov, F. M. Garibova // DEMIS. Demographic Research. – 2022. – Vol. 2, No. 4. – P. 45-57. – DOI 10.19181/demis.2022.2.4.3.
5. [Электронный ресурс] https://cabar.asia/ru/ ( Дата обращения 20.02.2023)
6. [Электронный ресурс] https://webcache.googleusercontent.com (Дата обращения 19.01.2023)


## ҶАНБАҲОИ МАКРОИҚТИСОДИИ ТАНЗИМИ ТАВАРРУМ ДАР ШАРОИТИ МИНТАҚА


**Муқимов Қ.М. - н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии ДДМИТ**
**Раҳимов С.Қ. - н.и.и., дотсенти филиали МДТ ДБССТ дар ш. Хуҷанд**


Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба категорияи иқтисодии шакли омехта тааллуқ дорад, ки ба он ҳам унсурҳои бозаргонӣ ва ҳам шакли фармонию маъмурӣ хос аст. Аз ин рӯ, дар он робитаи сабабу пайомади падидаҳои рӯйдиҳанда низ хусусиятҳои хоси худро доранд. Қабл аз баррасии сабабҳои чунин як замимаи манфии иқтисоди бозаргонӣ ба монанди таваррум, мухтасар дар бораи хусусиятҳои ташаккули

механизмҳои бозорӣ дар Тоҷикистон бояд қайд намуд. Зеро ин метавонад ба мо маводи заруриро ҳангоми муайян кардани сабабҳои асосии болоравии таваррумии нархҳо дар иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир пешниҳод кунад. Аз ин ҷиҳат қайд кардан зарур аст, ки аксарияти иқтисодшиносони ватанӣ дар таълифоти худ хусусиятҳои хоси иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро зикр кардаанд. Масалан, дар пажӯҳишҳои назариявии худ профессор А. Абдуғафоров қайд мекунад, ки «Мо иқтисоди омехта, аммо дар айни замон иқтидори пасти рушд дорем. Агар мо ин қолаби иқтисодро бо назардошти хусусиятҳои умумӣ ва миллӣ тавсиф диҳем, хусусиятҳои зерини онро муайян кардан мумкин аст:

- ӯ мавҷудияти шаклҳои гуногуни моликиятро дар назар дорад ва шакли хусусии моликият аслан шакли афзалиятнок нест, зиёда аз ин, шумораи муайяни онҳо тамоман кор намекунанд. Мунтазири беҳбудӣ ва шароити бозор ҳастанд;
- ҳукумат дорои захираҳои калони молиявӣ нест ва вазифаҳои нисбатан муҳими иқтисодиро ҳал менамояд. То андозае, ин вазъият на танҳо бо мушкилоти гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ, инчунин бо мероси нокифояи аз Иттиҳоди Шӯравӣ монда алоқаманд аст.
- норасоии рушди истеҳсолот ва инфрасохтори умумӣ эҳсос мешавад;
- оқибатҳои гузариш ба иқтисодиёти бозорро ба таври дуруст дарк накарда, мо ба пастравии номураттаби ҳаҷми истеҳсолот, сатҳи баланди бекорӣ, сатҳи баланди таваррум (бахусус дар давраи ибтидоӣ), камбизоатӣ, нокифоя истифода бурдани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ғайрисаноатӣ шудани иқтисодиёт дучор шудем;
- ташаккули возеҳи иқтисоди мутақобилаи бозаргонӣ вуҷуд дорад, ки моҳияти он, аз як тараф ҷамъоварии сарват ва аз тарафи дигар камбизоатии куллӣ мебошад. Воқеан, 31% аҳолии Тоҷикистон дар сатҳи пасти камбизоатӣ зиндагӣ мекунад, ки ин маънои азхудкунии ҳокимият аз ҷониби қисми боқимондаи аҳолӣ ва бойшавии минбаъдаи онҳоро дорад.

Дар ин замина, сохтмони "иқтисодиёти бозаргонии иҷтимоӣ" мушкил мегардад".[9]

Дар натиҷаи амалисозии чораҳои зиддитаваррумӣ, ки дар иқтисодиёти Тоҷикистон асосан ба муқобили таварруми талабот равона карда шудаанд, як падидаи механизми хоси суст гардонидани ҷараёни таваррум дар шароити мушаххаси Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст, зеро тавре маълум аст, ҳам таварруми талабот ва ҳам таварруми хароҷот дар асоси худ вайронкунии равандҳои муомилоти пулро ифода мекунанд.

Иқтисоди омехтаи Тоҷикистон аз иқтисодиёти банақшагирифташуда ва бозоргонӣ бо хусусиятҳои худ комилан фарқ мекунад. Ва хусусиятҳои мазкур дар заминаи камбудиҳо ва норасоиҳо, ки дар худи раванди хоҷагидорӣ дар шароити ташаккули бозор ба вуҷуд меоянд, тавлид шудаанд. Дар маҷмӯъ, бо сабаби надонистани муҳтавои механизмҳои иқтисоди бозаргонӣ қувваҳои истеҳсолкунанда дар шароити муносибатҳои нави истеҳсолӣ ба фаъолият омода набуданд ва дар натиҷа санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии танзимкунанда, ки барои ворид кардани механизмҳои бозаргонӣ равона шуда буданд, дар сохторҳои поёнии иқтисоди миллӣ ба таври оқилона қабул карда нашуданд ва натиҷаҳои интизоршавандаро надоданд. Аз ин рӯ, дар марҳилаи ибтидоии ислоҳоти бозаргонӣ дар кишвар мавқеи афзалиятнокро таварруми талабот ишғол карда буд. Ҳаҷми пул чун унсури асосии таварруми талабот сабаби асосии таваррум мебошад, дар ҳоле, ки дар таварруми хароҷот пул нақши пассивро мебозад. Аз ин бармеояд, ки чораҳои зиддитаваррумии хусусияти анъанавӣ-пулидошта, ки ба паст шудани қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ ва ҳаҷми пул оварда мерасонанд, нисбати таварруми талабот хеле самаранок амал мекунанд. Дар шароити

[9]Абдугафаров А., Ахмедова Д. Теоретические проблемы формирования модели рыночной экономики Таджикистана. – Худжанд. Р. Джалил, -2006. – С. 51.

таварруми хароҷот такони аввалро болоравии нархҳо на омилҳои пулӣ, балки омилҳои микроиқтисодии истеҳсолӣ таъсир мерасонанд, болоравии нархҳо аз ҳисоби онҳо мушоҳидашаванда боиси расонидани ҳаҷми пулҳо ба сатҳи баландшудаи нархҳо мегардад. Дар шароити муосири иқтисоди бозаргонӣ, ки дар он муносибатҳои моливу пулӣ ба таври амиқ рушд ёфтаанд, ин афзоиш ба таври худкор сурат мегирад. Дар ҳолати мавҷуд набудани чунин суръат мушкилоти сахти норасоии воситаҳои пардохт ба миён меояд, ки дар натиҷаи он таваррум на бо болоравии нархҳо, балки бо пастшавии бӯҳрони истеҳсолот ба амал меояд. Дар ҳамин моҳияти зуҳуроти механизми хоси суст шудани равандҳои таваррум дар шароити мушаххаси Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум меёбад.

Сарфи назар аз дастовардҳо дар соҳаи танзими таваррум пас аз ворид намудани асъори миллӣ - сомонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди таваррум то ҳол дар шакли нобаробару номураттабанд, яъне ҳар сол таваррум бо дараҷаи муайян болоравӣ дорад, ки дар натиҷа сатҳи нархҳо боз ҳам дараҷаи афзоишӣ зам гардида байни се-чор сол нишондоди баландро нисбати давраи базавӣ ташкил медиҳад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мушкилоти болоравии нархҳо аз рӯи моҳияти ҷаҳишкунанда табиати музминро пайдо кардааст.

Омӯзиши хусусияти таваррум дар иқтисодиёти ватанӣ ба мо имкон медиҳад, ки мундариҷаи болоравии нархҳо бештар бо рафти инкишофи рӯйдодҳо аз ҳаёти иқтисодии кишвар вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, дар доираи тадқиқоти мазкур механизмҳои назорати таваррум аз ду ҷанба баррасӣ мешаванд: макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ.

Ба андешаи мо, ба воситаи танзими макроиқтисодӣ, бояд ҷанбаҳое дохил карда шаванд, ки ба тағйирёбии тамоюли нархҳо аз боло таъсир мерасонанд (унсурҳои таркибии сиёсати иқтисодӣ). Онҳо шароити умумӣ ва аз фаъолияти субъектҳои алоҳидаи иқтисодиёт новобастаи макроиқтисодиро барои хоҷагидорӣ ташкил мекунанд. Ба зумраи онҳо дохил кардан мумкин аст:

- ✓ танзими ҳаҷми пул ва эмиссияи қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ;
- ✓ идоракунии қарзи давлатӣ;
- ✓ назорати қурби асъор;
- ✓ идоракунии касри буҷет.

Зеро ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ муҳтавои сиёсати пулию қарзии давлатро муайян мекунанд. Фишангҳои мазкури сиёсати пулию қарзӣ дар навбати аввал ба шохисҳои макроиқтисодӣ таъсир мерасонанд. Таснифот ва танзими фишангҳои макроиқтисодӣ вобаста ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарии пайдарпаии унсурҳои таркибии онро тақозо мекунад.

Идоракунии афзоиши ҳаҷми пул, ки аз эмиссияи Бонки миллӣ вобаста аст, аввалин воситаи макроиқтисодии фишанги таваррум мебошад, ки аз ҷониби илми иқтисоди ҷаҳонӣ эътироф шудааст. Заминаи назариявии монетаризм ба он рукн асос ёфтааст, ки таваррум аз ҳаҷми пул вобастагии хаттӣ дорад (аз рӯи формулаи назарияи миқдории пул). Ба ҳамагон маълум аст, ки формулаи мазкур шакли зеринро дорад: MV=PQ.[10] Дар робита ба ин, иқтисодшиноси рус, профессор А.Кудрин қайд мекунад, ки "тибқи консепсияи анъанавии таваррум болоравии нархҳо бо зиёд шудани пешниҳоди пул ҳангоми суръати доимии муомилоти пул алоқаманд аст. Бидуни афзоиши пул дар муомилот ҳангоми суръати доимии муомилотро нигоҳ доштани ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасонӣ, сатҳи умумии нархҳо дар кишвар новобаста аз тағйир ёфтани нархи молҳои алоҳида бетағйир мемонад сухан дар бораи он аст, ки барои миқдори муайяни пули дар муомилотбуда баланд шудани нархи молҳои алоҳида бояд

[10] Фишер Ирвинг. Покупательная сила денег / сост. вступ. статья. Бункина М.К, Семенов А.М. - М.: Дело, 2001. –С.70-71

бо паст шудани нархҳо ба дигарон ҳамроҳӣ кунад. Ҳамзамон индекси умумии нархҳо бетағйир боқӣ хоҳанд монд”.[11]

Тавассути идоракунии ҳаҷми пул татбиқи барномаи зиддитаваррумӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ дастгирӣ ёфтанд, ба таври ҷиддӣ паст кардани сатҳи таваррум муяссар шуд. Аммо консепсияи таъсири ҳаҷми пул ба нархҳо ва дар шароити кунунии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши дақиқро тақозо мекунад, зеро мутобиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ идоракунии ҳаҷми пул асоси сиёсати иқтисодии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун таҳиякунанда ва пешбарандаи сиёсати пулию қарзии давлат бояд идоракунии воситаҳои сиёсати пулию қарзиро тавре ба роҳ монад, ки он ба шароит ва хусусиятҳои вазъияти макроиқтисодии кишвар мувофиқ бошад (ба диаграммаи1 нигаред).

**Диаграммаи 1.-Суръати воқеии ҳаҷми пул ва суръати афзоиши солонаи ММД бо**




Диаграммаро муаллифон дар асоси: Бюллетени омори бонкӣ. Душанбе, 2018., № 12 (281). - С. 8-14. тартиб додааст.

Аз диаграмма маълум мегардад, ки суръати воқеии ҳаҷми пул М2 дар солҳои охир, хусусан аз соли 2015 то инҷониб аз суръати афзоиши солонаи ММД баландтар аст. Ҳамин тариқ, суръати миёнаи солонаи ҳаҷми пул дар тӯли 18 сол дар атрофи 5,6-10% бошад ва афзоиши миёнаи ММД ба 6,3% баробар буд.

Вале қайд кардан зарур аст, ки бо мақсади паст кардани сатҳи таваррум Бонки миллӣ то ҳол кӯшиш менамояд, ки сатҳи пасти қонеъшавӣ бо пулро нигоҳ медошт ва бояд эътироф намуд, ки ин ба андозаи муайян ба пастшавии нарх мусоидат кард. Аммо ҳалли комили мушкилоти таваррум ва инчунин ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ муяссар нашуданд. Бинобар ин, қонунияти масъалаи кифоягии нисбии дороиҳои молиявие, ки дар иқтисодиёти миллӣ муомилот мекунанд, равшан ба назар мерасад.

Ин масъалаи хеле мураккаб буда, ки омӯзиши амиқи илмӣ ва амалиро тақозо мекунад. Чаро ин масъала мураккаб аст? Якум, фаъолияти субъектҳои хоҷагии миллӣ бояд бо чунин миқдори пул таъмин карда шавад, ки барои фаъолияти муътадили тамоми субъектҳои хоҷагии халқ кифоя бошад. Дуюм, зарурати нигоҳ доштани суръати таваррум бо ин восита сиёсати минбаъдаи мақсадноки иқтисодиро муайян мекунад. Ҳалли нодурусти масъалаи мазкур дар шароити инкишоф наёфтани муносибатҳои бозаргонӣ, мавҷуд набудани рақобати шадид ва афзоиши пардохтнопазирӣ дар

[11] Кудрин А. Инфляция: российские и мировые тенденции// Вопросы экономики. 2007. № 10. – С. 9.

иқтисодиёт метавонад боиси таваррум гардад. Маҳз дар ҳамин замина, баррасии вазъияти сатҳи идоракунии ҳаҷми пул ва таваррум таваҷҷӯҳи хосаро ҷалб мекунад.

**Ҷадвали 1.-Сатҳи коэффисенти монетизатсия ва суръати таваррум дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми пул М2, млн. сомонӣ | 140,6 | 669,2 | 3214,2 | 6535,3 | 10672,2 | 13982,5 | 15387 |
| Коэффисиенти монетизатсия, %(М2 ба ММД). | 4,8 | 9,3 | 13,1 | 13,5 | 19,6 | 22,8 | 22,4 |
| Индекси нархҳои истеъмолӣ, % | 136,5 | 107,8 | 109,8 | 105,1 | 106,2 | 107,3 | 105,4 |

Ҷадвал аз ҷониби муаллифон дар асоси маҷмӯаи омории «Тоҷикистон: 25 соли истиқлолият».- Душанбе. 2016 .- С. 247; Маълумотномаи омори бонкӣ. Душанбе, 2015, № 8 (181). - С. 19. Маълумотномаи омори бонкӣ.- Душанбе, 2019., № 12 (281). - С. 11-19., тартиб дода шудааст.

Нишондиҳандаи монетизатсия, ки дараҷаи (бо фоиз) бо пул ё ин ки дороиҳои бозоргир таъмин будани истеҳсоли ММД-ро инъикос менамояд бо ибораи дигар коэффисенти қонеъшавӣ бо пул ва дороиҳои бозоргир низ гуфтан мумкин аст.

Маълумоти дар ҷадвал (Ҷадвали 1.) овардашуда нишон медиҳад, ки дар иқтисодиёти Тоҷикистон омили пулие, ки бо нишондиҳандаи коэффисиенти дараҷаи қонеъшавӣ бо пул ва дороиҳои бозоргир дар афзоиши падидаҳои таваррумӣ тавсиф дода мешаванд, нақши ҷиддие надоранд. Рақамҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи қонеъшавӣ бо пул ва дороиҳои бозоргир дар иқтисодиёт дар соли 2000 - 4,8% ва индекси нархҳои истеъмолӣ 136,5% -ро ташкил додааст, дар ҳоле ки соли 2018 ҳангоми сатҳи қонеъкунӣ бо пул ва дороиҳо баробар ба 22,4%, афзоиши сатҳи умумии нархҳо 105,4% буд. Аз ҷиҳати назариявӣ бояд ҳолати баръакс мешуд. Аз ин бармеояд, ки болоравии нархҳо дар марҳилаи ҳозираи рушди Тоҷикистон эҳтимол на бо омили пулӣ, балки пеш аз ҳама, ба сохтори номутаносибии такрористеҳсол дар иқтисоди кишвар вобаста аст. Аммо чунин ақида низ яктарафа ва нопурра аст, зеро аз таҷриба маълум аст, ки афзоиши минбаъдаи ҳаҷми пул ва коэффисиенти сатҳи қонеъшавӣ бо пул ва дороиҳои бозоргир, ба монанди таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ метавонанд гузариши равандҳои таваррумро ба ҳолати ҷаҳишкунии босуръат ва фавқулода табдил диҳад, аз ин рӯ, Бонки миллии Тоҷикистон принсипҳои қатъии сиёсати пулиро риоя мекунад, то ин ки «лаҷоми равандҳои таваррум»-ро аз даст надиҳад.

Чи хеле, ки дар боло қайд кардем, сарчашмаҳои монетарии таваррум дар иқтисодиёти Тоҷикистон пурра кор намекунад. Бо ибораи дигар гуем, байни таваррум ва ҳаҷми пулӣ дар иқтисодиёти ватанӣ алоқамандии зич мавҷуд нест, зеро чи хеле ки амалия нишон медиҳад коэффисиенти монетизатсия нисбати дигар давлатҳои ҷаҳон дар Тоҷикистон хело ва хело паст аст, вале баландшавии нарх характери доимӣ дорад ва нисбатан баланд аст.

**Ҷадвали 2.-Коэффисиенти монетизатсия дар баъзи давлатҳои ИДМ**

| | 2018 | 2017 | 2016 | 2014 | 2012 | 2010 | 2005 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Федератсияи Россия | 58,7 | 59,5 | 59,4 | 54,3 | 47,3 | 51,4 | 33,4 |
| Армения | 46,1 | 46,4 | 43,0 | 34,7 | 31,6 | 26,3 | 16,3 |
| Молдова | 43,2 | 43,1 | 43,9 | 49,4 | 47,0 | 43,0 | 42,0 |
| Украина | 35,9 | 40,5 | 46,2 | 60,3 | 55,9 | 55,4 | 44,0 |
| Қирғизистон | 35,8 | 36,5 | 34,4 | 31,1 | 31,7 | 31,4 | 21,1 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Беларусь | 35,3 | 37,3 | 35,7 | 29,7 | 29,5 | 29,5 | 19,3 |
| Қазоқистон | 33,7 | 35,8 | 42,2 | 32,3 | 33,9 | 38,9 | 27,2 |
| Озорбайҷон | 30,0 | 32,4 | 34,6 | 36,5 | 30,6 | 24,8 | 14,7 |
| Тоҷикистон | 27,5 | 29,4 | 27,1 | 20,2 | 19,6 | 18,0 | 14,4 |

Сарчашма:https://knoema.com/atlas/CIS/topics/Economy/Financial-Sector-Monetary-holdings-liabilities/Broad-money-percent-of-GDP

Аз ин ҷо бояд қайд кард, ки яке аз хусусиятҳои хоси таваррум дар Тоҷикистон ин мавҷуд набудани алоқамандии зич байни ҳаҷми пул ва таваррум мебошад.

Боиси тазаккур аст, ки таваррум дар Тоҷикистон аз бисёр омилҳои такрористеҳсолкунӣ ва муносибатҳои байналҳалқӣ низ вобастагии калон дорад. Аз ин лиҳоз, дигар хусусияти хоси таваррум дар Тоҷикистон дар он аст, ки сохтори соҳавии кишвар ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ нест, яъне қисми зиёди он асосан барои истеҳсоли ашёи хом, маҳсулотҳои нимтайёр машғул буда, ҳиссаи истеҳсоли маҳсулотҳои тайёр хело кам аст. Бидуни он аксарияти молистеҳсолкунандагон дар соҳаҳои анъанавӣ фаъолият дошта, барои истеҳсоли молҳои инноватсионӣ диққати махсус намедиҳад.

Дар натиҷа то ҳол субъектҳои соҳибкорӣ норасоии сармояи муомилотиро эҳсос мекунанд. Азбаски афзоиши талаботи аҳолӣ ба мол ва хизматрасониҳо ба баланд шудани арзиши аслии маҳсулот оварда мерасонад, афзоиши фаъолнокии аҳолӣ барои ба даст овардани фоида дар шароити бозаргонӣ сатҳи ҳозираи қонеъшавӣ бо пул ва дороиҳои бозоргири иқтисодиёти Тоҷикистонро аз сатҳи мутобиқ дур мекунад. Илова бар ин, тибқи маълумоти омори расмӣ аз соли 1997 сар карда, ММД-и Тоҷикистон ҳам дар ифодаи номиналӣ ва ҳам воқеӣ рӯ ба афзоиш овардааст, ки ин ба афзоиши даромади воқеии аҳолӣ оварда расонидааст. Назарияи анъанавии иқтисод эҳтимол пеш меорад, ки барои пӯшонидани хароҷот аъзоёни ҷомеа бо мурури афзудани даромад ба миқдори бештари пул ниёз пайдо мекунанд, яъне талаботи амалиёт бо пул афзоиш хоҳад ёфт. Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон байни ҳаҷми ММД ва миқдори пул фосилаи хеле зиёд мушоҳида мешавад. Нигаред ба ҷадвали 3.

**Ҷадвали 3.-Ҳаҷми ММД ва ҳаҷми пул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(млн. сомонӣ)

| **Нишондиҳандаҳо** | **2005** | **2010** | **2015** | **2017** | **2018** |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми ММД бо нархҳои ҷорӣ | 7206,6 | 24704,7 | 48 401,6 | 61 093,6 | 68844,0 |
| Ҳаҷми пул М2 | 669,2 | 3214,2 | 65353 | 139825 | 15387 |
| Таносуби ММД ба ҳаҷми пул (бо маротиба) | 10,8 | 7,7 | 7,4 | 4,4 | 4,5 |

Ҷадвал аз рӯи Маҷмӯаи омории «Тоҷикистон: 25 соли истиқлолият». Душанбе, 2016 .- С. 357,. Маълумотномаи омори бонкӣ. Душанбе, 2019, № 12 (281). - С. 11-19. тартиб дода шудааст

Тавре ки аз маълумоти ҷадвал бармеояд, таносуби ММД нисбати ҳаҷми пул аз соли 2005 то соли 2018 ба таври ҷиддӣ тағйир ёфта, тадриҷан беҳтар шуда истодааст, яъне мутаносибан дар ин давра фарқияти байни онҳо аз 10,8 то 4,5 маротиба кам шудааст, ки ин дар афзоиши фаъолияти иқтисодии аҳолӣ бе таваррум ифода меёбад.

Вобаста ба ин, хулоса кардан мумкин аст, ки дар шароити муосир идоракунии ҳаҷми пул унсури ҳатмии идоракунии равандҳои таваррум мебошад ва ақидаҳои аксарияти иқтисодшиносон дар бораи он ки эмиссияи аз ҳад зиёди пул (тибқи таҷрибаи аксарияти кишварҳои ҷаҳон), боиси таварруми бетартиб ва беназорат мегардад ва тағйир меёбад.

Эмиссияи қарзӣ низ, ки ба вазъияти иқтисодӣ таъсир мерасонад, яке аз воситаҳои муҳими танзими пулии таваррум мебошад. Афзоиши эмиссияи қарзиро, ки аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ, ба амал оварда мешавад ва болоравии тамоюли нарх, яъне ба таваррум таъсир мерасонад, аз ду ҷанба метавон баррасӣ кард:

1) Тибқи ақидаҳои назариявӣ, аз ҳад зиёдшавии ҳаҷми пул дар иқтисодиёти миллӣ, ки ба афзоиши эмиссияи қарзӣ оварда мерасонад, ногузир ба таваррум мусоидат мекунад. Ин зиёдшавии ҳаҷми қарзи бонкҳои тиҷоратӣ бо қарздиҳии кӯтоҳмуддат ё барои амалиёти савдо ва миёнаравӣ барои хизматрасонии чорабиниҳои тиҷоратӣ равона карда шудааст.

Вақте ки дар ҳиссаи қарзҳои ба корхонаҳои тиҷоратӣ ва шахсони воқеӣ додашуда, қарздиҳӣ ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ зиёдтар аст, дар шароити барнагардонидани қисми муайяни қарзҳои додашуда ба омили ҳавасмандкунандаи таваррум мебошад ва ин ҳолат рушди бозори ҷаллобиро дар дохил ба вуҷуд меорад. Асоси ин гуна ҷаллобӣ принсипи "давидан аз пайи фоида" ва "бозӣ бо нарх" дониста мешавад. Ҳамаи ин маънои онро дорад, ки чунин сохтори қарздиҳӣ метавонад ба ҷамъшавии иқтидори таваррумӣ тавассути бозӣ кардан бо нарх мусоидат кунад.

2) Қарзҳое, ки бо фоизи баланд дода мешаванд, хароҷоти корхонаю, ташкилотҳо ва аҳолиро зиёд мекунанд ва дар болоравии равандҳои таваррумӣ инъикос мешаванд. Сиёсати пулию қарзии маҳдудкунанда арзиши баланди қарз, мавҷуд набудани қобилияти гирифтану пардохтани қарзи қисми зиёди субъектҳои хоҷагидорӣ ғайрифаъолии инвеститсионии бонкӣ ва ҳаҷми нокифояи маблағгузории қарзиро муайян менамояд. Фарогирии пурраи равандҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали зерин оварда шудааст: Нигаред ба ҷадвали 4.

**Ҷадвали 4.-Динамикаи сармоягузориҳои умумӣ, истеъмоли сармояи асосӣ ва сармоягузории холис дар Тоҷикистон**(млн. сомонӣ, бо нархҳои ҷорӣ**)**

| Солҳо | Маблағгузории умумӣ | Истеъмоли сармояи асосӣ | Сармоягузориҳои холис |
|---|---|---|---|
| **2000** | 168,2 | 192,2 | -24 |
| **2001** | 249,2 | 315,6 | -66,4 |
| **2002** | 316,7 | 524,9 | -208,2 |
| **2003** | 475,6 | 581,3 | -105,7 |
| **2004** | 752,6 | 1104,7 | -352,1 |
| **2005** | 839,4 | 1578,6 | -739,2 |
| **2006** | 1490,5 | 1207,8 | 282,7 |
| **2007** | 3154,1 | 1117,1 | 2037 |
| **2008** | 4693,9 | 1675 | 3018,9 |
| **2009** | 5125,1 | 1573,5 | 3551,6 |
| **2010** | 5891,6 | 4590,8 | 1300,8 |
| **2011** | 8783,6 | 6136,9 | 2647,6 |
| **2012** | 8414,2 | 6549,3 | 1864,9 |
| **2013** | 10024,7 | 8828,9 | 1195,8 |
| **2014** | 10196,6 | 7615,3 | 2580,5 |
| **2015** | 19736,9 | 5880,3 | 13856,6 |
| **2016** | 21954,0 | 4216,7 | 17737,3 |
| **2017** | 20133,0 | 3090,5 | 17042,5 |
| **2018** | 25146,8 | 6201,0 | 18945,8 |

Манбаъ: Ҳисобҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2000-2016.- Душанбе: 2017 - С. 123;Ҳисобҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2018 .- С. 32-33. Ҳисобҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: 2019. - С. 24-25; - С.52.

Маълумотҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки афзоиши суръати сармоягузориҳои умумӣ, истеъмоли сармояи асосӣ ва сармоягузории холис дар Тоҷикистон дар муқоиса бо давраҳои қаблӣ ва то соли 2018 қимати мусбӣ дорад. Афзоиши сармоягузории холис аз соли 2006 оғоз ёфта, то ҳоло давом дорад. Ҳамин гуна афзоиш дар истеъмоли сармояи асосӣ низ ба мушоҳида мерасад, ки дар ин давра зиёда аз 10 фоиз афзоиш ёфтааст.

Баландшавии фаъолнокии иқтисодии субъектҳои иқтисодиёти миллӣ баробари зиёд шудани маблағгузории қарзӣ сурат мегирад. Аммо афзоиши қарзҳо ба талаботи иқтисодиёт ҷавобгӯ набуда, дар бобати истифода барои навсозии таҷҳизот ва технологияҳои кӯҳнашуда, ташкили ҷойҳои нави корӣ, инкишофи бахши тиҷоратӣ ва ғайра нокифоя аст. Чунки қарзҳо, асосан дар шакли қарзҳои кӯтоҳмуддат дода мешаванд ва ин ҳолат ба субъектҳо татбиқи ягон лоиҳаи воқеии сармоягузориро имкон намедиҳанд.

Механизми навбатии макроиқтисодии идоракунии таваррум ин касри буҷет мебошад. Таҷрибаи аксарияти кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки агар касри буҷет бо эмиссияи пул маблағгузорӣ шавад, пас ин ҳолат метавонад омили болоравии нарх гардад.

Баъзе олимони иқтисодшинос, ҷонибдорони мактаби Кейнс бар он ақидаанд, ки танзими касри буҷет дар ҳаллу фасли мушкилоти таваррум аҳамияти бузург дорад ва дар ин замина, мо вазъи хароҷоти буҷетро дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқ менамоем, зеро бидуни ин гуна тадқиқот арзиши аслии буҷети бе касрро донистан мушкил аст.

**Ҷадвали 5.-Вазъи касри буҷети давлатӣ** (млн сомонӣ)

| № | | 2000 | 2010 | 2013 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| . | Даромади буҷет | 251,7 | 7110,163 | 12276,6 | 16586,5 | 18483,8 | 23307,3 | 24097,2 |
| . | Хароҷоти буҷет | 261,8 | 7272,23 | 11591,6 | 16277,4 | 18294,33 | 22264,28 | 24187,4 |
| . | Касри буҷет | -10,1 | -162,12 | 685,0 | 309,1 | 189,5 | 1043,1 | -90,2 |
| 4 | Каср бо % нисбат ба даромади буҷет | -4,01 | -2,2 | 5,6 | 1,9 | 1,0 | 4,5 | -0.4 |

Манбаъ:Маҷмӯъи омор. 20-соли Иститқлолияти давлатӣ – С. 744. Маҷмӯъи омор. 25-соли Иститқлолияти давлатӣ – С. 453-505. Маҷмӯъи омор. 2019. – С. 419;

Новобаста ба тамоюлҳои мусбӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шароити муосир афзоиши даромади буҷети давлатиро ба вуҷуд овардааст, касри буҷет то ҳол мавҷуд аст. Вале тибқи маълумоти ҷадвал, касри буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2013 то соли 2017 қиммати мусбӣ дошт, яъне профисити буҷет мавҷуд буд, ки дар ҳаҷми 5,6 то 4,5% ҳаҷми даромадро ташкил мекард. Вале солҳои 2000-2010 ва алалхусус соли 2018 касри буҷҷет дар иқтисодиёт мавҷуд буд. Соли 2018 ҳаҷми он ба -0,4% даромадро ташкил кард, ки тибқи муқаррароти назариявӣ, инчунин таҷрибаи амалии кишварҳои хориҷӣ, ин омили таваррумӣ ҳисоб мешавад. Ба ибораи дигар, хароҷоти аз даромад барзиёд амалишуда асосан аз ҳисоби манбаъҳои таваррум маблағгузорӣ мешаванд, яъне қарзҳои беруна ё дохилӣ, эмиссияи пул, ки ба болоравии нарх таъсири худро мерасонад. Тибқи маълумоти ҷадвал, касри даромади буҷет дар соли 2017 7,3% буд, ин нишондиҳанда дар давраи қаблӣ 3,8%-ро ташкил карда буд. Аз ин мавқеъ, кам кардани касри буҷет метавонад унсури таркибии сиёсати зиддитаваррумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад. Бо вуҷуди ин, дар ин ҷо бояд эҳтиёткорона амал кард, зеро айни замон дар кишвар фаъолнокии пасти сармоягузорӣ, сарбории ками иқтидорҳои истеҳсолӣ, сатҳи баланди бекорӣ мушоҳида мешавад ва ин дахолати фаъоли давлатро тавассути зиёд намудани хароҷоти давлатӣ талаб менамояд, ба ибораи дигар, буҷети ҳозираи бекаср метавонад ба мавҷуд набудани буҷаи оянда оварда расонад. Аз ин рӯ, ҳангоми идоракунии касри буҷети давлатӣ дар масъалаи танзими тамоюлҳои таваррум бояд аз манбаъҳои таваррумӣ барои пӯшонидани каср

даст кашида шавад ва манбаъҳое дарёфт карда шаванд, ки онҳо равандҳои болоравии нархҳоро дар кишвар боз ҳам пуршиддат нагардонанд.

Омӯзиши таъсири воситаҳои макроиқтисодӣ ба инкишофи таваррум имкон медиҳад, ки онҳоро дар нақшаи зерин гурӯҳбандӣ кунем. Нигаред ба нақшаи 1.

**Нақшаи 1.-Фишангҳои (механизмҳои) асосии танзими макроиқтисодии идоракунии таваррум**




**Нақша аз ҷониби муаллифон таҳия карда шудааст**

Нақшаи мазкур нишон медиҳад, ки механизми асосии макроиқтисодии идоракунии таваррум аз воситаҳои пулӣ иборат аст, аз ҷумла, камхарҷкунии барориши пули давлатӣ, танзими амалиёти асъории Бонки миллии Тоҷикистон, муомилот бо коғазҳои қиматнок ва бозтамвили БМТ. Баъдан механизми сиёсати иқтисодии хориҷии давлат меистад, ки ба боҷҳои гумрукӣ ва қарзи берунаи давлат такя мекунад. Дигар фишанги макроиқтисодии танзими таваррум хароҷоти давлатӣ ва сиёсати андозии кишвар мебошад.

Бинобар ин, эҳтимол меравад, ки воситаҳои макроиқтисодӣ дар марҳилаи ҳозираи рушд, ҳарчанд дар идоракунии таваррум аҳамияти стратегӣ дошта бошанд ҳам, барои ҳалли мушкилоти болоравии нархҳо дар иқтисодиёти миллӣ нокифоянд.

Дар маҷмуъ, қайд кардан зарур аст, ки механизмҳои таҳлилгардида феҳрасти пурраи фишангҳои макроиқтисодии идоракунии таваррум набуда, ба ҳар ҳол, дар ҳалли мушкилоти ноустувории молиявӣ дар иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунанд.

Механизмҳои микроиқтисодии танзими болоравии нархҳо асосан барои бартараф кардани сабабҳои таваррум дар фаъолияти хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ равона карда шудаанд. Азбаски афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ дар корхонаҳо арзиши

маҳсулоти истеҳсолшуда ё пешниҳодшавандаро дар бозор баланд мекунад, бо ин барои ба вуҷуд омадани "таварруми пешниҳод" боис мегардад. Дар маҷмуъ, новобаста аз он ки кадом унсури ба пешниҳод таъсиррасони асосӣ мебошад, пайдоиши таваррум бо сабаби нобаробарӣ дар маҷмӯи истеҳсолии иқтисодиёти миллӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин бармеояд, ки ҳангоми таҳияи барномаҳои сиёсати иқтисодии давлат оид ба дастгирии субъектҳои хоҷагидорӣ бояд ба масъалаҳои беҳтаргардонии механизмҳои микроиқтисодии идоракунии таваррум таваҷҷуҳи махсус дода шавад. Беҳтаргардонии унсурҳои иқтисодии идоракунии таваррум дар заминаи амалишавии чорабиниҳои мураккаб, ки бо тағйирёбии сохтори соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, интиқоли сармоя аз як бахш ба бахши дигар, татбиқи чораҳои маҷмӯавии ба сиёсати нархгузорӣ таъсиррасон ва таъмини мавқеи устувори субъектҳои гуногуни иқтисодӣ асос меёбад. Зиёда аз ин, солҳои охир дар тадқиқотҳои илмии олимону иқтисодшиносони ватанӣ А. Абдуғафоров, Р.К. Раҳимов, Ҳ.Умаров ва дигарон ақидае тасдиқ мешавад, ки дар иқтисодиёти миллӣ на ҷанбаҳои макроиқтисодӣ, балки ҷанбаҳои микроиқтисодии идоракунии таваррум мавқеи афзалиятнок доранд.[12] Ҳангоми гузариш ба баррасии ҷузъии фишангҳои микроиқтисодии танзими таваррум бояд ҳар як давраи он ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифта, мукаммал карда шавад, зеро ҳар як марҳилаи таърихии муҳтавои таваррум метавонад мухталиф бошад. Азбаски дар ҳар як кишвар вазъи иқтисодии он аз дигаргуншавӣ ва тағйирёбии шароит ва сабабҳои гуногуни пайдоиши он вобаста аст. Дар марҳилаи муосири рушди иқтисоди миллӣ (аз соли 2000 то ҳоло, яъне аз давраи барориши асъори нави миллӣ, сомонӣ) дар танзими таваррум маҳз механизмҳои микроиқтисодӣ муътадилсозии болоравии нархҳо дар мавқеи аввал меистад, ки ин ҳолат дар нақшаи болоӣ нишон дода шудааст.

Тавре ки дар нақшаи мазкур нишон дода шудааст, дар маҷмӯъ ва алоҳидагӣ таъсири механизмҳои микроиқтисодии идоракунии равандҳои таваррум ба ҳалли масъалаҳои болоравии нарх, ки ба пешниҳоди мол ва хизматрасонӣ вобаста аст, равона шудааст.

Ҳангоми татбиқи сиёсати фаъоли зиддитаваррумӣ, ки дар муддати кӯтоҳ сабабҳои таваррумро коҳиш медиҳад, бо истифодаи усулҳои махсуси талабот ва пешниҳод андешидани чораҳои зерин зарур аст:

- кам кардани хароҷоти давлатӣ;
- паст кардани заминаҳо ва меъёрҳои андоз;
- ташаккул додани буҷети бекаср;
- татбиқи сиёсати қатъии муътадилсозӣ дар соҳаи низоми пулию қарзӣ ва андозӣ;
- нигоҳдорӣ ва пешгирии тамоюлҳои афзоиши нарх ва тарофаҳо барои мол ва хизматрасониҳо;
- рушди инфрасохтори бозаргонӣ;
- ҷорикунии қурби устувори ягонаи асъор (барои таносуби қурби бозор бо қурби БМТ);
- пурзӯр намудани рақобатпазирии иқтисодиёт тавассути рушди ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ.

Чораҳои мазкур барои рушди устувори иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам оварда, инчунин ба паст шудани сатҳи таваррум ва таварруми интизоршавандаи аҳолӣ мерасонад. Ҳамчунин, тартиби мазкур боиси паст шудани сатҳи коҳишёбии истеҳсолот ва бекорӣ мегардад, то дараҷае сатҳи некуаҳволии мардумро баланд карда, ба субoти иҷтимоӣ дар ҷомеа мерасонад.

---

[12] Рахимов Р.К. К вопросу финансово-кредитных рычагов развития экономики Таджикистана.// Экономика Таджикистана: стратегия развития. -2005, -№ 4, - С. 34 -57.; Умаров Х.У, Зарифова З.С. Денежно-кредитные Проблемы развития национальной экономики. – Душанбе. Ирфон, 2005; Абдугафаров А., Ахмедова Д.А. Теоретические проблемы формирования модели рыночной экономики Таджикистана. – Худжанд.: изд-во Р. Джалиля, 2006. – С. 58.

Боиси тазаккур аст, ки пешакӣ муайян кардани усули самараноки мубориза бо таваррум ғайриимкон аст, он ба шароити мушаххаси дар иқтисодиёти миллӣ ҷой дошта ва имкониятҳои давлат вобастагии зич дорад.

Дар маҷмӯъ, идоракунии самарабахши равандҳои таваррумӣ аз бисёр ҷиҳат қабули саривақтии воситаҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодиро пешбинӣ мекунад ва ин маънои онро дорад, ки якҷоя татбиқ намудани ин чораҳо самараи синергетикии таъмини устувории молиявиро дар сатҳи микро ва макроиқтисод таъмин намуда дар натиҷа, тамоюли таваррумро паст менамояд.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**


1. Абдугафаров А., Ахмедова Д. Теоретические проблемы формирования модели рыночной экономики Таджикистана. – Худжанд. Р. Джалил, -2006. – С. 51.;
2. Фишер Ирвинг. Покупательная сила денег / сост. вступ. статья. Бункина М.К, Семенов А.М. - М.: Дело, 2001. –С.70-71;
3. Кудрин А. Инфляция: российские и мировые тенденции// Вопросы экономики. 2007. № 10. – С. 9.;
4. Рахимов Р.К. К вопросу финансово-кредитных рычагов развития экономики Таджикистана.// Экономика Таджикистана: стратегия развития. -2005, -№ 4, - С. 34 -57.;
5. Умаров Х.У, Зарифова З.С. Денежно-кредитные Проблемы развития национальной экономики. – Душанбе. Ирфон, 2005;
6. Абдугафаров А., Ахмедова Д.А. Теоретические проблемы формирования модели рыночной экономики Таджикистана. – Худжанд.: изд-во Р. Джалиля, 2006. – С. 58.


## ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ГОССЕКТОРА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Гафуров Г. С. - к.э.н., доцент, декан факультета учета и статистики ТГФЭУ**

Одним из центральных звеньев, начавшейся в Республике Таджикистан с начала 90-х годов экономической реформы, была задача по осуществлению так называемого разгосударствления национальной экономики. И этот процесс длится ныне. Здесь мы попытаемся объяснить политику приватизации через призму мировому историческому опыту и стратегическим интересам страны.

**Прежде всего**, остановимся на исторической и экономической специфике генезиса госсектора в республике. Следует отметить, что госсектор как таковой возник еще задолго до периода зрелого капитализма. Так, в Китае еще в 140 году до нашей эры император Ханской династии У Ди создал, как считается, первый в истории вариант государственного сектора экономики[13]. Или, первое таджикское государства Саманидов имело хороший налаженный государственный сектор. Речь идет об абсолютно полноценном госсекторе, включающем сеть государственных предприятий разных отраслей: шахты, кузнечное производство, солеварни, строительство, кредитные учреждения. Самыми древними хозяйственными структурами госсектора в античной Греции были кредитные учреждения, действовали государственные банки. Еще в 4 веке до н.э. одним из таких банков руководил известный философ Диоген Синопский. В древнеримской империи помимо государственных банков были также созданы государственные мануфактуры в горном деле, а также по производству оружия и тканей[14]. Таким образом, можно утверждать, что госсектор с политэкономической точки зрения как экономический феномен присуще практически всем общественно-экономическим формациям. И поэтому общая суть госсектора присуще для всех стран.

[13] Бизаге А. Государственный сектор и приватизация. М.: Композит. 1996. С. 15.
[14] Там же. С. 15

Однако, с точки зрения своего генезиса госсектор Республики Таджикистан обладает определенной спецификой. Так, во всех западных странах госсектор «вырастал» в рамках рыночной экономической системи естественным образом, как следствием возникающих потребностей в обобществлении некоторых видов деятельности. Здесь, каждый новый объект госсектора аккуратно «встраивался» государством в уже имеющуюся институциональную среду. В республике, после 90-х гг. госсектор возник как результат «таяния» государственной собственности, расформирование его.Так, за период с1991 по 2010 г. приватизированы: 529 единиц промышленные 489 строительные предприятий, 421 предприятий транспорт и связи, почти 905 предприятий торговли, бытового обслуживания и сельского хозяйства (см. таблицы 2.5). 2005 г в республике был годом массовой приватизации. В результате уменьшения госсектора формировалась рыночная среда.

**Таблица 1. Приватизация госимущества в республике таджикистан**

| | **1991** | **2000** | **2005** | **2010** | **2020** |
|---|---|---|---|---|---|
| Промышленность | 1 | 21 | 90 | 9 | 529 |
| Строительство | - | 16 | 75 | 2 | 489 |
| Транспорт и связь | - | 19 | 79 | 15 | 421 |
| Торговля | 17 | 150 | 78 | 6 | 2658 |
| Бытовое обслуживание | 17 | 90 | 50 | 13 | 2368 |
| Сельское хозяйство | - | 76 | 182 | 181 | 2535 |
| Прочие | 4 | 275 | 116 | 66 | 2440 |
| **Всего** | **39** | **647** | 670 | 292 | 11440 |

***Источник:*** *Статистический сборник Агентства по статистике при Президента Республики Таджикистан, Душанбе 2011. С.383.*

Но, госсектор, можно сказать формировался по остаточному принципу (в его распоряжение оказался то, что еще не успели приватизировать) и эти «остатки» на долгое время зависали в институциональном вакууме. Потому что на первом месте стояла задача создания рыночных институтов. Фактически госсектор страны на долгие годы остался просто брошенным на произвол судьбы, и субъекты госсектора оказались в таких условиях автоматически неконкурентоспособными.

Имеется, также своеобразие госсектора республики и с точки зрения его роли и трансформационных функций. Госсектор в целом, так и его отдельные предприятия создавались в трудные периоды для национальной экономики. После распада СССР, в основном это были периоды системных кризисов, гражданских войн в республике. В этом смысле сам госсектор служил своего рода инструментом стабилизации политических и социально-экономических потрясений.[15]

Кроме того, следует отметить, что для республики в 90-х годах имела место прямо противоположная ситуация, когда гипертрофированный и неэффективный госсектор выступал как корень зла всей национальной экономики. Неявно предполагалось, что сам политический кризис, охвативший страну, в конечном счете, был спровоцирован беспрецедентным огосударствлением всех сторон экономической жизни страны и неудовлетворительной работой госсектора. Иными словами, в республике госсектор выступал как непосредственный источник разразившегося кризиса. Разумеется, при таком положении дел было просто нелепо возлагать надежды по стабилизации ситуации на госсектор, и все преференции правительства были перенесены на альтернативный сектор

[15] К статье, в мирное время благодаря госсектору удается осуществить масштабные научно-технические программы и сгладить региональные проблемы развития территорий. В данном контексте госсектор выступает в качестве инструмента проведения структурной и научно-технической политики.

экономики – негосударственный. При подобных обстоятельствах госсектор в республике стал восприниматься как абсолютное зло для национального хозяйства и до сих пор оздоровление экономики связывается с максимальным сжатием остатков госсектора во всех отраслях и сферах деятельности. Таким образом, Республика Таджикистан шла в разрез с общемировыми тенденциями генезиса и развития госсектора и его системы управления.

**Во-вторых.** Разгосударствление происходит с помощью приватизации или при помощи обычной распродажи государственного имущества. Такой подход в экономической литературе объявлен естественным. Так, еще А.Смит, говоря о преимуществах такого способа, писал: «Во всех монархических державах Европы продажа королевских земель принесла бы очень значительную денежную сумму, которая, при условии ее использования на покрытие государственных долгов, сократила бы выплату по ним процентов на сумму, намного превышающую доход, которые когда-либо эти земли приносили короне»[16]. Однако, если в отношении раннекапиталистических европейских монархий выше приведенный тезис А.Смита, может быть, и верен, то насколько правомерно его механистическое применение к нынешним условиям республики – является открытым. Данный аспект приватизации вскрывает очень важную политэкономическую проблему оптимизации финансовой и макроэкономической политики государства. Действительно, республики обремененной внутренними и внешними долгами, распродажа государственного имущества и покрытие нарастающей задолженности в принципе было бы весьма целесообразным. Однако данная проблема не может быть решена в общем случае. Она решается только для конкретных объектов с учетом длительности перспективы экономического развития страны.

Например, если в некий начальный период времени продать государственный объект (предприятие) за какую цену , а вырученную сумму пустить на погашение государственного долга, то тем самым государство ликвидирует и будущие проценты по ставке процента начисляющиеся на данную сумму. С учетом процентных платежей общая сумма долга через определенный срок составила бы величину, значительно большую, чем сумму проданную. Вместе с тем государство в течении нескольких лет может получать некий чистый доход от деятельности государственного объекта (предприятия), а по истечении этого срока продать этот объект по дисконтированную цену (будущей стоимости объекта). Таким образом, вопрос о целесообразности продажи государственного объекта зависит от того, превысит сумма ликвидационной стоимости этого объекта через несколько лет и накопленного чистого дохода от его эксплуатации сумму его первоначальной стоимости с учетом процентных платежей или нет. Если превысит, то государственный объект должен остаться в руках государства, если нет, то его имеет смысл приватизировать[17]. Отсюда, проблема приватизации чрезвычайно условна. Решение о ее целесообразности зависит от горизонта прогнозирования государством своей политики. Соответственно, долгосрочные и краткосрочные стратегии экономического развития, скорее всего, будут приводить к различным стратегиям и в отношении приватизации объектов госсектора. Процесс принятия решения о приватизации предполагает довольно точный учет будущей динамики доходов предприятия госсектора и его рыночной цены. Ошибка в прогнозе указанных параметров может привести и к принципиальной ошибке в решении о необходимости приватизации предприятия.

**Литературы**


1. Покровская А.К. Зарубежный опыт приватизации государственной собственности путем акционирования: на примере Великобритании // Вестн. Моск. ун-та. Сер.6. Экономика. - 1994. - N 1. - С.49-58.
2. Попов А.И. Экономическая теория, 4-е издание, «Питер», Санкт-Петербург, 2006, стр. 44
3. Популярная экономическая энциклопедия., М.: Изд-во «Большая Российская энциклопедия», 2003. - стр. 134


[16] Цитат по Бизаге А. Государственный сектор и приватизация. М.: Композит. 1996. С. 77.

4. Приватизационный процесс в России (из доклада Института экон. проблем переходного периода "Рос. экономика в 1993 году. Тенденции и перспективы") // Общество и экономика. - 1994. - N 7-8. - С.61-86.
5. Приватизация в бывшей ГДР // Мировая экономика и междунар. отношения. - 2000. - N 4. - С.111-116

## ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНҲОИ МОЛИЯВИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ (СМБ): НАТИҶАҲО ВА ИМКОНИЯТҲОИ РУШД

**Буриева М.Ч. - мудири кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии ДДМИТ**
**Сафарова Г.Ҳ. - ассистенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии ДДМИТ**

Бо назардошти барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлоли давлатии кишварҳои узви ИҶШС муносибатҳои байни 15 ҷумҳурии иттифоқ дар асоси шакли нави сохтори идоракунии давлатҳо аз нав барқарор карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки дар оғози солҳои соҳибистиқлолӣ иқтисоди кишвар ба 3 мушкилоти асосӣ дучор гардид:

-якум, бо пайомадҳои ногувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ бинобар сабаби низоъҳои шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997);

-дуюм, канда шудани занҷираи арзиши иловашуда дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт бо назардошти барҳам хӯрдани занҷираи арзиши иловашудаи даврони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ;

-сеюм, бо дигаргуниҳои куллии сохторию институтсионалӣ ҳангоми гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар се ин мушкилотро бо талошҳои сулҳпарварона ва созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва халқи азизи Тоҷикистон паси сар намуд.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон дар соли 1992 нисбат ба соли 1991 яку якбора 29% коҳиш ёфта, камомади буҷети давлатӣ бошад, 31,2 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил менамуд[1].

Дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳадафҳои стратегии кишвар муайян гардида, татбиқи он дар се марҳила пешбинӣ шудааст. Айни замон мо дар марҳилаи дуюм, яъне «Марҳилаи рушди суръатнок, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст ва он солҳои 2021-2025»-ро дар бар мегирад, қарор дорем. Дар ин марҳила зиёдшавии ҳаҷми сармоягузорӣ дар бахши воқеӣ ва инфрасохтор ҳамчун заминаи асосӣ барои рушди иқтисодиёт ба шумор меравад. Вазифаи асосӣ дар ин марҳила аз сафарбар намудани захираҳои молиявии субъектҳои иқтисоди миллӣ, бонкҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд бо мақсади бозсозии сохтории иқтисодиёт иборат аст [4, с. 23].

Аз ин рӯ, ҳамкориҳо бо ин созмонҳо барои дарёфти захираҳои молиявӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дар маҷмуъ, таъмин намудани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ имконият фароҳам меоварад.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ ба 57 созмони минтақавӣ ва байналмилалӣ шомил гардида, аз арзишҳо ва манфиатҳои миллию иқтисодии худ дифоъ намуда, вобаста ба масъалаҳои ҷаҳонӣ мавқеи худро баён месозад ва пешниҳодҳои мушаххасро дар бораи ҳалли масъалаҳои глобалӣ ба миён мегузорад [4].

Доираи робитаҳои хориҷии Тоҷикистон сол то сол васеъ гардида, ҷумҳурӣ ба созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва минтақавӣ шомил шуда истодааст.

Шомилшавии Тоҷикистон ба созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ имкон фароҳам овард, киислоҳоти иқтисодӣ босамар татбиқ ва маблағҳои грантӣ ҷалб гардида, заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалии рушди муносибатҳои бозорӣ,

инчунин, ҳамгироии иқтисоди миллӣ ба иқтисоди ҷаҳон ва минтақа фароҳам оварда шавад.

Бо назардошти афзоиши вобастагии мутақобила бештари давлатҳо дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ манфиатдор мебошанд. Бархе аз давлатҳои ҷаҳон ин созмонҳоро барои татбиқи ҳадафҳои стратегии худ истифода мебаранд, бархеи дигар ба ҳайси донор барои ҷалби қарзҳои имтиёзнок ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҳалли мушкилоти маблағгузории касри буҷет ҳамкорӣ мекунанд.

Дар маҷмуъ созмонҳои молиявии байналмилалӣ (СМБ) дар иқтисодиёти ҷаҳон нақши арзанда дошта, фаъолияти онҳо ба таҳкиму густариши муносибатҳои байналмилалии молиявию қарзии байни давлатҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Ин созмонҳо унсури асосии низоми молиявии байналмилалӣ буда, бо пешниҳоди захираҳои молиявӣ ба рушди иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон ва минтақа таъсири мусбат мерасонанд. Бо назардошти афзоиши вобастагии мутақобила зарурати ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва минтақавӣ байни кишварҳо ба миён меояд. Бояд қайд намуд, ки пас аз воридшавӣ ба ин созмонҳо мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шарики боэътимод дар самти тиҷоративу иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмию техникӣ густурда гардида, бо назардошти таъмин намудани фазои мусоиди сармоягузорӣ ҳамасола ба иқтисодиёти кишвар сармояи хориҷӣ ворид гардида, бо назардошти татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар таъмин гардида истодаанд.

Муҳимтарин дастоварди Тоҷикистон ин аст, ки тавассути татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок ва гузаронидани ислоҳоти зарурӣ сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 2000 то 26,3 дар соли 2022 фоиз коҳиш ёфт. Натиҷаи он буд, ки Тоҷикистон аз рӯи суръати коҳиши камбизоатӣ дар 15 соли охир ба қатори 10 кишвари беҳтарини ҷаҳон шомил шудааст[1].

Ҳукумати мамлакат бо мақсади беҳсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди бахшҳои гуогуни иқтисодӣ ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолии мамлакат тадбирҳои зарурӣро рӯи кор гирифта, бо ҷалби созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва минтақавӣ лоиҳаҳои сармоягузориро татбиқ намуда истодааст. Таҷриба нишон дод, ки тавассути маблағгузории шариkони рушд татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои давлатии ҳадафманд имконпазир мебошанд. Ҳамзамон, мавқеи кишвар ҳамчун шарики боэътимоди тиҷоративу иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмию техникӣ устувор гардида, бо назардошти таҳкими фазои соҳибкорию сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон сармояи хориҷӣ ворид гардида истодааст. Илова бар ин, имконияти кишвар дар самти таҳкими иқтидори содиротӣ тавсеа ёфта, гуногуннамудӣ ва гуногунсамтии савдои хориҷӣ таъмин гардид.

Қайд кардан зарур аст, ки бо ҷалби маблағҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва минтақавӣ ба ҳолати 1 январи соли 2022 78 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ (39 лоиҳаи грантӣ, 7 лоиҳаи қарзӣ ва 32 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарз ва грант) дар доираи «Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025» мавриди амал қарор дошта, маблағи умумии онҳо 3,7 млрд доллари ИМА, аз ҷумла 2,1 млрд доллар маблағҳои грантӣ, 1,5 млрд доллар маблағҳои қарзӣ, 111,4 млн доллар, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоатҳо 14 млн долларро ташкил медиҳад[2].

Қобили қайд аст, ки аз маблағи умумии лоиҳаҳои сармоягузорӣ 56,7 фоизи онро маблағҳои грантӣ, 40 фоиз маблағҳои қарзӣ, 3,3 фоизро саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар манбаъҳо ташкил медиҳад.

Амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бевосита барои татбиқи ҳадафҳои СМР ҶТ барои давраи то соли 2030 заминаи мусоид гузошта, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми кишварамон мусоидат намуда истодаанд.

Дар байни созмонҳои молиявии байналмилалӣ саҳми Бонки Ҷаҳонӣ дар татбиқи лоиҳаҳои афзалияноки давлатӣ назаррас аст. Тибқи маълумоти махзани низоми

иттилоотии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ маҷмуи лоиҳаҳои амалкунанда ва анҷомёфтаи Бонки Ҷаҳонӣ беш аз 100 лоиҳаро ба маблағи зиёда 2 млрд доллар ташкил менамояд. Бо дастгирии молиявии ташкилоти мазкур 20 лоиҳаи сармоягузории қарзию грантии давлатӣ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, обёрӣ, обтаъминкунӣ, энергетика, нақлиёт, экология/ҳолатҳои фавқулода ва дигар соҳаҳо мавриди татбиқ қарор доранд, ки маблағи умумии онҳо 945,5 млн долларро ташкил дода, аз он 224,3 млн доллар маблағҳои қарзӣ ва 721,2 млн доллар маблағҳои грантӣ мебошанд. Қайд кардан зарур аст, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ аз соли 2003 то инҷониб рейтинги «Пешбурди тиҷорат» дар асоси маълумоти солона ҷиҳати сабукии пешбурди фаъолияти соҳибкориро нашр менамояд. Дар раддабандии мазкур дар соли 2020 вобаста ба 190 кишвари ҷаҳон маълумот дода шудааст.

Тибқи ин раддабандӣ Тоҷикистон дар соли 2020 дар ҷойи  106 қарор дошта, нисбати  соли 2015 60 зина мавқеи худро беҳтар намудааст (Тоҷикистон дар соли 2015 дар ҷойи  166 қарор дошт) [2].

Ҳамзамон, ислоҳот ва сиёсати самарабахши иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ эътироф гардида, Тоҷикистон ба 10-гонаи кишвари беҳтарини ислоҳотгар шомил шуд.




***Манбаъ:*** *Коркарди муаллиф «DOING BUSINESS 2015, 2016, 2017, 2018, 2019, 2020,  A World Bank Group  Reports.*

Новобаста аз шакли фарогир, созмонҳои молиявӣ дар муносибатҳои муосири байналмилалии байни давлатҳо  нақши муҳим мебозанд.

Ҷиҳати  таҳкими ҳамкориҳои мутақобилаи судманд бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ андешидани чораҳои зерин муҳим арзёбӣ мегардад:

1. Додани диққати аввалиндараҷа ба ҳадафҳои “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ҳангоми баррасии лоиҳаи Нақшаи амалиётии маблағгузорӣ барои солҳои дахлдор бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ;

2. Роҳандозӣ гардидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати беҳтар гардидани мавқеи Тоҷикистон дар рейтинги «Пешбурди тиҷорат»;

3.Таъмини самаранокӣ ва мақсаднокии азхуд намудани маблағҳои лоиҳаҳои сармоягузорие, ки бо саҳми созмонҳои молиявии байналмилалӣ татбиқ шуда истодаанд.

4.Васеъ намудани ҷуғрофияи муносибатҳои молиявӣ бо дигар созмонҳои молиявии бонуфузи ҷаҳон бо мақсади татбиқи марҳилаи дуюми  СМР-2030, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст.

***Адабиёт:***


1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», Душанбе, 2022 с.*
2. *Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025.*
3. *Дастовардҳои иқтисодии Тоҷикистон дар 30 соли Истиқлоли дав-латӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021, – 500 с.*
4. *СМР барои давраи то соли 2030. С.23.*

5. Қурбонзода О.Р. Нақши созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва минтақавӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ / О.Р. Қурбонзода // Паёми молия ва иқтисод – Душанбе: ДДМИТ. – 2022.- №3 (32) с.259.
6. DOING BUSINESS 2015, 2016, 2017, 2018, 2019, 2020, A World Bank Group Reports.

# МАБЛАҒГУЗОРИИ БЕРУНА, РУШД ВА МАСЪАЛАҲОИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ МАМЛАКАТҲО

***Усмонов П.Н. – н.и.и., дотсенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии ДДМИТ***

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод ва муносибатҳои молиявӣ вазъ дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ва дар давраи гузариш қарордошта нисбат ба мамлакатҳои мутараққӣ куллан фарқ менамояд. Дар замони муосир мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ва дар давраи гузариш қарордошта ба воридкунандагони асосии сармоя ва мамлакатҳои қарздор бо касри музмини буҷети давлатӣ ва ҳисобҳои ҷорӣ мубаддал гаштаанд, ки сармоягузории дохилии онҳо аз ҳаҷми пасандозҳои миллӣ зиёдтар мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки вобаста ба сарчашмаҳои маблағгузории беруна мамлакатҳо ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд. Гурӯҳи якумро мамлакатҳое дар бар мегиранд, ки аз сарчашмаҳои расмӣ маблағгузорӣ мегарданд. Гурӯҳи дуюмро мамлакатҳое, ки аз сарчашмаҳои хусусӣ ва ниҳоятан гурӯҳи сеюмро бошад, мамлакатҳое дар бар мегиранд, ки аз сарчашмаҳои омехта маблағгузорӣ мегарданд.

Дар шароити ҷаҳонишавии молиявӣ ҳангоми амалисозии барномаҳои иқтисодӣ ҳамон мамлакатҳое муваффақ мегарданд, ки аз маблағгузориҳои беруна самаранок истифода менамоянд ва дар баробари иқтисодиёти ин мамлакатҳоро фаро гирифтани маблағгузориҳои беруна, ташакул ёфтани ҳамкориҳои иқтисодӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти мамлакат ва рушди иқтисодиёт ба чашм мерасад.

Аз он лиҳоз ки мавзуи таҳқиқотии мо амнияти иқтисодии мамлакатҳои дар давраи гузариш қарордошта дар шароити афзоиши маблағгузориҳои беруна мебошад, бояд чунин маблағгузориҳо ба монанди ҷалби воситаҳо аз хориҷа барои маблағгузории иқтисодиёт дар шакли инвеститсияҳои хориҷӣ, қарзҳо ва кумакҳои расмӣ барои рушдро ҷудо намуд (расми 1).

**Расми 1. Шаклҳои маблағгузориҳои беруна**




Ин шаклҳои маблағгузории беруна ҳамзамон самтҳои ҳаракати байналхалқии сармоя низ маҳсуб меёбанд, ки ба қонунияти ин раванди умумӣ тобеъ буда, иштирокчиёни асосии чараёни маблағгузориҳои берунаи байналхалқиро роҳбарӣ менамоянд.

Принсипи асосии истифодаи маблағгузории беруна ин мавқеи таъмини амнияти иқтисодӣ ва зарурати истифодаи самараноки он ҳамчун сармоя ба шумор меравад. Ин шартро маъмулан “Қоидаи тиллоӣ"-и молия меноманд [1]. Аммо дар амал татбиқ

намудани он то ҳол ба душвориҳо ва монеаҳои гуногун дучор омадааст. Агар захираҳои берунаи ҷалбгардида ба васеъ намудани истеҳсолоти ҷойдошта ё бунёди корхонаҳои нав, ки қобилияти истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазирро доранд, равона карда нашаванд, чунин уҳдадориҳо боиси душвориҳои пардохти қарзи беруна ва ба вуҷуд омадани шароити бухрони молиявӣ мегардад, ки ба таҳдиди амнияти иқтисодӣ меорад.

Кумаки расмии рушд ҳамчун шакли маблағгузории беруна муҳим аст. Аз нуқтаи назари манфиатҳои кишварҳои пешкашкунандаи кумаки расмии рушд, таъсири судманди он пеш аз ҳама, ҳамчун воситаи васеъ намудани бозори кишварҳои қабулкунанда барои содироти молу хизматрасонӣ аз кишварҳои донор, ташкили як васила барои ҳамкории дарозмуддати байни онҳо, дуюм, таъсис ва рушди бозорҳои нави ҷаҳонӣ ва дар ниҳоят, ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии кишварҳои донор маҳсуб меёбад.

Коршиноси Бонки Ҷаҳонӣ Дэвид Доллар бо истифодаи маълумот аз 56 кишвари ҷаҳон дар давраи солҳои 1970-1993 кӯшиш намудааст, ки ҳолатҳоеро муайян кунад, ки дар кадом маврид кумаки беруна таъсири мусбат ва дар кадом маврид таъсири манфӣ дошт [5]. Натиҷаҳои таҳқиқоти ӯ нишон доданд, ки ба ҳисоби миёна кумаки хориҷӣ ба афзоиши ММД ба сари аҳолӣ таъсири хеле ночиз доштааст, аммо дар заминаи сиёсати дурусти макроиқтисодӣ ба рушди иқтисодиёт ва коҳиши фақр таъсири мусбат гузоштааст. Масалан, дар кишварҳое, ки идоракунии хуби иқтисодӣ доранд, 1% афзоиши кумаки хориҷӣ рушди иқтисодро 0,5% афзоиш дода, сатҳи камбизоатиро 1% коҳиш дод. Дар мамлакатҳое, ки идоракунии иқтисодиёташон на он қадар хуб аст, кумаки хориҷӣ  ба мақсадҳои бесамар, тамоман беҳуда сарф гардида, ба нобаробарии иқтисодии аҳолӣ оварда мерасонад.

Ба андешаи мо чораҳои сиёсие ҷой доранд, ки метавонанд кумакҳои хориҷиро самараноктар гардонанд. Ба ин чораҳо инҳо дохил мешаванд:

1) кумаки расмии рушд дар фазои хуби сиёсӣ самаранок аст;

2) дар ҷараёни қабул намудани кумаки беруна шарти муҳими паст намудани сатҳи камбизоатӣ ин татбиқиислоҳоти институтсионалӣ ва иқтисодӣ мебошад;

3) кумаки самараноки хориҷӣ ва сармоягузории хориҷӣ бояд ҳамеша ҳамдигарро пурра намоянд;

4) лоиҳаҳои кумаки беруна бояд ба инкишофи соҳаи илму техника равона гарданд;

5) кумаки беруна бо ҳадафҳои мушаххас бояд ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ бошад.

Тадқиқотҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудаанд, нишон доданд, ки дар шароити иқтисодиёти сустараққикарда ва таҳрифшуда сармоягузорӣ назар ба иқтисодиёти бо захираҳо пурра таъминбуда, таъсири бештар дорад.Чи тавре ки академик Р.К.Раҳимов қайд менамояд, ҳар як воҳиди сармоягузории мустақил ба иқтисодиёти Тоҷикистон суръати баланди афзоиши даромади миллиро муайян менамояд ва аз ин рӯ, афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои индусивӣ, яъне маблаггузорие, ки ба андозаи даромади миллӣ вобаста аст [2]. Ҳамин тариқ, сатҳи пасти пасандозҳо хатари асосии амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дар аксари тадқиқотҳо алоқамандии байни воридоти сармоя ва пасандозҳои дохилӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки аз ҷиҳати назариявӣ ин алоқаманди манфӣ дониста шудааст. Алоқамандии манфии воридшавии сармояи хориҷӣ ба ин ё он кишвар ва пасандозҳои дохилиро дар ҳолате мушоҳида намудан мумкин аст, ки қисми зиёди маблағҳои молиявии хориҷӣ барои истеъмол истифода мешаванд, ки ин дараҷаи таҳдидҳоро ба амнияти иқтисодӣ зиёд менамояд.

Пасандозҳои дохилӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ маъмулан ҳамчун фарқи байни маблағгузориҳо ва вориди сармояи хориҷӣ муайян карда мешаванд ва агар гардиши сармояи хориҷӣ афзоиш ёбад, пас пасандозҳо барои нигоҳ доштани мувозинати макроиқтисодӣ дар низоми иқтисоди миллӣ бояд коҳиш ёбад. Аммо ин чунин маъно надорад, ки муносибати манфии омории байни сармояи хориҷӣ ва пасандозҳои дохилӣ

ба самти баръакси тараққиёт нигаронида шудааст. Агар чунин вазъият мушоҳида шавад, пас ин маънои онро дорад, ки қисми зиёди сармояи хориҷӣ барои истеъмол равона гашта, дар оянда ногузир ба амнияти иқтисодӣ таҳдид менамояд. Ин ҳолат бештар дар мавриде рӯй медиҳад, ки маблағгузории беруна барои лоиҳаҳои аз ҷиҳати сиёсӣ бонуфуз ва аз ҷиҳати иқтисодӣ бесамар истифода гардад [6].

Ба андешаи мо, хусусиятҳои зерини маблағгузории берунаро, ки бо масъалаҳои амнияти иқтисодӣ алоқаманданд, ҷудо намудан мумкин аст.

Аввалан, маблағгузории беруна бояд ба ташаккули фазои сармоягузорӣ ҳамчун шарти зарурии сармоягузории хориҷӣ равона гардад. Бо дарназардошти мушкилоти объективии марҳилаи гузариш, барои ба вуҷуд овардани «Такони бузург» дар кишварҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта ҷалби сармояи хориҷӣ зарур аст. Сармоягузориҳои хориҷӣ ба он кишварҳое равона мегардад, ки дар онҳо фазои мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда шудааст ва яке аз ҷузъҳои он мавҷудияти инфрасохтори пешрафта, аз ҷумла рушди шабакаи роҳҳо, коммуникатсия, телекоммуникатсия, энергетика, обтаъминкунӣ, сатҳи ба қадри кофӣ баланди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ мебошад. Аз ин рӯ, раванди ба ин соҳаҳо равона намудани маблағгузории беруна, заминаи дарозмуддате барои таъмини амнияти иқтисодӣ шароит фароҳам меорад.

Дуюм, маблағгузории беруна бояд ба кам намудани вобастагии иқтисодиёти миллии кишварҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта аз сарчашмаҳои берунаи рушд равона гардад. Маълум аст, ки манбаи асосии маблағгузорӣ пасандозҳои аҳолӣ мебошад. Аммо дар кишварҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта сатҳи даромад паст буда, тамоюли ниҳоӣ ба истеъмол зиёд аст, ки ин боиси афзоиши таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ гардида, бо аҳамияти начандон бузурги сарчашмаҳои дохилии маблағгузорӣ барои такрористеҳсоли васеъ алоқаманд аст. Чунонки Эрнандо де Сото дар асари машҳури худ «Мушкилоти сармоя» дар мамлакатҳои ру ба инкишоф ва иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта қайд менамояд «ба пайдоиши қарз ва сармоягузорӣ на худи дороиҳои моддӣ, балки инъикоси онҳо дар низоми моликияти хусусӣ монеа мешавад» [4]. Бинобар ин, ба андешаи мо, маблаггузории беруна дар доираи барномаҳои муътадилгардонӣ бояд ба мустаҳкам намудани муносибатҳои бозорӣ дар мамлакат ва фароҳам овардани шароит барои ташаккули манбаъҳои дохилии рушд нигаронида шавад.

Сеюм, маблағгузории беруна бояд ба пешбурди ислоҳоти институтсионалӣ дар кишвар равона карда шавад. Маълум аст, ки асоси маблағгузории дохилии иқтисодиётро чораёни ҷалбнамоии пасандоз ташкил менамояд, вале дар шароити баланд будани сатҳи камбизоатӣ ин раванд имконнопазир мегардад. Аз ин рӯ, захираҳои берунаи рушд бояд ҳатман ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар равона гардад. Ба андешаи мо ҳалли ин масъала дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ имконпазир мегардад, чунки дар маҷмуъ истифодаи самараноки омилҳои берунаи рушди иқтисодӣ метавонад таҳдидҳоро ба амнияти иқтисодӣ кам намояд. Ин маънои онро дорад, ки ислоҳоти институтсионалӣ рақобати комил, шаффофияти идоракунии давлатӣ, моликияти хусусӣ, рушди соҳаи маориф ва фаъолияти механизмҳои бозории идоракуниро таъмин менамояд.

Чорум, маблағгузории беруна набояд вобастагиро зиёд намояд, зеро чунин маблағгузории беруна аксаран ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсири начандон назаррас расонида, уҳдадориҳои давлатҳои маблағқабулкунандаро дар назди донорҳоро зиёд менамояд.

***Адабиёт:***


1. *Захаров, А.Б., Алехин, Б.И. «Золотое правило» финансов – займы для нвестиций. Известие, 6 декабря 2002 г.*

2. *Рахимов, Р.К. Глобализация и проблемы экономического роста в Республике Таджикистан/ Р.К. Рахимов //Экономика Таджикистана: стратегия развития. 2004, N1. С. 52.*
3. *Усмонов, П.Н. Ташаккули механизми самараноки истифодаи кумаки беруна/ П.Н Усмонов, Т.Ҳ. Эшбеков // Паёми молия ва иқтисод.- 2021.- № 2 (26). – С. 95-102.*
4. *Э.Д. Сото. Загадка капитала. Почему капитализм торжествует на Западе и терпит поражение во всем остальном мире. М., Олимп Бизнес, 2004, С. 17.*
5. *D. Dollar, and C, Burnside (2000) "Aid, Policies and Growth", American Economic Review, September. - pg.112.*
6. *Keith Griffin. Foreign Capital, Domestic Savings and Economic Development. Bulletin of the Oxford Institute of Economics and Statistics. - pg.121.*

## Дурнамои инкишофи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони Хамкории Шанхай (СҲШ)

**Давлатшоева З.М. - н.и.и.,дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии ДДМИТ**

Яке аз самтҳои афзалиятноки тараққиёти иқтисодӣ миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ рушди ҷараёнҳои ҳамгироии иқтисодӣ ба шумор меравад. Бомуваффақият ворид шудан ба иқтисодиёти ҷаҳон ва иштироки фаъол дар тақсимоти байналхалқии меҳнат самти муҳими фаъолияти хоҷагидории кишвар ба ҳисоб рафта, дар татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар заминаи устувор хоҳанд гузошт. Бе рушди муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ва таҳкими рушди муносибатҳои созандагиву мутақобилан судманд бо кишварҳои дуру наздик, бахусус бо кишварҳои шарикони рушд ба даст овардани афзалиятҳои муосир барои кишвар имконнопазир мегардад [4].

Мақсади иттиҳодияи ҳамгироӣ, чӣ тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, таъсиси фазои ягона барои субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ ва таъмини ҳаёти арзанда барои шаҳрвандон дар қаламрави иттиҳодия мебошад. СҲШ, ки сараввал барои таъмини бехатарии сиёсӣ ташкил карда шуд, дар оянда бо рушди муносибатҳои бисёрҷонибаи ҳамкории судманди тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ аҳамияти махсус дода, дар рушди равандҳои ҳамгироии иқтисодии кишварҳо, пеш аз ҳама, кишварҳои Осиёи Марказӣ заминаи устувори сармоягузориву инфрасохторӣ гузошт, ки мо онҳоро дар поён ба таври мушаххас баррасси менамоем.

Ҳатто, моҳи сентябри соли 2003 сарони ҳукуматҳои кишварҳои узви СҲШ барномаи 20-солаи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи тиҷоративу иқтисодиро имзо карданд.

Ба сифати ҳадафи дарозмуддат дар фазои СҲШ ташкили минтақаи озоди савдо ва дар кӯтоҳмуддат – фаъол гардонидани раванди фароҳам овардани шароити мусоид дар соҳаи тиҷорат ва сармоягузорӣ пешбинӣ шудааст [3].

СҲШ низ ҳамчун ташкилоти шакли нави ҳамкории мутақобилан судманди иқтисодиву сиёсӣ доираи васеи фаъолиятро, ки имрӯз ба ҷабҳаҳои ҷаҳонишавӣ ҳамоҳанг мебошад, дар марҳилаи муосир татбиқ менамояд. бухрони ҷаҳонӣ ва хатарҳои муосир ба кишварҳои узви СҲШ барои ба даст овардани имкониятҳои нав мусоидат намуд. Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки тамоми кишварҳои дунё аз ҷумла кишварҳои СҲШ барои барқарорсозии ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ чораҳои зарурӣ андешидаанд, ки дар заминаи он фаъолияти мутақобилан судманд ва манфиати умумиро ба даст овардаанд. Хатарҳои муосир боз ҳам исбот кардаанд, ки ягон давлати дунё дар танҳоӣ муаммоҳои глобалиро бартараф кардан наметавонад. Аз ин рӯ, яке аз сабабҳои ташаккулёбии ташкилотҳои минтакавию байналмилалӣ ва, инчунин, рушди ҳамкориҳои бисёрҷониба бартараф намудани хавфҳои муосир ва эмин нигоҳ доштани фаъолияти хоҷагии ҷаҳонӣ ва, умуман, инсоният ба ҳисоб меравад [2].

Ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтарини ҳамгироӣ бо кишварҳои собиқ Шуравӣ, шаклҳои муассири ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо ва иштироки воқеӣ дар СҲШ ва дигар иттиҳодияҳои интегратсионӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Ҳамкории созандагӣ ва таъсири мутақобилаи кишварҳои СҲШ дар соҳаи

иқтисод ва сиёсат метавонад созмонро ба як иттиҳодияи рақобатпазир ва қавии интегратсионӣ табдил намуда, дар арсаи, байналмилалӣ нақши онро боз ҳам зиёд намояд.

Дар маҷмӯъ, бояд гуфт, ки барои рушди бомуваффақияти муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ дар доираи СҲШ, кишварҳои Осиёи Марказӣ, Русия ва Чин тамоми шароити заруриро доро мебошанд. Аввалан, кишварҳои Осиёи Марказӣ масофаи кӯтоҳ доранд, ки ба зудӣ расонидани мол ва сарфаи хароҷоти нақлиёт мусоидат мекунад. Дуввум, тавассути кишварҳои Осиёи Марказӣ равобити муассири тиҷоративу иқтисодии байни Чин ва Русия тавассути эҷоди муштараки долонҳои нақлиётӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ сурат мегиранд. Ва ниҳоят, сеюм, таъсиси муштараки инфрасохтори байналмилалии нақлиётӣ ба таҳвили маҳсулоти содиротӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Самтҳои муҳими ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар платформаи СҲШ ба соҳаҳои монанди инфрасохтори нақлиётӣ, энергетика, рушди соҳаи нафту газ, сармоягузорӣ, рушди соҳаи хизматрасонӣ ва технологияи муосир табдил ёфтанд.

Ҳамкории иқтисодӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои СҲШ дар марҳилаи кунунӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии хориҷии давлат ва шарти зарурии шомилшавӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

**_Адабиёт:_**


1. *Андронова, И.В. Потенциал и ограничение новых механизмов коллективного сотрудничества [Текст] / И.В. Андронова // Вестник международных организаций. – 2016. – Т. 2. – № 2. – С.7-19*
2. *Анохов, И.В. Проект «Один пояс – один путь»: гармонизация долгосрочных интересов России и Китая [Текст] / И.В. Анохов, А.П. Суходолов // Вестник МГИМО – Университета. – 2019. – № 2. – С*
3. *Байзакова, К. Перспективы сотрудничества стран-членов ШОС в восстановлении экономики Афганистана [Текст] / К. Байзакова // Россия и новые государства Евразии. – 2015. – № 3. – С. 34-50.*
4. *Барский, К.М. Шанхайская организация сотрудничества накануне саммита в Бишкеке: основные задачи момента [Текст] / К.М. Барский // Международная жизнь. – 2013. – № 5. – С. 18-36.*
5. *Дадабаева, З.А. Особенности экономического сотрудничества Таджикистана с восточноазиатскими странами. Восточные соседи СНГ: факторы и проблемы сотрудничества [Текст] / З.А. Дадабаева. – М.: ИЭ РАН, 2010. – 215 с.*
6. *Декларация глав государств-членов Шанхайской организации сотрудничества, г. Астана, 5 июля 2005 года. – [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://rus.sectsco.org/documents/. Дата обращения 07.05.2022.*


## ҶАНБАҲОИ ИЛМИИ МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ


***Неъматов И.У.-н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷменти ДДМИТ***



*Дар мақола ҷанбаҳои илмии таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳолатҳои амнияти озуқавории мамлакат ва фаъолияти соҳаи аграрӣ дида баромада шудаанд. Дар натиҷаи таҳлил муайян гардидааст, ки ҳиссаи маҳсулотҳои ғизоии воридшаванда аз меъёри зарурӣ зиёд мебошад. Ҳамчунин, принсипҳо ва самтҳои асосии таъмини амнияти озуқавориро бо рушди минбаъдаи доираҳои комплекси аграсаноатӣ, алалхусус соҳаи кишоварзӣ, яъне оқилонаву самаранок истифодабарии ҳосилнокии замин, таъмини муҳити рақобатнокӣ дар бозори озуқаворӣ, ҳамкории байни мақомотҳои давлатӣ бо соҳибкоронро зарур донистааст.*

В статье рассматривается научные аспекты обеспечения продовольственной безопасности, состояние продовольственной безопасности в стране и деятельность аграрного сектора. В результате анализа установлено, что доля импортных

продовольственных товаров превышает необходимый уровень. Автор также рассмотрел принципы и основные направления обеспечения продовольственной безопасности при дальнейшем развитии агропромышленного комплекса, особенно аграрного сектора, то есть рациональное и эффективное использование продуктивности земель, обеспечение конкурентной среды для производства продуктов питания, сотрудничество между государственными власти и частнҷй сектор.

The article discusses the scientific aspects of food security, the state of food security in the country and the activities of the agricultural sector. As a result of the analysis, it was found that the share of imported food products exceeds the required level. The author also considered the principles and main directions for ensuring food security with the further development of the agro-industrial complex, especially the agricultural sector, that is, the rational and efficient use of land productivity, ensuring a competitive environment for food production, cooperation between public authorities and the private sector.

Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ, ки ба сармоягузорӣ, содирот ва воридотивазкунӣ асос ёфтааст, таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ чунин ҳолате мебошад, ки дар он давлат қобилияти қонеъ намудани талабот ба озуқаворӣ ва маводи хӯроквориро дар сатҳи муътадили ҳаётгузаронии аҳолӣ кафолат медиҳад.

Истилоҳи «амнияти озуқаворӣ»-ро аввалин маротиба соли 1974 дар Конференсияи ҷаҳонии Рим оид ба мушкилоти озуқаворӣ, Ташкилоти озуқаворӣ ва хоҷагии қишлоқи СММ (FAO) баъд аз зуд баланд шудани нархи ғалла дар ҷаҳон дар амал ворид намуд. Аммо моҳияти истилоҳ баъд аз 20 сол муайян карда шуд. Дар Декларатсияи Рим оид ба амнияти озуқаворӣи ҷаҳон (13.11.1996 сол) қайд гардидааст, ки амнияти озуқаворӣ – ин ҳолати иқтисодиест, ки аҳолии мамлакат ба пуррагӣ ва ҳар як шаҳрванд дар алоҳидагӣ кафолати таъмини дастрасӣ ба маводи хӯрока, оби нӯшиданӣ ва дигар маводи хӯроквории босифат, навъ ва ҳаҷм, зарурӣ ва кофӣ барои рушди физиологӣ ва иҷтимоии шахс, таъмини саломатӣ ва васеъгардии такрористеҳсоли аҳолии мамлакат дода мешавад, мефаҳмонад [1].

Таҳлили адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ нишон дод, ки мушкилоти амнияти озуқаворӣ ва хӯрокворӣи хушсифат дар ҷаҳон дар раванди глобализатсия фақат солҳои 60-70-уми қарни XX предмети бештар бодиққати омӯзиш гардид (рас.1).

**МАРҲИЛАҲО**

⇩

**Ҳалли локалии мушкилоти озуқаворӣ**
(аз оғози бавуҷудоии ҷомеаи инсонӣ – то нимаи дуввуми қарни XIX)

**Бавуҷудоии системаи ҷаҳонии амнияти озуқаворӣ**
(нимаи дувуми қарни XIX – миёнаҳои қарни XX)

**Ташаккулёбии системаи ҷаҳонии амнияти озуқаворӣ**
(охирҳои солҳои 40-уми қарни XX – оғози солҳои 70-уми қарни XX)

**Ҳалли мушкилоти ҷаҳонии амнияти озуқаворӣ дар сатҳи глобалӣ**
(оғози солҳои 70-уми қарни XX – оғози солҳои 90-уми қарни XX)

**Тақвияти нақши давлат дар таъмини амнияти озуқаворӣи миллӣ ва системаи ҷаҳонии бехатарии озуқаворӣ**
(оғози солҳои 90-уми қарни XX – то ҳол)

**Расми 1. Марҳилаҳои ташаккулёбии системаи бехатарии маводи хӯрокворӣ [7]**

Аз нимаи дувуми солҳои 90-уми қарни XX оғоз карда, истилоҳи таъмини амнияти маводи хӯрокворӣ ҳам дар ҳуҷҷатҳои расмӣ ва ҳам адабиёти илмии ватанӣ васеъ истифода мегардад. Аммо таҳлили сарчашмаҳо доир ба мушкилоти таҳқиқшаванда зоҳир намуд, ки то ҳол дар Тоҷикистон мафҳуми саҳеҳ асоснокшудаи илмӣ ва меъёрӣ муайяншуда оиди истилоҳи мазкур вуҷуд надорад (ҷадв.1).

**Ҷадвали 1.**

**Шарҳи истилоҳи «амнияти озуқаворӣ» дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ**

| Сарчашма | Шарҳи истилоҳ |
|---|---|
| 1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба амнияти озуқаворӣ" аз 27.11.2014 с., № 1158) | **Амнияти озукаворӣ** – вазъи иқтисодии давлат мебошад, ки аз хисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқавории кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ, ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии ҳамаи аҳолӣ зарур аст. |
| 2. Стратегияи миллии рушди ҶТ то давраи 2030 | **Амнияти озуқаворӣ** - шароити таъмини амнияти озуқавории давлат, ки дар сурати қатъ гардидани интиқоли озуқа аз беруни давлат буҳрони озуқаворӣ ба амал намеояд. |
| 4. Консепсияи миллии бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон | **Амнияти озуқаворӣ** чунин ҳолати иқтисодест, ки дар он нобобаста аз вазъи бозорҳои ҷаҳонӣ ба аҳолӣ таъминоти устувори озуқаворӣ ба миқдори ба параметрҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок мувофиқ, аз як тараф кафолат дода шуда, барои нигоҳ доштани он шароит фароҳам оварда мешавад. |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба бехатарии маводи хӯрокворӣ» аз 01.08.2012 сол, №890 | **Амнияти озукаворӣ**– вазъи иктисодии давлат мебошад, ки аз хисоби истехсолоти дохили бехатарии озукавории кишвар таъмин гардида, дастёбии вокеи, ки барои хаёти солиму фаъол ва рушди демографии хамаи ахоли зарур аст, кафолат дода мешавад; |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии номбурда боз дигар истилоҳоти калидӣ ба монанди «Нишондиҳандаҳои бехатарии озуқаворӣ», «Меъёрҳои бехатарии озуқаворӣ», «Меъёри сарфакоронаи истеъмоли маводи хӯрокворӣ», «Дастрасии иқтисодии озуқаворӣ», «Омилҳои таъсиррасон ба маводи озуқаворӣ» ва ғ. дарҷ гардидааст.

Таърифи истилоҳи «Амнияти озуқаворӣ» -ро аз нуқтаи назари мактабҳои гуногуни илмӣ дида баромадан ба мақсад мувофиқ мебошад *(ҷадв. 2)*.

**Ҷадвали 2.**

**Таърифи истилоҳи «Амнияти озуқаворӣ» аз нуқтаи назари муаллифони гуногун**

| № | Муаллиф | Моҳияти амнияти озуқаворӣ |
|---|---|---|
| 1 | Гвозденко В.И. | Барои кушодани мафҳуми амнияти озуқаворӣ нуқтаи назари системавӣ истифода мегардад. Амнияти озуқаворӣ ҳамчун система аз якчанд зерсистема иборат мебошад:<br>- истиқлолияти хӯрокворӣ (қобилияти мамлакат оид ба қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ ба озуқаворӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ);<br>- устувории иҷтимоӣ (имкони дастрасӣ ба озуқаворӣ ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ) [2]. |

| | | |
|---|---|---|
| 2 | Саидмуродов Л.Х. | Амнияти озуқаворӣ – ин ҳимояи ҳаётан муҳимми манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлат аз норасоӣ ба таъмини талаботи иқтисодии онҳо ба дастрасии захираҳои озуқаворӣ мебошад [4]. |
| 3 | Карпенко Е.В. | Сатҳи зарурии дастрасии қисмати асосии аҳолии мамлакат ба озуқаворӣ, барои нигоҳ доштани тарзи меъёрии зиндагӣ. Амнияти миллӣ, аз ҷумла озуқаворӣ, ҳангоми рушди алоқаи тиҷорати байналмилалӣ ва муносибати мутақобилаи мамлакатҳо [5]. |
| 6 | Рахматов А.С., Хурамова З.М. | Тавозуни байни истеҳсоли маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ, воридоти маводи хӯрока ва талаботи аҳолӣ барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти биологӣ, физиологӣ ва иҷтимоии шахс, таъмини саломатӣ, амнияти маводи хӯрокворӣ мебошад [3]. |
| 7 | Фасихов И.С. | Маҷмуи истеҳсолоти маводи хӯрока, ки барои истеъмол, фурӯш ва қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзун нигаронида шудааст, таъмини амнияти маводи озуқаро ташкил медиҳад [6]. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр, омӯзиши осори илмии ҳам муаллифони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ оид ба мушкилоти моҳияти амнияти озуқаворӣ имкони хулосабарорӣ намудан доир ба мураккаб ва гуногуншоха будани ин истилоҳро дод.

Бинобар ин, ба ақидаи мо, амнияти озуқавории мамлакат ин ҳолати захираҳои озуқавориест, ки талабот ба маводи хӯрокворӣ, пеш аз ҳама, аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ дар ҳаҷми кофӣ барои ҳаёти муқаррарии халқ қонеъ гардонида мешавад.

Ба қавли дигар, амнияти озуқаворӣ дар ҳоле вуҷуд дошта метавонад, ки одамон ҳама вақт ба маводи озуқаворӣ дастрасии физикӣ ва иқтисодӣ дошта бошанд ва бо хӯрокворechии бехатар ва истеъмолӣ талаботи парҳезӣ ва афзалияти таъми барои пешбурди шакли зиндагии фаъол ва солимро қонеъ гардонанд.

Ҳамин тавр, нуктаҳои назари амалкунандаро оид ба моҳияти истилоҳи таҳқиқшаванда равшан ва ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадем, ки дар зери мафҳуми таъмини аҳолӣ бо маводи хӯрокворӣ ҳолати системаи истеҳсолӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва тиҷорат, ки қобилияти дар давоми сол таъмин кардани ҳамаи қишри аҳолии ҳудуди маъмурии муайянро бо маводи хӯрокворӣи баландсифат ва аз ҳисоби истеҳсолоти худӣ мувофиқи меъёрҳои муайяннамудаи тиб ба роҳ монда мешавад, фаҳмидан мумкин аст.

**Адабиёт:**


1. Алтухов, А. И. Продовольственная безопасность – важный фактор стабильности России / А. И. Алтухов // Экономика сельского хозяйства России. – 2008. – № 12. – С. 13–18.

2. Гвозденко В. И. Продовольственная безопасность (в мире и в России) / В. И. Гвозденко. – М.: Памятники исторической мысли, 2011. – 286 с.

3.Рахматов А.С., Хурамова З.М., Рахматова Р.А., «Факторы влияния макроэкономики на продовольственную безопасность». // Известия НАУ Армении. Международный научный журнал №2(46) – 2014, Ереван, С.154-158.

4.Саидмуродов Л.Х. «К вопросу о теории и методологии превентивной социально-экономической политики в период трансформации». //Вестник «Таджикистан и современный мир». 2016, №6. Стр.57-58.

5. Карпенко, Е. В. К вопросу о продовольственной безопасности России [Электронный ресурс] / Е. В. Карпенко. – Режим доступа: http://www.iet.ru/personal/agro/PRODSAF1.htm

6.Фасихов И.С., Формирование стратегии экономической безопасности в условиях трансформации национальной экономики (на примере продовольственной безопасности Республики Таджикистан) Моног.- 2016, Душанбе, «Ирфон», 130 с.

7. Расулзода Ҳ. Моҳият ва мазмуни таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - Душанбе, 2016-№2\7 (213), стр. 143-149

## ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ КАК НАПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ МИРОХОЗЯЙСТВЕННЫХ СВЯЗЕЙ

**Якубова К. Г. - к.э.н., старший преподаватель кафедры международных финансово - кредитных отношений ТГФЭУ**

Процессы внешнеэкономической деятельности государства на современном этапе развития становятся важнейшим системным фактором, который формирует структуру, динамику и стабильное развитие национальной экономики. Наличие системы внешнеэкономических отношений и ее эффективность во многом предопределяет интеграцию страны в мировой глобальный экономический процесс, без чего государство не может успешно существовать и развиваться. Однако, не смотря на всеобщие интеграционные тенденции, мировое хозяйство во многом еще пребывает в виде различных экономических конгломератов с неодинаковым уровнем развития и противоположными интересами. В этом случае каждому государству очень важно рационально взвесить и оценить свое реальное место в мировом сообществе и его перспективы, учитывая собственные экономические интересы и индивидуальные стратегии развития. Но прерогатива этих действий в рамках общей макроэкономики принадлежит единственно государству. Отсюда вытекает особая роль государственного регулирования ВЭД, как общей совокупности мер и институтов, призванных реализовать внешнеэкономическую политику государства в своих взаимоотношениях и связях с зарубежными странами (партнерами).

Республика Таджикистан, начиная с первых лет приобретения суверенитета, в области внешнеэкономических отношений придерживается политики «открытых дверей». И эту политику неуклонно претворяет в жизнь Президент Республики Таджикистан. В частности в своем обращении к нации, он отмечает: «Основываясь на внешней политике «открытых дверей», Таджикистан подтверждает свою готовность к дальнейшему развитию отношений сотрудничества со странами Запада и Востока, с миром ислама»[1].

Значимым фактором, оказывающим существенное влияние на развитие внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан, является распределение экспортно-импортных связей по зарубежным странам, странам СНГ, а также по внутренним регионам Республики Таджикистан.

В этих условиях появляется необходимость определенного исследования внешнеэкономической деятельности регионов Республики Таджикистан, в целях качественной оценки их внешнеэкономического потенциала. До последнего времени этому вопросу уделялось недостаточно внимания, несмотря на то, что от оборота отдельного региона достаточно часто зависит большая часть объема импорта или экспорта по стране в целом, что свидетельствует об остроте проблемы вклада отдельных регионов во внешнеэкономическую деятельность всей страны.

Существуют различные точки зрения о том, как проводить оценку внешнеэкономической деятельности и какие использовать для этого показатели. Мы считаем, что в качестве основных направлений исследования, которые позволят комплексно оценить ВЭД регионов и республики в целом, следует выбрать: внешнюю торговлю не только на республиканском уровне, но также и на региональном; финансовые операции на внешнем рынке; движение факторов производства, таких как: капитал, рабочая сила, технологии.

Выбор данных направлений объясняется не только развитием глобализации, но и теми формами внешнеэкономической деятельности, через которые происходит

интеграция региональной и глобальной экономики. Следует также отметить, что в условиях глобализации экономики происходит усиление взаимосвязи и взаимозависимости торговых, финансовых и инвестиционных потоков.

Следует отметить, что мощным сдерживающим фактором развития экономики Республики Таджикистан и ее эффективного включения в систему международного разделения труда стала и гражданская война, которая вспыхнула на территории страны и нанесла серьезный политический и экономический урон. По существу, гражданская война отбросила ее назад по всем параметрам социально-экономического роста на несколько лет и серьезно ухудшила имидж страны на международной арене.

В этих тяжелых условиях в целях приостановления отрицательных тенденций развития экономики и улучшения макроэкономической ситуации реформирование экономики стало объективной потребностью и необходимостью. Кроме того, перестройка хозяйственных отношений по рыночным принципам была необходима и как условие, способствующее созданию предпосылок для интеграции уже самостоятельной экономики Таджикистана в мировое хозяйство. Мировая практика свидетельствует, что в современном мире без создания рыночного производства, которое считается своего рода общепринятым стандартом хозяйствования, невозможно плодотворное взаимодействие государства с внешним миром. Другими словами, объективная внешняя обусловленность способа производства, с одной стороны, и сложное экономическое положение народного хозяйства страны - с другой, диктовали необходимость активизации экономических преобразований.

В экономике были осуществлены структурные преобразования на основе ускорения приватизации государственных предприятий и реформирования аграрного сектора. Главной мерой стала либерализация цен и внешнеэкономической деятельности. Либерализация экономики в Таджикистане, так же как и на всем постсоветском пространстве, означала прежде всего либерализацию цен и внешнеэкономической деятельности, децентрализацию управления и приватизацию, преобразование хозяйственных связей в рыночные.

Либерализация внешнеэкономической деятельности в республике осуществлялась крайне осторожно. Наряду с либерализацией цен применялись протекционистские меры, направленные на защиту национальных интересов. Дальнейшая либерализация внешнеэкономических связей была продиктована необходимостью решения задач интеграции страны в мировое хозяйство и обеспечения привлекательности страны в плане ее соответствия требованиям мирового хозяйства. Параллельно с либерализацией внешнеэкономической деятельности государство создавало новый механизм ее регулирования.

Содержание внешнеэкономической политики вытекало из общей идеологии реформирования экономики, ставившей во главу угла либерализацию хозяйственной деятельности, формирование частной собственности и поддержание финансовой устойчивости. Эти ключевые направления реформ нашли отражение в реализации курса на открытие национальной экономики. В Таджикистане был осуществлен широкий комплекс правовых, экономических и организационных мероприятий, цель которых состояла в обеспечении институциональной и функциональной открытости национальной экономики.

Одним из универсальных индикаторов оценки степени интеграции страны является ее вклад в производство общемирового ВВП и в 2020 году ВВП Таджикистана составил более 7,3 млрд. долларов, нарастив объём на 4,5 % относительно показателей 2019 года. В 2021 году темп экономического роста составил 9,2 % при росте ВВП до 8,75 млрд. долларов. До 2024 года, согласно прогнозу минэкономразвития Таджикистана, правительство планирует рост ВВП ежегодно на 7,9-8,2 %. (см. рис. 1)[2.].

Таджикистан, по данным Всемирного банка, находится на 143-м месте по размеру ВВП[3].




Рис. 1. ВВП Республики Таджикистан
Источник: ВВП Республики Таджикистан https://take-profit.org/)

Другим (более информативным) показателем является объем ВВП на душу населения. Сопоставление его национальной величины со среднемировой (расчет удельного веса) дает возможность оценить степень вовлеченности национальных людских ресурсов в мировое производство. Как показывают расчеты, величина среднедушевого показателя в Таджикистане составляет 5% от общемирового. Это достаточно низкий показатель, который, несомненно, отражает уровень производительности труда в РТ. На первый взгляд эти показатели свидетельствуют о невысокой степени интегрированности Таджикистана в мировую экономику. Однако для реальной оценки степени и качества интегрированности страны необходимо оценить уровень взаимодействия страны в мирохозяйственных связях.

В числе важнейших показателей, характеризующих степень интегрированности страны в мировое хозяйство, выступает вовлеченность страны в мировую торговлю. Если оценить степень вовлеченности страны в мировую экономику через международную торговлю, мы получим более реальную картину включенности внешнеэкономического комплекса, поскольку материальной основой торговых связей является мировое производство и международное разделение труда. Интенсивность включенности страны в международную торговлю оценивается через ряд показателей: объем внешнеторгового оборота страны, его доля в мировом товарообороте, внешнеторговый оборот на душу населения, экспортная, импортная и внешнеторговая квоты, условия торговли, уровень товарной и географической диверсификации экспорта и импорта и др.

Таким образом, в 2022 г. внешний торговый оборот Таджикистана составил $7 млрд. 512,9 млн., что на $1 млрд. 508,2 млн. или 25,1% больше по сравнению с 2021 годом. Тогда внешнеторговый оборот составил почти $6,5 млрд.

Импорт товаров составил $5 млрд. 182,9 млн., что на $965,1 млн. или 22,9% больше, чем в 2021 году. Доля экспорта - более $2,3 млрд., что на $543,1 млн. или 30,4% больше, чем в 2021 году[4].

В 2022 году Таджикистан осуществил экспортно-импортные операции со 109 странами мира. Основной объём экспорта приходится на Казахстан - 20,8%, Китай - 15,8%, Турцию - 7,7%, Узбекистан - 7,7%, а также Иран - 4,9%, Афганистан - 4,5%, Бельгию - 4,4% и Россию - 3,8%.

Основные импортеры не изменились – в первую пятерку вошли Россия - 30,6%, Казахстан - 18,5%, Китай - 16,2%, Узбекистан - 7,6%, Турция - 3,3%. В связи с обострением ситуации между Россией и Украиной, импорт товаров в Таджикистан с некоторыми странами Европы сократился более, чем на $90,1 млн.[4].

Анализ взаимодействия страны в системе мирохозяйственных связей на базе общепринятых индикаторов интегрированности национальной экономики позволяет нам сделать вывод, что показанные показатели характеризуют высокую роль внешней торговли в становлении и развитии экономики Таджикистана и высокую степень ее интегрированности в систему глобальной торговли.

Республика Таджикистан, несмотря на нереализованный экономический и внешнеэкономический потенциал, достаточно глубоко включена в мирохозяйственные связи и тесно интегрирована в глобальную экономику.

**_Литература:_**


*1. Послание Президента Республики Таджикистана Эмомали Рахмона к Парламенту страны, 23декабря 2022 года. – [Электронный ресурс/ http://president.tj/ru/node/29824 ] (дата обращения 14.04.23)*

*2. Официальный сайт www.avesta.tj. (дата обращения 14.04.23)*

*3. Отчет Всемирного банка по Республики Таджикистан - [Электронный ресурс/. www.worldbank.org/ [дата обращения 15.04.2023]*

*4. https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20230215/vneshnetorgovii-oborot-tadzhikistana-v-2022-godu-uvelichilsya-na-251[дата обращения 16.04.2023]*


## МУАММОҲОИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ МУШТАРАК ДАР ДОИРАИ СҲШ


***Файзуллоева С.Ҷ. - н.и.и. кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалӣ ДДМИТ***


Дар шароити муосири гузариш ба рушди устувори мамлакат тавассути саноатикунонии босуръат оғози стратегияи нави амалишавандаи сиёсати давлатӣ арзёбӣ мешавад. Татбиқи консепсияи саноатикунонӣ хамчун стратегияи иқтисодии минтақаҳои кишвар, ки ба навсозии саноатӣ ва усулҳои пешрафтаи технологӣ асос ёфтааст, афзоиши истеҳсоли моддиро таъмин менамояд, ки он боиси тағйирот дар сиёсати иқтисодӣ ва азнавсозии тамоми сохторҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегардад.

Бояд инро қайд намуд, ки барои расидан ба ҳадафи чаҳоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар нақши соҳибкории муштарак ё, ба истилоҳи дигар, корхонаҳои муштарак (КМ) хело ҳам муҳим мебошад. Бояд қайд намуд, ки дар корхонаҳои муштарак бо истифодаи самараноки иқтидорҳои истехсоли ашёи хоми ватанӣ ва қувваи корӣ бахри рушди иқтисоди миллӣ ва афзун гардидани номгӯи махсулоти ватанӣ ва ҳаҷми он шароитҳои мусоид фароҳам оварда мешавад.

Дар марҳилаи имрӯзаи пешрафт ва ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ фаъолияти соҳибкории муштарак ба рушди иқтисодиёти кишвар бештар шароит бахшида, асосан ба ҳалли масъалаҳои бунёдии иқтисодӣ, татбиқи барномаҳои саноатикунонӣ ва лоиҳаҳои стратегӣ водор мекунад. Корхонаҳои муштарак баҳри боз ҳам бештар намудани шароити кору истеҳсолот, рушди нишондиҳандаҳои истехсолӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва ба содирот нигаронидани он фаъолият мебаранд.

Дар Паёми Пешвои миллат (26.12.2019) қайд гардидаст, ки «Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт». Вобаста ба ин, дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» пешбинӣ шудааст, ки то соли 2030 ҳиссаи саноат ба 22 фоиз расонида мешавад [7, с.4].

Чунин шуморидан мумкин, агар тамоюли рушди соҳаи саноати кишвар дар заминаи фаъолияти босамари корхонаҳои муштарак босуръат амалӣ шуда, давоми ҳар сол ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ афзун гардад, ҳатман ба ҳадафи миллӣ ноил мегардем.

Бинобар ин, дар мархилаи рушди иқтисодиёти миллӣ ва мунтазам амалишавии ҳадафҳои стратегии мамлакат аз ҷониби Пешвои миллат эълон гардидани ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар амали саривақтист [4, с.4].

Мақсад аз эълон гардидани ҳадафи мазкур, пеш аз ҳама, дар кишвар, хусусан дар корхонаҳои муштарак, ба роҳ мондани истеҳсолоти ватанӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти миллӣ, таъмин намудани аҳолии мамлакат бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, алалхусус хурокворӣ ва ба содирот нигаронидани он, ташкил кардани корхонахои нави саноатӣ ва дар ин замина бо ҷойи кори ҳарчи бештар таъмин намудани аҳолӣ,

рақобатпазир кардани маҳсулоти дохилӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва афзун гардонидани истеҳсоли махсулоти ватании воридотивазкунанда дар раванди саноатикунонии кишвар самтҳои афзалиятнок ба шумор мераванд.

Бар асоси ин, маҳз дар ҷараёни саноатикунонӣ тағйироти назаррас ба миён омада, дар натиҷа бозори ҷаҳонии маҳсулот ва ҳамаи намуди хизматрасониҳо ташаккул ёфта, дар навбати худ, ҳавасмандии сармоягузорӣ ва рушди минбаъдаи иқтисодёт авҷ мегирад. Ин амал ба он оварда мерасонад, ки бахшҳои алоҳидаи корхонаҳои муштарак рушд ёфта, ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ афзун гардад.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ, технологияи нав, барои бунёди инфрасохтори муосир, ҷиҳати мусоидат ба масъалаҳои шуғли аҳолӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, инчунин ғанӣ намудани бозори дохилӣ ва истеъмолӣ, маҳсулоти саноатӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, ноил шудан ба сатҳи баланди индустрикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои муштарак таъсис дода шуданд. Корхонаҳои муштарак як самти муассир ва хеле ояндадори рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва таҳкими минбаъдаи иқтидори иқтисодӣ, илмӣ ва рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Аслан, корхонаҳои муштарак яке аз сохторҳои иқтисодии байналмилалие мебошанд, ки кишварҳои зиёди дунёро новобаста ба иқтидори иқтисодиашон – мамлакати мутараққӣ, ру ба тараққӣ ё дар давраи гузариш қарор дошта буданашон, торафт бештар фаро мегиранд ва бо ин васила ҳамгироии давлатҳо ва ҳатто минтақаҳои калонтарини дунё ба низоми равобити ҷаҳонӣ ҷалб карда мешаванд. Махсусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоиди созмондиҳӣ ва рушди корхонаҳои муштарак бо кишварҳои аъзои СҲШ мавҷуд аст. Аслан, корхонаҳои муштарак усули тақвими сармоягузорӣ буда, ба самтҳои асосии инкишофи равобити хориҷӣ созгор мебошанд. Маълум аст, ки иқтисоди бозаргонӣ зарурати муайян сохтани стратегияи дохилшавии ҷумҳуриро ба хоҷагии ҷаҳонӣ тақозо менамояд. Барои он ки самаранокии истеҳсолот аз ҳисоби иштирок дар тақсимоти байналхалқии меҳнат баланд бардошта шавад, дар асоси рақобат ва ҳамкорӣ дар бозори ҷаҳонӣ нишондиҳандаҳои беҳтарини сифатии маҳсулот, ҳосилнокии меҳнат, азхудкунии комёбиҳои дастёбшудаи инкишофи илму техника, ташкили истеҳсолот, рушди соҳаи саноат, маркетинг ва ғайраро амалӣ намуда, иқтисодиёти миллӣ характери воқеан кушодро соҳиб шавад.

Инкишофи робитаҳои берунии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо густариши ҳамкориҳои вобаста бо мигратсияи сармоя буда, аз рӯйи вазъи иқтисодии мамлакат, ки таҷдиди истеҳсолот ва дар баъзе соҳаҳо пурра аз нав кардани технологияро талаб мекунад, ба маблағгузориҳои бениҳоят зиёд эҳтиёҷ дорад. Муҳайё намудани ин маблағ дар муддати кӯтоҳ аз дохили мамлакат ғайриимкон мебошад. Гузашта аз ин, дар шароити ҳозира раванди гардиши байналмилалии сармоя ба таври васеъ бо истифодаи комёбиҳо дар соҳаи фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва корҳои таҷрибавию конструкторӣ, технология, менеҷмент ва амсоли онҳо алоқаманд аст. Мавқеи муҳимтаринро ба сифати омили равнақи иқтисодиёти бозорӣ, пайвастани иқтисодиёти кишвар бо хоҷагии ҷаҳонӣ, истифодаи усулҳои нави идора, густариши рақобат байни субъектҳои хоҷагидорӣ сармояи хориҷӣ мебозад.

Дар маҷмуъ гуфтан мумкин аст, ки корхонаҳои муштарак дар қисми қаламрави мамлакат барои гузоштани сармояи хориҷӣ поягузорӣ намуда, дар айни ҳол ба яке аз шаклҳои муборизаи рақобатноки мамлакатҳо барои ҷалб кардани сармояи хориҷӣ мубаддал мегарданд.

Хулоса метавон гуфт, ки корхонаҳи муштарак фаъолияти самараноки равандҳои иқтисодиро муайян намуда, дар навбати худ, афзоиши содирот, афзоиши шуғли аҳолӣ, рушди соҳаи саноат ва азхудкунии босуръати технологияҳои навро таъмин менамояд.

***Адабиёт:***

*1. Паёми Президенти Ҷумурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 26.12.2018.- ш. Душанбе. www.prezident.tj. (санаи муроҷиат: 16.04.2022).*
*2. Маҷмӯаи оморӣ – саҳ.234 Тоҷикистон: 29-соли истиқлолияти давлатӣ Душанбе-2020.*
*3. Омори солонаи Ҷумурии Тоцикистон // Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумурии Тоҷикистон, 2019. - 465с.*
*4. Ҳакимов А.Ҳ., Раҷабов Қ., Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. «Ирфон» Душанбе -2009, саҳ..35 .*
*5. Маълумоти омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд дар соли 2020. - С. 385.*
*6. Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумурии Тоҷикистон //www.investcom.tj. (санаи муроҷиат: 15.004.2022).*

## ИСТИФОДАИ ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ ТАРАҚИКАРДА ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ ЗАХИРАВӢ ДАР РУШДИ МИНТАҚАҲО

**Убайдов Ф.С.- н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии ДДМИТ**
**Деҳқонов С.А.- унвонҷӯ кафедраи назарияи иқтисодии ДДМИТ**

Дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ин таъмин намудани аҳолӣ бо маводи озуқа мебошад. Ва дар ин замина таъмини рушди босуботи иқтисодии минтақаҳо барои кишварҳои пасошуравӣ яке аз масъалаҳои мубрам баҳисоб меравад. Дар робита ба рушди мутавозини минтақаҳо дар сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ шаҳракҳо ва деҳот барои ниёзҳои хоҷагиҳо ва истеъмолӣ ғизои солим тафовути зиёде боқи мемонад, ва фарқият байни минтақаҳо дар сатҳи инкишофи инфрасохтори иқтисодию иҷтимои низ назаррас аст. Дар баробари ин зиёд шудани аҳолӣ ва вазъи демографӣ дар деҳот ва минтақаҳо аз ҷиддӣ будани мушкили бо шуғл ва даромад ба ҳисоб рафта, дар деҳот ва минтақаҳо зарур мешуморем барои таъмини захиравии рушди минтақавӣ ҳамчун асос таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя ва як қатор давлатҳои пешрафтаро таҳлил намоем.

Маҳз омӯзиши таҷрибаи давлатҳои тарқикарда, рубатарақӣ бо мубодилаи афкор, андухти таҷриба истифодаи маделҳои гуногунӣ иқтисодӣ, техника ва технологияи муосир дар соҳаҳои гуногун метавонад натиҷаҳои назаррасро барои истифода бурдани рушди иқтисодии ин ё он минтақа ба бор оранд. Низоми иқтисоди бозорӣ ва ҳамгирои дар рақобатпазирии иқтисодии байналмилалӣ тақозо менамояд, ки давлатҳо ба рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақаҳо бештар таваҷҷуҳ намоянд.

Ба ақидаи А.Н. Аюпов А.А. Абдурашидов рушди устувори иқтисоди миллиро дар ҳолати таъмин намудани фазои ягонаи иқтисодӣ ва ҳамкории зичи субъектҳои минтақаҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёт таъмин намудан мумкин аст.[18]

Масъалаи дигари мураккаб барои татбиқи сиёсати минтақавӣ ва вилоятӣ танзими рушди минтақаҳои ақибмонда мебошад, ки истифодаи таҷрибаи давлатҳои пешрафта барои рушди иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақти арзёби мегардад.

Ва яке аз таҷрибаҳои бой дар минтақаҳои Осиёи миёна ва марказӣ ин таҷрибаи давлати Қазоқистон ба ҳисоб меравад. Бешак таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар рушди устуворӣ иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ вилояту ноҳияҳои Қазоқистон қадамҳои устувор гузошта истодаанд. Ҷумҳурии Қазоқистон дар байни давлатҳои ҳамсоя яке аз кишварҳои дорои захираҳои бойи табии ва иқтисодӣ мебошад. Ва омӯзиши таҷриба нишон дод, ки то солҳои 1991-2000 захираҳои худро ба таври масрафкорона истифода намуд.

Дар солҳои соҳибистиқлолии Қазоқистон дар сохтори иқтисодиёташ тағиротҳои муҳим ба амал омад. Ва аз хоҷагии қишлоқ ба суи тарақиёти саноати истихроҷкунанда

[18] А.Н. Аюпов А.А. Абдурашидов Иқтисодиёти минтақавӣ китоби дарсӣ чопи –дуюм, Бишкек -2015 матбаъа КРСУ С-10

самтро тағир доданд. Ва дар натиҷа арзиши иловагии саноати маъдан аз 20% соли 1990 ба 33% дар соли 2010 афзуд.[19]

Яке аз таҷрибаҳое, ки Ҷумҳурии Қазоқистон истифода намуд пас аз бадаст овардани истиқлолият роҳи ҳамгирои ба иқтисодиёти ҷаҳони буд. Ҳадафи якуми ин ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаҳои саноат ва асос нефту газ буд. Ва дар натиҷа ширкатҳои хориҷи ба иқтисодиёти Қазоқистон ҷалб гардиданд ва моҳияти дигари ҷалби сармоягузориҳо ин имтиёзҳои андозӣ ба сармоягузорон ва дахлнопазирии мақомотҳои давлатӣ ба ширкатҳои хориҷи буд. Дар ин васила барномаи рушди кишвари Қазоқистон тартиб дода шуд, ки дар он мубодилаи таҷрибаи давлатҳои тарақикарда ва таҷрибаи ҳамкории тарафҳо оиди инкишоф додани муносибатҳо ва ҳалли мушкилотҳои муракаби сиёсиву иқтисодӣ равона гардида буд. Қадами устувори дигар дар рушди иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ дар соли 2010 таъсис ва ворид гардидани Қазоқистон ба иттиҳоди гумрукии Руссия, Белорусия ва Қазоқистон буд. Ҳамчунин дар доираи итиҳоди иқтисодии Авруосиё ки алакай мавҷуд аст дар соли 2012 фазои ягонаи иқтисодӣ тартиб дода шуд. Истифодаи таҷрибаҳо мубодилаи касби дар рушди иқтисодии ин давлатҳо натиҷа дода соли 2015 дар заминаи фазои ягонаи иқтисодӣ Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ташкил гардид, ки дар он ба ҷуз се кишвари муасис Арманистон ва Қирғизистон дохил шуданд. [20]

Натиҷаҳои татқиқотҳои Адиль Таскимбаев оиди рушди иқисодии Қазоқистон нишон медиҳад, ки дар 4 –моҳи аввали соли 2022 сармоягузориҳои ҷалбгардида ба мамлакат нисбат ба ҳамин давраи соли 2021, 8% зиёд гардидааст. Ва дар минтақаҳо ду вилояти пешсаф ин шаҳри Шимкент нишондиҳанда ба 139% ва вилоятҳои Повладар ва Акмала дар сармояи асосиашон дар ҳаҷми 60% ва 39% зиёд намудаанд.[21]

Аз таҳлилҳои муқоиса намудан мумкин аст, ки ҷалби сармоягузориҳо яке аз омили рушди минтақаҳо ба сармояи асоси мебошанд.

Таҳлил вазъи рушди минтақаҳоро метавонем аз таҷрибаи Ҷумҳурии Узбекистон низ мавриди мубодила қарор диҳем. Дар давраҳои соҳибистиқлолӣ аз солҳои 1993 то солҳои 2010 таваҷуҳи давлат маҳз ба поён бурдани гаронии андоз ва ҷалб намудани сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохили равона гардида буд, ки ин ба иқтисодиёти миллӣ ва минтақавии Ҷумҳурии Узбекистон такони ҷидди дода то соли 2010 ба 21,9% поён оварда шуд.

Аз ҷумла корхонаҳои нави автомабилбарорӣ, корхонаи коркарди шаҳри Бухоро, комплекси газукимиёи шаҳри Шартан, ки аксариятан дар минтақаҳо ва вилоятҳои Ҷумҳурии Узбекситон буда таваҷуҳ маҳз ба рушди минтақаҳо равона шудааст, ки ба рушди корхонаҳои хурд ва таъсиси корхонаҳои миёна такони ҷидди дод. Саҳми соҳибкорони хурд нисбат ба МММ аз 31% - соли 2000 ба 52,5% дар соли 2010 зиёд гардидааст. Чи тавре, ки аз таҳлилҳо бармояд ҳаҷми соҳибкорои хурд дар таркиби МММ аз соли 20000 то соли 2010 ба 21,5% афзоиш ёфтааст. Дар 10 соли охир шумораи субъектҳои соҳибкорони хурду меёна ду баробар зиёд гардида шумораи шуғлдоштагон дар фаъолияти соҳибкорони хурда миёна аз 49,7% то 74,3% афзоиш ёфтааст[22].

Мероси назарияе, ки аз Иттиҳоди Шуравӣ боқи мондаас ин низоми тавонои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад, ки комплекси обу энергетикӣ дар иқтисодиёт ҷойи дуюмро ишғол намуда ҳаҷми коркарди энергияи электрикӣ 1,5 миллиард киловат соатро дар як сол ташкил карда имконият медиҳад, ки содироташро ба Федератсияи Руссия, кишварҳои ҳамсояи Қазоқистон, Хитой ва Тоҷикистон низ

[19] Реформы в Казохистоне: успехи задачи и переспективи. OECD секретариат по международни отношением. Подрозделении по работе со странами Еврази ст.24
[20] Цифры и факты Евразейский экономически союз, Библиотека еврозийской интеграции СТ -9, ЕЭК -2018
[21] А. Таскинбаев Иқтисодиёти Қазоқистон рақамҳо, таҳлил ва банақшагирӣ 27.05.2022, С-46.
[22] Узбекиситан на пути к устойчивому развитию (нацианалное собшенеие) Ташкент 20.10.2011, С-27.

фурушад.[23] Ва соҳаи афзалиятноки дигар Ҷумҳурии Қирғизистон ин рушди инфросохтори туризм мебошад, ки айни ҳол бо 45 давлати ҷаҳон низоми раводиди бе визагӣ ҷори намуда дар соли 2017 барои рушди ин соҳа низоми электронии визаро амали намудаанд. Тибқи маълумотҳои омории Қирғизистон дар солҳои 2018, 1,4 миллион одамон ё 64% - и онҳо яъне (900 ҳазор) истироҳати худро дар назди Иссыккул гузаронидаанд. [24] Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар қатори тадбирҳои асосӣ ба рушди инфрасохтори шаҳру минтақаҳо, инчунин ба беҳтар кардани симои ноҳияҳо, вилоятҳо, ҳудудҳо, мавзеҳои сайёҳи афзалият дода мешавад.

Истифодаи таҷрибаи мазкур метавонад барои сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ дар татбиқи инфрасохторӣ соҳаи сайёҳи ва ҷалби шумораи зиёди сайёҳон дар минтақаҳои Қайроқум дар вилояти Суғд, Ҳафткул шаҳри Панҷакент, кули Сарез ВМКБ, обанбори Норак, Чилдухтарон вилояти Хатлон, мавзеи истироҳатии Камароб, Ясман, Ҳоиту Вахё, гармчашмаи Тандиқул ва ҳавзи Кабут дар минтақи Рашти кишвари азизамон заминагузор мебошанд. Амалишавии ин ҳадафҳо омӯзиши назарияҳо ва консепсияҳои гуногуни илмиро бо табодули таҷрибаҳо дар омӯзиши минтақаҳоро тақозо менамояд.

Таҳлилиҳои илмӣ исбот менамоянд, ки минтақаҳо хусусиятҳо гуногуни ҳамгирои дошта аммо дар баъзе мамлакатҳо онҳо бо ҳамон иқтидори якхелла рушд кардаан ва дар дигар мамлакатҳо қафомонда ба ҳисоб мераванд. Ҳамин тариқ олимони хориҷӣ се навъи минтақаҳои мушкилро ҷудо мекунанд, ки хоси кишварҳои Осиё ва Аврупо мебошанд: минтақаҳои шаҳрҳои калони пурбор, минтақаҳои шаҳрҳои калони рӯ ба таназзул ва минтақаҳои шаҳрҳои ақибмонда. Барои ҳар кадоме аз онҳо равишҳои хоси пешбурди сиёсати минтақавӣ вуҷуд дорад.[25] Ва дар аксарияти давлатҳои тараққикарда сиёсати минтақавӣ барои таъмини ҳалли вазифаҳои зерин гуногуншакл пешбинӣ шудааст:[26]

Дар ин васила омӯзиши асарҳои олимони хориҷиро таҳлил намуда қисмати зиёди онҳо таҷрибаи бою ғании давлатҳои тараққикардаи дунёро ба монанди давлатҳои Олмон, Сингапур, ва Туркияро дар рушди минтақаҳо арзёби менамоянд, ки таҳлили онҳоро мо дар ҷадвали зерин пешниҳод намудем.

Ҷадвали №1.

| Номи давлатҳо | Таҷрибаҳо |
|---|---|
| | |
| Олмон | Яке аз таҷрибаи дигари муҳим ин истиқлоли бениҳоят баланди вилоятҳои Олмонро ба назар метавонем гирем, таҳлилҳо нишон медиҳанд, муҳарики асосии иқтисодии давлатҳои ИА ин иқтисодиёт ва саноати Олмон ба ҳисоб меравад. Албата муқоиса кардани иқтисодиёти Олмон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон тафовутҳои зиёдеро дар бар мегирад, аммо омӯхтани таҷриба ва мубодилаи афкор дар рушди минтақаҳояш метавонад натиҷаи дилхохро бабор орад. принсипҳои ҳамкории федеративӣ ва вилоятҳо дар чорчӯбаи СДМ (сиёсати даромади минтақавӣ) аз ибтидо бевосита дар Конститутсия чун «вазифаи муштарак оид ба такмили сохтори иқтисодии ҳудуд ва минтақа» муайян шудаанд. Барои ин қариб 1%-и буҷети федеролӣ ҷудо мегардад ва боз воситаҳои худии вилоятҳо ва фондҳои сохтории Итиҳоди Аврупо зам карда |

[23] Асель Соронбоева Туризм в Киргизистоне и Грузии: От количество к качеству 24,06,2019 источник: проект института по освешению: https://cabar.asia.ru
[24] Дар хамон чо
[25] Смолкин Р.Г. Совершенствование государственного регулирования регионального развития на основе бюджетной системы / автореферат канд. дисс.- Чебоксары, 2008. – с 6.
[26] Зарубежный опыт проведения регионалной политики - Региональная экономика и управление территориальным развитием. [электроный ресурс]: URL: https://studref.com/405420/ekonomika/zarubezhnyy_opyt_provedeniya_regionalnoy_politiki (дата обращения 04.04.2022).

| | |
|---|---|
| | мешаванд. Барои ҳалли чунин вазифаҳо дар кишварҳои ИА аз сохторҳои махсуси ниҳодӣ истифода мекунанд: дар Олмон-Кумитаи банақшагирии рушди минтақа ва Конференсияи вазирон оид ба банақшагирии ҳудудии назди Вазорати иқтисод ва Вазорати молия фаъолият мекунад.<br>Омилҳое, ки ба иқтисодиёти мамлакат таъсир расонда рушд намудаанд.<br>. Комиёбиҳои прагреси илмию техникӣ;<br>. Аҳамаияти ҷиддӣ ба рушди сармояи инсонӣ дар соҳаҳои маориф тандурустӣ иҷтимоӣ ва ғайра;<br>. Иштироки васеи ҷумҳурии Олмон дар муносибат ва робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ;<br>. Сиёсати оқилонаи иқтисодиёти дохилӣ:[27] |
| Сингапур | Иқтисодиёти Сингапур низ рушдкарда буда, дар низоми бозори қарор дорад. Асоси иқтисодиёти ин мамлакат вусъати рушди содирот буда бештар таҷрибаи истеҳсолотро дар соҳаҳои электроникаи маиши, итилооти технологӣ, дорусозӣ хизматрасонии молиявӣ, бо ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ равона гардидааст. Ва таҷрибаи бояш дар он аст, ки иқтисодиёташ кушода буда аз Коррупсия озод мебошад, ки аксарияти сармоягузорон маҳз ин омилро барои сар кардани кор дар давлатҳои собиқ шурави муамо медонанд. Айни ҳол дар Сингапур 25 ноҳияҳои саноти вуҷуд доранд, ки дар онҳо 3,5 ҳазор корхонаҳо фаъолият намуда 200 ҳазор шаҳрвандонро бо ҷои кор таъмин менамояд, ки 70% кормандони соҳаи саноати мамлакатро ташкил медиҳад[28].<br>Омилҳое, ки ба иқтисодиёти мамлакат таъсир расонда рушд намудаанд.<br>5. Давлат барои омодаги ва таҳсил, таёр гардидани кадрҳо 90% хароҷотҳоро пардохт менамояд<br>6. Нақшаи рушди 5 солаи Агентии Илм ва технология ва тадқиқотӣ (A* STAR)[29] дар соли 2011;<br>7. Нақшаи рушди тадқиқотҳо илмӣ иноватсионӣ соҳибкории хуруду миёна<br>8. Сиёсати дустона бо соҳибкорон дар низоми андозситонӣ<br>9. Сингапур дар ҷаҳон ҷои 2 юмро дар бораи осонии кушодани тиҷорат ва фаъолияти бизнес ишғол менамояд. |
| Туркия | Яке аз давлатҳое, ки мавқеъи стратегии муҳимро дар бозори ҷаҳон ишғол менамояд ва таҷрибааш натанҳо барои Тоҷикистон балки барои давлатҳои Осиёи Миёна бомавридаст, ин Ҷумҳурии Туркия мебошад. Асоси рушди иқтисоди Туркия то солҳои 80-умро иқтисодиёти аграри ташкил медод. Дар соли 2017 рушди иқтисодии Туркия, 11% баланд гардида имконият дод, ки Ҷумҳурии Туркия ба J-20 ворид шавад. Ва яке аз соҳаҳои афзалиятноке, ки дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ ва миллии Туркия маблағгузориҳои зиёде ҷалб намуд ин аз тарафи давлат ташкил ва барқарорсозии инфросохтори туризм буд. Аз таҳлилҳои институти омории Туркия бар меояд, ки ҳаҷми даромад аз соҳаи туризм дар соли 2019 ба 29,5 милиярд долар оварда расонид, ки 17% зиёд нисбат ба соли 2017 мебошад.[30]<br>Омилҳое, ки ба иқтисодиёти мамлакат таъсир расонда рушд намудаанд, инҳо мебошанд. |

[27] Переспектива развитие экономики Германии манбаъ: studopedia.ru /21-91781-perspektiva-razvitiya-ekonomiki-germanii.html
[28] Дар ҳамон ҷо.
[29] В.И. Парусова В.В. Безновская Особености экономического развития Сингапура Экономика и бизнес: теория и практика – 2017. -№5.- С.42-47.
[30] Асобености и тенденсии Туредски экономики "Осебонести фармирования буджета" Источник: zagranportal.ru/turciya/ economika-v-turcii.html

| | |
|---|---|
| | . Рушди соҳаи насоҷӣ ва истеҳсолӣ молу матоъҳо, пойафзолбарорӣ, истеҳсоли қолинҳои Туркӣ;<br>. Рушди соҳаи заргарӣ ва истеҳсолӣ зеварҳои гуногун аз тилло, нуқра, мис аз сангҳои қиматбаҳо мебошад.<br>. Рушди соҳаи туризм ва таъсиси инфросохтори замонави барои ҷалби сайёҳон;<br>. Истеҳсол ва содир намудани молҳои пласмасӣ, дорувори барои хоҷагии қишлоқ рушди соҳаи маориф, истеҳсол ва фурушӣ компютерҳо техникаҳои иҷтимоӣ электроникаи ҳарбӣ.<br>. Ва яке аз омилҳои дигаре, ки дар амалигардонии рушди ийтисодии минтақаҳои Туркия хизмат намуд, ин ба шаҳрҳои саноати табдил додани Истанбул, Анқара, Измир, Бурса ва Адана ба шумор меравандд. |

Аз таҳлилҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки аксарияти давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон дар рушди бисёре аз соҳаҳо таҷрибаҳои гуногунро пеш гирифтаанд. Вале дар ҳар сурат дастгири ва таъсири давлат бештар ба назар мерасад. Муштаракоту гуногунрангии мазкур соҳаи таваҷҷуҳи эҳтимолиро барои амалияи Тоҷикистон густариш медиҳанд, ки имрӯз барои он мушкилоти сиёсати минтақавӣ ва рушди ҳудудӣ аҳамияти махсус доранд. Масалан интститутҳои тадқиқотие, ки дар Олмон ва Фаронса ба рушди минтақаҳо машғуланд дар низоми имрузаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд бо мубодилаи афкори олимони ва мутахасисони ватанию хориҷӣ саҳмгузор бошанд.

Бо вуҷуди ин, нусхабардории рӯирости таҷрибаи аврупоии ҳавасмандсозии рушди минтақавӣ дар қисмати истифодаи фишангҳои мушаххаси иқтисодӣ дар шароити муосири Тоҷикистон муамоҳои хоси худро дорост. Вале каме ҳам бошад истифодаи таҷрибаҳо метавонад баъд аз 3-5 сол натиҷаи дилхоҳ диҳад.

Ҳангоми таҳлили таҷрибаи хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар як қатор минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон масалан дар вилояти Хатлон, вилояти МКБ, вилояти Суғд, минтақаи Рашт чунин унсури анъанавии сиёсати иқтисодии минтақавӣ, ба монанди бунёди инфрасохтор (рушди нақлиёт, коммуникатсия, маориф ва нигаҳдории тандурустӣ, турзм) расман кам ба ҳисоб гирифта шудааст. Сиёсати минтақавӣ бештар ба сиёсати миллӣ дахл дорад. Ва зарурияти таҳлили рушди соҳаҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ дар бунёди инфрасохтор алакай ба миён омадааст.

Ба ақида М.И. Садриддинов Тоҷикистон дар муқоиса бо аксари давлатҳои ҳамсоя дар бартариятҳои табии рақобат дорад, аз ҷумла:.[31]

- захираҳои зиёди гидроэнергитикӣ ва оби тоза;
- маъданҳои гуногун;
- мавҷуд будани масоҳати нисбатан калони заминҳои азхуднашуда барои истифоди кишоварзӣ;
- шароити мусоид барои парвариши маҳсулоти ғизои органикӣ;
- захираҳои хоми кишоварзӣ барои коркарди саноатӣ;
- низоми нисбатан инкишофёфтаи нақлиёт ва комуникатсия;
- қуваи кории арзон.

Ба андешаи мо дар ин самт таҷрибаи Қазоқистон, Узбекистон, Қирғизистон, Беларусия ва як қисмати давлатҳои тараққикарда, аз қабили Олмон, Сингапур, Туркия аз зарурати аниқ муайян кардани объекти сиёсати минтақавӣ дар заминаи моделҳои мутобиқи иқтисодӣ ва баҳисобгирии хосияти ҳудудӣ-маъмурӣ, низоми андозситонӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ, рушди туризм, таҷлили саноати сабуки дорусозӣ метавонад аз вазифаҳои муҳими фаъолияти иқтисодии мамлакт бошанд.

[31] Садриддинов М.И. Некоторые аспекты экономического развития Таджикистана Вестник НГУ. Серия: Социально экономические науки. 2012г. Том 12, выпуск 3.с.112.

Дар шароити фароҳамомада дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарёфтани роҳи баромадан аз муамоҳои иҷтимоӣ иқтисодии «минтақаҳо» аслан муҳим аст. Ба ин ҳадафҳо тавассути густариши доираи объектҳои сиёсати минтақавӣ метавон ноил гардид. Мушкили дигари марбут ба самаранокии сиёсати минтақавӣ ҳамоҳангсозӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад. Таҷрибаи кишварҳои тараққикарда дар ҳалли ин мушкилот, аввалан, бо маҳдудиятҳое рабт дорад, ки онҳоро худи соҳаи сиёсати иқтисодии давлат муайян мекунад.

Таҷрибаи хориҷии танзими давлатии иқтисодӣ дар заминаи механизми буҷетӣ-андозӣ имкон медиҳад, ки як қатор хулосаҳоро барорем:

1. Низоми буҷетӣ-андозӣ ҳамчун василаи танзими сиёсати иқтисодии минтақавӣ нақши калидиро мебозад;

2. Механизми буҷетӣ-андозӣ имкон медиҳад, ки нобаробарии иқтисодии байни сатҳи рушди иқтисодии минтақаҳои гуногун ҳамвор карда шавад. Он ягона роҳ ҳам набошад, яке аз василаҳои асосист;

3. Таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир дар онҳо авлавият ба рушди иқтисоди инноватсионӣ, ҷалби сармоягузорӣ аз тамоми манбаъҳо, аз ҷумла манбаи асосӣ маблағҳои буҷети ҳамаи сатҳҳо - дода мешавад.

4 . Рушди инфрасохтори туризм ва омузиши таҷрибаи давлатҳои тараққикарда

Адабиёт:


1. А.Н. Аюпов А.А. Абдурашидов Иқтисодиёти минтақавӣ китоби дарсӣ чопи –дуюм, Бишкек -2015 матбаъа КРСУ С-10.
2. Асель Соронбоева Туризм в Киргизистоне и Грузии: От количество к качеству 24,06,2019 источник: проект института по освешению: https://cabar.asia.ru
3. Асобености и тенденсии Туредски экономики “Осебонести фармирования буджета” Источник: zagranportal.ru/turciya/ economika-v-turcii.html
4. А. Таскинбаев Иқтисодиёти Қазоқистон рақамҳо, таҳлил ва банақшагирӣ 27.05.2022, С-46.
5. В.И. Парусова В.В. Безновская Особености экономического развития Сингапура Экономика и бизнес: теория и практика – 2017. -№5.-С.42-47.
6. Зарубежный опыт проведения регионалной политики - Региональная экономика и управление территориальным развитием. [электроный ресурс]: URL: https://studref.com/405420/ekonomika/zarubezhnyy_opyt_provedeniya_regionalnoy_politiki (дата обращения 04.04.2022).
7. Переспектива развитие экономики Германии манбаъ: studopedia.ru /21-91781-perspektiva-razvitiya-ekonomiki-germanii.html
8. [1] Реформы в Казохистоне: успехи задачи и переспективи. OECD секретариат по международни отношением. Подрозделении по работе со странами Еврази ст.24
9. Смолкин Р.Г. Совершенствование государственного регулирования регионального развития на основе бюджетной системы / автореферат канд. дисс.- Чебоксары, 2008. – с 6.
10. Садриддинов М.И. Некоторые аспекты экономического развития Таджикистана, Вестник НГУ. Серия: Социально экономические науки. 2012г. Том 12, выпуск 3.с.112.
11. Узбекиситан на пути к устойчивому развитию (нацианалное собшенеие) Ташкент 20.10.2011, С-27.
12. Цифры и факты Евразейский экономически союз, Библиотека еврозийской интеграции СТ -9, ЕЭК -2018г.


## МУШКИЛОТИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ДАР ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Урунбаева Н.А. – н.и.и, дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ**

Дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ танзими давлатии фаъолияти хоҷагии об мавқеи пешсафи худро нигоҳ медорад. Мақомотҳои идоракунӣ дар соҳаи

истифодабарии об танзимро бо истифода аз механизми иқтисодӣ ба амал мебароранд.

Зери механизми иқтисодии идоракунии истифодаи об маҷмуи тадбирҳо ва чорабиниҳои иқтисодии таъмини ҳифзи об, истифодаи оқилонаи захираҳои об ва ҳифз аз таъсири зараровари унсурҳои об фаҳмида мешавад.

Таҳлили хусусиятҳои тақсимоти ҳудудии захираҳои об, бо об таъмин намудани ҳудудҳо ва аҳолии ноҳияҳои гуногуни табиию иқтисодӣ, сохтори истеъмоли об ва талафоти бебозгашти об нишон медиҳад, ки яке аз сабабҳои асосии камшавии захираҳои об дар як қатор минтақаҳои табиию иқтисодии Тоҷикистон технологияи обталаб ва васеи истифодаи об мебошад.

Мақсади асосии хоҷагии об таъминоти боэътимоди об хоҷагиҳои манзилу коммуналӣ, кишоварзӣ, моҳидорӣ, саноат, энергетика ва истироҳат мебошад. Ноил шудан ба ин мақсад ба бисёр омилҳо ва, пеш аз ҳама, ба консепсияи истифодаи об вобаста аст, ки моҳияти дараҷаи тараққиёти ҷамъиятро инъикос намуда, пешомадҳои тараққиёти иқтисодию иҷтимоиро бештар муайян мекунад. Ҳамчун консепсияи истифодаи об дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷомеа, аз қабили бехатарии иншоот, бехатарии объектҳои об, ҳадди ақал қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагони об ва ниҳоят, дар солҳои 50-ум қабул шудани консепсияи истифодаи комплексии захираҳои об, ки мувофиқи он нақшаи тараққиёти перспективии хоҷагии об тартиб дода мешуданд, қабул гаштаанд. Дар консепсияи истифодаи комплексии захираҳои об принсипҳои тақсимоти об дар байни истеъмолкунандагони об, рафъи камбуди об аз ҳисоби сохтмони обанборҳои нав, ҳифзи об аз ҳисоби ба кор андохтани иншоотҳои нави тозакунанда инъикос ёфтааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеъмоли об барои обёрии заминҳои обӣ то чоряки ҳаҷми умумии истеъмоли обро ташкил медиҳад, ки қисми зиёди он ба категорияи истеъмоли бебозгашти об дохил мешавад. Дар баробари ин, дар ҷумҳурии мо самараи истифодаи оби обёрӣ назар ба мамлакатҳои тараққикарда хеле паст аст. Тибқи маълумотҳои соли 2021 дар Тоҷикистон барои истеҳсоли як тонна пахта тақрибан 10700 $м^3$, биринҷ - 30000 $м^3$, дар ҳоле, ки - ҳаҷми миёнаи масрафи об дар ҷаҳон барои истеҳсоли 1 тонна гандум 1790 $м^3$, пахта 5600 $м^3$ ва барои 1 тонна шолӣ 2380 $м^3$-ро ташкил медиҳад. Вобаста ба ин, дар заминаи паст шудани ҳосилнокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва осеб дидани экосистемаҳои табиӣ роҳҳои самараноки истифодаи захираҳои обу заминро дар минтақаҳои аридӣ ҷустуҷӯ кардан лозим аст, ки ин дар навбати худ таваҷҷуҳи ҷиддиро тақозо мекунад.

Фаъолияти хоҷагии об бевосита ба истифодаи захираҳои табиӣ ва тағйирёбии параметрҳои муҳити табиӣ алоқаманд аст. Дар раванди фаъолияти хоҷагии об захираҳои иқлимӣ, ҳавоӣ, заминӣ, обӣ, ҷангал, энергетика, ашёи хом, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ истифода мешаванд. Раванди истеҳсоли чунин ҷузъҳои муҳими биосфера, монанди хок, об, растаниҳо, қабати рӯизаминии атмосфераро дар бар мегирад, ки бо ҷараёни об, энергия, моддаҳо ва иттилоот зич алоқаманданд. Фаъолияти хоҷагии об боиси тағйир ёфтани шиддат ва самти равандҳои табиӣ, хосият ва параметрҳои муҳити табиӣ мегардад.

Ифлосшавӣ ва таназзули экосистемаҳои обӣ, афзоиши норасоии об аз рӯи нишондодҳои миқдорӣ ва сифатӣ зарурати ташаккули муносибатҳои нави идоракунии истифодаи об ва фаъолияти комплекси хоҷагии обро муайян мекунанд. Пеш аз ҳама, муттаҳид намудани ду самти фаъолият дар соҳаи истифода ва ҳифзи об дар як самти ягона – истифодаи экосистемавии об ба мақсад мувофиқ мебошад.

Истифодаи экосистемавии об – ин фаъолияти хоҷагии об мебошад, ки ба принсипи экосистемаи идоракунии истифодаи об дар раванди ягонаи технологӣ, аз ҷумла истеъмол, истифода ва ихтиёрдории об бо назардошти талаботи экологӣ ва маҳдудиятҳои нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ асос ёфтааст. Идоракунии экосистемаи об мафҳуми равиши ҳамаҷонибаи истифодаи аз ҷиҳати экологӣ оқилонаи об, замин, захираҳои биологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҳавзаи об, ландшафт ва тамаркузи пешгирии ифлосшавии экосистемаҳои заминӣ ва обиро дар бар мегирад.

Мақсади истифодаи экосистемаи об аз таъмини истифодаи устувор, аз ҷиҳати экологӣ бехатар ва камхарҷи об, кори бехатари комплекси хоҷагии об, ҳифзи аҳолӣ ва иншоотҳои хоҷагӣ аз обхезӣ ва дигар таъсири зарарноки об мебошад. Ноил шудан ба ин ҳадаф дар асоси татбиқи системаи тадбирҳои барқарорсозӣ ва нигоҳдории тамомияти сохторӣ ва функсионалӣ, бехатарии экологии ҳавзаҳо, ландшафтҳо ва экосистемаҳои обӣ имконпазир аст.

Консепсияи истифодаи экосистемавии об ба оптимизатсияи экологӣ ва иқтисодии истифодаи об, замин, захираҳои биологӣ ва иҷтимоӣ, кам кардани истеъмоли бебозгашти об, пешгирии ифлосшавии об ва экосистемаҳои рӯизаминӣ, ҳамоҳангсозии эҳтиёҷоти хоҷагии халқ ва аҳолӣ дар об бо имкониятҳои системаҳои табии экологӣ нигаронида шудааст.

Барои таъмини молиявии тадбирҳои зикршуда механизми ташкилию иқтисодии истифодаи об ва фаъолияти комплекси хоҷагии обро такмил додан зарур мебошад.

**Адабиёт:**


1. Бобоходжиев, Р.Х. Экономико-организационный механизм управления водными ресурсами в регионе / Р.Х. Бобоходжиев, О. Сафарова, Д. Исмаилова // Сборник научных трудов ТТУ им. М.С. Осими. - Душанбе: Изд–во «Хирад», 2010.
2. Кудратов, Р.Р. Региональные аспекты организации управления сельскохозяйственным водопользованием / Р.Р. Кудратов // Вестник университета. – Душанбе: РТСУ, 2016. – 2016. - №3 (54). – Ч.1. – С. 80-84.
3. Латипов Р.Б., Абдусамадов М. Состояние и перспективы использования водных ресурсов в Таджикистане / Р.Б. Латипов, М. Абдусамадов // Сельское хозяйство и охрана природы.- 2007. - № 2.


## ОМИЛҲО ВА ШАРТҲОИ МУТАВОЗИНИИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ РУШДИ МИНТАҚА


**Холбобоев Р. Б. - муаллими калони кафедраи менеҷменти ДДМИТ**


Ташаккули ақидаҳои назариявӣ дар бораи мазмун ва мутавозинии механизми ташкилию иқтисодии рушди минтақа, ҳамчунин бо муайян намудани омилҳову шароите алоқаманд аст, ки ба он таъсир мерасонанд. Сараввал бояд муайян кард, ки таҳти омилҳо ва шароитҳо чӣ фаҳмида мешавад.

Омилҳо (истилоҳи лотинии «factor» - иҷрокунанда, тавлидкунанда) – сабаб, яъне қувваи пешбарандаи ин ё он раванд, падидаи муайянкунандаи хислати он ё баъзе аз хусусиятҳои он мебошад. Таърифи нисбатан умумии омил чунин аст: «омил — қувваи пешбаранда, сабаби ҳар гуна раванд, падидаи боисшаванда ба ҳолати дар ҳама гуна раванд баамаломада».

Вобаста ба объекти тадқиқот омилро ҳамчун маҷмӯи қувваҳои пешбарандае таъриф намудан мумкин аст, ки таҳти таъсири онҳо равандҳои тағйирёбии таъмини мувозинат ва фаъолияти механизми ташкилию иқтисодии рушди минтақа ба амал меоянд.

Омилҳо, ҳамчун сабабҳои зуҳуроти падидаҳо гуногун, шароитро муайян мекунанд. Ҳамин тариқ, шароит дар худ талаботеро таҷассум менамояд[32], ки аз як тараф вобаста ба маҷмуи омилҳои ба пайдоиши он боисшуда ва аз тарафи дигар ба онҳо таъсиркунанда муайян карда мешаванд.

Аз нуқтаи назари мо, яке аз принсипҳои асосии ташаккули омилҳо принсипи маҷмуӣ будан (комплексӣ) мебошад, ки он ба назар гирифтани тамоми маҷмуи омилҳои таъсиррасонро имкон медиҳад. Дар баробари ин, омилҳоро ба ду гурӯҳи калон ҷудо намудан мумкин аст - омилҳои дохилӣ ва берунӣ, ки дар онҳо меъёри асосии тақсимро «фазоӣ будан» ташкил медиҳад.

[32]. Senkov V. I. Quality of economic growth of regions: theoretical aspects, criteria of an assessment and analysis methodology / V. I. Senkov, N. V. Senkova // Regional economy: theory and practicians. - 2010. - № 32 (167). - P. 12-18.

Мо чунин мешуморем, ки таҳти омилҳои беруна бояд омилҳои ба механизм аз муҳити беруна таъсиркунанда фаҳмида шаванд. Мутобиқан таҳти омилҳои дохилӣ чунин омилҳое фаҳмида мешаванд, ки ба механизми дохили он таъсир мерасонанд.

Бо дарназардошти мавқеи муаллифони номбурда, мо таснифи омилҳоеро, ки ба мутавозинии механизми ташкилию иқтисодии рушди минтақа таъсир мерасонанд, аз рӯи меъёри «фазоӣ» пешкаш менамоем.

Ҷадвали1.

**Таснифи омилҳо аз рӯйи критерияҳои “Фазоӣ будан”, ки ба мутавозинии ташкилию иқтисодӣ таъсир мерасонанд**

| **Омилҳо** | |
|---|---|
| **Омилҳои берунӣ** | **Омилҳои дохилӣ** |
| Шароитӣ табиӣ, табиию иқлимӣ, вазъи ҳудудию ҷуғрофӣ | Сиёсати иҷтимоию иқтисодии ҳокимияти сатҳи минтақавӣ |
| Ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолӣ | Тағйирёбии иқтидори иҷтимоию иқтисодӣ |
| Гузариши иқтисодиёт ба роҳи нави инноватсионии рушд, ки дар натиҷаи он ташаккулёбии фазои нави геосиёсӣ ба вуҷуд омада, раванди ҷаҳонишавӣ тағйир меёбад | Шакли сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ |
| Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба рушди минтақа, ҳамроҳ намудани он ба бозори давлатӣ ва ҷаҳонӣ | Сохтори бамаломадаи минтақа |
| Сиёсати иҷтимоию иқтисодии ҳокимияти сатҳи давлатӣ | Дараҷаи омӯхташавии вазъият |
| | Вазъияти демографӣ |
| | Хусусияти иҷтимоию мадании аҳолӣ (ананаҳо ва меъёрҳо), ки ба даромад ва шуғли аҳолӣ таъсир мерасонанд. |

**Манбаъ:** *гурӯҳбандии муаллиф.*

К.Р. Макконнелл ва С.Л. Брю бо масъалаи аз рӯи меъёри фазоӣ ҷудо намудани омилҳо маҳдуд нашуда, бо истифода аз ҷанбаи иқтисодӣ шаш омилро ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим намудаанд. Онҳо чор омили аввалро ба «омилҳои пешниҳод» ном гурӯҳ муттаҳид менамоянд: миқдор ва сифати захираҳои табиӣ; микдор ва сифати захираҳои меҳнатӣ; ҳаҷми сармояи асосӣ; технология. Ин омилхо афзоиши истехсолотро аз ҷиҳати физикӣ имконпазир мегардонанд. Ду омили боқимонда – омилҳои талабот ва омилҳои тақсимот мебошанд, ки ба таъмини тақсимоти самараноки захираҳо бо мақсади ба ҳадди аксар конеъ гардонидани талаботи ҷомеа нигаронида шудаанд.

Як қатор муҳақиқон, аз ҷумла Н.В. Сироткина, А.Ю. Гончаров, И.Н. Воронцова мушкилоти рушли мутавозини минтақаро мавриди омӯзиш қарор дода, гурӯҳҳои омилхоеро ҷудо намудаанд, ки ба рушди минтақа аз нуқтаи назари таъмини мутавозинии он дар раванди ҳамкории субъектҳои бузурги мезо-иқтисодй таъсир мерасонанд, аз ҷумла:

- омилҳои тавсифкунандаи муҳити инноватсионии минтақа;
- омилҳои сиёсӣ;
- омилҳои арзишӣ ва фарҳангӣ;

- омилҳои меъёрию ҳуқуқӣ;
- омилҳои молиявию иқтисодӣ; [33] [34] [35]
- омилҳои маъмурӣ. [36]

Инчунин омилҳоеро низ мебояд қайд кард, ки ба нишондиҳандаҳои механизми ташкилию иқтисодии рушди минтақа таъсири манфӣ мерасонанд. Ба онҳо омилҳои дорои табиати пешгӯинашаванда ва омилҳои таҳдидро маҳсуб донистан зарур аст. Хусусияти зуҳуроти онҳо, чун қоида, тавассути таъсиррасонӣ ба қисми назарраси низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа, унсурҳои таркибӣ ва алоқаи дохилии он, инчунин бо роҳи халалдорсозии муътадилии раванди ташкил ва тартиботи дар ҷомеа баамаломада, хислати системавиро дар бар мегирад. [37]

Дар баробари ин, истифодаи амалӣ ва таъсиррасонии омилҳо ба натиҷаи фаъолият дар сатҳи назаррас аз ҳолатҳои воқеӣ вобаста мебошад, ки дар байни онҳо ҷудо намудан мумкин аст:

- устувории низоми сиёсии минтақа;
- такмили низоми меъёрию ҳуқуқӣ;
- вазъияти ҷиноӣ;
- сатҳи бюрократизатсия ва монеаҳои маъмурӣ дар соҳибкорӣ;
- устувории низоми буҷетӣ, андоз ва қарзии минтақа.
- рақобатпазирии маҳсулот ва ғайра. [38]

Ба андешаи мо, баррасӣ намудани мутавозинии механизми ташкилию иқтисодии рушди минтақа дар раванди таъсири мутақобилаи чор гурӯҳи омилҳо – гурӯҳҳои табиию экологӣ, сиёсию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар якҷоягӣ бо шартҳои татбиқи онҳо дар ҷадвали 2. оварда шудаанд, мувофиқи мақсад мебошад. Ин равиш дорои хислати мунтазамӣ буда, асосан ба баланд бардоштани қобилияти муқобилат ба муҳити дохилӣ ва беруна, ки дар баробари ин ҳолати устуворӣ нигоҳ дошта мешавад, нигаронида шудааст.

Ҷадвали2.

**Омилҳо ва шароити ба механизми мутавозини ташкилию иқтисодӣ таъсиркунанда[39]**

| | | Шароити амалигардии омилҳо |
|---|---|---|
| **Омилҳо** | *Омилҳои табиию экологӣ* | 1. Шароити воқеии табиию иқлимӣ |
| | | 2. Ҳолати муҳити табиӣ, сатҳи таъсири антропогенӣ |
| | | 3. Захираҳои истихроҷ |
| | | 4. Захираҳои экологиӣ барқароршаванда |
| | | 5. Дороии экологӣ |
| | *Омилҳои сиёсию ҳуқуқӣ* | 1. Вазъи ҷамъиятию сиёсӣ. |
| | | 2. Танзими ҳуқуқии рушди иҷтимоию иҷтисодии минтақа |
| | | 3. Заминаи меъёрию ҳуқуқии минтақа |

[33]Невейкина Н. В. Факторы развития региона / Н. В. Невейкина // Ученые записки ОГУ. Сер. Гуманитарные и социальные науки. - 2014. - № 1. - С. 78-85.

[34]Куклина Е. А. Устойчивость экономической системы: методологические подходы к определению понятия, виды устойчивости, типы устойчивого развития / Е. А. Куклина // Образование. Экономика. Общество. - 2007. - № 3. - С. 42-47.

[35]Островский Н. Критерии устойчивого развития: муниципальные аспекты / Н. Островский. - URL: http://n-t.ru/tp/ns/kur.htm (дата обращения: 23.10.2015).

[36] Сироткина Н. В. Факторы и условия обеспечения сбалансированного развития региона / Н. В. Сироткина, А. Ю. Гончаров, И. Н. Воронцова // Вестник Воронежского государственного университета. Сер. Экономика управление. - 2014. - № 4. - С. 93-100.

[37]Sayles M. C. Instructions on Where to Stand When It Hits the Fan / M. C. Sayles // Managers Magazine. - Apr. 1990. - P. 16.

[38]Горев Д. В. Факторы устойчивого развития региональных социально-экономических систем / Д. В. Горев // Научные труды вольного экономического общества России. - Москва, 2013. - № 2. - С. 228.

[39] Жукова В. В. Анализ факторов, влияющих на устойчивое развитие региона / В. В. Жукова // Вестник Таганрогского института управления и экономики. - 2011. - № 1. - С. 15-18.

| | | |
|---|---|---|
| | *Омилҳои иқтисодӣ* | 1. Хусусият, сохтори амалкунанда ва иқтидори иқтисодии минтақа |
| | | 2. Фазои сармоягузории минтақа |
| | | 3. Рушди инноватсионнии минтақа |
| | | 4. Ҳамгироии фазоии иқтисодиёти минтақа |
| | *Омилҳои иҷтимоӣ* | 1. Вазъияти демографӣ ва иҷтимоию маданӣ |
| | | 2. Сатҳи зиндагии аҳолӣ |
| | | 3. Вазъи захираҳои меҳнатӣ |
| | | 4. Рушди инфрасохтори иҷтимоӣ. |
| | | 5. Рушди сармояи инсонӣ. |

***Манбаъ:** *гурӯҳбандии муаллиф.*

Махсусгардонии соҳавии минтақа, инчунин тақсимоти фазоии захираҳо ва дараҷаи хароҷоти барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа зарурӣ тавассути гурӯҳи омилҳои табиию экологӣ муайян карда мешавад. Дар навбати худ, маҳдудиятҳои экологии рушди иқтисодиро низ ҳамин гурӯҳи омилҳо муайян мекунанд.

Омилҳои сиёсию ҳуқуқӣ эҳтимолияти барқарор намудани робитаҳо дар байни субъектҳои иқтисоди минтақавӣ ва танзими муносибатҳои байни онҳоро, бо мақсади қабули якҷояи қарорҳои самараноки идоракунии рушди минтақа, ошкор мекунанд.

Дар байни омилҳои пешниҳодшуда омилҳои иқтисодӣ аҳамияти назаррас доранд, ки онҳо махсусгардонии соҳавии минтақаро пешакӣ муайян намуда, ба муносибатҳои байниминтақавӣ, имконоти татбиқи сиёсати инноватсиони ва ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи иҷтимоӣ, таъмини суботи молиявии рушди соҳибкорӣ ва дар маҷмуъ ба тамоми низоми иҷтимоию иқтисодии минтакавӣ таъсир мерасонанд.

Омилҳои иҷтимоӣ барои рушди системаи иҷтимоию иқтисодии минтақа аҳамияти назаррас доранд, яъне онҳо бахусус ба даромади аҳолӣ ва шаклҳои шуғли аҳолӣ, ҳосилнокии меҳнат ва дурнамои такрористеҳсолкунии захираҳои меҳнатӣ таъсир мерасонанд.

Мавҷудияти ҳар як омил иштироки омили дигареро дар занҷири таъсири мутақобила пурра мекунад. Бояд қайд кард, ки таснифоти умумии омилҳое, ки ба механизми мутавозини ташкилию иқтисодии рушди минтақа таъсир мерасонанд.

Тадқиқотҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки ташаккули ақидаҳои назариявӣ доир ба мазмун ва тавозинии механизми ташкилию иқтисодии рушди минтақа бо муайян намудани омилҳо ва шароити ба он таъсиркунанда алоқаманд аст.

Омилҳо ба пайдоиши зуҳуроти гуногун боис гардида, шароитро муайян мекунанд. Дар навбати худ, шароит дар худ талаботеро таҷассум мекунад, ки он тавассути маҷмуи омилҳо ва аз тарафи дигар, омилҳои ба онҳо таъсиркунанда муайян карда мешаванд. Аз нуқтаи назари мо, яке аз принсипҳои асосии ташаккули омилҳоро принсипи маҷмуӣ (комплексӣ) ташкил медиҳад, ки он ба назар гирифтани кулли маҷмуи омилҳои таъсиррасонро имкон медиҳад.

Ҳамин тариқ, назарияи муосири мутавозинии рушди ташкилию иқтисодӣ ин гуногунрангии омилҳои рушди иқтисодии минтақаҳо, аз ҷумла: ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, шароити иқлимӣ ва таъминот бо захираҳои табиӣ; вазъи сармояи инсонӣ, маориф ва таҷриба, ҳавасмандӣ ба меҳнат, солимӣ, ҳаракат, инфрасохтор, самараи агломератсия, "нуқтаҳои афзоиш (инкишоф)", институтҳо, суботи сиёсӣ, сиёсати самарабахши иқтисодӣ мебошад.

**АДАБИЁТ:**

1. Кузнецова, О.В. Экономическое развитие регионов: теоретические и практические аспекты государственного регулирования / О.В. Кузнецова. – М.: Издательство ЛКИ, 2007. – 304 с.
2. Кузнецова М. А. Обеспечение устойчивого сбалансированного развития региона на

основе повышения качества человеческого капитала: дис. канд. экон. наук / М. А. Кузнецова. - Гатчина, 2014. - С. 37-38.

3. Жукова В. В. Анализ факторов, влияющих на устойчивое развитие региона / В. В. Жукова // Вестник Таганрогского института управления и экономики. - 2011. - № 1. - С. 15-18.

4. Невейкина Н. В. Факторы развития региона / Н. В. Невейкина // Ученые записки ОГУ. Сер. Гуманитарные и социальные науки. - 2014. - № 1. - С. 78-85.

5. Куклина Е. А. Устойчивость экономической системы: методологические подходы к определению понятия, виды устойчивости, типы устойчивого развития / Е. А. Куклина // Образование. Экономика. Общество. - 2007. - № 3. - С. 42-47.

6. Островский Н. Критерии устойчивого развития: муниципальные аспекты / Н. Островский. - URL: http://n-t.ru/tp/ns/kur.htm (дата обращения: 23.10.2015).

7. Сироткина Н. В. Факторы и условия обеспечения сбалансированного развития региона / Н. В. Сироткина, А. Ю. Гончаров, И. Н. Воронцова // Вестник Воронежского государственного университета. Сер. Экономика управление. - 2014. - № 4. - С. 93-100.

8. Sayles M. C. Instructions on Where to Stand When It Hits the Fan / M. C. Sayles // Managers Magazine. - Apr. 1990. - P. 16.

9. Горев Д. В. Факторы устойчивого развития региональных социально-экономических систем / Д. В. Горев // Научные труды вольного экономического общества России. - Москва, 2013. - № 2. - С. 228.

10. Макконнелл К. Р., Брю С. Л. Экономикс: принципы, проблемы и политика: в 2 т. / К. Р. Макконнелл, С. Л. Брю; пер. с англ. - 13-е изд. - Москва: Республика, 1999. - Т. 1. - С. 381.

11. Мироедов А. А. Совершенствование управления региональной экономикой на базе новой концепции его информационного обеспечения: автореф. дис. ... д-ра экон. наук / А. А. Мироедов. - Иваново, 2007. - С.18-19;

12. Воротин В. Э. Макроэкономическое регулирование в условиях глобальной трансформации / В. Э. Воротин. - Киев: Знание, 2002. - 165 с.;

## НАМУДҲО, СЕГМЕНТҲО ВА МАВЗУНИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ

**Эмомов М.Д. - Муаллими калони кафедраи тахлили иқтисодии ДДМИТ**

Муносибатҳои иқтисодӣ дар доираи меҳнат ин системаи муносибатҳои мураккаб дар иқтисоди бозорӣ мебошад. Барои хуб амал кардани вай таъсири худро на ин ки дарачаи баланди иқтисодиёт, инчунин омилҳои иҷтимоии демографӣ, сиёсати давлат, ҷанбаҳои миллӣ ва территориавии давлат низ мерасонад. Ба дараҷа ва хусусияти бозори меҳнат дар мамлакатҳои гуногун, анъанаҳои амалкунанда дар доираи меҳнат ва дар алоқамандӣ бо давлат, сатҳи миллӣ, рушди соҳаи маориф ва ғайраҳо таъсир мерасонад. Дар алоқамандӣ бо ин бозорҳои миллӣ моҳияти махсуси худро доранд, ки имконият медиҳад дар бораи намудҳо ва моделҳои бозори меҳнат сухан ронем.

Намудҳои бозори меҳнат. Тезҳаракатии қувваи корӣ. Рушди муносибатҳои бозорӣ дар доираи меҳнат тезҳаракатии қувваи кориро дар бозори меҳнат- ҷойгиршавии қувваи корӣ ба ҷойҳои нав, ки ба дигаргуншавии вазифаи хизматӣ, музди меҳнат, намуди шуғл (касбу ҳунар), масоҳат, корфармо таъсир мекунад, дар бар мегирад.

Навъҳои гуногуни тезҳаракатӣ мавҷуд ҳастанд:

- тезҳаракатии байни ширкатӣ (ивазшавии ҳудуд ё корфармо);
- тезҳаракатии дохилиширкатӣ (ивазшавии ҷойҳои корӣ, болоравии касбӣ, васеъшавии вазифаҳои хизматӣ, таъвизи ихтисос, ивазкунии ихтисос дар дохили ширкат ё болоравии уфуқӣ ва амудӣ). Табиист, ки барои ҳар як бозори меҳнати миллӣ ин ё он навъҳои тезҳаракатӣ мансуб аст.

Афзалияти ин ё он намуди тезҳаракатӣ дар иқтисодиёт ва доираи иҷтимоии мамлакатҳо, сиёсати шуғле, ки онҳо пеша кардаанд, ба пайдо шудани навъҳои гуногуни бозори меҳнат оварда расонид. Ин навъҳои гуногунро ба ду навъи асосӣ ҷудо намудани

мумкин аст: бозори меҳнати беруна ё худ ба таври дигар онро бозори меҳнати касбӣ низ мегӯянд ва бозори меҳнати дохилӣ.

Бозори меҳнати беруна ё касбӣ. Бозори меҳнати беруна ё касбӣ дар назар дорад ё амал мекунад дар ҳолате, ки муносибатҳои бозорӣ рушд ёфта бошанд. Мавҷудияти рушди ахборот оид ба ҷойҳои холии корӣ ва тақозои қувваи корӣ, дараҷаи баланди хизматрасонии миёнаравҳо, дараҷаи баланди тезҳаракатии қувваи корӣ зарур аст, чунки бозори меҳнати беруна ба ҷойивазшавии қувваи кории байни корхонаҳо ва минтақаҳо, музди меҳнат асос ёфтааст ва тақсимоти қувваи корӣ бошад натиҷаи амали механизмҳои бозор мебошад.

Заминаҳои асосии амалиёти бозори меҳнати беруна инҳоанд:

– истифодабарии техника ва технологияи универсалӣ, ташкили ҷойҳои кории намунавӣ;
– шароити ҳарчи зуд азхуд намудани фаъолияти меҳнатӣ дар ҷои кории мавҷуда ва дар ҳамин коллектив;
– рушди системаи омӯзиши берун аз корхона;
– хароҷотҳои кам доир ба интихобкунии кормандон ва истифодабарии роҳҳои хуби интихобкунӣ;
– хароҷотҳои кам барои корманд оид ба иваз намудани ҷои кор.

Сегментатсияи бозори меҳнат дар тарҷума маънои ба қисматҳо ҷудо кардани бозори меҳнатро мефаҳмонад. Бозори меҳнат сегментатсияи ба худ хосро дорост. Дар илмҳои иқтисодӣ ин мафҳумро дар вақти омӯзиши бозори меҳнат барои беҳтар фаҳмидани қисмҳои алоҳидаи он ба кор мебаранд. Сегментатсияи бозори меҳнат – ин тақсим кардани коргарон ва ҷойҳои кории холӣ бо минтақаву доираҳои маҳдудшудае мебошад, ки бо як қатор нишондиҳандаҳои худ аз якдигар фарқ мекунанд. Моҳияти сегментатсия дар бозори меҳнат аз он иборат аст, ки дар соҳа ё ихтисоси мушаххас гурӯҳи алоҳидаи коркунон ба қобилияти маҳдуди меҳнатӣ аз доираи қисматшудаи бозор берун баромада, бо коркунони дигар доираҳои бозори меҳнат рақобат карда наметавонанд.

Ҳамаи ин шаклҳо, ки баландравии мавзунии муносибатҳои меҳнатиро ифода менамоянд, бо истифода асосан дар сатҳи ташкилот, ки сиёсати кадрии худро ба амал меоранд, мавзунӣ ва сегментатсияро дар дараҷаҳои гуногуни муносибат бо кормандон пайваст менамояд. Мавзунӣ - ин қобилияти системаи иқтисодӣ, ҷавобгуй будан ба таъсири беруна, қобилияти вай оид ба нигоҳдории идорашавандагӣ ва баробарии функсионалӣ дар ҳолати тағйирёбии шароитҳои беруна аст. Мавзунии миқдорӣ тағйирёбии шумораи шуғлмандон ва дараҷаи музди меҳнатро вобаста аз вазъи иқтисодӣ ва вазъият дар бозори меҳнат муайян мекунад. Аммо бо сабабҳои дар боло қайдшуда, инчунин бо сабаби мубориза меҳнаткашон барои ҳуқуқҳои худ, рушди шаклҳои гуногуни муҳофизати иҷтимоии меҳнаткашон ва танзими давлатии бозори меҳнат имконият фароҳам омад, ки бештар шаклҳои гуногун истифода бурда шаванд, ки мавзунии

Моделҳои сиёсати кадрии ташкилот ба се дараҷаи муносибат бо кормандон ҷудо мешавад:

Дараҷаи якум муносибат бо кормандон аст, ки асоси кадрии ташкилот ба ҳисоб меравад. Ҳамаи онҳо дараҷаи баланди тахассусӣ дошта, дорои таҷрибаи калони кор дар ин ташкилот мебошанд, шартномаҳои дарозмуддат доранд, бо рӯзи пурраи корӣ шуғл доранд, бо ҳамаи пардохти иҷтимоӣ, иловапулиҳо ва ёрдампулиҳо таъминанд. Ин кормандонро дар ҳолатҳои бадшавии вазъи иқтисодӣ ҳам аз кор озод намекунанд. Барои онҳо метавонанд шаклҳои маҳдудро истифода баранд, ки мавзунии функсионалиро (мавзунии реҷаи меҳнат, шуғли нопурра ва ғайра) таъмин мекунанд.

Дараҷаи дуюм ин муносибат бо кормандон буда, дар чунин тарзи муносибат мумкин аст ҳам мавзунии миқдорӣ ва ҳам шаклҳои гуногуни мавзунии функсионалӣ истифода бурда шавад. Ба ин ҷойҳои кории бозори дувуминдараҷа ва ҳам шумораи на он қадар зиёди ҷойҳои кории кормандони баландихтисос дохил мешавад. Дар баъзе мавридҳо ин гуна кормандонро ба дараҷаи якум гузаронидан мумкин аст.

Дараҷаи сеюм ин муносибат бо кормандон аст, ки бо корхонаҳо муносибатҳои меҳнатии расмӣ надоранд ва барои иҷрои кори муайяни муассисаҳо истифода бурда

мешаванд. Муайян намудани таносуби мувофиқи ин дараҷаҳо дар ҳар як ташкилот ин вазифаи мураккаби сиёсати кадрӣ дар оянда бо назардошти ҳалли масъалаҳои ҷорӣ мебошад.

Васеъ истифодабарии мавзунии бозори меҳнат тарафҳои мусбат ва манфӣ дорад. Таъмин намудани мавзунӣ ба вазъи бозор, ки хароҷотҳоро кам мекунад, пурратар истифодабарии иқтидори меҳнатии ҳар як корхона ва ҷамъият, умуман, нигоҳдории потенсиали кадрии корхона, афзоиши иқтисодӣ, ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷалб намудани котегорияҳои гуногунро бо роҳи ташкил намудани ҷойҳои кории нав, ки ҷавобгӯй ба талаботҳои имрӯза мебошанд, таъмин менамояд. Дараҷаи баланди серҳаракатии кормандон имконият медиҳад, ки сатҳи бекорӣ кам карда шавад.


АДАБИЁТ:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шуғли аҳолӣ», Душанбе, 1991.
2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2008.
3. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент (иборат аз 6 қисм), Душанбе: Ирфон, 2004-2010.
4. Буланов В.С., Волгина Н.А. Рынок труда, Москва, 2003.
5. Кабутов М.К. Занятость населения трудоизбыточного региона в условиях становления рыночной экономики, Душанбе, Дониш, 1997.


## ЭВОЛЮЦИЯ ТЕОРИИ СОБСТВЕННОСТИ КАК ОСНОВА ФОРМИРОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНОГО РЫНКА В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДНОЙ ЭКОНОМИКИ


**Бобокулов А.Х. – ст. преподаватель кафедры налоги и налогообложение ТГФЭУ**



В статье рассматривается сущность собственности, её структуры и формы, а также показана эволюция теории собственности. В ней особое внимание уделено исследованию права собственности и возможности их расчленение, значение последнего для формирования земельного рынка в условиях исключи тельной государственной собственности на землю.



**Ключевые слова:** собственность, трансформация, право собственности, переходная экономика, государственная собственность на землю, право пользования землей, земельные сертификаты.



Дар мақола моҳияти моликият, сохтори он ва шаклҳо, инчунин эволютсияи назарияи моликият дида баромада шудааст. Он ба омӯзиши ҳуқуқҳои молумулкӣ ва имконпазир будани тақсимоти онҳо, аҳамияти охирин барои ташкили бозори замин дар шароитҳои моликияти алоҳидаи давлат равона шудааст.



**Калидвожаҳо:** моликият, трансформатсия, ҳуқуқи моликият, иқтисодиёти гузариш, моликияти давлатҳои замин, ҳуқуқи истифодаи замин, шаҳодатномаҳои замин.



The article deals with the essence of ownership, its structure and forms, and also shows the evolution of the theory of property. It pays special attention to the study of property rights and the possibility of their dismemberment, the importance of the latter for the formation of the land market in conditions of exclusive state ownership of land.



**Keywords:** property, transformation, property right, transitional economy, state ownership of land, land use right, land certificates.


Земля и земельные ресурсы выступают одним из важных факторов ограниченности жизненных благ. Поэтому собственность на землю является одной из сложных проблем экономической теории на всех этапах её развития, особенно в условиях переходных экономик, в которых происходят интенсивно процессы перераспределения объектов и прав собственности. Подтверждением этого служит опыт постсоцалистических стран, осуществляющих переход к рыночной экономике.

Собственность пронизывает всю систему экономических отношений, и предопределяет характер и структуру экономического строя общества, ибо экономическая власть принадлежит тому, кто присваивает материальные условия

существования людей, кто является хозяином земли, фабрики, духовного богатства и т д.

В экономической литературе встречается мнение, согласно которому эффективность функционирования экономики в целом и экономических объектов, в частности зависит только от того, кому принадлежат средства производства.[40]

Собственность, как экономическая категория выражает совокупность социально–экономических отношений, а её формы соответствуют сложившейся социально–экономической системе на всех ее уровнях. Содержание, формы и механизм реализации собственности усложняются по мере развития производительных сил и общественного прогресса, что обусловливает динамичное развитие отношений собственности и эволюцию наших представлений о ней.

Представление о собственности на землю формировалось в науке и жизни в течение тысяч лет. В доиндустриальных обществах собственность на землю являлась непосредственным предметом гражданского права, однако, с дальнейшим развитием экономической теории, она становится наряду с юридической также и определяющей экономической категорией.

Для того, чтобы вникнуть в глубину сути собственности на землю, метаморфозы или диффузии собственности на землю в современных условиях, необходимо еще обратиться к содержанию собственности, формы ее проявления, а также процессы и механизмы ее реализации.

В «Словаре русского языка» под ред. С.И. Ожегова категория собственности интерпретируется как вещь, имущество, принадлежащее кому – либо или «обладание кем-то чем-нибудь с правом распоряжения».[41]

Вопросы собственности впервые в научном отношении были исследованы с позиции натурально–естественных взглядов древнегреческими античными мыслителями Платоном и Аристотелем, которые рассматривали её в качестве материальных благ и раскрывали её сущность через отношение человека к вещам.

Подлинно научный подход к исследованию генезиса природу и роли собственности в обществе осуществляли представители классической школы политической экономии: В.У. Петти, Ф. Кеэн, А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс, в трудах которых центральное место занимает проблема собственности в обществе.

Следует отметить, что изначально в экономической теории существовали два подхода к раскрытию феномена собственности: первый – как отношение между людьми по поводу присвоения условий производства и материальных благ (общественное содержание собственности); второй – как отношение людей к вещам (материальное содержание собственности).

Синтез обеих подходов к раскрытию сущности собственности все- стороннее было обосновано и применено К. Марксом, который писал, что «Изолированный индивид совершенно так же не мог иметь собственность на землю, как он не мог бы и говорить».[42] Отсюда собственность есть продукт общественного развития и имеет социальный характер.

Главное в системе отношений собственности – это отношения между субъектами по поводу присвоения условий и результатов общественного производства. Это содержательная сторона отношений собственности и здесь собственность выступает как социальные отношения и как экономическая категория.

Рассмотрение собственности как экономической категории не означает отрицание её в качестве юридической категории. Исходя из диалектики сущности и форм проявления производственно – правовых отношений отметим, что в рассматриваемом ракурсе исследования, производственные отношения образуют сущности

---

[40] Экономическая теория. Учебник под общей ред. акад. В.И. Видяпина, Г.П. Журавлевой. М: Инфра – 1999.- С. 138.

[41] Ожегов С.И. Словарь русского языка.- М., 2004,- ст 969.

[42] К. Маркс, Ф. Энгельс. Соч.,2- изд., Т.46, часть I – Ст 473

(содержательную сторону) собственности, а правовые отношения выступают формой ее проявления.

Во второй половине XX века на фоне синтеза экономических и правовых аспектов собственности возникла экономическая теория права собственности, в ней собственность рассматривается как экономико–правовая категория. Согласно экономической теории права собственности не ресурсы (земель) сами по себе являются собственностью, а «пучок или доля прав по использованию ресурса – вот, что составляет собственность»[43].

Возникновение и дальнейшее развитие экономической теории права собственности связано с трудами таких представителей школы неоинституционализма, как А. Алчиан. И. Барицель, Г. Демсец, Р. Коуз. А. Оноре, Р. Познер и др. По их мнению, собственность представляет собой систему вещных прав (полномочий и правомочий и субъекты экономики используют «пучок прав», которые касаются использования хозяйственных ресурсов и распределения возникающих при этом затрат и выгод.[44] Сюда выходят не только право владеть, пользоваться и распоряжаться своим имуществом. Речь идёт и о том, чтобы управлять хозяйством, получать доход от используемых благ, претендовать на безопасность, передавать благо в наследство и др.

Право собственности есть не что иное, как определенные «правила игры», принятые в обществе. «Право собственности – это право контролировать использование определенных ресурсов и распределять возникающие при этом затраты и выгоды. Именно права собственности – или то, что, по мнению людей является соответствующими правилами игры, - определяют, каким именно образом в обществе осуществляются процессы предложения и спроса».[45]

Феномен собственности в рассматриваемой теории выводится из проблемы относительной редкости, - ограниченности ресурсов: « Без какой либо предпосылки редкостей бессмысленно говорить о собственности».[46] Следует отметить, что такой подход не является открытием современных авторов: впервые он был обоснован еще в 1871г. австрийским экономистом Карлом Менгером в книге «Основания политической экономии». Собственность, писал К. Менгер, своим конечным основанием имеет существование благ, количество которых меньше по сравнению с потребностями в них. Поэтому институт собственности является единственно возможным институтом размещения проблем «несоразмерности между надобностью и доступным распоряжению» количеством благ. [47] Такое несоответствие ведет к тому, что центральным моментом отношений собственности становится их исключающий характер.

Таким образом, отношения собственности – это система исключений из доступа к материальным ресурсам. Обеспечение прав собственности предусматривает исключение других лиц из числа пользователей ограниченных ресурсов.

С точки зрения авторов теории прав собственности, исключить других из свободного доступа к ресурсам означает специфицировать права собственности на них. Другими словами, спецификация прав собственности – это закрепление отдельных правомочий за одним или нескольким экономическим субъектам. Основные цели вышеуказанных теорий авторов и спецификация прав собственности заключается в том ,что создать условия для приобретения прав собственности, теми, кто ценит земельные угодья выше, кто способен извлечь из них большую пользу.

Содержание права собственности составляют принадлежащие собственнику правомочия по владению, пользованию и распоряжению вещью. Чтобы раскрыть

---

[43] Р. Коуз. Фирма, рынок и право. – М., 1993. – с 13.
[44] Р. Коуз. Фирма, рынок и право. – М., 1993. – с 14.
[45] П. Гейне. Экономический образ мышления М.1992. стр 325.
[46] Romanoff P. G.Theory of market failure – «Kyktos», 1984, v 37, № 34.
[47] К. Менгер. Основания политической экономии М. 1992г стр 79.

содержание права собственности, необходимо дать определение каждого из принадлежащих собственнику правомочий.

Правомочия по владения – это юридическая обеспеченная возможность хозяйственного господства собственника над вещью. Речь при этом идет о хозяйственном господстве над вещью, которое вовсе не требует, чтобы собственник находился в не посредственном соприкосновении.

Правомочия пользованию – это юридическое обеспечение возможности извлечения из вещи полезных свойств в процессе ее личного или производственного потребления.

Правомочия распоряжения – это юридическое обеспечение возможности определить судьбу вещи путем совершения юридических актов в отношении той вещи. Не вызывает сомнений, что в тех случаях, когда собственник продает свою вещь, сдает ее внаем, в залог, передает в виде вклада в хозяйственное общество или товарищество или в качество пожертвования в благотворительный фонд, он осуществляет распоряжения вещью. Значительно сложнее юридически классифицировать действия собственника в отношении вещью, когда он уничтожает вещь, ставшую ему ненужной, либо выбрасывает ее, или когда вещь по своим свойствам рассчитана на использование лишь в одном акте производства или потребления. Если собственник уничтожает вещь или выбрасывает ее, то он распоряжается вещью путем совершения односторонней сделки, поскольку воля собственника направлена на отказ от права собственности.

Право собственности обладает свойством упругости или эластичности. Это значит, что ему присуща способность восстанавливаться, в прежнем объеме, как только связывающие ограничения отпадают. Право собственности относится к числу исключительных прав. Это значит, что собственник наделен правом исключать воздействие всех третьих лиц на закрепление за ним в отношение принадлежащего ему имущества сферу хозяйственного господства, в том числе с помощью мер самозащиты.

Сказанное, однако, не означает, что власть собственника в отношении принадлежащей ему вещи безгранична. В соответствии с дозволительной направленностью гражданско–правового регулирования, собственник действительно может совершать в отношении своего имущества любые действия, но только не противоречащие законом и иным правовым актам. Собственник обязан принимать меры, подтверждающие ущерб здоровью граждан и окружающей среде, который может быть нанесен при осуществлении его прав. Целью использования любого права собственности является получение экономического эффекта.

При определении соотношения и внедрения частной и индивидуальной или других видов форм собственности надо правильно ориентироваться, что там, где есть возможность на индивидуальную, частную собственность, а там, где необходимо государственная собственность, то есть должно выполняется гибкое экономическое правило.

Таким образом, собственность является основополагающим понятием и ключевым институтом в жизни общества и функционировании экономики. Она имеет много аспектов – это её социальное и морально – нравственное значение, она олицетворяет свободу, в ряде случаев иметь в собственности тот или иной объект престижно. Но определяющими являются экономические и правовые аспекты отношений собственности, которые тесно взаимосвязаны. Именно отношения собственности фактически определяют весь процесс общественного производства, его цель и средства достижения, а также характер участия в нём различных социальных групп и их экономическое положение. Посредством отношений собственности происходит распределение, обмен и потребление материальных благ.

При этом собственность не может существовать без права. Ведь с момента возникновения товарного производства важно не столько физическое обладание вещью, сколько признание обществом:1) принадлежности этой вещи определенному лицу, 2) возможности передачи её другому лицу и 3) нового правообладателя.

Обеспечить это одними лишь традициями, нравственными установками или обычаями делового оборота невозможно. Для этого нужны право и обеспечивающее соблюдение правовых норм (в том числе защищающих собственность и права собственника) государства. Также правовая природа собственности проявляется в том, что именно в правовых актах закреплено право и обязанности собственников, функций государственных и муниципальных органов по управлению собственностью.

Зашита собственности невозможна без функционирования судов, без таких организационно–правовых действий как регистрация прав и сделок с имуществом, находящимся в собственности. То есть только при наличии правового обеспечения собственник может совершать со своим имуществом экономически значимые действия. Поэтому собственность всегда является одновременно и экономической и правовой категорией.

Рассмотрение собственности как совокупность прав владения, пользования и распоряжения позволяет расчленение отношений собственности на отдельные элементы, которые могут автономно быть объектом рыночных отношений. Данное методологическое положение очень важно при рассмотрении возможности формирования земельного рынка в условиях исключительной государственной собственности на землю в некоторых постсоветских государствах, в том числе и в Таджикистане.

Формирование и развитие земельного рынка в Таджикистане является весьма спорным теоретическим и практическим вопросом. Дело в том, что у нас в республике земля выступает объектом исключительной собственностью государства. Многие считают, что в условиях государственной собственности на землю невозможен земельный рынок. Данное положение нам кажется необоснованным. Включение земельных ресурсов в орбиту рыночных отношений объективно необходимо, ибо земельный рынок является обязательным элементом рыночной системы хозяйствования. Весь вопрос в том, что в условиях государственной собственности на землю, как и каким образом включить её в орбиту рыночных отношений и организовать оборот земли.

Нам думается, что земельную собственность можно расчленить на право владения, право пользования и право распоряжения. При государственной собственности на землю пользователей земли (как физических, так и юридических лиц) можно наделять правами пользования и выдать им сертификаты на право пользования землей. В настоящее время в республике всем землепользователям – владельцам земельных долей выдаются земельные сертификаты на право пользования. Земельные сертификаты дают своим владельцам право использовать, передавать, заложить в банк при получении кредита, дарить и т. д. земельные участки, находящейся формально в государственной собственности. Поэтому мы полагаем, что вполне возможен рынок земельных сертификатов, который позволяет вовлекать земельные ресурсы в орбиту рыночных отношений. Не случайно в послании Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан 16 апреля 2009 года подчеркивалась необходимость формирования рынка земельных сертификатов. Для того, чтобы формировать рынок земельных сертификатов требуется решение следующих вопросов.

1. Проведение в соответствии с Законом РТ «Об оценке земли», принятом 28 апреля 2001 года №168 денежной оценки всех земельных ресурсов страны и определение их кадастровой (нормативной) цены, а в последующем и рыночной их цены. В настоящее время работа в этом направлении ведется Государственным проектно–землеустроительным институтом «Точикзаминсоз» на основе «Методических инструкций по оценке качества почв и экономической оценки земель в Республике Таджикистан».

2. Приведение земельного и гражданского законодательства в соответствие с требованиями рыночного земельного оборота и заложить в них следующие принципы:

- сохранение целевого использования земельных участков.

- установление максимального размера общей площади сельскохозяйственных угодий, которые находятся в праве пользования одного гражданина или одного юридического лица.

- преимущественное право государственных органов на приобретении земельных сертификатов при их продаже, за исключением продажи с публичных торгов;

- установление особенностей предоставления земельных участков иностранным гражданам и юридическим лицам.

3. Необходимо внесение дополнений в земельный кодекс Республики Таджикистан в части введения права на приобретение и отчуждение права землепользования. Преимущества введения указанных прав можно сформировать следующим образом:

- создание рынка прав землепользования (земельных сертификатов) позволит физическим и юридическим лицам, которым необходимы земельные участки для осуществления своей деятельности, приобретать их;

- процесс обретения прав на землепользование был бы более простым, чем существующий в настоящее время и снизил бы расходы как частным лицам, так и Правительству;

- лицо, которое не нуждается в праве пользования землей или которое не использует его с максимальной пользой, могло бы продать свои права на землю другому лицу, который будет пользоваться или более продуктивно;

- усиление гарантий для землепользователей придаст больше гарантий для инвестиций в улучшении качества земель;

- правительство может взимать налоги при передачи права пользования землей;

- снизится уровень коррупций, так как законная передача (приобретение и отчуждение) будет правом, а не односторонним решением местных властей, что обеспечит большую прозрачность процесса.

4. Создание соответствующей инфраструктуры рынка земельных сертификатов, включающей в себя систему учреждений и специальных служб, способных контролировать все сделки с земельными сертификатами, учитывая при этом экономические, экологические, юридические и социальные проблемы. К инфраструктуре земельных сертификатов следует отнести: Агентства по управлению земельными ресурсами РТ, Ипотечный банк, кадастровые и имущественные службы, органы юстиции, государственные, частные, землеустроительные и межевые организации, агентства по оценке земли и недвижимости, бюро технической инвентаризации, суды, страховые и кредитные учреждения.

Литература:

1. Закон Республика Таджикистан «Об ипотеке» г Душанбе, 20 марта 2008 г № 364.

2. Исмоилов Ш.М. Совершенствование земельного законодательства в условиях развития рыночной экономики в Республике Таджикистан – Вестник. Института Экономики Таджикистана. 2007 №1.

3. Коуз Р. Фирма, рынок и право. – М., 1993

4.Курбонов А.К. Исследование экономических отношений собственности в сельском хозяйстве – Душанбе, 2008.

5. Ожегов С.И. Словарь русского языка.- М., 20

6. Указ Президента РТ «О реализации право пользования землей» от 22.1998 №1021

7.Экономическая теория. Учебник под общей ред. акад. В.И. Видяпина, Г.П. Журавлевой. М: Инфра – 1999

## ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ ҶАЛБИ САРМОЯИ ХОРИҶӢ

**Ҳамроев М.И. – ассистенти кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии ДДМИТ**

Яке аз нишондиҳандаҳои муайянкунандаи сатҳи некӯаҳволии давлат ҳаҷм ва сохтори сармоягузорӣ ба иқтисодиёт мебошад. Дар шароити рақобати шадид дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ на танҳо сафарбар намудани манбаъҳои молиявии дохилии сармоягузорӣ, балки ҷалби захираҳои сармоягузории хориҷӣ низ аҳамияти бештар пайдо мекунад. Тағйирот дар соҳаи истеҳсол ва муомилот, тағйироти шароити иқтисодии идоракунӣ дар заминаи нарасоии доимии захираҳои сармоягузорӣ сиёсати самараноки ҷалби сармоягузориҳои хориҷиро тақозо менамояд, ки ба рушди иқтисодиёт, ҷорӣ намудани технология ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

Сармоягузориҳо муҳимтарин омили ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ дар шароити номуайянии рушди ҷаҳонӣ мебошанд. Омӯзиши проблемаҳои фаъолияти сармоягузорӣ ҳамеша дар маркази диққати илми иқтисод буд ва хоҳад монд. Мушкилоти ҷалби сармоя дар аксари кишварҳои ҷаҳон ба чашм мерасад. Сармояи хориҷӣ дар иқтисод як унсури зарурӣ барои бозсозӣ намудан, баромадан аз бӯҳрон, мусоидат намудан ба рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва ба даст овардани рақобатпазирии бештар дар хоҷагии ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Барои дарк намудан, ки то чӣ андоза сармоягузории хориҷӣ барои рушди иқтисоди кишвар муҳим аст, моро зарурат ба миён меояд то аз таҷрибаи ҷаҳонии ҷалби сармоягузориҳои хориҷь бархурдорь дошта бошем.

Пеш аз ҳама, агар ба таҷрибаи Ҷумҳурии мардумии Чин дар ҷалби сармояи хориҷӣ назар кунем, он дар соли 1993 пас аз Иёлоти муттаҳидаи Амрико мавқеи дуюм дошта алакай дар соли 2002 мавқеи пешсафиро дар истифодаи сармояи хориҷӣ касб намуд.

Хусусиятҳои зерин аз ҷониби ҳукумати ин кишварҳо барои ҳавасмандгардонии сармоягузории хориҷӣ пешниҳод гардида буд:

1. Таъминоти суботи сиёсӣ ва стратегияи сиёсати иқтисодии давлат.
2. Шаклҳои гуногуни баландбардории дараҷаи истифодаи сармояи хориҷӣ.

Агар дар ибтидои ислоҳот шакли асосиро корхонаҳои муштарак ташкил медоданд, пас аз нимаи дуюми солҳои 90-уми асри XX - корхонаҳое пайдо шуданд, ки пурра ба сармояи хориҷӣ тааллуқдор буданд. Айни замон монеаҳо тадриҷан бартараф шуда истодаанд. Аммо то ба ҳол на бештар аз 5%-и сармояи хориҷӣ тавассути ин шакл дар Чин сармоягузорӣ мешавад, дар ҳоле ки дар ҷаҳон ин рақам ба 80% мерасад. Шакли дигар имтиёзҳое мебошад, ки ба ширкати хориҷӣ барои сохтмон ва истифодабарии иншооти зерсохторӣ дода мешавад. Гузашта аз ин, агар дар аввал ин шакл ба сармоягузорон кафолати давлатиро пешниҳод месохт, ҳоло бонкҳои тиҷоратӣ таваккалиятҳои молиявиро пурра ба дӯши худ мегиранд.

3. Тағйир додани афзалиятҳои шаклҳои дастгирии давлатии равандҳои ҷалби сармояи хориҷӣ. Ҳамин тариқ, дар солҳои 80-90-уми асри XX барои ҳавасмандгардонии ҳаҷм ва динамикаи афзоиши сармоягузорӣ, давлат аз имтиёзҳои андозӣ ва имтиёзҳои махсус барои сармоягузорони хориҷӣ истифода кард.

Имтиёзҳои маъмултарини андоз барои корхонаҳои дорои сармояи хориҷӣ, коҳиш додани андоз аз даромад ва таътилҳои андозӣ маҳсуб меёбанд.

Бо таваҷҷуҳ ба мисоли Чин, Ҳиндустон, Индонезия, Бразилия, Мексика низ сиёсатҳоеро амалӣ мекунанд, ки ба афзоиши воридоти мустақими сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаҳо ва минтақаҳои афзалиятнок нигаронида шудаанд. Бо ин мақсад онҳо ба амалӣ намудани либерализатсияи мунтазами иқтисод ва савдои хориҷӣ, аз ҷумла таъмини ҳуқуқи хориҷиён барои ба даст овардани саҳмияҳои назоратии соҳаҳое, ки қаблан баста буданд ба мисоли, саноати автомобилсозӣ, электроника, металлургия, саноати хӯрокворӣ, истеҳсолоти молҳои васеи истеъмолии халқ, ва ғайраҳо.

Таваҷҷӯҳи махсусро таҷрибаи таъсиси мақомоти махсуси давлатӣ оид ба ҳамоҳангсозии раванди ҷалб ва ҷойгиркунии сармояи хориҷӣ сазовор аст. Аз ҷумла,

Бюрои пешбурди сармоягузории хориҷӣ, ки соли 1991 дар Ҳиндустон таъсис ёфтааст, масъулияти баррасӣ ва тасдиқи лоиҳаҳои мустақими сармоягузории хориҷӣ, инчунин ҳавасмандгардонии минбаъдаи воридоти онҳоро ба душ дорад.

Бо уҳдадориҳои зиёд, бюро раванди гуфтушунидҳоро бо сармоягузорони хориҷӣ хуб ба роҳ монд. Дар соли аввали кории худ бюро, ҳам дар Ҳиндустон ва ҳам дар хориҷ эътироф пайдо намуда солҳои фаъолияти худ он ҳам дар Ҳиндустон ва ҳам дар хориҷи кишвар, ҳамчун мақоми ягонаи давлатӣ, ки ба ҷалби сармоя ва технологияҳои хориҷӣ ба бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ машғул аст, эътироф пайдо намуд. Айни замон қариб 90% аз ҳаҷми умумии сармояи воридшаванда ба Ҳиндустон, тавассути бюро ворид мегардад.

Ирландия фазои мусоиди андозро барои рушди тиҷорат ва сармоягузориҳо фароҳам овардааст. Имтиёзҳои андоз қисми муҳими маҷмӯи умумии ҳавасмандкуниро ташкил медиҳанд. Ширкатҳои хориҷие, ки дар Ирландия филиал ва намояндагиҳо таъсис медиҳанд, аз ин имтиёзҳои андоз бархурдоранд. Дастгирии молиявии давлат дар шакли грантхо, ки бо карори як катор макомоти махсуси давлати дода мешавад, сурат мегирад. Субсидияҳо аз ҷониби Агентии рушди саноат дода мешаванд.

Фазои сармоягузорӣ дар Фаронса ба қадри кофӣ мусоид арзёбӣ намешавад. Ин ба хеле баланд будани бори умумии андоз вобаста аст. Ҳамчунин, эътирозҳои оммавӣ, ки дар пайи ба даст овардани як ширкати бузурги фаронсавӣ аз ҷониби соҳибони хориҷӣ ба вуҷуд омадаанд, ба вуруди бузурги сармояи мустақими хориҷӣ таъсири боздоранда доранд. Сармоягузории хориҷӣ ба соҳаҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳим иҷозати махсусро талаб мекунад.

Дар Фаронса яке аз афзалиятҳои асосии ҷалби сармоягузорони хориҷӣ кластерҳо мебошад, ки аз ҷониби ҳукумат фаъолона дастгирӣ карда мешавад.

Дар робита ба гуфтаҳои боло ва омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳо моро зарур аст, ки иқлими мусоиди сармоягузориҳоро барои сармоягузорон пешниҳод намоем. Аз ҷумлаи имтиёзҳо:

1. Додани имтиёзҳои андозӣ;
2. Додани иншооти инфрасохторӣ барои иҷора ва ё истифодабарӣ бо шартҳои имтиёзнок;
3. Додани ҳуқуқи афзалиятноки иштирок дар татбиқи шартномаву фармонҳои минтақавӣ.

Барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ зарур аст, ки ба рақобат бо кишварҳои зиёди дунё, ки ба сифати воридкунандаи сармоя баромад карда ба ҳар васила мекӯшанд ба иқтисодиёти худ ҳаҷмҳои гуногуни сармоягузориҳои ҳориҷиро ҷалб намоянд, бояд тоб овард. Вобаста ба ин кишварҳо дар худ фазои мусоиди сармоягузориро фароҳам меоваранд, ки омили муҳими ҳаракати байналхалқии сармоя гардида, объекти омӯзиши доираи васеи олимон ва муҳақиқон дар соҳаи иқтисодиёт ва ҳуқуқ қарор мегиранд.

***Адабиёт:***


1. *Бергер Я. Использование иностранных инвестиций в Китае / Я. Бергер // Инвестиции в России. - 2004. - № 3. - С.7.*
2. *Саидмурадов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана / Л.Х. Саидмурадов. – Душанбе: Ирфон, 2005. -С.260.*
3. *Елизаветин М. Иностранные инвестиции в России: к вопросу о структуре. - Указ. работа. - С.9.*
4. *Политика Китая в области иностранных инвестиций. Техноконсалт, М., 2000. - С. 48.*
5. *Карлусов В. Государственная поддержка предпринимательства в условиях вступления Китая в ВТО // Проблемы теории и практики управления. - 2004. - № 3. - С. 25.*
6. *Елизаветин М. Иностранные инвестиции в России: к вопросу о структуре // Инвестиции в России. - 2004. - № 12. - С.19-23.*
7. *Игонина Л.Л. Инвестиции. М.: Экономист, 2004. - С. 9-12*

8. *Сафаров Б.Г., Ҳамроев М.И. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии мафҳуми сармоягузории хориҷӣ. Паёми молия ва иқтисод. 4/2. (34). 34-42.*

## ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ ДАР РУШДИ СОҲАҲОИ МУХТАЛИФИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ

**Сафаров А.А. - ассистенти кафедраи менеҷменти молиявии ДДМИТ**

Дар адабиёти иқтисодӣ масъалаи ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ баҳсталаб боқӣ мемонад. Ҷавоб ба саволи "ҷалби сармоягузории хориҷӣ – лозим ё даркор нест" ду фикри ба ҳам зид дорад. Тарафдорони нуқтаи назари якум тасдиқ мекунанд, ки сармоягузории хориҷӣ ба рушди иқтисодӣ, аз ҷумла ба суръати он, воридоти технологияи нав ва ноу-хау, таҷрибаи маъмурию идорӣ таъсири мусбат расонида, барои бозсозии сохтори ашёии истеҳсолот ба тарафи саноати маснуотбарор роҳ мекушояд. Тибқи хулосаи онҳо "рушди иқтисодӣ бе иштироки сармояи ватанӣ ва хориҷӣ имконнопазир аст ва аз рӯи суръати фаъолияти сармоягузорӣ ба хусусияти такрористеҳсол дар мамлакат баҳо додан мумкин аст".

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи ташаккулёбии муносибатҳои бозаргонӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти хоҷагидорӣ ислоҳоти ҷиддӣ татбиқ гардида, барои ҷалби сармояи хориҷӣ чораҳои зарурӣ андешида шуданд. Дар робита ба ин барои таъмини рушди воқеии соҳаҳои афзалиятнок зарурати танзими ниҳодҳои номбаршуда хеле мубрам арзёбӣ мегардад.

Тоҷикистон дар айни замон барои ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дорои имкониятҳои васеъ мебошад. Ба ин захираҳои фаровони табиии кишвар, маърифати молиявии аҳолӣ, бартариятҳои воқеии иҷтимоию иқтисодии мамлакат, ҳамкории васеъ ва ҳамаҷониба бо кишварҳои шарик ба ҷалби сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузории мустақими хориҷӣ мусоидат мекунанд. Бинобар ин, барои ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар заминаҳои устувор аз қабили таъмин кардани рушди инфрасохтори бозор, таъсиси муассисаҳои самараноки молиявӣ, биржаҳо ва ширкатҳои суғуртавӣ зарур дониста мешавад. Таҳлили ниҳодҳое, ки ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, барои ба низоми муайян даровардани онҳо мусоидат менамоянд (ҷадвали 1.1.).




**Ҷадвали 1.1. Таснифи ниҳодҳое, ки ба ташаккулёбии фазои сармоягузорӣ таъсири мусбат мерасонанд**

Манбаъ: дар асоси тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудааст.

Мувофиқи баҳогузории созмону ниҳодҳои байналмилалию хориҷӣ қонунгузории мукаммали сармоягузорӣ яке аз омилҳои муҳимтарини ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рушди устувори иқтисодӣ ба шумор меравад.

Суръати рушди ММД ва худи ҷалби сармояи хориҷӣ аз бисёр ҷиҳат ба сиёсати оқилона ва мутавозини сармоягузорӣ вобастааст. Аз ин лиҳоз, такмили минбаъдаи

қонунгузорӣ ва таъмини ҳуқуқии ҷалби сармоягузории хориҷӣ, аз ҷумла СМХ, ҷузъи ҷудонашавандаи ислоҳоти иқтисодӣ арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, Тоҷикистон сармоягузор ва сармоягузории хориҷиро бо роҳи пешниҳоди имтиёзҳои соҳаи андозбандӣ, сабукиҳои гумрукӣ, грантҳо дастгирӣ менамояд.

Дар асоси кодексҳои андоз ва гумрук субъектҳои хориҷӣ дар баъзе мавридҳо зимни озод намудани воридоти баъзе молҳоаз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фоида, аз ҷумла аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд. Аз андоз аз арзиши иловашуда, масалан, воридоти мол барои амалӣ намудани лоиҳаҳои аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон тасдиқшуда ва сохтмони неругоҳҳои баркӣ озод мебошанд. Аз чунин намуди андоз ҳамчунин содироти мол аз ҷониби корхонаҳои нави маҳсулот истеҳсолкунанда, аз ҷумла бо иштироки сармояи хориҷӣ, ки ба коркарди нахи пахта машғул мебошанд, озод аст.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Саидмурадов Л. Х., Солиев А. А. – Открытая экономика Республики Таджикистан: Макроэкономическое равновесие в условиях внешнего финансирования. Душанбе: “Ирфон”. 2004.

2. Бердиев Р. Б., Шохруз М., Майдаева М. С. Сущность и социально-экономическое значение инвестирования экономики// Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимои-иктисодӣ ва ҷамъияти 2016. №2/10 (219).

## ҶАЛБИ САРМОЯИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН: АФЗАЛИЯТҲО ВА ИМКОНИЯТҲО

**Қурбонзода О.Р. - унвонҷӯи кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии ДДМИТ**

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ усулҳои мухталифи ҷалби сармояи хориҷӣ мавҷуд буда, ҳар як кишвар усули мутобиқро барои рушди иқтисодиёти худ мавриди истифода қарор медиҳад. Таҷрибаи хориҷӣ нишон дод, ки иқтисодиёти миллӣ бо назардошти ҷалби сармояи хориҷӣ рушд меёбад. Бо ин мақсад дар тадқиқи масъалаи мазкур таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуд.

Қазоқистон яке аз бузургтарин кишварҳои ҷаҳон аст, ки дар маркази қитъаи Авруосиё ҷойгир буда, мавқеи стратегӣ дар байни Аврупо, Осиё ва Ховари Миёна ба Қазоқистон дастрасии мустақим ба бозорҳои асосии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, инчунин, Чин ва кишварҳои ҳавзаи Хазарро фароҳам меорад.

Бартариҳои асосии рақобатпазирии Қазоқистон ин аст, ки дар ин кишвар захираҳои бойи табиӣ ва аксарияти элементҳои ҷадвали Менделеев мавҷуд буда, барои рушди энергияи барқароршаванда дорои имкониятҳои васеъ мебошад. Илова бар ин, Қазоқистон аз рӯи иқтидори рушди кишоварзӣ дар қатори 5-гонаи кишварҳои ҷаҳон қарор дорад.

Ҷалби сармоягузорӣ ва роҳандозии шарикии дарозмуддат бо сармоягузорони байналмилалӣ яке аз сиёсати асосӣ ва доимии Ҳукумати Қазоқистон ба шумор рафта, тибқи қонунгузориҳои амалкунандаи ин кишвар барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ имтиёзҳои фискалӣ (субсидияҳо, имтиёзҳои андозӣ ва ғ.) ва ғайрифискалӣ (замин ва инфрасохтор) пешбинӣ гардидааст. Аз ин рӯ, Қазоқистон як макони хеле ҷолиб барои сармоягузорони хориҷӣ боқӣ монда, дар тӯли сӣ соли истиқлолият ба иқтисодиёти ин кишвар беш аз 380 млрд доллари ИМА сармояи хориҷӣ ворид шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки бо мақсади сифатнок таҳия намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ширкати миллии «ҶС KAZAKH INVEST» соли 2017 таъсис дода шуда, зерсохтори Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон ба шумор меравад. Инчунин, Фонди «Kazakh Invest» ташаккул ёфта, 761 лоиҳаро ба маблағи умумии 52,1 млрд доллар дар бар мегирад.

Вазифаи асосии ин ниҳод, пеш аз ҳама ба Ҷумҳурии Қазоқистон даъвати ширкатҳои бузурги хориҷӣ ва ширкатҳои фаромилалӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ буда, ҷиҳати баланд бардоштани нуфузи Ҷумҳурии Қазоқистон дар арсаи ҷаҳонии савдо тадбирҳо меандешад. Дар соли 2020 аз ҷониби «Kazakh Invest» 41 лоиҳаи сармоягузорӣ бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ дар ҳаҷми 1,6 млрд доллари ИМА татбиқ гардида, беш аз 5500 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд. Инчунин, дар соли 2021 34 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 4,1 млрд доллари ИМА амалӣ гардида, дар натиҷа 6400 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд [3].

Илова бар ин, ширкати миллии «ҶС KAZAKH INVEST» бо мақсади татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориҳои нав бо 27 кишвари рушдёфтаи ҷаҳон ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла Австрия, Испания, Арабистони Саудӣ, Малайзия, Индонезия, Ҳиндустон, Лаҳистон, Чехия, Швейтсария, Канада ва Австралия ҳамкориҳоро ба роҳ мондааст.

Инчунин, ҶС «Фонди лоиҳаҳои сармоягузорӣ» ташаккул ёфта, аз 480 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 91,9 млрд доллари ИМА бо назардошти таъсиси 70 ҳазор ҷойҳои нави корӣ иборат мебошад. Аз ин шумора 128 лоиҳа дар соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ ба маблағи умумии 6,7 млрд доллари ИМА амалӣ гардида, 98 лоиҳа ба маблағи 23,3 млрд доллари ИМА дар ҳолати татбиқшавӣ ва 254 лоиҳа ба маблағи 19,5 млрд доллари ИМА дар ҳолати баррасӣ қарор доранд.

Ҳамзамон, «Барномаи сармоягузории Қазоқистон барои солҳои 2021-2025» қабул гардида, мавриди амал қарор дорад. Бо назардошти таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи иқтисодӣ-тиҷоратӣ бо давлатҳои хориҷӣ, харитаи лоиҳаҳои сармоягузории амалкунанда ва амалишавандаи афзалиятнок, корхонаҳои муштарак аз рӯи соҳаҳо ва минтақаҳо ва индикаторҳои асосии барнома муайян карда шудааст.

Айни замон шарикони асосии Ҷумҳурии Қазоқистон дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ 11 кишвари бонуфузи ҷаҳон, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Аморати Муттаҳидаи Араб, Туркия, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Россия, Олмон, Фаронса, Британия Кабир ва Италия ба шумор мераванд.

Воридоти сармояи хориҷӣ дар солҳои 2017-2021 аз Федератсия Россия ва Ҷумҳурии Халқии Хитой 7 фоизи ҳаҷми умумии сармояҳои хориҷии ҷалбгардидаро ташкил медиҳад. Дар сохтори портфели лоиҳаҳои сармоягузорӣ 2,5 фоиз ба Кореяи Ҷанубӣ, 1,5 фоиз ба Ҷопон ва 1 фоиз ба Аморати Муттаҳидаи Араб рост меояд.

Соҳаҳои афзалиятнок комплекси агросаноатӣ, саноати хӯрокворӣ, коркарди нафт, газ, канданиҳои фоиданок (металлургия, кимиё ва нафту кимиё), мошинсозӣ, логистика, сайёҳӣ, дорусозӣ, технологияи рақамӣ ва сабз ба ҳисоб мераванд.

Барои ҳавасманд намудани сармоягузорони хориҷӣ ва соҳибкорони ватанӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи сармоягузорӣ» имтиёзҳо ҳангоми фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ пешбинӣ шудааст.

Агар ҳаҷми сармоя на кам аз 7,5 млн нишондиҳандаи ҳисоботи моҳона (НҲМ) бошад, имтиёзҳои зерини андозбандӣ ба сармоягузорон пешбинӣ мегардад, аз ҷумла:

-андоз аз даромади корхона пурра озод карда мешавад;

-андоз аз замин ба муҳлати 10 сол;

-андоз аз амвол ба муҳлати 1 сол;

-боҷҳои гумрукӣ ва ААИ барои ворид намудани молу таҷҳизоти зарурӣ ба муҳлати 5 сол [5].

Дар баробари ин, корхонаҳо метавонанд то 30 фоизи маблағи грантие, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ (аз ҳаҷми умумии сармоягузорӣ) пешбинӣ мегардад, истифода намоянд. Маблағи мазкур бо мақсади иҷрои корҳои сохтмонию васлгарӣ ва хариди таҷҳизоти муосир пешниҳод мегардад.

Боиси қайд аст, ки дар соли 2020 аз ҷониби Бонки Рушди АвруОсиё мониторинги сармоягузории мустақими хориҷии кишварҳои узви ИДМ дар солҳои

2016-2020 гузаронида шуда, Ҷумҳурии Қазоқистон дар рейтинги мазкур зинаи аввалро ишғол намуд, ки  дар диаграммаи 1 нишон дода шудааст [4].

**Диаграммаи 1. Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон дар солҳои 2016-2020 бо млрд долари ИМА**




| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Қазоқистон | 21,4 | 21 | 24,3 | 24,3 | 17,1 |
| Ӯзбекистон | 3,7 | 2,4 | 1,8 | 4,2 | 2,9 |
| Қирғизистон | 0,8 | 0,6 | 0,9 | 1,1 | 0,5 |
| Тоҷикистон | 0,3 | 0,3 | 0,4 | 0,4 | 0,2 |

**Манбаъ:** Eurasian Development Bank http:eabr.org

Сармоягузориҳои мустақим дар таъсиси корхонаҳои муштарак саҳми арзанда дошта, манбаи асосии сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ ба шумор рафта, дар соли 2021 саҳми онҳо 71,1 фоизи сармоягузориҳоро ташкил додааст.

Омилҳои асосии афзоиши воридоти сармояи дохилию хориҷӣ ба иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Қазоқистон, пеша аз ҳама, андешидани чораҳо оид ба мукаммалгардонии низоми андозбандӣ, батанзимдарории хариди давлатӣ ва коҳишдиҳии иқтисодиёти пинҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, дар соли 2021 воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Қазоқистон дар маҷмуъ 19,1 млрд доллари ИМА-ро ташкил дода, тибқи дурнамо дар соли 2025 ин нишондиҳанда 30,4 млрд доллари ИМА пешбинӣ гардида, ба 30 фоизи ММД баробар хоҳад шуд [6].

Дар хулоса қайд кардан зарур аст, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратиии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон таърихи тӯлонӣ дошта, сол ба сол боз ҳам васеъ шуда истодаанд ва барои иқтисодиёти кишвари мо истифодаи таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар самти ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ  бо назардошти таҳлилҳои овардашуда мувофиқи мақсад мебошад.

Лозим ба зикр аст, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри  соли 2021 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» солҳои 2022–2026 солҳои рушди саноат эълон гардид [1].

Аз ин лиҳоз, андешидани чораҳои зерин ҷиҳати татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ, яъне саноаткунонии босуръат муҳим аст:

-тақвияти ҳамкориҳои мутоқобилаи судманд бо сармоягузорони хориҷӣ;

-ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ барои бунёди корхонаҳои нави саноатӣ;

-таҷҳизонидани корхонаҳои амалкунанда бо техникаву технологияи муосири рақамӣ;

-фаъолгардонии корхонаҳои саноатии аз фаъолият бозмонда;

-омода кардани кадрҳои баландихтисос дар самти саноат.

Боиси зикр аст, ки дар асоси «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон баланд

бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар дар асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад [2].

Дар натиҷаи амалӣ намудани тадбирҳои болозикр ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуда, ба ин васила ҳадафи олӣ низ таъмин мегардад.

***Адабиёт:***


*1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021.*

*2.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.*

*3.Национальная компания «АО KAZAKH INVEST» invest.gov.kz*

*4.Eurasian Development Bank http:eabr.org*

*5.Кодекси андози Ҷумҳурии Қазоқистон.*

*6.Барномаи сармоягузории Қазоқистон барои солҳои 2021-2025.*


## ИНФРАСТРУКТУРА ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО РЫНКА ПО ОБЕСПЕЧЕНИЮ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


**Ходжахонова Г.К. – ассистент кафедры мировой экономики и международной торговли**


В условиях рыночной экономики обеспечение населения продуктами питания всегда являлась ключевым вопросом для многих стран мира, в том числе и для Таджикистана. Как ранее, так и сегодня аграрный сектор в общей стратегии устойчивого развития республики и её регионов занимает приоритетное место. Именно его состояние определяет место республики и её регионов в международном разделении труда и её перспективной специализации, отвечающей особенностям рыночных отношений и интересам страны.

Как нам известно, что оптовый рынок упорядочивает всю технологическую цепочку движения продовольствия от товаропроизводителя до потребителя, обеспечивает равные условия всем поставщикам продовольствия для выхода на цивилизованный конкурентный рынок. При этом оптовый рынок выдвигает определенные условия и требования к оптовым поставщикам продовольствия по повышению качества товаров, стандартизации, улучшению упаковки, ассортимента. Эти требования оптовики, в свою очередь, предъявляют непосредственно товаропроизводителям и переработчикам как необходимые условия для повышения качества и культуры торговли.

Проблема продовольствия - во все времена, во всех странах и регионах мира входит в число наиболее актуальных вопросов, определяющих национальное благосостояние, стабильную социальную обстановку, безопасность, независимость во внешней политике.

Происходящие глобальные изменения, такие как рост населения, урбанизация, перемена гастрономических предпочтений, климатические изменения, европейская экологическая политика, низкая урожайность, рост цен на нефть обусловили общемировую проблему последних лет -увеличение цен на продовольствие, а также дефицит сельскохозяйственного сырья [2, 214].

Вспыхивающие на фоне обострившейся во всем мире продовольственной проблемы, социальные потрясения в разных странах мира показали, что труднее всего преодолевать последствия сложившейся конъюнктуры на продовольственных рынках приходится странам, сделавшим ставку на дешевый импорт, с низкими показателями производства сельскохозяйственного сектора экономики, с неразвитыми механизмами государственного регулирования и, прежде всего, с неразвитой рыночной инфраструктурой.

В настоящее время продовольственный рынок Республики Таджикистан, несмотря на ряд позитивных изменений, а также наличие мощного потенциала развития, находится в кризисном состоянии, индикаторами которого являются высокий усиливающийся уровень зависимости страны от импорта, диспропорции в уровнях

доходов в цепочке производитель - переработчик - посредник, проблемы сбыта, дефицит сырья на перерабатывающих предприятиях, перманентный рост цен на продукты питания.

Причинами настоящего кризиса отечественного рынка продовольствия являются не только наблюдаемые реалии общемировой конъюнктуры, но и внутренние факторы, важнейшим из которых по нашему мнению является неразвитость рыночной инфраструктуры.

Продовольственный рынок - сфера взаимодействия производителей, поставщиков, продавцов и потребителей продовольствия и сырья для производства продовольственных товаров, а также организаций обеспечивающих, поддерживающих, опосредующих такое взаимодействие. Взаимодействие подразумевает организационные процессы распределения сырья и готовой продовольственной продукции между указанными контрагентами.

По нашему мнению, производство высококачественного продовольствия не является гарантией равного доступа всех групп населения к нему, особенно в условиях рыночной экономики.

По мнению Международной организации по аграрным вопросам и продовольствию ФАО, безопасным считается переходящий запас зерна на 60 суток (около 20% потребляемого зерна в стране в течение года), а российские специалисты считают, что в стране должен быть трехмесячный запас зерна (90 суток) [1, 57].

В разработанных и принятых Правительством республики краткосрочной и среднесрочной Программах развития АПК особое место отводилось продовольственному обеспечению населения республики за счет увеличения производства собственной высококачественной продукции.

В современных экономических условиях задача надежного обеспечения населения области продовольствием в сложившихся межотраслевых связях, решение которых с позиции отдельных отраслей становится актуальной. Аграрный сектор Согдийской области занимает приоритетное место в общем объеме экономики страны. Но перед сельскохозяйственными предприятиями в результате проводимой земельной реформы предстали ряд проблем когда несмотря на положительные результаты дехкане находятся на распутье в отношении того как изменить функционирование их хозяйств наилучшим образом в ближайшем будущем.

Принимая во внимание вышесказанное, можно сделать вывод, что при формировании национального продовольственного рынка, следует обратить пристальное внимание на формирование рыночной инфраструктуры, которая может быть адаптирована к конкретным условиям и особенностям региона; совершенствование рыночного механизма, в том числе усиление регулирующей роли государства в формировании и функционировании страны с учетом специфических условий региона; повышение роли сельскохозяйственных производителей всех форм собственности в управлении на рынке; развитие системы маркетинга как важного регулятора производства и продаж и др.

Таким образом, только вся совокупность проблем, инфраструктуры продовольственного рынка по обеспечению продовольственной продукции Согдийской области, дает нам более или менее реальную картину состояния сельского хозяйства республики и его способности решить проблему народного питания путем обеспечения продовольственной самодостаточности региона, и в целом страны.

***Литература:***

*1. Кудратов Р.Р. Проблемы обеспечение продовольственной безопасности в условиях малоземелья и трудоизбыточности страны. Москва: Издательство МАКС Пресс, -2006. 320 стр.*

*2. Ходжахонова Г.К. Продовольственный рынок как хозяйственный институт Республики Таджикистан / Сборник материалов республиканской научно-практической конференции ТГФЭУ на тему «Перспективное направление государственно-*

*инвестиционной политики в реализации экспортного потенциала Республики Таджикистан» 2019г. С. -214*

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ИНСТИТУТСИОНАЛИИ РУШДИ СОЗМОНҲОИ ИҚТИСОДИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН

***Ҳакимов М.А. – ассистенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ–қарзии байналхалқии ДДМИТ***

Вазъи муосири инкишофи муносибатҳои байналмилалӣ бо афзоиши хусусиятҳои раванди ҷаҳонишавӣ, минтақашавӣ ва ноустувории ҳолати сиёсию иқтисодӣ дар ҷаҳон вобаста мебошад. Дар ин замина, тағйироти сохтори иқтисодиёти ҷаҳон ва рушди ташкилотҳои навро дар соҳаи танзимоти муносибатҳои байналмилалӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар шароити муосир созмонҳои байналмилалӣ ба яке аз унсурҳои муҳимми муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ки асосан дар доираи масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва ғайра аз ҷониби давлатҳо ташкил карда мешаванд, табдил ёфтаанд.

Созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ, аз як тараф, муассисаи гуногунҷанбаи муносибатҳои байнидавлатӣ бо ҳадафҳои мушаххас, салоҳият ва мақомоти доимии худ буда, аз ҷониби дигар, ин шакли муташаккили ҳамкории иқтисодӣ ва сиёсӣ байни давлатҳо ҳисоб меёбад.

Раванди суръатноки ташаккули созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар нимаи дуюми асри гузашта, пас аз анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ оғоз гардида, дар бораи зарурати ҳалли мушкилоти сиёсӣ ва иқтисодӣ дар саросари ҷаҳон баҳсу мунозираи зиёд сурат мегирифт ва ин заминаи асосии ташаккули созмонҳои байналмилалӣ гардид. «Ташкили созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ натиҷаи тадбирҳои муассир барои ҳалли ҳолатҳои фавқулода ва буҳронӣ дар ҳаёти давлатҳо буд»[6].

Вобаста ба ин, рушди робитаҳои иқтисодии кишварҳо тақвият ёфта, тақсимоти байналмилалии меҳнат таҳким меёбад ва дар натиҷа, солҳои 1950-ум дар Аврупои ғарбӣ раванди ҳамгироӣ инкишоф меёбад, ки ба сифати механизми инкишофи созмонҳои байналмилалӣ баромад менамуд.

Истилоҳи «созмони иқтисодии байналмилалӣ» дар тӯли чанд даҳсолаи охир доираи васеи истифодабарандагони худро пайдо намуда, имрӯзҳо категорияи серистеъмоли иқтисодӣ ҳисоб меёбад.

К. А. Бекяшев таърифи мафҳуми созмонҳои иқтисодии байналмилалиро чунин пешниҳод намудааст: «Созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ-иттифоқи давлатҳо, мувофиқи ҳуқуқҳои байналмилалӣ ва дар асоси шартномаи байналмилалӣ барои дар амал татбиқ намудани ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсат ва иқтисод мебошад, ки барои татбиқи он сохтори лозима, ҳуқуқ, ӯҳдадориҳо ва иродаи мустақил дорад»[1].

Г. А. Каламкарян созмонҳои иқтисодии байналмилалиро «иттиҳодияҳои давлатҳои дар асоси шартномаи байналхалқӣ ва барои расидан ба ҳадафҳои умумӣ ташкилёфтаест, ки дорои мақомоти доимӣ буда, дар асоси манфиатҳои давлатҳои аъзо ва бо эҳтиром ба соҳибихтиёрии онҳо амал мекунад», маънидод кардааст [4].

Тавре ки К. А. Бекяшев қайд мекунад, созмонҳои байналмилалӣ таъсисдиҳандаи асосии муколамаи давлатҳо ба ҳисоб меравад[1].

Созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар ҳолатҳои душвор ё фавқулодаи ҷаҳон, ҳамчун ниҳоди миёнарав, танзимкунандаи баҳсҳо, ҷонибдори сулҳу амният, ҷорикунандаи таҳримҳо ва ғайра нақши муҳим мебозад. Онҳо барои идораи соҳаҳои муҳиме, ки аз масоили байналмилалӣ дониста мешавад, саҳми арзанда мегузоранд.

Яке аз сабабҳои асосии ташкили созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ ё ба онҳо аъзо шудан ин аст, ки давлатҳо тавассути ҳамкорӣ бо чунин созмонҳо маҷмӯи масъалаҳоеро, ки дониши махсус, маълумот, вақт ва имкониятҳоро тақозо доранду ҳамеша дастрас нестанд, ҳал менамоянд.

Созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ институти ҳамкории бисёрҷонибаи байнидавлатӣ ва василаи ҳалли муносибатҳои байналмилалии иқтисодии кишварҳо мебошад, ки дорои ҳадаф, ваколат ва мақомоти доимӣ ҳастанд. Дар чаҳорчӯбаи созмонҳои иқтисодии байналхалқӣ гуфтушунидҳои мушаххас доир ба масъалаҳои умумии иқтисодӣ, махсусан роҳҳои ҳалли масъалаҳои баҳсбарангез ва ихтилофот баргузор мегардад, байни давлатҳои аъзо муносибатҳо барқарор мегарданд ва рушд меёбанд. Созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар ҳалли муносибатҳои байнидавлатӣ нақши муҳим мебозанд. Онҳо метавонанд бо намояндагӣ аз номи давлатҳои аъзо бевосита дар имзои шартномаҳои байналмилалӣ бо давлатҳои дигар ё созмонҳои байналмилалӣ иштирок намоянд.

Дар солҳои охир фаъолияти чунин созмонҳо зери танқидҳои олимони иқтисодӣ қарор дорад. Танқидҳо асосан дар масъалаҳои қарздиҳии бештар намудор мегарданд, ки қарзҳо барои гузаронидани ислоҳоти қонунии ҳар як аъзо равона мегардад ва дар натиҷаи он соҳибихтиёрии кишварҳо поймол мегарданд. Аксарияти пешниҳодҳои чунин созмонҳо хусусияти ғайриқонуниро касб намуда, асосан ба гузариши принсипи бозорӣ асос меёбанд.

Танқиди вазнинтарине, ки нисбати чунин созмонҳо равона карда шудааст аз тарафи Ҷ. Стиглис, дорандаи ҷоизаи нобелӣ баён гардидааст, ки сиёсати созмонҳои иқтисодии байналхалқӣ нисбати давлатҳои рӯ ба инкишоф маҳз хато мебошад[3]. Ӯ асосан сиёсати ислоҳотии ду давлатро Русия ва Хитойро муқоиса менамояд. Русия, ки аз пешниҳодҳои ин созмонҳо ҷонибдорӣ карда буд, дар солҳои 1990 иқтисодиёти он ба ҳолати вазнинӣ омада расид ва даромади аҳолӣ коҳиш ёфт, вале Хитой, ки ин пешниҳодҳоро рад кард, иқтисодиёти он пеш рафт ва сатҳи даромади аҳолии он бомаротиб афзоиш ёфт.

Имрӯзҳо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ хусусият, ҳадаф ва сохтори бисёрҷониба ва ҷаҳонишавиро тағйир доданд. Онҳо ҳадафи асосии гурӯҳҳои пешбарикунанда ва ҷомеаи шаҳрвандӣ шуданд, ки ба сиёсатикунонии аз ҳад зиёд оварда расониданд. Мунаққидон мегӯянд, ки шумораи зиёди аъзоён ба созмон ба осонӣ имкон намедиҳанд, ки ба тавофуқ бирасанд ё мушкилоти муассири асри 21-ро ҳал кунанд, ки ин боиси ихтилоф дар вақти гуфтушунидҳо мегардад.

Талабот ва тавсияҳои ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, ки шарти пешниҳоди маблағгузорӣ аз ҷониби онҳо мебошанд, аксар вақт ба рушди ояндаи иқтисодиёти кишвар зарар мерасонанд. Худи ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, ҳатто аъзои низоми Созмони Милали Муттаҳид, чуноне ки маъмул аст, муддати дароз агентҳои молияи ҷаҳонӣ гаштаанд [5].

Ҳамин тавр, пайдоиш ва таҳкими ояндаи унсурҳои созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ ба хусусияти умумии муносибатҳои муосири байналмилалӣ, ки он дар муносибатҳои бисёрҷониба барои ҳалли масъалаҳои манфиатҳои тарафайн муфид аст, аҳаммияти хосса дорад.

**_Адабиёт:_**


1. *Бекяшев К. А, Л. П. Ануфриева, Устинов. Международное публичное право: учебник. отв. ред. К. А. Бекяшев. — 5е изд., перераб. и доп. — М.: Проспект, 2009. — С. 100*
2. *Богомолов О. Т. Экономическая глобализация: критический анализ (к выходу книги лауреата Нобелевской премии, профессора Джозефа Стиглица Joseph E. Stiglitz, globalization and its Discontents, 2002) //Проблемы прогнозирования. – 2003. – №. 4. С. 76.*
3. *Каламкарян Р. А. Международное право/ Каламкарян Р. А., Мигачев М. И. — М.: Издво Эскмо, 2014. — 680 с*
4. *Марфицына М. С., Юрьева Л. В. 7.2. Анализ международных моделей управления рисками //Аудит и финансовый анализ. – 2019. – №. 2. – С. 139-143.*
5. *Шреплер, Х.А. Международные экономические организации: справочник. М.: Международные отношения, 1999. С. 9*

# ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР ТИҶОРАТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Шералиев Ҷ.Д.** – ***ассистенти кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии ДДМИТ***

Суръати баланди пешрафти илму техника дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти истеҳсолӣ боиси ба вуҷуд омадан ва инкишоф ёфтани ҳодисаи нави иқтисоди ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ба вуҷуд омадани падидаи нави иқтисодӣ бо номи «зеҳни сунъӣ» гардид. Истилоҳи «интеллект» (аз калимаи лотинӣ intellectus - ҳиссиёт, дарк, хирад, фаҳмиш, мафҳум, шуур) ё ақл, сифати равониро ифода мекунад, ки қобилияти мутобиқ шудан ба ҳолатҳои нав, маҳорати омӯхтан ва дар хотир доштан дар асоси таҷриба, фаҳмиш ва татбиқи мафҳумҳои абстрактӣ, инчунин истифодаи дониши худ барои идоракунии муҳити зистро мефаҳмонад.

Интеллект қобилияти умумии омӯхтан ва ҳалли масъалаҳо мебошад, ки тамоми қобилиятҳои маърифатии инсон: эҳсос, дарк, хотира, тасвир, тафаккур, тасаввуротро муттаҳид мекунад. Бо вуҷуди ин, мафҳуми «зеҳни сунъӣ» (ЗС) маънои чизи ғайриодиро дошт, ки боиси таваҷҷуҳи зиёд гашт.

Бояд қайд намуд, ки ҳарчанд қабули зеҳни сунъӣ дар ҷомеаи маъмулӣ падидаи нав аст, аммо мафҳуми нав нест. Бори аввал мафҳуми зеҳни сунъӣ дар миёнаҳои солҳои 50-ум садо дод. Аниқтараш, ин дар конфронси соли 1956 дар Донишгоҳи Дартмут рӯй дод, ки дар он Ҷ. Маккарти ба ин истилоҳ таърифи равшан ва дақиқ дода буд: «Зеҳни сунъӣ илми эҷоди мошинҳои интеллектуалӣ ва барномаҳои компютерӣ мебошад».[1] Аммо барои ноил гаштан ба пешрафти назаррас дар таҳияи низоми зеҳни сунъӣ ва табдил додани он ба воқеияти технологӣ даҳсолаҳо лозим буд.

Дар аввали солҳои 80-ум олимони ҳисоббарор Ҷ. Барр (муҳаққиқи ширкати IBM Research) ва Е. Фейгенбаум (Донишгоҳи Стэнфорд, ИМА) таърифи ЗС-ро чунин пешниҳод кардаанд: «Зеҳни сунъӣ як соҳаи илми информатика мебошад, ки бо рушди системаҳои компютерии интеллектуалӣ, яъне системаҳое, ки бо таври анъанавӣ бо тафаккури инсон, фаҳмиши забон алоқаманд аст, машғул аст. Ҳоло ЗС як қатор алгоритмҳо ва системаҳои нармафзорро дар бар мегирад, ки хусусияти фарқкунандаи онҳо дар он аст, ки онҳо метавонанд баъзе масъалаҳоро ҳамон тавре ҳал кунанд, ки шахс дар бораи ҳалли онҳо фикр мекунад. ЗС маҷмуи технологияҳо ва равандҳои ба ҳам алоқаманд аст, ки босуръат рушд мекунанд, ба мисли: коркарди матн, омӯзиши мошинсозӣ, фаъолияти низоми коршиносӣ ва агентҳои виртуалӣ (чатботҳо), таҳия ва истифодаи низоми тавсиявӣ ва ғайраро дар бар мегиранд.[2]

Дар айни замон, аксар вақт савол ба миён меояд: оё воқеан эҷод кардани зеҳни сунъӣ имконпазир аст? Дар ин бора ду нуқтаи назар вуҷуд дорад. Баъзе иқтисодчиён ба имконияти компютери электронӣ барои пурра такрор кардани амалиёти ақлу шуури инсон боварӣ доранд. Қисми дигар ин имконро рад мекунад ва боварӣ дорад, ки ин равандҳои интеллектуалӣ ҳатто барои компютери муосир дастрас нестанд. Аз ин рӯ, истилоҳи «зеҳни сунъӣ» ба моделҳои гуногуни ҳалли ин мушкилот вуҷуд дорад.

Ҳарчанд дар айни замон аз нигоҳи ақли солим ҳалли мушкилоти зеҳни сунъӣ душвор аст, вай қодир аст ҷараёни маълумотро нисбат ба майнаи инсон хеле зудтар коркард ва таҳлил кунад. Ҳамин тариқ, одамон метавонанд зеҳни сунъиро барои муайян кардани оқибатҳои эҳтимолии ҳар як амал ва беҳтарин раванди қабули қарор истифода баранд.

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз нопурра будани таснифоти истилоҳот, сохторҳои тиҷоратии бисёр кишварҳо, пеш аз ҳама кишварҳои саноатӣ, барои рушди ЗС маблағҳои хеле калон равона мекунанд. Хароҷот барои низомҳои зеҳни сунъӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ, тибқи ҳисобҳои ширкати машваратии амрикоии International Data Corp., дар соли 2019 35,8 миллиард долларро ташкил додааст, аз ҷумла тақрибан 13,5 миллиард доллар барои платформаҳои нармафзори ЗС ва замимаҳои ЗС масраф

шудааст.[3] Мувофиқи ҳисобҳои дигар, ки ширкати машваратии америкоии «Трактика» Omnia, фурӯши барномаҳои нармафзори ЗС ба иқтисоди ҷаҳонӣ дар соли 2025 дар муқоиса бо 10 миллиард доллари соли 2018, 126 миллиард долларро ташкил хоҳад дод.




**Расми 1. - Пешгӯии фурӯши барномаҳои нармафзор барои фаъолияти зеҳни сунъӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ (миллиард доллар)**

**Манбаъ**: Даромади бозори нармафзори зеҳни сунъӣ дар саросари ҷаҳон 2018-2025// www.statista.com/statistics/607716/worldwide-artificial-intelligence-market-revenues/ Интишор аз ҷониби Шанхонг Лю, 13 марти соли 2020

Бисёре аз коршиносон имкониятҳои истифодаи ЗС-ро дар як соҳа меомӯзанд. Аз ҷумла, чунин кӯшишҳо барои муайян кардани имкониятҳои истифодаи ЗС барои тиҷорати байналмилалӣ анҷом дода мешаванд. Бо ин мақсад, дар моҳи апрели соли 2018 Палатаи Байналмилалии Савдо ва Конференцияи Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида оид ба савдо ва тараққиёт (КТДМСТ) ҳамкориро дар доираи Ташаббуси интеллектуалӣ ва тиҷоратии интеллектуалӣ (ТИТИ) дар ҷаласа оид ба технологияҳои интеллектуалӣ ва воситаҳои савдо ба расмият даровар данд.[4] «Иҷлосияи муштараки ТИТИ ва КТДМСТ дидгоҳи умумии моро дар бораи чӣ гуна беҳтар истифода бурдани технологияҳои нав ба мисли ЗС ва blockchain», бори дигар тасдиқ мекунад, таъкид намуд Шамика Н. Сириманн, Директори шӯъбаи технология ва логистикии КТДМСТ.[5]

Татбиқи технологияҳои нави рақамӣ ба риояи қоидаҳои тиҷорати байналмилалӣ, инчунин таҳияи созишномаҳои мукаммал, қарордодҳои тиҷоратӣ ва дастрасии шарикон ба манбаъҳои маблағгузории тиҷорат мусоидат хоҳад кард. Истифодаи ЗС ва блокчейн метавонад барои корхонаҳои хурду миёна (КХМ) ва кишварҳои сусттараққикарда (КСТ), ки дар дастраси ба шабакаҳои ҷаҳонии савдо ва сохторҳои расмии қарздиҳӣ мушкилӣ доранд, муфид бошад.

Омили муҳими рушди тиҷорати байналмилалӣ дастгирии маблағгузории тиҷорати байналмилалӣ мебошад. Бо истифода аз пешравиҳо дар соҳаи ЗС, бонкдорон ҳуҷҷатҳои маблағгузории тиҷоратиро барои ҳалли мушкилоти савдо, ҷиҳати беҳбуди механизмҳои анъанавии молиявӣ то кам кардани хароҷот, сабук кардани монеаҳои танзимкунанда, аз байн бурдани хидматҳои бесамар ва коҳиш додани талаботи қонеънакунанда рақамӣ мекунанд. Моҳи июли соли 2017 ҳисоботи Комиссияи бонкии Палатаи Байналмилалии Савдо (ICC) дар бораи афзалиятҳои рақамии бонкдорҳо ва то чӣ андоза онҳо дар амалиёти воридот/содирот равшанӣ меандозанд, иҷро менамоянд. Ҳисобот дар натиҷаи як назарсанҷии бонки ҷаҳонӣ ва таҳлили бозигарони калидии маблағгузории тиҷоратӣ дар бахши давлатӣ ва хусусӣ асос ёфтааст.

Аз рӯи натиҷаҳои пурсиш хулоса баровarda шуд, ки 80 фоизи савдои байналмилалӣ аз ҷониби ин ё он шакли маблағгузории тиҷоратӣ таъмин карда мешавад. Аксарияти тиҷорати байналмилалии байни корхонаҳо дар асоси «кушодани

суратҳисоб» сурат мегирад, ки мол пеш аз муҳлат расонида мешавад; тақрибан 10 фоиз савдои байналмилалӣ ба механизмҳои анъанавии маблағгузории тиҷоратӣ, ба монанди аккредитив такя мекунад. Хулоса маблағгузории анъанавии тиҷоратӣ каме афзоиш ва ё эҳтимолан коҳиш хоҳад ёфт. Интизор меравад, ки маблағгузории занҷираи таъминот бо суръати тез афзоиш ёфта, аксар вақт дар шакли факторинг, ки дар он содиркунандагон қарзҳои дебитории худро ба бонкҳо ё дигар провайдерҳои хидматрасонии молиявӣ барои дастрасии зудтар ба пул дар муқоиса бо савдои суратҳисоби кушод мефурӯшанд. Бартараф кардани ҳуҷҷатҳои коғазӣ аз муомилоти молияи тиҷоратӣ метавонад вақти коркардро то ду соат барои як муомилот кам кунад ва хароҷоти мувофиқатро то 30 фоиз кам кунад. [6]

Зеҳни сунъӣ ҳамчун як воситаи тафаккури инсонӣ ба тиҷорати байналмилалӣ таъсири тағирёбанда дорад. Аллакай, барномаҳои мушаххас дар соҳаҳое ба монанди таҳлили маълумотҳо ва хизматрасониҳои тарҷумонӣ монеаҳои тиҷоратиро коҳиш медиҳанд. Дар баробари ин, итидори инкишофи ЗС аз тамом шуданаш дур нест ва ба фикри умумӣ дар савдои байналмилалӣ масъалаҳое ҳастанд, ки бо ёрии он ҳал кардан мумкин аст.

То андозае ки истифодаи ЗС афзоиши маҳсулнокӣ дар иқтисодиётро ҳавасманд мекунад ва ба бастану анҷом додани муомилот дар савдои байналмилалӣ мусоидат мекунад, он рушди бештари иқтисодиро дастгирӣ мекунад ва барои рушди тиҷорати байналмилалӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад.

Эҳтимол аст, ки ЗС автоматикунонии равандҳои истеҳсолиро ҳавасманд карда, ба коҳиши шуғли коргарони пастихтисос дар бахшҳои истеҳсолӣ таъсир расонад ва ҳамзамон эҳтиёҷ ба малакаҳои гуногуни кориро ба вуҷуд оварад аз ин рӯ, истифодаи ЗС минбаъд ба афзудани ҳиссаи хизматрасонӣ дар истеҳсолот, инчунин дар савдои байналмилалӣ, тезонидан ва суръатбахшии гузариш ба иқтисодиёти пасаиндустриалӣ, ки ба хизматрасонӣ асос ёфтааст, мусоидат мекунанд.

Дар байни самтҳои ояндадори татбиқи ЗС дар соҳаи савдои байналмилалӣ мо инҳоро қайд мекунем:

- ЗС ва занҷирҳои арзиши ҷаҳонӣ. ЗС аллакай ба рушд ва идоракунии занҷирҳои арзиши ҷаҳонӣ таъсир мерасонад. Он метавонад барои беҳтар кардани пешгӯиҳои тамоюлҳои оянда, ба монанди тағирёбии талаботи истеъмолкунандагон ва идоракунии беҳтари хатар дар занҷири таъминот истифода шавад.

- Тиҷорат бо истифода аз платформаҳои рақамӣ. Самти дигаре, ки истифодаи ЗС аллакай паҳн шудааст, ин платформаҳои рақамӣ ба монанди eBay мебошад. Барои тиҷорати хурд, платформаҳои рақамӣ имкони бесобиқаи ворид шудан ба бозори ҷаҳониро фароҳам овардаанд. Дар ИМА, 97 фоизи тиҷорати хурд маҳсулоти худро тавассути платформаи eBay содир мекунанд, дар ҳоле ки танҳо 4 фоиз ширкатҳое, ки танҳо маҳсулотро офлайн мефурӯшанд. Хидматҳои тарҷумонӣ, ки аз ҷониби ЗС асос ёфтааст, ба платформаҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки ҳамчун драйвери тиҷорати байналмилалӣ амал кунанд. Масалан, дар натиҷаи хидмати тарҷумаи автоматии матни таблиғи контекстӣ дар платформаи eBay ба забони корбар, яъне содироти ИМА ба Амрикои Лотинӣ аз рӯи ҳаҷм 17,5 фоиз ва даромад 13,1 фоиз афзуд.

Ҳамин тавр,ояндаи ЗС ҳоло ба қоидаҳои нави савдо ниёз дорад. ЗС аллакай тарзи фаъолияти занҷирҳои глобалии арзиш ва шакли тиҷорати байналмилалиро тағйир медиҳад. Аз ин рӯ, қоидаҳои савдо, ки имрӯз дар доираи СУС ё созишномаҳои тиҷорати озод таҳия ва таҳия шудаанд, дар ташаккули рушд ва густариши минбаъдаи ЗС дар миқёси ҷаҳонӣ нақши муҳим мебозанд. Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки рушд ва истифодаи зеҳни сунъӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшуда бевосита таъсир мерасонад ва ҷалби молҳои дорои ЗС дар тиҷорати байналмилалӣ гуфтушунидҳои мураккаб ва бисёрҷонибаро тақозо мекунад.

***Адабиёт:***

*1. Зеҳни сунъӣ (AI) / Artificial Intelligence (AI) ҳамчун омили асосӣ Рақамикунонии иқтисоди ҷаҳонӣ //https://www.crn.ru/news/detail.php?ID=117544 (Iskusstvenny`j intellekt (II) / Artificial Intelligence (AI) kak klyuchevoj faktor cifrovizacii global`noj e`konomiki)*
*2. Линч, Карен рақамикунонии маблағгузории савдо.....// https://www.americanexpress.com/us/foreignexchange/ мақолаҳо/icc-survey-on-trade-fi nance-digitizatio*
*3. Мелтзер, Ҷошуа П. Таъсири зеҳни сунъӣ ба тиҷорати байналмилалӣ....//https://tradevistas.org/the-impact-of-artificial-intelligence on-international-trade*
*4. Аз нав дида баромадани савдо ва молия, Палатаи байналхалкии савдо. 2017; https://iccwbo.org/нашр/2017-rethinking-trade-finance/*
*5. Даромад аз бозори нармафзори зеҳни сунъӣ (AI) дар саросари ҷаҳон аз соли 2018 то 2025 (бо миллиард доллари ИМА)// https://www.statista.com/statistics/607716/worldwide-artificialintelligence-даромади бозор/*
*6. Технология ва савдои байналмилалӣ ташаббус; http://itti-global.org/estudos/why-build-an-intelligent-tech-and-trade-initiative/*

## НАҚШИ САЙЁҲӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАҲОИ КӮҲӢ

***Қурбонова Ш.Б. - ассистенти кафедраи суғуртаи ДДМИТ***

Туризми кӯҳӣ яке аз шаклҳои асосии туризм ба шумор меравад. Истеҳсоли маҳсулоти муосири ин шакли туризм ба иқтисодиёти минтақаҳои кӯҳӣ ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот таъсири хосса дорад. Инчунин, туризми кӯҳӣ ба ҳолати воқеии иқтисодиёт, хусусан дар иқтисодиёти ҷумҳурии мо, ки 93 фоизаш кӯҳсор аст, нақши бузург мебозад. Туризми кӯҳӣ бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан бо соҳаи кишоварзӣ, ҷангалпарварӣ, ҳифзи муҳити зист ва ба монанди инҳо алоқаманд буда, дар истеҳсоли маҳсулот ба онҳо ҳамкории зич дорад. Илова бар ин, он ба соҳаҳои асосии ҷамъиятӣ, махсусан ба муносибатҳои иқтисодӣ бо роҳи муайян намудани муносибатҳои умумӣ дар соҳаи истеҳсолот, мубодила ва тақсимоти маҳсулот таъсири назаррас мерасонад. Барои муайян кардани нақш ва мавқеи туризм дар иқтисоди миллӣ пайвастагии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии (арзиши) туризм бо нишондиҳандаҳои муайянкунандаи ҳаҷми маҳсулоти миллӣ истифода бурда мешаванд. Хадамоти омори Созмони Милали Муттаҳид тавсия медиҳад, ки ба сифати нишондиҳандаҳои асосӣ маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) бо назардошти маблағи арзиши иловашудаи молу хизматрасониҳои истеҳсолӣ истифода бурда шавад. Ба ин нишондодҳо нишондиҳандаҳои даромад аз соҳаи туризм низ дохил мешавад. Бояд қайд кард, ки туризми кӯҳӣ ба нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, аз қабили маҳсулоти холиси миллӣ, даромади миллӣ, истеъмоли шахсӣ ва пасандозҳои шаҳрвандон, фаъолияти сармоягузорӣ ва ғайра таъсири назаррас дорад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ туризм яке аз соҳаҳои фаъолияте мебошад, ки он аз тарафи давлат ва дигар муассисаҳои молиявию иқтисодӣ, инчунин созмонҳои назоратӣ идора карда мешавад. Аз ин бармеояд, ки тамоми ширкатҳо ва ташкилотҳои сайёҳӣ дар асоси принсипҳои иқтисодие фаъолият мекунанд, ки онҳоро давлат, муассисаҳои молиявию иқтисодӣ ва назоратӣ таҳия намудаанд, ба монанди: озодии идоракунӣ ва дар асоси ин озодии ташаббускорӣ, инчунин масъулиятнокии баланд; ҷавобгӯ будани фаъолияти иқтисодии онҳо ба талаботҳои қонунҳои бозори сайёҳӣ, аз ҷумла қонуни арза, талаботу таклифот, рақобат, муомилоти пулию қарзӣ, нархгузорӣ ва ғайра; талош варзидани институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ (масалан, иттифоқи касаба) оид ба ҷорӣ намудани принсипи иҷтимоию маънавӣ ба туризм ва танзими равандҳои имрӯзаи бозаргонии соҳа, инчунин беҳтар намудани муносибати сайёҳон ба табиат ва ҷомеа.

Туризми кӯҳӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ ба ҳалли масоили гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат менамояд, ва хусусиятҳои зеринро доро мебошад: он дорои шакли саноатӣ буда, алоқаҳои технологӣ ва функсионалии дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллиро дар бар мегирад; ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани шуғли аҳолӣ,

омӯзиши минақаҳои нави сайёҳӣ, рушди инфрасохтори маҳаллӣ, беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, афзоиши даромади миллӣ ва рушди устувори иқтисодиёт мусоидат мекунад; он ҳамчун механизм истифода бурдани қисми даромади миллиро ба манфиати минтақаҳое, ки асоси рушди соҳаи сайёҳиро таҷассум менамоянд, тақозо менамояд; сатҳи баланди самаранокии истифодаи сармоягузориҳоро таъмин намуда, бозпаскунии пурраи онҳоро дар муҳлати муайяншуда кафолат медиҳад; ҳамчун воситаи муассир ба ҳифзи табиат ва мероси таърихию фарҳангӣ, ки пойгоҳи асосии захиравии туризмро ташкил медиҳанд, мусоидат менамояд.

Ин тағйирот аз зиёд будани аҳолии бакамолрасида, афзоиши шумораи занони коргар ва мутаносибан зиёд шудани даромади буҷаи оилаи онҳо, афзоиши шумораи одамоне, ки танҳо зиндагӣ мекунанд, тамоюли издивоҷи дертар, афзоиши шумораи оилаҳои ҷавони бефарзанд дар муқоиса бо афзоиши аҳолӣ, зиёд шудани давомнокии рухсатии меҳнатии пардохтшаванда, ҷавон ба нафақа баромадани аҳолӣ, баландшавии маърифатнокӣ, фароҳам омадани имкониятҳо ба саёҳат ва ғайра иборат мебошад. Аз ин рӯ, шумораи зиёди одамон хоҳиш доранд, ки вақт ва қисми даромадашонро барои саёҳат ҷудо намоянд.

Илова бар ин, яке аз сабабҳои асосии зиёд будани шумораи аҳолии пиронсол дар ҳоли ҳозир, ривоҷ ёфтани таваллуди баъдиҷангӣ, яъне солҳои 60 ва 70-уми асри гузашта, инчунин дарозумрии аҳолӣ дар кишварҳои саноатӣ мебошад. Мавриди зикр аст, ки дар тамоми кишварҳои саноатӣ, синни миёнаи аҳолӣ баробари камшавии меъёри таваллуд зиёд шуда истодааст, дар ин сурат дарозумрии аҳолӣ афзоиш меёбад. Зиёд шудани шумораи занони коргар, яке аз омилҳои рушди сайёҳии содиротӣ мебошад. Дар тамоми мамлакатҳои тараққикарда айни замон шумораи зиёди занон ба корҳои гуногун ҷалб шудаанд, ки ин сабаби дер издивоҷ намудан ва дер фарзанддор шудани онҳо мегардад. Тибқи манбаъҳои илмӣ, дар кишварҳои тараққикарда тамоюли дер издивоҷ намудани ҷавонон ва оилаҳои ҷавони камфарзанд ва ё бефарзанд назаррас мебошад. Чунин вазъият имкон медиҳад, ки то давраи издивоҷ дар баробари кору фаъолият онҳо метавонанд давраҳои рухсатиро дар сафарҳои сайёҳӣ гузаронанд. Аз ин рӯ, занон ҳиссаи бузурги сайёҳони дунёро ташкил дода, ба таъмини бозори сайёҳӣ ва рушди устувори соҳаи туризм мусоидат меномоянд. Нафақахӯрони имрӯза, инчунин оянда, ки бештари онҳо таҳсилкарда мебошанд, саломатии хуб ва даромади зиёд доранд. Онҳо нисбат ба нафақахӯрони давраҳои гузашта оид ба рафтани сафарҳои сайёҳӣ фаъол мебошанд. Илова бар ин, онҳо мехоҳанд тавассути хатсайрҳои сайёҳии байнишаҳрӣ сафарҳои дарозмуддати сайёҳӣ карда, аз маҳсулотҳои гуногуни сайёҳӣ истифода баранд. Ба рушди туризми кӯҳӣ шаҳришавии аҳолӣ низ таъсири зиёд мерасонад. Чунки барои сокинони шаҳр сайр намудан дар муҳити тозаи табиӣ хеле фараҳбахш буда, онҳо кӯшиш менамоянд, ки рӯзҳои истироҳатӣ ва рухсатии худро бештар дар чунин муҳит гузаронанд.

Ҳамасола таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба саёҳат ва ба даст овардани донишу таҷрибаҳои нав оид ба таърих, тамаддун ва фарҳанги миллатҳо зиёд шуда истодааст. Аз ин рӯ, сатҳи сафарҳои сайёҳӣ афзоиш ёфта, харидорон хизматрасониҳо ва маҳсулоти нави туристиро тақозо мекунанд. Бояд зикр кард, ки баробари афзоиш ёфтани сафарҳои сайёҳӣ, мушкилоти таъмини бехатарии сайёҳат мураккабтар мегардад. Иштирокчиёни сайёҳат медонанд, ки ҳангоми сафар онҳоро хатарҳои гуногун интизор аст. Бинобар ин, зарур аст, ки ҷиҳати кам кардани хавфу хатар чораҳои қаблии заруриро андешида, хизматрасониҳо дар сатҳи баланд ба роҳ монда шаванд.

Инчунин, он яке аз воситаҳои асосии таблиғот ба шумор рафта, имкониятҳои сайёҳии кишварро муаррифӣ менамояд, ҳамчунин ба ҷалби сайёҳони хориҷию дохилӣ мусоидат менамояд. Тағйироти нарх дар соҳаи сайёҳӣ ва маҳсулоти он назаррас мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, фаъолияти сайёҳӣ ба воситаи санадҳои ҳуқуқии зерин танзим карда мешавад:

Қонуни ҶТ «Дар бораи туризм» (1998 с.); Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» (1997 с.); Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама» (2003 с.); Қонуни ҶТ

«Дар бораи минтақаҳои кӯҳии ҶТ» (2013 с.); Қонуни ҶТ «Дар бораи муҳофизат ва олами наботот» (2004 с.); Қонуни ҶТ «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» (2010 с.) ва ғайра.

**Хулоса,** таҳия ва амалӣ намудани сохтмони иншоотҳои туристӣ дар манотиқи кӯҳистон, инчунин муайян намудани ҳаракати туристон ва таъмини хатсайрҳои сафар ба минтақаҳое, ки дар онҳо комплексҳои табиии туристӣ бештар рушд ёфтаанд, яке оз омилҳои рушди туризм арзёбӣ гардидаанд.

**Пешниҳодҳо**

1. Дар баъзе кишварҳои ҷаҳон шаҳрҳо ё деҳаҳои ҷолибу зебое бунёд карда шудаанд, ки ҳамасола сайёҳони зиёде ба он ҷойҳо ташриф меоранд, аз ин хотир хуб мешуд, ки байни муҳандисону меъморон озмуни тайёр кардани лоиҳаи меҳмонхонаю тарабхонаҳои тарҳашон замонавӣ ва зебои миллӣ эълон карда шавад ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар ин самт дар Тоҷикистон низ истифода гардад.
2. Дар назди ҳар як меҳмонхонаю муассисаҳои истироҳатию фароғатии сайёҳӣ нуқтаҳои фурӯши молу маҳсулоти ҳунарҳои дастии мардумию миллӣ ва индустрияи махсуси соҳаи сайёҳӣ барои истеҳсол ва тиҷорати армуғон ё дастовезҳои тоҷикӣ рушд дода шаванд.

Хулоса, таҳия ва амалӣ намудани сохтмони иншоотҳои туристӣ дар манотиқи кӯҳистон, инчунин муайян намудани ҳаракати туристон ва таъмини хатсайрҳои сафар ба минтақаҳое, ки дар онҳо комплексҳои табиии туристӣ бештар рушд ёфтаанд, яке оз омилҳои рушди туризм арзёбӣ гардидаанд.

***Адабиёт:***


*1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 22.12.2017.*
*2. Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017 - аз 1-12-2014, №738.*
*3. Консепсияи рушди соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019.*
*4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сайёҳии дохилӣ", 18 июли соли 2017, №1450.*
*5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи туризм" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, №9, мод. 228; соли 2005, №12, мод. 641; соли 2009, №5, мод.337, соли 2012, №12. қ1, мод.1016; соли 2013, №12, мод.902).*
*6. Ҳисоботи гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2013.*


## БАХШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МОДЕЛСОЗИИ CGE


**Ғафуров П.Ҷ.-н.и.и., дотсент, мудири кафедраи моделсозии математикӣ ва иттилоотии ДДМИТ**

**Фозилова Д.М.-н.и.ф.м., дотсенти кафедраи моделсозии математикӣ ва иттилоотии ДДМИТ**


Модели CGE аслан аз системаи муодилаҳо иборат мебошад, ки ҳалли он мувозинати умумии иқтисодиро ташкил дода, аз мувозинати талабот ва пешниҳод дар бозорҳои мол ва хидматҳо вобаста аст. Моделҳои CGE-ро аз се нуқтаи назар муайян кардан мумкин аст. Якум, ба онҳо агентҳои иқтисодӣ дохил мешаванд, ки натиҷаҳои фаъолияти онҳо дар тамоми системаи иқтисодӣ инъикос меёбанд. Аз ин рӯ, моделҳои CGE умумӣ номида мешаванд. Одатан, ба агентҳо хонаводаҳо ва фирмаҳо дохил мешаванд. Хонаводаҳо бояд фоиданокии худро ҳангоми ба даст овардани молҳо ва хизматрасониҳо ба ҳадди аксар расонанд. Фирмаҳо бошанд фоидаи худро ба ҳадди аксар расонанд. Ҳукумат ва иттифокҳои касаба ҳамчун агенти иқтисодӣ амал карда

метавонанд. Дуюм, моделҳои CGE системаи муодилаҳоро дар бар мегиранд, ки тавассути онҳо мувозинат дар бозор барои ҳар як маҳсулот, хидмат ва омили истеҳсолот ба даст оварда мешавад. Сеюм, моделҳо натиҷаҳои миқдорӣ медиҳанд, ки ба мо имкон медиҳад, ки онҳоро ҳисобшаванда номида тавонем.

Аввалин модели CGE аз ҷониби иқтисодшиноси шведӣ Йохансен Л. (1960) таҳия шудааст, гарчанде ки ба маънои васеътар моделсозии CGE аз модели тавозуни байнисоҳавӣ аз ҷониби Леонтев таҳияшуда сарчашма мегирад. Модели Йохансен аз 20 бахш – бахшҳои саноат ва хоҷагии хонавода иборат буд. Дар ин модел нархҳое, ки стратегияи бахшҳои ба модел дохилшударо муайян мекарданд, ҳангоми истифодаи механизми стандартии нархгузории бозорӣ нақши муҳим мебозиданд. Пас аз таваққуфи хеле тӯлонӣ дар таҳияи моделсозии CGE, тағйирот дар нархҳои ҷаҳонии нафт, ки дар соли 1973 ба вуқӯъ пайваст, таваҷҷӯҳи худро ба равиши CGE боз ба вуҷуд овард. Илова бар ин, ба ин пайдоиши барномаҳои компютерӣ имконият дод, ки ҳисобҳои мураккаб аз рӯи моделҳои CGE гузаронида шаванд. Дар ин марҳала моделсозии CGE як майдони васеи тадқиқоти иқтисодшиносон гардид ва моделҳои CGE асосан барои ҳалли масъалаҳои марбут ба гирифтани арзёбии миқдорӣ барои қабули ҳалли қарор аз ҷониби ҳукумат истифода мешаванд, масалан, тағйир додани меъёрҳои андоз, ки ба вазъи умумии иқтисодӣ таъсир мерасонанд [**4**].

Моделҳои CGE-ро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст. Гурӯҳи якуми моделҳо дар асоси модели харочоти Леонтев ва моделҳои иқтисодии кӯтоҳмуддат, ки аз солҳои 30-юм ба таври васеъ истифода бурда мешуд, таҳия шудааст. Вазифаҳое, ки бо истифода аз моделҳои ин гурӯҳ ҳал карда мешуд, асосан барои ба даст овардани баҳодиҳии миқдори оқибатҳои тақсимоти даромад дар давраи кӯтоҳмуддат равона шуда буд. Модели Йохансен, ки дар боло зикр шуд, ки арзишҳои тағйирёбандаҳои эндогенӣ ва нархҳоро бо назардошти азнавтақсимкунии меҳнат ва сармоя дар бахшҳо дар як давраи вақт пайдо мекунад, аввалин модели ин гурӯҳ ба ҳисоб меравад. Ин макромоделҳо ҳоло махсусан барои таҳлили сиёсат дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ маъмул гаштаанд. Муаллифи машҳур дар ин соҳаи моделсозии CGE имрӯз иқтисодшиноси амрикоӣ Тейлор мебошад [10].

Ба гурӯҳи дуюми моделҳои CGE-ии аз ҷониби Валрас пешниҳод гардида, ки татбиқи модели мувозинати умумии иқтисодии Валрас мебошанд. Моделҳои CGE-и навъи Валрас пас аз кори Ҳарбергер [8], ки дар он ӯ таъсири андозбандиро дар модели дусоҳавӣ арзёбӣ кардааст, васеъ паҳн шуд. Илова бар ин, ба таҳияи ин намуди моделҳои CGE кори Scarf [9], ки алгоритми ҳалли ададии системаи муодилаҳои Валрасро тавсиф мекунад, ба таври назаррас таъсир расонд. Дар моделҳои типи валрасӣ ба натиҷаҳои сиёсати андоз ва сиёсати савдои байналмилалӣ таваҷҷуҳи хосса дода мешавад [11].

Одатан, матритсаи ҷараёнҳои молиявӣ (дар адабиёти хориҷӣ бо номи матритсаи баҳисобгирии иҷтимоӣ ё SAM маълум аст) ҳамчун пойгоҳи додаҳо барои таҳия моделҳои CGE истифода мешавад, ки тавозуни хароҷот ва даромадҳои агентҳои асосии иқтисодиро дар соли базавӣ нишон медиҳад. Дар асл, SAM як тамдиди ҷадвали тавозуни воридот ва баромади Леонтев мебошад, ки ба он натиҷаҳои молиявии агентҳои дигари иқтисодӣ - истеъмолкунандагон ва ҳукумат илова карда мешаванд.

Бо истифода аз ин таҳлили назариявӣ, бояд қайд кард, ки барои таҳияи модели CGE мавҷудияти SAM ва тавозуни байнисоҳавӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, барои таҳия ва дар амал татбиқи модели CGE, пеш аз ҳама, таҳияи SAM ва тавозуни байнисоҳавӣ зарур аст. Қобили зикр аст, ки тибқи маълумоти Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавозуни байнисоҳавӣ танҳо барои солҳои 2011 ва 2016 мавҷуд буда, барои

солҳои дигар мавҷуд нест. Инчунин, мавҷудияти ҷадвали SAM мушоҳида намешавад, ки ин таҳияи модели CGE-ро ғайриимкон месозад.


***Адабиёт:***

1. *Adams, P.D., Horridge J.M. and Brian R. Parmenter (2000) «MMRF-GREEN: A Dynamic, Multi-sectoral, Multi-regional model of Australia», Centre of Policy Studies and IMPACT Projects, Monash University, Victoria 2800, Australia.*
2. *Berck P., Golan E. and Smith B. (1996). Dynamic Revenue Analysis for California. University of California, Berkeley.*
3. *Brooke A., Kendrick D., Meeraus A., Raman R. (1998). GAMS: A users guide. GAMS Development Corporation.*
4. *Dixon P., Parmenter B. (1996). Computable General Equilibrium Modelling for Policy Analysis and Forecasting. Handbook of Computational Economics, Volume I, ed. by Amman, H. et al., Elsevier Science, 1996, North-Holland.*
5. *Feltenstein A., Shah A. (1995). General equilibrium effects of investment incentives in Mexico, Journal of Development Economics 46: 253–269.*
6. *Garrett G., Rodden J. Globalization and Fiscal Decentralization. The thesis to conference: Globalization and Governance. The Grand Colonial Hotel, La Jolla, CA, March 30–31, 2001.*
7. *Johansen L. (1960). A multi-sectoral study of economic growth. North-Holland, Amsterdam.*
8. *Harberger A. (1962). The incidence of the corporate income tax. Journal of Political Economy 70: 215–240.*
9. *Scarf H. (1984). The computation of economic equilibria. Yale University Press, New Haven and London.*
10. *Taylor L. (1990). Socially relevant policy analysis: structuralist computable general equilibrium models for the developing world, MIT press, Cambridge (MA).*
11. *Thissen M. (1998). A Classification of Empirical CGE Modelling. SOM Research Report 99C01, University of Groningen, The Netherlands.*


## АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ ТАТБИҚИ ОН


**Раҳмонзода З.Ф. *– н.и.и., дотсенти ДДМИТ,***
**Шаропов Ф.Р. *– д.и.и., профессори ДДТТ.***



Мақола ба асосҳои методологии марҳилаҳои татбиқи алгоритмсозӣ дар низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст, ки нақши он дар таъмини рақобатпазирии муассисаҳои таълимӣ бағоят бузург аст. Низоми мазкур, ки ба муносибати системавии идоракунӣ асос ёфтааст, сифати ҳар як марҳилаи пешниҳоди хизматрасониҳои таълимиро таъмин сохта, потенсиали кадрии мавҷудаи мактаби олиро дар омодасозии мутахассисони сатҳи зарурӣ самаранок истифода мебарад.



***Калидвожаҳо:*** алгоритм, сифати хизматрасониҳои таълимӣ, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муносибати системавӣ, самаранокӣ, таҳлил, такмил, татбиқ.


Статья посвящена методическим основам этапов реализации алгоритмизации в системе управления качеством образовательных услуг учреждений высшего профессионального образования, роль которых в обеспечении конкурентоспособности образовательных учреждений весьма велика. Статья посвящена методическим основам этапов реализации алгоритмизации в системе управления качеством образовательных услуг учреждений высшего профессионального образования, роль которых в обеспечении конкурентоспособности образовательных учреждений весьма велика. Данная система, основанная на системном управленческом подходе, обеспечивает

качество каждого этапа оказания образовательных услуг и эффективно использует имеющиеся кадровые ресурсы вуза при подготовке специалистов необходимого уровня.
***Ключевые слова:*** алгоритм, качество образовательных услуг, вуз, системный подход, эффективность, анализ, совершенствование, внедрение.

The article is devoted to the methodological foundations of the stages of implementation of algorithmization in the quality management system of educational services of institutions of higher professional education, whose role in ensuring the competitiveness of educational institutions is very large. This system, based on a systematic management approach, ensures the quality of each stage of the provision of educational services and effectively uses the available human resources of the higher school in training specialists of the required level.

**Keywords:** algorithm, quality of educational services, high school, systems approach, efficiency, analysis, improvement, implementation.

Ҷанбаҳои методологӣ, илмӣ ва амалии ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар таъмини рақобатпазирии хатмкунандагони мактабҳои олӣ ва дар маҷмӯъ худи ин муассисаҳои таҳсилотӣ, нақши идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ бағоят пурзӯр гашта, бемайлон боло меравад. Аз ин рӯ, дар марҳилаи кунунии инкишофи соҳаи маориф роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакатро зарур аст, ки таваҷҷуҳи ҳарчи бештари худро ба рушди менеҷменти сифати хидматҳои таълимӣ ҳамчун ба зерсистемаи идоракунии умумии муассисаҳояшон равона созанд.

Аз нигоҳи мо, низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар мактаби олӣ ҷузъи сохтори ташкилӣ, масъулият, тартибот ва маҷмӯи раванду захираҳое мебошад, ки баҳри расидан ба ҳадафҳои асосии соҳаи сифати хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ равона шудаанд. Низоми мазкур, ки ба муносибати системавии идоракунӣ асос ёфтааст, имкон медиҳад, ки тавассути таъмини сифати ҳар як марҳилаи пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ ва истифодаи босамари потенсиали кадрии муассисаи таълимӣ, сатҳи зарурии омодасозии мутахассисонро ба даст биёрад.

Низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ (НИСХТ), пеш аз ҳама, системаест, ки бо ёрии сохтор, вазифаҳо, таркиб ва робитаҳои байни унсурҳояш тавсиф карда мешавад. Тарзи бунёд ва роҳҳои мушаххаси татбиқи ин низом дар муассисаи таълимии мушаххас аз миқёс, соҳа, сохтор, фарҳанг, услуби идоракунӣ, ҳадафҳо ва дигар омилҳои дохилии муассисаи мазкур вобастагӣ дорад. Бо вуҷуди ин, мо метавонем дар бораи амсилаи умумитарини то имрӯз ташаккулёфтае андешаронӣ намоем, ки ғояҳои марказии он дар стандартҳои байналмилалии ISO 9000:2000 инъикос ёфтаанд.

Ба роҳ мондани НИСХТ дар МТОК тибқи алгоритмҳои пешниҳодкардаи мо амалӣ гардонида шудааст, ки татбиқи се марҳилаи пайдарпайро пешбинӣ мекунанд: омодагӣ, асосӣ ва ниҳоӣ. Таҷрибаи кофии аллакай андӯхта ба мо имкон дод, ки хусусиятҳои татбиқи ҳар як марҳиларо дар алоҳидагӣ муайян созем.

Дар марҳилаи омодагӣ зарур аст, ки барои татбиқи НИСХТ дар муассисаи таълимӣ заминаҳои методию ташкилӣ эҷод карда шаванд: дар асоси таҳлили назарияи идоракунии сифат ва умумигардонии таҷрибаи дигар муассисаҳои таълимӣ муайян кардани равишҳои сохтани низоми идоракунии сифат; гузаронидани аудити ташхисии низоми идоракунии амалкунанда, ёфтани ҷузъҳои ба талаботи равиши интихобшуда номувофиқи он; ташкили омӯзиши назария ва амалияи менеҷмент барои роҳбарон ва кормандони масъули донишгоҳ ё донишкада баҳри азхудкунии асосҳои идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ; ташаккул додани зерсохторҳое, ки фаъолияти ин ниҳодҳоро дар соҳаи идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ ҳамоҳанг месозанд.

Марҳилаи асосӣ аз ҷиҳати ташкилӣ, методӣ ва психологӣ марҳилаи аз ҳама дарозтарин ва душвортарин ба ҳисоб меравад, чунки маҳз дар фосилаи ҳамин марҳила НИСХТ таҳия ва татбиқ карда мешавад. Яке аз омилҳои марказии бунёди низоми муассири идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар мактаби олӣ, ташкили илман

асосноккардашудаи гузариш аз идоракунии функсионалии фаъолият ба идоракунии равандгарои фаъолият мебошад.

Алгорити амалишавии марҳилаи ниҳоии татбиқи НИСХТ дар мактаби олӣ бояд равандҳои омодагӣ ва гузаронидани аудитҳои дохилию сертификатсиониро дар бар гирад Натиҷаҳои аудити дохилии дар якчанд донишгоҳҳо гузаронидашуди НИСХТ аз мутобиқати он ба талаботи СБ ISO 9001-2001 шаҳодат дода, зарурати рушди минбаъдаи чорабиниҳои ислоҳотию тасҳеҳотӣ ва пешгирикунандаро дар самтҳои асосии фаъолияти донишкада ба миён мегузоранд.

Ҳамин тариқ, татбиқ ва пешбурди НИСХТ дар мактаби олӣ самаранокии истифодаи омилҳои асосии таълимию истеҳсолиро баланд бардошта, диққати кормандони онро ба таҳлили мунтазам ва иҷрои талаботи истеъмолкунандагон равона месозад, равандҳои таълимӣ ва таъминотиро дар чунон ҳолати идорашавандагие қарор медиҳад, ки сатҳи зарурии сифати хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбиро таъмин карда тавонанд. Ташаккули таъминоти иттилоотии НИСХТ сохтани он гуна системаи оптималии ҳуҷҷатгузориҳоро ба миён мегузорад, ки идоракунии саривақтӣ ва созгори сифати хизматрасониҳои таълимиро тибқи талаботи муосир роҳандозӣ намояд.

**А д а б и ё т:**


1. *Комилиён, Ф. С.* Амсилаи консептуалии системаи иттилоотии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, З.Ф. Раҳмонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 3. – С. 127-135.
2. *Комилиён, Ф. С.* Алгоритмҳои амалисозии марҳилаҳои татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар мактаби олӣ / Ф. С. Комилиён, З. Ф. Раҳмонзода // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. - 2021. - No 2(54). - Р. 48-60. - EDN TQJJKH.
3. *Комилов, Ф. С.* Информационное обеспечение системы управления качеством образовательных услуг [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2011. – № 4 (68). – С. 46-55.
4. *Комилов, Ф. С.* Информационные технологии в высшем образовании Республики Таджикистан [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов. – Душанбе: «Ирфон», 2012. – 174 с.
5. *Рахмонзода, З. Ф.* Качество образовательных услуг как экономическая категория и объект управления [Текст] / З.Ф. Рахмонзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/9 (218). – С. 142-148.
6. *Рахмонзода, З. Ф.* Системный подход к оптимизации управления образовательным учреждением [Текст] / З.Ф. Рахмонзода, Р.Дж. Давлатов // Балтийский гуманитарный журнал. – 2017. – Т. 6. – № 4 (21). – С. 383-386.
7. *Рахмонов, З. Ф.* Внедрение ИКТ в образовательный процесс – основа совершенствования подготовки высококвалифицированных специалистов [Текст] / З.Ф. Рахмонов // Вестник Российско-Таджикского (Славянского) университета. – 2010. – № 4 (30). – С. 140-145.
8. *Рахмонов, З. Ф.* Система управления образовательного процесса, основанная на внедрении современных информационных технологий [Текст] / З.Ф. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2010. – № 8 (64). – С. 171-177.
9. *Рахмонов, З. Ф.* Теоретические основы управления качеством образовательных услуг [Текст] / З.Ф. Рахмонов, Ф.С. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. – № 2/8 (149). – С. 119-128.

10. *Раҳмонзода, З. Ф.* Асосҳои назариявӣ ва иқтисодии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – 2020. – № 4 (55). – С. 90-100.
11. *Раҳмонзода, З. Ф.* Мушкилоти иҷтимоию иқтисодии раванди иттилоотонӣ дар низоми маориф [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – № 2 (22). – С. 49-57.
12. *Раҳмонзода, З. Ф.* Оқибатҳои иҷтимоии ҷорисозии технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеаи муосир ва равандҳои иҷтимоию иқтисодии низоми таҳсилот [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 8. – С. 179-187.
13. *Раҳмонзода, З. Ф.* Самаранокии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: ҳолати муосир, беҳдошти усулҳои истифода [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 9. – С. 77-83.
14. *Раҳмонзода, З. Ф.* Сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ: мафҳум, категория, унсурҳо, пирамидаи сифат [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 1 (35). – С. 248-258.
15. *Раҳмонзода, З. Ф.* Хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ: мафҳум, омилҳо ва равандҳои асосӣ [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – № 1 (25). – С. 49-57.
16. *Свиткин, М. З.* Процессный подход при внедрении систем менеджмента качества в организации [Текст] / М.З. Свиткин // Стандарты и качество. – 2002. – № 3. – с. 75.
17. *Deming, W. E.* Out of the Crisis Deming [Text] / W. Edwards Deming. – USA: MIT Center Adv. Eng. S., 1986.
18. *Ishikawa, K.* What is Total Quality Control. The Japanese Way [Text] / Kaoru Ishikawa. – Wisconsin: Quality Resources, 1985.

## ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИЮ-ТИҶОРАТИИ ҶТ БО КИШВАРҲОИ ИДМ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

**Нусратзода М.Н. – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ**

Муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дӯсту бародар давраҳои тӯлонии таърихиро дар бар мегирад. Марҳилаҳои намоёни он Роҳи бузурги Абрешим ва замони пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, ки муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар дар низоми муносибатҳои дуҷонибаи "стратегӣ" нақши бартари дошт, ки ҳадафи онҳо тақвият ва афзоиши ҳаҷм, номгӯй, сифати молҳо, маҳсулот ва ашёи хоми ба ҳамдигар пешниҳодшаванда мебошад.

Муносибатҳои дуҷонибаи ҳамчун яке аз омилҳои барқарорсозии иқтисоди Тоҷикистон ва рушди минбаъдаи он аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Тавре маълум аст, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, инчунин, бунёд ва устувории асосҳои қонунии он яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Беҳуда нест, ки ба сифати яке аз афзалиятҳои асосии рушди кишвар дар СМР-2030 маҳз дастгирии соҳаи соҳибкорӣ ва шароити (иқлими) мусоиди сармоягузорӣ (инвеститсионӣ) дар ин ҷода муайян гардидааст.

Новобаста ба роҳи таърихии тӯлонии ташаккул ва рушди муносибатҳои соҳибкорӣ, имрӯз оид ба мазмун ва муҳтавои ин маҷмуи қонунҳои иқтисодӣ-соҳибкорӣ фаҳмиши умумии ягона миёни ҷомеа вуҷуд надорад. Вобаста ба ин, зарурати таҳлилҳои пайдарпаю амиқи ҷораёни тавлид, ташаккул ва рушди соҳибкории ватанӣ ба миён меояд [3, с. 350]. Чуноне маълум аст, сарғози таърихии татбиқи ташаббусҳои

соҳибкорӣ ин фаъолияти тиҷоратӣ буд, яъне замоне, ки тоҷирон бо нархгузориҳои мухталифу асоснок молу маҳсулоташонро ба ин ё он бозор мебароварданду фурӯшандагон онҳоро дар бозорҳо мефурӯхтанд. Таркиби соҳибкорӣ бо истифодаи нархи чаканаи бозор маҳдуд гашта, нишони асосии он дараҷаи хавфияти он ба ҳисоб мерафт. Бозорҳои шарқӣ ҳамчун шакли асосии тиҷорати оммавӣ дар шакли чаканафурӯшӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Дар баробари рушди қувваҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои молию пулӣ, соҳаи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи истеҳсолоти моддӣ инкишоф меёфт [3, с. 355]. Дар чунин шароит, муваффақият дар соҳибкориро на тавассути ҷустуҷӯи бозорҳои нав, балки бо пайдо намудани роҳу усулҳои мувофиқу оқилонаи истифода намудани омилҳои истеҳсолӣ дар мутобиқат бо ташаббусҳои соҳибкорӣ муайян намудан имконпазир аст.

Дар марҳилаи кунунии рушди Тоҷикистон, бо дарназардошти таҷрибаи ғании солҳои қаблӣ, Тоҷикистон бояд муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодиро бо дигар кишварҳо тавре инкишоф диҳад, ки он барои ҳарду кишвар судманд бошад ва бозгашти назаррас дошта бошад. Қисман муносибатҳои тиҷории дуҷониба танҳо дар заминаи "табиӣ" сохта мешаванд, яъне Тоҷикистон сабзавот, пахта, мева ва дигар молҳоро ба кишварҳои ҳамсоя содир менамояд.

Ислоҳоти муносибатҳои моликият ва хусусигардонии корхонаҳо бо зарурати баланд бардоштани самаранокии онҳо ва фароҳам овардани шароит барои гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ алоқаманд буданд[5, с. 102].

Албатта, ин ба ягон назария зид нест. Дар воқеъ, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳамон пахтаро арзонтар парвариш кунад ва бартарии муайяне дошта бошад. Аммо, бояд чунин фактро ба назар гирифт, ки парвариш ва ҷамъоварии пахта танҳо 50% амалиётҳоро талаб мекунад. Марҳилаи навбатӣ масъалаи коркард аст, ки бо он аллакай дар ҷумҳурӣ бо сабабҳои гуногун мушкилот пеш омадааст, масалан: таҷҳизоти кӯҳнаи корхонаҳои коркард ва бофандагӣ ва ғайра [7, с. 167]. Аллакай, дар марҳилаи навбатии 50% корхонаҳои Тоҷикистон метавонистанд бо корхонаҳои Руссия барои коркарди пахтаи хом ва содироти минбаъдаи маҳсулоти тайёр ё тақрибан тайёр ба Руссия ҳамкорӣ кунанд ва бо ин дар як вақт якчанд масъаларо ҳал кунанд:

1) ин масъалаи бекорӣ аст (раванди коркард ҳар қадар амиқтар бошад, ҳамон қадар одамон ба раванди истеҳсолот ҷалб карда мешаванд, аз ин рӯ, ҳар қадаре ки шуғл зиёдтар бошад, сатҳи бекорӣ, мутаносибан, даромади бештар, сармоягузории дохилӣ ва ғ.).

2) арзиши маҳсулоти коркардшуда (ашёи хом) нисбат ба арзиши коркарднашуда хеле баланд аст, бинобар ин, давлат ва корхонаҳо аз фурӯш фоидаи бештар мегиранд Маблағро барои навсозии технологии таҷҳизот дар корхонаҳо, тайёр кардани кадрҳо истифода бурдан мумкин аст, ки дар ниҳоят рақобатпазирии маҳсулоти коркардшуда (ашёи хом) -ро баланд мебардорад.

Дар айни замон сохтори савдои хориҷии байни Тоҷикистон ва Руссия «захира ва ашёи хом» мебошад, яъне ҳиссаи маҳсулоте, ки танҳо коркарди аввалияро гузаштаанд (пахта дар бастҳо, чӯб, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, металл ва ғайра) дар сохтори содирот ва воридот бартарӣ дорад [2, с.163]. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои ИДМ дар сатҳи хело хуб қарор дорад.

**Воридот ва содироти ҶТ нисбат ба баъзе кишварҳои ИДМ (бо млн доллари ИМА)**

| № | Мамлакат | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Воридот** | | | | | |
| 1 | Руссия | 967,9 | 1009,1 | 932,6 | 1280,5 |
| 2 | Қазоқистон | 536,6 | 739,3 | 757,5 | 818,5 |
| 3 | Узбекистон | 133,2 | 190,2 | 250,3 | 318,2 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4 | Қирғизистон | 48,2 | 42,8 | 27,2 | 20,5 |
| **Содирот** | | | | | |
| 1 | Қазоқистон | 299,9 | 218,2 | 152,2 | 360,1 |
| 2 | Руссия | 55,2 | 44,3 | 41,0 | 72,5 |
| 3 | Узбекистон | 155,3 | 172,0 | 83,5 | 129,6 |
| 4 | Қирғизистон | 14,1 | 11,4 | 9,6 | 5,3 |

**Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: 2022 сол, саҳифаҳои358, 369**

Чӣ тавре аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бар меояд, муносибатҳо руз аз руз ру ба инкишоф дорад. Масалан, ҳамкориҳои тиҷоратии ҶТ бо Федератсияи Руссия ва Ҷумҳурии бародарии Узбекистон хело хуб ба роҳ монда щудааст. Таҳлилҳои овардашуда исботи он ҳастанд, ки воридот ба ҶТ нисбат ба солҳои 2018-ум аз Руссия +312,6, Қирғизистон -27,7, Қазоқистон +281,9 ва Ҷумҳурии Узбекистон +185 млн доллари ИМА, содирот аз ҶТ нисбат ба солҳои дар ҷадвалдарҷгардида ба Руссия +17,3, Қирғизистон -8,8, Қазоқистон +60,2 ва Ҷумҳурии Узбекистон -25,7 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Ҳангоми барқарор кардани робитаҳои наздиктар байни кишварҳо, диверсификатсияи робитаҳои тиҷоратӣ имконпазир буд, аммо ба ин якчанд омилҳо халал мерасонанд:

• ташкили ҳудудии истеҳсолоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли зиёда аз 80 сол бо тақсимоти меҳнат ва идоракунии нақшавӣ муайян карда шуд;

• ҷанги шаҳрвандӣ, ки тақрибан фавран оғоз ёфт (пас аз пошхӯрии ҳокимияти шӯравӣ), ки барои иқтисоди Тоҷикистон натиҷаи бад овард, қисми зиёди саноат хароб шуд, фондҳои асосӣ хароб шуданд,

• хуруҷи кадрҳои баландихтисос ба хориҷа, аз ҷумла ба Руссия, ин ва омилҳои дигар номенклатураи маҳдуди содиротро ба вуҷуд оварданд.

Албатта, ҳоло аз ҷониби Тоҷикистон ва Руссия барои таҳким ва рушди минбаъдаи муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ тадбирҳо андешида шуда истодаанд.

Баҳри боз ҳам беҳтар кардани муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ корхонаҳои муштаракро, ки фаъолияти он тавассути рақамикунонӣ бештар сурат мегирад, бояд зиёд кард то ин, ки ҷойҳои кории нав баҳри баландбардории сатҳи зиндагонии мардуми кишвар имконпазир шавад.

***Адабиёт:***


*1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 26.12.2019.*

*2. Ашуров И.С., Рахимов П.С. Совершенствование торгово-экономических отношений Республики Таджикистан и Российской Федерации/ И.С.Ашуров, П.С.Рахимов// - Душанбе: Эр-граф, 2018. - 163 с.*

*3. Бозоров Ш.Ш. Асосҳои соҳибкорӣ / Ш.Ш.Бозоров// Душанбе-Эр-Граф 2018.-428саҳ*

*4. Бойматов А.А., Кадыров А.Л. Основы предпринимательства и маркетинг.- Худжанд: ООО «Хуросон», 2002 - 204 с.*

*5. Кодиров Ф.А. Анализ практики акционирования промышленных предприятий в зарубежных странах/Ф.А.Кодиров// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2012. № 2/1 (80). С. 102-107.*

*6. Назарова Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество. - Душанбе: Ирфон, 1997.*

*7. Рахимов П.С. Проблемы дисбаланса товарооборота Республики Таджикистан и России //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2017. - №2-6. - С. 167-172.*

*8. Статистический Ежегодник Республики Таджикистан. Душанбе, 2019.*

# ТАҲЛИЛИ ЭКОНОМЕТРИКИИ ВОРИДОТИ АНДОЗӢ ДАР САТҲИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Воҳидов У.М.-** *н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистикаи ДДМИТ*
**Абдуназаров Х.А.-***докторанти иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дар мақолаи мазкур муносибатҳои андозӣ дар доираи минтақаҳои ҷумҳурӣ бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллифон дар чунин ақидаанд, ки аслан ба эътибор гирифтани имкониятҳои молиявии минтақаҳо барои таъмини динамикаи самаранокии даромади давлатӣ дар сатҳи макроиқтисод аҳамияти калон дорад. Бинобар ин, мақолаи мазкур моделҳои ҳисобии регрессионӣ таҳия гардида, қонунияти вобастагии байни воридоти андозӣ ва маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ бо қиматнокии мушаххас ва хулосабарории муҳим барои идоракунии самараноки молияи минтақавӣ пешниҳодҳо ирсол гардонида шудааст.

**Калимаҳои калидӣ**: воридоти андоз, моделҳои ҳисобии регрессия, молияи минтақавӣ, дараҷаи чандирӣ, сифати модел, омилҳои таъсиррасон, буҷети минтақавӣ, низоми андозбандӣ.

В данной статье с помощью эконометрических методов исследованы налоговые отношения внутри регионов республики. Авторы придерживаются мнения, что большое значение имеет учет финансовых возможностей регионов для обеспечения динамики эффективности государственных доходов на макроэкономическом уровне. Поэтому в данной статье разработаны регрессионные расчетные модели, представлены правомерность связи между налоговыми поступлениями и валовым региональным продуктом с конкретными значениями и важные выводы для эффективного управления региональными финансами.

**Ключевые слова:** налоговые поступления, регрессионные учетные модели, региональные финансы, степень эластичности, качество модели, влияющие факторы, региональный бюджет, налоговая система.

In this article, with the help of econometric methods, tax relations within the regions of the republic are investigated. The authors are of the opinion that it is of great importance to take into account the financial capabilities of the regions to ensure the dynamics of the efficiency of public revenues at the macroeconomic level. Therefore, this article has developed regression calculation models, presented the legitimacy of the relationship between tax revenues and gross regional product with specific values, and important conclusions for the effective management of regional finances.

**Key words:** tax revenues, regression accounting models, regional finance, degree of elasticity, model quality, influencing factors, regional budget, tax system.

Тағйирёбии сатҳ ва динамикаи низоми андози миллӣ, дар баробари ҷузъҳои маълуми мусбӣ бо тақсимоти нобаробари иқтидори андоз дар қаламрави кишвар арзёбӣ мегардад. Яъне, саҳми субъектхои алоҳидаи минтақавӣ дар ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷетҳои сатҳҳои гуногун, ҳолати тафриқавиро пайдо мекунанд. Бинобар ин, масъалаи мазкур зарурати беҳтар намудани дараҷаи идоракунии буҷети умумиҷумҳуриявӣ ва минтақаҳоро ба миён меорад, ки дар он саҳми даромадҳои андозӣ назаррас мебошанд.

Сарчашмаи фаъолияти низоми андозро омилҳои динамикаи умумиқтисодӣ ташкил медиҳанд. Бинобар ин, дар маҷмӯъ ба сифати манбаи андозбандӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ММД ва дар сатҳи минтақаҳо МММ истифода мегарданд. Аз нигоҳи мо, ягонагии нисбии қонунгузории андоз ва маҳдуд кардани ваколатҳои субъектҳои

минтақавӣ дар низоми андозбандӣ бо тафриқаи нишондиҳандаҳои минтақавӣ (пеш аз ҳама, сатҳи мутлақ ва нисбии МММ), ки дар қатори ҳолатҳои дигар, фарқиятҳои институтсионалии байни минтақаҳоро ифода мекунад.

Таҷрибаи рушди иқтисоди миллӣ нишон медиҳад, ки мушкилоти дар боло зикршуда тавассути падидаи номутаносибии амудӣ дар низоми андоз муайян карда мешаванд. Чунин ҳолат, дар худ ҷиҳатеро инъикос менамояд, ки манфиатҳои умумиҷумҳуриявӣ ҳамчун «гирандаи» даромадҳои андоз ифода меёбанд ва ин аз назари мо, боиси «беҳолгардии» молиявии минтақаҳо ва коҳиш ёфтани ҳавасмандии ташаккули манбаи андозии онҳо дар давраҳои татбиқи стратегӣ мегардад. Тибқи маълумоти оморӣ соли 2020 ба буҷети умумиҷумҳуриявӣ аз ҳисоби 5 минтақа ба миқдори 9407 млн. сомонӣ маблағ ворид гардидааст.

Аз инҷо, мантиқан бар меояд, ки номутаносибии амудии низоми андоз на он қадар ба азнавтақсимкунии ноодилонаи ҷараёнҳои молиявӣ, балки ба маҳдуд будани манбаи андози аксарияти субъектҳои минтақаҳои ҷумҳурӣ вобаста аст. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки дар ин равандҳо қисми асосии андози даромади буҷети умумиҷумҳуриявӣ аз ҳисоби минтақаҳо ташкил карда мешавад. Дар доираи методологияи замони муосир дар ҷумҳурӣ ба даст овардани даромадҳои андоз ин омӯзиши ҷанбаи соҳавии маҳсулнокии андоз мебошад.[48] Аслан, низоми андозбандии муосир дар ҳолест, ки принсипҳои маъмурии баробарӣ ва адолатро дар андозбандӣ уҳдадор намуда, барои субъектҳои хоҷагидор дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт гаронии андозро ба миён меорад.

Ба ақидаи Е.В. Балацкий дар мавриди дида баромадани сабабҳои тафриқавии ташаккул ёфтани шиддатнокии сарбории соҳавии андоз бар меояд, ки “ба сифати қисми таркибӣ, ки табиати объективӣ дорад, якхела набудани таркиби хароҷотҳо ва дараҷаи гуногуни даромаднокии фаъолият мебошад”.[49] Бинобар ин, ҷой доштани имкониятҳои нобаробар барои ҳадди ақали саркашӣ аз пардохти андоз ба эътибор гирифта мешавад. Аз инҷо, тақсимоти нобаробари соҳаҳои хоҷагии халқ дар минтақаҳои алоҳида, дар маҷмуъ бо назардошти тафриқаи соҳавии гаронии воқеии андоз мусоидати бошиддати нобаробарии маъсулнокии молиявии субъектҳоро бо дарназардошти имкониятҳои таббиию демографӣ ба амал меорад.

Аз таҷрибаи идоракунии молиявӣ чунин бар меояд, ки аҳамияти махсус ба минтақаҳое дода мешавад, ки онҳо аслан дар ҳудуди дотатсионӣ қарор гирифтаанд. Онҳо даромадҳои андозро дар ҳаҷми камтар аз дараҷаи миёнаи ҷумҳуриявӣ ба даст меоранд, ки ин боиси пеш гирифтани кӯмаки фаврии молиявиро ба миён оварда, асосан барои таъмини мувозинати буҷетҳои минтақавӣ сафарбар мегарданд.

Масъалаи ташаккулёбӣ ва вазъи номутаносиби иҷрои буҷет, ки тавассути нобаробарии даромадҳои андоз дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ дида мешавад, омӯзиши таҳлили эконометрикии воридоти андозро дар сатҳи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамояд, ки масъалаи мазкур аз маълумоти дақиқи оморӣ вобаста мебошад (ниг. ба ҷадв. 1).

---

[48] Воҳидов У.М. Усулҳои иқтисодию омории таъмини таҳлил ва идоракунии гаронии андоз дар сатҳи корхона. Монография / У.М. Воҳидов.-Душанбе, 2019.-118с.
[49] Балацкий Е.В. Анализ влияния налоговой нагрузки на экономический рост с помощью производственно-институциональных функций // Проблемы прогнозирования, 2003. № 2. – С. 83.

**Ҷадвали 1. Маълумоти омории воридоти андози минтақаҳо ва МММ барои давраи солҳои 2013-2020**

| Солҳо / Минтақаҳо | Омилҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хатлон | Воридоти андоз, млн. сомонӣ | 659.3 | 870.1 | 981.6 | 1050.5 | 1202 | 1324.3 | 1465.1 | 1533.6 |
| | МММ, млн, сомонӣ | 9869.7 | 11777.5 | 12855.2 | 14620.2 | 16003.7 | 17107.5 | 19664 | 22080.5 |
| Суғд | Воридоти андоз, млн. сомонӣ | 1239.8 | 1491.9 | 1705.6 | 1914 | 2292.8 | 2590 | 2914 | 2928.7 |
| | МММ, млн, сомонӣ | 10439.9 | 11530.5 | 12036.9 | 14654.8 | 17510.7 | 18343.8 | 20537.1 | 21621.9 |
| ВМКБ | Воридоти андоз, млн. сомонӣ | 53.6 | 69.9 | 81.4 | 99.3 | 110.2 | 124 | 136.2 | 150 |
| | МММ, млн, сомонӣ | 633.2 | 721.7 | 716.8 | 841.2 | 956.5 | 1035.6 | 1063.4 | 1065 |
| НТҶ | Воридоти андоз, млн. сомонӣ | 536.9 | 654.7 | 706.6 | 807.9 | 931.2 | 986.8 | 1036.6 | 1022.1 |
| | МММ, млн, сомонӣ | 6181.8 | 6630.3 | 7590.6 | 8913.7 | 9719.9 | 11073.5 | 12287.6 | 13532.6 |
| Ш.Душанбе | Воридоти андоз, млн. сомонӣ | 2222.0 | 2402.8 | 2490.2 | 2571.6 | 3258.3 | 3563 | 3800.5 | 3772.6 |
| | МММ, млн, сомонӣ | 9410.5 | 10176.2 | 10546.4 | 10891.2 | 11811 | 13808 | 15139.2 | 15570.5 |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллифон аз рӯйи: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2021.-С.335., Ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.

Аз маълумоти омории ҷадвали 1 маълум мегардад, ки дар давоми солҳои 2013-2020 нишондиҳандаи МММ-и минтақаҳо афзоиш ёфта, ҳамзамон дар робита ба ин бо афзудани МММ-и минтақаҳо, падохтохтҳои андоз афзоиши ноустувориро дар бар мегиранд. Дар минтаҳои овардашуда, шиддатнокии андоз, ҳамзамон майл надоштани

ҳавасмандгардонии андоз ба назар мерасад. Аз инҷо, коэффитсиентҳои модели регрессионии вобастагии воридоти андоз аз МММ минтақаҳо нишон медиҳанд, ки дараҷаи чандирӣ ба минтақаҳои ВМКБ, Суғд ва ш. Душанбе рост меояд.

Бояд қайд намуд, ки дар қатори моделҳои эконометрикӣ, функсияе, ки вобастагии байни нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоиро ба тариқи нисбӣ ифода мекунад, ин регрессияи дараҷавӣ мебошад, ки намуди умумии он чунин аст:

$$DА = a \cdot \text{МММ}^{b} \qquad (1)$$

дар инҷо, $DA$ – воридоти андози минтақа, МММ - маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, млн. сомонӣ, $a$, $b$ - параметрҳои модели регрессионӣ.

Дар асоси маълумотҳои омории ҷадвали 1, моделҳои ҳисобии регрессиониии вобастагии воридоти андоз ва МММ-и минтақаҳои ҷумҳуруриро таҳия менамоем (ниг. ба ҷад. 2).

**Ҷадвали 2. - Моделҳои регрессионии ташаккули даромадҳои андози минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Моделҳои ҳисобии регрессионӣ | Сифати модел |
|---|---|
| $\text{DA_KHATLON} = 0.0954797084431 \cdot \text{GRP_KHATLON}^{0.972775081028}$ | $R^2 = 0.964$ |
| $\text{DA_VMKB} = 0.00148890369075 \cdot \text{GRP_VMKB}^{1.64144973836}$ | $R^2 = 0.950$ |
| $\text{DA_DUSANBE} = 0.118500601829 * \text{GRP_DUSHANBE}^{1.0781313774}$ | $R^2 = 0.939$ |
| $\text{DA_NTG} = 0.892704375995 * \text{GRP_NTG}^{0.747829182483}$ | $R^2 = 0.911$ |
| $\text{DA_SOGD} = 0.0464756699576 * \text{GRP_SOGD}^{1.1097467339}$ | $R^2 = 0.977$ |

*Таҳияи муаллифон, дар муҳити пакети эконометрикии Ewiews 8.*

Ҳамин тариқ, натиҷаи таҳлил маълум гардид, ки устувории вазъи молиявии иқтисоди миллӣ аз ҳисоби сафарбар кардани имкониятҳои дохилӣ иборат буда, барои арзёбӣ, таҳлил, танзим, дурнамо ва хулосабарории нишондиҳандаҳои критериявии он истифодаи моделҳои эконометрикӣ зарур мебошад. Моделҳои ҳисобии регрессионии таҳиягардида, вобастагии нисбии воридоти андозҳо аз динамикаи МММ-и минтақаҳои ҷумҳуриро ифода менамоянд. Аз рӯйи моделҳои таҳиягардида ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар ҳолати 1% афзудани МММ-и минтақаҳо, афзоиши даромади андозӣ вобаста ба минтақаҳо ба ҳисоби миёна аз 0,973 то 1,641% таъмин мегардад. Дар маҷмуъ, алоқамандии мазкур, вобастагии нисбатан устувории байни МММ-и минтақаҳо ва пардохтҳои андозиро нишон медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки моделҳои регрессионии таҳиягардида ҳолати маҷмуии ташаккулёбии даромадҳои андозии минтақаҳоро муайян менамоянд. Барои муайянкунии ҳолати воқеии даромадҳои андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми таҳияи моделҳои регрессионии арзёбии даромадҳои андозӣ бояд чунин корҳоро инобат гирифт:

1. Дар таҳияи моделҳои регрессионӣ баинобат гирифтани омилҳои таъсиррасони қарзҳои андозӣ, имтиёзҳои андозӣ, бақияпулиҳои андозӣ, ҷарима, фоизҳо ва омилҳои дигари таъсиррасон;

2. Таҳияи моделҳои регрессионӣ арзёбии даромадҳои андозӣ вобаста ба намуди субъетҳои хоҷагидор (шахси ҳуқуқӣ, соҳибкории инфиродӣ);

3. Вобаста ба намудҳои андоз таҳия намудани моделҳои регрессионӣ арзёбии даромадҳои андозӣ.

**Адабиёт**

1. Балацкий Е.В. Анализ влияния налоговой нагрузки на экономический рост с помощью производственно-институциональных функций // Проблемы прогнозирования, 2003. № 2. – С. 83.
2. Воҳидов У.М. Усулҳои иқтисодию омории таъмини таҳлил ва идоракунии гаронии андоз дар сатҳи корхона. Монография / У.М. Воҳидов.-Душанбе, 2019.-118с.
3. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2021.-С.335.
4. Ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.
5. Иброҳимов И.Р., Мирбобоев Р.М., Мирзоева Е.Ш. Управление государственными финансами. Учебник / И.Р. Иброҳимов, Р.М. Мирбобоев, Е.Ш. Мирзоева. – Душанбе, 2014. – 272с.

## УСУЛҲОИ ҶОРИНАМОИИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТАВӢ ДАР ШАРОИТИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ

**Раҳимов Ф.С. - н.и.и. дотсенти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ**

Ташкилотҳои суғуртавӣ ба фаъолияти иқтисодии давлат, ки ба таъмини мавҷудият ва фаъолияти суғуртакунандагон, ҳимояи онҳо аз падидаҳои гуногуни номатлуб асос меёбад, таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, суғурта ба қабули чораҳои пешгирикунандаи зидди хавф дар ҷомеа ва ба ин васила, ба кам шудани ҳолатҳои зарари калон мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, қайд намудан зарур аст, ки вобаста ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба мукаммалгардонӣ ва рақамикунонии низоми хизматрасонии суғуртавӣ, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои мувофиқ қабул ва татбиқ карда шаванд. Вале, пеш аз он ки мо роҳҳои мукаммалгардонӣ ва рақамикунонии низоми хизматрасонии суғуртавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида бароем, бояд моҳият ва мафҳуми истилоҳи «суғурта»-ро дар низоми иқтисоди бозорӣ муайян созем[1].

Аслан, суғурта «аз калимаи лотинии «strah» гирифта шуда, маънояш тарс, бим, ва воҳима мебошад».[1, с. 8] Аз ин бармеояд, ки асоси калимаи суғуртаро мафҳуми бим, тарс, ваҳм ва хавф ифода намуда, ҳар як шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ тарси худро аз ҳодисаҳои нохуш ва офатҳои табиӣ ба дигар кас ҳавола намуда, дар натиҷа, аз ӯ кафолати ҳимояи манфиатҳои худро талаб менамояд.

Усулҳои рақамикунонии фаъолияти суғуртавӣ ин роҳи муосири қонеъ кардани эҳтиёҷоти анъанавӣ ё мушаххас барои ҳимояи суғурта тавассути технологияҳои рақамӣ мебошад. Барои муайян кардани мавқеъ ва нақши суғурта дар низоми иқтисодиёти рақамӣ, асосноккунии назариявии мафҳуми «суғуртаи рақамӣ» онро аз ду ҷониб таҳқиқ кардан мумкин аст. Якум, суғуртаи рақамӣ ин як қисми муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки бо мавҷудияти манфиатҳои суғуртаи ташкилотҳо, шаҳрвандон ва қаноатмандии онҳо тавассути технологияҳои рақамӣ вобаста аст. Ба ибораи дигар, суғуртаи рақамӣ ин роҳи нави татбиқи ҳифзи суғурта дар асоси технологияҳои рақамӣ

мебошад. Дуввум, рушди босуръати технологияҳои рақамӣ дар марҳилаи ташаккулёбии иқтисодёти рақамӣ боиси пайдоиши хавфҳои нав, аз ҷумла хавфҳои киберҷиноятӣ, гардид. Аз ин рӯ, суғуртаи рақамӣ ҳамчун роҳи нави қонеъ кардани ниёзҳои суғуртакунандагон ба фарогирии суғуртаи мушаххас, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои номатлуби тасодуфӣ, ки асосан дар муҳити иқтисоди рақамӣ рух медиҳанд, фаҳмида мешавад[3].

Дар луғати энсиклопедии молиявӣ ва қарзӣ «мафҳуми суғурта» ҳамчун муносибати иқтисодӣ барои ташкили фондҳои махсуси пулӣ аз пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин, истифодаи минбаъдаи ин фондҳо барои ҷуброн ба ин ё он шахсони зарардида ҳангоми рух додани ҳодисаҳои нохуш дар зиндагӣ ва фаъолияти онҳо, инчунин, барои дигар намуди пардохтҳое, ки дар шартномаҳо тибқи қонунгузорӣ дарҷ гардидаанд, фаҳмида мешавад». Муҳаққиқ Е.В. Коломин ҳамин гуна муносибатро оид ба муайян намудани моҳияти суғурта тарафдорӣ намуда, қайд менамояд, ки «суғурта ин муносибатест, ки бо ташаккул ва истифодаи фондҳои мақсадноки пулӣ алоқаманд аст».

Дар тадқиқотҳои олимони соҳаи иқтисодиёт исбот гардидааст, ки фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ, пеш аз ҳама, дар қонеъгардонии талаботҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ баҳри ҳимояи суғуртавӣ равона карда шудааст. Аз ин сабаб, бо роҳи ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ, махсусан, давлат ва дигар иштирокдорони ин бозор метавонанд шароити босуботу босамарро барои ҳимояи манфиатҳои шахсию амволии субъектҳои хоҷагидор ва шаҳрвандон муҳайё созанд. Бинобар ин, бо мақсади муайян намудани тамоюли рушди муосири бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳа, аз ҷумла сатҳи афзоиши шумораи ташкилотҳои суғурта, ҳаққи суғуртавии воридгардида, пардохти ҷуброни суғуртавӣ, таҳлил карда шаванд[4, 5].

Ба назари мо, ширкатҳои суғуртавиро мебояд, ки баҳри сари вақт дар амал татбиқ намудани низоми «суғуртаи рақамӣ» ва саҳмгузорӣ ба рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешанд. Аз ин хотир, ширкатҳои суғуртавии мамлакатро зарур аст, ки татбиқи саривақтии ТИК-ро дар фаъолияти суғуртавӣ таъмин намоянд. Чунки дар шароити муосир рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон далели равшани гузариши ҳамаи ҷомеаҳои мутамаддин ба иқтисодиёти рақамӣ мебошад.

### *АДАБИЁТ:*


1. *Раҳимов З.А. Фаъолияти сугурта. Душанбе - Ирфон 2012.*
2. *Василий Л. Краткий самоучитель Интернета; 2-е издание. – М.: Эксмо, 2012. С.12.*

3. *Князева Г.В. Учебное пособие по дисциплине «Электронный бизнес». Волжский университет имени Татищева, -Тольятти, -2012. -С.8.*
4. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, аз 26.12.2019с. [Текст] URL:http://www.president.tj/node/21975*
5. *Юрасов А.В. Электронная коммерция: Учеб. пособие. – М.: Дело, 2003. С.30.*
6. *URL:http://tpp.tj/2020/10/29/pri-tpp-rt-sozdan-sovet-po-razvitiyu-elektronnoj-kommercii/*
7. *URL:https://cabar.asia/ru/elektronnoe-pravitelstvo-v-tadzhikistane-mif-ili-realnost URL:https://scienceforum.ru/2016/article/2016024327.*

## МЕТОДЫ РАЗРАБОТКИ АЛГОРИТМОВ И ПРОГРАММ

**Фарайдунов О.К. - к.ф.-м.н., доцент кафедры прикладной информатики в экономике**

В данном статье рассматривается методы разработки алгоритмов и программ. Это является важной областью информационных технологий, которая играет ключевую роль в различных сферах, включая банковское дело, науку, медицину, промышленность и т.д.

**Ключевые слова.** структурного программирования, метод анализа, проектирования систем, оптимизация.

Дар мақола усулҳои коркарди алгоритмҳо ва барномаҳо дида баромадашудааст. Ин як соҳаи муҳими технологияҳои иттилоотӣ буда, дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла бонкдорӣ, илм, тиб, саноат ва ғайра нақши калидӣ дорад.

**Калидвожаҳо.** барномасозии сохторӣ, усули таҳлил, тарҳрезии системаҳо, оптимизатсия.

This article discusses methods for developing algorithms and programs. This is an important field of information technology, which plays a key role in various fields, including banking, science, medicine, industry, etc.

**Keywords.** structural programming, analysis method, systems design, optimization.

Разработка алгоритмов и программ — это сложный процесс, который включает в себя множество шагов и этапов. Этот процесс может быть упрощен благодаря использованию специальных методов разработки алгоритмов и программ.

Существует несколько методов разработки алгоритмов и программ, каждый из которых имеет свои преимущества и недостатки:

✓*метод структурного программирования;*

✓*метод объектно-ориентированного программирования;*

✓*метод анализа и проектирования систем.*

Метод структурного программирования был разработан в 1960-х годах и является одним из наиболее распространенных методов для разработки алгоритмов и программ. Он заключается в разбиении программы на более мелкие, независимые модули, которые затем связываются между собой. Это позволяет сделать программу более читаемой, понятной и легко поддерживаемой [1].

Метод структурного программирования – это подход к разработке программного обеспечения, который основан на разделении сложной задачи на более мелкие и простые подзадачи, которые затем решаются последовательно.

Приведём несколько примеров. В качестве высокоуровневая языка программирования используем язык программирования Python:

**а.** *Пример программы, которая проверяет, является ли число простым:*

```
num = int(input("Введите число: "))
is_prime = True
if num == 1:
    is_prime = False
for i in range(2, num):
    if num % i == 0:
        is_prime = False
        break
    if is_prime:
    print(num, "является простым числом")
else:
    print(num, "не является простым числом")
```

***Метод объектно-ориентированного программирования*** был разработан в 1960-х годах, но стал популярен только в 1990-х годах. Он основан на идее, что программа представляет собой набор объектов, которые взаимодействуют между собой. Это позволяет создавать более сложные программы, чем это возможно при использовании структурного программирования [2].

Объектно-ориентированное программирование (ООП)-это методология программирования, которая основывается на концепции объектов. ООП позволяет разделить программу на независимые объекты, каждый из которых выполняет определенную функцию. Каждый объект обладает своими уникальными свойствами и методами, которые могут быть использованы для манипулирования объектом. Программисты могут использовать ООП для создания более гибких, модульных и расширяемых программ [3].

Несколько примеров объектно-ориентированного программирования на Python:

**a.** *Создание класса "Прямоугольник" с атрибутами "ширина" и "высота", и методом "площадь":*

```
class Rectangle:
    def __init__(self, width, height):
        self.width = width
        self.height = height
    def area(self):
        return self.width * self.height
```

***Метод анализа и проектирования систем*** является наиболее сложным методом разработки алгоритмов и программ. Он включает в себя анализ требований пользователя, проектирование системы, написание кода и тестирование программы [4]. Этот метод позволяет создавать наиболее эффективные программы, которые полностью удовлетворяют потребности пользователей. Несколько примеров методов анализа и проектирования систем на языке Python:

**a)** *Метод функционального программирования:* Функциональное программирование основано на использовании функций. Python предоставляет мощные функции для работы с функциональным программированием, такие как map(), filter() и reduce().

**b)** *Метод проектирования на основе шаблонов:* Шаблоны проектирования позволяют создавать готовые решения для различных задач. Python имеет множество шаблонов проектирования, таких как Singleton, Observer, и Decorator. Примером проекта, который можно создать на основе шаблонов на Python, может быть приложение, которое подключается к базе данных и отображает содержимое в графическом интерфейсе.

Каждый метод разработки алгоритмов и программ имеет свои преимущества и недостатки, и выбор метода зависит от типа задачи, которую необходимо решить. Создание эффективных программ требует тщательного планирования, разработки и тестирования. Важно выбрать подходящий метод и следовать ему на протяжении всего процесса разработки.

**Список литературы:**

1. Кормен, Т., Лейзерсон, Ш., Ривест, Р., & Штайн, К. Алгоритмы: построение и анализ. Издательство: Вильямс, 2009
2. Свердлов, И.Б. Основы разработки ПО, 2011
3. Мартин, Р. Чистый код. Создание, анализ и рефакторинг. Издательство: Питер, 2008.
4. Седжвик, Р. Алгоритмы. Издательство: Вильямс, 2013.

## ПРОГРАММЫ ИЗУЧЕНИЯ ЯЗЫКОВ ПОСРЕДСТВОМ ПРОИЗНОШЕНИЯ ПРЕДМЕТОВ В C#

**Халимов И.И. – к.ф.-м.н., ассистент кафедрой прикладная информатики в экономике, ТГФУЭ**

Современные компьютерные технологии с каждым днём настойчиво проникают в различные сферы жизни современного общества: средства массовой информации, экономику, торговлю, науку, культуру и образование. Мощнейшим источником познавательной активности обучающихся, развития их творческих способностей, интересов, умений, навыков и других интеллектуальных составляющих являются новые инновационные технологии [1, с.54].

Поскольку в настоящей статье используется язык программирования C#, отметим, её некоторые преимущества. Язык C# чаще всего используются для создания программ для Windows, игр на движке Unity и веб-приложения ASP.Net. Сторонники C# называют его самым универсальным, продвинутым и удобным в использовании языком программирования. C# является объектно-ориентированным языком программирования [2, с.37].

Разработка программных проектов для изучения английского, русского и таджикского языков, посредством произношения предметов является актуальным. Сегодня разрабатывается много разнообразных методов и способов обучения иностранным языкам с использованием возможностей информационных технологий. Это не только специальное техническое оборудование или системы обработки и раздачи информационных данных, но и комплексная система обучающих методик, цель которых повышение способности учеников к общению, улучшение речных навыков[3, с.328]. Основным фактором при изучении иностранных языков остаётся улучшение речевых навыков, таких как простое устное общение.

Все более широкому кругу людей доступно дистанционное обучение, которое позволяет сократить время подготовки и повысить её эффективность. Кроме того, имеется возможность самостоятел ьного изучения материала[4,с. 82]. Особенно эффективно Интернет используется при изучении иностранных языков.

Целью работы является создание программы изучения языков (английского, русского и таджикского) посредством произношения предметов.

Именно с такой целью в СУБД SQL Servers 2019 создаём базы данных с названиями «**BDIzuchenya**».

Create Database BDIzucheny

Внутри этой базы данных создаём две таблицы с названиями **«Predmet»** и **«Izucheniya»**.

В режиме создание запросов создаём таблицу предмет **«Predmet»**:

```
Create Table Predmet(Kod int Primary key, Name_Predmet Varchar(50) not null);
```

В режим создание запросов создаём таблицу изучения **«Izucheniya»**:

```
Create Table Izucheniya(Kod int Primary key, Name_Tajik Varchar(50) not null,
Name_Russian Varchar(50) not null, Name_English Varchar(50) not null,
Foto Varchar(60), ID_P int not null foreign key references Predmet(Kod));
```

Создаём программу на языке программирования **«C#»**. Посредством команды Visual Studio 2019 → Создание проекта → Приложение Windows Forms (.NET Framework) → Далее запускаем проект и даём название проекта **«MainForm»** , указываем адрес сохранения прокта Расположение E:\Базы данных в C#\ProjectIzucheny\ ... пре нажатие на указатель ..., нажимаем на кнопку Создать.

Для оформления дизайна формы, создаём новую форму. Для этого выполняем команду Проект → Добавить форму (Windows Forms)... → Форма (Windows Forms) → Добавить, в результате создаётся форма под названием **«Form2»**.

На этой форме вставим компонент **«DataGridView»** из вкладки **«Данные»** и внизу этого компонента вставим две компоненты **«TextBox»**.

Из вкладки **«Контейнеры»** выбираем компонент **«Panel»** и вставим на форму, а потом зайдём на её свойства и изменяем цвет BackColor ActiveCaption. На этой панели **(Panel)** добавим 4 кнопки **«Button»** и устанавливаем для них свойства **«Caption»**, **«Button1 (Добавить)»**, **«Button2 (Изменить)»**, **«Button3 (Удалить)»** и **«Button4 (Выход)»**. После этих действий наш дизайн **«Form2»** приобретает следующий вид




Рисунок 1 - Вид-дизайн формы проекта **«Form2»**

Создаём новую форму **(Form3)**, посредством команды Проект → Добавить форму (Windows Forms)... → Форма (Windows Forms) → Добавить. На этой форме вставим компоненты **«DataGridView»** и **«PictureBox»** из вкладки **«Стандартные элементы управления»** и внизу компонента **«DataGridView»** вставим 4 компонента **«TextBox»**. Для добавления фото предмета организуем кнопку **«Button1 (Вставить)»** из вкладки **«Стандартные элементы управления»** и компонент **«openFileDialog1»** из вкладки **«Диалоговые окна»**. Из вкладки **«Контейнеры»** выбираем компонент **«Panel»** и

вставим на форму, изменяем её цвет BackColor ActiveCaption. Дополнительно на **Panel** добавим 3 кнопки «**Button**» и для них устанавливаем свойства «**Text**»: «**Button2 (Добавить)**», «**Button3 (Изменить)**» и «**Button4 (Удалить)**».
На верхней строке формы (**Form3**), установим компонент «**Label1 (Выберите название предмета)**» и рядом с ним поместим компонент «**ComboBox**» из вкладки «**Стандартные элементы управления**» и устанавливаем свойства Отобразить члена Name_Predmet, Член значения Kod посредством нажатия на значок. После этих действий дизайн формы (**Form3**) приобретает следующий вид.




Рисунок 2 - Вид-дизайн формы проекта «**Form3**»

Интерфейс программы включает основное окно, на котором находятся ниспадающие меню с названиями: **Файл, Сведения**. Меню **Сведения** содержит два подменю **Предметы** и **Изучения** (рис.3)




Рисунок 3 - Интерфейс программы

В результате получаем следующую программу (рис.4), где при выборе категории предмета, в окне рядом будет показан рисунок и одновременно озвучивается название предмета.




Рисунок 4 - Результат формы проекта «**Form1**»

***Литература:***

*1. Кудрина, Е. В. Основы алгоритмизации и программирования на языке c#: учеб. пособие для СПО / Е. В. Кудрина, М. В. Огнева. — М.: Издательство Юрайт, 2019. — 322с.*

2. Кудрина, Е. В. Основы алгоритмизации и программирования на языке с#: учеб. пособие для бакалавриата и специалитета / Е. В. Кудрина, М. В. Огнева. — М. : Издательство Юрайт, 2019. — 322с.
3. Рихтер CLR via C#. Программирование на платформе Microsoft .NET Framework 2.0 на языке C# / Рихтер, Джефри. - М.: Питер, **2019**. - 656 с.
4. Андреева В.В., Самохина С.И., Петелин А.Е. Программирование на языке C#: учебное пособие. – Томск: Издательский Дом Томского государственного университета, 2019. – 110 с.
5. Васильев, Алексей. Программирование на C# для начинающих. Основные сведения / Алексей Васильев. –Москва: Эксмо, 2018.-592с.-(Российский компьютерный бестселлер).

## САҲМИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Турахонзода Ш.Н. - доктори фалсафа (PhD), ассистенти кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистикаи ДДМИТ**

*Дар мақолаи мазкур зарурат ва саҳми технологияҳои рақамӣ дар рушди иқтисоди рақамии кишвар дида баромада шуда, ҷиҳати амалигардонии марҳилаи Консепсияи иқтисоди рақамӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар қисмати таҳлилии таҳқиқот нишондиҳандаҳои омории рушди технологияҳои рақамии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон раддабандӣ шуда, баъзе аз омилҳои асосӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ оварда шудааст. Дар натиҷа, барои ноил шудан ба мақсади гузошташудаи кишвар аксари мубоҳисаҳои назариявӣ ҷиҳати татбиқи механизми амалигардонии технологияҳои рақамии оянда пешниҳод карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *технологияҳои рақамӣ, дата-марказҳо, платформаҳо, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ.*

*В данной статье необходимость и вклад цифровых технологий в развитие цифровой экономики страны и рассматривается реализация Концепции цифровой экономики. В аналитической части исследования ранжированы статистические показатели развития цифровых технологий в развитом мире и Республике Таджикистан, а также приведены некоторые ключевые факторы развития цифровой экономики. В результате для достижения поставленной цели страны было предложено большинство теоретических дискуссий по реализации механизма внедрения цифровых технологий будущего.*

***Ключевые слова:*** *дата-центров, платформы, концепция цифровой экономики, цифровые технологии, информационно-коммуникационные технологии.*

Чӣ гунае ки аз татбиқи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, консепсия дар се марҳила амалӣ карда мешавад. Дар марҳилаи дуюми Консепсияи мазкур таъсиси дата-марказҳо, платформаҳо, таҳияи лоиҳаҳо оид ба хизматрасонии давлатии рақамии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ мутобиқ ба меъёрҳо ва талаботи амнияти иттилоотии ҷумҳурӣ оғоз мешавад [1].

Дар айни замон, сиёсати кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба рушд ва татбиқи ҳамаҷонибаи рақамисозӣ нигаронида шудааст. Ҳадафҳои асосӣ табодули рақамии идоракунии давлатӣ, рушди инфрасохтори иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар асоси технологияҳои нав, таҳкими амнияти иттилоотӣ ва рушди рақамӣ мебошанд [5]. Аз ин рӯ, таҳия ва татбиқи инфрасохтори иттилоотӣ, аз ҷумла инфрасохтори шабакаҳои фарохмавҷӣ, дар шароити имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад.

Дар ҳақиқат, дар амал татбиқ намудани иқтисоди рақамӣ дар кишварро метавонем аз таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта истифода барем. Платформа ва моделҳои тиҷорати электроние, ки вуҷуд дорад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор гирифтааст.

Аммо дар раддабандии кишварҳои ҷаҳон мо дар зинаҳои поён қарор дорем (ҷадвали 1). Сабабҳои дар чунин зинаҳо қарор гирифтани рушди иқтисоди рақамии кишварро нисбат ба дигар кишварҳои хориҷӣ метавон қайд намуд, ки холигии ҷиддӣ дар таъсиси инфрасохтори рақамӣ ва таъмини дастрасии ҳамаҷонибаи фарохмавҷ ба интернет дида мешавад [6].

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими иқтидори инноватсионӣ ва технологии ҳар як кишвар сатҳи рушди технологияҳо, қобилияти рушди иқтисодиёти кишвар дар шароити дигаргунсозии рақамӣ мебошад, ки сол то сол дар ҳолати рушд қарор дорад. Институти Портулан ва Алянси ҷаҳонии технологияҳои иттилоотӣ ва хизматрасонӣ гузориши солонаеро нашр мекунанд, ки шохиси омодагии шабакавиро (Networked Readiness Index) таҳлил мекунад [7]. Шохиси омодагии шабакавӣ – ин нишондиҳандаи мураккабест, ки сатҳи рушди технологияҳои иттилоотиро дар кишварҳои ҷаҳон тавсиф мекунад. Муаллифони тадқиқот дар он ақидаанд, ки байни рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва некуаҳволии иқтисодӣ алоқамандии зич вуҷуд дорад, зеро дар айни замон технологияҳо дар рушди кишварҳо, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва рақобатпазирӣ, диверсификатсияи иқтисодиёт нақши асосиро мебозанд. Илова бар ин, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон метавонад ба баланд шудани сатҳи зиндагии мардум мусоидат кунад. Индекси мазкур аз ҷониби роҳбарони бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ барои баррасии сиёсатҳои худ ва мониторинги пешрафти онҳо дар рушди ҷомеаи иттилоотӣ истифода мешавад.

Коршиносон Шохиси омодагии шабакавиро дар асоси 60 нишондиҳандаи гуногун ҳисоб ва ба 4 қисмат гурӯҳбандӣ кардаанд:

- Сатҳи технологӣ - технология дар маркази иқтисоди шабакавӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, ин қисмат муайн месозад, ки сатҳи технологияро арзёбӣ кунад ва барои иштироки кишвар дар иқтисоди ҷаҳонӣ шарти муҳим аст.
- Омили инсонӣ - мавҷудият ва сатҳи технология дар кишвар танҳо ба шарте манфиатдор аст, ки аҳолӣ ва созмонҳои он дастрасӣ, захираҳо ва малакаҳои истифодаи самараноки онро доранд.
- Маҳорати роҳбарӣ - идоракунӣ аз шахсони алоҳида ва ширкатҳо дар заминаи иқтисоди шабакавӣ иборат буда, то чӣ андоза бехатар будани фарогирии рақамиро нишон медиҳад.
- Таъсирнокӣ - омодагӣ дар иқтисодиёти шабакавӣ василаи болоравии рушд ва некуаҳволии ҷомеа ва иқтисодиёт мебошад.

**Ҷадвали 1. - Рейтинги кишварҳо аз рӯйи сатҳи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо ҳисоби Шохиси омодагии шабакавӣ дар соли 2020**

| № | Мамлакат | Рейтинг |
|---|---|---|
| 1. | Шветсия | 82.75 |
| 2. | Дания | 82.19 |
| 3. | Сингапур | 81.39 |
| 4. | Нидерландия | 81.37 |
| 5. | Швейтсария | 80.41 |
| 8. | ИМА | 78.91 |
| 56. | Қазоқистон | 51.38 |
| 94. | Қирғизистон | 38.60 |
| 109. | Тоҷикистон | 34.14 |
| 111. | Покистон | 33.29 |

**Манбаъ:** сомонаи интернетӣ: [Дастрасии электронӣ:] - Network Readiness Index – Benchmarking the Future of the Network Economy. (Санаи дастрасӣ: - 16.03.2022).

Аммо, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни 130 иқтисоди кишварҳои ҷаҳон, ки ба Шохиси омодагии шабакавӣ дар соли 2021 дохил шудааст, дар ҷои 111-ум қарор

мегирад (расми 1) [6]. Баҳои бештари он ба қисмати таъсирнокӣ алоқаманд аст. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар айни замон, мо имконият дорем, то ки омили инсониро баланд бардорем.




**Расми 2. -Рейтинги умумиҷаҳонии Тоҷикистон дар маҷмуъ ва аз рӯи сутун**

**Манбаъ:** сомонаи интернетӣ: [Дастрасии электронӣ:] - https://networkreadinessindex.org/country/tajikistan/. (Санаи дастрасӣ: - 16.03.2022).

Ҷорӣ намудани васеи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла технологияҳои муосир метавонад заминаи таъмини рушди иқтисодӣ ва афзоиши рақобатпазирии байналмилалии кишвар гардад. Рақамикунонии иқтисодиёт модели нави рушди иқтисодӣ, ҷалби сармояи байналмилалиро ба вуҷуд меорад, ба табдилдиҳии истеҳсолот ва рушди намудҳои нави истеҳсолот такон мебахшад, тамоюли содиротро тақвият мебахшад ва, ҳамзамон, талаботи дохилиро тавассути воридотивазкунӣ қонеъ мегардонад.

Дигар омилҳо аз ҷумлаи набудани талабот ба технологияҳои нав аз ҷониби корхонаю ширкатҳо, заифии фарҳанги инноватсионӣ ва махсусан норасоии сармоягузорӣ ба рақамикунонӣ ба ҳисоб меравад. Аллакай технологияи нав ба ҳамагон маълум аст, ки ин технологияи 5G ба ҳисоб меравад [4]. Бо ибораи дигар, инро мо интернети босуръат гуфта метавонем, яъне то 1-2 Гбит/с маълумотро коркард карда метавонад. Маҳз ин технология бо мақсади идора кардани таҷҳизот, коркард намудани иттилооти ҳаҷман бузург роҳандозӣ шудааст.

Гузариш ба технологияҳои рақамӣ ба тақвияти рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, бо назардошти афзоиши платформаҳои рақамӣ дар сатҳи байналмилалӣ, ба меъёрҳо ва қоидаҳое, ки ҳалли гуногуни технологӣ ва шароити баробар дар муҳити рақобатпазирӣ кафолат медиҳанд, мусоидаткунанда ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, ба ҷанбаҳои танзимкунандаи марбут ба сохтан ва истифодаи инфрасохтори шабакаҳои фарохмавҷӣ, дастрасӣ ба спектри радиобасомад, танзими бозор ва ғайра диққати махсус додан зарур аст.

Хизматрасонӣ ва идоракунии рақамиро бе таъсиси дата-марказҳо ва платформаҳо рушд додан ғайриимкон мебошад. Маҳз тавассути дата-марказҳо метавонем платформаҳои гуногунро барои истифодабарандагони маълумотҳои соҳаҳои мухталиф таҳия намоем ва дар ин замина хизматрасониҳои рақамиро рушд диҳем.

***АДАБИЁТ:***


1. *Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642 тасдиқ шудааст.*

2. *сомонаи интернетӣ: [Дастрасии электронӣ:] - https://networkreadinessindex.org/country/tajikistan/.*
3. *сомонаи интернетӣ: [Дастрасии электронӣ:] - Network Readiness Index – Benchmarking the Future of the Network Economy.*
4. *Сомонаи интернетӣ: сомонаи интернетӣ: [Дастрасии электронӣ:] - https://ru.wikipedia.org/wiki/5G -Википедия.*
5. *Турахонзода Ш.Н., Ғафуров П.Ҷ. Нақши давлат дар татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи хизматрасонӣ //Маҷмуаи мақолаҳо дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии ДДМИТ, Душанбе 2020, саҳ. 104-109*
6. *Dutta, S., & Lanvin, B. (eds.) (2020). The Network Readiness Index 2020: Fostering Digital Transformation in a post-COVID Global Economy. Washington DC: Portulans Institute.*
7. *Dutta, S., & Lanvin, B. (eds.) (2021). The Network Readiness Index 2021: Shaping the Global Recovery. How digital technologies can help make the post-COVID world more equal. Washington DC: Portulans Institute.*

## ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

**Бахтоваршоҳи А. - ассистенти кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистикаи ДДМИТ**
**Ҳамзаев Т.С. - ассистенти кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистикаи ДДМИТ**

*Иқтисодиёти рақамӣ,* пеш аз ҳама, дар асоси рушди технологияҳои рақамӣ, такмил додани тиҷорати электронӣ ва ҳамоҳангсозии байни бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ рушд мекунад.

Мафҳумҳои "иқтисоди рақамӣ" ва "пули рақамӣ" ба луғати рӯзноманигорон, ҳуқуқшиносон, нозирони иқтисодӣ, коршиносон ва сиёсатмадорон шомил шудаанд. Ин истилоҳ бори нахуст 25 сол пеш аз ҷониби профессор Николас Негропонте (Институти технологии Массачусетс, ИМА) муаррифӣ шуда буд, аммо то ҳол таърифи дақиқе мавҷуд нест, ки ба эҷоди монеаи ҷиддӣ дар роҳи консептуализатсияи он мусоидат мекунад [2.128]. Ба ақидаи мо, иқтисоди рақамӣ бо сабаби қобилияти ҷамъоварӣ, истифода ва таҳлили миқдори зиёди иттилоотӣ аз тарафи компютер дастрасшаванда, яъне маълумоти рақамӣ, бо суръати бениҳоят афзоишёбанда идома дорад.

Ба гуфтаи раиси гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ Ҷим Ёнг Ким, башарият айни замон, инқилоби коммуникатсионӣ-иттилоотиро аз сар мегузаронад. Шумораи камбизоаттарин хонаводаҳои дорои телефони мобилӣ нисбат ба онҳое, ки ба шароити бароҳати зиндагӣ ё оби ошомиданӣ дастрасӣ надоранд, зиёдтар аст. Иқтисоди рақамӣ ҳамчун яке аз оқибатҳои пешрафти илму техника интиқоли истеҳсол ва паҳнкунии молу хизматрасониро ба муҳити рақамии Интернет дар назар дорад .

Ба фикри мутахассисон, дар ибтидои даҳаи сеюми асри XXI, тақрибан 15-20% инсоният дар ҷомеаи постиндустриалӣ (иттилоотӣ) зиндагӣ ва ҳамкорӣ мекунад, 60-70% дар пояи ҷомеаи индустриалӣ боқӣ мемонад, 15-20% сокинони Замин остонаи марҳилаи ибтидоиро нагузаштаанд. Сабаби асосии ташаккули чунин табақабандии ҷомеаи башарӣ «нобаробарии рақамии ҷаҳонӣ» мебошад. Проблемаи асосии пештараи иҷтимоӣ, муқобилият байни соҳибони воситаҳои истеҳсолот ва коргарони музднок бо тақсим ба «интернетҳо» ва «интернет надоранд» иваз карда мешавад [3.59]. Технологияҳои нав, махсусан зеҳни сунъӣ ногузир бо тағйироти назаррас дар бозори меҳнат, аз ҷумла ихтисори ҷойҳои корӣ дар баъзе соҳаҳо ва фароҳам овардани имкониятҳои нав ба дигарон дар миқёси давлат, робитаи ногусастанӣ доранд.

Рушди босуръати интернет дар ибтидои асри XXI, хусусиятҳои тамаддуни муосири башариро ба куллӣ тағйир дод, ки ин боиси хеле кам шудани хароҷоти

транзаксия, хароҷоти ҷамъоварӣ ва коркарди ахбор гардид. Яке аз натиҷаҳои чунин камшавии хароҷоти иттилоотӣ хеле кам шудани асимметрияи майдони иттилоот мебошад, ки ба суръат ва шумораи муносибатҳои (амалҳои) иқтисодии байни субъектҳо таъсири бевосита мерасонад.

Аз ҷиҳати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ аз ҳама пешрафтатарин давлати Сингапур мебошад, ки дар он ҷо рақамикунонии тамоми бахшҳои ҷомеа амалӣ гардида, тамоми номгӯи хизматрасониҳои давлатӣ ба формати электронӣ гузаронида шудааст, аз ин рӯ, Smart Консепсияи Миллат босуръат амалӣ карда мешавад [3.136].

Мисоли дигари барҷастаи иқтисоди рақамӣ Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аст, ки дар доираи барномаи рақамӣ Economy Agenda (Рӯзномаи Иқтисодӣ) рушди фаъоли бахши IT боиси фароҳам овардани фазои мусоиди тиҷорат ва инноватсионӣ гардид. Агар дар соли 2014 нисфи содироти Илоёти Мутаҳидаи Амрико хидматҳои рақамӣ (400 миллиард доллар) бошад, соли 2019 ин рақам ба 5% маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар расид. Пешгӯӣ шудааст, ки бозори иқтисоди интернети Илоёти Мутаҳидаи Амрико дар давоми 5 сол беш аз 8% афзоиш хоҳад ёфт, ки ин аз афзоиши бахши анъанавии иқтисодӣ ба таври қобили мулоҳиза баландтар аст [4]. Вобаста ба таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ ва бо такя бар арзишҳои ахлоқию маънавӣ, имрӯз ҷомеаи кишварро зарур аст, ки сари масъалаи истифодаи дурусту оқилонаи интернет ва рушди иқтисоди рақамӣ андеша намоем.

Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо  стратегияи даҳсоларо қабул кардаанд, ки ҳадафҳои асосии он баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолии қобили кор то ҳадди ақал 75%, зиёд кардани сармоягузорӣ ба соҳаи тадқиқот ва инноватсия, 20% кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ ва афзоиши ҳиссаи энергияи барқароршаванда то 20%, паст кардани сатҳи камбизоатӣ [3.153].

Принсипҳои асосии татбиқи стратегияи мазкур ташаккули иттиҳоди инноватсионӣ, баланд бардоштани самаранокии системаи миллии маориф, суръат бахшидан ба густариши интернети баландсуръат, ва истифодаи афзалиятҳои рақамӣ, мусоидат ба истифодаи самараноки неруи барқ, беҳбуди фазои соҳибкорӣ, бунёди моделҳои самараноки иҷтимоию иқтисодӣ ва татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои экологӣ мебошад [3.153].

Аз он ҷумла дар Консепсияи иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикстон принсипҳои дар боло зикршуда низ дарҷ гардидаанд ва то соли 2030 татбиқи он амалӣ хоҳад гашт [1].

Ҳамин тариқ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияҳои рақамӣ рушд намуда, қисме аз бахшҳои иқтисодиёт ба рақамикунонии фаъолияти худ гузариш намудаанд.

***Адабиёт:***


1. *Консепсияи иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 декабри соли 2019, №262*
2. *Being Digital,  Николас Негропонтэ  (фундаментальная статья Николоса Негропонтэ по цифровой экономике)  (1995 қисми 2)*
3. *Сергеева Ю, Цифры и тренды в мире и в России..................... соли 2020*
4. *Boston Consulting Group / BCG/ www.bcg.com соли 2021*

# РОҲҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ НИЗОМИ ИТТИЛООТӢ-ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ҶТ

**Юсупова Ҳ.Ҳ.-ассистенти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ**

Самти таъмини бехатарии иттилоот - категорияҳои ҳуқуқиву меъёрӣ барои таъмини ҳифзи комплексии иттилоот аз хатарҳои дохиливу беруна нигаронида шудааст. Агар ба бехатарӣ боварӣ набошад, ҳисобидан мумкин аст, ки хавфу хатар ба куллӣ вуҷуд дорад. Бе тайёрии амиқи кормандони муассиса ва роҳбарони он ягон системаи бехатарӣ ҳифзи иттилоотро таъмин карда наметавонад. Бояд муассиса кормандону мутахассисоне дошта бошад, ки бо масъалаи ҳифзи иттилоот хуб шинос бошанд ва чораҳо нисбати он андешида тавонанд. Ба бехатарӣ ҳар як шахсият ҷалб карда шуда бошад.

Чораҳо оид ба бехатарӣ ва ҳифзи иттилоот асоси тартиботи фаъолияту рафтори муассиса ҳисобида шуда сатҳи масъулиятнокиро нисбати вайронкунии меъёрҳои гузошташуда муайян мекунад. Барои пешгирӣ ва нобудкунии хатарҳо ба амнияти иттилоотӣ усулҳои ҳуқуқӣ, барномавии техникӣ ва ташкилии иқтисодиро истифода мебаранд. Нисбати самти таъмини бехатарии иттилоот бояд таъкид намуд, ки ба ҳама мушкилоти мавҷуда нигоҳ накарда, дар Тоҷикистон, солҳои охир соҳаи соҳибкорӣ босуръат инкишоф ёфта истодааст.[2] Фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳама бахшҳо бо гирифтану истифода бурдани ҳар гуна иттилоот робитаи ногусастанӣ дорад. Барои бахши соҳибкорӣ иттилоот як чизи муҳим аст, ки онро барои расидан ба ҳадафҳои корхона истифода мебарад ва ифшояш корхонаро аз татбиқи ин ҳадаф маҳрум карда метавонад, яъне таҳдиди амнияти фаъолияти соҳибкориро ба вуҷуд меорад. Албатта, на ҳама иттилоот дар сурати ифшокунӣ боиси ин таҳдидҳо мегардад, вале қисме аз он ба муҳофизат ниёз дорад. Барои ҳифзи иттилоот ва бехатарии он аз ҳар гуна тахдидҳо имрузҳо Тоҷикистон низ ба монанди дигар давлатҳои пешрафта ба марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ гузаштааст, ки доир ба он дар яке аз марҳилаҳои муосир ин иқтисоди рақамӣ мебошад, ки доир ба он дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин зикр шудааст: "Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд".[6]

Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди иқтисодиёти рақамиро бо татбиқи технологияҳои ахборӣ идора намуда, аз ҷумла, роҳҳои таъмини бехатарии онро низ коркард намудааст. Барои он ки иқтисоди рақамӣ ба манфиати умум хизмат намояд, он бояд ҳамаҷониба дар ҳамаи самтҳо истифода бурда шавад. Технологияҳои нав, махсусан зеҳни сунъӣ ногузир бо тағйироти назаррас дар бозори меҳнат, аз ҷумла ихтисори ҷойҳои корӣ дар баъзе соҳаҳо ва фароҳам овардани имкониятҳои нав дар дигарон дар миқёси давлат, робитаи ногусастанӣ доранд.

Ҳангоми истифодаи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт на танҳо вақт, инчунин, маблағро низ сарфа кардан мумкин аст. Масалан, ҳангоми коргузории электронӣ дар ташкилот имкон дорад, ки қисми зиёди хароҷотҳо доир ба қоғаз, ранг, мубодилаи ҳуҷҷатҳо сарфа гарданд. Ҳамзамон, технологияҳои рақамӣ дақиқ муайян мекунанд, ки

кадом миқдор маҳсулот барои истеҳсолот зарур аст, саҳми ҳар корманд дар корхона то кадом андоза аст ва ғайра. [3]

Технологияи босуръат паҳншаванда, рақамҳои гуногуни фаъолиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро шаклан дигаргун месозад. Вале фарогирии васеъшудаи нобаробарии рақамӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва махсусан, кӯчактарин кишварҳо, иқтисоди рақамӣ хатари боз ҳам бузургтарро ба бор меорад. Барои аз нав дида баромадани марҳилаву ҳадафҳои рушди бахши рақамӣ ва тарҳи ояндаи ҷаҳонишавии муносибати ҳамаҷониба ба технологияҳои нав, тақвияти шарикӣ ва идоракунии бештар талаб мегардад.

Иқтисоди рақамӣ бо сабаби қобилияти ҷамъоварӣ, истифода ва таҳлили миқдори зиёди иттилоотии аз тарафи компютер дастрасшаванда, яъне маълумоти рақамӣ, бо суръати бениҳоят афзоишёбанда идома дорад. Чунин маълумоти рақамӣ дар асоси таҳлили «роҳҳои рақамӣ», ки дар барномаи амалиётҳои гуногуни рақамӣ дар натиҷаи фаъолияти шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё корхонаву ташкилотҳо боқӣ мондаанд, ҷамъ оварда мешаванд.

Барои ба таври васеъ ошкор намудани иқтидори иҷтимоию иқтисодии технологияҳои рақамӣ ва пешгирӣ намудан аз оқибатҳои нохуш, зарур аст, ҳарчи зудтар ҳамкории байни шаҳриву ноҳиявӣ, давлатӣ ва байналмилалӣ мустаҳкам карда шавад. Иқтисодиёти рақамӣ ҳаёт ва ҷомеаи моро бо суръати бесобиқа ва таносуби бемайлон тағйир медиҳад, ҳамзамон, имкониятҳо ва мушкилоти бузургро эҷод мекунад. Дар ҳақиқат, имрӯзҳо таваҷҷуҳ ба иқтисоди рақамӣ зиёд аст ва таҳқиқи муҳаққиқони ҷавон дар самти илм ва инноватсия, технологияҳои нав мусоидаткунанда ба шумор меравад. Иқтисоди рақамӣ, пеш аз ҳама, дар асоси технологияҳои рақамӣ ба вуҷуд меояд. Яъне фаъолияти иқтисодӣ тавассути технологияҳои рақамӣ ба роҳ монда мешавад. Истифодаи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт боиси сарфа шудани қувваи корӣ ва ба вуҷуд омадани ҷойҳои кории нав мегардад. Ҳангоми истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии фаъолияти корӣ, интизом ва шаффофият низ ба вуҷуд меояд. Имрӯзҳо истифодаи технологияҳои рақамӣ ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро, ҳам аз ҷиҳати моддӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ иҳота кардааст. Роҳбарият метавонад тамоми бурду бохти фаъолияти ташкилотро тавассути барномаи зарурии хоси ташкилот таҳти назорати худ қарор диҳад [1].

Истифодаи технологияи рақамӣ имкон медиҳад, ки муоширати инсоният дар дилхоҳ макон ва замон ба осонӣ сурат гирад. Дар ин ҷараён хароҷотҳои алоқавӣ сарфа мешаванд, баъдан тавассути технологияҳо маблағҳои заруриро хусусан, муҳоҷирон ба хонаводаашон мерасонанд. Соҳибкорон ва тоҷирон ҳатто ба бозор ташриф наоварда, молро тавассути технология аз назар мегузаронанд. Технология воситаи осонтарин ва арзонтарини рекламаи молу маҳсулот гардидааст. Яъне дар сомонаҳои рекламавӣ (масалан, дар сомонаҳои far.tj, somon.tj, durahshon.tj) тамоми маълумоти молу маҳсулот гузошта мешавад ва ин имкон медиҳад, ки савдо ва тиҷорат рушд ёбад. Омилҳои номбаршуда охирин нестанд, зеро технологияи рақамӣ мисли рақам имкониятҳои беохир дорад [5].

Хулоса, аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар ин ҷараён илм ҳамчун воситаи муайян кардани татбиқи технологияҳои рақамӣ дар иқтисод баромад мекунад. Яъне дар асоси нишондодҳои илмӣ ҳамгироии технология ва иқтисодиёт ба амал меояд. Дар ин ҷараён

ҷанбаи ҳуқуқии масъала дар он ифода меёбад, ки қонунгузор барои рушди иқтисоди рақамӣ бояд шароити мусоид фароҳам оварад. Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки баҳри рушди иқтисоди рақамӣ имтиёзҳои андозию гумрукӣ, бақайдгирию ташкилӣ ба роҳ монда мешавад. Инчунин, маҳдудиятҳои беасосе, ки боиси косташавии иқтисодиёт мегардад, аз байн бурда мешавад.

***Адабиёт:***


*1.Шамсов И.С. Мушкилоти рушди тиҷорати электронӣ дар Тоҷикистон. Паёми ДМТ (2/2(131)), Душанбе - 2014. 85 саҳ.*

*2. Макаренко С.И. Информационная безопасть: учебное пособие. Ставрополь: СФ МГГУ им.М.А.Шолохова, 2009.-372с.*

*3.Пажуҳиши омодагии электронии Тоҷикистон, Душанбе; 2010.110с.*

*4.”Рушд ва татбики технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Душанбе аз декабри соли 2004, таҳти №468.*

*5. Содиқова О., Шамсов И., Раҷабов Ҳ. Усулҳои истифодабарӣ аз Интернет - Душанбе, 2009.*

*6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 23.12.2022с.*


## ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИНФОРМАТСИОНӢ БАРОИ ИХТИСОСҲОИ ИҚТИСОДӢ


**Қаландаршоев С.С. - муаллими калони кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ**


Дар баробари ғояи фаромиллии ҷаҳонишавии ҷомеаи муосир фазои ягонаи иттилоотӣ барои ҳамаи сокинони олам ба воқеият табдил меёбад. Дар чунин шароит дар омодасозии технологияҳои иттилоотӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ ба донишу иттилоот, инчунин устувории сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф диққати махсус дода мешавад.

Ҳамин тариқ, дар Консепсияи қабулшудаи амнияти иттилоотӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 2003 №1175 ва Барномаи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011 №337 тасдиқ гардидааст, оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ дар раванди таълим, ки ба таълими технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла барои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дахл дорад, хеле равшан нишон дода шудааст.

Рақамикунонии раванди таълим ба яке аз самтҳои афзалиятноки такмили низоми маорифи кишвари мо табдил ёфта, ба таҳияи низомҳои методӣ, технологияҳо, усулҳо ва воситаҳои нави таълим дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ нигаронида шудааст. Якҷоя бо ҷорӣ намудани равиши салоҳиятнокӣ дар таълими фанни ТИ барои иқтисодчиён, ки ба татбиқи амалии дониш, маҳорат ва малакаи гирифташуда нигаронида шудааст, омӯзгоронро водор менамояд, нақши донишҷӯёнро дар раванди таълим ба таври нав қабул кунанд. Дар он донишҷӯён ҳамчун иштирокчии фаъол дар ҷустуҷӯ ва интихоби иттилоот барои татбиқи минбаъдаи амалии он талош мекунанд. Ҳамин тариқ, иттилоотикунонии таълим ба тамоми раванди таълим, аз рақамикунонии муассисаҳои таълимӣ ва таҳияи барномаҳои махсус, то салоҳиятҳои нав ба азхудкунии донишҷӯён дар соҳаи иттилоот таъсир мерасонад.

Асоси равиши технологӣ ба таърифи мафҳуми «амнияти иттилоот», пеш аз ҳама, муқаррарот оид ба таъмини амнияти фаъолияти низомҳои иттилоотӣ, иҷозатномадиҳӣ

ва сертификатсияи захираҳои интернетӣ, истифодаи механизмҳои криптографии интиқоли иттилоот ва ғайра муқаррар кардааст.

Барои таъмини амнияти самараноки ҳамгироии иттилоотӣ пеш аз ҳама, бояд омилҳои манфиеро, ки ба раванди таълим таҳдид мекунанд, бартараф намоем. Омили мавҷудияти хавфи ҷузъҳо дар муҳити таълимӣ инҳо мебошад:

1. Дастрасии ғайриқонунӣ (беиҷозат) ба маълумоти инфродӣ ва ифшои онҳо;

2. Мундариҷаи ғайриқонунӣ, ки ба нобуд кардани тамоюлҳои арзишӣ ва суст кардани рушди ахлоқии донишҷӯён нигаронида шудааст;

3. Унсурҳои рақамӣ, дидаю дониста барои вайрон кардани ҳолати руҳию равонии донишҷӯён офарида шудаанд;

4. Мундариҷаи манипулятивӣ, ки ба маҳдуд кардани имкониятҳо ва гумроҳии донишҷӯён дар фазои рақамӣ нигаронида шудаанд.

Амнияти иттилоотӣ унсури асосиест, ки иштирокчиёни раванди таълимро аз таъсири манфии муҳити иттилоотӣ муҳофизат мекунад. Он бояд на танҳо бо назорати техникӣ ва ташкилии захираҳои шабакавӣ ва таъминоти барномавӣ маҳдуд шавад, балки онро ҳамчун самти илмӣ ва фаъолияти амалии ҳифзи субъектҳои муҳити иттилоотии таълимӣ тасвир кардан лозим аст. Масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотии донишҷӯён бояд дар ҳар як марҳилаи раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ муайян ва ба инобат гирифта шаванд.

Мафҳуми аввали амнияти иттилоотии муассисаи таълимӣ маҷмуи тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки ба ҳифзи фазои иттилоотӣ ва маълумоти фардӣ аз воридшавии тасодуфӣ ё қасдан бо мақсади дуздидани ҳама гуна маълумот ё ворид намудани тағйирот ба таркиби низом нигаронида шудаанд. Ҷанбаи дуюми консепсия ҳифзи раванди таълим аз ҳама гуна иттилооте, ки хусусияти таблиғоти аз ҷониби қонун манъшуда ва ҳама гуна таблиғот ба ҳисоб меравaнд.

Дар доираи маҷмуи иттилооти аз ҷониби қонун ҳифзшаванда дар ихтиёри муассисаи таълимибударо ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

- маълумоти фардӣ марбут ба донишҷӯён ва омӯзгорон, бойгониҳои рақамӣ;

- ғояи аслии (ноу-хау) раванди таълим, ки хусусияти моликияти зеҳнӣ дорад ва бо қонун ҳифз карда мешавад;

- маълумоти сохтории таълимӣ, ки раванди таълимро таъмин мекунад (китобхонаҳо, базаи маълумотҳо, барномаҳои таълимӣ).

Ҳамаи ин маълумот на танҳо объекти дуздӣ шуда метавонад. Дохилшавии қасдан ба онҳо метавонад бехатарии китобҳои рақамиро вайрон кунад, захираи донишҳоро коҳиш диҳад, ба рамзи барномаҳое, ки барои таълим истифода мешаванд, тағйирот ворид кунад.

Масъулияти шахсоне, ки барои ҳифзи иттилоот ҷавобгӯй мебошанд, бояд нигоҳ доштани бутунӣ ва дахлиопазирии маълумотро таъмин намоянд ва кафолат диҳанд, аз инҳо иборатанд:

- дастрас будан дар вақти дилхоҳ барои ҳар як истифодабарадаи ваколатдор;

- ҳимоя аз ҳама гуна талафот ё тағйироти ғайриқонунӣ;

- махфият ва дастнорасӣ ба шахсони сеюм.

Хусусияти таҳдидҳо на танҳо имкони дуздии иттилоот ё вайрон кардани массивҳо аз ҷониби ҳама гуна гурӯҳҳои хакерӣ, балки худи фаъолияти донишҷӯён, ки қасдан, бадқасдона ё иштибоҳан метавонанд ба таҷҳизоти компютерӣ зарар расонанд ё вирусро ворид кунанд. Чор гурӯҳи объектҳо мавҷуданд, ки метавонанд ба таъсири барқасдона ё ғайримуқаррарӣ дучор шаванд:

- таҷҳизоти компютерӣ ва дигар воситаҳое, ки дар натиҷаи таъсири механикӣ, вирусҳо ва бо сабабҳои дигар вайрон мешаванд;

- барномаҳое, ки барои таъмини коршоямии низом ё дар раванди таълим истифода мешаванд ва метавонанд аз вирусҳо ё ҳамлаҳои ҳакерӣ осеб мебинанд;

- маълумоте, ки ҳам дар дискҳои васшуда ва ҳам дар васоити алоҳида нигоҳ дошта мешаванд;

- истифодабарандагоне, ки барои иҷрои системаҳои ТИ масъуланд.

Донишҷӯён ба таъсири иттилоотии ғоратгарони беруна дучор мешаванд ва метавонанд дар донишгоҳ вазъияти ҷиноят эҷод кунанд. Вақтҳои охир номгӯи чунин ҳолатҳо ба таври қобили мулоҳиза васеъ шудааст, ки аз эҳтимоли ҳамлаи равонии мақсаднок ба зеҳни ҷавонон, аз ҷумла донишҷӯён шаҳодат медиҳанд.

Бо вуҷуди ин, набудани дониш, маҳорат ва малакаҳои зарурӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ боиси хароҷоти ҷиддӣ ҳангоми истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мебошад, зеро яке аз омилҳои асосии татбиқи онҳо осебпазирии бунёдӣ ба намудҳои гуногуни таҳдидҳои амнияти иттилоотӣ мебошад.

Шиддати мушкилоти амнияти иттилоотӣ танҳо бо афзоиши минбаъдаи миқёси ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ, ки асоси технологии равандҳои ҷаҳонишавӣ мебошанд, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи муосир, таълими фанни ТИ барои донишҷӯёни ихтисоси иқтисодӣ, рушди технологияҳои электронии системаҳои идоракунии давлатӣ, тиҷорат, бонкӣ, пардохтҳо, ҳисоббаробаркуниҳо, савдо ва ғайра мушоҳида мешаванд.

Таҳлили самт ва мухтавои таълими иттилоотии донишҷӯёни соҳаи иқтисодӣ, ҳамчун воситаи асосии ташаккули заминаи малакаҳои касбӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, ҳангоми таълими фанни ТИ имконият медиҳад, ки ду гурӯҳи зиддиятҳои марбут ба иттилоотро ҷудо кунем. **омӯзиши умумӣ** ва **ҷанбаҳои амнияти иттилоотӣ**, аз ҷумла ҳамчун инварианти (як чанд намуд) он.

Дар навбати аввал бояд зиддиятҳое, ки дар байни: *суръати афзоиш ва навсозии захираҳои иттилоотӣ, рушд ва такмили технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ва имкониятҳои истифодаи самараноки онҳо* дар таълими фанни ТИ барои донишҷӯёни ихтисоси иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, баррасӣ карда шаванд.

Гурӯҳи дуюми зиддиятҳо аз инҳо иборатанд: номутобиқатӣ байни аҳамияти масъалаҳои амнияти ахборот ва сатҳи таъминоти педагогии омӯзиши онҳо дар доираи таълими иттилоотӣ ва ТИ. Набудани низоми методии таълими амнияти иттилоотӣ, ки ҷавобгӯи талаботи муосир барои донишҷӯёни ихтисоси иқтисодӣ мебошад, ки қисми зиёди мутахассисонеро, ки ба гурӯҳи мутахассисони соҳаи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ шомил нестанд, тайёр мекунанд.

Ҳамин тавр, мушкилоти тадқиқот дар таҳияи нокифояи назария ва равишҳои методии таълими асосҳои амнияти иттилоотӣ дар омӯзиши фанни ТИ барои донишҷӯёне, ки дар ихтисосҳои гурӯҳи амнияти иттилоотӣ дохил нашудаанд, ба ҳисоб меравад. Ба таври табиӣ ворид намудани масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ба таълими фанни ТИ, ҳамчун инварианти ҳатмӣ ва муҳими он дар ташаккули малакаҳои касбӣ дар ин самт, асосан ба донишҷӯёни ихтисоси иқтисодӣ дахл дорад.

***Адабиёт:***


1. *Сысоев П.В. Информатизация языкового образования: основные направления и перспективы //Иностранные языки в школе. 2012, № 2. -С.2-9.*
2. *Ясенев В.Н. Информационная безопасность в экономических системах. Н. Новгород: ННГУ, 2006. 253с.*
3. *Бояров, Е.Н. Концептуальные подходы к обучению специалиста информационной безопасности в университете: автореф. дисс. … канд. пед. наук: 13.00.02 /Бояров Евгений Николаевич. - Санкт-Петербург, 2008. –19с.*
4. *Войнова Н.А., Войнов А.В. Особенности формирования информационной компетентности студентов вуза //Инновации в образовании. 2004. № 4.*

# ТАДҚИҚИ НАЗАРИЯҲОИ МУОСИРИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ

**Гулсунбии М. – муаллими калони кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ**

Ҳадафи таъсис додани ҳукумати электронӣ ба таври бештар муассир расонидани хадамоти давлатӣ ба шаҳрвандон мебошад. Умуман, ҳар қадар хадамот дар интернет дастрас бошад ва ҳар кадар истифодаи ин хадамот васеътар бошад, таъсири ҳукумати электронӣ ҳамон қадар бештар хоҳад буд. Ҳамин тавр, барои ба даст овардани таъсири устувор ҳукумати электронӣ, берун аз доираи муассири дохилӣ ва шаффофияти идоракунии давлат, анбӯҳи зиёди «шаҳрвандони электронӣ» (e-citizens) ва «муассисаҳои электронӣ»-ро (e-business) талаб менамояд. Ҳамзамон, муваффақ шудан ба ин анбӯҳи зиёд кори осон нест.

Ҳукумати электронӣ танҳо ҳамон вақт муваффақ хоҳад буд, агар ба он талабот ва дастгирии қавии аксарияти аҳолӣ ҷой дошта бошад. Як қисми ин талабот аз ҳисоби баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи имкониятҳои хубтару зудтар расонидани хадамоти давлатӣ бармеояд. Шаҳрвандон ва бизнес низ бояд барои истифодаи хадамоти ҳукумати электронӣ тавассути таъмини муҳтавои раднопазир, мутобиқ ва дастраси рақамӣ манфиатдор бошанд. Махсусан, барои баланд бардоштани талабот ва дастгирии хадамоти ҳукумати электронӣ корҳои зерин бояд амалӣ карда шаванд:

- Таҳия намудани зерсохтори одии бисёрканала барои расонидани хадамот мутобиқи принсипи «равзанаи ягона», аз ҷумла, марказҳои хадамот барои шаҳрвандони «воқеӣ» ва дигар нуқтаҳои дастрасии ҷамъият мисли телемарказҳо, марказҳои операторӣ, веб-порталҳо ва порталҳои мобилӣ;
- Амалӣ кардани чорабиниҳое, ки ба таҳкими эътимоди аҳолӣ ба муомилот бар асоси ТИК ва ҳамаи фаъолиятҳои дигари муштарак дар муҳити рақамӣ мусоидат хоҳанд намуд;
- Мусоидат намудан ба таҳияи мундариҷаи бархатӣ ва мобилии мутобиқ, раднопазир ва осон истифодашаванда, аз ҷумла барномаҳои ба ном «ғасбкунандаи бозор» («killer applications»);

Президенти мамлакат муҳтарам Эомалӣ Раҳмон дар ин бора гуфта буд: “Дар марҳалаи имрӯза бо истифода аз усулҳои ҳукумати электронӣ ҳарчӣ васеътар ҷорӣ намудани коргузорӣ ва ба сатҳи сифатан нав бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад”[1].

Умуман, ҳукумати электронӣ низоме мебошад, ки ҳамаи мақомоти давлатиро муттаҳид намуда, ба онҳо шароит фароҳам меорад, ки бо истифода аз шабакаи компютерӣ гардиши ҳуҷҷатҳои электронии байниидоравиро таъмин созанд, ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ хизматрасониҳои давлатӣ пешниҳод кунанд ва ё арзу шикоятҳои онҳоро баррасӣ намоянд. Рушди технологияҳои нави иттилоотӣ ҳокимияти давлатиро маҷбур месозад, ки ба сарфаи маҳаки асосии ҷаҳони имрӯза, яъне «вақт» диққати махсус диҳад. Дар фарқият аз дигар соҳаҳои дар зери назорати давлат қарордошта, соҳаи технология таҳаввулоти босуръат дорад. Чунки имрӯза технологияи истифодашаванда ба талаботи панҷсолаи оянда ҷавобгӯ буда наметавонад. Ҳоло ин раванди таҳаввулот дар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон аз шашмоҳ то як солро дар бар мегирад[5].

Ниҳоят, татбиқи ТИК метавонад ислоҳоти идоракуниро осонтар кунад. Чун истифодаи ТИК дар саросари ҷомеаҳои Осиё босуръат паҳн шудааст, созмонҳои мутамарказ ва бюрократии ҳукумат бо талабот ва фишороварҳои рақобатдори шаҳрвандон ва ҷомеаи соҳибкорӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Умуман, лоиҳаҳои ҳукумати электронӣ дарки шаҳрвандон ва бизнесҳоро дар бораи он афзоиш медиҳад, ки ҳукумат таҷдид шуда истодааст ва пеш меравад. Дар амалисозии ҳукумати электронӣ омилҳои муҳимтарини муваффақиятро метавон бо панҷ самти асосӣ гурӯҳбандӣ кард (*Расми 1.*)




**Расми 1. Омилҳои муҳими муваффақият ҳангоми татбиқи ҳукумати электронӣ**

Нақшаи дарозмуддат бо дид ва стратегияи дақиқ таҳияшуда барои амалисозии ҳукумати электронӣ дорои аҳамияти ҳаётӣ мебошад. Равишҳои пора-пора ё равишҳои ислоҳсозии зуд кор нахоҳанд кард. Равиши бештар муассир дар он аст, то дар миқёси васеъ андеша карда шавад ва тасвири фарох дар даст бошад (тарҳрезӣ аз боло ба поён), вале дар раванди амалисозӣ бо вазифаҳои хурду афзалиятдор (аз поён ба боло) оғоз кардан зарур аст. Умуман, ҳукумати бомуваффақияти электронӣ дастгирии қавии шаҳрвандон, пай дар пайии фаъолият ва шаффофияти роҳбаронро талаб менамояд[6].

***Адабиёт:***

*1.Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, ш. Душанбе 20.01.2016*

*2.Шамсов,И.С., Содиқова, М.О., Раҷабов, Ҳ.Ҳ. Усулҳои истифодабари аз интернет Душанбе -2010 130 с.*

*3.Асоев, А. Ҳукумати электронӣ ангезандаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе 2012 М.8.*

*4. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қарори Ҳукумати ҶТ, аз 30.12.2011с., №643.*

*5.Хасанов, Ю.Х., Амонов Д.Р. Современное состояние и перспективы развития электронного правительства// Труды республиканской научно-практической конференции «Вопросы ресурсного обеспечения информационно-коммуникационных технологий в образовании». – Душанбе, 2007. С. 16-22.*

*6. Электронная торговля в СНГ и восточноевропейских странах: МатериалыVII международной научной конференции, 9 ноября 2005 г., Минск / Отв. ред. Б.Н. Паньшин. — Мн.: БГУ, 2001. — с.;*

## ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ОМИЛИ АСОСИИ ПАСТ НАМУДАНИ ХАРОҶОТИ ТРАНСАКСИОНӢ

**Халилова У.О. - ассистенти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ**

Субъектҳои иқтисодӣ дар афзоиши хароҷоти трансаксионӣ, чун анъана доираи фаъолиятро маҳдуд менамоянд ё қоидаҳои нави тавсифи сарфаҷӯӣ намудани хароҷоти трансаксиониро таъсис медиҳанд. Дар солҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, оғоз намудани марҳилаи нави муносибатҳои иқтисодиро, бахусус ташкил ва такмили савдои берунмарзиро, бо сатҳи паст намудани хароҷоти трансаксионӣ тасаввур кардан номумкин буд.

Бояд қайд намуд, ки таъсиррасонии технологияҳои муосир ба сатҳи хароҷоти трансаксионӣ якхела нест. Чунки, аз як тараф, барои тадбиқи усулҳои нави муайянсозии ҳаҷми хароҷот, тағйироти технологӣ метавонанд ба паст намудани сатҳи хароҷоти трансаксионӣ таъсири мусбӣ расонанд, аз тарафи дигар бошад, тағйироти технологӣ метавонанд ба объект ва усулҳои мубодила таъсири манфӣ расонида, хароҷоти трансаксиониро афзун намоянд.

Таҷриба нишон медиҳанд, ки то имрӯз роҳу восита ва усули ягонае пайдо нагардидааст, ки мустақим ба паст намудани сатҳи хароҷоти трансаксионӣ ҳамчун воситаи асосӣ гардад. Аммо вобаста ба шароитҳои мавҷуда, бахусус, дар сатҳи микро ва макроиқтисодӣ бо назардошти доираи фаъолият роҳу воситаҳои паст намудани сатҳи хароҷоти трансаксионӣ пайдо карда шудааст.

Дар шароити муосир иқтисоддононро масъалаҳои пайдо намудани роҳҳо ва усулҳои нави паст намудани хароҷоти трансаксионӣ водор менамояд, ки барои баландбардории сатҳи рақобатпазирӣ ва таъмини рушди устувори молиявию иқтисодӣ равишҳоеро пайдо намоянд, ки ба паст намудани сатҳи хароҷоти трансаксионӣ, ақалан дар ягон давраи муайян монеа шуда тавонанд. Зеро агар дар сатҳи микроиқтисодиёт коҳиш додани сатҳи хароҷот вазифаи асосии менеҷери замонавӣ бошад, пас дар сатҳи макроиқтисодиёт бо назардошти имконият ва захираҳои мавҷуда яке аз самт ва ҳадафҳои стратегии давлат маҳсуб меёбад. Яъне дар шароити имрӯза, дар пасманзари ҷаҳонишавии муносибатҳои субъектҳои иқтисодӣ, бархурди манфиатҳои иқтисодӣ ва зуд-зуд тағйир ёфтани вазъи бозорҳои ҷаҳонӣ хавфу хатари пайдо гардидани хароҷоти трансаксионӣ меафзояд, дахолати давлат дар инихоби роҳ ё усули ягона нақши калидиро мебозад. Бахусус дар Тоҷикистон, ки дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қариб ҳамаи ҳадафҳои стратегии рушди давлат ба такмили рушди технологӣ равона карда шудааст, ба ақидаи мо интихоби такмилдиҳии давра ба давраи тиҷорати электронӣ барои паст намудани хароҷоти трансаксионӣ роҳи афзалиятнок менамояд.

Ба ақидаи мо, муҳим аст, ки ҳукумати ҷумҳурӣ дар доираи сиёсати иқтисодии мамлакат бо назардошти иқтидор ва ваколатҳои мавҷудаи мақомотҳои худ, ҷамъоварӣ ва таъмини дастрасии субъектҳои иқтисодиро ба маълумотҳои иқтисодии зарурӣ таъмин намояд. Зеро бо ҳамин роҳ мушкилоти норасоии маълумотҳои фаврию зарурии субъектҳои иқтисодиро таъмин намуда, ниҳоят ба пастшавии сатҳи хароҷоти трансаксионии онҳо таъсири худро мерасонад. Илова бар ин, натиҷаи ин чорабинӣ механизмҳои сиёсати иҷтимоии давлатро дар самти шуғл ва меҳнат устувор намуда, дар ин росто, рафтори бемасъулиятонаи коргар ва ё шахсони фаъолияти шарикидоштаро монеа гардида, бо ҳамин васила, сатҳи хароҷоти трансакионии аз рафтори бемасъулиятона пайдо мешударо бартараф намояд.

Хароҷоти сафарбарнамоӣ, ки ба талаботҳои муайянкунии нарх ва дигар паҳлуҳои амалиёт вобастагӣ доранд, маълумотро байни харидорони қобилиятнок ва фурӯшандагон расонида, онҳоро барои ба имзорасонии шартнома алоқаманд менамоянд. Дар ин шакли хароҷот интиқоли амалиёт дар шакли электронӣ аз рӯи ду самти асосии зерин ба амал меояд:

1. Мукаммалсозии раванд.
2. Самара аз истифодаи майдончаи тиҷоратии электронӣ.

Дар маҷмуъ, истифодаи тиҷорати электронӣ ба паст шудани шакли мазкури хароҷоти трансаксионӣ оварда мерасонад. Қайд кардан бамаврид аст, ки паст намудани хароҷоти трансаксионӣ метавонад самараи мустақим ва ғайримустақим низ биёрад.

Тиҷорати электронӣ метавонад самаранокии фаъолиятро афзун намуда, арзиши амалиётҳои баргузоршавандаро паст намояд. Дар баъзе мавридҳо метавонад танҳо арзиши фаъолияти ҷараёндоштаро паст намояд. Масалан, қаблан харидорон ва фурӯшандагон муомилоти худро тавассути телефон ё факс анҷом медоданд, ҳангоми истифодаи шабакаи Интернет шакли раванди муомилаи онҳо тағйир ёфта, ҳатто фаъолияти миёнаравҳо аз байн рафта, масрафоти қаблӣ сарфа мешавад.

Беҳтаршавии раванди тиҷорат аз ҷорисозии технологияҳои электронӣ дар аксар ҳолатҳо ихтисоршавии баъзе ҷабҳаҳои фаъолияти пешинаро ба миён меорад. Истифодаи занҷираҳои электронӣ барои муътадилияти равандҳои бизнес дар низомҳои дохилии ташкилотҳои бузург пайдо шудааст. Барои бе монеа тавассути тиҷорати электронӣ ҳамкорӣ намудани ташкилотҳо эътирофи ҳуқуқии амалиётҳои ваколатӣ бо роҳи электронӣ зарур аст.  Санади қонунгузорӣ оид ба низоми мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» соли 2007 ба тавсиб расида буд. Қонуни мазкур барои ташкил ва ташаккули муносибатҳои дуҷониба бо ширкату ташкилотҳои ватанию хориҷӣ заминаи асосӣ гардид. Аз ҷумла, тавассути он ташкилотҳои бонуфузи ватанӣ ба монанди «Тоҷикэйр», «Волна», «Алиф-сармоя» ва дигарон хароҷоти амалиётҳои тиҷоратии худро кам намуда, афзоиши минбаъдаи хароҷоти худро нисабатан коҳиш доданд. Бахусус, яке аз марказҳои тиҷоратии техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон-«Волна» фаъолияти кории худро тавассути истифодаи шабакаи Интернет ба роҳ монд. Мақсади онҳо, натанҳо барои ба харидорон пешниҳод намудани хизматрасониҳои каммасрафу молҳои баланд сифат мебошад, балки онҳо молу маҳсулотҳои истеҳсолкунандагони ширкату ташкилотҳои бузурги ҷаҳониро бе иштироки намояндагони худ ва бастани шартномаҳои анъанавӣ барои харидорон пешниҳод менамоянд.

Вобаста ба арзаю тақозои бозори дастгоҳу таҷҳизоти техникию электронии ватанӣ бо ширкатҳои маъмули имиджи ҷаҳонидошта, ба монанди Samsung Electronics, LG Electronics, Daewoo Electronics Panasonic (CIS) Sony, Canon, GRUPESEB, Hitachi, Gree Electronics Aplliances, HP, APC, Epson, Polaris, Philips, Hansa, Gorenje, Toshiba, Ariston, Midea, BBK, Karcher, JVC ва ғайра тариқи фосилавӣ созишнома, шартнома ва додугирифтҳои тиҷоратӣ дорад.

Ширкатҳое, ки дар боло қайд намудем, нишондиҳандаҳояшон чунин аст.

| № | Номи ширкат | Даромади солона |
|---|---|---|
| 1 | samsung | 236 млрд. |
| 2 | LG | 63,16 млрд. |
| 3 | Toshiba | 14,5 млрд |
| 4 | Daewoo Electronics | 2,6 млрд |
| 5 | Panasonic | 3,6 млрд |
| 6 | Philips | 2,13 млрд |
| 7 | Epson | 5,2 млрд |

* https://www.calc.ru/

Дар шароити ҳозира ҳиссаи зиёди даромади ташкилотҳои ба хизматрасониҳои консалтингӣ машғул буда, ба консалтинг дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ рост меояд, ки инчунин, таҷдиди сохторҳои идоракунандаи корхонаҳоро бо истифодаи низоми электронӣ дар бар мегирад. Мақсади асоси онҳо, аз сохтори ташкилот берун намудани равандҳои зиёдатии бизнес, ки хароҷоти трансаксиониро зиёд менамоянд, иборат мебошад.

Барои расидан ба мақсади ниҳоӣ моро зарур аст, ки дар мадди аввал суръат ва сифати Интернетро хуб гардонем ва сатҳи дониши техникии аҳолии кишварро баланд бардорем.

***Адабиёт:***


1. *Ашуров М.Н. Ҳукумати электронӣ ҳамчун консепсияи рушд ва фазои идоракунӣ/ Паёми молия ва иқтисод.-2021.-№4 (28). С. 141-147.*
2. *Холматова С.А. Классификация трансакционных издержек в современных условиях/ Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук.-2019. №3 (80) С. 5-10.*
3. *Мухтор Ҷ.А., Такмили тиҷорати электронӣ ҳамчун шакли муомилот дар паст намудани хароҷоти трансаксионӣ/ Законодательство.*


---

## БАХШИ ИҚТИСОДИЁТ, МЕНЕҶМЕНТ ВА АНДОЗ

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ И ИННОВАЦИОННО-ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЙ


**Мирзоева Е.Ш. – к.э.н., доцент кафедры финансового менеджмента ТГФЭУ**


В современных условиях в Республике Таджикистан особое значение приобретает создание инновационного климата, мотивирующего на поиск и внедрение инноваций во все сферы экономики и, в первую очередь, в промышленное производство, так как из-за перенасыщения рынка высококонкурентной импортной продукцией страдают отечественные предприятия, которые в большинстве своем не используют инновационные разработки. В этих условиях для отечественных промышленных предприятий жизненно необходимо внедрять инновации, которые окажутся движущей силой. Инновации для предприятий играют решающую роль в плане завоевания устойчивой ниши на рынке в долгосрочной перспективе.

Настоящее и будущее Республики Таджикистан неотделимы от развития науки и инновационных технологий, которые являются предпосылками формирования инновационной экономики, характеризующей развитием конкурентоспособных наукоёмких производств. Создание инновационной экономики должно стать стратегическим направлением развития нашей страны в ближайшей перспективе.

В условиях рыночной конкуренции в немалой степени инновационному развитию предприятия способствует стратегия динамичного инновационного процесса, быстрое и эффективное функционирование цепочки: «идея -фундаментальная наука- прикладная наука – производство – рынок ». Следовательно, инновационный потенциал можно представить, как способность предприятия организовать и осуществлять процессы, направленные на достижение инновационных результатов с учетом требований рынка инноваций.

В последние годы, отечественные ученные системно изучают проблемы формирования национальных инновационных систем и перехода экономики на инновационный путь, а также использования инноваций на предприятиях Республики Таджикистан. Многие из них в своих научных разработках раскрывают содержания отдельных направлений инновационной деятельности с учетом особенностей модернизации национальной экономики, также раскрыты понятия «инновации» и «инновационная деятельность».

Для разработки и реализации инновационной деятельности предприятия, необходима координация осуществления инновационных процессов. При этом сами инновации, являются результатом активного инновационного процесса в так называемых инновационных предприятиях. Где инновационный процесс представляет собой процесс постепенного превращения идеи в продукт, проходящий этапы прикладных и фундаментальных исследований, маркетинга и т.д.

Таким образом, одним из важных аспектов инновационно-инвестиционной деятельности предприятий, является активизация инновационной деятельности, анализ и оценка его основных этапов, позволит уточнить направления и механизмы инвестиционного обеспечения инновационного развития.

Следует отметить, что на оживление инновационной деятельности промышленных предприятий в Республике Таджикистан, влияет ряд ключевых факторов:

- активное использование инновационных продуктов конкурентными предприятиями, в том числе на международном уровне;
- доступный кредитный капитал на льготных условиях кредитования;
- эффективность использования имеющихся ресурсов при производстве продукции;
- государственная поддержка малого и среднего бизнеса, налоговые льготы и т.д.

Таким образом, внешняя инновационная среда в большей мере влияет на промышленное предприятие и вынуждает его искать новые направления развития, обеспечивающие финансовую устойчивость, конкурентоспособность и повышение его деловой активности.

В современных условиях векторы развития промышленных предприятий кардинально меняются. Это обусловлено, прежде всего, развитием институциональных основ рынка инноваций, конкуренцией, активизацией инновационной деятельности и возрастающим спросом на инновационную продукцию. Отсюда, ключевым фактором, влияющим на экономическое развитие промышленных предприятий и их конкурентоспособности становится организация инновационно-инвестиционной деятельности.

**Литература:**

1.Комилов С.Дж., Файзуллоев М.К. Основы развития инновационной деятельности предприятий. – Душанбе: Ирфон, 2004г., с.25.

2.Совершенствование управления инновационно-инвестиционной деятельностью промышленных предприятий. Комилов С.Дж., Мирзоева Е.Ш.// Монография. Душанбе, ТГФЭУ, 2020.-С.144

3.Файзуллоев М.К., Комилов С.Дж. Проблемы становления и развития инновационного предпринимательства в Республике Таджикистан: монография.- Душанбе: Ирфон, 2017 г., с.35.

## ТАРИФНАЯ ПОЛИТИКА И РЕГУЛИРОВАНИЕ ТАРИФОВ НА ЭЛЕКТРОЭНЕРГИЮ, КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ЭНЕРГЕТИКИ

**Аламшоева М.М. - к.э.н., и.о. доцент, зав. кафедрой прикладной информатики в экономике ТГФЭУ**

**Неъматуллои М. - ассистент кафедры прикладной информатики в экономике ТГФЭУ**

Одним из основных направлений развития экономики Таджикистана на сегодняшний день и в перспективе остается электроэнергетическая отрасль, которая играет важную роль в экономике страны. На ее долю приходится более 19 % всей продукции промышленности страны. Самые важные нынешние проблемы отрасли электроэнергетики заключаются в достижении эффективности производства, передачи, распределении электроэнергии, понижении патери, создании условий для внешних инвестиций, а также устойчивости развития механизме управления в целом. Для достижения этой цели надо рассмотреть те влияющие факторы, которые влияют на механизм регулирования, управления спроса и предложений на электроэнергию, повышение качества услуг энергокомпании, привлечение инвестиций и в целом развитие энергетики. Исследования показали, что основные факторы, влияющие на развитие производства и эффективное функционирование энергетической отрасли Республики Таджикистан являются: тарифы на электроэнергию, инвестиция в отрасли, модернизация и восстаноиление существующих ГЭС, ввод в эксплуатацию новых генерирующихся мощностей и в первую очередь Рогунской ГЭС, политическая стабильность, общие социально - экономические условия роста.

Рассмотрим влияние одного фактора-**тарифы на электроэнергию или государственное ценообразование**.

Тарифы на электроэнергию являются одним из основных инструментов развития энергетики, по которым осуществляются расчеты покупателей с поставщиками энергии. Цель ценообразования в электроэнергетике или тарифной политике энергогенерирующих компаний состоит в том, чтобы расширить производство мощностей и снизить потери электроэнергии, удовлетворить потребности потребителей и улучшить качество услуг, минимизировать затраты и максимизировать доходы отрасли. В настоящее время разработана структура тарифов на электрическую и тепловую энергию, которые предложила и вводила в действие с 1 сентября 2019 года компания ОАХК «Барки Точик». Средний тариф за 1 кВт.ч. электроэнергии по республике на 31 декабря 2001 года составил 0,54 дирам или 0,24 цента США, а на 3 июня 2014 года составил 0,60 дирам или 0,24 цента США, повысился на 11,1%. Сегодня средний тариф за один киловатт/час в Таджикистане составит не 2,3 центов, основном, тарифы на электроэнергию в Таджикистане повышаются на 15% (таблица 1).

***Таблица 1. Динамика изменения тарифов на электроэнергию по Республике Таджикистана***

| Годы | Группы потребителей | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Промышленность | Коммунальные Потребители | Городской электриф.транспорта | Сельхозпотребители | Электробойлеры и т.п. | Население (с учетом НДС) |
| с 1 января 2005 | 2,66 | 1,7 | 0,5 | 4,97 | 12 | 0,9 |
| с 1 января 2006 | 2,66 | 1,7 | 0,5 | 4,97 | 12 | 1,6 |
| с 1 января 2007 | 2,66 | 1,7 | 0,5 | 4,97 | 12 | 2,1 |
| с 1 января 2008 | 5,3 | 2,9 | 1,2 | 9,3 | 18 | 3,2 |
| с 1 января 2009 | 13,68 | 5,44 | 3,64 | 13,68 | 33,8 | 6 |
| с 1 января 2010 | 21,3 | 8,5 | 5,7 | 21,3 | 52,7 | 9 |
| с 1 января 2011 | 21,3 | 8,5 | 5,7 | 21,3 | 52,7 | 9 |
| с 1 января 2012 | 26,63 | 10,63 | 10,63 | 26,63 | 65,88 | 11 |
| с 1 января 2013 | 26,63 | 10,63 | 6,04 | 26,63 | 65,88 | 11 |
| с 1 июля 2014 | 30,6 | 12,2 | 8,2 | 30,6 | 75,8 | 12,6 |
| с 1 января 2015 | 30,6 | 12,2 | 8,2 | 30,6 | 75,8 | 12,6 |
| с 1 ноября 2016 | 35,65 | 14,2 | 9,55 | 35,65 | 88,3 | 14,65 |
| с 1 октября 2017 | 40,99 | 16,85 | 16,85 | 40,99 | 101,54 | 16,85 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| с 25 сентября 2018 | 47,13 | 19,37 | 19,37 | 47,13 | 116,77 | 19,37 |
| с 09 января 2019 | 55,14 | 22,66 | 22,66 | 55,14 | 136,62 | 22,66 |

Таблица составлено по: Прейскурант. Тарифы на электрическую и тепловую энергию, ОАХК «Барки Точик». 2005-2019.

Цена на электроэнергию в Республике Таджикистан значительно ниже, чем в соседних странах, и составляет всего 10-20% от уровня тарифов электроэнергии в развитых странах мира. Это связано с тем, что более 95% электроэнергии в Таджикистане вырабатывается на малозатратном энергоносителе-гидроэнергетики, а также низкой покупательной способности населения и самой слаборазвитой экономикой страны.

Исходя из проведённого анализа, можно сделать вывод и подчеркнуть, что проблемы разработки и установление прогрессивных тарифов для разных потребителей имеет свои преимущества, к которым относятся:

-привлечение инвесторов;

-обеспечение надёжного энергопотребления и стабилизация энергетической безопасности;

-воздействие на устойчивое развитие энергетики;

-воздействие на повышение и диверсификации услуг и эффективное функционирование энергетических компаний;

-воздействие на повышение эффективности работы системы Энергонадзора;

-снижение дебиторской задолженности и неплатежеспособности спроса потребителей;

-воздействие на процессы стимулирования потребителей;

-привлечение инвесторов;

-повышение экономического развития;

-воздействие на повышение деловой активности предприятия;

-воздействие на использование техники и оборудования с высокими КПД;

-воздействие на рациональное использование энергии для бытовых потребителей;

-совершенствие отношения населения к электропотреблению и сбережению электроэнергии;

-воздействие на снижение потер электроэнергии;

-стимулирование электропользователей к экономии электроэнергии и снижению производственных выбросов;

-управление спросами и потреблениями на электроэнергию и т.д.

***Литература:***

1. *Аламшоева М.М. Энергетическая система Таджикистана: современное состояние и прогнозирование. –Душанбе: "Сино", 2020. –170 с.*
2. *Ахророва А.Д., Аминджанов Р.М., Доронкин К.А. Энергетика Таджикистана: современные тенденции и перспективы устойчивого развития. - Душанбе.; ООО РИА «Статус». 2005, 235 с.*
3. *Голованова Л.А., Московцева А.А. Факторы и условия энергоэффективности в промышленности. // Вестник ТОГУ. 2014. №3 (34). С.137-146.*
4. *Копцев А.И. Основные факторы, формирующие эффективность производства электроэнергии в Российской Федерации. /Вестник ОГУ. 2012. №8 (144). С. 37-42.*

5. *Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 22.12.2017, город Душанбе.*
6. *Таджикистан: 30 лет государственной независимости. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте Республика Таджикистан, Душанбе: ООО«ТоРус», 2016. - 522 с.*
7. *Хоналиев Н. Современные проблемы развития отраслей тяжелой промышленности Таджикистан. –Душанбе.; ООО «Дилшод ББ». 2014. – 150 с.*

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛ ВА АМАЛКАРДИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ

**Шодиев К.К. - н.и.и., и.в. дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодии н.и.и дотсенти кафедраи тахлили иктисоди ДДМИТ**

Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 рушди соҳибкорӣ дар хоҷагии қишлоқ ҳамчун самти асосии рушди иқтисодиёти деҳот ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинон маҳсуб мешавад. Тавре маълум аст, «Тамоюлҳои муосири рушди соҳибкории хурду миёна дар деҳот бо мавҷудияти зуҳуроти бӯҳронӣ, паст шудани сатҳи зиндагии мардуми деҳот, зарурати иҷрои вазифаҳои худидоракунии шаҳрак ва деҳот шарҳ дода мешавад» [2;160].

Исбот шудааст, ки «Нақши соҳибкории хурду миёна дар он зоҳир мешавад, ки он ба рушди муносибатҳои рақобатпазирии истеҳсолот дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки бозори истеъмолӣ бо маҳсулоте, ки аз ҷиҳати хосияташон гуногунанд, таъмин карда шаванд, барои ҳалли як қатор проблемаҳои иҷтимоӣ ва ба субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ ҷорӣ намудани технологияи инновасионӣ дар соҳаҳои гуногун мусоидат мекунад» [1;183].

Чӣ тавре, ки таҷриба нишон медиҳад, муносибати ягона ба масъалаҳои институтсионалӣ, танзим ва дастгирии соҳибкорӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишоф ёфтааст, имкон намедиҳад, ки дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ, бо сабаби набудани системаи махсусгардонидашуда барои омода намудани фаъолияти соҳибкории сокинони деҳот, махсусан дар хоҷагии қишлоқ, ба натиҷаҳои назаррас ноил гарданд [3;40].

Бояд қайд намуд, ки афзалияти муҳим ба рушди соҳибкории хурд ва миёна на танҳо дар хоҷагии қишлоқ, балки ба иқтисодиёт такони воқеӣ мебахшад. Илова бар ин, ҳиссаи соҳибкории хурд ва миёна дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба 60 фоиз ва бештар аз он мерасад.

Соҳибкории хурд ва миёна бартариҳои дурнамои бузург доранд. Пеш аз ҳама, ин бо чандирӣ ва зиёд шудани майлу хоҳиш ба инноватсия, прогресси илмию техникӣ ва зуд ба тағйироти талаботи аҳолӣ мебошад. Мақсади асосии соҳибкории хурд ва миёна ҳалли масъалаҳои бо молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ таъмин намудани талаботи бозори дохилӣ мебошад.

Барои рушди соҳибкории хурду миёна дахолати мақомотҳои махсуси давлат зарур аст. Бе таъмини ҳимоя ва дастгирии бевоситаи давлат, бе паст кардани меъёри андоз, додани қарзҳои имтиёзнок, омодасозии кадрҳо, бе эҷоди инфрасохтори иттилоотӣ, паҳн накардани таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, ҳифзи ҳуқуқии соҳибкорон аз худсарии бюрократӣ ва ҷинояткорӣ имконнопазир аст. Набудани бисёре аз ин шароит дар давраи гузариш монеаи табдили ин соҳа ба як бахши хеле самараноки иқтисоди Тоҷикистон мешавад. Барномаи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар рӯи коғаз боқӣ монда, воқеан маблағгузорӣ карда намешавад.

Вақте сухан дар бораи мафҳуми соҳибкории хурду миёна ва меъёрҳои чунин таъриф, яъне тақсимоти корхонаҳо ба хурд, миёна ва калон меравад, ин тибқи қонунгузории миллӣ сурат мегирад. Аммо, чунон ки таҷриба нишон медиҳад, се намуди меъёрҳо: оморӣ, функсионалӣ ва институтсионалӣ бештар истифода мешаванд.

Меъёрҳои мавҷудаи гурӯҳбандии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 1. нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 1. -Таснифи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*.**

| **Меъёрҳои кӯҳна (дар асоси шумораи миёнаи кормандон дар соли тақвимӣ) Нашри қонун аз 26 июли соли 2014 № 1107** | **Меъёрҳои нав (даромади солона) Таҳрири қонун аз 18 марти соли 2015 № 1194** |
|---|---|
| **Хурд** | **Хурд** |
| на зиёда аз 30 нафар (барои истеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ - 50) нафар | муомилоти мол дар як сол то 500 ҳазор сомонӣ |
| **Миёна** | **Миёна** |
| 30 -100 (барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ - аз 50 то 200) нафар | муомилоти мол дар як сол аз 500 ҳазор то 15 миллион сомонӣ |
| **Калон** | **Калон** |
| зиёда аз 100 нафар (барои истеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ зиёда аз 200 нафар). | муомилоти мол дар як сол бештар аз 15 миллион сомониро ташкил медиҳад. |

***Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Дар асоси қонунгузории амалкунанда субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хурд, миёна ва калон тақсим мешаванд. Ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дохил мешаванд, ки даромади умумии солонаашон то 500 000 (панҷсад ҳазор) сомониро ташкил медиҳад. Соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба намудҳои зерини фаъолият машғуланд, наметавонанд ба субъектҳои тиҷорати хурд дохил карда шаванд:

– истеҳсоли молҳои зераксизӣ;
– таъминоти алюминийи аввалия;
– фаъолияти бонкӣ ва суғурта;
– фаъолият оид ба идоракунии фондҳои сармоягузорӣ;
– фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок.

Ба субъектҳои соҳибкории миёна шахсони ҳуқуқие дохил мешаванд, ки даромади умумии солонаашон аз 500 000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ то 15 000 000 (понздаҳ миллион) сомониро ташкил медиҳад. Ба субъектҳои соҳибкории калон шахсони ҳуқуқӣ дохил мешаванд, ки даромади умумии солонаашон зиёда аз 15 000 000 (понздаҳ миллион) сомониро ташкил медиҳад.

Шаклҳои ташкили соҳибкории хурд ва миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намуди фаъолият алоқаманд буда, асосан дар чунин шаклҳо ба вуҷуд оварда мешаванд:

- фаъолияти соҳибкории инфиродӣ (дар асоси патент, шаҳодатнома), хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ);
- шахсони ҳуқуқӣ (ҶДММ, кооперативҳои кишоварзӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ).

Илова ба ин, соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ ташкили тиҷоратро дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва ҳам ғайриистеҳсолӣ, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасониҳо низ, ки бо истеҳсолоти кишоварзӣ алоқаманд нестанд, шомил мебошад. Вобаста ба ин, барои асоснокнамоии самтҳои асосии рушди ташкилию иқтисодии соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ намудҳои соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти деҳот ҷудо карда шудаанд. (расми 1.).




**Расми 1.-Таснифоти намудҳои соҳибкории хурд ва миёна дар иқтисодиёти деҳот***

*Таҳияи муаллиф

Соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ рақобатро ҳавасманд менамояд, барои амалигардонии иқтидор ва самаранок истифода бурдани захираҳо дар деҳаҳо шароит фароҳам меорад. Ба ғайр аз ин, ба туфайли татбиқи усулҳо ва тарзҳои нави истеҳсоли молу хизматрасониҳо дар хоҷагии қишлоқ барои бунёди сохти нав дар деҳот, аз ҷумла, дар пояи рушди ҳамаҷоя ва ҳаматарафаи соҳибкорӣ дар хоҷагии қишлоқ, шароит фароҳам оварда мешавад. Соҳибкории хурду миёна бо як қатор хусусиятҳои хосаш, ки вайро устувор ва ҳаётпазир мегардонанд, фарқ мекунад. Онҳо метавонанд барояшон дар низоми кооператсияи истеҳсолӣ бо корхонаҳои миёна ва бузург ҷой пайдо намоянд, метавонанд истеҳсоли маҳсулотро бо қисмҳои начандон калон ташкил намоянд, ки инро дар чорчӯбаи корхонаҳои бузург бо дарназардошти ноилгардӣ ба дараҷаи муътадили даромаднокӣ таъмин кардан имконнопазир мебошад [4;5].

Нақши афзояндаи соҳибкории хурду миёнаро дар хоҷагии қишлоқ ба назар гирифта, барои дастгирии самаранок ва рушди он мебояд, таҷрибаи кишварҳои мутараққиро омӯхта, азнавсозиҳои дахлдорро ба амал ҷорӣ намуд:

- барои субъектҳои соҳибкории хурду миёна заминаи ниҳодии самаранок ва амалкунандаро таъмин намуд;

- механизмҳои давра - ба - давра ҷорӣ намудани маблағгузории имтиёзнок, суғурта ва маблағтаъминкунии андозбандии соҳибкории хурду миёнаро ба монанди бисёр кишварҳои мутараққии ҷаҳон таҳия ва ҷорӣ намуд;

- барои таъмини чандирии зарурии субъектҳои соҳибкории хурду миёна вобаста ба сатҳи баланди тағйирёбии муҳити берунаи муосир шароит фароҳам овард;

- бо дарназардошти рушди технологияҳои иттилоотӣ имкониятҳои ҷорӣ намудани фаъолияти соҳибкориро дар хона ҳавсманд ва васеъ намуд;

- барои маҳсулоти соҳибкории хурду миёна дар деҳаҳо ва ноҳияҳои кӯҳӣ ярмаркаҳо ва намоишгоҳҳо ташкил намуд, ҳамзамон иштироки ба таври ҳадди аксар фаъоли онҳоро ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз ҳудудҳои он таъмин намуд;

- механизмҳои муттаҳидсозии захираҳои корхонаҳои хурду миёнаро, ки ба онҳо имкони мустақилона ба бозори беруна баромаданро медиҳанд, бунёд намуд.

Қобили зикр аст, ки дар баробари ин, шароити кунунии пешбурди соҳибкорӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон бо мавҷудияти мушкилоти ҷойдошта дар ворид шудан ба бозори тиҷорати хурд, қобилияти пасти пардохтпазирии аҳолӣ, афзоиши хароҷоти нақлиёт ва дигар хароҷот, мушкили дастрасӣ ба ашёи хом, технологияи нав, сармояи қарзӣ дида мешавад. Дар аксари мавридҳо соҳибкор барои зинда мондан таъсис дода мешавад, на барои рушди соҳибкорӣ.

Ҳамин тариқ, соҳибкории хурд ва миёна унсури органикии сохтори иқтисоди бозорӣ мебошад. Ин соҳаи иқтисодиёт аз ҷиҳати таърихӣ ва мантиқӣ ба вуҷуд овардани муҳити бозор гардидааст. Илова ба ин, соҳибкории хурд дар таърихи ташаккули иқтисодиёти бозорӣ нақши калиди дорад. Ин хусусият ва ҳадафи хоси функсионалии соҳибкории хурд барои кишварҳое, ки дар муносибатҳои иқтисоди бозорӣ гузаштаанд, аҳамияти хоса дорад.

**Адабиёт:**

1. Азимов П.Х., Мирзобеков Х.Д. Малое и среднее предпринимательство в Республике Таджикистан: особенности, тенденции и проблемы // Научно-технические ведомости Санкт-Петербургского государственного политехнического университета. Экономические науки. 2016. №3 (245). –С. 183.

2. Борисов С.В., Роговский Е.И. Исследование особенностей организации малого и среднего предпринимательства в сельской местности // Вестник АГАУ. 2016. №2 (136). –С. 160.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» аз 18.03.2015 г., № 1194.

4. Шодиев К.К. Организационно-экономические основы развития малого и среднего предпринимательства в сельском хозяйстве Республики Таджикистан / монография Душанбе: Ирфон 2021г. Стр. 22

## ЧЕЛОВЕЧЕСКИЙ КАПИТАЛ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКИСТАНА: РЕГИОНАЛЬНЫЙ АСПЕКТ

**Назарамонова Д.М. – н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти ДДМИТ**

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулосаву пешниҳодҳои зеринро баровард. Минтақаҳо ва ҳудудҳое, ки дар онҳо кластерҳо ташаккул ёфтаанд, суръати устувори рушдро касб намуда, бартариятҳои ташаккули кластер на танҳо дар сармоягузорӣ ва инноватсия, балки дар тамоми самтҳои фаъолият зуҳур меёбанд. Ҳангоми ба кластерҳо гурӯҳбандӣ кардани субъектҳои хоҷагидор сохтори истеҳсолот такмил дода мешавад, захираҳо дар самтҳои афзалиятнок тамаркуз карда, равандҳои истеҳсолӣ ва технологӣ нав ва хароҷотҳои ғайриистеҳсолӣ кам карда мешаванд. Дар натиҷа кластерҳо ба яке аз шаклҳои самараноки кооператсия ва ҳамгироии сармояи истеҳсолӣ, сармоягузорӣ ва тахассусӣ табдил меёбанд, ки ташаккули бартариҳои зиёди рақобатро таъмин менамояд. Аз ин рӯ, ҳоло қабули равиши кластер ҳамчун заминаи методологии рушди инноватсионии стратегӣ комилан қонунист.

**Адабиёт:**

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 – Душанбе, 2016.
2. Портер М. Конкуренция. On competition / М. Портер; ред.: Я. В. Заблоцкий [и др.]; пер. с англ. О. Л. Пелявского [и др.]. – М.: Вильямс, 2005. – 608 с.
3. Маршалл А. Принципы политической экономии: в 3 т. / А. Маршалл; пер. с англ. Р. И. Столпера; общ. ред. С. М. Никитина. – М.: Прогресс, 1983. – Т. 1. – 416 с.
4. Васильев, К. А. Кластер как основа устойчивого развития АПК региона (на материалах Кемеровской области) / К. А. Васильев, А. Е. Шамин. – М.: Ирбис, 2015. – 218 с.

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ТАНЗИМИ АНДОЗИИ ИҚТИСОДИЁТ

**Яъқуб Ҳ. – доктори фалсафа (PhD)-и кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ**

Аз ҳама бештар назарияи умумии андозбандӣ ҳамчун назарияи манфиатовар, мубодила ё назарияи атеистӣ дар охири асри XVII ва давоми асри XVIII дар асарҳои файласуфон ва иқтисоддонҳои намоён Ҷ. Локк, Т. Гоббс, Д. Юсти, Ф. Кенэ, И. Зоненфелёс, А. Тюрго, О. Мирабо, С.Д. Вобан ва бисёр олимони дигар, ки ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ диққати зиёд медоданд, ифода ёфта буд. Онҳо андозро ҳамчун пардохт ба давлат барои хизматрасонӣ дар асоси шартнома аз тарафи ҳар як шаҳрванд, пардохт барои ҳимояи давлат, ҳимояи моликияти аъзоёни ҷамъият, ҳимояи шаҳрвандон ва ғайра маънидод мекарданд. Дар баъзе мавридҳо, байни андозҳо ва хизматрасонии давлатӣ алоқамандӣ кам ба назар мерасид, зеро андозҳо ба таври маҷбурӣ рӯёнида шуда, андозсупорандагон аз давлат ёрии иҷтимоӣ намегирифтанд. [2,с.45]

Минбаъд, намояндагони мактаби физиократҳо - иқтисоддонҳои фаронсавӣ Ф. Кенэ (1694-1774 с.), А. Тюрго (1727-1781с.), Дюпон де Немур ва намояндагони дигаре, ки ақидаи андозбандии самарабахшро пешниҳод намуданд, шӯҳрати баланд пайдо намуд. Онҳо исбот намуданд, ки замин ягона манбаи боигарӣ мебошад. Таъинот дар бораи "маҳсулоти соф" ё маҳсулоти изофа, яъне зиёд будани даромад нисбати хароҷотро кор карда баромаданд ва сохтори сармояро ошкор намуданд. [3,с.35]

Ба ақидаи мо, таҳлили муқоисавии гуногуни танзими фискалии иқтисодиёт ва таҳияи сиёсати андозу буҷетӣ, муайян карда шуд, ки он бояд дар асоси истифодаи усули

маҷмӯй, аз ҷумла баррасии он дар тамоюл ва вобаста ба маҷмӯи омилҳо (сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолӣ, табиати муносибатҳои истеҳсолӣ, меъёрҳои афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва даромадҳои миллӣ ва нишондиҳандаҳои дигари макроиқтисодӣ) танзим карда шавад. [4.с,28]

Дар назарияи андозбандии классикони иқтисоди сиёсӣ, нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи якуми асри XIX, ки намояндагони онҳо У. Петти (1623-1987), А. Смит (1723-1790), Д. Рикардо (1772- 1823), Ж.Б. Сэй (1762-1832) ва дигарон буданд, масъалаи андозбандӣ мақоми махсусро ишғол мекард.

У. Петти дар асари худ бо номи "Рисола оид ба андозу пардохтҳо" на аз рӯи аломатҳои зоҳирӣ, балки моҳияти ҷараёни иқтисод таваҷҷуҳ зоҳир намуда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки "табиати ниҳоии" андозҳо ва оқибатҳои онҳо, рентаи пулӣ, рентаи замин, пул, манбаи боигариро равшан созад.

Хизмати бузурги мактаби классикӣ бо сарварии А. Смит, Д. Рикардо ва намояндагони онҳо дар он зоҳир меёбанд, ки онҳо табиати иқтисодии андозро таҳқиқ намуданд ва нуқтаи назари худро дар ин соҳа кушода доданд. А. Смит ақида дошт, ки хароҷотҳои давлат сифати ғайриистеҳсолӣ доранд, аммо андоз баҳои ҳаққонӣ нисбати хизматрасонии давлат мебошад. [6.с,38]

Ҳамин тариқ, супоридани андоз ба вазифаи ҳар як шаҳрванд медароmad. Андозҳо чун даромаде баромад мекарданд, ки хароҷотҳои давлатро мепӯшониданд.

Тавре олими намоён Бенҷамин Франклин (1706-1790) қайд намуда буд: "ҳам супоридани андоз ва ҳам фавтидан кори ҳар шахс аст", яъне дар ҳаёти одам ду чиз ногузир мебошад: марг ва андозҳо.

Қайд кардан зарур аст, ки аксари олимон андоз ва давлатро ба ҳам пайваст намуда, ҳисоб мекарданд, ки маҳз барои пӯшонидани хароҷотҳои давлат андозу пардохт меситонад.

К. Маркс андозро чунин шарҳ додаст: "Дар андозҳо мавҷудияти иқтисодии давлат таҷассум ёфтаанд".[4.с,125]

Ҳамин тариқ, андозҳо якҷоя ҳамроҳи давлат ба вуҷуд омада, инкишоф ёфтанд. Дигаргунии шакли сохтори давлат, инчунин, ба дигаргуншавии низоми андозӣ мусоидат менамояд. Дар давлатҳои Ғарб кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки аз ҷиҳати назариявӣ амалияи андозбандиро дар самтҳои гуногуни назарияи иқтисодӣ асоснок намоянд, намунаи (тарҳи) низоми андози онро вобаста ба сиёсати пешгирифтаи давлат дигаргун гардонанд.

Дар илми иқтисод, низоми андозбандиро таҳлил карда, ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки низоми андоз ин маҷмӯи ниҳодҳое мебошад, ки дар сатҳи иқтисоди миллӣ барои амалинамоии фаъолияти андозбандӣ равона шудаанд. Ҳамзамон, пеш аз ҳама, қайд кардан зарур аст, ки андозҳо вобаста ба таъинот, объект ва субъект, манбаи андозбандӣ тасниф карда мешаванд. Вобаста ба ин, олимон дар тамоми давраи таҳаввулоти андозҳо ва низоми андозӣ ба шаклҳои алоҳидаи он таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. [5.с,98]

Дар илми молия бартариву норасиҳои ҳар як шакли андозбандиро таҳқиқ карда истода, ба хулосае омадан мумкин аст, ки танҳо ба василаи омезиш додани андозбандиҳои мустақиму ғайримустақим метавон низоми андозеро барпо кард, ки ба манфиатҳои хазинаи давлат ва манфиатҳои иқтисодии андозсупорон ҷавобгӯ бошад.

Тибқи ақидаи С.Ю. Вите: «Барои ноил гардидан ба ин мақсадҳо, ғайр аз ташкили хуби андозҳои мустақим зарур аст, ки андозҳои ғайримустақим заминаи асосии системаи молияи мамлакатро ташкил надиҳанд, то ки меъёрҳои баста шудани ин андозҳо баланд набошанд ва онҳо ба ашёи истеъмолоти мубрам ё ашёи заруратӣ аввалия дахл накунанд, то ки тамоми системаи молия ба таҳкурсии ҷалби ҳамаҷонибаи арзишҳои конюнктурӣ ва даромадҳо барои пӯшонидани эҳтиёҷоти хоҷагии давлат қарор ёбад».

Дар тамоми давру замон инсоният бо масъалаҳои глобалии ҷаҳони хеш рӯ ба рӯ мегардад. Масъалаи таҳаввулоти назариявӣ ва ё худ инкишофи андоз яке аз муаммоҳои ҷаҳонӣ дар таърихи башарият мебошад. Танҳо худи мафҳум ва моҳияти андоз, тибқи таҳлилҳои назариявӣ, таърихи тӯлонӣ дорад. Дар таърихи инсоният тӯли қарнҳо мардум ба ҷамъоварии андоз ва супоридани он аҳамияти ҷиддӣ медод. Намудҳои андоз низ дар тамоми давру замон гуногун буданд. Яке аз чунин андозҳои маъмули мардуми мо ин вақф ва намудҳои он буд, ки ҳам дар илми иқтисодӣ ва ҳам илмҳои гуманитарӣ нақши калони илмиро дорад. Гарчанде ки аз чунин масъалаҳо тӯли қарнҳо сипарӣ гардида бошад ҳам, намудҳои андоз ва андозбандӣ дар илм арзиши худро гум накардааст. Маҳз масъалаи тарҳрезикардашудаи банди мазкур ба яке аз чунин масъалаҳои мубрами илми иқтисодӣ бахшида шудааст.

Дар ин радиф муҳаққиқонеро, ки бевосита бахшида ба масъалаи мазкур таҳқиқот бурданд, номбар кардан мумкин аст: Ҷ. Локк., Т. Гоббс., Д. Юсти., Ф. Кенэ., А. Тюрго, О. Мирабо., С.Д. Вобан., Ш. Монтеске ва дигарон, ки маҳз ин олимон дар асарҳои худ андозҳоро ҳамчун пардохт ба давлат барои хизматрасонӣ дар асоси шартнома, пардохт барои ҳимояи моликият, ҳимояи давлат ва ғайра баррасӣ намудаанд. Бахусус, олими машҳури аврупоӣ Ш.Л. Монтеске дар бештари асарҳои худ оид ба масъалаи ҳуқуқу озодӣ ва пардохти андози давлатӣ дар замони мавҷудбудаи хеш хело равшан шарҳ додааст. Ӯ дар яке аз асарҳои худ, ки он зери унвони “Рӯҳи қонунҳо” машҳур аст, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд ва пардохти андозро аз диди қонун баҳогузорӣ намудааст. Дар асари хеш ӯ қайд менамояд, ки “ҳамаи инсонҳо аз модар озод-бараҳна ба дунёи ҳастӣ омадаанд, бинобар ин дар интихоботи ин ва ё он масъала ӯ озод мебошад, яъне инсон арзиши олиро дорад”.

Ба ақидаи иқтисодшиноси олмонӣ Эрнст Генрих Геккел, ки ӯ дар таҳқиқотҳои илмии худ тамоми андоз ва шаклҳои онро, хусусан андозҳои ғайримустақимро аз рӯи даромаду моликият ва андозбандии хароҷотро таҳлил намуд, қайд менамояд, ки хоҷагии андозсупоранда ба ду қисм, яъне даромадию хароҷотӣ тақсим мешаванд. Андозҳои аз рӯи даромад ва моликият, дар мисоли андози замин, хона, сармояи пулӣ ва меҳнати шахсӣ ба гурӯҳи андозҳои мустақим дохил мешуданд. Андоз барои хароҷотро ба гурӯҳи ғайримустақим дохил кардааст.

Ба ду гурӯҳ, яъне ба мустақим ва ғайримустақим ҷудо намудани андозҳо аз қобили пардохт будани шахсоне бармеояд, ки ба василаи даромаду моликияти онҳо, инчунин, алоқаи миёни даромади андозсупору истеъмоли ӯ муайян карда мешавад.

Ж.Боден андозбандии воқеиро кори аз ҳама одилона мешуморид ва ҳамзамон, ҷонибдори андозбандии ғайримустақим буд. Тавсияҳои ӯ рӯҳу мазмуни таълифоти молиявии он замонро инъикос менамояд. Ӯ назарияҳои ҷолиби муфидро низ ба ҷомеа пешниҳод намуда буд. Аз сабаби он, ки илми молия дар ҳолати ибтидоӣ қарор дошт, вай назарияи андозбандии худашро пешниҳод карда наметавонист. Меркантилизми

деромада бошад, бо танқиди андозбандии ғайримустақим ҳарф мегуфт. С. Вобан бо андешаи «ушри шоҳона»-и худаш ба андозбандии ғайримустақим муқобил баромад мекард, гарчанде ки дар шаклҳои ҷудогона боқӣ дошта шудани онро имконпазир ҳисобида, ба ақидааш қавӣ набуд. [3.с,65]

Хулоса, ҳаминро бояд гуфт, ки ақидаи муаллиф оид ба моҳияти андоз пешниҳод гардид, ки андозҳо – як шакли пардохти маблағҳои дорои хусусияти ҳатмӣ мебошанд, ки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ дар асоси қоидаю тартиботи қонунгузории амалкунанда, дар муддати муайяншуда месупоранд.

***Адабиёт:***


1. *Комилов А.Қ., Гулов Ш.М. Назарияи иқтисодӣ: васоити таълимӣ/ А.Қ. Комилов,- Душанбе 2016.-285с.- С38*
2. *Ш.М. Гулов – Душанбе.: Эр-граф, 2017. – 255 с. - С. 14.*
3. *У. Петти Экономические и статистические работы:/ монография – М.: Соцэкгиз, 1940. – 324 с. – С. 156.*
4. *Маркс К., Энгельс Ф. Соч.-Т.4.: монография/ К. Маркс, Ф. Энгельс - С.308. - [электронный ресурс]. – URL: - https://lektsia.com/9x1b3e.html.*
5. *Витте, С.Ю. О государственном хозяйстве: консп. лекции/ С.Ю. Витте - Москва, 1997. – 3-ое изд.- С. 60.*
6. *Кротов А.А. Новая философская энциклопедия: энциклопедия/ А.А. Кротов – Москва.: Эксмо-2010. – 325 с. - С. 45*
7. *Рикардо Д. Начала политической экономии и налогового обложения. Том 3. Отдел третий: О влиянии налогов, которыми облагаются отдельные товары: монография/ Д.Рикардо – М.: Эксмо, 1998. – 539 с.- С. 301.*


## ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ, ОМИЛИ БАЛАНДБАРДОРИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ИСТЕҲСОЛОТ

**Саъдиев Ҳ.Ф. -ассистенти кафедраи менеҷменти молиявии ДДМИТ,**

Корхонаҳо бо бисёр омилҳои берунӣ ва дохилӣ дучор меоянд, ки ҳам ба равандҳои дохили ширкат ва ҳам ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти он таъсир мерасонанд. Муҳити зист барои ба вуҷуд овардани хатарҳо таъсир мерасонанд. Хавфҳои соҳибкорӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ шароит ҷудонашаванда аст. Дар фаъолияти соҳибкорӣ хавфи таҳдиди аз даст додани захираҳои раванди истеҳсолот гузошташуда, кам шудани даромади нақшавӣ ё пайдоши хароҷоти иловагӣ мебошад.

Мувофиқи самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ одатан хавфҳои зерини соҳибкорӣ ҷудо мешаванд: хавфи истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ суғурта.

Хавфи молиявии корхона ин имконияти талафоти молиявии пешбининашаванда дар вазъияти номуайянӣ дар шароити фаъолияти молиявии корхона мебошад.

Муҳимияти мавзуъ барои омӯзиш интихобшуда дар самаранокиии идоракунии хавфҳои молиявии корхона мебошад. Ин идоракунӣ нақши фаъол дошта, ноил шудан ба ҳадафҳои фаъолияти молиявии корхонаро таъмин менамояд. Қобилияти таъсиррасонии самаранок ба хатарҳо имкон медиҳад, ки корхона бо муваффақият кор намояд, устувории молиявӣ рақобатпазирии баланд ва даромаднокии устувор дошта бошад.

Идоракунии хавфи молиявии корхона ин низоми принсипҳо ва усулҳои таҳия ва татбиқи қарорҳои молиявии хавфнок мебошад, ки баҳодиҳии ҳамаҷонибаи намудҳои гуногуни хавфҳои молиявиро таъмин намуда, оқибатҳои эҳтимолии манфии молиявии онҳоро безерар мегардонад.

Тиҷорат мураккабатар мешавад мешавад, ҳаҷми иттилооти дастрас меафзояд, бозорҳо ба ҷаҳонишавӣ дуҷор мешаванд, ва дар натиҷа идоракунии хавфҳои молиявӣ

ба яке аз омилҳои асосии рушди ширкат табдил меёбад. Аз ин рӯ, таъсиси низоми идоракунии хавфҳо яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи менеҷерон мебошад.

Хавфи молиявӣ эҳтимолияти аз даст додани захираҳои молиявӣ мебошад. Аз рӯи табиати худ, онҳо тахмини мебошанд, бинобар ин вобаста қарорҳои соҳибон ё менеҷерони тиҷорат, онҳо метавонанд ба натиҷаи мусби ё манфи оварда мерасонанд.

Принсипҳои танзиими хавфҳои молиявии идоракунии таҳдидҳои молиявии корхона ба принсипҳои асос ёфтааст, ки аз назарияи идоракунии хавф бар меояд. Тибқи он ҳама ҳодисаҳои номатлуб ва талафоти молиявии марбут ба онҳо ба ҳамдигар новобастаанд. Аз ин рӯ, беҳтар аст, ки онҳоро алоҳида безерар кунед. Инчунин агар маблағи талафоти эҳтимоли аз даромади пешбинишуда аз амалиёт зиёд бошад, беҳтар аст, ки онро иҷро накунед.

Низоми идоракунии хавфҳои пулӣ ҳадафи асосии низоми идоракунии хавфҳои молиявӣ нигоҳ доштани устувории корхона дар раванди рушди он, кам кардани талафот дар амалиёти тиҷоратӣ мебошад. Аз ин рӯ, он бояд вазифаҳои зеринро ҳал кунад: муайян кардани таҳдидҳои муҳимтарин, камбудиҳои фаъолияти корхона. Арзёбии бисёрҷонибаи ҳама таҳдидҳои имконпазир, эҳтимолияти онҳо, зарари пешбинишуда.

Таҳияи чораҳо барои безарар кардан ё кам кардани таҳдидҳои қабулшуда. Намудҳои зиёди хавфҳои пулӣ мавҷуданд, аз ин рӯ ҳар яки онҳоро муайян кардан лозим. Марҳила ба марҳила идора кардани онҳо гарави муваффаққияти тамоми низом мебошад.

Марҳила идора кардани онҳо гарави муваффаққияти тамоми низом мебошад, инҳоро дарбар мегирад:

- Марҳилаи идоракунии хавфҳои молиявӣ.
- Муайян намудани навъҳои алоҳидаи хавфҳое, ки бо фаъолияти корхона алоқаманданд.
- Арзёбии дараҷаи талафоти эҳтимолии молиявии алоҳида.
- Арёбии талафоти эҳтимолии молиявии марбут ба хатарҳои алоҳидаи молиявӣ
- Муқарар кардани арзиши лимити сатҳи хавф барои молиявии инфиродӣ
- Пешгирии хавфҳои молиявии инфиродӣ
- Суғуртаи дохилӣ ва берунии хавфҳои молиявӣ
- Арёбии самаранокии идоракунии хавфҳои молиявӣ

Аз рӯйи зуҳурот дар вақт таъсири хавф ба фаъолияти хоҷагидорӣ ба намудҳои зерин ҷудо карда мешавад:

- Ба сатҳи пасти эҳтимолият( камтар аз 10%)
- Бо сатҳи миёнаи эҳтимолияти амалӣ ( дар ҳудуди 10-25%)
- Бо сатҳи баланди эҳтимолияти татбиқ (зиёд аз 25%)
- Бо сатҳи номаълум эҳтимолият (иҷрошуда дар шароити номуайян)

Аз рӯи хусусияти алоқа бо қобилият харидории пул:

- Хавфи пардохтпазирӣ
- Асъорӣ
- Таваррумӣ

Имконияти пешгӯйшаванда ва пешгӯйнашаванда:

- Пешгӯйшаванда;
- Пешгӯйнашаванда;

## Хулоса

Ширкатҳои пешрафта ба идоракунии хавфҳои молиявӣ сармоягузорӣ мекунанд, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки субот ва даромаднокии тиҷорати худро нигоҳ доранд. Дар амал усули ҳамгирой аз ҳама беҳтар интихоби усулҳои баҳодиҳӣ ва воситаҳои идоракунӣ бо назардошти тамоми доираи усулҳои ҳозиразамон исбот шуд. Дар баробари ин, ташкилҳое, ки идоракунии хавфҳоро ба қадри кофи ҷиддӣ

намегиранд, пайваста ба бухрон дучор мешаванд. Дар баробари ин бартараф намудани оқибатҳои онҳо захираҳои пурқимат сар карда мешаванд.

Хавф метавонад ба ширкат зарари хурд ва ё зарари ҷубронnопазир расонад.

Маълум аст, ки пурзур шудавни рақобат дар бозорҳои нави ояндадор барои истеъмолкунанда фоидпнок аст. Ширкатҳои хурде, ки «сармояи хавф» мегиранд, инчунин як навъ майдони озмоишӣ дар истеҳсолӣ молҳои нав мебошанд. Корпоратсияҳо аз таҷрибаи чунин ширкат ба муваффақият ва ё баръакс ба бефоида будани рушди мушаххас боварӣ дошта, метавонанд барномаҳои сармоягузории худро хеле оқилонатар ташкил кунанд. Хавфҳо метавонанд ба вуҷуд оянд ва ҳар як корхона, новобаста ба дараҷаи устувории он дар бозор таъсир расонанд. Ин таъсир чун қоида манфи буда, метавонад ширкатро ба бухрон оварда расонад.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**


1. Нуров Ш.С., Содиқов М.С., Амиров М.С., Мирзоева Е.Ш., Ҳакимова М.С., Саъдиев Ҳ.Ф., Идоракунии хавфҳои молиявӣ (васоти таълимӣ) Душанбе 2018 саҳ. 7-10

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳикорӣ» 26.07.2014 №1107

3. Лукьяненко, А.В., Кузьмичева И.А. Управление финансовыми рисками предприя // Международный журнал прыкладных и фундаментальных исследований. – 2015,- №8-1,С. 129-131 URL:http// applied- research. ru article/viele= 7055

4. перевод версия журнала « Современные проблемы науки и образования « Modern Problems of Science and Education. Surgery»


---

## Потенсиали андозӣ ҳамчун асоси системаи буҷети кишвар


**Файзуллоев К.Ҷ.– ассистенти кафедраи менеҷменти молиявии ДДМИТ**



Дар ин мақола муаллиф тафсирҳои гуногуни моҳияти потенсиали андози минтақаро таҳлил кардааст. Нуқтаи назари олимони хориҷӣ дар бораи имконоти андозӣ оварда шудааст. Муаллиф инчунин ислоҳоти низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду самт гузаронида қайд кардааст. Дар мақола зерсистемаҳои сиёсати андоз ва ҳамкории онҳо бо давлат ва ҷомеа баррасӣ шудаанд. Хулоса, ба хулосае омаданд, ки потенсиали андозӣ яке аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Қайд карда мешавад, ки потенсиали андози минтақа даромади буҷети давлатиро таъмин намуда, барои рушди мустақилияти молиявӣ ва рушди устувори системаи андоз шароити зарурӣ фароҳам меорад.



**Калидвожаҳо:** потенсиали андоз, андозҳо, низоми андоз, буҷаи давлатӣ, унсурҳои андозбандӣ, даромадҳои андоз, вазифаҳои потенсиали андоз, муносибатҳои байни буҷетӣ, минтақаҳо, сиёсати андоз.


Афзоиши воридоти андоз ба низоми буҷети кишвар аз бисёр ҷиҳат аз фароҳам овардани шароит барои афзоиши иқтидори андози минтақаҳо вобаста аст. Дар мақола раванди ташаккул ва иҷрои ӯҳдадориҳои андоз аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ, ки ба пардохтҳои андоз, ё ба бақия ба буҷет, ё ба коррупсия ва пардохтҳои ҷиноӣ дар низоми тиҷорати мубаддал мегарданд, нишон дода шудааст. Аҳамият ва зарурияти сохторсозӣ ва баҳисобгирии ҷудогонаи ҷузъҳои потенсиали андозбандии минтақаҳо асоснок карда шудааст, ки дар заминаи захираҳои воқеии афзоиши он заминаи объективӣ фароҳам меорад. Ислоҳоти низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду самт гузаронида мешавад.

Самти якум бо ташкили системаи андозбандӣ, ки ба рушди интенсивии иқтисодиёт, таъмини амнияти берунӣ ва дохилии кишвар, ҳалли мушкилоти шадиди иҷтимоӣ дар асоси ба назар гирифтани манфиатҳои андозсупорандагон нигаронида шудааст, алоқаманд аст.

Самти дуюми ислоҳоти низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани иқтидори андозсупории ҳама сатҳҳо ва зиёд кардани пардохтҳо ва пардохтҳои андоз ҳамчун асоси низоми буҷети кишвар равона карда шудааст. Тадқиқоти моҳият, мундариҷаи иқтисодӣ, баҳодиҳии расмикунонидашудаи потенсиали андозсупорӣ чи дар сатҳи минтақавӣ ва чӣ дар маҷмӯъ дар сатҳи давлат, мавзӯи кори бисёр олимони рус мебошад. Дар байни нашрияҳои охирин, бояд асарҳои чунин муаллифонро, ба монанди В.В. Ангархаева, Л.М. Архипцева, Л.И. Гончаренко, І. В. Горский, Е.В. Лятина, И.А. Майбуров, Л.А. Мещерякова, Л.Р. Слепнева, А.Э. Суглобов, Г Д. Торопигин ва дигаронро аз нуқтаи назар гузаронем.

Дар айни замон, дар як қатор муқаррарот нуқтаи назари муаллифон нисбати мундариҷаи категорияҳои дар боло зикршуда фарқ мекунад. Ду роҳи асосии тафсири мафҳуми "потенсиали андоз" мавҷуд аст - объект-захиравӣ ва фискалӣ. Аз нуқтаи назари муносибати объектӣ-захиравӣ, потенсиали андоз ба маънои васеъ ҳаҷми умумии манбаъҳои (объектҳои) андозбандишавандаи қаламравҳо мебошад. Даромадҳои андоз дар ин ҷо аз ду омили асосӣ вобастаанд: манбаи андоз ва меъёрҳои андоз.

Аз нуқтаи назари фискалӣ, потенсиали андоз ба маънои васеи калима, чун қоида, ҳамчун ҳадди имконпазири пардохтҳои андоз дар минтақаи муайян дар шароити қонунгузории амалкунандаи андоз дарк карда мешавад. Бо чунин муносибат, ҳаҷми пардохтҳои андоз асосан аз ҳисоби пардохтпазирии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ муайян карда мешавад. Усулҳои назариявии дар тафсири потенсиали андозбуда эътирозҳои асосиро ба миён намеоранд. Аммо, вақте ки дар амал истифода мешавад, яъне ҳангоми кӯшиши баҳо додан ба миқдори патенсиали андози минтақаҳо, маҷмӯи таркибҳои он дар байни татқиқотҳои муаллифони алоҳида хеле фарқ мекунад. Дар боло гуфта мешавад, ки аҳамияти омӯхтани ҷузъҳои потенсиали андозӣ аз нуқтаи назариявӣ ва амалӣ нишон дода шудааст. Бонки Ҷаҳонӣ потенсиали андозбандиро тавассути қобилияти манбаи андозбандӣ дар доираи ягон воҳиди маъмурӣ барои ба даст овардани даромад дар шакли даромадҳои андоз муайян мекунад. Дар таърифи дар боло овардашуда, ба ситонидани пардохтҳои андоз диққат дода мешавад. Ин тафсири потенсиали андоз имкон медиҳад, ки манбаи андоз ба даромадҳои андозӣ аз рӯи натиҷаҳои давраи андозбанди табдил дода шавад. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки қисми зиёди даромадҳои андоз аз ҳисоби қарзҳо, саркашӣ аз пардохти андозҳо мешаванд. Ба эътибор гирифтани иқтидори андозсупорӣ танҳо ба «қобилияти манбаи андозбандӣ барои даромад» комилан дуруст нест, зеро бо назардошти он ки омилҳои мухталифе, ки даромади воқеии андозро ба даст меоранд, баҳо додан "қобилияти тавлиди даромади манбаи андоз" -ро душвор аст. Дар байни ҷузъҳои потенсиали андоз, ки дар сатҳи минтақавӣ баҳогузорӣ карда шудаанд, муҳаққиқон даромади эҳтимолии андозро, ки андозҳоеро, ки илова ба зам кардани ҳосил аз рӯи натиҷаҳои санҷишҳои назоратӣ аз ҷониби мақомоти андоз пешбинӣ шудаанд, ҷудо мекунанд; зарари андоз аз бахши иқтисодиёт. Дар баробари ин, ба потенсиали андоз афзоиши қарзи андоз дар давра ва ҳаҷми андозҳое, ки ба имтиёзҳое, ки қонунгузории андоз ё буҷет пешбинӣ кардааст, дохил мешавад.

Чунин ба назар мерасад, ки баъзе аз ҷузъҳои мушаххаси потенсиали андозбандӣ ба душворӣ чунин номгузорӣ карда намешаванд. Аз ҷумла, афзоиши қарзи андоз на танҳо маблағи қарз, балки ҷаримаҳо, санксияҳоеро дар бар мегирад, ки ба манбаи андоз иртибот надоранд. Ба андешаи мо, ҷаримаҳо ва боздоштанҳо бевосита ба манбаи андоз иртибот надоранд. Онҳо бетартибонаанд ва бо тағирёбии манбаи андози минтақа робитаи мустақим надоранд. Қарзи ҷаримаҳо ва санксияҳо, дигар пардохтҳое, ки барои пардохт ба буҷетҳои сатҳҳои гуногун пешбинӣ шудаанд, ки мақомоти назоратӣ барои вайрон кардани интизоми андоз ба таври иловагӣ ситонида мешаванд, бояд ба иқтидори буҷети минтақа мансуб дониста шаванд. Ба потенсиали андоз дохил кардани

ҳаҷми имтиёзҳои андоз, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, низ баҳсбарангез аст, зеро мавҷудияти имтиёзҳо аз мақоми махсуси андозсупорандагон шаҳодат медиҳад.

Истисно маблағҳое мебошад, ки пардохт ба таъхир гузоштан, тақсим ва қарзҳои андози сармоягузорӣ дохил мешавад, зеро онҳо бо қарзҳо муқоиса карда мешаванд, ки ҷамъоварии онҳо боздошта шудааст. Ба андешаи мо, ворид кардани имтиёзҳои андоз ва буҷа дар ҳисобкунии потенсиали андоз низ нодуруст аст, зеро тағирот дар қоидаҳои додани ин имтиёзҳо ба таври худкор боиси бекор кардани онҳо мегардад ва дар сурати напардохтани он дар асоси ихтиёрӣ, ин ситонидани ҳатмиро дар назар дорад. Ба андешаи мо, боз як ҷузъи потенсиали андоз мавҷуд аст. Сухан дар бораи ҳаҷми қарзи воридшаванда дар давраҳои андози қаблӣ меравад, ки ҳангоми ҳисоб кардани иқтидори андози минтақа низ бояд ба назар гирифта шаванд, зеро пардохти қисмҳои алоҳидаи онҳо метавонад дар давраи ҳисобкунӣ рух диҳад. Ҳангоми ҳисоб кардани потенсиали андоз ба назар чунин мерасад, ки мазмуни мафҳуми "заминаи андозбандишаванда" дақиқтар муайян карда шавад.

Дар айни замон, ба назар гирифтан муҳим аст, ки сметаи хароҷоти объектҳои андозбандишаванда танҳо дар давраи молиявие амал мекунад, ки мӯҳлати пардохти ӯҳдадориҳои андоз фаро расидааст. Ҳамин тариқ, манбаи андозбандишаванда ҳадди ақалл дар се ҳолат буда метавонад:

1) воқеӣ (эъломшуда, ҳисобшуда);

2) пинҳонӣ (пинҳонӣ);

3) умедбахш (истифоданашуда).

Манбаи воқеии андозбандӣ объектҳои андозбандиро ифода мекунад, ки барои ҳисобкунии андозҳо асос мебошанд, ки дар фаъолияти иқтисодӣ доимо ё давра ба давра истифода мешаванд ё ихтиёран аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ эъломия дода мешаванд.

Манбаи андози пинҳон (пинҳон) як қисми объектҳои манбаи андозро дар бар мегирад, ки андозсупоранда дидаву дониста аз андозбандӣ гирифтааст.

Манбаи перспективии (истифоданашудаи) андоз як қисми объектҳои фаъолияти иқтисодӣ ва идоракунии табиат мебошад, ки қодир аст дар раванди иқтисодии минтақа дар муддати кӯтоҳ ё миёна ҷалб шуда, даромад ба даст орад.

Қобилияти пойгоҳҳои воқеии, пинҳонӣ ва дурнамои андозбандӣ барои ворид кардани андозҳо, аз ҷумла қарзҳо, дараҷаи пардохтпазирии онҳоро тавсиф мекунад, яъне. қобилияти табдил ба даромади буҷетҳои тамоми сатҳҳо. Барои ошкор кардани ҷузъҳои потенсиали андоз, ба андешаи мо, фаҳмидани раванди ташаккули ӯҳдадориҳои андоз муҳим аст, ки метавонанд дар давраи молиявӣ (моҳ, семоҳа, сол) ба итмом расанд ё аз доираи он берун раванд. Мутобиқан, ӯҳдадории супоридани андоз метавонад дар давраи андоз ба миён ояд ё фаротар аз он равад, ки ин робитаи ӯҳдадориҳои андоз бо иқтидори андози минтақаро нишон медиҳад. Манбаи воқеии андозбандӣ ҳамчун асос барои табдил додани ӯҳдадориҳои андоз ба пардохтҳои воқеии андоз, қарзҳои ҷорӣ хизмат мекунад. Қисми ҷудогонаи манбаи андоз, яъне махфӣ, аз соҳаи декларатсия бароварда мешавад, ки ин ба камбуди даромади эҳтимолӣ барои буҷаи мушаххас дар шакли "миқёси саркашӣ" оварда мерасонад. Манбаи дурнамои андоз асос барои ӯҳдадориҳои минбаъдаи андоз мебошад.

Асоси ҳама ӯҳдадориҳои андоз маҷмӯи объектҳои андозбандишаванда мебошад, ки бевосита дар фаъолияти иқтисодии андозсупорандагони минтақа дар давраи баррасишаванда истифода мешаванд. Дар айни замон, даромади воқеии андоз танҳо нисбати он объектҳои манбаи андоз сурат мегирад, ки мӯҳлати пардохтҳояшон ба давраи баррасишаванда рост меояд. Ин маънои онро дорад, ки на ҳама объектҳои андозбандӣ бояд ҳангоми ҳисоб кардани потенсиали андоз дар давраи баррасишаванда ба назар гирифта шаванд. Бояд дар назар дошт, ки ӯҳдадориҳои ҷории андозро дар давоми давраи молиявӣ қатъ кардан мумкин аст ё бинобар тағир ёфтани мӯҳлати

пардохт аз доираи он баромадан мумкин аст. Илова бар ӯҳдадориҳои ҷории андозсупорӣ, ҳаҷми қарзҳо низ ҳамчун манбаи даромади буҷа амал мекунад, ки давраи ташаккулёбии он метавонад ба таври назаррас фарқ кунад. Дар асоси он, ки манбаи андозбандии ҳар як андоз ифодаи инфиродӣ дорад (арзиши, ҷисмонӣ ва ғайра), баҳодиҳии ҳамаҷонибаи потенсиали андоз барои ҳамаи андозҳо бо роҳи баҳодиҳии андозҳо, пардохтҳо, қарзҳо ва зиёнҳои ҳисобнашуда аз саркашӣ аз андоз имконпазир аст. Баъзе объектҳое, ки мавриди андозбандӣ қарор намегиранд, аз ҷониби мо ҳамчун манбаи умедбахши андоз пешниҳод карда мешаванд. Ба он объектҳои амволие дохил мешаванд, ки дар фаъолияти иқтисодӣ истифода намешаванд ва аз ин рӯ декларатсия намешаванд ва аз ҷониби мақомоти бақайдгирӣ ба эътибор гирифта намешаванд, инчунин объектҳои табиӣ, ки қодиранд самараи мусбии иқтисодӣ расонанд. Ҷойгиршавии объектҳои андозбандишаванда тибқи принсипи пардохтпазирии андоз, ки баҳогузории иқтидори андозро тавсиф мекунад, чунин хоҳад буд:

- маблағи андозҳо ва пардохтҳои воқеан пардохтшуда;
- ҳаҷми андозҳо ва пардохтҳои ба ҳисоб гирифташуда аз ҳисоби пардохти барзиёдии мавҷудаи онҳо дар давраи андоз (ҳисоботӣ);
- қарзҳои ҷории андозҳо ва пардохтҳо дар давраи баррасишаванда;
- зиён аз андоз ва саркашӣ аз андоз;
- қарзҳои солҳои қаблӣ, ки бо зӯр ситонида мешаванд, аз ҷумла мӯҳлати пардохт;
- заминаи умедбахши андоз, ки қодир аст даромади андозро дар давраҳои оянда бо пурзӯр намудани фаъолияти сармоягузории андозсупорандагон ба даст орад.

Аз сабаби паст будани интизоми андоз ва бесамарии маъмурияти андоз, як қисми ӯҳдадориҳои андоз дар амал ба захираи эҳтимолии даромади буҷетҳои сатҳҳои гуногуни давраи молиявии минбаъда табдил меёбанд.

**Руйхати адабиёт:**


1. Богачева О.В. Налоговый потенциал и региональные счета // Финансы. - №2-3. – 2008. – С. 15.
2. Винокурова, Г.П. Налоги и налогообложение в Российской Федерации: учебное пособие / Г.П. Винокурова. – Йошкар-Ола. : МарГТУ, 2008. – 106с., с.32.
3. Артоболевский, С.С. Региональная политика, направленная на снижение территориальных экономических и социальных диспропорций в Российской Федерации [Электронный ресурс] / С.С. Артоболевский // Режим доступа: www.gordon.ru. 20.08.2020
4. Истомина Н.А., Одинокова Т.Д. Оценка налогового потенциала по бюджетообразующим налогам // Налоговая политика и практика. – 2008. - №1., с. 27.
5. Боровикова Е.В.Финансовый потенциал как комплексный показатель эффективности финансово-бюджетной политики [Электронный ресурс] / Режим доступа: http://www.lawmix.ru/bux/40909 15.09.2020
6. Кириллова О.С. Экономический потенциал как база оценки налогового потенциала региона // Финансы и Кредит 2009. – №6. – С.34 4 Хантаева Н. Л. Теоретические основы налогообложения: учебное пособие. – Улан-Удэ.: Издательство ВСГТУ, 2008. – 175 с.


## РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТИИ ДАВЛАТӢ ВА ХУСУСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


***Файзулоев Ҳ.П. - Ассистенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ***


Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷузъҳои ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар таърихи давлатдории худ ҳодисаҳои пурпечу тоби сиёсӣ ва иқтисодиро аз сар гузаронидааст, ки ин ҳама барои рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва саноаткунонии кишвар бетаъсир намонд. Бинобар ин, фишанги такондиҳандаи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон икдоми чавон ва муваффақ мебошад.

Доир ба мафҳум, моҳият ва накши фаъолияти соҳибкорӣ дар устуворгардонии рушди иқтисодиёти давлат тадқиқотгарони соҳаи илми иқтисод, ба монандӣ: А.

Маршал, А. Смит, Алберт Шапиро, Дэвид Маклелланд, Ж.Б.Сэй, Й.Шумпетер, Ҷ.Б.Кларк, Питер Друкер, Р.Кантилон, Роберт Хизрич, Ф.Хайек, Френсис Уокер ва дигарон тадқиқотҳои илмӣ-назариявӣ гузаронидаанд.

Аввалин шахсе, ки ба ҷабҳаҳои илмӣ-назариявии фаъолияти соҳибкорӣ шавқ пайдо намудааст ин А. Смит мебошад. А. Смит, зери мафҳуми соҳибкорӣ соҳиби корхонаро тасаввур мекард. Ва мувофиқан мақсади фаъолияти соҳибкориро – гирифтани даромади соҳибкорӣ мешуморид [6-26].

Соҳибкор, ба ақидаи А. Смит, соҳиби сармоя буда, баҳри баамалбарории ҳадафи муайяни тиҷоратӣ ва гирифтани фоида таваккал мекунад, чунки фаъолияти сармоягузорӣ ба ин ё он фаъолият ҳамеша бо таваккали баланд алоқаманд аст.

Баъзе аз таҳқиқгарони замони муосир бар он ақидаанд, ки даҳ сол қабл аз А. Смит доир ба фаъолияти соҳибкорӣ Р. Кантилон тадқиқот бурдааст, вале барои мавзӯи тадқиқоти илмии мо муҳим нест, ки кадом олим аввалин шуда доир ба моҳияти соҳибкор ва фаъолияти он тадқиқот бурдааст. Муҳим назари илмии онҳо нисбати мавзӯи мазкур чӣ гуна мебошад. Ба ақидаи иқтисодчии машҳур Р.Кантилон ихтилофи байни талабот ва таклифот ба субъектони муносибатҳои бозорӣ имкон медиҳанд, ки молҳоро арзонтар харида қиматтар фурӯшанд. Маҳз чунин муносибатҳои субъектони бозориро, ки ин усули фаъолиятро истифода мебурданд, Р.Кантилон соҳибкор номид Ӯ қайд мекунад, ки соҳибкор – ин шахсест, ки дар шароити эҳтимолии гирифтани зарар ва ё фоида амал мекунад. Инчунин, Р. Кантилон замин ва меҳнатро, ки арзиши воқеии неъматҳои иқтисодиро муайян мекунанд, сарчашмаи боигарии соҳибкор ҳисоб мекард ва ҳамчун заминаи устувор намудани рушди иқтисодиёти давлат ҳисоб мекард.

Аз нигоҳи Р. Кантилон соҳибкор субъекти махсусе ба шумор меравад, ки дорои қобилиятҳои махсус, яъне: соҳибкор бояд дорои қобилияти пешгӯи намудани фаъолияти тиҷоратӣ, таваккал намудан, тамоми ҷавобгарии қарори қабулкардашударо дар ҳолатҳои номувофиқ бар дӯш гирифтанро дошта бошад. Кантилон ба он аҳамият додааст, ки чунин одамон на танҳо дар тиҷорат, балки дар истеҳсолот низ муваффақ мешаванд ва давлат барои манфиятҳои худ (ҷамъоварии андозҳо аз ҳисоби онҳо) бояд шумораи соҳибкорони ватаниро зиёд намояд.

Фаъолияти соҳибкориро Ж.Б. Сэй ҳамчун мувофиқати оқилонаи омилҳои истеҳсолот дар нуқтаи муайяни фазои бозорӣ муайян мекунад. Мақсад ва натиҷаи чунин фаъолият даромади соҳибкорӣ мебошад. Дар ҳолати гирифтани даромади кам дар нуқтаи муайян ҷойивазкунии ин омилҳо ба дигар фазои бозории даромаднок бо мувофиқати нави онҳо ба амал бароварда мешавад. Бо вуҷуди ҳамаи ин, мувофиқати оқилонаи омилҳои истеҳсолот метавонад дар ҳар кадом соҳаи такрористеҳсол ҳар кадом шакли фаъолияти соҳибкорӣ - истеҳсолот, мубодила, тақсимот, истеъмолот, соҳаи молиявӣ-қарзӣ ва ғайраҳо ба амал бароварда шаванд.

Маълум аст, ки фаъолияти соҳибкорӣ ин фаъолияти аз лиҳози иқтисодӣ нозук ва пурхавфу хатар буда он яке аз фишангҳои асосии пешбарандаи соҳаи саноат, рушди масъалаҳои ба сиёсати воридот ивазкунанда нигаронида шуда, ташаккули ҷойҳои нави корӣ дар маҷмӯъ чун омили асосии рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон бояд аз дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ бархурдор бошанд ва аз он васеъ истифода намоянд.

Дастгирии давлатии субъектҳои фаъолияти соҳибкории саноатӣ яке аз фишангҳои ба танзим дароварандаи рушди иқтисодиёт ва фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Натиҷаҳои пурсиши соҳибкорони истеҳсолӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дастгирии давлатии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ метавонад соҳибкоронро аз рақобати бозорӣ дилшикаста ва ё дубора ҳавасманд гардонад. Ҳамчунон натиҷаҳои санҷишҳои гузаронидашуда собит месозанд, ки дастгирии давлатии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ метавонанд дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ такони ҷиддӣ бахшанд.

Самаранокии дастгирии давлатии субектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳибкории истеҳсолӣ, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ баҳри таъмин намудани рушди

истеҳсолот, афзун гардондани пешниҳоди маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори истеъмолӣ, ба даст овардани сатҳи баланди шуғли аҳолии деҳот, аз ҷумла, ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷети давлатӣ нигаронида шудааст.

Ҳамчунон барои рушди минбаъдаи соҳибкорону сармоягузорон дар кишварамон андешидани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошад, аз он ҷумла:

- таъсиси Шӯрои машваратӣ бо соҳибкорон оиди гузаронидани бизнестренингҳо дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо;

- ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ ба хотири ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар[9, с.81];

- таъсиси намояндагии «Фонди дастгирии давлатии соҳибкорӣ», аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаҳои дурдасти мамлакат ва бо фоизҳои паст додани қарзҳои имтиёзноки дарозмудат аз ҳисоби буҷети давлатӣ;

- баланд бардоштани маданияти соҳибкорӣ, муошират корӣ, фарҳанги инноватсионӣ ва маърифати ҳуқуқии соҳибкорон;

- шароити хуби ҳуқуқиву иқтисодӣ аз ҷониби давлат фароҳам оварда шавад (кам кардани баъзе санҷишҳои нодаркори мақомотҳои давлатӣ, боз ҳам сода кардани низоми иҷозатномадиҳӣ, назорат аз болои баъзе шахсиятҳое, ки истифода аз мансаб карда таҳдид ва талабҳо аз соҳибкорон менамоянд ва ғ);

- таъсис ва ташкили бизнес-инкубаторҳо дар минтақаҳои гуногуни мамлакат, барои маслиҳатҳои муфид ба соҳибкорон ва омодасози соҳибкорони ҷавон ба фазои соҳибкории муосир.

Фаъолияти соҳибкории саноати чке аз самти асосии пешбарандаи иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон ва сармоягузорон 14.10.2018 [маводи электронӣ]. URL: http: // www.president.tj/ru/node/16392 (вақти гирифташуда: 18.10.2018).

2. Паёми Пешвои миллат муҳтарам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22.12.2017 [маводи электронӣ]. *URL:*http: // www.president.tj/ru/node/16772 (саннаи гирифташуда: *25.12.2017)*

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» санаи истифодашуда: 28.12.2012 //Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, №643, 18 05 2009 с., Душанбе 2016г. саҳ. 6-9.

4. Ҳисобот дар хусуси пурсиши шаҳрвандон оид ба самаранокии имтиёзҳои андози дар фаъолияти соҳибкории истеҳсоли (кишоварзӣ) Душанбе Ирфон 2013с. Саҳ 3-8

5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нашриёти Ирфон. Душанбе 2012с, моддаи 169-313.

6. Ҷумабоев Х.К. Низоми имтиёзнокии андозбандӣ / Ҷумабоев Х.К.// молия ва ҳисобдорӣ-2017. -22 май . - №5(128) саҳ.41-42

7. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [маводи электронӣ]. *URL:*http: // www.investcom.tj(саннаи гирифташуда: *17.11.2018)*- Душанбе 2018с.

8. Бозоров Ш.Ш. Асосҳои соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ / Ш.Ш. Бозоров. – Душанбе ЭР-граф, 2018. – 271 с.

8. Шамсиев К.Б. Развитие предпринимательства в Таджикистане. Учебное пособие / К.Б. Шамсиев. – Душанбе: Изд-во «Ирфон»,2003.-81 с.

10. Бойматов А., Асосҳои соҳибкорӣ ва маркетинг. Китоби дарсӣ / Бойматов А., Қодиров А. - Хуҷанд, 2002. – 39 с.


## ТАҲЛИЛИ УМУМИИ МЕХАНИЗМИ МОТИВАТСИОНИИ ТАЪМИНОТИ КАДРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶТ


***Исвалиев Б.Ҷ. – муаллими калони кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ***

Таҳлил ва омӯзиши механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки омили ҳавасмандгардонии моддӣ ба раванди нигоҳ доштан ва ҷалб намудани захираҳои инсонӣ дар ин соҳа ва дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ таъсири назаррас дорад. Дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат дар соҳаи маориф санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зиёде қабул карда шудаанд, ки онҳо ба ислоҳоти соҳа ва ҷорӣ намудани шаклу усулҳои нави ташкили раванди таълим мусоидат намуданд.

Тадқиқотҳое, ки дар солҳои охир аз тарафи олимони ватанӣ ва хориҷӣ гузаронида шудаанд, имконият дод, ки таҳлили муқоисавии равишҳои методологии баҳодиҳии иқтидори кадрӣ ва хусусиятҳои таҳлилии кадрҳоро дар муассисаҳои олии касбӣ муайян намоем.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки воситаҳои методӣ дар ин соҳаи мубрам ниҳоят васеъ буда, асосан ба усулҳои дар чунин соҳаҳои дониш истифодашаванда, аз қабили иқтисоди меҳнат, омор, идоракунии кадрҳо, сотсиология, психология, эргономика, маркетинг, ҳуқуқшиносӣ ва ғайра асос ёфтаанд. [4]

Бисёре аз муҳаққиқон ва пажуҳишгарон ҳангоми таҳқиқи масъалаи мотиватсия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ба масъалаи мотиватсияи донишҷӯён ба фаъолияти таълимӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ба масъалаи механизмҳои мотиватсионии ҳайати устодону профессорон кам диққат медиҳанд. Новобаста аз ин, як қатор олимони соҳа низ ба монанди Е.П. Косинова, Л.В. Андреева, Нехвядович Е.А., Михалев О.М., Лузакова А.А., Денисов О.А., Павлов Ж.Г., Сафонов О.М. ва дигарон асарҳои илмии худро асосан ба мотиватсияи меҳнатии ҳайати устодону профессорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, хусусиятҳои мотиватсионии меҳнатии онҳо ва баҳодиҳии самаранокии методҳои истифодашавандаи ҳавасмандгардонии меҳнат бахшидаанд. Ин таҳқиқотҳо асосан ба масъалаҳои мушаххаси соҳаи илмӣ, ба монанди рафтори одамон дар шароити мушаххаси фаъолияти муассисаҳо, сатҳи ҳавасмандии касбии кадрҳо, моҳият ва самаранокии баҳодиҳии рейтингии онҳо, идоракунии ҳавасмандгардонии ҳайати омӯзгорон-профессорон дар самти идоракунии стратегии рушди муассисаҳо ва ғайра равшанӣ меандозанд [2]

Ба ибораи дигар метавон қайд намуд, ки асарҳои илмии олимони ватанӣ, ки мо дар ҷараёни ин тадқиқот мавриди омӯзиш қарор додем, бештар ба ҷанбаҳои хурди масъалаҳои мотиватсионии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудаанд, ки ин мубрамияти мавзуи таҳқиқотии моро муайян намудааст. Новобаста аз ин, сарфи назар аз гуногунии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ин самт, равиши ягонаи илмӣ оид ба таҳқиқи ин масъала ҷой надорад.

Вобаста ба фаъолияти МТОК мамлакат метавон чунин хусусияти муҳимро қайд намуд: афзоиши шумораи ҳайати омӯзгорон ва профессорон аз ҳисоби ҳамкорон ва кормандони ғайриштатӣ. Дар ин ҳолат, чун қоида самаранокии таълим дар муассиса паст мегардад. Чунки ин категорияи кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат танҳо вазифаи меҳнатиро иҷро мекунанд, ки ба пеш бурдани раванди таълим ба истисноӣ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва корҳои тарбиявӣ бо донишҷӯён алоқаманд аст. Аммо ин масъала дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол дар ҳолати афзуншавӣ қарор дорад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. – Ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳои таҳсил | | | | | | | 2020/2014 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014-2015 | 2015-2016 | 2016-2017 | 2017-2018 | 2018-2019 | 2019-2020 | 2020-2021 | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ омӯзгорони МТОК | **10352** | **10609** | **11081** | **10806** | **11452** | **12215** | **12021** | 116,1 |
| **аз он ҷумла:** | | | | | | | | |
| *Омӯзгорони асосӣ* | 8507 | 8707 | 8857 | 8724 | 9061 | 9417 | 9406 | 110,6 |
| *Омӯзгорони ҳамкор* | 1845 | 1902 | 2224 | 2082 | 2391 | 2798 | 2615 | 141,7 |

***Сарчашма**: Аз тарафи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст. Маҷмуаи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми 2) // Маҷмуи маълумотҳои оморӣ. - Душанбе, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С.216;*

Чунонки маълумотҳои омории ҷадвали 1 нишон медиҳад, шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷумҳурӣ дар соли таҳсили 2020-2021 нисбат ба соли таҳсили 2014-2015 1669 нафар ё 16,1% зиёд гардидааст. Дар давраи таҳлилӣ, шумораи омӯзгорони асосӣ (штатӣ) 899 нафар ё 10,6% зиёд гардида, дар баробари ин, шумораи омӯзгорони ғайришитатӣ низ 770 нафар ё 41,7% зиёд гардидааст, ки ин нигаронкунанда мебошад. Дар асоси таҳлилҳои гузаронида шуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муҳаррики асосии пешбарандаи иқтидори илмӣ-таҳқиқотии МТОК ин омӯзгорони асосӣ (штатӣ) мебошанд. Аз ин рӯ, дар МТОК шумораи кормандони асосиро нисбат ба кормандони ҳамкор ва ғайриштатӣ зиёд намудан лозим. Афзоиши шумораи ҳайъати омӯзгорон ва профессорон аз ҳисоби ҳамкорон ва кормандони ғайриштатӣ, чун қоида ба самаранокии раванди илм ва инноватсия [1] таъсири манфӣ мерасонад, чунки онҳо дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муассиса иштирок намеварзанд ва мақсади асосии ин категория кормандон танҳо пеш бурдани раванди таълим мебошад.

Татбиқи самараноки раванди таълимӣ, илмӣ ва корҳои тарбиявии муассисаҳо танҳо дар сурати идоракунии бсалоҳияти кадрҳо имконпазир мегардад. Ин гуфтаҳо ба ташкилотҳои тиҷоратӣ низ дахл дорад. Низоми нокифоя инкишофёфтаи мотиватсия ва ё тамоман мавҷуд набудани он боиси ба дигар донишгоҳҳо, аз ҷумла ба донишгоҳҳои ғайридавлатӣ рафтани омӯзгорони соҳибтахассус мегардад. Чунки низоми мотиватсия дар донишгоҳҳои ғайридавлатӣ вобаста ба шароити тағйирёбии низоми иқтисоди бозорӣ мунтазам мукаммал гардонида мешавад, ки таваҷҷуҳи бештари омӯзгоронро ба худ ҷалб менамояд. Бояд қайд намуд, ки то ҳол дар донишгоҳҳои ватанӣ мукофотҳои моддӣ яке аз элементҳои муҳими мотиватсия боқӣ мондааст. Шарти муҳими татбиқи он, ин объективият, ҳақиқӣ будани баҳогузориҳо ва мунтазам додани музд мебошад. [3]

Хулоса, дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки дар барномаҳои рушди муассисаҳои олӣ бояд тадбирҳои беҳтар намудани амалияи мавҷудаи ҳавасмандгардонии кадрҳо пешбинӣ карда шавад. Мо дар натиҷаи таҳқиқот пешниҳод менамоем, ки такмилдиҳии механизмҳои мотиватсионии кормандони муассисаҳои олии касбӣ дар асоси унсурҳои зерин ба роҳ монда шавад: маблағгузорӣ барои нашри монографияҳо, васоит, дастурҳо ва дигар корҳои илмӣ-таълимӣ, пардохт барои истироҳат ва табобат, маблағгузорӣ барои таҳияи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, пардохти хароҷот вобаста ба сафар ба таҷрибаомӯзӣ, пардохти хароҷоти алоқа, ҷудо намудани хонаҳои истиқоматӣ аз фондҳои ғайрибуҷетӣ ва монанди инҳо.

***Адабиёт:***

*1. Бобомуродов П.У., Исвалиев Б.Ҷ. Ҳолати муосири рушди инноватсионии муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. 2021. Т. 89. № 4. С. 5-12.*

2. Курбонов А.К., Бобомуродов П.У. Региональные аспекты формирования инновационной подсистемы / А.К. Курбонов, П.У. Бобомуродов //Вестник Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2019. №5(68). - С.79-88.

3. Маҷмуаи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми 2) // Маҷмуи маълумотҳои оморӣ. - Душанбе, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – 702с.;

4. Научно-технический потенциал Республики Таджикистан в 2018 году. Аналитический сборник. – Душанбе, 2020. – 90с.

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ РУШДИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ОН

***Ҳакимов С.Н.- муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодии ДДМИТ***

*Таҳлил* – мафҳумест, ки асоси тамоми соҳаҳои илм ва фаъолияти инсонӣ мебошад. Таҳлили иқтисодӣ – тарзи илмии фаҳмидани моҳияти зуҳуроту раавандҳои иқтисодӣ мебошад, ки бо ҷудо кардани онҳо ба ҷузъҳои таркибӣ ва омӯзиши онҳо бо тамоми алоқаву вобастагиҳояшон асос ёфтааст. Вай вазифаи идоракуниро дар зинаҳои макро- ва микроиқтисодӣ ба ҷо меоварад.

Дар айни замон, қайд кардан мумкин аст, ки таҳлили иқтисодии муқоисавӣ чун шакли таҳлили иқтисодӣ дар иқтисоди бозорӣ барои шароитҳои замонавии иқтисодӣ ташкил карда мешавад.

Дар тӯли чандин солҳо дар иқтисодиёт тадқиқотҳое гузаронида мешуданд, ки дар онҳо таҳлили муқоисавӣ ё таркибҳои он истифода бурда мешуд. Ҳамин тавр, тадқиқотҳои муқоисавиро оммавӣ гуфтан мумкин аст. Аммо муқоисаи натиҷаҳои фаъолият бо бадастории рақибони асосӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммои нав аст, ки бо сабаби гузаштан ба иқтисоди бозорӣ пайдо шудааст.

Дар иқтисодиёти нақшавӣ мақсади муқоисаи таҳлили байнисоҳавӣ муайян карда шуда буд, яъне он аз муқоисаи самаранокии кори гурӯҳи корхонаҳо, таносуби натиҷаҳои бадастовардашудаи фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои гуногун ё ташкилот, омӯзиши сабабҳои фарқият дар истифодабарии захираҳои истеҳсолӣ, пайдонамоии захираҳои ояндаи баландбардории самаранокии истеҳсолот ва дарёфти қарорҳои дуруст ва беҳтарин иборат буд. [1]

Яке аз масъалаҳои асосии таҳлили муқоисавии рушди иқтисодии корхона ошкорнамоии он тағйиротҳое мебошад, ки дар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба амал меоянд ва ин тағйиротҳо ба низоми идоракунӣ сари вақт таъсир расонда метавонанд. [2]Ҳоло бошад, мақсади ниҳоии таҳлили байнисоҳавӣ ошкорнамоии захираҳои баландбардории самаранокии истеҳсолот дар он қисме мебошад, ки бо фарқиятҳо дар нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳои якхела ва наздик алоқаманд аст. Бинобар он, омӯзиши мушаххаси онҳо ба миён меояд.

Дар иқтисодиёт таснифоти гуногуни самаранокии нишондиҳандаҳо пешниҳод мешаванд ва муқоисаи нишондиҳандаҳо, асоси методологияи таҳлил мебошанд, чунки муқоисаи маълумотҳои қиёснопазир ба натиҷаҳои манфии хоҷагӣ ва қарорҳои идоракунии нодуруст оварда расонида метавонад.

Зери мафҳуми муқоисакунӣ таъмини шароитҳо барои гузаронидани муқоисаи як нишондиҳанда бо нишондиҳандаҳои дигар бо мақсади бадастории хулосаҳои асоснок фаҳмида мешавад.

Муаммоҳои муқоисавӣ ҳалли якчанд саволҳоро дар бар мегиранд:

1) Дар таҳлили муқоисавӣ инъикос намудан нишондиҳандаҳое, ки бо ишораҳои онро ташкилкунанда фарқ мекунад;

2) Ҷудонамоии намудҳои фарқиятҳо, ки бартарафнамоиро то саршавии таҳлили муқоисавӣ ё дар рафти гузаронидани он талаб мекунанд;

3) Интихоби усул ва роҳҳое, ки барои таъмини муқоисавии маълумотҳо истифода бурда мешаванд.

Якчанд роҳҳои аналитикӣ маълуманд, ки таъмини зарурии нишондиҳандаҳои муқоисашавандаро имконият медиҳанд: тафсилнамоӣ, усули фарқиятҳо, гурӯҳбандӣ, усули гузориши занҷирӣ, тафриқанамоӣ, интегратсия, истисноҳи таркибҳои муқоисашаванда, мувофиқанамоӣ, азнавгурӯҳбандии маълумот, тасҳеҳи нишондиҳандаҳо бо ёрии коэффитсиентҳо (давраҳои якхелаи мушоҳида ба воҳиди якхелаи ченак овардан) ва ғайра.

Ба усулҳои дар боло зикршуда илова намудани истифодабарии таҳлили муқоисавии корхонаҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосӣ, нишондиҳандаҳои меъёрии тадқиқотшаванда, бо мақсади бадастории нишондиҳандаҳои ҷамъбастии муқоисашаванда, мақсаднок, рейтингҳои комплексӣ ва муттаҳид дар сохтори онҳо зарур аст. Нишондиҳандаҳои асосии коэффитсиентҳо дар муқоисанамоии корхонаҳои доираи гуногуни фаъолият бояд тағйир ёбанд. Ҳамин тавр, муқоисаи мушаххаси нишондиҳандаҳо ва дурустии натиҷаҳо ба даст оварда мешаванд.

Дар гузаронидани таҳлили муқоисавии корхонаҳо дар дараҷаи мезо – минтақаҳо, миллӣ ва байналмилалӣ ду усули назария истифода мешаванд. Аввалан, роҳҳо дурустии таҳлили иқтисодии муқоисавиро ташкил намуда, чун шакли алоҳидаи тадқиқот мебошанд. Дуюмин, роҳҳое, ки дар он қисми асосии таҳлили иқтисодии муқоисавӣ сохтори рейтингҳоро меомӯзад ба ҳисоб мераванд.

Таҳлили рейтингӣ дар назария чун усули муқоисавӣ нишон дода шудааст. Он муқоиса намудани самаранокии нишондиҳандаҳоро, аҳамиятнокии предмети таҳлилӣ бо дигар объектҳои монандро бо мақсади муайян намудани доираи умум ё фарқияти байни онҳо нишон медиҳад.

Нишондиҳандаҳои умумии иқтисодии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвал оварда шудааст:

**Ҷадвали 1.-Нишондиҳандаҳои умумииқтисодии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳо, воҳид | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 |
| Ҳаҷми маҳсулот (бо нархҳои с 2021), млн сомонӣ | 23597 | 26098 | 29543 | 32143 | 38829 |
| Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳазор нафар | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 |
| аз он ҷумла: коргарон | 73,8 | 72,1 | 73,2 | 67,7 | 68,3 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. - С. 278.*

Аз маълумоти ҷадвал дида мешавад, ки соли 2017 шумораи корхонаҳо дар ҷумҳурӣ 1999 ададро ташкил намуда буд, соли 2021 бошад, теъдоди онҳо ба 2397 адад расидааст, ки ин 398 адад, ё ба 19,9 фоиз зиёд шудааст. Ҳаҷми маҳсулот ба 15232,0 млн сомонӣ афзудааст, ки ин асосан аз ҳисоби зиёд шудани шумораи корхонаҳо ба вуҷуд омадааст. Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ бошад баръакс 1,5 ҳазор нафар кам шудааст, миқдори коргарон низ ба 7,5% кам шуда аст.

Инчунин, дар намуди график мо метавонем ҳолати сохтори соҳаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 муқоиса намуда, тағйироти бавуҷудомадаро нишон диҳем (расми 1).




***Расми 1.Сохтори соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020 ва 2022.***

Тавре аз маълумоти дар расм овардашуда маълум мегардад, дар сохтори соҳаи саноат аз ҳама самти афзалятнок ин саноати коркард ба ҳисоб меравад, вале соли 2021 нисбат ба соли 2020 ба 4,2 фоиз камтар шудааст. Истихроҷи маъдан дар ҳолати болоравӣ қарор дорад аз 13,9 фоизи соли 2020 ба 21,6 фоиз дар соли 2021 расидааст, ки ин нисбат ба соли гузашта 7,7 фоиз зиёд аст.

Азбаски рушди иқтисодиёти корхона, пеш аз ҳама, ба дастовардҳои дараҷаи устувории самаранокии фаъолият ва инкишофи иқтисодӣ баҳо дода мешавад, он гоҳ аз тамоми маҷмуъҳои нишондиҳандаҳои мавҷуда барои баҳодиҳии онҳо интихоб намудани беҳтарин бо мақсади баҳодиҳии маҷмуи рушди иқтисодии корхона барои гузаронидани таҳлили муқоисавӣ зарур мебошад. Баҳодиҳии самаранокии фаъолияти субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар асоси низомҳои нишондиҳандаҳо ё махсус коркардашуда амалӣ мешавад. [3]

Барои мукаммалгардонии кору фаъолияти корхонаҳои саноатӣ нақши таҳлил дар сари вақт ошкор намудани тағйирёбиҳои мусбат ва манфӣ дар рушди ин ё он чараёнҳо ва муайян намудани роҳҳои нисбатан беҳтарини самаранокии қарорҳои идоракунанда хеле муҳим аст.

Ба омилҳое аҳамияти махсус додан лозим аст, ки онҳо ба нишондиҳандаҳои натиҷавӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Дар баробари ин, ба мақсади таъсири мусбат расонидан ба қарорҳои идоракунӣ чунин корҳоро гузаронидан зарур аст:

- ба низоми идоракунанда сари вақт пешниҳод намудани маълумоти аналитикӣ, ки дар натиҷаи таҳлил ба даст омадааст;

- коркарди чорабиниҳои муайян, ки ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда (фоидаҳои аз дастрафта, захираҳои истифоданашуда), барҳамдиҳӣ ё

пешгирии таъсири манфии омилҳо ва аз рӯйи имконият ба истифодабарии мусбат пурра равона карда шудаанд;

- қабули қарорҳои саривақтӣ ва илман асосноки идоракунӣ;
- ташкил ва тартибдиҳии рейтингҳо;
- маниторинги натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ дар сатҳҳои гуногун бо чопи корҳои аналитикӣ дар сарчашмаҳои ахбории махсус.

Дар шароити иқтисодии замонавӣ рейтинг дар таҷрибаи ҷаҳонӣ нисбатан машҳур аст ва чун қисми марказии таҳлили муқоисавӣ баромад карда метавонад, чунки муайянкунӣ ва сохтори рейтинг яке аз масъалаҳои асосии таҳлили муқоисавӣ, махсусан, дараҷаи рушди иқтисодии корхона мебошад. Хусусияти асосии рейтинг аз он иборат аст, ки он худ натиҷаи таҳлили муқоисавӣ мебошад.

Натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ бояд дар кори корхонаҳои алоҳида барои интихоб ва қабули қарорҳои иқтисодӣ истифода бурда шаванд. Дар ин асос индекси ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатиро дар сатҳи вилоятҳо ва ш. Душанбе дида мебароем (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.-Индекси ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар сатҳи вилоятҳо ва ш. Душанбе (бо ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта)**

| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 121,3 | 110,6 | 113,2 | 108,8 | 120,8 |
| ВМКБ | 145,9 | 120,0 | 102,5 | 89,3 | 132,4 |
| Вилояти Хатлон | 124,3 | 113,1 | 116,3 | 101,1 | 110,3 |
| Вилояти Суғд | 131,5 | 105,9 | 111,2 | 116,1 | 129,9 |
| ш. Душанбе | 104,9 | 110,4 | 103,3 | 98,9 | 114,6 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – С. 256.*

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал дида мешавад, ки индекси ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 121,3%-ро ташкил намуда, соли 2021 ба 120,8%, яъне 0,4% кам шудааст. Ин гуна тағйирёбиҳо дар дигар минтақаҳо низ дида мешавад.

Бинобар ин, барои ҳалли масъалаҳои асосии таҳлили иқтисодии фаъолияти мунтазами корхонаҳои саноатӣ корҳои зеринро бояд ба анҷом расонида шаванд:

- Дар сохтори вазоратҳо ва зерсохторҳои онҳо бояд шуъбаҳои аналитикӣ (таҳлилӣ) кушода шавад, то ин, ки тавонанд мунтазам ошкорнамоии дараҷаи иҷроиши нишондиҳандаҳои нақшаи рушди стратегӣ ва тактикӣ дар давраҳои ҳисоботӣ барои идоракунӣ дар ҳамаи сатҳ зери назорати доимамалкунанда қарор гиранд.
- Барои банақшагирии ҷорӣ ва стратегии кишвар, вазоратҳо ва корхонаю ташкилот дар ҳамаи объекту субъекҳои хоҷагидорӣ баҳисобгирии муҳосибӣ бояд барқарор карда шавад;
- Муайяннамоӣ ва баҳисобгирии омилҳое, ки ба тамоили аҳамиятнокии ҳақиқии ҳар нишондиҳанда аз бузургиҳои муқарраршуда (ишораҳои берунаи нишондиҳандаҳои меъёрӣ) таъсир мерасонанд.

Натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ ошкор намудани на танҳо сатҳи рушди иқтисодии корхонаҳои алоҳида, балки дар маҷмуъ, ба доираи фаъолияти иқтисодӣ, ки онҳо дар амал татбиқ менамоянд, имконият медиҳанд. Вабаста ба он ки оё моҳияти нишондиҳандаҳои меъёрии тадқиқшаванда аҳамиятнокии берунаро таъмин менамоянд, чунин индикаторҳо дар сатҳи гуногуни идоракунӣ барои баҳодиҳии корхонаҳо истифода бурда мешаванд.

**Адабиёт:**

1. Свидрова Н.В. Система рейтингового анализа финансового состояния организаций / Н.В. Свидрова; под ред. В.И. Бариленко. – М.: Альфа-М, 2017. -256 с.
2. Ершова С.А. Анализ и диагностика финансово-хозяйственной деятельности предприятия: учебное пособие / С.А. Ершова. -СПб ГАСУ. – СПб., 2017. – С. 155.
3. Ковалев В.В. Анализ хозяйственной деятельности предприятия: учебник / В.В. Ковалев, О.Н. Волкова. –М.: Велби, Изд-во Проспект, 2014. – С. 424.
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – С. 249-268.

## БАХШИ ҲУҚУҚИ ИҚТИСОДӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ ВОБАСТА БА БАЪЗЕ МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚИИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Исмаилов Ш.М. - д.и.ҳ., профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии ДДМИТ**

Муқаддима. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2013 зикр карда шуда буд: «Бо мақсади ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани танзими муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ Ҳукумати Тоҷикистонро зарур аст, ки кодексҳои гражданӣ ва ҷиноятиро низ дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намояд... Қонун, дар навбати аввал, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро ҳамчун арзиши олӣ эътироф ва ҳифз намояд».

Кодекси амалкунандаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 20 сол пеш қабул шуда буд, ки дар он вақт мамлакат қадамҳои аввалини ташкили муносибатҳои бозориро гузошта буд, зимнан таҳрири якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити душвори барқарор намудани иқтисодиёти дар ҷанг хоробгардидаи Тоҷикистон ва ислоҳоти бозории дигаргунсозанда сурат гирифт. Ба ғайр аз ин, донишҳо доир ба қонунҳо ва принсипҳои бозор, институтҳои ба вуҷуд омадаистодаи бозор ва муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд надоштанд. Таҷрибаи амалӣ ва назариявии тадқиқи муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ мавҷуд набуд. Таҳиякунандагони ин Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан дарк мекарданд, ки ҳуҷҷати таҳиякардаи онҳо барои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ танҳо дар давраи аввал барои бозор қобили қабул буда метавонад. Дар он вақт касе тамоми шаклҳои гуногунеро, ки дар онҳо озодии иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории муқарраркардаи Конститутсия амалӣ карда мешавад, инчунин ҳадди ин озодиро тасаввур намекард. Татбиқи меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Точикистон ва бо мурури замон санҷиши онҳо мебоист имкон медод, ки минбаъд муқаррароти он аз нав дида баромада шаванд.

Дар шароити муосир метавон бо боварӣ дар бораи модели иқтисоди бозории дар Тоҷикистон ташаккулёфта гуфт, ки мутобиқати қонунгузории гражданиро ба талаботи замон, пеш аз ҳама, барои фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳаёти шоистаи аъзои ҷомеа, пешрафти иқтисодиёти мамлакат талаб менамояд. Акнун дар асоси таҷрибаи чандинсолаи ҳуқуқтатбиққунӣ дар Тоҷикистон ва таҷрибаи дигар кишварҳо лозим шуд, ки дар кишвари мо чунин танзими гражданӣ-ҳуқуқӣ таъсис дода шаванд, ки муомилоти гражданиро самаранок намуда, ҷавобгӯи талаботи ҳам аҳолии Тоҷикистон ва ҳам сармоягузорон ва соҳибкорон бошад.

Супориши зикргардидаи Сарвари давлат нуқтаи ибтидоии фаъолияти чандинсолаи ҳуқуқэҷодкунӣ оид ба навсозии сарчашмаи асосии қонунгузории гражданӣ гардид. Аз ҷумла, яке аз муҳимтарин чорабиниҳои Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2019-2021 «таҳия ва қабули Кодекси гражданӣ дар таҳрири нав бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилотҳо, бахусус ҳуқуқи молумулкии онҳо, беҳдошти сифати парвандаҳои гражданӣ ва санадҳои иҷро, мутобиқ сохтани меъёрҳои соҳа бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дигар

санадҳои ҳуқуқии миллӣ, инчунин бо дар назар доштани танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ»[50] буд.

Пас аз муҳокимаҳои тӯлонӣ Кодекс пас аз ба имзо расидани он аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (24.12.2022, № 1918) эътибори қонунӣ пайдо кард ва аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор мегирад.

Дар Кодекси нави мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[51] самтҳои асосӣ, афзалиятҳо ва вазифаҳои соҳаи қонунгузории маданӣ муайян карда шуда, аз ҷумла муқаррарот оид ба танзими муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, инчунин тартиби амалӣ намудани моликияти зеҳнӣ ва дигар моликиятҳо, муносибатҳои корпоративӣ, уҳдадориҳои шартномавӣ ва дигар уҳдадориҳо баён гардидаанд.

Навгониҳои алоҳида, аз ҳама бештар намоёни Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар байни баъзе, аз ҳама бештар навгониҳои намоёни КМ ҶТ (ба истиснои тағйири номи худи кодекс, ки онро ба кодекси маданӣ иваз кардааст), инҳоро бояд қайд кард:

а) дар КМ ҶТ бартарияти меъёрҳои КМ ҶТ ҳангоми ба вуҷуд омадани мухолифат бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳоеро танзим мекунанд, ки предмети (мавзуи) танзими қонунгузории маданӣ мебошанд, пешбинӣ намекунад. Ин то андозае нақш ва мавқеи КМ ҶТ-ро дар ҳуқуқтатбиққунии амалӣ, пеш аз ҳама, дар ҳуқуқтатбиққунии соҳибкорӣ ва судӣ паст мекунад.

Ҳисоб мекунем, ки агар КМ ҶТ бартарияти худро нисбат ба дигар қонунҳои соҳаи ҳуқуқи хусусӣ аз даст диҳад, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки шумораи зиёди меъёрҳои он, ки масъалаҳои бақайдгирии давлатии оғоз ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ, иҷозатномадиҳӣ, мақоми ҳуқуқии ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳо ва ғ.-ро танзим мекунанд, аз санади қонунгузории мазкур хориҷ карда шаванд, зеро аллакай бо дигар қонунҳои махсус танзим карда мешаванд. Ва баръакс, ба КМ ҶТ бояд меъёрҳое ворид карда шаванд, ки ба танзими муфассалтари муносибатҳои алоҳида равона карда шудаанд, аз ҷумла муносибатҳои корпоративӣ, ки дар шакли умумӣ танзими худро дар дигар қонунҳо ёфтаанд.

Ба ғайр аз он, аз м. 1 КМ ҶТ мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ, ки ҳангоми танзими ин намуди муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ аҳамияти ҳалкунанда дошт, хориҷ карда шудааст.

Дар илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ оид ба ин масъала як қатор нуқтаҳои назар мавҷуданд, аз ҷумла, нуқтаи назари машҳуртарин ба профессор В.С. Белих тааллуқ дорад, ки ба таври асоснок яке аз роҳҳои асосии такмил додани қонунгузории маданиро «дар кодекс васеъ истифода бурдани асосҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ, аз ҷумла истилоҳот ҳисоб кардааст. Ба таври образнок гӯем, Кодекси маданӣ бояд «тиҷоратикунонида» шавад, Кодекс бояд ба таври куллӣ ба талаботи тиҷорат дар шароити ҷаҳонишавӣ ва модернизатсияи... иқтисодиёт нигаронида шавад»[52].

Вобаста ба ин, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки таърифи мафҳуми «фаъолияти соҳибкорӣ» дар КМ ҶТ гузошта шавад, сарфи назар аз он ки таърифи мафҳуми мазкур дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт карда шудааст.

б) принсипҳои қонунгузории маданӣ (ки принсипҳои дахлнопазирии моликият, озодии шартнома, номумкин будани дахолати худсаронаи ҳар касе ба корҳои хусусӣ, зарурати татбиқи бемонеаи ҳуқуқи маданӣ, таъмини барқарор намудани ҳуқуқи

---

[50] Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019–2021. URL:https://sud.tj/upload/medialibrary/c1b/c1b0904732d3011d1653ca317c508c37.pdf (санаи муроҷиат: 26.02.2023).

[51] Минбаъд дар мақола Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав дар назар дошта мешавад, агар аз ҷониби муаллиф дигар чиз пешбинӣ нашуда бошад.

[52] Белых В. С. Проблемы совершенствования гражданского и предпринимательского законодательства России в условиях глобализации и модернизации // Царскосельские чтения. 2011. №XV. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/problemy-sovershenstvovaniya-grazhdanskogo-i-predprinimatelskogo-zakonodatelstva-rossii-v-usloviyah-globalizatsii-i-modernizatsii (санаи муроҷиат: 26.02.2023).

вайронгардидаи маданӣ ва ҳифзи судии онҳоро дар бар мегиранд), ки ба сифати вектори муайянкунандаи тамоми меъёрҳои КМ ҶТ баромад мекунанд, бо принсипи нави муҳими баробарии иштирокчиёни ҳуқуқи маданӣ (қисми 1 м. 3 КМ ҶТ) пурра карда шудааст.

Аммо шояд ин илова барои боз ҳам фаъолонатар инкишоф ёфтани муносибатҳои соҳибкорӣ, васеъкунии тадбиру воситаҳои таъмини бовиҷдонона ва ба таври дахлдор ба амал баровардани ҳуқуқҳои маданӣ ва иҷрои уҳдадориҳои маданӣ дар соҳаи муносибатҳои соҳибкорӣ кифоя набошад.

Бо назардошти он ки генератори асосии рушди муносибатҳои бозорӣ рақобат аст, чунин мешуморем, ки ба номгӯи принсипҳои ҳуқуқи маданӣ метавонистанд принсипҳои роҳ надодани маҳдудкунии рақобат дар бозорҳои молҳо (кор, хизматрасонӣ), суиистифода аз мавқеи бартарӣ дар бозор дохил карда шаванд, гарчанде ки ин қоидаҳо дар КМ ҶТ ҳамчун ҳадди амалӣ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ зикр шудаанд (м. 9);

в) ба кафолати конститутсионии озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ асос шуда, муқаррар карда мешавад, ки муомилоти мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва воситаҳои молиявӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон озодона амалӣ карда мешавад, агар ки дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад (қисми 5 м. 3 КМ ҶТ);

г) меъёрҳои пештарае, ки ҳадду тарзҳои худмуҳофизатии ҳуқуқҳои маданиро муқаррар мекарданд, бетағйир нигоҳ дошта шудаанд (м. 13 КМ ҶТ);

д) КМ ҶТ бо қисми 2 м. 15 пурра карда шудааст, ки он имкони ҷуброни зарари аз амали қонунии мақомоти давлатӣ расонидашударо муқаррар мекунад (пештар танҳо зараре, ки бо амали ғайрқонунии ин мақомот расонида мешуд, ҷуброн карда мешуд), гарчанде ки дар таҳрири амалкунандаи КГ ҶТ ҳамин гуна меъёри хусусияти умумидошта низ муқаррар шудааст (қ. 3 м. 1079);

е) аз м. 24 КМ ҶТ, ки фаъолияти соҳибкории инфиродии шахси воқеиро бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ танзим менамояд, меъёре, ки шахсони дар таркиби хоҷагии деҳқонӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбударо (аъзои хоҷагии деҳқонӣ) аз бақайдгирии давлатӣ озод мекарданд, хориҷ карда шудааст, вале меъёр дар бораи ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст (қ. 4);

ж) муқаррароти боби 8 КМ ҶТ дар бораи коғазҳои қиматнок бо моддаҳои нав (м. 157-161), ки баҳисобгирӣ ва муомилоти коғазҳои қиматнокро танзим менамоянд (илова ба қонунгузории махсус дар бораи коғазҳои қиматнок), пурра карда шуданд, ки барои Тоҷикистон, ки аксари аҳолии қобили кор соҳиби саҳмияҳои ғайриҳуҷҷатии НБО “Сангтӯда-1” ва НБО “Роғун” мебошанд, муҳим аст;

з) боби 9: - бо моддаи 163 оид ба иттилоот пурра карда шудааст; – мафҳуми «неъматҳои ғайримоддӣ» ба мафҳуми «неъмату ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ» (моддаи 166), ки дар фасли махсуси КМ ҶТ кушода мешавад, иваз карда шудааст;

и) Боби 10 КМ ҶТ бо моддаи 180 пурра карда шудааст, ки мафҳуми «хабарҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ»-ро муайян менамояд;

к) мафҳум ва истифодаи сервитути ашёи ғайриманқул кушода шудааст (м. 344-349);

л) Фасли 4 «Ҳуқуқи уҳдадорӣ»-и КМ ҶТ бо моддаҳое пурра карда шудаанд, ки уҳдадории алтернативӣ (м. 353), уҳдадории фаръӣ (моддаи 354) ва уҳдадории воқеӣ (м. 355)-ро муайян мекунанд. Зиёдшавии маблағе, ки барои таъминоти шахси воқеӣ пардохт карда мешавад, мутаносибан ба андозаи ҳадди ақали музди меҳнат муқаррар карда шудааст, на аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо (м. 367);

м) Боби 28 «Таъмини иҷрои уҳдадорӣ» бо муқаррарот дар бораи гарави ҳуқуқи уҳдадорӣ (м. 413-414) ва гарави ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ (м. 415) пурра карда шудааст.

Шакли кафолат (м. 426) мушаххас гардонида шудааст, муқаррарот дар бораи мустақилияти кафолат аз уҳдадории асосӣ (м. 427), бозхонд ва тағйир додани кафолат

(моддаи 428), додани ҳуқуқ вобаста ба кафолат (моддаи 429), рад кардани қонеъгардонии талаб аз ҷониби кафил (моддаи 434) васеъ карда шудааст. Ба таври иловагӣ ҷавобгарии бенефитсиар (моддаи 433) ворид карда шудааст;

н) Боби 29 «Иваз шудани шахс дар ухдадорӣ»-и КМ ҶТ бо муқаррарот оид ба гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ аз рӯйи ухдадорие, ки дар оянда ба вуҷуд меояд (м. 447), пурра карда шуда, танзими шарт ва шакли гузарондани қарз васеъ карда шудааст (моддаи 450);

о) Зерфасли 2 «Муқаррароти умумӣ оид ба шартнома»-и КМ ҶТ бо шаклҳои нави шартнома – шартномаи муштарӣ (м. 491), шартномаи опсион (м. 492), шартномаи қолабӣ (м. 494), инчунин муқаррарот дар бораи беэътибории шартнома (м. 497) пурра карда шудааст. Муқаррароти Кодекс нисбати лаҳзаи бастани шартнома (м. 501), оферта ва офертаи оммавӣ (м. 502-503) пурра карда шудаанд.

Ҳар яке аз навигариҳое, ки дар Кодекси нави граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон карда шудааст, омӯзиш ва омӯзонидани ҳаматарафаи худро талаб мекунад.

Дар доираи мақолаи мазкур ба таври муфассалтар баъзе навгониҳоеро, ки ба Кодекси нави граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд, дида мебароем.

Дар бораи рафтори бовиҷдонона. Бо фарқият аз қонунгузории граждании Россия, дар Кодекси нави граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи бовиҷдонӣ, ки ба тамоми меъёрҳои он паҳн мешавад, дохил карда нашудааст, аммо уҳдадории рафтори бовиҷдонона барои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ (маданӣ) муқаррар карда шудааст.

Дар доктрина тақсим намудани мафҳуми бовиҷдонӣ ба субъективӣ ва объективӣ қабул шудааст. Бовиҷдонӣ ба маънои субъективӣ дар формулаи «намедонистам ва набояд медонистам» баён гардидааст, бовиҷдонии объективӣ бошад дар ҳуқуқи уҳдадорӣ истифода мешавад - ин талабот ба рафтори дахлдор аст.

Дар Кодекси нави граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ (маданӣ) уҳдадории бовиҷдонона амал намудан ҳангоми муқаррар намудан, амалӣ намудан, ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ (маданӣ) ва иҷрои уҳдадориҳои гражданӣ (маданӣ) муқаррар карда шудааст. Ба иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ (маданӣ) аз амали ғайриқонунӣ ё бевиҷдононаи худ бартарӣ ба даст овардан манъ аст (қисмҳои 3-4 м. 3 КМ ҶТ). Ин маънои онро дорад, ки қонунгузор ба субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ (маданӣ) бевосита нишон додани зарурати рафтори бовиҷдононаро зарур донистааст.

Дар бисёр моддаҳои КМ ҶТ дар бораи бовиҷдонии тарафҳо нисбат ба намудҳои алоҳидаи муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ (маданӣ) гуфта мешавад. Аз ҷумла, мувофиқи қисмҳои 4-5 м. 10 КМ ҶТ иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ вазифадоранд (дар ин ҳолат ин уҳдадорӣ набояд бо шартнома хориҷ ё маҳдуд карда шавад) талаботи дар қонунгузорӣ дарҷёфтаро оқилона, одилона ва боинсофона, принсипҳои ахлоқии ҷомеа, соҳибкорон бошанд – инчунин қоидаҳои одоби касбиро риоя намоянд. Оқилона, одилона ва боинсофонагии амали онҳо дар назар дошта мешавад.

Категорияҳои бовиҷдонӣ ва бевиҷдонӣ ҳангоми танзими ҳолатҳои гуногуни ҳуқуқӣ дар қисми 6 м. 51, қисми 3 м. 54, қисми 8 м. 65, м. 68, қисми 2 м. 160, қисми 3 м. 171 ва диг. истифода мешаванд.

Масалан, мувофиқи қисми 2 м. 256 КГ ҶТ тарафҳо ҳангоми иҷрои уҳдадорӣ вазифадоранд: - бовиҷдонона амал кунанд; - ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии якдигарро ба назар гиранд; – барои ноил шудан ба мақсади уҳдадорӣ ба ҳамдигар кумаки заруриро расонанд; - ба ҳамдигар иттилооти заруриро диҳанд.

Ба ғайр аз он, ҳангоми иҷрои уҳдадориҳо иштирокчии бовиҷдон бояд контрагентро, ки иштирокчии касбии муомилот намебошад, дар бораи зарурати амалӣ намудани амалҳои иловагие, ки бевосита бо созишномаи тарафҳо пешбинӣ нашудаанд, вале ба иҷрои он таъсир мерасонанд, огоҳ намояд. Ҳисоб мекунем, ки ҳатто дар доираи

муносибатҳои ҳуқуқии граждании (мадании) зикргардида номгӯи овардашудаи аломатҳои рафтори бовиҷдонона пурра нест.

Дуруст қайд карда мешавад: «Худ аз худ баён кардани принсипи бовиҷдонӣ ҳамчун оғози роҳбарикунандаи тамоми соҳа ба оқибатҳои ҳуқуқӣ оварда намерасонад, ҳуқуқу уҳдадориҳои мушаххасро ба вуҷуд намеоварад. Аммо ҳамин ки бовиҷдонӣ парчамдори рафтори шахсони мушаххас, масалан, иштирокчиёни корпоратсияҳо, роҳбарони сохторҳои тиҷоратӣ, моликони амвол, тарафҳои муносибатҳои шартномавӣ гардад, мушаххасгардонӣ низ имконпазир мегардад»[53].

Дар бораи аҳди беэътибор. Дар ҳуқуқтатбиқкунӣ, ба андешаи мо, аҳамияти калонро дар баҳодиҳии устувории аҳдҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ масъалаи боэътибории он мебозад. Эътирофи судии аҳди беэътибор тарзи аз ҳама бештар самарабахши ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ (маданӣ) мебошад.

Тағйироти назарраси меъёрҳои қаблан муқарраршудаи Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аҳдҳои беэътибор ба баланд бардоштани устувории муомилоти гражданӣ ва устувории танзими ҳуқуқии гражданӣ, кам кардани имкониятҳои легалии беэътибор донистани аҳдҳо дар ҳама ҳолатҳое, ки беэътибории аҳд ҳамчун муҷозоти ҳуқуқии гражданӣ беасос буда, ба хусусият ва оқибатҳои вайронкуниҳои ҳангоми содир намудани аҳд роҳдодашуда ошкоро номутаносиб аст, равона карда шудааст.

Проблемаҳои алоҳидаи танзими гражданӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон нисбат ба аҳдҳои беэътибор, ки дар доираи Кодекси нави граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда шудаанд, аз тарафи профессори рус А.П. Фоков ошкор шудаанд[54].

Нишон дода мешавад, ки «институти аҳди беэътибор ба монанди бисёр институтҳои ҳуқуқи гражданӣ, бисёр масъалаҳоеро, ки барои муомилоти гражданӣ аҳамияти калон доранд, ҳал мекунад. Пеш аз ҳама, дар институти мазкур комилан равшан инъикос ёфтааст, ки таносуби манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти гражданӣ бо кадом таносуб ва бо кадом воситаҳо нигоҳ дошта мешавад[55].

Проблемаҳои инкишофи қонунгузории гражданиро қайд намуда, И.В. Дойников менависад, ки дар ҳуқуқэҷодкунӣ «...муҳимтарин институтҳои ҳуқуқии ташкили иқтисоди бозории муосир, масалан, шахси ҳуқуқии ҳуқуқи оммавӣ, аҳди беэътибор дар соҳаи ҳимояи тартиботи ҳуқуқии оммавӣ сарфи назар карда мешаванд»[56].

Бо ин мақсадҳо дар Кодекси нави граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳое, ки аз рӯи онҳо аҳди баҳснок ва беоқибатро беэътибор донистан мумкин аст (м. 181), ҳолатҳои беэътибории аҳде, ки дар натиҷаи гумроҳӣ анҷом дода шудааст (моддаи 195), равшан карда шудааст, инчунин муқаррарот дар бораи беэътибории аҳде, ки бо фиреб анҷом дода шудааст (моддаи 196), равшан карда шудааст.

Дар бораи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ. Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фасли нав (м. 225-254) пурра карда шудааст, ки татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро тибқи Конститутсияи ҶТ ва Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ 10 декабри соли 1948 қабул шудааст, муқаррар ва танзим менамояд. Ҳуқуқи инсон, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ 10 декабри соли 1948 қабул шудааст. Қисми 1 м. 1 Кодекси граждании

---

[53] Черкасова О.В. Становление принципа добросовестности в отечественном гражданском праве: исторический, доктринальный и правоприменительные аспекты // Genesis: исторические исследования. – 2020. – № 2. – С.15-27. DOI: 10.25136/2409-868X.2020.2.32101 URL: https://nbpublish.com/library_read_article.php?id=32101

[54] Фоков А.П. Недействительность сделок в гражданском праве Таджикистана //Пробелы в российском законодательстве. 2018. №3. С.159-161.

[55] Илюшина М.Н. Реформа института о недействительности сделок: современное состояние и нерешенные проблемы // Мониторинг правоприменения. 2014. №2. - с.5. – с.5-10.

[56] Дойников И.В. Российская система хозяйствования: проблемы правового регулирования //Административное и муниципальное право. 2013. №7. – с.737. – с.731-742.

амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба монанди қонунгузории граждании дигар кишварҳо) муқаррар менамояд, ки қонунҳои гражданӣ ... муносибатҳои дигари молумулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ *марбут ба онҳоро*, ки ба баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокчиёнашон асос ёфтааст, танзим менамоянд.

Ба таври асоснок ҳисобида мешуд, ки «нақши муносибатҳои шахсии ғайримулмулкиро дар предмети танзими гражданӣ-ҳуқуқӣ муайян намуда, қонунгузор ба тафриқаи анъанавии муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии ба молу мулк алоқамандбуда ва алоқаманднабуда асос кардааст. Зимнан, муқаррароти мазкур асос медиҳад, ки ба предмети танзими гражданӣ танҳо муносибатҳои ғайримулмулкии марбут ба молумулкиро мансуб донист»[57].

Дар таҳрири нави Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳиягарон (ба монанди қонунгузории Россия) аз тақсим кардани муносибатҳои ғайримолумулкӣ ба молу мулк алоқамандбуда ва бо он алоқаманднабуда даст кашиданд. Дар Кодекси нави граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ба ду гурӯҳ тасниф шудаанд: а) ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки мавҷудияти табиии шахси воқеиро дар муносибатҳои маданӣ таъмин мекунанд (Б. 15) - ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, ёрии тиббӣ, озодӣ ва дахлнопазирии шахсият; б) ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки мавҷудияти иҷтимоии шахси воқеиро дар муносибатҳои маданӣ таъмин мекунанд (боби 16) - ҳуқуқ ба ном, эҳтироми шаъну шараф ва эътибори корӣ, фардият, ҳаёти хусусӣ ва сирри он, иттилоот, маҳрамияти мукотиба, озодии эҷодиёт, маҳалли истиқомат ва озодии мусофират.

Ҳуқуқи ашё. Фасли 3 «Ҳуқуқи ашё» аз ҷиҳати сохторӣ ва мазмун ба таври ҷиддӣ аз нав дида баромада шуд.

Аз рӯи намунаи кодексҳои граждании классикии аврупоӣ Фасли 3 «Ҳуқуқи ашё»-и Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бобҳои нав пурра карда шудааст, ки мафҳумҳои «соҳибӣ» ва «ҳуқуқи ашё»-ро ошкор намуда, инчунин тартиби татбиқи онҳо ва ҳимояи гражданӣ-ҳуқуқии онҳоро танзим мекунанд (м. 255—278).

Дар ин ҷо мафҳуми «соҳибӣ» на ба сифати яке аз се ваколатҳои ба ҳуқуқи моликият дохилшуда (м. 232 Кодекси пештараи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон), балки ҳамчун категорияи алоҳидаи ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешавад.

Ҷойгиркунии муқаррарот дар бораи соҳибӣ дар фасли мазкури Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқҳои ашё асос медиҳад, ки соҳибӣ ҳамчун *институти ҳуқуқи гражданӣ* (маданӣ) баррасӣ карда шавад.

Махсусан, муқаррар карда мешавад, ки соҳибӣ ҳукмфармоии воқеии шахс нисбат ба объекти соҳибишаванда мебошад, ки то мавҷуд будани дастрасии озоди соҳиб ба ин объект нигоҳ дошта мешавад (қисми 1 м. 255).

Зимнан, ҳангоми муайян кардани соҳибӣ қонунгузор ҳам тарафи воқеӣ ва ҳам мазмуни ҳуқуқиро дид, зеро муқаррар кард, ки соҳибӣ метавонад дар доираи ваколати соҳибӣ амалӣ карда шавад (қисми 3 м. 255). Дар қисми 2 м. 279 Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тафсири умумии пештараи ҳуқуқи моликиятро нигоҳ доштааст, ваколати соҳибӣ дар намуди зайл муайян карда шудааст: ҳуқуқи соҳибӣ имконияти бо ҳуқуқ таъминшудаи амалигардонии воқеии доштани ашё мебошад.

Ба ҳимояи соҳибӣ боби 18 Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар қисми 1 м. 261 муайян карда шудааст, ки ҳимояи соҳибӣ бо роҳи баргардондани ашё ба шахсе, ки аз он маҳрум шудааст, амалӣ мегардад. Аммо қисми 3 ҳамин модда ҳуқуқи соҳиброба ҳимоя то андозае васеъ намуда, муқаррар кардааст, ки ҳимояи соҳибӣ мумкин аст аз ҷониби соҳиб мустақилона (худҳимоякунӣ), бо роҳи муроҷиат ба мақомоти ваколатдори давлатӣ ё мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, инчунин бо тартиби судӣ амалӣ карда шавад.

[57] Синенко В. С. Развитие теории личных неимущественных прав в гражданском праве Российской Федерации // NOMOTHETIKA: Философия. Социология. Право. 2008. №14 (54). С.167. – с.167-173.

Мувофиқи моддаи 21 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад».

Мувофиқи қисми 2 м. 262 Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон талаби ҳимояи соҳибӣ аз ҷониби шахсе, ки соҳибиро охирин гум кардааст, пешниҳод карда мешавад.«Аз ин таҳвил, - чӣ тавре ки зикр карда мешавад- хулоса бармеояд, ки шахсони дигар (соҳибони қаблӣ) наметавонанд бо талабот дар бораи барқарор кардани соҳибӣ муроҷиат кунанд. Чунин вазъиятеро тасаввур кардан осон аст, ки шахси бевиҷдон, ки дар натиҷаи амали он ашёи баҳсӣ аз соҳибии молик баромадааст, ҳамчунин дар натиҷаи амали шахси сеюм соҳибиашро аз даст медиҳад»[58].

Мутобиқи қисми 1 м. 263 Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе, ки талабот оид ба ҳимояи соҳибии баҳсиро пешниҳод кардааст, бояд исбот кунад, ки ӯ ашёи мазкурро на кам аз як сол то вайронкуние, ки асос барои пешниҳоди чунин талабот шудааст, соҳибӣ мекард.

Кодекси нави граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон бобҳои иловагии 19-20-ро дар бар мегирад, ки мукаррароти умумӣ оид ба *ҳуқуқҳои ашё*, намудҳо ва амалисозии ҳуқуқҳои ашё, ҳимояи онҳоро муқаррар менамояд (м. 267-278).

Таҳрири нави намудҳои ҳуқуқи ашё (м. 268 Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба муқаррароти қисми 2 м. 2 Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст, ки мувофиқи он муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, оид ба заминистифодабарӣ, истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист, агар дар қонунгузории оила, меҳнат, замин ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, қонунгузории маданӣ танзим менамояд.

Вобаста ба ин, чунин намуди ҳуқуқи ашё, ба монанди ҳуқуқи заминистифодабарӣ, ки ҳамаи намудҳои он бо қонунгузории замин танзим карда мешаванд, аз рӯйхати Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шуда, ба сервитути ашёи ғайриманқул иваз карда шуд. Дар қисми якуми Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарот оид ба заминистифодабарӣ, аз ҷумла, ба сохтмони худсарона дар қитъаи замин (м. 293), ганҷинае, ки дар қитъаи замин пайдо шудааст (м. 304), дахл доранд, нигоҳ дошта шудааст. Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муқаррарот дар бораи гирифтани қитъаи замин (м. 306, 310), танзими моликияти муштараки аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) (м. 328-330) пурра карда шуданд.

Бадастории бовиҷдонона. Қисми 1 м. 275 Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, ки агар ашё ба таври музднок аз шахсе ба даст оварда шуда бошад, ки ҳуқуқи бегона кардани онро надошт ва бадасторанда аз ин огоҳ набуд ва огоҳ буда ҳам наметавонист (*бадасторандаи бовиҷдон*), молик дар ҳолате ҳуқуқ дорад, онро аз бадасторанда талаб карда гирад, ки агар чунин ашёро молик ё шахсе, ки молик ба он барои соҳибӣ додааст, гум карда бошад ё аз яке аз онҳо тасарруф шуда бошад ё бо роҳи дигар бе иродаи онҳо аз соҳибиашон баромада бошад. Дар асоси ин, ба таври умум, барои суд, бадасторандаи бовиҷдон - ин шахсе мебошад, ки намедонист ва дониста ҳам наметавонист, ки молу мулкро аз шахсе, ки барои бегона кардани он ваколатдор нест, ба даст меорад.

Дар Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки агар ашёи ғайриманқул аз шахсе ба даст оварда шавад, ки ин ҳуқуқаш ба қайд гирифта нашуда буд, молик ҳуқуқи талаб карда гирифтани ин гуна ашёро дар ҳама ҳолат доро мебошад (қисми 3 м. 275).

Дар қисми 3 м. 289 Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бадастории бовиҷдонона муқаррар карда шудааст, ки бадасторандаи бовиҷдон аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифтани ҳуқуқи моликият ба ашёи ғайриманқули тибқи аҳд

---

[58] Попов И.В., Бутина В.В. Значение дискуссии о юридической природе владения // Сибирское юридическое обозрение. 2016. №4 (33). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/znachenie-diskussii-o-yuridicheskoy-prirode-vladeniya (санаи муроҷиат: 25.02.2023).

бадастовардааш молик эътироф карда мешавад, агар ин ашёро бо асосҳои пешбининамудаи моддаҳои 274 ва 275 ҳамин Кодекс аз он талаб карда гирифтан мумкин набошад.

Ҳангоми мавҷуд будани баҳси судӣ ҳуқуқи моликияти чунин бадасторандаи бовиҷдон дар ҳолати рад кардани даъвои молик оид ба талаб карда гирифтани ашёи ғайриманқул аз соҳибии бадасторандаи бовиҷдон ба вуҷуд омада, аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ бавуҷудомада ҳисобида мешавад. Агар ҳуқуқи моликияти бадасторандаи бовиҷдон ба ашёи ғайриманқул ба қайди давлатӣ гирифта нашуда бошад, чунин санади судӣ барои ба қайди давлатӣ гирифтани он асос мегардад.

Аммо таҳиякунандагони Кодекси нави граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои онро бо муқаррароти зайл дар бораи бадасторандаи бовиҷдони молу мулки ғайриманқул пурра накардаанд: бадасторандаи молу мулки ғайриманқул, ки ҳангоми ба даст овардани он ба маълумоти Феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он такя кардааст, то он вақте бовиҷдон дониста мешавад, ки то ба тариқи суд исбот нагардад, ки ӯ дар бораи мавҷуд набудани ҳуқуқи бегона кардани ин молу мулк аз шахсе, ки ҳуқуқ ба молу мулки дахлдор ба ӯ гузаштааст, медонист ё мебоист медонист (ба монанди меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ). Гап на дар бораи муқаррар намудани презумпсияи бовиҷдонии бадасторандаи молу мулки ғайриманқул, балки норозигӣ ба даъвои молик меравад. Феҳристи зикргардида дар Тоҷикистон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2008 № 375 «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» пеш бурда мешавад. Вазъияти кунунӣ эҳтимол метавонад мавқеи бадасторандаи бовиҷдонро дар мурофиаи судӣ суст кунад.

Дар баробари ин, м. 305 Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти қаблан барои бадасторандаи ғайриқонунӣ, вале бовиҷдон муқарраргардидаро нигоҳ доштааст: шахсе, ки молики ашё намебошад, вале бовиҷдонона, ошкоро ва бефосила ба мисли молу мулки худ ашёи ғайриманқулро дар тӯли понздаҳ сол ё дигар ашёро дар тӯли панҷ сол соҳибӣ кардааст, ба ин ашё ҳуқуқи моликият пайдо мекунад (*давомнокии мӯҳлати бадасторӣ*).

Хулосаи умумӣ. Қайд кардан зарур аст, ки аз рӯи тағйироти баррасишудаи Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои қонунгузории гражданӣ (маданӣ) ба таври назаррас таҷдид карда шудаанд, ки амалисозӣ ва ҳимояи онҳо, аз ҷумла ҳимояи судиро содатар мекунанд. Умед аст, ки ин ба сифати умумӣ ба танзими муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ ва рушди ҳуқуқи хусусӣ дар Тоҷикистон таъсир мерасонад.

Бояд қайд кард, ки андешаи муаллифи мақолаи мазкур, ки андешаи шахсии ӯ мебошад, асосан ба баъзе навгониҳои қисми якуми Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад, ки меъёрҳои асосии қонунгузории гражданиро (маданиро) муқаррар мекунанд.

Таҳлили муфассал ва илмӣ-назариявӣ ва амалии тамоми меъёрҳои Кодекси нави граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оқибатҳои татбиқи онҳо аз ҷониби тадқиқотчиёни ватанӣ ва хориҷӣ ҳанӯз анҷом дода нашудааст.

Бояд тазаккур дод, ки зарурати зикршудаи илмию амалии рушди танзими гражданӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон на танҳо аз талаботи ба ҳисоб гирифтани зиёда аз 20 соли истифодабарии онҳо дар амалияи судӣ ва дигар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ба миён омадааст.

Гап дар сари он аст, ки гузариш аз иқтисодиёти маъмурию нақшавӣ дар қисматҳои собиқ фазои шуравӣ (дар Тоҷикистон) ба иқтисоди бозорӣ ва давлати иҷтимоӣ дар охири солҳои 1990-ум ба охир нарасид, дар вақте ки қисмҳои якум ва дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли қонунгузорӣ қабул карда шуда буданд. Эҳтимол аст, ки ин раванди гузариш ҳоло ҳам ба охир нарасидааст.

Бинобар ин, агар равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки дар тӯли даҳсолаҳо дар байни тамоми кишварҳои ҷаҳон инкишоф ёфтаанд, ҳоло зери таъсири манфии пандемияи COVID-19, эксессҳои байналмилалии сиёсӣ ва иқтисодӣ боқӣ мондаанд, он гоҳ дар оянда эҳтимол бо мақсади инкишоф додани муносибатҳои ҳуқуқии граждани (маданӣ) на як бору ду бор ворид намудани илова ва тағйирот ба танзими гражданӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон лозим меоянд.

## МАВҚЕЪ ВА АҲАМИЯТИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶӢ

**Мирсаидов С.А.-д.и.и., профессори кафедраи фаъолияти гумрукии ДДМИТ**
**Абдуҷабборзода С. -н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии ДДМИТ**

Нақши мақомоти гумрук дар ҳимояи соҳибихтёрӣ ва амнияти иқтисодӣ, ҳаёт ва саломатии инсон, ҳифзи муҳити зист ва арзишҳои фарҳангии кишвар, инчунин ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои давлат ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад.

Имрӯз мақомоти гумрук бо мақсади мутобиқ шудан ба стандартҳои ҷаҳонӣ таҷдиди сохтори худро бо роҳи содагардонии расмиётҳо, беҳтар намудани пешбурди тиҷорат, ҷорӣ намудани технологияҳои ҳозиразамон, ҳамкории муфид бо доираи соҳибкорон, инчунин фаъолият дар самти мубориза бар зидди қочоқ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ амалӣ гардонида истодааст.

Дар муайян кардани мавқеъ ва нақши танзими гумрукии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ ду мафҳуме, ки ин категорияро мушаххас мекунанд, мавқеи хоса доранд: танзими гумрукии фаъолияти иқтисодии берунӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ.

Танзими гумрукии фаъолияти иқтисодии хориҷиро шартан ба гумрукӣ- тарифӣ ва ғайритарифӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Дар рафти инкишофи муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ номгӯи воситаҳои гуногуни танзими давлатии гардиши молҳои беруни тартиб дода шуданд, ки барои ҳамаи мамлакатҳои чаҳон мувофиқанд. Яке аз ин воситаҳо низоми танзими гумрукию тарифии фаъолияти иқтисодии берунӣ мебошад.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ зарурати ҳифзи манфиати иқтисодии давлат тавассути фишанги муайян пеш меояд. Зеро шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди манфиатҳои абарқудратон кишварҳои рӯ ба тараққиро водор месозад, ки манфиатҳои худро ҳифз кунанд ва ба ин васила мавқеи худро дар бозори ҷаҳонӣ муайян намоянд. Ба сифати фишанги асосии ҳифзкунандаи манфиатҳои иқтисодии кишварҳо ва танзимкунандаи савдои хориҷӣ метавон тарифи гумрукиро мавриди амал қарор дод. Чораҳои гумрукӣ-тарифӣ маҷмуи меъёрҳои боҷи гумрукие мебошанд, ки механизми асосии танзимкунандаи савдои хориҷӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ин замина, қайд кардан бамаврид аст, ки тарифи гумрукӣ тартиби мукаммали ситонидани боҷҳои гумрукиро аз молҳои воридотию содиротӣ дар бар гирифта, ҳамзамон меъёрҳои онро бо назардошти ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар муқаррар менамояд[1, С.114].

Дар мамлакат танзими тарифӣ-гумруки дар доираи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андозу гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Танзими гумрукӣ аз ташаккули тартиб ва қоидаҳои танзими фаъолияти гумрукӣ дар қаламрави Тоҷикистон иборат аст.

Низоми танзими тарифии гумрукӣ пардохти боҷҳои гумрукӣ, боҷҳо, андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро дар бар мегирад, ки шарти ҳатмӣ барои воридоти мол ба қаламрави гумрукӣ мебошад. Инчунин аз ин қаламрав содирот, яъне танзими тарифию гумрукӣ ба истифодаи омили нархгузории таъсир ба содирот ва воридоти мол асос ёфтааст[6, С.3].

Ҷабҳаи муҳимтарини танзими тарифии гумрукӣ принсипи муқаррар намудани боҷҳои гумрукии ҳатмӣ мебошад, ки ба иштирокчиёни муносибатҳои тарифии гумрукӣ бастани ҳама гуна созишномаҳоро оид ба андоза, асос ва муҳлати пардохти боҷҳо манъ мекунад.

Татбиқи танзими тарифии гумрукӣ аз таҳия ва истифодаи механизми дохилӣ бо асоснокии қарорҳо ба манфиати иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст. Барои бомуваффақият татбиқ намудани низоми танзими гумрукӣ- тарифӣ ва бо мақсади таъмини амнияти иқтисодии он самтҳои зерини маъмурикунонии гумрукӣ муайян карда мешаванд: ҷорӣ намудани расмиёти содакардашудаи барасмиятдарорӣ ва истифодаи тартиби ситонидани андоз аз арзиши иловашуда дар амалиёти содиротӣ.

Он ба динамика ва сохтори савдо таъсири калон мерасонад, зеро қариб дар ҳама кишварҳо тарифҳои гумрукӣ татбиқ мешаванд.

Маҳз дар натиҷаи тадбиқи самараноки усулҳои тарифии гумрукӣ тағйирёбии назаррасӣ динамика ва сохтори савдои хориҷиро мушоҳида намудан мумкин аст (ниг. ба диаграммаи 1.).




Манбаъ: Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти ҶТ. Душанбе, 2014. – С.580-585; Солномаи омории ҶТ, 2022. – С.344.

**Диаграммаи 1. Тағйирёбии ҳаҷми гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2013-2021 (млн долл. ИМА)**

Нишондиҳандаи муҳиме, ки дараҷаи рушди иқтисоди бозоргонӣ ва муносибатҳои иқтисодии хориҷиро муайян менамояд, ин гардиши тиҷорати хориҷӣ мебошад. Аз рақамҳои ҷадвал бармеояд, ки гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2013-2021 аз 4988,8 то 6359,1 млн долл. ИМА ташкил дода, 27,4% афзоиш ёфтааст.

Мебояд қайд кард, ки яке самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти гумрук сатҳи ҷамоварии пардотҳои гумрукӣ мебошад, ки динамикаи ҳиссаи пардохтҳои гумрукӣ дар ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2013-2022 чунин аст (ниг. ба ҷадвали 1.):

**Ҷадвали 1.**

**Динамикаи ҳиссаи пардохтҳои гумрукӣ дар ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2013-2022 (млн. сомонӣ)**

| Солҳо | Иҷроиши буҷети давлатӣ | Иҷроиши пардохтҳои гумрукӣ | Ҳиссаи пардохтҳои гумрукӣ дар қисми даромади буҷет |
|---|---|---|---|
| 2013 | 12276,6 | 3210,9 | 26,15 % |
| 2014 | 14427,4 | 3997,8 | 27,70 % |
| 2015 | 16586,5 | 3269,2 | 19,71 % |
| 2016 | 18483,8 | 3824,8 | 20,69 % |
| 2017 | 23307,3 | 4422,3 | 18,97 % |
| 2018 | 23391,9 | 4858,5 | 20,77 % |
| 2019 | 23469,4 | 4648,6 | 19,80% |
| 2020 | 25065,0 | 5662,4 | 22,59% |
| 2021 | 28595,7 | 6546,4 | 23% |

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2022. С.387-388.

Натиҷаҳои таҳлил аз он шаҳодат медиҳад, ки нақши гумрук дар ғанӣ гардонидани буҷети кишвар басо муҳим аст. Вазни қиёсии пардохтҳои гумрукӣ дар даромадҳои буҷети давлатӣ солҳои 2013-2021 аз 26,1% то 23% ташкил додааст. Ҳамчунин, иҷроиши пардотҳои гумрукӣ дар давраи таҳлилӣ тамоюли афзоишро дошта 2 маротиба зиёд гаштааст.

Зиёдгардии нақшаи пардохтҳои гумрукӣ аз амали шудани тадбирҳои иловагии такмили низоми маъмурикунонии гумрукӣ, яъне дуруст муайян кардани арзиши гумрукии моли воридотӣ, таъмини сифати барасмиятдарории гумрукӣ, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, тақвияти фаъолият дар самти пешгирии воридоти ғайриқонунии мол ва назорати содироту воридот мебошад.

Дигар самти танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ усулҳои ғайритарифии танзим аст. Намудҳои маъмултарини чораҳои ғайритарифӣ, ки дар савдои хориҷӣ истифода мешаванд, маҳдудиятҳои миқдорӣ – квота ва иҷозатномадиҳӣ мебошанд. Аҳамияти онҳо дар баробари паст шудани тарифҳои гумрукӣ меафзояд.

Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрие, ки ба онҳо квота ва иҷозатномадиҳӣ асос ёфтаанд, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.03.2022г.№1870 «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ва квотаҳои содирот ва воридоти мол, кор, хизматрасонӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Дар он тартиби баргузории озмунҳо ва музоядаҳо оид ба фурӯши квотаҳо барои ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои миқдорӣ ва иҷозатномадиҳии содироту воридоти молҳо пешбинӣ шудааст. Аксари кишварҳои ҷаҳон ба СУС шомил шудаанд, ки аз рӯи принсипи тиҷорати озод амал мекунад. Ба ин муносибат кишварҳои узви СУС бояд меъёрҳои тарифиро коҳиш диҳанд. Аммо дар ҳар сурат, ҳифзи молистеҳсолкунандагони дохилӣ ҳамеша муҳим буд ва аз ин рӯ, ба татбиқи чораҳои ғайритарифӣ шуруъ карданд. Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Иттиҳоди Аврупо ва Япония дар татбиқи онҳо пешсафанд.

Маҳдудиятҳои ғайритарифӣ дар ҳолатҳое истифода мешаванд, ки меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ то сатҳи муайян паст карда мешаванд, вақте ки онҳо ба нархҳои бозори дохилӣ таъсиррасониро қатъ мекунанд.

Ҳамин тариқ, танзими гумрукӣ-тарифӣ ва ғайритарифии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ барои пешбурди мақсад ва вазифаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, инчунин

таъмини амнияти кишвар ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ пешбинӣ шудааст. Усулҳои танзими гумрукию тарифӣ бештар ба табиати муносибатҳои бозорӣ мувофиқанд ва аз ин рӯ, дар танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар шароити муосир нақши асосӣ доранд. Дар шароити муосир танзими гумрукии тарифӣ метавонад ва бояд воситаи самараноки коҳиш додан ва тадриҷан рафъи зуҳуроти буҳронӣ дар иқтисодиёт гардад. Инчунин муҳимтарин самти фаъолияти мақомоти гумрук, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ он мебошад. Рисолати Хадамоти гумруки ҷумҳурӣ ҳамчун мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мубориза бар зидди қонуншиканиҳои гумрукӣ ва қочоқи молу маҳсулот, ҷилавгирӣ аз гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, яроқи оташфишон, аслиҳа, ҳифзи сарватҳои моддиву фарҳангии миллат ва назорат аз болои содироти молҳои муҳими дорои аҳамияти стратегӣ нигаронида шудааст.


Адабиёти истифодашуда:

1. Агамагомедова, С.А. и др. Таможенный контроль после выпуска товаров: учебное пособие / С.А. Агамагомедова, О.В. Шишкина. СПб.: Троицкий мост, 2014. 215 с.
2. Глобальное сообщество: новая система координат (подходы к проблеме) /Отв. ред. Т. Неклесса. М.: ЮНИТИ. 2000.
3. Гончаров, Е.А. Система валютного контроля в Российской Федерации и путы его совершенствования, Автореф. дисс. на соискание ученой степени кан. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2010. – 24 с.
4. Козырин, А.Н. Правовое регулирование таможенно-тарифного механизма, Автореф. дисс. на соискание ученой степени док. юрид. наук. М., 1994. С. 14.
5. Кокнаева, М. Д. Система таможенного контроля после выпуска товаров в РФ / М.Д. Кокнаева // Сборник материалов международной межвузовской научно-практической конференции «Актуальные проблемы развития теории и практики экономики таможенного дела». М., 2013. с. 73–77.
6. Шишканова, Е.Э. Таможенно-тарифное регулирование внешнеэкономической деятельности как инструмент экономической безопасности страны // Научно-методический электронный журнал. 2015. № 6. С. 3.
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани меъёри пардохти махсуси гумрукӣ» // http://gumruk.tj/index.php/2018-06-12-04-34-10/2018-09-25 (санаи мурочиат 19.01.2020с.)
8. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ. 2, мод. 703, мод. 704; с. 2006, №3, мод. 159; с. 2007, №7, мод. 681; с. 2008, №6, мод. 459, №10, мод. 818; с. 2011, №3, мод. 160, №6, мод. 458; с. 2012, №4, мод. 250, №7, мод. 695, мод. 724, №8, мод. 818, №12, қ. 1, мод. 1000; с. 2013, №12, мод. 879; с. 2015, №3, мод. 211; с. 2016, №3, мод. 151, №7, мод. 625, №11, мод. 882; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 278, мод. 279


## МУАММОҲОИ ЭКСПЕРТИЗАИ ГУМРУКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН


**Муминов А.Б. - н.и.и., дотсент,мудири кафедраи фаъолияти гумрукии ДДМИТ**



Аннотатсия: Дар мақола моҳият ва объекту предмети экспертизаи гумрукӣ таҳқиқ шуда, муаммоҳои асосии он асоснок шудааст. Масъалаҳои муайян намудани меъёрҳо, аз он ҷумла меъёрҳои техникӣ барои ҳама намудҳои экспертизаи гумрукӣ ва сатҳи пасти савияи касбии экспертони гумрукӣ ҳамчун муаммоҳои асосӣ арзёбӣ шудаанд. Инчунин дар мақола роҳҳои самараноки ҳалли муаммоҳои зикргардида асоснок шудаанд.



Калидвожаҳо: экспертизаи гумрукӣ, назорати гумрукӣ, меъёрҳои техникӣ, мол, аккредитатсияи мақомоти сертификатсия, лабораторияҳои озмоишӣ


Дар шароити густариши муносибатҳои тиҷоратӣ ва шиддат гирифтани тафриқаи намудҳои молҳо яке аз масъалаи муҳим ин муайян кардани мувофиқатии мол ба ҳуҷҷатҳои он мебошад, ки онро бо роҳи экспертизаи гумрукии мол таъмин кардан мумкин аст. Ҳангоми заиф будани ин самти фаъолияти мақомоти гумрук масъалаи

таъмини амнияти иқтисодии давлат, ғайрисамаранокии танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, таъмини бехатарии саломатии инсон аз молҳои пастсифати озуқаворию ниёзи мардум зери хатар гузошта мешавад.

Дар соли 2017 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда буданд, ки "... санҷиши сифати маҳсулоти воридотӣ дар 196 ширкати тиҷоратӣ нишон дод, ки ба кишвар ҳамасола 500-600 тонна бозичаҳои гуногун аз 20 давлати дунё ворид мешаванд, ки 90 фоизи онҳо аз рӯи сифат ба талаботи бехатарӣ мувофиқ нестанд ва ба саломатии кӯдакон зараровар мебошанд" [4]. Яке аз сабабҳои асосии ба вуқӯъ пайвастани чунин ҳолат ин мавҷуд будани муаммо дар экспертизаи гумрукии мол ҳангоми назорати гумрукӣ мебошад.

Таҳкими қонуният ва баамалбарории тартиботи ҳуқуқӣ дар давлати демократӣ боиси экспертиза мегардад. Айни замон масъалаи экспертизаи мол, тартиби гузаронидан ва самарнокии он яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳими тамоми мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, аз он ҷумла мақомоти гумрук ба ҳисоб меравад. Асоси принтсипи мазкур бо функсияи назоратии мақомоти гумрук вобаста аст, ки новобаста аз миқдор ва категорияи мол ва намудҳои воситаҳои нақлиёт доимӣ мебошад.

Экспертизаи гумрукии молҳо, ҳуҷҷат ва воситаҳои нақлиёт аз як тараф барои амнияти давлатӣ ва ҳам барои рушди савдои хориҷӣ аҳамияти назаррас дорад. Инчунин маҳс экспертизаи гумрукӣ саривақт ҳаракати молҳои сифати паст доштаро ба бозори истеъмолӣ боз медорад.

Мутахассисон ва муҳақиқони соҳаи экспертиза ҳама вақт кушиш ба харҷ медиҳанд, ки хусусиятҳои истеъмолии мол, навъи мол, мамлакати истеҳсоли мол, бехатар намудани сифату миқдор, мӯҳлати истифодабарӣ ва фоидаю зарари молро таҳлилу тадқиқ намоянд.

Экспертиза асосан тадқиқи масъалаҳо буда, ҳалли дониши махсусро бо пешкаш кардани қарори далелнок талаб мекунад. Экспертиза ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дохил гардида, паҳлӯҳои гуногунро фаро гирифтааст, ки он то як андоза фаҳмиши онро душвор гардонидааст.

Дар замони муосир бояд ба омӯзиши таҳқиқи экспертиза диққати махсус дода шуда, ба ин ё он ҳодисаи ба экспертиза оид ба истеъмоли мол расонидани зарар ба шахсият ё аҳолии мамлакат алоқаманд, танҳо пас аз омӯзиши пурраву аниқ баҳо дод.

Ҳамин тавр, барои саҳеҳ дарк кардани муаммоҳои экспертизаи гумрукӣ пеш аз ҳама бояд моҳият ва объекту предмети онро муайян намуд. Бояд зикр кард, ки дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти мафҳуми экспертизаи гумрукӣ оварда нашудааст. Мувофиқи Кодекси гумруки Иттиҳоди иқтисодии Авро-Осиё экспертизаи гумрукӣ ин таҳқиқот ва озмоише, ки аз тарафи экспертони гумрукӣ бо истифода аз донишҳои махсус ва илмӣ барои ҳалли вазифаҳое, ки ба мақомоти гумрук гузошта шудааст, гузаронида мешавад, мебошад [5, 383].

Дар соҳаҳои мухталиф намуди зиёди экспертиза мавҷуд аст ва ҳар яке аз онҳо таъинот ва объекти таҳқиқи мухталифро доро мебошанд. Объектҳои экспертизаи гумрукӣ инҳо мебошанд:

сарчашмаҳои моддии иттилоот, пеш аз ҳама, ашё, молҳо ва намунаи онҳо, ки барои гузаронидани таҳқиқот гирифта шудааст;

вайроншавии қоидаҳои гумрукӣ;

объектҳои қочоқ;

ҳуҷҷатҳое, ки молро ҳамроҳӣ мекунанд ва ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ истифода мешаванд [3, 71].

Предмети экспертизаи гумрукӣ ҳам далелҳои аниқ ва ҳолати расмиёти назорати гумрукӣ , инчунин муаммоҳои умумии фаъолияти гумрукӣ баромад карда метавонад. Ба ғайр аз он ба предмети экспертизаи гумрукӣ масъалаҳое, ки ҳангоми мубориза бо

қочоқ ва вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ, ки бо кӯмаки экспертиза ҳалли худро меёбанд, ба монанди криминалистикӣ, иқтисодӣ, молшиносӣ ворид кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, объект ва предмети экспертизаи гумрукӣ масъалаи фарогир ва васеъ буда, ҳар яки он таҳқиқи алоҳидаро талаб мекунад. Вале муаммоҳои умумие мавҷуд ҳастанд, ки ба масъалаҳои ташкилии умумии ҳамаи ҷабҳаҳои намудҳои мухталифи экспертизаи гумрукиро фаро мегирад.

Таҳлили назариявӣ ва амалии экспертизаи гумрукӣ нишон дод, ки бо сабаби мунтазам такмил ёфтани тартиби гузаронидани назорати гумрукӣ, диференсатсия шудани молҳо ва тағйир ёфтани шаклу хусусиятҳои онҳо, ҷорӣ шудани пешрафти илмӣ-техникӣ дар ҳамаи ҷабҳаҳои истеҳсолот ва фаъолияти гумрукӣ масъалаи мувофиқ кардани талаботҳо, меъёрҳо, аз он ҷумла меъёрҳои техникӣ муаммо гаштааст.

Самаранокии танзими техникӣ бо маҷмӯъ ва механизмҳои хуби воситаҳои он муайян карда мешавад. Норасоии истифодаи ҳадди ақали як асбоб самаранокии системаи танзими техникиро дар маҷмӯъ коҳиш медиҳад. Дар регламенти техникӣ талаботи ҳатмии маҳсулот муқаррар карда мешавад.

Сатҳи ҳадди ақали талаботи ҳатмӣ барои он муайян карда шудааст, ки бехатарии одамон ва муҳити зистро таъмин мекунад. Қоидаҳои техникӣ набояд роҳҳои таъмини мувофиқат ба талаботи ҳатмиро дарбар гиранд, то истеҳсолкунанда дар интихоби технологияи истеҳсолӣ ё татбиқи татбиқшудаи конструкторӣ маҳдуд нашаванд. Қоидаҳои техникӣ набояд барои навсозӣ ва навсозии маҳсулот монеа эҷод кунанд. Ҳангоми эътибор пайдо кардани регламенти техникӣ талаботҳои ҳатмии маҳсулот, ки дар дигар ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла санадҳои меъёрию идоравӣ муқаррар шудаанд, бояд қувваи худро гум кунанд.

Яъне, яке аз роҳҳои муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии мақомоти гумрук дар соҳаи азназаргузаронии мол ин давра ба давра тағйир додани регламентҳои техникии мавҷуда мебошад, зеро онҳо талаботи ҳадди ақали зарурии бехатариро бидуни эҷоди монеаҳои нолозим ба маҳсулоти муосир ва инноватсионӣ муқаррар мекунанд. Аммо, ба қонунгузорӣ таҷассум кардани таври мобилии истифода кардани муқаррароти нав муҳим аст [6].

Дигар воситаи муҳими танзими техникӣ ин стандартизатсия мебошад. Татбиқи стандартҳо имконият медиҳад, ки усулу технологияҳои муосир истифода бурда, хароҷотро ба таври назаррас коҳиш дода, якгонагии маҳсулотро таъмин кунанд. Ҳангоме, ки иштирокчиёни бозор дарк мекунанд, ки тарҳрезии ғоя дар лоиҳаи стандарт тавассути тарроҳӣ ё технология ба сатҳи рушди илм, муҳандисӣ ва технология мувофиқат мекунад, стандартҳо бо ризоият қабул карда мешаванд. Бояд қайд кард, ки ҳарчӣ зудтар стандартҳо таҷдид шаванд, барои истифодаи амалии технологияҳои нави пешрафта дар доираи амалии доираи номаҳдуди шахсони ҳавасманд имконияти бештаре пайдо мешавад [2].

Рушди босуръати стандартҳои мавҷуда ва инчунин эҷоди стандартҳои нав як қисми такмили фаъолияти мақомоти гумрук мебошанд, зеро стандартҳо сатҳи ба даст оварда инъикос ёфта, интиқоли технологияро таъмин намуда, ба сифат ва рақобатпазирии маҳсулот мусоидат мекунанд.

Проблемаи шадиди экспертизаи гумрукӣ ин сатҳи пасти тахассуснокӣ ва кам будани кормандони мақомоти гумрук, ки экспертизаи гумрукии молро мегузаронанд, ба миён омадааст. Ин ба он вобаста аст, ки донишҳои барои гузаронидани намудҳои гуногуни экспертизаи зарурӣ мавҷуданд - ягон мутахассис аз бисёр соҳаҳои дониш фаро гирифта наметавонад, одатан мутахассисони ботаҷриба танҳо дар илмҳои ҳамаҷониба тахассуси кофӣ доранд. Норасоии кадрҳои соҳибтахссусро тавассути тағйир додани сохтори дохилии мақомоти гумрук, беҳтар кардани шароити корӣ, гузаштан ба низоми муосири идоракунии захираҳои инсонӣ, инчунин гузаронидани аттестатсияҳои даврии кормандон бартараф кардан мумкин аст. Аккредитатсияи мақомоти сертификатсия ва

лабораторияҳои озмоишӣ (ва коршиносони чунин лабораторияҳо) дар ҳалли ин мушкилот нақши муҳим доранд.

Раванди аккредитатсия салоҳияти шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро дар иҷрои корҳо оид ба мутобиқати маҳсулот ба талаботи муқарраршуда тасдиқ менамояд. Талабот ба маҳсулот ҳам дар регламенти техникӣ (дар соҳаи танзимшаванда) ва ҳам дар шартномаҳои хоҷагӣ, стандартҳои ихтиёрӣ ё системаи сертификатсияи ихтиёрӣ (соҳаи танзимшаванда) муқаррар карда мешавад. Агар аккредитатсия вазифаи давлатӣ бошад, пас кори мақомоти сертификатсия ва лабораторияҳои (марказҳои) озмоишӣ хизмати бозорӣ аст. Қонун дар бораи танзими техникӣ имкон намедиҳад, ки вазифаҳои аккредитатсия ва тасдиқи мутобиқат дар як шахс мавҷуд бошанд.

Аккредитатсияи лабораторияҳо ва мақомоти сертификатсия яке аз роҳҳои муҳимтарини баланд бардоштани сифати экспертизаи гумрукии мол мебошад. Аввалан, агар маҳсулот аз ҷониби мақоми аккредитатсияшуда сертификат гирифта шуда бошад, вақти гузарондани экспертизаи гумрукӣ ба таври назаррас кам карда мешавад, зеро ҳангоми додани аккредитатсияи мувофиқат ва якхелагии меъёрҳои инфиродӣ ва стандартҳои сифатии нисбати маҳсулоти муайян тасдиқгардида, тасдиқ карда шудааст. Дуввум, муносибати амиқ ба аккредитатсияи лабораторияҳо ва коршиносони ғайридавлатӣ шубҳаро дар бораи корношоямӣ ё касбӣ будани хулосаҳои баровардашуда коҳиш медиҳад, ки экспертизаи такрориро пешгирӣ мекунад ва ин вақт ва пулро сарфа мекунад.

Мушкилоти дигари мақомоти гумрук, ки барои гузарондани санҷишҳои гумрукӣ масъуланд, камбудии таъминоти моддию техникӣ аст. Аз сабаби нокифоягии маблағгузории давлат, ин мушкилот барои аксарияти сохторҳои давлатӣ анъанавӣ мебошад.

Барои гузаронидани озмоишҳои мураккаб дар рафти экспертизаи гумрукӣ, мутахассисон аксар вақт таҷҳизоти гаронбаҳо (ҳисобкунакҳо, анализаторҳо, паҳнкунакҳо ва ғайра) ва ҷойҳои махсусро барои намудҳои гуногуни экспертизаҳо (лабораторияҳои махсус, майдончаҳои кушод, утоқҳои яхдон ва ғайра) талаб мекунанд. Ду роҳи ҳалли анъанавии ин мушкилот вуҷуд дорад. Якум, маблағгузории лабораторияҳои гумрук ва мақомоти гумрук, ки барои гузарондани экспертизаҳои гумрукӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ масъуланд, зиёд карда мешавад. Ин раванд даврaӣ шуданаш мумкин аст ва сикли маблағгузорӣ бо таҷҳизоти кӯҳна пайваст карда шавад. Дуввум, барои мақомоти гумрук таҷҳизоти махсус ва ҷойҳои гузаронидани экспертизаи экспертӣ дар моликияти худ комилан ҳатмӣ нест - ташкилотҳои тиҷоратии тарафи сеюм, ки дорои ин захираҳо мебошанд, метавонанд ҳангоми гузарондани экспертизаи гумрукӣ бо роҳи бастани шартнома ҷалб карда шаванд [6].

Дар ин ҷо бояд қайд намуд, ки барои амалӣ намудани пешниҳоди мазкур заминаи ҳуқуқӣ мавҷуд аст ва дар амалия роҳи мазкур истифода мешавад. Мувофиқи банди 2-и моддаи 419 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон экспертиза аз ҷониби коршиноси лабораторияи гумрукӣ, инчунин дигар ташкилотҳои дахлдор ё дигар коршиносоне, ки мақомоти гумрук таъин мекунад, гузаронида мешавад. Ба сифати коршинос мумкин аст ҳар шахсе, ки барои додани хулоса маълумоти махсус дорад, таъин карда шавад. Барои гузаронидани экспертиза коршинос дар асоси шартнома ҷалб карда мешавад. Ҳангоми таъини экспертиза бо ташаббуси декларант ё дигар шахси манфиатдор шахсони мазкур ҳуқуқ доранд ба мақомоти гумрук номзади коршиносро пешниҳод намоянд.

Вале дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ нисбати танзими фаъолияти шахсони сеюм ҳаматарафа муносибатҳои ҳуқуқӣ муайян нашудаанд, ки ин боиси расмӣ гаштани расмиёти экспертизаи гумрукиро баланд мекунад. Чӣ хеле, ки дар боло зикр намудем барои пурра татбиқ намудани иштироки шахсони сеюм дар раванди экспертизаи гумрукӣ муқарарроти қонунгузорӣ бояд такмил дода шавад. Барои самаранок ва мӯътадил гузаронидани экспертизаи гумрукӣ, дар назди Хадамоти гумруки назди

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низомие, ки салоҳиятнокӣ ва касбияти шахсони сеюмро тасдиқ мекунанд, мақсаднок аст. Инчунин пешбурди реестри чунин шахсон аз тарафи мақомоти гумрук ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, аз баски экспертизаи гумрукӣ дар зинаи барасмиятдарории гумрукӣ имконияти муайян ва тасдиқ кардани қоидавайронкуниҳои гумрукиро фароҳам меоварад, аз он ҷумла ба сифати воситаи муҳими таъмини бехатарии иқтисодии мамлакат хизмат мекунад, унсури муҳими системаи назорати гумрукӣ мебошад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1) Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кодекси амалкунанда. Санаи қабул: 3.12.2004 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №12, қ-2, мод.

2) Минпромторг РФ [Электроный ресурс]: Формирование системы технического регулирования стран таможенного союза. Режим доступа: http://www.minpromtorg.gov.ru/industry/metrology/59 (санаи истифодабарӣ: 10.01.2020)

3) Нестеров А.В. Проблемы экспертной деятельности // Право. Журнал Высшей школы экономики. – 2009. – № 2. – С. 67-71.

4) Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/ru/node/16772 (санаи истифодабарӣ: 12.12.2019)

5) Таможенный кодекс Евразийского экономического союза. – М.: Издательство «Омега-Л», 2018. – 474 с.

6) Федотов А.В. Современное положение таможенной экспертизы в РФ: проблемы и пути их решения / А.В. Федотова // Молодой ученый. — 2013. — №5. — С. 401-402. — URL https://moluch.ru/archive/52/6841/ (дата обращения: 24.12.2019).


## ВАЗЪИ ГАРДИШИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАОВАР ВА МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН БАЪДИ ДУБОРА БА САРИҚУДРАТ ОМАДАНИ ГУРӮҲИ» ТОЛИБОН»: ОМИЛҲО ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТ


**Абдуллоев М.М. - дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии ДДМИТ**


Мушкилоти ҷаҳонии нашъамандӣ, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар, моддаҳои псхотропӣ ва прекурсорҳои онҳо яке аз проблемаҳои мубрам (актуали) ва ҷиддии ҷаҳони муосир мебошад, ки ба равандҳои рушди қариб тамоми соҳаҳои ҳаёт таъсири харобиовар мерасонад. Солҳои охир ин раванд сарчашмаи асосии маблағгузории гурӯҳҳои экстремистию террористӣ гардида ба гурӯҳҳои муташаккили фаромарзӣ робитаи зич пайдо намудааст. Мушкилии мубориза зидди ин вабои аср бо он шарҳ дода мешавад, ки он ҳам сабаб ва ҳам оқибати шароити душвори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии давлатҳо шуда метавонад. Пеш аз ҳама ба вазъи иҷтимоӣ, сиёсию иқтисодӣ ва психологӣ дар ҷомеа таъсири манфӣ расонида ба саломатии аҳолӣ ва геннофонди миллат таҳдид намуда, хатари ҷиддиро эъҷод менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъияти кунунии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар давлатҳои Осиёи Марказӣ муташанниҷ боқӣ монда, афзоиши ва истеъмоли ғайритиббии моддаҳои психотропӣ ва таъсирбахш, фаъол шудани каналҳои кӯҳна ва ташаккули каналҳои нави транзити афюнии афғон тавассути” роҳи Шимол” мушоҳида мешавад.

Давлати Афғонистон ним аср боз таъминкунандаи асосии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар» бозори сиёҳ»-и ҷаҳонӣ маҳсуб мегардад. Тибқи маълумотҳои омории Созмони Миллали Муттаҳид ва Маркази ахборотдиҳии ҳамоҳангсозии минтақавӣ истеҳсоли воситаҳои нашъадор дар давлати Афғонистон, дар бораи интиқоли мусодирашудаи маводи мухаддир аз Афғонистон нишон медиҳад, ки қочоқи афюн аз моҳи августи соли 2021, вақте ки Толибон ҳукумат дар ин кишвар

даст ба даст гирифт, қатъ нашудааст, баракс рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Маҳсулоти ҷамъоваришудаи афюни Афғонистон тақрибан 80 дарсади истеъмолкунандагони афюнро дар ҷаҳон таъмин мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар қисми ҷанубу шимол бо вилоятҳои Балх, Қундуз ва Бадахшони Афғонистон ҳамсарҳад мебошад, ки ин 40,6% - и сарҳади ҷумҳуриро дар бар мегирад. Мавқеи ҷуғрофии манотиқи зикргардида барои интиқоли воситаҳои нашъадор ҳамчун минтақаи барои назорат душвор вале барои қочоқчиён ва нашаъҷалобон ҳамчун минтақаи транзитии қулай истифода мегардад. Аз ин лиҳоз муссалам, аст, ки қочоқи (контрабанда) воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ аз марзи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна тавассути «Роҳи Шимол» омили хатарнок, зуҳуроти таҳдидкунанда ва номатлуб ва ташвишовари минтақа маҳсуб мешавад. Вазъи нашъамандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра аз ҳолати он дар Афғонистон вобаста аст. Дар панҷ соли охир бошад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор ва мусодираи моддаҳои синтетикии психотропии нашъадор характери системавӣ ва доимӣ пайдо намудааст, ки боиси нигаронӣ мебошад. Дар айни ҳол омили муайянкунандаи таъсиргузор ба вазъи сиёсӣ ва амниятии давлати Афғонистон, эълони хуруҷи тамоми нерӯҳои Иёлоти Муттаҳида ва НАТО аз ин кишвар, сукути низоми ҷумҳурӣ, фирори президет Ашраф Ғанӣ, фурупошии ҳукумат ва тасарруфи босуръати Толибон тамоми кишвар маҳсуб мешавад. Дар асоси изхороти Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 14 апрели соли 2021оид ба ихроҷи тамоми нерӯҳои Амрико аз 1 май то 11 сентябри соли 2021 аз хоки Афғонистон, гурӯҳи “ Толибон”фурсатро муносиб ёфта, фаъолиятҳои харбии худро ҷоннок намуданд. Нерӯҳои хориҷии таҳти раҳбарии НАТО низ хурӯҷи нерӯҳои хориҷӣ аз Афғонистонро оғоз карданд, ки бояд то 11 сентябри соли 2021 анҷом мешуд. Моҳи июли соли 2021 президент эълон кард, ки миссияи низомии ИМА дар Афғонистон 31 август, яъне 11 рӯз пештар аз нақшаи пешбинишуда ба анҷом мерасад. Чанде пас аз эълони хуруҷи нирӯҳо Толибон ба ҳамлаи зидди нерӯҳои ҳукуматӣ шурӯъ карданд ва ба муқовимати кам дучор омаданд ва дар ниҳоят қисми зиёди Афғонистон, аз ҷумла Кобулро ишғол карданд. Ҳамин тариқ 17 августи соли 2021 Толибон нахустин нишасти матбуотии худро пас аз ба қудрат расидан дар Афғонистон баргузор карданд. Намояндагони он гуфтаанд, ки онҳо талош доранд, бо кишварҳои дигар равобити сулҳомез барқарор кунанд, ҳуқуқи занонро "тибқи шариати исломӣ" эҳтиром хоҳанд кард ва аз аъзои собиқи низомиён ва ҳукумат, инчунин пудратчиён ва тарҷумонҳое, ки дар нерӯҳои байналмилалӣ кор мекарданд, қасос нахоҳанд гирифт. Моҳи апрели соли 2022 ҳукумати нави Толибон парвариши кӯкнор ва ҳама гиёҳҳоеро, ки аз онҳо маводи мухаддир истеҳсол мешавад, қатъиян манъ кард.

Аммо дар асоси хулосаҳои UNODC, майдони кишти хашхош дар Афғонистон дар соли 2022 нисбат ба соли қаблӣ 32 дарсад афзоиш ёфта, 233 ҳазор гектарро ташкил додааст. Аз оғози мониторинг ин сеюмин нишондиҳандаи бузург аст. 73 фоизи майдони умумии кишт дар районхои чанубу гарбии мамлакат чамъ карда шудааст. Афзоиши аз ҳама бештари ҳосил дар он ҷо низ ба қайд гирифта шудааст. Хамин тавр, дар музофоти Хилманд панчьяки тамоми замини корам барои кишти кукнор чудо карда шуд. Аз замони эълони манъи кишти кӯкнор дар моҳи апрел нархи афюн якбора боло рафт ва даромади кишоварзони афғон аз фурӯши кӯкнор беш аз се баробар афзуда, аз 425 миллион доллар дар соли 2021 то ба 1,4 миллиард доллар дар соли 2022 расидааст. Ин рақам ба тақрибан сеяки даромади умумии кишоварзии кишвар баробар аст, дар ҳоле ки дар соли 2021 фурӯши кӯкнор ҳамагӣ 9 дарсади фоидаи бахши кишоварзии Афғонистонро овардааст.

Соли ҷорӣ барои тавлидкунандагони афюн дар Афғонистон дар солҳои охир фоидаовартарин буд ва кишти кӯкнор афзоиш ёфтааст.

Ҳосили кӯкнор дар соли 2022 метавонад ба 350-380 тонна ҳероини содиротӣ бо тозагии 50-70 дарсад коркард шавад. Ин дар ҳолест, ки шароити бӯҳронҳои башардӯстона ва

иқтисодӣ,  пас аз тасарруфи қудрат дар кишвар аз ҷониби Толибон бадтар шуда, сатҳи қашшокӣ ва бекорӣ афзоиш ёфтааст. Афюн ҷузъи асосии на танҳо ҳероин аст, ки аз ҷониби тоҷирони маводи мухаддир паҳн мешавад, балки дар як гурӯҳи доруҳои афюнии рецептӣ, ки миллионҳо беморон дар саросари ҷаҳон барои рафъи дард ба он такя мекунанд. Дар баробари ин, дар як катор мамлакатхо, масалан, дар ШМА, суиистеъмоли ин гуна дорухо зиёд шуда, проблемаи вобастагии опиоидхо васеъ пахн шудааст. Бо вуҷуди ин, тибқи баррасии ахири Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (UNDP), афзоиши даромадҳо ҳатман боиси афзоиши қобилияти харидорӣ ё некӯаҳволии мардум нагардидааст: инфляция дар ҳамин давра хеле афзоиш ёфт ва нархи маводи ғизоӣ боло рафт. ба хисоби миёна 35 фоиз.

Дар чунин шароит, сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили вазъи ҷиноии ба вуҷуд омада маҷмӯи васеи чорабиниҳои пешгирию оперативиро ба роҳ мондаанд, ки ба ошкор ва аз байн бурдани каналҳои асосии транзит ва фурӯши маводи мухаддири хориҷӣ ва маҳаллӣ равона карда шудаанд. Баррасӣ, ҳамоҳангсозӣ ва ташкили чорабиниҳои комплексии оперативӣ ва пешгирикунанда оид ба коҳиш додани талабот ва пешниҳоди воситаҳои нашъадор, аналогҳои онҳо, моддаҳои психотропӣ ва таъсири таъсирбахш, инчунин вусъат додани хамкории байналхалкӣ дар сохаи мубориза зидди муомилоти нашъамандӣ бо чалб намудани кувваю воситахои ташкилотхои манфиатдор, идорахо, намояндагони органхои махаллии хокимият ва ахли чамъият нигаронида шудаанд.

Дар соли 2021мақомоти қудратӣ ва сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ аз муомилоти ғайриқонуни зиёда  аз 4,8 тонна маводи мухаддирро мусодира кардаанд. Аз ҷумла: Кормандони Вазорати корҳои дохилӣ дар ин давра 2,3 тонна, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ – 1,6 тонна, Агентии назорати маводи нашъаовар – 357,6 кг, Агентии мубориза бо коррупсия – 30,3 кг, Хадамоти гумрук – 1 кг маводи мухаддирро мусодира намуданд.

Ин нишондод нисбат ба маводи мухаддири ошкоршуда дар соли 2020 1,6 тонна бештар аст.

Ҳамин тариқ таҳлили вазъи нашъамандӣ ва муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропва прекурсорҳои онҳо. Маводи мухаддири мусодиракардашуда аз ҷониби сохторҳои қудратӣ дар минтақа ва аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки  он  пурра аз ҳолати он  дар Афғонистон вобаста буда, баъди ба сари ҳокимият омадани» Толибон» дар Афғонистон истеҳсол ва қочоқи воситаҳои нашъаовар зиёд гардидааст. Чунин вазъият ки дар навбати худ аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ талаб мекунад, ки усулҳои муосири пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳоро дар самти мазкур тақвият дода, ҳуҷҷатгузорӣ ва тафтиши онҳоро тибқи санадҳои меъёри-ҳуқукии амалкунанда таҳия ва такмил диҳанд.

Адабиётҳои истифодашуда:

1. История Афганистана с древнейших времен до наших дней, ОТВ.ред. Ю. В.  Ганковский,- М; Мысль, 1982г.
2. Питер Марсден, Талибан -  война и религия в Афганистане, М; Издательство «Городец» 2002г.
3. Журналь «Северный» маршрут - нарастающие риски», Региональный преставительства ЮНОДК в Центральной Азии 2021г.

## ҲУҚУҚИ МУРОФИАВӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИШТИРОКЧИЁНИ МУРОФИА

**Табаров Н.А. – н.и.ҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии ДДМИТ**

Фикр мекунем, ки ҳангоми маънидодкунии ҳуқуқи мурофиавӣ васеъ кардани ҳайати (таркиби) субъектӣ зарур шуда, ба он аз он ҷумла шаҳрвандон-иштирокчиёни мурофиа, ки фаъолияти онҳо бо меъёрҳои мурофиавии ҳуқуқ муайян карда мешавад, низ ворид карда шаванд.

Т.Н. Клептсов қайд мекунад, ки ба ҳуқуқи мурофиавӣ меъёрҳои ҳуқуқие мансубанд, ки аз як тараф «тартиби татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи моддиро мукаррар менамояд» ва «...расмиёти (тартиби) махсуси оғоз намудан ва баррасии парвандаҳои гражданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, инчунин парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар суд ё дигар мақомоти давлатӣ дар бар мегиранд», аз тарафи дигар - «вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиа: суд, даъвогар ва ҷавобгар, айбдоршаванда ва ҳимоятгар ва ғайраро муайян намуда; ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо муқаррар мекунад» [2, с. 310]. Р.Х. Макуев қайд менамояд, ки «ҳуқуқи мурофиавӣ тартиби татбиқи нишондодҳои меъёрҳои моддии ҳуқуқ, ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои ҳуқукро, ки ба муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ дохил карда шудаанд, муайян менамояд» [4, с. 339].

Ба назари мо, мурофиаи ҳуқуқиро бояд бо назардошти дар он иштирок намудани на танҳо мақомоти дахлдори давлатӣ, балки шахсони дигар, аз ҷумла шаҳрвандоне, ки дар мурофиа иштирок мекунанд, маънидод кард. Олимони шуравӣ дар назарияи умумии ҳуқуқ дар таҳти шакли мурофиавӣ «маҷмӯи талаботи якхелаи расмиётиеро, ки нисбати амалҳои иштирокчиёни мурофиа пешниҳод карда мешаванд ва барои ноил шудан ба натиҷаи муайяни моддӣ-ҳуқуқӣ равона карда шудаанд» мефаҳмиданд[7, с. 13]. Онҳо таъкид карданд, ки «...меъёрҳои мурофиавӣ мутлақо тамоми амалҳои мурофиавӣ ва фаъолияти ҳамаи иштирокчиёни мурофиаро, сарфи назар аз вазъи ҳуқуқии онҳо танзим мекунанд».

Муҳокимарониҳои минбаъда хусусияти муҳим доранд: «... функсияи асосии меъёрҳои мурофиавӣ дар мурофиаи ҳуқуқии анъанавӣ аз он иборат аст, ки фазои мусоидтаринро барои иштирокчиёни бевосита манфиатдор: даъвогар, ҷабрдида, ҷавобгар, шахсони сеюм, айбдоршаванда ё судшаванда фароҳам оварад. Нисбати иштирокчиён-ташкилотчиёни мурофиа, яъне субъектоне, ки дар мурофиаи ҳуқуқӣ функсияҳои хизматиро иҷро мекунанд, таъиноти меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ аз таъмини муносибии амал ва самаранокии ба даст овардани натиҷаҳои ҳуқуқӣ иборат аст»[6, с. 59]. Е.Г. Лукянова якчанд равишҳоро ба таърифи мурофиаи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ба он зич алоқаманд баён намуда, яке аз онҳоро чунин шакл медиҳад: «Ин ҷараёни татбиқшавии ҳуқуқи моддӣ сарфи назар аз шаклҳои чунин татбиқшавӣ мебошад. Ҳуқуқи мурофиавӣ «восита»-и татбиқи ҳуқуқи моддӣ мебошад»[3, с. 41–42].

Дар воқеъ, В.П. Божъев низ таъкид мекард, ки гарчанде татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ шакли асосии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятиро ифода мекунад, вале шакли ягона нест ва эътирофи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ ҳамчун шакли муҳими татбиқи он маънои онро надорад, ки асоси мурофиаи ҷиноятӣ ваколатҳои яктарафаи ҳокимиятии шахсони мансабдор мебошад[1, с. 53]. Воқеан, қонунгузор ба расмиёти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар муқаррароти м. 2, 6 ва дар дигар меъёрҳои мурофиавӣ ишора менамояд.

Аммо мисоли шаклҳои дигари татбиқи ҳуқукро низ овардан мумкин аст. Масалан мувофиқи қисми 1 моддаи 105 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, гумонбаршуда ё айбдоршаванда ё судшаванда набояд «бе иҷозати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё суд, судя маҳалли истиқомати доимӣ ё муваққатии худро тарк намоянд» (риояи мамнӯъиятҳо); мутобиқи сархати сеюми қисми 4 моддаи 46 Кодекси мазкур гумонбаршуда ҳуқуқ дорад донад, ки барои чӣ гумонбар шудааст...» (истифодаи ҳуқуқ); тибқи қисми 3 моддаи 198 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «шахсони дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда - *шоҳид, ҷабрдида, ҳамчунин гумонбаршуда, айбдоршавандае, ки дар озодӣ мебошанд* (курсиви ман – Н.Т.), вазифадоранд, ки мувофиқи даъват ба пурсиш ҳозир шаванд» (иҷрои вазифаҳо). Бояд қайд кард, ки чунин меъёрҳои мурофиавии ҳуқуқ расмиёти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро танзим намекунанд, балки мақоми ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ (гумонбаршуда, айбдоршаванда, шохид ва диг.)-ро муайян мекунанд.

Дар матни масъалаи баррасишаванда бояд ба мавқеи М.Ю. Осипов таваҷҷӯҳ кард, ки консепсияи мурофиаро ҳамчун як навъ фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ танқид карда, чунин мешуморад, ки «агар мурофиаро ҳамчун як навъи фаъолияти

ҳуқуқӣ баррасӣ кунем, он гоҳ маълум мешавад, ки дар ин фаъолият метавонад танҳо як тараф бошад, зеро аз нуқтаи назари психологӣ фаъолият системаи амалҳоеро ифода менамояд, ки ба предмете таъсир мерасонад, ки барои ноил шудан ба мақсади муайян нигаронида шуда, бо қонеъ кардани ниёзҳои субъекти фаъолият алоқаманд аст ...Таҳлили мурофиаҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ, гражданӣ, конститутсионӣ ва *иқтисодӣ* (курсиви ман – Н.Т.) нишон медиҳад, ки якчанд намуди фаъолият вуҷуд дорад. Масалан, дар мурофиаи гражданӣ метавон ҷудо кард: фаъолияти суд оид ба ҳалли баҳсҳо; фаъолияти даъвогар, ки барои пешниҳод ва асоснок кардани талабҳои худ дар суд равона карда шудааст; фаъолияти ҷавобгар, ки барои пешниҳод ва асоснок кардани норозигиҳои худ дар суд нисбат ба даъвои даъвогар нигаронида шудааст» [5, с. 9].

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда**


1. Божьев В.П. Уголовно-процессуальные правоотношения. М.: Юрид. литература, 1975. 176 с.

2. Клепцова Т.Н. Система права. В кн.: Теория государства и права. М.: Норма, 2007. С.295–313.

3. Лукьянова Е.Г. Теория процессуального права. М.: Норма, 2003. 233 с.

4. Макуев Р.Х. Теория государства и права. М.: Норма, 2010. 640 с.

5. Осипов М.Ю. Понятие правовых процессов и их соотношение с юридическим процессом // Современное право. 2009. № 11. С.7–10.

6. Теория юридического процесса. Харьков, 1985. С. 59.

7. Юридическая процессуальная форма: теория и практика. М., 1976. С. 13.


## ШАКЛИ БАСТАНИ ШАРТНОМАИ ТАЪМИНИ НЕРУИ БАРҚ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Мирзоев С.А.-номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии ДДМИТ**

**Эраҷи М.-ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии ДДМИТ**


Шарти ҳатмӣ ва зарурии ҳама гуна шартнома ба таври дуруст ва дар шакли дахлдор баста шудани он ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи банди 1, моддаи 466 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, шакли шифоҳӣ ва хаттии аҳдҳо (хаттии оддӣ ва нотариалӣ) вуҷуд дорад. Ҳангоми таснифи шартномаҳо мувофиқи шакли онҳо шакли оддии хаттӣ, шакли нотариалӣ ва шифоҳиро ҷудо намудан зарур аст. Дар хусуси шаклҳои бастани шартномаҳои мушаххас ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки мутобиқи моддаи 466 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро дар ҳар шакле, ки барои анҷом доданашон пешбинӣ шудааст, метавон баст, агар дар қонун барои ин навъи шартномаҳо шакли муайян муқаррар нашуда бошад. Илова бар ин, агар тарафҳо дар хусуси дар шакли муайян бастани шартнома аҳду паймон карда бошанд, пас шартнома баъди ба он додани шакли муқарраргардида басташуда ҳисоб меёбад, ҳатто агар дар қонун барои ин намуди шартномаҳо чунин шакл талаб карда нашавад.

Аммо аҳде, ки қонунгузорӣ барояш шакли хаттӣ ё дигар шакли муайянро муқаррар накардааст, масалан, шартномаи таъмини барқ мумкин аст дар ҳама гуна шакл баста шавад (банди 1, моддаи 466 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Чунин аҳд, ҳамчунин, дар ҳолате басташуда ҳисоб меёбад, ки агар рафтори шахс аз нияту иродаи вай дар бораи бастани шартнома равшан гувоҳӣ диҳад. Мувофиқи моддаи 464 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома басташуда ҳисоб меёбад, агар ба созишномаи тарафҳо шакле, ки онро қонун талаб мекунад, дода шуда бошад.

Дар бораи шартномаи таъмини энергия, бояд қайд кард, ки қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бастани он шакли муайянеро пешбинӣ накардааст. Дар қонунгузории гражданӣ набудани ҳеҷ гуна талабот ба шакли

шартномаи таъминоти барқ аз зарурати ба роҳбарӣ гирифтани муқаррароти умумии нисбати шакли ҳамагуна шартномаи граждании пешбинишуда шаҳодат медиҳад.

Пеш аз ҳама, қоидаи дар моддаи 466 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда дар назаранд, ки мувофиқи онҳо шартнома дар ҳамагуна шакле, ки барои анҷом додани аҳдҳо пешбинӣ шудааст, баста мешавад.

Бояд қайд кард, ки мувофиқи моддаи 186 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳдҳои байни шахсони ҳуқуқӣ, байни шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон ҳатман ба таври хаттӣ баста мешаванд. Азбаски яке аз тарафҳои шартномаи таъмини барқ ташкилоти таъминкунандаи барқ мебошад, пас қоидаҳои моддаи 186 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати онҳо низ татбиқ мешаванд.

Илова бар ин, шакли хаттӣ ҳарду тарафро аз оқибатҳои манфие, ки дар ҳолати ба миён омадани баҳс ба вуҷуд омаданашон мумкин аст, муҳофизат мекунад.

Мавҷуд будани шартномаи хаттӣ имкон медиҳад, ки худро ҳангоми санҷишҳои андоз муҳофизат намуд, зеро чунин шакли шартнома имконияти додани баҳои дуруст ба муносибатҳои байни шариконро фароҳам месозад.

Мувофиқи Кодекси андоз, қоидаҳои умумии андозбандӣ ба корхонаҳои энергетикӣ дар Тоҷикистон татбиқ мешаванд, яъне онҳо бо тартиби умум муқарраршуда тамоми андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллиро месупоранд, агар объектҳои дахлдори андозбандиро дошта бошанд [1, с. **31]**.

Шакли хаттӣ ба Кодекси граждании баҳри ягона мақсад дохил карда шудааст, яъне бо тамоми воситаю тарзҳо эмин нигоҳ доштани тарафе, ки офертаро қабул намуда, ба ивази фиристонидани аксепт амалҳои заруриро ҷиҳати иҷрои шартнома анҷом медиҳад (масалан, дар ҷавоб бо дархост оид ба зарурати таҳвили молу маҳсулот, бор карда фиристодани онҳо). Қабл аз ҷорӣ намудани ин муқаррарот, ҳангоми ба миён омадани баҳс, шартнома басташуда ҳисоб намеёфт. Аммо дар мавриди бо чунин тарз бастани шартнома, аён намудани нияту иродаи шахси анҷомдиҳандаи амалҳои муайян душвор аст. Ба мақсади ба ин амалҳо додани ин ё он шакли аксепт, зарурати иҷрои онҳо бо шартҳои дар оферта муайяншуда, пеш меояд. Аз моддаи 187 Кодекси граждании баръало равшан мегардад, ки ҳама гуна риоя накардани шакли хаттии оддии ин шартнома ба тарафҳо ҳуқуқ намедиҳад, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳс оид ба тасдиқи аҳд ба нишондоди шоҳидон ҳавола кунанд, аммо онҳоро аз ҳуқуқи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо маҳрум намесозад. Ба ибораи дигар, дар сурати мавҷуд набудани шартнома ҳамчун ҳуҷҷати ягона ё маҷмуи ҳуҷҷатҳои ба ҳам алоқаманд, шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад, воқеияти баста шудани аҳдро бо тарзҳои дигар (ба истиснои нишондоди шоҳидон), масалан, мактубҳо аз ташкилотҳо, ҳуҷҷатҳо оид ба пардохти ҳаққи молҳо ё бор кардани онҳо ва дигар тарзҳо собит намояд.

Ҳамин тариқ, бастани шартномаи таъминоти неруи барқ дар шакли хаттии оддӣ, ягон шубҳа нест, ҳамзамон бояд дар назар дошт, ки шартномаи хаттиро на танҳо тавассути таҳияи ҳуҷҷати ягонаи имзогардида, балки бо роҳи мубодилаи ҳуҷҷатҳо тавассути алоқаи почта, телеграф, телетайп, телефонӣ, электронӣ ё дигар намуди алоқа, ки ба таври дақиқ аз ҷониби тарафи шартнома ирсол шудани ҳуҷҷатро муқаррар мекунад, низ баста шуданаш мумкин аст (банди 3, моддаи 185 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Инак, дар сурати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳо барои пайваст намудани объекти ғайриманқул ба шабакаҳои барқӣ шаҳрванд ҳуқуқ дорад ба ташкилоти таъмини энергия бо ариза дар бораи ба ӯ фурӯхтани неруи барқ муроҷиат намояд. Яқин аст, ки чунин ариза мутобиқи моддаи 467 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамчун оферта шуморида шавад. Ҷавоб ба таклиф (розигӣ барои бастани шартномаи таъминоти неруи барқ) бо санад дар хусуси имконияти додани шиддат (иҷозат барои истифода) ба расмият даровафда мешавад (моддаи 470 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Шакли хаттӣ танҳо дар сурате риояшуда ҳисобида мешавад, ки агар амалҳои конклюдентӣ дар ҷавоб ба офертаи хаттӣ анҷом дода шуда бошад. Пас, амалҳои

дутарафаи конклюдентӣ дар сурате ғайриимкон мебошанд, ки агар барои бастани шартнома шакли ҳатмии хаттӣ муқаррар шуда бошад.

Мо бар он ақидаем, ки шартномаи таъмини неруи барқ бо истеъмолкунандагони маишӣ мумкин аст, умуман дар шакли хаттӣ таҷассум нашавад. Ин ҳолатҳо вақте ҷой дошта метавонанд, ки агар, масалан, шаҳрванд дар бинои истиқоматии иншоотҳои барқиаш аллакай ба шабакаҳои ташкилоти таъмини барқ пайваст кардашуда хона харида бошад [2**, с.70**].

Дар амалия дар муносибатҳои байни шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ истифода намудани варақаи намунавӣ, ки дар онҳо шартномаҳои хаттӣ ба расмият дароварда мешаванд, хеле паҳн шудааст. Чунин варақаҳо намунавӣ имконият медиҳанд, ки шартномаҳои хаттӣ ҳарчи зудтар ва дурусттар ба расмият дароварда шаванд. Пасгардӣ аз ҷобаҷогузории пайдарҳамии реквизитҳои дохилии шартнома дар ҷараёни пур кардани чунин варақаҳо боиси беэътибории шартнома намегарданд, агар дар ин ҳуҷҷати хаттӣ тамоми шартҳои зарурии он мувофиқа шуда бошанд. Масалан, ҷонибҳо як ё якчанд сутунҳои варақаи намунавиро пур накардаанд. Агар ин сутунҳо ба шартҳои муҳими шартнома дахлнадошта бошанд, шартнома басташуда ва бо эътибор дониста мешавад. Аз варақаҳои намунавӣ, ки ҳадафашон осон намудани ҷараёни ба расмият даровардани шартномаи хаттӣ мебошад, фарқ намудани шартномаҳои намунавӣ муҳим аст.

Шартномаҳои намунавӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ тасдиқ карда мешаванд. Шартҳои чунин шартномаҳои намунавӣ барои тарафҳо ҳатмӣ мебошанд ва вайрон кардани онҳо ба ночиз эътироф намудан ё беэътибор донистани як қисм ё тамоми шартҳои шартнома оварда мерасонад.

Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ба мо боварӣ мебахшад, ки дар бораи имконпазир будани бастани шартномаи таъмини барқ, бо роҳи анҷом додани амалҳои конклюдентӣ изҳори андеша кунем. Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар хусуси он, ки чӣ гуна шартномаҳоро тавассути анҷом додани амалҳои конклюдентӣ бастан мумкин аст, фаҳмиши ягона мавҷуд нест. Мувофиқи ақидаи И.Б. Новитский, бо роҳи анҷом додани чунин амалҳо танҳо шартномаҳои нисбатан оддиро метавон баст [3**, С. 161**]. Н.В. Рабинович қайд мекунад, ки тавассути амалҳои конклюдентӣ метавон шартномаҳои мураккабро низ ба тасвиб расонд, агар дар оферта ҳама чиз аниқ ифода шуда бошад. Аз контрагент танҳо тақозо мешавад, ки ризоияти худро барои бастани шартнома баён намояд. Ҳамзамон, ба гумони муаллиф нисбати аҳдҳои тавассути амалҳои конклюдентӣ басташуда татбиқ намудани қоидаҳои ба аҳдҳои шифоҳӣ тааллуқдошта зарур аст: имову ишора, ҳаракатҳо, амалҳо, ки ба калимаҳо (суханҳо) баробар карда мешаванд; қоидаҳои танзимкунандаи аҳдҳои хаттиро бошад, наметавон нисбати амалҳои конклюдентӣ паҳн намуд [4**, с.76**].

Дар иртибот ба он, ки амалҳои конклюдентӣ аз контрагент хулосабарорӣ талаб мекунад, оид ба тарзи ифодаи ирода баҳсҳо ба миён меоянд.

Ф.С. Хейфетс чунин изҳори ақида намудааст: «Аҳде, ки барои он шакли ҳатмии таҳрирӣ (хаттӣ ё шифоҳӣ) талаб карда намешавад, аҳди тавассути амалҳои конклюдентӣ басташуда ба ҳисоб меравад, яъне вақте, ки аз рафтори шахс, иродаи ӯ барои бастани аҳд аён мегардад» [5**, с.30**].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ фикре бартарӣ дорад, ки мувофиқи он амалҳои конклюдентӣ асосан метавонад танҳо сухани шифоҳиро иваз кунад. Аммо дар моддаи 470 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти аксепти офертаи хаттӣ тавассути амалҳо ҷиҳати иҷро намудани шартҳои дар оферта нишондодашуда (бор кардани молҳо, расонидани хизмат, иҷрои кор, пардохти маблағи дахлдор ва ғ.) пешбинӣ шудааст. Бояд қайд кард, ки мутобиқи моддаи 470 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аксепт бояд иҷрои оферта дар ҳаҷми пурра ва дар муҳлати барои аксепт муқарраршуда ҳисобида шавад. Бояд қайд кард, ки дар вақти ба сифати муштарӣ баромад намудани шаҳрванде, ки хонавода ҳамчун зеризаминӣ дар асоси шартномаи таъминоти неруи барқ, неруи барқро ба мақсадҳои маишӣ истифода мебарад, шартнома аз лаҳзаи

аввалини бо тартиби муқарраршуда пайваст намудани муштарӣ ба шабака басташуда ҳисоб меёбад (банди 2, моддаи 570 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҳамин тариқ, умуман дар асоси гуфтаҳои боло мо метавонем хулоса бардорем, ки шартномаи таъмини неруи барқ бо истеъмолкунандагони маиширо метавон ҳам дар шакли хаттӣ ва ҳам дар шакли шифоҳӣ баста шавад.

Азбаски шаклҳои бастани шартномаи таъминоти неруи барқ дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда нашудаанд, мо пешниҳод менамоем, ки дар қисми 2 Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон шабеҳи шартномаҳои хариду фурӯши ашёҳои ғайриманқул, корхона, тухфа, иҷора, пудрат ва ғайра, шакли хаттии оддии бастани он муқаррар карда шавад.

**Адабиёт:**


1. Бобоев О.Б., Джабборов Р.Т. Экономико–правовые вопросы налогообложения в энергетическом секторе в Республике Таджикистан // Энергетическое право. 2009. № 2. С.31.
2. Матиящук С.В. Особенности правового регулирования снабжения электроэнергией бытового потребителя: Дис. канд. юрид. наук: М.:, 2005. С. 70.
3. Новицкий И.Б. Сделки. Исковая давность. М., 1954. С. 161.
4. Рабинович Н.В. Недействительность сделок и ее последствия. Л., 1960. С. 76.
5. Хейфец Ф.С. Недействительность сделок по российскому гражданскому праву. М., 1999. С. 30.


## ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


**Каримов Х.М. - к.ю.н., доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права ТГФЭУ**


На современном этапе государственная служба Республики Таджикистан формируется наряду с развитием различных институтов правового государства и демократических ценностей. Данное обстоятельство порождает различные проблемы, которые требуют своевременного решения, от которых зависит дальнейшее существование и развитие гражданского общества в нашей стране. На наш взгляд, приоритетными направлениями современного развития государственной службы Республики Таджикистан являются нюансы, связанные с организационными и административно-правовыми аспектами. Здесь необходимо указать, что существующие научные взгляды и выводы ученых в области потенциалов применения системного анализа с целью установления направлений развития институтов государственного аппарата, а также необходимости рассмотрения социального капитала в качестве неотъемлемой составляющей гражданского общества и его институтов.

Казалось бы, определенность достигнута: сформулированы организационно-методические основания проведения мероприятий по дальнейшему развитию государственной службы в Республике Таджикистан. Вместе с тем представители науки и специалисты в области государственного управления продолжают размышлять над судьбой одного из основных институтов гражданского общества – государственной службы. Проблема реформирования государственной службы широко обсуждается во многих научно-методических и научно-практических публикациях. Определение стратегических ориентиров развития государственной службы протекает сложно и противоречиво.

Развитие демократии невозможно без установления полной публичности в отношении всех значимых для общества последствий. Демократическое общество характеризуется наличием таких общественных институтов и отношений, которые позволили бы общественности, каждому конкретному индивиду авторитетно заявлять о своих целях и интересах. Следовательно, демократическое общество предполагает создание таких институтов, деятельность которых была бы направлена на достижение единственной цели любого правления – защиту тех прав, которыми от рождения наделены индивиды.

На первый взгляд современные направления должны способствовать не только становлению государственной службы как института гражданского общества, но и придать демократический смысл и наполненность преобразованиям, осуществляемым в сфере государственного управления.

Вместе с тем, несмотря на предельные реформаторские усилия и целый комплекс мероприятий, нельзя сказать, что за годы реформ государственная служба приобрела однозначно четкие концептуальные очертания. Здесь необходимо подчеркнуть, что в плане выбора концепции развития государственной службы смущает не синтез моделей, не фрагментарное использование отдельных констант, что вполне приемлемо при теоретическом осмыслении фундаментальных основ построения государственной службы. Смущает и настораживает тот факт, что ни одна из конструкций той или иной модели не была последовательно воспроизведена в административно-процессуальном механизме, регулирующем государственную службу Республики Таджикистан, и правоприменительной практике. Не были предметно осмыслены не только правовые и организационные основы прохождения государственной службы, не был осмыслен теоретический инструментарий, который обеспечивал бы и раскрывал идеи той или иной модели.

Так, например, продвижение по службе в соответствии с профессиональными заслугами и достоинствами – обусловливает необходимость внедрения на государственной службе такой кадровой технологии, которая обеспечила бы возможности реального и беспристрастного служебного роста государственных служащих.

Большинство исследований результатов проводимых реформ, очевидно, игнорируют тот факт, что современное состояние государственной службы характеризуется тремя находящимися не в адаптационном взаимодействии, а в остром противостоянии свойствами: теории и модели – то, как могло бы быть; действующее законодательство – то, как должно быть; реальная деятельность государственных служащих – то, как на практике реализуются мероприятия реформы.

Стремительное реформирование государственной службы «обнажило» иную реальность, обусловленную фактической деятельностью государственных органов и государственных служащих. Разработали и подписали служебные контракты, должностные регламенты – и сложили их в стол за ненадобностью. Разработали правовые акты по урегулированию конфликта интересов и соблюдению требований к служебному поведению, однако механизм этой деятельности в государственных органах до сих пор не определен. Определили процедуры основных кадровых технологий (конкурс, аттестация, квалификационный экзамен) и, подгоняя под установленные нормы, используем их только для того, чтобы соблюсти действующее законодательство. В государственных органах обозначенные кадровые технологии не только не обеспечены реальными процессуальными механизмами реализации, зачастую применяются безотносительно к тем целям, которые перед ними изначально ставились.

Трудности теоретического осмысления фундаментальных основ организации и развития государственной службы заключаются даже не столько в определении ее социального предназначения, не столько в выборе модели и ее концептуальном оформлении, сколько в необходимости учета и нивелировании того разрыва, который неизбежно образуется между теорией и практикой. Когда мы говорим о государственной службе даже на фоне существующих разногласий относительно понимания ее социальной природы, правовых основ, функций и предназначения, мы вполне, казалось бы, четко представляем ее «общие черты». Это представление складывается из опыта, интеллектуальной базы (знания, анализ разнообразных идей) и уводит от реальных фактов жизнедеятельности. Между теориями-моделями и реальной деятельностью государственных органов огромная пропасть. Между фактическим поведением чиновника, его мотивацией и интерпретацией смысла его поступков обнаруживается мало общего. Попытки теоретического осмысления основ организации, государственной службы Республики Таджикистан, безусловно, необходимы, но использование в качестве фундамента гипотетических причинно-следственных связей

относительно природы, социального предназначения, функций и модели служебного поведения чиновника – не более чем красивые слова.

На этой основе, необходимо произвести исследование с целью реальной оценки современного состояния государственной службы Республики Таджикистан. Именно исследование, целью которого является разрешение «проблемных ситуаций», а не отражение определенного опыта внедрения тех или иных реформаторских инициатив. Исследование, которое позволит выявить такие показатели, при помощи которых можно было бы охарактеризовать и выстроить государственную службу как институт гражданского общества в его управленческо-правовом и институциональном проявлении на определенном этапе развития.

В этой связи, основные понятия, общие принципы, теории, модели относительно прогнозов развития государственной службы должны рассматриваться как средства исследования и проходить проверку в качестве таковых. Вытекающие из них программные мероприятия (конкретные механизмы и технологии) должны носить экспериментальный, а не абсолютизирующий характер. Это не означает, что государственная служба должна стать полигоном для исследований. Под экспериментированием в данном случае понимается логика метода исследования, которая обеспечит наличие в сфере государственной службы следующих свойств: а) очевидность и корреляция целей, методов реализации и конечного результата; б) альтернативная выгода, раскрывающая преимущества (новизна, эффективность, стоимость) предлагаемых идей (механизмов) в сравнении с имеющимися; в) совместимость, отражающая возможности и сложности внедрения тех или иных преобразований, степень соответствия сложившимся ценностям, опыту и потребностям; г) гибкость, создающая возможность для быстрого реагирования на необходимость изменения внедренных механизмов вследствие негативных последствий.

Вряд ли возможно эффективное проведение реформы государственной службы исключительно на уровне абсолютизирующего толкования «истин» ее должного и необходимого состояния, дискуссии о понятиях и надуманных возможностях. Только посредством систематического и последовательного обращения к эмпирическим фактам с тщательной фиксацией результатов можно надеяться достичь такого уровня развития, который позволит нам говорить, что государственная служба не должна или призвана, а обеспечивает исполнение полномочий государственных органов исходя из общественной сущности государства.

**Список литературы**

1. Александрова А.Л., Бычков Д.Г., Гришина Е.Е. Кадровый потенциал гражданских служащих как ресурс реформ государственного управления // Вопросы государственного и муниципального управления. 2007. № 1.

2. Барабашев А.Г. Теоретические ориентиры дальнейшего развития государственной службы Российской Федерации // Вопросы государственного и муниципального управления. 2007. № 1.

## НАЛОГОВОЕ АДМИНИСТРИРОВАНИЕ КАК ФОРМА ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ НАЛОГОВОЙ ФУНКЦИИ

**Шарифзода Т. – к.ю.н., доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права ТГФУЭ**

Дальнейшее развитие Таджикистана невозможно представить без функционирования стабильной системы налогообложения, поскольку страна не может полностью осуществлять возложенные на нее функции без необходимых финансовых ресурсов.

Налоги представляют собой главный доходный источник государства. Доходы страны, бесспорно, являются объединением средств, относящихся к ее собственности, позволяют создать денежную базу, необходимую для осуществления основных функций страны.

Следует отметить, что в области налогообложения сегодня все еще наблюдаются некоторые проблемы, причиной которых являются пробелы в законодательстве,

позволяющие проводить противозаконные финансовые манипуляции с целью уклониться от налогообложения. Также причиной наличия проблем в рассматриваемом направлении государственной деятельности является отсутствие достаточного количества профессиональных сотрудников и неудовлетворительные показатели юридической и налоговой культуры лиц, подвергающихся налогообложению. 10 мая 2019 г. рассматривая экономические проблемы, связанные с деятельностью финансовых, налоговых, таможенных, инвестиционных органов и банков республики Лидер нации, Основатель мира и национального единства, Президент страны Эмомали Рахмон указал на то, чтобы Налоговый комитет принял необходимые меры для изучения опыта развитых стран мира в направлении налогового администрирования и повышения налоговой грамотности

В настоящее время основной задачей модернизации налоговой системы считается создание механизма, который позволит ускорить экономический рост и обеспечивает структурные сдвиги в экономике.

Одной из главных составляющих успешного налогообложения и экономического роста страны является эффективное администрирование налогов (орган налогового администрирования). Налоговое администрирование представляет собой форму реализации налоговой функции государства. Чтобы раскрыть это правовое явление, для этого выясним какое место принадлежит налоговому администрированию в системе определений и понятий налогового законодательства, как оно взаимосвязано с остальной терминологией налоговой теории, какое у неё предназначение, соответствует ли объективной действительности или является дополнительным инструментом познания.

Чтобы упорядочить налоговые поступления в доход государства, кроме принятия и введения налоговых норм, формализующих (легализующих) волю государства, необходимо еще и подчинить этой воле хозяйствующих субъектов и население, обеспечить соблюдение налоговых правил. М.В. Карасева считает, что выполнение плательщиком налогов по доброй воле налоговых обязательств за счет своей активности без участия государственных органов – это то, к чему, в первую очередь, проявляет стремление государство. В отношении к действиям государственных органов, которые нацелены на организацию выполнения обязательств по налогам, они выполняют в налоговом администрировании дополнительную, обеспечивающую роль.

К.С. Бельский считает, что соответствующие уполномоченные государственные органы в процессе налогового администрирования, применяют такие методы, как администрирование налогов, предусматривающее выполнение плательщиком налогов обязательств по оплате налогов по доброй воле, выполнение налоговых обязательств в принудительном порядке, а также налоговый контроль.

Современное налоговое администрирование представляет собой легализованную нормативно–правовыми документами, регулирующими организацию и управление действий полномочных государственных органов и прочих субъектов, направленных на установление, модификацию и исключением обязательств по уплате налогов, организацию денежных доходов (в форме налогов) в государственную казну Таджикистана.

Главными методами налогового администрирования считается планирование, управление и контроль, каждому из которых свойственны собственные формы, необходимые для реализации и обеспечения достижения поставленных целей и задач. Следовательно, цель налогового администрирования – обеспечить запланированные поступления налогов в государственный бюджет при условии гармоничного сочетания способов налогового управления и контроля.

Трактовка налогового администрирования в узком понимании предусматривается в ст. 17 НК РТ, в которой говорится, что налоговое администрирование является взаимосвязанным комплексом мер, выполняемых уполномоченными государственными органами в сфере налогообложения, связанных с налоговым контролем, изъятием налогов в принудительном порядке в отношении субъектов, которые не соблюдают сроков и правил

выполнения налоговых обязанностей, а также предоставлением услуг плательщикам налогов, налоговым агентам и правомочным государственным органам.

Налоговое администрирование значительно влияет на экономическое развитие государства с позиции ускоренного роста эффективности.

Низкая результативность налогового администрирования оказывает негативное влияние на элементы развития экономики государства, и оказывается тяжким грузом для плательщиков налогов. Для уменьшения налоговой нагрузки государственным органам требуется акцентировать больше внимания на вопросы, непосредственно касающиеся успешного развития налогового администрирования в государстве.

Первостепенность роли развития системы налогообложения не вызывает сомнений. С учетом важности налогов в нынешнее время, страна должна выполнять ряд разносторонних мер, нацеленных на достижение наивысшего финансового уровня. Для этого в стране разрабатывается и применяется налоговая политика, представляющая собой важнейший инструмент, исполнение которого производится мерами налогового администрирования. Налоговое администрирование направлено, прежде всего, на обеспечение устойчивости налоговых потоков в государственный бюджет. При этом в налоговом администрировании применяется установленная совокупность приемлемых методов налогового регулирования и налогового контроля.

В процессе рассмотрения налогового администрирования, можно утверждать, что это процесс государственного управления, имеющий определенную специфику и ориентированный на внедрение результативной политики в сфере налогообложения, основанный на всемерном увеличении поступлений от налогов в бюджет и полного исполнения иных функций налога.

В настоящее время главными функциями налогового администрирования являются планирование, регулирование, учет и контроль.

Планирование в процессе налогового администрирования представляет собой основанные на экономических показателях расчеты целесообразных размеров поступления денежных средств в госбюджет как части ВВП и норм их распределения по статьям бюджета.

Налоговое регулирование является процессом, способствующим регулятивно воздействовать на хозяйствующих субъектов с помощью налоговых стимулов в целях, установленных социальной и экономической политикой.

Учет в налоговом регулировании представляет работу, нацеленную на осуществление таких задач, как регистрация и учет плательщиков налога, учет обязанностей плательщиков налогов, учет поступлений налогов и долгов и др.

Барои истисно кардани интиқоли моле, ки воридоташ ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнуъ аст, дар сохтори мақомоти гумрук (дар РМГ-и Суғд) як гурӯҳи мобилӣ амал мекунад [4].

Аз соли 2008, яъне аз замони оғози фаъолияти гурӯҳи мобилии мазкур қариб 10 ҳазор тонна моли ғайриқонунӣ интиқолшуда ошкор карда шуд. Аз ин миқдор молҳои ғайрихӯроквории саноатӣ - 3,1 ҳаз. тонна, молҳои хӯрокворӣ - 5,2 ҳаз. тоннаро ташкил медиҳанд. Ҳамагӣ 18 ҳаз. тонна мол аз санҷиш гузаронида шуд. Ин рақамҳо аз самараи баланди кори гурӯҳи мобилӣ шаҳодат медиҳанд. Дар натиҷаи ин санҷишҳо 24 парвандаи маъмурӣ ва 2 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд. [2].

Инчунин, хадамоти гумруки кишвари моро мебояд, ки корро дар самти гузаронидани санҷишҳои муштарак бо мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолтар гардонад, ки ин ба баргардонидани маблағи зиёд ба буҷети кишвар мусоидат мекунад. Дар ҷараёни чунин санҷишҳои муштарак усулҳои босамари назорат ва автоматикунонии амалиёти назоратии миёни Хадамоти гумрук ва Кумитаи андозро таҳия ва татбиқ кардан мумкин аст.

Натиҷаҳои кори таҳлилии воҳидҳои сохтории гумрук дар самти назорати баъди иҷозати мол аз рӯи маълумоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, андоз ва дигар мақомоти нозир

имкон медиҳанд, ки кори самараноки ошкору пешгирӣ намудани воридоти ғайриқонунии мол ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.

Таъсири омили технологӣ, ки барои он компютерӣ ва автоматикунонии комплексӣ хос аст, албатта, ба фаъолияти мақомоти гумрук дар самти назорати баъди иҷозати мол таъсири мусбат мерасонад.

Ҳоло содагардонии амалиёти гумрукӣ ва ихтисори муҳлати барасмиятдарории гумрукӣ ҳангоми иҷозати мол ва декларатсия кардани моли таҷдиди механизмҳои назорати моли аз сарҳад интиқолшавандаро металабад [2]. Инчунин шаклу усулҳои нави назоратро таҳия бояд кард, ки ба пешгирии ҷинояткорӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ равона шудаанд.

Яке аз самтҳои таҷдиди назорати гумрукии баъди иҷозати мол нисбати гурӯҳи шахсони дорои таваккали паст таҳияи усули гузаронидани санҷишҳои гумрукӣ дар асоси ҳуҷҷатгузории электронӣ мебошад. Хадамоти гумруки Тоҷикистонро мебояд, ки ҳамроҳи хадамоту идораҳои марбута дарояндаи наздик усули мазкурро таҳия кунад. Вазифаи ин технология аз ҳалли масъалаҳои зерин иборат аст:

- автоматӣ ва ихтисор кардани вақти санҷиши маълумоте, ки шахси саниҷидашаванда медиҳад;

- татбиқи амалии низоми мубодилаи электронии маълумоту ҳуҷҷатҳо бо шахси санҷидашаванда.

Таҷрибаи хориҷӣ, хусусан аз хадамоти гумруки Россия, нишон медиҳад, ки бо истифода аз технологияи мубодилаи электронии маълумоту ҳуҷҷатҳо вақти санҷишҳои гумрукиро 8 маротиба коҳиш дод [3]. Аз ин бармеояд, ки технологияи гузаронидани санҷишҳои гумрукӣ дар асоси ҳуҷҷату маълумоти электронӣ хеле самарабахш аст.

Ҳамчунин, як қатор бартариҳои истифодабарии мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳо дар байни мақомоти гумрук ва ширкаткунандагони фаъолияти иқтисодии хориҷиро ҳангоми гузаронидани санҷишҳои гумрукӣ номбар кардан мумкин аст: технологияи бекоғаз; муносибгардонии сарбории корӣ ҳангоми гузаронидани назорати гумрукии баъди иҷозати мо; имкони ҳамгироӣ бо системаҳои иттилоотии мақомоти гумруки дигар ва мақомоти дигари давлатӣ; осон будани нигоҳдории маълумот.

Аз навиштаҳои боло чунин хулоса метавон кард, ки технологияи санҷиши электронӣ, агар он дар мақомоти гумруки мо ҷорӣ шавад, вақти барои санҷиши гумрукӣ сарфшавандаро кам мекунад, ба ин восита самараи бештари низоми назорати гумрукии баъди иҷозати мол аз ҳисоби содагардонии амалиёти гумрукӣ таъмин мегардад.

Ҳамин тариқ, дарояндаи наздик вазифаҳои асосии таҷдиди низоми назорати гумрукии баъди иҷозати молро чунин муайян кардан мумкин аст:

- таҷдиди ҳамкории миёни идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати афзудани самараи мубориза бо муомилоти ғайриқонунии мол дар қаламрави кишвар;

- таҳия кардани усулҳои назорати мол аз лаҳзаи воридоти он ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон то замони додани он ба ихтиёри истеъмолгар. Ин иқдом рушди ниҳоди нишонгузории молро дар назар дорад, ки имкони лағви кӯшишҳои саркашӣ аз супоридани пардохтҳои гумрукиро муҳайё мекунад;

- таҷдиди бештари василаҳои таъмини ҷамъоварии пурраи боҷу пардохтҳои гумрукӣ;

- ташкили низоми умумии идораи гумрукиву андоз, назорати асъор дар заминаи технологияҳои ҳамгиро;

- то ҳадди ақал кам кардани истифодаи шаклҳои назорати гумрукӣ ва ҳамзамон, афзоиш додани самари онҳо;

- рушди низоми воситаҳои иттилоотиву барномарезӣ;

- ҷорӣ намудани стандартҳои фаъолияти санҷишӣ бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи байналмилалӣ дар соҳаи аудити баъдӣ, татбиқи тавсияҳои СУС;

- ҷорӣ намудани системаи худкори (автоматии) интихоби объектҳои назорат ва ҳадафҳои назорати баъди иҷозати мол;

- таҳдиди низоми пешгирӣ кардани қонуншиканӣ ва ҷиноятҳои гумрукӣ;

- таҳдиди усулҳои ҳамкории миёни мақомоти андозу гумрук дар масъалаҳои идоракунии пардохтҳои гумрукӣ ва андозҳо [4, 68].


Адабиёт

1. Консепсияи рушди мақомоти гумрук. Душанбе, 2017.
2. «Гумрук» (маҷаллаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон). № 1. Душанбе, 2019.
3. URL: customsonline.ru/4475.html.
4. Демоева Т.В., Афонин П.Н. Совершенствование системы электронного декларирования в интересах повышения эффективности таможенного контроля // В кн. Таможенные чтения - 2013. Современный мир: проблемы глобализации. - СПб., 2013.


## НАҚШ ВА МАҚОМИ ЧОРАҲОИ ҒАЙРИТАРИФӢ ДАР ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ САВДОИ ХОРИҶӢ


**Абдуллоев С.И. - муаллими калони кафедраи фаъолияти гумруки ДДМИТ**


Дар шароити имрӯза рушди иқтисодиёти миллиро бидуни амалиёти фаъоли кишвар дар бозори ҷаҳонӣ тасаввур кардан мушкил аст. Муваффақияти иқтисодии давлат аксаран аз рӯи мақоми он дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, мутобиқшавии он ба интегратсия ва ҷаҳонишавӣ муайян карда мешавад.

Бинобар ин, яке аз хусусиятҳои Тоҷикистони муосир васеъшавии равобити иқтисодии хориҷӣ тавассути ҳамроҳшавӣ ба системаи хоҷагии ҷаҳонӣ мебошад. Аммо мавқеи тиҷоратии кишвар бояд ба фаъолияти дурусти механизми танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ такя кунад. Гуногунии вазифаву мақсадҳое, ки дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон чун як давлати мустақил истодаанд, ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои иқтисодӣ бо дигар кишварҳо хусусияту мундариҷаи чунин танзимро муайян мекунанд. Воситаву усулҳои танзим ҳам вобаста ба ҳамин гуногун мешаванд.

Аммо мавқеи тиҷоратии кишвар бояд ба фаъолияти дурусти механизми танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ такя кунад. Гуногунии вазифаву мақсадҳое, ки дар назди давлат истодаанд, ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои иқтисодӣ бо дигар кишварҳо хусусияту мундариҷаи чунин танзимро муайян мекунанд. Воситаву усулҳои танзим ҳам мухталиф мебошанд.

Вале як чиз ягона аст давлат ба ин восита кӯшиш мекунад, ки проблемаҳои дохилии хешро ҳал кунад: ҳифзи иқтисоди миллӣ, манфиати содиркунандагон дар хориҷа, дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, таъмини риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии истеъмолгарон, ҳалли масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ.

Бо мақсади ҳифзи манфиатҳои иқтисодии худ давлатро мебояд то фаъолияти савдои хориҷиро бо усулҳои мухталиф танзим намояд. Эҷоди системаи мусоиду ҳамоҳанги чораҳои ба ҳифзи манфиатҳои бозори дохилӣ нигаронидашуда яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат мебошад.

Дар аксари кишварҳои ҷаҳон, дар қатори воситаҳои иқтисодии танзими фаъолияти савдои хориҷӣ, чораҳои ғайритарифӣ истифода бурда мешаванд, ки рӯйрост воридоту содиротро маҳдуд сохта, бо ҳамин бозори дохилиро ҳам аз молҳои зиёдатии хориҷӣ ва ҳам аз имконияти ба миён омадани камчинии моли ватанӣ ҳифз мекунанд.

Тибқи маълумоти мухталиф, чораҳои ғайритарифӣ қариб 20-30 фоизи савдои ҷаҳониро фарогир буда, беш аз 600 намуди таъсири ғайритарифӣ ва танзимро дар бар мегирад. Теъдоди чунин чораҳо боз ҳам зиёд шуда истодааст.

Бино ба маълумоти СУС, чораҳои ғайритарифӣ то 50% содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва то 40% содироти доруворӣро фаро мегиранд. Зимнан, аз рӯи ҳаҷми умумии маҳдудиятҳои ғайритарифии истифодашаванда ИМА, Япония ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо се ҷои аввалро ишғол мекунанд.

Мавод дар бораи татбиқи чораҳои ғайритарифӣ, ки ҳар сол аз ҷониби Созмони умумиҷаҳонии савдо нашр мешаванд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки истифодаи чораҳои

ғайритарифӣ усули маъмули маҳдудкунии воридоти моли хориҷӣ ба бозорҳои дохилии бисёри кишварҳо боқӣ мемонад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ таърифи расмии истилоҳи «тадбири ғайритарифӣ» ё «маҳдудияти ғайритарифӣ» вуҷуд надорад. Чунин таъриф дар доираи СУС ҳам нест. Ба ҷои он схемаи таснифотӣ истифода мешавад, ки он аз садҳо номгӯи чораҳои ғайритарифӣ иборат аст, аз қабили манъи содирот ё воридот, иҷозатномадиҳӣ, кувотакунонӣ, меъёрҳои фитосанитарӣ ва ветеринарӣ (бойторӣ), сертификатсия ва ғайра.

Созишномаи генералӣ оид ба тарифҳо ва савдо (тиҷорат) (СГТС- ВТО) танзими савдои хориҷиро танҳо бо усулҳои тарифӣ ҳамчун модели беҳтарин эътироф мекунад. Тамоми тадбирҳои дигарро ҳамчун амалҳое медонад, ки «ба ҷараёни озодонаи савдои байналмилалӣ монеъ мешаванд» ва бинобар ҳамин, ҳамаи онҳоро «тадбирҳои ғайритарифӣ» ва «мадҳудиятҳои ғайритарифӣ» ном мебарад.

Яке аз муҳаққиқони рус дар соҳаи танзими тиҷорати ҷаҳонӣ - И.И. Дюмулен чораҳои ғайритарифӣ гуфта, «ҳама гуна фармонҳои ҳокимияти марказию маҳаллиеро меномад, ки ба содироту воридоти мол, ҳаҷм, сохтори молии савдои хориҷӣ, нархҳо ва рақобатпазирии молҳо таъсир расонида, барои молҳои хориҷӣ, шароити сахттаре нисбат ба молҳои истеҳсоли дохилӣ эҷод мекунанд».

Мақсади ин тадбирҳо ноил шудан ба рушди устувори тиҷорати хориҷӣ, танзими арза ва тақозо дар бозори дохилӣ, ҳимояи бозори дохилӣ ва истеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳифзи ҳаёту саломатии инсон, муҳити атроф, ҳаёту саломатии ҳайвоноту наботот, инчунин, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ мебошад. Вале як чиз мусаллам аст, ки давлат бо ин мекӯшад то проблемаҳои дохилии хешро ҳал кунад: ҳифзи иқтисоди миллӣ, манфиати содиркунандагон дар хориҷа, дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, таъмини риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии истеъмолгарон, ҳалли масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ.

*Дар ҳоли ҳозир он беш аз 600 намуди алоҳидаи чораҳои ғайритарифиро дар бар гирифта, онҳоро дар панҷ категорияи асосӣ муттаҳид мекунад:*

1. Маҳдудиятҳое, ки аз сабаби иштироки давлат дар амалиётҳои савдои берунӣ татбиқ мешаванд: ба инҳо субсидия ва дотатсияҳои ба соҳаҳои содиркунанда ё воридкунанда пешниҳодшаванда, низоми афзалиятноки ҷойгиркунии фармоишҳои давлатӣ, истифодабарии молҳои нимтайёр ва қисмҳои маҳаллӣ бо шартҳои муайян, инчунин, чораҳои маҳдудкунии интиқоли молҳои хориҷӣ ва боркашонҳои хориҷӣ дохил мешванд.
2. Расмиёти гумрукӣ ва дигар расмиёти маъмурии воридотию содиротӣ, масалан, расмиёти мураккабшудаи барасмиятдарории гумрукӣ, инчунин, усулҳои муайян намудани арзиши гумрукӣ ва кишвари тавлиди мол; талаботи баланд оид ба ҳуҷҷатҳои барои барасмиятдарорӣ зарурбуда.
3. Монеаҳои техникӣ дар савдо: стандарту талаботи марбут ба меъёрҳои экологӣ, бойторӣ, бастабандии мол, қоидаву тартиби сертификатсияи маҳсулот.
4. Тадбирҳои миқдорӣ ва ба он монанди маъмурӣ, хусусан кувотаҳои воридотӣ, маҳдудиятҳои воридотӣ, иҷозатномадиҳӣ, маҳдудияти ихтиёрӣ, ҳангоми содирот, мамнуният, маҳдудиятҳои пулӣ.
5. Маҳдудиятҳое, ки ба принсипҳои таъмини пардохтҳо, андозҳо, хироҷҳо, депозитҳои воридот, андозҳои тағйирёбанда, боҷҳои зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ, андозбандии марзӣ асос ёфтаанд.

Хулоса, бо мақсади ҳифзи манфиатҳои иқтисодии худ давлатро мебояд то фаъолияти савдои хориҷиро бо усулҳои мухталиф танзим намояд. Эҷоди низоми мусоиду ҳамоҳанги чораҳои ба ҳифзи манфиатҳои бозори дохилӣ нигаронидашуда яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат мебошад.

**Адабиёт:**

1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2004, №62 (бо тағйиру иловаҳо, таҳрири с. 2020).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» (Ахбори Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №6964, с. 676).
3. Крашенинников В.М. Валютное регулирование в системе государственного управления экономикой. - М.: ЗАО «Издательство Экономика», 2003.
4. Раҷабов Р.К. Ташкили назорати гумрукӣ. Д.: «Ирфон», 2014.
5. Хаменушко И.В. Валютный контроль в Российской Федерации. - М.: ФБК - ПРЕСС, 2001.
6. Оймаҳмадов М. Асосҳои фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, Ирфон. 1998. – саҳ 155-169.

## БАХШИ ҲИСОБДОРӢ, ОМОР, АУДИТ ВА ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДӢ

## МУАММОҲОИ ТАҲҚИҚИ ОМОРИИ ОҚИЛОНА ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Маъдиев С. - н.и.и., дотсенти кафедраи омори ДДМИТ***

Аз мавқеи аҳамиятнокии сафарбарии захираҳои об, қайд кардан ба маврид аст, ки соҳаи аграрӣ қисми асосии маҳсулоти кишоварзиро аз заминҳои обӣ таъмин менамояд. Бинобар ҳамин, масъалаи омори истифодабарии захираҳои обӣ аз ҳамоҳангии муносибат ба замин ва ҳамин тавр, дар маҷмуъ ҳамчун манбаи асосии баланд бардоштани иқтисодиёти кишвар барои баланд бардоштани сатҳи даромадҳои субъектҳои гуногун имкониятҳои муайян пайдо менамояд.

Таҳқиқи омории оқилона истифодабарии захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо вазифаҳои мушаххас доир ба истифодаи самараноки имконияту захираҳои мавҷуда таъсирбахш баромад мекунад. Ба кор андохтани иқтидорҳои нав ва фаъол гардонидани иқтидорҳои амалкунанда, тақвияти ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ шароит ва фазои муфид ба шумор рафта, дар алоқамандии зич онҳо омили таъмини афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва ҳалли проблемаҳои рӯзмарраи мардуми кишвар баромад мекунанд.

Бинобар ҳамин, истифода аз усулҳои оморию эконометрикӣ барои татбиқи моделҳои функсионалӣ дар ҳалли проблемаҳо дар заминаи маблағгузорӣ, риояи сарфи хароҷотҳо дар таъмини ин ё он соҳа, алалхусус кишоварзӣ ва саноат бо арзёбӣ намудани таъсири умумии омилҳои техникаю технологияи замони муосир аҳамияти калон мегирад. Ба назари мо, механизме дар ин ҷода бояд ба кор дарояд, ки натиҷагирӣ дар пешрафти хоҷагии қишлоқ ва рушди босуръати саноатикунонӣ аз мавқеи шаклҳои нави идоракунии хоҷагидорӣ васеъ ва фаъолтар гардад. Захираҳо, тарзу воситаҳои истифодабарии онҳо бо гирифтани натиҷаҳои муфид мазмуни хоҷагидории замони муосирро дар бар мегирад. Дар баробари дигар ресурсҳо истифода аз захираҳои табиӣ, аз қабили захираҳои обу замини Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои таъминкунандаи рушди устувор мебошад. Имрӯзҳо истифодаи об дар соҳаҳои иқтисодиёт (тибқи таснифоти байналхалқии намуди фаъолияти иқтисодӣ) дараҷа ва динамикаи хосро дар бар мегирад.Ниг. ба ҷадвали 1.

**Ҷадвали 1. - Истифодаи об дар соҳаҳои иқтисодиёт (тибқи таснифоти байналхалқии намуди фаъолияти иқтисодӣ) дар солҳои 2000-2020**

| №р/т | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2000 | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| 1. | Об барои мақсадҳои гуногун истифода шудааст, млн.м.мукааб,ҳамагӣ | 12609 | 8913 | 7988 | 9774 | 1062 | 10159 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1.1.** | **Аз он ҷумла :кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва шикор, моҳипарварӣ,**<br>**аз ҷумла барои обёрӣ дар соҳаи кишоварзӣ** | **8559**<br>**8459** | **7840**<br>**7264** | **5186**<br>**5128** | **7378**<br>**7378** | **7954**<br>**7954** | **7813**<br>**7813** |
| **1.2.** | **Саноати истихроҷ, коркард, истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ,об ва гармӣ,**<br>**аз ҷумла дар соҳаи истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ** | **341**<br>**208** | **364**<br>**280** | **2084**<br>**1831** | **1610**<br>**1610** | **1736**<br>**1736** | **1542**<br>**1542** |
| **1.3.** | **Хоҷагии хонавода** | **299** | **386** | **576** | **786** | **912** | **804** |

**Манбаъ**:Маҷмӯаи оморӣ,Ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2018 с.19,2021 с.-19.

Чӣ тавре аз маълумоти ҷадвали 1 бармеояд, ҳаҷми умумии истифодаи об барои мақсадҳои гуногуни иқтисодиёти миллии ҷумҳурӣ тамоили тағйирёбанда дошта, дар соли 2020 истифодаи умумии об нисбати соли 2000 19,4% кам гардидааст. Чунин майл асосан аз ҳисоби дар кишоварзӣ кам шудани масоҳати майдонҳои заминҳои шудгори обёришаванда арзёбӣ карда мешавад.

Мантиқан, зиёд шудани сохтмони манзили истиқоматӣ, бунёди иншооти иҷтимоӣ, роҳҳо, сохтани корхонаҳои саноатӣ, ҷудо кардани заминҳо низ аз омилҳои таъсиркунанда мебошанд. Ҳамзамон, ҳаҷми истифодаи об дар соҳаи саноатӣ истихроҷ, коркард, истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ, об ва гармӣ майли афзоиш пайдо кардааст. Дар ин давом, ҳаҷми хонавода зиёд шудааст. Ин омили зиёд шудани шумораи истеъмолкунандагони об дар хонаҳои баландошёна мегардад. Омили дигар, ин таъсисёбии дараҷаи мувофиқи маърифати истифодабарии захираҳои табиӣ мебошад. Яъне, пурра риоя гардидани талаботи сарфаю сариштакорӣ оид ба истифода кардани захираҳои табиӣ, махсусан захираи об хело зарур мебошад.

Умуман, дар маҷмуъ истифодаи захираҳои обу замин дар шароити Чумҳурии Тоҷикистон аз шаклҳои нави идоракунӣ вобастагии зич дорад. Дар раванди гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, дар заминаи хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва давлатӣ зиёда аз 150 ҳазор хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва кооперативи истеҳсолӣ ташкил ёфта, бо дарназардошти талаботи нави муносибати иқтисодӣ, дигаргуншавии ташкилию сохторӣ ба амал омаданд. Дар натиҷаи тақсимшавии колхозу совхозҳо ва пайдо гардидани шаклҳои нави хоҷагӣ, аз қабили хоҷагиҳои деҳқонӣ муносибати ташкил ва пешбурди фаъолият дар робита ба захираҳои обу замин тағйир ёфт. Шабакаҳои обёрие, ки пештар дохилихоҷагӣ ба ҳисоб мерафтанд, минбаъд ҳамчун шабакаҳои байнихоҷагӣ баромад карданд. Ин ҳолат то як дараҷае дар низоми амалкунандаи истифодаи обу замин бетаъсир намонд. Алалхусус, авҷ гирифтани корношоямии иншоотҳои обёрӣ, дастгоҳҳои обкаш ва пур шудани ҷӯйбору заҳбуру заҳкашҳо аз ҳар гуна моддаҳои табиию ғайритабиӣ. Ҳамаи ин зарурати бо таври нисбатан нав пеш гирифтани механизми идоракунии захираҳои обу замин, сари вақт ва бо пуррагӣ ба роҳ мондани бақайдгирӣ, мушоҳидаронӣ ва таҳлилу омӯзиши омориро ба миён меорад. Чунки номувозинатии муносибатҳои баамаломада, дар навбати худ, боиси ноҷурии манфиатҳо гардиданд. Хоҷагиҳои навтаъсис дар доираи муносибатҳои тақсимотӣ ҳолатеро ба амал оварданд, ки баъзеи онҳо ба норасоии об, қисми дигар бошад, бо бад

шудани ҳолати мелиоративии заминҳо дучор омаданд. Мантиқан аз ҳамин ҷо бармеояд, ки ҳолатҳои қайдгардида, дар ниҳояти кор ба дараҷа ва сатҳи истифодаи махзани иттилоотии захираҳои обу замин, алалхусус, масрафи барзиёди об ва камшавии самаранокии заминҳои кишоварзӣ боис гардида, зарурати саривақтӣ ва бо пуррагӣ ба қайд гирифтани ҳолатҳои бааммаломадаро барои қабули қарорҳои муфид дар самти таъмини ҳадафҳои стратегӣ ба миён меорад. Дар ин самт фаъол гардонидани дараҷаи ташкили кор ва фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ ва баланд бардоштани мақоми Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об хело зарур мебошад.

Тибқи маълумоти Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар ҷумҳурӣ 359 АИО созмон дода шуда, бо хизмати обрасонии онҳо бештар аз 400 ҳазор га заминҳои обёришаванда фаро гирифта шудааст. Дар шароити имрӯза бештари шаҳру ноҳияҳо бо истифода аз фишангҳои муносибатҳои бозорӣ амал мекунанд. Маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ ва аъзоҳаққӣ тариқи нақдӣ аз ҷониби обистифодабарандагон ба Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ва Идораҳои беҳдошти замин, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешаванд. Дар чунин шароит дар амал татбиқ намудани талаботи барномавӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии ислоҳоти сохтори соҳаи об ва механизми идоракунии тақсим ва истифодабарии захираҳои оби кишвар барои васеъ гардонидани корҳои таҳлилию назоратӣ бобати таъмини самаранокии истифодаи обу замин муайянкунанда баромад мекунад.

Бо дарназардошти гузариш ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботҳои молиявӣ ва низоми маблағгузории электронӣ дар ҷумҳурӣ аз соли 2019 низоми нави пардохтҳо мавқеъ гирифт. Гузариш аз пардохти нақдӣ ба пардохти ғайринақдии маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ ва аъзоҳаққӣ дар 26 Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби зерҳавзаи Кофарниҳони поён, аз қабили ноҳияҳои Шаҳритуз, Қубодиён ва Н. Хусрав мавриди истифода қарор гирифт. Ҳамаи онҳо бо Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии зерҳавзаи Кофарниҳони поён муносибати шартномавӣ оғоз карда, дар муддати панҷ соли минбаъда хизмати обрасонӣ, механизми нави ҳамкории байни онҳо муайян гардидааст (нигаред ба расми 1).




**Расми 1. - Механизми нави ҳамкории байни субъектҳои таъминкунандагон ва истифодабарандагони об ва замин.**

Ҳамин тавр, аз расми 1 бармеояд, ки шакли муносибат ба замин ва истифодабарии захираҳои об ба куллӣ дигаргун шуда, масъулият дар муносибат ба захираҳои табиӣ ва рушди фаъолияти хоҷагидорӣ бештар мегардад. Яъне низоме амал мекунад, ки бо дарназардошти таъсисёбии ахборот ва коркарди он эътимоднокии

қарорҳои идоравиро дар самти истифодабарии захираҳои обу замин бештар мегардонад. Ва аз ҳама муҳим, ин имконияти бештари хоҷагиҳоро бобати вазъи мелиоративии заминҳо ва самаранок истифодабарии захираҳои об бо нигоҳдошти вазъи муҳити табиӣ ва тавозуни иқтисодию экологии ҳавзаҳо ба амал меорад.

Чунин ҳолат характери фаврӣ ва пуррагӣ пайдо карда, дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт аҳамияти калон пайдо менамояд. Васеъ паҳн гардидани платформаи иттилоотӣ, рукни хеле муҳими тарзи нисбатан самаранок ва муфиди ташаккулёбии баҳисобгирӣ ва омори истифодабарии захираҳои обу замин баромад мекунад. Масалан, аз ҷониби кормандони АИО бо дастгирии мутахассиси барномаи билингӣ, ҳисоббаробаркунии низоми нав ба амал омад. Дар раванди ташаккулёбии маблағи хаққи хизмати обрасонӣ ва аъзоҳаққии ҳар як истифодабарандаи об, аз қабили хоҷагиҳои деҳқонӣ, заминҳои хоҷагиҳои наздиҳавлигӣ ва робита ба интихоби намуди зироат, масоҳати замини кишт шакли нави ҳисоббаробаркуниро амалӣ гардониданд. Бо истифода аз барномаи билингӣ, амалиёти ҳисобӣ ба обистифодабаранда ба воситаи рақами айдӣ амалӣ карда мешавад. Истифода аз рақами айдӣ бо субъектҳои иқтисодӣ имконияте пайдо мекунанд, ки маблағҳоро дар бонкҳо, масалан, Бонки давлатии “Амонатбонк ‘’ пардохт намоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки барномаи билингӣ дар доираи ташаккули маблағҳои воридгардида аломати муҳими омӯзиширо мегирад. Масалан, ба таври автоматӣ ҳиссаи маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ ва аъзоҳаққи ба қисмҳои алоҳида ҷудо мегардад:

Қисми 1-суратҳисоби Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии зерҳавзаи Кофарниҳони поён;

Қисми 2- Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об.

Дар доираи ҳисоббаробаркунӣ ба истифодабарандаи захираи табиӣ чипта бо нишондоди ду намуд пардохти маблағ пешниҳод мегардад:
-маблағи ҳаққи хизматрасонӣ;
-маблағи аъзоҳаққӣ.

Дар мавриди мунтазам ба эътибор гирифтани чунин заминаҳои иттилоотӣ, имкониятҳои зиёди идоракунии захираҳои обу замин дар минтақаҳо ба амал меояд. Бо мушоҳида ва ба эътибор гирифтани маълумот оид ба пардохти ҳаққи хизмати обрасонии АИО дар Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии зерҳавзаи Кофарниҳони поён дар соли 2019 нишондиҳандаҳои зерин ҷамъбаст шудаанд. Дар ноҳияҳои Қабодиён (11адад), Шаҳритуз (10 адад) ва н. Хусрав (5 адад) дараҷаи риоя намудани интизоми молиявӣ дар робита ба ташаккулёбии муносибатҳои нави хоҷагидорӣ ва истифодаи захираҳои об дар ноҳияҳо ба назар мерасад. Нигаред ба расми 2.




**Расми 2. - АИО дар ноҳияҳо бо арзиши оби гирифташуда,пардохти ҳаққи хизматрасонӣ ва қарзи напардохтшуда**

Дар расми 2 бо истифода аз маълумоти низоми билингӣ майли оби гирифташуда, пардохти ҳаққи хизматрасонӣ ва қарзи напардохташуда аз рӯи таркиби хоҷагиҳо маълум мегардад. Мувофиқ ба мавқеи коршиносон ва мутахассисони соҳа, натиҷаҳои давраи аввали ҷорӣ намудани низоми нави пардохти ғайринақдии ҳаққи хизмати обрасонӣ дар ҳудуди зерҳавза қаноатбахш ҳисобида мешавад.

Таҷриба асоси пешравӣ ва муваффақиятҳо дар фаъолияти хоҷагиҳо ва сатҳу сифати идоракунии захираҳои табиӣ мебошад. Низоми нави пардохти ғайринақдии ҳаққи хизматрасонии обӣ бартариятҳои зиёди дуруст ба роҳ мондани идоракунии захираҳои обу замини ноҳияҳо дар заминаи беҳтар гардидани вазъи баҳисобгирӣ ва пажуҳиш ва таҳлилҳои оморӣ мебошад. Пеш аз ҳама низоми мазкур аз тарафи обистифодабарандагон ҷоизи қабул гардидааст. Ба кормандони Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об боварӣ бештар пайдо шудааст.

Маълум мегардад, ки ташкил ва дуруст ба роҳ мондани раванди ҳисоб ва мушоҳидаҳои омории истифодабарии об шароити муҳими таъмини идоракунии истифодабарии захираҳои табиӣ мебошад. Ҳамзамон, шаффофият дар ташаккул ва пардохти маблағҳо боварии субъектҳои истифодабарандагони захираҳои табииро афзун гардонида, майлу рағбати онҳоро дар муносибат ба сарфакорона сафарбар намудани захираҳои обу замин пайдо кардааст. Қайд кардан лозим аст, ки ташаккули ҳамингуна платформаи иттилоотӣ асоси ҳисобот, таҳлил ва назорат дар самти беҳтаргардонии вазъи молиявии субъектҳои хоҷагӣ ҳамчун истифодабарандагони об буда, ин заминаи хуби устуворгардонии иҷрои саривақтии уҳдадориҳои молиявӣ дар сатҳҳои гуногуни буҷетӣ аз мавқеи заминагузории иттилоотӣ ва қабули қарорҳои муфиди истифодабарии захираҳои табиӣ, аз қабили захираҳои обу замин мебошад.

**Адабиётҳо**


1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ассотсиатсияи истифодабарандагони об" ш. Душанбе 2 январи соли 2020

2.Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030года//Утверждено Постановлением Маджлиси намояндагон Маҷлиси Оли Республики Таджикистан от 1декабря 2016 года,№636.-Душанбе,2016.-104с.

3.Маъдиев С.Управленческие аспекты использования водных ресурсов и обеспечения устойчивого развития. Сборник научных трудов работников водного сектора Республики Таджикистан, посвященный Международному Десятилетию действий» Вода для устойчивого развития» (2018-2028гг.). С.328-332.

4.Маълумотҳои Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – солҳои 2019-2020.

5.Таджикистан: 30 лет государственной независимости. Статистический сборник. Агенство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе –2021г.

6. Маҷмӯаи оморӣ, ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2018 с.19,2021 с.-19.


## ХУСУСИЯТҲОИ АУДИТИ САРМОЯГУЗОРИҲО


**Ҳомидов А.У.-** н.и.и., дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи ДДМИТ


Дар ҷараёни фаъолияти молиявӣ - хоҷагидорӣ корхона метавонад таҷдиди воситаҳоро дар намуди сармоягузорӣ ва бо мақсад гирифтани даромади иловагӣ дар шакли дивидендҳо, фоизҳо ва ғайра ба амал барорад. Аммо ба даст овардани чунин имконият дар заминаи таъмини шаффофияти низоми ҳисобдорӣ ва эътимоднокии нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ ба даст оварда мешавад. Ба ҳамагон маълум аст, ки эътимоднокии низоми ҳисобдорӣ оид ба сармоягузориҳо дар натиҷаи ташкил ва гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ низ таъмин карда мешавад.

Мақсади асосии аудит аз тасдиқ намудани дурустии ҳисоботи муҳосибӣ оид ба амалиётҳо ва ба мақсад мувофиқ будани ин онҳо иборат мебошад. Мақсади аудити сармоягузориҳо бошад, аз гирифтани далели қонунӣ будани фаъолияти субъекти

иқтисодӣ дар давраи  санҷишӣ иборат мебошад. Ба ақидаи мо, аудитор дар вақти санҷиш масъалаҳои зеринро мавриди омӯзиш қарор диҳад: а) то кадом андоза ҳуҷҷатҳо аз рӯи баҳодиҳӣ, баҳисобгирӣ ва барӯйхатгирии сармоягузорӣ пурраю саривақтӣ мебошанд; нигоҳдорӣ, барҳамдиҳӣ ва фурӯши дороиҳои аз тариқи сармоягузорӣ бадастовардашуда  дар низоми ҳисобдорӣ чӣ гуна қайд шудаанд; оё талаботи қонунгузории андоз то кадом андоза риоя шудааст.

Банақшагирии аудити сармоягузорӣ яке аз марҳилаҳои муҳими санҷиш дониста мешавад. Масъалаҳои вобаста ба аудити сармоягузориҳо дар асоси нақшаи умумӣ ва барномаи аудит амалӣ карда мешавад.

Вобаста ба ин, мо чунин мешуморем, ки дар нақшаи умумии аудити сармоягузориҳо бояд масъалаҳои зерин нишон дода шаванд: а) дурустии бақайдгирии арзиши объектҳои воситаҳои асосӣ, ки хароҷоти сохтмон ва ё хариди  воситаҳои асосӣ, корҳо дар бораи васлкунии таҷҳизот, хароҷоти нақлиётӣ, ба боҷи гумрукӣ, баҳодиҳӣ ба дурустии баҳисобгирии хароҷот оид ба пардохти фоизҳои қарзӣ дар объектҳои сармоягузоришаванда дарозмуддат истифода шуда; санҷиши ҳолати ҳақиқии ҳисоби 11600 «Сармоягузории дарозмуддат»; баҳодиҳии дурустии инъикоси корҳои иҷрошуда оид ба сохтмони объектҳо бо усули хоҷагӣ дар баҳисобгирӣ; дида баромадани дурустии бақайдгирии дороиҳои ғайримоддӣ; баҳодиҳии дурустии бақайдгирии моддаи «Сохтмони нотамом»-и тавозуни муҳосибии ташкилот; санҷиши сабткунакҳо оид ба баҳисобгирии сармоягузории дарозмуддат; баҳодиҳии маълумоти дар охири сол дар тавозун нишондодашуда.

Ба ҳамагон маълум аст, ки зарурат ба истифодаи хизматрасониҳои аудиторӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ, рушд ва инкишофи соҳаи мазкур мебошад. Чунки дар баробари рушди бозори молиявӣ дар мамлакат санҷиши амалиётҳо бо коғазҳои қиматнок ба роҳ монда мешавад, ки барои таъмини эътимоднокии низоми ҳисобдории корхона мусоидат хоҳад кард.

Тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии фаъолияти аудиторӣ барои дар сатҳи баланди касбӣ гузаронидани аудит иттилоот бояд кофӣ бошад. Аз ин рӯ, аудитор ба сифати сарчашмаи иттилоотии санҷидашаванда маълумоти ҳисоби 10300 «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат» ва ҳисоби 11600 «Сармоягузориҳои дарозмуддат» - аз китоби асосӣ ва дигар нигоҳдорандагони  иттилоот дастрас менамояд.

Аудитор бояд ба ҳисоб гирад, ки агар арзиши коғазҳои қиматноки харида аз арзиши аввалааш фарқ кунад, ин фарқият бояд аз ҳисоб бароварда шавад, чунки дар ҳисоби 10300 «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат» коғазҳои қиматнок бо арзиши ибтидоиашон ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар зерҳисоби 10300 «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат» ҳаракати воситаҳо бо сомонӣ ва арзи хориҷӣ, ки корхона дар сертификатҳои бонкӣ ва депозитӣ гузоштааст, нишон дода мешавад.

Экспертизаи ҳуқуқии лоиҳаҳои эмиссионӣ, шартномаҳо ва қатъ гардонидани созишномаҳо оид ба коғазҳои қиматнок яке аз ҷузъҳои таркибии санҷиши аудиторӣ ба ҳисоб мераванд. Аудитор дар ин давраи санҷиши тасдиқ ва чоп намудани лоиҳаи эммисияҳоро муайян мекунад.

Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии санҷишро муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи коғазҳои қиматнок ва биржаҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” муайян менамоянд. Дар ин ҳуҷҷатҳо ҳуқуқи идораи бақайдгирӣ оид ба қатъ намудани баровардани коғазҳои қиматнок дар ҳолати пешниҳод накардани ҳисоботи ҷамъбастии барориши коғазҳои қиматнок, инчунин, номувофиқ будани маълумотҳои ҳисобот бо талаботи муқарраршуда пешбинӣ шудааст.

Ғайр аз ин аудитор дуруст ҳуҷҷатноккунии пардохти маблағи саҳмияҳоро дида мебарояд (арзи хориҷӣ, фондҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, коғазҳои қиматнок ва ғайра).

Аз нуқтаи назари санҷиш фаъолияти фонди сармоягузорӣ танҳо пас аз бақайдгирии он ба сифати шахси ҳуқуқӣ ва гирифтани рухсатномаи зарурӣ оғоз мешавад. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки шахси бо фонди сармоягузорӣ шартнома баста, дар бораи идоракунии фонд, бояд ҳатман рухсатнома дошта бошад.

Барои мақсадҳои санҷишӣ фоида ё зарар аз фурӯши коғазҳои қиматнок ҳамчун фарқи байни нархи фурӯш ва арзиши тавозунии онҳо муайян карда мешавад. Ин ҳисоби фурӯш ҳар моҳ пушида мешавад ва натиҷаи молиявӣ ба ҳисоби 66000 «Даромадҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ» ва 66100 «Хароҷотҳо аз рӯи фаъолияти ғайриамалиётӣ» гузаронида мешавад.

Фарқияти байни хароҷоти ҳақиқӣ барои харидани облигатсияҳо ва арзиши ибтидоии онҳо ба натиҷаи фаъолияти хоҷагӣ ҳамроҳ карда мешавад. Дар ин ҳолат ду намуди ҳамроҳкунӣ истифода мешавад: а) мутаносибан ҳар моҳ то баохиррасии мӯҳлат; б) фарқи байни нархи фурӯш ва арзиши аслии ҳақиқӣ дар вақти фурӯш муайян карда шуда, ки натаҷаи он ба ҳисоби 66000 «Даромадҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ» ва 66100 «Хароҷотҳо аз рӯи фаъолияти ғайриамалиётӣ» гузаронида мешавад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки даромад аз иштирок дар сармояи корхонаҳои дигар, ки ба ҳисоби ҳисоббаробаркунӣ ва арзӣ дохил мешаванд, дар ҳисоби 66000 «Даромадҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ» ва 66100 «Хароҷотҳо аз рӯи фаъолияти ғайриамалиётӣ» акс меёбанд.

Аудитор бояд дар рафти санҷиш муайян намояд, ки дар сурати нархи хариди облигатсияҳо ва дигар коғазҳои қиматноки корхона бадастовардашуда аз арзиши ибтидоияшон баланд бошад, фарқи байни онҳо бо амалиёти зерин бояд аз ҳисоб бароварда шавад:

Дт ҳисоби 22020 «Васиқаҳои (векселҳои) кӯтоҳмуддат барои пардохт»

Кт ҳисоби 11600 «Сармоягузориҳои дарозмуддат» (бо қисми фарқияти байни арзиши ибтидоӣ ва харид) ва ҳисобҳои 66000 «Даромадҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ» ва 66100 «Хароҷотҳо аз рӯи фаъолияти ғайриамалиётӣ».

Аммо агар арзиши хариди облигатсия ва дигар коғазҳои қиматнок аз арзиши ибтидоиашон паст бошад, даромади фарқияти байни онҳо аз нав ҳисоб карда мешавад.

Набояд фаромӯш кард, ки ҳангоми санҷиши биржаи молӣ ва фондӣ аудитор бояд риояи муқаррароти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла меъёр ва талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 1999, № 109 «Дар бораи чорабиниҳои мукаммалкунии савдои биржавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомнома дар бораи биржаи давлатии моливу ашёи Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо ҳамин қарор (№109) дида барояд.

Натиҷаҳои тадқиқот нишон дод, ки аудити сармоягузориҳо иҷрои вазифаҳои зеринро талаб менамояд: тасдиқи дурустии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии сармоягузориҳо; тасдиқи дурустии ба таври ҳуҷҷатӣ бақайдгирии сармоягузорӣ дар сармояи оиномавии дигар корхона ва фаъолияти якҷоя; муайянкунии дурустӣ ва саривақтии гирифтани даромад аз сармоягузорӣ; тасдиқи эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ дар самти сармоягузорӣ ба дороиҳои дарозмуддат, баҳодиҳии баҳисобгирӣ ва барӯйхатгирии сармоягузорӣ, баҳодиҳии баҳисобгирии натиҷаҳо аз сармоягузориҳо; тасдиқи эътимоднокии нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ.

Дар охир ҳаминро бояд қайд намуд, ки ба иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшавии техникаву технологияи нав ва умуман техника қаноатбахш

нест. Чунки дар истеҳсолоти неъматҳои моддӣ баъзе мавридҳо техникаи замони Шӯравӣ низ мавриди истифода қарор мегирад. Ҳамаи ин зарурати рушди бозори хизматрасониҳои аудиторӣ, ки барои муайян, ошкор ва бартараф намудани норасоиҳои ҷойдошта мусоидат менамояд, талаб мекунад.

**АДАБИЁТ**


1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ”,№ 993 аз 22.07. 2013сол. http:www.mmk.tj;

2.Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ – хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ. Аз «27» майи соли 2011, № 41.

3.Аренс А., Лобек Дж. Аудит /пер. с англ; Гл. ред.серии проф.Я.В.Соколов.-М.: Финансы и статистика,2015.

4.Аудит: учебник для вузов/ под.ред. В.И.Подольского. -М.: Аудит, ЮНИТИ. 2007.

5.Додж Р. Краткое руководство по стнадартам и нормам аудита/ Пер.с англ.- М.:Финансы и статистика,ЮНИТИ, 2012.


## МАСЪАЛАҲОИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТӢ


***Бобомуродов Б.Э. - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ***


Дар охири асри XX бо пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлол гардид, вале бинобар сабаби роҳбарияти ҳамонвақта надоштани таҷрибаи идоракунии давлатӣ ва ноустувории низоми иқтисодию молиявӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушкилоти бузурги иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дучор шуд. Баъдан бӯҳрон ва ҷанги шаҳрвандӣ ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёт – саноат, сохтмон, энергетика, кишоварзӣ, нақлиёт, молия, бонкдорӣ, маориф ва дигар соҳаҳо зарбаи сахт расонд, ки дар натиҷаи он тамоми низоми иқтисодию иҷтимоии кишвар фалаҷ гардид.

Дар ин вазъият соҳаи маориф зарари ҷиддӣ дид. Маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ ба сатҳи хеле паст расида буд, маоши кормандони соҳаи маориф муддати тӯлонӣ дода намешуд, бисёре аз омӯзгорони соҳибхтисос ва ботаҷриба касбро тарк кардаанд, барои раванди таълим маводи зарурӣ намерасид. Ин вазъият, ки на танҳо ба соҳаи маориф дахл дошт, ислоҳоти умумиро талаб мекард.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо барқарор гардидани сулҳ ва ба эътидол омадани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ба ислоҳот дар тамоми соҳаҳо, бахусус дар соҳаи маориф шуруъ намуд. Дар натиҷаи ислоҳот дар сохтори ташкилӣ ва шаклҳои идоракунии соҳаи маориф дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Дар баробари низоми муттамаркази идоракунии молиявӣ дар соҳаи маориф институтҳои бозории шакли хусусии хоҷагидорӣ инкишоф ёфтанд.

Дар баробари муассисаҳои таълимии давлатӣ муассисаҳои таълимии томактабӣ ва мактабии ғайридавлатӣ ташкил ёфта, босуръат инкишоф ёфтанд. Бартарии ин, навъи субъектҳои соҳаи маориф дар он аст, ки сармоягузорӣ аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетӣ - сармоягузорон (сарпарастон), маблағҳои соҳибкорон, ҷамъиятҳои саҳомӣ, кооперативҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва худи шаҳрвандон буда, ҷараёни истифодаи маблағҳо зери назорати қатъӣ қарор дорад. Дар муқоиса бо муассисаҳои давлатии соҳаи маориф вазъи молиявии ин гуна муассисаҳои таълимӣ беҳтар буда, маоши омӯзгорон ва маблағи ҳавасмандгардонии кормандон баландтар мебошад. Баръакси низоми пештараи маориф, ки комилан ба маблағгузории буҷетӣ асос ёфта буд, ин низом падидаи нав, муассир ва ояндадор буд. Дар ин раванд, нақши баҳисобгирии муҳосибӣ, идоракунии самарабахши молиявӣ, назорат ва аудит дар ин муассисаҳо хеле меафзояд.

Ҳоло дар бисёр муассисаҳои таълимӣ ҳисобдорӣ ва ҳисобот танҳо бо роҳи баҳисобгирии ҳаракати воситаҳои пулӣ, маҳсулоти озуқаворӣ, яъне аз рӯи принсипи «даромад — хароҷот» ба роҳ монда мешавад. Бо чунин низоми баҳисобгирӣ ҳисоб

кардани арзиши воқеии хизматрасонӣ, баҳисобгирии пурраи хароҷот ва даромадҳо, раванди назорати хароҷот, танзими онҳо ва умуман, идоракунии самараноки фаъолияти муассисаи таҳсилоти умумӣ мушкил ва ғайриимкон мебошад.

Дар робита ба ин зарур аст, ки низоми баҳисобгирӣ, ҳисобкунӣ ва таҳлили арзиши хизматрасониҳои таълимӣ таҳия карда шавад, ки ба идоракунии самаранок мусоидат намуда, барои қабули қарорҳои иқтисодӣ барои истифодабарандагони дохилӣ ва беруна заминаи иттилоотӣ фароҳам оварад. Инчунин, ин низоми баҳисобгирӣ ва ҳисобкунӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва мактабӣ бояд бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти онҳо ба шартҳои СБҲМ мутобиқ карда шавад.

*Адабиёт:*


1. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, № 702.*
2. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», аз 22 июли соли 2017 № 993.*


## АУДИТИ САМАРАНОКӢ ВА АУДИТИ МОЛИЯВӢ ДАР НИЗОМИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ

**Тилабов Ё.Э. - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи аудит ва ревизияи ДДМИТ**

Аудити самаранокӣ дар солҳои 60-уми асри XX ҳамчун назорати молиявии натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои буҷетӣ пайдо шуда, дар замони муосир он ба таври фаъол дар низоми аудити давлатии мамлакатҳои хориҷӣ истифода бурда мешавад. Ба воситаи аудити самаранокӣ назорати берунаи фаъолияти ҳокимияти иҷроия оид ба идоракунии молияи давлатӣ, ки дар натиҷа баҳои мустақили истифодабарии самараноки воситаҳои давлатӣ, ки ба расидан ба ҳадафҳо ва мақсадҳои гузошташуда, инчунин, ба иҷрои функсияи давлат равона шудааст, амалӣ карда мешавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки истифодаи аудити самаранокӣ дар аудити давлатӣ ба сифати қабул ва иҷрои қарори мақомотҳои ҳокимияти иҷроия, ки ба соҳаи буҷетӣ-молиявӣ дахл дорад, таъсири муҳим расонида, барои баланд бардоштани масъулият, шаффофият ва зери ҳисобот қарор доштани фаъолияти онҳо мусоидат менамояд [3, с. 8].

Аудити самаранокии хароҷотҳои давлатӣ яке аз механизмҳои таъсирбахши назорати давлатии молиявӣ аз рӯи истифодаи воситаҳои буҷетӣ маҳсуб мегардад. Ин фаъолиятест, ки ба таҳлили самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ, арзёбии захираҳои имконпазири афзоиши онҳо ва асоснокии хароҷотҳо, муайян кардани сабабҳои дурравӣ аз натиҷаҳои банақшагирифташуда нигаронида шуда, мақсади он ба даст овардани самараи мусбат дар ҷомеа мебошад.

Аудити самаранокӣ ва аудити молиявӣ ба як қатор принсипҳои умумии назорати молиявӣ асос ёфта, дар баробари ин, мазмуни гуногуне доранд, ки сабаби он хусусияти духела доштани натиҷаҳои тафтишшавандаи истифодаи воситаҳои давлатӣ мебошад. Маҳз аз ин рӯ аудити самаранокӣ ва аудити молиявӣ ба сифати шаклҳои гуногуни назорати молиявӣ баррасӣ карда мешаванд.

Дар қиёс бо аудити молиявӣ хусусияти хоси аудити самаранокӣ аз он иборат аст, ки ба сифати объекти он на танҳо ташкилотҳо, корхонаҳо ва муассисаҳо, балки гурӯҳҳои иҷтимоии шаҳрвандоне низ баромад карда метавонанд, ки истифодаи захираҳои давлатӣ ба фаъолият ва ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо таъсир мерасонанд. Агар ба сифати объекти баррасии аудити молиявӣ самаранокии харҷи воситаҳои давлатӣ, қонунӣ будани истифодаи онҳо баромад кунанду ин маълумотҳо дар ҳуҷҷатҳою ҳисоботҳои марбутаи молиявӣ инъикос ёбанд, натиҷаи самаранокии истифодаи захираҳои давлатӣ дар самти қонеъгардонии талаботҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объекти баррасии аудити самаранокӣ баромад мекунанд [4, с. 161-169].

Аудити самаранокӣ ва аудити молиявӣ аз ҷиҳати мазмуну мундариҷаи худ ҳамчун шаклҳои гуногуни назорати молиявии баамаловарандаашон байни ҳам фарқ кунанд ҳам, дар баробари ин, дорои як қатор хусусиятҳои муҳим мебошанд, ки аслан ба назорати молиявӣ дахл доранд. Онҳо дар шакли назорати минбаъдаи ташаккулёбӣ ва истифодаи воситаҳои давлатӣ амалӣ мегарданд, ки ба муайянкунӣ ва бартарафкунии камбудиву норасоиҳои мавҷуда нигаронида шудаанд.

Аудити самаранокӣ дар соҳаи истифодаи воситаҳои давлатӣ самти назорати молиявӣ ба шумор рафта, чунин элементҳоро дар бар мегирад:

- таҳлили фаъолияти ташкилотҳо дар самти истифодаи воситаҳои буҷетӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодабарии онҳо;
- фош кардани камбудиву норасоиҳо ва мусоидат кардан барои бартараф кардани онҳо.

Ҳама гуна меъёрҳои арзёбии самаранокӣ, ҳамзамон, аз ҷиҳати таҳлилӣ муқарраршуда мебошанд, чунки дар асоси натиҷаи таҳлили ҷиҳатҳои истифодакунии воситаҳои давлатие муайян карда мешаванд, ки бо мақсади тафтишкунӣ муқаррар карда шудаанд: расмикунонидашуда – чунки онҳо дар асоси муқарраротҳои санадҳои меъёрӣ, стандартҳо, нишондиҳандаҳои муқарраргардидаи натиҷаҳои фаъолияти ташкилотҳои тафтишшаванда интихоб карда мешаванд; аз ҷиҳати субъективӣ муайянгардида – чунки қарорро оид ба интихоб ва истифодаи онҳо ҷиҳати баҳодиҳии самаранокии истифодаи воситаҳои давлатӣ субъектҳои тафтиш, яъне худи тафтишшавандагон қабул мекунанд.

Мазмуну мундариҷаи меъёрҳо аз предмети тафтиш ва саволҳои мушаххаси марбут ба самаранокии истифодаи захираҳои давлатӣ вобаста мебошад. Дар ҷадвали 1 меъёрҳои умумии самаранокии назорати давлатии молиявӣ ва хусусиятҳои он оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. -** Фарқияти аудити молиявӣ ва аудити самаранокӣ

| | **Аудити молиявӣ** | **Аудити самаранокӣ** |
|---|---|---|
| Мақсад | Муайян кардани дурустии пешбурд ва пуррагии баҳисобгирию ҳисобот, истифодаи қонунӣ ва мақсадноки воситаҳои давлатӣ | Тафтиш карда баромадани истифодаи самаранок ва сарфакоронаи воситаҳои давлатӣ |
| Маводҳое, ки мавриди тафтиши аудиторӣ қарор мегиранд | Ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва ҳисоботҳое, ки тариқи қонунӣ истифода шудани воситаҳои давлатиро инъикос мекунанд | Ҳуҷҷатҳое, ки натиҷаи фаъолиятро дар самти ташаккулёбӣ ва истифодаи воситаҳои давлатӣ ҷиҳати расидан ба мақсадҳо, иҷрои вазифаҳову нақшаҳои гузошташуда, акс мекунанд. |
| Мундариҷаи кор | Тафтиши ҳуҷҷатӣ ва воқеии амалиётҳо бо воситаҳои давлатӣ, инчунин инъикоси онҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ | Таҳлили ташкили кор, вазъият: таҳлил ва синтези қиёсӣ; кор карда баромадани меъёрҳои марбутаи арзёбии самаранокӣ: назарпурсиҳо, суҳбатҳо, мусоҳибаҳо. |
| Шакли пешниҳоди натиҷаи аудит | Дар шакли:<br>- ҳисоботҳои шаклашон стандартикунонидашуда;<br>- хулосаҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои молиявӣ; | Дар шакли:<br>- ҳисобот дар бори натиҷаҳое, ки метавонанд боиси баҳсҳо гарданд; |

| | | |
|---|---|---|
| | - тавсифи камбудиву норасоиҳои ошкоршуда ва роҳҳои бартарафкунии онҳо | - хулосаҳое, ки дар асоси маҷмуи далелу нишондиҳандаҳои гуногун ташаккул ёфтаанд;<br>- пешниҳоду машваратҳои алоҳида |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Аудити самаранокӣ ҳамчун тафтиши мутобиқат ба меъёрҳои сарфакорӣ, натиҷанокӣ ва самаранокии истифодаи захираҳо ҳангоми иҷрои ин ё он масъалаву вазифа ё уҳдадорӣ аз ҷониби ягон ташкилот муайян карда мешавад. Сарфакорӣ ҳамчун ба ҳадди ақал расонидани хароҷот дар самти расидан ба мақсад ва таъмини сифати кор тавсиф дода мешавад. Самаранокӣ аз рӯи нақшаи «даромад-баромад» - ҳамчун таносуби натиҷаҳои фаъолияти ташкилот ва захираҳои барои истеҳсол истифодашуда тавсиф карда мешавад. Натиҷабахшӣ аз ҷониби ташкилот иҷро кардани вазифаҳоеро ифода мекунад, ки дар шакли таносуб байни натиҷаҳои банақшагирифташуда ва натиҷаҳои воқеии фаъолияти он баромад мекунанд [2, с. 118].

Аудити самаранокӣ - назорати молиявиест, ки ба муайянкунии сарфакорӣ, самаранокӣ ва натиҷабахшии истифодаи воситаҳои буҷетӣ ҷиҳати иҷроиши вазифаҳои сохторҳои буҷетӣ ва ҳалли масъалаҳои гузошташуда нигаронида шудааст.

Аудити молиявӣ (назорат) бо мақсади тафтиши ҳуҷҷатии эътимоднокии амалиётҳои молиявӣ, баҳисобгирии буҷетӣ, ҳисоботи буҷетӣ ва ғайра, ки истифодабарии захираҳои ҷумҳуриявӣ ва монанди онҳо, ки дар фаъолияти объектҳои аудит дар доираи салоҳияти Палатаи ҳисоб гузаронида мешавад, истифода бурда мешавад.

Дар фаъолияти мақомоти назоратшаванда баъзе унсурҳои идоракунандаи сифати чорабиниҳои назоратиро қайд кардан мумкин аст. Вале ба ин нигоҳ накарда, алҳол низоми муайяне, ки механизму амалиёти зарурии таъмин ва назораткунандаи сифати фаъолияти назораткунандаро дар бар мегирифта бошад, ба миён оварда нашудааст. Аз ҷиҳати назариявӣ, комилан муайян нагардидани мазмуну мундариҷаи сифат ва ташаккули низоми идоракунии сифат дар назорати давлатии молиявӣ боиси боздоштани истифодаи аудити самаранокӣ мегарданд.

Талаботи асосие, ки ба сифати фаъолияти назоратӣ дар раванди амалидошти назорати давлатии молиявӣ пешниҳод карда мешаванд, инҳо мебошанд:

- сифати баланди банақшагирии чорабиниҳои назоратӣ, амалигардонии онҳо ва омодакунии ҳисобот дар бораи натиҷаҳои бадастомада;
- истифодаи захираҳои иттилотие, ки барои дарккунӣ ва иҷроиши масъалаҳои аудиторӣ ва талаботе, ки нисбати ашхоси марбута гузошта мешаванд, мусоидат мекунанд;
- раванди иҷроиши чорабиниҳои тафтишотӣ бояд риояи қатъии стандартҳо ва методологияи муқарраргардидаро таъмин намояд, барои истифодаи воситаҳои инструменталӣ имконияти воқеӣ фароҳам орад;
- мутобиқати амалиётҳои аудитӣ бо санадҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти мақомоти назорати молиявиро муайян месозад;
- ҳифзи эътимодноки иттилооте, ки бо аудит алоқаманд аст.

Дар умум методикаи аудити самаранокӣ маҷмуи чораҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо ба гирдоварии далелҳое нигаронида шудаанд, ки барои баровардани хулосаҳо оид ба сарфакорона, самаранок ва самарабахш истифода шудани воситаҳои давлатӣ заруранд. Ҳар гуна чорабинии назоратӣ се марҳилаи асосиро дар бар мегирад: банақшагирӣ, татбиқи бевосита ва омодакунии ҳисобот дар бораи натиҷаҳо. Ин ба аудити самаранокӣ низ мутааллиқ аст (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2**. - Марҳилаҳои гузаронидани аудити самаранокии истифодаи воситаҳои давлатӣ

| | |
|---|---|
| Банақшагирӣ | интихоби мавзуъ ва объекти тафтиш;<br>таҳияи нақшаи пешакии омӯзиши мавзуъ ва объекти тафтиш;<br>ҷамъоварии иттилоот ва маводи зарурӣ;<br>омода кардани ҳисобот оид ба натиҷаи омӯзиши пешакӣ;<br>омода кардани барномаи тафтиш. |
| Ба амал овардани тафтиш | ҷамъоварии иттилоот ва маълумоти воқеӣ дар объектҳои тафтиш барои ба даст овардани далелҳои аудиторӣ;<br>омода кардани хулосаҳо, дастуру маслиҳатҳо дар асоси натиҷаи тафтиш;<br>шинос кардани роҳбарияти ташкилоти тафтишшаванда бо натиҷаҳои тафтиш. |
| Омода намудани ҳисобот дар бораи натиҷаҳо | омода кардани лоиҳаи ҳисобот дар бораи натиҷаҳои тафтиш;<br>омода кардани варианти интиҳоии ҳисобот дар бораи натиҷаҳои тафтиш;<br>тасдиқ кардан ва пешниҳод намудани ҳисобот дар бораи натиҷаҳои тафтиш. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Дар иртибот ба ин муддат вақте ки барои татбиқи ин дастуру маслиҳатҳо сарф мешавад, бояд ба сифати марҳилаи махсуси аудити самаранокӣ, яъне марҳилаи татбиқи натиҷаҳои ин аудит баррасӣ карда шавад. Вале дар ин марҳила аудити самаранокӣ чорабинии назоратии баинтиҳорасида ҳисобида намешавад. Ба даст овардани иттилоот оид ба натиҷабахшии аудити самаранокӣ, аз ҷумла, нисбати истифодаи дастуру машваратҳои тафтишкунандагон зарур аст. Марҳилаи мазкурро марҳилаи муайянкунии самараи иҷтимоӣ-иқтисодӣ номидан мумкин аст, ки он аз истифодаи натиҷаи аудити самаранокӣ ба даст оварда шудааст. Тавре ки таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад (Британияи Кабир, Канада, ИМА, Шветсия ва ғ.), аудити самаранокӣ одатан дар муддати аз 12 то 16 моҳ гузаронида мешавад [4, с. 124].

Ҳамин тавр, баҳодиҳии натиҷаҳои имконпазири аудити самаранокӣ меъёри назарраси интихоби мавзуъ ва объекти тафтишот мебошад. Натиҷаҳои санҷиши як ташкилот ба фаъолияти ташкилоти дигари ҳамсоҳа ё ташкилотҳои дар соҳаҳои дигар фаъолияткунанда аҳамияти зиёд дошта метавонад, агар он дар самти истифодаи воситаҳои давлатӣ таъсири мусбат расонад. Ҳангоми омӯзиши аудити самаранокӣ бояд ҳаҷми воситаҳои давлатии дар соҳаи тафтишшаванда истифодашаванда (масалан, дар барномаи мақсадноки давлатӣ) ба назар гирифта шавад. Чӣ қадаре ки ҳаҷми воситаҳои давлатии тафтишшаванда калон бошад, аҳамияти меъёри мазкур ҳамон қадар зиёд мегардад. Чунки талаботи асосӣ нисбати натиҷаи аудити самаранокӣ инҳо мебошанд: иттилооти дохилии ҳисобот бояд аниқ, воқеӣ, боэътимод, фаҳмо ва пурра бошад.

## АДАБИЁТ

1.В.И. Подольский, А.А. Савин, Л. В. Сотникова. Аудит: 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Юнити – Дане 2006г. – 583 с.

2.В.И. Подольский, П.Г. Макарова, А.А. Савин, Л.В. Сотникова. Аудит: М.: Юнити – Дане 2004 г. – 606 с.

3.Саунин А.Н. Аудит эффективности использования государственных средств: Учебное пособие.-М.: Издательство Московского университета, 2015.-336с.

4.Спепашин С.В. Государственный аудит и экономика будущего/ Степашин С.В.- М.: Наука,2008.-608с.

# ОРГАНИЗАЦИЯ ПОДГОТОВКИ ФИНАНСОВОЙ ОТЧЕТНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЯ В СООТВЕТСТВИИ С МСФО

**Мамадризоева Н.М.** - к.э.н., доцент кафедры бухгалтерского учета ТГФЭУ

Базирование на трех главных концепциях: справедливая стоимость, приоритет экономического содержания над правовой формой и прозрачность является сущностью Международных стандартов финансовой отчетности (МСФО).

Главным в концепции справедливой стоимости является то, чтобы предоставить пользователю информацию о финансовом положении и результатах деятельности предприятия или организации учитывая из его реально существующей цены. Имея большую значимость такой подход дает возможность дать ответ на вопрос: «Какова цена моего бизнеса на сегодняшний день?».

Примером может служить исправление стоимости основных средств на инфляционную составляющую. Для этого необходимы анализ бюджетов и сделанные прогнозы, утвержденные руководством, дать оценку денежным поступлениям и платежам, которые возникают при использовании основного средства и его окончательным выбытием, а также технический анализ объекта. Списание основных средств, длительное время не находящих применения на предприятии и прочих «неликвидов» является результатом данного анализа.

Учет как известно, показывает лишь остаточную стоимость.

Концепция приоритета экономического содержания над правовой формой говорит о не важности, правовой формы факта хозяйственной деятельности. Важно, что данный факт представляет собой с экономической точки зрения. Бухгалтерия в Республике Таджикистан направлена на единство экономического содержания и правовой формы, а в некоторых случаях приоритета правовой формы над экономическим содержанием. Порядок подготовки отчетности основан на исполнении инструктивных положений и требований регулирующих органов.

Согласно концепции прозрачности в отчетности по МСФО должна быть раскрыта достаточно большая информация о деятельности предприятия. Это нужно сделать таким образом, чтобы акцентировать внимание пользователей на всех имеющихся, существенных деталях работы организации [1,64].

В действующем бухгалтерском учете Республики Таджикистан такие требования предъявлены меньше и, более того, нормативные акты, которые бы обязывали раскрывать информацию, например, сведения о «связанных сторонах» или об «условных фактах хозяйственной деятельности», остаются без внимания.

Это говорит о том, что составление отчетности согласно по МСФО позволяет более реально видеть финансовое положение предприятия и показывать значительно большую самостоятельность в принятии решений. Согласно стандартам Республики Таджикистан, и международным стандартам по окончании отчетного периода предприятия подготавливают бухгалтерский баланс, отчет о прибылях и убытках, отчет об изменениях капитала, отчет о движении денежных средств и пояснительную записку. При этом в соответствии с стандартами Республики Таджикистан учета формы бухгалтерской отчетности рекомендованы Министерством финансов Республики Таджикистан, и на практике мало предприятий нарушают установленные формы, хотя теоретически это и позволено [5,37]. В то же время формы отчетности по международным стандартам не приводятся в порядок столь открыто. Но при этом они должны содержать основные показатели, которые установлены стандартом МСФО 1 «Представление финансовой отчетности».

Практика дает возможность получения отчетности по двум способам соответствующей международным стандартам: параллельный учет и трансформация.

Параллельный учет для предприятия действующего на территории Республики Таджикистан - это ведение двух баз данных: по Стандартам Республики Таджикистан и по МСФО. Такой учет ведется в специальной программе программного обеспечения. Кроме того, на осуществление такого учета требуется достаточно много времени, в течение которого придется составлять отчетность по МСФО с помощью трансформации. Поэтому каждая организация должна сама определить, что лучше.

Трансформация представляет собой, перегруппировку учетных данных предприятия в иной бухгалтерский стандарт. Подготовку консолидированной отчетности по МСФО можно по двум способам. По первому способу сначала готовится отчетность по международным стандартам для каждой компании группы. После этого данные суммируются и корректируются для получения консолидированной отчетности по МСФО. Второй способ рассчитывает составление для начала агрегированной отчетности по стандартам Республики Таджикистан, а после этого ее трансформацию в соответствии с МСФО. [3,23]

Для трансформирования отчетности, необходимо сформулировать общую стратегию, которая могла бы выглядеть следующим образом.

Во-первых, проявляются расхождения в учете по стандартам Республики Таджикистан и МСФО. Для этого, в необходимо проведение:

- инвентаризацию запасов на отчетную дату, в данном процессе определяется их рыночная стоимость;
- инвентаризацию дебиторской задолженности в целях начисления резерва по сомнительным и безнадежным долгам;
- инвентаризацию основных средств с целью установления их чистой рыночной стоимости и обесценения, из-за морального и физического износа функционирующих в настоящее время активов;
- оценкадолгосрочных финансовых инвестиций и инвестиционной собственности по рыночной стоимости с последующим начислением резерва переоценки этих активов.

Во-вторых, составляются корректировочные проводки, а план счетов приводится в соответствие с планом счетов по МСФО. При составлении корректировочных проводок в действующем плане счетов Республики Таджикистан рекомендуется выделить два дополнительных счета:

- субсчет «Корректировки нераспределенной прибыли/непокрытого убытка отчетного периода» - для группировки корректировочных проводок по событиям, относящимся к отчетному периоду;
- субсчет «Корректировка нераспределенной прибыли/ непокрытого убытка прошлых лет» - для группировки корректировочных проводок по событиям прошлых лет.

Необходимо отметить, что МСФО не обязывают и не предлагают определенную структуру для плана счетов и их нумерацию. Каждая организация в зависимости от вида своей деятельности самостоятельно разрабатывает свой план счетов.

**Литература:**


1. Астахов А.Д. «Бухгалтерский учет внешнеэкономической деятельности» - Ростов на Дону, 2006г, 448с.
2. Бабаева З.Д. «Бухгалтерский учет» - Москва, 2008г,384с.
3. Никандрова Л.К. «Бухгалтерский управленческий учет» - Москва,2008г, 184с.
4. Русалева Л.А. «Теория бухгалтерского учета» - Ростов на Дону, 2005г, 448с.
5. Турдиев А. «Бухгалтерский финансовой учет том 1» -Душанбе 2008г, 472с.

# САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Саидов Р.Н.** - ***номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи ДДМИТ***

Дар мақола асосҳои методологии назорати давлатии молиявӣ дар асоси таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ зери таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки такмили методологияи назорати давлатии молиявӣ то андозае аз ягонакунии он байни мақомоти ваколатдор ва навкунии дигар унсурҳои методологӣ вобаста мебошад. Дар мақола ба сифати мушкилоти асосии методологии назорати давлатии молиявӣ бенизомии фаъолияти мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва номуайянии ҳуқуқии онҳо, инчунин, набудани консепсияи умумиқабулкардашудаи соҳа қайд шудааст.

**Калидвожаҳо:** назорати давлатии молиявӣ, захираҳои молиявӣ, ҳисоботи молиявӣ, идоракунии молия, таҳлил, баҳодиҳӣ, стандартҳо, консепсияи ягонаи назорати давлатии молиявӣ.

Воқеан, назорати давлатии молиявӣ ба тамоми муносибатҳои ҷамъиятии соҳаи буҷетӣ, аз ҷумла ба механизми идоракунии давлатӣ тавассути марказонии захираҳои молиявии ҷамъкардашуда таъсири худро мерасонад. Бинобар ин, зарур аст, ки методологияи комил ва низоми босамари назорати давлатии молиявӣ бунёд карда шавад, то фаъолияти молиявии қонунии давлатӣ ва баҳодиҳии мақсаднокии он таъмин карда шавад.

Аз нигоҳи мо, самаранокии фаъолияти мақомоти назорати давлатии молиявӣ бештар аз омилҳои зерин вобаста мебошад: а) устувории қонунгузории соҳа; мукаммалии (пуррагӣ)-и маълумот; в) мувофиқати иттилооти андухташуда бо ҳолати воқеӣ; г) тартиби муносиби фаъолият; ғ) кордонии намояндагони мақомоти назорати давлатии молиявӣ. Ҷараёни такмилдиҳии методологияи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае аз ноустувории омилҳои зикршуда ва мавҷудияти мушкилоти зерин вобаста мебошад:

1.Такрор будани салоҳияти мақомоти назорати давлатии молиявӣ. Ҳолати мазкур боиси он мегардад, ки уҳдадориҳои баъзе аз мақомот иҷронашуда боқӣ мемонад ва дар натиҷа баъзе аз амалиёти молиявӣ аз доираи назорат дар канор мемонанд.

2.Набудани роҳи ягона барои муайян намудани ҷавобгарии вайронкунандагони меъёрҳои амалкунанда.

3.Мавҷуд набудани роҳи ягона оиди татбиқи чорабиниҳои назорати давлатии молиявӣ.

4.Набудани низоми ягонаи ҷамъоварӣ ва пешниҳоди иттилоот, ки боиси пайдо гардидани мушкилиҳо дар ҳисобу китоб ва натиҷаи ниҳоӣ оварда мерасонад.

Яке аз шартҳои муҳими мукаммал гардидани фаъолияти мақомоти назорати давлатии молиявӣ – ин мувофиқати фаъолияти мақомоти мазкур ба стандартҳои фаъолияти назоратие, ки аз ҷониби ташкилоти байналмилалии мақомоти олии назорат нашр мешавад, ба ҳисоб меравад. Дигар шарти муҳим ин коркарди таснифоти қоидавайронкуниҳо дар нисбати истифодаи воситаҳои буҷетӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа ва ғ. мебошад. Яъне, мавҷуд будани ҷавобгарии конкретӣ барои қоидавайронкунии конкретӣ [5, с.105].

Дар соли 2009 роҷеъ ба масъалаи назорати молиявӣ интернет-конференсия баргузор гардид, ки дар ин чорабинии илмӣ Раиси Палатаи ҳисоби Федератсияи Россия С.В. Степашин дар мавзуи “Мушкилоти актуалии таъмини низоми ягонаи назорати молиявӣ дар Федератсияи Россия” баромад намуд [4, с.20]. С.В.Степашин баъзе аз мушкилиҳои соҳаи назорати давлатии молиявиро, ки айни замон вуҷуд доранд, шарҳу тавзеҳ дод ва қайд намуд, ки дар Россия мақомоти зиёде мавҷуданд, ки ба масъалаҳои вобаста ба назорати молиявӣ машғуланд, аммо онҳо низоми ташкил ва салоҳиятҳои

конкретии худро надоранд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мушкилоти қайдшуда ҷой дорад.

Ҳамин тавр, назорати давлатии молиявӣ ба тамоми муносибатҳои ҷамъиятии соҳаи буҷетӣ, аз ҷумла ба механизми идоракунии давлатӣ тавассути марказонии захираҳои молиявии ҷамъкардашуда таъсири худро мерасонад. Бинобар ин, зарур аст, ки низоми комил ва босамари назорати давлатии молиявӣ бунёд карда шавад, то фаъолияти молиявии қонунии давлатӣ ва низоми баҳодии мақсаднокии он таъмин карда шавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мушкилии заминавии такмили методологии назорати давлатии молиявӣ - набудани назарияи илмии назорат маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, масъалаҳои вобаста ба ташкил, тартиботи ҳуқуқӣ ва методологияи назорати молиявӣ ба талабот ҷавобгӯй набуда, ҷараёни ташаккулёбии намудҳои алоҳидаи назорат ба итмом нарасидааст, инчунин, моҳияти назорати буҷетӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор нагирифта, консепсияи ягонаи назорати давлатии молиявӣ дар сатҳи мамлакат коркард карда нашудааст. Бунёди назорати давлатии молиявӣ, ки ба талаботи ҷомеаи демократӣ ҷавобгӯй буда, барои рушди босамари низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд, ба рафъи монеаҳои болозикр ва ҳалли дигар мушкилоти ҳалталаб вобаста мебошад.

Натиҷаи омӯзишу таҳлилҳо нишон дод, ки бо мақсади мутобиқ сохтани фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар субъектҳои назорати давлатии молиявӣ ба Палатаи ҳисоб атрофи масъалаҳои назорати молиявӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар муносибат ба масъалаҳои молиявӣ, оид ба қонунгузории назорати молиявӣ ва дигар масъалаҳо, ки ҳаллу фасли онҳо дар санадҳои меъёрии амалкунанда нишон дода нашудааст, салоҳиятҳои иловагӣ дода шавад.

Аз таҷрибаи Федератсияи Россия маълум мегардад, ки ду роҳи рушди назорати давлатии молиявӣ аз мавқеи баландбардории самаранокии он ҷой дорад:

**Роҳи якум,** ин итоати қатъӣ дар чаҳорчӯбаи низоми ягонаи мақомоти олии назорати мустақил мебошад. Таҳқиқи масъалаи баландбардории самаранокии назорати давлатии молиявӣ бо ин роҳ дар корҳои илмии иқтисодчиёни Россия ба монанди В.В. Буртсев, Е.Ю. Грачева, В.А. Жуков, С.П. Опенишев, Н.Д. Погосян, В.М. Радионова, С.В. Степашин, С.О. Шохин дида мешавад. Аз сабаби он ки кори мақомоти назорати давлатии молиявӣ ба якдигар ҳамоҳанг нест (байни онҳо алоқаи устувори мутақобилаи мувофиқ вуҷуд надорад), бинобар ин, ҳолати мазкур барои ташаккули низоми комили назорат аз болои захираҳои молиявӣ ва истифодабарии моликияти давлатӣ монеа эҷод мекунад. Бо назардошти вазъияти ҷойдошта, ислоҳоти мақомоти амалкунандаи назорати молиявӣ ва муттаҳид намудани онҳо ба як низоми ягонаи мақомоти назоратӣ амри зарурӣ мебошад.

**Роҳи дуюм,** ҳамчун роҳи конститутсионӣ дониста мешавад. Низоми назорати давлатии молиявиро зери таъсири як қатор сабабҳо бунёд намудан ғайриимкон мебошад. Аммо рушди ин низом дар асоси базаи мавҷудаи қонунгузорӣ ва меъёрӣ имконпазир аст. Баландбардории самаранокии назорати давлатии молиявӣ бо роҳи конститутсионӣ аз ҷониби роҳбарияти олии мамлакат, аз ҷумла Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян ва ошкор карда шуд, ки самтҳои афзалиятноки рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои зерин маҳсуб меёбанд:

– банизомдарории фаъолияти назорати давлатии молиявӣ ва муайянкунии заминаҳои ҳуқуқии он;

– таъмини заминаҳои муносиби қонунгузорӣ ва методологӣ;

– коркард ва истифодаи консепсияи умумиқабулкардашудаи назорати давлатии молиявӣ ва низоми ягонаи иттилоотӣ оиди ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда;

– банизомдарории назорат, ки баъзан маврид санҷиши такрории як ташкилот дар дигар солҳо аз соҳаи назорат дур мешавад;

– устувории амали мутақобилаи байни мақомоти назоратӣ (ин ҷиҳат бояд самти аввалиндараҷаи такмилдиҳии назорати давлатии молиявӣ қарор гирад);

– ҳамкории зич байни мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва хадамоти аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии натиҷаҳои санҷиш;

– таъмини мустақилияти амалии хадамоти аудити дохилӣ бо мақсади таъмини ягонагии натиҷаҳои санҷиши мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва хадамоти аудити дохилӣ;

– бо мақсади санҷиши саривақтӣ ва баланд бардоштани самаранокии чорабиниҳои санҷишӣ-ташхисӣ ва таҳлилӣ-баҳодиҳии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди IT-аудит дар бахши аудити мустақили давлатӣ.

## АДАБИЁТ


1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июни соли 2011, № 749. -http://mmk.tj

2.Альбеков З.А., Карепина О.И., Романова, Т.Ф. Организация системы государственного финансового контроля в Российской Федерации: Теория и практика.– М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К», 2002.-320 с.

3.Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2013с., №3.1.

4.Клещенко Ю.Г., Савченко М.М. Финансовый контроль как один из факторов обеспечения финансовой безопасности // Финансовое право.- 2009. - № 5. - С. 20-25.

5.Кондрат Е.Н. Государственный финансовый контроль: основополагающие начала (принципы) // Юридическая наука: история и современность. – 2015. – №1. – С.103–109.


## РУШДИ ИЛМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРУЗАИ БОЗОРИ МЕҲНАТ


**Олимов Д.А. - н.и.и. муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ**
**Темуршоева А.Ҷ.-магистранти ихтисоси баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ**


Қобили қайд аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ санаи 22-юми декабри соли 2017 иброз намуданд, ки «Дар шароити имрӯза, ки илму технология бо суръати кайҳонӣ пеш рафта истодааст, олимони кишварро зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани қобилияти рақобати илми ватанӣ корҳои таҳқиқотиву технологиро вусъат бахшанд». Илова бар ин, таъкид гардид, ки сармояи инсонӣ хамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд.

Рушди минбаъдаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар ду самт ҷудо шуданд. Баъзе ҳисобдорон кӯшиш карданд, ки далелҳои ҳаёти иқтисодиро аз нуқтаи назари ҳуқуқшиносӣ шарҳ диҳанд, дигарон бошанд, онро иқтисодӣ ҳисобиданд ва савол дар бораи ин шаклҳо ба миён омад. Пайдоиши категорияҳои шартӣ (тавозун, фоида, арзиши аслӣ, хароҷоти истеҳсолӣ ва муомилот ва ғайра) рух медиҳад ва амалияи баҳисобгирӣ аз воқеияти мушаххас дуртар аст, аммо барои беҳтар фаҳмидан ва самараноктар кардани он. Ин дар тафовути нави ҳисобҳо инъикос ёфтааст. Дар тӯли асрҳо ҳисобдорӣ ҳамчун фаъолияти амалӣ вуҷуд дошт (муҳосибот). Он як қатор тартиботро дар бар мегирифт, ки интихоби он тавассути озмоиш ва хатогӣ ба амал оварда шуда буд. Дар миёнаи асри XIX. заминаи илми баҳисобгирӣ (ҳисобдорӣ) гузошта шуд, дастгоҳи категорияи он ташаккул ва асоснок карда шуд. То охири асри XIX. Тафсири ҳуқуқии баҳисобгирӣ аз аввали асри XX бартарӣ дошт. Фаҳмиши

иқтисодии ӯ эътироф шуд.  Ҳарду самти илмӣ якҷоя буданд, гоҳ-гоҳ таъсири яке аз онҳо шиддат мегирифт, дигаре суст шуд, аммо ҳеҷ яке аз таълимот бартарӣ надошт ва ҳеҷ яке аз онҳо аз байн нарафт.  Аммо дар як лаҳзаи муайян барои фаҳмиши онҳо ниёз вуҷуд дошт.  Он аз шарҳи категорияи марказии тавозун оғоз ёфт [2.с,9].

Баъзеҳо инро дар натиҷаи сабти дутарафа, (интерпретатсияи динамикӣ), дигарон ҳамчун рӯйхати соддакардашудаи инвентаризатсия (интерпретатсияи статикӣ) медонистанд. Охирин тасдиқотро талаб мекард, ки боиси пайдоиши аудити муосир гардид.

Дар ин марҳила баҳисобгирии хароҷот ва арзон кардани арзиши корҳо ва хизматрасониҳо аҳамияти калон дорад. Дар баҳисобгирии хароҷот, баҳисобгирии меросӣ бо камералӣ алоқаманд аст. Хароҷоти охирин мувофиқи смета сабт карда мешавад, якум - дар сурати хароҷот. Назарияи арзиш дар аввали асри XX ба вуҷуд омадааст. Дар ин ҷо  ҳисоб кардани хароҷоти умумиро ба назар мегиранд, яъне дохил намудани хароҷоти мустақим ва ғайримустақим.  Таъсири дигари баҳисобгирии мизҳо тавассути системаи стандартии хароҷот эҷод шуд, ки нархгузории пешакӣ ва  ба танзими дақиқи хароҷоти ояндаро пешбинӣ менамояд. Ин яке аз  табаддулоти баҳисобгирӣ буд.

Дар нимаи солҳои 30-юм принсипҳои арзиши мустақим таҳия карда шуданд - усуле, ки танҳо ба арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда танҳо хароҷоти мустақим дохил карда мешаванд, ки имкон медод ҳаҷми истеҳсолотро васеъ намуда, нархи фурӯшро то арзиши қисман ҳисобшуда коҳиш диҳад. Дар аввали солҳои 1950, барои марказҳои масъулият усули баҳисобгирии хароҷот пешниҳод шудааст, яъне  баҳисобгирии арзиши ва ҷойгиршавии онҳо. Ва ниҳоят, дар охири асри XX усули ABC ба вуҷуд меояд, ки барои ҳисоби хароҷот барои ҳар як функсияи идоракунӣ истифода бурда мешавад.

Аз миёнаи асри XIX.  паҳншавии ҷамъиятҳои саҳомӣ ва тағирот дар андозбандӣ ба якбора баланд шудани қонунгузории андоз оварда расонд.  Дар як қатор кишварҳои Аврупо (Олмон, Фаронса, Шветсия, Бельгия, Дания, Люксембург ва ғайра), танзими дақиқ ва дақиқ ба ҳисоб гирифта шудааст, ки дар ҷамъият интизориҳои шохаи махсуси ҳуқуқ - баҳисобгириро ба вуҷуд овардааст [5,с,35].

Марҳилаи муосир (аз соли 1950) ба таҳияи тафсирҳои динамикӣ ва статикӣ дар тавозун ва кӯшиши синтез кардани баъзеи онҳо оварда расонд. Шарҳи динамикӣ ва эволютсияи усулҳои ҳисоб ба таваллуди баҳисобгирии идоракунӣ оварда расонид ва тафсири статикӣ пайдоиши стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявиро - СБҲМ ва баҳисобгирии миллиро пешакӣ муайян карданд.  Ҳарду тафсир ба ташаккули баҳисобгирии андоз таъсир мерасонанд.

Ҳамин тавр, ҳамаи тафсирҳои дар боло зикршударо метавон ба баҳисобгирии муҳосибӣ нисбат дод.

**Адабиёт:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», 25 марти соли 2011, № 702.
2. А.Шерназаров,  З.Умаров, А.Хайдаров – «Назарияи ҳисобдорӣ», ш.Душанбе – 2002 с.
3. Раҳимов С.Х. «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит», Душанбе – 2011;
4. Шарифов ЗР. «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар      муассисаҳои буҷетӣ». - Душанбе: «Ирфон», 2015, 316 саҳ.
5. П. Бобомуродов «Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ»,   Душанбе, «ЭР-граф»- 2012, 216.
6. Раҳимов С.Х., Олимов Д.А. «Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ», Душанбе, «ЭР-граф»- 2014, 265.


## МАСЪАЛАҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБИИ  ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ-МОЛИЯВӢ


**Сабзаева М.С.-н.и.и., муаллимаи калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ**

Ҳисобдории муҳосибавӣ дар Бонк – ин низоми пуррагӣ ва дурустии маълумоти амалиётҳои гузаронидашавандаи бонкӣ, ташаккул ва ҷойгиркунии маблағҳои худии Бонк ва ҷалбшаванда, захираҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, натиҷаҳои молиявии фаъолият, мавҷудияти захираҳои ҷамъшудаи талафоти имконпазир, инчунин сармоя мебошад.

Бонкҳо фаъолияти муҳосибии худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ (Санади меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон) ва инчунин дар асоси Низомномаи дохилии ташкилотҳои қарзӣ "Оид ба ташкил намудан ва бурдани ҳисобдории муҳосибавӣ" ба роҳ мемонан

**Дороиҳои** бонкҳои тиҷоратӣ ин обьектҳои тавозуни ҳисобдорӣ мебошанд ва дар он ҷобаҷагузорӣ ва истифодабарии захираҳои бонкӣ дарҷ мегарданд.

Дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ аз **дороиҳои хазинавӣ (пардохтпазир), яъне** воситаҳои нақдина дар хазина, сангҳои қиматнок ва фуллузот, ҳисобҳои муросилотӣ дар бонки марказӣ ва дигар бонкҳо, воситаҳои дар фонди захираҳои ҳатмии бонки марказӣ гузаронидашуда, **дороиҳои ҷойгиршуда яъне** (коршоям, фоидаовар, гардишнок, хавфнок), қарзҳои ба шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ додашуда, қарзҳои додашудаи байнибонкӣ, маблағгузориҳои кутоҳмуддат дар коғазҳои қиматнок ва инчунин **дороиҳои инвестисионӣ, аз он ҷумла с**аҳмияҳо барои маблағгузорӣ гирифташуда, воситаҳо дар саҳмияҳои оинномавии шахсони ҳуқуқӣ дохилшуда, маблағгузорӣ дар бонкҳои фаръӣ, активҳои сармоякардашуда (ғайригардиш) моликияти бонк, дигар активҳо (қарздории дебиторӣ, ҳисобҳои транзитӣ ва ғ), иборат мебошанд.

**Ба ухдадориҳои** бонк захирҳои ҷалбшудаи бонкҳои дигар ва маблағҳои шаҳрвандон, инчунин ҳамаи суратҳисобҳои кушодашудаи ташкилоту корхонаҳо ва шахсони воқеӣ, маблағҳои интиқолӣ барои пардохт, фоизҳои ҳисобшуда барои пардохт, уҳдадориҳо барои фурӯши асъор ва дигар уҳдадориҳо дохил мешаванд.

Захираҳои бонк маблағҳои озоди шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ, захираҳои аз бонкҳои дигар ҷалбшуда бо фоизи муайян ва инчунин сармояи бонк маҳсуб меёбанд, ки он барои пешниҳоди қарз ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ бо мақсади гирифтани фоида пешниҳод карда мешавад.

Захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ шарти дахлнопазири амалӣ намудани амалиётҳои бонкӣ маҳсуб ёфта, аз **Сармояи худӣ, Сармояи оинномавӣ, Захираҳои ҷалбшуда** иборат мебошанд.

**Сармояи худӣ** (бебозгашт) воситаи асосии муҳофизати пасандозгузорон ва қарздиҳандагон мебошанд, ки дар ҳолати пардохтнопазирии бонк ба онҳо имконият медиҳад, ки талафоти худро пурра гиранд.

**Сармояи оинномавӣ** –фондҳое, ки аз ҳисоби фоидаи солҳои гузашта ва фоида аз фурӯши саҳмияҳо (фарқияти байни арзиши саҳмияи бонк ва арзиши номиналӣ) ташаккул ёфтааст.

**Захираҳои ҷалбшуда** ин пасандозҳои мизоҷон- шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ, қарзҳои байнибонкиро дар бар мегиранд.

**Сармояи Бонк аз Сармояи саҳомӣ** (сармояи пардохтшудаи саҳомӣ - саҳмияҳои имтиёздор ва саҳмияҳои оддӣ), **фоидаи тақсимнашуда**(, фоида/зарари соли гузашта), **захира барои амалиёти ояндаи ташкилоти қарзӣ** (захира барои суғурта, захираи умумӣ аз фоида) **Сармояи изофа,** (захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ) ташкил меёбанд.

Бояд тазаккур дод, ки сарчашмаи асосии пешниҳоди қарзи бонкӣ ин захираҳои ҷалбшудаи бонкҳои дигар ва аҳолӣ мебошад ва ташкилотҳои қарзӣ барои истифодабарии воситаҳои ҷалбшуда дар назди пасандозгузорон ва қарздиҳандагон

(кредиторони худ) масъулияти баланди ҷавобгарӣ доранд, яъне вазифадоранд, ки барои истифодабарии маблағҳои онҳо фоизи муайян пардохт намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки барои ҳар як амалиёти бонкӣ аз тарафи муҳосибон сари вақт амалиётҳои муҳосибӣ тартиб дода мешавад.

**Ҳангоми аз тарафи пасандозгузорон ворид гаштани пули нақд чунин мукотибот тартиб дода мешавад:**

Дт 10101 Воситаҳои пулӣ
Кт 20222 Пасандозҳои муҳлатнок

**Ҳангоми ҳисоб кардани хароҷоти фоизӣ алоқамандии ҳисобҳо чунин тартиб дода мешаванд:**

Дт 17533 Фоизҳои ҳисобшуда барои қабул
Кт 24402 Фоизҳои ҳисобшуда барои пардохт

Дт 51107 Хароҷотҳои фоизӣ аз руйи амонатҳои муҳлатнок
Кт 17533 Фоизҳои ҳисобшуда барои қабул

**Барои ҳисоб намудани андоз барои буҷаи давлат аз ҳисоби маблағи пасандоз:**

Дт 17532 Фоизҳои ҳисобшуда барои қабул

Кт 24404 Фоизҳои ҳисобшуда барои пардохт
Дт51101 Хароҷотҳои фоизӣ барои депозит
Кт17532 Фоизҳои ҳисобшуда барои қабул

Дт 24404 Фоизҳои ҳисобшуда барои пардохт
Кт26202 Ҳисобҳои барои пардохт

Дт 26202 Ҳисобҳои барои пардохт
Кт Буҷаи давлат

**Ҳангоми пардохт намудани фоизҳои ҳисобкардашуда**

Дт 24402 Фоизҳои ҳисобшуда барои пардохт
Кт 10101 Воситаҳои пулӣ бо асъори миллӣ

Дт 24404 Фоизҳои ҳисобшуда барои пардохт
Кт10105 Воситаҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ

Мутобиқи Дастурамали Бонки Миллии Тоҷикистон“таҳти №194 Дар бораи захираҳои ҳатмии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзие, ки дар БМТ нигоҳ медоранд" дар бонкҳои тиҷоратӣ захираҳои ҳатмӣ ташкил карда мешаванд. Фонди захираҳои ҳатмӣ аз ҳисоби воситаҳои пулии субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ, ки бонкҳо чун захира дар ҳолатҳои суст шудани фаъолияти молиявии бонк ва муфлисшавӣ истифода бурда мешаванд, ташкил карда мешавад.

Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон яке аз фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ маҳсуб ёфта, заминаи ҳимоявӣ барои ҳимояи манфиатҳои пасандоздорону амонатдорон дар ташкилотҳои қарзии кишвар баромад мекунад. Захираҳои ҳатмӣ олоти муҳиме мебошад, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои танзими пешниҳодоти пулӣ дар иқтисодиёт истифода мебарад ва он ба андозаи захираҳои бонкӣ таъсири бевосита мерасонад. Риоя намудани он ҳатмӣ буда, барои вайрон намудани он аз суратҳисоби муросилотии бонкҳо, ки дар БМТ кушода шудааст, ба андозаи муайян ҷарима ситонида мешавад. Меъёрҳои захиравӣ ҳамчун олоти ба

танзимдарории захираҳои ҷалбшудаи бонкӣ барои ташаккулёбии ҳаҷми пулҳои захиравӣ асос мешавад. Ин олот нигоҳдории иловагии пардохтпазирии бонкҳоро ё ин ки ба ибораи дигар имконияти иҷро намудани уҳдадориҳои бонкҳоро дар назди мизоҷони худ медиҳад.

**Маҳсулоти асосии бонк** ин қарз маҳсуб ёфта, манбаи асосии даромади бонкҳоро ташкил медиҳад.

Дар ташкилотҳои қарзӣ пешниҳоди қарз ба аҳолӣ дар асоси Дастурамали № 255-и БМТ «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ» амалӣ карда мешавад. Ҳангоми пешниҳоди қарз ба мизоҷон чунин мукотибот анҷом дода мешавад:

***Тариқи нақдӣ:***

Дт Ҳисоби қарзӣ (10900)
Кт Воситаҳои пулӣ (накдина) (10101)

***Тавассути суратҳисоб:***

Дт Ҳисоби қарзӣ 10900
Кт Суратҳисоби мизоҷ 20200

Ҳангоми ҳисоб кардани фоизи қарз даромади фоизӣ эътироф карда шуда, мукотиботи зерин тартиб дода мешавад:

**Бо асъори миллӣ**

Дт Фоизҳои ҳисобшудаи пардохтнашуда барои қабул 17531
Кт Ҳисобҳои муросилотии фоизҳои ҳисобшуда барои қабул 26 238

**Бо асъори хориҷӣ**

Дт Фоизҳои ҳисобшудаи пардохтнашуда барои қабул 17535
Кт Ҳисобҳои муросилотии фоизҳои ҳисобшуда барои қабул 26240

**Бо асъори миллӣ**

Дт Ҳисобҳои муросилотии фоизҳои ҳисобшуда барои қабул 26238
Кт Даромади фоизӣ 40260

**Даромади фоизӣ аз тарафи мизоҷ пардохт карда шуд:**

Дт Воситаҳои пулии нақдина бо асъори миллӣ 10101
Кт Фоизҳои ҳисобшудаи пардохтнашуда барои қабул бо асъори миллӣ 17531
Дт Воситаҳои пулии нақдина бо асъори хориҷӣ 10105
Кт Фоизҳои ҳисобшудаи пардохтнашуда барои қабул бо асъори хориҷӣ17535

Инчунин қайд кардан бамаврид аст, ки ҳангоми пешниҳоди қарз эҳтимолияти пурра ва сари вақт барнагаштани қарзи асосӣ ва фоизҳои ҳисобшудаи он мавҷуд аст ва бинобарин бонкҳо мутобиқи Дастурамали №215 –и БМТ ”Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯйи дороиҳо” фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯйи қарзҳо ташаккул медиҳанд.

Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯйи қарзҳо ин маблағест, ки барои пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯй қарзҳо ташаккул дода мешавад ва ба 5 гурӯҳ

тасниф шудаанд, яъне қарзҳои “қолабӣ”, “зери назорат”, “ғайриқолабӣ” “шубҳанок” ва “беэътимод”. Ташкил кардани фонд бо роҳи муайян намудани хавфи қарзӣ, баҳодиҳӣ ва таснифи қарзҳо аз рӯйи сифат ва муҳлати баргардонидан, ки ба ҳолати молиявии ташкилоти қарзӣ таъсир мерасонад, асоснок карда мешавад.

Иҷрои дастурамали мазкур барои ҳамаи бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва ташкилотҳои амонатии кредитии хурд ҳатмӣ мебошад. Фонди мазкур аз ҳисоби даромади Бонк дар ҳаҷми 10% ва 90% аз ҳисоби хароҷот ташаккул дода мешавад:

Дт Хароҷот барои ташаккул додани ФПТИ (90%) 57101, 57105
Дт Зарар аз паст шудани арзиши фурӯши қарз
аз ҳисоби фоида (10%) 57127, 57129
Кт Захираҳо барои талафоти имконпазир аз рӯйи қарзҳо 10700

Бояд тазаккур дод, ки дар ташкилотҳои қарзӣ ҳисобҳои ғайритавозунӣ бурда мешаванд, ки ҳисобҳои аз 90 000 то 99 999-ро дар бар мегиранд. Ҳангоми аз эътибор соқит шудани қарзҳои беэтимод чунин қарзҳо ба ҳисобҳои ғайритавозунӣ гузаронида мешавад, яъне чунин мукотибот анҷом дода мешавад:

**Барои маблағи қарзи асосӣ**

Дт 93309 Барои қарзҳои беэътимод,

Кт 99999 Контр-ҳисоби ҳисобҳои ғайритавозунӣ

**Барои гузаронидаи фоизҳои қарзӣ:**

Дт 93307- Фоизҳои ҳисобшудаи қарзҳои мушкилситон
Кт 99999-Контр-ҳисоби ҳисобҳои ғайритавозунӣ

Инчунин ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми пешниҳоди қарз барои таъминнокии қарзи пешниҳодшуда ва паст намудани хавфи қарзӣ амволҳои манқул, кафолат ва амсоли инҳоро талаб менамоянд.

Амволҳои мазкур ҳам дар ҳисоби ғайритавозунӣ нигоҳ дошта мешаванд ба таври зерин сабт мегарданд:

Дт 91501- Гарав
Кт 99999 -Контр-ҳисоби ҳисобҳои ғайритавозунӣ

Ҳангоми пурра пардохт намудани қарз амволҳои мазкур ба соҳибонашон баргардонида мешавад ва дар ҳолати пардохт нагардидани қарзи мазкур ва дар ҳолати аз тарафи соҳиби мол, яъне қарздор ҳаққи дасткашӣ намудан, амволи мазкур аз ҳисобҳои ғайритавозунӣ бароварда шуда, яъне

Дт 99999 -Контр-ҳисоби ҳисобҳои ғайритавозунӣ
Кт 91501- Гарав

ба воситаҳои асосии бонк гузаронида мешаванд ва Бонк соҳибмулк эътироф карда мешавад:

Дт 15935 –Воситаҳои асосӣ (гарав барои бозфурӯш гирифташуда)
Кт 10901 –Ҳисоби қарзии мизоҷ

**Ҳамин тариқ**, фаъолияти муҳосибӣ дар бонкҳо бо хусусияти фаврӣ ва шакли ягонаи худ аз фаъолияти муҳосибии соҳаҳои хоҷагии халқ фарқ мекунад. Ҳисоби бонкӣ тарзи баҳисобгирии дохилшавӣ ва хориҷшавии маблағҳои пули ҳар як мизоҷ буда, ҳамаи амалиётҳо дар ҳисобҳои шахсии барои мизоҷ кушодашуда қайд мегарданд, тавозун ҳамарӯза тартиб дода мешавад ва дар он амалиётҳои молиявии мизоҷон инъикос мегарданд. Ин шакли ягонаи ҳисобот барои таҳлил ва муқоиса намудани фаъолияти ҳамаи бонкҳо мувофиқ мебошад. Бояд тазаккур дод, ки ҳар як амалиётҳои

бонкӣ аз тарафи муҳосибони бонк тибқи стандартҳои байналхалқӣ анҷом дода мешаванд.

Инчунин бонкҳо пешгирии имкониятҳои воқеъияти камомад, хароҷоти ғайриқонунии маблағҳои пулӣ, арзишҳои моддӣ, кам кардани сарфи меҳнат ва маблағҳои сарфшаванда, барои гузаронидани амалиётҳои бонкӣ истифодашаванда дар заминаи истифодабарии васоити автоматизатсия, дуруст ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои аз Бонк содиршаванда, осон намудани дастрасии онҳо, пешгирии вуқӯъияти хатогиҳо ва амалҳои ғайриқонунӣ ҳангоми иҷрои амалиётҳои ҳисобдорӣ, дастрасии маълумоти саҳеҳ барои тартибдиҳии ҳар гуна ҳисобот, пешгирии муносибатҳои корӣ ва аҳду амалиётҳое, ки онҳо аз нуқтаи назари муқовимат ба расмикунонии пул ва маблағгузории тероризм шубҳанок ҳисобида мешавад, амалӣ менамоянд.

**Адабиёт**

1. Дастурамалҳои Бонкии Миллии Тоҷикистон (№ 194, №215, №176, №186).
2. Сабзаева М.С Бонк ва бонкдор /Васоити таълимӣ 206 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти бонкӣ.
4. Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон.

## ҶАНБАЪҲОИ МУҲИМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ)

**Бобомуродов П.Х.-ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ**
**Бобомуродов Ф.О.-магистранти ихтисоси баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ**

Дар асоси моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» - хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) (минбаъд - хоҷагии деҳқонӣ) субъекти соҳибкорӣ, ки дар он истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба фаъолияти шахсии як нафар ё фаъолияти якҷояи гурӯҳи шахсони воқеӣ дар қитъаи замин ва молу мулки ба онҳо тааллуқдошта асос ёфтааст.

Мафҳуми «Хоҷагии деҳқонӣ» дар хотираи насли калонсол ҳамчун хоҷагиҳои ягонаи деҳқонии собиқ боқӣ мондааст [4]. Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ давраи ислоҳоти иқтисодӣ оғоз гардид. Аз соли 1992 инҷониб марҳилаи ба деҳқонон қисман ҷудо намудани заминҳои минтақаи кӯҳистон ва наздикӯҳӣ сар шуд. Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 1995, №342 ва аз 1 декабри соли 1997, №874 75 ҳазор гектар замин барои истифода ба хоҷагидорон ҷудо карда шуд, ки ин амал ба таъминоти аҳолӣ бо озуқа мусоидати хуб кард. Мавриди қайд аст, ки пас аз қабул гардидани ин асноди мазкур як қисми бекори аҳолӣ ба кор ҷалб гардид, ки он барои ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ аҳамияти калон дошт. Ҳамзамон маротибаи аввал 19 майи соли 2009, № 526 фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳукми қонунӣ пайдо намуд. Бо қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)" асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилии фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзои онро муайян карда, ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фаъолияти хоҷагидории мазкур равона гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти шароити гуногуни табиӣ - иқлимӣ, шумораи зиёди аҳолӣ ва бозори дохилӣ, мушкилоти баланд бардоштани самаранокии хоҷагии кишоварзӣ ҳамеша шадид буд, ҳаст ва мемонад. [1. с,102]. Бо вуҷуди тадбирҳои дар марҳилаҳои гуногуни рушди сиёсии кишвар андешидашуда ва тағйиротҳои пешрафти муайяни мусбат, ҳанӯз пурра ҳал намудани мушкилиҳои баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба мо муяссар нагардидааст. Дар баробари ин, мушкилоти муосири комплекси агросаноатии

Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи таърихии татбиқи ислоҳоти аграрӣ, бояд ҳаллу фасл карда шаванд [2. с,74].

Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар фаъолияти худ пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисоботҳои молиявиро дар асосии Дастурамал соҳавӣ амалӣ менамоянд. Ҳамчунин бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудаанд, низоми баҳисобгирии муҳосибии худро бо усули соддакардашуда тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонанд.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ барои мақсадҳои идоракунӣ оиди маълумот дар бораи мавҷудият ва истифодаи қитъаҳои замин, бино, мошинҳо, таҷҳизот, ҳайвонот ва дигар воситаҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ, барӯйхатгирии нархи хариди воситаҳо, пули нақд, ҳисоббаробаркунӣ бо аъзоёни коллектив, корхонаҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва кооперативҳо, ассотсиатсияҳо бо корхонаву ташкилотҳо ва шахсони алоҳида, инчунин дар бораи даромад ва хароҷоти худ ниёз дорад.

Ба ақидаи мо, айни замон натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи ҷамъшудаи баҳисобгирӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) имкон медиҳанд, ки низоми баҳисобгирии ҷавобгӯи талаботи муосир таҳия карда шавад. Ҳамзамон, ҳангоми таҳияи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисобот ва назорат дар хоҷагӣ, истифодаи пурраи таҷрибаи ватанӣ дар ташкили баҳисобгирии амалиётӣ ва таҳлили фаъолияти хоҷагӣ зарур аст.

Бинобар ҳамин, аз омӯзиши масъалаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои ҳалли масъалаҳои баҳисобгирӣ ва тарзи дуруст ба роҳ мондани амалиётҳои хоҷагидорӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ як чанд зуҳуроти муҳимро қайд намудан лозим аст:

1. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» тибқи Дастурамал дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и бо таъсиси шахси ҳукуқӣ (минбаъд - Дастурамал) тибқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», банди 7 Протоколи №1 с\22-2 аз 12 апрели соли 2016 ва банди 12 Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд СБҲМ) дар бахши хусусӣ таҳия шудааст фаъолият намоянд.
2. Дар моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» ӯҳдадориҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ташкил намудан ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз риоя намудани талаботҳои шартномавӣ ва молиявию қарзӣ муайян гардидааст.
3. Асоси ҳар гуна низоми баҳисобгирии муҳосибиро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ далелҳо оид ба ҳаёти хоҷагидорӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо сохтори низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, яъне усули баҳисобгирии муҳосибиро ба сифати маҷмуи услубу равишҳое, ки моҳияту мазмуни онро шарҳ медиҳанд, муайян мекунанд.
4. Дар баробари барӯйхатгирӣ, баҳодиҳӣ низ услуби қобили қабул маҳсуб мегардад, ки он ба сифати ченаки арзишии тамоми рӯйдодҳои инъикосёбандаи ҳаёти хоҷагӣ баромад мекунад. Ин услуб имкон медиҳад, ки фаъолияти объектҳои хоҷагии фаъолияташон гуногун ҷамъбаст карда шуда, ченакҳои гуногуни баҳисобгирӣ дар шакли ягонаи арзиши пулӣ ифода ёбанд.
5. Дар марҳилаи бақайдгирии ҷории амалиёти муҳосибӣ, ки бо ҷамъбасти далелҳои марбут ба фаъолияти хоҷагидорӣ ва гуруҳбандии объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ алоқаманд мебошад, ҳисобҳое истифода мегарданд, ки услуби махсуси инъикоси баҳисобгирии далелҳои ҳаёти хоҷагидориро бо роҳи тибқи муқаррарот ба низом даровардани онҳо ифода намоянд.
6. Дар марҳилаи ҷамъбасткунии ниҳоии раванди баҳисобгирии муҳосибӣ (қайдҳои

муҳосибӣ) ҳуҷҷатҳои ҷамъбастӣ дар шакли тавозуни муҳосибӣ ва шаклҳои дигари ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) таҳия карда мешаванд. Ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) мутобиқи талаботи СБҲМ (1AS)1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ», «Дастурамал оиди тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи Стандартҳои миллӣ ва ё байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд» ва мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011, №702 таҳия карда шавад.

7. Ҳисобот оиди вазъи молиявӣ (тавозуни муҳосибӣ) - ҷамъбасткунии гурӯҳи дороиҳо (активҳо), сармоя ва ухдадориҳои хоҷагиро дар шакли пулӣ барои санаи муайян инъикос мекунад. Ҳисоботи дигари муҳосибӣ бошад, маълумоти ҷамъбастиро оиди фаъолияти хоҷагидорӣ ва ҳаракати амвол ва ухдадориҳои онҳоро дар давраи муайян дар бар мегирад.
8. Хоҷагиҳои деҳқонӣ низоми мукаммали баҳисобгирии муҳосибиро бо пуррагӣ истифода баранд.
9. Барои самаранок ба роҳ мондани ҳисобдории мукаммал аз СБҲМ (1A5) 41 «Хоҷагии қишлоқ» истифода бурдан зарур мебошад. Мақсади ин стандарт муайян кардани тартиби ҳисобгирӣ ва ошкоркунии маълумот оид ба фаъолияти кишоварзӣ алоқаманд мебошад. Стандарти мазкур бояд барои баҳисобгирии объектҳои хоҷагиҳои деҳқонии истифода бурда шавад.

**Адабиёт:**


1. Бадалов Х.Х. Проблемы учета торговой наценки в условиях рынка // Материалы Республиканской научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы учета, анализа и аудита в Республики Таджикистан» (12 апреля 2013г.) Таджикистан, г. Душанбе: РТСУ стр. 26-28.
2. Низомов С.Ф. Ташкили баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) / С.Ф. Низомов, П.Х. Бобомуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. № 8. С. 133-140.
3. Низомов С.Ф. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти кишоварзӣ / С.Ф. Низомов, Д.Ҷ. Икромова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. № 2. С. 51-60.
4. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016 таҳти №1289.


## ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ГУРӮҲБАНДИИ ХАРОҶОТИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ


**Иброҳимов Т.Р. - муалимми калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ**
**Ҷӯраева З.Б. -магистранти ихтисоси баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ**


Вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ аз нигоҳи мо дар шуъбаҳои маориф аз инҳо иборат мебошанд:

– ҷамъоварӣ ва тартиб додани маълумоти пурра ва боэътимод оид ба фаъолияти муассиса ва вазъи амволи он, ки барои истифодабарандагони дохилӣ ва берунии ҳисоботи молиявӣ - менеҷерон, муассисон, иштирокчиён ва соҳибмулкон, инчунин сармоягузорони хориҷӣ, кредиторон ва дигар истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ заруранд;

– пешниҳоди иттилоот барои истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ дар бораи ҳисоботи молиявӣ бо риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани амалиётҳои иқтисодӣ ва муносибати ба он алоқаманди онҳо, дастрасӣ ва ҳаракати молу мулк, истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ мутобиқи аснодҳои меъёри ҳуқуқии муқарраршуда, стандартҳо ва ҳисоботҳо;

– пешгирӣ намудани натиҷаҳои манфии фаъолияти молиявӣ-иқтисодии муассисаҳо ва муайян намудани захираҳои дохилихоҷагӣ барои таъмини устувории ҳолати молиявии он;

– назорати мавҷудият ва ҳаракати молу мулки муассисаҳо;

– назорати истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ дар муассиса;

– назорати фаъолияти муассиса мувофиқи меъёрҳои қабулшуда ва ба роҳ мондани хароҷот аз рӯи харҷномаи қабулшуда;

Дар амалия шӯъбаи баҳисобгирии муассисаи маориф ба андешаи мо бояд вазифаҳои зеринро анҷом диҳанд:

- пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси риояи талаботҳои аснодҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қабулгардида, қонунгузории ҷорӣ;
- бо маълумотҳо таъмин намудани роҳбари муассиса оид ба андоза ва истифодабарии мақсадноки харҷномаи (смета) тасдиқшуда ва ҳисоботҳои вобаста ба манбаъҳои маблағгузорӣ;
- назорати риояи дурустии ташкили пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии иҷрои харҷномаи (смета) тасдиқшуда ва ҳисобҳои муассисаҳои тобеи он;
- ҳисоб намудан ва пардохти музди меҳнат ба кормандон мутобиқи қонунҳои амалкунанда, ҳуҷҷатҳои дохилии корӣ, ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии вақти корӣ;
- ҳисоб намудани боздориҳои пардохти музди меҳнат ва пардохти суғуртавӣ тибқи қонунгузории андоз ва қонунгузории суғуртаи давлатии иҷтимоӣ;
- баҳисобгирии муҳосибии даромад, хароҷот, дороиҳо, уҳдадориҳо, дороиҳои соф, воситаҳои пулӣ дар заминаи манбаъҳои гуногуни маблағгузорӣ (маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои махсус);
- омодасозии ҳамаи намудҳои ҳисоботҳо (ҳисобот дар бораи иҷроиши буҷет, ҳисоботи андозӣ, ҳисобот оид ба пардохтҳои суғуртавӣ, ҳисоботҳои оморӣ);
- нигоҳдории феҳристи санадҳои меъёрии танзимкунандаи масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ [2,3,6].

Яке аз қоидаҳои асосии ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар муасссисаҳои маориф ин ҳуҷҷатнок кардани амалиётҳои хоҷагӣ мебошад.

Бо ёрии ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ, ҳамаи амалиётҳои хоҷагидорӣ аз рӯи он тартиби муайяне, ки онҳо ба вуҷуд меоянд, ба қайд гирифта мешаванд, ки ин:

а) Баҳисобгирии муттасил ва бетанаффуси (бефосилагӣ) ҳамаи объектҳои баҳисобгириро таъмин мегардонад;

б) Асоси ҳуқуқии сабтҳои муҳосибиро, ки дар асоси ҳуҷҷатҳо карда шуда, қувваи исботкунӣ доранд таъмин месозад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва миёнаи касбӣ баҳисобгирии муҳосибӣ бо шакли мемориал-ордерии баҳисобгирӣ ба роҳ монда мешавад [4 Дастурамал оиди бурдани ҳисобдории бухгалтерӣ дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, соли 2011 саҳ. 29].

Баҳисобгирии муҳосибии иҷроиши сметаи хароҷот дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва миёнаи касбӣ тибқи Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ бо шакли мемориал-ордерӣ сурат мегирад. Дар шакли мемориал-ордерии баҳисобгирӣ ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ мувофиқи санаи ба амал омадани амалиётҳои хоҷагӣ ба танзим дароварда мешаванд ва бо маҷмӯаи зерини мемориал-ордерҳо ва варақаҳои ҷамъбастӣ ҳуҷҷатнок карда мешаванд:

Масалан “Ордери мемориалии 1 (варақаи ҷамъбастӣ аз рӯи амалиётҳои хазинавӣ (шакли 381”, ё шакли дигар “Ордери мемориалии 15 (маҷмӯаи варақаҳо аз рӯи ҳисоббаробаркунӣ бо волидон барои нигоҳдории кӯдакон дар муассисаҳои то мактабӣ) шакли 406”. Ҳамаи ордерҳои мемориалӣ дар китоби «Журнали асосӣ» шакли 308 ба қайд гирифта мешаванд. Баҳисобгирӣ дар китоби «Журнали асосӣ», ҳамчун қоида, аз рӯи зерҳисобҳо бурда мешавад.

Даромад ва хароҷоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ё миёнаи касбӣ дар сметаи даромад ва хароҷот нишон дода шудааст. Даромадҳои муассиса таҳсилоти умумӣ аз қисми даромади буҷети давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ ва инчунин аз расонидани хизматрасониҳои таълимии пулакӣ ба аҳолӣ ва дигар даромадҳо аз истифодаи моликияти давлатӣ ташкил меёбанд.

Маҳкамкунии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ оиди сметаи даромадҳо ва хароҷотҳои муассисаҳо дар охири сол бо тартиби зерин ба амал баровварда мешавад:

- ✓ ба дебети ҳисобҳои иловагии (зерҳисобҳои) 211971 "Даромадҳои давраҳои оянда (уҳдадорӣ дар назди буҷети ҷумҳуриявӣ)", 211972 "Даромадҳои давраҳои оянда (уҳдадорӣ дар назди буҷети маҳаллӣ)" ва аз рӯи кредити ҳисобҳои иловагии 418310 "Грантҳои ҷорӣ аз дигар воҳидҳои бахши идоракунии давлатӣ" доир ба эътирофи даромад ва кам кардани уҳдадорӣ ба ҷамъи маблағҳои азхудкардашуда, дар доираи молиягузории гирифташуда гузарониш тартиб дода мешавад;
- ✓ инчунин дар кредити ҳисоби иловагии 418310 "Грантҳои ҷорӣ аз дигар воҳидҳои бахши идоракунии давлатӣ" дохилшавиҳо аз сарчашмаҳои иловагии молиягузорӣ эътироф карда мешавад;
- ✓ дар кредити ҳисоби иловагии 310130 "Маблағҳои махсуси ҷудокардашуда ба сохтмони асосӣ" маблағҳои аз буҷет барои сохтмони асосӣ ҷудокардашуда инъикос карда мешаванд. Хароҷот аз рӯи объектҳои сохтмонии ба итмомнарасида ва таҷдид дар ҳисоби иловагии 146000 "Сохтмони нотамом" боқӣ мемонанд [5].

Тақсимкунандагони асосии (тақсимкунандагони) маблағҳои буҷетӣ аз рӯи амалиётҳои гирифтани молиягузорӣ аз хазинадорӣ, ба дебети ҳисоби иловагии 111253 "ҲЯХ-и ҳисобҳои шахсии маблағҳои буҷетии БҶ муассисаҳои буҷетӣ бо асъори миллӣ" ё ки дебети ҳисоби иловагии 111254 "ҲЯХ-и ҳисобҳои шахсии маблағҳои буҷетии БМ ташкилотҳои буҷетӣ бо асъори миллӣ" ва кредити ҳисоби иловагии 211950 "Қарздории кредитории кутоҳмуддати дохилиидоравӣ" навиштаҷот тартиб медиҳанд [4, с7].

Тақсимкунандагони асосии (тақсимкунандагони) маблағҳои буҷетӣ ҳангоми гузаронидани маблағҳои ташкилоти дар тобеи худ қарор дошта дар дебети ҳисоби 211950 "Қарздории кредитории кутоҳмуддати дохилиидоравӣ" ва кредити ҳисоби 111253 "ҲЯХ-и ҳисобҳои шахсии маблағҳои буҷетии БҶ муассисаҳои буҷетӣ бо асъори миллӣ" ва ё кредити ҳисоби иловагии 111254 "ҲЯХ-и ҳисобҳои шахсии маблағҳои буҷетии БМ ташкилотҳои буҷетӣ бо асъори миллӣ" навиштаҷот тартиб медиҳанд.

Аз рӯи муассисаҳои маблағҳои мақсаднок дошта, баъди ба охир расидани сол хароҷотҳои воқеӣ ба камшаваии маблағҳои дахлдор аз ҳисоб баровварда мешавад ва дар кредити ҳисобҳои иловагии 510000 "Пардохти музди меҳнати кормандон", 511000 "Аъзоҳаққиҳо /маблағҳои ҳисобкардашуда барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ" 512000 "Истифодаи молу хизматрасониҳо" ва дигар ҳисобҳои иловагии мувофиқи хароҷотҳо инъикос карда мешавад.

Барои даромадҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ гирифташуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз дар дебети ҳисоби иловагии 522540 "Пардохтҳо ба буҷет аз даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ" ва кредити ҳисоби иловагии 211690 "Дигар андозҳо барои пардохт" андозҳо ҳисоб карда мешаванд.

Баъди ба охир расидани давраи ҳисоботӣ натиҷаҳои молиявӣ (фоида ё зарар) аз иҷроиши корҳо, расонидани хизматҳо ва дигар амалиётҳо муайян карда мешавад-зиёдшавии даромадҳо аз хароҷотҳо ё ки хароҷотҳо аз даромадҳо. Ҳамаи ҳисобҳои хароҷотҳо ба кредит пӯшида мешаванд ва ба дебети ҳисоби иловагии 610000 "Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо" гузаронида мешаванд. Ҳамаи ҳисобҳои даромадҳо ба дебет маҳкам карда мешаванд ва ба кредити ҳисоби иловагии 610000 "Маҷмӯи даромадҳо ва хароҷотҳо" гузаронида мешаванд.

Хулоса баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи низоми баҳисогирии иқтисодиёти давлат ба шумор

меравад ва низоми ташкили баҳисобгирии муҳосибиро дар муассисаҳои буҷетӣ таъмин менамояд. Дар шароити иқтисоди бозарӣ мақсаднок истифодабарӣ ва азхудкунии маблағҳои буҷетӣ дар муасисаҳои буҷетӣ ба самаранокии фаъолияти онҳо сабаб шуда, имконият медиҳад, ки ҳисоббаробаркуниро бо мақомоти молия, андози маҳаллӣ, мақомотҳои молтаъминкунанда, пудратчиён ва ғайра дуруст бароҳ монанд.

1.Дар рафти омӯзиши масъала маълум гардид, ки ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои маориф хусусиятҳои хоси худро дошта аз баҳисобгирии муҳосибӣ дар дигар корхонаҳои хоҷагии халқ фарқ мекунад, аммо истифодабарии ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, принсипҳои баҳисобгирии муҳосибии қабулшуда ва қоидаҳои баҳисобгирии амволи муассиса, воситаҳои гардишӣ, воситаҳои пулӣ ва дигар уҳдадориҳо дар ҳамаи муассисаҳои хоҷагии халқ як хел мебошад.

2. Муассисаҳои буҷетӣ аз ҷумла маориф ҳисоботҳои худро бояд мувофиқи шаклҳои муайян ва дастурҳо оид ба пур кардани онҳо, ки тартиби онро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст тартиб диҳанд. Ҳисоботи муассисаҳои маориф бояд таркиби амвол ва ҳисоботи сарчашмаҳои ташкилёбии онҳоро пурра ифода ва дар бар гирад.

3.Баҳисобгирии муҳосибии иҷроиши сметаи даромад ва хароҷоти воситаҳои буҷетӣ ва воситаҳои ғайрибуҷетӣ мувофиқи Нақшаи ҳисобҳои дар Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ, амалӣ карда мешавад. Барои воситаҳои буҷетӣ тавозуни алоҳида бо нишондоди воситаҳо ва таврзуни алоҳида барои воситаҳои аз сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ дохилгардида бояд тартиб дода шавад.

**Адабиёт**


1. ШарифовЗ.Р., Исмонов Ф.Б. Дастур оид ба бурдани "Ҳисобгирии бухгалтерӣ дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" Душанбе, 2007 с;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, № 702;
3. Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2000-ум, № 157;
4. Дастурамал оиди бурдани ҳисобдории бухгалтерӣ дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2011с;
5. Дастурамал оид ба Гурӯҳбандии даромад ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастурамалҳои истифодабарии онҳо. Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 173 аз 26 январи соли 2015.


## ЗАМИНАҲОИ ТАШКИЛИ АУДИТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ ОН ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оев А.Д. - ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи ДДМИТ**

Аудити бонкӣ яке аз намудҳои соҳавии аудит буда, мақсади он - муайян кардани дурустӣ, пуррагӣ ва эътимоднокии ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ бо қонунгузории амалкунанда, инчунин, баҳодиҳии касбии иттилооти иқтисодӣ, содагардонии қарорҳои иқтисодӣ ва молиявӣ, бартарафкунии хавфҳои эҳтимолӣ мебошад.

Чуноне маълум аст, фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Қонун "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ" ба танзим оварда мешавад. Дар бахши бонкӣ муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» нисбат ба ташкилотҳои аудиторие, ки аудити ташкилотҳои қарзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронанд, бо назардошти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" татбиқ мегардад. Дигар ҷиҳатҳои фарқкунандаи аудити бахши бонкии мамлакат дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” шарҳу тавсиф ёфтааст. Талаботи аудити бонкӣ барои ташкилоти қарзии исломӣ дар умум мувофиқат менамояд бо талаботи аудити бонкии дигар ташкилотҳои қарзӣ. Танҳо ташкилотҳои аудиторие, ки дорои иҷозатномаи дахлдор, тахассус ва таҷрибаи кофии аудити ташкилоти қарзии исломӣ мебошанд, метавонад аудити онро гузаронанд.

Чуноне олимони ватанӣ иброз менамоянд, инкишофи бошиддати аудит ба солҳои 2003-2006 рост моянд ва қабули якчанд санадҳои ҳуқуқи, ки аудити ҳатмии фаъолияти субъектҳои иқтисодиро аз рӯи меъёрҳои муайян дар назар дошт, сабаби такони дигар дар инкишофи босуръати аудит шуд [2, с.21-23]. Бо назардошти он ки дар ин давра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори зиёди бонкҳои тиҷоратӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, биржаҳо ва дигар ташкилотҳо фаъолият мекарданд ва аз рӯи хусусияти фаъолияти худ бояд ҳамасола аз аудити ҳатмӣ мегузаштанд. Аз ин лиҳоз, қайд кардан ба маврид аст, ташкилотҳои қарзии молиявӣ маҳз такондиҳанда ва истифодабарандаи асосии хизматрасониҳои аудиторӣ дар кишвар мебошанд.

Хусусиятҳои гузаронидани аудити бонкиро мувофиқи санадҳои меъёрии соҳавӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” чунин хусусиятҳои аудити бонкӣ дар он дарҷ ёфтаанд [4]:

1. Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ бояд Кумитаи аудит таъсис диҳад;
2. Аъзои кумита ва Раиси он аз ҷониби Шӯрои нозирон ба муҳлати 4 сол интихоб карда мешаванд;
3. Раиси Шурои нозирон, Раиси ташкилоти қарзӣ ё аъзои Раёсати ташкилоти қарзӣ аъзои Кумитаи аудит буда наметавонанд;
4. Кумитаи аудит дар назди Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ амал карда, дорои ваколату уҳдадориҳои зерин мебошад:

- баррасии сиёсати ташкилоти қарзӣ дар самти аудити дохилӣ ва ҳисоботи молиявӣ;
- назорати таъмини пурра, дақиқ ва саҳеҳи ҳисобдорӣ, ҳисоботи молиявӣ ва ҳисоботи молиявии маҷмуии ташкилоти қарзӣ;
- баррасӣ ва тавсияи қабули нақшаи солонаи аудит, қоидаҳои ҳисобдорию назорати онҳо ва идоракунии хавфҳо дар ташкилоти қарзӣ;
- додани тавсияҳо дар барои таъини аудитори берунии ташкилоти қарзӣ, мутобиқи талаботи муқарраршуда;
- баррасии ҳисоботи аудитори берунӣ оид ба ҳисоботи молиявии ташкилоти қарзӣ ва ба Шӯрои нозирон хабар додани ҳар гуна камбудиҳои ошкоршуда то аз ҷониби он маъқул донистани ҳисоботи молиявӣ;
- додани тавсия ба Шӯрои нозирон оид ба сохтори аудити дохилӣ, номзадии сараудитори дохилӣ ва подошпулии ӯ;
- талаб кардани ҳисобот аз сараудитори дохилии ташкилоти қарзӣ;
- баррасии ҳисоботи аудити дохилӣ ва назорати аз тарафи мақоми иҷроия сари вақт бартараф гардидани камбудиҳои низоми назорати дохилӣ, инчунин, дигар камбудиҳое, ки аз ҷониби аудиторон ва воҳидҳои назораткунанда ошкор шудаанд;
- назорати мутобиқати фаъолияти ташкилоти қарзӣ ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешниҳоди маълумот ба Шӯрои нозирон;
- баррасии ҳисоботи ташкилоти қарзӣ, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд БМТ) пешниҳод мешавад;
- гузориш оид ба ҳар гуна масъалаҳое, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон дар назди Кумитаи аудит гузошта шудаанд;
- ҳар семоҳа пешниҳод намудани ҳисобот ба Шӯрои нозирон оид ба фаъолияти Кумитаи аудит, инчунин, пешниҳоди тавсияҳо оид ба масъалаҳое, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон дар назди Кумитаи аудит дар доираи ваколати он гузошта шудааст;

- ҳар сол на камтар аз як маротиба пешниҳод намудани ҳисобот дар маҷлиси умумии саҳмиядорон (иштирокчиён) оид ба фаъолияти худ;

**5.** Дар ташкилоти қарзӣ сохтори аудити дохилӣ амал менамояд, ки ба он сараудитори дохилӣ роҳбарӣ менамояд.

Субъектҳои асосии гузаронидани аудити дохилӣ дар бонки тиҷоратӣ инҳоянд:

- шурои Нозирон;
- раиси Раёсат;
- ХАД;
- воҳидҳои сохтории бонк;
- филиалҳои бонк.

Дар ҳар як бонк ин субъектҳо бо роҳҳои гуногун ба ҳам пайвастанд, аз ин рӯ, натиҷаи аудит низ ба таври гуногун ба даст оварда мешавад. Ҳамин тариқ, масалан, муносибатҳои субъектҳо метавонанд чунин бошанд: 1) муносибатҳои доимии шурои нозирон ва раёсати бонк; 2) муносибати байни воҳидҳои сохторӣ ва хадамоти аудити дохилӣ; 3) муносибати бевоситаи байни шурои нозирон ва хадамоти аудити дохилӣ.




***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

***Расми 1. Муносибати байни субъектҳо ҳангоми ташкили аудити дохилӣ дар ташкилоти қарзӣ***

Дар расм нақшаи муносибатҳои субъектҳо нишон дода шудааст, ки имкон медиҳад як қатор масъалаҳоро ҳангоми ташкили аудити дохилӣ дар бонк ҳал кард.

Ташкилоти қарзӣ наметавонад пайдарпай як ташкилоти аудиториро ба муҳлати зиёда аз се сол аудитор таъин намояд. Мутобиқи стандартҳои байналмилалии аудит ташкилоти аудиторӣ аудити ташкилоти қарзиро дар асоси назорати маҷмуӣ анҷом медиҳад.

Ташкилоти қарзӣ дар муҳлати на дертар аз 30 рӯзи баъди дастрасии хулосаи аудиторӣ ва тавсияномаи ташкилоти аудиторӣ нусхаи онҳоро ба БМТ ирсол менамояд. Ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст, ки бо дарназардошти хулосаи аудиторӣ ҳисоботи молиявии ислоҳшударо ба БМТ пешниҳод намояд. БМТ метавонад аз ташкилоти аудиторӣ маълумоти иловагиро вобаста ба хулосаи он талаб намояд. Пешниҳод кардани хулосаи аудитории носаҳеҳ ва ё муносибати ғаразноки ташкилоти аудиторӣ бо ташкилоти қарзӣ сабаби хориҷ кардани ташкилоти аудиторӣ аз рӯйхати БМТ мегардад.

Ташкилоти аудиторӣ риояи талаботи махфияти касбӣ ва сирри бонкиро дар ташкилоти қарзӣ арзёбӣ мекунад. Барои пешниҳод намудани маълумоти дорои сирри бонкӣ ба БМТ ҷавобгар намебошад.

Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аудити фаъолияти молиявию хоҷагидории ташкилотҳои қарзии давлатиро мегузаронад. Аудити ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла ташкилотҳои қарзии давлатӣ аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми хизматрасонии маблағҳои буҷети давлатӣ, фондҳои давлатӣ ва қарзи давлатӣ гузаронида мешавад.

Талаботи аудити бонкӣ барои БМТ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" чунин аст.

Вобаста ба аудити беруна чунин хусусиятҳо ҷой дорад:

- аудитори берунаи БМТ-ро бо тавсияи кумитаи аудит таъин мекунанд;
- ба ҳисоботи солонаи БМТ бояд хулосаи аудиторӣ дода шавад. Аудити берунии БМТ мутобиқи стандартҳои байналмилалии аудит гузаронида мешавад;
- БМТ бо ширкати эътирофшудаи аудиторӣ, ки ғолиби озмун гардидааст, қарордод мебандад ва ҳисоботу иттилооти барои гузаронидани аудит заруриро пешниҳод мекунад;
- қарордод дар бораи гузаронидани аудит бояд ҳаҷми иттилооти ба ширкати аудиторӣ пешниҳодшаванда, инчунин масъулияти онро барои ба шахсони сеюм додани иттилооти гирифташуда пешбинӣ кунад;
- як ширкати аудиторӣ наметавонад пайваста бештар аз панҷ сол аудити БМТ -ро гузаронад;
- муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» нисбат ба ширкатҳои аудитории хориҷие, ки аудити БМТ -ро мегузаронанд, татбиқ намегардад;
- БМТ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаи аудиториро пешниҳод менамояд. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкати дигари аудиториро барои гузаронидани аудити берунии БМТ дар сурати норозӣ будан аз натиҷаи аудити беруние, ки дар БМТ гузаронида шудааст, муайян мекунад;
- аудити БМТ оид ба фаъолияти хоҷагидорӣ, хизматрасонии буҷети ҷумҳуриявӣ, гардиши маблағҳои буҷетӣ ва қарзи давлатиро Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронад;

Талабот вобаста ба аудити дохилӣ чунин аст.

Аудити дохилии БМТ аз ҷониби Департаменти аудити дохилӣ амалӣ гардонда мешавад. Ба Департаменти аудити дохилӣ сараудитори БМТ, ки ӯро раиси БМТ бо розигии Раёсат ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд, роҳбарӣ мекунад. Сараудитор ба муҳлати панҷ сол таъин гардида, метавонад ба ин вазифа боз аз нав таъин шавад. Сараудитор бояд шахси дорои таҷрибаи кофии касбӣ дар соҳаи ҳисобдорӣ ва аудити бонкӣ бошад. Сараудитор аз вазифа тибқи асосҳое, ки барои аз вазифа озод кардани аъзои Раёсат пешбинӣ шудаанд, озод карда мешавад.

Раёсат бо мақсади огоҳии сариваҷтӣ аз вазъи молиявии БМТ, баҳодиҳии низоми назорати дохилӣ ва идорасозии хавфҳо, таҳлили кори аудити дохилӣ ва берунӣ, инчунин, пешниҳоди тавсияҳо доир ба масъалаҳои баррасишаванда кумитаи аудитро таъсис дода, тартиби фаъолияти онро муайян менамояд. Кумитаи аудит аз се нафар аъзои Раёсат иборат буда, аксари онҳо, аз ҷумла раиси он аз ҳисоби аъзои мустақили Раёсат интихоб мегардад.

Дар аудити дохилӣ санади дохилибонкӣ, ки фаъолияти хадамоти аудити дохилиро ба танзим меорад, ин Низомномаи аудити дохила ба ҳисоб меравад, ки дар шароити имрӯза такмил додани он яке аз ҳадафҳои ҷойдошта дар БМТ қарор дорад. Чунин мушкилотро метавон дар ин самт қайд намуд:

- мавҷуд будани эҳтиёҷ ба санадҳои меъёрӣ аз рӯи самтҳои гуногуни фаъолият, ки мутобиқи меъёрҳои касбӣ бошанд;

- мавҷуд набудани аудиторони дорои сертификатҳои касбӣ.

Механизмҳои ҳалли он метавонад инҳо бошад:

- омӯзиш ва татбиқи меъёрҳои байналмилалии касбии аудити дохилӣ;
- ҳамкорӣ бо бонкҳои марказии кишварҳои ИДМ дар доираи Шурои машваратӣ оид ба фаъолияти аудитории бонкҳои марказӣ (миллӣ);
- таҳия намудани санадҳои меъёрии нав ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии амалкунанда;
- ташкил намудани курсҳо ва дигар чорабиниҳои таълимӣ, иштирок дар семинару коромӯзиҳо;
- мубодилаи таҷриба дар доираи Шӯрои машваратӣ оид ба фаъолияти аудитории бонкҳои марказӣ (миллӣ);
- дар асоси меъёрҳои байналмилалии аудит бо ҷалби мушовири берунӣ гузаронидани баҳогузории фаъолияти Департаментӣ аудити дохилӣ.

**Адабиёт**


1. В.А. Ветрова. Проблемы банковского аудита. Ветрова В.А., Скрипкин В.И.// Аудит и финансовый анализ 1’2001
2. Низомов С.Ф. Аудит ва ибрози эътимод. / С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев, М.В. Калемуллоев, С.Х. Раҳимов. [матн]: китоби дарсӣ/ зери таҳрири умумии М. Шобеков ва А.А. Мирзоалиев; Душанбе: Нашриёти ҶДММ “Мега - принт”, 2020. 364с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” ш.Душанбе, 22 июли соли 2013, №993
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ш.Душанбе, 19 майи соли 2009, №524
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ш.Душанбе, 28 июни соли 2011, №722.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” ш. Душанбе, 26 июли соли 2014, №1108.


---

## СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ ВА МАВҚЕЪИ ОН ДАР КОРХОНАҲО


**Давлатмамадова А.Б.** - ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ
**Ниёзов Қ.Б.** - магистранти ихтисоси баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ


Мутобиқи моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ таъиноти сиёсати ҳисобдорӣ чунин шарҳ дода шудааст. Сиёсати баҳисобгирӣ принсипҳои мушаххас, низомнома, қоидаҳо ва таҷрибаи андӯхтаи ташкилотҳоро ҷиҳати баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои байналмилалӣ, миллӣ ва нақшаҳои ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба талабот ва хусусиятҳои фаъолияташон дар бар мегирад.

Сиёсати баҳисобгирӣ дар ташкилот ба таври мунтазам ҳар сол татбиқ карда мешавад. Сиёсати баҳисобгирӣ метавонад дар ҳолатҳои тағйир ёфтани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои меъёрии мақомоте, ки баҳисобгирии муҳосибиро ба танзим медароранд, аз ҷониби ташкилот таҳия гардидани тартиби нави баҳисобгирии муҳосибӣ ё дар ҳолати куллан тағйир ёфтани шароити фаъолияти онҳо тағйир ёбад.

Истифодабарии маъмули мафҳуми «Сиёсати баҳисобгирӣ» пас аз қабул ва ҷоринамоии меъёрҳои миллӣ доир ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва «Сиёсати баҳисобгирии ташкилот», ки мувофиқи СБҲМ - 8 “Сиёсати ҳисобдори” аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфтааст. Меъёрҳои мазкур таърифи сиёсати баҳисобгирӣ, қоидаҳои асосии таҳия, қабул ва кушодадиҳии онҳоро муайян менамояд.

Дар мувофиқат бо меъёри дар зери мафҳуми сиёсати баҳисобгирӣ маҷмӯи усулҳои бароҳмонӣ ё бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ: назорати пешакӣ; ченкунии арзишӣ; гурӯҳбандии ҷорӣ ва ҷамъбасткунии натиҷавии (ниҳоии) амалиётҳои хоҷагидорӣ, ки аз ҷониби ташкилот қабул гардидаанд, фаҳмида мешавад.

Ба усулҳои бароҳмонии баҳисобгирии муҳосибӣ усулҳои гурӯҳбандӣ ва баҳодиҳии фаъолияти хоҷагидорӣ, муайянкунии арзиши дороиҳо, ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо, баруйхатгирӣ, усулҳои истифодабарии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, низоми истифодабарии сабткунакҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, коркарди маълумот ва дигар тарзу усулҳо тааллуқ доранд.

Филиалҳо ва дигар намояндагиҳои ташкилотҳои хориҷӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, метавонанд сиёсати ҳисобдории худро мувофиқи қоидаҳои мамалакатҳое, ки ташкилоти хориҷӣ дар он ҷойгир аст, таҳия намоянд, агар қоидаҳои дар ин мамлакат мавҷудбуда ба меъёрҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ мухолифат нанамоянд. Таҳияи сиёсати баҳисобгирии ташкилот ба зимаи сармуҳосиби он вогузор гардидааст. Сиёсати баҳисобгирии ташкилотро роҳбари ташкилот тасдиқ менамояд.

Ҳар як корхона пеш аз сар задании фаъолияти худ бояд сиёсати ҳисобдориро таҳия намояд. Онро мувофиқи санадҳои меъёри дуруст тартиб додан лозим аст, чунки оянда тамоми рафти фаъолияти муҳосибии муассиса дар он асос ва равнақ меебад.

Ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ бояд якчанд фарзияҳо дар мадди назар гирифта шаванд:

1) Мухторияти молу мулкии ташкилот, яъне молу мулк ва ӯҳдадориҳои ташкилот аз молу мулк ва ӯҳдадориҳои моликон, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар алоҳидагӣ вуҷуд доранд;

2) Муттасилии фаъолияти ташкилот, яъне ташкилот дарояндаи пешбиншуда фаъолияти худро давом медиҳад ва дарояндаи наздик зарурияти барҳамхӯрӣ ё ба андозаи назаррас кам кардани фаъолият вуҷуд надорад;

3) Пайдарпайӣ, мунтазам истифодабарии сиёсати ҳисобдорӣ, яъне сиёсати ҳисобдории дар ташкилот қабулгардида дар соли ҳисоботӣ мавриди истифода қарор мегирад;

4) Муайянкунии лаҳзаи воқеаҳои ҳаёти хоҷагӣ, яъне зуҳуроти фаъолияти хоҷагидории ташкилот ба он давраи ҳисоботие тааллуқ доранд, ки дар он давра ба вуҷуд омадаанд, новобаста аз дохилшавӣ ё пардохти воситаҳои пулии бо ин зуҳурот алоқаманд.

Корхона бояд усулхои қабулшудаи бурдани баҳисобгирии муҳосибиро, ки ҳангоми ташкили сиёсати хисобдорӣ қабул кардааст, кушоиш намояд. Чунки бе донистани онҳо истифодабарандагон наметавонанд ҳолати молиявии корхонаро баҳодиҳии дуруст намоянд. Таркиб ва мазмуни ахбороти кушоиш шуда бояд, дар баъзе ҳолатҳо махсус бо баҳисобгирии муҳосибӣ Вазорати молия тасдик гардонда шавад. Ҳамаи тағиротҳои ва иловаҳои воридшуда бояд дар ин маълумотнома кушоиш шаванд. Ба ахборотҳои ҳатмие, ки оиди сиёсати ҳисодорӣ кушоиш мешаванд дохил мешаванд:

1. Намудҳои истеҳлоки воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва дигар дороиҳо;
2. Усулҳои баҳодиҳии захираҳои истеҳсолӣ, истеҳсолоти нотамомо ва маҳсулоти тайер;
3. Усулҳои баҳисобгирии фоида аз фуруш, молҳо, ко рва хизматрасонӣ;
4. Нишондоди оиди ҳодисаҳое, ки метавонанд ба муфлисшавӣ қатъи фаъолияти корхона оранд.

Дар маълумотномаи, ки дар ҳисоботи муҳосибии солона замима мешавад ҳатман тағиротҳои сиёсати ҳисобдорӣ пешакӣ эълон карда мешаванд:

-тағйирёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-торкарди усулҳои нави ҳисобдории муҳосибӣ;

-тағйирёбии куллии шартҳои хоҷагидорӣ, ки ба онҳо дохил шуда метавонад тағири намуди фаъолияти корхона.

Аз рӯи қоида тағйирёбии сиёсати муҳосибӣ аз аввали соли ҳисоботии оянда дохил карда мешавад. Ҳангоми тағир додани сиёсати ҳисобдорӣ зарур аст, ки таъсири баҳодиҳии пулӣ, ки ҳангоми ин тағирот ба амал меояд ё ба вазъи молияви сиёсати ҳисобдори таъсир мерасонад , натиҷаҳои молиявӣ, фаъолияти вай ва ҳаракати воситаҳои пулӣ муаян карда шаванд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу омӯзиши масъалаҳои назариявии сиёсати ҳисобдорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои дуруст тартибдиҳӣ ва ба роҳ мондани сиёсати ҳисобдории корхона ба эътибор гирифтани чунин нуқтаҳо зарур мебошанд:

1. Пуррагӣ, яъне сиёсати баҳисобгирии дар ташкилот қабулшаванда бояд инъикоси пурраи ҳамаи амалиётҳои фаъолияти хоҷагидориро дар баҳисобгирии муҳосибӣ таъмин намояд;

2. Саривақтӣ будан, яъне сиёсати баҳисобгирӣ бояд инъикоси саривақтии ҳодисаҳои ҳаёти хоҷагидориро дар ҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот таъмин намояд;

3. Мулоҳизакорӣ, яъне сиёсати баҳисобгирӣ бояд омодагии пурраро дар ҳисобгирии талафот (хароҷот) ва ӯҳдадориҳо нисбат ба даромадҳо ва дороиҳои имкониятдошта (ба ташкилкунии захираҳои ниҳонӣ) таъмин намояд;

4. Бартарияти мундариҷа бар шакл, яъне сиёсати баҳисобгирӣ бояд инъикоси ҳодисаҳои ҳаёти хоҷагидориро дар ҳисобгирии муҳосибӣ на танҳо дар заминаи шакли ҳуқуқӣ, балки инчунин аз рӯи мазмуну мундариҷаи иқтисодии онҳо ва шароити хоҷагидорӣ таъмин намояд;

5. Номухолифатӣ, яъне сиёсати баҳисобгирӣ бояд айният ва якхелагии маълумоти баҳисобгирии таҳлилиро бо бақияҳои ҳисобҳои баҳисобгирии таркибӣ дар санаи 1 – уми давраи ҳисоботӣ, инчунин нишондиҳандаҳои ҳисоботи муҳосибиро бо маълумотҳои баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилӣ таъмин намояд;

6. Сарфакорӣ, яъне сиёсати баҳисобгирӣ бояд вобаста ба шароити хоҷагидорӣ ва ҳаҷми ташкилот бароҳмонии ба мақсад мувофиқ ва сарфакоронаи баҳисобгирии муҳосибиро таъмин намояд.

**Адабиёт:**


1. Дастурамал оид ба таҳияи намунаи шаклҳои ҳисоботи молиявӣ тибқи Стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ аз 27 майи соли 2012 №42;

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, № 702;

3. Баҳисобгирии молиявӣ: дастури таълимӣ. Коллективи муаллифон, ИҶБАК ҶТ, Душанбе, «Контраст», 2011 – 315с;

4. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41 МСФО (IFRS) 1 по МСФО (IFRS) 7 -Душанбе, Минфин РТ, 2009 -323;

5. Шарифов З.Р. Бобомуродов П.Х. Моделҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, Душанбе, «ИРФОН»- 2015, 256 Саҳ;

6. Сомонаи расмии вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;


## РУШДИ НИЗОМИ МОЛИЯВИ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛИ

**Давлатова Н.И. - омӯзгори кафедраи таҳлили иқтисодии ДДМИТ**

Таҷрибаи таърихии кишварҳои саноатӣ ва таҷрибаи кишварҳои рӯ ба тараққӣ имрӯз ба дарси муҳими дигар ишора менамоянд, ки ҷаҳони имрӯзаро бе рақамикунонии иқтисодиёт тасавур кардан ғари имкон мебошад. Молияи ҷамъиятии солим ва асъори устувор муайянкунанда (омил)-и асосии рушди институтҳои молиявии хусусӣ мебошанд [3 с 4 ].

Яке аз вазифаҳои муҳими низомҳои – ин интиқоли хавф ба онҳое, ки ба он тобоваранд. Шартномаҳои молиявӣ метавонанд ба муттаҳидсозӣ ва диверсификатсияи хавфҳо мусоидат кунанд. Муҳаққиқони ин масъала дар чунин хулосаанд, ки рушди молиявӣ ба коҳиши ноустувории маҷмӯии иқтисодӣ майл дорад [5 с 112]. Ин як механизми муҳими суғуртакунӣ барои қишри камбизоати аҳолӣ маҳсуб меёбад, зеро таконҳои иқтисодӣ боиси афзоиши шумораи камбизоатон мегардад. Аммо, дар ҳоле ки низомҳои молиявӣ ҳамзамон дорои қобилияти коҳиш додани хавфҳо мебошанд, дар ҳолати мавҷуд набудани дастгирии институтсионалие, ки ҳавасмандии оқилонаи барканорсозии хавфро фароҳам меоранд, рушди молиявӣ метавонад боиси, на ин ки коҳиш, балки афзоиш хавф гардад [6 с 21].

Бозорҳои молиявӣ барои коҳиш додани хароҷоти иттилоотӣ дар ҳамгироии ҳам раванди қарздиҳӣ ва ҳам баамалбарории трансаксияҳо ба миён меоянд. Онҳо хадамоти пардохтиеро пешниҳод мекунанд, ки мубодилаи молҳо ва хизматрасониҳоро осон намуда, ба сафарбаркунии пасандозҳо ва тақсимоти қарзҳо мусоидат мекунанд ва қарзгиронро назорат мекунанд. Тавассути арзёбии сармоягузориҳои алтернативӣ ва назорати амали қарзгирандагон, миёнаравони молиявӣ мушкилоти иттилоотиро бартараф намуда, самаранокии истифодаи захираҳоро афзун менамоянд. [1 с 34 ]

Дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда ба ташкилотҳои молиявӣ бонкҳо, ширкатҳои суғурта, фондҳои нафақа, нақшаҳои гуногуни сармоягузорӣ (фондҳои муштарак), нақшаҳои ҳатмии пасандозӣ, бонкҳои амонатӣ, иттифоқҳои қарзӣ ва бозорҳои коғазҳои қиматнок дохил мешаванд. Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ бошад, навъи қарздиҳии инфиродии дорои механизми энфорсмент, ки аз рӯи эътибори маҳаллӣ ва меъёрҳои гурӯҳӣ асос ёфтааст, нақши муҳим мебозад. Дар ин робита, масъалаи омӯзиши таъсири қарздиҳии дарозмуддати бонкӣ ба рушди иқтисодӣ ва дастгирии институтсионалии фаъолияти миёнаравҳои молиявӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Ба шумораи омилҳои муҳимтарини рушди устувори иқтисодӣ мансуб дониста мешаванд: маблағгузорӣ дар баробари эҷоди технологияҳои нав, баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолӣ ва шомилсозӣ ба низоми тақсимоти байналмилалии меҳнат. Ҳангоми таҳлили равандҳои сармоягузорӣ дар мадди аввал мушкилоти маблағгузории сармоягузориҳо қарор мегиранд. Ба сифати мисол, метавон моделҳои паҳншудаи рушди иқтисодии аз ҷониби Солоу-Суон ва Ромер пешниҳодшударо ёдовар шуд [8 с 47]. Таърихан шаклҳои муайяни маблағгузории сармоягузорӣ ташаккул ёфтаанд.

Дар ҳолати дигар, корхона қисми муҳимтарини маблағҳои қарзии худро тавассути дар бозори кушода ҷойгир намудани вомбаргҳо ба даст меорад, ки дар ин сифат низоми рушдёфтаи миёнаравони молиявии (ширкатҳои суғурта, фондҳои нафақа, кассаҳои амонатӣ ва ғ.) барои ӯҳдадориҳои дарозмуддат пешниҳодкунандаи талаботҳои азимро (market-based system) метавон тасаввур намуд. Дар ИМА ба ҷойгиркунии вомбаргҳо тақрибан 60% тамоми захираҳои қарзӣ, ки аз ҷониби корпоратсияҳои ғайримолиявӣ дар давоми солҳои 1970-1994 ҷалб гирдидаанд, рост меояд. Дар Канада он зиёда аз се як ҳиссаро ҳам гузаштааст ва дар он ҷойҳое, ки ширкатҳои саноатӣ бо бонкҳои азим алоқамандандии зич доранд, қисми асосии воситаҳои қарзӣ ба қарзҳои бонкӣ (bank-based system) рост меояд. Ҳамин тариқ, дар Ҷопон аз 3/4 ҳиссаи тамоми воситаҳои қарзӣ, ки аз ҷониби корпоратсияҳои ғайримолиявӣ дар давраи солҳои 1970-1994 ҷалб гардидаанд, ба қарзҳои бонкӣ мансубанд; дар Олмон бошад, ин ҳисса аз нисф гузаштааст.

Дар асоси натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда муайян карда шуд, ки вақте ки мо аз кишварҳои дорои ММД-и ба ҳар сари аҳолӣ нисбатан камдошта ба кишварҳои дорои ММД-и ба ҳар сари аҳолӣ баланд мегузарем, индекси консентратсияи бонкӣ (ҳиссаи

дороиҳои се бонки нисбатан калонтарин дар ҳаҷми умумии дороиҳои бахши бонкӣ) тамоюли пастшавиро дарбар мегирад. Кишварҳои дорои низоми молиявии суструшдкарда ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои бештарро дар самти амалиёти бонкӣ пеша кардаанд; дар байни сатҳи коррупсия ва низоми сусти молиявӣ муносибати қавии мусбӣ арзи вуҷуд дорад; дар кишварҳое, ки ММД ба ҳар сари аҳолӣ баландтар аст, бозорҳои саҳомӣ нисбат ба бонкҳо самараноктаранд, яъне бо андозаи афзоиши ММД ба ҳар сари аҳолӣ, низомҳои иқтисодӣ низ тамоюли бозории худро тақвият медиҳанд.

С.Тадессе [1 с 41] муносибати меъмории низоми молиявии иқтисодиёт (дараҷаи тамоюли ба бозор нигаронидашудаи он) ва маҳсулнокии иқтисодии бахши воқеиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Исбот шудааст, ки самаранокии нисбии низоми молиявии бонкӣ дар қиёс бо бозорӣ аз қувваи фазои шартномавӣ ва сатҳи мушкилоти агентӣ дар иқтисодиёт вобаста аст. Тавре аз ҳисобҳо ба назар мерасад, тамоюлҳои охирини сиёсати рушди молиявиро, ки бидуни баҳс архитектураи бозории низомҳои молиявиро ба иқтисодҳои дар ҳоли рушд ва дар ҳоли гузариш номуайян нишон медиҳанд, номувофиқ ҳисобидан мумкин аст, зеро архитектураи муносиби молиявӣ метавонад манбаи арзиш бошад.

В.Дементьев [11 с 71 ] консепсияи рушди иқтисоди миллиро дар асоси моделҳои ба бозор нигаронидашуда ва ба бонк нигаронидашудаи иқтисоди бозорӣ таҳқиқ намудааст. Таҳлили гузаронидашуда набудани алоқаи байни онҳоро бо марҳилаҳои рушди даврии технологияҳо, ба марҳилаҳои "мавҷҳои дароз" -и рушди иқтисодӣ ва инчунин қайди нокифояи хусусиятҳои пешрафти пайгиранда ва пешсаф, нишон медиҳад. Муқоисаи низомҳои ба бонк нигаронидашуда ва ба бозор нигаронидашуда маҳз барои марҳилаҳои пайдоиш ва болоравии босуръати "мавҷи дароз" -и рушди техникию иқтисодӣ таваҷҷӯҳи бештарро касб намудаанд, ки аксаран маҳз ҳамин марҳилаҳо аз маблағгузории берунаи соҳа вобастагӣ доранд.

Ҳангоми таҳқиқи алоқаи байни низоми молиявӣ ва рушди саноат (ҳам дар маҷмӯъ ва ҳам дар бахшҳои алоҳидаи он) чунин масъалаҳо мавриди таҳлил қарор гирифтанд: тибқи кадом модел (ба бонк нигаронидашуда ё ба бозор нигаронидашуда) соҳаҳое, ки аз маблағгузории беруна ва эҳтимолияти ташаккули ширкатҳои нав вобастагии зиёд доранд, зудтар меафзоянд. Тадқиқотҳои гузаронидашуда таъсири сохтори низоми молиявиро ба суръати рушди соҳаҳои мазкур ошкор накардаанд ва нишон доданд, ки дар рушди иқтисодии соҳаи саноат на ин, ки бартарии бонкӣ ё ҷузъҳои бозор, балки сатҳи умумии рушди ҳамаҷонибаи низоми ҳуқуқӣ ва молиявӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба алоқамандии сатҳи рушди низоми молиявӣ ва рушди иқтисодӣ таҳия намудани як қатор муқаррароти асосиро имкон медиҳад:

- миқёс ва самаранокии низоми молиявӣ бо суръати рушди иқтисодӣ алоқамандии мусбӣ доранд;
- низоми молиявие, ки дар маҷмӯъ баррасӣ карда мешавад, омили рушди иқтисодӣ мебошад;
- тақсим намудани низоми молиявӣ ба бонкӣ ва ё бозорӣ ҳамеша мувофиқ нест;
- дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисод механизмҳои гуногуни афзоиш ҳукмфармост: дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ рушди иқтисодӣ аз ҳисоби ҷамъоварии сармоя ва дар кишварҳои пешрафта бошад - аз ҳисоби самаранокии омилҳои истеҳсолӣ ба амал меояд;
- хатҳои рушди иқтисодӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ бо бонкҳо ва дар кишварҳои пешрафта бо бозорҳо алоқаманданд.

Ба самаранокии ин ё он низом як қатор омилҳои институтсионалӣ таъсир мерасонанд. Чунончӣ, низомҳои ба бозор нигаронидашуда танҳо дар шароити таъмини ҳимояи ҳуқуқии қавии ҳуқуқи моликият ва қарордодҳо, ки фаъолияти самарабахши низоми судии дар кишварҳои дорои иқтисоди гузаранда мавҷуд набударо дарбар

мегиранд, бомуваффақият амал мекунанд. Дар шартномаҳо пешниҳоди ҳама ҷузъиёти марбут ба назорати пурраи амалиётҳо душвор аст, бинобар ин, агар дар кишварҳои дорои анъанаи ҳуқуқии маъмулӣ суд на ба ҳарфи шартнома, балки ба моҳияти он пайгирӣ кунад, пас дар кишварҳои бидуни чунин анъана маҳз бонкҳои қави дорои қобилияти ҳифзи муносибатҳои шартномавиро доранд. Бо роҳи маҷбур кардани муштариён ба ифшои маълумот ва пардохти қарз, онҳо ба рушди саноат мусоидат мекунанд. Пас ин маънои онро дорад, ки низомҳои ба бозор нигаронидашуда нисбат ба низомҳои ба бонк нигаронидашуда, аз нигоҳи тақсимоти сармоя ба манфиати ширкатҳои нави инноватсионӣ, метавонанд самаранокии камтар дошта бошанд.

Дар шароити фазои мавҷудаи институтсионалии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи афзалиятноки таҳқиқотӣ, дар қатори усулҳои дедуктивии сахти назарияҳои анъанавии молия, бояд усулҳои таҳлили институтсионалиеро дар бар гирад, ки дар он ба маълумоти таҷрибавӣ, аз ҷумлаи муайян намудани мушкилоти мушаххаси фаъолияти низоми молиявӣ ва асосноккунии тасодуфӣ набудани падидаҳои нави иқтисодию иҷтимоии иқтисодии рӯ ба тараққӣ, диққати махсус дода мешавад.

**Руйхати адабиёти истифодашуда**


1. Акрамова Х.А. Проблемы бюджетирования, учёта и контроля затрат и калькулирования в текстильной промышленности / Х.А. Акрамова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2016. - №2/1 (193). –С. 34-41.

2. Ачилова М.А. Бюджетная система Республики Таджикистан: состояние, проблемы и перспективы развития / М.А.Ачилова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. - 2017. - № 4 (73). -С.121-131.

3. Sylla R. Financial Systems and Economic Modernization: A New Historical Perspective. –New York University. Processed., 2000.

4. Шумпетер Й. Капитализм, социализм и демократия. –М.: Экономика, 1995.

5. King R., Levine R. Finance and Growth: Schumpeter Might Be Right // Quarterly Journal of Economics. –1993. – № 108. –P. 717-738.

6 . Easterly W., Islam R., Stiglitz J. Shaken and Stirred: Explaining Growth Volatility In Boris Pleskovic and Joseph Stiglitz (eds.) Annual Bank Conference on Development Economics, World Bank. – Washington, D.C. –2001.

7 . Denizer C., Iyigun M., Owen A. Finance and Macroeconomic Volatility.– Board of Governors of the Federal Reserve System, International Finance Discussion Paper № 670. June 2000.

8 . Beck T., Lundberg M., Majnoni G. Financial Development and Economic Volatility: Does Finance Dampen or Magnify Shocks? –World Bank. –2000.

9 . Barro R, Sala-i-Martin X. Economic Growth, McGraw-Hill, Inc., 1992.

10. Tadesse S. Financial Architecture and Economic Performance: International Evidence // William Davidson Working Paper №. 449. (October 2002). – http://ssrn. com/ abstract=307223.

11 . Дементьев В. Теория национальной экономики и мезо экономическая теория // Рос. экон. журнал. – 2002. – №4. – С. 71-82.


## УСУЛҲОИ АНДОЗАГИРИИ ОМОРИИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ВА ТАДБИҚИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

***Изатуллоев М.Н. - ассистенти кафедраи омори ДДМИТ***

Дар ҷомеъаи муосир ҳар як фард ҳамеша баҳри қонеъ намудани талаботҳои моддию маънавии худ саъю кӯшиш менамояд, ки сатҳи зиндагишро беҳтару хубтар намояд, дар ин росто инсоният ҳамон қадар худро хушбахт меҳисобанд. Ин аст, ки давлатҳо ҷаҳд мекунад то бо истифода аз роҳҳои гуногуни рушддиҳандаи иқтисодиёт сатҳи некӯаҳволии мардумонро боло баранд. Бинобар ин, яке аз роҳҳои асосии комёб гардидан дар ҳалли мақсадҳои муҳими давлатӣ ин ташкили шароити мусоид барои

ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки яке аз шароитҳои зарурии рушди иқтисодиёти давлат ва корхона ҷалби сармоягузориҳо ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин лиҳоз, дар шароити имрӯза, раванди сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти давлатамон аҳамияти калон дорад. Зеро, ки давлати соҳибистиқлол вобаста аз дараҷаи тараққиёти иқтисодиёт ба сармоягузорӣ, хусусан ба сармояи хориҷӣ эҳтиёҷоти калон пайдо менамояд. Аз ин хотир, Тоҷикистон ҷидду ҷаҳд дорад, ки мушкилот ва муаммоҳои иқтисодию-иҷтимоӣ ва молиявии худро бо роҳи ворид ва ҳавасманд намудани сармоягузориҳои хориҷӣ ҳал намуда, аз ин ҳисоб соҳаҳои номукаммал рушдёфта ва инкишофнаёфтаи худро бо маблағ ва таҷҳизоти лозимаи муосир таъмин намояд.

Боиси қайд ва ёдоварист, ки таъмини рушди устувори иқтисодиёт, пеш аз ҳама, дар заминаи таъмин будан бо захираҳои молиявӣ баҳри дастгирӣ ва кумак расонидан ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои мамлакат роҳандозӣ меёбад. Дар ин замина сармоягузориҳо нақш ва аҳамияти калидиро мебозанд.

Сармоягузорӣ аз вожаи лотинии **«invest»** гирифта шудааст, ки он маънои «саҳм гузоштан»-ро дорад. Сармоягузорӣ мафҳуми ягонаи худро надорад. Дар луғати машҳури молиявӣ-сармоягузории Ҷ.Доунс ва Ҷ.Э.Гудман ибораи «сармоягузорӣ» ҳамчун «истифода бурдани сармоя бо мақсади соҳиб гардидани воситаҳои иловагӣ, ё ҳиссагузорӣ намудан ба корхонаҳои даромаднок, ё тавассути иштирок намудан дар лоиҳаи хавфноке, ки ба гирифтани фоида равона карда шудааст» маънидод гардидааст.

Дар замони муосир рушди иқтисодии мамлакат бо ҷалби сармоягузориҳо ба иқтисодиёти минтақаҳои алоҳида вазифаи калидӣ ба ҳисоб рафта ва ҳалли самараноки он тавассути баландбардории фаъолнокии сармоягузорӣ, ҷаззобияти сармоягузории минтақаи мушаххас барои сармоягузорони неруманд имконпазир мебошад.

Ҷалб намудани маблағҳои сармоягузоришаванда аз ҷониби институтҳои сармоягузорӣ тибқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2021-ум, 718,3 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 342,2 млн. доллари ИМА сармояҳои мустақим ва 376,1 млн. доллари ИМА дигар намуди сармояҳо мебошанд.

**Диаграммаи №1**
**Ҷалби сармояи хориҷӣ дар соли 2021**




Мавриди зикр аст, ки воридоти сармоягузории мустақим нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта сармояҳои мустақими хориҷӣ ба маблағи 179,7 млн, доллари ИМА (110,6%) ва дигар намуди сармояҳо ба маблағи 110,6 млн, доллари ИМА (41,7%) зиёд шудааст. Сармояи мустақим асосан ба саноати истихроҷ – 194,6 млн, доллари ИМА (56,9%), фаъолияти молиявӣ – 43,4 млн, доллари ИМА (12,7%), саноати коркард – 34,0 млн, доллари ИМА (9,9%), соҳаи сайёҳӣ – 28,5 млн, доллари ИМА (8,3%), соҳаи сохтмон – 8,1 млн, доллари ИМА (2,4%), соҳаи нақлиёт ва алоқа – 7,1 млн, доллари ИМА (2,1%) ва ғайра 26,5 млн, доллари ИМА (7,8%) равона карда шудаанд.

**Диаграммаи №2**

**Ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳо**




Дигар намуди сармояҳои хориҷӣ асосан ба соҳаи фаъолияти молиявӣ – 266,2 млн, доллари ИМА (70,8%), соҳаи сохтмон – 88,4 млн, доллари ИМА (23,5%), нақлиёт ва алоқа – 3,3 млн, доллари ИМА (0,9 %), соҳаи саноат – 0,6 млн, доллари ИМА (0,2 фоиз) ва дигар соҳаҳо – 17,5 млн, доллари ИМА (4,6%) равона карда шудаанд.

Дар соли 2021 сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз Ҷумҳурии Халқии Хитой – 211,4 млн, доллари ИМА (61,8%) (истихроҷ ва ғанигардонии маъданҳои сурб, руҳ ва калъагӣ, истихроҷи сангҳои табиии қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо (ба истисноИ алмос), истихроҷ ва ғанигардонии маъданҳои металлҳои қиматбаҳо ва камёб), Ҷумҳурии Исломии Эрон – 32,6 млн, доллари ИМА (9,5%) (дигар миёнаравии пулӣ, фаъолияти дигар нақлиёти заминии мусофирбар, ки ба дигар гурӯҳҳо дохил карда нашудаанд), Туркия – 25,2 млн, доллари ИМА (7,4%) (истеҳсоли нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, истеҳсоли обҳои минералӣ ва дигар обҳои зарфшуда, истеҳсоли мошинҳо ва таҷҳизоти таъйиноти умумӣ), Швейтсария – 21,6 млн, доллари ИМА (6,3%) (пешниҳоди хизматрасонии меҳмонхонаҳо, истихроҷ ва ғанигардонии маъданҳои металлҳои қиматбаҳо ва камёб), Фаронса – 19,8 млн. доллари амрикоӣ (5,8%) (савдои чакана дар мағозаҳои ғайримахсус, таҳияи лоиҳаҳои сохтмонӣ), Кипр – 10,7 млн, доллари ИМА (3,1%) (пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба дигар ҷойҳо барои истиқомат), Британияи Кабир – 6,7 млн, доллари ИМА (1,9%) фоиз (пешниҳоди (додани) қарз, дигар миёнаравии пулӣ), Люксембург – 3,8 млн, доллари ИМА (1,1%) (пешниҳоди (додани) қарз, дигар миёнаравии пулӣ) ва аз дигар давлатҳо – 10,4 млн, доллари ИМА (3%) ворид гардидааст.

Дар соли 2021 воридоти сармояи мустақими хориҷӣ бештар ба шаҳри Душанбе – 39,1% (133,9 млн, доллари ИМА), вилояти Суғд – 53,2% (182,0 млн. доллари ИМА), вилояти Хатлон – 5,1% (17,6 млн, доллари ИМА), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 1,1% (3,7 млн, доллари ИМА) ва ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад – 1,5% (5,0 млн, долл. ИМА) равона гардидааст.

Аз натиҷаи таҳлили вуруди сармоягузорӣ ва иштирокчиёни муҳими он дар кишвар ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагуна имкониятро барои устуворгардонии рушди иқтисодиёти давлат дар вазъи бухрони молиявии ҷаҳониро дорад, танҳо дар ин самт ба институтҳои давлатӣ зарур аст, ки маблағҳои ҷалбшудаи институтҳои мазкур самаранок истифода бурда шаванд.

**АДАБИЁТ**


1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузориҳо» аз 12.05.2007.

2.Изатулоев М.Н. Институтҳои сармоягузорӣ ва заминаҳои ташаккули сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Конфренсияи илми-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ бахшида ба 30-солагии

истиқлолияти Ҷ.Т., ва «Солҳои рушди деҳот, сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ» (2019-2021) (12-17 апрели соли 2021) саҳ 66-69

3.Изатулоев М.Н. Иқтидори сармоягузории минтақа омили муҳими таъмини рушди устувор // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2019/№9) ISSN 2413-5151.

4.Маҷмӯаи оморӣ : Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021

5.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» ш.Душанбе, 15 марти соли 2016, №1299.

6. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. - Душанбе. 2016 г.

## НАҚШ ВА МОҚОМИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР РУШДИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

***Абдулхайров Ф.М. – ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи ДДМИТ***

Аудити дохилӣ дар бонк фаъолияте мебошад, ки кафолат ва машварати новобаста ва объективиро барои такмил додани фаъолияти бонк пешниҳод менамояд. Аудити дохилӣ барои амалигардонии мақсадҳои гузошташуда бо истифода аз муносибати ба низом даровардашуда ва пайгиронаи баҳодиҳӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҷараёни идоракунии хавфҳо, назорат ва идоракунии корпоративӣ ёрӣ мерасонад [1].

Мақсади асосии аудит дар бонкҳои тиҷоратӣ муқаррар намудани воқеият, пуррагӣ ва эътимоднокии ҳисобот, мутобиқати он ба қонунгузории амалкунанда, инчунин, талаботи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мебошад.

Аудити бонкҳо бештар аз ҷониби ширкатҳои махсуси аудиторӣ гузаронида мешавад. Дар рафти санҷиш аудиторон ба ғайр аз вазифаи асосии худ тартиб додани акти аудиторӣ, инчунин, фаъолияти консалтингиро (оид ба хоҷагидорӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ, назорати дохилӣ, андозбандӣ ва дигар масъалаҳо) ба ҷо меоранд, ки ин қисми зиёди даромади худро ба онҳо меорад. Чунин ҳолат маъмул нест, ки бонк ё ташкилоти қарзӣ якбора бо якчанд аудитор ё ширкати аудиторӣ ҳамкорӣ кунад. Аудит дар системаи назорати нигоҳдории устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ нақши муҳим дорад. Дар айни замон аз сабаби нарасидани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи аудити бонкӣ диққати асосӣ бояд ба баланд бардоштани малакаи шахсоне дода шавад, ки аллакай дар курсҳои кӯтоҳмуддат таҷрибаи амалии аудит доранд. Хусусияти касби аудиторҳо омӯзиши фундаменталии назариявиро бо таҷрибаи бисёрҷониба ва хеле тӯлонии кори муваффақ дар бонкҳои тиҷоратӣ талаб мекунад [4].

Барои таъмини суботи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ на танҳо сатҳи баланди аудити бонкӣ, балки сифати аудити муассисон ва мизоҷони бонк, фондҳои сармоягузорӣ, биржаҳои фондӣ ва ширкатҳои суғурта аҳамияти калон дорад. Ҳамаи ин ва бисёр чизҳои дигар бояд ба беҳтар шудани аудити бонкӣ ва аз ин рӯ, устувории молиявии бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон ва устувории системаи бонкии кишвар дар маҷмӯъ мусоидат кунанд.

Ҳукумат бо мақсади баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ ва такмил додани механизми тақсими захираҳо барои эҷоди иқтисоди кушод, рақобатпазир ва бозаргонӣ рушди бонкҳои тиҷоратӣ тадбирҳо меандешад. Бонкҳое, ки қаблан ба таври ҷиддӣ танзим мешуданд, мустақилияти бештар пайдо карданд. Барои рушд ва пешрафт, бонкдорон бояд соҳибкоре гарданд, ки ба иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ ва мутобиқ бошанд. Ин бе пурзӯр намудани назорат аз болои сифати активҳои бонкӣ, даромад, тартиби баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ имконнопазир мегардад.

Аудити бонкӣ дар Тоҷикистон айни замон дар марҳилаи рушд ва ташаккул қарор дорад. Дар чунин вазъият пайдо кардани низоми аудити бонкӣ мавҷудияти мушкилот ва масъалаҳои ҳалношударо дар назар дорад. Ҳукумати кишвар аз вазъи низоми бонкии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии фаъолияти аудиторӣ, бахусус аудити бонкӣ чораҳои қатъӣ меандешад, ки бевосита ба вазъияти аудити банк вобаста аст.

Вазъияти имрӯзаи Тоҷикистон ба мо имкон медиҳад, ки бо итминон изҳор намоем, ки чунин консепсияи «аудити тоҷикӣ» ба вуҷуд омадааст ва барои такмили минбаъдаи низоми аудит, аз ҷумла аудити бонкӣ тамоми шароитҳо мавҷуданд. Касби аудитор бори аввал дар ҷамъиятҳои саҳомӣ вақте пайдо шуд, ки саҳмдорон, кредиторон ва мақомоти андоз маҷбур шуданд мутахассиси мустақили сеюмро ҷустуҷӯ кунанд, ки дар бораи вазъи молиявии бонк хулосаи холисона дода тавонад.

Аудити дохилии бонкҳои тиҷоратӣ воситаи бонкӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии бонк ва шаффофияти он мусоидат мекунад.




**Сохтори низоми назорати сифати идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ**
**Нақшаи 1.**
***Сарчашма:*** *аз ҳисоби муалифон муаллиф таҳия шудааст.*

Барои кумак ба бонкҳои тиҷоратӣ Бонки миллии Тоҷикистон рӯйхати саволҳоро барои ташкилотҳои қарзӣ оид ба арзёбии вазъи идоракунии корпоративӣ ва аудити дохилӣ таҳия кардааст. Ҳамин тариқ, бонкҳои тиҷоратӣ бояд тақсимоти ваколатҳои байни мақомоти идоракунӣ, ташкили фаъолияти шӯрои директорон (шӯрои нозирон), тасдиқи стратегияи рушди ташкилоти қарзӣ ва назорат аз болои иҷрои он,

ҳамоҳангсозии идоракунии хавфи бонкӣ, муносибат бо шахсони вобаста, ҳамоҳангсозии ифшои маълумот дар бораи ташкилоти қарзиро мустақилона арзёбӣ кунад ва мониторинги низоми назорати дохилӣ ва баъзе масъалаҳои дигарро низ арзёби намояд [3].

Акнун ба вазифаҳои хадамоти аудити дохилӣ назар меандозем. Нақши аудити дохилӣ дар идоракунӣ низ аксар вақт нодуруст фаҳмида мешавад. Хадамоти хуби аудити дохилӣ ба роҳбарият дар таҳияи стратегияи рушди ташкилот, тартиби татбиқи он кумак мерасонад ва инчунин механизми санҷиши татбиқи ин тартиботро фароҳам меорад. Аудити дохилӣ метавонад дар муайян кардани самтҳои такмили система бо мақсади беҳтар кардани фаъолияти бонк муфид бошад.

Аудит — тафтиш ва таҳлили мустақилонаи ҳисоботи молиявии корхонаҳо, бонкҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва дигар субъектҳои муносибатҳои бозориро ба танзим медарорад.

Аудити бонкӣ мисли аудити умумӣ ба берунӣ ва дохилӣ тақсим мешавад.

Аудити берунӣ, тавре ки аллакай зикр гардид, аз ҷониби ширкатҳои аудитории мустақил гузаронида мешавад, мақсади асосии он тасдиқи эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ мебошад.

Назорати дохилӣ дар бонк бо мақсади таъмини назорат аз болои:

- гузаронидани амалиёт тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда, инчунин, сиёсати он ва тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори бонк тасдиқ шудаанд (минбаъд – ҳуҷҷатҳои дохилӣ) ;
- аз ҷониби бонк иҷрои талаботи қонунгузории ҷорӣ;
- саривақт, дуруст, пурра ва саҳеҳ инъикос намудани муомилоти бонкӣ ва дигар амалиёти пешбининамудаи қонунгузории амалкунанда дар баҳисобгирӣ ва ҳисобот;
- дар бонк таъсис додани низоми самараноки идоракунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои он;
- идоракунии хавфҳои фаъолияти бонкӣ ва мониторинги кам кардани онҳо;
-пешгирии қонунигардонии даромадҳои ғайриқонунӣ бадастовардашуда.

Аудити дохилиро метавон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи системаи умумии назорати идоракунӣ баррасӣ кард. Дар таърих хусусияти назорати дохилӣ гуногун буд. Дар ибтидо, нақши аудит аз вазифаҳои идоракунии молиявӣ ва таъмини бехатарии дороиҳо иборат буд ва назорати умумиро дар сатҳи муфассал амалӣ мекард.

Дар бисёр ташкилотҳо нақши аудити дохилӣ васеъ карда шудааст, ки баҳодиҳии сифати иттилооти аз ҷониби системаи иттилоотии идоракунӣ додашуда ва асос барои қабули қарорҳо, инчунин арзёбии фоиданокии таҳлили иттилоотро дар бар мегирад. Дар бораи масъулияти аудиторҳо бошад, онҳо дар асоси вазифаҳое, ки дар рафти аудити фаъолияти бонкӣ гузошта шудаанд, муайян карда мешаванд. Вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки ҳангоми ошкор намудани фактҳои амалиёти нодурусти бонк, вайрон кардани тартиби муқарраршудаи ҳисобу китоб, суиистеъмол ва ғайра ҳаҷми зараре, ки ба бонк ё давлат (буҷет) расида, аст сабабҳои вайронкунии ошкоргардидаи шахсони мансабдори ба вайронкуниҳо ҷавобгар аниқ муайян кунанд. Ба ин муносибат аудитор инчунин, барои нодуруст инъикос намудани вазъияти воқеии кор дар бонки тафтишшаванда, дидаю дониста таҳриф кардани фактҳо ё рӯпӯш кардани вайронкуниҳои ошкоршуда ё хатоҳои содиркардаи кормандон ҷавобгар аст [5].

Ҳангоми тафтиши истифодаи захираҳои кредитӣ ба ҳолати фонди оинномавӣ, пардохтпазирии баланс, инчунин, риояи меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ эътибор додан лозим аст. Субъектҳои хоҷагидории инфиродӣ ҳамарӯза аз хизматрасонии бонкҳои тиҷоратӣ истифода мебаранд ва мутобиқати ин амалҳоро ба санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ муайян мекунанд. Аудитор на танҳо мушкилот ва хатоиҳои мавҷударо ошкор мекунад, балки дар бораи фаъолияти бонк хулоса мебарорад, инчунин, дурнамои онро пешгӯӣ мекунад. Аудитор бояд усули таҳлили ҳисоботи молиявиро хуб донад, то дар бораи сиёсати қарзии бонк хулосаи дуруст барорад.

Бонкҳои тиҷоратӣ бо мақсади зиёд намудани пардохтпазирӣ, инчунин, ҳифзи манфиатҳои пасандозгузорон, саҳмдорон фондҳои ҳатмӣ ташкил мекунанд. Аудит бояд пуррагии таъсиси фондҳои зеринро ба назар гирад:

• фонди захираҳои ҳатмӣ;

• фонди суғуртаи пасандозҳо, ки бо мақсади таъмини кафолат ва ҳифзи манфиатҳои амонатгузорон таъсис ёфтааст (ташкили ин фонд ба бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки пасандозҳоро дар ҳолати муфлисшавии бонк ба мизоҷони худ ҷуброн кунанд);

• фонди суғуртаи муфлисшавӣ.

Назорати давлатии Бонки миллӣ аз болои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки онҳо ба амали худ эътимоди бештар дошта, инчунин, манфиатҳои амонатгузорон ва саҳмдоронро кафолат диҳанд.

Бояд гуфт, ки баъзе бонкҳои тиҷоратӣ маблағи мизоҷонро ҳамчун захираи қарз истифода бурда, ба пардохтпазирии балансӣ худ аҳамият надода, беандоза қарз медиҳанд.

Дар аудити бонкҳо санҷиши хазина ва амалиёти хазинавӣ ҷои калонро ишғол мекунад. Хусусияти асосии тафтиши хазина ногаҳонии он аст. Ширкати аудиторӣ вазифадор аст, ки пули нақд, қоғазҳои қиматнок ва бонкҳои ҳисоботи катъиро, ки дар хазина чойгир аст, дар ҳузури сармуҳосиб ва хазинадор тафтиш намояд. Ҳисобкунии пурра талаб карда мешавад. Баъди аз нав ҳисоб кардани маблағ дар бораи маблағи пули нақд ва мувофиқати онҳо ба хазина инчунин, баҳисобгирӣ акт тартиб дода мешавад. Мукаммалии ворид намудани пули барои ҳар як чеки аз бонк гирифташуда тафтиш карда мешавад.

Аз натиҷаи омӯзиши маводи илмӣ баровардани хулосаҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад.

1. Ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ намудани сатҳи шаффофияти тартиби кор, анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ, тартиботи дохилӣ ва низоми баҳисобгирӣ;
2. Беҳтар намудани нишондиҳандаҳои молиявӣ ва дар ин замина фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорони хориҷӣ ва дохилӣ;
3. Коҳиш додани хароҷоти амалиётӣ ва автоматикунонии равандҳо (бо мақсади афзоиш додани фоида);
4. Фаъол намудани амалиёт дар бозори беруна;
5. Ба даст овардани рейтинги хуб аз тарафи бонкҳо, созмонҳо, агентиҳо ва сомонаҳои интернетии бонуфуз;
6. Ба ташкили семинару конференсияҳои гуногун оид ба масъалахои актуалии аудит ва назорати бонкӣ диққати махсус додан лозим аст. Чунин чорабиниҳо ба аудиторҳо ва ширкатҳои аудиторӣ имкон медиҳанд, ки доимо иттилооти муосир гиранд ва мувофиқан ба тағйироти муайян зудтар вокуниш нишон диҳанд.

Адабиётҳо


1. Низомов С.Ф., Барфиев Қ.Х. Аудити дохилӣ (Васоити таълимӣ) Душанбе 2019.
2. Тоҳирова Р.С. Аудит (китоби дарсӣ), Душанбе 2017.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” (Ахбори Маҷлиси Олии Вумҳурии Тоҷикистон соли аз 22.07.2013 №993)
4. Сидельникова Л.Б. Аудит коммерческого банка. — М.: Буквица, 1996 г
5. Белобжецкий И.А. Бухгалтерский учет и внутренний аудит. — М.: Московская правда, 1994 г.
6. https://www.nbt.tj


## ХУСУСИЯТҲОИ АУДИТИ ҲОЛАТИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР КОРХОНАҲО


**Саёраева Р.Ш. - ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи ДДМИТ**

Дар шароити муосир аудити низоми баҳисобгирии муҳосибӣ аз санҷиши талаботи қонунгузории амалкунанда, ҳуҷҷатҳои батанзимдарории меъёрии фаъолияти аудиторӣ, инчунин, аз майлу хоҳиши мизоҷон вобаста буда, одатан омӯзиш ва таҳлили тавозун, ҳисобот оид ба фоида ва зарар, замимаҳо ба шаклҳои ҳисоботӣ, навиштаҷоти шарҳиро (дар қисмати санҷиши риояи принсипи доимияти ҳисоботи муҳосибӣ аз тарафи корхона) дар бар мегирад.

Аудитор бояд ҳаққонияти маҳдудиятҳои корхонаро дар ҳуқуқи моликият ба дороиҳо, дараҷаи эътимоднокии кафолатҳо, маълумотҳоро нисбати уҳдадориҳо, дараҷаи боваринокии дороиҳои шартӣ ва уҳдадориҳое, ки миқдоран баҳо дода шудаанд, асоснокии маблағҳои қабулшудаи уҳдадориҳоро ба ҳисоби хароҷоти асосии дарпешистода санҷида барояд.

Ҳангоми санҷиши маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисобот мавҷудият ва ҳолатҳои зерин бояд таҳлил карда мешаванд [1, с. 114]:

- мавҷудияти моликият (воситаҳои асосӣ ва маблағузориҳо, захираҳо ва хароҷотҳо, дороиҳои ғайримоддӣ);
- мавҷудияти дигар дороиҳои дарозмуддат (сармоягузориҳои дарозмуддат, маблағузориҳо ба корхонаҳои фаръӣ);
- васоити пулӣ, ҳисоббаробаркуниҳо ва дороиҳои дигар (хазина, суратҳисоб, рақами арзӣ, коғазҳои қиматнок ва маблағгузориҳои кӯтоҳмуддат, ҳисоббаробаркуниҳо бо ишгироккунандагон, истифодабарии васоити қарзӣ, ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорон ва дебиторон);
- уҳдадориҳои дарозмуддат (сармояи оинномавӣ, хӯрдашавии моликият фондҳои махсус ва захираҳо);
- қарзҳо ва дигар амалиётҳои қарзӣ;
- ҳисоббаробаркуниҳо ва уҳдадориҳои дигар (ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторон, буҷет, мақомоти суғурта, коркунони корхона);
- пассивҳои дигар.

Ҳангоми санҷиши низоми баҳисобгирии муҳосибӣ оид ба дуруст муайянкунии натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона омӯзиши чунин самтҳо зарур аст:

- нархи фурӯши маҳсулот (кор, хадамот, даромади умумӣ);
- хароҷоти истеҳсолии маҳсулот (муомилот);
- натиҷаҳои фурӯши ғайр;
- даромад ва хароҷотҳо аз амалиётҳои ғайрифурӯшӣ, аз ҷумла бо коғазҳои қиматнок ва иштироки ҳиссавӣ ба нақша гирифта мешаванд.

Ҳангоми аудити баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дида баромадани дурустии сабтҳои муҳосибӣ, дуруст тартибдиҳии ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ, тартибдиҳии тавозун, ҳисобот оид ба фоида ва зарар ва дигар ҳуҷҷатҳои молиявӣ зарур мебошад.

Дар рафти аудити баҳисобгирии муҳосибӣ чорабиниҳои санҷишӣ ҳамаи амалиётҳо ва ҳуҷҷатҳои зеринро фаро мегирад:

- шартномаву амалиётҳои калоне, ки дар охири давраи ҳисоботӣ ба қайд гирифта шудаанд;
- нишондиҳандаҳои асосии молиявӣ, коэффитсиентҳо ва рақамҳои назоратӣ, ки аз рақами миёнаи барои 5 соли охир ҳисобкардашуда фарқи куллӣ доранд;
- вазъияти ғайриқаноатбахши воситаҳои гардон;
- далелҳои муқарраршуда оид ба зарурати беасоси афзоиши даромадҳо барои нигоҳдории нархи саҳмияҳо шаҳодатдиҳанда;
- сабабҳои даъвоҳои судӣ ба корхона, хусусан, вобаста ба даъвоҳои саҳомон;
- истифодабарии шаклҳои гуногуни ҳисобот дар қисматҳои корхона ва ғайра.

Ҳангоми санҷиши истифодабарии фоида пардохтҳоро ба буҷет барои 3-5 сол, ҳиссаҷудокуниҳоро ба фонди захиравӣ (суғурта), гузаронидани фоидаро ба фондҳои андухт, истеъмол, мақсадҳои хайрандешӣ ва ба ин монанд таҳлил мекунанд. Инчунин, диққати махсус бояд ба таҳлили қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ, динамикаи маблағгузориҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат дода мешавад.

Ҳангоми тафтиши баҳисобгирии муҳосибӣ лозим аст, ки санадҳои меъёрии фавқуззикр, шакли ташкили ҳисобдорӣ ва маълумоти барӯйхатгириро, ки пеш аз таҳияи ҳисоботи солона анҷом ёфтааст, ҳамчун дастурамал қарор диҳад [2, с. 223].

Дар рафти санҷиш ҳар як моддаи тавозун бояд дар охири сол бо натиҷаҳои барӯйхатгирии дақиқ тасдиқ гардад. Тамоми фарқиятҳо, ки бо маълумоти барӯйхатгирӣ ошкор шудаанд, бояд ислоҳ карда шаванд ва дар сабткунакҳои зарурии баҳисобгирӣ то пешниҳоди ҳисобот ба истифодабарандагон инъикос ёбанд. Маблағи моддаҳои тавозун ҳисобу китоб бо мақомоти молиявӣ–андозситонӣ бояд мавриди тафтиш қарор дода шавад.

Ҳангоми тафтиши баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бояд дурустии баҳодиҳии моддаҳои тавозун, ҳисоби натиҷаҳои молиявӣ, мувофиқи маълумоти ҳисоботи ҳаракати сармоя, воситаҳои пулӣ ва маълумоти замимаи тавозуни ҳисобдорӣ тафтиш карда шавад. Пас аз ин маълумоти ҳисобгирии куллӣ ва ҷузъии ҳамаи ҳисобҳо, алоқамандии онҳо ва мувофиқати маълумоти китоби асосӣ ва шаклҳои ҳисоботи муҳосибӣ мувофиқи мақсад аст.

Дар рафти тафтиши ҳисоботи солона, инчунин, нишондиҳандаҳои ҳисоботи семоҳа ба мақсади муқаррар кардани хатоҳои истеҳсолӣ ва ислоҳи онҳо таҳлил карда мешаванд.

Санҷиши баҳисобгирии муҳосибӣ дар навбати аввал тафтиши мутобиқати тартибдиҳии шакли ҳисоботи субъекти иқтисодӣ ва ҳамчунин, ҳамаи ҳуҷҷатҳо, эъломия (деклорация), маълумотнома ва дигар ҳуҷҷатҳоро бо қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар бар мегирад.

Мақсади асоси аудити баҳисобгирии муҳосибӣ аз он иборат аст, ки то кадом андоза тасдиқи дурустии ҳисоботи муҳосибӣ бо қонунҳои амалкунанда мутобиқат менамояд.

Санҷиши аудитории низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи субъекти иқтисодӣ бо гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

1. Тавозуни муҳосибӣ (ш.№1);
2. Ҳисобот оид ба натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ (ш.№2);
3. Ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ (ш.№3);
4. Ҳисобот оид ба тағйиротҳо дар сармоя (ш.№4).

Тамоми қоидаҳое, ки оид ба аудит то ба имрӯз оварда шудаанд, моҳиятан ба санҷиши сифати маълумоти ҳисобдорӣ ва мувофиқати онҳо ба санадҳои меъёрии амалкунанда ишора мекунанд. Дарвоқеъ, мақсади асосии аудит низ (махсусан аудити ҳатмӣ) ҳамин аст.

Санҷиши объектҳои гуногуни назорат, ки тибқи барнома ва нақшаи аудит анҷом дода шудааст, имкони ҷамъоварии миқдори кофии далелҳои санҷиши аудиториро барои баҳои пурра ва ҳаққонияти нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ фароҳам меорад.

Дар ин давра аудит ба таври илова мувофиқати тарзи ба даст овардан ва мазмуни нишондиҳандаҳои ҳисобот ба талаботи санадҳои меъёрии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тарзи мураттаб сохтану пешниҳод кардани шаклҳои ҳисоботро танзим мекунад, таҳлил карда мешавад.

Ҳисоботи ҷамъбастии муҳосибии корхона ҳамчун қоида аз аудитор омӯзиши бодиққатро талаб менамояд. Онро аз рӯи намудҳои асосии фаъолият тартиб додан мувофиқи мақсад аст, аз ҷумла: саноат, сохтмон, савдо ва дигар бахшҳое, ки ба корхонаҳои фаръӣ ва ҷамъиятҳои марбута вобастаанд [3, с. 243]. Ҳангоми тафтиши шаклҳои ҳисоботи ҷамъбастии солона аудитор бояд дар асоси қоидаҳои муқарраршуда якҷоя инъикосёбии нишондиҳандаҳои ҳисобдории корхонаҳои фаръӣ ва ҷамъиятҳои вобастабударо мавриди санҷиш қарор диҳад, ба шарте, ки сиёсати баҳисобгирии қабулшуда ягона бошад.

Чунончи, нишондиҳандаҳои дороиҳо ва ӯҳдадориҳои ҷамъияти асосиро бо ҷамъиятҳои фаръӣ ҷамъ кардан зарур аст. Агар саҳми ҷамъияти асосӣ дар сармояи

оинномавии ҷамъияти фаръӣ аз 50 фоиз кам бошад, он гоҳ нишондиҳандаҳои дороиҳо ва пассивҳои ин ҷамъияти фаръӣ дар асоси саҳми ҷамъияти асосӣ ва сармояи оинномавии он ташкил меёбанд. Нишондиҳандаҳои тавозун ва ҳисоботи натиҷаҳои молиявӣ, ки ҳисоббаробаркуниҳои мутақобилаи (байниҳамдигарӣ) ва уҳдадориҳои ҷамъияти асосӣ ва фаръӣ, инчунин, ҳаҷми фурӯши мутақобила байни онҳоро инъикос менамоянд, ба ҳисоботи ҷамъбастӣ дохил карда намешаванд.

Фоидаи ҷамъияти асосӣ (саҳомӣ) ва фаръӣ ҷамъ карда мешаванд. Дар ҳисобот танҳо ҳаққусаҳмҳое, ки ҷамъияти фаръӣ ба ҷамъияти асосӣ муайян кардааст (бо усули ҳисобкунӣ), нишон дода мешаванд. Ҳаққусаҳмҳое, ки ҷамъияти фаръӣ ба ҷамъияти асосӣ пардохтааст, дар ҳисоботи ҷамъбастӣ инъикос намеёбанд. Ҳамин тавр, сармоягузории ҷамъияти асосӣ ба ҷамъияти фаръӣ ва ба сармояи оинномавии он низ дар ҳисоботи ҷамъбастӣ нишон дода намешаванд.

Агар ҷамъияти асосӣ ба ҷамъиятҳои вобаста маблағгузорӣ карда бошад, он гоҳ дар ҳисоботи ҷамъбастӣ нишондиҳандаҳои ҳисобдории чунин ҷамъиятҳоро дохил намекунанд [4, с. 89]. Дар варақаи тавзеҳии ҳисоботи солона дар бахше, ки ба маблағгузориҳои молиявӣ бахшида шудааст, ҷамъияти асосӣ маблағгузориҳои худро ба ҳар як ҷамъияти вобаста шарҳ медиҳад (номгӯй, суроғаи ҳуқуқӣ, бузургии сармояи оинномавӣ ва саҳми ҷамъияти асосӣ дар он ва хоҳиши иштирок дар оянда). Аудитор тамоми хатоҳо ва таххаллуфоти дар ҷараёни тафтиш ошкоршударо дар ҳуҷҷатҳои кории худ сабт мекунад.

Дар сурате, ки аудитор дар ҳисобот тахаллуфот (вайронкуниҳо)–ро ошкор накард ё вайронкуниҳои ошкоршуда ночизанд ва ба давлат, муассисон (саҳмдорон) зарар ворид намесозанд, ӯ инҳоро дар қисмати таҳлилии хулосаи аудиторӣ нишон медиҳад. Дар чунин мавврид ӯ ҳақ дорад хулосаи мусбӣ барорад.

Агар вайронкуниҳое, ки аудитор ошкор кардааст, ба қонунӣ будани фаъолияти корхона таъсир расонад ё ба давлат, муассисон (саҳмдорон) зарар ворид созанд, онҳоро низ аудиторон дар қисмати таҳлилии хулоса сабт мекунад. Аммо дар ин мавврид барои бартараф кардани вайронкориҳо аудитор ҳуқуқи додани хулосаи мусбии аудиториро надорад.

Ҳамин тариқ, аудитор ҳангоми санҷиши баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бояд ба хатоиҳои маъмулии зайл роҳ надиҳад:

- нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ, ки бо натиҷаҳои барӯйхатгирӣ тасдиқ намудаанд (барӯйхатгирии анҷомёфта расман тамоми дороиҳо ва уҳдадориҳои корхонаро дар бар намегирад);
- хатоҳои арифметикӣ ҳангоми ҳисоби нишондиҳандаҳои ҳисоботии яклухтгардонии қисмати нишондиҳандаҳо содир шудааст;
- набудани алоқамандии нишондиҳандаҳои алоҳидаи шаклҳои гуногуни ҳисобот;
- нопурра будани реквизитҳои хатмии ҳисобот ва ғайра.

**АДАБИЁТ**


1. Аудит учебник для вузов. В.И. Подольский. Г.Б., Поляк А.А. Совин В.В., Сотнакова под. Ред. Проф. В.И. Подольского- М- Аудит ЮНИТИ 1997. - 432с.
2. Аудит учебник. Аудит для вузов В.И. Подольский, А.А. Севин В.В. Сотникова идр. Под редакции проф. Подольского 3- е изд, перпбе и доп. М- ЮНИТИ- Дона Аудит 2003. - 583с.
3. Аудит: учебник для вузов/ под.ред. В.И.Подольского. - М.: Аудит, ЮНИТИ. 2017г. 475с.
4. Горина С.А. Учёт в банке на основе нового плана счетов. Проверка правильности отражения банковских операций. - М. Приор, 2015.- 420с.


## МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ПЕШРАФТИ ИЛМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ


**Нурмаҳмадова Р. - ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ**
**Эмомов М. - муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодии ДДМИТ**

Баҳисобгирии муҳосибӣ фаъолиятест, ки ба бисёр паҳлуҳои ҳаёти рӯзмарраи ҷомеа таъсир мерасонад. Пешрафтҳо дар пешрафти илмӣ ва техникӣ тамоми паҳлӯҳои баҳисобгириро тағйир медиҳанд. Наздикии ҷуғрофии қитъаҳо ва кишварҳо, робитаҳои наздики иқтисодӣ, иштироки фаъоли ширкатҳои хориҷӣ дар фаъолиятҳои сармоягузорӣ, васеъшавии сармояи хориҷӣ ва ғайра. Дар айни замон, барои пурзӯр кардани баҳисобгирии милли олимони ин соҳа кӯшиш ба харҷ медиҳанд ва бояд водор созанд, ки барои низоми баҳисобгирӣ фаҳмиши баланд лозим аст, ки сифати муҳими ҳама гуна маълумоти баҳисобгириро муайян мекунад. Ин меъёри муҳим дар ҳамаи стандартҳои байналмилалии ҳисобот инъикос ёфтааст. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар доираи системаи (аз юнонӣ. Система - як маҷмӯи қисмҳо, пайвастшавӣ) ягонагӣ, яъне муайян намудани маҷмуи унсурҳои баҳисобгирӣ, ки бо ҳамдигар алоқаманданд, ҳастанд ва инчунин ба ҳамдигар далхдорад.

Рушди ҳисобдорӣ ҷузъи ҷудонашавандаи таърихи ҷомеаи инсонӣ мебошад. Манфиатҳои ихтилофӣ, мушкилии ташкили ҳаёти иқтисодӣ, нақши афзояндаи давлат ва ҳуқуқ аҳамияти баҳисобгирии муҳосибиро тақвият медиҳанд [2,с.75].

Баҳисобгирии эҷодӣ ва зарурати назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ: рушди амалияи "баҳисобгирии эҷодӣ", эвфемизм барои пинҳон кардани баъзе ҷузъиёти номатлуби молиявӣ ва нишон додани ҷузъҳои мусоид барои эҷод кардани таассуроти солимии молиявӣ, касби муҳосибро водор кардааст, ки ба мақом ва манзалати худ бештар эътимод кунад.

Ин ба вазъияте оварда расонд, ки мақомоти касбии муҳосибон маҷбур мешуданд, ки барои эътимоднокии як назария ба дигараш зуд -зуд дахолат кунанд.

Ҳамчуноне ки мутахассисони соҳаи тиб бояд дар набардҳои гарон ва тӯлонии судӣ аз рӯи усулҳои истифодабарандаи худ иштирок мекарданд, муҳосибон низ дар бораи дурустии усулҳои худ баҳс мекарданд.

Шарҳи манбаъҳои адабиётии касбӣ: дар пажӯҳиши мазкур мо кӯшидем, ки аз нуқтаи назари тӯли қариб 100 соли охир мавҷуда дар ҷомеаи муҳосибони ватанӣ дур шуда, таваҷҷӯҳро ба манбаъҳои илмии ҷаҳони ғарб равона созем. Барои пажӯҳиш ба асарҳои Хендрексен Э.С., Ван Бреда М.Ф., Мэтюс М.Р., Перера М.Х. ва дигарон такия намуда, муайян намудем, ки назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ сатҳи болои илми муҳосибӣ буда, ба омӯзиши он мебояд пас аз ташаккул ёфтани пояи мустаҳками илмӣ оғоз намуд. Ва фанеро, ки имрӯзҳо бо номи мазкур дар курсҳои аввал меомӯзанд, мебояд ҳамчун асосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ шинохт.

Назарияҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: агар ба назарияҳои баҳисобгирии дар асри 20 ташаккулёфта назар афканем, мебинем, ки ин давра бо қабули назарияҳои тавсифӣ, меъёрӣ ва позитивӣ машҳур шудааст, ки асоси консептуалии баҳисобгирии муҳосибиро ташкил медоданд.

Назарияҳои тавсифӣ барои муайян кардан ва шарҳ додани он, ки чӣ тавр иттилооти молиявӣ ба истифодабарандаи маълумоти муҳосибӣ пешниҳод мегардад, пешбинӣ шудааст. Назарияҳои меъёрӣ муқаррар мекунанд, ки чӣ гуна ва кадом маълумот бояд пешниҳод карда шаванд [1, с.21].

Назарияҳои тавсифӣ аввалин кӯшиши ҷиддии рамзгузории маҷмӯи донишҳои дар стандартҳои баҳисобгирӣ афзалиятдошта буда, ба тасвири усулҳои баҳисобгирӣ, аммо на дастур оид ба иҷроиши расмиёт, пешбинии дурнамо ва шарҳи «чӣ бояд кард» бештар аҳамият медод. Назарияҳои тавсифии баҳисобгирӣ дар солҳои 20 -ум таҳия шуда, то солҳои 1960 -ум мӯд буданд, вақте ки муҳаққиқон ба назарияҳои баҳисобгирии меъёрӣ ё фармоишӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карданд [4, с.89].

Назарияҳои меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ дар солҳои 1960 ва 1970 -ум ба вуҷуд омада, чунин мешумориданд, ки ҳар он коре, ки аксарият ба анҷом мерасонанд, ба мисли назарияҳои тавсифӣ на он қадар дуруст аст [2, с.46]. Назарияҳои меъёрӣ барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти капитализми корпоративии пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ба

вуҷуд омада ба миён омаданд, ва аз ин рӯ, маҳсули даврае буданд, ки далелҳои дедуктивиро дар асоси сметаҳои рушди оянда таъкид мекарданд ва як қатор амалҳоро, ки ширкатҳо барои зиёд кардани даромади худ андешида метавонистанд, тавсия медоданд.

Ҳамин тариқ, рушди назарияҳои меъёрии баҳисобгирӣ бо он фарқ мекард, ки он бештар ба баҳодиҳӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, нисбати мушоҳида, ки он ба ҷаҳонбинии даҳсолаҳо ҳукмронидошта мувофиқат менамуд, вақте ки инкишоф мантра буд ва корхонаҳо бояд дар бораи муфидияти молиявии ин ё он самти фаъолият қарор қабул мекарданд.

Бозгашти назарияҳои мусбӣ дар заминаи оқилият ва такия ба воситаҳои мураккаби санҷиши пешгӯиҳо ва натиҷаҳо маънои онро дошт, ки муҳаққиқон ва муҳосибон метавонанд бори дигар ба усулҳои "оқилонаи" баҳисобгирӣ муроҷиат кунанд [4,с,17].

Сабабҳои ивазнамоии назарияҳо: сабабҳои зиёд вуҷуд доранд, ки ҷаро муҳаққиқон аз як назария ба назарияи дигар мегузаранд. Ба андешаи олими машҳур Соколов Я.В. сабабҳо дар мавҷудияти муҳаққиқони дорои нуқтаи назари гуногун дар бораи нақши назария дар амал, дар арзишҳо ва ғаразҳои худи муҳаққиқон, ки ба интихоби назарияи онҳо таъсир мерасонанд ва далели бо бартарияти назарияҳои худ паст задани рақибон ифода ёбанд. Тағйирот дар назарияҳо ва ҳамзистии онҳо ҳам бо сабабҳои объективӣ - инкишофи тафаккури расмӣ ва ҳам субъективӣ - хусусиятҳои тарбияи муҳосибон (аз кӣ ва бо кадом китобҳои дарсӣ омӯхт), хоҳиши дар илм худро ифода кардан, рақобат дар байни ҳамкорон услуби тафаккур ба миён омадаанд.

Агар мо ба ҳар яке аз ин сабабҳо бодиққат назар андозем, мебинем, ки тарзи пажӯҳишгарон ин назарияро қабул кардаанд, ба монанди қабули назарияҳои мусбӣ ва баъд назарияҳои меъёрӣ ва бозгашт ба назарияҳои мусбӣ аз тағйироти парадигмавӣ вобастагӣ дорад. Ин тағйирот аз баамалоии ҷаҳишҳои дискретӣ бармеояд, вақте назарияи мавҷуда бо ҷавоби далелҳои кофӣ барои дастгирии як назарияи нав иваз карда мешавад.

Ба ҳамин монанд, муҳаққиқони касби баҳисобгирӣ ба эҳтиёҷоти тағирёбандаи тиҷорат ва талаботи замонҳое, ки онҳо буданд, посух доданд ва аз ин рӯ дар натиҷа назарияҳои гуногун ба вуҷуд омаданд.

Даҳсолаҳои аввали асри 20 шоҳиди қабули назарияҳои тавсифӣ буданд, ки бо ҳамфикрии муҳаққиқон ба даст омадаанд. Вале минбаъд онҳо бо назарияҳое иваз карда шуданд, ки банақшагирии ояндаро дар назар дошта, бозгаштро ба назарияҳои мусбӣ, ки гипотезаҳоро бар зидди воқеъият бо роҳи пешгӯӣ ва шарҳи усулҳои баҳисобгирӣ пажӯҳиш менамуданд, тезониданд.

Ҳамин тариқ, мо боварӣ дорем, ки касби баҳисобгирӣ ба тағйирот дар талаботҳои танзим, инчунин пешрафтҳои технология ҷавоб додааст, ба тавре ки онҳо усулҳои муайянро нисбат ба дигарон интихоб кардаанд.

**Адабиёт:**


1. Маъдиев С., Каримов Б.Ҳ., Олимов Д. «Асосҳои назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ» / Дастури таълимӣ / Душанбе, ЭР-Граф 2020с.- 173с.
2. Мэтьюс М.Р., Перера М.Х.Б. Теория бухгалтерского учета. – М.: Аудит. ЮНИТИ. 1999 – 663с.
3. Олимов Д.А., Рахматов Б.К. Этапы реформирования бухгалтерского учета и финансовой очетности в РТ Д.А. Олимов, Б.К. Рахматов //Вестник Таджикского национального univерситета № 8 декабри Душанбе 2020. Стр. 106-111.
4. Соколов Я.В. Бухгалтерский учет от истоков до наших дней: Учебное пособие для вузов. - М.: Аудит. ЮНИТИ. 1996 – 638с.

# НАҚШИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

**Абдураҳмонов С.** - ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ
**Темуршоева А.Ҷ.** - магистранти ихтисоси баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ

Соҳаи саноат яке аз соҳаҳои муҳим ва пешбарандаи иқтисоди миллӣ мебошад, чунки рушди ин соҳа гарави асосии устуворӣ ва инкишофи иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад. Ташкили низоми фаъол ва пешрафтаи корхонаҳои саноатӣ баҳри коркарди пурраи ашёи хом дар дохили кишвар ва тақвият додани соҳаи саноат мусоидат менамояд. Бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар рушди иқтисоди миллӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2018 саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намуданд.

Инқилоби саноатӣ ба мамолики алоҳида барои ноилгардӣ ба суръати баланди рушди иқтисодӣ имконият додааст. Паёми навбатии худ аз 26.12.2019 с. сарвари мамлакат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳукумати кишварро вазифадор намуданд, ки бо мақсади ҳарчи зудтар ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар Паёми соли гузашта таъкид гардида буд, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва дар асоси он барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамиро қабул ва амалӣ созад [2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷабҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ислоҳот гузаронида шуда истодааст ва яке аз ҷабҳаҳои асосии ин ислоҳотҳо низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ барои бо маълумоти молиявӣ таъмин кардани истифодабарандагони ахбороти молиявӣ равона карда шудааст. Яъне дастраскунии ахборот оиди корхона то сармоягузорони воқеӣ мебошанд.

Яке талаботҳои иқтисодиёти ватанӣ ин ташкили самараноки баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҳисоб меравад, ки ба бунёди механизими бозоргонӣ равона шудааст. Ҷиҳати самаранок идоракунии фаъолияти корхона ахбороти идоравии саривақтӣ ва бо сифат зарур аст ва раванди ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ барои ҷалби қарзҳо ва сармоягузориҳои хориҷӣ дар шароитҳои муфид ба иқтисодиёти давлат мусоидат мекунад.

Баҳисобгирии муҳосибӣ низоми мураттаби ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасти ахборотро дар ифодаи пулӣ оид ба амвол, ӯҳдадориҳои ташкилот ва ҳаракати онҳо бо роҳи инъикоси ҳамаи амалиётҳои хоҷагӣ ифода намуда, функсияи муҳимтарини идоракунии ҳамаи субъектони хоҷагидоре, ки дар саноат фаъолият мебаранд, баромад мекунад. Вобаста ба ин ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар саноат ба истифодабарии принсипҳои умумии илмӣ – асосноккуардашудаи идоракунӣ – муносибати низомнок, усули барномавӣ – мақсади, моделиронии иқтисоди – риёзӣ асос меёбад.

Мақсади пеш бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ – ин ҷамъоварӣ, коркард ва батартиборӣи ахборот оиди вазъи соҳибкорӣ, воқиф сохтани роҳбар ва менеҷерон оиди ҳаҷми корҳои иҷрошуда, даромадҳо, хароҷотҳо ва фоида, андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, оиди тағйирот дар ҳаракати захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ мебошад.

Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар саноат - ин маҷмӯи чорабиниҳои муҳайёсозии шароит оиди барқароркунии раванди баҳисобгирӣ бо мақсади

дастраскунии маълумоти боэътимоду сари вақти дар бораи молу мулк, ӯҳдадориҳо ва фаъолияти хоҷагии корхона, инчунин амаликунии назорат оиди сарфакоронаву оқилона истифодабарии захираҳои молиявӣ - истеҳсолии корхонаи саноатӣ мебошад [3]. Ҷузъҳои асосии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои саноатӣ ин ташкили баҳисобгирии ибтидоӣ ва гардиши ҳуҷҷатҳо, баруйхатгирӣ, нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирӣ, шаклҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, шаклҳои ташкили корҳои баҳисобгирӣ ҳисоббаробаркуниҳо, ҳаҷм ва мундариҷаи ҳисобот мебошанд.

Дар мавофиқа бо моддаи 9-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» масъулияти ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилотҳо риояи қонунгузории ҷорӣ ҳангоми иҷроиши амалиёти молиявӣ хоҷагидорӣ ба зиммаи роҳбари корхонаи саноатӣ вогузор карда шудааст.

Дар амалияи корхонаҳои саноатӣ кам ҳолатҳое пайдо мешаванд, ки роҳбарӣ корхона баҳисобгириро шахсан худаш барад, одатан ин вазифа аз ҷониби шӯъбаи муҳосибот ё ҳисобдор иҷро карда мешавад. Дар ин ҳолат барои дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ бояд роҳбари корхонаи саноатӣ тамоми шароитҳоро муҳайё намояд.

Қоидаҳои асосии ҷорӣ намудани баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои саноатӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ»; Низомнома оиди пешбурди баҳисобгирӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ; Низомнома оиди баҳисобгирии муҳосибӣ «Сиёсати ҳисобдории корхона»; Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ – хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ - хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ; Дастурамал оиди тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи Стандартҳои миллӣ ва Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд ва дар як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрии дигар муққарар гардидааст.

Дар мувофиқа бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» қоидаҳо ва талаботҳои асосӣ ҳангоми ҷорӣ намудани баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои саноатӣ инҳоянд:

1. баҳисобгирии муҳосибии молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидории корхонаҳои саноатӣ бо пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.
2. молу мулк, дороиҳо ва ӯҳдадориҳое, ки моликияти корхонаи саноатӣ ба ҳисоб меравананд, аз молу мулки шахсони дигари ҳуқуқии ҳайати ин ташкилот алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд.
3. баҳисобгирии муҳосибиро корхонаи саноатӣ ба таври доимӣ аз лаҳзаи ба сифати шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шуданаш амалӣ менамояд.
4. корхонаи саноатӣ баҳисобгирии муҳосибии молу мулк, дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидориро бо усули сабти дутарафаи ба ҳам алоқаманди ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ амалӣ менамояд.
5. маълумоти баҳисобгирии таҳлилӣ ба гардишҳо ва бақияи ҳисобҳои баҳисобгирии таркибӣ мувофиқат менамояд.
6. тамоми амалиёти хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои барӯйхатгирӣ бе истисно дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ сари вақт ва пурра ба қайд гирифта мешаванд.
7. корхонаҳои саноатие, ки ҳамчун субъектҳои дорои манфиати умум ба ҳисоб мераванд, вазифадоранд, ки баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявиро мутобиқи стандартҳои байналмиллалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди баҳисобгирии муҳосибӣ амалӣ намоянд.
8. роҳбарони корхонаҳои саноатие, ки ҳамчун субъектҳои дорои манфиати умум ба ҳисоб мераванд, вазифадоранд, ки хизматрасонии доимо амалкунандаи аудити дохилиро

таъсис диҳанд [1].

Ба фикри мо, дар корхонаҳои калон ӯҳдадориҳои пеш бурдани баҳисобгирии идоравиро бояд ба муҳосибон, иқтисодчиён, аналитикон, аудиторони дохили ва роҳбарони сохторҳо вогузор кардан лозим аст. Агар сохторҳои иловагӣ дохил шаванд, хароҷоти барзиёдӣ талаб менамояд. Бояд ӯҳдадориҳои вазифавӣ тартиб дода ва маҷмӯи саволу масоил, ки ҳар як мутахассис ҳангоми ташкили низоми баҳисобгирии идоравӣ иҷро менамояд, муайян карда шудаанд.

**Адабиёт:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25.03.2011 с. №702, ш. Душанбе
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2019 (http: // prezident.tj / node / 21975)
3. Низомнома оиди ҳисобгирии бухгалтерӣ «Сиёсати ҳисобдории корхона» аз 24.09.1999 сол. №135.
4. Баҳисобгирии молиявӣ: Дастури таълимӣ. Душанбе, «Ирфон», 2011 – 315 с.
5. Бухгалтерский учет для руководителя. В.А. Быков, С.М. Бычкова, М.Л. Пятов, М.В. Семенова, Я.В. Соколов. – М.: «Проспект», 2000.
6. Бобоев М.У. Управленческие аспекты учета в легкой промышленности. – Душанбе: “Ирфон”, 2014. – 176 с.


## БАХШИ ФАНҲОИ ДИҚИҚ, ТАБИӢ, РИЁЗӢ ВА МУДОФИЯИ ГРАЖДАНӢ

## МАСЪАЛАИ ҲАМРОҲШУДАИ КАНОРИИ ҲОСИЛАДОР БАРОИ СИСТЕМАИ МУОДИЛАҲОИ ТАРТИБИ ЯКУМИ ШАКЛИ ЭЛЛИПТИКИДОШТА


**Н.Усманов. - д.и.ф-м., профессори кафедраи математикаи олии ДДМИТ**

**Б.Б.Саидов. - н.и.ф-м., дотсенти кафедраи математикаи олии ДДМИТ**


Масъалаи сингулярии канории ҳамроҳшудаи хаттӣ барои системаи муодилаҳои шакли эллиптикидоштаи намуди

$$\begin{cases} \dfrac{\partial u}{\partial x} - \dfrac{\partial v}{\partial y} = f(x, y) \\ \dfrac{\partial u}{\partial y} + \dfrac{\partial v}{\partial x} = g(x, y) \end{cases}$$

тадқиқ карда мешавад.

Системаи мазкур дар шакли комплексӣ чунин навишта мешавад:

$$\frac{\partial u}{\partial \bar{z}} = \varphi(z). \qquad (1)$$

<u>**Гузориши масъала.**</u> Ҷуфти функсияҳои $U^+(z)$ -ҳалли регулярии системаи муодилаҳои (1) дар соҳаи $D^+$, $U^-(z)$- ҳалли аналитикии системаи муодилаҳои (1) дар соҳаи $D^-$ ва тибқи шарти канории

$$U^+(t) = \frac{\prod_{r=1}^{\omega} |t - \zeta_r|^{p_r}}{\prod_{k=1}^{N} |t - \xi_k|^{S_k}} G_1(t) \left[ t^2 \frac{dU^-}{dt} + tU^-(t) \right] + g(t) \qquad (2)$$

дар контур тартиби охирнокдошта

ё $$U^{+}(t)=\frac{\prod\limits_{r=1}^{\omega}|t-\zeta_r|^{p_r}}{\prod\limits_{k=1}^{N}|t-\xi_k|^{S_k}}G_1(t)U_1^{-}(t)+g(t), \qquad (3)$$

ки дар ин ҷо $U_1^{-}(t)=t^2\dfrac{du^{-}}{dt}+tu^{-}(t)$ мебошад, ёфта шавад.

Дар ин ҷо $\zeta_r\,(r=1,2,\cdots,\omega)$, $\xi_k\,(k=1,2,\cdots,N)$ - нуқтаҳои ихтиёрии контур, $S_k, P_r$ - ададҳои ихтиёрии бутун ва $G_1(t)$, $g(t)$ - функсияҳои синфи Гёлдер мебошанд.

Ҳалли масъалаи мазкурро дар синфи функсияҳои махсусияти аз як хурддошта ҷустуҷӯ мекунем.

Азбаски

$$\begin{gathered}\prod_{r=1}^{\omega}(t-\zeta_r)^{p_r}=\prod_{r=1}^{\omega}|t-\zeta_r|^{p_r}\cdot e^{\sum\limits_{r=1}^{\omega}i\theta_1P_r}, \quad \theta_1=\arg(t-\zeta_r),\\ \prod_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{S_k}=\prod_{k=1}^{N}|t-\xi_k|^{S_k}\cdot e^{\sum\limits_{k=1}^{N}i\theta_2S_k}, \quad \theta_2=\arg(t-\xi_k)\end{gathered} \qquad (4)$$

аст, бинобар ин, баробарии (4) –ум ро дар баробарии (3) – юм гузошта, ҳосил мекунем:

$$U^{+}(t)=\frac{\prod\limits_{r=1}^{\omega}|t-\zeta_r|^{p_r}}{\prod\limits_{k=1}^{N}|t-\xi_k|^{S_k}}=G_1(t)\cdot e^{-i\left(\sum\limits_{k=1}^{N}\theta_2S_k-\sum\limits_{r=1}^{\omega}\theta_1P_r\right)}\cdot U^{-}(t)+g(t). \qquad (5)$$

Ишораҳои $\sum\limits_{r=1}^{\omega}\left(P_r^{(1)}-q_r^{(1)}\right)$, $\sum\limits_{k=1}^{N}S_k\left(P_k^{(2)}-q_k^{(2)}\right)$- ворид месозем, ки дар ин ҷо $\sum\limits_{r=1}^{\omega}P_r^{(1)}$, $\sum\limits_{k=1}^{N}P_k^{(2)}$ - ададҳои натуралӣ ва $\sum\limits_{r=1}^{\omega}q_r^{(1)}$, $\sum\limits_{k=1}^{N}q_k^{(2)}$, $0<q_r^{(1)}<1$, $0<q_r^{(2)}<1$ мебошанд.

Дар натиҷа шарти канории (5) – ум ба намуди зер оварда мешавад:

$$U^{+}(t)=\frac{\prod\limits_{r=1}^{\omega}|t-\zeta_r|^{P_r^{(1)}}}{\prod\limits_{k=1}^{N}|t-\xi_k|^{P_k^{(2)}}}=G_2(t)\cdot U_1^{-}(t)+g(t), \qquad (6)$$

ки дар ин ҷо $G_2(t)=G_1(t)\cdot e^{i\left(\sum\limits_{k=1}^{N}\theta_2S_k-\sum\limits_{r=1}^{\omega}\theta_1P_r\right)}$ аст.

Масъалаи канории (6) – ум тавассути баробарии $U(z)=\Phi(z)+F(z)$, ки дар ин ҷо $\Phi(z)$ - функсияи аналитикӣ ва $F(z)=-\dfrac{1}{\pi}\iint\dfrac{\psi(\mathrm{T})}{\mathrm{T}-z}d\mathrm{T}$ аст, ба намуди

$$\Phi^{+}(t)+F(t)=\frac{\prod\limits_{r=1}^{\omega}(t-\zeta_r)^{P_r^{(1)}}}{\prod\limits_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{P_k^{(2)}}}\cdot G_2(t)\left[\Phi^{-}(t)+F(t)\right]+g(t) \qquad (7)$$

$$\Phi^+(t)+F(t)=\frac{\prod\limits_{r=1}^{\omega}(t-\zeta_r)^{P_r^{(1)}}}{\prod\limits_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{P_k^{(2)}}}G_2(t)\left[\Phi^-(t)+F(t)\right]+g_1(t),$$

ки дар ин ҷо $g_1(t)=g(t)-F(t)$ ва

$$G_2(t)=G_1(t)\prod_{r=1}^{\omega}(t-\zeta_r)^{P_r^{(1)}}\prod_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{P_k^{(2)}}\cdot e^{i\left(\sum\limits_{k=1}^{N}\theta_2 S_k-\sum\limits_{r=1}^{\omega}\theta_1 P_r\right)}$$

мебошанд, оварда мешавад.

Талаб мекунем, ки функсияи $G_1(t)$ дар нуқтаҳои сингулярӣ ба миқдори кофӣ дифференсиронидашаванда бошад. Бисёраъзогии интерполятсиониро тавре интихоб мекунем, ки баробарии

$$g_1^{(j)}(\zeta_r)=T^{(j)}(\zeta_r),\quad (j=0,1,\cdots,\omega) \tag{8}$$

иҷро гардад, ки дар ин ҷо $g_1^{(j)}(\zeta_r)$ ва $T^{(j)}(\zeta_r)$ - қиматҳои ҳосилаҳои тартиби $j$ -юм дар нуқтаҳои мувофиқ мебошанд.

Баробарии (8) – ро ба ҳисоб гирифта, ҳосил мекунем:

$$\Phi^+(t)-F(t)=\frac{\prod\limits_{r=1}^{\omega}(t-\zeta_r)^{P_r^{(1)}}}{\prod\limits_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{P_k^{(2)}}}G_2(t)\left[\Phi^-(t)+F(t)\right]+g_1(t)-T(t)$$

ё $$\Phi^+(t)-F(t)=\frac{\prod\limits_{r=1}^{\omega}(t-\zeta_r)^{P_r^{(1)}}}{\prod\limits_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{P_k^{(2)}}}G_2(t)\left[\Phi^-(t)+F(t)\right]+\prod_{r=1}^{\omega}\left|t-\zeta_r\right|^{P_r^{(1)}}g_2(t),$$

ё $$\frac{\Phi^+(t)-F(t)}{\prod\limits_{r=1}^{\omega}(t-\zeta_r)^{P_r^{(1)}}}=\frac{G_2(t)}{\prod\limits_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{P_k^{(2)}}}\Phi_1^-(t)+g_2(t),$$

ки дар ин ҷо $\Phi_1^-(t)=\Phi^-(t)+F(t)$ мебошад.

$$\Phi_1^+(t)=\frac{G_2(t)}{\prod\limits_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{P_k^{(2)}}}\Phi_1^-(t)+g_2(t). \tag{9}$$

Қимати $\Phi_1^-(z)=\prod\limits_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{P_k^{(2)}}\cdot z^{-p^{(2)}}\cdot\Phi_2^-(z)$ - ро дар баробарии (9) гузошта, ҳосил мекунем

$$\Phi_1^+(t)=t^{-p^{(2)}}G_2(t)\cdot\Phi_2^-(z)+g_2(t). \tag{10}$$

Сипас, функсияҳои

$$\Phi_1^+(z)=\prod_{r=1}^{\omega}(t-\zeta_r)^{P_r^{(1)}}\cdot\prod_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{P_k^{(2)}}\cdot\Phi_2^+(z),$$

$$\Phi_2^-(z)=\prod_{r=1}^{\omega}\left(\frac{z-\zeta_r}{z-z_0}\right)^{P_r^{(1)}}\cdot\prod_{k=1}^{N}\left(\frac{t-\xi_k}{z-z_0}\right)^{P_k^{(2)}}\cdot\Phi_3^+(z)$$

- ро дохил намуда, бо ёрии баробарии (7) – ум шарти канории (10) – ро ба намуди

$$\prod_{r=1}^{\omega}(t-\zeta_r)^{P_r^{(1)}}\cdot\prod_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{P_k^{(2)}}\cdot\Phi_2^+(t)=t^{-p^{(2)}}G_2(t)\prod_{r=1}^{\omega}\left(\frac{t-\zeta_r}{z-z_0}\right)^{P_r^{(1)}}\cdot\prod_{k=1}^{N}\left(\frac{t-\xi_k}{z-z_0}\right)^{P_k^{(2)}}\Phi_3^-(t)+G_2(t)$$

ва ё

$$\Phi_2^+(t)=t^{-p^{(2)}}G_2(t)\prod_{r=1}^{\omega}(t-\zeta_r)^{-P_r^{(1)}}\cdot\prod_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{-P_k^{(2)}}\cdot\Phi_3^-(t)+$$
$$+\prod_{r=1}^{\omega}(t-\zeta_r)^{-P_r^{(1)}}\cdot\prod_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{-P_k^{(2)}}\cdot G_2(t). \qquad (10^*)$$

меорем.

Дар ин ҷо маълум аст, ки функсияи $G_2(t)\cdot\prod_{r=1}^{\omega}(t-\zeta_r)^{-P_r^{(1)}}\cdot\prod_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{-P_k^{(2)}}$ функсияи бефосила мебошад.

Акнун ба тадқиқи индекси масъалаи мазкур шуруъ мекунем.
Бигузор мо як нуқтаи каниш дошта бошем. Бо $Q$ афзоиши ягон шохаи аргумент - $G_3(t)$ - ро ҳангоми давр задан аз контури $L$ ишорат мекунем. Мебинем, ки $Q$ - ро ҳамчун ҷаҳиши аргументи $G_3(t)$ дар нуқтаи каниши функсия, ки бо аломати муқобил гирифта шудааст, аз назар гузаронем. Бинобар ин, фарз мекунем, ки

$$\frac{G_3(t_1-0)}{G_3(t_1+0)}=\rho\cdot e^{i\theta}. \qquad (11)$$

аст. Онгоҳ

$$\nu=\frac{1}{2\pi i}\ln\frac{G_3(t_1-0)}{G_3(t_1+0)} \qquad (12)$$

фарз намуда, ҳосил мекунем:

$$\nu=\frac{1}{2\pi i}\ln\frac{G_3(t_1-0)}{G_3(t_1+0)}=\frac{Q}{2\pi}\text{ - ж - }i\,\frac{\ln\rho}{2\pi}. \qquad (13)$$

Аз ин ҷо

$$IndG_3(t)=\frac{1}{2\pi i}\left[\ln G_3(t)\right]_L=\frac{1}{2\pi i}\ln\frac{G_3(t_1-0)}{G_3(t_1+0)}e^{-2\pi i\nu}=\frac{1}{2\pi i}\ln e^{-2\pi i ж}=ж\ .$$

мешавад. Акнун, ба ҳолати умумии масъалаи мазкур мегузарем.

$$IndG_3(t)=\frac{1}{2\pi i}\{\ln G_3(t)\}_L=$$
$$=\frac{1}{2\pi i}\sum_{r=1}^{\omega}\sum_{k=1}^{N}\ln\left[\frac{G_3(t_r-0)(t_r-0-z_0)^{-p_r^{(1)}}}{G_3(t_r+0)(t_r-0+z_0)^{-p_r^{(1)}}}\cdot\frac{G_3(t_k-0)(t_k-0-z_0)^{-p_k^{(2)}}}{G_3(t_k+0)(t_k-0+z_0)^{-p_k^{(2)}}}\right].$$

Ҳамин тариқ, шарти канории (10*) ба намуди

$$\Phi_2^+(t)=t^{-p^{(2)}}G_3(t)\Phi_3^-(t)\prod_{r=1}^{\omega}(t-\zeta_r)^{-P_r^{(2)}}\cdot\prod_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{-P_k^{(2)}}\cdot G_2(t), \qquad (14)$$

ё

$$\Phi_2^+(t)=t^{-p^{(2)}}t^{ж}\left[t^{-ж}G_3(t)\right]\Phi_3^-(t)+\prod_{r=1}^{\omega}(t-\zeta_r)^{-P_r^{(2)}}\cdot\prod_{k=1}^{N}(t-\xi_k)^{-P_k^{(2)}}\cdot G_2(t) \qquad (15)$$

оварда мешавад. Азбаски функсияи $t^{-ж}G_3(t)$ аз синфи функсияҳои Гёьдер буда, дорои индекси нулӣ мебошад, бинобар ин, онро ба намуди нисбати ду функсияи аналитикӣ навиштан мумкин аст

$$t^{-æ}G_3(t)=\frac{e^{\Gamma^+(t)}}{e^{\Gamma^-(t)}},\quad \Gamma(t)=\int_L\frac{\left[t^{-æ}G_3(t)\right]}{\tau-z}d\tau,$$

Онгоҳ бо осонӣ барои функсияҳои каноникӣ ифодаҳои

$$\chi^+(z)=e^{\Gamma^+(z)},\ \chi^-(z)=z^{-æ}e^{\Gamma^-(t)}$$

-ро ҳосил мекунем.

Коэффитсиенти масъала $t^{-æ}G_3(t)$- ро ба намуди $\frac{\chi^+(z)}{\chi^-(z)}$ меорем, ки дар натиҷа баробарии (15) намуди

$$\frac{\Phi_2^+(t)}{\chi^+(t)}=t^{-p^{(2)}}\frac{\Phi_3^-(t)}{\chi^-(t)}+\frac{1}{\chi^+(t)}\cdot\prod_{r=1}^{\omega}\left(t-\zeta_r\right)^{-P_r^{(2)}}\prod_{k=1}^{N}\left(t-\xi_k\right)^{-P_k^{(2)}}\cdot G_2(t)$$

- ро мегирад.

Чӣ тавре, ки функсияи $\frac{1}{\chi^+(t)}\cdot\prod_{r=1}^{\omega}\left(t-\zeta_r\right)^{-P_r^{(2)}}\prod_{k=1}^{N}\left(t-\xi_k\right)^{-P_k^{(2)}}\cdot G_2(t)$ функсияи синфи Гёлдер мебошад, бинобар ин, дар асоси теоремаи Гахов онро ба намуди фарқи ду функсия менависем

$$\frac{1}{\chi^+(t)}\cdot\prod_{r=1}^{\omega}\left(t-\zeta_r\right)^{-P_r^{(2)}}\prod_{k=1}^{N}\left(t-\xi_k\right)^{-P_k^{(2)}}\cdot G_2(t)=\psi^+(t)-\psi^-(t),$$

ки дар ин ҷо $\psi(z)=\frac{1}{2\pi i}\int_L\frac{\prod_{r=1}^{\omega}\left(t-\zeta_r\right)^{-P_r^{(2)}}\prod_{k=1}^{N}\left(t-\xi_k\right)^{-P_k^{(2)}}\cdot G_2(t)}{\chi^+(\iota)(\tau-z)}d\tau$ аст.

Дар ин ҳолат шарти канорӣ намуди зерин

$$\frac{\Phi_2^+(t)}{\chi^+(t)}-\psi^+(t)=t^{-p^{(2)}}\frac{1}{\chi^-(t)}\Phi_3^+(t)-\psi^+(t)$$

- ро мегирад.

Мувофиқи теоремаи умумикардашудаи Лиувилля

$$\frac{\Phi_2^+(z)}{\chi^+(z)}-\psi^+(z)=z^{-p^{(2)}}\frac{1}{\chi^-(z)}\Phi_3^-(z)-\psi^+(z)=\mathrm{P}_{æ-p^{(2)}}(z) \qquad (16)$$

мешавад ва бо осонӣ аз ин баробарӣ функсияҳои $\Phi_2^+(z)$ ва $\Phi_3^-(z)$ дар намуди

$$\Phi_2^+(z)=\chi^+(z)\left[\psi^+(z)+\mathrm{P}_{æ-p^{(2)}}(z)\right]$$

$$\Phi_3^-(z)=\chi^-(z)\cdot z^{p^{(2)}}\left[\psi^-(z)+\mathrm{P}_{æ-p^{(2)}}(z)\right].$$

$$\Phi_1^+(z)=\prod_{r=1}^{\omega}\left(z-\zeta_r\right)^{P_r^{(2)}}\chi^+(z)\left[\psi^+(z)+\mathrm{P}_{æ-p^{(2)}}(z)\right]+T(z),$$

$$\Phi_2^-(z)=\prod_{k=1}^{N}\left(z-\xi_k\right)^{P_k^{(2)}}\chi^-(z)\left[\psi^-(z)+\mathrm{P}_{æ-p^{(2)}}(z)\right].$$

$$\Phi^+(z)=\prod_{r=1}^{\omega}\left(z-\zeta_r\right)^{P_r^{(2)}}\prod_{k=1}^{N}\left(z-\xi_k\right)^{P_k^{(2)}}\chi^+(z)\left[\psi^+(z)+\mathrm{P}_{æ-p^{(2)}}(z)\right]+T(z),$$

$$\Phi^-(z)=\prod_{r=1}^{\omega}\left(\frac{z-\zeta_r}{z-z_0}\right)^{P_r^{(2)}}\prod_{k=1}^{N}\left(\frac{z-\xi_k}{z-z_0}\right)^{P_k^{(2)}}\prod_{k=1}^{N}\left(z-\xi_k\right)^{P_k^{(2)}}\chi^-(z)\left[\psi^-(z)+\mathrm{P}_{æ-p^{(2)}}(z)\right]+F(z)$$

$$U^{-}(z)=\frac{1}{z}\left[C+\int\left\{\prod_{r=1}^{\omega}\left(\frac{z-\zeta_r}{z-z_0}\right)^{P_r^{(2)}}\prod_{k=1}^{N}\left(\frac{z-\xi_k}{z-z_0}\right)^{P_k^{(2)}}\prod_{k=1}^{N}\left(z-\xi_k\right)^{P_k^{(2)}}\chi^{-}(z)\right]\times\right. \quad (17)$$
$$\left.\times\cdot\left[\psi^{-}(z)+\mathrm{P}_{ж-p^{(2)}}(z)\right]+F(z)\right\}dz,$$

ёфта мешаванд, ки аз рӯи баробарии мазкур (17) ҳалли маҳдуди масъала дар беохирӣ ёфта мешавад.

Акнун ҳалли дар беохирӣ аз миён равандаи масаъаларо дида мебароем:

1). агар $æ - p^{(2)} > 0$ бошад, функсияи $\chi(z)$ дар беохирӣ нули тартиби $æ - p^{(2)}$ дорад ва барои $U(\infty)=0$ будан, метавон $\mathrm{P}_{æ-p^{(2)}}(z)$ дараҷаи $æ - p^{(2)} - 1$ интихоб намуд. Дар ин ҳолат ҳалли масъала дорои доимиҳои ихтиёрии $æ - p^{(2)}$ мегардад;

2). агар $æ - p^{(2)} \equiv 0$ бошад, $\chi(\infty)=1$ мешавад. Барои он, ки $U(\infty)=0$ бошад, зарур аст, ки $\mathrm{P}_{æ-p^{(2)}}(z)\equiv 0$ бошад. Онгоҳ ҳалли масъала ягона аст;

3). агар $æ - p^{(2)} < 0$ бошад, онгоҳ функсияи $\chi(z)$ дар беохирӣ дорои қутби тартиби $-æ + p^{(2)}$ мегардад. Пас, ба ғайр ҷой доштани $\mathrm{P}_{æ-p^{(2)}}(z)=0$ боз функсияи $\psi(z)$ дар беохирӣ нули тартиби $-æ + p^{(2)} + 1$- ро дошта бошад, ки ин ба шартҳои

$$\int_{C}\frac{g_2(\tau)}{\chi^{+}(\tau)}t^k dt=0,\quad k=0,1,2,\cdots,-æ + p^{(2)}+1$$

оварда мерасонад ва фақат ҳангоми иҷроиши шартҳои мазкур масъала дорои ҳал мебошад.

**Адабиёт**


1. Михайлов Л. Г. Краевая задача Римана для систем дифференциальных уравнений первого порядка эллиптического типа. Учён. Записки. Труды физико-математического факультета. 1957. Стр. 23-78.
2. Усмонов Н., С. Шавкатзода. Сингулярная граничная задача линейного сопряжения для систем уравнений эллиптического типа. Известия АН РТ. №3(164), 2016. Стр. 32-43.


## ТАТБИҚИ ШАРТИ ДОИМИЯТИИ ФУНКСИЯҲО БАРОИ ИСБОТИ ФОРМУЛАҲО


**Раҳимов Р. М. – узви вобастаи Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоӣ, профессори ДДМИТ**


Асоси тадбиқи бисёр доштани мафҳуми ҳосиларо якчанд теоремаҳои асосии ҳисоби дифференсиалӣ номидашаванда ташкил медиҳанд. Ба онҳо теоремаҳои Ролл, Лагранж, Коши, Ферма мансуб мебошанд. Хонанда минбаъд худаш қазоват менамояд, ки ба воситаи ин теоремаҳо чӣ тавр амиқ хосиятҳои функсияҳои гуногуни дифференсиронидошаванда омӯхта мешаванд.

Дар ин ҷо нишон додан мумкин аст, ки табиати функсияи ихтиёрии ду маротиба дифференсиронидашаванда асосан бо аломатҳои ҳосилаҳои тартиби якум ва дуюми функсия муайян карда мешавад. Дар мавриди омӯзиши равиши тағйирёбии функсияи f(x) ба муайян намудани интервалҳое, ки дар он ҳосилаи функсия f(x) аломати доимиятии худро нигоҳ медорад, оварда мешавад. Илова бар ин, тадқиқи функсияҳои зиёде бо ёрии тадбиқи методҳои ҳисоби дифференсиалӣ амалан имконпазир мебошад.

Аҳамияти теоремаи Лагранжро дар таҳлили риёзӣ баҳо додан ниҳоят душвор мебошад. Вай ба худ вазниниҳои исботи бисёр омилҳоро қабул менамояд. Агар мо ин теоремаро бе исбот қабул намоем, он гоҳ аз он мо метавонем бисёр фактҳоро ҳосил намоем, ки онҳо дар курси мактабӣ одатан бе исбот қабул карда мешаванд. Ин вазъият

моро водор месозад, ки омӯхтани ин теорема ва исботи хосиятҳои онро дар дарсҳои факултативӣ пешниҳод намоем.

Теоремаҳои асосии ҳисоби дифференсиалӣ барои муайян намудани функсияҳои моннотонӣ, барои ёфтани қиматҳои калонтарин ва хурдтарини функсияҳо дар порча, барои ёфтани миқдори решаҳои муодилаҳо, исботи нобаробариҳо, барои ёфтани экстремуми функсияҳо, барои ҳалли масъалаҳои амалӣ оид ба ёфтани қиматҳои калонтарин ва хурдтарини бузургиҳо, барои исботи формулаҳо ва ғайра истифода бурда мешаванд.

Истифодабарии методҳои ҳисоби дифференсиалӣ дар муқоиса бо методҳои тадқиқотии элементарӣ бартарии хеле зиёдеро дорад. Бартарии асосии методҳои ҳисоби дифференсиалӣ-умуми будани онҳо: функсияи дифференсиронидашаванда чӣ гунае, ки набошад, омӯхтани равиши тағйирёбии он ба муайян намудани интервале, ки ҳосилаи функсия f'(x) дар он аломати доимиятии худро нигоҳ медорад, оварда мешавад. Одатан дар амалия ҳалли ин масъала ба душвории муҳим оварда намерасонад, барои ҳамин ҳам тадқиқи функсия фоидаовар мебошад. Муҳимии методи ҳисоби дифференсиалӣ аз тарафи дигар аёниятии он вобаста ба мазмуни геометрии ҳосилаи он мебошад.

Дар бораи пуркувват будани методҳои ҳисоби дифференсиалӣ (дар бораи камбудиҳои методҳои тадқиқоти элементарӣ) сухан ронда, мо бояд дар бораи истифодабарии он, ки моро аз зарурияти иҷро намудани табдилдиҳиҳои элементарии гуногун халос менамояд, балки дар муқобили он аз мо малакаи муайянеро дар ин соҳа талаб менамояд.

Дар охир ҳаминро қайд кардан ба маврид аст, ки олимон дар бораи максимум ва минимумҳо тадбиқи бисёр ва ниҳоят муҳими амалиро дар давраи ҳозира ёфта истодаанд, ки масъалаи зиёд намудани маҳсулнокии меҳнат вобаста бо таври ратсионалӣ истифодабарии вақт, маҳсулот барои фабрикантҳо ва ғайра дар иқтисодиёт ва ҳаёти ҷамъияти муосир нақши аввалиндараҷаро мебозад.

Дар ин ҷо мо ба тадбиқи яке аз натиҷаҳои теоремаҳои асосии ҳисоби дифференсиалӣ, шарти доимиятии функсияҳо истода мегузарем.

**Теоремаи 1.** Агари функсияи $y = f(x)$ дар порчаи $(a, в)$ бефосила буда, дар ҳамаи нуқтаҳои дохилии порча ҳосилаи он ба сифр баробар бошад, он гоҳ функсияи $y = f(x)$ дар ин порча доимӣ мебошад.

**Исбот.** Бигузор $x$ нуқтаи порчаи $(a, в)$ бошад, он гоҳ мувофиқи теоремаи Лагранж

$$\frac{f(x) - f(a)}{x - a} = f'(c)$$

−ро ҳосил менамоем, ки дар ин ҷо $a < c < x$ аст. Мувофиқи шарт $f'(c) = 0$ аст, аз ин ҷо ба

$$\frac{f(x) - f(a)}{x - a} = 0$$

доро мегардем. Ҳамин тариқ, баробарии $f(x) = f(a) -$ ро ҳосил намудем, ин маънои онро дорад, ки функсияи дидабаромадашавандаамон дар порчаи додашуда доимӣ мебошад. Теорема исбот гашт.

Аз ин теорема натиҷаи зерин мебарояд.

**Теорема 2.** Агар функсияҳои $y = f(x)$ ва $y = \varphi(x)$ дар порчаи $(a, в)$ бефосила ва барои тамоми нуқтаҳои дохилии порча дорои ҳосилаҳои баробар $f'(x) = \varphi'(x)$ бошанд, он гоҳ фарқи ин функсияҳо доимӣ мебошанд, бо ибораи дигар баробарии

$$f(x) - \varphi(x) = c$$

ҷой дорад.

**Исбот.** Функсияи ёрирасони зерин $y = g(x)$ −ро, ки ба фарқи функсияҳои додашуда баробар аст:

$$g(x) = f(x) - \varphi(x)$$

дохил менамоем.

Ҳосилаи функсияи $y = g(x)$ – ро меёбем:

$$y' = g'(x) = f'(x) - \varphi'(x) = 0$$

Азбаски дар интервали $(a, в)$ , $g'(x) = 0$ аст, бинобар ин, дар порчаи $[a, в]$ функсияи $y = g(x)$ доимӣ мебошад, ба ибораи дигар

$$f(x) - \varphi(x) = c$$

он чизе, ки исботаш талаб карда шуда буд.

**Мисоли 1.** Исбот намоед, ки

$$\arcsin x = \frac{\pi}{2} - arccosx$$

аст.

**Ҳал.** Функсияҳои дар тарафи чап ва рости баробарӣ хобидаро мувофиқан бо $f(x)$ ва $\varphi(x)$ ишорат мекунем.

$$f(x) = \arcsin x, \quad \varphi(x) = \frac{\pi}{2} - \arccos x$$

Ҳарду функсияҳо дар порчаи $[-1; 1]$ муайян ва бефосила мебошанд. Ҳосилаи ин функсияҳоро меёбем:

$$f'(x) = (\arcsin x)' = \frac{1}{\sqrt{1 - x^2}}; \qquad \varphi'(x) = \left(\frac{\pi}{2} - \arccos x\right)' = \frac{1}{\sqrt{1 - x^2}}$$

Ин ҳосилаҳо дар тамоми нуқтаҳои дохилии порчаи $[-1; 1]$ муайян мебошанд. Азбаски ҳосилаҳои функсияҳо $f'(x)$ ва $\varphi'(x)$ байни ҳам баробар мебошанд, бинобар ин мувофиқи теоремаи 2 худи функсияҳо аз якдигар фақат бо доимии ихтиёрӣ фарқ менамоянд, пас онҳоро дар шакли

$$f(x) - \varphi(x) = c$$

ё ки

$$\arcsin x - \left(\frac{\pi}{2} - \arccos x\right) = c$$

навиштан мумкин аст.

Баробарии ҳосилгардида барои қимати ихтёрии $x\epsilon[-1; 1]$ дуруст мебошад. Қимати доимии $C$ –ро меёбем, барои ин, дар баробарии ҳосилгардида ягон хел қиматро аз порчаи $[-1; 1]$ масъалан, $x = 0$ –ро гузошта, ҳосил менамоем:

$$\arcsin 0 - \left(\frac{\pi}{2} - \arccos 0\right) = c$$

яъне $0 - \left(\frac{\pi}{2} - \frac{\pi}{2}\right) = c$, ҳамин тариқ, $c = 0$ – ро ҳосил намудем, пас

$$\arcsin x = \frac{\pi}{2} - \arccos x$$

будааст. Баробарӣ исбот гашт.

**Мисоли 2.** Аз нишонаи доимиятии функсияҳои истифода бурда, формулаҳои зерине, ки ба мо аз математика элементарӣ маълум аст, исбот намоед:

a) $\sin^2 x = \frac{1-\cos 2x}{2}$;

b) $\arccos\frac{1-x^2}{1+x^2} = 2arctg\, x, 0 \le x < \infty$;

c) $\arcsin\frac{2x}{1+x^2} = \begin{cases} \pi - 2arctgx, \text{ дар мавриди } x \ge 0 \text{ будан}, \\ 2arctgx, \text{ дар мавриди } -1 \le x \le 1 \text{ будан}, \\ -\pi - 2arctgx, \text{ дар мавриди } x \le -1 \text{ будан}. \end{cases}$

**Ҳал. *а*)** Функсия $f(x) = \sin^2 x + \frac{1}{2}cos2x$ –и дар тамоми тири ададии $-\infty < +< +\infty$ муайян бударо дида мебароем. Ҳосилан функсия дар ҳама ҷо ба сифр баробар аст. Дар ҳақиқат,

$$f'(x) = 2\sin x \cdot \cos x - \frac{2}{2}\sin 2x = \sin 2x - \sin 2x = 0$$

Мувофиқи нишонаи доимиятии функсияҳо

$$\sin^2 x + \frac{1}{2}\cos 2x = c$$

$-$ро ҳосил менамоем.

Барои муайян намудани С фарз мекунем, ки масалан, $x = 0$ аст; он гоҳ ба

$$\sin^2 0 + \frac{1}{2}\cos 0 = c => \ 0 + \frac{1}{2}\cdot 1 = c => \quad c = \frac{1}{2}$$

доро мешавем. Аз ин ҷо

$$\sin^2 x + \frac{1}{2}\cos 2x = \frac{1}{2}$$

$$\sin^2 x = \frac{1}{2}(1 - \cos 2x)$$

Он чизе, ки аз мо исботи он талаб карда мешуд.

б) Функсияи барои тамоми тири ададӣ муайянбудаи

$$f(x) = \arccos\frac{1 - x^2}{1 + x^2} - 2\, arctg\, x$$

$-$ро дохил намуда, онро дида мебароем, чунки

$$\left|\frac{1 - x^2}{1 + x^2}\right| \le 1$$

аст.

Ҳосилаи функсияи $f(x)$ барои ҳамаи қиматҳои $x > 0$, ба сифр баробар аст:

$$f'(x) = \frac{1}{\sqrt{1 - \left(\frac{1 - x^2}{1 + x^2}\right)}} \cdot \left(\frac{1 - x^2}{1 + x^2}\right)' - 2 \cdot \frac{1}{1 + x^2} =$$

$$= \frac{\frac{-2x(1 + x^2) - (1 - x^2)\cdot 2x}{(1 + x^2)^2}}{\sqrt{\frac{(1 + x^2 - 1 + x^2)(1 + x^2 + 1 - x^2)}{(1 + x^2)^2}}} - \frac{2}{1 + x^2} =$$

$$= -\frac{\frac{-2x - 2x^3 - 2x + 2x^3}{(1 + x^2)^2}}{\sqrt{\frac{2x^2 \cdot 2}{1 + x^2}}} - \frac{2}{1 + x^2} = \frac{-\frac{4x}{1 + x^2}}{2x} - \frac{2}{1 + x^2} =$$

$$= \frac{2}{1 + x^2} - \frac{2}{1 + x^2} = 0$$

Мувофиқи нишонаи доимиятии функсияҳо

$$f(x) = c => \arccos\frac{1 - x^2}{1 + x^2} - 2\, arctg\, x = c,$$

барои ҳамаи қиматҳои $x > 0$ мегардад.

Барои муайян кардани қимати с ба ифодаи ҳосилкардашуда, ягон қимати $x$ $-$ро масалан $x = 1$ мегузорем, он гоҳ:

$$c = \arccos\frac{1 - 1}{1 + 1} - 2\, arctg\, 1 = \frac{\pi}{2} - 2\cdot\frac{\pi}{4} = \frac{\pi}{2} - \frac{\pi}{2} = 0$$

$-$ро ҳосил менамоем.

Дурустии формулаи исботкардашуда бо ёрии бевосита ба ҷои $x$ қимати .$x$ $-$ро гузоштан санҷидан мумкин мебошад.

с) Функсияи

$$f \quad (x) = \arcsin\frac{2x}{1 + x^2}$$

$-$ро дида мебароем. Функсияи $f(x)$ дар интервали $]-\infty,+\infty[$ муайян аст, чунки $\frac{2x}{1+x^2} \leq 1$ аз ин ҷо $\frac{2x}{1+x^2} \leq 1$ ё ки $|2x| \leq 1+x^2$ барои қимати ҳақиқии ихтиёрии $x$ ҷой дорад. Ҳосилаи ин функсияро ҳисоб намуда,

$$f'(x) = \frac{2(1-x^2)}{(1+x^2)\sqrt{(1-x^2)^2}}$$

$-$ро ҳосил менамоем.

Ифода барои ҳосилаи функсия $f'(x)$ ҳосилгардидаро табдил дода ба

$$\sqrt{(1-x^2)^2} = |1-x^2| = \begin{cases} 1-x^2, \text{агар } |x|<1 \text{ бошад,} \\ -(1-x^2), \text{агар } |x|>1 \text{ бошад.} \end{cases}$$

доро мешавем, аз ин ҷо

$$f'(x) = \begin{cases} \dfrac{2}{1-x^2} \text{агар } |x|<1 \text{ бошад,} \\ -\dfrac{2}{(1-x^2)} \text{агар } |x|>1 \text{ бошад.} \end{cases}$$

$-$ро ҳосил менамоем.

Тавре мебинем, ҳосилаи функсия $f'(x)$ дар $(1,+\infty)$ ба ҳосилаи функсия $-2\, arctg\, x$ ва дар интервали $(-\infty,-1)$ бошад, бо ҳосилаи функсияи $-2\, arctg\, x$ мувофиқ меояд. Пас, мувофиқи нишонаи доимияти функсия муносибати зерин ҷой дорад:

$$(*) \quad \begin{cases} \arcsin\frac{2x}{1+x^2} + 2\, arctg\, x = c_1 \text{ дар интервали } ]1,+\infty[, \\ \arcsin\frac{2x}{1+x^2} - 2\, arctg\, x = c_2 \text{ дар интервали } ]-1,1[, \\ \arcsin\frac{2x}{1+x^2} + 2\, arctg\, x = c_3 \text{ дар интервали } ]-\infty,-1[ \end{cases}$$

Акнун $x = \sqrt{3} \epsilon\ ]1,+\infty[$ ро фарз намуда,

$$c_1 = \arcsin\frac{2\sqrt{3}}{1+3} + 2\, arctg\, \sqrt{3} = \arcsin\frac{\sqrt{3}}{2} + 2\cdot\frac{\pi}{2} = \frac{\pi}{3} + \frac{2\pi}{3} = \frac{3\pi}{3} = \pi;$$

$x = 0 \epsilon\ ]-1,1[$ $-$ро фарз намуда,

$$c_2 = \arcsin 0 - 2\, arctg\, 0 = 0 - 2\cdot 0 = 0\,;$$

$x = -\sqrt{3} \epsilon\ ]-\infty,-1[$ $-$ро фарз намуда,

$$c_3 = \arcsin\frac{2\cdot(-\sqrt{3})}{1+3} - 2\, arctg\, \sqrt{3} == -\arcsin\frac{\sqrt{3}}{2} - 2\cdot\frac{\pi}{3} = -\frac{\pi}{3} - \frac{2\pi}{3} = -\frac{3\pi}{3} = -\pi$$

$-$ро ҳосил менамоем.

Қиматҳои ҳосилкардашударо ба баробариҳои (*) гузошта, формулае, ки исботаш талаб карда мешуд, ҳосил менамоем.

$$\arcsin\frac{2x}{1+x^2} = \begin{cases} \pi - 2\, arctg\, x, \text{дар мавриди } x \geq 1 \text{ будан,} \\ 2\, arctg\, x, \quad \text{дар мавриди } -1 \leq x \leq 1 \text{ будан,} \\ -\pi - 2\, arctg\, x, \quad \text{дар мавриди } x \leq -1 \text{ будан.} \end{cases}$$

**Адабиёт**


1) Ляшко И.И. др. Справочное пособия по математическому анализу. ч.1., Киев, “Высшая школа” , 1978, 696.
2) Моро И.А. Дифференциальное и интегральное исчисление в примерах и задачах (функции одной переменной), “Наука” М: 1973г, 400с/
3) Виленкин Н. Я. и др. Математический анализ дифференциальное исчисление. М: Просвещение, 1978г, 160с.


## ИСТИФОДАБАРИИ МОДЕЛҲОИ МАТЕМАТИКӢ ДАР ҲАЛЛИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ИҚТИСОДӢ


**Раҳимов Р.М. - профессори кафедраи математикаи олии ДДМИТ**
**СолиевМ.Н.-муаллими калони кафедраи математикаи олӣ ДДМИТ**

Назарияи иқтисодии муосир ҳам дар сатҳи микроиқтисодӣ ва ҳам дар сатҳи макроиқтисодӣ, истифодабарии методҳо ва моделҳои математикиро элементи зарурӣ ҳисоб мекунад. Истифодабарии моделҳои математикӣ дар иқтисодиёт дар навбати аввал имконият медиҳад, ки алоқамандии тағйирёбандаҳои иқтисодӣ ва объектҳоро ҷудо ва ба таври сохта (рӯякӣ) тасвир намоем. Зеро, омӯзиши чунин объектҳои мураккаб аз мо дараҷаи баланди абстраксияро талаб мекунад. Дар навбати дувум, аз маълумотҳои саҳеҳи додашуда ва вобастагии методҳои дедуксия, хулоса баровардан мумкин аст, ки он дар шарт пешакӣ омада буд. Дар навбати сеюм, методҳои математикЂ ва омор бо роҳи индуктивӣ имконият медиҳанд, ки оиди объекти тадқиқшаванда донишҳои навин ҳосил намоем, ба шакл ва параметрҳои вобастагии тағйирёбандаҳо, ки дар тадқиқот бештар мушоҳида карда мешаванд, баҳо диҳем. Ва дар навбати чорум бошад, истифодабарии забони математикӣ имконият медиҳад, ки вазъи назариявии иқтисодиро саҳеҳ ва ихчам ифода намуда, ба мафҳумҳои он тасвият андохта, хулоса барорем.

Аввалин маротиба, ҳанӯз соли 1758 дар корҳои илмӣ ва тадқиқотии худ иқтисодчии бузург Ф.Кене моделҳои математикиро дар «Ҷадвали иқтисодӣ» истифода бурда буд. Истифодабарии моделҳои гуногуни математикиро дар корҳои дигар олимон, иқтисодчиён вохӯрдан мумкин аст. Истифодабарии моделҳои математикӣ дар давраи муосир ба таври васеъ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ татбиқ карда мешаванд.

Вазифаи аввалиндараҷа дар давраи ҳозира, ин моделсозии давраи гузариш мебошад. Ба ҳама гуна тадқиқотҳои иқтисодӣ , ҳама вақт кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки назария (моделҳои иқтисоди)-ро ба амалия (маълумотҳои оморӣ) ҳамҷоя намоянд.

Мо моделҳои назариявиро барои навишт ва баёни ҷараёнҳои мушоҳидакардашуда истифода мебарем. Маълумоти омориро бошад, бо мақсади сохтанҳои эмпирикӣ ва асосноккунии моделҳо ҷамъовари менамоем.

Методҳо ва моделҳои математикӣ дар иқтисодиёт вобаста ба шарт ва мазмуни масъала дар шаклҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Аз ҷумла, ин методҳо ва моделҳои математикӣ барои ҳалли масъалаҳои гуногуни иқтисодӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ : бонк, молия, хоҷагии қишлоқ ва ғайраҳо васеъ татбиқ кардан мумкин аст.

Дар математикаи молиявӣ дар мавзӯи «Сармоягузории такрорӣ аз рӯи фоизҳои оддӣ» бо чунин моделҳои одитарини математикӣ вохӯрдан мумкин аст.

Омадааст: суммаи амонатҳои дар охири муддати нишондодашуда бо якҷоягии фоизи ба он баҳисобгирифташуда мумкин аст бори дигар ба ин ва ё бо андозаи фоизи дигар ба сармоя гузошта шавад. Раванди сармоягузории такрорӣ дар баъзе мавридҳо дар ҳудуди муҳлати баҳисобгирифташудаи-N, якчанд маротиба такрор шавад. Суммаи афзуншуда дар ҳолати сармоягузории бисёркаратаи амонатҳои кӯтоҳмуддат ва татбиқи андозаи фоизи одӣ барои тамоми муҳлати $N=\sum_i n_i$ -бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$S=P(1+n_1 i_1)(1+n_2 i_2)\ldots\ldots(1+n_m i_m)=\prod_{j=1}^{m} P(1+n_j i_j) \qquad (1),$$

ки дар инҷо:

$n_1, n_2 \ldots\ldots\ldots n_m$ –дарозмуддатии муҳлатҳои пайдарпаии сармоягузории такрорӣ,

$i_1 \quad i_2 \ldots\ldots\ldots i_m$ –меъёри фоизҳое,ки бо онҳо сармоягузории такрорӣ иҷро мешаванд.

Масъалаи мушаххасро вобаста ба татбиқи модели 1 дида мебароем:

**Масъалаи 1**

Сармоягузор фарз мекунем, ки 5000 сомонӣ бо меъёри 8%-и солона ба корхонае дар шакли қарз аз 01.01 то 31.03 соли ҷорӣ пешниҳод менамояд. Фоиз одӣ мебошад. Агар амалиёти сармоягузории такрорӣ дар муддати як семоҳа(квартал) ҳар моҳ гузаронида шавад, суммаи афзуншавӣ ёфта шавад.

Аз формулаи 1-ум истифода мебарем:
$S = 5000 \cdot (1 + 0{,}08 \cdot \frac{31}{365}) \cdot (1 + 0{,}08 \cdot \frac{28}{365}) \cdot (1 + 0{,}08 \cdot \frac{31}{365}) = 5099{,}15$ сомонӣ.

**Масъалаи 2**

Транта (вексели интиқолшаванда)-и пардохти ба маблағи 1000 сомонӣ 15.05.2015 дода шудааст. Соҳиби вексел вайро дар бонк 15.04.2015 аз рӯи меъёри ҳисобии 28% ба ҳисоб гирифтааст. То мӯҳлати охири давра 30 рӯз боқи мондааст. Ҳангоми ҳисоби сумма (бе пардохти комиссионӣ) баробар аст:

$$P = 1000 \cdot (1 - \frac{30}{360} \cdot 0{,}28) = 976{,}67 \text{ сомонӣ.}$$

Дисконт 23,33 (1000-976,67=23,33) сомониро ташкил мекунад*.

Ба шарти мисол илова ворид менамоем. Бигзор барои ҳамаи маблағи қарз фоизро аз рӯи меъёри фоизи оддӣ i=28,5% ҳисоб намоем. Дар ин ҳолат лозим аст ду вазифаро бояд ҳал кард: маблағи афзоиши қарз ва маблағи гирифташавандаро ҳангоми ҳисобнамоӣ муайян намоем. Ҳардуи амали пайдарпаиро бо як формула ифода менамоем.

Яъне: $P^n = P \cdot (1 + ni)(1 - n'd)$

дар инҷо:

$n$-мӯҳлати умумии уҳдадорӣ,

$n'$-мӯҳлат аз лаҳзаи ҳисобгирӣ то адонамоӣ.

*Дисконт- ин нигоҳ доштани фоиз дар амалиётҳои бонкӣ мебошад.

Бигзор дар мисоли мазкур $n = \frac{120}{360}$ бошад, онгоҳ

$$P^n = 1000 \cdot (1 + \frac{120}{360} \cdot 0{,}285)(1 - \frac{30}{360} \cdot 0{,}28) = 1000 \cdot 1{,}095 \cdot 0{,}9767 = 1069{,}49 \text{ сомонӣ}$$

мешавад.

Ҳамин гуна моделҳои математикиро дар соҳаҳои истеҳсолот ҳам истифода бурдан мумкин аст.

**Масъалаи 3**

Фарз мекунем, ки корхона баъди истифодабарии таҷҳизоти нави техникӣ, ҳаҷми миёнаи ҳосилнокии меҳнатро ба андозаи 35% зиёд карда, миқдори истеҳсоли воҳиди маҳсулот дар як рӯз ба 200000 воҳид расонид. Талаб карда мешавад, ки истеҳсоли воҳиди маҳсулотро дар корхона то истифодабарии таҷҳизоти нав дар як рӯз ёфта шавад.

Барои бузургиҳои дар масъала овардашуда ишоратҳои заруриро дохил менамоем:

истеҳсол дар ибтидо-$T_0$,

истеҳсол дар охир –$T_1$,

фоизи зиёдшавии ҳосилнокии меҳнат –R

ва вобастагии байни онҳоро (аз таърифи миёнаи ҳосилнокии меҳнат $\frac{T}{L}$) дар чунин шакл менависем:

$$T_1 = T_0 \frac{L_1}{L_0} = T_0 \left\{ 1 + \frac{(L_1 - L_0)}{L_0} \right\} = T_0 \left( 1 + \frac{R}{100} \right)$$

Бузургиеро, ки барои мо лозим аст, аз ҳалли муодилаи асосӣ меёбем:

$$T_0 = \frac{T_1}{1 + \frac{R}{100}} = \frac{200000}{1{,}35} = 148148{,}15 \textit{в.м.}$$

Адабиёт:


1.Бешелев С.Д, Гурвич Ф.Г. Математико-статистические методы экспертных оценок. М.Статистика,1977

2.Дубров А.М. Математическая статистика для бизнесменов и менеджеров : Учебное пособие с задачами / А.М. Дубров; В.С. Мхитарян, Л.И. Трошин, Каф. математической статистики и эконометрики, М:МЭСИ 2000. - 142 с Мастяева, И.Н., Семенихина О.Н. Методы оптимизации: М.- МЭСИ, 2005.

3.Замков О.О, Толстопятенко А.В.,Черемных Ю.Н. Математические методы в экономике, Москва, 2004.

4.Четыркин Е.М., Финансовая математика, учебник-7-еизд.,Москва., Дело, 2007, стр.50-54.


## ҲОЛАТИ СИНГУЛЯРИИ МАСЪАЛАИ КАНОРИИ (А) БАРОИ НИМҲАМВОРӢ


**Усмонов Н., Кабиров А.Т. -устодони кафедраи математикаи олии ДДМИТ**


Бигузор Г тири ҳақиқӣ бошад. Мақсади масъалаи канорӣ ин ёфтани ду функсияи аналитикии $\varphi^{+}(z)$, $\varphi^{-}(z)$ мебошад, ки мувофиқан, дар нимҳамвори -ҳои болоӣ ва поёнӣ (ё қисм-қисм-аналитикии $\varphi(z)$) воқеъ буда, бо интеграли

шаклаш Коши пешниҳод шудаанд ва шарти канории

$$\varphi^+(t)=\frac{\prod_{r=1}^{J}|t-\tau_r|^{d_r}}{\prod_{n=1}^{N}|t-\xi_n|^{s_n}}\cdot a(t)\cdot\varphi^-(t)+\frac{\prod_{r=1}^{J}|t-\tau_r|^{d_r}}{\prod_{n=1}^{N}|t-\xi_n|^{s_n}}\cdot b(t)\cdot\overline{\varphi^-(t)}+c(t), \qquad (A)$$

– ро қонеъ мекунанд, ки дар ин ҷо $-\infty<t<\infty$, $\varphi^+(\infty)=\varphi^-(\infty)=c(\infty)=0$ ва $a(t)$, $b(t)$, $c(t)\in H(\Gamma)$ дар атрофи нуқтаҳои $\tau_r$, $\xi_n$, мувофиқан, ҳосилаҳои тартибашон $d$ ва $s$ – ро, ки шарти Гёлдерро қаноат мекунанд, соҳиб мебошанд ва $a(t)\neq 0$, $b(t)\neq 0$.

Ишораҳои зеринро дохил мекунем:

$\sum_{r=1}^{J}d_r=\sum_{r=1}^{J}(q_r^{(1)}-\varsigma_r^{(1)})$, $\sum_{n=1}^{N}s_n=\sum_{n=1}^{N}(q_n^{(2)}-\zeta_n^{(2)})$, $\sum_{r=1}^{J}q_r^{(1)}$, $\sum_{n=1}^{N}q_n^{(2)}$ – ададҳои бутун, $\sum_{r=1}^{J}\varsigma_r^{(1)}$, $\sum_{n=1}^{N}\zeta_n^{(2)}$ – қисми касрии онҳо.

Азбаски

$$\prod_{r=1}^{J}|t-\tau_r|^{d_r}=\prod_{r=1}^{J}(t-\tau_r)^{d_r}\cdot\exp\left(-i\sum_{r=1}^{J}\theta_r^{(1)}d_r\right);$$

$$\prod_{n=1}^{N}|t-\xi_n|^{S_n}=\prod_{n=1}^{N}(t-\xi_n)^{S_n}\cdot\exp\left(-i\sum_{n=1}^{N}\theta_n^{(2)}S_n\right),$$

ки дар ин ҷо $\theta_r^{(1)}=\arg(t-\tau_r)$, $\theta_n^{(2)}=\arg(t-\xi_n)$. Бинобар ин, шарти канории (А) – ро ба намуди зерин меорем:

$$\varphi^+(t)=\frac{\prod_{r=1}^{J}(t-\tau_r)^{q_r^{(1)}}}{\prod_{n=1}^{N}(t-\xi_n)^{q_n^{(2)}}}\cdot\prod_{r=1}^{J}(t-\tau_r)^{\zeta_r^{(1)}}\cdot\prod_{n=1}^{N}(t-\xi_n)^{-\zeta_n^{(2)}}\cdot$$

$$\cdot\exp\left(i\sum_{n=1}^{N}\theta_n^{(2)}s_n-i\sum_{r=1}^{J}\theta_r^{(1)}d_r\right)\cdot a(t)\cdot\varphi^-(t)+$$

$$+\frac{\prod_{r=1}^{J}(t-\tau_r)^{q_r^{(1)}}}{\prod_{n=1}^{N}(t-\xi_n)^{q_n^{(2)}}}\cdot\prod_{r=1}^{J}(t-\tau_r)^{\zeta_r^{(1)}}\cdot\prod_{n=1}^{N}(t-\xi_n)^{-\zeta_n^{(2)}}\cdot$$

$$\cdot\exp\left(i\sum_{n=1}^{N}\theta_n^{(2)}s_n-i\sum_{r=1}^{J}\theta_r^{(1)}d_r\right)\cdot b(t)\cdot\overline{\varphi^-(t)}+c(t). \qquad (1)$$

Фарз мекунем, ки дар (1):

$$\varphi^{-}(z)=\prod_{n=1}^{N}(z-\zeta_n)^{q_n^{(2)}}\cdot z^{-q_n^{(2)}}\cdot\Phi_1^{-}(z);$$

$$\overline{\varphi^{-}(z)}=\overline{\prod_{n=1}^{N}(z-\xi_n)^{q_n^{(2)}}\cdot z^{-q_n^{(2)}}\Phi^{-}(z)}=$$

$$=\prod_{n=1}^{N}(z-\xi_n)^{q_n^{(2)}}\cdot\overline{z^{-q_n^{(2)}}}\cdot\exp\left(-2i\cdot\sum_{n=1}^{N}\theta_n^{(2)}q_n^{(2)}\cdot\overline{\Phi^{-}(z)}\right).$$

Бисёраъзогии интерполятсионии $\mathrm{T}(t)$ - ро тарзе тартиб медиҳем, ки он шарти зеринро қонеъ намояд:

$$C^{(u)}(\tau_r)=\mathrm{T}^{(u)}(\tau_r),\ (u=0,1,...,q_r^{(1)}-1,\ \ r=1,2,...,j)\,. \qquad (2)$$

Бо ёрии (1) ва бисёраъзогии интерполятсионии (2) шарти канориро дар намуди зерин менависем:

$$\varphi^{+}(t)=\prod_{r=1}^{J}(t-\tau_r)^{\zeta_r^{(1)}}\cdot\prod_{n=1}^{N}(t-\xi_n)^{-\zeta_n^{(2)}}\cdot\exp\left(i\sum_{n=1}^{N}\theta_n^{(2)}s_n-i\sum_{r=1}^{J}\theta_r^{(1)}d_r\right)\cdot a(t)\cdot\varphi^{-}(t)+$$

$$+\prod_{r=1}^{j}(t-\tau_r)^{\zeta_r^{(1)}}\cdot\prod_{n=1}^{N}(t-\xi_n)^{-\zeta_n^{(2)}}\cdot\exp\left(i\sum_{n=1}^{N}\theta_n^{(2)}s_n-i\sum_{r=1}^{J}\theta_r^{(1)}d_r\right)\cdot b(t)+c_1(t),$$

ки дар ин ҷо $\quad \Phi^{+}(t)=\dfrac{\varphi^{+}(t)-\mathrm{T}(t)}{\prod_{r=1}^{J}(t-\tau_r)^{q_r^{(1)}}},$

ё $\quad \Phi_2^{+}(t)=A(t)\Phi^{-}(t)+B(t)\overline{\Phi^{-}(t)}+c_1(t),$

ё $$A(t)=\prod_{r=1}^{J}(t-\tau_r)^{\zeta_r^{(1)}}\cdot\prod_{n=1}^{N}(t-\xi_n)^{-\zeta_n^{(2)}}\cdot\exp\left(i\sum_{n=1}^{N}\theta_n^{(2)}s_n-i\sum_{r=1}^{J}\theta_r^{(1)}d_r\right)\cdot a(t),$$

$$B(t)=\prod_{r=1}^{J}(t-\tau_r)^{\zeta_r^{(1)}}\cdot\prod_{n=1}^{N}(t-\xi_n)^{-\zeta_n^{(2)}}\cdot\exp\left(i\sum_{n=1}^{N}\theta_n^{(2)}s_n-i\sum_{r=1}^{J}\theta_r^{(1)}d_r\right)\cdot b(t).$$

Маълум аст, ки функсияҳои $A(t),\ B(t)$ функсияҳои бисёрқимата мебошанд. Бинобар ин, функсияи бисёрқиматаи аналитикиро дар ҳамвории буридашудаи мувофиқ ҳамчун функсияи яккиматаи канишнок дида мебароем. Барои функсияи бисёрқиматаро ба функсияи яккимата табдил додан, дар ҳамвории $z$ аз нуқтаи $z_0$ сар карда, аз болои нуқтаҳои $\zeta_r,\zeta_k$ то беохирӣ бурриш мегузаронем. Дар натиҷа, дар ҳамвории буридашуда ҳар ду функсия яккимата мешаванд, ҳоло он, ки ин буриш барои ин функсияҳо хати каниш мешавад.

Функсияҳои махсусро ворид мекунем, ки дар нуқтаҳои $\zeta_r,\zeta_k$ ҳамчун функсияҳои $A_1(t),\ B_1(t)$ ҳамин канишҳоро доранд.

Функсияҳои навро месозем:

$$\Phi_1^+(z) = z\cdot\prod_{k=1}^{N}(z-\zeta_k)^{q_k^{(2)}}\cdot\prod_{r=1}^{\omega}(z-\zeta_r)^{q_r^{(2)}}\cdot\Phi_1(z);$$

$$\varphi_1^-(z) = \prod_{r=1}^{\omega}\left(\frac{z-\zeta_r}{z-z_0}\right)^{q_r^{(2)}}\cdot\prod_{k=1}^{N}\left(\frac{z-\zeta_k}{z-z_0}\right)^{q_k^{(2)}}\cdot\varphi^-(z);$$

$$\Phi_1^+(t) = A(t)\cdot\prod_{k=1}^{N}(t-z_0)^{-q_k^{(2)}}\cdot\prod_{r=1}^{\omega}(t-z_0)^{q_r^{(2)}}\cdot\varphi_1^-(t) +$$

$$+B(t)\cdot\overline{\prod_{k=1}^{N}(t-z_0)^{-q_k^{(2)}}}\cdot\overline{\prod_{r=1}^{\omega}(t-z_0)^{q_r^{(2)}}}\cdot\overline{\Phi_1^-(t)}_1 + c_1(t)$$

ё

$$\Phi_1^+(t) = A_1(t)\Phi_1^-(t) + B_1(t)\overline{\Phi_1^-(t)} + c_1(t). \qquad (A_1)$$

Аз натиҷаи ҳосилшуда теоремаи зерин бармеояд.

**Теорема.** *Бигузор функсияи* $A(t)$ *дар тири ҳақиқӣ шарти Гёлдерро қаноат мекунад ва* $A(t)\neq 0$, $æ = Ind_{\Gamma}A_1(t) = \frac{1}{2\pi i}\{\ln A_1(t)\}_{-\infty}^{\infty}$, $B(t)$ – *функсияи маҳдуд ва ченшаванда,* $c(t)\in L_2(-\infty,\infty)$, $\varphi^{\pm}(t)\in L_2(-\infty,\infty)$ *мебошанд. Агар шарти*

$$\sup_{-\infty<t<\infty}\left|\frac{B(t)}{A(t)}\right|<1 \quad \left(\sup_{-\infty<t<+\infty}\left|\frac{b(t)}{a(t)}\right|<1\right)$$

*иҷро шавад, он гоҳ тасдиқоти зерин ҷой доранд*:

1) *агар* $æ\geq 0$ *бошад, он гоҳ* $l = 2æ$, $p = 0$;

2) *агар* $æ < 0$ *бошад, он гоҳ* $l = 0$, $p = 2|æ|$.

*Бинобар ин, барои ҳалшавандагии масъалаи ғайриякҷинсаи* (A), *зарур ва кифоя аст, ки шарти*

$$\int_{-\infty}^{\infty}(t-i)^{-k}Q[c(t)]\,dt = 0 \qquad (*)$$

*иҷро шавад, ки дар ин ҷо* $k = 1, 2,\dots, -æ$, $Q$ *– оператори хаттӣ мебошад.*

Исбот.

1. Бигузор $ж\geq 0$.

Фарз мекунем:

$$\Psi^+(z) = \left(\frac{z-i}{z+i}\right)^{-ж}\cdot\left[\Phi_1^+(z) - \rho_{ж-1}\left(\frac{z-i}{z+1}\right)\right] = 0,$$

ки дар ин ҷо полином $\rho_{ж-1}\left(\frac{z-i}{z+1}\right)$ – тарзе интихоб карда шудааст, ки функсияи $\Psi^{+}(z)$ дар нуқтаи $z=i$ қутб надошта бошад. Он гоҳ ($A_1$) – ро дар намуди зерин навиштан мумкин аст:

$$\Psi^{+}(t)=A_2(t)\Psi^{-}(t)+B_2(t)\overline{\Psi^{-}(t)}+c_1(t), \qquad (3)$$

ки дар ин ҷо $$A_2(t)=\left(\frac{t-i}{t+i}\right)^{-ж}\cdot A_1(t);\ B_2(t)=\left(\frac{t-i}{t+i}\right)^{-ж}\cdot B_1(t),$$

$$c_2(t)=\left(\frac{t-i}{t+i}\right)^{-ж}\cdot\left[c_1(t)-\rho_{ж-1}\left(\frac{t-i}{t+1}\right)\right].$$

Азбаски $Ind_\Gamma A_1(t)=0$ аст, он гоҳ $A_2(t)$ - ро дар намуди зерин навиштан мумкин аст:

$$A_2(t)=\frac{\chi^{+}(t)}{\chi^{-}(t)},$$

ки дар ин ҷо $$\chi^{-}(z)=\exp[F(z)];\ \chi^{-}(z)=\left(\frac{z-i}{z+i}\right)^{-ж}\cdot\exp[F(x)],$$

$$F(z)=\frac{1}{2\pi i}\int_{-\infty}^{\infty}\ln\left[\left(\frac{t_1-i}{t_1+i}\right)^{-ж}\cdot A_2(t_1)\right]\frac{dt_1}{t_1-z}.$$

Қимати $A_2(t)$ - ро дар (3) ба инобат гирифта, ҳосил мекунем:

$$\Psi^{+}(t)-\Psi^{-}(t)=\frac{B_2(t)}{A_2(t)}\cdot\frac{\overline{\chi^{-}(t)}}{\chi^{-}(t)}\cdot\overline{\Psi^{-}(t)}+\frac{c_1(t)}{\chi^{+}(t)}, \qquad (4)$$

ки дар ин ҷо $$\Psi^{+}(z)=\frac{\psi^{+}(z)}{\chi^{+}(z)},\quad \Psi^{-}(z)=\frac{\psi^{-}(z)}{\chi^{-}(z)}.$$

Ҳалли масъалаи канонии (4) – ро дар намуди шаклаш Коши меҷӯем:

$$\Psi(z)=\frac{1}{2\pi i}\int_{-\infty}^{\infty}\frac{\mu(t_1)}{t_1-z}dt_1.$$

Акнун формулаи Сохотский-Племелро дар (4) гузошта, муодилаи интегралии зеринро ҳосил мекунем:

$$\mu(t)=\frac{B_2(t)}{A_2(t)}\cdot\frac{\overline{\chi^{-}(t)}}{\chi^{-}(t)}\cdot\frac{1}{2}\overline{\left(-\mu+S\mu\right)}+$$

$$+\left[c_1(t)-\rho_{ж-1}\left(\frac{t-i}{t+1}\right)\right]\cdot\left(\frac{t-i}{t+i}\right)^{-ж}\cdot\frac{1}{\chi^+(t)},\qquad (5)$$

ки ба масъалаи канорӣи ($A_1$) эквивалент аст.

Барои ҳосил намудани ҳалли муодилаи интегралӣ аз рӯи шарти

$$Sup\left|\frac{b(t)}{a(t)}\right|\cdot\frac{1+Sp}{2}<1$$

ва принсипи инъикоси фишурдашуда, муодилаи (5) барои ҳар гуна аъзои озод ҳалли ягонаро соҳиб мешавад.

Бояд қайд кард, ки $Sp$ – нормаи оператори

$$S\mu=\frac{1}{\pi i}\int_{-\infty}^{\infty}\frac{\mu(t_1)}{t_1-t}dt_1 \text{ дар } L_2(-\infty,\infty)$$

мебошад, ин чунин барои давраи воҳидӣ (ниг.[3]). Бинобар ин, $c_1(t)$ ва $\rho_{æ-1}$

- ро баробар ба пайдарпайии

$$1,i,\left(\frac{t-i}{t+i}\right),\ i\left(\frac{t-i}{t+i}\right),\dots,\left(\frac{t-i}{t+i}\right)^{ж-1},\ i\left(\frac{t-i}{t+i}\right)^{ж-1}$$

гирифта, силсилаи масъалаҳои (4) - ро, ки ба муодилаи интегралии (5) эквивалент мебошанд, ҳосил мекунем. Аз онҳо ҳалли хаттӣ новобастаи масъалаи якҷинсаи ($A_1$) – ро барои нимҳамворӣ меёбем. $\rho_{ж+1}=0$ ва $c_1(t)\neq 0$ - ро гузошта, ҳалли хусусии масъалаи ғайриякҷинсаро ҳосил мекунем.

2. Бигузор æ < 0 бошад. Он гоҳ

$$\Phi_1^+(z)=\left(\frac{z-i}{z+i}\right)^{ж}\cdot\Psi^+(z)+\rho_{ж-1}\left(\frac{z-i}{z+i}\right)$$

дар нуқтаи $z=i$ соҳиби қутб мешавад ва барои бартараф намудани он зарур ва кифоя аст, ки шартҳои иловагӣ иҷро шаванд, то ин ки функсияи $\Psi(z)$ ҳангоми $z=i$ дорои тартиби нулии $|ж|$ шавад. Ин ба шарти ҳалшавандагии (*) меорад.

***Қайд***. Масъалаи канорӣи (А) – ро барои нимҳамворӣ ба ҳолате, ки контури Г давраи воҳидӣ мебошад, овардан мумкин

аст. Барои ин ҳамвории болоиро инъикос намудан лозим меояд, масалан, функсияи $\zeta=\dfrac{z-i}{z+i}\left(\tau=\dfrac{t-i}{t+i}\right)$ - ро ба доираи $|\zeta|\le 1$. Дар ин ҳолат инъикоси тири ҳақиқӣ ба давраи ҳамвории $\varsigma$ мегузарад.

Акнун, ҳалли масъалаи канорӣ (А) – ро барои нимҳамворӣ дар ҳолате, ки шарти (∗) иҷро намешавад, дида мебароем.

Масъалаи додашуда бояд ба ҳолати хати сарҳадии охирнок оварда шавад. Барои ин мақсад бояд нимҳамвории болоӣ ба доираи радиусаш воҳид ва функсияи марказаш нулӣ:

$$\zeta = \frac{z-i}{z+i}, \quad \left(\tau = \frac{t-i}{t+i}\right), \qquad (6)$$

инъикос карда шавад, ки дар ин ҷо $\tau$ – нуқтаи давраи $|\zeta| = 1$.

Агар нуқтаи $\tau$ ба самти мусбати тири ҳақиқии ҳамвории z равона шавад, он гоҳ нуқтаи мувофиқи он $\tau$ - и ҳамвории $\zeta$ давраи $|\zeta| = 1$ - ро дар ин самт тасвир мекунад, ки ҳамчун самти мусбат қабул карда мешавад ва аз чап доираи маҳдудшудаи онро мемонад.

Функсияи $\varphi(z) = \varphi\left(\frac{\zeta+1}{i(\zeta-1)}\right)$ - ро бо $\varphi_1(\zeta)$ ишора мекунем ва

$$a_1(\tau) = a\left(\frac{\tau+1}{i(\tau-1)}\right), \quad b_1(\tau) = b\left(\frac{\tau+1}{i(\tau-1)}\right), \quad c_1(\tau) = c\left(\frac{\tau+1}{i(\tau-1)}\right).$$

Баъд аз он, дар давраи воҳидӣ шарти канорӣ намуди зеринро мегирад:

$$\varphi_1^+(\tau) = a_1(\tau)\varphi_1^-(\tau) + b_1(\tau)\overline{\varphi_1^-(\tau)} + c_1(\tau), \quad \varphi^-(\infty) = 0.$$

**Адабиёт**


1. Гахов Ф. Д. Краевые задачи. //–М.: Наука. 1977. 640 стр.

2. Михайлов Л. Г. Новый класс особых интегральных уравнений его применения к дифференциальным уравнениям с сингулярными коэффициентами // Душанбе. Издательство Дониш. 1963. 183 с.

3. Сабитов И.Х. Об одной краевой задаче сопряжения на окружности //Сибир. математ. журнал, т. V, №1. 1964. С.17 – 23.

4. Усмонов Н. Особые случаи краевой задачи с производной на окружности //ДАН Тадж. ССР, т. XVII, №5, 1974. С.12–16.

5. Усмонов Н., Кабиров А.Т. Общая краевая задача сопряжения с производными для круга в сингулярном случае //Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2013. – №1/1(102). – С. 47 – 60.

6. Кабиров А.Т.Сингулярные случаи общей граничной задачи линейного сопряжения на окружности с коэффициентами из более общих классов //Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2017. – №1/3. – С.14 – 18.

7. Кабиров А.Т.Сингулярные случаи задачи сопряжения аналитических функций на окружности //Сборник научных трудов ФЭИТ. Часть 2. – 2013. – С.416 – 425.

## ВНУТРЕННАЯ СИНГУЛЯРНАЯ ОДНОРОДНАЯ ЗАДАЧА ТИП КАРЛЕМАНА

**Усмонов Н.- д.и.ф-м., профессори кафедраи математикаи олии ДДМИТ**

**Шадманов М.У.- н.и.ф-м., дотсенти кафедраи математикаи олии ДДМИТ**

Рассматривается краевая задача вида Карлемана для односвязной области в сингулярном случае. Сформулируем внутреннюю задачу.

Требуется найти функцию $\Phi^{+}(z)$, аналитическую во внутренней области $D^{+}$, которая ограничена простым замкнутым кривым типа Ляпунова $\Gamma$, и по заданному краевому условию удовлетворяет условию Гельдера в области $D^{+}\cup\Gamma$

$$\Phi^{+}[\alpha(t)]=\frac{\prod_{r=1}^{I}(t-\tau_r)^{d_r}}{\prod_{n=1}^{N}(t-\xi_m)^{s_n}}G_1(t)\overline{\Phi^{+}(t)}, \qquad (1)$$

где для $\alpha(t)$ выполняется условие Карлемана

$$\alpha[\alpha(t)]=t, \qquad (2)$$

$$G_1(t),\ \alpha'(t)\in\Gamma,\ G_1(t)\neq 0,\ \alpha'(t)\neq 0.$$

Здесь $\tau_r, s_n$ - некоторые несовпадающие точки контура, $d_r, s_n$ - натуральные числа и $ж=\frac{1}{2\pi}\{\arg G_1(t)\}_{\Gamma}$.

Отметим, что коэффициент $G_1(t)$ удовлетворяет тождеству

$$G_1[\alpha(t)]\overline{G_1(t)}=1. \qquad (3)$$

Введём обозначения $\sum_{r=1}^{I}d_r=d,\ \sum_{n=1}^{N}s_n=s.$

Решение данной задачи проводится в классе функций, ограниченной на контуре.

Для класса функций, ограниченных на контуре справедлива следующая теорема.

**Теорема.** *Пусть* $ж=\frac{1}{2\pi}\{\arg G_1(t)\}_{\Gamma}=2m$. *Число* $l$ *- линейно независимых решений внутренней однородной краевой задачи Карлемана вычисляется по формуле* $l=\max(0,\ ж+1)$.

*Все нетривиальные решения задачи могут быть найдены по формуле*

$$\Phi^{+}(z)=\prod_{r=1}^{I}(z-\tau_r)^{d_r}\cdot z^{ж/2}\chi_0^{+}(z)\sum_{j=0}^{ж}\beta_j W_J(z),$$

*где*

$$W_j = \frac{1}{z^j} + \frac{1}{2\pi i}\int_{\Gamma} \frac{\varphi_j[\alpha(\tau)]}{\tau - z} d\tau .$$

**Литература**

1.Михайлов Л. Г. - Новый класс особых интегральных уравнения и его применения к дифференциальным уравнениям с сингулярными коэффициентами. Изд-во АН Тадж. ССР, Душанбе, 1963, с. 183.

2.Михайлов Л.Г., Усманов Н.У., Сингулярные краевые задачи сопряжения ДАНР т.387, т.3, 309-313с.

3. Усманов Н., Шадманов М.У. Внешняя граничная задача Карлемана в сингулярном случае. //Вестник Национального университета. Серия естественных наук. № 1\1 (102) . 2013. С. 60 – 67.

## ҲОЛАТИ СИНГУЛЯРИИ МАСЪАЛАИ КАНОРИИ ҲАМРОҲШУДАИ ФУНКСИЯҲОИ АНАЛИТИКӢ БО ҲОСИЛАИ ТАРТИБИ ОЛӢ ДАР ДОИРА

**Кабиров А.Т., Саидов Б.Б. -дотсентони кафедраи математикаи олӣ**

Бигузор $D^+$ ва $D^-$ – мувофиқан, қисмҳои дохилӣ ва берунии доираи $|z| \le 1$, $\Gamma$ – давраи воҳидӣ: $|t| = 1$ бошанд.

Масъалаи канории функсияи аналитикии

$$\varphi^+(t) = a_n(t)\frac{d^n\varphi^-}{dt} + b_n(t)\overline{\frac{d^n\varphi^-}{dt^n}} + \sum_{k=0}^{n-1} b_k(t)\overline{\frac{d^k\varphi^-}{dt^k}} + c(t)$$

(1)

- ро дида мебароем.

Бигузор дар масъалаи канории (1) $a_n(t)$ дар нуқтаи $t = t_0$ қутб дорад, яъне, $a_n(t) = (t - t_0)^{-d} a_n^*(t)$.

Он гоҳ масъалаи (1) – ро дар намуди зерин навиштан мумкин аст:

$$\varphi^+(t) = \frac{a_n^*(t)}{(t - t_0)^d}\frac{d^n\varphi^-}{dt} + b_n(t)\overline{\frac{d^n\varphi^-}{dt^n}} + \sum_{k=0}^{n-1} b_k(t)\overline{\frac{d^k\varphi^-}{dt^k}} + c(t) .$$

(2)

Пеш аз ҳама, қайд мекунем, ки функсияи аналитикии $\varphi^-(z)$ - ро, ки дар беохирӣ ба нул майл мекунад, метавонем бо ёрии ҳосилаи тартиби $n$ – ум бо формулаи зерин (см.[2]) ифода кунем:

$$\varphi^-(t) = \frac{(-1)^n}{(n-1)!}\cdot\frac{1}{2\pi i}\int_{\Gamma}\frac{\psi_n^-}{\tau^n}(\tau - z)^{n-1}\cdot \ln\left(1 - \frac{\tau}{t}\right)d\tau + \sum_{k=0}^{n-2}\alpha_k z^k \equiv V_n(\psi_n^-), \qquad (3)$$

ки дар ин ҷо $\frac{d^n\varphi^-}{dt^n} = \frac{\psi_n^-}{z^n}$ ва шохаи логарифм бо шарти $\left[\ln\left(1 - \frac{\tau}{z}\right)\right]_{t=\infty} = 0$ ба

$$\alpha_k = \frac{(-1)^n}{(n-1)!} \cdot \frac{\beta_k}{2\pi i} \int_\Gamma \psi_n^-(\tau)\tau^{-k-1} d\tau \quad (k = 0,1,2,\ldots, n - 2), \quad \beta_k = \sum_{j=k+1}^{n-1} \frac{(-1)^j c_{n-1}^j}{j-k}.$$

қайд гирифта шудааст.

Бе душворӣ мебинем, ки ҳосилаи тартиби $k$ бо ёрии ҳосилаи тартиби $n$ чунин ифода меёбад:

$$\frac{d^k \varphi^-}{dz^k} = \frac{(-1)^{n-k}}{(n-1)!} \cdot \frac{1}{2\pi i} \int_\Gamma \frac{\psi_n^-}{\tau^{n-k}} (\tau - z)^{n-k-1} \cdot \ln\left(1 - \frac{\tau}{t}\right) d\tau + \sum_{j=0}^{n-k-2} \alpha_j z^j \equiv V_{n-k}\left(\psi_n^-\right), \qquad (4)$$

Дар шарти канории (2) аз ивазкунии

$$\frac{d^n \varphi^-}{dt^n} = \frac{\psi_n^-}{z^n} = (z - t_0)^d z^{-d-n} \Phi^-(z), \qquad (5)$$

истифода намуда, масъалаи зеринро ҳосил мекунем:

$$\varphi^+(t) = a_n^*(t) t^{-d-n} \Phi^-(t) + b_n(t) \overline{(t - t_0)^d t^{-d-n} \Phi^-(t)} +$$

$$+ \sum_{k=0}^{n-1} \left\{ a_k(t) \cdot V_{n-k}\left[(\tau - t_0)^d \tau^{-d} \Phi^-\right] + b_k(t) \overline{V_{n-k}\left[(\tau - t_0)^d \tau^{-d} \Phi^-\right]} \right\} + c(t) \qquad (6)$$

Маълум аст, ки ҳангоми ивазкунии (5) синфи ҳал тағйир намеёбад, чунки аз шарти канории (2) ва бефосилагиҳои $\varphi^+(t)$, $\frac{d^k \varphi^-}{dt^k}$ $(k = 0,1,2,\ldots, n)$ мебинем, ки $\frac{d^n \varphi^-}{dz^n}$ дар нуқтаи $t = t_0$ нули тартиби $d$ дошта, ғайр аз ин, ифодаи тарафи чапи (5) дар беохири нули тартиби $n + 1$ дорад. Бинобар ин $\Phi_n^-(z)$ дар беохирӣ нули на камтар аз тартиби якумро соҳиб аст.

Фарз мекунем, ки

$$\varphi^+(z) = t^{\text{ж-d-n}} \Pi^-(z) f^+(z) + P_{\text{ж-n-d-1}}(z) \qquad (7)$$

ба масъалаи канории (1) монанд аст, ки дар ин ҷо $\Pi(z) = \prod_{m=1}^{m} (z - z_k)^{\text{ж}_k}$; $z_k \in D_k^-$, æ$_k = Jnd_{\Gamma_k} a_n^*(t)$, æ $= \sum_{k=0}^{m} \text{ж}_k$, $P_{\text{ж-n-d-1}}(z)$ - полином бо коэффитсиентҳои ихтиёрӣ, ҳангоми æ $- n - d - 1 \geq 0$ ва $P_{\text{ж-n-d-1}}(z) \equiv 0$, ҳангоми æ $- n - d - 1 < 0$ мебошанд.

Баъди гузориш дар масъалаи (6)

$$f^+(t) = t^{\text{-ж}} \Pi(t) a_n^*(t) \Phi^-(t) + t^{\text{d+n-ж}} \Pi(t) b_n(t) \overline{(t - t_0)^d t^{-d-n} \Phi^-(t)} +$$

$$+t^{\text{d+n-ж}}\Pi(z)\sum_{k=0}^{n-1}\left\{a_k(t)\cdot V_{n-k}\left[(\tau-t_0)^d\tau^{-d}\Phi^-\right]+b_k(t)\overline{V_{n-k}[(\tau-t_0)^d\tau^{-d}\Phi^-]}\right\}+$$

$$+t^{\text{d+n-ж}}\Pi(z)\left[c(t)-\text{P}_{\text{ж-n-d-1}}(t)\right]. \qquad (8)$$

– ро ҳосил мекунем.

Азбаски $Jnd_{\Gamma_j}t^{\text{-ж}}\Pi(t)a_n^*(t)=0$, $j=0,1,\dots,m$ аст, пас баробарии

$\chi^+(t)=t^{\text{-ж}}\Pi(t)a_n^*(t)\chi^-(t)$ бо функсияи каноникии $\chi(z)$, ки дар ҳама ҷо аз нул фарқ мекунад ва $z=\infty$, муайян карда мешавад, ки дар ин ҷо $\chi^-(\infty)=1$.

Фарз мекунем, ки

$$f^+(z)=\chi^+(z)\omega^+(z),\ \Phi^-(z)=\chi^-(z)\omega^-(z) \qquad (9)$$

мебошад.

Гузориши $\tilde{V}_{n-k}(\omega^-)=V_{n-k}\left[(\tau-t_0)^d\tau^{-d}\chi^-(\tau)\omega^-(\tau)\right]$ - ро дохил намуда,

$$\omega^+(t)-\omega^-(t)=t^{d+n}\frac{b_n(t)}{a_n^*(t)}\cdot\frac{\overline{\chi^-(t)}}{\chi^-(t)}\cdot\overline{(t-t_0)^d t^{-d-n}\omega^-(t)}+\frac{t^{d+n}}{\chi^-(t)a_n^*(t)}\cdot$$

$$\cdot\sum_{k=0}^{n-1}\left\{a_k(t)\cdot\tilde{V}_{n-k}\left[\omega^-\right]+b_k(t)\cdot\overline{\tilde{V}_{n-k}\left[\omega^-\right]}\right\}+t^{\text{d+n-ж}}\Pi(z)\left[c(t)-\text{P}_{\text{ж-n-d-1}}(t)\right] \qquad (10)$$

- ро ҳосил мекунем, ки дар ин ҷо $\omega^-(\infty)=0$ мебошад.

Акнун $\omega(z)$ - ро бо ёрии интеграли шаклаш Коши бо ҳамвории номаълуми $\mu(t)$ ифода мекунем. Барои ёфтани он муодилаи интегралии

$$\mu(t)=t^{d+n}\frac{b_n(t)}{a_n^*(t)}\cdot\frac{\overline{\chi^-(t)}}{\chi^-(t)}\cdot\overline{(t-t_0)^d t^{-d-n}\frac{1}{2}(-\mu+S\mu)}+\frac{t^{d+n}}{\chi^-(t)a_n^*(t)}\cdot$$

$$\cdot\sum_{k=0}^{n-1}\left\{a_k(t)\cdot\tilde{V}_{n-k}\left[\frac{1}{2}(-\mu+S\mu)\right]+b_k(t)\cdot\overline{\tilde{V}_{n-k}\left[\frac{1}{2}(-\mu+S\mu)\right]}\right\}+$$

$$+t^{\text{d+n-ж}}\Pi(z)\left[c(t)-\text{P}_{\text{ж-n-d-1}}(t)\right],\quad \text{где } S\mu=\frac{1}{\pi i}\int_\Gamma\frac{\mu(\tau)}{\tau-z}d\tau$$

(11) – ро истифода мекунем.

Бигузор

$$\left\{\max_t\left|\frac{b_n(t)}{a_n^*(t)}(t-t_0)^d\right|+\sum_{k=0}^{n-1}\left[\max_t\left|t^{d+n}\frac{a_k(t)}{\chi^-(t)a_n^*(t)}\right|+\max_t\left|t^{d+n}\frac{b_k(t)}{\chi^-(t)a_n^*(t)}\right|\right]\left\|\tilde{V}_{n-k}\right\|_{L_2}\right\}\cdot$$

$$\cdot\frac{1+\|S\|_{L_2}}{2}<1 \qquad (12)$$

бошад. Он гоҳ аз рӯи принсипи инъикоси фишурда муодилаи (11) барои ҳар як узви озод ҳалли ягона дорад. Азбаски ҳамаи коэффитсиентҳои муодилаи

(11) шарти Гёлдерро қаноат мекунанд, пас ин ҳал низ аз рӯи Гёлдер бефосила мешавад.

Агар $æ - n - d - 1 < 0$ бошад, он гоҳ $P_{ж\text{-}n\text{-}d-1}(z) \equiv 0$ мешавад ва функсияи $\varphi^{+}(z)$, ки аз (7) муайян карда мешавад, ҳангоми $z = 0$ будан, қутби тартиби $|æ - n - d|$ - ро соҳиб мешавад ва барои бартарафии он $2|æ - n - d|$ - и шарти ҳақиқӣ ё $|æ - n - d|$ - и шарти комплексии намуди

$$\int_{\Gamma} t^{k} R[c(t)]dt = 0,\ k = 0, 1, \ldots, |æ - n - d| - 1 \qquad (13)$$

талаб карда мешавад, ки дар ин ҷо $R$ –оператори хаттӣ мебошад.

Агар $æ - n - d - 1 \geq 0$, $c(t) \equiv 0$ ва $P_{ж\text{-}n\text{-}d-1}(z)$ баробар ба пайдарпайии $1; i; t; it; \ldots; t^{ж\text{-}n\text{-}d\text{-}1}; it^{ж\text{-}n\text{-}d\text{-}1}$ бошад, он гоҳ силсилаи масъалаҳои (8) ва баъд аз он (1) - ро ҳосил мекунем, ки аз онҳо ҳалли новобастаи хаттии масъалаи канории якҷинса ёфта мешавад. Ҳангоми $P_{ж\text{-}n\text{-}d-1}(z) \equiv 0$ ва $c(t) \neq 0$ будан, ҳалли хусусии масъалаи ғайриякҷинсаро меёбем.

Ҳамин тавр, теоремаи зерин исбот шуд.

**Теорема.** *Бигузор $D^{+}$ ва $D^{-}$ – мувофиқан, қисмҳои дохилӣ ва берунии доираи $|z| \leq 1$, $\Gamma$ – давраи воҳидии $|t| = 1$ ва $a_n^{*}(t)$, $b_n(t)$, $a_k(t)$, $b_k(t)$, $c(t) \in H(\Gamma)$ ва шарти (12) иҷро мешавад. Он гоҳ ҳангоми $æ - n - d - 1 \geq 0$, масъалаи якҷинсаи (2) $2|æ - n - d|$ - ҳалли новобастаи хаттӣ дошта, масъалаи ғайриякҷинса бе ягон шарт ҳалшаванда аст. Ҳангоми*

*$æ - n - d - 1 < 0$, масъалаи якҷинса ҳал надорад, ба ғайр аз нул ва барои ҳалшавандагии масъалаи ғайриякҷинса зарур ва кифоя аст, ки $2|æ - n - d|$ шарти ҳақиқӣ ва ё $|æ - n - d|$ шарти комплексии намуди*

$$\int_{\Gamma} t^{k} R[c(t)]dt = 0,\ k = 0, 1, \ldots, |æ - n - d| - 1$$

*талаб карда мешавад, ки дар ин ҷо $R$ –оператори хаттӣ мебошад.*

## Адабиёт


1. Гахов Ф. Д. Краевые задачи. //–М.: Наука. 1977. 640 стр.

2. Михайлов Л. Г. Новый класс особых интегральных уравнений его применения к дифференциальным уравнениям с сингулярными коэффициентами // Душанбе. Издательство Дониш. 1963. 183 с.

3. Сабитов И.Х. Об одной краевой задаче сопряжения на окружности //Сибир. математ. журнал, т. V, №1. 1964. С.17 – 23.

4. Усмонов Н. Особые случаи краевой задачи с производной на окружности //ДАН Тадж. ССР, т. XVII, №5, 1974. С.12–16.

5. Усмонов Н., Кабиров А.Т. Общая краевая задача сопряжения с производными для круга в сингулярном случае //Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2013. – №1/1(102). – С. 47 – 60.

6. Усмонов Н., Кабиров А.Т. Об одной сингулярной краевой задаче сопряжения для круга // Вестник педагогического университета. – 2013. – № 5(54). – С.94 – 97.

7. Усмонов Н., Кабиров А.Т. Краевая задача сопряжения с производными для круга в сингулярном случае // Материалы международной научно-теоретической конференции (г. Курган–Тюбе, 10 –11.05.2013 г.). – С. 117–122.

8. Кабиров А.Т.Сингулярные случаи общей граничной задачи линейного сопряжения на окружности с коэффициентами из более общих классов //Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2017. – №1/3. – С.14 – 18.

9. Кабиров А.Т.Сингулярные случаи задачи сопряжения аналитических функций на окружности //Сборник научных трудов ФЭИТ. Часть 2. – 2013. – С.416 – 425.

## МАСЪАЛАИ КАНОРИИИ РИМАН БО ҶАҲИШ ДАР ҲОЛАТИ СИНГУЛЯРӢ

**М. У. Шадманов. –н.и.ф-м., дотсенти кафедраи математикаи олии ДДМИТ**

**Ф.А. Иноятов. – муаллими калони кафедраи математикаи олии ДДМИТ**

Бигузор контури сарбасти $L$ ҳамвории тағйирёбандааш комплексиро ба ду соҳаҳои $D^+$ ва $D^-$ ҷудо кунад. Ба ғайр аз ин дар контур функсияҳои ҷаҳиши $\alpha(t)$, $c(t) \in \mathrm{H}(L)$ ва фуксияи ҷаҳиши дорои ҳосилаи $\alpha'(t) \in \mathrm{H}(L)$-и ба сифр майлнакунанда дода шуда бошад.

Дар шарти шарти масъала ёфтани функсияҳои дар соҳаҳои $D^+$ ва $D^-$ аналитикии $\varphi^{\pm}(z)$, ки қиматҳои ҳудудиашон дар контури $L$ бефосила буда, шарти канорӣ

$$\varphi^+[\alpha(t)] = \frac{\prod_{k=1}^{\mu}(t-\alpha_k)^{m_k}}{\prod_{j=1}^{\nu}(t-\beta_j)^{p_j}} a_1(t)\varphi^-(t) + c(t), \qquad (1)$$

-ро қаноат мекунад, талаб карда мешавад. Дар шарти канории (1) $\alpha_k$, $\beta_j$ - нуқтаҳои контур ва $m_k$, $p_j$ - ададҳои ҳакикии бутуни мусбат мебошанд.

Ҳалли масъалаи гузошташуда дар синфи функсияҳои дар контур маҳдуд ҷустуҷӯ карда мешавад.

Фарз менамоем, ки дар атрофи нуқтаи контур $t = \alpha_k$ функсияи $c(t)$ $(m_k - 1)$ - маротиба дифференсиронидашуда бошад.

Бисёраъзогии $\mathrm{T}(t)$ - ро чунон тартиб медиҳем, ки шарти

$$c^{(U)}(\alpha_k) = T^{(U)}(\alpha_k),\ (U = 0,1,2,\cdots,m_k - 1,\ k = 1,2,3,\cdots,\mu) \qquad (2)$$

қаноат намояд.

Бо тавассути баробарии $(2)$ масъалаи канории $(1)$ шакли зеринро мегирад:

$$\varphi^{+}[\alpha(t)]-T(t)=\frac{\prod_{k=1}^{\mu}\left(t-\alpha_{k}\right)^{m_k}}{\prod_{j=1}^{\nu}\left(t-\beta_{j}\right)^{p_j}}a_{1}(t)\varphi^{-}(t)+c(t)-T(t),$$

ё ин ки

$$\varphi^{+}[\alpha(t)]-T(t)=\frac{\prod_{k=1}^{\mu}\left(t-\alpha_{k}\right)^{m_k}}{\prod_{j=1}^{\nu}\left(t-\beta_{j}\right)^{p_j}}a_{1}(t)\varphi^{-}(t)+\prod_{k=1}^{\mu}\left(t-\alpha_{k}\right)^{m_k}c_{1}(t).$$

Шарти канориро бо $\prod_{k=1}^{\mu}\left(t-\alpha_{k}\right)^{m_k}$ тақсим намуда, масъалаи зеринро доро мешавем:

$$\frac{\varphi^{+}[\alpha(t)]-T(t)}{\prod_{k=1}^{\mu}\left(t-\alpha_{k}\right)^{m_k}}=\frac{a_{1}(t)}{\prod_{j=1}^{\nu}\left(t-\beta_{j}\right)^{p_j}}\varphi^{-}(t)+c_{1}(t)\ , \qquad (3)$$

ё ин ки $\varphi_{1}^{+}[\alpha(t)]=\frac{a_{1}(t)}{\prod_{j=1}^{\nu}\left(t-\beta_{j}\right)^{p_j}}\varphi^{-}(t)$, ки дар ин ҷо $\varphi_{1}^{+}[\alpha(t)]=\frac{\varphi^{+}[\alpha(t)]-T(t)}{\prod_{k=1}^{\mu}\left(t-\alpha_{k}\right)^{m_k}}$ .

Функсияи $\varphi^{-}(z)$ - ро дар намуди зерин пешниҳод менамоем:

$$\varphi^{-}(z)=\prod_{j=1}^{\nu}\left(z-\beta_{j}\right)^{p_j}\cdot z^{-p}\varphi_{1}^{-}(z). \qquad (4)$$

Бо ёрии баробарии (4), баробарии (3) намуди зеринро мегирад:

$$\varphi_{1}^{+}\left[\alpha(t)\right]=t^{-p}a_{1}(t)\cdot\varphi_{1}^{-}(t)+c_{1}(t). \qquad (5)$$

Ба монади байни масъалаи канории Риман ва масъалаи канори бо ҷаҳиш фикран ба алоқамандии байни онҳо мегузарем. Дар ҳақиқат, ҳамин тавр алоқамандии тарафайнро тартиб додан мумкин аст. Бо ин мақсад инъикоси комформиро истифода мебарем, яъне соҳаҳои $D^{+}$ ва $D^{-}$ - ро ба ду соҳаҳои нави $D_{1}^{+}$ ва $D_{1}^{-}$ чунон мегузаронем, ки нуқтаҳои $t$ ва $\alpha(t)$ контури пештари $L$ дар ҳамон як нуқтаи ба контури нави $L_{1}$ гузарад.

Баъд аз он бо ёрии иваз намудани тағйирёбанда, масъалаи ҷаҳишро ба масъалаи одии Риман овардан мумкин аст.

Аз кофтукови ҳамин гуна инъикоси конформӣ сар мекунем. Масъалаи навбатии ёрирасони бо ҷаҳиши нулиро ҳал менамоем.

$$\omega^{+}[\alpha(t)]-\omega^{-}(t)=0 \qquad (6)$$

Дар ҳолате ки функсияи $\omega^{-}(z)$ дорои қутби беохири тартиби якум

$$\omega^{-}(z) = z + c_0 + \frac{c_1}{z}. \qquad (7)$$

Муодилаи интегралии масъаларо дар шакли зерин:

$$\omega^{-}(t) = \frac{1}{2\pi i}\int_L \left[\frac{\alpha'(\tau)}{\alpha(\tau)-\alpha(t)} - \frac{1}{\tau - t}\right]\omega^{-}(\tau)d\tau = t. \qquad (8)$$

пешниҳод менамоем.

Функсияи $\omega^{-}(t)$-ро, ки аз шарти канории (6) бармеояд, муайян $\omega^{+}(t) = \omega^{-}[\beta(t)]$ намуда, мувофиқи формулаи Коши, функсияи татқиқотии $\omega^{\pm}(z)$ -ро ҳосил мекунем.

Бигзор $\sigma(t)$ - функсияе мебошад, ки ба фуксияи $\omega^{-}(t)$ $\left(\omega^{-}(\sigma(t)) \equiv t\right)$баръакс аст. Дар баробарии (6) $t$ - ро бо $\sigma(t)$ иваз намуда, айнияти зеринеро соҳиб мешавем:

$$\omega^{+}\{\alpha[\sigma(t)]\} \equiv t \qquad (9)$$

Функсияи $\varphi_1(z)$ - и қисм – аналитикиро бо баробарии зерин ворид менамоем:

$$\varphi_1^{+}(z) = \varphi_2^{+}[\omega^{+}(z)], \varphi_1^{-}(z) = \varphi_2^{-}[\omega^{-}(z)]. \qquad (10)$$

Бо ёрии функсияи ҳосилшуда, шарти канории (5) намуди зеринро мегирад:

$$\varphi_2^{+}[\omega^{+}(\alpha(t))] = t^{-p}a_1(t)\cdot\varphi_2^{-}[\omega^{-}(t)] + c_1(t).$$

Дар ин баробари қимати $t = \sigma(t_1)$ гузошта, ҳосил мекунем

$$\varphi_1^{+}[\omega^{+}(\alpha(\sigma(t_1)))] = t^{-p}a_1(\sigma(t_1))\cdot\varphi_1^{-}(t_1) + c_1(\sigma(t_1)).$$

Айнияти (9) – ро ба назар гирифта, ва $a_2 = a_1, c_2 = c_1$- ро ишора намуда,

маъалаи канории Риманро ҳосил мекунем.

$$\varphi_2^{+}(t) = t^{-p}a_2(t)\cdot\varphi_2^{-}(t) + c_2(t). \qquad (11)$$

Барои синфи функсияхои дар контур маҳдуд теоремаи зерин ҷой дорад.

**Теорема.** *Ҳангоми иҷрои шарти* $æ - p \geq 0$ *масъалаи якҷинса бо ҷаҳиш дар ҳолати сингулярӣ дорои ҳалҳои хаттӣ–новобастаи* $æ - p + 1$ *буда, масъалаи ғайри якҷинса бошад, бечунучаро ҳалшаванда аст. Ҳангоми иҷрои шарти* $æ - p \leq -1$ *масълаи якҷинса ҳалшаванда буда, масъалаи ғайри- якҷинса бошад, ҳангоми иҷрои шарти* $-æ + p - 1$ *шакли* $\int_{L_1} \frac{C_2(\tau)}{\chi^{+}(\tau)}\tau^{k-1}d\tau = 0.$

*(* $k = 1, 2, \ldots, -æ + p$ *) – ро дорад.*

**Адабиёт:**

1.Михайлов Л. Г. - Новый класс особых интегральных уравнения и его применения к дифференциальным уравнениям с сингулярными коэффициентами. Изд-во АН. Тадж. ССР, Душанбе, 1963, с. 183.

2. Литвинчук Г.С. – Краевые задачи и сингулярные интегральные уравнения со сдвигом. Москва, 1977, с. 448.

3. Усманов Н., Шадманов М.У. Сингулярные граничные задачи со сдвигом // Вестник национального университета. Серия естественных наук. №1/2 , 2017. С. 29-33.

## ИМКОНИЯТҲОИ ПЕДАГОГИИ ФАЪОЛГАРДОНИИ САМТИ АМАЛИИ КУРСИ МАТЕМАТИКА ТАВАССУТИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТЕМАТИКИИ МАЗМУНАШОН ИҚТИСОДӢ

**Шоймқулов А. М., Назарова З. С.** - ***муаллимони кафедраи математикаи олии ДДМИТ***

Самти амалӣ барои омӯзиши математика, ки яке аз хатҳои дидактикӣ, ки хатҳои дигари (функсионалӣ, ададӣ ва ғайра), ки ба курси математикаи мактабӣ зич алоқаманд, мавқеи мундарича ва усулҳои онро бо алоқамандӣ ба фаъолияти амалӣ дар назар дорад. Бунёди илмҳои дигар, тайёр кардани донишҷӯён барои истифодаи донишҳои риёзӣ дар фаъолияти ояндаи касбии онҳо заруранд.

Дар робита ба ин, ҳадафи асосии таълими математика ташаккули хосиятҳои шуур ба монанди зуҳуроти математикӣ, фазоӣ, мантиқӣ, тафаккури айёнӣ-амалӣ (амалӣ), донистани аломатҳои математикӣ ва забон, инчунин, инкишофи сифатҳои математикии шахсият барои шахс дар ҷомеа зарур буда, суботкорӣ, мақсаднокӣ, мустақилият, тафаккури интиқодӣ, эҳтиёҷот ва қобилият барои пайваста ва мақсаднок васеъ ва амиқтар кардани дониши онҳост.

Татбиқи неруи ташаккулёбандаи математика танҳо дар заминаи омӯзиши маводи таълимӣ имконпазир аст. Бо назардошти зарурати табиии хонандагон барои гирифтани миқдори муайяни донишҳои илмии мушаххас, мо ҳадафҳои дигари таълими математикаро дар мактаб таҳия мекунем:

- ташаккули ғояҳои илмӣ дар бораи табиати математика, дар бораи моҳият ва пайдоиши абстраксияи математикӣ ҳамчун объектҳои идеализатсияшудаи олам, дар бораи истифодабарии усулҳои математикӣ ҳамчун воситаи тавсиф ва тадқиқи воқеият ва қонуниятҳои он;
- бо таври комплексӣ азхудкунии дониш ва малакаҳои зарурии математикӣ, ки барои: а) ҳаёти ҳамарӯза ва фаъолияти касбӣ; б) дар сатҳи муосир азхудкунии фанҳои табиатшиносӣ ва гуманитарӣ; в) идома додани омӯзиши математика дар ҳама гуна шаклҳои системаи бефосилаи таҳсилот;
- бо васоити математикӣ ташаккул додани манзараи илмӣ-табиии олам.

Курси математикии мактабӣ бояд дар тарбияи дурусти ҳисси математикии хонандагон ба дарки бошууронаи пайдоиш ва маънои воқеии объектҳои математикӣ саҳмгузор бошад.

Яке аз воситаҳои асосии таълими математика, ки истифодаи он барои ноил шудан ба самти амалии он мусоид аст, масъалаҳои амалӣ (масъалаҳои хусусияти амалидошта) мебошад.

Чӣ тавре, ки И. М. Шапиро қайд намудааст, «ба масъалаҳои математикии хусусияти амалидошта дар қатори талаботҳои умумии математикӣ боз талаботҳои умумии зерини иловагӣ пешниҳод карда мешаванд:

а) арзиши дарк намудани масъала ва таъсири тарбиявии он ба хонандагон;

б) ба хонандагон дастрас будани маводҳои ғайриматематикии дар мисолу масъалаҳо истифодашаванда;

в) воқеӣ тасвир намудани қиматҳои ададии додашудаҳо, гузориши масъала ва ҳалли ҳосилшуда дар масъалаи мазкур» [1]

Дар доираи васеи масъалаҳои амалӣ, мо масъалаҳои дар соҳаи иқтисодиёт гузошташударо қайд менамоем, ки ҳалли онҳо истифодаи дастгоҳи математикиро талаб мекунад. Ин гуна масъалаҳоро мо масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта меномем.

Ҳамин тавр, масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта бешубҳа масъалаҳои хусусияти амалидошта, яъне масъалаҳои амалӣ мебошанд, чунки шарти онҳо на бо тарзи математикӣ (бо мафҳумҳои иқтисодӣ) дода шудааст, вале онҳо бо ёрии усулҳои математикӣ (тартиб додани модели математикӣ) ҳал карда мешаванд.

Дар китобҳои дарсии мавҷудаи имрӯзаи мактабӣ масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта қариб ки нестанд. Масъалаҳое, ки дар онҳо дучор меоянд, асосан масъалаҳои стандартии алгебравӣ (ё геометрӣ) мебошанд, ки аксаран онҳо ба талаботҳои масъалаҳои амалӣ ҷавобгӯ мебошанд. Мундариҷаи маводҳои таълимии имрӯза бо ғанӣ гардонидани чунин масъалаҳо ниёз доранд. Ба ин амал, аз ҷумла тавассути дар онҳо дохил намудани чунин масъалаҳо муваффақ шудан мумкин аст:

- ҳисоб намудани қимати бузургиҳое, ки дар амалия дучор мегарданд;
- асоснок намудан ва истифодаи формулаҳои эмперикӣ;
- тартиб додани ҷадвалҳои ҳисобу китоб;
- ҳосил намудани формулаҳои алоқамандие, ки дар амалия вомехӯранд.

Дар ҷараёни таълими математика масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта барои амалисозии ягонагии мақсадҳои таълим, ташаккул ва тарбияи хонандагон, инчунин, барои тайёр намудани хонандагон барои идомаи таҳсили минбаъда дар муассисаҳои олии таълимӣ ва фаъолияти касбӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд.

Чунин масъалаҳое, ки дар мактаб баррасӣ карда мешаванд, дар раванди таълими математика аҳамияти бузург ва бисёрҷонибаи а) таълимӣ, б) амалӣ, в) тарбиявӣ доранд. Дар робита ба ин, синфи чунин масъалаҳо, ки муҳтавои он барои фаъолияти инсон муҳим аст, сазовори таваҷҷуҳ аст.

Ба ғайр аз ин, ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта аз хонандагон мустақилона истифода бурдани маҳорату малакаҳои зеҳнии зиёдеро ба монанди: таҳлили вазъи воқеӣ, муқоиса кардани масъала бо масъалаҳои пештар ҳалшуда, барқарор кардани алоқамандии далелҳо ва мафҳумҳои фанҳои дигар, иҷро намудани алоқаи мантиқӣ, тартиб додани моделҳои математикӣ, ҷудо карда гирифтани зарурӣ барои ҳалли масъала ва мураттабсозии онҳо, кутоҳ ва фаҳмо ба тасвият даровардани фикри худ, хулосабарорӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои ҳалли масъаларо талаб мекунад

Ҳангоми таҳия ва интихоби масъалаҳои амалӣ омӯзгорони математика бояд як системаи талаботҳои дидактикиро риоя намоянд, ки ин системаи талаботҳо метавон дар масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта дар амалия татбиқ намуд.

1) Масъалаҳои амалӣ бояд тибқи барномаи курси математикаи мактабӣ тартиб дода шаванд.

2) Мазмун ва мундариҷаи масъалаҳои амалӣ бояд дар худ сатҳи муосири илм, техника ва истеҳсолотро инъикос кунанд.

3) Масъалаҳои хусусияти амалидоштаро дар асоси маводҳои мушаххас ва барои хонандагон шинос тартиб дода шаванд ва аз рӯи имконияташон онҳо бояд дар амалия татбиқ намудани донишҳои математикиро нишон диҳанд.

4) Шарти масъалаҳо набояд шумораи зиёди мафҳумҳои ношиносро дар бар гирад ва он бояд кӯтоҳ ва барои хонандагон дастрас бошад.

5) Масъалаи амалие, ки дар асоси маводи мушаххас тартиб дода шудааст, набояд аз маводҳои китобҳои дарсӣ ва дастурҳои мактабӣ мушкилтар бошад.

6) Ҳалли масъалаҳои амалӣ набояд системаҳои саволҳои барномавии математикаро халалдор намоянд ва дарсро бо ҳисобу китобҳои нолозиму мураккаб банд намояд.

7) Маълумотҳои ададии масъала бояд ба амалияи мавҷуда мувофиқ кунанд.

8) Масъалаҳои мушаххас бояд дар худ робитаи фанҳои мактабиро инъикос кунанд.

9) Масъалаҳои хусусияти амалидошта дар ҳамҷоягӣ бо масъалаҳое, ки дар таълими математика бо таври васеъ истифода мешаванд, бояд яклухту ягона бошанд.

10) Масъалаҳои хусусияти амалидошта танҳо ҳангоме дода мешаванд, ки агар донишҷӯ мушкилоти ҳадди ақали маъруфи стандартии ин масъаларо ҳал кунад.

Бешубҳа, қобилияти хонандагонро дар истифодаи дастгоҳи математикӣ, ки ҳангоми таълими курси алгебра дар мактаби асосӣ ба даст оварда шудаанд, ба таври кофӣ ташаккул додан зарур аст. Ҳалли масъалаҳо оид ба фоизҳои сода ва мураккаб, ҳалли муодилаҳо, нобаробарҳо ва системаҳои онҳо, сохтани графикаҳои функсияҳои элементарӣ бе истифодаи ҳосилаи онҳо, ҳалли масъалаҳо оид ба прогрессияҳои арифметикӣ ва геометрӣ – ин ҳама донишҳои назариявие мебошанд, ки онҳо омӯхтани ин мавзуъҳо ҳосил шудаанд, метавонанд дар иқтисодиёт, дар ҳалли масъалаҳои математикии мазмуни иқтисодидошта инъикоси худро ёбанд. Масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта бояд ҳамчун воситаи муҳими методӣ барои ташаккули маълумотҳо дар бораи хусусияти робитаи байниҳамдигарии математика ва иқтисодиёт истифода бурда шаванд.


Адабиёт:

1. Шапиро И.М. Использование задач с практическим содержанием в преподавании математики. Книга для учителя/М.: Просвещение, 1990. -96 с.
2. Абдуразаков М.М., Матросов В.Л. Новые направления использования компьютерных и телекоммуникационных технологий в обучении. // Научные труды МПГУ. Серия: естественные науки. - М.: МПГУ, 1999. - с. 109-116.
3. Абчук В.А. Математика для менеджеров и экономистов: Учебник. — СПб.: Изд-во Михайлова В.А., 2002. - 525 с.
4. Абчук В.А. Экономико-математические методы: Элементарная математика и логика. Методы исследования операций. — СПб.: Союз, 1999. - 320 с.
5. Акчурин И.А., Веденов М.Ф., Сачков Ю.Ф. Познавательная роль математического моделирования. — М.: Знание, 1968. - 48 с.
6. Алгебра: Учеб, для 7 кл. общеобразоват. учреждений / Ш.А. Алимов, Ю.М. Колягин, Ю.В. Сидоров и др. - М.: Просвещение, 2001. - 207 с.


## ДАР БОРАИ ЧАНДИРИИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАХОИ ИКТИСОДИ


**Шарипов Б., Раҳимов Р.М. – устодони кафедраи математикаи олии ДДМИТ**


Дар вакти омӯзиши фанхои иқтисодӣ, ҳамеша таъкид мекунанд, ки илми математика дар тамоми равияҳои илмҳои дунявӣ татбиқ карда мешавад. Дурустии ин назарияро мо аз татбиқи ҳосила ва интеграл дар масъалаҳои иқтисодӣ мушоҳида карда метавонем [1, 2 -7].

Ошкор аст, ки чандирии функсияи $y=f(x)$ аз руи тағйирёбандаи $x$ гуфта, «нисбати афзоиши мутлақи функсия ба афзоиши мутлақи аргумент», ё ки нисбати тақрибии бо фоиз ифода ёфтани функсияро меноманд, ки ба як фоизи аргумент (харчи маблағи зиёдатӣ) чи қадар афзудани ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, ё ин ки мувофиқ омадаро номида, онро бо рамзи $E_x(y)$ ишора мекунанд:

$$E_x(y) = \lim_{\Delta x \to 0}\left(\frac{x}{y}\cdot\frac{\Delta y}{\Delta x}\right) = \frac{x}{y}\cdot\frac{dy}{dx} = a. \qquad (1)$$

Масалан, барои функсияи муқаррарии $y=f(x)$ харҷи маблағи иловаги ба 1% баробар бошад, онгоҳ ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, ё капитали дар бонк гузошташуда ба $a$% зиёд мешавад, ё кам мешавад ва ё бетағйир мемонад. Бинобар ин ҳангоми қимати $a>1$ будан, масъалаи гузошташуда чадирӣ буда, дар ҳолти $a<1$ будан, чандирӣ нест. Ва агар $a=1$ бошад, онро ҳолати мувозинатӣ ё ки бетарафи меноманд. Акнун ин ҳолатҳоро шарҳ медихем:

1) Ҳолати $a>1$ чунин маъно дорад, ки дараҷаи истеҳсоли маҳсулот, ё корхонаи истеҳсолӣ ба $a\%$ зиёд мешавад. Дар инҳхолат даромад ё фоидаи корхонаи истеҳсолӣ меафзояд ва он ба маоши коргарон ва ё шахсони муттасадӣ таъсири мусбат медиҳад;
2) Ҳолати $a<1$ чунин маъно дорад, ки дараҷаи истеҳсоли махсулот, ё корхонаи истехсолӣ ба $a\%$ кам мешавад, ё ки сифати маҳсулот паст мешавад. Дар ин ҳолат корхона даромад ё фоидаи кофӣ намегирад, он ба маоши коргарон таъсири манфӣ мерасонад ва дар ин холат корхона ба кассодӣ оварда мешавад. Давлат маҷбур мешавад, амалиёти чунин корхонаи истеҳсолиро манъ кунад;
3) Ҳолати $a=1$ чунин маъно дорад, ки истеҳсолот ё корхонаи истеҳслӣ аз фуруши маҳсулот ягон хел фоида намегирад ва инчунин зарар ҳам намебинад. Дар ин ҳолат низ корхонаи истеҳсолӣ ё бонк ба кассодшавӣ майл мекунад. Барои аз чунин вазъияти истеҳсолӣ баромадан чораҳои заруриро дида баромадан лозим аст.

Хосиятҳои чандирии функсияро бе исбот меорем:

1. $E_x(y_1 \cdot y_2) = E_x(y_1) + E_x(y_2)$; Агар дар ин формула $y_1=y_2=y$ бошад, онгоҳ

2. $E_x(y^2) = 2E_x(y)$ ва $E_x(y^n) = n \cdot E_x(y)$, $E_x\left(\sqrt[m]{y^n}\right) = \dfrac{n}{m} \cdot E_x(y)$; $E_{(a\,x)}(by) = E_x(y)$;

3. $E_x(y_1 / y_2) = E_x\left(\dfrac{y_1}{y_2}\right) = E_x(y_1) - E_x(y_2)$; 4.$E_C(y) = \dfrac{C}{y} \cdot 0 = 0$;

5. $E_x(y) = \dfrac{1}{E_Y(x)}$; $E_{x^k}(y^n) = \dfrac{n}{k} \cdot E_x(y)$. 6.$E_x(y_1 + y_2) = \dfrac{y_1 E_x(y_1) + y_2 E_x(y_2)}{y_1 + y_2}$.

Акнун ин масъалаҳои дар боло қайд шударо барои функсиҳои бисёртагйирёбанда дида мебароем. Инчунин ин хосиятҳои чандирии функсияи номбаршуда барои функсияҳои бисёртагйирёбанда низ ҷой доранд.

Пеш аз ҳама қайд мекунем, ки истеҳсоли маҳсулот, коркарди ашёи хом, дониш андухтан, дар супориши имтиҳонҳо баҳои мусбат гирифтан ва дигар амалиётҳои инсон, ки ба натиҷаҳои гуногун сазовор мешаванд, хамчун функсияҳои бефосила шуморида мешаванд. Ва агар дар амалиётҳои инсон баҳои манфӣ ҳосил шавад, онгоҳ ин гуна функсияҳоро дорои нуктаҳои каниш буда мешуморем. Ҳамаи функсияҳои дар тарафи рости формулаи (1) дар ягон соҳа маълум бефосила мебошанд. Бинобар ин барои ягон маҷмуи қиматҳои аргумент шартҳои чандирии функсияро қаноат мекунанд. Дурустии муҳокимарониро бо мисолҳои назариявӣ мушаххас шарҳ медихем:

1. Фарз намоем, ки системаи ду функсияҳои иқтисодӣ бо коэффисиентҳои чандирии зерин дода шуда бошанд

$$E_x(u) = \frac{x}{u} \cdot \frac{\partial u}{\partial x} = a, \ E_y(u) = \frac{y}{u} \cdot \frac{\partial u}{\partial x} = b, \ (a,b = const). \quad (2)$$

Масъалаи Коши барои масъалаҳои чандирии функсияҳои иктисодӣ чунин муайян карда мешавад:

$u=u_0$ хангоми $x=x_0$, $y=y_0$ будан. (3)

Системаи муодилаҳои (2) ба системаи муодилаҳо дар дифференсиали пурраи зерин баробарқувва мебошад.

$$\frac{x}{u} \cdot \frac{\partial u}{\partial x} = a, \ \frac{y}{u} \cdot \frac{\partial u}{\partial x} = b \ \text{ё} \quad \frac{\partial u}{\partial x} = \frac{a}{x}u, \quad \frac{\partial u}{\partial x} = \frac{b}{y}u.$$

Ошкор аст,ки барои системаи муодилаҳои охирон шарти ҳамчоягиаш иҷро мешавад, бинобар онро интегронида ҳосил мекунем:

$$u(x, y) = C \cdot x^a \cdot y^b. \quad (4)$$

Дар ҳолати муайян кардани ҳалли масъалаи мазкур бо шарти (2) ё масъалаи Коши, ҳалли ягонаи функсияи истеҳсолӣ ошкор карда мешавад ва он чунин муайян карда мешавад:

$$u(x,y)=u_9\cdot x^a\cdot y^b$$

Функсияи ҳосилкардаи Кобб-Дуглас, ҳамчун модели функсияи истеҳсолӣ мебошад. Барои функсияи намуди (4) масъалаи чандирӣ будан ё набудани масъаларо бо ёрии нобаробариҳои дар боло оварда санчидан мумкин аст.

2. Бигзор системаи ду функсиҳои иқтисодӣ, ҳамчун системаи функсияҳои истеҳсолӣ дар намуди зайл дода шуда бошанд [8]:

$$E_x(u)=\frac{x}{u}\cdot\frac{\partial u}{\partial x}=p(x,y),\ \ E_y(u)=\frac{y}{u}\cdot\frac{\partial u}{\partial y}=q(x,y),\qquad (5)$$

ки дар инҷо

$$p(x,y),q(x,y)\in C^1(\overline{D}),\ u\in C^2(D_0),\ D_0=\overline{D}-\{\Gamma_1+\Gamma_2\},\{\Gamma_1:x=0,\Gamma_2:y=0\}$$

мебошанд. Соҳаи $\overline{D}$ бошад, ягон базаи захиравии корхонаи истеҳсолӣ аст. Агар дар системаи муодилаҳои (5) $\ln u=V$ қабул намоем, онгоҳ он системаи муодилаҳо намуди зеринро мегирад:

$$x\cdot\frac{\partial V}{\partial x}=p(x,y),\ \ y\cdot\frac{\partial V}{\partial y}=q(x,y).\qquad (6)$$

Системаи муодилаҳои (6) бо хатҳои сингулярӣ аст. Онгоҳ мувофиқи леммаи Михайлов Л.Г. барои кушодани ин муаммои математикӣ чунин ҷой дорад [6]:

**Лемма.** *Агар дар соҳаи $\overline{D}$ функсияи V ва ҳосилахои хусусии он бефосила ва маҳдуд дар назар дошта шавад ва дар нуктаҳои хатҳои махсус ҳудудҳои* $\lim\limits_{x\to 0}(x\cdot V'_x)=0,\ \lim\limits_{y\to 0}(y\cdot V'_y)=0$, *вучуд дошта бошанд, онгоҳ системаи муодилаҳои (6) дорои ҳалли маълуми (тривиалии) V=C -и u(x,y)= C мебошад.*

Шарти ҳамҷоягии системаи муодилаҳоро, пас аз баробар намудани ҳосилаҳои хусусии тартиби дуи он дар намуди зерин ҳосил мекунем:

$$D\left(\frac{p(x,y)}{x}\right)=D\left(\frac{q(x,y)}{y}\right):\ y\cdot p'_y-x\cdot q'_x=0.\qquad (7)$$

Дар ҳолати иҷро гардидани баробарии (7), системаи муодилаҳои (6) –ро интегронида, чунин ҳосил мекунем:

$$V(x,y)=C+\int_1^x\frac{a(t,y)}{t}dt+\int_1^y\frac{b(1,\varsigma)}{\varsigma}d\varsigma.$$

Интеграли ҳосилкардаамонро, чунин табдилдиҳи кардан мумкин аст:

$$V(x,y)=C+\int_1^x\frac{a(t,y)-a(0,y)}{t}dt+a(0,y)\ln x+\int_1^y\frac{b(1,\varsigma)-b(1,0)}{\varsigma}d\varsigma+b(1,0)\ln y.$$

Ин формулаи интегралиро табдил дода, ҳосил мекунем:

$$V(x,y)=C+\omega(x,y)+a_0\ln x+b_0\ln y.$$

Гузориши авваларо дар назар дошта, модели иқтисодии функксияи истеҳсолиро дар намуди умумии функсияи Кобб-Дуглас менависем

$$u(x,y)=C\cdot\exp\{\omega(x,y)\}\cdot x^{a_0}y^{b_0}\ \ ё\qquad u(x,y)=u_9\cdot\exp\{\omega(x,y)\}\cdot x^{a_0}y^{b_0}\qquad (8)$$

Ошкор аст, ки функсияи дар намуди (8) ҳосилкарда дар ҳолати мусбат будани қимати $a_0$, $b_0$ дар тамоми соҳаи додашуда бефосила аст. Вале ҳангоми $a_0,b_0>1$ будан, фуксия чандирӣ буда, барои дигар қиматҳои он пурра чадирӣ буда наметавонад. Чунки дар ин ҳолати $a_0,b_0\le 1$ истеҳсолот ба корхона даромади тараққиёти пешбарандаро ташкил карда наметавонад.

3. Фарз намоем, ки модели иқтисодӣ дар намуди зерин дода шуда бошад:

$$E_x(u)=\frac{x-x_0}{u}\cdot\frac{\partial u}{\partial x}=(x-x_0)\cdot p(x,y),\ \ E_y(u)=\frac{y-y_0}{u}\cdot\frac{\partial u}{\partial y}=\frac{q(x,y)}{(x-x_0)^k(y-y_0)^n},\qquad (9)$$

ки дар ин ҷо функсияҳои *p,q* шартҳои зеринро қаноат мекунанд: $p(x,y), q(x,y) \in C^1(\overline{D}),\ u \in C^2(D_0),\ D_0 = \overline{D} - \{\Gamma_1 + \Gamma_2\}, \{\Gamma_1 : x = x_0, \Gamma_2 : y = y_0\}$.

Системаи масъалаҳои чандирии (9) ба системаи муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусии намуди зерин баробарқувва аст:

$$\frac{\partial(\ln V)}{\partial x} = p(x,y),\ \frac{\partial(\ln V)}{\partial y} = \frac{q(x,y)}{(x-x_0)^k (y-y_0)^{n+1}},$$

Ба монанди масъалаи дар боло таҳлилшуда lnu=V ишора намуда системаи муодилаҳои (10)-ро чунин менависем:

$$\frac{\partial(\ln V)}{\partial x} = p(x,y),\ \frac{\partial(\ln V)}{\partial y} = \frac{q(x,y)}{(x-x_0)^k (y-y_0)^{n+1}}, \qquad (10)$$

Шарти ҳамҷоягии системаи муодилаҳои (10) ҳамон вакт айниятан, ё ки нисбат ба ҳамаи тағйирёбандаҳояш ичро мешавад, ки агар функсияҳои *p,q* чунин алоқаманд бошанд:

$$q(x,y) = (x-x_0)^k (y-y_0)^{n+1} \cdot \left[ z(x) + \int_0^x p(t.y)dt \right].. \qquad (11)$$

Функсияи *q(x,y)*- ро дар намуди (11) дар назар дошта, системаи муодилаҳои (10)-ро меинтегронем ва маҷмуи ҳалҳои система (9). ё ҳалли масъалаи Кoширо ҳамчун функсияи дар тамоми соҳаи додашуда бефосила ҳосил мекунем.

$$u(x,y) = C \cdot \exp\{P(x,y) + Q(x_0,y)\}\ ,\ \text{ё}\ \ u(x,y) = u_0 \cdot \exp\{\omega(x,y)\} \cdot x^{a_0} y^{b_0} \qquad (12)$$

Формулаи ҳосилкарда, модели функсияи истеҳсолии додашуда аст.

Дар охир системаи чандирии функсияи истеҳсолии бисёртағйир-ёбандаеро дида мебароем, ки дар он $x=(x_1,x_2,\ldots,x_n)$ дар назар дошта шуда, функсияҳои $p_1(x), p_2(x), \ldots, p_k(x)$ аз он тағйирёбандаҳо вобастаанд.

$$E_{x_1}(u) = \frac{x_1 - x_{01}}{u} \cdot \frac{\partial u}{\partial x_1} = (x_1 - x_{01}) \cdot p(x) = a_1,\ E_{x_k}(u) = \frac{x_k - y_{0k}}{u} \cdot \frac{\partial u}{\partial x_k} = \frac{p_k(x)}{(x_k - x_{0k})^{n-1}} = a_k. \qquad (13)$$

Ин системаи муодилаҳоро ба монанди масъалаи охирон ҳал намуда, маҷмуи ҳалҳои онро дар намуди зерин ҳосил мекунем:

$$u(x) = C \cdot \exp\left\{ \sum_{i=1}^{k} P_k(x) \right\},\ x = (x_1, x_2, \ldots, x_k). \qquad (14)$$

Ва ба монанди формулаи (12) функсияи Кобб-Дугласро дар намуди

$$u(x,y) = C \cdot \exp\left\{ \sum_{i=1}^{k} P(x) \right\} \cdot \prod_{i=1}^{k} (x_i - x_i^{(0)})^{a_i}. \qquad (15)$$

$$u(x,y) = C \cdot \exp\left\{ \sum_{i=1}^{k} P(x) \right\} \cdot \prod_{i=1}^{k} x_i^{a_i}$$

ҳолати умумии формулаи ((8) аст.

Формулаҳои намуди (14) ва (15) модели умумии функсияхои истеҳсоли мебошанд.

**Адабиёт**


1. Ашманов С.А. Введение в математическую экономику. – М.: Наука, 1984.
2. Ильин В.А., Садовничий В.А., Сендов Б.Х. Математический анализ, тт. 1, 2. – М.: Издательство МГУ, 1985.
3. Курбанов И.К., Нуруллоев М.Н. Решение экономических задач математическими методами. – Душанбе, РТСУ, 2009г.
4. Малыхин В.И. Математика в экономике. – М.: Инфра – М, 2002.

5. Солодовников А.С., Бабайцев В.А., Браилов А.В., Шандра И.Г. Математика в экономике, в 2 ч. – М.: Финансы и статистика, 2003.
6. Шарипов Б., Юсупов С.Ю. Применение обыкновенных дифференциальных уравнений в решении некоторых задач экономики.- /Б.Шарипов//- В кн.: Сб. Материалов международной научно-практической конференции “Использование экономико- математических методов в науке, управлении и образовании.- Новосибирск, 2009, с. 353-358.

## ТАЪСИРИ ЭКОЛОГИИ НЕРУГОҲҲОИ БАРҚИ - ОБӢ БА ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ «САБЗ»

**Улуғов О. П. -н.и.к., дотсент, мудири кафедраи фанҳои табиатшиносии ДДМИТ**

Гузариш ба иқтисоди «сабз» барои дастрасии беназири экологӣ ҳаҷми бузурги захираҳои гидроэнергетикӣ ва оби тоза, гуногунии сарватҳои зеризаминӣ, рушди сайёҳӣ ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза мусоидат мекунад.

Иқтисоди сабз - иқтисодиётест, ки барои нигоҳ доштани некуаҳволии ҷомеа тавассути истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, инчунин, таъмини баргардонидани маҳсулоти ниҳоӣ ба давраи истеҳсолот равона шудааст. Пеш аз ҳама, «Иқтисоди сабз» ба истифодаи иқтисодии ин захираҳое, ки ҳоло ба талафи маъданӣ - нафту газ ва ангишт дахл доранд ва истифодаи оқилонаи захираҳо бетараф ба назар мерасанд. Дар маркази иқтисоди сабз - ин технологияи тоза ё сабз дар назар дошта шудааст. Тибқи иттилои коршиносон, рушди «Иқтисоди сабз» ба кишварҳои ҷаҳон имкон медиҳад, ки буҳрони экологие, ки аллакай бисёре аз кишварҳои оламро фаро гирифтааст, то андозае паст намояд.

Иқтисодиёти сабз ба мавзуи асосии мубоҳиса барои дигар форумҳои муҳими байналхалқии сатҳи баланд дар ояндаи наздик мешавад. Ҳамин тариқ, масъалаҳои рушди «сабз» ҳамчун стратегияи рушди устувори минтақаи Осиё ва ҳавзаи Уқёнуси Ором, махсусан истифодаи оқилонаи захираҳо, коҳиши карбон ва рушди устувори шаҳрҳо самтҳои калидӣ ба шумор меравад.

Дар шароити муосири иқтисодӣ, омилҳои экологӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Ин омилҳо рӯз то рӯз аҳамияти калон пайдо карда истодаанд, зеро аз ибтидои инқилоби саноатӣ дар ҷаҳон инсоният ба онҳо диққати даркорӣ намедиҳад. Инқилоби саноатӣ мушкилоти муайянеро ба вуҷуд овард, ки дар навбати аввал, он бо муҳити зист алоқаманд аст. Инсоният аллакай дарк кардааст, ки амсилаи ҳозираи тараққиёт чӣ гуна оқибатҳо дошта метавонад. Ва дар ҳазорсолаи нав ҷаҳон бояд ин амсиларо ба нафъи амсилае тағйир диҳад, ки омилҳои экологӣ ва иҷтимоиро ба инобат мегирад.

Дар ташаккул ва тараққиёти иқтисоди сабз захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми босазо мегузоранд. Айни замон бо сабаби афзоиши босуръати аҳолӣ, рушди иқтисодӣ ва дигар мушкилоте, ки ба захираҳои табиӣ таъсир мерасонанд, арзиши об ба маротиб меафзояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронии худ дар Саммити обии Осиё ва Уқёнуси Ором дар соли 2007 қайд карда буданд, ки «...тамоюли рушди ҷаҳонӣ чунин аст, ки арзиши об метавонад аз арзиши нафт, газ, ангишт ва дигар захираҳои барои рушди устувори об зарурӣ зиёд бошад». Таҳқиқоти сершумори тайи 10 соли ахир ҳақиқати ин гуфтаҳоро бо далелу рақамҳо тасдиқ мекунанд, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳалли мушкилоти об тамаркуз кардааст.

Об ҳамчун манбаи муҳими рушди устувор ба ҳуҷҷатҳо ва стратегияҳои зиёди рушд дар сатҳи минтақавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ дохил карда шудааст. Дар натиҷа, ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои об ба Ҳадафҳои рушди устувор дохил карда шуданд. Ин муваффақият ба шарофати меҳнат ва саъю кӯшиши монданашавандаи тарафҳои гуногуни манфиатдор муяссар гардид. Рушди энергетика дар Тоҷикистон барои нигоҳдории устувории иқтисодиёти давлат, афзоиши неруҳои содиротии кишвар, ғанӣ

гардонидани буҷети давлатӣ, коҳиш додани таъсири хатарҳои иқтисодӣ, пурзӯр кардани қурби пули миллӣ ва монанди инҳоро фарогир буда, Тоҷикистонро метавонад дар арсаи байналмилалӣ ба яке аз давлатҳои азими содиркунандаи неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза табдил диҳад. Расидан ба имкониятҳои васеи гидроэнергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз имкониятҳои васеи расидан ба иқтисодиёти сабз мебошад. Иқтисодиёти сабз инъикосгари расидан ба афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар: ба монанди рушди неруи инсонӣ, баланд бардоштани иқтидори воридотивазкунии молҳо, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум, истеҳсол намудани молу маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза вобаста ба талаботи сершумори давлатҳои хориҷӣ, пурра маҳдуд кардани ҷойҳои молҳои хориҷӣ дар бозори дохилӣ ва монанди инҳо мебошад. Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ яке аз кишварҳои татбиқкунандаи иқтисодиёти сабз маҳсуб ёфта, аз лиҳози истифодаи манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия дар қатори шаш мамлакати пешсафи сайёра қарор дорад, зеро 98 фоизи барқ тавассути неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад. Табиат барои соҳаи гидроэнергетика имкониятҳои бузург фароҳам овардааст. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бепоёни гидроэнергетикӣ мебошад. Захираҳои обии Тоҷикистон пиряххо буда, онҳо дар қуллаҳои баландтарини Осиёи Марказӣ хобидаанд. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дарёҳои калонтарин ба шумули Панҷ-(921км), Вахш-(524км), Сир-(185км), Кофарниҳон-(387км), Зарафшон-(306км), Аму-(65км), Бартанг-Мурғоб-(491км), Ғунд-(296км) мебошанд, ки солҳои тӯлонӣ ҷориaнд ва миллионҳо гектар заминҳои минтақаро шодоб мегардонанд. Аҳолӣ ва корхонаву идораҳо низ аз ин неъмати бебаҳо истифода мебаранд. Ин дарёҳо аз пиряххои қуллаҳои баланди кишвар амсоли «Исмоили Сомонӣ» баландиаш (7495 метр), «Федченко» (7134 метр), «Истиқлол» (6974 метр), «Москва» (6785 метр) ва ғайраҳо сарчашма мегиранд. Шумораи пиряххо дар ҷумҳурӣ 13000-ро ташкил дода, масоҳати умумии майдони яхбастаи онҳо зиёда аз 13,1 ҳазор километри мураббаъ мебошад. Ҳаҷми умумии онҳо 550 километри мукаабро ташкил мекунад.

Ба ҳама маълум аст, ки наваду се фоизи каламрави Тоҷикистонро кӯҳсор ташкил медиҳад ва вобаста ба хусусиятҳои географии худ дар рӯ ба рӯи пайомадҳои харобиовари офатҳои табиӣ осебпазир мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди тағйирёбии иқлим боиси босуръат обшавии пиряххо гардида, ба ҳаҷми оби дарёҳо ва ба ин васила ба бахшҳои асосии иқтисодиёти миллӣ, аз қабили гидроэнергетика, кишоварзию саноат, таъсири манфӣ мерасонанд. Солҳои охир шумораи офатҳои табиии марбут ба об афзоиш ёфтааст, ба мисли обхезӣ, селу ярчу тармафароии ҳамасола ба иқтисодиёт ва аҳолии кишвар ҳисороти зиёд ворид мекунанд. Танҳо дар 5-6 соли охир шиддатнокии офатҳои табиӣ тақрибан 25 фоиз афзудааст, ки боиси ҳалокати тақрибан 200 нафар гардида, шароити мусоиди зиндагонии зиёда аз шашсад ҳазор нафарро таҳти хатар гузошт ва зиёда аз 600 миллион доллари ИМА маблағи умумии талафот гардид.

Агар сухан дар бораи захираҳои табиӣ равад, бояд гуфт, ки дар ҷаҳон давлатҳое ҳастанд, ки аз захираҳои табиӣ бой буда, онро дар истеҳсолот фаровон истифода мебаранд. Дар ҷаҳон аз рӯи истеҳсоли қувваи барқ давлатҳои Фаронса, Австралия, Канада ва Россия дар зинаҳои баланд қарор доранд. Агар захираҳои нафту газро гирем, давлатҳои Арабистони Саудӣ, Россия, Туркманистон, Эрон ва Қатар дар ҷои аввал мебошанд. Аз нигоҳи технология давлатҳои Япония, Кореяи Ҷанубӣ ва Германия дар соҳаи мазкур пешсафанд. Дар баъзе кишварҳо барои истеҳсоли қувваи барқ аз неруи ҳастаӣ (атомӣ) истифода менамоянд. Барқи ҳастаӣ ҳам нумӯи зироати кишоварзӣ ва ҳам муҳити экологии зистро заҳролуд месозад. Давлатҳое, ки тавассути неругоҳи ҳастаӣ барқ истеҳсол мекунанд, мисли мо шароит ва имкониятҳои барқистеҳсолкуниро надоранд. Бояд гуфт, ки дар баъзе давлатҳои ҷаҳон обро то 3 маротиба тоза карда, баъд аз он истифода мебаранд. Масалан, барои истифодаи об дар мамлакатҳои араб чунин

тадбирҳо роҳандозӣ мегарданд. Чунки дар он давлатҳо оби нӯшокӣ хеле кам аст. Бинобар ин, якчанд фоизи маблағи буҷет барои соҳаи мазкур масраф мегардад. Аммо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин технология эҳтиёҷ надорад, зеро оби Тоҷикистон аз қаторкӯҳҳо ҷорӣ шуда, ҳоҷат ба корбурди технологиро надорад. Айни замон 60 дар сади захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбад. Шароити кӯҳсори Тоҷикистон барои истеҳсоли қувваи барқ хеле мусоид буда, аз нигоҳи илмӣ, дар ин ҷо сохтани неругоҳҳои барқи - обӣ нисбат ба дигар давлатҳои ҷаҳон камхароҷот аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамагӣ 4-5 фоизи захираҳои обии кишварамонро истифода мебарему халос. Дар маҷмуъ 65 фоизи оби баҳри Аралро обҳои Тоҷикистон ташкил мекунанд ва боқимондаи он барои эҳтиёҷи давлатҳои ҳамсоя масраф мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди соҳаи энергетикаи кишвар, ки яке аз бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт ба шумор меравад, тадбирҳои мушаххасро амалӣ намуда истодааст. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон калонтарин истгоҳҳои барқи обӣ ба тарзи силсила сохта шуда, фаъолият доранд. Айни замон дар кишвар миқдори НБО зиёда аз 285 ададро ташкил медиҳад.

**Хулоса**

Неругоҳҳои барқи обӣ ба муҳити атроф таъсири манфӣ намерасонад. Барои ҳамин то сатҳи максималӣ захираҳои обиро истифода намуда, экологияи муҳити зистро ба назар гирифтан лозим аст.

Мутахассисон ҳангоми сохтани иншоотҳои гидроэнергетикӣ қисмати экологии ҳифзи муҳити зистро ба назар гирифта, неругоҳҳои барқи обиро бунёд месозанд.

Баҳодиҳии муқоисавии самаранокии экологии гидроузелҳо дар оянда зарур мебошад. Ҳақиқатан ҳам, то роҳандозӣ гардидани чунин нақшаҳо ҳоло дур аст.

**Адабиёт**


1. Гидротехнические сооружения. Справочник проектировщика/ Под ред. В.П. Недриги В.П.. – М.: Стройиздат, 1983.
2. Горохов Е. Н. Речной гидроузел: учеб. пособие / Е. Н. Горохов, А. Н. Ежков, И. С. Соболь; Нижегор. гос. архитектур. - строит. ун - т – Н. Новгород: ННГАСУ, 2018. – 153 с.;
3. Ляпичев Ю.П. Проектирование и строительство современных высоких плотин: Учеб. пособие.- М.: Изд-во УДН, 1986.
4. Чугаев Р.Р. Гидротехнические сооружения: Учеб. пособие. Ч. 1, 2.- М.: Энергоиздат, 1985.
5. Гидротехнические сооружения: Учеб. для студентов вузов : В 2 ч. /Л.Н. Рассказов, В.Г. Орехов, Н.А. Аниськин и др.; Под ред. Л.Н. Рассказова. -М.: Изд-во Ассоциации строительных вузов, 2008.
6. Банников А. Г., Рустамов А. К., Вакулин А. А. «Охрана природы» М.1985.


## АҲАМИЯТ ВА УСУЛҲОИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ОБҲОИ МАЪДАНӢ ДАР МАРЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Азимова М.А.**- н.и.п., дотсенти кафедраи фанҳои табиатшиносии ДДМИТ.,
**Орифҷонова В.Р.-** муаллими калони кафедраи табиатшиносии ДДМИТ


Тоҷикистон сарзамини кӯҳҳои баланд ва ҳазорон кӯлҳо, дарёҳои тезоб ва шаршараҳои дилрабо, ҳамзамон, неругоҳҳои нодири барқи обӣ ва баҳрҳои сунъӣ аст. “Мо обро ҳамчун сарчашмаи зиндагӣ қадр мекунем”,-гуфта буданд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар маросими пӯшидашавии форуми байналмилалӣ оид ба масъалаи “Оби тоза”. Дар пойтахти Тоҷикистони азизи мо, шаҳри Душанбе баргузор шудани ин форуми байналмилалӣ бесабаб нест. Ба ҳамагон аён аст, ки маҳз бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Созмони Милали Муттаҳид соли 2003-ро “Соли байналмилалии оби тоза” эълон карда буд.

Тоҷикистон дорои захираҳои азими оби ошомиданӣ буда, омода аст ҳамаи ҳамсояҳои худро бо оби ширину зулоли ошомиданӣ таъмин созад. Ин амали хайрхоҳонаи Тоҷикистон бори дигар дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар форуми панҷуми ҷаҳонии об, ки 16 марти соли 2009 дар шаҳри Истанбул баргузор шуд, собит гардид [1].

Об воқеан, ҳамчун хун дар шараёни замин ҷорӣ мегардад ва ҷони тоза мебахшад ба ҳама мавҷудоте, ки сар аз замин бурун мекунад ва боиси ҳастии ин ҷаҳон мегарданд. Инсоният обро на танҳо ҳамчун нӯшокӣ истифода мебарад, балки ҳамаи ғизоҳо ва дигар ашёҳое, ки баҳри ҳастии инсон дар рӯи Замин заруранд низ аз баракати об ҳосил мешаванд. Кишвари мо на танҳо манбаи оби ошомиданӣ:садҳо дарёҳои хурду бузург, рӯдборони босафо, чашмасорони мусаффо, ҳазорон кӯлҳои дорои захираи бузурги обҳои ошомиданист, балки дорои обҳои гуногуни маъданҳои шифобахш низ мебошад. Обҳои шифобахши Тоҷикистонро ба ду намуд ҷудо кардан мумкин аст: обҳои маъдание, ки тавассути ошомидан ба узвҳои даруна шифо мебахшанд ва обҳои ҷӯшони шифобахш, ки тавассути онҳо ба тарзҳои гуногун дардмандон табобат карда мешаванд.

Мувофиқи тадқиқоти гузаронидашуда, дар кишвари мо зиёда аз 200 чашмаи маъданӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар Тоҷикистон кӯлҳои обашон лойқалуди муолиҷавӣ ва шӯр мавҷуданд.Тоҷикистон бо обҳои маъданиаш шуҳрати оламшумул дорад. Дар Тоҷикистон чашмаҳои гарм ва хунуки обашон газдор фаровон мебошанд. Дар Тоҷикистони Шимолӣ (кӯҳҳои Қурама, Муғул) чашмаҳои хунуки шифобахш ва каммаъдан мавҷуданд. Дар наздикии Истаравшан, дар Ҳавотоғ чашмаи маъдании гарми йоду бромдор мавҷуд аст, ки дар заминаи он шифогоҳи Ҳавотоғ сохта шудааст. Қисми бештари сарчашмаҳои маъданӣ дар нишебиҳои ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ҷой гирифтаанд. Шифогоҳи Оби-Гарм дар баландии 1860-1900 м аз сатҳи баҳр воқеъ гардидааст. Дар ҳудуди он ду дарёчаи хурд, оби зиёратгоҳ ба ҳамдигар пайваст мешаванд. Шифогоҳҳо аз обҳои маъданӣ бой буда, ҳарорати он то 98°C мерасад. Қаламраве, ки аз он ҷо оби гарми маъданӣ - радиоактивӣ мебарояд, 4,5 гектарро ташкил медиҳад ва аз он бештар 20 чашма ҷорӣ мешаванд. Аз чашмаҳои обашон нисбатан ҳарорати баланддошта буғи гарм хориҷ мешавад. Ин буғи радиоактивӣ буда, дар таркибаш бо қатори дигар унсурҳои кимиёвӣ радон дорад. Осоишгоҳ аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта, маъмулу маъруф гаштааст, ки ҳар сол дар он то 6-7 ҳазор нафар истироҳаткунандагон табобат мегиранд. Барои самарабахш гузаронидани табобат обу ҳавои кӯҳсор низ кумак мерасонад. Ноҳия аз чашмаҳои оби маъданӣ ва нӯшокӣ низ бой аст. Чашмаҳои оби "Хоҷа – Сангхок" дар баландии зиёда аз 3000 метр аз сатҳи баҳр воқеъ гардидааст. Таркиби об аз моддаҳои маъданӣ бой мебошад. Дар таркиби он магний, калий, калтсий, натрий, оҳан ва дигар моддаҳо мавҷуданд [2].

Дар қисми ғарбии ноҳия базаи лижаронӣ сохта, ба истифода дода шудааст, ки дар он ҳар сол мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ доир мегарданд. Дарёи Сиёма дар қисмати шимолии ноҳия мавҷуд буда, ба резишгоҳи дарёи Варзоб мерезад. Соли 1999 дар озмуни байналмилалии «Оби тозатарин», ки дар кишвари Амрико баргузор шуд, оби Сиёма сазовори ҷои аввал гардид.

Муассисаҳои табобатию истироҳатӣ дар соҳили обанбори Қайроққум, дар минтақаҳои кӯҳсори пастхамӣ ва миёнахамии доманаи ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, дар дараҳои Варзоб, Ромит, Алмосӣ, Харангон, Қаратоғ ҷойгиранд. Дар Тоҷикистон мавзеъҳое, ки дар баландии 1000 то 2000 м аз сатҳи баҳр ҷойгир шудаанд, аз нуқтаи назари шароитҳои табиӣ-иқлимии худ барои истироҳат мусоид ҳисоб карда мешаванд, чунки ин мавзеъҳо низ аз чашмаҳои обҳои муолиҷавӣ, маъданӣ бой мебошанд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 2000 №461 Барномаи мақсадноки комплексии рушди ноҳияи Варзоб, ҳамчун минтақаи истироҳатӣ, табобатӣ, шифогоҳӣ ва сайёҳӣ тасдиқ гардид.

Осоишгоҳи Хоҷаобигарм, яке аз машҳуртарин ва қадимтарин осоишгоҳҳои мамлакат маҳсуб меёбад. Дар ин осоишгоҳи овозадор аз тариқи оби гарм ва буғи табии радонӣ, ки дар тамоми олам ягона аст, даҳҳо намуди бемори табобат карда мешаванд.

Осоишгоҳи мазкур дар ноҳияи Варзоб, ки аз зумраи зеботарин манотиқи мамлакат аст, дар доманаи қуллаҳои бовиқору пуршукӯҳ воқеъ аст. Дар нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор 52 км шимолтар аз шаҳри Душанбе, дар баландии 1860-1900 м ҷой гирифтааст.

Қисмати Помир бо чашмаҳои гарм ва хунуки худ шуҳрат ёфтааст: Гармчашма, Лангар, Андароб, Баршар, Авҷ, гарчанде ҷумҳуриамон дорои шароити мусоиди табиию иқлимӣ ва табобатӣ мебошад, муассисаҳои рекреатсонӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ ниҳоят нобаробар ҷойгир шудаанд.

Қариб 70 чашмаи маъдании фоидабахш дар ҳудуди Помир, асосан дар Помири ғарбӣ дар доманаҳои қаторкӯҳҳои Ишкошим ва водии Ғорон дар доманаи ҷанубии қаторкӯҳи Шоҳдара ва дигар мавзеъҳо ҷойгиранд.

Обҳои гарми маъданиро дар назди Яшилкӯл, Челондеҳ ва Туқузбулоқ аҳолии маҳаллӣ ҳамчун гармоба истифода мебаранд. Чашмаҳои маъдании гази карбонатдор аз +35°С то +64°С гармӣ доранд. Дар водии Ғорон 8 км ғарбтари деҳаи Андароб дар деҳаи Гармчашма оби маъдании Гармчашма воқеъ аст, ки он дар Осиёи Марказӣ ва берун аз ҳудуди он маъмулу машҳур гардида, аҳамияти байналмилалӣ дорад. Гармчшма дар нишебии қаторкӯҳҳои Шоҳдара дар баландии 2825 м аз сатҳи баҳр воқеъ аст. Ҳарорати об аз +33°С то 50°С мешавад. Дар назди Гармчашма шифохона амал мекунад.

Дар қисми шарқии ноҳияи Шуғнон 120 км шарқтари шаҳри Хоруғ чашмаи гарми маъдании Ғелондеҳ воқеъ аст. Гармии об ба +72°С мерасад. Сокинони маҳаллӣ онро истифода бурда, дар назди чашма шифохона ва парвардахона (гармхона)-ро ташкил кардаанд. Чашмаҳои Баҳмир, Хирсдара, Абҳарв, Думишроз аз +10°С то +18° С гармӣ доранд. Дар ҳудуди Помир ғайр аз чашмаҳои дар боло зикршуда, чашмаҳои дигари маъданӣ низ ҳастанд, ки нобаробар тақсим шудаанд. Осоишгоҳи Гармчашма, Авҷ, Обигарм, Тандикӯл ва даҳҳо чунин обҳои дигар, ки дорои ҳарорати баланди гармӣ мебошанд, давобахшандаи чандин дардҳоянд.

Дар ҳудуди Тоҷикистон қариб 2000 кӯл ва обанбори хурду калон мавҷуданд. Бештари кӯлҳои шифобахши мамлакат аз ҳисоби боришоти атмосферӣ, рӯдҳои муваққатӣ ва обҳои зеризаминӣ ғизо мегиранд. Онҳо баҳорон серобтар ва тобистон камоб мешаванд ва ё сатҳи болоии онҳо хушк мешанд.

Аз шумораи умумии кӯлҳои Тоҷикистон қариб 20 кӯли лойқаи (гили шифобахш) дорад ва онҳо асосан дар ҳамвориҳо ва кӯлҳои давоии Помири Шарқӣ дар баландиҳои 3780 м (Шуркӯл), 3825 м (Сасиккӯл) ва 3952 м (Чуқуркӯл) ҷойгир шудаанд. Кӯлҳои шифобахш аз ҷиҳати пайдоишашон вулқонӣ, гили сулфидӣ (Оқсукон, Танобчӣ) сапропилӣ дар поёни ҷараёни дарёҳои Панҷу Вахш, Помири Шарқӣ, торфӣ (наздикии Обигарм) ва ғайра мешаванд, хосиятҳои ба худ хоси табобатӣ доранд[3].

Лойқаҳои давоӣ қобилияти баланди гармиғунҷоишӣ, вале қобилияти бади гармӣ пармакандакунӣ доранд, микробҳои зараровари сатҳи пӯстро нобуд мекунанд. Дар таркиби гилҳои шифобахши кислотаҳои озод, катализаторҳои фаъол, моддаҳои часпандаю гумусӣ, бактериофагҳо, моддаҳои фаъоли биологӣ (ферментҳо, ҳормонҳо, коллоидҳо, кислотаиҳои органикӣ, газҳои гуногун) доранд. Яке аз таркиби муҳими моддаҳои фаъоли биологӣ аз он иборат аст, ки дорои микроэлементҳои бор, манган, молибден, селен, мисс, синк, кобалт, йод, фтор ва ғайра мебошанд. Ҳамзамон, фаъолияти узвҳо ва аъзоҳои баданро метезонанд.

Дар фаъолияти амалии осоишгоҳу шифохонаҳои Тоҷикистон бештар лойқаи кӯли Оқсуқон (ноҳияи Ашт), кӯли Танобчӣ (ноҳияи Темурмалик) ва ғайра истифода мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои гилдаво ҳанӯз бисёранд, вале онҳо ба таври мукаммал омӯхта нашудаанд, доир ба нишондиҳандаҳои сифатию миқдории онҳо баҳои саҳеҳу сазовор дода нашудаанд. Дар заминаи онҳо муассисаҳои табобатӣ хеле каманд. Баҳри тадқиқи асрори кӯлҳои шифобахш, бояд дар байни геологҳо, географҳо, табибон, биологҳо, иқтисодшиносон ва курортологҳо ҳамкории мустаҳкам ба роҳ монда шавад, дар заминаи гилҳои шифобахш муассисаҳои табобатиро афзун гардонанд, то ин ки давоҷӯён ба хориҷи мамлакат камтар ташриф

оваранд, дар маҳалҳои наздики худ табобат гиранд, бо қудрату қувваи нав баҳри рушди устувори кишвари азизи худ - Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми шоиста гузоранд.

Дар бобати беҳдошти ҳолати экологии об ва истифодаи оқилонаи он чунин чорабиниҳои зерин пешниҳод мегардад:

- Истифодаи оқилона ва муҳофизати сарчашмаҳои обҳои маъданӣ;
- Азхудкунии минтақаҳои нави истироҳатӣ дар ҳавзаи обанборҳо ва чашмаҳои маъданӣ;
- Муқаррарсозии меъёрҳои экологию иқтисодии вазъи об;
- Сохтани иншоотҳои обёрикунанда, обанборҳо, хатҳои обгузаронӣ.

Масъалаи оқилона ва самаранок истифода бурдани сарватҳои табиӣ, бояд на фақат дар маркази диққату ғамхории ташкилоту идораҳои манфиатдор, балки тамоми аҳолӣ бошад.

**Адабиёт**


**1.**Баромади Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар сиғаи видеоконференсия. Душанбе, аз 03 марти соли 2021.

2.Аброров Ҳ., Акмалов М. Мӯъҷизаҳои табиати Тоҷикистон. Душанбе,2014.

**3.**Ғаффоров Ш. Афзалиятнокӣ дар истифодаи захираҳои минералӣ. Душанбе, 2001.

4. Ғозибекова М. Водные ресурсы Таджикистана. Душанбе, 2005.


## МАШҒУЛИЯТҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР БОЛОРАВИИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 5-6


**Қӯзиева Р.М. - муаллими калони кафедраи фанҳои табиатшиносии ДДМИТ**


Гузаронидани машғулиятҳои берунازсинфӣ дар ҷараёни омӯзиши биология ва экология (маҳфилҳои фаннӣ, викторинаҳои биологию экологӣ, тарзи ҳаёти солим, шабнишиниҳо, пайраҳаи экологӣ ва ғайраҳо), дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон нақши муҳим мебозанд. Мавриди қайд аст, ки гузаронидани чунин машғулиятҳои берунازсинфӣ боиси ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои экологӣ, аз ҷумла, тарбияи маърифатӣ ва фарҳанги экологии хонандагон мегардад. Масъалаҳои ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои берунازсинфӣ дар таҳқиқоти як қатор олимони хориҷӣ, аз ҷумла, З.Ф. Афанасева, В.С. Беляева, К.И. Василева, А.И. Никишов, Р.М. Евдокимова, Д.И. Трайтак ва олимони ватанӣ - С.С. Мирзоев, аз нигоҳи илмӣ, назариявӣ, методию амалӣ дар ҷараёни таълими биология ва экология тавсифу баррасӣ гардидаанд.

Олимону методистони бахшҳои биологияю экология Н.М. Верзилин ва В.М. Корсунская машғулиятҳои берунازсинфиро ба таври зайл маънидод намудаанд: «Машғулиятҳои берунازсинфӣ яке аз шаклҳои гуногуни ташкилу ҷалби ихтиёрии хонандагон таҳти роҳбарии муаллимон баҳри бедор ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, ҷанбаҳои тарбияи маърифатию фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодии онҳо ва, билохир, омӯзиши васеъ ва ворид намудани тағйирот оид ба мазмуну мундариҷаи сикли фанҳои зистшиносию табиатшиносӣ маҳсуб меёбанд» [2]. Педагогҳои машҳури рус А.С. Макаренко [8] ва В.А. Сухомлинский [14] қайд менамоянд, ки машғулиятҳои берунازсинфӣ барои ноил гардидан бо мақсадҳои умумитаълимӣ бо назардошти ташаккули шавқу завқ, ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангии хонандагон нигаронида шудаанд. Оид ба ташкилу гузаронидани машғулиятҳои берунازсинфӣ дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои табиӣ Б.В. Всесвятский [4] чунин навиштааст:

а) ташкили ин намуди машғулиятҳо бояд боиси бедор сохтани шавқу завқи зиндаю воқеии хонандагон гардад;

б) ин машғулиятҳо новобаста аз мундариҷа ва шаклҳояшон бояд аз дарсҳои муқаррарӣ фарқ кунанд.

Барои муаллимону методистони касбии фанҳои биология ва экологияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мо чунин нақша-чорабиниҳои маҳфилҳоро пешниҳод менамоем:

1. Оид ба кабудизоркунии қитъаи таълимӣ-таҷрибавии мактаб:

а) кабудизоркунии ҳудуди мактабҳо аз ҳисоби растаниҳои ҳамешасабз, сояафкану ороишӣ, интихоби дурусти растаниҳои хонагие, ки дар давоми сол гул мекунанд, нигоҳубини онҳо;

б) ташкили қитъаи таълимии мактаб бо мақсади гузаронидани таҷрибаҳо ва мушоҳидаҳо оид ба олами набототу ҳайвонот;

в) ташкил ва расонидани кумаки ҳамешагӣ оид ба таҷҳизонидани кабинети биология бо гербарияҳо, коллексияи меваҳою тухмиҳо, коллексияи ҳашарот, хӯсаҳои парандагону хазандагон, асбобу анҷомҳои таълимӣ, аз ҷумла васоити таълимӣ-методӣ ва ғайраҳо;

г) ташкили «Гӯшаи табиати зинда» ва нигоҳубини ҳамешагии растаниҳою ҳайвоноти дар қитъаи таълимӣ-таҷрибавӣ мавҷудбуда, инчунин, гузаронидани таҷрибаҳо ва мушоҳидаҳо аз фанҳои ботаника, экология ва зоология.

Дар ин маводи методӣ барои ёрии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба ташкилу гузаронидани маҳфили «Табиатшиносони ҷавон» чунин тавсияҳои методӣ пешниҳод карда шудааст:

Дар мавриди ҳалли проблемаҳои роҳу усулҳои ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ, ба омӯзгорону методистони сикли фанҳои табиатшиносӣ лозим аст, ки ҷанбаҳои истифодаи шакл, метод ва ҳатто таҷҳизоти таълимиро аз нигоҳи талаботи педагогию дидактикӣ тавсифу баррасӣ намоянд.

Дар баробари ин ҳама аҳаммияти маводи кишваршиносӣ дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз фанҳои умумибиологӣ назаррас арзёбӣ мегардад.

Ба ақидаи Б.Г. Лихачёв [7], “Кишваршиносӣ, бо маънои томаш, дар инсон ҳисси худогоҳии миллӣ, арзандагиву лоиқ будан, сифатҳои мусбии инсониро аз ҷумлаи афзоишҳои фарҳангӣ ва экологӣ тарбия месозад. Нақши кишваршиносӣ, омӯзиш ва шахсияти кишваршинос дар тарбияи маърифатию фарҳанги хонандагон бузург мебошад. Истифодаи маводи кишваршиносӣ дар раванди дарси биология боиси ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, маърифати фарҳанги экологии хонандагон мегардад. Кишваршиносӣ дар мактаб натиҷаи фаъолияти ҳамҷоягии хонандагон ва омӯзгорон буда, характери эҷодӣ - ҷустуҷӯӣ дорад. Вай дар қалби кӯдакон аз синни хурдӣ дӯстдорӣ ба Ватан, ҳисси зебоӣ, ташаккулёбии шавқмандӣ, рушди қобилиятнокӣ, табъи эстетикӣ, принсипҳои маърифатнокии устувор, аз ҷумла, фазилату фарҳанги экологиро тарбия менамояд”.

**Адабиёт**


1. Всесвятский Б.В. Проблемы дидактики биологии. Пособие для учителей / Б.В. Всесвятский. – М.: Просвешение, 1969. – 239с. (39)

2. Забиров Р.Ғ. Биосфера. (Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ) / Р.Ғ. Забиров. – Душанбе, 2010. – 195 с. (61)

3. Лихачёв Б.Г. Педагогика: курс лекций / Б.Г. Лихачёв. - М.: Юрайт, 2001. (105)

4. Макаренко А.С. Общие вопросы теории педагогики / А.С.Макаренко – т. 5. – М., Изд-во АПНРСФСР, 1961. (108)

5. Мирзоев С.С. Асосҳои педагогии машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ аз фанҳои зистшиносӣ / С.С.Мирзоев Душанбе: Ирфон, 2012. – 170с (116)

6. Сухомлинский В.А. Об умственном воспитании/В.А. Сухомлинский // Составитель и автор вступительной статьи М.И.Мухин. (169)
Эргашев А. Экологияи умумӣ / А.Эргашев. – Душанбе, 2003- 140с. (198)

## САЙЁҲӢ, ҲАМЧУН БАХШИ РӮ БА ТАРАҚҚИЁТИ ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

**Азимова М.А.- н.и.п., дотсенти кафедраи фанҳои табиатшиносии ДДМИТ**

Соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои сердаромади иқтисодиёти ҷаҳон ва феномени иқтисодии асри XX эътироф гаштааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дорои мероси ғании таърихиву фарҳангӣ ва захираҳои табиӣ буда, барои ҷалби теъдоди зиёди саёҳони хориҷӣ ба кишвар иқтидори воқеӣ дорад. Бо дарназардошти омилҳои зикршуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳиро самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар эълон намудааст [1].

Тоҷикистон дар рушди соҳаи сайёҳӣ қадамҳои нахустин ва устувори худро мегузорад ва дар ин ҷараён омӯхтани таҷрибаи ҷаҳонӣ ва тарғибу ташвиқи захираҳои сайёҳии мамлакат басо муҳим аст, зеро сайёҳӣ ба сифати суръатбахши рушди иқтисодии кишвар ва минтақаҳо баромад намуда, ҳамзамон худ, низ соҳаи зудинкишофёбанда ва ояндадор мебошад. Аҳамияти иқтисодии сайёҳӣ пеш аз ҳама, дар талабот ва тақозои сайёҳӣ зоҳир мегардад.

Маҳз саноати сайёҳӣ яке аз воситаҳои муҳим ва дастраси дарку маърифати ҷаҳони моро иҳота намуда, таърихи он ва мероси фарҳангии он гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварест, ки табиати бою сарватҳои бебаҳо дошта, қисми зиёдашро баландтарин қаторкӯҳҳои Осиё ишғол кардаанд. Аз рӯи тадқиқоти олимон муайян карда шудааст, ки дар ҳудуди кишвар 900 га комплекси табиӣ бо 40 намуди ландшафтҳо (манзараҳо) мавҷуд аст. Кишвари мо бо чашмаҳои шаффоф, гарму табобатӣ ва олами растаниҳои шифобахш ба оламиён машҳур гаштааст. Зеро дар қаламрави ҷумҳурӣ зиёда аз 200 чашма, аз ҷумла 40 чашмаи гарм ва зиёда аз 2 ҳазор намуди рустаниҳои шифобахш мавҷуданд. Инчунин, Тоҷикистон бо шароитҳои махсуси иқлимиаш (дар 1 сол қариб 300 рӯзи офтобӣ дорад) аз дигар мамлакатҳои ҳамсоя фарқ мекунад. Ғайр аз ин, мардуми тоҷик таъриху тамаддуни ниҳоят бой ва ғанӣ дошта, дар сарзамини Тоҷикистони муосир ёдгориҳои зиёди таърихию меъморӣ боқӣ мондааст. Аз ин рӯ, хусусиятҳои хоси минтақавии релйеф, шароитҳои гуногуни табиӣ ва мавҷудияти ёдгориҳои таърихию меъморӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар Тоҷикистон якчанд намудҳои соҳаи сайёҳиро инкишоф дода, дар ғанӣ гардонидани буҷаи давлат саҳми худро гузорем. Зеро сайёҳӣ соҳаест, ки дар бештари кишварҳои ҷаҳон яке аз соҳаҳои сердаромад ба шумор меравад [2].

Минбаъд дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ дар кишвар таълим, тарбия ва омодасозии мутахассисон дар соҳаи сайёҳӣ ҷойи муҳимро ишғол хоҳад кард, зеро сайёҳӣ торафт ба соҳаи баландтехнология табдил ёфта, барои рушди он мутахассисон бояд маълумоти хуб, муоширати баланди касбӣ дошта бошанд ва бо якчанд забон ҳарф зада тавонанд. Ҳалли масъалаҳои омода кардани мутахассисон дар соҳаи сайёҳӣ бо мақсади зерин амалӣ карда мешавад: пайдо кардани дониш бо мақсади истифода аз имконоти мавҷудаи сайёҳӣ ва хуб донистани соҳаи сайёҳии кишвар. Сайёҳӣ имрӯзҳо соҳаи зудафзоишёбандаи хоҷагии дунё ба ҳисоб меравад. Суръати афзоиши он аз суръати афзоиши дигар соҳаҳо қариб ду маротиба зиёд мебошад.

Бояд қайд намуд, ки сайёҳии байналхалқӣ ба гурӯҳи соҳаи бузурги содиротӣ дохил мешавад. Маҳз манфиатҳои иқтисодӣ асоси қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди сайёҳиро ташкил медиҳанд. Истифодаи байналхалқии маҳсулоти сайёҳиро чун моли содиротии кишвари қабулкунанда ҳисоб кардан мумкин аст, саёҳати дохилӣ бошад, содироти байни минтақаҳои кишвар ва ивазкунандаи воридотӣ ба иқтисодиёти миллӣ ҳисоб карда мешавад. Солҳои охир дар натиҷаи бӯҳрони иқтисодӣ бисёр соҳаҳои иқтисодиёт: саноат ва кишоварзӣ рӯ ба пастравӣ ниҳодаанд, вале соҳаи сайёҳӣ ривоҷ ёфт ва боиси рушди соҳаҳои хизматрасонии сайёҳӣ гардид. Дар баъзе кишварҳо

даромад аз сайёҳӣ яке аз манбаъҳои асосии даромади мамлакат мебошад. Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо даромад аз соҳаи сайёҳӣ тақрибан 5,5% маҳсулоти умумии дохилиро ташкил медиҳад [3].

Аҳамияти иқтисодии сайёҳӣ на фақат ба фаъолияти сайёҳӣ, балки ба навъ ва хусусияи иқтисодиёти баррасишаванда низ вобаста аст. Дар давлатҳои мутараққӣ сайёҳӣ ба иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбӣ расонида, ба ноустувории он муқобилат карда метавонад. Барои иқтисодиёти инкишофёбанда бошад, аҳамияти иқтисодии фаъолияти сайёҳӣ ба он вобаста аст, ки ба кадом дараҷа сайёҳон бештар ҷалб шуда ва қабул карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, кишварҳо ба таври гуногун ба иқтисодиёти сайёҳӣ назар меафкананд. Сайёҳӣ хоҳ- нохоҳ ба иқтисодиёти ҳаёти ҷомеа таъсири мусбӣ мерасонад. Саёҳати муосир ҳамчун рӯйдоди иқтисодӣ:

- шакли индустриалӣ дорад;
- дар шакли маҳсулот ва хизматрасонии сайёҳӣ баромад мекунад, ки онҳо на ғун шуда метавонанду на интиқол дода мешаванд;
- ҷойҳои нави корӣ ташкил карда, аксар чун пешоҳанги азхудкунии минтақаҳои нав баромад карда, барои тезонидани рушди иқтисодиёти миллӣ чун ривоҷдиҳанда хизмат мерасонад;
- механизми азнавтақсимшавии даромади миллӣ ба фоидаи кишварҳое мебошад, ки дар соҳаи сайёҳӣ саҳми калон доранд;
- мултипликаторҳои афзоиши даромади миллӣ, шуғли аҳолӣ, инкишофи зерсохтори маҳаллӣ ва баландшавии сатҳи зиндагии аҳолии маҳаллӣ мебошад;
- бо самаранокии баланд ва зуд рӯпӯшкунии сармоягузорӣ фарқ мекунад;
- чун воситаи самаранокии ҳифзи табиат ба вуҷуд меояд, зеро маҳз ҳамин унсурҳо заминаи асосии захиравиро ташкил медиҳанд;
- бо тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ва намудҳои фаъолияти инсон якҷоя амал карда метавонад.

Маълумоти дар боло овардашуда дар бораи саҳми сайёҳӣ дар иқтисодиёти кишварҳои дунё самаранокии сайёҳиро ба шакли умумӣ ифода мекунад. Мутаассифона, то ҳол ягон дастуре мавҷуд нест, ки саҳми сайёҳиро ба хоҷагиҳои миллӣ ва олам баҳо диҳад. Аз ин рӯ, алҳол барои нишон додани манфиати сайёҳӣ ба иқтисодиёт (самаранокии иқтисодии он) тағйирёбандаҳои зеринро истифода мебаранд:

- саҳми сайёҳӣ дар ташаккули даромади миллӣ;
- сайёҳӣ ва тавозуни пардохтӣ;
- сайёҳӣ ва воридоти андоз ба буҷет;
- сайёҳӣ ва афзоиши ҷои корӣ;
- таъсири сайёҳӣ ба инкишофи минтақа.

Аҳамияти ҳар яке аз ин тағйирёбандаҳо ба сохаи сайёҳӣ маълум аст, вале барои баҳо додан ба ҳар яке аз онҳо тадқиқоти минбаъда заруранд. Хусусан, баҳодиҳии нақши сайёҳӣ ба даромади миллӣ дуруст омӯхта нашудааст. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки сайёҳӣ ба иқтисодиёти минтақа (ё кишвар), ки дар он вай инкишоф меёбад, хусусан ба соҳаи хочагидорӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарӣ таъсир расонида метавонад.

**Адабиёт**

1.Абдалимов А., Қодирова М.И. Иқтисодиёти туризм. Ирфон. Душанбе, 2012. С.218.

2.Азимова М.А., Қодирова М.И. Географияи сайёҳӣ. Душанбе, 2012.С. 240.

3. Диловаров Р.Д., Ёров Ҷ.Н., Сайфуллоев Н.Н. Асосҳои туризм. Душанбе 2013. С.244.

## ТАТБИҚИ ВЕКТОР ДАР МОДЕЛИ ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИЁТ

**Кароматуллои М., Мирзоев Н.-ассистентони кафедраи математикаи олии ДДМИТ**

Алоқамандии математика ва иқтисодиёт садсолаҳо инҷониб сурат гирифта, дар худ яке аз самтҳои муҳими байнифанниро таҷассум мекунанд. Иқтисодиёт хусусиятҳои гуногуни миқдориро истифода намуда, бо ҳамин дар худ миқдори калони методҳои математикиро ҷамъ овардааст.

Элементҳои яке аз фаслҳои математикаи олӣ – алгебраи хаттӣ дар ҳалли масъалаҳои гуногуни хусусияти иқтисодидошта васеъ истифода мешавад. Дар байни онҳо мавқеи муҳимро мафҳуми вектор мебозад.

Вектор ин пайдарпайии бо тартиб ҷойгиршавии ададҳо мебошад. Ададҳоеро, ки дар вектор бо назардошти ҷойгиршавии онҳо аз рӯи номер дар пайдарпайӣ оварда мешаванд, компонентҳои вектор меноманд. Бояд қайд кард, ки векторҳоро ҳамчун элементҳои соҳаи дилхоҳ, аз он ҷумла иқтисодиёт дида баромадан мумкин аст. Фарз мекунем, ки фабрикаи пойафзолбарорӣ бояд дар як рӯзи корӣ 550 ҷуфти музаи мардона, 400 ҷуфти музаи занона ва 250 ҷуфти музаи бачагона ва 200 ҷуфти музаи духтарона истеҳсол кунад. Он гоҳ нақшаи истеҳсолии фабрика дар намуди $\overline{S}=(550;400;250;200)$ навишта мешавад, ки дар ин ҷо $\overline{S}$ - вектори чорченака мебошад.

Тасвири иқтисодии фазои векторӣ $n$ – ченака фазои иқтисодии неъмат (молҳо) ба ҳисоб меравад. Дар зери мафҳуми мол неъмат ё хизматрасонӣ фаҳмида мешавад, ки дар вақти муайян ва ҷойи муайян ба фурӯш гузошта шудааст.

Бигузор $n$ – миқдор моли муайян мавҷуд бошад. Вектори $x=(x_1;x_2;\ldots;x_n)$ - миқдори навъҳои гуногуни молҳои аз худ кардаи ягон харидорро ифода мекунад. Бо $x_i$ - миқдори $i$ – молро, ки истеъмолкунанда харид кардааст, ишора мекунем. Фарз мекунем, ки ҳамаи неъматҳо бо хосиятҳои тақсимшавии ихтиёрӣ баҳо дода мешаванд, яъне аз ҳар навъи онҳо миқдори муайян харид карда шудаанд. Пас, ҳама гуна намуди неъмат ва ё хизмат бо вектори фазои неъмат $\overline{S}=\{x=(x_1;x_2;\ldots;x_n),x_i\geq 0, i=0;1;2;\ldots n\}$ ифода мешавад.

Ҳар як намуди неъмат қатъиян нархи мусбат дорад. Фарз мекунем, ки нархи воҳиди $i$ – мол $p_i$ бошад. Он гоҳ вектори нархҳоро бо $\overline{P}=(p_1;p_2;\ldots;p_n)$ ифода мекунем. Зарби скалярии вектори неъматҳо $\overline{S}=(x_i)$ ва вектори нархҳо $\overline{P}=(p_i)$ ададеро ифода мекунад, ки арзиши умумии ин молҳоро нишон медиҳад ва бо $A(x)$ ишора мекунем: $A(x)=(p_1\cdot x_1;p_2\cdot x_2;\ldots;p_n\cdot x_n)$.

Масъалаи 1. Бигузор фабрикаи либосдӯзӣ се намуди маҳсулот: куртаи мардона, куртаи занона ва куртаи кӯдакона истеҳсол мекунад. Миқдори истеҳсоли солонаи ин молҳоро мувофиқан бо $S_1$, $S_2$ ва $S_3$ ишора мекунем. Фарз мекунем, ки ҳаҷми истеҳсоли мол дар соли 2021 $\overline{S}_{2021}=(3000;2800;1200)$ буда, нархи ҳар як намуди онҳо бо вектори $\overline{P}_{2021}=(200;180;60)$ (сомонӣ) ифода мешавад. Фабрика дар соли 2022 истеҳсоли ҳар як намуди молро 10% ва нархи ҳар як намуди молро 5% зиёд намуд. Маҳсулоти дар ду сол истеҳсолшуда пурра фурӯхта шуд. Муайян кунед, ки фабрика дар ду сол ба маблағи чанд сомонӣ мол фурӯхтааст ва назар ба соли пешина чанд сомонӣ зиёдтар даромад ба даст овардааст?

Ҳал.

Ҳаҷми истеҳсоли мол ва нархи ҳар як мол дар соли 2021:

$\overline{S}_{2021}=(3000;\ 2800;\ 1200)$, $\overline{P}_{2021}=(200;\ 180;\ 60)$.

Арзиши умумии молҳо дар соли 2021:

$$A_{2021}(x) = (200 \cdot 3000 + 180 \cdot 2800 + 60 \cdot 1200) =$$
$$= (600000 + 504000 + 72000) = 1176000\ (сомони).$$

Ҳаҷми истеҳсоли мол ва нархи ҳар як мол дар соли 2022:
$\overline{S}_{2022} = (3300; 3080; 1420)$, $\overline{P}_{2022} = (210; 189; 63)$.

Арзиши умумии молҳо дар соли 2022:

$$A_{2021}(x) = (210 \cdot 3300 + 189 \cdot 3080 + 63 \cdot 1320) =$$
$$= (693000 + 582120 + 83160) = 1358280\ (сомони).$$

Ҳамин тавр,

$$A(x) = (1176000 + 1358280) = 2534280\ (сомони).$$
$$D(x) = (1358280 - 1176000) = 182280\ (сомони).$$

Мафҳуми вектор дар модели инкишофи иқтисодиёт, ки соли 1937 математики америкоӣ Ҷон фон Нейман пешниҳод намуд, васеъ истифода мешавад.

Модели иқтисодии Нейманро дар ҳолати умумӣ дида мебароем.

Бигузор вектори ($C$; $K$) вектори иқтисод бошад, ки дар ин ҷо $C$ – фазои молҳо ва $K$ – маҷмуи равандҳое мебошад, ки миқдори муайяни молҳоро дар дигар миқдори ҳамин молҳо коркард мекунад. Дар зери мафҳуми мол омилҳои аввалини истеҳсолот (замин, меҳнат), маҳсулоти хом (ангишт, нефт) ва ин чунин маҳсулоти охирнок ва хизматрасонӣ фаҳмида мешавад.

Фарз мекунем, ки миқдори молҳо $n$ – то бошад. Он гоҳ фазои молҳо $C$ ортанти ғайриманфии фазои $n$ - ченака мебошад. Ортант гуфта, зермаҷмуи фазои $n$ – ченакаро меноманд, ки буриши ҳамаи нимфазоҳоро ифода мекунад. Дар асоси маҷмуи равандҳои иқтисодӣ ($K$) миқдори охирноки равандҳо ($Q_1$; $Q_2$; …; $Q_m$) меистад. Онҳоро базисӣ меноманд. Ҳар як аз ин

базисҳо дар худ ҷуфти векторҳои $Q_i = (\overline{A_i}; \overline{B_i})$ -ро аз фазои молҳо $C$ дар назар доранд. Мазмуни раванди $Q_i$ дар он ҷамъбаст мешавад, ки он вектори $\overline{A_i}$ - ро ба вектори $\overline{B_i}$ ”коркард” мекунад. Ҳамаи векторҳо аз рӯи мазмуни худ қимати ғайриманфӣ доранд. Агар $\overline{A} = (A_1; A_2; ...; A_m)$ ва $\overline{B} = (B_1; B_2; ...; B_m)$ бошад, он гоҳ мо дар натиҷа, технологияи модели додашударо, ки бо ҷуфти матритсаҳои ғайриманфии A (матритсаи хароҷот) ва B (матритсаи истеҳсол) навишта мешаванд, ҳосил мекунем.

Равандҳои базисиро вобаста намуда, мо равандҳои навро ҳосил мекунем. Масалан, адади ғайриманфии $x_i$ ($i$ =1; 2; …; $m$)-ро гирифта, раванди нави истеҳсолии $x_1Q_1 + x_2Q_2 + \ldots + x_mQ_m$ -ро ҳосил мекунем, ки дар ин ҷо $\sum_{k=1}^{m} = x_k A_k$ - вектори хароҷот ва $\sum_{k=1}^{m} = x_k B_k$ - вектори истеҳсол мебошанд.

Раванди нави истеҳсолиро бо вектори ($AX$; $BX$) ишора мекунем. Вектори сутунии $\overline{X} = (x_i)$ - вектори маҳсулнокӣ мебошад. Маҷмӯи ба

қадри зарурии васеъи ҳосилшудаи равандҳоро бо $K$ ишора мекунем. Қайд мекунем, ки равандҳои базисии $Q_1$; $Q_2$; …; $Q_m$ бо соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, корхонаҳо ва ғайра мувофиқат мекунанд ва ҳар як элементи ($X, У$) Є $K$ – ягон раванди абстрактӣ мебошад, ки ба тартиби кори ҳамҷояи ин соҳаҳо баҳо медиҳад. Дар ин ҷо $\overline{X}$ - вектори хароҷот ва $\overline{У}$ - вектори истеҳсоли маҳсулот мебошад.

Масъалаи 2. Матритсаҳои технологии $A = \begin{pmatrix} 8 & 6 \\ 3 & 12 \end{pmatrix}$ ва $B = \begin{pmatrix} 4 & 4 \\ 4 & 14 \end{pmatrix}$, вектори нарх $\overline{P} = \begin{pmatrix} 2 & 4 \end{pmatrix}$ва вектори захираҳои ибтидоӣ $\overline{S} = \begin{pmatrix} 16 \\ 32 \end{pmatrix}$ дода шудаанд. Маҳсулнокии равандҳои технологӣ, ки арзиши максималии истеҳсоли маҳсулотро дар як даври истеҳсолӣ ва арзиши максималии он ёфта шавад.

Ҳал. Бигузор $\overline{X} = \begin{pmatrix} x_1 \\ x_2 \end{pmatrix}$ - вектори сутунии маҳсулнокии матлуб бошад. Дар ин ҳолат барои ёфтани онҳо масъалаи барномасозии хаттиро соҳиб мешавем:

$$\begin{cases} \overline{P} \times B \times \overline{X} \to \max \\ A \times \overline{X} \le \overline{S} \\ \overline{X} \ge 0 \end{cases}$$

ё (дар шакли фаҳмотар) чунин навишта мешавад:

$$\begin{cases} 24x_1 + 64x_2 \to max \\ 8x_1 + 6x_2 \le 16 \\ 3x_1 + 12x_2 \le 32 \\ x_1, x_2 \ge 0. \end{cases}$$

Агар масъаларо бо методи графикӣ ҳал кунем, он гоҳ нуқтаи максималӣ (0; 2,7) ва арзиши максималии истеҳсоли маҳсулот дар як даври истеҳсолӣ ба 170,7 баробар мешавад.

Хулоса, мафҳуми вектор дар ҳалли масъалаҳои гуногуни иқтисодӣ васеъ истифода шуда, дар таҳлили иқтисодӣ мавқеи муҳимро иҷро мекунад.

## АДАБИЁТ

1. Абдулло Ҳ., Кабиров А.Т., Бурҳонов З. Математикаи олӣ. Китоби дарсӣ. Қисми 1. / -Д.: Промтекс. – 2018. – 350 саҳ.
2. Васильева Е.Г и др. . Применение линейной алгебры в экономике / - Улан-Уде: ВСГТУ, - 2004. - С. 11 – 15.
3. Кабиров А.Т., Саидов Б.Б. Математика дар иқтисодиёт. Китоби дарсӣ. / -Д.: Сармал-компания. -2021.-507 саҳ.
4. Малыхин В.И. Высшая математика. Учеб. пособие / - М.: ИНФРА,- 2009. –С. 62 – 63.

## ТАТБИҚИ МУОДИЛАҲОИ ХАТИ РОСТ ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Шомирзоев А., Умаралии Б. -ассистентони кафедраи математикаи олии ДДМИТ**

Тасвири геометрии элементҳои иқтисодӣ дар ҳамвории координатӣ ба мо имконият медиҳад, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ раванди тағйирёбии параметрҳои иқтисодиро воқеӣ мушоҳида намоем. Дар ҳамвории координатӣ нишон додани тағйирёбии ҳаҷми маҳсулот вобаста ба нарх ва ё дигар параметрҳои иқтисодӣ, тағйирёбии суммаи афзуншавӣ вобаста ба андозаи фоизӣ ва муҳлати қарз, нуқтаи мувозинатӣ бо ёрии графики муодилаҳое, ки қонуни талабот ва пешниҳодро ташкил медиҳанд, нархи бозорӣ бо ёрии графики хатҳои каҷи талабот ва пешниҳод, фоидаи

умумӣ аз фурӯши маҳсулот дар бозори монополӣ, тағйирёбии хароҷотҳои миёна ва ҳудудӣ вобаста ба ҳаҷми маҳсулот ва ғайра мисоли он шуда метавонанд. Бо ёрии моделҳо ва методҳои геометрӣ аз шарти масъала муодилаҳоеро ҳосил кардан мумкин аст, ки бо роҳи аналитикӣ ҳаллу фасл мешаванд [2].

Инак, якчанд масъалаҳои иқтисодиро мавриди тадқиқ қарор медиҳем, ки бор ёрии муодилаҳои хати рост ҳал карда мешаванд.

1) *Муодилаи хати рост бо коэффитсиенти кунҷӣ*:

$$y = kx + b, \qquad (1)$$

ки дар ин ҷо $k = \text{tg}\alpha$ - коэффитсиенти кунҷӣ, $b$ - адади озод мебошанд. Дар ҳолати $b = 0$ будан, муодилаи (1) намуди $y = kx$ - ро мегирад. Графики ин муодила хати рост мебошад. Дар ҳолаи $k > 0$ будан кунҷи байни тири мусбати $Ox$ ва хати рости $y = kx + b$ $\alpha$ - кунҷи тез мешавад ва дар ҳолати $k < 0$ будан $\alpha$ – кунҷи кунд мешавад. Дар ҳолати якум графики муодила (функсия) – и (1) афзуншаванда ва дар ҳолати дуюм функсия камшаванда мешавад.

Масъалаи 1. Агар барои истеҳсоли 1 *тонна* маҳсулоти тайёр ба маблағи 3,2 ҳазор сомонӣ ашёи хом хароҷот шавад, он гоҳ барои $x$ тонна маҳсулот чӣ қадар маблағ хароҷот мешавад?

Ҳал. Мувофиқи шарти масъала $k = 3{,}2$ мебошад ва он коэффитсиенти мутаносибии байни истеҳсоли маҳсулоти тайёр ва хароҷоти ашёи хомро ифода мекунад. Бигузор $y$ – хароҷоти ашёи хом ва $x$ – миқдори маҳсулоти тайёр бошад. Он гоҳ муодилаи зеринро ҳосил мекунем: $y = 3{,}2x$.

Фарз мекунем, ки

$x = 1$ бошад, он гоҳ $y(1) = 3{,}2$;

$x = 2$ бошад, он гоҳ $y(2) = 6{,}4$;

$x = 3$ бошад, он гоҳ $y(3) = 9{,}6$.

Нуқтаҳои (1; 3,2), (2; 6,4), (3; 9,6) дар хати рости $OA$ мехобанд, пас нуқтаҳои муодилаи $y = 3{,}2x$ мебошанд.

Ҳам бо тарзи аналитикӣ ва ҳам бо тарзи графикӣ масъаларо ҳал намудем. Аз расми 1 бо осонӣ мебинем, ки мувофиқан барои истеҳсоли 2 ва 3 *тонна* маҳсулоти тайёр ба миқдори 6,4 ва 9,6 ҳаз. сомонӣ маблағ харҷ мешавад. Аз тири мусбати $Ox$ (миқдори маҳсулоти тайёр) истифода намуда, мо дилхоҳ қимати $y$ (харҷи ашёи хом) – ро ҳам ба тарзи аналитикӣ ва ҳам ба тарзи графикӣ ёфта метавонем.

Аз ҳалли масъала мо муайян намудем, ки суммаи умумии хароҷот аз миқдори маҳсулоти тайёр вобаста мебошад.



Расми 1

Масъалаи 2. Фабрикаи қаннодӣ дар соли аввал 50 000 тонна шакар истеҳсол кард. Ба нақша гирифта шудааст, ки ҳар сол истеҳсоли шакар 5% зиёд карда шавад. Муодилаеро, ки афзоиши истеҳсоли шакарро нисбат ба соли аввал дар муддати вақти $t$ ифода мекунад, муайян карда, графики онро дар ҳамвории координатӣ тасвир кунед.

Ҳал. 5%-и 50 000 т. шакар ба 2 500 т. баробар аст. Бигузор $y_t$ – афзоиши истеҳсоли шакар нисбат ба соли аввал дар муддати вақти $t$ бошад.

Азбаски зиёдшавии маҳсулот баъди соли якум ба нақша гирифта шудааст, пас ҳангоми

$t = 0, y_0 = 50\ 000;$

$t = 1, y_1 = 2500 + 50\ 000 = 52\ 500;$

$t = 2, y_2 = 2500 \cdot 2 + 50\ 000 = 55\ 000;$

$t = 3, y_3 = 2500 \cdot 3 + 50\ 000 = 57\ 500;$

..............................................

$t = t_0,\ y = 2500 \cdot t_0 + 50\ 000.$




Расми 2

Ҳамин тавр, мо функсияи хаттии $y = 2500 \cdot t + 50\ 000$ - ро ҳосил намудем, ки дар геометрия он ба гурӯҳи муодилаи хати рост бо коэффитсиенти кунҷӣ дохил мебошад. Графики он (расми 2) хати ростест, ки коэффитсиенти кунҷиаш $k = 2500$ ва адади озод $b = 50\ 000$ мебошанд.

2) *Муодилаи хати росте, ки аз нуқтаи додашуда гузашта, равиши муайян дорад*:

$$\frac{x - x_0}{n} = \frac{y - y_0}{m} \qquad (3)$$

ки дар ин ҷо $M(x_0;y_0)$ - нуқтае, ки хати рост аз он мегузарад, $\vec{l} = (m,n)$ - векторе, ки бо хати рост параллел аст.

Масъалаеро дида мебароем, ки ҳалли он ба муодилаи (3) оварда мешавад.

Масъалаи 3. Арзиши боркашонӣ аз нуқтаи $A$ то нуқтаи $B$, ки масофааш 80 км аст, 100 сомонӣ ва масофа аз пункти $A$ то нуқтаи $C$, ки масофааш 150 км аст, 120 сомонӣ мебошад. Муодилаеро тартиб диҳад, ки мутаносибии фарқи арзишҳо ба фарқи масофаҳои баркашонӣ (арзиши умумии боркашонӣ) - ро ифода мекунад.

Ҳал. Бигузор роҳҳо ростхатта бошанд (пасти баландӣ ва каҷии роҳҳоро ба инобат намегирем). Он гоҳ муодилаи арзиши умумии боркашонӣ муодилаи хати рост мешавад ва арзиши кашондани бор аз масофа вобаста аст.

Ҳангоми боркашонӣ хароҷотҳоеро, ки ба масофа мутаносиб мебошанд, хароҷотҳои тағйирёбанда (сарфи сузишворӣ, вақти сарфкардаи ронанда ва ғайра) буда, бо $u$ ишора мекунем. Хароҷотҳои ба масофа новобаста (борфарорӣ, бор кардани бор ва ғайра) - ро хароҷоти доимӣ меномем ва онро бо $v$ ишора мекунем. Дар натиҷа арзиши умумии боркашонӣ бо муодилаи $y = ux + v$ ифода мешавад, ки дар ин ҷо $x$ – воҳиди масофа (км) мебошад.

Муодилаеро тартиб медиҳем, ки мутаносибии фарқи арзишҳо ба фарқи масофаҳои баркашонӣ ва ё муодилаи арзиши умумии боркашониро ифода мекунад. Барои ин ҳаҷми боркашониро то нуқтаи $B$ назар ба нуқтаи $C$ муқоиса мекунем. Фарқи масофа аз нуқтаи $A$ то нуқтаи $C$ ва масофа аз нуқтаи $A$ то нуқтаи $B$ ба 70 км (150 – 80 = 70) ва фарқи арзишашон ба 40 сомонӣ баробар мебошад. Акнун масофаи боркаширо аз нуқтаи $A$ то ягон нуқтаи дилхоҳ бо $x$ км ишора мекунем. Дар натиҷа масофа ($x$ – 80) км зиёд шуда, арзишаш ба ($y$ – 100) сомонӣ баробар мешавад. Фарқи арзишҳо ба фарқи масофаҳо мутаносиб мебошанд.

Дар натиҷа муодилаи хати рости

$$\frac{y - 100}{120 - 100} = \frac{x - 80}{150 - 80} \Rightarrow \frac{x - 80}{70} = \frac{y - 100}{20}$$

- ро ҳосил мекунем, ки он муодилаи мутаносибии фарқи арзишҳо ба фарқи масофаҳои баркашониро ифода мекунад. Муодилаи охирин муодилаи намуди (3) мебошад ва агар онро табдил диҳем, он гоҳ муодилаи намуди (1) – ро ҳосил мекунем: $\frac{x - 80}{70} = \frac{y - 100}{20} \Rightarrow y = \frac{2}{7}x + \frac{540}{7}$.

*Санҷиш.* Дар ҳақиқат, ҳангоми

$x = 80$ км, $y(80) = \dfrac{2 \cdot 80 + 540}{7} = 100$ сомонӣ;

$x = 150$ км, $y(120) = \dfrac{2 \cdot 150 + 540}{7} = 120$ сомонӣ.

3) *Муодилаи хати рост, ки аз нуқтаҳои* $M_1(x_1;y_1)$ ва $M_2(x_2;y_2)$ *мегузарад*:

$$\frac{y - y_1}{y_2 - y_1} = \frac{x - x_1}{x_2 - x_1} \qquad (4)$$

Масъалаи 3-ро бо ёрии муодилаи (4) ҳал мекунем.

Мувофиқи шарти масъала $M_1(80;100)$ ва $M_2(150:120)$ мешавад. Пас, дар асоси формулаи (4) муодилаи зеринро ҳосил мекунем:

$$\frac{y-100}{120-100} = \frac{x-80}{150-80} \Rightarrow \frac{x-80}{70} = \frac{y-100}{20} \Rightarrow y = \frac{2x+540}{7}.$$

Яъне, бо ёрии муодилаи

$$\frac{x-80}{70} = \frac{y-100}{20} \Rightarrow y = \frac{2x+540}{7}$$

арзиши умумии боркашониро муайян карда метавонем.

4) *Муодилаи хати рост дар порча*:

$$\frac{x}{a} + \frac{y}{b} = 1, \qquad (5)$$

ки дар ин ҷо нуқтаҳои $M_1(a;0)$ ва $M_2(0;b)$ – нуқтаҳои хати рост.

Масъалаи 4. Бигузор дар анбори маркази гармидиҳӣ $b$ тонна ангишт захира карда шудааст.Агар ҳар рӯз ба миқдори баробар ангишт сарф карда шавад, захира дар $a$ рӯз мерасад. Муодилаеро тартиб диҳед, ки вобастагии миқдори ангишти сарфшуда ва ангишти сарфнашудаи анборро дар ягон муддати вақт ифода мекунад. Муодилаеро тартиб диҳед, ки миқдори ангишти сарфнашудаи анборро вобаста ба ангишти сарфшуда муайян мекунад.

**Ҳал.** Агар дар як рӯз $1/a$ тонна ангишт сарф шавад, он гоҳ дар $x$ рӯз $x/a$ тонна ангишт сарф мешавад. Агар бо $y$ тонна миқдори сарфнашудаи ангишти захирашударо дар ягон муддати вақт ишора кунем, он гоҳ $y/b$ – ҳиссаи ангишти захирашудаи $b$-ро ифода мекунад. Пас, аз захираи умумии ангишти анбор, ки ба як воҳид баробар аст, дар $x$ рӯз $x/a$ тонна ангишт сарф мешавад ва $y/b$ тонна ангишт боқӣ мемонад. Дар натиҷа муодилаи $\frac{x}{a} + \frac{y}{b} = 1$ - ро ҳосил мекунем, ки он муодилаи (5) мебошад.

Муодилаи (5) - ро табдил дода, муодилаи миқдори ангишти сарфнашудаи анборро вобаста ба ангишти сарфшуда муайян мекунем:

$$y = b - \frac{b}{a}x. \qquad (6)$$

Дар ҳақиқат, агар ангишти анбор $b$ - тоннаро дар $a$ рӯз мунтазам сарф кунем, он гоҳ дар анбор ҳар рӯз $b/a$ - тонна ангишт кам мешавад. Масалан, дар анбор 100 тонна ангишт захира карда шудааст, ки ҳар рӯз ба миқдори баробар сарф намудани ангишт ба 20 рӯз мерасад. Муодилаеро тартиб медиҳем, ки миқдори ангишти сарфнашудаи анборро вобаста ба ангишти сарфшуда дар ягон муддати вақт муайян мекунад. Азбаски $b = 100$, $a = 20$, $x$ –

ягон муддати вақт (рӯз). Пас, мувофиқи формулаи (6)



$$y = 100 - \frac{100}{20}x \Rightarrow y = 100 - 5x \quad (0 \le x \le 20)$$

мешавад. Аз муодилаи охирин маълум аст, ки ҳар рӯз дар анбор 5 тонна ангишт кам мешавад.

Дар ҳолати $x = 8$ будан,

$$y(8) = 100 - 40 = 60$$

мешавад. Яъне, пас аз 8 рӯз дар анбор 60 тонна ангишт боқӣ мемонад (расми 3.3).

5) *Нуқтаи буриши хатҳои рост.* Бигузор хатҳои рости $l_1$ ва $l_2$ дода шуда бошанд. Агар коэффитсиентҳои кунҷии онҳо $k_1 \neq k_2$ бошад, он гоҳ нуқтаи $M(x;y)$ нуқтаи буриши хатҳои рости додашуда мебошад ва он аз ҳалли системаи зерин бармеояд:

$$\begin{cases} A_1x + B_1y = 0 \\ A_2x + B_2y = 0 \end{cases} \qquad (7)$$

Дар ҳалли баъзе масъалаҳои иқтисодӣ ёфтани нуқтаҳое, ки ду ва зиёда аз муодилаҳои иқтисодии монандро қонеъ мекунанд, талаб карда мешавад. Ёфтани нуқтаи мувозинати бозорӣ, арзиши якхела, даромади якхела, хароҷоти якхела, фоидаи якхела, фоиданокӣ, камхарҷӣ ва ғайра мисоли он шуда метавонанд.

Масъалаи зеринро дида мебароем.

Масъалаи 5. Арзиши боркашонии нақлиёти якум дар масофаи муайян бо муодилаи

$$y = 25x + 1000$$

ва арзиши боркашонии нақлиёти дуюм дар ҳамин масофа бо муодилаи $y = 50x + 750$ муайян карда мешавад. Дар кадом масофа(км) боркашонии ҳар ду нақлиёт арзиши якхела (сомонӣ) доранд? Арзиши боркашонӣ дар ин масофа ёфта шавад.




Расми 4

Ҳал. Барои ҳалли масъала аз системаи муодилаҳои хаттии

$$\begin{cases} y = 25x + 1000 \\ y = 50x + 750 \end{cases}$$

истифода мебарем, ки дар ин ҷо $x$ – масофаи додашуда мебошад.

Тасвири геометрии онҳо хатҳои рост мебошанд. Агар дар ҳамвории координатӣ ин ду хати рост ҳамдигарро буранд, он гоҳ ин нуқтаи буриш масофаеро ифода мекунад, ки дар он арзишҳои боркашонии ин ду нақлиёт баробар мешавад.

Аз расми 4 бо осонӣ мушоҳида мекунем, ки масофа ба 10 км ва арзиши боркашонӣ ба 1250 сомонӣ баробар аст.

Масъаларо бо тарзи аналитикӣ ҳал мекунем:

$50x + 750 = 25x + 1000 \Rightarrow x = 10$(км).

$y(10) = 250 + 1000 = 1250$ (сомонӣ).

Ҷавоб: 10 км, 1250 сомонӣ.

Масъалаи 6. Аз шарти масъалаи 6 муайян кунед, ки аз кадом масофа сар карда, боркашонии нақлиётҳои якум ва дуюмро истифода бурдан фоиданоктар аст?

Ҳал. Дар нуқтаи $x = 10$ арзиши боркашонии нақлиётҳои якум ва дуюм баробар мебошанд.

Фарз мекунем, ки $x > 10$ аст. Бигузор $x = 11$ бошад, он гоҳ

$y_1(11) = 25 \cdot 11 + 1000 = 1275$ сомонӣ;

$y_2(11) = 50 \cdot 11 + 750 = 1300$ сомонӣ.

Фарз мекунем $0 < x < 10$ аст. Бигузор $x = 9$ бошад, он гоҳ

$y_1(9) = 25 \cdot 9 + 1000 = 1225$ сомонӣ;

$y_2(9) = 50 \cdot 9 + 750 = 1200$ сомонӣ.

Азбаски дар ҳолати якум $y_1(11) < y_2(11)$ аст, бинобар ин дар масофаи $x > 10$ боркашонии нақлиёти дуюм фоиданоктар мебошад. Дар ҳолати дуюм $y_1(9) > y_2(9)$ аст, бинобар ин, дар масофаи $0 < x < 10$ боркашонии нақлиёти якум фоиданоктар аст.

Масъалаи 7. Бигузор муодилаҳои $y = 50x + 150$ ва $y = 25x + 250$ мувофиқан харачоти кашонидани борро ба воситаи ду намуди нақлиёт ифода намоянд, ки дар ин ҷо $x$-масофаи боркашонӣ (км) буда, $y$ - хароҷоти нақлиёт (сомонӣ) мебошад. Аз кадом масофа сар карда, намуди дуюми нақлиёт нисбат ба дигараш камхарҷтар ба шумор меравад?

Ҳал. Системаи муодилаҳои хаттии додашударо ҳал мекунем:

$$\begin{cases} y = 50x + 150 \\ y = 25x + 250 \end{cases}.$$

Аз ин ҷо: $50x + 150 = 25x + 250$, $25x = 100$; $x = 4$.

Қимати $x$ - ро ба яке аз муодилаҳо гузошта ҳосил мекунем:

$$y(4) = 50 \cdot 4 + 150 = 350.$$

Мисли масъалаи боло бо осонӣ муайян мекунем, ки аз масофа $x > 4$ км сар карда, намуди дуюми нақлиёт нисбат ба дигараш камхарҷтар мешавад.

Хулоса, аз ҳалли масъалаҳои иқтисодии боло бо осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки татбиқи муодилаҳои хатти рост мисли дигар моделҳои математикӣ нақши муҳимро мебозанд. Онҳо раванди ҳалли масъаларо осон намуда, ба донишҷӯён имконият медиҳанд, ки натиҷаи корро ратсионалӣ ба даст оранд.

## АДАБИЁТ


1. Замков О.О., Толстопятенко А.В., Черемных Ю.Н. Математические методы в экономике. /– М.: Дело и Сервис, – 2009. – 350 с.
2. Кабиров А.Т., Саидов Б.Б. Матемаика дар иқтисодиёт. Китоби дарсӣ / - Д: Сармал-Компания. – 2022с., - 507 с.
3. Курбанов И.К., Нурублоев Н. Решение экономических задач математическими методами. Учеб. пособие. /–Д.: РТСУ, –2009. –202С.
4. Саидов Б.Б, Кабиров А.Т. Математика барои иқтисодчиён /–Д: Сармал-Компания. – 2017. – 396 С.
5. Шодмонов М.У., Кабиров А.Т. Татбиқи усулҳои математикӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ /–Д.: Олами Дониш, 2017, –382 с.
6. Ҳабибулло А., Кабиров А.Т., Бурҳонов З. Математикаи олӣ. Китоби дарсӣ. Қисми 1 / – Д.: Промтекс. – 2018, – 350 с.


## ТАҲЛИЛИ ГЕОМЕТРИИ МУОДИЛАҲОИ ХАТҲОИ РОСТИ ТАЛАБОТ ВА ПЕШНИҲОД


**Неъмонов С.И., Ашуров С.Б.-ассистентони кафедраи математикаи олии ДДМИТ**


Яке аз қонуниятҳои муҳими назарияи иқтисодӣ қонунҳои талабот ва пешниҳод мебошад. Дар назарияи иқтисодӣ вобастагии байни нарх ва миқдори моли харидоришударо *қонуни талабот* ва вобастагии байни нарх ва моли ба фурӯш гузошташударо *қонуни пешниҳод* меноманд.

Муодилаҳои талабот ва пешниҳод хаттӣ ва ғайрихаттӣ мешаванд.

Дар ҳолати одитарин ин қонуниятҳо бо муодилаҳои хаттӣ ифода мешаванд. Таҳлили геометрии ин қонунҳоро дида мебароем. Барои ин вазъи ҷойгиршавии ду хати рости $l_1$ ва $l_2$ - ро дар ҳамворӣ дида мебароем [7]:

1) Агар хатҳои рости $l_1$ ва $l_2$ параллел набошанд, он гоҳ онҳо дар нуқтаи $M(x_0;y_0)$ бурида мешаванд;

2) Агар хатҳои рости $l_1$ ва $l_2$ параллел буда, ҳамҷоя набошанд, он гоҳ онҳо бурида намешаванд;

3) Агар хатҳои рости $l_1$ ва $l_2$ ҳамҷоя шаванд, он гоҳ ин хатҳои рост дорои нуқтаҳои умумӣ мешаванд.

Дар иқтисодиёт истифодаи ҳолати 2 – юм ва 3 – юм ғайриимкон аст. Маънои иқтисодии ҳолати дуюм: дар ягон нуқта талаботи харидор ба пешниҳоди фурӯшанда мувофиқат намекунад. Ҳолати сеюм маънои онро дорад, ки дар ҳамаи нуқтаҳо талаботи харидор ба пешниҳоди фурӯшанда мувофиқат мекунад. Дар амалия ин ҳолати идеалӣ татбиқнашаванда аст [3].

Ҳолати 1 – ум татбиқи амалӣ дорад (расми 1).

Бигузор $D$ – хати рости талабот, $S$ – хати рости пешниҳод, $Q$ – миқдори мол ва $p$ – нархи воҳиди мол бошанд.




**Расми 1**




**Расми 2**




**Расми 3**

Нуқтаи буриши хатҳои рости талабот ва пешниҳод $M(Q_0;\ p_0)$ – ро *нуқтаи мувозинати бозорӣ* меноманд, ки дар ин ҷо $p_0$ - нархи мувозинатӣ ва $Q_0$ – ҳаҷми моли мувозинатӣ мебошанд. Масалан, бигузор қонунҳои талабот ва пешниҳод барои ягон мол бо муодилаҳои $p = -3Q + 74;\ \ p = 4(Q+1)$ дода шудаанд. Талаб карда мешавад, ки нуқтаи мувозинатии бозорӣ ёфта шавад.

Маълум аст, ки $4Q + 4 = -3Q + 74 \Rightarrow Q = 7;\ \ p = -30 + 74 = 44.$

Пас, нуқтаи $M(7;\ 44)$ нуқтаи мувозинатӣ мебошад.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ барои як қатор молҳои талаботи рӯз давлат андози $t$ – ро ворид намуда, ёрии моддии $s$ – ро барои ҳар як воҳиди мол медиҳад, то ин ки аҳолӣ бо нархи дастрас моли дилхоҳашонро харид карда тавонанд.

Бигузор дар бозор нархи мол - $p_c$ ва нархи таъминоти мол - $p_s$ бошанд. $B$ - вобастагии байни ин нархҳо бо системаи зерин ифода мешавад:

$$\begin{cases} p_c = p_s + t \\ p_c = p_s - s \end{cases} \qquad (1)$$

Ҳангоми дохил намудани андоз $t$ ва ёрии моддӣ $s$ графики хати талабот $D$ тағйир намеёбад. Аммо графики хати пешниҳод $t$ - воҳид ба боло ( $S'$ ) ва $s$ - воҳид ба поён ( $S''$ ) мефароянд (расми 2).

Дар бештари ҳолатҳо давлат ба ҷои ёрии моддӣ нархи пастарин (минималӣ)-ро ҷорӣ менамояд. Ин ба давлат имконият медиҳад, ки маҳсулоти зиёдатӣ $(Q_S - Q_D)$ -ро бо нархи мувофиқ харидорӣ намояд (расми 3).

Масъалаи зеринро мавриди таҳлил қарор медиҳем [6].

Қонунҳои талабот ва пешниҳод барои ягон намуди мол бо муодилаҳои зерин муайян карда мешаванд: $p = -2Q + 250;\ p = Q + 100.$

*а*) Нуқтаи мувозинатии бозорӣ ёфта шавад;

*b*) Андози $t$ = 10 барои ҳар як воҳиди маҳсулот дохил карда шудааст. Нуқтаи нави мувозинатӣ ёфта шавад ва даромади давлат пас аз дохил шудани андози номбурда муайян карда шавад;

*c*) Кадом ёрии моддии $s$ ба 5 воҳид зиёд шудани ҳаҷми фурӯш оварда мерасонад?

*d*) Андози ба 10% - мутаносибӣ дохил карда мешавад. Нуқтаи нави мувозинатӣ ёфта шавад.

*e*) Ҳукумат нархи минималии баробари 160 воҳидро гузошт. Барои харидани маҳсулоти зиёдатӣ чӣ қадар пул харҷ карда мешавад?

Ҳал.

*a*) Барои ёфтани нуқтаи мувозинатӣ системаи зеринро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} p_c = -2Q + 250, \\ p_s = Q + 100. \end{cases}$$

Аз ин ҷо $Q + 100 = -2Q + 250 \Rightarrow Q = 50$; $p = 50 + 100 = 150$.

Пас, нуқтаи $M$ (50; 150) – нуқтаи мувозинатӣ мебошад.

*b*) Агар давлат андози $t$ = 10-ро дохил намояд, он гоҳ барои муайян намудани нуқтаи нави мувозинатӣ системаи муодилаҳои зеринро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} p_c = -2Q + 250, & :D \\ p_s = Q + 100, & :S \\ p_c = p_s + 10. & \end{cases}$$

Вобастагии байни нархи дар бозорбудаи $p_c$ ва нархи таъмин намудани мол $p_s$-ро истифода бурда, барои муайян кардани нуқтаи мувозинатӣ системаи муодилаи зеринро ҳосил мекунем:

$$\begin{cases} p_c = -2Q + 250, \\ p_c = Q + 110. \end{cases}$$

Аз ин ҷо

$$Q + 110 = -2Q + 250 \Rightarrow Q = Q = \frac{140}{3} = 46\frac{2}{3};\ p = 156\frac{2}{3}.$$

Нуқтаи нави мувозинатӣ $M'\left(46\frac{2}{3};\ 156\frac{2}{3}\right)$ - ро ҳосил кардем.

Ба ҳамин тариқ, пас аз дохил намудани андоз, ҳаҷми мувозинатӣ ба $3\frac{1}{3}$ воҳид кам шуда, нархи мувозинатӣ ба $6\frac{2}{3}$ воҳид зиёд шуд.

*c*) Агар ёрии моддии $s$ дода шавад, он гоҳ барои муайян намудани нуқтаи мувозинатии нав системаи муодилаи зеринро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} p_c = -2Q + 250, & :D \\ p_s = Q + 100, & :S \\ p_c = p_s - s. & \end{cases}$$

Дар ин ҳолат, ҳаҷми фурӯши нав ба 55 воҳид (50 + 5) баробар мешавад. Қимати $Q$ = 55 - ро ба система гузошта, ҳосил мекунем:

$$p_c = 140,\quad p_s = 155,\quad s = 155 - 140 = 15.$$



**Расми 4**

*d*) Агар андози дохилкардашуда ба 10% баробар бошад, он гоҳ тамоми нархи бозорӣ 110%-ро ташкил медиҳад, ки аз он 100% - аш ба таъмингари мол ва 10%-аш ба давлат тааллуқ дорад. Пас, дарёфти таъмингар бо баробарии

$$p_s = \frac{100}{110} p_c$$

муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат муодилаи талабот тағйир намеёбад. Ба муодилаи пешниҳод қимати $p_s$ - ро гузошта, ҳосил мекунем:

$$\begin{cases} p_c = -2Q + 250, \\ \frac{10}{11} p_c = Q + 110. \end{cases}$$

Системаи мазкурро ҳал намуда, координатаҳои нуқтаи нави мувозинатии $M''(Q; p_c)$ -ро ҳосил менамоем:

$$11Q + 1210 = 20Q + 2500 \Rightarrow 31Q = 1290 \Rightarrow Q = 41\frac{10}{31};$$

$$p_c = -2 \cdot \frac{1290}{31} + 250 = 166\frac{24}{31}.$$

Яъне, $M''\left(41\frac{10}{31};\ 166\frac{24}{31}\right)$-нуқтаи нави мувозинатӣ мебошад.

*e*) Агар нарх минималӣ шуда бошад, он гоҳ аз муодилаҳои талабот ва пешниҳод ҳаҷми талабот ва пешниҳодро муайян кардан мумкин аст. Фарқи байни онҳоро ҳукумат мехарад. Азбаски нархи минималӣ $p = 160$ аст, он гоҳ:

$$Q_S = p - 100 = 160 - 100 = 60;$$

$$Q_D = -\frac{160}{2} + 125 = 45.$$

Дар ин ҳолат, хароҷоти иловагии давлат барои харидани маҳсулоти зиёдатӣ ба қимати зерин баробар аст:

$$(Q_S - Q_D) \cdot p = (60 - 45) \cdot 160 = 2400 \text{ (воҳ. пулӣ).}$$

*Нуқтаи мувозинатии устувор* гуфта, нуқтаеро меноманд, ки ҳангоми аз қимати мувозинатӣ каме дур шудан, нарх ба қимати мувозинатӣ майл мекунад. Бигузор $p > p_0$ бошад, он гоҳ $Q_S > Q_D$ мешавад. Азбаски пешниҳод аз талабот зиёд аст, бинобар ин нарх паст мешавад ва $p \to p_0$ мекунад. Агар $p < p_0$ бошад, он гоҳ $Q_S < Q_D$ мешавад. Азбаски пешниҳод аз талабот хурд аст, бинобар ин нарх меафзояд ва $p \to p_0$ мекунад. Пас, нуқтаи $M(Q_0; p_0)$ нуқтаи устувор мебошад (расми 4).

Хулоса, элементҳои геометрия дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ васеъ истифода мешаванд. Тасвирҳои геометрии равандҳои иқтисодӣ ба тадқиқотчиён имкон медиҳад, ки хосиятҳои бузургиҳои иқтисодӣ баҳои воқеӣ диҳанд.

**Адабиёт**


1. Бабайцев В.А., Браилов А.В., Шандра И.Г. Математика в экономике. 1–2 ч. /–М.: Финансы и статистика. – 2003. – 400С.

2. Замков О.О., Толстопятенко А.В., Черемных Ю.Н. Математические методы в экономике. /– М.: Дело и Сервис, – 2009. – 350 с.

3. Кабиров А.Т., Саидов Б.Б. Математика дар иқтисодиёт. Китоби дарсӣ / – Д.:Сармал-компания, – 2021, – 507 саҳ.

4. Колемаев В.А. Экономико–математическое моделирование. /–М.: ЮНИТИ–ДАНА, –2005. – 295 с.
5. Курбанов И.К., Нурублоев Н. Решение экономических задач математическими методами. Учеб. пособие. /–Д.: РТСУ, –2009. –202С.
6. Шодмонов М.У., Кабиров А.Т. Татбиқи усулҳои математикӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ /–Д.: Олами Дониш, –2017, –382 саҳ.
7. Ҳабибулло А., Кабиров А.Т., Бурҳонов З. Математикаи олӣ. Китоби дарсӣ. Қисми 1 / – Д.: Промтекс. – 2018, – 350 с.

# МЕТОДҲОИ ОПТИМАЛИИ ҲАЛЛИ СИСТЕМАИ БЕОХИРИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛӢ

***Пирназаров К.Б.*** *– ассистенти кафедраи математикаи олии ДДМИТ*

Ба сифати мисоли 1-ум системаи беохири муодилаҳои дифферен-сиалии ғайрихаттӣ бо коэффисиентҳои доимӣ мисоли зеринро дида мебароем:

$$\frac{dx_k}{dt} = a_0x_k + a_1x_{k+1} + \cdots + a_nx_{k+n} + \cdots + x_k = x_{k0} \qquad (k = 1,2,...,) \qquad (1.1)$$

Ин системаро дар шакли векторӣ

$$\frac{dx}{dt} = Ax, \quad X(0) = X_0 \qquad (1.2)$$

навишта метавонем, ки дар ин ҷо

$$X = \begin{pmatrix} x_1 \\ x_2 \\ \vdots \\ x_n \\ \vdots \end{pmatrix}, \quad X_0 = \begin{pmatrix} x_1 \\ x_2 \\ \vdots \\ x_n \\ \vdots \end{pmatrix} \qquad A = \begin{pmatrix} a_0\, a_1\, a_2 \cdots a_n & \cdots \\ 0\ a_0\ \ a_1 \cdots\ a_{n-1} & \cdots \\ 0\ 0\ a_0 \cdots\ a_{n-2} & \cdots \\ \vdots\ \vdots\ \vdots\ \vdots\ \vdots\ \vdots & \cdots \\ 0\ 0\ 0\ \cdots\ a & \cdots \\ \vdots\ \vdots\ \vdots\ \vdots\ \vdots & \cdots \end{pmatrix}$$

аст. Системаи (1.2)-ро дар интервали $[0, t]$ интегронида ҳосил мекунем:

$$X(t) = X_0 + \int_0^t Ax(\tau)d\tau \qquad (1.3)$$

Методи пай дар пай наздикшавиҳоро истифода бурда, ҳалли муодилаи интегралии (1.3) ро менависем:

$$X(t) = x_0 + \frac{t}{1!}Ax_0 + \frac{t}{2!}A^2x_0 + \cdots + \frac{t^n}{n!}A^nx_0 \cdots \qquad (1.4)$$

Ин қатори матрисагӣ барои дилхоҳ t ≥ 0 наздикшаванда мешавад, агар нормаи матрисаи А маҳдуд бошад, яъне

$$\|A\| = \sum_{S=1}^{\infty} |a_S| > \infty$$

Ҳалли масъалаи матлубро дар шакли

$$X(t) = \ell^{At} X_0$$

навишта метавонем, ки дар инҷо

$$\ell^{At} = E + \frac{t}{1!}A + \frac{t}{2!}A^2 + \cdots \frac{t^n}{n!}A^n + \cdots$$

буда E матрисаи воҳидӣ аст.

Агар матрисаи

$$F = \begin{pmatrix} 0\,1\,0\,0\cdots0\cdots \\ 0\,0\,1\,0\cdots0\cdots \\ 0\,0\,0\,1\cdots0\cdots \\ \cdots\ \cdots\cdots\cdots \\ 0\,0\,0\,0\cdots1\cdots \end{pmatrix}, F^0 = E$$

ва функсияи

$$q(z) = a_0 + a_1 z + \cdots + a_n z + \cdots, |z| < 1$$

ро дохил намоем, он гоҳ матрисаи додашударо*ро б*о матрисаи Ғ ифода кардан мумкин аст:

$$A = a_0 F^0 + a_1 F^1 + a_2 F^2 + \cdots + a_n F^n + \cdots = g(F)$$

Дар ин ҳолат

$$X(t) = \exp|g(F)t| X_0$$

мешавад. Функсияи $\ell^{g(z)t}$- ро ба дараҷаҳои z ба қатори Тейлор ҷудо мекунем:

$$\ell^{g(z)t} = b_0(t)z^0 + b_1(t)z^1 + b_2(t)z^2 + \cdots + b_n(t)z^n + \cdots$$
$$b_n = \ell^{a_0(t)}\left(bn_0 + bn_1 t^1 + bn_2 t^2 + \cdots + bn_n t^n + \cdots\right)$$

он гоҳ ҳалли матрисаи фундаменталӣ

$$\Phi(t) = \ell^{A(t)} = \sum_{S=0}^{\infty} b(t) F^S$$

мешавад ва шарти аввалаpо ба назар гирифта ҳосил мекунем:

$$X_k(t) = \sum^{\infty} b_S(t) X_{K+S,0} \qquad (1{,}5)$$

Ба сифати мисоли 2-юм ҳолати хусусии мисоли I- умро мегирем.

Бигузор дар мисоли якум

$$a_0 = 1, a_1 = 1, a_2 = a_3 = \cdots = a_n = \cdots = 0$$

бошад, яъне

$$X'_k = X_k + X_{k+1}, \quad (k = 1,2,\cdots)$$

он гоҳ ба осонӣ ҳосил кардан мумкин аст, ки ҳалли (1.5) шакли зеринро мегирад:

$$X_k(t) = \sum_{S=0}^{\infty} \ell^t \frac{t^S}{S!} + X_{K+S,0}.(k = 1,2,\cdots)$$

ва ҳангоми

$$|X_{k_0}| \le \ell_0$$

наздикшаванда  аст.

**Адабиёт.**


1. К.Г. Валеев., О.А.Жаутиков, «Бесконнечные системы дифференци-альных уравнений». Алма – Ата 1976г. 416 с.
2. Б.И.Демидович. «Лекции по математической теории устойчивос- ти». Москва 1967г. 472 с.
3. Е.А.Барбашин. «Введение в теорию устойчивости» М-1967 г.224 с.
4. Ф.Р.Гантмахер «Теория матриц». Москва 1954 г. 560с.
5. А.Н. Колмагоров., С. В. Фомин. «Элементы теории функции и функсионального анализа». Москва «Наука» 1989.
6. М.А. Левронтьев, Б.В.Шабат, Методы теории функции комплексного переменного, М, Наука, 1975г
7. Ломановский Б. И. Ряды Фурье. Теория поля. Аналитические и специ-альные функции. Преобразование Лапласа. - М. Наука, 1973.- 336с.


## ГИГРОФИЛЬНЫЕ ЖУЖЕЛИЦЫ (COLEOPTERA, CARABIDAE) И ИХ ПРИСПОСОБЛЕНИЕ К ОКОЛОВОДНОМУ ОБИТАНИЮ


***Якубов Р.Ш.* - преподаватель кафедры естественных наук ТГФЭУ**


Проблемам адаптации гигрофильных жесткокрылых к жизни около воды в обстановке сильного увлажнения уделялось мало внимания. По литературным источникам известны лишь указания на особое строение эпикутикулы у гигрофильных жуков [10,18], обитающих в условиях насыщения водных паров. Интересные выводы содержатся в книге М. С. Гилярова «Закономерности приспособлений членистоногих к жизни на суше» [1], который описывает приспособления у гигрофилов для нахождения воды.

Известно, что гигрофильные жесткокрылые после сильных дождей, паводков и таяния снега могут подвергаться затоплению, переносить которые в большей мере они способны, так как вокруг их тела или участков с дыхальцами образуется названная М. С. Гиляровым [1] «физическая жабра». Она образуется благодаря несмачиваемости покровов, а главное наличию покрывающих его несмачиваемых волосков. Существует также экологическое правило Гердесдорфа [2], по которому, среди жуков, обитающих на песчаных почвах, больше металлически блестящих, а на тяжелых почвах – больше матовых, тело которых покрыто кутикулярными волосками. Этим автор правила

объясняет то, что обитатели быстро пропускающих воду легких почв меньше подвергаются угрозе затопления, чем обитатели тяжелых почв, на поверхности которых вода может долго застаиваться.

В монографии О.Л. Крыжановского [8,9] приведены сведения о фауне, происхождении и зоогеографии жужелиц наряду с другими семействами жесткокрылых Средней Азии. Особый интерес представляют исследования по фауне жужелиц Средней Азии В. А. Михайлова [11-15].

Касательно исследований в пределах нашей страны, имеется ряд статей Кадырова А.Х., Шоева М. Дж. Исоева К.С. [5-7] посвященные изучению фауны и экологии жужелиц, а также составу и структуре жесткокрылых заповедника «Ромит». Следует отдельно отметить работу К.С. Исоева [4] в ней рассмотрены и жужелицы в комплексе с другими семействами важнейших семейств жесткокрылых заповедника «Ромит». Впервые предпринята попытка дать фаунистическую и экологическую характеристику 10 семействам жесткокрылых заповедника «Ромит», семейство жужелицы в том числе, где отмечено 75 видов, 2 подвида из 39 родов.

Как видно, в вышеуказанных работах нет сведений об адаптациях гигрофильных жужелиц к жизни около воды.

Интересные особенности гигрофильных жесткокрылых, их поведение, уникальные адаптации к своеобразным условиям среды, явились целью наших исследований.

**Задачи исследований:**

- сбор материала, а также обработка исследуемых объектов;
- определение собранного материала;
- определение жизненные формы;
- выяснение адаптаций к околоводному обитанию.

**Материал и методика.** Сбор имаго жужелиц проводили в соответствии с общепринятыми в энтомологии методиками и способами [3,16]. В основном использовался метод флотации (выплескивания).

Материал для статьи собран на южном склоне Гиссарского хребта (заповедник «Ромит», ущелье Такоб, ущелье Кондара, ущелье Каратаг и др.) с 2020 по 2023гг. Кроме того, использованы энтомологические материалы из коллекционного фонда кафедры зоологии (1981-1990гг.).

В определении новых материалов участвовал д.б.н. Кадыров А.Х., и соискатель Якубов Р. Ш.

Всего обработаны и изучены морфологические особенности около 200 экземпляров имаго жужелиц.

**Результаты исследования.** По результатам наших исследований существует три типа адаптаций к околоводному образу жизни и, соответственно, три жизненные формы: обитатели толщи мелкого песка, имеющие глянцевые элитры; обитатели околоводной гальки и тяжелых прибрежных почв; обитатели берегов, поросших травянистой растительностью.

Нами установлено, что помимо приведенных в литературе адаптивных черт у гигрофильных жесткокрылых имеется еще целый ряд интересных приспособлений. Например, у видов, для которых характерна «физическая жабра», тело покрыто не простыми волосками. Довольно много видов жуков, совершенно не связанных с горными потоками, имеют опущенное тело ( тело покрытое очень мелкими волосками). У гигрофильных жужелиц волоски имеют особое строение, не описанное в литературе:

1. Полые внутри волоски, как бы запаянные в верхней части - «гигрофильные волоски»;
2. Заостренные на конце очень тонкие волоски и без внутренней полости;
3. Наличие полости между элитрами и брюшком, воздух в которой позволяет жукам держаться на поверхности воды.

Строение волосков первого типа характерно для представителей рода *Nebria* , именно поэтому, при погружении жуков, относящихся к этому роду, в воде, вокруг тела

не образуется так называемая «физическая жабра», а жуки хорошо держатся на поверхности воды. Эта адаптация позволяет им без особой опасности переноситься потоками воды при ливневых или летних повадках.

Морфологические особенности жуков из этого рода, следующие: голова и грудь гладкие, на верхней стороне брюшка, в виде сплошного пушка, имеются короткие щетинки; нижняя часть брюшка гладкая, но лишь изредка встречаются щетинки в виде пушка; щетинки на конечностях располагаются каждая в отдельности, а на концах они заостренные.

Совершенно иначе устроены «гидрофобные волоски» у жуков из родов *Chloenus* и *Tachus*. У представителей этих родов строение волосков на теле соответствует второму типу приспособлений, т.е. заостренные на конце очень тонкие волоски и без внутренней полости. При погружении в воду, у них, вокруг тела появляется воздушный пузырь, с помощью которого они держаться на поверхности воды.

Характерные особенности внешнего строения следующее: у жуков этих родов голова и грудь гладкие; на верхней стороне брюшка находятся короткие щетинки в виде сплошного пушка; на нижней стороне брюшка щетинки располагаются так же, как и на верхней; на конечностях щетинки в виде сплошного пушка.

Третий тип приспособления к околоводному образу жизни и к режиму регулярного затопления, это наличие полости между элитрами и брюшком, воздух в которой позволяет жукам держаться на поверхности воды. Например, у жужелиц из рода *Calathus*.

Мы обратили внимание также на тот факт, что все изученные виды имеют хорошо развитые крылья. Иначе говоря, пассивное движение имаго, как бы компенсируется последующим перелетом, и плотность популяции на разных участках реки остаётся постоянной. Подобное явление было отмечено В. И. Чикатуновым [17].

У обитателей толщи песка, например представители рода *Bembidion* тело уплощенное, с характерным металлическим блеском. Нами обнаружены также приспособления, позволяющие этим жукам закапываться в глубины песка в поисках полостей, заполненных воздухом.

Эти адаптации выражаются в появлении копательных приспособлений на передних конечностях. Гидрофобные волоски у представителей этого рода развиты слабо, а у некоторых отсутствуют вовсе. Вероятно, это связано с тем, что прибрежный песок быстрее пропускает воду, а в том, что в нем находятся полости, содержащие воздух. Именно в этих полостях и укрываются жуки во время затопления прибрежных пляжей.

Интересные наблюдения получены нами при сборе материала методом выплескивания. Установлено, что при заливании галечниковых участков, жуки выбегают из укрытий и бегут по направлению к приподнятым участкам берега. Некоторые жуки пытались подняться на крыло и улететь от места затопления.

Следует отметить, что кроме чисто морфологических адаптаций у гигрофильных жуков существуют адаптации и поведенческого характера.

**Выводы.** По нашим данным у гигрофильных жуков из сем. Carabidae существует, по крайней мере, три типа адаптаций к околоводному образу жизни, что позволяет выделить три жизненные формы:

- обитатели толщи мелкого песка, имеющие глянцевые элитры, позволяющие уходить в глубину песка при затоплении и находить полости, не заполненные водой;
- обитатели околоводной гальки и тяжелых прибрежных почв, имеющие гидрофобные волоски, полость между брюшком и элитрами, а также особые полые волоски, покрывающее тело жуков;
- обитатели берегов, проросших травянистой растительностью, имеющие приспособление для захвата растений и часто хорошо развитые крылья.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Гиляров М. С. Закономерности приспособлений членистоногих к жизни на суше / М. С. Гиляров. – Москва: «Наука». – 1970. 275 с.
2. Гиляров М. С. Особенности почвы как среды обитания и ее значение в эволюции насекомых / М. С. Гиляров. – М.-Л.: Изд-во АН СССР. – 1949. 279 с.
3. Голубь В.Б. Коллекции насекомых: сбор, обработка и хранение материала. Методическое пособие / В.Б. Голубь, М.Н. Цуриков, А.А. Прокин. – Москва: Изд-во Товарищество научных изданий КМК, 2012. – 339 с.
4. Исоев К.С. Фауна и экология важнейших семейств жесткокрылых (Coleoptera) заповедника «Ромит» (Таджикистан): автореф. дисс. … канд. биол. наук: 03.00.08 / К.С. Исоев. - Душанбе, 2004. – 23 с.
5. Исоев К.С. Экологическая структура населения жесткокрылых различных биотопов поймы рамитского заповедника / К.С. Исоев // Доклады АН РТ. Серия естественных наук. – 2003. – №5-6. – С. 5-15.
6. Кадыров А.Х., Исоев К.С. К фауне и экологии жужелиц (Coleoptera, Carabidae) заповедника Рамит / А.Х. Кадыров, К.С. Исоев // Материалы республиканской конференции – Душанбе, 2001. – С. 57-58.
7. Кадыров А.Х., Исоев К.С., Шоев М.Дж. Состав и структура жесткокрылых (Coleoptera) рамитского заповедника /А.Х. Кадыров, К.С. Исоев, М.Дж. Шоев// Экологические особенности биологического разнообразия: Вторая Международная научная конференция – Душанбе, 2002. – С. 81-82.
8. Крыжановский О.Л. Состав и происхождение наземной фауны Средней Азии / О.Л. Крыжановский М.-Л.: «Наука». – 1965 – 430 с.
9. Крыжановский О.Л. Жуки жужелицы фауны СССР / О.Л. Крыжановский Л.: «Наука». – 1982. - 341 с.
10. Кузнецов Н.Я. Основы физиологии насекомых / Н.Я. Кузнецов. М.-Л., Изд-во АН СССР. – 1948. –380 с.
11. Михайлов В.А. Два новых вида жужелиц (Coleoptera, Carabidae) из Таджикистана // Докл. АН Тадж.ССР. - 1972 - Т. 15, №1. - С. 60-62.
12. Михайлов В.А. Обзор видов жужелиц порода Asioplatysma Krizh. рода Pterostichus Bon. (Coleoptera, Carabidae) из Гиссаро-Дарваза и Афганского Бадахшана // Энтомол. обозр. - 1972 - Т. 51, вып. 2. - С. 316-320.
13. Михайлов В.А. Жужелицы (Coleoptera, Carabidae) Таджикистана Автореф. дисЕ канд. биол. Наук. - Душанбе., 1972 - С. 1-23.
14. Михайлов В.А. Обзор среднеазиатских видов жужелиц рода Brachinus Web. (Coleoptera, Carabidae) // Энтомол. обозр. - 1976 - Т. 55, вып. 2. - С. 381-386.
15. Михайлов В.А. Материалы к фауне жужелиц (Coleoptera, Carabidae) Восточного Гиссаро-Дарваза и Бадахшана // Изв. АН ТаджССР. Отд. биол. наук. - 1976 - №3 (64). - С. 53-59.
16. Фасулати, К. К. Полевое изучение наземных беспозвоночных / К. К. Фасулати. – Москва: «Высшая школа». – 1971. – 424 с.
17. Чикатунов В. И. Фауна и экология насекомых высокогорной части Гиссарского хребта автореф. дисс. … канд. биол. наук: 03.00.09 / В. И. Чикатунов. – Душанбе, 1968. – 22 с.
18. Шванович Б.Н. Курс общей энтомологии / Б.Н. Шванович. - Москва: «Советская наука». – 1949. 901 с.

## ЖУКИ СТАФИЛИНИДЫ (COLEOPTERA, STAPHYLINIDAE) И ИХ ПРАКТИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ В ПРИРОДЕ

**Якубов Р.Ш. - преподаватель кафедры естественных наук ТГФЭУ**

Роль жуков стафилинид в природе и их практическое значение в Таджикистане совершенно не изучено. Это в основном связано со скрытым образом жизни этой группы жуков, а также отсутствия каких либо системных сведений по фауне, биологии, экологии и их фенологии.

Коротконадкрылые жуки, несмотря на сложность изучения, всегда привлекали внимание зарубежных энтомологов. Так существует целый ряд работ, которые посвящены хозяйственному значению стафилинид по Центральной Азии [1].

Для изложения материала почеркнутого из литературных источников, а также опираясь на собственные исследования, проведенные на южном склоне Гиссарского хребта и на территории Центрального Таджикистана, мы придерживались экологической классификации по типу питания и специфичности изучаемых объектов.

Стафилиниды на ряду, с другими биотопами заселяют и агроценозы. В основном, они являются хищниками, регуляторами численности мелких беспозвоночных, в том числе и вредителей сельского хозяйства, поэтому, они, безусловно, играют важную роль в естественных и окультуренных биоценозах. Например, за рубежом давно начаты работы по разведению и акклиматизации стафилинид рода *Aleochara*, личинки которых, являясь паразитами пупариев двукрылых и ложнококонов пилильщиков, с успехом применяются для борьбы с вредными двукрылыми в агроценозах и лесонасаждениях. Представители рода *Aleochara*, очень широко распространены и в Таджикистане, встречаются в различных биотопах, а также и в агроценозах.

Известна роль стафилинид в регуляции численности иксодовых клещей, а также вредителей леса. Основными видами стафилинид, истребляющих эктопаразитов, для Центральной Азии являются *Ph. scribae, C. pennifer, C. solskyi, Oxypoda togata, O. spaethi, Medon nidicola, Conosoma lineata.*

Высокая численность и постоянное присутствие стафилинид в норовых микро-биоценозах представляют их одним из важнейших лимитирующих факторов возникновения и распространения эпизоотий грызунов в аридных условиях Центральной Азии. Но отмечены случаи попадания в кишечник стафилинид возбудителя чумы, который погибает и, следовательно, стафилиниды хранителями инфекции быт не могут [2].

Стафилиниды, обитающие в норах грызунов обладают характерной морфологией тела - удлиненными ногами с очень длинными лапками, компактным телом и быстрыми и резкими движениями, позволяющими догонять и схватывать прыгающих блох. Хищники концентрируются в местах скопления эктопаразитов. Наибольшее значение в истреблении эктопаразитов имеют доминирующие, виды стафилинид, относящиеся к группе облигатных нидиколов - *Philonthus scribae*, *Conosoma lineata, 0xypoda togata, O. spaethi, Microglotta nidicola, Coprophilus pennifer, Falagria medvedevi,* которые уничтожают эктопаразитов на всех стадиях их развития. Часть видов стафилинид поедают сапрофильных личинок блох, развивающихся в субстратах гнезда [4].

Стафилиниды входят в состав норового микро-биоценоза не только как хищники, но и как сапрофаги. Кроме облигатных, в колониях можно обнаружить и случайные виды стафилинид, использующих нору как убежище от жары в дневное время.

Имаго синантропных мух становятся доступными для стафилинид, во время откладки яиц и питания, особенно уязвимы их самки. Наиболее активно их истребляет *Ontholestes murinus*, который широко распространен в Палеарктике, этот вид также выявлен нами в Таджикистане.

Имаго мух**,** но преимущественно мелких видов, истребляют и некоторые виды рода *Philonthus* (*cruentatus*, *marginatus, politus, nitidus* и др.). Яйцо - наиболее уязвимая фаза развития мух, подвергающаяся истреблению не только со стороны хищников, но и некоторых схизофагов. Наиболее эффективно истребляют яйца мух мелкие виды *Philonthus* и ряд видов *Oxytelus*, *Aleochara*, которые заселяют субстрат на ранних стадиях его сукцессии, виды указанных родов стафилинид нами выявлены на южном склоне Гиссарского хребта. В поясе субальпики, где расположены пастбища, виды рода *Philonthus* достигают плотности до 30-46 особей на единицу органического субстрата

(навоз). В толще навоза, особенно по его краям, на границе с почвой яйца истребляют *Xantholinus* и *Leptacinus*.

Проведенные исследования позволили установить наиболее эффективных регуляторов численности личинок мух: для предгорной пойменной зоны это *Ontolestes murinus, Creophilus maxilosus, Philonthus cruentatus. P. dimidiatus, Aleochara intricata* для горных и предгорных районов Центральной Азии - *Ontolestes murinus, Creophilus maxilosus, Philonthus politus, P. splendens, P. nitidus, P. cruentatus, P. dimidiatus, P. sanquinolenthus, P. marglnatue, Aleochara intricata, Tachinus rufipes.* Прожорливость крупных *P. splendens, P. politus, P. fuscipennis* уравнивается значительно большей численностью *P. marglnatus, P. cruentatus, P. dimidiatus*, на долю которых приходится около 70% истребленных личинок [2].

Куколки короткоусых двукрылых (пупарии) наиболее защищены от энтомофагов. В зависимости от места окукливания пупарии истребляются либо крупными субстратными хищниками *C. maxillosus, P. politus, P. nitldus, P. cruentatus,* либо почвенными спецификами *Xantholinus, Leptacinus* и многими видами подсемейства Aleocharinae. Среди паразитов пупариев основная роль принадлежит личинкам паразитического рода *Aleochara*, являющимся экзо- и эндопаразитами куколок короткоусых двукрылых. Выделена группа видов *Aleochara curtula - A. intricata, A. milleri, A. bilineata, A. verna и A. bipustulata*, выполняющих важную роль в регуляции численности синантропных мух.

Наиболее эффективен как регулятор численности личинок короедов *Nudobius collaris*, численность которого (имаго и личинок) в пересчете на 1 м$^2$ коры составляет в среднем 3,8 экз. В опыте один жук *N. collaris* истребляет до 10 куколок и личинок короедов старшего возраста [2]. Не менее существенную роль в истреблении ксилофагов в Таджикистане играют кортикольные *Quedius* и некоторые Aleocharinae.

Среди зарегистрированных видов стафилинид южного склона Гиссарского хребта практическое значение как активные энтомофаги имеют следующие виды: *Ontholestes murinus L.*, *O. tesselatus* Geoff., *Creophilus maxilosus L.*, *Conosoma pedicularum* Epp., *C. decurtatus* Epp., *Xantholinus distans*, *Philonthus cruentatus* Gmel., *P. politus* L., *P. fuscipennis* Mnnh., *P. nigrita* Grav., *P. varians* Paykull., *P. ebeninus* Grav., *P. dimidiatus* Saheb. и многие другие виды родов *Philonthus, Oxytelus, Aleochara, Atheta, Xantholinus, Medon* и *Quedius*.

В истреблении паразитических нематод во внешней среде важнейшая роль принадлежит специализированным (*Oxytelus hamatus, O. fairmairei*) и факультативным (*Tachinus rufipes, Atheta exiqua, Nehemitropia sordida* и др.) стафилинидам-нематодофагам, экологически сопряженным со стадиями жизненного цикла нематод, проходящими в экскрементах их хозяина [Кащеев, 1994].

В истреблении яиц цестод большое значение имеют виды рода *Philonthus - P. rectangulus, P. cruentatus, P. marginatus* и виды рода *Aleochara – A. intricata*, также виды рода *Ontholestes – O. mirinus* и виды рода *Tachinus – T. rufipes*. Все вышеуказанные роды стафилинид обнаружены нами на южном склоне Гиссарского хребта.

В горных лесах Тянь-Шаня фауна мицетобионтных стафилинид состоит из 55 видов, из которых более 70% хищники, истребляющие мицетофагов [2]. Мицетобионтные стафилиниды утилизируя плодовые тела, влияют на разрушение опада, тем самым влияют на образование гумуса, расселяют споры грибов. В свою очередь стафилиниды-энтомофаги, обитающие на грибах, могут в той или иной степени снижать численность и состав энтомо-комплексов, защищая, таким образом, грибные ресурсы и замедляя процессы разложения грибов.

Личинки растительноядных форм, питаясь различными гниющими растительными остатками, а также навозом, являются активными сапро-капрофагами и оказывают большое влияние на формирование плодородного почвенного слоя, на ряду с мицетобионтами.

Ряд биологических особенностей делает семейство удобным объектом в биоиндикационных исследованиях и стафилиниды являются одной из перспективных

групп почвенных беспозвоночных, использующихся в качестве видов индикаторов антропогенных загрязнений.

Антропогенная смена растительности, вызванная пожаром или промышленными рубками, вызывают новые сукцессии населения педобионтов. В данном случае стафилиниды могут служить биологическими индикаторами [3]. Кроме того, они вполне могут использоваться в диагностике типов почв [5].

Следует отметить, что стафилиниды также являются пищей для многих позвоночных животных, таких как ежи, кроты, бурозубки, ужи. Многие виды птиц питаются стафилинидами в течение всей своей жизни [6].

Исходя из всего изложенного, следует отметить, что практическая ценность стафилинид в природе и в сельском хозяйстве большая. Главным образом, их роль сильно заметна в регуляции численности многих беспозвоночных животных, мицетофагия способствует распространению спор грибов, сапрофаги в процессе почвообразования способствуют превращению веществ растительного и органического происхождения в органическую часть гумуса почвы. Несомненно, стафилиниды являются полезными и важными компонентами биогеоценозов, их дальнейшее изучение как активных хищников дает перспективы на будущее при проведении биологической борьбы против вредителей в сельском хозяйстве.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Исоев К.С. Фауна и экология важнейших семейств жесткокрылых (Coleoptera) заповедника «Ромит» (Таджикистан): автореф. дисс. … канд. биол. наук: 03.00.08 / К.С. Исоев. - Душанбе, 2004. – 23 с.
2. Кадыров А.Х., Исоев К.С. К фауне и экологии жужелиц (Coleoptera, Carabidae) заповедника Рамит / А.Х. Кадыров, К.С. Исоев // Материалы республиканской конференции – Душанбе, 2001. – С. 57-58.
3. Фасулати К.К. Полевое изучение наземных беспозвоночных. Методическое пособие / К.К. Фасулати. – *М.:* Изд-во Высшая школа, 1971. – 424 с.
4. Шоев М. Дж. Видовой состав и экологические группировки дендрофильных жесткокрылых Юго-Западного Таджикистана: автореф. дисс. … канд. биол. наук: 03.02.04 / М. Дж. Шоев. - Душанбе, 2011. – 21 с.
5. Якубова Д. Ш. Фауна и экология жуков стафилинид (Coleoptera, Staphylinidae) южного склона Гиссарского хребта: автореф. дисс. … канд. биол. наук: 03.02.04 / Д. Ш. Якубова. – Душанбе, 2018. – 22 с.
6. Якубова, Д.Ш. Новые данные по видам подсемейств Steninae и Paederinae (Coleoptera, Saphylinidae) южного склона Гиссарского хребта Таджикистана / Д.Ш. Якубова // Вестник ТНУ. Серия естественных наук, – 2017. №1/2. – С. 279-283.


## ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА КАМОЛОТИ ҶИСМОНИИ КӮДАКОН ВА НАВРАСОН


**Айниддинов И.Э. - муаллими калон - мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи граждании ДДМИТ**

**Шокиров С.Ҷ. - муалими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи граждании ДДМИТ**


Яке аз ғояҳои пешбаранда ва маъмули илми педагогикаи муосир ин ба тафриқаҳо ҷудо шудани донишҳои педагогӣ мебошад.

«Педагогикаи варзиш» яке аз соҳаҳои нави илми педагогика ба шумор рафта, таваҷҷӯҳи ҳарчи бештари олимони соҳаро бедор намудааст, ки ташаккули назариявиаш ҳанӯз охирҳои солҳои 60-уми қарни гузашта пайдо шудааст.

Заминаҳои ҷудошавии «Педагогикаи варзиш» -ро ба шохаи мустақили илмҳои тарбиявӣ, анъанаҳои пешқадами фалсафии педагогӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва ҷой ёфтани қонуниятҳои фаъолияти варзишӣ дар чорчӯбаи назарияи тарбияи ҷисмонӣ ба вуҷуд овардааст.

Инкишофи ҷисми инсон вобаста ба муҳит ва шуғли ҳаррӯзаи ӯ ба таври гуногун сурат мегирад. Ин раванд барои насли наврас, ки ҷисми онҳо инкишофи босуръатро аз сар мегузаронад, басо хос мебошад. Барои инкишофи ҷисми кӯдакон махсусан мактаббачагон танҳо омилҳои ҷамъиятӣ, ҷуғрофӣ ва табиии он низ сабабгор шуда метавонанд.

Вобаста ба омӯзиш дар дабистон ҳанӯз аз синни 7-солагӣ инкишоф ёфтани ҷисми мактаббача суръати тоза пайдо менамояд. Масалан, ҳангоми дуруст ба роҳ мондани машқҳои ҷисмонӣ ва риояи реҷаи ҳатмии ғизогирӣ барои мактаббача нақши калон мебозад[1].

Инкишофи ҷисми кӯдак давра ба давра амалӣ гардида, барои писарбачаҳои аз 13 то 16 - сола ва барои духтарони аз 12 то 15 - сола басо муфид аст. Сипас, давраи ҷавонӣ, ки аз 17 то 21 - солагӣ оғоз меёбад, барои писарон аз 16 то 20 - солагӣ ва барои ҷавондухтарон амалӣ мегардад. Дар вобастагӣ ба таълим ва омӯзиши фанни тарбияи ҷисмонӣ инкишофи синну соли хурдсолонро ба таври зайл гурӯҳбандӣ менамоем[2];

1. Давраи хурди мактабӣ (аз 7 то 11 - солагӣ).
2. Давраи миёнаи инкишоф (аз 12 то 15 - солагӣ).
3. Давраи ниҳоӣ (аз 16 то 19 - солагӣ).

Давраи инкишофи ҷисми кӯдак дар хурдӣ хеле босуръат аст. Худи кӯдак дар ин айём ниҳоят шӯху беқарор ва чусту чолок аст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар ин давра нишондиҳандаҳои ҷисмии онҳо, яъне дар ҳолати ором будани ҷисм набзи дили онҳо дар як дақиқа ба 105-110 маротиба таппиш мехӯрад. Зеро фаъолнокии кори дилро системаи асаби симпатикӣ ва парасимпатикӣ танзим мекунад. Дар чунин ҳолатҳо асаби симпатикӣ нисбат ба асаби парасимпатикӣ фаъолтар аст. Ҳангоми гузаштан аз як давра ба давраи дигар фаъолияти асаби симпатикӣ оҳиста-оҳиста ба асаби парасимпатикӣ баробар мешавад.

Мушакҳои дил асосан қобилияти кори худро дар шароити реҷаи аэробӣ пайдо мекунанд. Ба туфайли мавҷудияти оксиген миокард намудҳои гуногуни субстракти оксидшавиро истифода бурда, онҳоро дар сикли кребс ба энергияи дар АТФ ҷамъшуда мубаддал мегардонад. Барои неруи даркорӣ аз маводи гуногун истифода бояд кард, ки он мубодиларо, яъне глюкоза, кислотаи равғани озод, аминокислотаҳо ва лактат истифода карда мешаванд [3].

Ҳамин тавр, дар ҳолати оромӣ барои неруи кории дил 40% глюкоза, 34% лактат, 36 % кислотаҳои озоди равғанҳо ва 10 % аминокислотаҳо даркоранд. Нафаскашӣ бошад, дар як дақиқа то ба 22-24 маротиба баробар аст. Аз ин иштиҳо кушода шуда, дар як шабонарӯз 4-5 маротиба гирифтани ғизо меафзояд, чунки ҷисм бо неру бояд барқарор шавад.

Баробари босуръат инкишоф ёфтани ҷисми кӯдак сарфшавии неру ба амал меояд [4].

Ҳангоми машғулии кӯдак ба машқҳои пайвастаи ҷисмонӣ дар ин давра истифодаи лактат ва кислотаи равғанӣ афзуда, миқдори глюкоза кам мешавад, яъне дил қобилияти ҷамъ овардани он кислотаҳоеро дорад, ки маҳсулоти онҳо дар мушакҳои скелетӣ дар вақти иҷрои машқҳои ҷисмонӣ аз ҳад зиёд ҷамъ мешаванд. Ба туфайли ин хосият дил ҳамчун буфер хизмат карда, баданро аз туршии муҳити дохилӣ ҳимоя мекунад, нишондодҳои физиологии онҳо ба маротиб меафзояд ва сарфшавии неруи баданашон зиёд мешавад. Масалан, кори дил дар як дақиқа ба 180-200 маротиба зиёд мешаванду нафаскашӣ дар як дақиқа бошад, ба 40-44 маротиб меафзояд. Ҳарорати бадан то 40-41 дараҷа баланд гардида, пастшавии миқдори қанд ба амал меояд. Худ аз худ маълум мешавад, ки ҳангоми иҷрои машқҳои ҷисмонӣ норасоии оксиген ва зиёдшавии гази карбонат дар ҷисм ба амал меояд, ки ин газ асаби симпатикиро ба ҳаяҷон оварда, фаъолияти кори узвҳои баданро метезонад. Баъди иҷрои машқҳои ҷисмонӣ нишондодҳо оҳиста-оҳиста ба ҳолати аввала бармегарданд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ҷисми кӯдак дар ин давра на он қадар дуруст обутоб ёфтааст [5].

Давраи дуюм давраи миёнаи мактабии писарбачагон низ хеле ҷолиби диққат аст. Ин айём вобаста ба он ки кӯдак дар кадом муҳит ва чӣ тавр инкишофи ҷисмониро аз

сар мегузаронад, бадани ӯ ҳамоно босуръат инкишоф меёбад. Дар ҳолати ором будани бадани кӯдак таппиши дили онҳо дар як дақиқа ба 95-100 баробар аст, барои неруи кори дил 36 % глюкоза, 30 % лактат, 32 % кислотаҳои озоди равғанҳо ва 8 % аминокислотаҳо ниҳоят заруранд [6].

Дар ин синну сол шиддатнокии мушакҳои меъдачаҳо ва кашидашавии риштаҳои тағоякии клапанҳои дарачадор ва пушидашавии клапанҳои дарачадор тез-тез ба амал меоянд. Кушодашавии клапанҳои ҳилолшакл ва пӯшидашавии ин клапанҳо ба вуҷуд меоянд [7].

Ҳангоми иҷрои машқҳои ҷисмонӣ дар ин давра талаботи ҷисм ба лактат ва кислотаи равғанӣ зиёд мегардад. Миқдори глюкоза кам гардида, дил қобилияти ҷамъ овардани он кислотаҳоеро дорад, ки маҳсули онҳо дар мушакҳои скелет дар вақти иҷрои машқҳои ҷисмонӣ аз ҳад зиёд ҷамъ мешаванд. Нишондодҳои физиологии бадан якчанд маротиба меафзояд ва сарфшавии неруи баданашон зиёд мешавад. Масалан, кори дил дар як дақиқа ба 150-160 маротиба зиёд мешавад, нафаскашӣ дар як дақиқа ба 34-38 маротиба меафзояд, ҳарорати бадан то 39-40 дараҷа баланд гардида, пастшавии миқдори қанд ба амал меояд.

Ҳангоми иҷрои машқ норасоии оксиген ва зиёдшавии гази карбонат дар ҷисм ба амал меояд, ки боиси ба ҳаяҷон овардани асаби симпатикӣ гардида, фаъолияти кори узвҳоро метезонад. Баъди иҷрои машқ ин нишондодҳо ба ҳаяҷон овардани асаби симпатикӣ мешаванд ва фаъолияти кори узвҳоро метезонад. Баъди иҷрои машқ ин нишондодҳо ба ҳолати аввала бармегарданд. Аз ин лиҳоз ҷисми кӯдакон дар ин давра хеле хуб обутоб меёбад [7].

Давраи сеюм низ бо суръати хеле баланд мегузарад. Ҷавонон дар ин айём барои зебоии баданашон кӯшиш менамоянд, ки ба тарбияи дурусти бадан, иҷрои дурусти функсияҳои физиологӣ ва реҷаи дурусти истеъмоли ғизо вобаста аст. Дар ин давра фаъолияти кори дил ва нафаскашӣ нисбати он давраҳои дар боло зикршуда, як шакли муқаррарии худро мегирад. Дар ҳолати оромии бадан кори дили ҷавонон ба 70-80 маротиба таппиш дар як дақиқа ва суръати нафаскашӣ бошад, ба 15-18 маротиба дар як дақиқа баробар мешавад.

Дар «Педагогикаи варзиш» - дар замони муосир баҳамоии донишҳои психологӣ-педагогӣ, анатомӣ-физиологӣ ва илмҳои ҳамрадифи он мавқеи истифодаашонро дар алоқамандӣ ба фаъолияти варзишӣ муайян сохтаанд.

Бо дарназардошти ҳамаи ин тамоми асосҳои лозимаи илмӣ вуҷуд доранд, ки педагогикаи варзиш шохаи мустақили илмҳои педагогӣ буда, коркарди методологӣ ва назариявии асосҳои ташаккули шахсиятро дар шароит ва зери таъсири фаъолияти варзишӣ муайян месозад.

**Адабиёт**


1. Бермус А. Г. Практическая педагогика. Учебное пособие. М.: Юрайт, 2020. 128 с.
2. Гуревич П. С. Психология и педагогика. Учебник и практикум для академического бакалавриата. Учебник. М.: Юрайт, 2019. 430 с.
3. Дошкольная педагогика. Эстетическое воспитание и развитие. Учебник и практикум для академического бакалавриата / ред. Дубровская Е. А., Козлова С. А. М.: Юрайт, 2019. 180 с.
4. Дрозд К. В. Актуальные вопросы педагогики и образования. Учебник и практикум для академического бакалавриата. М.: Юрайт, 2019. 266 с.
5. Любимова, Никитина, Маринова: Возрастная физиология. Учебник для студентов вузов. В 2-х частях. Часть 1. Электронная версия - https://www.labirint.ru/books/55902/
6. Тюрикова Г.М.: Анатомия и возрастная физиология. Учебник. Электронная версия - https://www.labirint.ru/books/674487/
7. Ч.Р. Громова. Возрастная и педагогическая психология. Конспект лекций. Казань-2014. Электронная версия - http://tulpar.kpfu.ru/course/view.php?id=1555

# ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

**Сафаров Қ.Д.- дотсенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи граждании ДДМИТ**
**Сафаров М.Қ.- мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносии Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе**

Таҳсилоти фарогир яке аз роҳҳои системаи маориф аст, ки дар асоси фаҳмиши он кӯдакони дорои маълулият бояд дар тамоми равандҳои ҳаёти ҷомеаи муосир иҷтимоӣ фарогир (инклюзивӣ) шаванд. Таҳсилоти фарогир тағйироти ҷиддӣ дар системаи маориф мебошад, ки ба фароҳам овардани шароит барои дастрасии таҳсил барои кӯдакони маъюб нигаронида шудааст.

Таҳсилоти фарогир татбиқи чунин равиши таълиму тарбияро дар бар мегирад, ки бо дарназардошти зарурати қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти гуногуни омӯзишии ҳамаи иштирокчиёни ин раванд табдил дода мешавад [1, с. 2].

Таҳсилоти фарогир дар фаъолияти муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона рушд ёфта истодааст. Ин раванд ба мушкилоти татбиқи системаи тадбирҳои ҳифзи иҷтимоии кӯдакони дорои маълулият дучор шуда мебошад.

Барои кӯдакони солим эҳтиёҷоти ҳаракат як амали табиие мебошад, ки ҳамарӯза онҳоро амалӣ карда метавонанд. Таҳлили фаъолияти амалии истифодаи машқҳои ҷисмонӣ барои кӯдакони маъюб собит мекунад, ки тарбияи ҷисмонӣ воситаи муассири мутобиқшавии ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва рӯҳии онҳо дониста мешавад. [3, с. 4].

Ҳангоми таҳлили адабиёти илмӣ, методӣ ва махсус оид ба масъалаҳои таълими фарогир (инклюзивӣ), ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст: аз як тараф коршиносон ба он диққат медиҳанд, ки истифодаи машқҳои ҷисмонӣ дар мутобиқсозии иҷтимоии маъюбон бояд мавқеи асосиро ишғол намояд. Зеро онҳо ба барқарор намудани бомуваффақияти пайвастшавӣ бо олами беруна мусоидат мекунанд. Аз тарафи дигар, нашрияҳои таълимӣ-методӣ оид ба дарсҳои тарбияи ҷисмонии барои таълими фарогир бахшидашуда амалан хеле кам мебошанд [2, 3, 4, 5].

Татбиқи таълими фарогир дар доираи фанни тарбияи ҷисмонӣ тағйироти бештари зеҳнӣ, методӣ ва ташкилиро дар равишҳои мавҷудаи таълим тақозо менамояд. Махсусан, дар барномаи ташкил ва мазмуни дарс тағйироти ҷиддӣ талаб карда мешавад. Дар он, аз як тараф, талаботи маводҳои барномавӣ ва аз тарафи дигар, шавқу ҳавас ва имкониятҳои ҳамаи хонандагони синф ба назар гирифта мешаванд.

Дар натиҷаи он раванди фарогирӣ аксаран бо раванди ҳамгироӣ иваз карда мешавад. Вазифаҳои тарбияи ҷисмонӣ барои кӯдакони маъюб танҳо ҳамчун чараёни фароғат ва барои кӯдакони солим ба ташаккули таҳаммулпазирӣ ва ҷисмонӣ гузошта мешаванд.

Дар аксарияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ кӯдакони маъюб бештар аз тарбияи ҷисмонӣ озод карда мешаванд, ки ин боиси хеле маҳдуд шудани фаъолияти ҷисмонии онҳо мегардад. Е.Г. Булич қайд мекунад, ки озод шудан аз фаъолияти ҷисмонӣ ба дараҷаи зиёд ба такмилёбии хонандагони маъюб мусоидат намекунад. Муаллиф қайд мекунад, ки истифодаи машқҳои марбут ба минтақаи инкишофи ҷисмонии наздиктарин усули пурарзиши кор бо тарбиятгирандагони маъюб ба ҳисоб меравад, ба шарте ки онҳо бодиққат ва ба таври қатъӣ истифода бурда шаванд [5].

Хусусияти тарбияи ҷисмонии кӯдакони гирифтори маъюбӣ дар он аст, ки ба сатҳи кофии омодагии ҷисмонии ба монанди ҳамсолони солим ноил шудан ғайриимкон аст. Аммо истифодаи мунтазами машқҳои ҷисмонӣ дар ояндаи наздик барои таҳкими саломатии онҳо таъсири мусбат мерасонад. Аз ин лиҳоз дарси тарбияи ҷисмонӣ як қатор вазифаҳои гуногун: таълимӣ, солимгардонӣ, тарбиявӣ, инкишофдиҳиро ҳал мекунад, ки дар навбати худ, ба усулҳои самаранок гузаронидани дарсҳо ба ҳаракатнокии кӯдакони маъюб мусоидат менамояд.

Усулҳои таълими тарбияи чисмонӣ, пеш аз ҳама, ба натиҷаҳои ташхиси нишондиҳандаҳои ибтидоии қобилияти ҳаракатнокии хонандагон асос меёбад. Зарурати баҳодиҳии дараҷаи ибтидоии тайёрии ҷисмонӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст,

ки анализатори ҳаракат дар инкишофи фаъолияти олии асаб ва функсияҳои равонии инсон накши муҳим мебозад.

Коршиносон қайд мекунанд, ки байни ихтилоли ҳаракатҳои хурд ва нуқсонҳои зеҳнӣ аз сабаби вайрон кардани механизмҳои якхела ва вайрон кардани фаъолияти кортекси мағзи сар, ки ба патологияи органикии минтақаҳои кортикалии анализатори ҳаракат-кинестетикӣ асос ёфтааст, алоқамандӣ дорад [5].

Бо назардошти гуфтаҳои боло, маҳз бо роҳи тағйир додани ҳолати ҷисмонии шахсони ҷалбшуда ба фаъолияти ҷисмонии системаҳои гуногуни бадан, ба вазифаҳои олии равонӣ ва вазифаҳои анализаторҳо интихобан таъсир расонидан мумкин аст.

Мутахассисон қайд мекунанд, ки ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, сарфи назар аз дараҷаи саломатии хонандагон, бояд ба машқҳои шавқовари пурмазмун, суръатнокиашон мувофиқ, бо ритми муфид, ҳаракатҳои ҳамгирой пайдарпай ва дастрас бояд асос ёбад. Дар раванди иҷрои машқҳои ҷисмонӣ диққати асосӣ бояд ба ташаккули қобилият ва назорату худтанзимкунӣ бошад [3, с. 5].

Таҳлили адабиёти илмию методӣ имкон медиҳад, ки технологияҳои татбиқшавандаи таълими тарбияи ҷисмонӣ бояд ба ташаккули фаъолияти маърифатии солимгардонӣ равона карда шаванд. Раванди мазкур ба васеъ намудани доираи ҷаҳонбинии шахс ва зарурати тарбияи тарзи ҳаёти солим равона карда мешавад [3].

Татбиқи ин раванд, дар доираи таҳсилоти фарогир ба як қатор мушкилот дучор мешавад. Аз ҷумла:

1. Хусусияти фарққунанда дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ бо кӯдакони маъюб дар он аст, ки он хусусияти қатъиян фардӣ дорад. Дар ин маврид ҳадафи фаъолияти омӯзгор аз он иборат мебошад, ки барои ҳамаи кӯдакон вобаста ба ҷинс ва синну соли муайян, сатҳи омодагии ҳаракатнокии ҷисмонӣ ноил гардад. Омӯзгорон барои ноил шудан ба меъёри муайян аз тартиб ва усулҳои самарабахш истифода мебаранд.

2. Кор бо хонандагоне, ки дар баробари кӯдакони солим кӯдакони маъюб таҳсил менамоянд, аз муаллим талаб карда мешавад, ки ба риояи қоидаҳои бехатарӣ бештар таваҷҷуҳ дошта бошад. Зеро вай бояд ба кӯдакони маъюб вақти бештар ҷудо кунад. Ин боиси зиёд шудани фишори равонӣ барои омӯзгор мегардад.

3. Ба тайёр кардани мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ барои кор дар шароити таҳсилоти фарогир, дар навбати худ, мушкилоти «монеаҳо»-и шароити интихоби маводи таълимӣ, ки ба шавқ ва имкониятҳои ҳар як хонандагони синф бояд мувофиқат кунад, муошират бо хонандагони дорои эҳтиёҷоти махсуси таълимӣ, бо ҳамсолони солим ва ғайраро тақозо менамояд.

Вобаста ба ин, татбиқи таҳсилоти фарогир дар доираи тарбияи ҷисмонӣ рушди минбаъдаи низоми кори омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар гурӯҳҳое, ки дар онҳо кӯдакони имконияташон маҳдуд бо кӯдакони солим муттаҳид карда шудаанд, салоҳияти касбии омӯзгориро тақозо менамояд.

Адабиёт

1. Алехина С. В. Инклюзивное образование: история и современность : учеб.-метод. пособие. М. : Педагогический университет «Первое сентября», 2013. 33 с.
2. Мелина Е. В. Инклюзивное образование в вузе : создание доступной образовательной среды для студентов с ОВЗ: коллект. монография / под ред. Н. М. Прусс. Казань : Изд. Центр Университета управления «ТИСБИ», 2013. С. 37–53. 57
3. Покрина О. В. Физическое воспитание детей с нарушением слуха в образовательном учреждении ГБОУ ЦДиК «Участие» // Инклюзивное образование детей с ограниченными возможностями здоровья в различных условиях интеграции : сб. науч.-метод. материалов / под ред. О. Е. Булановой, Э. И. Леонгард. М. : Федеральный институт развития образования, 2012. С. 107–112.
4. Сыпко А. Г. Формирование двигательных умений и навыков на уроке физической культуры в условиях инклюзивного образования // Вопросы организации совместных (инклюзивных) занятий физической культурой и спортом лиц с ограниченными

возможностями здоровья и здорового населения : материалы Всерос. науч.-практ. конф. Ханты-Мансийск, 2017. С. 274–280.
5. Булич Э. Г. Физическое воспитание в специальных медицинских группах : учеб. пособие для сред. спец. учеб. заведений. М. : Высш. шк., 1986. 254 с.
6. И. Е. Анпилогов. Особенности реализации инклюзивного образования в рамках физической культуры. Курский государственный университет.

## Хусусиятҳои географӣ ва табиии ҳавзаи дарёи Кофарниҳон

**Партобов А.Ш. –устоди кафедраи фанҳои табиатшиносии ДДМИТ**

Дар мақола омӯзишҳо нишон медиҳанд ки минтақаи ташаккули оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон дорои хусусияти хуби рушди кишоварзиро дорост. Ҳавзаи дарёи Кофарниҳон яке аз дарёҳое маҳсуб меёбад, ки дар бисёри қисмати он хатари ташаккули сел таҳдид мекунад. Хулоса, дар ҳамаи қисматҳои ҳавзаи дарёи Кофарниҳон мураккабии орографӣ дида мешавад.

**Калидвожаҳо**: Кофарниҳон, об, минтақа, ташаккул, табиӣ, хусусият, дарё.

В статье исследования показывают, что район водообразования бассейна реки Кофарнигон имеет хорошие характеристики сельскохозяйственного освоения. Бассейн реки Кофарнихан считается одной из рек, которая на многих участках находится под угрозой паводкового формирования. В заключение, орографическая сложность наблюдается во всех частях бассейна реки Кофарнихан.

**Ключевые слова**: кофарнихан, вода, регион, образование, природный, объект, река.

In the article, the studies show that the water formation area of the Kofarnihon river basin has good characteristics of agricultural development. The Kofarnihan river basin is considered one of the rivers, which in many parts of it is at risk of flood formation. In conclusion, orographic complexity can be seen in all parts of the Kofarnihan river basin.

**Keywords**: cofarnihan, water, region, formation, natural, feature, river.

Ҳавзаи дарёи Кофарниҳон дар қисмати Тоҷикистони Марказӣ, самти ҷанубу ғарбии кишвар ҷойгир аст. Дар қисмати поёни минтақаи ташаккули об шаҳри Душанбе – Пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир мебошад.

Релефи ҳавзаи дарёи Кофарниҳон хеле мураккаб буда, дар қисмати минтақаҳои ташаккули он дарёҳои шакли гуногун мавҷуд аст. Ҳавзаи дарёи Кофарниҳон яке аз дарёҳое маҳсуб меёбад, ки дар бисёри қисмати он хатари ташаккули сел таҳдид мекунад. Ҳавза дорои хусусиятҳои хоси гидрологӣ ва метеорологӣ мебошад [i]. Инчунин, дар ҳавза аҳолӣ ба таври нобаробар тақсим шудааст (ҷадвали 1).

Хусусиятҳои умумии ҳавзаи дарёи Кофарниҳон [2]

Ҷадвали 1.

| | Минтақаи ташаккули об | Минтақаи транзитии об |
|---|---|---|
| Масоҳати ҳавза, км$^2$ | 9047,29 | 4170,69 |
| Нуқтаи пастӣ, м | 513 | 300 |
| Нуқтаи баландӣ, м | 4788 | 1913 |
| Аҳолӣ, % | 20 | 80 |
| Шаҳрҳо / ноҳияҳои маъмурӣ | Душанбе, Файзобод, Рӯдакӣ, Ваҳдат, Варзоб, Ҳисор | Н.Хусрав, Шаҳритус, Қубодиён |

Дар ҳамаи қисматҳои ҳавзаи дарёи Кофарниҳон мураккабии орографӣ дида мешавад. Шохобаи дарё аз баландиҳо сарчашма гирифта, тавассути доманакӯҳҳо ва

водиҳо ҷорӣ шуда, ба дарёи Амударё пайваст мешавад ва ҳамин тариқ Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк мекунад [1].

Қисмати баландкӯҳи ҳавза ин қаторкӯҳи Ҳисор мебошад, ки 250 км дарозӣ дошта, нуқтаи баландтаринаш ба 4262 метр мерасад. Ин минтақа маконест, ки дар навбати аввал, шохобҳои дарёи Кофарниҳонро ба ду ҷониб тақсим мукунад ва баъдан, ин шохобҳо бо ҳам мепайванданд. Дар ҷониби рост дарёи Кофарниҳон дар тӯли 100 км (дар ҷануб) қаторкуҳи Боботоғ (2225) ва дар тарафи чап бошад, Қарши-Тоғ (баландиаш аз 100 то 1500 метр) қомат афрохтаанд.

Барои муайян намудани хусусиятҳои гидрологии ҳавзаи дарёи Кофарниҳон омӯзиши водиҳои он аз фоида холӣ нест. Водии Ҳисор аз ҷониби шарқ ба ғарб тӯл кашида, зиёда аз 100 кмро дар бар мегирад. Паҳноиаш бошад, аз ҷониби шимол ба ҷануб миёни 20-40 км ташкил мекунад.

Экосистемаи водии Ҳисор қариб ки ягона буда, танҳо минтақаҳои болоӣ бо доштани шахобҳои зиёд ва якҷошавии онҳо дар охир фарқкунанда мебошад. Минтақаҳои қобили кишоварзии водӣ дар баландиҳои 700-900 метр ҷойгир мебошад. Водии дарёи Кофарниҳон минтақаи ташаккулаш 1-1,5 км паҳноӣ дошта, дар минтақаи транзитӣ бошад, то 15-25 кмро дар бар мегирад, дар баъзе ҷойҳо водии дарё то 3 км баробар мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун кишвари кӯҳсор аст, якчанд намуди хок хос аст (ҷадвали 2).

Хусусиятҳои физикавию-химиявии хокҳои Тоҷикистон

Ҷадвали 2.

| **Шакли хок** | **Хусусиятҳо** |
|---|---|
| Хокҳои хокистарии равшан | Дар ҳудуди баландиҳои 300 то 600 м ҷойгир буда, таркиби ҳумус то 1-1,5%-ро ташкил мекунад, ки тақрибан то 20 см мерасад. Дар минтақаҳои обёришавандаи ин хок пахта мекоранд ва минтақаҳои лалмӣ ба сифати чарогоҳ истифода мешаванд. |
| Хокҳои хокистарии маъмулӣ | Дар баландиҳои 600-900 м паҳн шудааст, нисбати хоки хокистарии равшан намиро тезтар ба худ ҷазб мекунад. Миқдори ҳумус то 20 см ҷойгир шуда, 1,5-2%-ро ташкил мекунад. |
| Хокҳои хокистарии сиёҳ | Дар баландиҳои 900-1600 м ҷойгир буда, ҳумус то 30 см зери замин паҳн шудааст, 2,5 то 4% -ро ташкил мекунад. Заминҳои серҳосил мебошад. |
| Хокҳои хокистарӣ | Минтақаи муайяни паҳншавӣ надорад. Ин гуна минтақаҳо ба сифати чарогоҳ истифода мешаванд. |
| Заминҳои хокистарӣ ва марғзорӣ (равшан ва сиёҳ) | Дар минтақаи обёришаванда паҳн шудааст. Ҳумуси ин намуди хок то 3%-ро дар бар мегирад. |
| Заминҳои шӯрразада | Минтақаи назарногирро дар бар мегирад. Дар ин гуна ҷойҳо зироатҳои кишоварзӣ рӯёнида намешавад. |

| | |
|---|---|
| Минтақаи миёнаи кӯҳӣ бо хокҳои қаҳваранг | Ин гуна хокҳо дар баландиҳои 1600 то 2800 м паҳн шудааст. Ҳумуси ин гуна хокҳо 3-10%-ро ташкил карда то 80-120 см қаъри заминро дар бар мегирад. |
| Хокҳои баландкӯҳ | Хокҳои ин гуна маконҳо дар баландиҳои 3000-4000 дар бар мегирад. Таркибаш то 12% ҳумус дорад. Дар ин гуна заминҳо ҳосили дилхоҳ ба даст овардан мумкин аст, аммо бо сабаби дастнорасӣ кишоварзӣ ғайриимкон гашта, ба сифати чарогоҳ истифода мешавад. |

Вобаста ба хусусиятҳои хоки ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ҳаминро бояд қайд кард, ки ҳама намуди хоки болозикр хос аст.

Манзараҳои рустанидори ҳавзаи дарёи Қофарниҳон ба мисли дигар манзараҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз якчанд омилҳо вобаста аст. Ин ҳам бошад, иқтидори намӣ, миқдори равшанӣ (экпозитсия), релеф, самти шамол ва ғайра. Рустаниҳо вобаста аз омилҳои болозикр ба таври гуногун популятсия шудаанд. Ҳар як минтақаи ҳавза бо хусусиятҳои рустании худ фарқ мекунад, аммо на он қадар фарқияти калон ба назар мерасад (ҷадвали 3).

Паҳншавии рустанӣ дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон вобаста аз баландӣ

Ҷадвали 3.

| **Баландӣ аз саатҳи баҳр, м** | **Номгӯи макон** | **Хусусиятҳои хос** |
|---|---|---|
| 800-1700 | Минтақаҳои наздикӯҳӣ | Дар ин минтақаҳо ба таври табиӣ гандумҳои даштӣ паҳн шудаанд. |
| 1200-2800 | Минтақаҳои наздикӯҳӣ | Минтақаи дорои дарахт ва буттаҳо мебошад. Дар ин гуна минтақаҳо дарахтони чинор, чормағз ва арчаҳои миёнақад паҳн шудааст. |
| 2400-3500 | Минтақаи миёнакӯҳӣ | Ин минтақаҳо манзараҳоро дар бар гирифта, дорои алафҳои гуногун мебошанд. Аз шакли дарахтон бошад, арчаҳо паҳн шудаанд. |
| 3400-3800 | Минтақаҳои куҳӣ | Дорои хусусияти ҷангал ва алафҳои баланд мебошад. |

Ҳамин тариқ, омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки минтақаи ташаккули оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон дорои хусусияти хуби рушди кишоварзӣ, сайёҳӣ, моҳипарварӣ ва кишоварзиро дорост.

Аммо бо сабаби иқлими салқин зироатҳои кишоварзии гармиталабро ба даст овардан ғайриимкон аст.

## Адабиёт


1. Кобулиев З.В., Кодиров Ш.С. Состояния гидрологических характеристик и гидрологических сетей бассейна реки Кафирниган // Вестник педагогического университета. -№2(2), 2019. -Душанбе, -2019. С. 71-77.

## БАХШИ ФАНҲОИ ГУМАНИТАРӢ ВА ЗАБОНҲО

# ОСОБЕННОСТИ ИЗУЧЕНИЯ ЛИРИЧЕСКОГО ПРОИЗВЕДЕНИЯ В ШКОЛЕ

**Кодирова Б.А.-доцент кафедры русского языка ТГФЭУ**

Литература как вид искусства является мощным средством познания общечеловеческой культуры. Создавая художественные образы, литература открывает возможности диалогического проникновения в сознание автора, его героя и системы ценностей всех эпох и цивилизаций. Поэтому работу над литературным произведением необходимо сочетать с другими видами искусства: живописью, музыкой, скульптурой. Такая форма изучения литературы нашла свое отражение в идее диалога искусств, которая в свою очередь применяется на практике в школе, что и рассмотрено нами в нашей научной работе.

**Ключевые слова:** изучение лирики, поэзия, стихотворение, творчество поэта, старшие классы.

Лирика - особый род литературы, который имеет свои особенности, свойства и их необходимо учитывать при изучении на уроках литературы.

Поэзия рождена ощущением мира как безграничности и гармонии. Тютчевская строка: «Все во мне, и я во всем» - передает умонастроение, которое делает возможным открытость лирического монолога и дерзость поэтической метафоры. Только поэзии дано соединять «далековатые понятия» (Пушкин).

Поэзия наделена огромной силой обобщенности. Стихотворение от своего имени должен произнести каждый читатель. Неповторимость интонации поэта в лирике становится достоянием всех. Наконец, лирическое стихотворение - сплав мига и вечности. Это момент настоящего, в котором оно протекает как движение чувств, и вся суть человека, история его отношений с миром. В лирическом стихотворении, кратком, как молния, читатель должен суметь разглядеть весь мир.

Основными особенностями лирических произведений, отмеченных в трудах литературоведов, являются следующие: изображение характера в отдельном проявлении, в конкретном переживании; субъектированность этого изображения, индивидуализация его.

Непосредственное переживание отодвигает на второй план жизненные ситуации; в лирических произведениях отсутствует развёрнутый сюжет, для них характерна «художественно организованная в целостную выразительную систему языка стихотворная речь».

Поклонниками поэзии дети становятся рано. Учащиеся 4 - 6 классов более восприимчивы к лирической поэзии, чем ученики 7 - 8 классов. В 9 - 11 классах интерес к лирике у большинства школьников возвращается, при этом на новом, более высоком уровне.

Свобода детских ассоциаций и отношение к миру как к открытию, чуду роднят дошкольников с поэзией и побуждают их завороженo, как песню, повторять стихи. Потребность в поэзии приходит позже, на границе отрочества и юности, когда растущий человек ощутил своеобразие своей личности, когда окружающее воспринимается взволнованно и обостренно. Однако язык поэзии становится родным для школьников при определенных усилиях семьи и учителей. Мы не можем похвастаться, что в каждой семье чтение стихов - традиция. Поэтому многие учителя литературы начинают урок с поэтической пятиминутки, когда ученики по очереди представляют классу стихотворения, полюбившиеся им.

Начитанность в поэзии - одно из главных условии приобщения к лирике. Ученики с низким уровнем литературного развития даже при верных эмоциональных реакциях не могут перевести их в понятийный план. У развитых учеников при восприятии лирики особенно заметна заостренность личностного отношения к произведению. У средних учеников чисто логическое освоение стихотворения оказывается признаком не победы,

а скорее поражения, так как существует лирический контакт читателя и поэта. Работа воображения и особенно осознание художественной формы, как правило, самые отсталые элементы восприятия при чтении лирики в сравнении с другими родами литературы.

Таким образом, именно потому, что стихотворение требует читательского присоединения к лирическому герою стихотворения, эмоционального вхождения в ситуацию произведения, при чтении и анализе создаются особые трудности. Читатель-школьник либо не откликается на проблему и ситуацию стихотворения, либо подменяет их своим жизненным опытом. «Неподключение» и «переключение» крайности восприятия, которое предстоит преодолеть в школьном анализе, чтобы личностная ассоциация непременно возникала при чтении, но не заслоняла собой поэтического содержания и строя стиха.

В работе с учащимися старших классов на уроках лирики особенно важно соединить логическое и эмоциональное начала. Уроки литературы дают интересные формы перехода от образного строя к системе теоретических понятий и обратно, но на новом, более высоком уровне.

Часто при чтении и анализе стихотворение распадается на отдельные строки, слова, не сливающиеся во властный, единый лирический поток. Раскрыть движение поэтической мысли, обнаружить «переливы» чувства, найти причины его изменчивости, выявить и оправдать сквозные, центральные образы стихотворения, найти оправдание цепочке поэтических ассоциаций - в этом состоит одна из важнейших задач при изучении лирики.

Поиски движения лирической мысли убеждают учеников в том, что стихотворение - единый и бесконечный в своих возможностях мир. При изучении лирики необходимо показать стихотворение как поэтическое целое, как динамическую систему, в которой все взаимосвязано, взаимозависимо.

Лирическое стихотворение - самостоятельный, но не замкнутый в себе мир. Постижение стихотворения возможно лишь на фоне той системы поэтического творчества, которой оно рождено. Для полноценного восприятия лирики необходимо, особенно в старших классах, изучать стихотворение в контексте всего творчества поэта, обнаруживать связи отдельного стихотворения с мироощущением поэта, своеобразием его поэтической манеры.

Итак, изучение лирики в школе наделено целым рядом специфических качеств, вне которых контакт читателя с поэзией не состоится:

1. Лирическое стихотворение требует особенно тщательных и многократных усилий учителя для создания «установки» на чтение. Оживление личных ассоциаций и создание реального фона, в котором рождалось стихотворение, при чтении должны помочь конкретизации поэтических образов в сознании читателя.

2. Первое чтение лирического стихотворения полезнее всего проводить самому учителю, так как сила эмоционального впечатления зависит от конкретной обращенности. Лирическое стихотворение в чтении должно рождать впечатление монолога, родившегося «сегодня, здесь, сейчас». И только эта непосредственность обращения способна разбудить чувства учеников.

3. Переход от чтения к анализу при изучении лирического стихотворения особенно сложен. Встревоженные чтением чувства учеников боятся «алгебры» анализа. Поэтому острое столкновение субъективных читательских мнений, сопоставление музыкальных и актерских трактовок текста незаметно должно вовлекать в анализ, который подчас протекает в скрытых формах.

## ИСПОЛЬЗОВАННАЯ ЛИТЕРАТУРА:

1. Бабанский Ю.К. Оптимизация процесса обучения. М., 1977.
2. Методика преподавания литературы / Под ред. О.Ю. Богдановой и В.Г. Маранцмана. - М.: Просвещение, Владос, 1995. - 280 с.

3. Молдавская Н.Д. Литературное развитие школьников в процессе обучения. М.: Педагогика, 1976. - 224 с.
4. Щукина Г.И. Активизация познавательной деятельности учащихся в учебном процессе. М.: Просвещение, 1979. - 160 с.

## КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ РУСӢ ДАР АШЪОРИ БАЪДИИНҚИЛОБИИ САДРИДДИН АЙНӢ

**Аслонова Н.Н. - д.и.ф., профессори кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ**

Садриддин Айнӣ яке аз шахсиятҳои маъруфи садаи XX-и халқи тоҷик буда, дар замони басо риққатовари таърихӣ умр ба сар бурдааст. Устод Айнӣ баҳри миллату Ватани хеш хизмати арзишманде намуда, аз худ мероси ғании илмиву адабӣ боқӣ гузоштааст.

Фаъолияти адабии С.Айнӣ ба вазъи сиёсии давронаш рабт дошта, ду марҳаларо дар бар мегирад: давраи тоинқилобӣ ва баъдиинқилобӣ. С. Айнӣ сермаҳсултарин эҷодкор буда, ӯро ҳамчун нависанда, шоир, омӯзгор, рӯзноманигор, муҳаққиқ, забоншинос, ходими давлатӣ ва олим мешиносанд. Дар баробари фаъолияти пурсамар дар ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти адабиву фарҳангии миллати тоҷик фаъолияти шоирии устод ҷойгоҳи махсус дорад.

С. Айнӣ қариб дар ҳамаи жанрҳои адабӣ асар офаридааст, вале «...назм дар эҷодиёти устод С.Айнӣ, алалхусус дар марҳилаҳои аввали фаъолияти адабии ӯ ҳамчун яке аз жанрҳои асосӣ мавқеи намоёне дошт» [1, с. 5]. Ба қобилияти баланди шеърофаринии шоир ҳанӯз дар давраҳои аввали фаъолияти эҷодии адиб Садри Зиё баҳои баланд дода, менависад:

Ба назму насри сухан довар аст,
Зи насраш вале назми ӯ хуштар аст.
Суханҳои Айнӣ хуштар зи ҷон,
Агар боварат, не биёву бихон...[6, с. 32]

Ё худ устод Мирзо Турсунзода менигорад «Садриддин Айнӣ натанҳо устоди бузурги наср, эҷодкунандаи романҳо, повестҳо ва ҳикояҳои бешумор, балки ҳам шоири забардаст ва ҳам муаллими ғамхори нависандагон мебошад» [6, с.183].

Садриддин Айнӣ маҳз тавассути назм ба олами адабиёт ворид гашта, аввалҳо бо тахаллуси Сифлӣ, Муҳтоҷӣ, Ҷунунӣ шеър эҷод мекард, вале бо тахаллуси «Айнӣ» дар байни дӯстдорони адабиёт шуҳрат пайдо намуд. Дар ибтидо дар пайравӣ ба шеърҳои классикӣ ғазалу қитъа, қасидаву маснавӣ ва рубоӣ эҷод намудааст. Дар ашъори давраи аввали эҷодиёти Айнӣ тарзу услубҳои гуногуни тасвир истифода шудааст. Шоир дар баёни фикр гоҳ аз оҳангҳои лирикӣ, гоҳ аз тарзи истифодаи публитсистӣ ва гоҳ аз тасвирҳои тамсилӣ бомаҳорат истифода кардааст. С. Айнӣ дар ҳассостарин лаҳзаҳои ҳаёт шодиву ғам, нафрату изтироб ва эҳсосу ҳаяҷонашро бо шеър баён намудааст. Шеърҳои «Марши ҳуррият», «Инқилоб», «Марсия» дар сӯгвории бародараш далели гуфтаҳои болост.

Эй ситамдидагон, эй асирон!
Вақти озодии мо расид.
Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!
Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.

Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!
Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ! [3, с.285].

Фаъолияти шоирии С.Айнӣ пас аз инқилоб низ давом мекунад. Акнун устод дар баробари эҷоди шеърҳои суннатӣ ба навиштани шаклҳои нави шеърӣ оғоз менамояд.

Асосан, шеърҳои даврони шуроии устод ба васфи инқилоб, озодӣ, ҳаёти нав бахшида шудаанд. Ҳарчанд дар ин марҳилаи фаъолияти эҷодии С.Айнӣ назм мавқеи дуюмдараҷаро касб карда бошад ҳам, аммо устод ҳаргиз аз шеър даст накашид, «чашмаи шеъри ӯ хушк нагардида, балки ба ҳар муносибат шеърҳои хуб эҷод мекард, достонҳо менавишт, ки ба дӯстии халқҳо, бузургдошти шахсиятҳои таърихӣ, навсозии сотсиалистии Тоҷикистон, ташаккули одамони нав бахшида шудаанд» [5, с. 238]. Адиб барои асарҳои насриаш чун «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Ятим» ва «Ёддоштҳо» порчаҳои назмӣ эҷод карда, намунаҳои ашъораш дар маҷмуаҳои «Ахгари инқилоб» (1923), «Ёдгорӣ» (1935), «Ашъори мунтахаб» (1958) ва «Куллиёт» ҷилди 8 (1981) ҷамъ оварда шудаанд.

Дар мақолаи мазкур истифодаи калимаҳои русӣ ва аврупоие, ки дар шеърҳои баъдиинқилобии С.Айнӣ истифода шудаанд, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Қаблан дар забони тоҷикӣ калимаҳои аз забонҳои арабиву туркӣ иқтибосшуда истеъмол мешуданд, аммо Инқилоби Октябр ба забони мо бетаъсир намонд. Вожаҳои русӣ ва забонҳои аврупоӣ ба забони тоҷикӣ босуръат ворид мегаштанд. Гарчанд бештари онҳо калимаҳои забонҳои ғарбианд (масалан, «университет» аз забони лотинӣ «universitas» – умумӣ, «клуб» аз забони англисӣ «club» – ҷои вохӯрии одамон, «партия» аз забони фаронсавӣ «partie» – тақсим кардан, «техника» аз забони юнонӣ «technika» – санъат, гирифта шудаанд.), аммо чуноне ки забоншинос Н. Бозидов менависад «...калимаҳои забонҳои ғарб, на бевосита, балки ба воситаи забони русӣ ба забони тоҷикӣ омадаанд» [8, с. 43].

Истифодаи луғати русӣ пас аз ба ҳайати Русия ворид шудани Осиёи Миёна шуруъ мегардад. Ин раванд дар натиҷаи оғози муносибатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ вусъат пайдо мекунад. Вобаста ба ин, ба забони асарҳои адабӣ як зумра калимаҳои русӣ ва хориҷии русишуда роҳ мeёбанд.

Аввалин маротиба калимаҳои русӣ дар асарҳои адабиву таърихии Аҳмади Дониш кор фармуда шуда, бо рушди ҷараёни маорифпарварӣ пурзӯр мегардад. Сипас ин гурӯҳ калимаҳо дар осори пайравони А. Дониш истеъмол шудан мегирад.

Устод Айнӣ чун адиби нававар дар қатори аввалинҳо шуда дар эҷодиёташ калимаҳои иқтибосиро хеле бомаҳорат истифода мекунад:

Бояд акнун ба кор ғарқ шавад,
Духтари *пролетари* Шарқ шавад.
Кор...
аммо чӣ кор?...
Беҳрӯзӣ -
Кори *коллективию колхозӣ* [3, с. 318].

Садриддин Айнӣ ҳанӯз дар соли аввали таҳсил дар мадрасаи Мири Араб аз толибилми мадраса бо лақаби Пирак чанд калимаи русиро бо тарҷумааш дастрас намуда, ду мисраъ шеър ба тарзи луғат навишта буд:

Ледина-ях, часы-соат, хлеб-нон,
Снег -барфу душа-ҷон, дожд-борон [2, с. 232].

Ин байти устод Айнӣ ибтидои корбасти луғати русӣ дар эҷодиёташ гардид. Дар назми пасазинқилобӣ адиб калимаҳои русиро ба таври фарох истифода мекард. С.Айнӣ беш аз 150 калимаи русиро дар мисраъҳои шеъриаш, зиёда аз 400 маротиба истифода кардааст. Дар байни шеъру достонҳои дар ин даврон эҷодшудаи шоир достони «Вахш» бо фарогирии шумораи зиёди иқтибосҳо пешсаф аст. Зеро достон бозгӯи тағйироту пешравиҳои иҷтимоии давраи шуравӣ буда, шоир аз бунёди канали Вахш, корҳои созандагиву ободкорӣ, роҳсозӣ, сохтмони колхозу совхоз ҳарф мезанад.

Кунун ҳаст ҳар чиз дар он район,
Чунон ки баён шуд дар ин достон,
Кунун он ба унвони «Водии Вахш»

Ба таърихи олам шуда зеббахш... [3, с. 405]

Серистеъмолтарин вожаҳои русие, ки устод Айнӣ дар шеърҳои шуравиаш ба кор бурдааст: *болшевик, колхоз, пролетар, фабрика, коммунист, техника, капитализм ва ленинизм* мебошанд. Дар маҷмуъ, иқтибосоти осори шоир мафҳумҳои мухталифро ифода мекунанд, аз ин рӯ онҳоро метавон аз рӯйи хусусияти семантикиашон ба таври зайл тасниф намуд:

а) шакли нави муассисаҳо, корхонаву ташкилот: *фабрика, университет, завод, клуб, колхоз, совхоз, театр, комбинат, яслӣ, лаборатория*;

Аз ин наҳри пурҷӯш гардад бино,
Фаровон *заводҳову фабрикаҳо*... [3, с. 348]

б) ашё ва ихтироoти ҷадид, воситаи алоқа: *экскаватор, трактор, радио, плита, почта, телеграф, посилка, бомба, динамит, газет, лампочка;*

Як тараф тӯ-батӯ *газету* китоб,
Навҷавонон дар истифода аз он... [3, с. 323]

в) касбу ҳунар ва аъзои созмон: *пионер, колхозчӣ, агроном, ленинчиён инженер-техник, артист, полис, жандарм, помешик, комсомол;*

Ҳама кори *колхозчиён* хуб шуд,
Кунун зиндагӣ хубу марғуб шуд [3, с. 394].

г) калимаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ: *партия, ленинизм, коммунизм, партбилет, империализм, сотсиалистӣ, марксизм, болшевикӣ, сталинӣ, капитализм;*

Ватану мулки *социалистӣ*
Ҳаст ин сону ин клуб дар он [3, с. 323]

ғ) воситаи ченак ва истилоҳҳои риёзӣ: *миллион, гектор, кубометр, масса, норма, километр* ва ғ.

Аз ин ҷӯйҳо дашт хуррам бишуд,
Ҳазорон зи *гектор* корам бишуд... [3, с. 389]

Баъзан устод Айнӣ ҳангоми истифодаи калимаҳои русӣ тибқи меъёри талаффузи онвақтаи тоҷикӣ қисман калимаҳоро тағйир дода, аммо дар баъзе мавридҳо шакли аслии онҳоро ба кор бурдааст: фабрик – фабрика, пролетор – пролетар, бригад – бригада, семен – цемент, техник – техника, мошина – машина, шосса – шоссе, аэроплон – аэроплан, вакзол – вокзал, милюн – миллион ва ғ. Дар баъзе маврид танҳо як шакли иқтибосот, яъне лексикаи русие, ки ба талаффузи тоҷикӣ мутобиқкардашуда истифода шудаанд: *пилита, ванний, комбинот, виставка, бульвор, гектор, посилка, плон, исмен, сензур*:

Кашида ба ҳар сӯй *бульворҳо,*
Кашида ба *бульвори* ҷӯйборҳо... [3, с. 388]

С. Айнӣ як зумра калимаҳои наве, ки дар қолаби забони русӣ сохта шудаанд ва калкаҳои нопурраро низ ба кор бурдааст. Масалан, *мошина*созӣ, нав*кадр*ҳо, тахта*пол* ,*печ*нок, *стахановч*иён, *механик*онӣ, *болшевик*она ва ғ.

Бино ёфт механикӣ коргоҳ,
Ки з-ӯ рафт *механиконӣ* ба роҳ... [3, с. 401]

Аз рӯйи сохти морфологӣ ҳамаи луғати русӣ ва ғарбие, ки шоир дар назми шуроиаш ба кор бурдааст, ба таври зайл метавон гурӯҳбандӣ намуд:

а) сода: *план, фронт, тайга, танк, кино, душ, вино,орган, клуб;*

б) сохта: *пионерка, ударник, марксизм, монархист;*

в) мураккаб: *аэроплан, агротехника, автомашина, гидростансия*;

Ҳамаи вожаҳои иқтибосшудаи осори назмии шоир, асосан аз исму сифат иборат буда, онҳоро метавон чунин тасниф намуд:

**а) Иқтибосоти исмӣ**. Бо назардошти категорияҳои маъноҳои луғавию грамматикии исм онҳоро метавон ба зергурӯҳҳои зерин тақсим намуд:

- исми хос: *Армияи Сурх, Ҳокимияти Советӣ, Вахшстрой;*

- исми ҷинс: *посилка, трактор, орган, символ, дизел, яслӣ;*
- исми моддӣ: *кино, радио, бомба, вино, танк, битон, тайга;*
- исми маънӣ: *сензур, диалектик, монархист ,сотсиализм;*
- исми ҷондор: *инженер, техник, колхозчӣ, болшевик;*
- исми беҷон: *масса, план, партбилет ,почта, патефон;*
- исми танҳо: *фабрика, колхозчӣ, коммунист, ленинчӣ;*
- исми ҷамъ: *фабрикаҳо, колхозчиён, коммунистон, ленинчиён;*

**б) Иқтибосоти сифатӣ:** Бояд зикр намуд, ки ҳамаи иқтибосоти сифатии осори С. Айнӣ сифатҳои нисбианд: *гигант, граждонӣ, великорусӣ, шовинистӣ* ва ғ.

Забон ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ бо вуҷуди устувориаш бо мурури замон тағйиротро аз сар мегузаронад. Вобаста ба рушду инкишофи ҷамъият, иқтисод ва фарҳанг баъзе калимаҳо аз байн рафта, гурӯҳи дигаре ба забон ворид мегарданд. Дар забони муосири тоҷик бештари советизмҳое, ки С.Айнӣ истифода бурдаанд, гунаҳои тоҷикии худро пайдо карда (план – нақша, партия – ҳизб, университет – донишгоҳ, лаборатория – озмоишгоҳ, район – ноҳия ва ғ.), бархе аз онҳо аллакай ба сафи архаизмҳо ворид гардидаанд (*пионер, партбилет, пролетар, болшевик, ударник* ва ғ.).

Адиб ҳангоми эҷоди осори назмиву насрӣ бо забони баёнаш ҳолати воқеии забони давронашро инъикос менамояд. Эҷодкори асил кӯшиш мекунад, ки натанҳо мавзуи асараш, балки тарзи ифодаи он низ ҳамқадами замонаш бошад. Аз ин рӯ, С. Айнӣ доим мекӯшид дар эҷодиёташ навоварие ворид намояд ва ба он обу ранги тоза бахшад. Аммо хонанда ҳангоми қироати порчаҳои шеърии шоир дарк менамояд, ки устод ҳамчун сарсупурдаи забони модариаш бо вуҷуди истифодаи луғати русӣ барои хонандагон тарҷумаи тоҷикии онҳоро низ дар байтҳои шеърӣ ҷой додааст:

Дигар хона гӯё ки *виставка* аст,
Ба ашёи нодир *намоишгаҳ* аст... [3, с. 397]

Ё худ:

Ҳама *тахтапӯшиш*, ҳама *тахтапол*,
Ҳама аз ҳаёти фараҳзо мисол... [3, с. 398]

Устод Айнӣ чун адиби забардаст дар ривоҷу равнақи забони тоҷикӣ саҳми арзандае гузоштааст. Бемуҳобот метавон гуфт, ки дар инкишофи забони тоҷикӣ асарҳои С. Айнӣ ниҳоят нақши бузург бозидаанд. Мероси адабии устод ба рушду густариши забон ва ғанӣ гаштани таркиби луғавии он мусоидат намудааст. Ба ин маъно забоншиноси тоҷик Ш. Рустамов менависад: «Нависандаи бузург ва олими забардаст ба ташаккул ва инкишофи забоншиносии тоҷик, ҳамчун ба соддаву оммафаҳм шудани забони адабӣ ва такмилу инкишофи таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии он амалан ёрӣ расондааст» [6, с. 200].

Садриддин Айнӣ бо асарҳои барҷастаи адабиву таърихиаш дар Шарқу Ғарб маълуму машҳур аст. Махсусияти эҷодиёти адиб навоварӣ ва гуногунрангист. Аз ин ҷост, ки ҳамчун адиби навовар – ҷадид, ки тафаккури ҷомеаи замонашро равшан намуда буду қолабҳои шахшудаву кӯҳнагаштаи давронашро бо зӯри қаламаш шикаст, мешиносанд. С.Айнӣ дар ҳамаи асарҳояш дарду ғам, мушкиливу ранҷ, шиква аз замона, пастиву баландиҳои рӯзгор, орзуву умед ба фардои нек ва умуман, ҳаёти мардуми одиро тасвир мекард, ӯ кӯшиш менамуд забони офаридаҳояш содаву фаҳмо бошанд, то мақбули ҳамагон гарданд.

Омӯхтани забони русӣ, шинос шудан бо адабиёти илмиву бадеии ин забон (бештар ба воситаи тарҷума) дар ҳаёти шахсии устод Айнӣ нақши бузурге бозид. Захираи луғавии вай аз ҳисоби калимаҳои русӣ пурратар шуданд. Инқилоби Октябр (1971) ба забони мо таъсири худро расонид. Калимаҳои русӣ ба забонамон фаровон ворид шуданд. Устод Айнӣ мехост бо истифода намудани калимаҳои русӣ дар забони хаттии тоҷикон таркиби луғавии забонамонро бой гардонад.

Дар бораи арзиши адабии эҷодиёти С. Айнӣ навиштаҳои зиёде ҳаст, аммо мебояд доир ба хусусиятҳои баён ва забони асарҳои С. Айнӣ аз нуқтаи назари сарфу наҳв ва луғатшиносӣ пажуҳишҳои арзишманде бурд, зеро назму насри устод барои омӯзиш ва таҳқиқ маводи амалии бузург маҳсуб меёбад.

***Адабиёт:***


1. *Айнӣ, С. Ашъори мунтахаб/ С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1958. – 170 с.*
2. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С.Айнӣ. – Куллиёт. Ҷ. 6. – Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1962. – 414с.*
3. *Айнӣ, С. Шеърҳои пас аз инқилоб / С.Айнӣ. – Куллиёт / Ҷ. 8. – Душанбе: Ирфон, 1981. – С. 285-522.*
4. *Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX / Х.Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 448 с.*
5. *Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 627 с.*
6. *Аслонова, Н. Садриддин Айнӣ – бузурге аз дунёи форсизабон / Н.Аслонова. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 224 с.*
7. *Аслонова, Н. Шахсияти С.Айнӣ / Н. Аслонова. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 48 с.*
8. *Бозидов, Н. Муқаддимаи забоншиносӣ / Н.Бозидов. – Душанбе: Маориф, 1977. – 152с.*
9. *Ниёзмуҳаммадов, Б. Забони адабии ҳозираи тоҷик / Б.Ниёзмуҳаммадов. Қ.1.– Душанбе: Ирфон, 1973. – 268 с.*
10. *Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. – Душанбе, 2006. – 813 с.*


## МАВҚЕИ ФИҒОНИИ ШЕРОЗӢ ДАР РУШДУ ТАКОМУЛИ ҒАЗАЛИ ФОРСӢ

**Саидҷаъфаров О.Ш. - д.и.ф., профессори кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ**

Дар таърихи шеъру адаби форсӣ агарчи суханварони зиёде арзи ҳастӣ карда, тавассути осори гаронқадру мондагор номи хешро абадан дар сафҳаи ин таърих сабт намудаанд, аммо миёни онҳо танҳо чанд нафари маъдуд дар нигоҳ бо навсозиву офаридгории сабку салиқаи вижаи худ шуҳрату эътирофотро касб кардаанд. Ин ибтикору навоварӣ ва офаридгориву хилқати шоирони форсӣ дар жанрҳои алоҳида мунъакис гашта, дар нигоҳ бар ҳар навъе аз анвои шеърӣ қудрату салиқаи вижаи онҳо бозтобу ҷилваи худро пайдо менамояд. Чунончи, тибқи андешаҳои муҳаққиқон, дар достонсаройӣ Ҳаким Фирдавсӣ, дар маснавӣ Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, дар қасидасаройӣ Анварии Абевардӣ, дар рубоӣ Умари Хайём, дар ғазал Шайх Саъдии Шерозӣ нисбат ба дигарон нақши бештар гузошта, дар ҷиҳоти гуногуни он, ё дар сохтору шакл, ё дар ғояву мавзуъ навигариеро аз худ ба ёдгор гузоштаанд. Аммо ин эътирофоту арзишдиҳӣ нисбат бар халлоқияти шоирони мазкур ва навоварии сабкии онҳо аз нигоҳи умумӣ аст, ҳам нисбат бар жанри адабӣ, ҳам нисбат бар худи ҳунарманд. Вагарна, метавон гуфт, ки ибтикороти Абулқосим Фирдавсӣ дар жанри достон, аслан, мунҳасир бар навъи ҳамосӣ ё ҷангномавии он аст, на дигар анвои достон – аз ҳайси мавзуъ ва мундариҷа. Чи дар навъи ишқии достон дар адаби порсӣ мубтакири аслӣ Ҳаким Низомии Ганҷавӣ аст. Ва ё дар жанри рубоӣ ибтикороти Ҳаким Умари Хайём, аслан, мунҳасир бар навъи фалсафиву ҳикматии он аст, на анвои дигар – аз ҳайси мавзуъ. Чи Бобо Тоҳири Урён дар иртибот бо рубоиёти ошиқона ва навъи фаҳлавии он, ки марбут бо лаҳҷаи вижа мебошад, навовару мубтакир низ ҳаст ва ҷанбаи наву ибтикорӣ чи аз ҳайси забону тарзи баён ва чи аз нигоҳи баёни андеша дар рубоиёти ӯ басо маҳсус аст. Ё худ дар жанри ғазал. Чунонки аз сафҳаи таъриху сарчашмаҳо мушоҳида мешавад, Шайх Саъдӣ ҳанӯз аз даврони худи шоир ва ё наздик ба замони ӯ ҳамчун пешоҳанг ва, ба истилоҳи қитъати маъруф, паямбари ғазал эътироф гардидааст. Аз нигоҳи сохтору шакл ва инсиҷоми зоҳири жанри ғазал ин эътироф нисбат ба Шайх Саъдӣ куллан шоистаи истиқболу арҷгузорӣ аст, чун, дар ҳақиқат, бо ин ки дар адаби порсӣ қабл аз Саъдӣ низ бозори ғазал ривоҷ дошт ва ҳатто чандин шоир, аз ҷумла

Ҳаким Саноӣ, Шайх Фаридуддин Аттор аз худ девони ғазалиёт низ ба мерос гузошта буданд ва шоиру орифи бузурги муосири вай Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ҳанӯз дар замони худи ӯ бо "Девони Кабир" ё "Девони Шамс"-аш аллакай шуҳрати беандоза пайдо карда буд, аммо кӯшишҳои Шайх Саъдӣ дар шакли муайян гирифтани жанри ғазал ва қавоиди сохтории вижа касб кардани он басо қобили мулоҳиза ва таваҷҷуҳ аст. Аммо, аз нигоҳи ғоя ва мазмун ғазалиёти Саъдӣ ба ду самт ҳаракат мекунад ва муқайяд бар меъёру қоидаи яксон нест. Чунонки аз мундариҷаи ғазалиёти Саъдӣ дида мешавад, нақши дидгоҳҳои воқеӣ ё арзишҳои воқеъбинонаи ӯ дар баёни эҳсосоти қалбиву ботинияш басо маҳсус буда, ҷанбаи тафаккуру андешаи аслии шоирии ӯро ташкил медиҳанд. Ишқи Саъдӣ бештар мунҳасир бар ишқи воқеӣ ва ҳаётӣ аст ва андешаҳои ишқии вай дар матни ғазалҳояш дар аксари маворид бозгӯкунандаи навъи ҳаётиву воқеии ишқ аст. Агарчи Саъдӣ дар баёни ишқи ирфонӣ ва марбут бар дидгоҳи болову улвӣ тавассути ғазалҳояш кӯшида, агарчи ҷуз аз Саъдӣ Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Шайх Камоли Хуҷандӣ низ дар инкишофи ғазалиёти ирфонӣ саъйи балиғ кардаанд, аммо ривоҷу равнақ ва рушду тараққии бесобиқаи ғазали порсӣ ба номи Хоҷа Ҳофиз муҳр зада шудааст.

Вобаста ба ин, қайд кардан бамаврид аст, ки дар иртибот бо ҳар жанр ва ё навъи адабие дар таърихи рушду тараққии онҳо ҷуз аз таҳаввулоту ибтикороти сувариву шаклӣ ва ғоявиву мазуӣ, ҳамчунин, дигар навовариҳову дигаргуниҳо, минҷумла таҳаввулоти марбут бо сабки пардоз, тарзи баён ва ё усули ифодаву пардози сухан ва амсоли инҳо мушоҳида мешаванд, ки баёнгари чигунагии каломи мавзуни шоирон мебошанд. Чунончи, ҳамин хасиса дар ашъори намояндагони бузурги сабки ҳиндӣ, аз ҷумла Фиғонии Шерозӣ, Соиби Табрезӣ ва мунтаҳои бузургони ин сабк – Мирзо Абдулқодири Бедил ба таври вижае эҳсос мешавад.

Миёни суханварони мубтакири мазкур ба хосса метавон аз шоири шӯридадили Шероз – Бобо Фиғонӣ ном бурд, ки бо амали хеш сабки ироқиро бо сабки мобаъдӣ пайванд сохт ва бад-ин тариқ, тавассути ибтикороти марбут бар тарзи баёну андешаи хеш хишти нахустини зуҳуру мавҷудияти сабки навинеро, ки баъдан тавассути муҳаққиқони муосир сабки ҳиндӣ номгузорӣ шуд, гузошт ва тарзи нигариши шоиронаро дар шеъри порсӣ, ба вижа дар жанри ғазал, якнавъ навӣ бахшид.

Бобо Фиғонии Шерозӣ муосири Мавлоно Абурраҳмони Ҷомӣ – бузургтарин шоири қарни XIV буд. Дар асри мазкур, бешубҳа, зимоми маликушшуароии кулли шеъри форсӣ мантиқан дар ихтиёри Мавлоно Ҷомӣ буд. Кулли суханварони эронӣ аз ҳайси қудрати шоирӣ ва малакаи суханварӣ сари тобеият дар назди килки Мавлоно фуруд меоварданд ва, ҳатто, барои маслиҳату такмили донишу малака ва, ҳамчунин баҳри ҳурмат, ба зиёрати ин марди бузург ба Ҳирот, ки маҳалли истиқомати вай буд, мерафтанд. Назари Мавлоно Ҷомӣ, баҳогузорӣ ё арзишдиҳии вай ба ашъори шоирон, ба вижа шоирони ҷавону навқадам, дорои аҳаммият буд. Аҳли илму адаб, ҳатто, дидору ҳамсуҳбатӣ бо Мавлоноро мояи фахру ибрат ва худболидагӣ медонистанд. Мавлоно Ҷомӣ ба шеъри касе баҳои мусбат медод, он шоир рӯй сӯйи маъруфият мекард ва хони шуҳраташ густардатар мегардид ва ҳатман аз ҷониби соҳибони кутуби тазкира мавриди қайду сабт қарор мегирифт. Чунончи, дар иртибот бо шеъри Фиғонӣ ва пояи он соҳиби "Калимот-уш-шуаро" баҳогузории Мавлоноро махсус оварда, ҷиҳати маълум кардани мақоми шоирии Фиғонӣ назари Мавлоноро ҳамчун маҳаку меъёр бингошта ва қайд кардааст, ки «шеъри вай (яъне Бобо Фиғонӣ – С.О.) дараҷаи қабул ва истеҳсони Мавлавӣ (Ҷомӣ - С. О.) дарёфта» [7, 45].

Муҳаққиқони муосир низ маълумоти кутуби тазкира ва навиштаҷоти сарчашмаҳоро роҷеъ ба Бобо Фиғонӣ ва пояи шеъри ӯ, аксаран, тасбият карда, арҷ гузоштаанд. Чунончи, Шиблии Нуъмонӣ, муҳаққиқи маъруфи урдузабон ҷуз ин ки суханони муаллифони сарчашмаҳоро таъйид мекунад ва Фиғониро бавуҷудоварандаи инқилоб дар шеъри асри XV порсӣ эътироф менамояд, ҳамчунин афсӯс мехӯрад, ки

соҳибони тазкира роҷеъ бар ин шоири таҳаввулгарову мубтакир ҷуз аз се-чаҳор сатр суханро дареғ доштаанд [6, 22]. Дар ҷойи дигар муҳаққиқи мазкур Фиғониро «муҷтаҳиди фанни нав» ном гирифта, маъруфтарин шоирони сабки ҳиндӣ, аз ҷумла Вахшии Яздӣ, Назирии Нишопурӣ, Мавлоно Замирӣ, Хоҷа Ҳусайни Саноӣ, Урфии Шерозӣ ва Ҳаким Шифоиро, ки ҳаёту фаъолияти хешро бештар дар сарзамини Ҳинд сипаридаанд, пайравони Фиғонӣ эътироф намудааст [6, 23].

Ин “фанни нав”-е, ки Шиблӣ онро дар иқтибос аз Алиқулихон Волаи Доғистонӣ - тазкиранависи маъруф, муаллифи «Риёз-уш-шуаро» овардааст, ишорат бар сабк ва тарзи баёни Фиғонӣ, яъне бо ифодаи маъруфи давраи худи шоир – равиши “фиғониёна” менамояд. Ин нуктаро қайд кардан бамаврид аст, ки ҳарчанд тарзи шоирӣ, хусусан, ғазалсаройии Фиғонӣ мавриди қабули Мавлоно Ҷомӣ гардида буд, аммо, чунонки аз маълумоти сарчашмаҳо дида мешавад, суханвари бузурги Ҳирот он равишро шахсан истиқбол накард ва табиист, ки пайравони мактаби Ҳирот, ки дар садри он Мавлоно Ҷомӣ қарор дошт, аз тарзи ғазалсаройии Фиғонӣ пайравӣ накарда, балки онро бо пастбиниву таҳқиргуна “фиғониёна” ном мегирифтанд. Чунонки дар ҳамин маврид Абдулваҳҳоби Нуронивисол қайд менамояд: «Сабки Фиғонӣ муғойир бо сабки иддае аз шуарои замони вай буд, ба тавре ки шуарои мухолифи сабки ӯ ашъори бадро ба танз «фиғониёна» мегуфтанд ва махсусан дар Хуросон, ки аксари шоирони ғазалсаро татаббуи Ҷомиро мекарданд, бо тарзи Фиғонӣ мухолиф буданд, ашъори вайро намеписандиданд ва вайро соҳиби сабке нохуш мешумурданд» (5, 286).

Ҳасан Зулфиқорӣ, муҳаққиқи эронӣ дар хусуси пайравии шоирони порсӣ аз Бобо Фиғонӣ чунин қайд менамояд: “Каломи Калими Кошонӣ ва Урфии Шерозӣ ва Дами Масеҳой ва Масеҳои Кошонӣ ва Толиби Омулӣ ва Навъии Хабушонӣ ва Насиби Гелонӣ ва Қосими Урдистонӣ ва монанди инҳо ранги сухани Фиғониро дорад. Ҳатто Соиб худро муқаллиди ин шева медонад” [4, 179]. Муҳаққиқи дигари эронӣ, Сайид Маҳдии Таботабоӣ ҳам дар иртибот бо таъсири сабки Фиғонӣ ба суханварони баъдии порсӣ дар мақолаи калонҳаҷми хеш изҳори андеша карда, бар ин назар аст, ки шоирони дасти аввали сабки ҳиндӣ, амсоли: Назирии Нишопурӣ, Урфии Шерозӣ, Соиби Табрезӣ, Муҳташами Кошӣ ё Кошонӣ, Файзии Лоҳиҷӣ, Муштоқи Исфаҳонӣ, Ҳазини Лоҳиҷӣ, Мирзо Абдулқодир Бедили Деҳлавӣ, Сайидои Насафӣ дар эҷоди ашъор, ба вижа жанри ғазал татаббуи тарзи Фиғониро мекарданд [8, 5].

Муҳаққиқони муосир оид ба тарзи Бобо Фиғонӣ андешаҳои зиёд изҳор намудаанд. Аз ҷумла, Аҳмад Тамимдорӣ бар ин назар аст, ки тарзи Фиғонӣ марбут бар тарзи мутавассит буда, бад-ин тариқ сабки ӯ ба ҳайси миёнҷӣ дар байни равиши ғазалсаройии Хоҷа Ҳофиз ва Соиби Табрезиву Калими Кошонӣ хидмат мекунад ва ӯро ба хотири шабоҳат бо Хоҷа Ҳофиз, ҳатто Ҳофизи кӯчак низ меномиданд [9, 95].

Ғазали сабки ҳиндӣ, агарчи баъдан, дар моҷарои сабқати байниҳамдигарии шоирони берунӣ (Эрон ва Мовароуннаҳр) ва бумӣ (ҳиндустонӣ) ҷиҳати ҷой ва мақом ёфтан дар дарборҳои салотини Ҳинд ва савбадарони ин сарзамин, аз ҳайси забону тарзи баён ба тавотуру гуногунрангӣ гирифтор шуд ва бар асари он дучори печидагиву мушкилписандӣ низ гардид, қаблан, дар мароҳили нахустини рушду инкишофи худ аз ҳайси забон равону тоза ва қобили дарку фаҳми хоссу ом(м) буд. Ғазалиёти Бобо Фиғонӣ, Назирии Нишопурӣ, Соиби Табрезӣ ва Калими Кошонӣ намунаҳои беҳине дар ин маврид хоҳанд буд, ки аз ҳайси дарёфтҳои марбут бар мазмуну маънӣ, умуман, ниёзе бар тааммуқу тааммул надоранд. Дар миёни суханварони сабки ҳиндӣ, махсусан ғазалиёти Бобо Фиғонии Шерозиро метавон аз ҳайси содагиву сабукфаҳмӣ арҷ гузошт, то бад-он ҳад ки баъзан забони ашъори вай дар ниҳояти содагиву суҳулат қарор доранд ва хонанда фикр мекунад, ки соҳиби он на як шоири сабки маъруф бар ҳиндӣ, балки намояндаи сабки хуросонӣ, ки ба содагӯйиву содаписандӣ маъруфият дорад, ба шумор меравад.

Равониву содабаёнӣ яке аз нахустин вижагиҳои ғазали сабки ҳиндӣ ва, махсусан, Бобо Фиғонӣ ба шумор меравад. Маҳз ба хотири ҳамин вижагии ғазалиёташ Фиғониро яке аз асосгузорону мубтакирони сабки ҳиндӣ эътироф намудаанд, зеро қабл аз сабки мазкур дар сабки ироқӣ забон ва тарзи баён хело link мармуз ва сахт муқайяд дар пардаи маҷозу рамз, ки обишхӯри худро аз нукоту андешаҳои ирфону фалсафаву ҳикмати он гирифта буд, қарор дошт. Дар оғози шоирии Фиғонӣ ғазали порсӣ якбора аз ҳайси забону тарзи баён бар таҳаввулоти қобили таваҷҷуҳе дучор гардид, ки шеъри ӯ ва пайравонашро дар фосилаи зиёде аз шеъри суханварони сабки ироқӣ ҷойгузин кард. Чунончи, дар ғазали зерин даовии болоро метавон муҳаққақ сохт, чун забони он басо содаву равон буда, дар дарку фаҳми мазомини он мушкилие вуҷуд надорад. Бар иловаи суҳулати баён, дар ғазали мазкур мазомини тозаву нав ва обнашуста низ мушоҳида мешаванд:

Кушуд чоки гиребон, ки ёсамин ин аст,
Намуд соиду гуфто: Дар остин ин аст.
Ман аз ҳаловати хатташ киноятe гуфтам,
Лабаш ба ханда даромад, ки ангубин ин аст.
Нигоҳ бар шакараш кардам аз сари ҳасрат,
Ба ғамза кард ишорат, ки дар камин ин аст.
Сухан зи сурати Чин мегузашт дар маҷлис,
Кашид зулф зи ораз, ки нақши чин ин аст.
Нишони ҳоли харобот ҷустам аз ринде,
Ниҳод косаи дурде, ки бар замин ин аст.
Агар муҳаббати ислом дорӣ, эй зоҳид,
Даро ба кӯчаи ирфон, ки роҳи дин ин аст.
Раҳим сохт Фиғонӣ дил чу санги бутон,
Сирояти нафасу оҳи оташин ин аст [10, 126].

Чунонки аз мазмуну мундариҷаи ғазали боло дида мешавад, дар он, умуман, вожаи мушкилфаҳм ва ё ибораву таркиби душворписанд корбурд нашудааст. Бар иловаи забони содаву равон, дар ғазали мазкур ибораву ифода ва таркибҳои содаву ҳамафаҳм, амсоли: чоки гиребон, сурати Чин, косаи дурд, кучаи ирфон, санги бутон истифода гардидаанд. Вазни ғазал ҳам, ки муҷтасси мусаммани махбуни аслам: мафоъилун-фаъилотун-мафоъилун-фаълон (V – V - / V V - - / V – V - / - ~) буда, аз авзони равону дилнишини шеъри порсӣ аст, бар содагии ғазал боз ҳам афзудааст.

Яке аз муҷиботи содагии матн дар шеъри сабки ҳиндӣ, ба вижа жанри ғазали он – ин содагӣ аз ҳайси чигунагии корбурди саноату ороя̀ҳои тасвири бадеӣ, дақиқтар: камтар ба кор гирифтани онҳо ба ҳисоб меравад, чунонки дар ғазали болои Фиғонӣ низ ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад, чун дар он санъати бадеие ҷиддан мавриди истифода қарор нагирифтааст. Фиғонӣ, чӣ гуна ки аз матни ғазали фавқ дида мешавад, дар ҷойи корбурди санъатҳои бадеӣ, хоҳ маънавӣ ва хоҳ лафзӣ, бештар ба тасвири мавзуъ, ҳолот ва мазомини ишқӣ, он ҳам ишқи воқеии дар имтизоҷи ирфону андешаҳои ботинӣ, пардохтааст. Ҳамин нуктаро муҳаққиқони муосир, аз ҷумла Сайид Абдуллоҳ низ ба таври махсус ишорат намуда, онро яке аз хасисаҳои назарраси ғазалсаройии Бобо Фиғонӣ қайд намудаанд [1, 156].

Забони шеър дар давраи Фиғонӣ забоне сода аст. Сабаби аслии содагиву суҳулати забони ин давраи шеъри порсиро муҳаққиқон дар он дарёфта, ки шоирони ин давра монанди шоирони сабки ироқӣ ва хуросонӣ аҳли мадраса ва таҳсил нестанд, балки бештар аҳли бозор ва аз оммаи мардум ба шумор мераванд ва ба ҳамин сабаб забони шеъри ин давра ва тасовиру хаёлоти он низ бархоста аз мардум аст ва бо забони шоирони дарсхондаи адвори пешин фарқ дорад ва аз аносири забонӣ ва баёнии забони омма назири истифода аз вожагон ва истилоҳоти муҳовара, бакоргирии зарбулмасалҳо

(дар қолаби услуби муодила), ҳаракат ба сӯйи воқеъгирой дар ташреҳи аҳволи ошиқона ва таҷдиди аҳд бо зиндагӣ (тарзи вуқуъ) баҳраҳои фаровоне дорад [3, 441-448].

Хусусияти дигари дорои аҳаммияти калидӣ дар шеъри сабки ҳиндӣ, ба вижа жанри ғазали он, ин мазомини нав, дарёфтҳои нави шоирона ва умуман, неруи қавӣ ва нисбатан фарққунандаи тахайюли шоирона ба шумор меравад, ки ин вижагӣ дар сабкҳои моқабл, чи хуросонӣ ва чи ироқӣ ва чи мутавассити хуросониву ироқӣ ё ба назар намерасид, ё басо ба нудрат мушоҳида мегардид. Дар шеъри сабки хуросонӣ дарёфтҳои нави маъниву мазмун бештар марбуту алоқаманд бо истифодаи ҳунармандона аз васоити тасвири бадеӣ, кашфу резакориҳои мазомин аз батни саноати бадеӣ, таваҷҷуҳи вофири шоири сабки мазбур бар орояҳои тасвири шоирона буд. Дар сабки ироқӣ дарёфтҳои маъноӣ марбут бар ирфону орои ирфонӣ буд, интиқоли рамзу маҷоз ба тафаккури шоир ва инъикоси он дар матни шеър маҳз аз тариқи андешаҳову орои ирфонӣ  сурат мепазируфт. Ирфону орои он ва, умуман фалсафаву ҳикмати ирфонӣ, сурати маънавии каломи мавзун дар сабки ҳиндиро батамом дигаргун сохт ва, ҳатто, бар яке аз хусусиятҳои назарраси он табдил ёфт.

Дар сабки ҳиндӣ, ҳарчанд ки коргирӣ аз саноати бадеӣ мушоҳида мешавад ва хусусан дар мароҳили баъдии он ба ҳайси яке аз вижагиҳои зирабти он маҳсуб меёбад; ҳарчанд ки нақши андешаҳои ирфонӣ низ дар матни ашъор, хусусан ғазалиёти он, то ҷойи қобили мулоҳиза ҷилвагар аст, аммо мақоми баландтару шоистаи арҷгузорӣ дар ин маврид барои шоири сабки ҳиндӣ ва шеъри сабки ҳиндӣ дар гунаи ғазал – ин насиби неруи тахайюл ва дарёфтҳои фикриву андешавии он мебошад. Қудрати тахайюл дар пайдо кардани маонӣ ва мазомини наву обнашуста басо қавӣ буда, миёни шоирони сабки мазкур маҳз барои дарёфтани мазомини нав ва ковишҳои фикрӣ сабқатҳои зиёде ба вуҷуд меомаданд, ки кутуби тазкираву сарчашмаҳои хаттӣ дар ин хусус маълумот низ дар ихтиёри мо гузоштаанд. Истилоҳи “фард” ва ё “фардбайт” маҳз зодаи шоирони сабки ҳиндӣ ва даврони фаъолияти намояндагони бузурги ин равиши сухангустарӣ аст, ки дар он шоир нодиртарин, касмаёбтарин ва обнашустатарин маониро дар силки назм – дар гунаи як байт мекашид.

Аммо дарёфтҳои маъноӣ ва ё кашфи мазомини нав дар шеъри сабки ҳиндӣ ҷуз аз фардиёт, ҳамчунин дар ғазалиёт низ, ҳатто бештар, истифода мегардид. Дар ин маврид Бобо Фиғонӣ, Соиби Табрезӣ, Калими Кошонӣ ва дигар бузургони сабки ҳиндӣ маъруфияти бештар доранд. Аз ҷумла, дар девони ғазалиёти Бобо Фиғонии Шерозӣ ғазалҳои зиёдеро метавон пайдо кард, ки дар онҳо дар ҳийтаи чандин байт маонӣ ва мазомини навро пешкаши зеҳни хонанда мегардонад ва бад-ин сурат бар ӯ ғизои маънавӣ мебахшад. Чунончи, дар ғазали зерин, ки аз 8 байт иборат мебошад, якҷо бо матлаъ дар чаҳор байти он дарёфтҳову ковишҳои маъноӣ ба дида дармеояд ва ҳамин ҳолат ба таври возеҳ мушоҳида мешавад:

Обе, ки бастаанд ба дилҳо, даҳони туст,
Нақде, ки он ба даст наёяд, миёни туст.
Чандон ки рӯз мегузарад, мешавад зиёд
Ин тозагиву лутф, ки дар гулситони туст.
Як зарраи ту бе ҳаракат нест як замон,
Ваҳ з-ин ҳаво, ки дар сари сарви равони туст.
Бахти баланд соя ба ҳар кас наяфканад,
Ин файзи ом хоссаи нахли ҷавони туст [10, 116].

Чунонки дида мешавад, дар ҳама абёти боло шоир ба дарёфти мазомини нав даст ёфтааст. Чизе, ки мазомину маъниҳои дарёфтаи Фиғониро дар абёти мазкур ҷаззобтар намуда, ин бакоргирии ҳунармандона аз ороҳои тасвири бадеӣ ва вуҷуди таносуб дар каломи шоир аст. Чунончи, дар байти матлаъ вожаҳои об, дил, бастан ва даҳон – дар мисраи якум ва нақд, феъли ба даст омадан ва вожаи миён бо ҳам таносуби мантиқӣ доранд. Дар мисраи дувум шоир таноқузи малеҳеро корбаст кардааст: яъне, бо ин ки

гузашти айём иллати пажмурдани гул мешавад, аммо гузашти рӯз, баръакс, гулситони ту (маъшуқа)-ро тозатару латифтар менамояд. Дар байти сеюм вожаҳои зарра, ҳаракат, замон, ҳаво, сарв (-и равон) бо ҳам таносуб доранд. Таҷниси "ҳаво" ва истиораи сарви равон маънои байтро муассиртар намудаанд. Дар байти чаҳорум миёни вожаҳои бахт, нахл ва ҷавон, баланд ва соя таносуби хуб эҳсос мешавад. Маҷоз дар кулли мисраи якум, тазодди хоссу ом ва истиораи нахл (-и ҷавон) низ басо ҷолиб истифода гардидаанд.

Дар ғазалиёти Бобо Фиғонӣ содагиву равонӣ, мазомин ва маонии нав ва таносуби сухан меҳвари матни абёту мисраотро ташкил дода, бо вуҷуди ҳамин вижагиҳо каломи Фиғонӣ аз ашъори дигар шоирони муосир ва қаблӣ фарқи назаррасро пайдо менамояд. Маҳз ҳамин вижагиҳо меҳвари каломи мавзуни шоирро ташкил дода, боровари тарзи ҷадиде дар шеъри қарни XV форсӣ, ба хусус, дар риштаи ғазалсароӣ шуданд, ки минбаъд ба номи сабки ҳиндӣ муҷиби пайравиву истиқбол аз ҷониби дигар ғазалсароёни баноми сабки ҳиндӣ гардидаанд.

***Адабиёт:***


*1. Абдуллоҳ Сайид. Тозагӯйӣ як наҳзати адабӣ / Сайид Абдуллоҳ. Тарҷумаи Муҳаммад Носир // Номаи порсӣ [Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ. Пуртоли "Ҷомеаи улуми инсонӣ"].-№ 2.- Соли чаҳорум.- Теҳрон.- С. 155-166*

*2. Алиев Г. Ю. Персоязычная литература Индии / Г. Ю. Алиев. Ответственный редактор: А. М. Дьяков.- М.: Наука, 1968.- 247 с.*

*3. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Аз гузаштаи адабии Эрон. Мururе дар насри форсӣ. Сайре дар шеъри форсӣ бо назарее дар адабиёти муосир / Абдулҳусайни Зарринкӯб.- Чопи аввал.- Теҳрон: Ал- ҳудо, 1375.- 588 саҳ.*

*4. Зулфиқорӣ, Ҳасан. Бобо Фиғонӣ ва мактаби вуқӯъ / Ҳасан Зулфиқорӣ / Кайҳони андеша.- Шумораи сиву саввум.- Теҳрон, бидуни соли нашр.- Саҳ. 179-187*

*5. Нуронивисол, Абдулваҳҳоб. Сабки ҳиндӣ ва ваҷҳи тасмияи он / Абдулваҳҳоби Нуронивисол // Соиб дар густураи таҳқиқоти адабӣ. Ба кӯшиш ва таълифи Муҳаммад Расули Дарёгашт.- Чопи аввал.- Теҳрон: Қатра, 1371.- Саҳ. 283- 297*

*6. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шеър ва адабиёти Эрон / Шиблии Нуъмонӣ. Тарҷумаи Сайидмуҳаммад Фахр Доии Гелонӣ.- Теҳрон: "Дунёи китоб".- 1334 ҳ.- 204 с.*

*7. Сархуш, Муҳаммад Афзал. Калимот-уш-шуаро. Муштамил бар зикри шуарои асри Ҷаҳонгирӣ то аҳди Оламгир / Муҳаммад Афзали Сархуш.- Нусхаи дастнависи китобхонаи Институти забон ва адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.-№ 3222.- 167 с.*

*8. Taботабоӣ, Сайид Маҳдӣ. Ҷойгоҳи Бобо Фиғонӣ дар сабки ҳиндӣ ва пайгирии шохисаҳои сабкии ӯ дар шеъри Бедил / Сайид Маҳдии Табoтабоӣ // Пажӯҳишҳои адабӣ.- № 43 (11), 1393.- 120 саҳ.*

*9. Тамимдорӣ, Ахмад. История персидской литературы / Ахмад Тамимдор.- Санкт-Петербург: Наука, 2007.- 244 с.*

*10. Шерозӣ, Бобо Фиғонӣ. Девони ашъор / Бобо Фиғонии Шерозӣ. Ба тасҳеҳ ва итмоми Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ.- Теҳрон: "Иқбол", бидуни соли нашр.- 447 с.*

*11. Хонсорӣ, Аҳмад Суҳайл. Муқаддима / Аҳмад Суҳайли Хонсорӣ // Бобо Фиғонии Шерозӣ. Девони ашъор. Ба тасҳеҳ ва итмоми Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ.- Теҳрон: "Иқбол", бидуни соли нашр.- С. панҷ-сиву панҷ*


## ДАСТОВАРДҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ НАВИН


***Мирзоев Н.М. - д.и.т., профессори кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ***


Дар раванди ташаккул ва рушди Тоҷикистон чун давлати соҳибихтиёру мустақил сиёсати хориҷии он нақши бузург мебозад. Тоҷикистон ба асри ХХ1 бо дарки возеҳи манфиатҳои миллӣ ва нақши худ дар арсаи байналмилалӣ, ҳадафу вазифаҳои наздик ва

дарозмуддати сиёсии хориҷиро муайян намуда, мутобиқ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ватаниву байналхалқӣ сиёсати муваффақонаи хориҷии худро пеш мебарад. Дар ду даҳсолаи охир дар сиёсати ҷаҳонӣ тағйирот ва таҳавулоти назарас ба вуқуъ омаданд. Бо назардошти таҳавулоти навин бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 Консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Зарурати қабули консепсияи нав дар он аст, ки бо оғози асри XX1, дар натиҷаи азнавсозии низоми ҷаҳони бисёрқутбӣ, сиёсати байналмилалӣ низ дигаргуниҳои амиқеро аз сар мегузаронад. Воқеиятҳои нави сиёсиву иқтисодии геополитикии ҷаҳони муосир тамоми кишварҳоро водор месозад, ки стратегияҳои дурусти таҳкими сиёсати хориҷии хешро коркард намоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пойбандӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда сиёсати хориҷии худро дар асоси принсипҳои зерин амалӣ месозад: эътирофи баробарӣ ва тамомияти арзии давлатҳо, дахлнопазирии марзҳо, истифода накардан аз зӯрӣ ё таҳдид ба зӯрӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ, ҷонибдори аз ҳалли осоиштаи ихтилофу низоъҳо, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар; иҷрои уҳдадориҳое, ки аз ҳуқуқи байналмилалӣ бармеоянд; риояи принсипи волоияти ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ; барқарор намудан ва густариш додани робитаҳои баробарҳуқуқ ва мутақобилаи судманд бо тамоми кишварҳои ҷаҳон; напазируфтани ҳама гуна шаклҳои поймол намудани ҳуқуқ дар амалияи байналмилалӣ.

Тоҷикистон, ки бо сабаби мавқеи ҷуғрофии худ дар меҳвари манфиатҳои геополитикии неруҳои муқтадири олам қарор гирифтааст, дар шароити мавҷуда ва дар ояндаи наздик ният дорад сиёсати ҳадафмандонаро пеш бурда, минбаъд низ стратегияи ҳамкориҳои бисёрҷонибаро дунбол намояд.

Мавқеи геополитикии Тоҷикистон имкониятҳои табииву ҷуғрофӣ он, инчунин, дар сатҳи тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии кишварамон пеш бурдани сиёсати хориҷии фаъол, воқеъбинона ва муътадилро тақозо мекунанд. Вазифаи муҳимтарини сиёсати хориҷӣ эҷоди камарбанди эътимоду амният дар, тамоми тӯли сарҳади кишвар аз тариқи рушд ва таҳкими муносибатҳои некӣ ҳамсоягӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҳамҷавор мебошад. Бо ин мақсад Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байнидавлатӣ кишварҳои ҳаммарз ва минтақа сиёсати дустӣ, ҳамсоягии нек, адами мудохила ба корҳои дохилии якдигарро пеш мебарад ва дар ҳалли масоили баҳснок, аз ҷумла масъалаҳои сарҳадӣ ва обу энергетика, ба воситаҳои осоиштаи ҳалли онҳо, яъне музокироту гуфтушунидҳо, афзалияти комил медиҳад.

Дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон кишварҳои ҳамсоя ва минтақа мақоми авлавиятро ишғол менамоянд. Мо ҷонибдори минбаъд вусъат бахшидани таҷрибаи мусбат, бисёрасра ва созандаи ҳамзистии дӯстонаи мардумони Осиёи Марказӣ мебошем.

Умумияти ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки дар назди давлатҳои минтақа қарор доранд, зарурати рушду тавсеаи муносибатҳоро аз рӯи эътимод, дустӣ ва ҳамкории судманд бо кишварҳои Узбекистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон тақозо мекунад. Роҳбарияти давлати Тоҷикистон ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи муҳимтарини ҳалли маъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ медонад ва ин бардоштро дар амалияи сиёсии худ дар тӯли беш аз бист соли охир борҳо намоиш додааст. Ҳамгироии созандаи минтақавӣ ба манфиати давлату халқҳои ҳамаи минтақа ва ҳар як кишвари Осиёи Марказист.

Барқарор ва рушди мутавозини робитаҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судманд бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҳиндустон дастоварди бузург ва манфиатбахши ин стратегия мебошад. Стратегияи "дарҳои боз" имкон дод, ки кишварҳои қудратманди ҷаҳон ба кишвари мо ба ҳамкориҳои мутақобилаи судманд ҷалб карда шуда, як қатор лоиаҳои

муҳими иқтисодӣ, энергетикӣ, инфрасохторӣ таҳия ва татбиқ гардиданд, ки ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар заминаи мусоид фароҳам сохтанд.

Таҳия ва татбиқи стратегия ҳамаҷониба асоснок ва санҷидашудаи байналмилалӣ бо дарназардошти манфиатҳои олии Ватан дар айни замон ҳамоҳанг сохтану омезиши онҳо бо ниёзҳо ва манфиатҳои глобалӣ сабабгори ташаккул ва табдили Тоҷикистони соҳибистиқлол ба узви фаъол ва соҳибэҳтироми ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид.

Ташаббусҳои саривақтӣ ва пешниҳодҳои Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои доғи сайёра аз қабили таъмини аҳолии рӯи замин бо оби нӯшокӣ, дар ин росто эълон намудани соли 2003 "Соли оби тоза", таҳияи барномаи даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" (2005-2015), барномаи Даҳсолаи "Об ба хотири рушди устувор" барои солҳои (2018-2028), эълон намудани соли 2025 соли ҳифзи пиряххо аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ бо рӯҳбаландӣ истиқбол гардид ва Тоҷикистонро дар сатҳи ҷаҳонӣ дар ҳалли масъалаҳои об ба кишвари ташаббускор ва пешсаф табдил ёфтааст.

Ҳамин тариқ, сиёсати муваффақонаи хориҷии кишвар дар даврони навин самараи нек ба бор оварда, дар рушд ва пешрафти иқтисодӣ ва сиёсии кишвар нақши барҷаста мебозад.

Адабиёт


1. Салимов А., Шарифзода А., Тоҷики оламшумул. Душанбе, 2011.
2. Рахматуллоев Э. Эмомалӣ Рахмон ва ҷомеаи ҷаҳон. Душанбе: Ирфон, 2011.
3. 25 қадам дар паҳнои олам (Зери таҳрири Аслов С). Душанбе:, Ирфон. 2016.
4. Саидзода З. Внешняя политика Президента Рахмонова. Душанбе, 2000.
5. Саидзода З. Внешняя политика республики Таджикистан на современном этапе. - Душанбе, 2006,
6. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество. 2007
7. Саидзода З. Республика Таджикистан на межгоссударственной арене до и после объявления политики "открытых дверей". Душанбе, 2015.
8. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдик шудааст.


## ХУСУСИЯТҲОИ ИЛМИ ДУНЁИ ҚАДИМИ ШАРҚ


**Манғитов М. - дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**


Таърихи пайдоиш ва ташаккули донишҳои илмӣ хело мураккаб ва тӯ-лонӣ буда, давраҳои гуногунро аз сар гузаронидааст, ки ҳар яке хусуси-ятҳои ба худ хос дорад.

Гузариш аз донишҳои теологиву космогонӣ ба донишҳои тоилмиро дар заминаи ташаккули донишҳои эмпирикӣ-ретсептурӣ ва технологӣ-утилитарӣ, ки ҳамчун системаи донишҳои индуктивӣ ва таҷрибаи техни-кӣ амал мекард, монанд кардан мумкин аст. Дар доираи таърихи илм ин раванди гносеологӣ ба илм ва фарҳанги Дунёи қадими Шарқ рост меояд.

Қисме аз муҳаққиқони таърихи илм ва фалсафа дар ақидаи он ҳас-танд, ки илм дар доираи таърих ва фарҳанги тамаддуни Шарқи қадим ба вуҷуд омадааст, ба мисли тамаддуни Ҳинду Чин, Мисру Бобул ва ғайра. Бо вуҷуди он ки дар саромади таърихи пайдоиши илм шарқиён истанд ҳам, вале илми ин давра ба маънои томаш илм набуд, зеро:

- гарчанде, ки дар ин давра (яъне то асри VI-и пеш аз мелод) дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, косибӣ, тиҷорат, ҳарбӣ ва ғайра тамаддуни шарқӣ до-нишҳои муайянеро ба вуҷуд оварда бошад ҳам, вале он сабаби пайдо-иши дониши илмӣ нагашт, чунки он худ ба худ илмро ҳосил намекунад. Илмро фаъолияти мақсаднок барои ба вуҷуд овардани дониши нав му-айян мекунад. Ҳол он ки ин чиз дар Дунёи қадими Шарқ набуд, балки донишҳои индуктивие, ки дар асоси таҷриба сурат мегирифт, дар байни одамон ба воситаи принсипи профессионализми меросӣ интишор меёфт, яъне а) бо роҳи додани дониш дар

доираи оила; б) бо роҳи додани до-ниши “илоҳӣ” аз тарафи ҳомии касб дар доираи одамони касби муайян, ба монанди дӯкон ва ё кастаи муайян;

- хусусияти дониши тоилмии Дунёи қадими Шарқ боз дар он буд, ки за-минаи фундменталӣ надошт. Ҳол он ки илм фаъолияти ҳаматарафаро оид ба таҳлил ва коркарди масъалаҳои назариявӣ, яъне “дониш барои дониш”-ро талаб мекунад. Асосан донишҳои ин давра характери амалӣ доштанд;
- илми Дунёи қадими Шарқ ба маънои томаш ратсионалӣ (ақлонӣ) на-буд ва сабаби ин, пеш аз ҳама, дар сохти иҷтимоӣ- сиёсии мамолики Шарқ буд, яъне дар он стратификатсияи иҷтимоӣ дида мешуд, ки роҳи интишори донишро мегирифт;
- ҳалли масъалаҳои ҷузъӣ ва ҳисобу китобе, ки характери ғайриназари-явӣ дошт, системанокии илми Дунёи қадими Шарқро аз байн бурд.

Ҳамин ва дигар ҷиҳатҳои дониши тоилмии Дунёи қадими Шарқро ди-
да баромада, онро дар қиёс бо илму фарҳанги Давраи антиқа боз ҳам равшану возеҳтар нишон додан мумкин аст. Ифодаи қиёсии ин ду шакли фарҳанги маънавӣ, ба хусус донишҳои илмӣ нишон медиҳад, ки юнони-ҳо аз шарқиён дида пеш меистанд. Барои исботи ин фикр, бояд ба таърих ва хусусиятҳои дониши илмии Давраи антиқа назар кард, зеро он мета- вонад ба бисёр масъалаҳои гуногун ва баҳсноки пешгузошта то андозае ҷавоб диҳад.

Илми Давраи антиқа (ба хусус асрҳои VI-V пеш аз мелод) ин қуллаи баланди инкишофи дониши илмӣ буд, ки асосҳои онро ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ин давра ба вуҷуд овард. Донишҳои ҳосилкардаи юнониҳо аз донишҳои шарқиён сифатан фарқ мекард, зеро бар хилофи онҳо:

а) донишҳои парокандаву дастуриро (репсептуриро) мантиқан алоқа-манд карда, ба система даровstartанд ва ба сохтани назарияҳо гузаштанд; б) хусусияти муҳими дониш ин такя ба ақлу хирад буд ва назарияҳои ҳо-силшуда хусусияти маҳдуди амалӣ надоштанд ва илм ба соҳаи истеҳсоли донишҳо ва сохтани системаи мафҳумҳо табдил ёфт;

в) донишҳои илмиро на коҳинон, балки шахсони дунявӣ коркард ва ҳифз мекарданд, яъне онро аз доираи хурофот берун карда, ба ҳама меомӯзон-данд, ки хусусияти интишори маҳдуд надошт.

Ба ташаккули тафаккури назариявии антиқа муҳити иҷтимоӣ-фарҳан-гии демократияи полисӣ таъсири калон расонид, бахусус пайдо шудани имконияти худифодакунии шахс дар ҷамъият. Аз ҷиҳати дигар, илми ан-тиқа бо фалсафа дар алоқамандӣ вуҷуд дошт, вале пурра аз тасаввурот-ҳои асотирӣ озод набуд. Он хусусияти ратсионалӣ-назариявӣ дошт, ки дар асоси донишҳои гипотетикӣ-дедуктивӣ ҳосил шуда, ягон аломати чи-зи фардӣ-индуктивӣ дар он дида намешуд. Бо вуҷуди ин, дар ин давра се барномаи илмӣ ташаккул ёфт: а) барномаи риёзӣ, ки дар асоси фалсафаи афлотунӣ ва пифагориён ба вуҷуд омад; б) барномаи атомистии Лев-кипп, Демокрит ва Эпикур; в) барномаи континуалистии (муттасилияти) Арасту, ки дар асоси он аввалин назарияи физикӣ офарида шуд.

Пайдоиши ин барномаҳо яке аз ҷанбаҳои асосӣ ва муҳими генезиси до-ниши илмӣ дар давраи антиқа буд, вале он бо пуррагӣ аз камбудиҳо холӣ набуд ва ғ.

Хулас, дар асоси чунин қиёс гуфтан мумкин аст, ки он шакли донише, ки дар Дунёи қадими Шарқ ба вуҷуд омада буд, дар дараҷаи дониши то-илмӣ қарор дошт ва ҳоло илм набуд ва чунин хусусият асрҳо боз давом кард.

**А д а б и ё т**


1. Зеленкова А.И. Философия и методология науки.- М., 2007.
2. Лосева И.Н. Проблемы генезиса науки.- Ростов н/Д.,1979.
3. Манғитов М. Фалсафа ва методологияи илм.- Душанбе, 2022.
4. Соломатин В.А. История науки.- М., 2003.

# ТАТҚИҚИ ЁДГОРИҲОИ АРХЕОЛОГИИ УСТРУШАНАИ ИБТИДОИ АСРИ МИЁНАГӢ ДАР ОСОРИ АКАДЕМИК НЕЪМАТОВ Н.Н.

**Насриддинов Х.Н. - н.и.т., дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**

Сермаҳсули ва серпаҳлуию пурмазмунӣ хоси фаъолияти академик Нуъмон Неъматов мебошад. Фаъолияти илмӣ-археологии академик Н.Н.Неъматов бештар ба ҳафриёти Хуҷанд, Фарғонаи ғарби, Ҳисор ва дигар вилоятҳои қадиму асримиёнагии Осиёи Миёна бахшида шудааст. Вале дар байни проблемаҳои илмӣ диққати ӯро бештар таърихи фарҳанги Уструшана ба худ ҷалб намуда,буд. Дар бораи Уструшанаи қадиму ибтидои асри миёнагӣ муаллифон ва сайёҳони чинӣ таърихнигорон ва ҷуғрофиянависони арабзабон низ, маълумот додаанд. Мо маълумоти бештаро аз асарҳои Табарӣ, Ал-Балозури, Ибни Асир, Истахри ва дигарон низ дар меёбем.

Дар ҳамин замина бори нахуст соли 1867 шарқшинос П.И. Лерк ва соли 1890 бошад ба инҷо Н.С. Ликошин омада, аввалин бор харитаи қасри Чилҳуҷраро тартиб медиҳад. Соли 1894 В.В. Бартолд ба Хуҷанду Шаҳристон омада доир ба Шаҳристону Чилҳуҷра маводи фолклорӣ ва таърихи ҷамъ менамояд. Дар ҳамин радиф омузиши таърих ва ва ёдгориҳои археологии Уструшанаи қадим баътар бар души академик Н.Н. Неъматов гузошта мешавад. Хушбахтона ӯ солҳои тулони аз иҷрои ин вазифа сарбаландона баромада тавонист. Чунончи Неъматов Н.Н. ҳануз дар солҳои аспирантӣ маводҳои доир ба таърихи Уструшанаро ба системаи муайяни илмӣ даровarda, алакай солҳои 1949-1950 дар экспидитсияҳои архэологии Уструшана фаъолона иштирок менамояд. Ва аз ҳаминҷо тадқиқоти Уструшана дар дили олими ҷавон ҷо меёбад. Натиҷаи омузиши солҳои аввал ба ӯ имконият дод, ки соли 1953 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Уструшана дар асрҳои VII-X» ҳимоя намояд. Академик Н.Н. Нематов баъди ҳимояи рисолаи номзадиҳам боз амиқтару дақиқтар ба омузиши таърихи тамаддуни Уструшана машғул мешавад. Соли 1957 китоби ӯ бо номи «Уструшана дар қадим ва асрҳои миёна» ба чоп мерасад. Дар китоби мазкур проблемаҳои тарихи Уструшана ҳалли худро ёфтаанд. Академик Неъматов Н.Н. дар асари худ ҷуғрофияи таърихии Уструшанаро аз замонҳои қадим то асри X мавриди баррасӣ ва тадқиқ қарор додаст. Дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ академик Нуъмон Неъматов тавонистааст, ки ҷойгиршавии шаҳру шаҳракҳо ва дарёву роҳҳои Уструшанаро муайян намояд. Инчунин дар асари мазкур таърихи сиёсии Уструшана низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар натиҷаи омузиши амиқи сарчашмаҳои хаттию археологӣ ва бо ҳам муқоиса намудани онҳо ба академик Н.Н. Нематов муяссар гашт, ки таърихи маданияти Уструшанаро хело дуруст муайян намояд. Хизмати академик Н. Неъматов дар он аст, ки ӯ тавонист омузиши дурусти ёдгориҳои археологии Уструшанаро ба роҳ монда, онҳоро пурра омузад. Фаъолияти пурсамари археологии академик Н.Н.Неъматов доир ба Уструшана дар асари калонҳаҷми ӯ бо ҳаммуалифии С. Хмелницкий бо номи «Шаҳристони асри миёнагӣ», ки соли 1966 ба чоп расидааст қайди худро меёбад. Дари китоби мазкур хулосаҳои археологии солҳои 1955-1958 доир ба се шаҳри Истаравшан Қалъаи Қаҳқаҳаи 1,2 ва 3 мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Вале нашри ин китоб барои нишон додани бозёфтҳои археологии Уструшана кофи набуд, зеро дар натиҷаи кофту кови археологи бозёфтҳои зиёде ба даст омада буданд, ки дар як китоб ҷо намудани онҳо ғайри имкон буд. Дар натиҷаи тадқиқотҳои илмӣ академик Н.Н. Неъматов тавонист, ки мақоми пешрафти Уструшанаро дар пешрафти маданияти шаҳрсозӣ муайян ва исбот намояд. Бо роҳбарии академик Н.Н. Неъматов баробари шаҳро, қасрҳо ва истеҳкомҳо, деҳоти ибтидои асри миёнагӣ фаъолона омухта мешуд. Дар натиҷаи ҳафриёти ҳамаҷонибаи харобаҳои Бунҷикат ва ёдгориҳои атрофии он бозёфти аҷиби меъмори, рассомӣ санъати кандакории чуб, ҳунари гулканӣ кашф шуд, ки шаҳри Бунҷикатро ҳамчун яке аз марказҳои калонтарини мадании Осиёи Миёнаи асрҳои миёна тавсиф мекунад. Аз руи махазҳои хаттӣ Афшинҳои Уструшана се қаср доштанд, ки дар рафти ҳафриёт аз онҳо ду қаср дарёфт гардиданд. Биноҳое, ки солҳои 1955-1960 дар қалъаи Қаҳқаҳаи

II ёфта шуда буд, аввалин иншооти қасри Бунҷикат ба ҳисоб меравад, ки деворҳояш аз похсаю хиштҳои калон сохта шуда, сутуну сақфаш чубин будааст. Ин биноҳо аз даҳ хона иборат буда, хонаҳо паси ҳам аз шарқ ба ғарб зина ба зина дар се қабат ҷойгир шудааст. Харобаҳои қасри дуюми афшинҳо дар арки Шаҳристони Қалъаи Қаҳқаҳаи I ёфт шудааст, ки кофтукови он аз соли 1965 оғоз гардидааст. Мувофиқи бозёфтҳои археологи ин қаср хело калону бо шукуҳ будааст. Дар он толори 230 метри мураъббаъ дошта, ҷойгир шудааст, ки тахти шоҳ дар онҷо гузошта шудааст. Инчунин ин бино аз қабулгоҳ, ибодатхона, хобгоҳ, хонаҳои истиқоматии шоҳ ва ошпазхона низ мавҷуд будаанд.

Ёдгориҳои меъмори низ муҳимтарин қисми арзишҳои фарҳанги мебошанд. Тадқиқоти Н.Н.Неъматов ва шогирдони вай нишон дод, ки санъати меъмори Уструшана хеле қадиму бой аст. Бо саъю кушиши Неъматов Н. ва роҳбарии ӯ чунин ёдгориҳои меъмории Уструшана тадқиқ шуда, доир ба онҳо адабиёти кофии илмӣ чоп шудаанд. Бо ҳамин асарҳои илмии устод мо пай мебарем, ки то ба кадом дараҷа ӯ олими дақиқкор ва заҳматкаш будааст.

Руйхати адабиёти истифодашуда:

1.Негматов Н.Н. Уструшана в древности и раннем средневековья Сталинобод, 1957 С 57.
2.О живописи дворца Афшинов Уструшани (Предварит. сообщ.) //Советская археология .-1973-С. 41.
3.О живописи дворца Афшинов Уструшани (Предварит. сообщ.) //Советская археология .-1973-С. 183.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ТЕКСТОВОГО МАТЕРИАЛА ПРИ ОБУЧЕНИИ РУССКОМУ ЯЗЫКУ ДЛЯ РАЗВИТИЯ РЕЧЕВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ-ЭКОНОМИСТОВ

**Нарвузова Г.Т. - к.п.н., доцент кафедры русского языка ТГФЭУ**

В процессе обучения иностранным языкам, в том числе РКИ, трудно переоценить значение учебного текста, так как он является своеобразным организующим звеном, объединяющим различные типы работы по всем языковым аспектам и видам речевой деятельности.

Одним из эффективных средств усвоения нового языкового материала и овладения всеми видами речевой деятельности является учебный текст. На основе текстового материала может осуществляться обучение чтению, говорению, аудированию и письму, а также усвоение нового языкового материала, то есть лексических единиц, фонетических и грамматических явлений.

Вопрос применения учебных текстов в обучении русскому языку как иностранному, а также другим иностранным языкам рассмотрен во многих наших публикациях, а также в научных трудах таких исследователей, как В.Ю. Баймиева, А.А. Лазарева, А.А. Рогалева, Е.В. Бабкина, К.Х. Гадоев, А.В. Брыгина, А.Э. Массалова и др.

На начальном этапе обучения русскому языку как иностранному студентов-экономистов в учебном тексте должны демонстрироваться языковые единицы в их речевом функционировании. В соответствии с принципом коммуникативности, при объяснении определённых языковых единиц и развитии навыков и умений в их употреблении в речи обычно используются реальные и учебные ситуации, которые знакомы иностранным обучающимся или естественные и характерные для деятельности любого человека. Однако иногда круг таких учебных ситуаций внутренне замкнут. В данном случае может быть использован учебный текст, включающий в себя определённые языковые единицы или специально построенный на базе известного лексико-грамматического материала. Он даёт возможность отвлечься от уже знакомых и

многократно повторённых учебных ситуаций. Текст предоставляет какой-либо новый информативный материал, позволяющий провести целый комплекс работ, направляющих внимание иностранных студентов на содержание и способствующих, таким образом, закреплению и автоматизации приобретённых навыков и умений. Отметим, что на начальном этапе обучения РКИ текст, прежде всего, является одним из видов упражнений. При этом важно, чтобы он был информативным и интересным. Основная задача преподавателя русского языка как иностранного максимально использовать материал текста для развития грамматических навыков и речевых умений с целью побуждения студентов иностранцев к высказыванию и их подготовки к естественной иноязычной коммуникации.

Таким образом, при выборе текста в процессе обучения студентов русскому языку преподавателю необходимо проанализировать материал с точки зрения его потенциальных возможностей для выхода в ситуации естественного общения и представленных в нём языковых единиц, необходимых для грамматического оформления речевого материала. Важно отметить, что введение и объяснение всего фонетического и лексико-грамматического материала необходимо проводить до знакомства с текстом, используя систему предтекстовых упражнений. Предтекстовые фонетические задания объединяют фонетическую зарядку; чтение и произношение слов с изучаемым звуком, которые содержатся в текстовом материале; слитное произношение словосочетаний, являющихся синтагмами в тексте; повторение предложений за преподавателем с последующей их записью и полной интонационной разметкой.

Многие методисты отмечают важную роль учебного текста в процессе обучения иностранным языкам, в том числе русскому как иностранному. Он является одновременно средством, как усвоения нового языкового материала, так и овладения всеми видами речевой деятельности. Однако необходимо отметить, что учебный текст должен соответствовать следующим требованиям:
- доступность для чтения;
- профессиональная направленность;
- соответствие языковым и фоновым знаниям студентов;
- информативность и соответствие интересам студентов.

Перед чтением текста необходимо ознакомить студентов с неизученными лексическими единицами, а также с новыми грамматическими и синтаксическими явлениями, которые в нём встречаются. Текст поможет осознать и усвоить весь новый материал. При необходимости предтекстовая работа сопровождается также вступительной беседой, содержащей страноведческий комментарий к тексту. Чтение каждого текста представляет собой определённый этап в обучении чтению как виду речевой деятельности. Цель первого прочтения текста заключается в его понимании студентами. Наиболее эффективным представляется одновременное чтение текста преподавателем (вслух) и студентами (про себя). В этом случае иностранные учащиеся слышат правильное произношение и выразительную интонацию, что способствует, в свою очередь, пониманию содержания. Преподаватель задаёт темп чтения, делает нужные акценты. Во время паузы в конце прочтения каждого абзаца можно проверить темп чтения учащихся и степень понимания содержания текста. Отметим, что после прочтения текста обучение чтению как виду речевой деятельности на данном материале не заканчивается. На следующем занятии студенты, прочитав текст дома, читают его ещё раз. На данном этапе осуществляется осознанное чтение вслух по очереди. Для проверки понимания текста преподаватель даёт следующие задания: «*Найдите в тексте место, где говорится о...*», «*Найдите в тексте следующие слова. и определите, к*

*какой части речи они относятся», «Прочитайте предложение или отрывок, который вам понравился»*. Выполнение заданий такого типа учит иностранных обучающихся ориентироваться в тексте, даёт им возможность осознать содержание прочитанного.

На данном этапе работы над текстом можно предложить студентам упражнение с элементами игры. Например, каждому студенту даётся распечатанный текст, предварительно разрезанный на несколько смысловых частей. Задание заключается в том, чтобы восстановить правильный порядок отрывков. Отметим, что для данного упражнения необходимо выбрать текст с одной ясной сюжетной линией. Задания, направленные на поиск нужной информации, понимание главного смысла абзаца и его связь со следующим способствуют формированию у студентов навыков поискового чтения. В процессе обучения РКИ следует проводить систематическую работу по развитию навыков чтения как самостоятельного вида речевой деятельности. Прочитанный и понятый студентами текст, является средством овладения другими видами речевой деятельности: говорением, аудированием и письмом.

В заключение следует сказать, что в арсенале преподавателя русского языка как иностранного должны быть разнообразные учебные тексты, соответствующие изучаемым темам, а также интересам и способностям студентов. Учебный текст на занятиях по РКИ представляет собой не только средство обучения иностранных студентов чтению на русском языке, но и прекрасную возможность для формирования и развития у них навыков говорения, аудирования и письма.

СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ:

1. Бабанский Ю.К. Оптимизация процесса обучения: Общедидактический аспект. - М.: Педагогика, 1977. - 254 с.

2. Дмитриева Д. Д. Роль и функции преподавателя в процессе обучения русскому языку как иностранному//Методика преподавания иностранных языков: традиции и инновации: Сб. научных трудов по материалам междунар. научно-методич. конференции-вебинара. (г. Курск, 12-15 апреля 2016 г.) - Курск: Изд-во КГМУ, 2016. - С. 158-163.

3. Дорофеев А.Ф. Управление развитием человеческого капиталас позиции теории систем// Вестник Курской государственной сельскохозяйственной академии. - 2018. - №1. - С. 76-80.

4. Журавлёва Л.С., Зиновьева М.Д. О работе с художественными произведениями в процессе обучения языку//Современное состояние и основные проблемы изучения и преподавания русского языка и литературы: Доклады советской делегации на V Конгрессе МАПРЯЛ. - М.: Рус. яз., 1982. - С. 121.

5. Костомаров В.Г., Митрофанова О.Д. Методика преподавания русского языка как иностранного. - М.: Русский язык, 1990. - 268 с.

6. Ларионова А.А. Роль речевой деятельности на уроках русского языка как иностранного//Вестник Казанского технологического университета. - 2011. - №23. - С. 279-282.

## НАҚШИ ҚАСИДА ДАР АШЪОРИ САЛМОНИ СОВАҶӢ

**Раҳмонов М.М. - н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ**
**Мирзоев А. – ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**

Қасида аз жанрҳои асосӣ ва муҳташами шеъри форсӣ-тоҷикӣ буда, дар заминаи шеърҳои тоисломӣ ва қасидаи арабӣ ташаккул ёфтааст. Оғози қасидасароӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ аз нимаи дуюми асри X шурӯъ гардидааст. Нахустин шоирони қасидасаро дар таърихи адабиёти форсу тоҷик Муҳаммад ибни Васифи Сагзӣ, Бассомии Курд ва Муҳаммад ибни Муҳаммад буданд. Дар қасидаҳои шоирони номбурда ба ҷузъ мадҳ мавзӯи дигар дида намешаванд. Асоси қасида аз ҷумла қасидаи ахлоқӣ мисли дигар шаклҳои назми классикии форсу тоҷик аз тарафи устод Рӯдакӣ ва муосирони ӯ гузошта шудааст.

Қасида дар назми тоҷик ба туфайли Рӯдакӣ рӯ ба камол ниҳод аз ин рӯ асосгузори қасидаи мукаммал дар адабиёти тоҷик барҳақ устод Рӯдакист. Порчаҳои боқимондаи қасидаҳои Рӯдакӣ собит менамоянд, ки ӯ бар замми қасидаҳои мадҳия дар ҳамаи навъҳои дигари қасида шеър гуфта, дар зимни ин мавзуҳо ба баёни мазмунҳои ахлоқӣ иҷтимоӣ ва фалсафӣ мепардозад. «Дар осори боқимондаи устод Рӯдакӣ,- менависад А. Афсаҳзод,- қасидаи пурраи ҳолияи «Шикоят аз пирӣ» ва пораҳои қасоиди фалсафию ахлоқӣ нишон медиҳанд, ки дар ин ҷода низ муқаддам ва раҳнамо будааст». [1, с.55.].

Мавзуи панду андарз дар қасидаҳои Салмони Соваҷӣ ҳам мавқеи шоёне дорад. Шоир рафтору кирдори ношоями замонадоронро маҳкум, адлу дод, инсондӯстӣ, навърасондагони замон ва монанди инҳоро орзу карда, дигаронро низ ба он даъват менамояд. Дар қасидаҳои унвоншудаи шоир овозӣ ӯ баландтар садо дода, аҳволи ниҳоят душвори вай равшан инъикос мегардад. На танҳо Салмони шоир, балки ҳазорон мардумони дигаре буданд, ки ба машаққат рӯз гузаронида, то поёни умр бо шикояту нола ва гиряю зорӣ ҳамтақдир буданд. Шоир ба ғайр аз қалам дигар ёру мададгоре надошт, ӯ маҷбур мешавад, ки шахсони беарзиш, мағруру беилму фарҳангро ситоиш намояд, то ин ки зиндагии фақиронаи худро пеш барад. Ҳангоми таҳлили ин ё он қасидаи шоир ҳис кардан мумкин аст, ки дар ҳар як байти он ҳазорон доду фарёди рамзӣ ҷой дорад. Ҷаҳонеро, ки шоир тасвир мекунад на ҳама замонадорон ба ӯ сарфаҳм мераванд. Ӯ дар қасидаҳояш манзараҳои дилкаш, садои булбулон, гулу садбаргаҳои лаби ҷӯй ва дигар предметҳоро тасвир карда, кӯшиш мекунад, ки ба ҳар роҳ, дили сулолаи Ҷалоириёнро нарм созад. Назари онҳоро ба зиндагӣ ҳаёт ва нобаробариҳою зиддиятҳо, беқадрии илму маданият ва намояндагони онҳо бедор сохтанист.

Салмон пеш аз ҳама ҳамчун равоншинос ба фикру ақида ва мафкураву ҷаҳонбинии хонадони Ҷалоириён дуруст сарфаҳм рафтааст. Он анъанае, ки дар байни шаҳзодагони пешину замони шоир буд, яъне беэътиборӣ, мағрурию announcing нописандӣ, ҷоҳталабию айшу ишрат ба шоир пурра маълум буд. Ӯ ин хислату кирдори онҳоро ба мадди назар гирифта, он тасвирҳоеро баён месозад, ки ба ин хонадон гарчи мувофиқ бошад ҳам, аммо ин на ҳиссиёти ботинию реалии шоир буд.

Салмон на ситоиши буҷону бемавридро мақсади худ қарор дода аст, балки нияти панд додан, қадршиносию адлу дод хушгузаронии умр осоиши мазлумон, ёрмандӣ ба дармондагону бечорагон, мунису ҳамдами мардум буданро дар назар доштааст. Барои тасдиқи гуфтаҳои боло ба як қсидаи Салмон, ки дар ситоиши Шайх Ҳасани Бузург аст, таваҷҷуҳе мекунем.

Оғози ҳаёт аст дигарбора ҷаҳонро,
Сарсабзии айш аст заминрову замонро.
Таъсири ҳаво дар бадани хок қарин аст,
К-аз айни латофат бибарад оби равонро.
Аз хор барафрӯхт ҳаво оташи гулро,
Бо хок баромехт сабо ҷавҳари ҷонро. [2, с.3.].

Мебинем, ки мақсади шоири аз мадҳи хушку холӣ, суханбозии пурдабдаба иборат набуда, балки бедор шудани инсонро аз хоби гарон чашмдор шуда, ӯро ба таври рамзӣ огаҳонидааст, ки худшинос шавад, барои ҳамин ӯ мавзуи дигарро низ дар қасида инъикос намудааст. Шоир тамоми табиати зиндаро ба ҳама гуна зебоиаш як-як тасвир намуда, мадҳшавандаро ба дӯст доштани чунин ҳаёти пурҷӯшу хурӯш ва осоиштаву ором ва бо маърифат даъват месозад. Ӯ мартабаву мақоми подшоҳонро аз ҳама боло гузоша, Шайх Ҳасани Бузургро такрорнашаванда ва бемислу монанд нишон медиҳад.

Ин зарб наёмӯхта бошад ба ҳақиқат,
Ҷуз абри кафи шоҳи ҷаҳон барқи ҷаҳонро.
Ҷамшеди замон Шайх Ҳасан, он ки тафохур,
Бошад ба ғуломии дараш қайсару хонро…[3, с.4-5.].

Чунин тасвири шоир дар қасида шоҳро на ба қатлу ғорат, зулму шиканҷа, беадолатию нописандӣ даъват намудан аст, балки як роҳи тан додан аст, зеро Шайх Ҳасани Бузургро аз ҳама боло ҳисоб менамояд ва осоиштагию ороми, ростию инсоф, адлу додро маҳз дар ҳамин давра дидан мехоҳад.

Шоир беҳтарин хислатҳои инсониро дар симои Шайх Ҳасани Бузург ба риштаи назм кашидааст. Салмон мамдуҳи худро дар он поя, мартабае, ки ҳаёт ба риштаи назм кашида, танҳо барои расидан ба мақсади худ, аз тасвири ёр,табиат, кӯҳу даман, саргузашти бузургон, амали неку бад, боду ҳаво сар карда, баъд матлаби худро ба миён мегузорад:

Васфи моҳи ман чу шеъреро мунаввар мекунад,
Офтоб аз матлаи он шеър сар бар мекунад..
Фасле аз дебочаи ҳусни ту мехонад баҳор,
Лоҷарам рухсори гул аз ҳаё тар мекунад. [4, с.99.].

Шоир мамдуҳи худро ситоиш карда, таъкид мекунад, ки дар чунин даргоҳ хизмат кардан барои инсон хушбахтист, зеро Султон Убайд барин бузургон, метавонанд низоъҳо ва ноадолатиро бартараф кунад.

Ба гуфтаи шоир Султон Увайс на танҳо одамон, балки ҳайвонҳои ваҳшӣ дӯстона ва якҷо зиндагӣ ба сар мебаранд. Меш ва гург, ки барои якдигар дилреш буданд, имрӯз дар зери салтанати вай якҷо шудаанд:

Меш агар аз гург пеши адли ӯ дилреш буд,
Ваҳ чӣ бар бозе, ки акнун бо ғазанфар мекунад.

Шоир хушбахтии айёмро аз файзи Султон, дар ахлоқи ҳамидаи ӯ медид:

Бӯи ахлоқат сабо ақсо ба ақсо мебарад,
Сайди эҳсонат хабар кишвар ба кишвар мекунад. [5, с.99.].

Шоир гарчи солҳои зиёд хизмати дарбор карда бошад ҳам устуворию иродаи мустаҳками худро аз даст надодааст. Ӯ чун шоир ва инсони замони худ соҳиби фаҳмишу ақидаи муайяне буд. Ҳамчун мусулмон ва парастандаи Қуръон ҳамаи масъалаҳои марбут ба рафтору кирдори одамиро аз рӯи меъёр ва вазифаҳое, ки офаридагор ба ӯ ато кардааст, муайян мекунад. Шоир инсонро ба он водор кардани мешавад, ки умр гузаранда мебошад, аммо амал ва кирдор солҳо байни одамон мемонад.

Ҳар як инсонро фақат дар зиндагӣ ба ахлоқ ва зиёну нафъи ӯ мешиносанд. Аз ин рӯ Салмон ҳар як фардро ба он вазифадор карданӣ мешавад, ки худро дар назди иродаи нафс санҷад:

Эй дил, охир як қадам берун хиром аз хештан,
Ошно шав бо равон, бегона шав аз хештан.

Шоир мӯътақид аст, ки инсони комил ҳеҷ гоҳ фирефтаи ин чархи дун намегардад, зеро аз он вафо тамаъ кардан камоли ҷавонмардӣ нахоҳад буд. Шоир мегӯяд, ки ин ҷаҳон ҷои ҷилва, кибру ғурур ва лофзанӣ нест, зеро қудрату тавоноии инсон дар назди ӯ оҷиз аст:

Чун зани пир аст дунё, кӯҳна чархе дар канор,
Гар ҷавонмардӣ чӣ гарди гирди чархи пиразан. [6, с.204-205.].

Шоир ҳамчун шахси диндор ин дунёро ҷои айшу ишрат ва шодию тараби марди ҳақиқӣ ҳисоб намекунад. Ӯ боварӣ ва эътиқоди самими ба Қуръон ва дини ислом дошт. Шоир инсонро мехоҳад, ки ба ҳама нозукиҳояш дар зиндагӣ нишон диҳад ва дар роҳи ба мақсад расидан ёр расонад:

То ба кай бар бод хоҳи дод ин умри азиз,
Бар ҳавои рангу бӯ чун арғувону ёсуман. [7, с. 247.]

***Адабиёт:***


1. *Афсаҳзод А. Дар садои бузургон.- Душанбе, 1987.*
2. *Раҳмонов М. Қасида ва нақши он дар тарбияи наврасону ҷавонон.-Душанбе, 2002.*
3. *Салмони Соваҷӣ. Куллиёт бо муқаддима ва тасҳеҳи Авесто. Теҳрон, бидуни соли нашр.*

# ТАШКИЛИ СИСТЕМАИ ДАРСҲО, МАВҚЕЪ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ ДОНИШҲОИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН

**Носиров С. Ш. – н.и.п., дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**

Масъалаи муайян намудани мавқеъ ва системаи дарсҳои ҳар як фанни омӯзишӣ дар раванди таълим бисёр муҳим ва зарурӣ мебошад, зеро ташкили дарсҳои системавӣ дар ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, дар рафти таҳқиқот моро зарур омад, ки тартиб (система)-и дарсҳои махсусан фанҳои ҷамъиятиро муайян ва нақши онро дар ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон ошкор созем. Барои ин сараввал таҳия ва тавзеҳоти барномаи таълимӣ, пайдарпайии мавзуъҳо, миқдори соатҳои академӣ, таълифи китоби дарсӣ ва мувофиқати мавзуъҳо бо барнома, фарогирии мавзуъҳо дар боб, фасл ва мавзуъҳои калон, ҳаҷм, мураттабӣ, мазмуну аҳамиятнокии мавзуъ, матн, машқҳо, саволу супоришҳо, маводи иловагии ба мавзуъ рабтдошта ва дигар хусусиятҳои хоси фанро аз назар гузаронидем, ки ин ҳама ба муайян сохтани системаи дарсҳо созгор аст.

Ба андешаи Х. Буйдоқов, системаи дарсҳо ва дар он ташкил ва баргузории ин ё он намуди дарсҳо бисёр муҳим аст: «Дар системаи дарсҳо дарсҳои муқаддимавӣ ва такрорӣ аҳамияти муҳим доранд. Омӯзгор дар дарсҳои муқаддимавӣ хонандагонро ба самтгирии проблемаҳои муҳим роҳнамун мекунад, ки онҳо бояд фанни омӯхташавандаро аз нав дида бароянд ва байни маводи наву пешина омӯхтаашон иртибот барқарор кунанд. Гузаронидани дарсҳои такрорию ҷамъбастӣ, ки дар фароварди бобҳо ва ё ҷамъбасти фан анҷом меёбанд, аз шароити босамараи омодагӣ ба дарсҳои навбатианд» [1, с.84]. Мо низ ба ин ақида мувофиқем ва ташкили дигар намуду шаклҳои таълимро дар системаи дарсҳо низ тавсия медиҳем, ки барои оқилонаю ҳадафрас баргузор намудани онҳо омодагии ҳамаҷонибаи омӯзгор талаб карда мешавад.

Азбаски барои ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон бештар дарсҳои махсус ҷудо мегарданд, бояд ба таври озмоишӣ санҷида шавад, ки мавқеъ, миқдор ва пайдарпайии онҳо дар омӯзиши фанни таълимӣ чӣ тавр муайян карда мешавад.

Ба сифати мисол аз фанни таърихи халқи тоҷик дар синфи 10 мавзуи «Ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» интихоб карда шуд. Мавзуи мазкурро интихоб кардани мо барои санҷиши озмоишии системаи дарсҳо тасодуфӣ набуд. Зеро он дар нимсолаи якуми соли хониш омӯзонида мешавад ва мавзуъҳои тазодҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, вазъи иқтисодӣ ва тамаддуни халқи тоҷик ва умуман, хусусиятҳои хоси давраи таърихии солҳои 1918 то 1945-ро фаро мегирад. Мақсад аз ин, тавре дар сарсухани китоб ишора шудааст, хонандаро ба раванди таъсиси давлати миллии тоҷикон – Тоҷикистон ва ҳаёти иқтисодию сиёсӣ ва мадании давлати тозабунёд дар ҳайати шуроҳо ошно сохтан аст.

Ин аз мавзуи III то мавзуи охирон XIII идома ёфта, аз маводи таълимии равандҳои тақсимоти миллӣ-маъмурии Осиёи Марказӣ, сабабҳои дар Осиёи Марказӣ гузаронидани тақсимоти ҳудудию миллӣ, раванди таъсис ва ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, таъсиси органҳои идораи шуравӣ, азнавсозии хоҷагии халқ, саноат ва ҳунармандӣ дар ҶМШС Тоҷикистон, муборизаи синфӣ дар давраи мухторият, ҳаёти маданӣ, ташкили Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, гузаштан аз мухторият ба соҳибихтиёрӣ то сабабҳои асосии сар задани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҶШС Тоҷикистон дар давраи ҶБВ-ро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, мавзуъҳо системаноку пайдарпай омада, то охири соли таҳсил барои омӯзиш пешбинӣ шудаанд.

Чунон ки ишора кардем, омӯзиши зарурат ва сабабҳои гузаронидани тақсимоти ҳудудию миллии солҳои 1917-1924, ташаббускори тақсимот, ҷоиз донистани кадом воҳидҳои мухторӣ (вилоят, ҷумҳурӣ) ба Тоҷикистон, Эъломияи ташкили Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, авзои сиёсии ҶМШС Тоҷикистон ва дигар ҳодисаю рӯйдодҳоро, ки фарогирандаи давраҳои таърихии вобаста ба Тоҷикистони ҳамонвақта мебошанд, талаб менамояд.

Маводи таълимии давраҳои таърихии марбут ба Тоҷикистон барои ҷамъбасти арқому далелҳои мушаххаси таърихӣ ва ҳодисаҳо имкониятҳои васеъ медиҳад. Амиқ аз худ

намудани ин фан бидуни системаи дарси ҷамъбастии хуб андешидашуда имконият надорад. Зеро паҳлуҳои асосии фанни таърихи халқи тоҷик бо омӯзиши назарияи форматсияҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешаванд. Он барои фаҳмидани тамоми умқи ихтилофҳо, мушкилию проблемаҳо то охирин марҳалаи гузариш, алалхусус то расидан ба Истиқлоли давлатию эълон гардидани давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, ягона ва афзудани мақом ва саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳони имрӯза, ки омӯзиши ин мавзуъҳо дар синфи 11 пешбинӣ шудаанд, роҳ кушода, хонандагонро бо донишҳои қонунҳои инкишофи ҷамъиятӣ мусаллаҳ месозад.

Вале, мутаассифона, аз ҷониби омӯзгорон ба талаботи барномаи фанни таълимӣ мувофиқ ва дастурҳои методии нашршуда системанокии мавзую дарсҳо сурат намегирад.

Ҳамин тариқ, ҷойгоҳ ва системаи дарсҳо бо мазмун ва сохти фанни таълимӣ, мақсадҳо, вазифаҳои таълим ва тарбия, ки дар фанни мазкур гузошта шудаанд, ҳамзамон дар тавзеҳоти барномаи фан ва сарсухани китоби дарсӣ тавсия шудааст, муайян карда мешавад.

Месазад қайд кард, ки системаи дарсҳо бештар аз хусусияти фан, алалхусус мазмуни он вобаста мебошад. Чунин системаи дарсҳоро, пеш аз ҳама, худи мазмуни маводи барномавӣ муайян мекунад.

Барои мисол, барномаи фанни таърихи умумии синфи 11 аз панҷ боб иборат аст. Мо ба боби IV «Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» таваҷҷуҳ намудем, ки се мавзуъро дар бар мегирад.

Тавре ки зикр кардем, боби мазкур аз се мавзуъ: «Сиёсати бозсозӣ дар ИҶШС ва оқибатҳои он», «Барҳам хӯрдани ИҶШС ва ташкил ёфтани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», «Федератсияи Россия: талош баҳри мавқеи сазовор дар ҷаҳон» таркиб ёфтааст. Омӯзиши мавзуи якумро бояд бо дарси ҷамъбастӣ анҷом дод. Зеро хонандагон бояд маводи таълимиро мустаҳкам ва донишҳои зерин: мафҳумҳои иттиҳод, бозсозӣ, буҳрони иқтисодӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, иқтисоди бозорӣ, хусусигардонии моликият, сиёсати тоталитарӣ, усули бисёрҳизбӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки сиёсати бозсозӣ дар ИҶШС ва оқибатҳои онро муайян мекунанд ва ҳамчунин, маҳорати тартиб додани равандҳои омӯхташавандаро ба низом доранд.

Мавзуъҳои дуюму сеюм «Барҳам хӯрдани ИҶШС ва ташкил ёфтани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» ва «Федератсияи Россия: талош баҳри мавқеи сазовор дар ҷаҳон» мавзуи ҷамъбастӣ ва хотимавии тамоми боб мебошанд. Аз ин рӯ, дар ин ҷо, дар анҷоми чоряк ё нимсолаи соли хониш доир намудани дарси ҷамъбастӣ мувофиқ меояд. Мақсади ин дарс нишон додани истифодаи мафҳумҳо ва қонунҳои умумии дар боби мазкур омӯхташуда барои шарҳу эзоҳи бозсозӣ дар ИҶШС ва натиҷаҳои он мебошад.

Боби умумии «Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» мафҳуми сиёсати бозсозӣ дар ИҶШС мебошад, ки бо ёрии он таҳлили таърихии ҳамаи ҳодисаҳою равандҳо дода мешавад. Аз ин рӯ, мавзуи дарси ҷамъбастӣ низ аз рӯйи ҳамин боб «Истифодаи мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ барои шарҳу тафсири бозсозӣ дар ИҶШС ва натиҷаҳои он» мебошад.

Барои дарси ҷамъбастӣ аз рӯйи тамоми боб бояд махсус «дарс-семинар» ё «дарсҳои ҷамъбаст ва ба низом даровардани дониш» оид ба маҳорати истифодаи амалии мафҳумҳои умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмии сиёсати бозсозӣ бо мақсади ҳалли вазифаҳо пешбинӣ ва ташкил карда шавад.

Зарурати ташкил ва баргузории ин дарсҳо барои он аст, ки маҳорати ҳалли вазифаҳои омехта, истифодаи якчанд мафҳумҳою қонунҳо ва донистани як қатор принсипу қоидаҳо ва равандҳоро талаб мекунад.

Барои ҳалли ин вазифаҳо хонанда бояд қонунҳои ҷамъиятӣ, равандҳои таърихӣ, дигаргуниҳои сохти ҷамъиятиро донад ва маҳорати муқаррар намудани алоқаҳоро байни бобҳои гуногуни фанни таърих, маҳорати интихоби қонуниятҳо ва қоидаҳои зарурiро дошта бошад ва онҳоро тасаввур намуда, ҳалли дурустро ёфта тавонад.

Дар анҷоми соли хониш, ҳамаи маводи омӯхташударо ҷамъбаст намуда, бояд аз рӯйи проблемаи меҳварӣ «Хусусиятҳои хоси марҳилаҳои асосии бозсозӣ» дарс гузаронида шавад. Мақсади ин дарс аз он иборат аст, ки хонандагон донишҳои ҳосилкардаашонро истифода

бурда, ба саволи «Самтҳои асосии ба амал баровардани сиёсати бозсозӣ аз чӣ иборат буд ва чаро бозсозӣ нокомӣ ба бор овард?» ҷавоб дода тавонанд.

Ба ин васила гирифтани маълумоти мукаммал дар бораи мазмуни асосии сиёсати бозсозӣ дар ИҶШС ва оқибатҳои он, азбайнравии ИҶШС ва ташкили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ҳамчунин, кӯшиши Федератсияи Россия барои дар ҷаҳон мақому мавқеи сазоворро соҳиб шудан (Россия дар ИҶШС калонтарин ҷумҳурӣ ва аз ҳама пуриқтидор маҳсуб меёфт, 21 апрели соли 1992 ҳамчун ҷумҳурии соҳибистиқлол номи нави он расман Федератсияи Россия эълон карда шуд) на танҳо донишҳоро аз фанни таърих васеъ мегардонад, балки имконият фароҳам меорад, ки бобҳои минбаъдаи фанни таърихи умумӣ боз ҳам амиқтар ва муфассалтар омӯхта шаванд ва ҳамзамон, асосҳои зеҳнии хонандагон ташаккул ёбанд.

Ташкил ва доир намудани чунин дарсҳо тавассути методҳои интерактивии таълим, аз ҷумла кейс-метод, ки ҷиҳатҳои мусбат ва манфии мазмуни маводи таълимӣ, алалхусус ҳар як рӯйдоду воқеаҳо ва дигаргуниҳои таърихӣ ошкор карда мешаванд, мувофиқи мақсад аст. Дар ҷамъбасти мавзуъҳои фарогири боби мазкур метавон хонандагонро ба ду ё се гурӯҳ (ташкили гурӯҳи сеюм барои ҷамъбаст ва холисона баҳо додан ба ҷавобҳо лозим меояд) ҷудо намуда, бо истифодаи кейс-метод тарафҳои мусбату манфии сиёсати бозсозӣ дар ИҶШС, пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гаштани 15 ҷумҳурии иттифоқӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкил ёфтани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ғайраро мавриди баҳс ва таҳлил қарор дод.

Омодагии муаллим ба дарс бобати муайян намудани пешомади умумии фан ва вазифаҳои маърифатӣ-таълимии он аҳамияти муҳим дорад. Ӯро зарур аст, ки системаи дарсҳоро вобаста ба мавзуъ, боб, қисм ё параграф, аз рӯйи ҳалли вазифаҳо ва аз ҳама муҳим, аз рӯйи проблемаи меҳварӣ дар онҳо муайян ва ташкил намуда, пешакӣ дарсҳои мазкурро ба нақша гирад ва талаботи принсипҳои дидактикиро риоя карда, бо истифода аз методҳои фаъоли нави таълим дарсро пурмазмуну хушсифат ва моҳирона гузаронад.

Вобаста ба мақсаду вазифаҳои дарс, омӯзгор, пеш аз ҳама, масъалаҳои асосӣ ва марказии мавзуъ ё бобро ҷудо намуда, пешбинӣ мекунад, ки муносибати нав ба масъалаҳо аз чӣ бояд иборат бошад, ҳамчунин шогирдонро барои ҷустани роҳҳои нави таҳлили мавод ва баровардани хулосаҳои амалии зеҳнӣ омода месозад. Ҳамин тариқ:

1. Мазмуни дарс мувофиқи стандарти фаннӣ ва барномаҳои таълимӣ ба нақша гирифта мешавад. Мақсад ва вазифаҳои дарс бо назардошти мазмуни маводи таълимӣ, ки ба ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорат ва малакаҳо аз рӯйи ҳар як фанни таълимӣ дар алоҳидагӣ мусоидат мекунад, муайян карда мешаванд.

2. Мақсадҳои асосии дидактикии дарсҳоро пайдарпайии системаи дарсҳо аз рӯйи мавзуъҳои алоҳида, бобҳо, проблемаҳои меҳварии фан муайян мекунад ва кори омӯзгорро бобати бо донишҳои зеҳнӣ, маҳорат ва малакаҳо мусаллаҳ намудани хонандагон ба роҳ мемонад.

3. Дуруст гузоштани мақсадҳои дидактикии дарсҳо барои коркард ва такмили мазмуни онҳо аҳамияти муҳимтар дорад. Мақсади дарс аз омӯзгор тақозо менамояд, ки дарс бояд аз кадом нуқтаи назар ҷиҳати ташаккул додани донишҳои зеҳнӣ, маҳорату малакаҳо ва қобилиятҳои эҷодӣ ташкил карда шавад.

4. Мавқеи баъзе намудҳои дарсҳо дар системаи умумии онҳо бо худи мазмун ва вазифаҳои ин дарсҳо муайян карда мешавад. Барои мисол, дарсҳои навъи муқаддимавӣ ва ислоҳкунанда метавонанд танҳо системаи дарсҳои баёни донишҳоро пешакӣ маълум кунанд. Дарсҳои хусусияти ҷамъбастидошта қобилияти хонандагонро инкишоф медиҳанд. Дар баробари ин, дарсҳои хусусияти ҷамъбастидошта, чун қоида, дарсҳои пешазсанҷишӣ ё дарсҳои санҷишу арзёбии дониш, маҳорат ва малакаҳо мебошанд, ки баъди онҳо корҳои хаттии санҷишӣ гузаронида мешаванд.

5. Байни дарсҳо, дигар дарсҳо низ (дарсҳои шиносоии аввал бо мавод, азхудкунии донишҳои нав, истифодаи донишҳои бадастоварда дар амал, мустаҳкамкунии донишҳо,

ҷамъбаст ва ба низомдарории донишҳои хонандагон аз рӯйи мавзуъҳои алоҳидаи барнома ва ғайра) ҷойгир карда мешаванд.

6. Сарфи назар аз он ки мавод ва хонандагон чӣ гунаанд, дониши онҳо дар кадом сатҳ қарор дорад ва ба дарс омодаанд ё не, мазмуни системаи дарсҳо бояд ба азхудкунии мафҳумҳои илмӣ нигаронида шавад, ки баъдан бар асоси онҳо донишҳои зеҳнии ҳақиқӣ ташаккул ёбанд. Ҳамчунин қоидаҳо, назарияҳо, ғояҳо ва ҷамъбастҳои амалӣ ҳам метавонанд чун донишҳои бадастомада дар амал хидмат кунанд.

Шакли асосии ташкили таълим дарс аст. Вобаста ба мақсади мавзуъ дарс ташкил ва ба роҳ монда шуда, ҳар як унсури дарс ва амалҳое, ки дар рафти он мақсаднок иҷро карда мешаванд, хусусиятҳои хоси худро доранд. Умуман, мақсади ниҳоии таълим асосан азхудкунии донишу малака, маҳорат ва ташаккули шахсият мебошад. Вале, мутаассифона, дар аксари дарсҳо ташкили нодурусти фаъолияти маърифатӣ мушоҳида карда мешавад.

Ба андешаи мо, сабаби нуқсонҳои дар дарсҳо рухдода зеринҳоянд. Якум, дониши сусти омӯзгор оид ба хусусиятҳои равандҳои психологӣ ва роҳҳои инкишофи онҳо. Дуюм, дар мадди назар қарор надодани рушди хусусиятҳои психологии хонандагон. Сеюм, имкониятҳои воқеии таълимии шогирдон ва минтақаи инкишофи наздиктаринро муайян карда натавонистани омӯзгор. Ва, ниҳоят, шарҳи имкониятҳои инкишофдиҳандаи дарс, мазмуни он, методҳои таълим ва истифода бурда натавонистани онҳо. Дар натиҷа дар дарсҳо омӯзгорон методҳои якрангаи таълимро истифода мекунанд.

Дарвоқеъ, фаъолии маърифатҷӯӣ ҳамчун қисми таркибии фаъолияти таълимӣ кору саҳлу осон набуда, амали якҷояи муаллиму толибилмон, заҳмат ва маҳорати баланди онҳоро талаб мекунад. Барҳақ ҳушдор медиҳанд, ки «Бе саъю кӯшиш ва ҷидду ҷаҳди эмотсионалӣ, зеҳнӣ ва иродавӣ на фаъолсозии фаъолияти маърифатҷӯӣ, на иштироки бошуурона дар раванди таълим ва на амали мутақобилаи субъект-субъектии омӯзгору хонанда имконият дорад» [2, с.160]. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар баробари пешравиҳои соҳаи маориф ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамаи иштирокчиёни амалҳои мутақобилаи педагогӣ – на танҳо хонанда, ҳамчунин фаъолияти педагог низ таҷдиди назар карда шавад. Зеро муносибатҳои нав донишҳои психологии асосҳои муомила ва таълим, маҳоратҳои дидактикӣ ва методии мувофиқро ба усулҳои ташкили раванди таълим талаб менамояд.

Омӯзгорро зарур аст, ки методҳои гуногуни таълимро вобаста ба хусусиятҳои ҳар як синф истифода барад. Чунончи, дар як синф ба методҳои ҳавасмандкунии омӯзиш, дар дигар синф ба методҳои ташкили корҳои мустақилона ва ғайра эътибор дода, маводи таълимро баррасӣ ва онро бо шогирдон аҳлона таҳлил ва ҷамъбасту хулосабарорӣ намоянд.

Имрӯз дар назди омӯзгорон вазифаҳои нав ба миён омаданд, аз ҷумла дар хонандагон инкишоф додани мустақилият, ташаббускорӣ ва фаъолнокии маърифатӣ ва ин, табиист, ки омӯзгоронро барои ҷустани шаклҳо ва методҳои тозаи таълим водор менамояд.

Шаклҳо ва методҳои нави таълим, ки истифодаи онҳо дар машғулиятҳои синфҳои болоӣ қобили қабул ва дуруст меояд, мувофиқи мақсад аст. Барои ин омӯзгорро зарур аст, ки пайваста усулҳои гуногуну самарабахши таълимро ҷустуҷӯ намояд, савияи дониш ва ҷаҳонбиниашро васеътар ва адабиёти педагогию психологӣ, дидактикӣ ва дастурҳои методиро бештар мутолиа кунад, аз техника ва технологияҳои навини замони нав бархӯрдор бошад, бо дастрасӣ ба интернет аз он маводи заруриро гирад, бо шаклҳои инноватсионӣ ва методҳои интерактивии таълим, ки талаботи дарси муосир аст, ошно гардад.

Ҳамин тавр, ҳатто ба мақсади ҷамъбаст намудани маводи таълимии ҳаҷман калон метавон дар ҳамкорӣ бо омӯзгорони фанҳои таълимии ба ҳам наздик семинару конференсияҳои таълимиро дар доираи як боб ё мавзуи доманадор ташкил ва баргузор намуд.

Мазмун, шакл ва методҳои таълим аз мақсади дарс ва ҳолати донишҳои толибилмон вобаста аст. Дарсҳое, ки барои инкишофи зеҳн пешбинӣ мешаванд, метавонанд дар шакли лексияи хулосавӣ, семинар, ҳалли вазифаҳои махсус ва эҷодӣ, дарсҳои проблемавӣ ва ғайра ташкил ва баргузор карда шаванд.

Ташкили дарсҳои махсус барои ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон муҳим буда, дар он маводи гузашта такрор, донишҳо амиқ, ҷамъбасту мураттаб

мегарданд, робитаҳои дохили мавзуъ ва дохили фан муқаррар карда мешавад, ки ин ба ҳамгироии донишҳо мусоидат мекунад.

Ташкили дарсҳои махсус аз рӯйи мавзуъ ва боб барои дар хотири хонанадагон нигоҳ доштани маводи калон дар шакли ҷамъбастӣ ёрӣ медиҳад, барои дарсҳои ҷамъбастӣ ва хотимавӣ таҳкурсӣ мегузорад, ки ҳангоми ҷамъбасти пешакии донишҳо аз рӯйи мавзуъҳои калони баитмомрасида натиҷабахш ва самараовар мегардад.

Ҳамин тариқ, аҳамияти системаи дарсҳои ҷамъбастӣ аз он иборат аст, ки он на танҳо барои маводи калонро мустаҳкам, ҷамъбаст ва мураттаб сохтан ёрӣ мерасонад, балки доираи пурраи робитаҳои дохилифаннӣ ва байнифанниро таъмин менамояд, ки ба тафайли он мазмун ва масъалаҳои асосии барнома дар шуури хонандагон муддати тӯлонӣ мустаҳкам боқӣ мемонанд.

Хуллас, дар сурати риояи чунин тавсияҳои педагогию психологӣ ва ҳам дидактикию методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигар зинаҳои таҳсилот низ сатҳу сифати дониш боло рафта, фаъолияти педагогӣ ва таълимии субъектони асосии раванди таълиму тарбия – омӯзгор ва хонандагон муваффақият ва пурсамар хоҳад гашт.

**Адабиёт:**


1. Буйдоқов Х. Дидактика. – Душанбе: «Ирфон», 2010. -132с.
2. Коротаева Е.В. Педагогические взаимодействия и технологии /Мин-во образования и науки. Уральский гос. пед. ун-т. – М.: Academia, 2007. – 256с.
3. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик (осори педагогӣ, ҷилди 6). – Душанбе, 2015. – 704 с.
4. Муносибати босалоҳият ба таълим (дастури методӣ). Мураттибон: Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев. – Душанбе, «Ирфон», 2018. – 72с.


## САНОАТИКУНОНӢ ҲАДАФИ ЧОРУМИ СТРАТЕГӢ (ТИБҚИ ПАЁМИ ПРЕЗЕДЕНТИ ҶТ БА МАҶЛИСИ ОЛӢ)

**Муллоҷонов А.-н.и.т., дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**

Истиқлолият дар таърихи давлатдории тоҷикон ва сарнавишти миллати тоҷикон оғози марҳилаи сифатан нав гардида, барои шинохт ва дарёфти роҳу равиш ва самтҳои афзалиятноки пешрафти соҳаҳои гуногуни кишвар, заминаи устувору пойдор фароҳам овард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул намуд, ки он барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он заминаи амиқ гузорад.

Дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ масъалаи - саноатикунонии босуръати кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар паёми худ бо пешниҳод ва ироаи андешаҳои мушаххас баромад намуда, нишондиҳандаҳои мавҷуда ва дурнамои соҳаи саноатро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳанд ва зарурати рушди саноатро бароиояндаи кишвар шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Доир ба масъалаи мазкур дар Паёми қаблӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар солҳои 2022–2026-ро Солҳои рушди саноат эълон намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олӣ 23 декабри соли равон иброз намуданд, ки тадбирҳои дар самти рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа андешидашуда имкон фароҳам овардаанд, ки дар панҷ соли охир афзоиши номгӯйи маҳсулоти саноатии истеҳсоли ватанӣ ба зиёда аз 40 фоиз расонида шавад.

Саноати Тоҷикистон имрӯз дар марҳилаи эҳё ва рушд қарор дошта, бунёди

корхонаҳои саноатӣ дар тӯли солҳо афзоиш ёфта истодааст. Тавре Пешвои миллат дар Паём таъкид доштанд, «дар ин давра 1382 коргоҳу корхонаи саноатӣ бо таъсиси 15 ҳазор ҷойи кори нав сохта, мавриди истифода қарор дода шуд. Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ тавонист заминаҳои зарурии саноатикунонии босуръати кишварро муҳайё созад». Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём зикр намуданд, ки агар соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи кор фаъолият дошт, пас дар замони соҳибистиқлолӣ 2500 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардида, соли 2022-юм 2800 корхонаи саноатӣ бо 85 ҳазор ҷойи кор фаъолият карда истодаанд.

Дар ин замина, ҷиҳати рушди саноат маҳз ҳадафҳои гузошташуда шароит фароҳам оварданд, то коргоҳу корхонаҳои нави саноатӣ ва ҷойҳои кории нав бунёд гарданд. «Дарояндаи наздик рушди саноат имкон фароҳам меорад, ки иқтисодиёти мамлакат рушд намуда, сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар гардад ва ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ асос гузорад. Мавриди зикр аст, ки рушди иқтисоди миллӣ дар солҳои 2000–2022 асосан аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ қариб 7 маротиба зиёд гардидааст. Бо мақсади рушди минбаъдаи саноат ҳамасола даҳҳо коргоҳу корхонаҳои нав мавриди истифода қарор дода мешаванд». Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём зикр намуданд, «танҳо соли 2022 беш аз 500 коргоҳу корхонаи истеҳсолӣ бо 6 ҳазор ҷойи нави кор ба фаъолият оғоз карданд ва барои то 43 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 мусоидат намуданд».

Пешниҳоди Президенти кишвар дар бобати дар шаҳри Душанбе аз оғози соли 2023 марҳала ба марҳала сохта, ба истифода додани 4 корхонаи то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ коркард кардани филизоти гаронбаҳо зарурӣ ва саривақтӣ мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуданд, ки ин нишондиҳандаҳо, бо дарназардошти захираву имконияти кишвар, аз ҷумла ашёи хоми ватанӣ, зарфияти истеҳсолӣ, захираҳои корӣ, «неруи сабз» ва талаботи афзоянда ба маҳсулоти саноатӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, ҷиҳати ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегии мо – саноатикунонии босуръат ҳанӯз нокифоя мебошанд. Бинобар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои марбута, роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва соҳибкорону сармоягузорон супориш доданд, ки ба кори таъсиси корхонаҳои саноатӣ бо технологияҳои муосир, муҳайё намудани ҷойҳои кории нав ва афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда вусъат бахшанд.

Муҳлати 30 соли истиқлолияти мамлакат бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ садҳо корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ эҳё гардида, ҷойҳои корӣ барқарор шуданд. Танҳо соли 2022-юм беш аз 500 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бо 6 ҳазор ҷойи нави корӣ ба фаъолият оғоз карданд ва барои то 43 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 мусоидат намуданд.

Дарояндаи наздик ҳамаи он нақшаву ҳадафҳои муҳимми стратегии кишвари азизамон, ба хусус ҳадафи саноатикунонии босуръат амалӣ гардида, Тоҷикистони азиз ба яке аз давлатҳои пешрафта табдил хоҳад ёфт.

**Адабиёт**

1. Ҳотамов Н.Б. Таърихи халқи тоҷик/ Н.Б. Ҳотамов, Д.Довудӣ, М.Исоматов С. Муллоҷонов. Душанбе, 2019.
2. Раҳмон Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ/ Иборат аз 3 ҷилд. Душанбе: Ирфон, 2001.
3. Сайидзода З., Давлатзода Парвиз, Даминова А. Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон/ З. Сайидзода, П.Давлатзода., А. Даминова– Душанбе: Контраст, 2018. – 422 саҳ.

4. Файзи истиқлол-25 Душанбе, - «Маориф»,2016, 480 с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2021 [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022 [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj
7. Раҳмонов Э.Ш. Ислоҳоти иқтисодӣ – тақозои замона. –Душанбе: Ирфон, 1998. 104 с.

## НАҚШИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ПЕШВОИ МИЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН

**Эмомов С. – н.и.т., дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гузаштан аз марҳалаи аввали пас аз истиқлол, ки даврони ба эътидол овардани вазъият ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ буд, дарҳои худро ба рӯи ҳамаи кишварҳои олам кушод ва бо эъломи «сиёсати дарҳои боз» равобити байналмилалиро баҳри муаррифии Тоҷикистон дар ҷаҳон ва ҷалби сармояи хориҷӣ барои бозсозии кишвар оғоз намуд.

Дар тӯли даврони истиқлолият ба шарофати соҳибихтиёрӣ Тоҷикистон ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид. Имрӯз Тоҷикистон бо аксарияти кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, беш аз 180 давлат истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро расман эътироф кардааст. Тоҷикистон дар ҳамаи созмонҳои минтақавӣ ва аксар созмонҳои байналмилалӣ узвият дошта, аз арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ дифоъ мекунад, дар масоили ҷаҳонӣ назари худро матраҳ месозад ва пешниҳодҳои мушаххасро дар бораи ҳалли ин масоил ба миён мегузорад.

Бояд қайд намуд, ки ҷараёни пайдоиш ва инкишофи стратегияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва трансформатсияи манфиатҳои миллӣ ба се марҳила ҷудо мешавад:

**Марҳилаи аввал,** суханронии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи XVIII аз 28 декабри соли 1993, ки самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ муайян карда шуданд, ки айни замон низ актуалӣ маҳсуб меёбанд.

Ҳамин тавр, Роҳбари давлат самтҳои асосии афзалиятноки ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷиро муайян намуд, ки онҳоро пайдоиши сиёсати хориҷии Тоҷикистон номидан мумкин аст.

**Марҳилаи дувум** аз қабули Консепсияи якуми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 сентябри соли 2002 [3, 68] ва суханронии Сарвари давлат дар ҷаласаи тантанавӣ ба ифтихори даҳумин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии кишвар аз 15 ноябри соли 2002 буд. Дар ин нишаст расман эълон карда шуд, ки асоси сиёсати хориҷии Тоҷикистон "сиёсати дарҳои кушода" мебошад [4, 40].

Пас аз ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва оғози амалиёти зиддитеррористии давлатҳои Ғарб дар Афғонистон, аҳамияти геополитикии минтақаи Осиёи Марказӣ тағйир ёфт. Дар оғози солҳои 2000-ум фаъол шудани кишварҳои Ғарб дар минтақа ба амал омад, ки ба таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо қудратҳои пешрафтаи ҷаҳон мусоидат намуд ва самтҳои нави сиёсати хориҷӣ падид омаданд [3, 68].

**Марҳилаи савум**, суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони дипломатии кишвар ба муносибати ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 марти соли 2013, ки дар он фаҳмиши манфиатҳои миллӣ дар сиёсати хориҷии кишвар бо роҳи нав гузошта шудааст. Сарвари давлат дастур доданд, ки Консепсияи нави сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҳия карда шавад, ки он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст[1]. Афзалиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон бетағйир мондаанд ва ба "сиёсати дарҳои кушода" асос ёфтаанд. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба нигоҳ доштани равобити анъанавӣ бо Россия ва

дигар кишварҳои ИДМ, инчунин, рушди муносибатҳо бо шарикони нав ҳам дар кишварҳои Ғарб ва ҳам дар Осиё нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаҳои зикргардида принсипҳои асосӣ ва анъанаҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои афзалиятноки рушди кишвар, аз ҷумла таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, тақвиятиислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона шуд. Дар ин муддат сиёсати «дарҳои боз», ҳамчун фарҳанги ҳамзистӣ бо олами имрӯз аз ҷониби роҳбарияти кишвар муаррифӣ гардида, дар асоси он сиёсати хориҷии бисёрсамта, ботавозун тарҳрезӣ шуд ва тавсеаву таҳкими робитаҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои гуногуни олам роҳандозӣ гашт.

Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои асосии миллиро дар марҳилаи кунунӣ таъмини амнияти миллӣ, мустақилияти сиёсӣ, тамомияти арзӣ, таҳкими дунявияти давлат ва рушди устувори ҷомеа ташкил медиҳад.

Ҳамон тавре ки дар Консепсия нави сиёсати хориҷии Тоҷикистон зикр гардидааст: «ҳадафи аслӣ ва асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои дарозмуддат ҳифзи манфиатҳои стратегии кишвар дар арсаи байналмилалӣ буда, он аз тариқи фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори ҳамаҷонибаи мамлакат, мусоидат ба таҳкими беш аз пеши пояҳои истиқлолияту соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон ва кӯшишҳои пайгирона ҷиҳати дарёфти ризоят ва манфиатҳои мутақобила бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии кишвар амалӣ мегардад»[1].

«Ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии мустақили бисёрсамтиро, ки ба талаботи манфиатҳои олии давлативу миллӣ ҷавобгӯ буда, ҳадафи ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судмандро бо кишварҳои гуногуни олам пайгирӣ мекунад ва ба эҳтироми бечунучарои ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтааст, татбиқ менамояд»[1].

Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар равшан сохтани ҳадафҳои асосӣ ва усулҳои сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи миллии Тоҷикистон бисёр муассир ва корсоз аст. Вижагии сурат гирифтани сиёсати хориҷии Тоҷикистони навин ин аст, ки заминаи назариявии ин бахши муҳими ҳаёти давлатӣ на дар доираи коршиносон ва назарияпардозон, балки раҳораҳ, ҳангоми анҷоми фаъолиятҳои пурталошу пӯёи дипломатии Сарвари давлати Тоҷикистон эҷод шудааст.

Бо вуҷуди ин ки дар солҳои баъд тахти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон санадҳои муайянсозанда ва танзимкунандаи усулҳои асосӣ, ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар таҳия гардидаву ба тасвиб расиданд, ин ғояҳои бунёдии консепсияи сиёсати хориҷӣ аҳамияту арзиши вижаи худро то ҳол ҳифз намудаанд:

«Дар вақти таҳия сохтани консепсияи сиёсати берунии кишварамон мо бояд ба назар бигирем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маҳалли ҷуғрофӣ, мавқеи геополитикӣ ва манофеи иқтисодиаш ба панҷ ҳавзаи сиёсӣ дохил мешавад.

**Ҳавзаи якум** Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аст, ки бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш, ба сӯйи таҳкими равобити ҳамаҷиҳата тамоили ботинӣ дорад.

**Ҳавзаи дуввум** Осиёи Марказист, ки кунун рӯ ба ваҳдати иқтисодию сиёсӣ қарор дорад.

**Ҳавзаи севум** фазои зисту амали давлатҳои ҳамсояи форсизабон аст, ки ҳанӯз ба ягон иттиҳоди муштараки сиёсӣ ё иқтисодӣ нарасида бошанд ҳам, онҳоро на фақат ҳамбастагии таърихӣ ва мазҳабию фарҳангӣ, балки дурнамои воқеии рушди миллӣ ба ҳам ҷалб мекунанд.

**Ҳавзаи чаҳорум** доираи нуфузи давлатҳои мусулмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро на фақат ягонагии дину оин ва суннатҳои рӯҳонӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайванданд.

Ниҳоят, ҳавзаи панҷум ҷомеаи байналмилалист, ки ҳамбастагии зоҳириву ботиниаш беш аз пеш қувват мегирад ва ҳам оҳиставу пайваста ба сӯйи тамаддуни воҳиди умумибашарӣ роҳ мепаймояд.

Ҳамагон медонанд, ки ҳар гуна сиёсати давлат дар ниҳояти кор дифоъ аз манофеи миллист. Пас, ҳадди ҳунари сиёсатмадорӣ дар арсаи ҷаҳон дарёфтани баланси оқилона ва одилонаи манофеи мухталифи давлатҳост.

Ҳамин тариқ, сиёсати дарҳои бози Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуну мундариҷаи ба манфиати миллии мо мувофиқ буда, ба шароити таърихии гузариши кишварамон аз як низоми сиёсӣ ба низоми дигари сиёсӣ мувофиқат мекунад. Тоҷикистон бар асари талошҳои муассир ва масъалагузориҳои мантиқию саривақтии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ба шарофати ин сиёсат мавқеи худро дар сиёсати байналмилалӣ мустаҳкам сохта, бо назардошти манфиатҳои миллӣ тавозуни муносибатҳо ва манфиатҳои худро таъмин карда, имрӯзҳо дар арсаи байналмилалӣ як кишвари фаъолу ташаббускор шинохта шудааст.

**Адабиёт:**


1. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон[манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” [манбаи электронӣ]. URL: http://majmilli.tj
3. Назаров Т.Н. Дипломатияи муосир. Монография/ Т.Н Назаров., А. Сатторзода.- Душанбе: Ирфон, 2006.- 224 с
4.Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.5/ Э. Раҳмонов–Душанбе: Ирфон, 2006. –С.40.
5.Раҳмон Эмомалӣ – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон/Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. – Душанбе:Ирфон, 2012, 272 с.
6.Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият/ Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон, 2011, 340 с.
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392 тасдиқ шудааст) [манбаи электронӣ]. URL:https://mfa.tj/tg/main/view/5456/strategiyai-milli-rushdi-jumhurii-tojikiston
8. Шарифӣ С. Таджикская дипломатия периода независимости. монография/ С.Шарифи -Душанбе: Ирфон, 2011, 276 с.
9. 25 қадам дар паҳнои олам / Зери назари Сироҷидин Аслов. Душанбе: Ирфон, 2016. - 220с.


## СИЁСАТИ ИҚТИСОДӢ - КАФИЛИ РУШДИ БОСУБОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳомидова Қ. - н.и.т., дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**

Дар бораи сиёсати иқтисодии чумҳурӣ, барқарорсозӣ ва таҳкими иқтисодиёт дар замони муосир бисёр асарҳои илмӣ навишта шудаанд, аммо аҳамияти бузург ва нишондоди он дар ташаккул ва рушди заминаҳои сиёсати иқтисодӣ чун заминагузори рушди ҷомеаи муосири демократӣ дар Тоҷикистон, мутаассифона, то кунун ба таври комилу муфассал арзёбӣ нашудааст.

Дар асоси санадҳо ва маводҳои дақиқ муҳаққиқон тавонистаанд, ки марҳилаҳои асосӣ ва роҳҳои барқарор намудан ва густариши сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи аввал муайян намоянд.

Ҳадаф бар сари он аст, ки аз нуктаи назари иқтисодиёти конститутсионии бозори озод вайрон шудани асоси сохти конститутсионӣ маънои вайрон шудани асоси ҳаёти озоди иқтисодиро низ дорад ва ин дар навбати худ, ба рушди дарозмуҳлати ҷомеаи демократӣ ба андозаи бештар таъсир мерасонад.

Айёми гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозаргонӣ барои давлати нави тоҷикон хеле вазнину сахт ва мушкил буд. Таҳаввулоти иқтисодии анҷомдодаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон дар бисёр асарҳои илмӣ аз мавқеъ ва диди назариявии давраи гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ арзёбӣ шудаанд.

Хусусиятҳои хоси ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро профессор Роҳат Набиева таҳлил намуда, дар китоби худ "Таърихи халқи тоҷик дар асри XX ва ибтидои асри XXI" дар бораи татбиқи амалии ислоҳоти иқтисодию сиёсӣ дар давраи аввал зикр намудааст, ки ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр бобат ба масъалаҳои иқтисодӣ–иҷтимоӣ алоқа дорад. Роҳат Набиева қайд менамояд, ки ҷомеаи соҳибистиқлол ҳамон вақт пойдор мегардад, ки агар дар он масъалаҳои асосии ҳаёти иқтисодӣ ҳал шуда бошанд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аввали барқароршавии истиқлолият ин роҳандозии сиёсати иқтисодӣ буд. Бояд тазаккур дод, ки сиёсати иқтисодии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории муосир ба таври комил омӯхта нашудааст. Аммо паҳлӯҳои гуногуни ин мавзуъ аз ҷониби муҳаққиқон таҳқиқ гардида, дар асарҳои онҳо инъикос гаштаанд.

Ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як шароити мураккаби таърихӣ ба амал омад ва дорои хусусиятҳои хос мебошад. Ин хусусиятҳо аз омилҳои зерин иборат буданд: 1) дар Тоҷикистон нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои Шӯравӣ даромади миллӣ бо суръати баланди афзоиши аҳолӣ ҷавобгӯ набуд; 2) дар ҷумҳурии кӯҳсори Тоҷикистон роҳҳои оҳан маҳдуд буда, нақлиёти автомобилгард низ талаботро қонеъ гардонида наметавонист; 3) вазъи тиҷорату савдо бо мамлакатҳои хориҷӣ муътадил набуд; 4) коркарди боигариҳои зеризаминии ҷумҳурӣ ба роҳ монда нашуда буд;

Профессор Роҳат Набиева дар китоби худ ҳамин масъаларо хуб таҳлил намуда, нишон додааст, ки сарфи назар аз ин мушкилиҳо дар роҳи пешрафти ҳаёти иқтисодии ҷумҳурӣ имконият ва афзалиятҳо низ вуҷуд доштанд. Масалан, дар Тоҷикистон захираи хеле зиёди истеҳсоли барқ вуҷуд дорад ва барои обёрӣ кардани заминҳои бекорхобидаю лалмӣ имкониятҳо мавҷуд ҳастанд, ки ин метавонад ба пешравии иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсири мусбат расонад.

Доир ба душвориҳои мавҷуда Воҳид Ғафорӣ дар китоби худ "Эмомалӣ Раҳмон: "Ман ба Шумо сулҳ меоварам!" низ пешрафти иқтисодиёт ва ба роҳ мондани онро таҳлил намуда, овардааст: "Барои Тоҷикистон, ки асосан минтақаи таъминкунанда бо маводи хом буда, иқтидори на чандон бузурги истеҳсолӣ дошт, дар ҷойи холӣ ба вуҷуд овардани иқтидорҳои истеҳсолӣ кори хеле душвор буд."

Ҳамин масъаларо Абубакр Комилов низ диди назар намуда, нишон додааст: "Дар аввали таъсисёбии ҷумҳурӣ бинобар сабаби ҳодисаҳои сиёсии солҳои 90-ум ҳаҷми истеҳсолот паст гардида, сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ дар мамлакат афзоиш ёфт, ки ин ба заиф гардидани низоми иқтисодии давлат оварда расонид. "

Дар Паёми Президенти кишвар,муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 22 декабри соли 2016 ба Маҷлиси Олӣ низ масъалаи сиёсати иқтисодии кишвар мавриди баррасӣ гардидааст: "Ибтидои солҳои навадуми асри гузашта Тоҷикистон дар асари мудохилаи баъзе кишварҳои хориҷӣ, ки зери шиори демократикунонии ҷомеа сурат гирифта, кишвари моро аз масири пешрафт чандин даҳсола ақиб партофт ва мардуми Тоҷикистонро маҷбур сохт, ки барои бартараф кардани он мушкилотҳои зиёдеро таҳаммул намоянд."

Иқтисодчиён иқтисодиёти ҷумҳуриро дар давраи аввали соҳибистиқлолӣ чунин арзёбӣ намудаанд: "Агар соли 1991 истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилӣ нисбат ба соли 1990 - 6% кам шуда бошад, пас соли 1992 якбора кариб 40% поён рафта буд. Тамоми соҳаҳои иқтисодиёт тамоюли поёнравӣ дошт. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва истеъмолӣ танҳо 67,5 фоизи нишондиҳандаи соли 1991-ро ташкил дода буд. Умуман, кулли нишондиҳандаҳои иқтисодии соли 1992 яку якбора поён рафт. Масалан, тавварум ва ё беқурбшавии асъори ба ном миллии ҳамонвақта то сатҳи 2000 фоиз расида буд".

Тавре ки таърихи иқтисоди миллии кишварҳои гуногун нишон медиҳад, барқарорсозии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва мутаносибан, амалисозии ҳуқуқи конститутсионӣ - яъне ҳуқуқ ба мехнати шоиста ҳамеша ҷанбаи дарозмуҳлатро дорад. Маҳз мурочиати Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1992, ки дар он ба барқарорсозии фаъолияти тамоми субъектҳои иқтисодӣ ва густариши муносибатҳои бозаргонӣ дар кишвар даъват шуда буд, амалан лаҳзаи муайянкунандаи ташаккули иқтисоди конститутсионии бозори озод дар кишвар гардид.

Ҳанӯз дар соли 1993 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш дар Форуми тоҷикони ҷаҳон таъкид намуда буд: "Иқтисоди миллии Точикистон тайи ду соли охир дар натиҷаи бархурдҳои мусаллаҳона ва қатъ шудани иртиботи тиҷоратӣ комилан вайрон шуд... ва давлат маблағи кофиро барои ҳифзи иҷтимоии мардум ва рушди соҳаҳои тандурустӣ, фарҳанг, илм ва маориф надорад».

Дар ибтидои ташаккули давлати муосири соҳибистиқлол заминаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули муносибатҳои навини иқтисодӣ мушаххас гашта, асоси рушди иқтисодиёти конститутсионӣ - яъне иқтисодиёти бозаргонӣ дар кишвар пайрезӣ карда шуд. Дар маҷмуъ ин масъалаҳо дар «Барномаиислоҳоти иқтисодӣ барои давраи солҳои 1995-2000», ки аз ҷониби Парлумони кишвар тасдиқ карда шуда буд, ба пуррагӣ дарҷ ёфтаанд.

Мушоҳидаҳои иқтисоддонҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки дар давраи чор соли аввали истиқлолият миқдори корхона ва ташкилотҳои моликияти давлатӣ аз 4588 то 5102, дигар шаклҳои моликият аз 11156 то 14845, аз ҷумла корхонаҳои моликияти хусусӣ аз 6834 то 9663 зиёд шуданд. Муносибати таърихӣ ба таҳлили ташаккули асосҳои иқтисодиёти конститутсионии бозори озод дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар ин давра, вақте ки асоси ҳуқуқи конститутсионии субъектҳои иқтисод барқарор мегардид, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо «Дар бораи буҷети фавқулодаи давлатӣ» (соли 1993), «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандон» (соли 1993), «Дар бораи хусусигардонии фонди манзил ва хусусигардонии моликияти давлатӣ» (соли 1995, соли 1997), «Дар бораи фаъолияти иқтисодии берунӣ ва танзими асъор ва назорати асъор» (соли 1994, соли 1995), «Дар бораи Бонки миллӣ» (соли 1996), «Дар бораи консессия» (соли 1997), «Дар бораи муҳоҷират» (соли 1999), Кодексҳои замин, манзил ва меҳнат (солҳои 1996-1997) ва ғайраро имзо кард.

Аз соли 2000-ум арзёбии фаъолият ва натиҷаҳои иқтисодӣ бо асъори миллӣ-сомонӣ сурат гирифта, сиёсати пуливу карзӣ ташаккул ёфта, иқтисодиёти кишвар ба ҷараёни инкишофи устувор ворид гардид. Дар ин давра, вақте ки давлат имкони аз нигоҳи конститутсионӣ таъмин кардани кафолати озодии иқтисодӣ чун принсипи асосии иқтисодиёти конститутсионии бозори озодро ба даст овард, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои «Дар бораи энергетика, нақлиёт ва арзёбии замин» (соли 2000) (соли 2001), «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» (соли 2002), «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд» (соли 2002), «Дар бораи лизинги молиявӣ» (соли 2003), «Дар бораи кафолати пасандозҳои шахсӣ» (соли 2003), «Дар бораи мусоидат ба шуғл» (соли 2003), «Дар бораи муфлисшавӣ» (соли 2003), «Дар бораи дурнамои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ» (соли 2003), «Дар бораи муассисаҳои давлатӣ» (соли 2004), «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» (соли 2004), «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» (соли 2004), Кодексҳои андоз ва гумрук (соли 2004) ва ғайра ба имзо расиданд.

Ҳоло дар иқтисодиёти мамлакат тамоми шаклҳои моликият ва аз он ҷумла, моликияти шаҳрвандони хориҷӣ низ ҳуқуқи фаъолиятро пайдо намудаанд. Яъне, ниҳоди ҳуқуқи моликияти хусусӣ ҳамчун ниҳоди муҳим ва пояи иқтисоди бозорӣ бунёд шуд. Дар давраи Истиқлоли давлатӣ вазни қиёсии муассисаҳои давлатӣ аз 47,8% то 28,6% поён рафта, вазни муассисаҳои хусусиву коллективӣ аз 25,4 то 70% афзудааст. Дар давраи солҳои 1997 то 2015 теъдоди корхонаҳои хусусӣ аз 6926 адад то зиёда аз 30 ҳазор

адад ва нуфузи аҳолии машғул дар бахши хусусии иқтисодиёт дар ин давраи таҳлилӣ аз 597 ҳазор нафар то зиёда аз 1,5 млн нафар афзудааст. Нуфузи одамоне, ки ба соҳибкории инфиродӣ машғуланд, аз 47,4 ҳазор нафар то зиёда аз 200 ҳазор расидаанд.

Баъд аз муътадил гаштани вазъияти макроиқтисодӣ Ҳукумати Тоҷикистон якчанд стратегияҳои давлатии заминасозро қабул намуд ва ислоҳоти ҷиддии сохториро дар бахшҳои муҳими мамлакат, ба монанди низоми молиявӣ, қарзиву бонкӣ, соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, соҳибкорӣ, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ғайра ба анҷом расонид.

Дар даҳсолаи наздик давра (сикл)-и нави технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсии хоҷагии ҷаҳонӣ оғоз мeёбад, ки он суръати афзоиши иқтисодии ҷаҳониро то нимаи асри XXI тадриҷан суст мегардонад. Барои дарки дурусти ин раванд бояд самтҳои модели афзоиши оянда нишон дода шуда, хусусиятҳои сифатии он муайян карда шавад.

Таҳлилҳо нишон медиданд, ки таъмини рушди устувори минбаъдаи кишвар интихоби принсипҳои илман асоснокшудаи тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ ва ҷомеаро, ба монанди принсипи превентивӣ, яъне пешгирии осебпазирии рушди оянда; принсипи индустриалӣ, яъне баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ ва принсипи инноватсионӣ, яъне рушд дар асоси навовариҳо дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар, тақозо менамояд.

**АДАБИЁТ:**

1. Абубакр Комилов. Нақши Президенти Тоҷикистон , Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат.Душанбе: “ЭР- граф”. 2017, С. 133.
2. Воҳид Ғафорӣ. Эмомалӣ Раҳмон: “Ман ба Шумо сулҳ меоварам!”. –Душанбе: - “Авасто”, 1998. С. 80.
3. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди ҳаштум. – Душанбе: «Ирфон», 2009, 576 саҳ.
4. Р.Набиева, Ф.Зикриёев, М.Зикриёева. Таърихи халқи тоҷик дар асри XX ва ибтидои асри XXI.-Душанбе: Деваштих, 2009. С. 322. саҳ. 225.
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои то 2030.

## ТАРБИЯИ МЕҲНАТӢ ВА ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ ИҚТИСОДИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН

**Сабуров У.С. - н.и.п., дотсент и.в. мудири кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**

Иқтисоди бозорӣ ва гузариш ба он тақозо менамояд, ки сохти идораи давлатӣ тағйир ёфта, ҷойгоҳи онро ҳавзаи хусусӣ бештар ишғол намояд ва доираи фаҳмишу тасаввуроти субъектҳои ҷамъиятиро ба он мутобиқ гардонад. Аз ин рӯ, масъалаи тарбияи кадрҳои баландихтисосу рақобатпазир низ яке аз омилҳои мутобиқгардонии одамон ба сохти нав ба шумор рафта, вобаста ба моҳияти бозор зарурати ташаккули тафаккури иқтисодии наврасону ҷавонон ба миён омадааст.

Вобаста ба мақсаду моҳияти масъалаи мазкур ба ҳаёти ҷамъиятии одамон мушоҳидакорона назар кунем, дар давоми 32 соли истиқлолияти давлатӣ фаҳмишҳои иқтисодии шаҳрвандон хеле дигаргун гашта, беҳтар шудани сатҳи зиндагонӣ ва некуаҳволии аҳолӣ далели мушоҳидаҳо буда метавонад. Аммо ҳолати мавҷуда ҳануз ҳам қонеъкунанда набуда, боз ҳам беҳбудӣ мехоҳад, ки маҳз барои дигаргун сохтан моро водор менамояд, баҳри устувор гаштани ҳолати иқтисодии аҳолӣ аз нав тарбиякуниро пеша насохта, балки ба тарбияи наврасону ҷавонон диққати махсус зоҳир намоем. Бинобар ин, вобаста ба муҳтавои мавзуъ ва ҳамбастагии педагогиву иқтисодии он ҳамчун муҳаққиқ омили муҳимми ташаккулёбии тафаккури иқтисодии наврасону ҷавононро дар доираи таъсиррасонии яке аз қисматҳои таркибии тарбия инҳам бошад тарбияи меҳнатӣ дида мебароем.

Барои муайян сохтани мақоми меҳнат дар ҳаёти инфиродии инсон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагонӣ нахуст мафҳуми меҳнатро бояд донист, ки нисбат ба

шарҳу васфи он андешаҳои ҷолиби диққатро олимону мутафаккирон, шоирону нависандагони хориҷиву ватанӣ иброз доштаанд. Вале бароямон дар ин гуна мавридҳои маҳдуд басанда аст, ки шарҳи педагогиву психологии онро баҳри таъсиррасонӣ ба шууру рафтори тарбиятгиранда ёдовар шавем: «Амалиёти бошуурона ва мақсадноки фаъолияти инсон аст, ки бо ёрии он одамон неъматҳои моддӣ ва маънавӣ истеҳсол намуда, талаботҳои худро қонеъ мегардонанд, меҳнат ном дорад». Баъд аз шарҳи мазкур шахсро лозим меояд, ки атрофи мафҳуми меҳнат андешаронӣ карда, ба ҳаёти хеш танҳо бо заҳмату талошҳои пайваста дигаргуниҳо ва пешравиҳоро ба миён орад. Аммо дарки моҳияти мафҳуми мазкур танҳо ба нафаре муяссар мешавад, ки худ тарбиятгар, шахси рӯзгордидаву таҷрибадор ва ё шаҳди меҳнатро чашида, имкониятҳои хуби моддиву маънавиро ба даст оварда бошад.

Мегӯянд, ки меҳнат одамро аз се мушкилии бузург мераҳонад: дармондагӣ, фисқ ва эҳтиёҷ. Агар кас пешаи дурустро интихоб карда, кор кунад, пас ӯ ҳамеша ҳама гуна дарду ранҷро аз сари худ дур карда, ба зиндагии шоиста мерасад. Аз тарафи дигар, меҳнат ба шарте самараи дилхоҳ медиҳад, ки алоқамандӣ бо майлу хоҳиш ва тафаккури иқтисодӣ дошта бошад, ки даромад бо мақсад сарф карда шуда, имкониятҳои молиявиро беҳтар гардонад.

Таҳлили адабиёт, назария ва амалияи тадқиқоти педагогиву сотсиологӣ нишон медиҳад, ки ҳанӯз ҳам мушкилоти меҳнат ва натиҷаҳои нигароникунандаи он дар ҳаёти инфиродии аҳолии кишвар ба мушоҳида расида, аз ноқисии тарбия ва тафаккури иқтисодии наврасону ҷавонон далолат медиҳад. Вобаста ба масъалаи пайгиришаванда дар байни ҷавонон ва қишри аҳолие, ки таъминкунандаи шароитҳои моддии хонаводаҳо мебошанд, солҳои 2017-2018 як навъи тадқиқоти педагогиву сотсиологӣ гузаронида шуда буд, ки якчанд саволҳои мушаххасро дар бар гирифта, бароямон фаҳмишҳои иқтисодии онҳоро ошкор намуд. Аз ҷумла тадқиқоти мазкур бештар дар байни муҳоҷирин, ки дар хориҷи кишвар ба касбу кори гуногун ҷалб гашта, заҳматҳои шабонарӯзӣ ва сахту сангинеро анҷом медиҳанд, ба роҳ монда шуд.

Тадқиқот бо пешниҳоди саволҳои аз нигоҳи аввал сода, вале дар асл мантиқан мураккаби зерин дар байни 120 нафар коргари одӣ ва хоҷагидору муҳоҷир суръат гирифта, сатҳи фаҳмиши моҳияти меҳнат ва тафаккури иқтисодии онҳоро ошкор кард: «Меҳнати шабонарӯзии Шумо аз барои чӣ аст?». Ба саволи мазкур 61%-и пурсидашавандагон қариб, ки ҷавоби қонеъкунанда нагардонида, аслан барои рӯзгузаронӣ арзёбӣ кардаанд, 17%-и дигари пурсидашуда меҳнатро ба хотири он анҷом медодаанд, ки пеш аз ҳама, сарчашмаи ғановати маънавӣ ва моддии хеш арзёбӣ карда, баъдан василаи беҳбудии ҳаёт донистаанд, ки аз дарки моҳияти меҳнат ва тафаккури иқтисодӣ доштани онҳо то андозае далолат медиҳад, 22%-и боқимонда бошанд, қариб, ки ба саволи мазкур ҷавоби мушаххас гардонида натавонистанд. Ба саволи дигар «Меҳнати Шумо имкониятҳои иқтисодиро хуб мегардонад?» 47% -и пурсидашудагон қайд намудаанд, ки имкониятҳои иқтисодиашон беҳбудӣ пайдо намекунад, 38%-и дигар бошанд, қайд намудаанд, ки тағйирот ва беҳбудиҳои иқтисодиро эҳсос мекунанд, 15%-и боқимонда бошанд, аз тағйир ёфтан ҳолати зиндагӣ ва беҳбудии иқтисодӣ меболиданд. Дар ҳамин замина, саволи дигар ба вуҷуд омад, ки танҳо ба он нафароне пешниҳод гардид, ки ҳолати иқтисодии хуб надоштанд, «Сабаби васеъ нагаштани имкониятҳои иқтисодии оилавӣ дар чӣ аст?». 25%-и пурсидашудагон ҷавоб гардониданд, ки маош ва ё даромади ночиз мегиранд, 43%-и дигар қайд намуданд, ки бинобар сабаби зиёд будани аъзоёни оила хароҷоти зиёд доранд, 32%-и боқимонда бошанд, новобаста аз сарчашмаҳои даромад, ёдовар гаштанд, ки маблағҳоро сариштакорона харҷ карда наметавонанд ва ҳамзамон, барои хароҷоти манфиатнок идеяҳои созанда низ надоранд.

Аз тадқиқи мазкур бармеояд, ки меҳнату заҳматҳои пайваста ва беҳадду канори як қисмати аҳолии кишвар дар заминаи набудани тафаккури иқтисодӣ паёмадҳои устувор надошта, танҳо барои рӯзгузаронӣ асту бас. Вобаста ба ҳолати мазкур, ҳамчунин, суҳбати алоҳида маҳз бо як теъдоди муҳоҷирин гузаронида шуда, аз рафти он муайян

шуд, ки маблағҳои дар фаслҳои баҳор то тирамоҳ ҷамъоварӣ кардаи онҳо дар фасли зимистон барои гузаронидани маъракa ва маросимҳои хонаводагӣ сарф мешаванд.

Аз чунин ранг гирифтани ҳаёти наслҳои баркамол хулоса карда, тарбияи меҳнатии насли наврасу навҷавонро ба тафаккури иқтисодиашон дар ҳамбастагӣ тақвият бояд дод, ки дар заминаи ҳамбастагии навъҳои тарбияи мазкур созандагӣ ва ободӣ ба мушоҳида расида, на танҳо барои шахсони алоҳида, балки барои ҷамъияту давлат манфиатбор мегардад. Вобаста ба муҳтавои мавзуъ барои беҳтар намудани сатҳи тарбияи меҳнатӣ ва ташаккул додани тафаккури иқтисодии наврасону ҷавонон чанд пешниҳод ба таври зерин ба тарбиятгарону муассисаҳои таълимӣ ирсол мегардад:

1. Ташаккули муносибати нав ба меҳнат ва инкишофи тафаккури иқтисодӣ.
2. Баланд бардоштани сифати таълими фанҳои таълими меҳнат, касбу ҳунар, технология ва иқтисоди бозаргонӣ.
3. Ташкили кори пурмаҳсули хонандагон ҳангоми машғулиятҳои беруназсинфӣ.
4. Омода намудани наврасону ҷавонон ба ҳаёти мустақил бо назардошти омӯзиши касбу ҳунар.
5. Ташаккули хислатҳои меҳнатдӯстӣ дар наврасону ҷавонон.
6. Гузаронидани озмунҳои махсус бобати касбу ҳунар ва фаҳмишҳои иқтисодӣ.
7. Ташкили озмунҳо оид ба пешниҳоди лоиҳаҳои иқтисодӣ дар байни хонандагону донишҷӯён.

Дар заминаи пешниҳодҳои мазкур ва амалӣ гаштани онҳо имконияти зиёди ташаккул додани тарбияи меҳнатӣ ва тафаккури иқтисодӣ ба миён меояд, ки арзишу мақом ва қимати шахсро низ боло хоҳад бардошт.

**Адабиёт:**


1. Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳафт авранг, Ҷилди 3 Нашриёти «Ирфон» . Душанбе 1964 с.-232с.
2. Бляхман Л.Г. Азнавсозии тафаккури иқтисодӣ. Москва: Политиздат, 1990с.-345с.
3. Гайрбеков М.С. Формирование экономической культуры в общеобразовательной школе с учетом региональных аспектов. Грозный. Россия, 2017с.-185с.
4. Сиделковский А.П. Ташаккули фарҳанги иқтисодӣ дар байни мактаббачагон. Педагогикаи шӯравӣ.- 1987.- № 1.- С. 20-23.


## САҲМИ АБДУЛҒАНӢ МИРЗОЕВ ДАР ТАШКИЛШАВИИ ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСИ ВА ШУЪБАҲОИ ОН ДАР РСС ТОҶИКИСТОН

**Ахмедов Ф. – н.и.т. ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**

Моҳи июли соли 1957 дар Тошканд конференсияи якуми умумииттифоқии шарқшиносони Иттиҳоди Шӯравӣ бо ташаббуси Академияи фанҳои СССР ва Академияи фанҳои РСС Узбекистон баргузор гардид. Дар кори конференсия шарқшиносони маъруфи Москва, Ленинград ва дигар шаҳрҳои Республикаи советии федеративии сотсиалистии Россия, ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, Қазоқистон ва Кавказ ширкат доштанд, ки ҳайати АФ РСС Тоҷикистонро С.У.Умаров, (1908-1964) А. М.Мирзоев, А.А.Семёнов, (1873-1958) Б.Н.Ниёзмуҳаммадов, (1906-1979) М.Ф.Фозилов, М.Р.Раҷабов, Н.Неъматов (1927-20011) ва А.К.Қодиров намояндагӣ мекарданд. Дар қарори конференсия, ки аз ҷониби шарқшиносон қабул шуда буд, дар бораи амиқ ва ҳамаҷониба омӯхтани таърих, иқтисод, адабиёт, масъалаҳои сиёсат ва андешаҳои иҷтимоии халқҳои Осиё ва Африқо, ҳамчунин забонҳо ва ёдгориҳои фарҳангии чандинасраи Шарқ таъкид карда шуд. Дар кори ин конференсия директори Институти шарқшиносии Осиё ва Африқо академик Бобоҷон Ғафуров зери унвони «Ҳолат ва вазифаҳои шарқшиносии Шӯравӣ дар партави қарорҳои съезди ХХ КПСС» баромад карда, таъсиси марказҳои шарқшиносӣ дар РСС Озарбойҷон ва РСС Гурҷистонро мусбат арзёбӣ намуда, ба зарурати таъсиси як Институт ё як шӯъбаи шарқшиносӣ дар Тоҷикистон таъкид варзид [1,с.48].

Бояд қайд кунем, ки заминаи асосии ташкилёбии Институти шарқшиносӣ дар РСС Тоҷикистон ин Академияи илмҳо буд, ки соли 1932 базаи АИ ИҶШСС ташкил шуд. Дар заминаи ҳамин база соли 1938 сектори АИ ва соли 1941 шуъбаи АИ РСС

Тоҷикистон ташкил карда шуд. Соли 1951 дар заминаи ҳамин шуъба АИ РСС Тоҷикистон ташкил карда шуд. Нахустин президенти АИ РСС Тоҷикистон асосгузори адабиёти муосири тоҷик устод С.Айнӣ (1951-1954) таъин карда шуд [2,с.51].

Моҳи январи соли 1958 Қарори КМ ҲК Тоҷикистон ва Совети вазирони РСС Тоҷикистон таҳти №21 дар бораи таъсиси Шуъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ қабул шуд. Моҳи марти ҳамон сол дар асоси ин қарор Шуъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ дар назди Шуъбаи адабиёти классикии тоҷик ва дастхатҳои шарқшиносии Институти забон ва адабиёти раёсати Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон ташкил гардид. Бидуни шак, он замон танҳо касе, ки метавонист корҳои ташкилӣ ва таҳқиқиро дар ин Шуъба хуб ба роҳ монад, ин академик А.Мирзоев буд. Дар солҳои аввали фаъолият дар ин шуъба ду сектор: сектори Шарқи ҳозиразамон ва сектори матн, матншиносӣ ва чопи дастхатҳои шарқӣ фаъолият мекард. [3,с.55].

Дар замони роҳбарии академик А.Мирзоев шӯъбаҳои зерин дар Институти шарқшиносӣ таъсис дода шуданд:

Соли 1958 дар заминаи ганҷинаи дастнависҳо ва сектори адабиёти классикии Институти забон ва адабиёт бо сарварии олими намоёни тоҷик Абдулғанӣ Мирзоев муассисаи алоҳидаи илмӣ, Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори адабӣ дар назди АИ РСС Тоҷикистон бунёд ёфт. Дар ҳамин Шуъба дар қатори чанд сектори дигар нахустин сектори матншиносӣ ва нашри осори хаттӣ таъсис гардид, ки дар ибтидо он мустақиман зери назорати А. Мирзоев фаъолият менамуд. Баъдтар ба ин шуъба Камол Айнӣ ба сифати мудир таъйин шуд. Ҳамин тавр, дар маркази илмии кишвар илми матншиносӣ чун соҳаи алоҳидаи омӯзишу пажуҳиш пазируфта мешавад. Соли 1961 дар заминаи Шуъбаи шарқшиносӣ ва ёдгориҳои хаттӣ Шуъбаи таъриху адабиёт ва ёдгориҳои таърихӣ таъсис меёбад [1,с.58].

Асоси фаъолияти Институти тозабунёди шарқшиносиро (1958) Шуъбаи нигаҳдории нусхаҳои хаттӣ ва таҳияи феҳристҳо ташкил медод ва тақвияти ин соҳаи муҳимми илми шарқшиносӣ таваҷҷуҳи хосро тақозо мекард. Ҳоло дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 5608 ҷилд нусхаи хаттӣ вуҷуд дорад. Ганҷинаи дастнависҳо аксаран аз нусхаҳои хаттӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълифшуда (аз се ду қисм) иборат буда, бахши камтари онро дастнависҳои ба забони арабӣ, туркӣ ва забонҳои дигар навишташударо ташкил медиҳанд [2,с.61].

Дар зери роҳбарии А. Мирзоев аввалин маркази академии шарқшиносӣ дар Тоҷикистон- Шуъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ аз 1 апрели соли 1967 таҳти №21 дар асоси бахши адабиёти классикии тоҷик ва нусхаҳои хаттии шарқии Институти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон ҳамчун маркази эроншиносӣ ба фаъолият шуруъ намуд. Соли 1972 секторҳои Эрон ва Афғонистон ба ду сектори алоҳида тақсим карда шуд. Академик А.Мирзоев то соли 1976 роҳбарии Шуъбаи Эронро ба уҳда дошт, ки дар ин солҳо Шу ъба эътибори ҷаҳонӣ пайдо намуд. Таҳқиқоти дар ин Шуъба анҷом мепазируфтаро дар ҳамаи марказҳои ховаршиносии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷаҳон қадр намуда, мавриди истифода қарор медоданд [3,с.50].

Дар ибтидо дар Шуъбаи шарқшиносӣ забону адабиёт ва таъриху фарҳанги кишварҳои Эрону Афғонистон ва Ҳинду Покистон омӯхта мешуданд. Вале дере нагузашта, соли 1967 таҳти №21 бо кӯшишҳои пайгиронаи Абдулғанӣ Мирзоев ва В.П. Демидчик, ки дар Шуъбаи мазкур вазифаи котиби илмиро иҷро мекард, сектори кишварҳои арабӣ кушода шуд ва роҳбарии ин сектор ба уҳдаи В.П.Демидчик вогузор гардид [1,с.53].

**Хулоса:** саҳми Академик Абдулғанӣ Мирзоев дар ташкилшавии Институти шарқшиносии Тоҷикистон ниҳоят калон аст. Маҳз бо дастгириҳои ӯ ин шуъбаи барои таърихи миллати мо ниҳоят муҳим ташкил карда шуд. Абдулғанӣ Мирзоев аз таҷрибаи бойи меҳнатии худ пайхас намуда буд, ки барои пешрафти илми шарқшиноси дар РСС Тоҷикистон ташкили як шуъба ва ё институт ва секторҳои гуногун дар дохили ин муассиса ниҳоят зарур ва саривақти мебошад. Дар ҳолати ташкил нашудани ин институт омӯхтани таърихи бойи миллати тоҷик ғайриимкон буд.Барои ҳамин

Абдулғанӣ Мирзоев сайю кӯшиш ва талошҳои зиёде намуда ин муассисаи барои миллати мо ниҳоят муҳимро бо дастгирии Бобоҷон Ғафуров ташкил намуд.

**Калидвожаҳо:** Абдулғанӣ Мирзоев, Бобоҷон Ғафуров, Академияи илмҳо, Институти шарқшиносӣ, РСС Тоҷикистон, ИҶШСС, А.Семенов, Институти забон адабиёт ва таърих, РСС Озарбойҷон, РСС Гурҷистон, РСС Ӯзбекистон, Москва, Ленинград ва Тошканд.

**Адабиёт**

1. Аълохон Афсаҳзод. Академик Абдулғанӣ Мирзоев. Душанбе: Ирфон 1985.-80 с.
2. Ёдномаи Академик Абдулғанӣ Мирзоев. Мураттибон: А. Алимардонов, Р. Аҳмад. Душанбе: Дониш, 2008.-425 с.
3. Шарқшиносии тоҷик. Мураттибон: А.М. Хуросонӣ ва Н. Амиршоҳӣ. Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. -629 с.

## ЗАИМСТВОВАНИЯ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

**Диловаров М. М. - к.ф.н., старший преподаватель кафедры иностранных языков ТГФЭУ**

В каждом языке существуют не только исконно родные слова, но также и многочисленные заимствования из других языков. В одном языке их возможно больше, а в другом языке их меньше, но они всегда существуют. Можно сказать, что заимствование – это положительный процесс для всех языков. Так может обогащаться словарный запас определенного языка, в них появляются элементы для образования новых слов, обогащается лексика. Таким способом обогащается словарный запас, появляются новые элементы для словообразования, приходит лексика, принадлежащая точной терминологии. Основными способами заимствования слов из других языков являются транскрипция, транслитерация и калькирование.

В Большом энциклопедическом словаре слову **заимствование** даётся такое определение: «Заимствование - переход элементов одного языка в другой как результат взаимодействия языков или сами элементы, перенесенные из одного языка в другой. Заимствование может быть устным (воспроизводит общий фонетический облик слова) или письменным, книжным (когда производится транслитерация слова)»[71].

Самое большое количество заимствований существуют в английском языке по сравнению с другими языками. Было подсчитано, что 70 процентов из английской лексики приходится на заимствования, а остальная лексика является исконно английские слова. Это обусловливается историческим развитием данного языка. Например, можно сказать, что это исходит от многочисленных зарубежных завоеваний Британских островов, развитие торговли, влияние культуры других стран – все это способствовало появлению и закреплению заимствований в английском языке.

Обыденная жизнь в течение всех исторических эпох очень глубоко влияет на этапы формирования лексического состава любого языка, в котором они находят свое абстрактное отражение. И, конечно же, английский язык не является исключением. Торговые, политические, культурные отношения с различными народами и странами, ознакомление с достижениями других народностей, как с их рутиной жизни, так и с их литературой и искусством, стали причиной массового вторжения в английский язык заимствованных слов, что, в свою очередь, стало способствовать обогащению его словарного состава.

Мы можем встретить слова в английском языке, которые были заимствованы из старофранцузского, латинского, греческого, скандинавских и других языков. Например, такие грамматические категории как: артикли, предлоги, союзы, и вспомогательные глаголы являются исконно германскими. Из латинского языка перешли такие слова-заимствования на английский язык, которые относятся торговле и христианизацию, например: wine (вино), pepper (перец), school (школа), devil (дьявол), priest (священник). Нужно отметить, что также, в шестнадцатом веке английский язык обогатился еще и латинской терминологией – concept

[71] Прохоров А.М. Большой энциклопедический словарь. 2-е изд., перераб. и доп. Издательство: Норинт, 2004 г.

(понятие, идея), access (доступ), commission (полномочие, доверенность), complain (жалоба) и т.д.

Нашествия скандинавских викингов начиная с конца восьмого века стали причиной перехода в английский язык датской лексики. Это, такие известные нам слова: they (они), take (брать), cut (резать), get (получать), ugly (уродливый), husband (муж), shirt (рубашка), whole (целый), wrong (неправильный), leg (нога).

Стоит заметить, что самой многочисленной группой заимствований в английском языке является старофранцузская. По урокам истории нам известно, что в 1066 году Англию завоевали нормандцы. Именно они принесли на Британские острова нормандский диалект французского языка, из которого со временем образовался англо-нормандский язык, который по истечению времени, стал государственным языком. Данный язык существовал на острове до конца четырнадцатого века, но, всё равно, коренное население продолжало говорить на своем английском языке. Эти заимствования в английском языке составляют четвертую часть всех наиболее употребляемых слов. Широко используемые французские заимствования в английский языке являются: entrance (вход), goddess (богиня), admirable (замечательный, превосходный), flexible (гибкий), difficult (трудный), disappointment (разочарование), movement (движение), solitude (уединение, одиночество), court (суд), government (правительство), battle (битва), city (город) и многие другие.

Нужно отметить, что несмотря на то, что в английском языке большое количество слов является словами заимствованными из различных языков, этот язык не потерял своей самобытности, т.е. заимствования в английском языке не нанесли ему вред, а, наоборот, обогатили его словарный запас и до сих пор помогают развитию словообразования в данном языке. Конечно же, если знать особенности этих заимствований из разных языков, то изучение английского языка становится легче и быстрее.

Наряду с заимствованиями из классических языков (латыни и греческого), французского, скандинавского, русского и других европейских языков, в английском языке существуют много слов, пришедших из языков стран арабского и Ближнего Востока, Индии, а также языков народов, населявших колонии и доминионы Империи Великобритании.

Принимая во внимание все вышеизложенное, можно сделать вывод, что заимствования составляют особый пласт лексики как, например, с точки зрения процессов номинации, так и в плане мотивированности. Они являются одним из возможных ответов на потребности номинации, возникающие в результате языковых контактов и расширения под влиянием других языков и опыта данного языкового коллектива, они представляют собой определенную экономию языковых попыток при составлении речи, так как для заполнения номинативных лакун, которые возникают в том определенном языке, будут использованы готовые единицы чужого языка. В свою очередь, потеряв прежние ассоциативные связи, которые были в языке, из которого они были заимствованы, влечет за собой и потерю мотивированности присущей в языке источнике заимствованным словам, что также может вызывать существенные трудности при распознавании их смысла во время восприятия речи.

**Список литературы:**


1. Алехина А. И. Идиоматика современного английского языка. — М., 1982.
2. Арнольд И. В. Лексикология современного английского языка. — М., 1989.
3. Бруннер К. История английского языка. — М., 1956.
4. Войнова Е. А. Лексикология современного английского языка. — М., 1991.
5. Гинзбург Хидекель. Лексикология английского языка. — М., 1981.
6. Ожегов С. И., Швецова Н. Ю. Толковый словарь русского языка. — М., 1995.
7. Прохоров А. М. Заимствования // Большой энциклопедический словарь. 2-е изд., перераб. и доп. Издательство: Норинт, 2004 г.
8. Сейдл Дж. Макморди. Идиомы английского языка и их употребление. М., 1963.
9. Смирницкий А. И. Лексикология английского языка. - М., 1949.
10. Харитончик З. А. Лексика английского языка. - Минск: Высшая школа, 1992.

# ПРАВИЛО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СЛОВ С ОДИНАКОВЫМ ЗНАЧЕНИЕМ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

**Фатхуллоева Ш. А.- к.ф.н., старший преподаватель кафедры иностранных языков ТГФЭУ**

Одна из трудностей английского языка – наличие в нем многих одинаковых слов. Нет, не однокоренных, не просто похожих, а именно одинаковых! Конечно, многие слова имеют много значений (полисемичные слова), но есть другая категория слов, доставляющая нам сложность. Это *омографы* – слова, которые пишутся одинаково, но читаются по-разному, имеют разные значения и зачастую являются разными частями речи.

Многие изучающие, даже с высоким уровнем знаний, допускают ошибки, когда используют омографы в речи. Незнание разницы в произношении ( или незнание о разнице) – типичная наша ошибка, потому что мы склонны запоминать только один образ для одного слова.

Запомнив один образ слова, крайне сложно «переучиваться» и запоминать второй. Даже зная о том, что у слова два варианта произношения, мы все равно умудряемся использовать только один.

Как же может меняться произношение одного и того же слова, при том, что буквы остаются те же? Рассмотрим типичные изменения.

Во-первых, **перенос ударения**: если первый слог ударный – слово существительное, второй – глагол. И, хотя нам кажется, что это не столь важно, где ставить ударение, существительное на месте глагола в предложении не плюс в вашей речи.

Во-вторых, **изменения гласных звуков** и **дифтонгов**: [ə] -[eɪ], [e] -[ɪ], [ɪ]-[eɪ], [e] -[iː], [ou]-[au], [ɛə]- [tɪə] и других. Это происходит за счет того, что в английском языке гласные и сочетания гласных имеют несколько вариантов чтения.

Кроме того, **оглушение конечного звука**: [z] - [s] свидетельствует об изменении значения слова.

Различить, какое слово перед вами можно по месту слова в предложении и по контексту. В данной статье вы найдете наиболее часто употребляемые омографы английского языка или попросту слова, которые пишутся одинаково, но произносятся по-разному и имеют разное значение. Для каждого слова приводятся два варианта транскрипции с переводами и примерами использования в предложении. Даже если вы недавно начали изучать английский язык и еще не встречали эти слова, вам будет полезно ознакомиться с этой категорией слов, чтобы в последующем обращать на них внимание.

При помощи слово хорошо описывается уже глагол поет поэтому мы скажем **He sings well.** Тоже самое происходит и в следующем случаи например: **Она говорит по английский хорошо.** При помощи слово хорошо мы описываем действие способность говорить то есть глагол speak поэтому мы скажем She speaks English well. В тоже время если мы немного переделаем эти предложения и захотим сказать он хороший певец в этом случаи выбираем прилагательное good которое относится к существительному певец. He is a good singer. Тоже самое здесь Её английский хороший. Her English is good. Как видите все сопоставляется с русским языком кто-то что-то делает хорошо well что-то хорошие или кто-то хороший good давайте немного потренируемся: Это пицца очень хорошая **This pizza is very good**. Он дал мне хороший совет. **He gave me some good advice.** Это хорошая новость. **This is good news**. Она хорошо сдала экзамены. **She did well in her exam.** Он очень хорошо играет футбол. He plays football very well. Ты хорошо сделал свою работу. You did your job well. В тоже время это предложение можно сказать иначе. **You did a good job.** Здесь уже характеризуем существительное job. И еще несколько примеров. У него хорошее здоровье так как он хорошо питается. **He is in good health because he eats well.** Скорее поправляйся. **Get well soon.** Нечего сложного вроде нет,

однако как обычно не все так просто слово **good** все таки может употребляется после некоторых глаголов.
**Глагол №1**. - to feel good – быть в хорошем настроении, **I feel good,** значить я нахожусь в прекрасном расположении духа, мне хорошо. А вот **I feel well**. – Значить я хорошо себя чувствую физически то есть здесь речь идет о состоянии здоровья. **I'm not feeling very well today.** Я сегодня себя не очень хорошо чувствую физически следующий случай.
**Глагол №2. - to look good** – хорошо выглядеть. **You look good.** – Ты хорошо выглядишь. Здесь речь может идти о порядке, о прически о хорошем цвете лица.
**Глагол №3. – to smell good** – хорошо или приятно пахнуть. What smells so good. – Что так хорошо пахнет. Теперь речь о вкусе.
**Глагол №4. –to taste good** – бить хорошим на вкус. This cake tastes very good. Этот торт очень вкусный – **to sound good** – хорошо звучать. The singer sounded very good. Певец звучал очень хорошо.

Также особенно в американском английском в разговорной речи вместо слово **well** может употреблятся **good** в таких предложениях.
Как поживаеш? - хорошо. How are you doing? I'm good. Мое свидание прошло хорошо. My date went good. Подводим итог. Если мы характеризуем глагол употребим слово **well. He drives well.** Если характеризуем существительного употребим слово **good. He is a good driver.** С глаголами look, taste, sound, feel, smell употребляем **good.** Если говорим о состоянии здоровья то используем **well.**

Следующая пара слов которого мы сейчас рассмотрим это слова **hold and keep** в чем их разница когда надо использовать **hold** и в каких случаях надо использовать **keep** начнем со слова **hold**. Дословно оно обозначает как раз то, что мы чаще всего понимаем под слов **держать** то есть «схватить» взять –то и поддерживать с помощью рук»
Пример: **I hold this suitcase in my arms.** Я держу этот чемодан в своих руках. They hold each other's hand. Слово **keep** используется, когда нужно показать, что вы удерживаете какое-то состояние, например спокойствие или физические кондиции. Например: **I intend to stay out of trouble and keep my job.** Я намереваюсь оставаться в стороне от неприятностей и удерживаться за свою работу. **Keep me informed.** Держите меня в курсе.

Третья пара слов это **travel, journey and trip.** Мы посмотрим в чем разница между этими словами. На первый взгляд они взаимозаменяемые но у каждого из них свои нюансы в коком контексте надо использовать чтобы у вас больше не было путаницы когда вы будите говорить на тему **путешествие.** Начнем со слов **travel.** Слово **travel** в английском языке используется как глагол нежели как существительное. **Например: I like to travel.** Используется для обозначения путешествия в общем смысле, т. е. перемещение из пункта «А» в пункт «Б» Например: Being retired dad **travels** as much as he used to. Будучи на пенсии, отец **путешествует** столько же как и в прошлом. А вот во множественном числе иногда встречаются в разговорном варианте английского языка: ссылаемся в общем на путешествия, в которых побывал какой-то человек; подразумеваем продолжительные поездки из одного места в другое. I have already met some gorgeous people on my **travels.** Я уже повстречал несколько потрясающих людей во время своих **путешествий.** С **travel** есть немало полезных словосочетаний такие как: **travel a great widely** – объехать много стран; **travel about** – объезжать, объехать; **travel nut** – заядлый путешественник. **Journey** – поездка (преимущественно сухопутная); путешествие; рейс; разъезд, при этом как правило, она должна быть довольно продолжительной по времени. От общего к частному. Когда вы путешествуете, то как правило, совершаете многочисленные поездки «make journeys» из которого и состоит ваше «travel». Пример: Before continuing their **journey** guys stopped at the motel for a while. Прежде чем продолжить свое **путешествие** ребята на время остановились в мотеле. The **journey** ahead will be arduous. **Путь** который ожидает вас впереди, нелегок. How many difficulties did she have to overcome on her spiritual **journey?** Как много трудностей ей пришлось преодолеть вовремя **духовного путешествия?**

**Voyage “Voyage”** – путешествие; плавание; морское путешествие; полёт (на самолёте) рейс; странствования; жизненный путь. Подразумевается длинное путешествие по воде, суше или воздух в отдаленном либо незнакомое место. В настоящее время мы не так часто используем это слово, однако ранее оно было более привычным для всех. Grandpa used to be the youngest sailor on his first **voyage** back in the days. В былые времена, во время своего первого **морского путешествия** дедуля был самым молодым матросом. Someday we will be able to go on a **voyage** to Mars. Однажды мы сможем отправиться в **путешествие** на Марс. Если же цель такого времяпровождения насладиться видами океана, отдохнуть и получить удовольствие от пребывания на судне, то используются слово «**cruise**»

Слово **Tour** – переводится путешествие; поездка; турну; экскурсия; тур; объезд; обход; круговое путешествие; осмотр (городов, музеев и т.п) **“Tour”** обычно планируются и выбирается, в то время как **“travel”** – более свободное и спонтанное. Будучи туристом, вы узнаете об истории и культуре определенного места, но в роли путешественника, вы можете накопить собственный опыт и узнать о вещах за пределами книг по истории и экскурсий гидов. Пример: I took an expensive **tour** of South Korea last year. I visited Seoul, Busan and Jeju. It was totally worth it! В прошлом году я взял дорогой **тур** по Южной Корее. Посетил Сеул, Пусан Чеджу. Это однозначно того стоило! Теперь несколько словосочетания с «tour»; **tour a fair** – осматривать ярмарку. **tour all over** – объезжать; **tour – basing fare** экскурсионный тариф; **tour highlight** – туристическая достопримечательность; **tour- itinerary** – туристический маршрут ( путь следования туристов, включающий посещение различных исторических мест, культурных объектов, природных ландшафтов и т.п.

А теперь последняя пара слов в котором допускаются много ошибок это слова “**look”, “see” and “watch”** схожие по смыслу глаголы и разницу между ними. Как в русском языке есть разница между глаголами «смотреть», «видеть» и «наблюдать», так и в английском, разница между **“look”, “see”** и **“watch”,** тоже имеется. Эти слова частенько вызывают трудности у многих студентов начального уровня. Неудивительно, ведь они все относятся к похожим действиям, плотно связанным с нашими глазами**.** Но едва ли их можно назвать синонимами.

**Look** – смотреть (на кого-то /что-то). На что-то неподвижное, статичное неменяющееся. Мы намеренно сосредотачиваем на предмете свое внимание. Часто в этом значение глагол используется с предлогом “**at”.**

Look **at me!** – Посмотри на меня!

**Look what you have done!** – Посмотри, что ты наделал!

Также “look” используют в начале предложения в значении «смотри», в смысле «послушай».

**Look,** there’s nothing to be scared of. – Послушай, тут нечего бояться.

**Глагол See** – когда мы смотрим на что =то, то направляем на него наш взгляд, то мы просто видим.

Мы ведь постоянно видим что-то: людей, животных, предметы, которые попадают в поле нашего зрения, неважно заостряем мы на них внимание или нет.

«**See**» довольно схожий глагол с «notice» - «замечать». Мы замечаем что-то своими глазами. Вторая и третья формы этого неправильного глагола – это “saw” и “seen” соответственно.

**I see** him every night in the mirror. – **Я вижу** его каждую ночь в зеркале. Did you **see** my new knife? – Ты **видел** мой новый нож?

Еще «see» означает «**осознавать**» Можно, например смотреть, но не видеть. Поэтому есть выражение «I **see.** – **«**Ясно/Понятно». **I wanna hug you.** – I see. Я хочу обнять тебя. – **Ясно.** What you **see** is what you get. –Принимай меня таким какой я есть.

**Watch.** – этот глагол в свою очередь схож с “look”. Однако “watch” – не просто “смотреть” на что-то, а «наблюдать» за кем-то/чем-то, что находится в действии или развитии. Здесь акцент стоит на изменениях в течение определенного времени. He was

sitting and **watching** people. – Он сидел и **наблюдал** за людьми. Еще можно использовать «watch», когда хотите сделать кому-то замечание или предостеречь кого-то. **Watch it,** young lady! – **следи за своими выражениями,** барышня! **Watch out,** man! – **будь осторожен/берегись,** парень! В последнем варианте, правда, сгодится «look»: «**look out!** – берегись!». Кроме этого у "Look out" есть еще значения «выглядывать» (откуда-то); «приглядывать». А теперь давайте сравним:
She **looks** at me. – Она **смотрит** на меня.
She **sees** me. – Она **видит** меня
She **watches** me. – Она **наблюдает** за мной.

**Заключение**

Если у вас были сомнения на счет употребления данных глаголов в определенных ситуациях, то теперь они полностью раскрыты и теперь можно не допускать таких грубых ошибок. По этому всегда надо соблюдать правило английского языка.

**Источники:**

1. https://crownenglishclub.ru/teoriya/okonchanie-s-u-glagolov-v-anglijskom-yazyke-okonchaniya-s-ed-ing-u-sushhestvitelnyh-i-prilagatelnyh.html
2. https://englhouse.ru/grammatika/kak-iz-glagola-sdelat-sushhestvitelnoe-v-anglijskom.html

## ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ МАҲЗУНИ САМАРҚАНДӢ ВА МАВҚЕИ КАЛИМАҲОИ МУРОДИФ ДАР АШЪОР

**Сироҷова Н.Ф. - н.и.ф., кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ**

Маҳзуни Самарқандӣ зодаи шаҳри Самарқанд аст. Дар ин масъала шубҳае нест, зеро худи шоир чандин маротиба дар ин бора ишора намудааст. Аз ҷумла, мегӯяд:

Маҳзунаму зи мулки Самарқанд мешавам,
Ҷаддам Имомӣ аст, на аз қаряи Ҳисор.[2,60а]

Ҷои дигар таъкид мекунад:

Ризоҷӯ бандаи озода - Маҳзуни Самарқандам,
Ки озодӣ маро, алҳамдулиллаҳ, чун ризоҳо шуд.[2,326]

Усмон Каримов такя ба байти аввал тахмин мекунад, ки «шояд гузаштагони шоир аз авлоди Имом Ризои Машҳадӣ бошанд» . [3,237]

Мо санаде дар даст надорем, ки аз авлоди Имом Ризои Машҳадӣ будани Маҳзунро собит кунад. Танҳо дар девони шоир абёте метавон дарёфт, ки ба пайрави Алӣ ибни Абӯтолиб будани ӯ гувоҳӣ диҳанд. Маҳзун чанд ғазал дар мидҳати Расули Акрам (с) ва ёронаш гуфта, ки аз байни чаҳор ёри пайғамбар ба Алӣ ибни Абӯтолиб меҳри махсус дорад ва борҳо ӯро сутудааст. Аз ҷумла, ғазали зерин аз матлаъ то мақтаъ дар ситоиши Алӣ ибни Абӯтолиб аст:

Ман ғуломи ҳазрати он шоҳи мардони Наҷаф,
Хокрӯби макдамаш бошанд шоҳони Наҷаф.
Ҳоҷиён аввал тавофи маркади Мардон кунанд,
Баски ӯ чун марди майдон асту султони Наҷаф.
Аз хаёлаш хотири аҳли Наҷаф гулшан бувад,
Ҷону дилҳо булбули хори гулистони Наҷаф.
Мекунанд тавфи мазори ҳазраташро субҳу шом,
Қибла оварда ба лаб хокаш муқимони Наҷаф.
Хори даргоҳаш ба мижгон рӯфта, аз баҳрайни чашм,
Рехта обаш зи фаррошӣ азизони Наҷаф.
Сурма карда ҳар ғубораш дидаро чун тӯтиё,
Гашта бинои дигар чун чашми кӯрони Наҷаф.
Маркади покаш бувад дар ҳафт ҷои мухталиф,
Рӯҳи покаш ҳар куҷо ҳозир чу меҳмони Наҷаф

Падари шоир аз махдумон, яъне хоҷагон будааст. Унвони махдумӣ, ки ӯ борҳо дар осораш ёдовар шудааст, мероси падарӣ мебошад:

Махдумии мо ҳам кам аз он шайхии кас нест,
Мероси падар чун ба ридое нахаридем. [2,1106]

Аз падар мероси казоие боқӣ намонда будааст, ки Маҳзун машғул ба коре мешавад ва мардум барои эҳтиром ӯро «Махдуми тилло» лақаб додаанд:

Махдуми тилло мулаққаб шуд, чӣ мебояд маро,
Чун зари холис ба каф ҳар ҷо шуморам кардаанд. [3,236]

Ҷои дигар мегӯяд:

Кафи хоки азизон кимиёи сурати мо шуд,
Ки чун миси вуҷудат ҳамчу мо -Махдуми тилло кун. [2,119]

Маҳзун аз махдумзода будани худ дар абёти дигараш низ ишора намудааст:

Илоҳо, банда Маҳзунам ва махдумам ва хурсандам,
Ки сад шукри дигар зебандатар аз ман туро набвад.[2,436]

Аммо махдумзодагӣ ба шоир манфиате наоварда, ки дар ин байт аз «лофи махдумӣ» гилагузорӣ мекунад:

Лофи махдумӣ бало шуд, охираш Маҳзун шудам,
Шукр банди шайх шуд охир зи ман хирвори ман. [2,1206]

Вақте ки шоир ба кӯи ишқ меафтад, аз махдумию маҳзунӣ бениёз мегардад:

Ман ки Маҷнунам, на махдумам, на маҳзунам, на шод,
Гардани девонаро занҷир зулфи ёр шуд. [2,42а]

Соли таваллуди Маҳзун низ ба таври аниқ маълум нест. У. Каримов тахмин мекунад, ки «бояд таваллуди шоир дар миёнаҳои солҳои 70-уми асри XVIII сурат гирифта бошад» . [3,287]

Маҳзун дар ин ғазал ба муносибати «тамомӣ ёфтани аҷзои китобаш» чунин мегӯяд:

Ба соли чил тамомӣ ёфт аҷзои китоби ман,
Агар мирам, шумар ҳамсол шуд бузинаи Маҳзун.[2,122]

Соли бузина ё худ ҳамдуна мувофиқи солшумории ҳиҷрӣ 1240 мебошад, ки ба соли 1824 мелодӣ баробар аст. Ибораи «соли чил» ишора ба ҳамин сол аст. Дар ғазали дигар шоир ба чиҳилсолагии худ чунин ишора мекунад:

Соли умрам чун чиҳил шуд, ҳаст чанд рӯзи дигар,
Бештар дорад ба гардан мардуми зандор қарз.
Як сари қоқам мадюни каси бисёр шуд,
Месазад ҳар дам занад бар фарқи сар пайкор
қарз.(1, 876)

Эҳтимол меравад, ки Маҳзун таҳсили ибтидоияшро дар Самарқанд гирифта, баъдан барои идомаи таҳсил ба Бухоро рафта бошад. Шояд баъд аз хатми мадраса ба дарбори Амир Ҳайдар (1800-1826) иртибот пайдо кардааст, ки дар «Соқинома» аз ӯ ёд мекунад:

Куҷо шуд Ҳайдари фархундафарҷом,
Аз ӯ то монад ин ҷо як ду-се ном.
Зи илму фазлу дониш баҳравар буд,
Зи ҳолу коли шайхон баҳравар буд.[1,147б]

Бино ба шаҳодати сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва таҳқиқоти донишмандон Амир Ҳайдар дар байни аҳли илму адаби аморати Бухоро ба сифати «амир-ул-уламо» машҳур буд ва худ бештар дар сӯҳбати уламои дин менишаст. Амир Ҳайдар худ дар мадраса дарс мегуфт ва дар ҷамъомадҳои дарборӣ низ доир ба паҳлӯҳои гуногуни шариат музокираҳо барпо мекард. Ин рафтори Амир Ҳайдар диққати аҳли илму адабро ба худ ҷалб мекунад ва шуарову уламои зиёде дар дарбори ӯ гирд меоянд. Маҳзун низ

дар ибтидо ба дарбори ин амир иртибот пайдо карда буд ва аз ҳамин сабаб ӯро «зи илму фазлу дониш баҳравар» ва «аз ҳолу қоли шайхон бохабар» медонад.

Аммо сиёсати пешгирифтаи Амир Ҳайдар на барои ривоҷи илму шеъру шоирӣ, балки марбут ба ғаразҳои мазҳабию динӣ ва сиёсии ӯ буд. Ин амир ба шеъру шоирӣ аз назари улуми шаръӣ ва аҳкоми динӣ менигарист. Дар ибтидо шоирон, аз ҷумла Маҳзун ӯро ҳамчун амири адолатпарвар ва пуштибони аҳли хираду фарҳанг қабул карда буданд. Аз он ҷост, ки Маҳзун дар тавсифи ӯ мегӯяд:

Бухоро буд доим тахтгоҳаш,
Зи анҷум ҳам фаровонтар сипоҳаш.
Ба фарқи сар, ки тоҷи хусравӣ дошт,
Ба тахти хусравӣ чун меҳтарӣ дошт.
Ба боло дошт чатри соябонӣ,
Ба мардум кард ҳукми комронӣ. [1,147б]

Аммо Маҳзун ба зудӣ дармеёбад, ки «дар шароити аморати Бухоро ҷаҳлолудтарин, хурофоттарин ва иртиҷоитарин шакли идеология аз номи ислом» ҳукмронӣ мекунад ва «бунёди идеологияи он на ба исломи аслӣ (муҳаммадӣ), балки ба исломи расмӣ ва хурофотии авом қарор ёфта, барои дар ҷаҳолат нигоҳ доштани халқи заҳматкаш ва масдуд гардондани роҳи озодфикрӣ» асос ёфтааст. [4,101]

Маҳзун баъд аз ин рӯ ба Фарғона, ба дарбори Амир Умархон (1811- 1822) меорад.

Маҳзун бояд бо султон Умар аз наздик шиносоӣ дошта бошад, зеро дар «Соқинома» ҳам аз донишу хирад ва ҳам аз сипоҳу лашкараш сухан мегӯяд:

Бувад Хӯқанд мулку ҷойгоҳаш,
Амиру лашкараш камтар сипоҳаш.
Ҳама донишварон таслим карданд,
Амирон аз синонаш бим карданд. [2,147а]

Маҳзун султон Умарро чун амири сухандону нуктасанҷ шинохта, дар майдони сухан табъи воло доштани ӯро таъкид мекунад:

Расотабъу фаҳиму нуктадон буд,
Ба майдони сухан гӯё чу ҷон буд.
Чӣ хуштабъон, ки таслимаш накарданд,
Чӣ хубрӯён, ки таъзимаш накарданд.
Ба мулки ҳусни бам чун дошт шоҳӣ,
Сипеҳри дилбариро буд моҳе. [2,147а]

Маҳзун аз доираи адабии дарбори амир Умархон сухан гуфта, ҳамаро «ашъорфаҳму сухансанҷ» медонад:

Сухан кӯтоҳ, амири олимансаб,
Зи мирони расоён дошт мактаб.
Ҳама ашъорфаҳму чун сухансанҷ,
Ки аз дурри сухан чун доштанд ганҷ.[2,147б]

Маҳзун аз байни шоирони дарбори Султон Умар ба Султонхони Адо, ки аз шоирони намоён ва соҳибдевони асри XIX тоҷик мебошад, тариқи дӯстӣ дошта, ки дар бораи ӯ маълумоти нодир медиҳад:

Муҳаббат дошт Султонхон Адо буд,
Ба ин султониаш ҳамчун гадо буд.
Чу мири шоҳӣ нурулайн Ҳайдар,
Умар болову ӯ мешист бар дар. [2,147а]

Маҳзун ба ашъори Султонхони Адо баҳои баланд медиҳад ва ҳамзамон бо ин табъи баланду шеъри воло зиндагонии фақирона доштани ӯро таъкид мекунад:

Зи шеъраш боғи дониш зеб дорад,
Зи рангаш саҳни мазмун себ дорад.
Китоби ӯ, ки чун гул шуд парешон,

Ба олам дод бӯ гӯё гулистон.

Ба ин дониш амири садр ӯ буд,

Ба ин зӯраш, вале беқадр ӯ буд. [2,1476]

Аз гуфтаҳои Маҳзун бармеояд, ки Султонхони Адо садри маҷлисҳои адабии дарбори амир Умархон будааст. Эҳтимол меравад, ки пеш аз Фазлии Намангонӣ Султонхони Адо садри маҷлисҳои адабии Султон Умархон будааст. Вале бо сабабҳои номаълум дарбори ин амирро тарк мекунад. Маҳзун дар ин бора мегӯяд:

Зи инъоми Умархон хон бардошт,

Ҳама бигзошт, з-он ҷо рахт бардошт. [2,1476]

Гумон меравад, ки Султонхони Адо ва Маҳзуни Самарқандӣ - ин ду шоири ҳамшаҳр ба рақобати шоирони дарбори амир Умархон тоб наоварда, он ҷоро тарк карда, ба шаҳри Кеш меоянд. Ин гуфтаҳоро суханҳои зерини Маҳзун тақвият мебахшад:

Суханвартар чун ӯ ин ҷо касе нест,

Ба ҷисмаш ҳамчу мижгон кас хасе нест.

Ба шаҳри Кеш бошад чун мусофир,

Зи давлат кам, вале аз фаҳм вофир.[2,147а]

Бояд Маҳзун ва Султонхони Адо чанд муддат дар шаҳри Кеш зиндагӣ карда бошанд, ки Маҳзун дар яке аз ғазалҳояш аз Кеш ба Самарқанд омаданашро таъкид намудааст:

Мапурсед, эй қадрдонон сабаб аз ғурбатам акнун,

Ки Маҳзуни Самарқандӣ чаро аз шаҳри Кеш омад.[2,49а]

Эҳтимол меравад, ки Маҳзун як муддат дар дарбори Султон Умар хидмат карда соҳиби амале ҳам будааст, ки боиси бухсу ҳасади дигарон гаштааст. Шоир дар ин ғазал ба подшоҳ муроҷиат карда, аз «хидмати порина»-и худ ёдовар мешавад:

Зи бас ман синасофам, ғайр ранге дар бағал дорам, Сияҳдилтар шавад ҳар кас, ки гирад кинаи Маҳзун.

Ғуломи ошиқам, эй подшоҳ, камхидматам, лекин

Ба хотир ор гоҳе хидмати поринаи Маҳзун.

Ман он рӯзе, ки зери остонат сар фурӯ кардам,

Ба боло рафт чандон қадри пои зинаи Маҳзун. [2,122а]

Абёти боло гувоҳи он аст, ки шоир дар дарбори подшоҳе соҳиби амале буда, ки мавриди туҳмати рақибон гаштааст ва подшоҳ ӯро аз ин амал дур кардааст. «Камхидматам» гуфтани шоир далолат ба он дорад, ки дар ин дарбор муддати зиёд хидмат накардааст. У. Каримов тахмин мекунад, ки «шояд ин воқеа (соҳиби амале будан ва аз он дур шудани шоир -С.Н.) дар замони амир Ҳайдар рӯй дода бошад» [3, 97]. Аммо ба пиндори мо ин воқеа дар дарбори амир Умархон бояд рӯй дода бошад. Зеро ғазали боло дар ҳошияи девон сабт гардида ва ин гувоҳи он аст, ки ғазал аз эҷодиёти солҳои охири ҳаёти шоир аст. Сониян, сабабҳои аз Бухоро ба Фарғона рафтани шоирро мо дар боло зикр кардем, ки ба ин воқеа алоқае надорад.

Маҳзун пеш аз он ки ба ватан баргардад, муддате дар шаҳри Кеш иқомат кардааст ва дар ғазалаш ишора мекунад, ки «барои дидани атбори хеш» ба ватан омадааст:

Зи ғайрат чун кунад, эй дӯстон, ин синареш омад,

Мусофир, к-ӯ барои дидани атбори хеш омад.

Зи хориҳои саҳрои ғарибӣ сина решам шуд,

Ки марҳам кун, ки дилҳои ҳазин сад захми неш омад.

Ғанимат бигзарад бо дӯстон умри ду-се рӯза,

Намедонам, ки умри боқиям ду рӯз беш омад.

Гузаштам, ҳар чӣ омад пеши рӯям аз ғаму шодӣ,

Чи меҳнат, ё чи роҳат қисматам ҳар чӣ ки пеш омад.

Мапурсед, эй қадрдонон сабаб аз ғурбатам акнун,

Ки Маҳзуни Самарқандӣ чаро аз шаҳри Кеш омад. [2,49a]

Гумон меравад, ки шоир ҳангоми мусофират бештар дар Хӯқанд зиндагӣ кардааст ва баъд аз он ки ба Самарқанд меояд, дигар ёди ғарибӣ намекунад:

Бибурда дил зи каф чун норпистони Самарқандам,
Намеояд ба хотир ғамзаи хубони Хӯқандам.[2,1066]

Шоир дар ашъори худ аз муродифҳои:

маҳзун-зиқ, ғамгин, ошуфтаҳол, ноумед, дилшикаста, маъюс;
хурсанд- шод, фараҳманд, нишот, мамнун;
мулаққаб- лақаб, тахаллус;
пок- тоза , покиза, озода;
авом- халқ, мардум, омма;
эътироз- эродгирӣ, норозигӣ, муқобилат:
фаровон истифода бурдааст.

Хулоса, Маҳзун аз шуарои намояндаи равияи «пайравгарӣ» буда, дар пайравии суханварони пешин ба шеърнависӣ оғоз намудааст. Мавзуҳои ашъори Маҳзунро пеш аз ҳама мавзуҳои умумиву суннатии адабиёти форсу тоҷик монанди ишқ, тасвири табиат, танқиди рӯзгори номусоиду ҳокимони давр, панду андарз ва монанди инҳо ташкил медиҳанд.

Мухтавои осори Махзун гуногунпаҳлӯ буда, масоили иҷтимоӣ, ахлоқию тарбиявӣ , ҳамчунин мавзуҳои диниро дар бар мегирад. Шоир дар тасвири ин мавзуҳо аз ашъори шуарои гузашта илҳом гирифта, ҷаҳонбинии эшонро дар ин замина вусъат додааст.

***Адабиёт:***

*1.Девони Нозил, дастнависи рақами 1033 гандинаи дастнависҳои шарқии АУ Тоҷикистон.*

*2.Девони Маҳзуни Самарқандӣ, дастнависи раками 613 ганҷинаи дастнависҳои шарқии АУ Тоҷикистон.*

*3.Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX. Қисми дуюм, дар зери таҳрири Р. Ҳодизода. - Душанбе: Дониш, 1989. Саҳ. 45.*

*4.Амирқулов С. Таҳаввули адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри XIX. - Душанбе: Дониш, 1997.Саҳ. 70*

## АЗ ТАЪРИХИ ОФАРИНИШИ ЛУҒАТҲОИ ТАФСИРИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

**Ҳусейнова Г. А.** – н.и. ф., дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии ДДМИТ

Имрӯзҳо забони англисӣ дар ҷаҳони муосир мавқеи бузургро ишғол намуда, барои аз худ кардан ва дуруст истифода бурдани он бояд тамоми нозукиҳои онро (грамматика, фонетика, таърихи забон, лексикология ва луғатнигорӣ ва ғайра) омӯзем. Дар бораи илми луғатнигорӣ метавон гуфт, ки ин илм бо тамоми бахшҳои забоншиносӣ алоқаманд буда, маҳз бо вожанигорӣ сарукор дорад. Тартиб додани луғатҳо кори азим ва душвор аст. Пеш аз он ки ба тартиб додани ягон луғат оғоз намоем, таҷриба ва давраи татқиқоти дуру дарозро тай кардан лозим аст. Луғатҳо дар ҳаёти мо нақши бузург дошта, онҳо маълумотро аз насл ба насл таҳвил медиҳанд.

Луғатнигорӣ падидаи ниҳоят мураккаб буда, омӯзиши он усули тадқиқоти хоси худро талаб менамояд, инчунин, истифодаи маълумоти дигар илмҳоро ба монанди лексикология, грамматика, услубшиносӣ, фонетика, таърихи забон, таърих, фалсафа, мантиқ ва кишваршиносӣ низ тақозо мекунад.

Луғатҳои тафсирӣ яке аз он манбаҳое мебошанд, ки ҳар нафари соҳибмаълумот дорои чунин фарҳангҳоянд ва он ашхос бидуни мавҷудияти чунин фарҳангҳо худро тасаввур карда наметавонад. Ҳар фарди бомаърифат ва худогоҳ дар бораи таърих ва офариниши чунин луғатҳо бояд тасаввуроте дошта бошад. Фарҳангҳои забоншиносӣ аз рӯйи мақсад ва усулҳои тавсифи луғатнигорӣ ба чанд намуд ҷудо мешаванд. Дар байни луғатҳои забоншиносӣ луғатҳои тафсирӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд, ки

вазифаи онҳо шарҳ додани (тафсири) маънои калимаҳо ва тасвири истифодаи онҳо дар нутқ мебошад. Тафсир маънои воҳидии забонро аз нуқтаи назари тасвири оммафаҳмона ошкор мекунад ва одатан хоси луғатҳои филологӣ мебошад.

Луғатҳои тафсирӣ дар шуури мардум ҳамчун як махзани боигарии забон ва муҳимтарин манбаи маълумот дар бораи фаъолияти он қабул карда мешаванд. Дар аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон таъсиси луғатҳои тафсирии забонҳои миллӣ як ҷузъи муҳими сиёсати забон ба ҳисоб рафта, бо барномаҳои махсуси давлатӣ дастгирӣ карда мешавад. Луғатҳои тафсирии алифбоии якзабона дар сатҳи муайяни рушди фарҳанги забони халқ, он гоҳ пайдо мешаванд, ки аз як тараф, зарурати тавсифи умумии нормализатсияи лексикаи забонҳои халқӣ эҳсос мешавад ва аз тарафи дигар, забон ба кадри кофӣ инкишоф ёфтааст, ки луғатшиносонро бо чунин воситаҳои тавсиф таъмин намояд. Луғатнигории англисӣ низ дар рушди худ монанди тамоми лексикографияҳои ҷаҳон, ҳамон роҳи душвор ва тӯлониро тай кардааст. Сарчашмаҳои аввалини он, ба нахустин луғатҳои глоссарии асрҳои VII–VIII, ки давраи дини насрониро кабул намудани англисҳо буд, ба соли 597 рост меояд. Марҳилаҳои ташаккули луғат дар осори Август ва Мюррей, Эрдман ва Чо Си-Янг, Ҷексон ва ғайра муфассал баён шудаанд.

Аввалин луғати тафсирии калимаҳои душвор, барои забони модарии англисӣ пешбинӣ шуда, соли 1604 тартиб дода шуда буд. Онро муаллими мактаб ва рӯҳониёни деҳа Роберт Кодрей, тартиб дода буд, ки чунин номи дароз дошт: A Table Alphabeticall, contayning and Teaching the True Writing, and Understanding of Hard Usuall English Words, Borrowed from the Hebrew, Greek, Latin, or French, etc. With the Interpretation there of by plain English words, gathered for the benefit and help of all unskillful persons. (Ҷадвали алифбо, дорои навиштаҷоти ҳақиқӣ ва фаҳмиши калимаҳои душвори маъмулии англисӣ буда, аз забонҳои ибрӣ, юнонӣ, лотинӣ ё фаронсавӣ ва ғайра гирифта шудааст. Бо тафсири он бо калимаҳои одии инглисӣ, ки барои манфиат ва кумаки ҳама одамони камтаҷриба ҷамъ оварда шудаанд). Он аз 100 саҳифа иборат буда, тақрибан 2500 калимаро дар бар мегирифт. Дар саҳифаи аввал, яъне сарлавҳа номи муаллиф Роберт Кодри сабт нашуда буд, вале чунин калимаҳо ба лотинӣ навишта шуда буд: «Хондан бидуни фаҳмидан монанди нахондан аст». [4, с. 110].

Аввалин луғатнигор, ки калимаҳои одии рӯзмарраро (илова бар калимаҳои душвор) ба луғати худ дохил кардааст, Ҷон Керси буд. Ин дар худи номи луғати ӯ дар соли 1702 инъикос ёфтааст: (A New English Dictionary: or, a Complete Collection of the Most Proper and Significant Words, Commonly Used in the Language; with a Short and Clear Exposition of Difficult Words). Луғати нави англисӣ: ё Маҷмуаи мукаммали калимаҳои дуруст ва муҳимтарин, ки маъмулан дар ин забон истифода мешаванд; бо баёни кутоҳ ва саҳеҳияти калимаҳои душвор. Луғати Ҷ.Керси дар ибтидои асри XVIII ҳамчун як луғати «намунавӣ»-и забони англисӣ ба ҳисоб мерафт. Дар васила луғатнигории фарҳанги тафсирии Н.Бэйлӣ (A Universal Etymological English Dictionary, 1721) шумораи доираҳои функсионалӣ, ба монанди: орфоэпӣ (талаффуз), этимологӣ (таърихи пайдоиш), семантикӣ (маъноӣ) зиёд шуданд. Он чизе, ки мо дар партави мавриди омӯзиш қарор додаем, хидматҳои шоёни Н.Бэйлӣ мебошад, ки ӯ аввалин шуда дар луғат расмҳоро ҷой додааст, ки баъдан ба сохтори воҳиди фарҳангҳои тафсирӣ мунтазам ворид мешаванд. Дар луғат тақрибан 500 расм ҷой дода шудааст, ки онҳо тасвири визуалии терминҳои техникӣ мебошанд.

Бо вуҷуди ин, муҳимтарин ҳодисаи забоншиносии асри XVIII, ба гуфтаи муҳаққиқони муосир нашри луғати Самуэл Ҷонсон: A Dictionary of the English Language (Луғати забони англисӣ) (1721) буд, зеро он имлои забони англисиро ислоҳ кард ва стандарти Британиёро муқаррар намуд, ки барои луғатнигории англисӣ дар самти оянда асос гузоштааст [5, с. 26]. Дар фарҳанги С. Ҷонсон маводи луғавӣ шакли қатъии илмӣ пайдо намуд, ки дар он тамоми хусусиятҳои калима: орфографӣ, орфоэпӣ, этимологӣ, грамматикӣ, семантикӣ ва услубӣ инъикос ёфтааст. Дар фарҳанги мазкур

муаллиф маънои калимаҳову вожаҳоро ҳудудгузорӣ ва рақамгузорӣ намуда, ҳамчунин, иқтибосҳое, ки маънои калимаҳоро нишон медиҳанд, аз кадом асар ё муаллиф гирифташуданашонро нишонагузорӣ кардааст.

Ҳамин тавр, С. Ҷонсон дар луғати худ барои даҳсолаҳои наздик намунаи мувофиқи сохтор ва мазмуни дохилии луғатнигориро муқаррар кардааст. Дар таърихи луғатнигории англисӣ мавқеи асосиро ишғол намудани фарҳанги мазкур тасодуфӣ нест ва аз ҷониби олимони зиёде ҳамчун аввалин фарҳанги тафсирии забони миллии англисӣ эътироф шудааст [5, с. 114]. Ин самт дар доираи як лоиҳаи бузурги луғатнигорӣ ба монанди, Луғати англисии Оксфорд Oxford English Dictionary (1879-1934) идомаи арзанда гирифт. Таъсиси ин луғати тафсирӣ барои рушди луғатнигории таърихӣ замина гузошт, ки вазифаи он тавсифи насабномаи забонии ҳар як калимаи дар луғат овардашуда мебошад. Айни замон луғати англисии Оксфорд - Oxford English Dictionary (OED) аввалин луғат дар лексикографияи англисӣ ба шумор рафта, маҳсули беназири назария ва амалияи луғатнигорӣ ҳисобида мешавад.

**Адабиёт:**


1. Джонсон, Сэмюэл (2002). Линч, Джек (ред.). Словарь Сэмюэля Джонсона: выдержки из работы 1755 года, определяющей английский язык. Делрей-Бич, Флорида: Levenger Press.
2. Дубичинский В. В. Лексикография русского языка: учеб. пособие/ В. В.Дубичинский. – М.: Наука: Флинта, 2008. – 432 с.
3. Караулов, Р.Н. Современное состояние и тенденции развития русской лексикографии /Р. Н. Караулов // Советская лексикография. М., 1988. с. 16.
4. Мамадназаров А. Луғатнигории муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ: / А. Мамадназаров. Китоби дарсӣ. - Душанбе: МДМТ, – 2021. – 461 с.
5. Ступин Л.П. Лексикография английского языка: Учеб. пособие для вузов. М.: Высшая школа, 1985. -167с.
6. Cambridge Advanced Learner’s Dictionary & Thesaurus [Electronic resource]. – Mode of access: http://dictionary.cambridge.org/dictionary
7. Oxford Advanced Learner’s Dictionary (OALD), Publisher: Oxford University Press; 7th edition, 2005, 1780 pages, ISBN-13: 978-0-19-43160.


## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА ОБУЧЕНИЯ ФИЛОСОФИИ ОБРАЗОВАНИЯ В УСЛОВИЯХ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

**Нозимов Х.О.- Старший преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин ТГФУЭ**

С приобретением независимости Таджикистан взял курс на реформирования социально-экономической политики, важным этапом реформирование также системы образования, медицины, культуры, социальной жизни населения. Таджикистан провозгласил строительство демократического, светского, правового и единого государства в стране, объявил политику «открытых дверей» во внешней политике и взял курс на строительство нового независимого государства в ракурсе мирового демократического сообщества наций.

Однако сразу же после приобретения суверенитета Таджикистан был втянут в гражданскую войну. Разразившееся гражданское противостояние в Таджикистане усугубило эти трудности в сотни раз. Гражданская война унесла более 150 тысяч человеческих жизней, нанесла экономический урон, оцененный в более 10 млрд. доллара США, привела к огромной политической и трудовой миграции населения, ещё более углублением национальной раздробленности по кланово - региональным признакам, хронической нищете и огромным социальными проблемами. Гражданское противостояние отрицательно повлияло на социальную инфраструктуру, систему образования. В результате военных действий были разрушены сотни школ и другие объекты образования. Деструктировалась материальная база учреждений образования. Финансирование образования не удовлетворяло элементарные ее потребности. Резко снизилась заработная плата учителей, которого месяцами

государство не в состоянии было оплатить. В результате тысячи учителей покинули школы, из ближнего зарубежья. В большинстве это происходило по причине бедности, где дети, бросая школу, занимались различными видами трудовой деятельности ради выживания своей семьи в условиях острой нищеты. Другой причинной частого ухода детей из школы являлось отсутствие учителей, низкого качества обучения, отсутствие учебников, одежды, школьной мебели и плохое состояние школ.

Именно в этих условиях, невзирая на все трудности, молодое независимое государство, объявив образование приоритетной отраслью государственной политики, взялась за реформирование сектора образования страны.

Для укрепления правовой основы и законодательной базы приняты Законы Республики Таджикистан «Об образовании» (27 декабря 1993 года, в новой редакции 17 мая 2004 года), Законы Республики Таджикистан «О начальном профессиональном образовании» и «О высшем профессиональном и послевузовском образовании», Национальная Концепция образования Республики Таджикистан, Национальная Концепция воспитания и т.д. В целом было разработано более 150 законодательных и нормативных актов, положений учебных заведений в зависимости от новых социально-экономических реалий жизни страны и требованиям международных нормативно-правовых актов. Философия образования независимого Таджикистана в этот период сводилась к решению следующих стратегических задач:

- период формирования национального по содержанию образования в зависимости от исторически сложившейся ментальности таджикской самобытности и традиций;

- вхождение в мировое образовательное пространство.

Как видно, задачи не из легких и их решения требуют огромных сил и средств в процессе формирования новой таджикской национальной системы образования. Поэтому, правительство Таджикистана обратилось в Мировое Сообщество с просьбой: оказании помощи молодой стране с огромными социально-экономическими трудностями в реформировании сектора образования страны. ООН, международные организации как ЮНИСЕФ, Фонд Ага-хана, КАУНТЕПАРТ, Фонд Сороса, Спасение детей США и Великобритании, Германский фонд - GTZи ряд других, Международные финансовые организации как Мировой Банк, Азиатский Банк Развития, Исламский Банка Развития, ОПЕК, многие страны доноры откликнулись на призыв Таджикистана и приступили к реабилитации и восстановлении сектора образования. В период десятилетней кровопролитной работы средствами таджикского правительства, международными грантами и кредитами и другими средствами в стране удалось решить многие проблемы образования.

В связи с этим перед молодым независимым государством Таджикистана, перед отечественными философами, педагогами и стратегами образования встала задача формирования новой философии образования. Поэтому сейчас в стране наблюдается подход к решению этой важной стратегической задачи. Это:

- Подражание образовательным системам России, Украины, Белоруссии и Казахстана.

- Сохранение, совершенствование и развитие доброй старой советской системы образования в зависимости от новой реалии общественного развития Таджикистана и исторически сложившейся философии образования таджикского народа.

- Модернизация образовательной системы Таджикистана путем инноваций и применения современных образовательных систем передовых стран мира.

- Вхождение в европейское образовательное пространство и европейской системы образования.

Это очень непростая ситуация, и нам думается, что для выработки правильной, действенной и стратегической философии образования Таджикистана необходимо проследить в контексте онтологического синтеза социально-исторической процесс становления и развития философии образования таджикского народа.

Система образования Таджикистана, несмотря на существование ряда проблем, функционирует относительно стабильно, и включает в себе 482 дошкольных учреждений, с охватом 60851 детей, 3810 общеобразовательных школ, с охватом 1,7 млн. учащихся, 70 начальных профессиональных училищ, с охватом 24 тысяч учащихся, 52 средних профессиональных училищ, с охватом 41 тысяча учащихся, 29 высших учебных заведений, с охватом 170 тысяча студентов, Академия педагогических наук, Институт педагогических наук, 7- Институтов повышения квалификации учителей общеобразовательных школ и воспитателей дошкольных учреждений, Институт повышения квалификации преподавателей ВУЗов при Национальном университете Таджикистана. Кроме этого, в системе Министерство труда и социальной зашиты населения функционируют краткосрочные образовательные курсы для трудовых мигрантов по ряду строительных специальностей, которые ежегодно охватывают более 5 тысяч обучающихся.

Национальная Концепция образования Республики Таджикистан одной из важных задач государства и общества считает создание современной базы

Независимость позитивно повлияла на содержание общего, начального, среднего и высшего образования. Расширился классификатор специальностей, специализаций и квалификаций в вузах. Организованы новые типы образовательных учреждений: лицеи, гимназии, колледжи, консерватории и. т.д. В республике функционируют 81 гимназий, 62 лицеев, где обучаются более тысяча учащихся. растет в стране число негосударственных образовательных учреждений. Ныне в стране функционируют 57 негосударственных образовательных учреждений в которых обучаются свыше 20 тысяч учащихся. Количество учителей составляет в стране 157 тысяч человек. Всего в секторе образования страны заняты более 2 млн. населения страны, общая численность которого по данным переписи 2010 года составило в стране 7,5 млн. человек .

Исследование имеющейся литературы, научных статей показывает, что вопросы развития системы образования в республике за годы становления ее суверенитета слабо изучены и не обобщены. Глубокий и всесторонний научный анализ состояния системы образования требует выявления особенности её развития в период суверенитета, определить проблемы всеобщего основного образования, школ нового типа (гимназия, лицей, колледж), перехода к многоступенчатому обучению, подготовки бакалавров и магистров, вхождения в единое международное образовательное пространство, проанализировать состояние учебно-воспитательной работы в учебных заведениях: их обеспеченность педагогическими кадрами, материально-технической базой и т.д.

**Литературы**

1. Постановление Правительства Республики Таджикистан 089.08.2011, №391 государственная программа «Основные направления государственной по обеспечению равных прав и возможностей мужчин и женщин в Республике Таджикистан на 2001-2010 годы».

2. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 1 марта 2004 года №86 «Программа экономического развития Республики Таджикистан на период до 2015 года».

3. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2004 года №291 «О плане реализации реформы системы образования на 2004-2009 годы».

4. Указ Президента Республики Таджикистан ноябрь 2003 года №1174 государственная стратегия «Информационно-коммуникационные технологии для развития Республики Таджикистан».

5. Хайдаров Р.Дж. Развитие Таджикистана в период глобализации. Душанбе: Ирфон, 2006,-192 с., стр.168-169.

## ИНСОН ВА МАЪНАВИЁТИ Ӯ

***Ахмедова С.П. -устоди* кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**

Маънавият аз ҷониби инсоният ба вуҷуд оварда шудааст, ки онро ибораи «ҳаёти маънавии ҷомеа» ифода мекунад. Ин ифода ба ҳаёти моддӣ робитаи ногусастанӣ дорад ва дар идеяҳо, ғояҳо, арзишҳои маънавӣ дар ботини субъектҳои иҷтимоӣ дар сатҳи идроку тафаккур, ҳиссиёту эҳсосот инъикос мегардад.

Бидуни фарҳанги маънавӣ, такмили ҷомеа ва бедор кардани қобилияти шаҳрвандон барои ваҳдату якдилӣ ва саҳм гузоштан дар сохтани давлати пешрафта ғайриимкон аст.

Арзишҳои маънавӣ як ҷузъи асосии олами ботинии инсонанд ва мавқеи нотакрори маънавиро дар муносибат ба одамон ба вуҷуд меоранд. Бо кумаки фарҳанги маънавӣ асрори равони инсон ошкор шуда, моҳияти шахс зоҳиран ва ботинан инкишоф меёбад ва ҳамчун инсони воқеӣ дар ҷомеа муаррифӣ мегардад.

Фарҳанги маънавӣ дар раванди фаъолият имконият медиҳад, ки истеъдод ва қобилияти ҳар як шахс на танҳо бедор, балки бисёр фаъол гардад.

Албатта, ҳамаи инро бе неруи бузурги таълимӣ ва аз бар кардани арзишҳои маънавии гирдовардашуда дар тӯли таърих тасаввур кардан номумкин аст.

«Моро лозим аст, ки ҳамаи фаъолиятҳои маънавиеро, ки дар ҷомеа ба вуҷуд меоянд, тадқиқу ташвиқот намоем, ҷаҳони арзишҳои маънавиро санҷида бароем, дар ягонагию якҷоягӣ муносибатро бо ҳаёти моддӣ ва мушаххас ва инкишофи таърихи арзишҳои маънавиро дар дараҷаи назарияи фалсафӣ ҷамъбаст кунем» [2].

Аз раванди таърих маълум аст, ки мутафаккирон, равоншиносон ва ҳамаи онҳое, ки аҳли зеҳн мебошанд, ба олами ботинии инсон таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар бораи шинохти инсон назарияҳои худро пешниҳод карданд. Яке аз чунин масъалаҳо экология мебошад, ки ҳоло ба илми мураккаб табдил ёфта истодааст ва на танҳо муносибати организмҳои зинда бо муҳити зист, балки тамоми намудҳои муштаракро дар системаи «одам- ҷомеа - табиат» меомӯзад. Вақтҳои охир мушкилоти экологияи рӯҳ хеле муҳим ва мубрам арзёбӣ шуда истодааст. Экологияи классикӣ бо ҳифзи муҳити биологии инсон алоқаманд буд. Инсон метавонад на танҳо созанда ва нигаҳбони тозагии рӯҳ бошад, балки, инчунин, метавонад нобудкунандаи он гардад. Ва оқибатҳои ин харобшавӣ, ифлосшавии воқеӣ буда ва маъмуланд - нашъамандӣ, майзадагӣ, ҷинояткорӣ, худписандӣ, паст шудани нақши коллектив, афзоиши нороҳатии ҳолати равонӣ, паст шудани арзиши таълим, набудани вақти фароғат, таблиғи таҷовуз, зӯроварӣ, бадбинӣ, паҳншавии парастиши кудрат, муваффақияти фаврӣ ва пул ва ғайра далелҳои он мебошанд [3].

Бинобар ин, мушкилоти маънавиёт аз масъалаҳои мубрам арзёбӣ гардида, таваҷҷуҳ ба тарбия дар байни насли ҷавон, инчунин тамоми ҷомеа ва ташаккул додани шахсият ба шахсияти маънавӣ хеле муҳим ба шумор меравад.

Маълум аст, ки дар инкишофи ташаккули шахсияти маънавӣ оила, низоми таълим, санъат ва дин мавқеи муҳимро ишғол мекунанд.

Яке аз сарчашмаҳои муҳимми ташаккули маънавии шахсият оила мебошад. Муҳим аст, ки оила мавзуи ҷараёни таълим бошад, зеро кӯдак дорандаи анъанаҳои оилаи худ аст ва дар тӯли тамоми умр он чизеро, ки дар кӯдакӣ гирифтааст, нигоҳ медорад. Волидон бояд иштирокчиёни мунтазами фаъолиятҳои маънавӣ ва ахлоқии кӯдакистон ва мактаб бошанд, зеро маҳз дар чунин ҳамгироӣ бо ташкилоти таълимӣ ин вазифаҳоро самаранок ҳал кардан мумкин аст.

Ба назари мо, пеш аз ҳама, соҳаи афзалиятноки рушди маънавӣ ва фарҳанги ҷомеа маориф буд ва боқӣ мемонад, ки вазифаи асосии он дар айни замон рушди фарҳанги маънавии шахсият мебошад. Дар замони муосир барои мустаҳкамии давлат ҳадафи асосии мо бояд таълими рушди фарҳанги маънавии шахсият бошад. Соҳаи маориф дар

раванди ташаккулёбии шахс нақши муҳимро дорост: таълим ва тарбия ҳамчун омиле, ки маънавиёт ва зебоипарастӣ, арзишҳои бунёдӣ ҷаҳонбиниро интиқол медиҳад, бе ягонагии ҷомеа ва фарҳанги миллат ғайриимкон аст.

Таълим ҳамчун як усули илмомӯзӣ, як барномаи машқҳои бисёрҷониба мебошад, ки мунтазам бо мақсади ташаккул ва такмил додани малакаҳо дар ин ё он соҳаи фаъолияти инсон анҷом дода мешавад.

"Моҳияти асосии мақулаи маърифатию ахлоқӣ - қайд шудааст дар ҷилди 1 "Таърихи фалсафаи тоҷик",- ки одамӣ худ дар олами хокӣ расо нест. Бинобар он ӯ табиатан фаъолияти худро ба хондану омӯхтан равона мекунад, зеро роҳи рушду густариш ва парвариши андеша аз ҳамин тариқ сурат мегирад" [4].

Дар ҳаёти маънавӣ ва фарҳангии кишварамон адабиёти тоҷик ҷойи махсусро ишғол мекунад. Адабиёти бузурги халқи тоҷик ғояҳои маънавиро ташаккул медиҳад ва ба наслҳои нав таҷрибаи бойи маънавии ҳалқро боқӣ мегузорад.

Нуқтаи дигареро қайд кардан лозим аст, ки дар баробари дастрасӣ ба адабиёт, истифодаи дурусти он низ бисёр муҳим аст. Бе мурочиат ба адабиёт наметавон боигарии забони модариро дарк кард, маънидод кардани мураккабии воқеияти муосирро омӯхт. Бесаводӣ ба ҷаҳолат меоварад, ки он боз ҳам хатарнок аст. Надонистани забон ба он оварда мерасонад, ки инсон маводи хондаашро на дарк мекунад ва на ифода карда метавонад. Ин тамоюл на танҳо ба коҳиши куллии сатҳи фарҳанги маънавии ҷомеа, балки ба маҳдуд шудани имконияти иштироки пурра дар ҳаёти ҷомеа ва давлат низ оварда мерасонад [5].

Муассисаҳои маънавию фарҳангӣ барои дастрасии шаҳрвандон ба асарҳои адабиёти классикӣ ва муосири ватанӣ ва ҷаҳонӣ, адабиёти кӯдакона, бояд асарҳои ба забони тоҷикӣ эҷодшударо пешкаш намоянд. Дар баробари ин, китобхонаҳо бояд ба маҳфили муошират табдил ёфта, аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба таври комил истифода баранд.

Маънавиёт дар олами муосир ва ташаккули он дар ҷомеа хусусияти муайянро дар назар дорад, ки он аз фарҳанги баланди муошират, тафаккур, ахлоқ иборат буда, ба арзишҳои умумибашарӣ асос ёфтааст. Маънавиёт ҳамчун унсури муҳимми ҷомеа, аз меъёрҳо ва стандартҳои муқарраршудаи шуури омма боло меравад ва эҳтиёҷ ба эҷод дорад. Набояд аз хотир баровард, ки маънавиёт раванде мебошад, ки тавассути он шахс қодир аст тамоми мақсадҳои идеалиро дар худ таҷассум кунад [6].

Маънавиёт ба инсон дар ҷустуҷӯи ҳақиқат ва дарёфти маънии зиндагӣ ва ноил шудан ба сатҳи баланди ҷаҳонбинӣ мададрасон аст. Масъалаи муҳимтарине, ки ояндаи ҷомеаи шаҳрвандиро муайян мекунад маънавиёт ба шумор меравад. "Ҳаёти маънавиро ба таври ҳаққонӣ падидаи мураккаб номидан мумкин аст. Вай бо ин ё он зуҳуроти шуури инсонӣ, фикру зикр ва ҳиссиёти одам маҳдуд нашуда, дар айни замон маҳаки ҳаёти маънавии шахс ва тамоми ҷамъият мебошад"[1].

Рушди маънавӣ ва ахлоқӣ дар тарбияи шаҳрвандӣ, омили калидии пешрафти кишвар, таъмини ваҳдати маънавии мардум ва арзишҳои онҳо, суботи сиёсиву иқтисодӣ мебошад. Рушди ҷомеа мустақиман аз мавқеи шаҳрвандии шахс, соҳаи ҳавасмандгардонӣ ва иродаи ӯ, афзалиятҳои ҳаёт, эътиқоди маънавӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои маънавӣ вобаста аст.

## АДАБИЁТ


1. Гутова С. Г. Фундаментальные исследования. «О будущем отечественной духовной культуры » // С. Г.Гутова Научный журнал. ИФ РИНЦ= 1,087
2. Духовная жизнь общества- Zaochnik.com https://zaohnik.com ›Filosofja›
3. События. Основы государственной культурной политики. 16 мая 2014 года
4. Таърихи фалсафаи тоҷик (фалсафаи аҳди бостон). Ҷилди 1. –С. 582.
5. Шевченко О. В. Духовне виховання у сучасній сімі.,[ Электронный ресурс] //
6. Электронный научный журнал. «Современные проблемы науки и образования». - ИФ РИНЦ=0,813.

# ТАФОВУТИ ТАЪЛИМОТИ ТАҲАММУЛПАЗИРИИ ҲАНАФӢ АЗ ДИГАР МАКТАБҲОИ ДИНӢ–ҲУҚУҚИИ РАВИЯИ СУННӢ

***Бойназаров Ҳ.-муаллими кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ***

Маҷмуи илмҳое, ки дар натиҷаи талоши шабонарӯзии муҷтаҳиди дараҷаи олӣ касб гардидаанд – равиши Абӯҳанифа, мактаб ё мазҳаби ӯ номида мешавад. Ҷараён ва равияҳои суннӣ, мазҳабҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

**1. Равияҳои мазҳабӣ мутобиқ ба ибодат – мактабҳои динию ҳуқуқӣ**

Дар ин равияҳо тарзи ибодати доимӣ ва таҳлили масъалаҳои ҳуқуқӣ мутобиқи иҷтиҳоди асосгузорони онҳо муқаррар карда шудааст. Тамоми он масъалаҳое, ки ба шариат, ба ҳуқуқи исломӣ рабт доранд, аз қабили намоз ва дигар вазифаҳои бандагон дар назди Худо, муомила ва ҳамкорӣ байни мусалмонҳо, намуд ва шаклҳои муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо муҳити атроф ва дигар масъалаҳо дар доираи ин ҷараёнҳои мазҳабӣ гирдоварӣ шудаанд. Дар замони муосир ва пеш аз он пайравони суннат дар ҳудуди чор мазҳаб фароҳам омадаанд. Ин чор мактабҳои динӣ–хукукӣ ва ҳамаи донишҳои фароҳамовардаи мазҳабҳо дар давраи саҳобагон ва тобеъин ҷамъоварӣ карда шудаанд. Равиш ва усулҳои гуногун дар тарзи ибодат ин равияҳои мазҳабиро аз ҳам ҷудо мекунад. Айни ҳоли пайрави ҳар кадом мазҳаб дар фаъолияти худ танҳо бо фатвоҳои мазҳаби худ маҳдуд нашуда, дар вақти зарурӣ ихтиёр дорад, ки озодона аз фатвоҳои се мазҳаби дигар истифода кунад. Чаҳор мазҳаби аҳли суннат инҳоянд:

Мазҳаби ҳанафӣ – асосгузор ва роҳбари ин мактаб Имом Аъзам Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит мебошад, ки 80% - пайравони мазҳаби суннат намояндагони ин мазҳаб ба шумор меравaнд. Ин шахсият худ аз шумори тобиин маҳсуб меёбад.

Абӯҳанифа бар асари ошноӣ бо илми калом ва баҳсу мунозира бо намояндагони гуногуни ин мактаб дар фанни ҷадал ва мунозира маҳорати комил ёфта буд. Ӯ ин маҳоратро дар илми фиқҳ ба кор андохт ва бар хилофи асҳоби ҳадис андеша ва истидлолоти ақлиро дар фиқҳ ва ҳадис ба кор бурд ва раъю қиёс ва истеҳсонро вориди фиқҳ кард, то он ҷо ки мактаби фиқҳии Абӯҳанифа ба мактаби раъй ва қиёс машҳур аст.

Мазҳаби Абӯҳанифа демократитарин мазҳаби ислом аст, аз он лиҳоз, ки ӯ илова ба қиёс, истеҳсон ва раъй ба урф низ такя кардааст. Мақсад аз истеҳсон назди ҳанафиён он аст, ки дар сурати вуҷуд доштани ду далели баробар, ҳамонашро қабул медоранд, ки барои муъмин хубтар, осонтар ва ҳасана мебошад. Истифода аз урф дар ҳукм бар анъана ва суннатҳои маҳалливу қавмиро, ки бар асосҳои усулии ислом зиддият надоранд, дар назар дорад. Бо сабаби истифода аз раъй, қиёс ва истеҳсону урф ҳанафия аз дигар мактабҳои аҳли суннат васеътар ва ғанитар гардидааст. Имоми Аъзам дар зарфи зиндагонии худ дар самтҳои гуногуни фаъолиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мубориза доимиву пайгирона бурдааст, аз ҷумла:

1. Талошу мубориза бо таассуби динӣ, хурофот ва нодонӣ
2. Мубориза бо ҳукуматҳои худкома
3. Ҷиҳод бо душманони ақидавӣ

Бидуни нақди ҳадафҳои Имоми Аъзам дар фаъолиятҳои динию ҷамъиятиаш баҳои воқеӣ ва сазовор додан ба нақши ӯ дар таърихи Ислом имконнопазир аст. Дар зинаи аввал, олитарин мақсади Имом Абӯҳанифа касби ризои Худо (ҷ) бо истифода аз китоби Худо ва суннати Паёмбар (с) ба вуҷуд овардани ваҳдату ягонагӣ дар замони парокандагию зиддиятҳои мазҳабӣ ва ташкили як мазҳаби ягонаи динию ҳуқуқӣ, дур сохтани он аз таассубу хурофоти мазҳабӣ будааст. Дар зимни дастёбӣ ба ин ҳадафҳои бузург ӯ дар тӯли умраш тарҳрезӣ ва барномасозии корсозеро анҷом додааст:

◎ ба расотарин ваҷҳе дар илму דониш, тақво, риёзат, парастиш, луқмаи ҳалол саъй кардан ва дар ин ҷода барои имрӯзу ояндагон намунаи олии ахлоқи исломиро нишон додан;

◎ ба воситаи Китобу суннат тадвини системаи мукаммали қонунгузории исломӣ ва амалисозии қонун, ба вуҷуд овардани маърифати баланди ҳуқуқӣ–динӣ;

◎ ба ҷазои маъмурию қонунӣ кашидани ҳокимону масъулони зулмпеша ва ҳукуматҳои худкома;

◎ ҷиҳати ҳалли масоили тозапайдошавандаи иҷтимоию маданӣ созмон додани мактаби фаъоли фиқҳии доимамалкунанда;

◎ тавассути мубориза ҳои илмӣ аз байн бурдани таассуби дини ва миллии ҳокимони араб, ба вуҷуд овардани роҳи созишу мусолиҳа ва дар канори ҳам зистани халқияту миллатҳои гуногун;

◎ Одилона тақсим намудани байт-ул-мол (хазонаи умумии мусалмонон) ва дар ҷояш истифода бурдани он, дар ин самт ва сохтани адолати иҷтимоӣ;

Аз таҳлилу тадкиқоти арзишманди муҳаққиқон чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки Имоми Аъзам дар амалисозии барномаҳои ҳаётии худ комёб будааст.

Густариши мазҳаби ҳанафӣ вобаста ба шогирдони Имом низ аст. Бо вуҷуди ихтилоф ва зиддиятнокӣ дар масъалаҳои ҷузъӣ, мактаби ҳуқуқии ӯро дар сар то сари хилофат паҳн карданд. Дар айни ҳол онҳо ба таълим ва омӯзгорӣ пардохта, заминаи эътиқодию назариявии мазҳаби ҳанафиро фароҳам оварданд. Талошу заҳматҳои пайгиронаи шогирдони Имом Абӯҳанифа бесамар намонда, ин ҷараён ба мактаби фарогири ҳуқуқие, ки тавонад, амалан тамоми мушкилоти дар ин соҳа бавуҷудояндаро ҳал карда тавонад, табдил ёфт. Ҳамаи ин талошу ҳаракатҳо дар марҳилаҳои гуногун боиси он гаштанд, ки мазҳаби ҳанафӣ дар замони Аббосиён ба мазҳаби расмии давлатӣ мубаддал гардад. Дар ин самт фаъолият ва хидматҳои назарияпардози маъруфи ин мактаб Имом Абуюсуф хеле назаррас аст. Ӯ дар даврони Ҳорунаррашиди Аббосӣ, ки ба мансаби Қозиюлқуззот (Қозикалон) расида буд, мекӯшид қозиёни вилоятҳоро аз ҳисоби ҳаммаслаконаш таъмин намояд. Дар давлатҳои миллии минбаъда, аз ҷумла дар замони Сомониён, боназардошти як давраи кӯтоҳ, мазҳаби ҳанафӣ ба унвони мазҳаби расмии давлатӣ тақвият ёфт. Дар ниҳоят, ин мазҳаб ҳамчун мактаби ҳуқуқии муназзам аз Кӯфа баромада, айни замон дар ин давлатҳо Анатолия, Балкан, Кавкази Шимолӣ, Соҳили Баҳри Сиёҳ, Поволже, Осиёи Миёна, Афғонистон, Ҳиндустон, Россия, Хитой, Индонезия ва ғайра зиндагӣ мекунанд. Мардуми мусалмони Тоҷикистон низ аксар пайрави мазҳаби ҳанафӣ мебошанд ва ба намояндагони мазҳабҳои дигар ҳурмату эҳтиром қоиланд.

Мазҳаби Моликӣ – аз ҷониби Молик ибни Анас асос ёфтааст. Молик дар соли 93 ҳиҷрӣ – 711 мелодӣ дар шаҳри Мадина таваллуд ёфта, дар ҳамонҷо соли 179 ҳиҷрӣ -795 мелодӣ фавтидааст. Ин равия бештар дар ғарби давлатҳои исломӣ интишор ёфтааст, дар нимҷазираи Арабистон ба вуҷуд омада, баъдан дар Миср, Африқои Шимолӣ ва Андалус интишор меёбад. Дар фиқҳ сарчашмаи асосии онҳо китобу суннат буда, дар якҷоягӣ дар истилоҳ "н а с с" номида мешавад. Фатвои саҳобаро ҳамчун ҷузъи суннат медонанд. Яке аз хусусияти ин мазҳаб он аст, ки амали мардуми Мадинаро дар рӯзгори Имом Молик (садаи дуввуми ҳиҷрӣ) низ ҳуҷҷат мешуморанд. Дар ҳоли ҳозир мазҳаби моликия дар Марокаш, Алҷазоир, Тунис, Либия, Кувейт, Баҳрайн амал мекунад. Усули асосии фиқҳи мазҳаби моликия дар китоби Молик ибни Анас "ал-Муватта" ва шарҳу ҳошияҳои он дода шудааст. Тавзеҳу такмилҳои он "ал-Мудавван ул-кабира" ном дорад.

Мазҳаби шофеӣ – асосгузораш Имом Абӯабдулло Муҳаммад ибни Идриси Шофеӣ соли 150ҳ.-767м. дар шаҳри Ғазза таваллуд ёфтааст. Дар фиқҳ тибқи китоб, суннат, иҷмоъ, гуфтаҳо (ақвол)-и саҳоба ва қиёс амал мекунанд. Истеҳсонро қабул надоранд. Китобу суннатро дар як радиф - мусовӣ медонанд. Иҷмои асҳоб ва уламои дин низ дар сурати бо санад будан дар асоси далелҳои муътабар назди онҳо ҳуҷҷат аст. Аммо иҷмое, ки мухолифи китоб ва суннат бошад, мақбул нест. Назди онҳо иҷтиҳод ба маънии қиёс аст.

Дар ҳақиқат, мазҳаби фиқҳии шофеӣ ҳадди мобайнӣ ва васатие аз тариқаи аҳли қиёс ва аҳли ҳадис, ки зери таъсири мазҳабҳои ҳанафӣ ва моликӣ ташаккул ёфтааст ва хусусияти онҳоро қабул кардааст. Дар амал он як мазҳабе аз усулҳои содашудаи ҳанафию моликӣ мебошад, аз ин рӯ, хеле зуд дар Сурия, Ироқ ва Миср ин ду мазҳаброн танг карда, интишор ёфт. Дар ҳоли ҳозир вай дар Сурия, Лубнон, Фаластин ва Урдун

мазҳаби асосӣ буда, дар Ироқ, Покистон, Ҳиндустон, Малайзия, Индонезия ва Эрону Яман пайравони зиёд дорад.

Н.Г. Семёнова дар рисолаи илмии худ «Системаҳои таълимии мултимедиявии курсҳои лексионӣ, асосҳои назариявии эҷод ва татбиқ дар раванди таълими донишҷӯёни донишгоҳҳои техникӣ аз фанҳои электротехникӣ» қайд мекунад, ки «Мултимедия як намуди махсуси технологияи компютериро ифода намуда,  имкон медиҳад, ки ҳамзамон, ба узвҳои ҳисси визуалӣ ва шунавоии донишҷӯён таъсир расонад. Донишҷӯён метавонанд, ки тасвирҳои гуногуни иттилоотӣ ва тасвирҳои динамикӣ ва инкишофёбандаро ба таври  визуалӣ эҷод кунанд". Сарфи назар аз тадқиқотҳое, ки дар ин самтҳо гузаронида шудаанд, бояд гуфт, ки онҳо маҷмуи вазифаҳои истифодаи воситаҳои мултимедиявиро дар таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни донишгоҳи забоншиносӣ пурра ҳал намекунанд. То имрӯз ягон методологияи ташаккули салоҳияти медиатии донишҷӯ дар асоси маводи чандрасонаӣ дар раванди таълими забони англисӣ, ки ба ноил шудан ба ягонагии дохилии шуур, ҳиссиёт ва рафтор нигаронида шудааст, таҳия нашудааст; шароити самарабахшии ташаккули он, тарзу усулҳои иҷрои ин кор, ки ба хусусиятҳои синну соли донишҷӯӣ мувофиқанд, муайян карда нашудаанд. Бояд қайд кард, ки методология – масъалаҳои технологии истифодаи воситаҳои мултимедиявӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳи забоншиносӣ ҳанӯз ба қадри кофӣ таҳия нашудаанд. Қобили зикр аст, ки зарурати истифодаи воситаҳои мултимедиявӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳи забоншиносӣ ба он вобаста аст, ки воситаҳои мултимедиявӣ барои муоширати аслӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад, ҳамчун алтернатива ба муоширати сунъӣ сохташуда, ки бе иштироки забони модарӣ сурат мегирад, амал кунад ва барои муоширати забонӣ бо намояндагони ҳама кишварҳои англисизабон имкон медиҳад, инчунин,  имконияти саёҳати виртуалӣ ба дилхоҳ кишвари интихобкардаатонро фароҳам меорад, анъанаҳо ва фарҳанги дигар давлатҳоро

меомӯзад, ба афзудани ҳавасмандии талабагон ба омӯзиши забони англисӣ мусоидат мекунад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки воситаҳои мултимедиявӣ ба мо имкон медиҳанд, ки шаклҳои омӯзишро, ки аз гӯш кардани сабтҳои аудиоӣ ва тамошои видео, кор бо барномаҳои компютерӣ ва суҳбат иборат аст, гуногун созем. Раванди таълими забони англисӣ ҷолиб, осон ва дар натиҷа самаранок мегардад, ҳавасманд кардани омӯзиши забони англисӣ на танҳо дар донишгоҳ дар доираи дарси забони англисӣ, балки дар ҳаёти ҳаррӯзаи донишҷӯён мавқеи муҳим пайдо хоҳад кард. Ҳар як донишҷӯ ба таври инфиродӣ имкон дорад, ки нутқи худро сабт кунад, гӯш кунад ва бо сухани ҳақиқӣ муқоиса кунад ва ин раванд ба мо имкон медиҳад, ки мушкилоти равонии суханронӣ бартараф карда шавад. Дар натиҷаи тадқиқотҳои гузаронидашуда, муҳаққиқон ба чунин хулоса омаданд, ки бояд ҳатман дар донишгоҳҳои забоншиносӣ технологияи мултимедиавӣ истифода карда шавад. Таҳлили маводи илмию педагогӣ оид ба истифодаи мултимедия дар дарсҳои забони англисӣ нишон дод, ки чунин усул метавонад фаъолияти таълимию маърифатии донишҷӯёнро фаъол карда, онро ба зинаи сифатан нав гузаронад, зеро вақте ки мақсадҳои таълимии ВАО ба мақсадҳои фанни забони хориҷӣ якҷоя карда мешаванд, он ҳадафҳое, ки ин фанни таълимӣ дар наздаш гузоштааст, ба осонӣ ба даст хоҳанд омад.

**Адабиёт:**


1. Зазнобина, Л.С. Оснащение школы техническими средствами в современных условиях. Л.С. Зазнобина; М.: Перспектива.-2000.-78с.
2. Розина, И. Н. Педагогическая компьютерно-опосредованная коммуникация: теория и практика И.Н. Розина.- М.: Логос.-2005.-437 с.
3. Семенова, Н.Г. Мультимедийные обучающие системы лекционных курсов: теоретические основы создания и применения в процессе обучения студентов технических вузов электротехническим дисциплинам: дис. д-ра пед. наук : 13.00.02/Н.Г. Семенова-Астрахань, 2007.-335 с.


## ПОРЯДОК ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ


**Бодамаев М. У. -**старший преподаватель кафедры иностранных языков ТГФЭУ


В каждом языке есть свои четкие правила. И английский не исключение. Сегодня мы разберемся с порядком прилагательных. Когда мы говорим по-русски, мы не всегда замечаем, в каком порядке ставим эти части речи. В английском так не получится. Итак, сначала вспомним, что такое прилагательное. Прилагательное (adjective) - это часть речи, которая описывает предмет или лицо и отвечает на вопросы "какой?", "какая?", "какое?"

В английском языке существует определенный порядок прилагательных в предложении. Их иерархия выглядит так:

1. Количество
2. Качество или мнение
3. Размер
4. Возраст
5. Форма
6. Цвет
7. Правильное прилагательное (часто национальность, другое место происхождения или материал)
8. Назначение

**Например:**

- I like **that really big new white** car that my neighbour drove. - Мне нравится эта действительно большая (размер) новая (возраст) белая (цвет) машина, на которой ездил мой сосед.
- My brother adopted a **cute big black** bulldog. - Мой брат взял к себе милого (мнение) большого (размер) черного (цвет) бульдога.

**Кстати!** Когда есть два или более прилагательных, которые принадлежат к одной группе, это слово и помещается между двумя прилагательными:
1. The bag is **white** and **blue**. - Мешок белый и синий. (оба прилагательных описывают цвет)
2. The collection has **old** and **new** books. - В коллекции есть старые и новые книги. (оба прилагательных описывают возраст)
И еще потренируемся на этих примерах:
- I love **that really old small transparent antique** vase. [quality – age – size – color – proper adjective] - Мне нравится эта старинная маленькая прозрачная антикварная ваза. [качество - возраст - размер - цвет - правильное прилагательное]
- My sister has a **big beautiful, black and white**, dalmatian. [size – quality – color – color] - У моей сестры большой красивый черно-белый далматин. [размер - качество - цвет - цвет]
- A **gorgeous old** clock. [opinion – age ] - Великолепные старые часы. [мнение - возраст]
- A **big round orange** box. [dimension – shape – color] - Большая круглая оранжевая коробка. [размер - форма - цвет]
- A **horrible white plastic** ornament. [opinion – color – material] - Ужасный белый пластмассовый орнамент. [мнение - цвет - материал]
- **Some straight old American** jeans. [dimension – age – origin] - Некоторые прямые старые американские джинсы. [размер - возраст - происхождение]
- A **wonderful old French** car. [opinion – age – origin] - Прекрасный старый французский автомобиль. [мнение - возраст - происхождение]
- I bought a pair of **red suede** shoes. [color – material] - Я купил пару красных замшевых туфель. [цвет - материал]

**Как запомнить порядок прилагательных в английском языке?**

Имя прилагательное – основная часть речи и в английском языке в том числе. Эта часть речи призвана описывать признаки тех лиц, предметов или явлений, про которые идет разговор. Но как известно, признаков может быть несколько, а английский язык существует по определенному алгоритму, поэтому если есть сразу несколько прилагательных, которые следует употребить, нужно знать их порядок.
**В английском языке имена прилагательные подразделяются на две группы:**
- **Объективные (Fact adjectives)** – дают предмету (лицу или явлению) объективную оценку. К примеру, если стул сделан из дерева, то скажут, что стул – деревянный. Это – реально существующая информация о чем-нибудь.
- **Субъективные (Opinion adjectives)** – отражают личное мнение о предмете (лице или явлении). Если продолжать пример деревянного стула, то человек может назвать стул красивым , а другому этот же предмет покажется страшным. Это – восприятие предмета.

По правилам английской грамматики большую важность имеет объективная группа, и эти прилагательные располагаются ближе к существительному.
**Субъективные ставят уже перед данной конструкцией (существительное и его признак):**
- **a nice old lady** – симпатичная (субъектив) пожилая (объектив) леди;
- **delicious hot coffee** – вкусный (субъектив) горячий (объектив) кофе;
- **a lovely sunny day** – приятный (субъектив) солнечный (объектив) день;
- **an interesting detective movie** – интересное (субъектив) детективное (объектив) кино.

Теоретически все вроде бы понятно и просто, но когда дело дойдет до практики, вы ведь не будете постоянно заходить на эту страницу и перепроверять расположение слов перед тем, как сказать что-либо носителю. А потому порядок этот нужно запомнить. Не забывайте, что объективные качества всегда нужно употреблять после субъективных, они важнее и должны быть ближе к существительному по своему расположению.

Что же касается самих объективных прилагательных и их разновидностей, они располагаются в списке исходя из своей важности. И если сначала вы будете путаться, в последующем предложения будут строиться на автоматизме. Для практики перепишите

все категории, используя список или таблицу. Внимательно их изучите, а после закройте чем-нибудь и расставьте прилагательные по порядку по памяти. Расставляйте цифры групп и при выполнении упражнений на эту тему. И, конечно же, подкрепляйте упражнения общением с носителями, потому как ни одно упражнение не поможет вам преодолеть языковой барьер и выучить английский до продвинутого уровня.

Итак, порядок прилагательных в английском предложении уже обусловлен конкретным правилом. Поэтому для их грамотного употребления вам достаточно просто внимательно изучить тему.


**Источники:**

1. https://lingvister.ru/blog/etot-bezumnyi-poryadok-prilagatelnyh-v-angliyskom-predlozhenii
2. https://speakenglishwell.ru/poryadok-prilagatelnyh-v-anglijskom-yazyke/
3. https://lingua-airlines.ru/articles/poryadok-prilagatelnyh-v-anglijskom-yazyke/


## РАЗВИТИЕ ЛОГИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ СТУДЕНТОВ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА


**Кайсова Ш.А. – старший преподаватель кафедры русского языка, ТГФЭУ**


Известно, что человек начинает мыслить, когда перед ним встают вопросы. Мыслительный процесс начинается тогда, когда перед нами возникает задача или проблема, у которой нет готового способа решения. Если мы пытаемся что-то понять, в чем-то разобраться, то здесь речь тоже идет о мышлении. Психологи говорят, что мышление начинается с удивления, недоумения или с противоречия.

Важно, чтобы студенты поняли, что мышление – процесс познания нового. Именно благодаря способности человека мыслить решаются трудные задачи, делаются открытия, появляются изобретения. Как и другие качества ума, мышление можно развивать. Развивать мышление – значит развивать умение думать. Психологические исследования показывают, что именно мышление в большей степени влияет на развитие всех психических процессов.

В зависимости от того, в какой степени мыслительный процесс опирается на восприятие, представление или понятие, различают три основных вида мышления:

1. Предметно-действенное (наглядно-действенное)
2. Наглядно-образное.
3. Абстрактное (словесно-логическое).

Развитие нужно начинать с формирования мыслительных навыков: умений ставить вопросы, обобщать, выделять часть из целого, устанавливать закономерности, делать умозаключения. Попутно идет развитие гибкости и широты мышления. Гибкость ума проявляется в умении вовремя переключаться на новые способы решения поставленной задачи, если прежние способы не приводят к успеху. Широта мышления – это умение видеть изучаемый предмет во всех связях, с учетом всех его свойств.

Занятия русского языка в вузе способствуют развитию у студентов мышления, памяти, внимания, наблюдательности, строгой последовательности рассуждения и его доказательности; дают предпосылки для развития логического мышления студентов, обучения их умению кратко, точно, ясно и правильно излагать свои мысли. Работа, направленная на развитие у студентов способностей делать самостоятельно выводы, должна осуществляться на различных этапах обучения: на этапе ознакомления с новым материалом, на этапе закрепления при решении орфографических задач, а также при выполнении логических заданий и упражнений.

Преподавателю, взявшему установку на развитие у студентов познавательных процессов, необходимо соблюдать следующие условия.

1. Четко представлять, что он должен развивать в пределах каждого конкретного учебного курса, при изучении той или иной темы.
2. Знать, у кого развивать. Для этого необходимо знать возрастные и индивидуальные особенности обучающих; овладеть навыками диагностики, при помощи которой

фиксируется исходный уровень развития познавательных процессов и контроль за их развитием.

3. Знать, как, т.е. какими средствами можно развивать то или иное качество. В поиск таких средств должен быть включен и студент (с подсказкой и под контролем преподавателя)
4. Не просто развивать познавательные процессы, а включать упражнения по развитию в цель любой работы на занятии, соблюдая следующий порядок: диагностика – тренировка приемов – включение в поле учебной деятельности.
5. Осуществлять контроль не только знаний, умений, навыков, но и уровня развития познавательных процессов.

Развитие логического мышления студентов на всех занятиях – одно из наиболее существенных требований, обеспечивающих качество обучения. Мыслительная деятельность совершается при помощи мыслительных операций: сравнения, анализа, синтеза, абстракции, обобщения и конкретизации.

В вузе студенты должны овладеть такими элементами логических действий, как: сравнение, классификация, выделение признаков предметов, определение знакомого понятия через род и видовое отличие, делать простейшие умозаключения, опираясь на данные посылки. Поэтому целесообразно начинать обучение логическим действиям с формирования соответствующих элементарных умений, постепенно усложняя задания.

При помощи упражнений не только закрепляются, но и уточняются знания обучающих, формируются навыки самостоятельной работы, укрепляются навыки мыслительной деятельности. Студентам непрерывно приходится заниматься анализом, сравнением, составлять словосочетания и предложения, абстрагировать и обобщать. При этом обеспечивается одновременное развитие ряда важнейших интеллектуальных качеств: внимания, памяти, различных видов мышления, речи, наблюдательности и т.д.

Предметы и явления окружающего мира имеют сходства и различия. Сходство и различие предметов отражаются в их признаках. Наиболее главные признаки предметов отражаются в понятии. Понятие – это то, что мы понимаем, когда произносим или пишем какое-либо слово.

Одна из важных задач вуза – создание в системе обучения таких условий, которые бы способствовали развитию студента, раскрытию его творческого потенциала. Дорог каждый день жизни человека, начиная с самого рождения, а тем более нельзя упустить время в период становления личности. С помощью преподавателя студент должен научиться рассуждать, выделять главное, анализировать разные факты и точки зрения, составлять и сравнивать их, задавать вопросы и пытаться самостоятельно искать ответ на них. Без способности к самостоятельному мышлению вряд ли возможно интеллектуальное развитие человека.

Опыт работы по развитию логического мышления показал, что у студентов:

- Повышается обучаемость, улучшается внимание, восприятие, память; студенты умеют «видеть», «слышать», рассуждать;
- Развивается способность к переносу полученных мыслительных навыков на незнакомый материал;
- Формируются начальные основы психической культуры: обучающиеся стремятся самостоятельно добывать знания, испытывают потребность в учебной деятельности; студенты самоорганизованы, спокойны, радостны, уверены в себе.

**Список литературы:**


1. Винокурова Н.К. Развиваем способности детей: 2 класс. – М.: Росмэн-Пресс, 2002.
2. Дубровина И.В., Данилова Е.Е., Прихожан А.М. Психология: Учебник для студентов высших педагогических заведений. /Под ред. И.В. Дубровиной. – М.: Издательский центр «Академия», 1999
3. Забрамная С. Д., Костенкова Ю.А. Развивающие занятия детьми: Материалы для самостоятельной работы студентов по курсу «Психолого-педагогическая диагностика и консультирование». – М.: 2001.

4. Кулагина И. Ю. Возрастная психология: Развитие ребенка от рождения до 17 лет: Учебное пособие. – М.: УРАО,1997
5. Лайло В.В. Повышение грамотности и развитие мышления: Пособие учителя. – 4-е изд., - М.: Дрофа, 2002

## ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИИ Б.И. МАРШАК

**Зарифов М.А. -ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**

Борис Илич Маршак — бостоншинос, санъатшинос, шарқшинос, доктори илмхои таърих, аъзои Институти бостоншиносии Амрико, аъзои фахрии хориҷии Академияи катибаҳо ва хатҳои зебои Фаронса, аъзо-корреспонденти Институти Африқо ва Шарқи Италия, аъзои фахрӣ дар ҷамъияти шоҳонаи осиёгии Британияи Кабир буда, 9 июли соли 1933 дар деҳаи Луга таваллуд шудааст. Писари нависандагон М. Илин ва Е. Сегал мебошад, ки ҳаёти илмиашро ба Тоҷикистон бахшидааст.

Номбурда соли 1956 шуъбаи бостоншиносии факултаи таърихи Университети давлатии Москваро хатм кардааст.

Б. И. Маршак тамоми фаъолияти илмии худро бахри муаррифӣ ва ҳафриётҳои Панҷакенти қадим бахшидааст, ки ҳатто ҳангоми ҳафриёти шаҳр фавтидаасту ҳамон ҷо дар канори дароматгоҳи ин шаҳр хок шудааст. Ӯ ба таҳқиқоти таъриху фарҳанги мардуми тоҷик машғул шуда, кашфиёти зиёдеро ба анҷом расондааст, ки боиси муаррифии фарҳанги мардуми Суғд гаштааст.

Б.И.Маршак аз соли 1954 дар ҳайати ҳафриёти Панҷакенти қадим фаъолияти худро шуруъ намудааст. Ва аз соли 1978 то соли 2006 бе восита роҳбарии ҳафриёти Панҷакентро ба ухда дошт, ки номбурда бахри муаррифӣ намудани шаҳри қадимаи Панҷакент заҳматҳои нотакрореро анҷом додааст. Б.И. Маршак дар ёдоштҳояш чунин менависад: «Ман бори аввал соли 1954 барои кофтукови шаҳраки қадимаи Панҷакент ба Тоҷикистон рафта будам ва аз он вақт инҷониб танхо як мавсим - соли 1956, ба ин макони таърихию фарҳангӣ наомада будам, ки дар ин вақт дар Университети давлатии Москва вақти гузаштани курси тайёрии харбӣ шуда буд». Маршак баъди хатми донишгоҳ ба Институти таърих, археология ва этнографияи Академияи илмхои РСС Точикистон ба кор шуруъ намуда, солҳои 1958—1961 аспиранти Эрмитажи давлатӣ буда, соли 1965 дар мавзуи «Сафоли Суғд дар асрҳои V-VIII ҳамчун ёдгории таърихию фарҳангӣ (дар бораи методологияи омӯзиши комплексҳои сафолӣ)» рисолаи номзадӣ ҳимоя намудааст ва соли 1980 кори докторие худро дар мавзуи “Таърихи нақшу нигорҳои шарқӣ (торевтика) дар асрҳои III-XI ва мушкилоти муттасилии фарҳанг” дифоъ намудааст.

Бояд зикр намуд, ки дар шаҳри қадимаи Панҷакент Б.И. Маршак ҳафриёти зиёде гузаронида, асарҳои гуногуне оид ба ҳамаи ҷабҳаҳои таърихию фарҳангии Панҷакенти қадим таълиф намудааст, ки бо чандин забонҳои гуногуни ҷаҳон нашр шуданд, ки боиси муаррифии Панҷакент дар арсаи ҷаҳонӣ гаштаанд.

Маҳс бо хизматҳои Б.И. Маршак ҷаҳониён оид ба санъату фарҳанги сарзамини мардуми Суғд дар асоси ёдгории таърихи Панҷакент ошноӣ пайдо намуданд. Б.И. Маршак яке аз аввалин бостоншиносоне мебошад, ки дар Панҷакенти қадим усули ҳафриёти шаҳрҳои қадимаро ба роҳ мондааст.

Борис Илич фаъолияти илмии худро танҳо ба тадқиқоти Осиёи Миёна маҳдуд нанамуда, ҷуғрофиёи фаъолияти илмиаш аз Чини Шимолӣ ва Муғулистон то Аврупои Ғарбиро фаро мегирад. Ҳамчунин, дар солҳои охири хаёташ ба омӯхтани санъати нахустини асримиёнагии Тибет машғул буд.

Самтҳои асосии таваҷҷуҳи илми бостоншиносии тамаддун ва фарҳанги Суғд, торевтика ва нуқраи шарқӣ, метрология, таърихи динҳо, таърихи сиёсии Шарқ, методологияи тадқиқоти археологӣ ва методологияи ҳафриёт, нашр ва тафсири матнҳои шарқӣ мебошад, ки ӯ муаллифи фасли «Санъати тасвирӣ», боби «Маданияти моддии асрҳои V—VIII»-и ҷилди дуюми бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» ва ташкилотчии нашри монографияи силсилаи «Материалҳои экспедитсияи

бостоншиносии Панҷакент» (МПА), ки соли 1999 дар Санкт-Петербург нашр шудааст, мебошад. Муаллифи зиёда аз 300 мақолаҳои илмӣ ва якчанд монография буда, бо забонҳои гуногун дар давлатҳои гуногун рӯи чоп омадаанд, ки бештари онҳо оид ба таъриху фарҳанги Панҷакенти қадим мебошад, ки мо ин ҷо якчанд машҳуртаринашонро ёдовар мешавем: "Согдийское серебро".- Москва, 1971, "Искусство Согда". - Санкт- Петербург, 2009, «Legends,Tales and Fables in the Art of Sogdiana». - New York, 2002, "История восточной торевтики III-XIII вв. и проблемы культурной преемственности." - СПб: «Академия исследования культуры», 2017, "Влияние торевтики на Согдийскую керамику VII-VIII веков", "THE HISTORICO-CULTURAL SIGNIFICANCE OF THE SOGDIAN CALENDAR". - Iran, 1992, «Les fouilles de Pendjikent», "ДВОРЕЦ VI ВЕКА ПОДНОЖИЯ ЦИТАДЕЛИ ДРЕВНЕГО ПЕНДЖИКЕНТА". Санкт- Петербург, 2012, "Керамика Согда V-VII веков как историко- культурный памятник " Санг- Петербург 2012., "Согдийцы, их предшественники, современники и наследники". - Санкт- Петербург, 2013 ва садҳои дигар барои омӯзиши таърихи қадимаи Панҷакент мусоидат менамояд.

Натиҷаи фаъолияти илмиву эҷодии Маршак хело хуб арзёбӣ гашта, ӯ бо чунин мукофотҳои сатҳи байналмилалӣ: аъзои Академияи фанҳои Фаронса, аъзо-корреспонденти Институти Африка ва Шаркшиносии Италия, дорандаи унвони фахрии «Ходими хизматнишондодаи илми РСС Точикистон», дорандаи ордени Дӯстӣ (Дӯстӣ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви фахрии Ҷамъияти шоҳонаи осиёии Британияи Кабир ва Иордания, узви фахрии Институти археологии Амрико, узви Институти тадқиқоти пешқадами Принстон (ИМА) , Лауреати Ҷоизаи ба номи академик Р. Хиршмани Академияи илмҳои Фаронса ва Муассисаи Смитсонӣ (ИМА), соли 2003 сазовори Ҷоизаи Фирдавсӣ (Лондон), Профессори донишгоҳҳои Вена, Рим, Пенсилвания, инчунин Донишгоҳи Йел (ИМА) мебошад.

**Адабиёт:**


1. Ранов В.А. Начальнику Пенджикентской экспедиции Б.И. Маршаку -семьдесят лет/ В.А. Ранов // АРТ. - 2004.- Вып. 29.- С. 25-27
2. **Зарифов М.А. Из истории открытия древнего Пенджикента и вклад Б.И. Маршака/ М.А. Зарифов // Вестник ТНУ – Душанбе, 2022.- № 5.- С. 67-73**
3. Каримова Г.Р. Археологи Таджикистана / Г.Р. Каримова - Самарканд: МИЦАИ, 2021.- 342 с.
4. Каримова Г.Р. Борис Ильич Маршак / Г.Р. Каримова // АРТ. Вып. XXXI – Душанбе, 2007. – С. 248-257
5. Шкода В.Г. Био-библиография Б. И. Маршака. Борис Ильич Маршак (1933-2006) / В.Г Шкода, // Российская археология. – М., 2007. -№ 4.- С. 187-188;


## ВАЗЪИ ЗАМИНДОРӢ ВА ТАРТИБИ СИТОНИДАНИ АНДОЗ ДАР АМОРАТИ БУХОРО ДАР ОХИРИ АСРИ XVIII ВА МИЁНАИ АСРИ XIX


***Мирзоалиева М. – ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ***


Дар асрҳои 18-19 дар усули заминдорӣ, баъзе тафовутҳо дар истилоҳот ва сохти заминҳои хусусӣ ба миён омаданд, ки он ҳам дар ҳар маҳал гуногун буд.

Дар ҳаёти иҷтимоии ин давр усули танҳо – тариқи хизматона ба шахсони ҷудогона инъом намудани қитъаи замин, як ва ё якчанд деҳа ва ҳатто вилояти том, ки даромади он комилан дар ихтиёри танҳодор буд, мавқеи муҳим дошт. Баъзан соҳиби танҳо, ғайр аз молиёте, ки ба фоидаи худ ҷамъ мекард, музде ба маблағи муайян аз хазинаи амир низ дарёфт менамуд. Танҳо метавонист на тамоми даромади солонаи замин, балки як ҳиссаи онро ташкил намояд. Дар баъзе мавридҳо, ин ба худ бидуни инъоми замин, як навъ шакли нафақаи пулиро мегирифт. Усули танхо, аз оғози ҳукмронии сулолаи Манғития ба таври васеъ ҷорӣ гардид.

Агар хироҷ аз панҷ як ҳиссаи ҳосилро ташкил диҳад, бақияи ғалларо ба панҷ ҳисса тақсим карда, аз ҳиссаи деҳқон (ё заминдор) миқдори муайянро барои саркор, мироб, оқсақол ва мирзо мегузоштанд. Мабодо деҳқон то омадани ҷамъкунандагони хироҷ ба

хирман даст расонида бошад, тамоми ҳосилро мусодира карда, худи деҳқонро сахт ҷазо медоданд. Аксар вақт ҷамъоварии хироҷро ба ягон шахс, ба орият мефурӯхтанд ва он шахс аз деҳқон маблағи боз ҳам зиёдтареро «фишурда» мегирифт.

Албатта, ҳам дар аморати Бухоро ва ҳам дар туманҳои Хуҷанд ва Хева ҳар рутба амалдорон, деҳқононро ғорат карда, насибаи худро мерӯёниданд. Мақоми амлокдори Бухоро ё саркори Хуҷанд баҳоят сердаромад буд. Даромади ҳарсолаи саркорони Хуҷанд дар нимаи дувуми асри 19,  10–15 ҳазор сӯмро ташкил менамуд.

Вақте ки андозҳо ба шакли пул ситонда мешуданд, амир нархи маҳсулоти зироатро муқаррар менамуд. Вай мебоист ба нархи бозор баробар меомад, вале амалан онро хеле баланд мебардоштанд.

«Дар натиҷаи ин гуна андозғундорӣ деҳқононе, ки дар асл дар вақти андозғундорӣ тороҷ шуда буданд, дар вақти пардохтани пули андоз, тамоман хонавайрон гашта, маҷбур мешуданд, ки баъзеашон заминҳошонро бо нархи арзон ба бойҳо фурӯхта, баъзеашон ҳайвоноти корӣ ва асбоби хонаашонро фурӯхта, пули андозро диҳанд.

Аҳволи иҷорагирони замин боз ҳам бадтар буд. Онҳо одатан, бояд аз се  яки ҳосилро мепардохтанд, вале чунин расм гардида буд, ки барои иҷорагирон фақат аз панҷ як ҳисса ҳосил боқӣ мемонд (ҳиссаи ҳосиле, ки коранда мегирифт, ҳамчунин, вобаста ба он буд, ки ё бо чорво ва олоти худ кор мекард ва ё аз они хуҷаинро истифода менамуд). Ба замми ин, ҳиссаи коранда аз қисмати баъди адои хироҷ мондаи ҳосил, муайян карда мешуд.

Ҳамчунин, ду дафъа ситонидани хироҷ ба таомул даромада буд: бори аввал аз тамоми ҳосилот ва бори дувум аз ҳиссаи корандаи замин, ки маҷбур буд ҳамаи супоришоти соҳиби заминро бегуфтугу иҷро намояд. Хусусан, вақте ки корандагон дар ихтиёри иҷорадорони замин кор мекарданд, ҳоли боз ҳам табоҳтаре ба сари онҳо меомад: иҷорагирони қитъаҳои калони замин аз онҳо ба фоидаи худ ҳиссаи иловагии ҳосилро «фишурда» мегирифтанд.

Иҷорагири замин на фақат деҳқонони ҷудогона, балки як гурӯҳ деҳқононе ҳам буданд, ки заминро шарикона (пайкол) киштукор мекарданд. Ин тариқа ширкатҳо, аз он сабаб ба вуҷуд омада буданд, ки аксари деҳқонон, ҷуфти гов ва олоти кишоварзӣ надоштанд. Ҳиссаи пайкол дар байни ширкаткунандагони он, аз рӯйи саҳми молӣ тақсим карда мешуд. Дар натиҷа, узви бенавотари пайкол, ки арақи ҷабин рехта, кор мекард, қути лоямутеро соҳиб мегардид.

Дар қатори деҳқонони безамин мардикорон ҳам буданд, ки мавриди истисмори сахт қарор гирифта, музди ночизе ба даст меоварданд. Деҳқонон бисёр андозҳои иловагӣ низ мепардохтанд. Монанди, «миробона» (барои обёрии замин), «алафпулӣ» (барои юнучқазор), «қӯшпулӣ» (барои ҷуфти гов), «яксара» (барои ҳар сари чорво, аз қабили асп, хар ва барзагов), инчунин барои чидани ҳезум, гузаштан аз пул (купрук) ва ғайра андозҳои нав пайдо шуда, аҳволи гурӯҳҳои истеҳсолкунандагонро боз бештар вазнин мегардонид. Чунон ки А.Маҷлисов  дуруст қайд мекунад, «...боре, ки ба дӯши деҳқони азиятдидаи Бухоро гузошта мешуд, дарвоқеъ ҳам тоқатфарсо буд».

Барои аҳолии кӯчӣ ва нимкӯчӣ молиёти аз ҳама миёншикан «закот» ба шумор мерафт. Ин навъ молиёт аслан мебоист аз чил як қисми чорворо ташкил медод. Аммо амалан, тамоман таври дигар буд. Ба қавли яке аз шоҳидон, ҷамъ кардани закот «… дар Хуҷанд бо чунон сӯиистеъмолҳо сурат мегирифт, ки қирғизҳои он ҷо ҳар сол қариб аз бист як қисмати чорвои худро медоданд».

Дар миёнаҳои аср 19 закотро бештар ба шакли пул мегирифтагӣ шуданд. Сарчашмаҳо  хабар медиҳанд, ки дар давлати хонии Хуҷанд ҷамъ кардани закот ба як навъ азимати низомии омилони хироҷ (андозғундорон), ба нишемангоҳи қирғизҳо табдил ёфта буд. Қирғизҳо ҳар гоҳ ба муқобили ҷамъкунандагони закот сар мебардоштанд. Дар ин сурат, дастаҳои калонтари низомӣ фиристода, ғайр аз закот «амонпулӣ» ҳам меситонданд.

Ба замми ин хироҷу маҷбуриятҳои маъмул, боз андозҳои дигар ҳам мавҷуд буданд. Онҳо махсусан, дар давраи амалиёти ҳарбӣ вусъати зиёд пайдо мекарданд. Яке аз ҳамин

қабил андозҳои фавқулода, андози пулӣ буд, ки пардохтани он барои аҳолӣ хеле гарон меафтод.

Дигар андози аз ҳама гаронтарин, «ҷейбпулӣ» буд. Вай ҳатто аз янтоқ ҳам гирифта мешуд. Аҳолии хонии Хуҷанд бе иҷозати амалдор ҳатто хори дар саҳро рӯйидаро ҳам наметавонист ҷамъ кунад.

Дар Хуҷанд давлат ҳатто аз ақди никоҳ ва тақсими мерос ё хоҷагӣ низ андоз мегирифт (дар вилоятҳои дигар ин навъ андозро ба қозӣ медоданд). Аз осиёб ва ҷувоз, ҳамчунин, дар сари пул ва гузаргоҳҳо барои бор ва чорво «боҷ» ситонда мешуд.

Дар яке аз манбаъҳои хаттии Хуҷанд чунин хабар дода мешавад: «Дар Хуҷанд, аз қадимулайём одате ба таомул даромада буд, ки мутобиқи он_уламо, қозиҳо, сипоҳиён ва навкарон аз додани хироҷ ва андози танобона аз боғи ангур, кишти юнучқа ва дарахтзорашон озод буданд». Аз сабаби он, ки танобона дар он давр андози муайян буд, дар соли фаровонҳосилӣ ҳиссаи аз ҳадди муайяни изофаи ҳосил гирифта мешуд.

Дар Аморат ходимони давлат ва рӯҳониён, феодалҳо ва бойҳо сарвати асосии кишвар, заминро ба даст гирифта, онро ба деҳқонони безамину камзамин ба иҷора медоданд. Бузургтарин феодал амир буд, ки заминҳои ҳосилхези зиёди дар гӯшаву канори кишварбуда ба ӯ тааллуқ доштанд.

Дар Бухорои Шарқӣ амир зиёда аз ҳазор десятина замин дошт. Деҳқонон, ки 85 фоизи ҳиссаи аҳолиро ташкил медоданд, тақрибан 15 фоиз заминро соҳибӣ мекарданд.

Қисми зиёди замин, махсусан, заминҳои ноҳияҳои баландкӯҳ чун чарогоҳ ба кор мерафт, ки он ҳам ба амир тааллуқ дошт. Майдонҳои зиёди заминҳои хосилхези водии Қаротегину Дарвоз ба чорводорони калони бекигариҳои Ҳисору Қаршӣ барои иҷора дода мешуданд. Масалан, заминҳои васеи водии Дашти Буданаи амлокдории Оби Гармро чорводорони калони Янгибозор ва Ёвон ба иҷора гирифта буданд; аҳолии маҳаллии ба чарогоҳ эҳтиёҷманд аз он истифода карда наметавонистанд. Ҳамаи заминҳо дар Аморати Бухоро ба амлоки (давлатӣ), амирӣ, вақфӣ (мутааллиқ ба муассисаҳои динӣ) ва мулкӣ (хусусӣ) ҷудо шуда буданд. Заминҳои мулкӣ боз ба гурӯҳҳои мулки ҳур, мулки ушр ва мулки хироҷ тақсим мешуданд.

Маблағи зиёди андоз аз замин ба хазинаи амир ворид мегардид. Ҷамъоварии он ба тариқи зерин сурат мегирифт: баъд аз дарав ҳосил ба хирмангоҳ оварда мешуд. Баъди ба хирманкӯбӣ шуруъ намудани деҳқон ба сари хирман намояндагони сершумор аз ҷониби амлокдор, доруғаҳо, мирзоҳо ва дигарон мерасиданд. Вазифаи доруға назорат кардан ба он буд, ки ягон зарра аз ҳосил, то муайян намудани ҳаҷму миқдори умумии он аз байн наравад. Бо ин мақсад, доруға шахсони махсусеро вазифадор мекард, ки то замони муайян намудани ҳаҷми умумии ҳосил бо навбат хирманро посбонӣ бикунанд.

Амлокдорону надимонаш, одатан, дар «ташрифи» худ таваққуф менамуданд. Барои тезонидани «ташрифи» онҳо деҳқонон маҷбур мешуданд ба амлокдор ё доруға ҳадяе пешкаш намоянд. Бар замми ин, амлокдор ва надимони ӯ хироҷро аз меъёр зиёд мегирифтанд. Хироҷро на танҳо аз замини кишт, балки аз қисми кишт карданашудаи он ҳам мегирифтанд. Амлокдорон ин амали худро ҳақ баровардашӣ шуда мегуфтанд, ки агар қисми холии замин кишт карда мешуд, аз он ҳосили хуб гирифтан мумкин буд. Дар ҳолати саркашӣ кардан, деҳқонро ба ҳабс мегирифтанд ва ӯро аз луқмаи охирини даҳонаш маҳрум мекарданд. Ба ғайр аз хироҷ, бар дӯши деҳқонон пардохтҳои зиёди иловагӣ бор карда мешуданд, ки додани онҳо ҳатмӣ буд. Баъзе аз ин пардохтҳоро зикр менамоем:

**Қӯшпулӣ**. Баҳорон пеш аз оғози корҳои саҳро деҳқон вазифадор буд, ки барои ҳар як ҷуфти чорвои корӣ, аз 4 то 8 (аз асп - 4; аз барзагов - 8) танга бидиҳад. Онҳое, ки як чорвои корӣ доштанд, барои як сар чорво арзиши ним ботмони гандумро мепардохтанд. Ин маблағҳо ба хазинаи бек мерафтанд.

**Кафсон** –шакли андозе, ки ба амлокдор пардохт карда мешуд буд.. Ба ӯ аз як ҳиссаи ҳосили бадастовардаи деҳқон як кафсон мерасид. Маънии «кафсон» кафи дастон аст, яъне баробари кафи ду даст мебошад.

**Обичувозпулӣ** - маблағи пулие, ки аз 20 то 100 танга буд, барои истифода аз ҷойи тоза кардани биринҷ ва арзан. Ин маблағ ба хазинаи бек ворид мегардид.

**Миробона** - пардохти кори шахси масъули низоми обрасонӣ - мироб, ки аз ҷониби бек таъин карда мешуд ва ба амлокдор итоат менамуд. Мироб асосан тобистон кор мекард. Деҳқонон вазифадор буданд, ҳар сол як ҳиссаи ғалла барои ҳар як ҷуфт ҳайвони корӣ ва ё арзиши як қисми муайяни ҳосили ғалладонаи гаронбаҳо, асосан биринҷ пардохт намоянд.

**Кафсон-доруға**. Ин андоз ҳам миқдоран кам набуд; на танҳо ба доруға, балки ба дигар надимон, аз ҷумла амлокдорон низ мерасид. Кафсон- доруға аз ҷиҳати шаръӣ (динӣ) пешбинӣ нашуда буд, вале ҳукумати Бухоро аз он огоҳӣ дошт ва онро чун мукофоте барои заҳмати надимон мешуморид.

Пардохти дигари пулиеро зикр бояд кард, ки барои таъмини маоши навкарони бек таъин шуда буд. Барои он аз ҳар як хонадон 6 танга мегирифтанд. Андозе, ки аз аҳолии заминдор гирифта мешуд, **хироҷ ном дошт.** Чорводорон бо **номи закот** маблағи муайян пардохт мекарданд.

## АДАБИЁТ


1. Аҳрор Мухторов. Ҳисор. Очерки таърихӣ (охирҳои асри ХУ- аввали асри ХХ). – Душанбе: «Адиб». 1995.
2. А Маҷлисов .Аграрное отношения в восточной Бухаре в Х1Х – начале ХХ века. «Ирфон» : Душанбе- Алма- Ата . 1967. С.207. //ЦГИА Узб. ССР. документ из архива қушбегӣ. № 67.
3. Баҳодур Искандаров . Васточная Бухара и Памир во второй половине Х1Х в. - Душанбе: «Андалеб». 2015
4. Намоз Ҳотамов Таърихи халқи тоҷик.(аз солҳои 60-уми асри Х1Х то соли 1924). «Амри дил»: - Душанбе. 2001.
5. Хотамов Н.Б.Социально – экономические преоброзования Республики Таджикистан в период суверенитета. (1991- 2006. гг). - Душанбе: «Рафиграф»,2008.


# ҲАМКОРИИ МАҚОМОТИ БОЗРАСИИ ДАВЛАТИИ АВТОМОБИЛӢ БО ТАШКИЛОТҲОИ ДАВЛАТИЮ ҶАМЪИЯТӢ ДАР ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ҲАРАКАТ ДАР РОҲҲО


**Ҳабибов С. - ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**


Ҳамкории Бозрасии давлати автомобилӣ бо мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва коллективҳои меҳнатӣ (ҳамкории беруна), инчунин, бо дигар сохторҳои милитсия (ҳамкории дохила) ба ҳисоб меравад, ки асоси ҳуқуқӣ дошта, дар асоси дастурҳо, қоидаҳо ва низомномаҳо ба танзим дароварда шуда, хусусиятҳои фаъолияти ин мақомотро бо ташкилотҳо, корхонаҳо ва муассисаҳо муайян месозад.

Ҳамкории мутақобила дар ин самт ба қонунҳо ва санадҳои зерқонун асос меёбад, ки аз рӯи вазифаҳо, самтҳо ва вақти мувофиқашуда, истифодаи муштараки қувваҳо ва воситаҳои мақомоти БДА, дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва коллективҳои меҳнатиро бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои умумии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ якҷоя месозад.

Мақомоти БДА вазифаҳоеро, ки бояд анҷом расонад, дар ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои мақомоти корҳои дохилӣ, Вазорати нақлиёт, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ ва шаҳрвандон ба осонӣ ҳал карда метавонад.

Муносибат дар байни ин сохторҳо дар асоси шартномаҳо, нақшаҳои муштарак, фармонҳо, дастурҳо ва низомномаҳо сурат мегирад.

Инчунин, дар моддаи 10 - уми қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳаракат дар роҳ” вобаста ба иштироки мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо ва шаҳрвандон дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ гуфта мешавад:

Мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо (минбаъд - ташкилотҳо) дар доираи ваколатҳои худ иҷрои тадбирҳои бехатарии ҳаракат дар роҳро таъмин менамоянд.

Дар коллективҳои меҳнатӣ оид ба риояи қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ тадбирҳои пешгирию фаҳмондадиҳӣ андешида мешаванд.

Тавре ки таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ки фаъолияти мақомоти БДА- ро танзим мекунанд ва амалияи татбиқи онҳо нишон медиҳад, самаранокии фаъолияти БДА аз бисёр ҷиҳат аз самаранокии механизмҳои ҳамкорӣ бо мақомоти дигари давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ вобаста аст. Чунин ҳамкорӣ ва дигар тадбирҳо бояд боиси кам шудани садамаҳои нақлиётӣ, кам шудани шумораи одамоне, ки дар натиҷаи садамаҳои нақлиётӣ осеб дидаанд, беҳтар шудани ҳолати ҳаракат дар кӯчаҳо ва роҳҳо, баланд бардоштани самаранокии системаи таълими истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, беҳтар намудани шароити расонидани кумак ба зарардидагон дар садамаҳои нақлиётӣ гардад.

Ҳамкории мутақобилаи шуъбаҳои РБДА- и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар субъектҳои таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад, аз ҷумла :

— якҷоя ба амал баровардани тадбирҳои таъмини бехатарии ҳаракати роҳ хангоми хизмати патрулии роҳ, гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда дар корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо оид ба пешгирии ҳодисаҳои нохуши нақлиётӣ;

- табодули маълумот оид ба ҳуҷҷатҳо оид ба таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба пешгирии садамаҳо тавассути воситаҳои нақлиёт ва такмили системаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ;

- иштироки якҷоя дар чорабиниҳо оид ба ҷустуҷӯ ва боздошти воситаҳои нақлиёти дуздидашуда ва шахсони дар содир намудани ҷиноят гумонбаршуда ;

— ёрӣ расонидан ба ташкили гуселкунии колоннаҳои нақлиётҳои ҳарбӣ, инчунин дар таъмини ҳаракати ин колоннаҳо аз маҳалҳои аҳолинишин ва монанди инҳо.

Сарфи назар аз муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи кори ҷамъиятӣ, чунин шаклҳои ҳамкории мақомоти БДА бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ вуҷуд дорад:

1) ҳамкори намудан дар дастрасии маълумоти доими оид ба садамаҳои нақлиётӣ миёни мақомоти БДА ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

2) ба маълумоти шуъбаҳои БДА аз ҷониби аҳолӣ расонидани далелҳои ошкоршудаи вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва ҷиноятҳои марбут ба роҳу нақлиёт;

3) таҳияи барномаҳои муштараки пешгирикунанда, ки ба муайян намудани сабабҳо ва ҳолатҳое, ки ба содир шудани садамаҳои нақлиётӣ мусоидат мекунанд;

4) иштироки якҷоя дар чорабиниҳое, ки ба таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, пешгирии ҷиноятkорӣ, фаҳмонида додани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ба воситаи баромадҳо дар воситаҳои ахбори омма нигаронида шудаанд;

5) ҳамкории муштараки аъзоёни дружинаҳои ҷамъиятӣ бо сохторҳои алоҳидаи БДА. Дар рафти хизмати муштарак аъзоёни воҳидҳои ҷамъиятӣ метавонанд дар баробари кормандони БДА барои расонидани ёрии тиббӣ ба зарардидагон дар ҳолатҳои садамаҳои нақлиётӣ ва расонидани онҳо ба муассисаҳои тиббӣ, муайян намудани шоҳидон ва шахсони дар ҳодиса иштирокдошта, ҳифзи ҷои ҳодиса, муайян намудани маҳалли ҳодиса иштирок намоянд.

Ҳамин тавр, мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ бо ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ бо мақсади пешгирии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, инчунин, якҷоя кор карда баромадани тадбирҳои таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ҳамкорӣ мекунад. Истифодабарандагони роҳ вазифадоранд талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии ҳаракат дар роҳ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии

мутобиқи он  қабулшударо дар самти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ риоя намоянд.

**Адабиёт:**


1. Г. А. Гафурова. Первые шаги Республики Таджикистан на пути к выходу из транспортного тупика [Текст] / Гафурова, Г.А.// учёные записки. - 2016.- №1 (46).- С. 28-35
2. Ғайрат Ҳаким., Фахриддин Аваззод. “70- солагии Бозрасии давлатии автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон”[Матн] / Ғ. Ҳаким.,
3. Ф. Аваззод. - Хуҷанд, ҶММ “ЮТБ- принт”, 2006 - 56с. С. 28.
4. Маҷалаи “Бозрас” [ Матн] / - Душанбе. МХҲҶФ “Мушфиқӣ”, 2010.-127с.
5. Мунавваров Ҳабибулло “ 70- солагии таъсисёбии Раёсати бозрасии давлатии автообилӣ” [Матн ]/ М. Ҳабибулло . – Душанбе – 2006.- 48с.
6. Пайёми Душанбе [Матн] / - №46 (2111) 10. 06.2016. - С.5
7. Раҳимов, Р.Ҳ., Розиқзода, А.Ш., Назаров, Н.Ҷ. Милитсия – ҳомии тартибот. [Матн ] / Р. Ҳ., Раҳимов. А.Ш., Розиқзода., Н.Ҷ., Назаров.- Душанбе, “ЭР- граф”, 2010. - 364с .


## ИЗ ИСТОРИИ СОЗДАНИЯ МЕДРЕСЕ В ВОСТОЧНОЙ БУХАРЕ


***Сангинов Д.-ассистент кафедры гуманитарных дисциплин ТГФЭУ***


По данным В.В. Бартольда, у мусульман с момента утверждения ислама были известны два типа школ: - начальная школа и медресе - высшая духовная школа. Мектеб в буквальном смысле означает «место, где пишут». Медресе, как место, где проводили лекции знатоки ислама, возникли у арабов еще в VII-VIII вв. при халифах-омейядах. По мере распространения ислама, при некоторых мечетях образовывались своего рода богословские факультеты - из них наиболее известна школа при мечети Азхар в Каире (X в.), а также при Каабе (в Мекке). Позднее начали строить специальные здания для учебных занятий, с кельями студентов и аудиториями для лекций. Эти школы получили название «медресе» - «место учения» (от глагола «дараса» - «изучать»). Ислам быстро распространяется из Аравии на восток и запад, а вместе с ним, распространяются медресе и мектебы.

Первые сведения о медресе в Средней Азии относятся к X в.Первые медресе упомянуто А. Наршахи в Истории Бухары - в связи с большим пожаром 937 году, от которого погибло медресе Фараджек. Если это здание простояло хотя бы 40 лет- значит медресе в Бухаре строились уже в конце IXв., а то, что у него было имя, намекает на существование других, иначе называющихся медресе. По некоторым сведениям, при Саманидах только в Самарканде было 17 медресе, которые принадлежали соперничающим направлениям в исламе-мутазилитам, керамийцам и исмаилитам. В вакуфном документе, касающемся самаркандского медресе Тамгач-хана (XI в.), подробно описывается его окружение, но не сказано ничего о нем самом и точном месте его расположения, — это привело к ошибочным выводам, которые получили известное распространение, и к реконструкции — фантазии вымышленного здания. Вероятно, в Средней Азии IX —XII вв. медресе строились в достаточно большом количестве, и не только в крупных городах, — по свидетельству известного историка А. Бейхаки, только в Хуттале, где значительных городов как будто не было, их имелось более 20. В больших же городах медресе строились во множестве: в Нишапуре, второй (после Мерва) столице Хорасана, во время «гузской смуты» было разрушено 25 медресе.

Мавзолей и медресе Ходжи Машхад - это один из самых известных и выдающихся исторических памятников в Центральной Азии. Он расположен на юге Таджикистана, в поселке Шаартуз, в 6 километрах от Шахритус, в низовьях реки Кофарнихон.

Мавзолей и медресе Ходжи Машхад характеризуются великолепными пропорциями и традиционной декоративной кладкой. К слову сказать, сооружение относят к древнейшим мусульманским постройкам республики Таджикистан и в полной мере отражает культурные и эстетические взгляды народа IX - XII веков, воплощает в себе историю целой эпохи.

Первое детальное изучение Мавзолея и медресе Ходжи Машхада произошло в XX веке С. Хмельницким. Ходжа Машхад был известной личностью в исламском мире, богослов-миссионер, путешественник и меценат. По данным историков медресе возвели за его средства, а после смерти здесь же и похоронили. Мавзолей и медресе Ходжи Машхада представляет собой два здания из обожженного кирпича, соединенных между собой сводчатым проходом.

Большое распространение строение медресе получили в XV-XIX вв. Такие крупные медресе, как медресе Улугбека в Самарканде, Мир-Араб в Бухаре, Медресе Кухна и Медресе Нав в Гиссаре и др.Согласно мнению большинства авторов, в той или иной мере причастных к изучению вопроса, в конце XIX – начале XX вв. строительство медресе несколько оживилось, в том числе и на восточные владения Бухарского эмирата. Согласно данному Логофета, медресе находились почти во всей территории Восточной Бухары, в том числе в городах Шахрисабз, Китоб, Гузар, Куляб, Шерабад, Кабадиян, Гиссар, Денау, Бальджуван, Юрчи, Файзабад, Душанбе, Сари-Джуй, Раметан, Гарм и некоторых других населенных пунктах.

Мухаммад Садик Гулшани в своей работе «Таърихи Хумоюн» сообщает что: «В Хисаре находятся две большие высоких двухэтажных каменных медресе с каменными худжрами и одна каменная ханака пятничного и праздничного богослужения. Напротив крепости находится также еще одна деревянная медресе, известная под названием “Чашма-и Махийан” ( “Рыбий источник”). Есть еще несколько мелких медресе. Людей науки и учащихся в вилайате Хисар очень много. Учащихся здесь больше 10 000 человек, так как в каждой долине и в каждом селении имеется по одной или по две деревянных медресе».

По сообщению историка Мухаммад Садика Гулшани в самом городе и на территории Кулябской долины имелось более 45 медресе, полных учащимся. Он пишет, что, «по числу учащихся после благородной Бухары нет другого города, подобного Кулябу. В городе и на подчиненной ему территории заняты более 30 000 учащихся. Много имеется здесь также людей, закончивших обучение в Бухаре» .

Согласно сведениям М.С. Гулшани, в Балджуване и его селениях имелось свыше 15 деревянных медресе, но по количеству учеников они уступали Кулябу. Также он отмечает, что в этом регионе много учащихся. В большой части значительных селений имеются деревянные медресе, преподавателями которых являются шейхи. Только лишь в посёлке Ховалинг функционировало 7 медресе: Мобайн, Каюмбай, Домулло Рахмат, Дашти Кавак, Бойбача, Домулла Муса, Гузари Паранак. В каждом медресе учились по 80-100 учеников.

Таким образом, на территории Восточной Бухары издавна существовали конфессиональные школы – мектебы и медресе. Как показали наши исследования, медресе существовали почти во всех городах и крупных населенных пунктах Восточной Бухары. Медресе- строение охватило и сельские округа. Впервые за многие столетие жители селений наряду с горожанами получили доступ к знанию на месте. Вместе с ростом медресе наблюдался и большой наплыв учащихся в них.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Андреев М.С. В Хиссаре/ М.С. Андреев // Туркестанские ведомости. 1916. №72. 31 марта.
2. Бартольд, В.В. Ислам Монография / В.В. Бартольд // Соч. – М.: Наука, 1966. -Т.VI. - С. 112.
3. Гулшани М.С. Тарих-и хумайун. / М.С. Гулшани.-Душанбе, 2016 - 476с.
4. Логофет, Д.Н. Бухарское ханство под русским протекторатом.Монография / Д.Н. Логофет -Т. II.-СПб.,1911.-340с.
5. Колпаков А. К истории до революционного Куляба./А.Колпаков Сталинабад 1949,97 с.
6. Мирбабаев, А.К. История медресе Таджикистана.-Т. 2. Монография/А.К. Мирбабаев - Душанбе: Мерос, 1994. -

71с.
7.Хмелницкий С.Между саманидами и монголами /Архитектура Средней Азии Х1- начале Х111. Берлин- Рига, 1996 С.271-275

## ТАҲҚИҚИ ПРОБЛЕМАҲОИ ОРИЁИШИНОСӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

**Ҳакимос С.Р. - ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**

Дар сарчашмаҳои қадим якчанд кишварҳои ориёӣ номбар шудаанд: дар "Михр-яшт" навишта шудааст, ки *Аирошаяну* ("Маскани ориёиҳо") шаш кишварро дар бар мегирад: Ишкат ва Поурут (дар кӯҳсори Ҳиндукуш), Моуру ва Харойа (Марв ва Ҳирот), Гава-Суғд ва Хваиризем (Суғд ва Хоразм). Дар "Видевдод" (қисмати Авесто) 16 кишвар номбар гардидааст, аз ҷумла «Airyanəm vaējah» - "Аирянам Ваэҷаҳ" (Ориёно "Фарохнои ориёиҳо"). Инчунин, дар Авесто панҷ халқи ориёӣ номбар шудааст:ориёӣ (airya-) - офарандагони Авесто ва халқҳои дигар (ғайри эътқоди Дини зардуштӣ) - туйиря (tūirya-), сайрима (sairima-), саини (sāini-) ва даххо (dåŋha-), ки ба халқҳои эронизабон (яъне, ориёиҳо) нисбат дода шудаанд. Маҳз аз ҳамин тазоди авестоӣ минбаъд тазоди Эрон (кишвари ориёиҳо) ва Турон — Давлати Афросиёб ба миён омадааст.

Ориёиён ба таври куллӣ ба се табақа тақсим мешуданд: ҷангҷӯён, рӯҳониён ва мардуми одӣ. Вале шакли дигари табақабандии ориёиён низ ҳаст, ки тибқи он табақаҳои шоҳон, ашрофи ҷангҷӯ ва кишоварзони озод мавҷуд буданд. Назди аксар тавоифи ориёӣ шоҳ олитарин мақоми рӯҳонӣ буд ва ҳатто гоҳе фарзанди эзидон шумурда мешуд.

Беҳтарин роҳ барои иттилоъ аз чигунагии густариши ақвоми ориёӣ дар ҷаҳон таҳқиқ дар таърихи забонҳои ин ақвом ва баррасии таҳаввулоти онҳост. Ин мардум дар тайи қурун ва муҳоҷиратҳои пай дар пай ба нуқоти дурдаст ба шуъбаҳои мухталиф тақсим шуданд. Аз тариқи таҳқиқоти татбиқӣ дар куҳантарин осори боқимонда аз баъзе аз шохаҳои забони ориёӣ (чун Ведаҳо, Авасто, сангнабиштаҳои мехӣ ва Ҳахоманишӣ, осори нависандагони Юнон ва Руми қадим) ва муқоисаи забонҳои ин хонавода бо якдигар ва бо мутуни бостон метавон то ҳудуде ба хусусиёти забони аввалияи ориёӣ, ки худ лаҳҷаҳои мухталиф дошта, пай бурд ва онро ба гунае бозсозӣ кард ва шохаҳои мухталифро шинохт.

Чунон ки мулоҳиза шуд, ориёиҳо ба ду гурӯҳи бузурги шарқӣ ва ғарбӣ тақсим шуданд ва табиист, ки забонҳои онон низ ба ду гурӯҳи шарқӣ ва ғарбӣ тақсим мешаванд.

Дар гурӯҳи ғарбӣ забонҳои зер қарор мегиранд:

1. Забонҳои лотинӣ: итолиёӣ, испанӣ, португалӣ ва фаронсавӣ. Дар Италия, Испания, Португалия, Фаронса, Руминия ва кишварҳои Амрикои Ҷанубӣ ва Марказӣ бо ин гурӯҳи забонҳо сухан мекунанд.

2. Забонҳои германӣ: олмонӣ, инглисӣ ва ағлаби забонҳои Аврупои Шимолӣ аз ин гунаанд ва дар Олмон, Утриш (Австрия), Белгия, Донморк (Дания), Ҳолланд, Суид (Шветсия), Норвеж, Суис (Швйтсария), Инглистон, Ирланд, Конодо, ИМА, Исландия, Зелландияи нав, Австралия ва Африкаи Ҷанубӣ ба забонҳои ин гурӯҳ сухан мегӯянд.

3. Забонҳои юнонӣ ё эллинӣ: забонҳои мурдаи мисинай, ахея, гомерӣ, афинагӣ, ки имрӯз касе бо он сухан намекунад ва юнонии ҷадид, ки дар Юнон ва бахше аз Кипр роиҷ аст.

Гурӯҳи забонҳои шарқӣ чунин оилаи забонҳоро дар бар мегирад:

1. Албанӣ, ки дар Албания ва бархе аз қисмати Италия ва Югославия аз қарни 15 мелодӣ то имрӯз роиҷ аст.

2. Анатолӣ: дар ҳазораи 2 ва аввали қабл аз милод дар қисмати Осиёгии Туркия ва Сурияи имрӯза ривоҷ дошта ва аз байн рафтааст. Шинохташудатарин забон дар ин шуъба забони Ҳетӣ (Геттҳо) аст ва куҳантарин матни мавҷуди ҳеттӣ аз қарни 17 қабл аз милод аст.

3. Арманӣ: дар Арманистон ва миёни арманиёни нуқоти дигар роиҷ аст. Ин забон дорои ду марҳала: қадим ва ҷадид мебошад, ки қадимтарин матни мавҷуд аз армании куҳан ба қарни 5 мелодӣ мерасад.

4. Балтӣ - Славянӣ: акнун дар Булғористон, Чехия, Словакия, Лаҳистон, Россия, Югославия ривоҷ доранд. Бархе аз забоншиносон балтӣ ва славяниро аз ҳам ҷудо медонанд. Дар ин сурат балтӣ муштамил аст бар прусии қадим, литвонӣ, латвонӣ ва славянӣ шомили русӣ, украинӣ, лаҳистонӣ, чехӣ, словакӣ, булғорӣ ва ғ. Қадимтарин матни мавҷуд аз ин гурӯҳ ба қарни 9 мелодӣ таалluқ дорад.

5. Тахорӣ, ки он низ акнун аз байн рафтааст.

6. Ҳиндуэронӣ: гурӯҳи бузурге аз забонҳои шарқии ориёӣ аст, ки ҳам шомили забонҳои ҳиндӣ (роиҷ дар Ҳиндустон, Покистон, Сейлон, Непал) ва ҳам забонҳои эронӣ (дар Тоҷикистон ва дигар қисматҳои Осиёи Миёна, Эрон, Афғонистон, бахшҳое аз Туркия, Ироқ ва Покистон) мебошад.

Забонҳои эронӣ 3 давраи таҳаввулро паси сар кардаанд:

1. Эронии куҳан: шомили авастоӣ (забони Готҳо ва авастоии ҷадид) ва форсии бостон (забони катибаҳои Ҳахоманишӣ) ва модӣ

2. Эронии миёна: шомили форсии миёна ё паҳлавӣ, ки бархе кутуби дини зардуштӣ ва биёре аз навиштаҳои Монӣ ва чандин сангнабишта ба он аст, портӣ (ё паҳлавии ашконӣ), суғдӣ, бохтарӣ ва сакоӣ.

3. Форсӣ-тоҷикӣ: шомили забонҳо ва лаҳҷаҳои роиҷ дар манотиқи мухталифи Эрон чун форсӣ, курдӣ, балуҷӣ, тотӣ, толишӣ, гелакӣ, мозандаронӣ, тоҷикӣ, яғнобӣ, помирӣ, пашту, осетинӣ ва ғ.

Хулоса, чунон ки дидем, ҳам маълумоти археологӣ ва далелҳои таърихию забоншиносӣ аз Осиёи Миёна ба тарафҳои ҷануб ба Ҳиндустон, Афғонистон ва зоҳиран ба Эрон нуфуз кардани тоифаҳои мухталифи ориёӣ (аввалҳо аксаран ҳиндуориёӣ, баъдан эронӣ)-ро исбот менамоянд.

Ҳамаи ин бори дигар тасдиқ мекунад, ки Варорӯд бо навоҳии ҳамҷавори худ қадимтарин маҳалли иқомати тавоифи ориёӣ ва маркази асосии паҳншавии эшон будааст. Он ориёиҳое, ки дар ин минтақа мондаанд, ниёгони аҳолии аслии Осиёи Миёна аз оғози аҳди таърих то авоили қуруни Вусто ҳисоб меёбанд.

Баъдан, дар асоси тавоифи шарқиориёӣ, пеш аз ҳама бохтариён, суғдиён, хоразмиён ва ба дараҷаи камтар дигар ҷузъҳои таркибии нажодӣ, халқи тоҷик ба вуҷуд омад.

Адабиёт

1. Ғафуров Б. Тоҷикон. Китоби 1, Душанбе, 1998, с.43-44.
2. Ёқубшоҳ Ю. Давлати Каёниён. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012, с. 437.
3.Муминҷонов Ҳ. Турон гаҳвораи тамаддуни ориёӣ, с. 7.
4.Насырова Ф.Ю. Происхождение и миграция ариев. Бизнес и политика, №34 (454), 30 августа, 2001г.

5.*Оранский И.М.* Введение в иранскую филологию, М., 1960, с.42.
6.*Раҳмонов* Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 1, Душанбе, 1999, с.76.
7.Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (нашри дувум). – Душанбе: «Ирфон», 2020, 704 саҳ.

## ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ОМИЛИ АСОСИИ БАРҲАМЗАНАНДАИ АМНИЯТУ ОСОИШ

**Ҷангиев Ҷ. - ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**

Терроризму экстремизм ҳамчун вабои аср ба оромию амнияти сайёра ва пойдории давлату миллатҳои ҷаҳон таҳдиду хатарҳо эҷод карда, амну осоиш ва ваҳдати миллиро барҳам мезанад. Ҳол он ки ҳеҷ ҷомеае бидуни таъмини амнияти иҷтимоӣ рушду такомул нахоҳад кард.

Ноормию кашмокашӣ дар гӯшаҳои гуногуни сайёра торафт доман паҳн намуда, имрӯзҳо миллионҳо нафар гирифтори хавфу таҳдид ва оташи хонумонсӯзи ҷангу низоъҳо гардидаанд. Зуҳуроти номатлуби терроризму ифротгароӣ ба хатари бесобиқаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, оқибатҳои фоҷиабору харобиовари ҷамъиятиву сиёсӣ ва маънавиро ба бор овардааст. Солҳои ахир дар 40 нуқтаи олам нохушиҳои мусаллаҳона идома дорад. Сабаби ҳамаи ин хунрезиҳо ба даст овардани манфиат, мақому сарват ба ҳисоб меравад.

Дар асри XXI зиёда аз сад мамлакати дунё ҳадафи амалҳои харобкоронаи террористон қарор гирифта, бар асари ҳамлаҳои террористӣ садҳо ҳазор нафар аҳолии осоишта ба ҳалокат расида, миллионҳо нафар макону манзили зисташонро тарк кардаанд.

Амалҳои террористию экстремистӣ боис ба он гардидааст, ки дар бисёр кишварҳои дунё одамони бегуноҳ ба ҳалокат расида, шаҳру деҳот ва ёдгориҳои беназири таърихӣ хароб гардида, зарари ба иқтисодиёти кишварҳо расонидашуда ба садҳо миллиард доллар мерасад. Идомаи ин зуҳуроти номатлуб аз ҳар ҷиҳат хатарро дар пай дошта, на фақат боиси афзоиши таҳдиду хатарҳои сиёсиву иқтисодӣ, амниятӣ ва башариву фарҳангӣ, балки сабаби хуруҷу афзоиши ҳар гуна бемориҳои сироятӣ дар тамоми минтақаҳои олам мегардад.

Мо медонем, ки экстремизм ва терроризм аз мафҳумҳоест, ки дар дунёи имрӯза вирди забонҳо гаштааст. Экстремизм (тундравӣ, аз андоза гузаштан) ба терроризм меорад. Истилоҳи «терроризм» аз калимаи лотинии «terror» маншаъ гирифта, маъноаш «тарс ва ваҳм» аст. Террористон касоне мебошанд, ки манфиатҳои шахсии хешро аз манфиатҳои давлату ҷомеа боло гузошта, мехоҳанд мақсаду мароми худро бо роҳи зӯроварӣ, куштор, тарсу ваҳм амалӣ созанд. Террор кардан ин ҷомеаро ба ҳолати тарсу ваҳшат ва ноумедӣ афкандан аст. Мубориза бар зидди терроризму экстремизм ва дигар таҳдидҳои замони муосир яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати дохиливу хориҷии он мебошад. Бояд гуфт, ки имрӯз барои муборизаи муштарак бар зидди терроризм ва экстремизм санадҳои байналмилалӣ қабул ва мавриди амал қарор доранд. Стратегияи глобалии СММ оид ба мубориза бар зидди терроризм ва Конвенсияҳои зиддитеррористии он аз ҷумлаи ин санадҳо мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза бо терроризму ифротгароӣ дар ҷаҳони муосир қарор дошта, бо сиёсати устувори худ дар таъмини суботу амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ саҳми ҷиддӣ мегузорад. Ҳанӯз баҳри мубориза бо терроризм ва экстремизм соли 1999 як зумра санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ қабул шуданд. Пешвои миллат 16 ноябри соли 1999 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо терроризм” имзо гузоштанд ва 21 ноябри соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо экстремизм” ба тасвиб расид. Ин ду қонун барои Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии мубориза бо терроризм ва экстремизмро фароҳам овард. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз мамлакатҳое мебошад, ки дар ин самт тадбирҳои мушаххас андешида, онҳоро амалӣ намуда истодааст. Инчунин, соли 2016 бо Фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» тасдиқ гардид. Стратегияи мазкур самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян намуда, вазифаҳои мақомоти давлатиро ҷиҳати аз байн бурдани омилҳои ба экстремизм ва терроризм мусоидаткунанда мушаххас намуда, яке аз қадамҳои устувори мамлакати мо дар самти пешгирии ин зуҳурот мебошад.

Мураккабтарин ва хатарноктарини зуҳури терроризм он аст, ки дар заминаи эътиқоди динӣ пайдо шуда бошад. Терроризми динӣ ба он асос меёбад, ки амалҳои террористӣ бо таълимоти динӣ тақвият дода мешаванд. Чунин ҳолат бештар хосияти

фардӣ мегирад ва ба фанатизми аъзои гурӯҳҳои террористӣ нигаронида шудааст ва амалҳои террористиро фақат воситаи муваффақшавӣ ба мақсадҳои умумӣ надониста, онро ҳамчун наҷоти шахсӣ дар роҳи адо кардани қарзи бандагӣ дар назди худои муқтадир медонанд.

Бояд ёдовар шуд, ки 3-4 майи соли 2018 дар шаҳри Душанбе бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушорикати СММ, САҲА ва Иттиҳоди Аврупо Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «Муқовимат ба терроризм ва ифротгароии хушунатомез» бо ширкати беш аз 400 иштироккунанда аз 48 кишвари дунё ва 31 созмони байналмилалию минтақавӣ баргузор гардид ва роҳи ҳалли пешгириву мубориза бо ин омилҳоро баррасӣ намуданд, ки ин иқдом низ шаҳодат бар тадбирҳои пайвастаи андешидашудаи ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза алайҳи терроризму экстремизм мебошад.

Дар ин конференсияи сатҳи баланд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ оид ба вазъи имрӯзаи бархе аз мамлакатҳо, ки дар он ҷо терроризму экстремизм реша давондааст, бо изҳори нигаронӣ чунин гуфтанд: «Бо дарназардошти воқеияти мавҷуда, мо дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон пурзӯр кардани ҳамкориву шарикиро барои таъмини суботу амнияти фарогир тавассути андешидани иқдомҳои муштарак дар ҷодаи мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва аз байн бурдани омилҳои дастгирии сиёсӣ, низомӣ ва молиявии онҳо ҳамчун самти амалии раҳоӣ аз ин вартаи хатарнок муҳим арзёбӣ мекунем».

Баъзеҳо пайдоиши мафкураҳои террористиро ба таъйиноти ақидаҳои динӣ марбут медонанд ва бо ин васила ҳадафҳои нопоки худро пиёда месозанд. Ин, бешак хато аст, зеро тавре Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид медоранд: «Террорист дин, миллат ва ватан надорад».

Бо пуштибонӣ аз дини мубини ислом, ки он воқеан, зидди ин гуна зуҳурот мебошад, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён карданд: «Ман ин масъаларо дар чорабиниҳои сатҳи олӣ, аз ҷумла аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид борҳо иброз дошта будам ва имрӯз бори дигар изҳор менамоям, ки номи поки исломро ба зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм олуда кардан иштибоҳи маҳз аст». Амалҳои ғаразноки онҳо, ки таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегиранд, аз ҷониби душманони ин дини мубин роҳандозӣ мешаванд. Сарвари давлат ҳамасола дар Паёми худ оид ба хатари терроризм ва экстремизм таъкидҳо намуда, аз ҷумла соли 2016 ҳушдор дода буданд, ки хатари терроризм ва экстремизм барои башарият на камтар аз силоҳи ҳастаӣ мебошад.

Терроризм ва экстремизм душмани башарият ва таъриху миллат дар ҳама давру замон аст ва амалҳову ниятҳои нопоки харобкунандааш барои рушду пешрафти давлату ҳукумат монеа эҷод карда, ба оромии ҷомеа халал ворид месозад. Ҳодисаи террористие, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн гардида буд, ҳисси нафратро бар дили мардуми сайёра нисбат ба ашхоси ба гирдоби ин вабои аср афтода бедор кард: «Дар Сурия кӯдаки сесола дар зери моддаҳои тарканда монд. Ӯро дар ҳолати вазнин ба беморхона бурданд. Кӯдак дар дами марг аз пизишкон бо суханони наҷотталабона муроҷиат кард: «Маро аз марг наҷот диҳед, ман ҳам зиндагӣ кардан мехоҳам», чун илоҷи дардаш пайдо нашуд, кӯдак умедро канда гуфт:- “Дар бораи амалҳои шумо ба Худованд, албатта, хабар хоҳам дод!” Чунин амалҳои нангини террористӣ зиёданд, ки ҷомеаи ҷаҳониро бетараф намегузоранд.

Заминаи аслии террористиро дар нодонӣ, ноогоҳӣ, сатҳи пасти маърифатнокии баъзе аз ашхосе медонанд, ки ба доми тазвири душманони миллат меафтанд. Имрӯз яке аз мушкилоте, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, ба гурӯҳҳои тундрав пайвастани ҷавонон мебошад. Бо таассуф метавон гуфт, ки бархе аз ҷавонони

мо ба ҷои омӯхтани илму дониш ба роҳҳои нодуруст рафта, теша ба решаи хеш мезананд.

Коршиносони масъалаҳои динӣ бар он назаранд, ки ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ пайвастани ҷавононро аз надоштани дониши мукаммали динӣ марбут медонанд. Ҳамзамон, хуб набудани шароити иқтисодиро низ яке аз ин омилҳо медонанд. Баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд яке аз роҳҳои пешгирии гаравиши шаҳрвандон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ба ҳисоб меравад.

Гурӯҳҳои ифротгаро метавонанд, ки бо ақидаҳои фанатикии худ занону духтарон ва ҷавононе, ки имрӯзҳо аз фарҳанги миллӣ, ҳисси хештаншиносӣ ва афкори дурусти ислом ба пуррагӣ огоҳӣ надоранд, ба сӯи худ ҷалб намоянд. Шукри истиқлоли ватану давлатро намудан, шукри суботу оромӣ кардан ва ваҳдати ҷомеа талош доштану бегонапарастӣ накардан яке аз вазифаҳои муҳими ҷомеаи мо дониста мешавад.

Бояд гуфт, ки ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор аст, ки дар нигоҳдории якпорчагии ватан, ягонагии ҷуғрофӣ ва сиёсии кишвар, дифои сулҳу оромӣ, истиқлолу ваҳдати миллӣ масъулиятшинос бошад. Мо ҷавононро лозим аст, ки Ваҳдати миллиро пос дошта, ба қадри ин неъмати бебаҳо ва муқаддас бирасем ва ҷавонони ватандӯсту ватанпар буда, дар оянда ин гавҳари ноёбро ҳифзу эҳтиёт намуда ба наслҳои оянда ба меърос гузорем.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (аз 26.03.2009 № 489)

2. Моджорян А.А. Терроризм: правда и вымысел. М., 1986.- 32с.

3. Тоатов Ҳ. Терроризм ва экстремизм – падидаҳои номатлуб. Хуҷанд.- 2017. - 57с.

4. Международный терроризм: борьба за геополитическое господство / Под ред. А.В. Возженикова. — М.: Эксмо.- 2007. – 280с.

5. Тоатов Ҳ.С. Терроризм ва экстремизм – падидаҳои номатлуб. – Хуҷанд: Меъроҷ.- 2017- 195с.

## ДАСТОВАРД ВА ИНКИШОФИ МАҚОМОТИ БДА ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

**Ҳабибов С. -ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**

Бо ба даст овардани Истиқлолият дар тамоми соҳаҳо пешравиҳои назаррас дида мешавад. Дар ин радиф, дар қатори дигар соҳаҳои қудратии мамлакат, Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавқеи хоссаеро касб намуда, дигаргуниҳои зиёд дар ин сохтор ба амал омадааст.

Кормандони БДА симои ҳар як миллату давлатанд. Зеро онҳо дар пешвоз ва гусели меҳмонони олиқадр саҳм дошта, шабонарӯзӣ пайи иҷрои вазифаҳои ба ӯҳдадоштаи худ мебошанд. Имрӯз дар симои ин родмардони Ватан мо таблиғарон ва таъмингарони бехатарии иштирокчиёни ҳаракат дар роҳро мебинем.

Масъулияти кормандони БДА бо зиёд гардидани теъдоди воситаҳои нақлиёт ва аҳолии кишвар боз ҳам бештар мегардад. Бехатарии ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ маҳз ба заҳмати кормандони ин сохтор вобаста аст.

Раёсати мазкур тавонист дар даврони зиёда аз сӣ соли соҳибистиқлолӣ дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, пешгирии ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ, ба танзим даровардани ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва пиёдагардон, ҳамасола муайян намудани ҳолати техникии воситаҳои нақлиёт ва бақайдгириву додани шаҳодатномаи ронандагӣ, мушоияти қатораи воситаҳои нақлиётӣ корҳои зиёдеро ба субут расонад.

Бо баланд гардидани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир, гузаронидани чорабиниҳои байналмилалӣ, ташрифи меҳмонони олиқадр ва гуселу пешвозгирии Пешвои миллат масъулияти кормандони БДА-ро боз ҳам боло бардошт. Зеро бехатарии ҳар як меҳмони олиқадр ва сафарҳои Сарвари давлат ба манотиқи гуногуни кишвар ва хориҷи *дуру* наздик, пеш аз ҳама, ба дӯши нозирону масъулони ин сохтор мебошад.

Масъулини Раёсати БДА бо мақсади дар сатҳи баланд ба иҷро расонидани вазифаҳои базиммадоштаашон дар фаъолияти ҳамарӯзаи корӣ аз таҷрибаи пешқадами мамолики тараққикардаи олам, техникаҳои муосир ва дигар шаклу воситаҳои пешбурди кор пайваста истифода менамояд. Ин тарзи корбарӣ имкон дод, ки сол то сол дар кишвар рух додани садамаҳои роҳу нақлиётӣ ва дигар қоидавайронкуниҳо камтар ба қайд гирифта шаванд.

Баъзе шаҳрвандон дар бораи фаъолияти кормандони БДА чандон маълумоте надошта, нисбати кори онҳо баҳои манфӣ медиҳанд, ки ин аз рӯи адлу инсоф нест. Зеро мо мебинем, ки кормандони БДА новобаста ба гармову сармо шабонарӯзӣ аз пайи иҷрои вазифаи пурмасъулияти худ буда, бехатарии ҳаракати воситаҳои нақлиётро таъмин менамоянд. Ҳангоми кор накардани чароғакҳо низ нозирони роҳ тавассути ишорачуб ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва пиёдагардонро ба танзим медароранд, ки ин амали онҳо дар бехатарии ҳаракати воситаҳои нақлиёт заҳмати душвору вазнинро талаб менамояд. Дар ҳолати бартараф намудани тамбашавии роҳҳо низ онҳо саҳми назаррас дошта, кӯшиш менамоянд, ки ронандагон мунтазам ҳаракати худро идома диҳанд.

Яке аз навгониҳое, ки дар даврони соҳибихтиёрӣ дар ин сохтор ба амал омад, ин дар шаҳри Душанбе ба истифода додани системаи нави хизматрасонии Маркази "Шаҳри бехатар" мебошад. Маркази автоматикунонии идораи нақлиёт ва тартиботи ҷамъиятии Раёсати БДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шаҳри бехатар) аз 1 ноябри соли 2013 инҷониб фаъолият менамояд. Баъди ба истифода додани маркази номбурда теъдоди садаманокӣ ва қоидавайронкуниҳо дар кӯчаю роҳҳои шаҳри Душанбе кам ва вазъи тартиботи ҷамъиятӣ низ беҳ гардид. Нақши ин марказ дар ғановати буҷаи кишвар низ назаррас мебошад.

Дар даврони нави давлатдорӣ, Раёсати БДА бо шароити хуби корӣ, техникаи муосир, нақлиёти автомобилӣ ва дигар таҷҳизоту воситаҳои муосири техникӣ таъмин гардида, баҳри фароҳам овардани шароити хуби корӣ барои кормандон бинои РБДА пурра таъмир карда шуда, кормандон бо ҳуҷраҳои кории наву техникаҳои замонавӣ таъмин гардиданд. Дар шаҳру ноҳияҳои кишвар биноҳои нави БДА бо тарҳу усули хосса бунёд ва мавриди истифодабарӣ қарор дода шуданд, пайваста корҳо дар ин самт идома доранд.

Барои осон намудани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон дар фаъолияти БДА дар ҷодаи қабули имтиҳонот аз боби қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, додани шаҳодатномаи ронандагӣ, бақайдгирии воситаҳои нақлиёт, дар мамлакат шабакаи бахшҳои бақайдгириву имтиҳонотӣ, инчунин пунктҳои сайёри имтиҳонотӣ ташкил карда шуданд. Барои супоридани имтиҳони амалӣ бошад, автомашинаҳои нави замонавӣ сафарбар карда шуда, хоҳишмандон дар муддати кӯтоҳ имкон доранд санҷишҳои худро дар бахшҳои мухталифи имтиҳонот амалӣ намоянд. Ҳамчунин, дар солҳои соҳибистиқлолӣ толорҳои нави имтиҳонотӣ сохта мавриди истифода қарор гирифтанд, ки бо технологияи муосир таҷҳизонида шудаанд. Барои шаҳрвандон бошад, ҳуҷҷати ронандагии муҳлатнок ва ҷавобгу ба меъёрҳои байналмилалӣ дода мешавад, ки онҳо дорои чипи махсус мебошанд, ки кормандони БДА метавонанд дар бораи ронанда фаврӣ маълумоте дошта бошанд.

Дар бахши ба танзим даровардани ҳаракати воситаҳои нақлиёт бошад, мунтазам дар роҳҳо чароғакҳо ва дигар техникаҳои амалкунанда муҷаҳҳаз бо технологияи нав

фаъолият менамоянд. Айни ҳол дар ҷумҳурӣ 378 адад иншооти чароғакҳои роҳнамо амал мекунанд, ки баҳри бехатарии ҳаракати воситаҳои нақлиёт нақши амиқе доранд.

Имрӯз дар ҷумҳурӣ 49 нуқтаи ташхиси техникӣ ва 13 автомобили махсусгардонидашудаи сайёрӣ ташхисӣ барои гузаронидани муоинаи техникӣ барои воситаҳои нақлиёт хизмат менамоянд.

Дар ин солҳо, ҳамчунин бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми бештари роҳҳои кишвар азнавсозӣ карда шуда, айни ҳол дар сатҳи байналмилалӣ қарор доранд. Кормандони БДА барои дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳҳо дар ин самт бо кормандони муассисаҳои таъмини роҳҳо пайваста кор мебаранд.

Яке аз самтҳои асосӣ ва муҳимми фаъолияти кормандони БДА ин пешгирии садамаҳои роҳу нақлиётӣ ва ҷоннок намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ мебошад. Ба ин хотир, кормандони БДА пайваста бо мақсади коҳиш додани вазъи садаманокӣ бо иштироки кӯдакону наврасон миёни хонандагон озмун ва викторинаҳо доир карда, аз шаклу усулҳои пешқадам истифода менамоянд. Қайд кардан ба маврид аст, ки ёздаҳ сол мешавад, ки пайваста озмуни ҷумҳуриявии "Нозирони навраси ҳаракат" миёни хонандагони ҷумҳурӣ гузаронида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дастаи "ННҲ"-и ҷумҳурӣ низ фаъолият мекунад, ки ин даста дар озмунҳои байналмилалӣ ширкат варзида, сазовори ҷойҳои намоён гардида, миёни дигар давлатҳо обрӯву нуфузи кишвари моро борҳо баланд бардоштаанд.

Ҳамчунин, миёни иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ бо ҷалби дастаҳои "ННҲ" пайваста бо автомашинаҳои патрулӣ дар роҳҳои ҷумҳурӣ оид ба риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ баромадҳо ташкил карда мешаванд. Бо иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ чорабиниҳои мақсаднок гузаронида шуда, ба онҳо варақаҳои таблиғотӣ тақсим карда мешавад.

Тайи чанд сол мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо Иттифоқи журналистони Тоҷикистон озмуни ҷумҳуриявии воситаҳои ахбори омма "Роҳи бехатар" миёни кормандони ВАО низ доир мегардад. Озмуни «Расми беҳтарин аз нигоҳи кӯдакон» низ гузаронида мешавад.

Аз тарафи Раёсати БДА пайваста чорабиниҳои мақсадноки "Бачаҳо", "Пиёдагард", "Назорат", "Муоинаи техникӣ" ва "Автобус" амалӣ мегардад.

Нақши кормандони хадамоти роҳбонии БДА дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ аз гузашта то ба имрӯз хеле назаррас мебошад. Маҳз хизмати шабонарӯзии чунин кормандон аст, ки теъдоди қоидавайронкуниҳо дар роҳҳо кам гардида истодааст. Нозирони ин хадамот байни мардум ба воситаи автомобил, роҳбаладӣ дар постгоҳҳо, мототсиклҳо хизмат мебаранд. Нозирон бо техникаҳои ҳозиразамон таъмин буда, барои онҳо шароити хуби корӣ фароҳам оварда шудааст.

Бояд гуфт, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар тадриҷан дар ҳамаи бахшҳои БДА навгониҳо ба назар расида, дар ин давра Раёсати БДА бо шароити хуби корӣ, техникаи муосир, нақлиёти автомобилӣ ва дигар таҷҳизоту воситаҳои муосири техникӣ таъмин гардида, баҳри фароҳам овардани шароити зарурӣ барои кормандон бинои РБДА пурра таъмир ва кормандон бо ҳуҷраҳои кории наву техникаҳои замонавӣ таъмин гардиданд. Ҳамчунин, дар ин давра дар шаҳру ноҳияҳои кишвар биноҳои нави БДА бо тарзу усули хосса бунёд ва мавриди истифодабарӣ қарор дода шуданд ва ин ташаббусҳои нек имрӯзҳо низ идома доранд.

Адабиёт


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / -Душанбе, 2016.-32 с
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Низомномаи Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дахилии Ҷумҳурии Тоҷикистон"[Манбаи электронӣ] / - аз 18 феврали соли 1998, № 55 // http://portalihuquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=19407]

3. Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон  “Дар бораи тасдиқи Низомномаи Бозрасии давлатии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Матн] / - аз 18 феврали соли 1998. - № 55.
4. Қонун ва ҷомеа[Матн] / - №26 (582), 2.07. 2020 – С. 13
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳаракат дар роҳ” [Матн]  / - № 1533.- 17.05. 2018. Моддаи 5.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳаракат дар роҳ”[Матн] / - 11 майи соли 2018. - № 542.
7. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»[Матн] / -аз 17 майи соли 2004. - №41.

## ТАЪМИНИ СУЛҲУ СУБОТ ДАР АФҒОНИСТОН - ОМИЛҲОИ МУҲИМИ АМНИЯТИ КИШВАРҲОИ ҲАМСОЯ

**Сангинов Д.Н. - ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ**

Муносибатҳо бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба сифати яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Месазад қайд намуд, ки мардуми шарифи ин кишвари бародар бо мо ҳамзабону ҳамфарҳанг буда, решаҳои муштараки таърихии мо ба умқи ҳазорсолаҳо мерасанд.

Бо дарназардошти он ки чандин сол инҷониб дар Афғонистон ноороми̅ ва муқовимати мусаллаҳона ҳукмфармост ва танҳо бо роҳҳои низоми̅ ҳал намудани мушкилоти ин кишвар ғайриимкон аст, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали̅ Раҳмон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба тақдиди иқтисоди̅-иҷтимоии кишвари ҳамсоя ҷалб намуд. Дар ин ҷода, қабл аз ҳама, Тоҷикистон бо кори амали̅ натиҷаи чунин ташаббусҳоро нишон додани̅ шуд. Дар дарёи сарҳадии Панҷ бо ҳамкори̅ ва кумаки шарикони Тоҷикистон пайи ҳам панҷ пули хурду бузург сохта шуд, ки дар ҳаллу фасли мушкилоти аҳолии ноҳияҳои наздисарҳадии Афғонистон, аз ҷумла, дарёфти ҷои кор, хариди маводи ғизои̅ ва рӯзгор, доруворӣ, гирифтани муолиҷа дар шифохонаҳои ноҳияҳои сарҳадии ҷониби Тоҷикистон ва ғайра нақши муҳим мебозанд. Бо сохта шудани ин пулҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳамчунин бозорҳои наздисарҳади̅ ташкил ёфтанд, табодули мол бамаротиб афзуд. Хусусан, баъд аз мавриди истифода қарор гирифтани пули бузурги мошингузари Панҷи Поён – Бандари Шерхон (соли 2007) табодули мол миёни Тоҷикистону Афғонистон чанд маротиба афзоиш ёфт.

Дар тақвияти чунин нақшаҳо Тоҷикистон чанд лоиҳаи минтақавии коммуникатсиони̅ пешниҳод кардааст, ки онҳо дар ҳолати амали̅ шуданашон Афғонистонро тавассути роҳҳои мошингарду оҳан бо кишварҳои ҳамсоя мепайванданд ва озодона ба ҷанубу шимол, хусусан ба бандарҳои баҳри̅ роҳ мекушоянд. Дар баробари ин иқдомҳо соли 2010 ҷониби Тоҷикистон бо маблағгузории Бонки рушди Осиё сохтмони хати баландшиддати интиқоли барқро (220 кВт) аз Тоҷикистон то сарҳади Афғонистон ба анҷом расонд. Дар натиҷа, як қисми самти шимоли кишвари ҳамсоя бо барқ таъмин гардид. Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон ташаббусҳои кишварҳои дигарро низ дар бобати дастгирии Афғонистон мепазирад ва аз онҳо пуштибони̅ мекунад. Ин аст, ки бо пешниҳоди Тоҷикистон ҷаласаи панҷуми Конфронси байналмилали̅ барои ҳамкории минтақавии иқтисоди̅ бо Афғонистон соли 2011 дар Душанбе баргузор шуд. Як нуктаи хеле муҳимро низ бояд ёдрас шуд, ки ҳанӯз  моҳи июни соли 1998 дар Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомали̅ Раҳмон ҷомеаи ҷаҳониро даъват намуда буд, то барои гирифтани пеши роҳи интиқоли маводи мухаддир ва паҳн шудани он берун аз марзи Афғонистон дар атрофи ин кишвар “камарбанди амнияти̅” бунёд карда шавад, то ҳам ба мардуми Афғонистон ва ҳам ба ҳамсоягонаш хизмат кунад.

Бо таваҷҷуҳ ба сарҳади 1400-километра миёни ду кишвар, таъмини сулҳу субот дар ин давлати ҳамсоя яке аз омилҳои хеле муҳимми амнияти кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Тоҷикистон мебошад. Сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сарнавишти бародарони афғони худ бетафовут нест.

Мавқеъгирии Пешвои миллат дар баробари бuҳрони кунунии Афғонистон мувофиқ ба конвенсиони байналмилалӣ аст. Яке аз хостаҳои Сарвари давлати мо ин аст, ки ҷиҳати ворид кардани намояндагони ҳама қавму миллатҳои Афғонистон, аз ҷумла тоҷикон, ки 46 дарсади аҳолии ин кишварро ташкил мекунанд, ба ҳукумат дар оянда на танҳо мувофиқ ба ахлоқу инсоф аст, балки бар асоси қонуну қоидаҳои байналмилалӣ низ мебошад. Паёми Пешвои миллат ба башарият чунин садо дод, ки инсоният дар тӯлӣ мавҷудияти хеш кӯшиш намудааст, то мушкилоти хешро аз роҳи ақлу дониш ҳал намояд. Тамоми офаридаҳои башарӣ маҳсули андеша ва ақлу хиради ӯ ба ҳисоб меравад. Дар шебу фарози таърих инсоният ҳар мушкилеро, ки чи асли он табиӣ бошад ё иҷтимоӣ, фақат аз роҳи чораандешиву хирадгароӣ барои он чораҷӯӣ намуда, роҳи ҳаллеро пешниҳод намудааст. Яъне, бар асоси ин бунёди ҳамаи пешрафт ва созандагиҳои инсонӣ марбут ба ақлу хиради инсонанд. Танҳо ҳалли мушкилот дар минтақа бо назардошти манофеи фаромиллӣ мебошад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд аввалан ба манофеи миллии қавмҳо ва миллатҳое, ки дар ин кишвар тӯлӣ қарнҳо барои ба даст овардани истиқлолият ҷоннисориҳо намудаанд, таваҷҷуҳ намоянд. Кишвари Афғонистон танҳо мансубият ба як қавм надорад.

Кишвари мо яке аз аввалин давлатҳое мебошад, ки масъалаи барқарории сулҳу оромиро дар кишвари мусибатзада – Ҷумҳурии Афғонистон аз минбари Созмони Милали Муттаҳид ва созмонҳои дигари ҷаҳонӣ ҳамчун мушкилоти байналмилалӣ шумурда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии кишвар ва нишастҳои байналмилалӣ ба масъалаи мушкилоти Ҷумҳурии Афғонистон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, борҳо аз аъзои ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват ба амал овардаанд, ки кумаки худро барои Афғонистон дареғ надоранд, зеро буҳрони ин кишвар як мушкилоти байналмилалист.

Чуноне ки дар нишасти 15-уми сарони кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ санаи 28-уми ноябри соли 2021 дар шаҳри Ашқободи Ҷумҳурии Туркманистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронииашон чунин қайд намуданд: "Афғонистон имрӯзҳо дар остонаи фалокати башарӣ қарор дорад. Бо фаро расидани мавсими сармо вазъият метавонад дучанд шиддат гирад ва боиси гуруснагии оммавӣ гардад. Вобаста ба ин расонидани кумаки гуманитариро ба мардуми Афғонистон тавассути сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид ва созмонҳои байналмилалии башарӣ зарур медонем".

Пешвои миллат барои ҳар чӣ бештар ва беҳтар таваҷҷуҳ кардан ба вазъи иқтисодиву иҷтимоии Афғонистонро таъкид намуда, аз ҷумла тавсия карданд, ки «ҳамон зарурати ҳамоҳангии бештар ва ҷалби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои мушаххас дар Афғонистон эҳсос мешавад. Дар ин ҷо дар фаъолияти "Қалби Осиё – Раванди Истамбул" аз замони ташаккулёбиаш дар соли 2011 то ба имрӯз, бешубҳа, нуфузу мақоми муҳим дорад". "Тоҷикистон татбиқи стратегияи фарогири байналмилалиро ҷиҳати таъмини субот ва барқарорсозии ҳаёти осоишта дар Афғонистон ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд".

Ҳамин тавр, ташкили ҳарчи зудтари ҳукумати фарогир бо иштироки ҳамаи қавму миллатҳо метавонад сулҳу субот ва ҳаёти осоишта дар кишвари Афғонистон барқарор гардад.

**Адабиёт**

1. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон[манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” [манбаи электронӣ]. URL: http://majmilli.tj
3. Назаров Т.Н. Дипломатияи муосир. Монография/ Т.Н Назаров., А. Сатторзода.- Душанбе: Ирфон, 2006.- 224 с
4.Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.5/ Э. Раҳмонов–Душанбе: Ирфон, 2006. –С.40.
5.Раҳмон Эмомалӣ – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон/Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. – Душанбе:Ирфон, 2012, 272 с.
6.Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият/ Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон, 2011, 340 с.

## НИГОҲЕ БА ИСТИЛОҲОТИ ГУМРУКӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

**Дӯстмуродов Р.Ш., Ҷонмардов З. А. - асситентони кафедраи забонҳои хориҷии ДДМИТ**

Истилоҳоти гумрукии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таърихи тӯлонӣ дошта, дар раванди ташаккули худ ба тағйироти гуногун дучор шудаанд.

Маврид ба ёдоварист, ки истилоҳоти фаъолияти гумрук дар забонҳои муқоисашаванда ба пуррагӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Ин мақола ба омӯзиши хусусиятҳои таснифоти истилоҳоти гумрук дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ равона шудааст. Мавод ба муқоисаи маводи забони англисӣ дар низоми забони тоҷикӣ асос ёфтааст. Ҳадафи ин таҳқиқот истифодаи шаклию сохторӣ ва маъноии истилоҳоти гумрук дар ҳарду забон мебошад.

Аз замони мавҷудияти башар то имрӯз инсоният дар ҷустуҷӯи доду ситад барои таъмини худ ва хонаводаи худ буд ва мебошад, ҳарчанд раванди ин кор бо мурури замон ба таври қобили мулоҳиза тағйир ёфтааст, аммо яке аз муҳимтарин ниёзҳои инсон то ҳол тиҷорат аст. Аз ин рӯ, қайд кардан ба маврид аст, ки истилоҳоти гумрукӣ як бахши илми соҳаи иқтисодиёт, махсусан, риштаи тиҷорат мебошад.

Шартҳои гумрукиро ҳама кишварҳо, тоҷирон ва тоҷирони ҷаҳон якдилона қабул мекунанд. Ҳар яке аз ин калимаҳо дар тиҷорат маънои мушаххас доранд. Аҳамияти истилоҳоти савдои байналмилалӣ дар он аст, ки онҳо ҳам дар мукотибаи тичоратӣ ва ҳам дар гуфтушунидҳои тиҷоратӣ бо тарафҳои хориҷӣ аҳамияти калон пайдо мекунанд. Бинобар ин, надонистани шартҳои гумрукӣ мардумро ба мушкили дучор мекунад. Дар ин мақола мо кӯшиш мекунем, ки муҳимтарин истилоҳоти гумрукиро нишон диҳем ва онҳоро муайян кунем. Бояд тазаккур дод, ки истилоҳоти гумрукӣ ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ ба гурӯҳҳои зерин тасниф мешванд:

1. Истилоҳоти марбути гумруки фурудгоҳ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ
2. Истилоҳоти марбути гумруки сарҳад дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ
3. Истилоҳоти марбути гумруки бандар дар забонҳои муқоисашаванда
4. Истилоҳоти марбути гумруки роҳи оҳан дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (*грузовая декларация, навалочный груз*);

Шиносоӣ бо истилоҳоти гумрукӣ яке аз мавзуъҳои муҳимест, ки тоҷирон ва бозаргонон ҳангоми ворид шудан ба тиҷорат ва оғози раванди воридоту содирот бояд бо он ошно бошанд. Шинос шудан бо шартҳои гумрукӣ амалиёти тиҷоратиро то ҳадди имкон осон мекунад, зеро шиносоӣ бо ин шартҳо тоҷиронро водор месозад, ки бо ҳамдигар осонтар муошират кунанд ва инчунин, бо қоидаву қоидаҳои гумрукӣ шинос шаванд. Аз ин рӯ, донистани истилоҳоти гумрукӣ барои тоҷирон ва бозаргонон дар масоили тиҷорати байналмилалӣ зарур аст ва эшон бояд бо ин истилоҳот ошно бошанд ва истилоҳоти соҳаи гумрукиро бо забонҳои мазкур бидонанд.

***Гумрук*** – ин як ташкилоти давлатӣ мебошад, ки вазифаҳои иҷрои қонунҳои гумрукӣ, ситонидани боҷҳо ва андозҳои воридоту содирот, анҷом додани раванди воридот, транзит ва содироти молро дорад.

***Таможня*** – это государственная организация, в задачи которой входит внедрение таможенного законодательства, сбор импортных и экспортных пошлин и налогов, осуществление процесса импорта, транзита и экспорта товаров.

Customs – it is a government organization that has the task of implementing customs laws, collecting import and export duties and taxes, carrying out the process of import, transit and export of goods.

***Ҳуқуқи гумрукӣ*** – ҳуқуқест, ки дар асоси тарифи гумрукӣ муқаррар шуда, ба мол ва мол ҳангоми ворид шудан ё содирот аз минтақаи гумрукӣ дода мешавад.

***Таможня права*** – это право, которое устанавливается на основе таможенного тарифа и закрепляется за товарами и товарами в момент ввоза или вывоза с таможенной территории.

***Customs rights (Customs duties)*** – it is a right that is established based on the customs tariff and is assigned to goods and goods at the time of entry or export from the customs territory.

***Расмиятҳои гумрукӣ (ташрифоти гумрукӣ, амалиёти гумрукӣ)*** – ҳама амалиётҳое, ки бояд аз ҷониби шахсони манфиатдор ва гумрук барои содирот ё воридоти маҳсулот анҷом дода шаванд.

***Таможенные процедуры (Таможенные формальности)*** – все операции, которые должны быть выполнены заинтересованными сторонами и таможней для экспорта или импорта товара.

Дар солҳои охир дар забоншиносӣ таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши муқоисавӣ равона карда шудааст. Дар ин раванд, таваҷҷуҳ ба омӯзиши истилоҳу истилоҳшиносӣ ва ё истилоҳофаринӣ низ хеле назаррас аст. Дар ин росто, кори мақоланависон низ фарогири мавзуъҳои фавқуззикр ва воситаҳои ифодаи онҳо дар забонҳои гуногунсохт мебошад.

**Адабиёт**


1. Абдулфайзов С. Лексико-семантический анализ дипломатических терминов таджикского языка // Автореф. Дисс. кан. фил. наук: 10.02.22/ С. Абдулфайзов. – Д., 2013. – 27 с.
2. Бархударов С. Г. Проблемы языка, науки, техники. Логические, лингвистические и исторические аспекты терминологии / С.Г. Бархударов. – М.: Наука, 1970. – 127 с.
3. Джаматов С.С. Становление и развитие лингвистической терминологии таджикского и английского языков. / С. С. Джаматов. – Д.: Дониш, 2017.- 412 с.
4. Назарзода С. Забон ва истилоҳот / С. Назарзода // Андешаҳо дар атрофии забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот. – Д., 2003. – С. 59-71.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. (Аз асри X то ибтидои асри XX). Ҷ.I-II. - М.: Сов. Энциклопедия, 1969. – 951+952 с.
6. Ҷоматов С. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ). Нашри дуюм бо тағйиру иловаҳо / С. Ҷоматов. – Д.: Нашриёти «Бухоро», 2016. – 208 с.


## ВОСИТАҲОИ ҒАЙРИПАЙВАНДАКИИ АЛОҚА ДАР ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВИ САБАБ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

**Орзуева П. Ҷ. - ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии ДДМИТ**

Гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак нишон медиҳанд, ки пайвандакҳо воситаи ягонаи алоқамандии ҷумлаҳои сода ба ҳисоб намераванд. Дар баробари пайвандакҳо воситаҳои дигари алоқаи синтаксисии ҷумлаҳо низ мавҷуданд. Аммо дар забони адабии тоҷик воситаҳои ғайрипайвандакии алоқаи ҷумлаҳо ҳанӯз ба таври илмӣ омӯхта нашудааст. Забоншинос ва профессори тоҷик Д. Тоҷиев, дар хусуси ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандак навишта буд: “Ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандак типи алоҳидаи ҷумлаҳои мураккабро ташкил намедиҳанд. Фарқ дар он аст, ки ҷузъҳои чунин ҷумлаҳо бе иштироки пайвандакҳои тобеъкунанда алоқаманд мешаванд” [ 8, с. 26].

Забоншиносони зиёде оид ба тарзи алоқаи ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумла бо роҳи бепайвандак, яъне интонатсия ақидаҳои худро навиштаанд. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ интонатсияи тобеъ ва эзоҳдиҳанда мушоҳида мешавад. Интонатсия махсусан дар ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак аҳамияти калон дорад. Танҳо ба туфайли интонатсия ду ҷумларо ба як ҷумлаи мураккаби тобеъ ё пайваст баргардонидан мумкин аст.

Аз ҷумла забоншиноси тоҷик Д.Т.Тоҷиев, дар китоби худ "Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик" ба интонатсия чунин таъриф додааст: "Интонатсия яке аз воситаҳои муҳимми алоқаи ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумла мебошад. Интонатсия монанди пайвандакҳо ва дигар воситаҳои алоқа дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ роли калон мебозад. Фақат ба туфайли ягонагии интонация ва маъно ҷумлаҳои сода савти дигар пайдо карда, байни ҳамдигар алоқаманд мешаванд ва ҷумлаи мураккаб ба вуҷуд меоранд" [8, с. 22].

Муаллифони грамматика ва асару мақолаҳои алоҳида бо интонатсия ифода шудани аъзоҳои чида ва ё ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандакро қайд мекунанд, вале ҳоло дар забони тоҷикӣ то ҳол ин воситаи муҳимми синтаксисӣ ба пуррагӣ омӯхта нашудааст.

Дар хусуси алоқамандшавии ҷумлаи пайрав бо сарҷумла бо роҳи бепайвандак ва интонатсия забоншинос Ш. Рустамов низ ақидаи худро баён намудааст: "Интонатсия яке аз воситаҳои асосии алоқамандшавии ҷумлаи пайрав ва сарҷумла мебошад. Интонатсия ҳатто дар муайян намудани муносибати ҷумлаҳо низ то андозае рол мебозад. Аммо интонатсия дар алоқамандии ҷумлаҳо ҳама вақт як хел нест. Хусусияти аз ҳамдигар фарқкунандаи интонатсия махсусан дар вақти ба сарҷумла тобеъ намудани ҷумлаи пайрави пайрави сабаб равшан зоҳир мешавад. Фарқи интонатсия дар баланду пастшавии онҳо, дар кӯтоҳию фосиланокии онҳост, ки ба ин восита характери ҷумлаи пайрав ва дараҷаи тобеияти он муайян карда мешавад" [7,с. 84-85].

Бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки интонатсия аз як ҷиҳат нотамом ва алоқаманд будани ҷумлаҳои содаи дохили ҷумлаи мураккабро ифода намояд, аз тарафи дигар, муносибатҳои гуногуни маъно ва сохти онҳоро инъикос менамояд ва баъзе типҳои ҷумлаҳои пайравро нишон медиҳад. Бо оҳанги баланд сар шудани ҷумлаи авал ба ҷумлаи мураккаби тобеи бепайвандак хос буда, интонатсияи мӯътадил ба алоқаи пайваст мансуб аст.

Ҳангоми тадқиқоти мавзуи ҷумлаҳои пайрави сабаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва муқоисаи онҳо дар ҳар ду забон мушоҳида намудан мумкин аст, ки на ҳама вақт сохтори ҷумлаҳои пайрав ва истифодаи пайвандакҳо ҳангоми тарҷума мувофиқат менамояд. Ҷумлаҳое вомехӯранд, ки баъзан дар забони тоҷикӣ бо истифодаи пайвандак сохта шудаанд, аммо дар забони англисӣ бо роҳи бепайвандак яъне, интонатсия ифода ёфтаанд. Ё баръакс, дар забони англисӣ пайвандак истифода шудааст, аммо дар забони тоҷикӣ бо роҳи бепайвандак ифода ёфтааст. Дар зер ҷумлаеро аз асари нависандаи англис Шарлотта Бронте меорем, ки дар забони англисӣ бо роҳи бепайвандак ифода шудааст: I had heard no order given: I was puzzled [11, с. 65-66]. Дар ҷумлаи мазкур, I had heard no order given сарҷумла буда, I was puzzled ҷумлаи пайрави сабаб маҳсуб меёбад, ки бо роҳи бепайвандак яъне интонатсияи овоз ба сарҷумла тобеъ шудааст. Дар ин ҷумла сарҷумла баландттар талаффуз мешавад, ҷумлаи пайрав бошад, нисбатан пасттар талаффуз мешавад. Ҳангоме ки ҷумларо тарҷумон ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст, баръакс пайвандаки сабабии бинобар ин истифода шудааст: Ман ҳеҷ фармоне нашунидам, бинобар ин ҳайратзада шудам [9, с. 45]. Аммо дар саҳифаи дигари ҳамин асар, интонатсия, яъне бо роҳи бепайвандак тобеъ шудани ҷумлаи пайрави сабаб бо сарҷумла дар ҷумлаи забони тоҷикӣ дида мешавад: Ман андеша варзидам: бенавоӣ ҳатто калонсолонро метарсонад, кӯдаконро бештар аз он ба даҳшат меандозад [9, с. 22]. Дар ҷумлаи мазкур, ман андеша варзидам, сарҷумла буда, бенавоӣ ҳатто калонсолонро метарсонад, ҷумлаи пайрави сабаб мебошад, ки бо роҳи интонатсия ба сарҷумла тобеъ

шудааст. Яъне, дар қисмати якуми ҷумла, ки сарҷумла маҳсуб меёбад, овоз нисбатан пасттар буда, ҷумлаи пайрав баландтар талаффуз мешавад.

Дар муқоисаи ҷумла ба забони англисӣ низ бо роҳи интонатсия алоқаманд шудани сарҷумла бо ҷумлаи пайрав ба назар мероасад. Танҳо фарқ дар он аст, ки дар ҷумлаи забони англисӣ сарҷумла аз ҷумлаи пайрав бо нуқта ҷудо карда шудааст: I reflected. Poverty looks grim to grown people; still more so to children; [11,с. 37].

Хусусиятҳои тобеъкунии интонатсия ва муносибати грамматикии сарҷумла ва ҷумлаи пайравро ба ҳисоб гирифта, аз рӯи таснифоти Н. С. Поспелов ва С. Г. Иленко ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандакро ба гурӯҳҳои зерин тақсим мекунем:
1) ҷумлаҳои хоси сабабӣ, 2) амрӣ-эзоҳӣ, 3) сабабӣ- исботкунӣ, 4) сабабӣ- хулосавӣ, 5) сабаб-натиҷа [6, с.74].
1) Хусусиятҳои хоси сабабӣ дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави сабабе дучор мешаванд, ки ҷумлаи пайрави он дар ҷои дуюм пас аз сарҷумла воқеъ гардида, охири сарҷумла бо интонатсияи баланд талаффуз меёбад; ҷумлаи пайрави сабаб сабаби реалии ба амал омадани фикри дар сарҷумла гуфташударо нишон медиҳад. Тобеияти ин гуна ҷумлаи пайрав ба сарҷумла мисли тобеияти онҳо бо пайвандакҳои чунки, зеро ки, зеро ба амал меояд. Дар ин тип ҷумлаҳои мураккаб чи хабари сарҷумла ва чи хабари ҷумлаи пайрав ба воситаи шакл ва замонҳои гуногуни сиғаи хабарӣ ифода меёбад: Маро фикри ғайриодие фаро гирифт: ман шубҳа надоштам, ки агар ҷаноби Рид барҳаёт мебуд, бо ман хубу хуш муомила мекард [9, с. 14]. Дар ҷумлаи забони тоҷикӣ сарҷумла аз ҷумлаи пайрав бо роҳи интонатсия аломати ду нуқта ҷудо карда шудааст. Тобеияти ҷумлаи пайрав бо сарҷумла дар ин ҷо бо пайвандаки зеро мувофиқ аст. Дар ҷумлаи забони англисӣ бошад, ҳангоми алоқаманд намудани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав бо роҳи бепайвандак, яъне интонатсия, баръакс сарҷумла аз ҷумлаи пайрав бо нуқта ҷудо карда шудааст: A singular notion dawned upon me. I doubted not—never doubted—if Mr. Reed had been alive he would have treated me kindly; [11, с. 27].
Ман фавран аз хилватгӯшаи худ баромадам; бештар аз ҳама тарси он доштам, ки мабодо маро аз ин ҷо Ҷон кашолакунон барорад [9, с.7]. Дар ҷумлаи мазкур бошад, барои тобеъ намудани ҷумлаи пайрав бо роҳи интонатсия аломати нуқта вергул истифода шудааст. Дар ин ҷумла, ман фавран аз хилватгӯшаи худ баромадам, сарҷумла буда, бештар аз ҳама тарси он доштам, ки мабодо аз ин ҷо маро Ҷон кашолакунон барорад, ҷумлаи пайрави сабаб мебошад, ки ба воситаи интонатсия ба сарҷумла тобеъ шудааст. Дар ин ҷумла, барои тобеъкунӣ бештар пайвандаки чунки мувофиқат менамояд. Дар ҷумлаи забони англисӣ бошад, баръакс дар аввали ҷумлаи пайрав пайвандаки for- чунки истифода шудааст: And I came out immediately; for I trembled at the idea of being dragged forth by the said Jack [11, с.18].
2) Ҷумлаҳои амрӣ-эзоҳӣ аз гурӯҳҳои дигар бо он фарқ мекунанд, ки сарҷумлаи ҷумлаи мураккаб бо интонатсияи махсус талаффуз ёфта, ҷумла якбора бурида мешавад, ҷумлаи пайрав бошад, бар эзоҳи он меояд, хабари сарҷумла аксар вақт бо сиғаи амр, хабари ҷумлаи пайрав бошад, аз шаклу замонҳои сиғаи хабарӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ, эҳтимолӣ ифода меёбад: Акаат ҳеҷ ҷой намеравад, ӯ дарсҳои якҳафтагиашро такрор карда аз ёд накардааст [1, с. 28]. Дар ин ҷумла, сарҷумла аз ҷумлаи пайрав бо вергул ҷудо шудааст ва бо интонатсияи махсуси амрӣ эзоҳӣ нисбат ба ҷумлаи пайрав ифода ёфтааст. Яъне, акаат ҳеҷ ҷой намеравад, сарҷумла буда, ӯ дарсҳои якҳафтагиашро такрор карда тайёр накардааст, ҷумлаи пайрави сабабии амрӣ-эзоҳӣ мебошад.
Дар муқоисаи ҷумлаи мазкур ба забони англисӣ низ оҳанги амрӣ-эзоҳӣ мушоҳида мешавад. дар ин ҷо баръакс сарҷумла бо ҷумлаи пайрав бо нуқта ҷудо шудааст: “Your big brother isn’t going anywhere. He still hasn’t learned his school lessons for the past week [10, с. 50].

3) Ҷумлаҳои сабаб-натиҷа. Таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандаки сабаб-натиҷа яке аз масъалаҳои басо душвор буда, дар илми забоншиносии тоҷик тамоман

кор карда нашудааст. Дар байни забоншиносони тоҷик дар ин мавзӯ фикрҳои мухталиф ҷой доранд, зеро дар ин шакл ҳам ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб меояд ва ҳам бо пайрави натиҷа. Забоншиноси тоҷик Ш. Рустамов доир ба ҷумлаҳои пайрави сабаб натиҷа фикри худро чунин баён намудааст: ” Агар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб бошад, сарҷумла ҳамчун натиҷаи ҷумлаи пайрав дар ҷойи дуйум меояд ва баръакс, агар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави натиҷа бошад, сарҷумла дар ҷойи якум меояд, яъне хоҳ сарҷумла бошад ва хоҳ ҷумлаи пайрав, сабаб дар ҷойи аввал ва натиҷа дар ҷойи дуйум меояд” [7, с. 88 ]. Аммо кадоме аз онҳо пайрав ва кадоме аз онҳо сарҷумлаанд? Ба саволи мазкур забоншиноси рус З. И. Кличникова чунин ҷавоб медиҳад: “Ҷумлаҳои бепайвандакро ба сабабӣ ва натиҷавӣ ҷудо кардан тамоман сунъист... Дар ҳолати тобеияти сабаб-натиҷа ин ва ё он ҳиссаро ба сарҷумла ва ҷумлаи пайрав мансуб донистан ниҳоят душвор аст” [5, с. 34]. Маҳз аз ҳамин сабаб аст, ки аксарияти олимони забоншинос ба яктарафа ва шартӣ будани ин назарияи анъанавӣ, ки ҳамаи ҷумлаҳои мураккабро ба пайвасту тобеъ тақсим мекунад таъкид менамоянд.

Чӣ тавре ки дар боло бо мисолҳо нишон додем, барои ба ҳам алоқаманд шудани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав на фақат пайвандакҳо, балки интонатсия, ҷобаҷогузории сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, шаклҳои гуногуни сиғаҳо, ҳиссача, калима ва таркибҳои модалӣ низ нақши муҳим ва назаррасе доранд. Албатта онҳо воситаҳои ёридиҳанда буда, дар ин хусус вазифаашон барҷаста нестанд.

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки дар бештари мавридҳо ҳангоми ҷумлаҳоро аз забони тоҷикӣ ба англисӣ тарҷума намудан ё баръакс аз англисӣ ба тоҷикӣ на ҳама вақт истифодаи пайвандакҳо ҳангоми тарҷума мувофиқат мекунад. Яъне, дар бисёр ҳолатҳо мушоҳида мешавад, ки дар ҷумлаи забони тоҷикӣ пайвандак истифода шудааст, аммо дар ҷумлаи забони англисӣ алоқамандии ҷумлаи пайрав бо сарҷумла бо роҳи интонатсия ба вуҷуд омадааст ё баръакс. Интонатсия ҳам монанди пайвандакҳо ва дигар воситаҳои алоқае, ки аз назар гузаронидем, дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ нақши муҳим мебозад. Дар алоқаи грамматикию маъноии ҷумлаҳои пайрави сабаб бо сарҷумла интонатсияи тобеъ вазифаи муҳимеро иҷро менамояд. Воситаҳои алоқаи тобеи ҷумлаҳои пайрави сабаб чуноне, ки мушоҳида намудем, барои дар як ҳайъат муттаҳид намудани сарҷумлаю ҷумлаи пайрав саҳми муҳим дошта, ба туфайли онҳо муносибатҳои гуногуни ҷумлаи пайрав бо сарҷумла ошкор мегардад. Ҳамаи ин воситаҳо дар алоқаманд намудани ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумла алоқаи зич доранд.

## АДАБИЁТ:


1. Айнӣ С. Ёддоштҳо, ҷилди якум // С. Айнӣ.-Душанбе-Адиб-1990-352 с.
2. Зикриёев Ф. Куллиёти осор, Ҷилди якум . // Ф. Зикриёев- Душанбе – Маориф-2021. 590 саҳ.
3. Илиенко С. Г. “Бессоюзные предложение в русском языке” // С. Г. Илиенко, Ленинград- 1961. 240 с.
4. Каушанская В. Л. «A GRAMMAR OF THE ENGLISH LANGUAGE» / В. Л. Каушанская, Москва- 2008. 381с.
5. Кличникова З. И. “Причинно- следственные отношения и их выражение в языке” // З. И. Кличникова.- Москва-1954. 238с.
6. Поспелов, Н. С. “О грамматической природе и принципах классификации бессоюзных сложных предложений” // Н. С Поспелов Ленинград- 1964. 248с.
7. Рустамов. Ш. Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов.-Душанбе, Дониш-1968. 120с.
8.Тоҷиев Д.Т. Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик / Д. Т. Тоҷиев. Душанбе, Ирфон-1971, 50с.
9. Шарлотта Бронте . Ҷен Эйр / Б. Шарлотта. Душанбе, Истиқбол-2010-412с.
10. Aini S. The sands of Oxus. /S. Aini. Dushanbe,1990-352p.

11. Charlotte Bronte Jane Eyre. / B. Charlotte. Moscow-1952.568 p.

## ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКИИ НУТҚИ МАЗМУНАН НАҚЛШУДА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

***Саидова М. А. - ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии ДДМИТ***

Сарчашмаҳои илмӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар аксар маврид ҳангоми баргардонидани нутқи айнан ба мазмунан ҷумлаҳои мураккаб ба вуҷуд меоянд. Ҷумлаҳои мураккаб тамоми хусусиятҳои ҷумлаҳои содаро доранд ва ба онҳо ифодаи андешаи пурра хос аст, аммо ҷумлаҳои мураккаб бошанд хусусияти ба анҷом расонидани хабарро дар алоҳидагӣ дар шакли пурра доранд. Дар як маврид дар тамоми намуди ҷумлаҳои мураккаб қисматҳои он алоқаи байниҳамдигарӣ доранд ва агар онҳоро дар алоҳидагӣ оварем, ин алоқа канда шуда, маъно коста мегардад, зеро ин воситаҳо метавонанд тобеъкунанда, пайрав, тобеъ ва ғайра бошанд.

Донишмандони рус Г. А. Бобилиева [1982], А.В.Бондарко [1968], Г.А.Коблов [1972] бар он ақидаанд, ки намудҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаб метавонанд бо нутқи мазмунан нақлшуда алоқамандӣ дошта бошанд ва ба ду намуди ҷумлаҳо ишора мекунанд, ки бо чанд аломат аз ҳамдигар тафовут доранд. Намуди аввали онро ҷумлаҳои тақсимшаванда ва намуди дигарро тақсимнашаванда ном бурдаанд. Миёни ҷумлаҳои мураккаби аз нигоҳи маъно тақсимнашаванда ҳолатҳое ҳастанд, ки пурра бо усулҳои баргардонидани нутқ айнан ба нутқи мазмунан алоқамандӣ доранд.

Забоншинос И.В. Винантова [2009] таъкид мекунад, ки нутқи бегона – ин нутқи муаллифе мебошад, ки суханони каси дигарро ба таври худ инъикос мекунад ва ё нутқи шахси нақлкунандаро, ки дар бораи он сухан меронад. Омехташавии суханони соҳиби нутқ ва муаллифи нутқи мазмунан нақлшуда сохтори мураккаби нутқи мазмунан нақлшударо ташкил медиҳанд. Нутқи айнан як шакли нутқи бегонае мебошад, ки ба матн тавассути муаллифи дигар ворид карда мешавад ва дар он баъзе хусусиятҳои нутқи муаллиф аз зумраи хусусиятҳои лексикӣ, синтаксисӣ ва баъзе хусусиятҳои овозии соҳиби нутқ нигоҳ дошта мешавад: - ***He asked Qurbon-Niyoz,*** *however, to stay behind a minute, and after my two other uncles had returned to work* ***he said to*** *Mullo Dehqon, “This* ***brother –in-law of yours****” is a phenomenal worker” [2, c. 92].* - *… ба Қурбонниёз тағоиям* ***фармуд, ки*** *як дақиқа ин ҷо бошад. Қозӣ баъд аз ба кор рафтани ду тағоиям ба тағоимуллом нигоҳ карда давом дод… ин додарат коркуни бисёр гузарост…дар ақл ва ҷасорат ин аз онҳо пеш аст… [1, с. 54].*

Нутқи мазмунан нақлшуда шакли дигари нутқи бегона мебошад, ки он ҳам дар заминаи суханони гӯянда ба миён меояд, аммо аз номи муаллифи дигар гуфта мешавад ва хусусиятҳои нутқи мазмунан нақлшуда риоя мешавад. Муҳимияти нутқи бегона дар он зоҳир мегардад, ки хусусиятҳои лексикӣ ва синтаксисии нутқ нигоҳ дошта мешавад, аз ҷумла, услуби гуфтор, аз тарафи муаллифи дигар баён мешавад, дар мисоли зер гуянда ба хотири нишон додани хусусиятҳои лексикӣ, иваз нашудани тобишҳои маъноӣ, ҳангоми накл сухани шунидаашро бетағйирот овардааст: *When I asked what he thought about Qozi Abdul Vohid, he replied:* ***“God have mercy on him, he was a good man.”*** *[2, c. 144]. - Вақте ман дар бораи Қозӣ Абдулвоҳид фикри ӯро пурсидам,* ***«Худо раҳмат кунад, ӯ одами хуб буд, бояд ӯ ҷаннатӣ бошад»*** *[1, с. 34].*

Ташкили конструксияҳои гуногун бо нутқи мазмунан нақлшуда дар муқоиса бо дигар намуди ҷумлаҳо мавриди таваҷҷуҳи махсус дар забоншиносӣ қарор нагирифтааст, шояд ин амал ба он хотир бошад, ки нутқи айнан ҳамчун воситаи услубӣ, ки танҳо барои адабиёти бадеӣ муҳим ҳисобида мешавад, аммо нутқи мазмунан нақлшуда аз ҷиҳати синтаксисӣ ҳамчун ҷумлаи пайрав баромад мекунад ва аз лиҳози услубӣ гӯё тобишҳои эмотсионалиро аз даст додааст: *My father* ***told me that*** *Habiba’s father was the imam of his village, one of the most literate imams in the region… [2,101].* - *Падарам ба ман* ***гуфт, ки падари Ҳабиба им****оми деҳа буд, яке аз имомони босавод дар маҳал… [1, с. 67].*

Нутқи мазмунан нақлшуда метавонад тавассути ҷумлаҳои мураккаб ифода ёбад, хусусан ҷумлаҳои мураккаби тақсимнашаванда. Миёни ин намуд ҷумлаҳое, ки ба воситаи ҷонишинҳо, пайвандакҳои гуногун меоянд, мавқеи муҳим доранд, зеро истифодаи намудҳои дигари ҷумлаҳо ба шарҳу тавзеҳи фикр ва ё нутқ зарурат доранд. Тафовут миёни ин ду гурӯҳ асосан аз хусусиятҳои пайвандакҳои пайвасткунанда вобастагӣ доранд, масалан, пайвандаки пайвасткунандаи *ки (that)*: *- Go into that building and greet* ***whoever*** *you meet there, tell them* ***(ки-that)*** *I sent you, give them the tanga and ask for a qabza of halva [1, с. 47].*

Тағйироти сохтории нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои мухталиф гуногунанд, масалан, дар забонҳои англисиву тоҷикӣ категорияҳои муайяни грамматикӣ вобаста аз муҳтавои ҷумла тағйир меёбад.

Дар адабиёти солҳои охир феълҳои ифодакунандаи ҳаракат, имову ишора ва ғайраро низ таҳқиқ намудаанд. Андешаҳои ба ҳамин монандро забоншинос И. Т. Дарканбаева пешниҳод намуда, ҳангоми омӯзиши ҷумлаҳои пайрав зикр намудааст, ки: «ин намуди омӯзиш аломат ва алоқаҳои мушаххаси нутқи мазмунан нақлшударо амиқ мегардонанд» [5, с. 124 ]. - *My father was of the opinion that this was a wise move, and although he disapproved of officials and courtiers – especially kadis… [2, с. 96]. Падарам ин корро маъқул донист ва хизмати сипоҳигарӣ, хусусан мулозимии қозиҳоро дуст надорад ҳам, ин корро дуруст мешуморам, -гуфт [1, с. 57].*

Ҳамин тавр, дар ҷумлаҳои мураккабе, ки тақсими онҳо ғайриимкон аст, асосан пайвандакҳо мавқеи муҳимро ба ҷо оварда, ҷумларо аз нигоҳи маъно пурра ва мушаххас мегардонанд. Дар ин маврид, бештар истифода шудани пайвандакҳои «ки, барои он ки, гӯё ки» ва пурсишҷонишинҳои «чӣ, дар куҷо, кай, барои чӣ» ва ғайраҳо истифода мешаванд. Ҷумлаҳои пайрав аслан тавассути онҳо рӯйи кор меоянд. Дар ин раванд нақши муҳимро феълҳои гуфтор низ мебозанд ва воситаи алоқа пайвандаки «ки» маҳсуб меёбад: *"While I was in Ghijduvon," my uncle* ***replied that (гуфт ки, ҷавоб дод ки),*** *"these orders arrived for my master the kadi, and he immediately laid aside his teaching and went to the site." [2, с. 92].*

Муайян карда шуд, ҷумлаҳои мураккаб дар забони англисӣ хусусиятҳои гуногун доранд. Дар нутқи мазмунан нақлшудаи забони англисӣ ҷумлаҳо асосан ҷумлаҳои мураккаби пайравро ташкил медиҳанд. Вобаста аз ҳолатҳои сохтории ҷумла қоидаи *мувофиқатии замонҳо* мавриди корбурд қарор мегирад ва дар ин замина тағйирот дар забонҳои мавриди таҳқиқ ба назар мерасанд.

Дар забони тоҷикӣ мавқеи пайвандакҳо ва истифодаи онҳо бо роҳҳои гуногуни сохташавии ҷумлаҳо алоқаманд мебошанд. Ҳамин тавр, ҳам дар нутқи айнан ва ҳам дар нутқи мазмунан алоқаҳои маъноӣ ва грамматикӣ ҷой доранд. Ин алоқаҳо агар дар нутқи айнан бештар тавассути интонатсия зоҳир гардад, дар нутқи мазмунан нақлшуда мавқеи асосиро пайвандакҳо ба ҷо мееваранд ва нақлро амиқтару фаҳмотар мегардонанд. Дар нутқи мазмунан нақлшуда дар аввал сухани муаллиф, пас аз он нутқи гӯянда ҳамчун ҷумлаи пайрав омада, дар умум ҷумлаи мураккаби тобеъро ташкил медиҳанд: *My brother had no answer for this, and turned beet red. Admittedly, under the circumstances, no other answer had been possible; my mistake was* ***that*** *I had sung the praises of butter – halva to my father* ***without ever*** *having tasted it myself. But my brother did not realize this - Акаам ба ин савол ҷавоб ёфта натавониста суп-сурх шуд.* ***Чунки*** *дар он вақт дигар гуна ҷавоб додан мумкин набуд. Хатои ман дар ин буд,* ***ки бо вуҷуди*** *хӯрда надиданам, ҳалвои равганиро ба пеши падар бамазза шумурда будам [1, с. 17].*

***Адабиёт:***


1. Аракин В.Д. Речевая единица основа обучения речи. /В.Д. Аракин - В кн.: Вопросы обучения устной речи и чтению на иностранном языке. М.: 1965, с.3-17.
2. Авдеев В. В. Видовременные формы современного английского языка. / В. В Авдеев Пенза: Кн. Изд-во, 1961. - 71 с.
3. Арзуманов С.Д. Забони тоҷикӣ. /С.Д. Арзуманов Учебник таджикского языка для взрослых. – Сталинобод 1938, - 140 с.

4. Ализода, С. Сарфу наҳви тоҷикӣ/ С. Ализода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010 - 188 с.
5. Атобуллоев С. Ҷумаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик./ С. Атобуллоев -Душанбе. Донишн, 1975,-123 с.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНТЕРАКТИВНЫХ МЕТОДОВ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА

**Давлятова Р.Х. – ассистент кафедры русского языка ТГФЭУ**

В условиях реализации требований ФГОС ООО наиболее актуальными становятся следующие технологии: проектная технология, технология проблемного обучения, информационно-коммуникационная, технология развития критического мышления, игровые технологии, модульная технология, технология мастерских, кейс-технология. Получив информацию о каждой, принимаем попытки внедрять их в своей практике. Предпочтение же отдаю нескольким из них, т. к. они кажутся нам наиболее эффективными.

***Использование ИКТ*** на уроках даёт возможность воздействовать на три канала восприятия человека: визуальный, аудиальный, кинестетический, а значит, способствует эффективному усвоению учебного материала. Мультимедийная презентация - самый быстрый и современный способ донести любую информацию. Мультимедийные презентации используем и с целью демонстрации занимательного материала (логические задачи, ребусы, кроссворды); а также при организации словарной работы (толкование, проверка правописания) на этапе контроля (тестовые задания).

Интеграция уроков русского языка и литературы заключается в следующем:
Уроки русского языка строим на материале художественных текстов изучаемых произведений или литературно – критических статей о творчестве писателей (в качестве дидактического, раздаточного материала, контрольного диктанта, изложения). На уроках литературы анализируем язык художественных произведений (лексика, синтаксис, изобразительно – выразительные средства)

Существенной составляющей педагогических технологий являются методы обучения. Считаем, что в своей работе надо применять разнообразные методы, не обходимся без репродуктивных методов обучения, но стараемся вводить новые.

Основу содержания деятельности и учителя, и ученика на уроке составляют три взаимосвязанных этапа урока: целеполагание,
самостоятельная продуктивная деятельность, рефлексия.

В рамках реализации перечисленных технологий и применяемых форм организации и проведения уроков, на перечисленных этапах урока используем следующие приемы.

**Прием «Исключение».** Даются слова: окно, правдивость, уникальный, город, общение. Задается вопрос: какое слово лишнее? Как правило, учащиеся находят слово «уникальный», так как оно отвечает на вопрос какой? а не что? Тема «Имя прилагательное»

**Прием «Яркое пятно».** Этот прием заключается в том, что в начале урока преподаватель или подготовленный студент сообщаем какие-либо интересных запоминающиеся факты по теме.

**Прием «Творческое задание».** Предлагаем детям заменить словосочетания одним подходящим по смыслу словом с удвоенной согласной на стыке приставки и корня.

***Прием «Ассоциаций»*** учащимся необходимо назвать ассоциации по слову, которое написано на карточке.

***Прием* «Мозаика».** На доске помещается мозаика, необходимо сложить ее так, чтобы узнать тему урока

***Прием* «Иллюстрация»: После** просмотра фильма или картины, возможно, портрета участники формулируют тему урока и цели.

***Прием «Проблемный вопрос»***

Предлагаем студентам посмотреть на рисунок. Вспомнить басню. (И.А.Крылов. «Квартет»)

Какое слово я забыла? (сыграть)

А как же правильно его написать? (Варианты)

Попробуйте сформулировать тему нашего урока.

Какую цель мы поставим?

***Прием «Подводящий диалог»*** представляет собой систему вопросов и заданий, которая активизирует и, соответственно, развивает логическое мышление учеников. На этапе постановки проблемы учитель пошагово подводит учеников к формулированию темы.

Желаем всем в новом учебном году набраться смелости и не бояться делать попытки по освоению все новых и новых современных технологий, и методов обучения.

**Использованная литература:**

1. Алферова, А.Д. Родной язык в средней школе. Опыт методики. 1911г.
2. Бабайцева В. Русский язык. Москва. 1997г.
3. Барабанова, М. (2014). Методика преподавания русского языка. Москва: Тула.
4. Владимиров Я. Р. Методика РЯШ: История методы преподавания русского. Москва: ЛКЛ. 1998г.
5. Егорова, Н.В. Поурочные разработки по-русскому языку. Москва: Горка. 2008г.
6. Галай, Д. А. Русский язык. Практический анализ. Чернева: Куйбышев. 2012 г.
7. Ларин, Б. А. История русского языка и общее языкознание. Москва: ЛКЛ. 1977 г.
8. Литневская, Ю. Методика преподавания русского языка средней школы. Москва. 2006г.
9. Львов, М.Р. Лингвистический анализ, Москва. 2007г.
10. Щерба, Л. Преподавание иностранных языков в Средней школе. Москва: ЛКЛ 1974г.

## БАХШИ ДОКТОРАНТОН АЗ РУЙИ ИХТИСОС (PhD), МАГИСТРАНТОН ВА ДОНИШҶУЁН

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ

***Давлатзода Д.Ш. – докторант PhD-и кафедраи молияи ДДМИТ***

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати кишвар беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи мустақим барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки шумораи зиёди давлатҳо танҳо ба туфайли ҷалби сармояи хориҷӣ аз бӯҳрони шадиди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ баромадаанд. Дар шароити имрӯза раванди сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти давлат аҳаммияти калон дорад. Зеро ки давлати соҳибистиқлол вобаста аз дараҷаи тараққиёти иқтисодиёт ба сармоягузорӣ, хусусан ба сармояи хориҷӣ эҳтиёҷоти калон пайдо менамояд. Аз ин хотир, Тоҷикистон ҷидду ҷаҳд дорад, ки мушкилот ва муаммоҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва молиявии худро бо роҳи ворид ва ҳавасманд намудани сармоягузориҳои хориҷӣ ҳал намуда, аз ин ҳисоб соҳаҳои номукаммал ва инкишофнаёфтаи худро бо маблағ ва таҷҳизоти лозимаи муосир таъмин намояд.

Ҳар як давлат, сарфи назар аз сатҳи рушди иқтисодӣ, сармояи хориҷиро ҷалб намуда, ба таври мустақим ва ғайримустақим аз онҳо самара ба даст меоварад. Дар ҷалби сармоя омилҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла иқтидори бозори дохилӣ, суботи асъор, суботи сиёсӣ, сатҳи рушди инфрасохтор ва мавҷудияти қувваи кории соҳибихтисос нақши бештар доранд.

Бояд кайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳибкорӣ ва тиҷорат шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Барои сармоягузорони хориҷӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо мардуми меҳнатдӯсту меҳмоннавозаш, мавқеи қулайи ҷуғрофӣ, қувваи кории арзон ва фаровонии маъданҳои фоиданокаш ҷолиб бошад.

Натиҷаи босамари ислоҳоти куллӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт ва татбиқи барномаву стратегияҳо ба таъмини нишондиҳандаҳои иқтисодии мамлакат заминаҳои мусоид гузоштанд. Ҳамин тариқ, рушди воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон дар соли 2022, бино ба маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 дарсадро ташкил додааст, ки дар миёни кишварҳои минтақа нишондоди баландтарин аст. Ҳаҷми ММД ба ҳудуди 116 миллиард сомонӣ (11,4 миллиард доллар) расидааст. Неруи асосии пешбарандаи иқтисодиёти кишварро мисли солҳои қаблӣ соҳаи саноат ва кишоварзӣ ташкил дода, ҳиссаи умумии онҳо зиёда аз 40 фоизи ММД-ро ташкил намуданд. Дар муқоиса ба соли қаблӣ дар сохтори ММД 24,6 фоиз ба соҳаи кишоварзӣ, 17 фоиз ба саноат, 14,3 фоиз ба савдо рост меояд[4].

**Ҷадвали 1.**

**Мавқеи Тоҷикистон дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ аз рӯи рушди иқтисодӣ ва ҳаҷми ММД**

| № | Кишвар | Рушди иқтисодӣ, % | ММД, млрд, $ |
|---|---|---|---|
| 1. | Қазоқистон | 3,1 | 190 |
| 2. | Ӯзбекистон | 5,7 | 80,5 |
| 3. | Турменистон | 6,2 | 74 |
| 4. | Тоҷикистон | 8 | 11,4 |
| 5. | Қирғизистон | 7 | 10,8 |

**Манбаъ**; https://www.asiaplustj

Бояд қайд намуд, ки кишвар иқтидори тавлиди неруи барқро дар як сол 527 миллиард киловатт-соат дорад, ки дар соли 2022 танҳо тақрибан 4% (21 миллиард киловатт-соат) истифода шудааст. Корҳои истихроҷи маъдан дар соли гузашта ҳудуди 8,9 миллиард сомонӣ (873 миллион доллар) ва воруди сайёҳони хориҷӣ ҳудуди 1 миллион нафарро бо афзоиши 3,4 баробарро ташкил додааст.

**Диаграммаи 1.**

**Мавқеи Тоҷикистон дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ аз рӯи рушди иқтисодӣ ва ҳаҷми ММД**




Дар робита ба ин, метавон гуфт, ки дар Тоҷикистон омилҳои ҷолиб барои сармоягузорони хориҷӣ вуҷуд дошта, дар кишвар фазои мусоиди сармоягузорӣ ва заминаи меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст, ки ҳифзи ҳуқуқи сармоягузоронро кафолат медиҳад. Қобили зикр аст, ки ҳамаи ин талошҳо махсусан барои ҷалби сармояи

хориҷӣ ва бахусус, сармоягузории мустақими хориҷӣ нигаронида шудааст.

Пас, чаро сармояи мустақими хориҷӣ(СМХ)? Бартарияти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз дигар манбаъҳои молиявӣ дар чист?

Дар ин замина ба ҷанбаҳои муҳимми сармоягузории мустақими хориҷӣ, ки дар он таҳлили мафҳуми «сармоягузории мустақими хориҷӣ» нақши муҳим дорад, бояд баъзе таҳлилҳо дода шавад.

Гузориши умумиҷаҳонии сармоягузории ЮНКТАД (2008) СМХ-ро ҳамчун сармоягузорие таъриф мекунад, ки муносибатҳои дарозмуддатро дар бар гирифта, даромади устувор ва назорати резиденти як кишвар (сармоягузори хориҷӣ ё корхонаи асосӣ) дар корхонаи кишвари дигар, ки кишвари сармоягузори мустақими хориҷӣ (корхонаҳои мустақими хориҷӣ ё филиалҳои хориҷӣ) нест, дар бар мегирад. Таърифи Созмони Милали Муттаҳид СМХ-ро ҳамчун "сармоягузорӣ барои ба даст овардани даромади устувор ё назорати муассири корхонае, ки дар хориҷа фаъолият мекунад", нишон медиҳад[3].

Хазинаи Байналмилалии Асъор се намуди асосии сармоягузориҳоро ҷудо менамояд: сармоягузориҳои мустақим, портфелӣ ва дигар сармоягузориҳо. Мафҳуми сармоягузории мустақим тибқи тавсияҳои ХБА чунин оварда шудааст: сармоягузории мустақим - ин сармоягузорӣ бо мақсади ба даст овардани манфиати дарозмуддати иқтисодӣ ва фоидаи соҳибкорӣ мебошад, ки назорати сармоягузорро аз болои объекти сармоягузорӣ таъмин менамояд. Тибқи таърифи ХБА сармоягузориҳои хориҷӣ дар сурате мустақим ҳисобида мешаванд, ки сармоягузори хориҷӣ на камтар аз 25%-и сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомиро дошта бошад.

Аммо ин рақам дар ҳар кишвар фарқ мекунад. Масалан, дар Фаронса сармоягузории мустақим ин ба даст овардани на камтар аз 20% сармояи оинномавӣ, дар Олмон - 25%, дар Канада, Австралия ва Зеландияи Нав - 50%, дар Русия ва ИМА - 10% -ро дар бар мегирад [2].

Тавре маълум гардид, тафсири истилоҳи мустақими сармоягузории мустақими хориҷӣ асосан нуқтаи назари якхела дорад ва маънои на танҳо ба даст овардани фоида, балки муқаррар кардани назорат аз болои ширкати дар қаламрави хориҷӣ таъсисёфтаро дорад.

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ»), зери мафҳуми "сармоягузории мустақим"– ин аз тарафи сармоягузор соҳибӣ, харидорӣ намудани на камтар аз даҳ фоизи ҳисса, ҳиссаҳо (саҳм) дар сармояи оинномавии ташкилоти тиҷоратӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст ё аз нав таъсис дода мешавад, инчунин сармоягузорӣ ба воситаҳои асосии филиали шахси ҳуқуқии хориҷии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсисёбанда мебошад[1].

Хулоса, таҳқиқот барои муайян кардани таъсири сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба рушди иқтисодии кишвари қабулкунанда муайян намуд, ки сармоягузории мустақими хориҷӣ дар рушди иқтисоди миллӣ нақши назаррас дошта, бисёр кишварҳо сиёсати ҳавасмандгардонии вуруди сармоягузории мустақими хориҷиро пеш мебаранд. Воқеан, рушди ҳар як давлат бо дараҷаи иштироки фаъолаш дар раванди ҳаракати байналмилалии сармоя ва тақсимоти байналмилалии меҳнат муайян карда мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сармоягузории мустақими хориҷӣ нисбат ба дигар шаклҳои маблағгузории иқтисодиёт як қатор бартариҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии назаррас дорад. Аз ҷумла СМХ манбаи иловагии маблағгузории асосӣ ба истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ мебошад, ки аксаран дар шакли воридоти технология, ноу-хау, усулҳои пешқадами идоракунӣ сурат мегирад; сармоягузории мустақими хориҷӣ ба қарзи берунии давлат зам намешавад, баръакс барои баргардонидани он заминаи мусоид фароҳам меоварад; ба доираи талаботи молу хизматрасониҳо мусоидат мекунад; ба рақобатпазирии молу маҳсулоти ватанӣ таъсир мерасонад; ҳамгироии

иқтисодиёти мамлакати қабулкунандаи сармояро ба низоми иқтисоди ҷаҳонӣ метезонад; барои афзоиши неруи содиротии кишвар мусоидат мекунад. Дао баробари хусусиятҳои иқтисодӣ хусусиятҳои иҷтимоии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар он зоҳир мегарданд, ки ҷойҳои нави кории доимӣ таъсис дода шуда, ба ин васила, ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат мекунад.

***Адабиёт:***


1. *Қонуни Ҷумҳурии Троҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ», 2016, № 1299.*
2. *Касымова М.С. Теоретические основы анализа привлечения иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ "Илм ва техника барои рушди устувор" – Душанбе:, 2018. – 238с. Технологический университет Таджикистана.С.62.*
3. *Каримова Г.А. Теоретические аспекты прямых иностранных инвестиций в условиях стабильного роста переходной экономики // Креативная экономика. — 2015. — Т. 9. —№ 4. — С. 509-518.*
4. https://www.asiaplustj


## РОЛЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В МИРОВОЙ ПОЛИТИКЕ


**Худойбердиев Дж.М. - ассистент кафедры мировой экономики и международной торговли, ТГФЭУ**

**Рустамов Б. – студент 3 курса кафедры мировой экономики и международной торговли, ТГФЭУ**


Современные международные отношения связаны со сложными интеграционными процессами между странами и регионами. Взаимодействие Республики Таджикистан с другими государствами и региональными объединениями осуществляется во многих сферах общественной жизни – экономической, политической, культурной и других. При этом интересы государств достигают высокого уровня взаимозависимости, что неизбежно в условиях интенсивно протекающих процессов глобализации и попыток совместного преодоления универсальных угроз [1].

Реалии второго десятилетия XXI века подтверждают то, что развитие международных отношений все еще находятся на переходном этапе и система многополярного мира только формируется. На геополитическом ландшафте современного мира происходят глубинные политические и экономические изменения, которые чреваты трансформацией системы международных отношений [2].

Развитие внешней политики РТ после обретения независимости Республика Таджикистан, как и другие страны региона, стал центром внимания ведущих держав мира. После распада СССР Таджикистан, как и другие страны бывшего Союза, столкнулся с проблемой разработки методов развития своей внешней политики. У страны в прошлом не было опыта независимого общения со странами мира. Существовала также необходимость и в определении основных приоритетов во внешней политике. Усугубляла ситуацию всколыхнувшаяся гражданская война. В данном контексте следует рассмотреть взаимоотношения Республики Таджикистан с ведущими державами мира, такими как США, ЕС, РФ, КНР, а также других ведущих векторов мира, которые представляют интерес не только для Таджикистана, но и для всего региона в целом [3].

Президент Республики Таджикистан в соответствии со своими конституционными полномочиями определяет основные направления внешней политики страны и в качестве главы государства представляет Республику Таджикистан в международных отношениях.

Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан в рамках своих конституционных полномочий осуществляют законодательную деятельность по обеспечению внешней политики Республики Таджикистан и выполнению международных обязательств.

В этом контексте отношения с Организацией Объединенных Наций, Организацией по безопасности и сотрудничеству в Европе, Содружеством Независимых Государств,

Шанхайской организацией Сотрудничества, Организацией Договора о коллективной безопасности, Организацией исламского сотрудничества, Организацией экономического сотрудничества, Азиатским диалогом по сотрудничеству, Совещанием по взаимодействию и мерам доверия в Азии и международными финансовыми институтами являются приоритетными.

Геополитические и геоэкономические особенности сегодняшнего мира требуют постоянное переосмысление приоритетов. Они с учетом уровня и содержания взаимоотношений Республики Таджикистан с отдельными государствами или группами государств, международными и региональными организациями, а также ввиду национальных и государственных потребностей могут быть подвержены изменениям.

Республика Таджикистан считает, что осуществление долгосрочных и стабильных отношений со своими традиционными партнерами государствами-участниками Содружества Независимых Государств отвечает ее политическим, экономическим и культурным интересам и с учетом концепции разно скоростной и разноуровневой интеграции в рамках Содружества будет стремиться к углублению взаимовыгодного сотрудничества с ними.

Одним из важным геоэкономическим вопросом для Таджикистана - строительство газопровода из Туркменистана в Китай. Следует отметить, что строительство газопровода из Туркменистана в Китай через территорию Республики Таджикистан очень важно для Таджикистана с экономической точки зрения. Протяженность этого проекта составляет более 1000 км, из которых 400 км будет составлять территории Таджикистана. В его строительстве в Таджикистане задействовано более 3000 рабочих, что обошлось в 3,2 миллиарда долларов. По имеющимся данным, после его использования в госбюджет поступит более 1 миллиарда долларов, что укрепит потенциал экономического и социального развития [4].

Учитывая позиции Российской Федерации в мире и в регионе, для Республики Таджикистан расширение и укрепление традиционно дружественных отношений и стратегического партнерства с нею имеет особое значение.

В отношениях с Республикой Узбекистан определяющими факторами являются важность и необходимость равных, взаимовыгодных межгосударственных отношений.

20 марта 2023 г. Основатель мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон отбыл в город Нью-Йорк Соединенных Штатов Америки с целью участия в Водной конференции Организации Объединённых Наций. Это поездка главы государства доказала, что за годы независимости Республика Таджикистан достигла не малых успехов на мировой арене и мировые центры мира стали прислушиваться к инициативе нашего Президента и нашего государства.

Таджикистан всегда выступал и выступает за политическую стабильность и устойчивость во всех направлениях деятельности международного сообщества, сформированных на основополагающих принципах международного права, прежде всего, на равноправии и самоопределении народов, разрешении международных споров мирными средствами, не подвергая угрозе международный мир, безопасность и справедливость, суверенное равенство государств и т.д. Эти принципы отвечают интересам всех народов и стран и служат предпосылкой и условием для поддержания международного мира, безопасности и развития дружественных отношений и сотрудничества между государствами.

**Литература**

1. Современный Китай и его окружение / Монография// Отв. ред. Д. В. Кузнецов, Д. В. Буяров. — М.: КРАСАНД, 2014. — 440 с
2. Концепция внешней политики Республики Таджикистан, утверждено указом Президента Республики Таджикистан от 27 января 2015 года, №332
3. Юсуфджанов Ф.М. Место и роль Таджикистана в системе современных международных отношений: дис. ... к.э.н. Душанбе, 2018. 178с.

4. Содиков, М. С. Перспективы реализации транзитного потенциала Республики Таджикистан в рамках ШОС / М. С. Содиков // Экономика Таджикистана. – 2021. – № 3. – С. 249-257.

## НАҚШИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАВӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**Қурбонова Ш.Б. - ассистенти кафедраи суғуртаи ДДМИТ**
**Шахринисои И. - донишҷуи курси 2-юми ихтисоси суғурта 1-25010404**

Бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ яке аз ҷузъҳои муҳими низоми молиявӣ ба шумор рафта, дар рушди иқтисодиёти миллӣ нақши назаррас дорад. Таҳлили назариявии рушди иқтисодӣ омилҳои зиёдеро, ба монанди индикаторҳои макроиқтисодӣ, нишондиҳандаҳои фаъолияти суғуртавӣ ва динамикаи рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавиро дар бар мегирад. Бозори молиявии устувор ва рушдёфта рушди босуботи иқтисодиро таъмин менамояд. Бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ, дар навбати худ, чун як қисми низоми молиявӣ барои афзоиши нишондиҳандаҳои соҳа пояи устувор гузошта, дар таъмини бехатарии молиявии давлат нақши муҳим дорад.

Суғурта чун ҷузъи низоми махсуси муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ нақши муҳимро дар устуворкунии молиявӣ мебозад. Умуман, масъалаи нақши бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ аз марҳилаи пайдоиш аҳаммияти калони муҳимми назариявию таҷрибавиро пайдо карда, дар давраи муосир низ рӯзмарра мебошад. Функсияи барқарорнамоии зарар, ки дар фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ яке аз вазифаи асосӣ ба ҳисоб меравад, наметавонад аз ҷониби ягон соҳаи дигар иҷро карда шавад. Аз ин лиҳоз, дар вақти ба миён омадани ҳолати суғуртавӣ ё ин ки фалокати калони иқтисодӣ, ки истеҳсолоти корхонаҳои зиёдро вайрон менамояд, барқарор кардани зарар фақат ба воситаи низоми суғуртавӣ амалӣ шуда, таъсири мусбӣ ва натиҷаи хуби макроиқтисодиро таъмин менамояд.

Дар баробари ин, ҷудо намудани маблағ аз буҷети давлат дар ҳолати ба миён омадани фалокат ва дигар ҳолатҳои ғайричашмдошт вазъияти молиявии кишварро осебпазир мегардонад. Дар чунин ҳолат суғурта чун ҳимоятгари манфиатҳои иштирокчиёни бозор ва давлат барои пешгирии муаммоҳои ҷиддии иқтисодӣ мусоидат менамояд. Маҳз аз хотири чунин қобилияти суғурта дар давлатҳои тараққикарда он яке аз самтҳои муҳимми иқтисодӣ ҳисобида мешавад. Мавриди зикр аст, ки дар шароити бозор захираҳои калони суғуртавӣ метавонанд ба ҳайси маблағҳои иловагӣ барои рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ истифода бурда шуда, умуман, барои афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ саҳми худро гузоранд.

Қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 93 фоиз кӯҳсор мебошад ва ба ғайр аз дигар намудҳои хавфи иқтисодиву молиявӣ кишвари мо ҳамасола ба ҳолатҳои фавқулода, ба монанди обхезӣ ва дигар намуди фалокатҳои табиӣ дучор мегардад, ки ба хоҷагидорӣ ва моликияти шаҳрвандон зарари калон мерасонад. Сарчашмаи асосии маблағгузории чунин зарарҳо ва маблағгузории чорабиниҳо оид ба пешгирии ҳолатҳои фавқулода дар кишвар бинобар суст тараққӣ кардани соҳаи суғурта буҷети давлат мебошад.

Имрӯз аллакай маълум мегардад, ки суғурта самти афзалиятнок барои ташаккули низоми молиявӣ ва таъмини босуръати рушди иқтисодии кишвар аст. Дар шароити номуайянӣ ва мавҷудияти хатарҳо суғурта басо вазифаҳои муҳим, аз қабили ҳимояи захираҳои буҷетӣ, кафолати барқарор намудани зарар, ҳимояи вазъи иҷтимоии шаҳрвандонро иҷро менамояд ва инчунин, ба ҳайси сарчашмаи иловагии маблағгузории иқтисоди миллӣ баромад мекунад.

Ҳамчун категорияи иқтисодӣ суғурта низоми муносибатҳои иқтисодиро ифода карда, маҷмуи шакл ва усулҳои ташаккулёбии фондҳои махсуси воситаҳои пулӣ ва истифодаи онҳоро барои барқарор намудани зарар дар ҳолати хавфҳои мухталиф ва инчунин, пешниҳоди хизматрасониҳо ба шаҳрвандон дар сурати ба миён омадани ҳолати муайян дар ҳаёти онҳо дар бар мегирад. Вай, аз як тараф, ҳамчун воситаи ҳимояи

тиҷорат ва некуаҳволии мардум ва, аз тарафи дигар, шакли фаъолияти фоидаовар бароммад мекунад.

Хусусияти хоси фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ дар он мебошад, ки онҳо дар марҳилаи буҳрон ва ҳолатҳои хавф сарбории молиявии иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои суғуртаро сабук карда, корхонаҳоро на фақат аз муфлисшавӣ наҷот медиҳанд, балки барои рушди фаъолияти инноватсионӣ мусоидат мекунанд. Аз ин лиҳоз, хизматрасониҳои чунин бозор сегменти муҳимми низоми иқтисод ба шумор рафта, барои рушди шаклҳои мухталифи моликиятдорӣ як қувваи ҳаракатдиҳанда арзёбӣ мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазифаҳои бозори суғурта ба воситаи муассисаҳои дигари молиявӣ татбиқ мешаванд ва бо рушд ёфтани соҳаи суғурта фаъолияти бозори суғурта васеъ гашта, фаъолияти сармоягузориро низ касб мекунад.

Тамоюли рушди иқтисодиёти ҷаҳон низ нишон медиҳад, ки ташкилотҳои калони суғуртавӣ дар низоми иқтисодиёт сармоягузори калон ба ҳисоб мераванд. Ташкилотҳои суғуртавӣ дар қатори ширкатҳои сармоягузорӣ ва муассисаҳои молиявию қарзӣ қисми ҷудонашавандаи низоми иқтисодиёти давлатҳои тараққикарда ба ҳисоб рафта, сарчашмаи иловагии лоиҳаҳои дарозмуҳлати инвеститсионӣ арзёбӣ мегарданд.

Дар шароити маҳдудияти захираҳои молиявӣ бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар шароити махсуси мураккаб рушд ёфта истодааст. Аз як тараф, бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ташаккул ёфта истодааст ва, аз тарафи дигар бошад, нишондиҳандаҳои фаъолияти суғуртавӣ, ба монанди ҳаққи суғуртавӣ саҳми бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар рушди иқтисодиёт кам мебошад. Дар баробари ин, ташкилотҳои ватании суғуртавӣ хизматрасониҳои васеъро бо сабаби имкониятҳои маҳдуди молиявӣ пешниҳод карда наметавонанд. Аз ин лиҳоз, барои диверсификатсияи бозори суғурта корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст.

Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки дар рушди ҷараёни сармоягузорӣ ташкилотҳои суғуртавӣ фаъолона ширкат варзида, нақши калидиро иҷро менамоянд. Ташкилотҳои суғуртавӣ қисми зиёди захираҳои молиявии суғурташавандагонро ба кор андохта, фаъолияти сармоягузориро амалӣ ва барои фаъол гардонидани фаъолияти сармоягузорони ватанию хориҷӣ низ мусоидат менамоянд.

Рушди фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ аз омилҳои зиёди дохилӣ ва беруна вобастагӣ дорад.

Рушди минбаъдаи хизматрасониҳои ин бозор дар оянда метавонад барои рушди иқтисодиёти миллӣ нақши калон гузорад. Ба ғайр аз ин, аз назарияи иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидорӣ маълум мегардад, ки суғурта барои рушди соҳибкорӣ низ мусоидат менамояд. То кадом андоза фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ васеъ гардад, ҳамон қадар шумораи иштирокчиёни ин намуди хизматрасонҳо зиёд шуда, бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ низ рушд мекунад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди мукаммали бозори суғурта ба рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд, зеро суғуртаи ҳаёт ва суғуртаи нафақа усулҳои самараноки тағйирёбии амонати аҳолӣ дар сармоягузории дарозмуҳлат ба ҳисоб мераванд.  Аз ин рӯ, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди чунин намуди суғурта дар ташаккулёбии низоми суғуртавӣ ва, умуман, ҳимояи накуаҳволии мардум аҳаммияти муҳимми илмӣ ва таҷрибавӣ дорад.

Дар фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ ба захираҳои суғуртавӣ бояд нақши махсус дода шавад. Ин ба он алоқамандӣ дорад, ки ба хусусияти зерсохтори махсус, якум, муҳлати дарози амали шартнома ва, дуюм, таъмини пардохти ҳатмии суғурта дар муҳлати муайяншуда хос аст. Ҳамаи ин ба суғуртакунандагон имкон медиҳад, ки қисми зиёди захираҳои суғуртаи ҳаётро ба сармоягузории лоиҳаҳои дарозмуҳлат ҷудо намоянд. Дар ташкилотҳои ватании суғуртавӣ суғуртаи ҳаёт

сусттараққикарда мебошад ва вобаста ба ин, сарчашмаи сармоягузорӣ аз ҳисоби дигар намуди хизматрасониҳои суғуртавӣ ташкил мешаванд.

Ҳамин тавр, ба хулосае омадан мумкин аст, ки суғурта, дарвоқеъ, дар ҳамон ҷо рушд мекунад, ки манфиат дар таъмини ҳимояи бехатарии ҷомеа, талаботи табиии инсон ва ташкилотҳо ба он мавҷуд бошад. Чунин ҳимояи бехатарӣ аҳаммияти муҳимми иҷтимоиву иқтисодии кишварро муайян карда, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва субъектҳои алоҳидаи онро дар бар мегирад. Дар баробари ин, суғурта бо тараққиёти иҷтимоӣ ва сатҳи рушди тамаддун сахт алоқамандӣ дорад.

**Пешниҳод**

1. Китобу дастурҳои таълимию дарсӣ ба забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таълимӣ бояд бештар ва бо сифати баланд тайёр карда шаванд, табодули таҷрибаи пешқадам ва омӯзиши он дар кишварҳои хориҷӣ оид ба туризм барои устодони донишгоҳҳо ва таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ихтисосҳои ин соҳа ба таври марказонидашуда ташкил карда шавад.

**Адабиёт**

1. Поплыков, В.И. Основные тенденции развития рынка коммерческого страхования/ В.И.Поплыков//Вестник Белорусского национального технического университета. - 2009. -№ 1. - С.95-99
2. Страховой рынок как драйвер роста экономики России// Материалы V Международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы развития финансового бахша». - 2017. - с.387.
3. Кулекова, Ч.Б. Роль страхование в развитии национальной экономики Кыргызской Республики / Ч.Б. Кулекова, Р.Р. Бекбобоева // Новая наука: Стратегии и векторы развития. - 2015. - №6-1. - С.158 - 163.
4 Дегтярев, Г.П. Страхование в переходный период: основные принципы /Г.П. Дегтярев // Общество и экономика. – 2002. - №2. – С. 97 – 101.
5. Григорьева В.Н. Страховое право: учебник для вузов. Под ред. Шахова В.В. Ефимова С.Л./В.Н.Григорьева. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, Закон и право, 2002. - 384 с.

## АҲАМИЯТИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ БАРОИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ ВАТАНӢ

**Фатҳуллоева Ш.С. - унвонҷӯи кафедраи молияи ДДМИТ**

Дар шароити муосир нақши сармоягузории хориҷӣ меафзояд, ки ин такмили механизми ҷалби онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақозо мекунад. Тавре ки шумо медонед, сармоягузорӣ муҳаррики рушди инноватсия дар ҳама бахшҳои иқтисодиёт, саноат, маориф ва тандурустӣ. Барои фаъол гардонидани равандҳои инноватсионӣ дар кишвар фазои мусоиди сармоягузорӣ ва инноватсиониро фароҳам овардан зарур аст, ки асоси рушди иқтисодӣ мебошад.

Имрӯзу фардои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рушди илм ва технологияҳои инноватсионӣ ҷудонопазиранд, ки шартҳои ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ буда, рушди соҳаҳои истеҳсоли доништалаби рақобатпазир мебошанд. Таъсиси иқтисоди инноватсионӣ бояд як самти стратегии рушди кишвари мо дарояндаи наздик гардад.

Ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ, аз як тараф, бо дигаргунсозии инқилобии тамоми омилҳои истеҳсолот ва шаклҳои ташкили меҳнат, истеҳсолот ва идоракунӣ, аз тарафи дигар, дониш ва иттилооти илмӣ ба манбаи мустақили фаъолияти окилона истифода бурдани навигарихо. Барои рушди фаъолияти инноватсионӣ дар Тоҷикистон дастгирии мақсадноки давлатӣ барои иштирокчиёни лоиҳаҳои инноватсионӣ зарур аст [5, с.36].

Айни замон Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 амалӣ шуда истодааст, ки дар он се сенарияи асосии рушди иқтисодиёти кишвар имконпазир аст: инерсиалӣ, индустриалӣ, индустриалӣ-инноватсионӣ. Ҳангоми татбиқи сенарияи

индустриалӣ-инноватсионӣ фароҳам овардани заминаҳои рушди инноватсионӣ пешбинӣ шудааст.

Ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ як раванди мураккаб, бисёрҷанба ва тӯлонӣ буда, сармоягузориҳои бузург ва истифодаи иқтидори захиравии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатиро талаб мекунад.

Афзоиши босуръати технологияҳои нав, амиқ шудани ҷаҳонишавӣ ва ки бо он алокаманд аст, дар чахон мусобикаи байналхалкиро вусъат дод иктисодиёт, зиёд кардани талабхои нав ба миён мегузорад рақобатпазирии ҳар як кишвари алоҳида. Дар ин самт дар хочагии халк ба вучуд овардани районхо ва сохахои нави перспективанок мамлакатхо, нав кардан ва нав кардани иктидорхои истехсолй метавонад калиди муваффақият бошад, ки тавассути он имконпазир аст ҷалби сармоягузорӣ.

Таҷрибаи кишварҳое, ки роҳи инноватсионии рушдро интихоб кардаанд, тасдиқ мекунад, ки интенсификацияи фаъолияти инноватсионию сармоягузории корхонаҳои саноатӣ боиси фароҳам овардани заминаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, илмию техникӣ ва ташкилии ташаккули соҳаҳои нави саноат мегардад. Дар ин чо масъалахои тараккиёти корхонахои саноатй бо ба назар гирифтани хусусиятхои истифодаи иктидори инвестиционии саноати мамлакат ба мадди аввал ме-оянд.

Аз ин рӯ, пеш аз ҳама зарур аст, ки татбиқи ҳадафҳои рушди фаъолияти инноватсионӣ дар асоси ташаккули иқтидори сармоягузории корхонаҳои саноатӣ таъмин карда шавад.

Сармоягузории хориҷӣ дар татбиқи дигаргуниҳои сохтории иқтисодиёти Тоҷикистон нақши бениҳоят муҳим мебозад, зеро иқтидорҳои истеҳсолии ҷумҳурӣ барои навсозӣ ва азнавсозӣ маблағгузории калонро талаб мекунанд ва манбаъҳои дохилии маблағгузории сармоягузорӣ нокифоя мебошанд. Аз ин рӯ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба миқёси васеъ пайгирӣ карда мешавад ҳадафҳои стратегӣ ва яке аз самтҳои муҳими идома дорад сиёсати давлатй [2, с.171].

Бояд гуфт, ки эҳтиёҷ ба сармоягузории хориҷӣ дар тамоми бахшҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун манбаи асосии маблағгузории фаъолияти инноватсиони ва нишондиҳандаи рушди инноватсионӣ эҳсос мешавад.

Барои баланд бардоштани самаранокии воридоти сармоягузорӣ ва боз ҳам ҷолибтар гардонидани иқтисодиёти миллӣ як барномаи комплексии ҳавасмандгардонии сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ ба бахши воқеии иқтисодиёти кишвар таҳия ва қабул карда шавад, ки дар рафти татбиқи он диққати барои таъмини дастгирии давлатии сармоягузорихои хусусй бо рохи додани сахм хангоми маблаггузории лоихахои сармоягузорие, ки аз руи натичахои озмун интихоб шудаанд ва самаранок хисобида мешаванд, пардохта шавад. [3, с.63].

Агар дар бораи ҳаҷм, сохтор ва динамикаи ҷалби сармоягузории хориҷӣ сухан ронем, пас дар бораи динамикаи равшани мусбат ва мутаносибан, самаранокии тадбирҳои давлат дар ин самт сухан рондан мумкин аст.

**Ҷадвали 1. Таҳлили таҳлилии ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2021**

| Солҳо | Ҷалби сармоягузорӣ | | | Ҳамагӣ бо доллари ИМА |
|---|---|---|---|---|
| | Сармоягузории мустақим | Дигар намудҳои сармоягузорӣ | Сармоягузории портфел | |
| **2007** | 388,4 | 472,2 | - | 860,6 |
| **2008** | 425,7 | 563,6 | - | 989,3 |
| **2009** | 89,4 | 293,8 | - | 383,2 |
| **2010** | 238,9 | 228,2 | - | 467,1 |
| **2011** | 161,4 | 164,0 | 0,1 | 325,5 |
| **2012** | 391,3 | 355,0 | 0,1 | 746,4 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **2013** | 341,1 | 670,6 | 0,2 | 1011,9 |
| **2014** | 377,4 | 530,4 | 1,4 | 909,2 |
| **2015** | 470,9 | 506,9 | - | 977,8 |
| **2016** | 434,2 | 408,4 | 0,1 | 842,7 |
| **2017** | 354,5 | 245,9 | 500 | 1100,4 |
| **2018** | 326,8 | 317,7 | - | 644,5 |
| **2019** | 345,9 | 261,1 | 0,1 | 607,1 |
| **2020** | 162,5 | 265,9 | - | 428,4 |
| **2021** | 342,2 | 376,0 | 01 | 718,3 |
| **Ҳамагӣ** | 4850,6 | 5659,7 | 502,1 | 11012,4 |

**Сарчашма:** https://investcom.tj/uploads/docfiles/620b3ba05fa62.pdf **Манбаи электронӣ: санаи дастрасӣ 15.03.2023**

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми умумии сармоягузории хориҷӣ дар солҳои 2007-2021 11 миллиарду 012,4 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст, ки 4 миллиарду 850 миллион доллари он сармоягузориҳои мустақим, 5 миллиарду 659 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст. доллари ИМА дигар намуди сармоягузориҳо (қарзҳои имтиёзнок ва дигар воситаҳои молиявӣ) ва 502,1 млн. долл. (нигаред ба ҷадвали 1.) [7].

Тавре ки аз ҷадвали 1 дида мешавад, дар 15 соли охир авҷи ҷалби сармоягузории мустақим дар солҳои 2015-2016 ба вуҷуд омада, ҳаҷми он нисбат ба соли 2007-ум 1,8-2 маротиба зиёд шудааст.

Вазифаи асосии давлат аз он иборат аст, ки шароити мусоид барои сармоягузории асосӣ бо дарназардошти он, ки Тоҷикистон барои ҷалби сармоягузории зиёди хориҷӣ заминаҳои зарурӣ дорад. Омилҳои мусоиди ҷалби сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд [8, с.172]:

– заминаи қонунгузорӣ ташаккулёфта, ки заминаи ҳуқуқии соҳибкорӣ, ҳифзи моликияти хусусӣ ва рақобатро муайян мекунад;

• фароҳам овардани инфрасохтор барои дастгирии раванди сармоягузорӣ;

• суботи сиёсӣ;

• захираҳои ғании маъдан, инчунин иқтидори рушди бахши агросаноатӣ;

• иқлим, захираҳои обӣ ва гидроэнергетикӣ ва ғайра.

Муваффақ шудан ба самаранокии сармоягузориҳои молиявии хориҷӣ Сармоягузорон талаб мекунанд, ки маблағ аз манбаъхои хориҷӣ бошад танхо бо максади муайян дар доираи махсус гирифта шудааст лоиҳаҳо ва мувофиқи афзалиятҳои муҳимтарини сиёсати сохторӣ ва сармоягузории рушди минтақаҳои кишвар [4, с.144].

Дар айни замон ташаккули сиёсати инноватсионӣ шарти муҳимтарини ташаккули асосҳои рушди устувор дар сатҳи корхонаю ташкилотҳо, минтақаҳо ва дар маҷмӯъ давлат мебошад. Инноватсия ва сармоягузорӣ ҷузъҳои асосии дигаргунсозии ҳама гуна системаи иқтисодӣ мебошанд. Унсури ҷудонашавандаи фаъолияти инноватсионии системаи иқтисодӣ сармоягузорӣ мебошад. Фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити муосири иқтисодӣ бо мушкилот дар соҳаи инноватсия ҳамроҳ мешавад. Дар байни бисьёр проблемахои умумии фаъолияти инноватсионӣ ва инвестиционӣ бояд ба тадбирхои мувозинати онхо ахамияти махсус дода шавад [6, с.287].

Яке аз ҷанбаҳои мушкилоти умумии ҷалби сармоя ба инноватсия маҷмӯи масъалаҳои марбут ба муносибати методологӣ ба манбаъҳои дастгирии сармоягузорӣ ва арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ мебошад. Ҳангоми баҳодиҳӣ ба омилҳои таваккал ва номуайянӣ на камтар аз омилҳое, ки рушди инноватсионӣ ва сатҳи самаранокии сармоягузориҳои муайянро ба иқтисодиёт муайян мекунанд, таваҷҷӯҳ зоҳир кардан лозим аст.

Нақши асосиро дар татбиқи пешравии инноватсионӣ ва ба даст овардани мавқеъҳои муайяни бозор ба ташкили фаъолияти сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармоягузорӣ тааллуқ дорад. Ин зарурати таҳияи курси

сармоягузории давлатиро барои пурзӯр кардани равандҳои сармоягузорӣ, заминаҳои институтсионалӣ, дастгирии молиявӣ, аз ҷумла воситаҳои андоз дар назар дорад.

**Адабиёт:**


1. Маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://investcom.tj/uploads/docfiles/620b3ba05fa62.pdf **Манбаи электронӣ: санаи дастрасӣ** 15.03.2023
2. Елизаветин М. Инвестиционный климат в странах СНГ. // http://www.sice.ru/cnts/1208.html; http://www.sice.ru/cnts/1209.html
3. Кандиерова Д.О., Ходжазода Д.К. Инвестиционный климат Республики Таджикистан: теоретический аспект.//Сборник материалов международной научно-практической конференции на тему “Таджикистан в системе современных международных финансово-кредитных отношений”. ТГФЭУ-Душанбе, 26.11.2021г.- С.600
4. Комилов С.Дж., Мирзоева Е.Ш. Совершенствование управления инновационно-инвестиционной деятельностью промышленных предприятий// С.Дж. Комилов, Е.Ш. Мирзоева.Монография. – Душанбе: ТГФЭУ, 2020. – С.144
5. Комилов С.Дж. Теория инновационногоразвития// С.Дж. Комилов. Монография. – Душанбе: “Шарки озод”, 2019. – С.264
6. Мамаризоева Н.М. Роль и значение инновационно-инвестиционного климата в государственном регулировании регионального финансирования. // Сборник материалов международной научно-практической конференции на тему “Таджикистан в системе современных международных финансово-кредитных отношений”. ТГФЭУ-Душанбе, 26.11.2021г.- С.600
7. Маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. **Душанбе, 2022г.**
8. Файзуллоев М.К., Комилов С.Дж. Проблемы становления и развития инновационного предпринимательства в Республике Таджикистан: монография.- Душанбе: Ирфон, 2017 г., с.35.


## БАРРАСИИ ОЛОТИ МЕҲНАТ ВА ТАРЗИ КОРБУРДИ ОНҲО ДАР КИШОВАРЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ


**Умаралиева Т. М.-унвонҷӯи соли дуюми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Мусаллам аст, ки ҷанбаҳои мардумшиносии соҳаи кишоварзии мардуми тоҷик аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ ва меҳанӣ мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор гирифта, дар ин самт асарҳои пурарзиш ва бунёдие ба анҷом расонидааст. Бо вуҷуди ин тавзеҳоти забоншиносии истилоҳоти кишоварзӣ, бавижа вожаҳои ба олоти меҳнатии ин соҳа робита дошта, ба таври мукаммал ва дар шакли алоҳида, ба истиснои бархе аз ишораҳои иҷмолӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Ба ҳамин минвол, олоти меҳнатро, ки марбут ба соҳаи кишоварзӣ мебошанд, аз ҷиҳати раванди (протсесси) кор ва вазифаҳои ба ҷо меовардаашон метавон ба бахшҳои алоҳида дастбандӣ намуда,таҳлил ва таҳқиқ кард.

**1.1.Василаҳои бунёдие, ки тавассути онҳо зироатҳои ғалладона тоза карда мешавад.** Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки то ба ҳол дар бархе аз манотиқи Тоҷикистон, бавижа мавзеъҳои кӯҳистонӣ олоти меҳнат василаҳои бунёдӣ буда, тавассути онҳо корҳо дастӣ анҷом меёбад. Ба таври намуна метавон аз василаҳои ғаллатозакунӣ, ки байни тоҷикони кӯҳистонӣ бо номҳои **ғалбер**, **нова** маъруфият доранд, ёд кард.

**Ғалбер** василаи ғаллатозакунӣ буда, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [5] ба қайд гирифти нашудааст, вале дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» сабт гардида, ба таври зайл шарҳ ёфтааст: **ғалбер** парвезани (элаки) сурохҳояш калон, ки ба он ғалларо бехта тоза мекунанд, **ғирбол** [6, с. 370].

Дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ» ба сурати **cribble** [kribl] омада, ба маънои **«ғалбер, элак»** тавзеҳ ёфтааст [8, с. 132].

Лозим ба зикр аст, ки вожаҳои **ғалбер** ва **элак** (шакли тоҷикиаш парвезон) аз ҳам фарқ мекунанд ва ҳар яке вазифаи мушаххас дорад. Бо **парвезан** танҳо орд мебезанд, бо **ғалбер** ғалла тоза мекунанд ва аз ҷиҳати шаклу андоза низ тафовут доранд.

Дар «Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ-англисӣ» ин калимаҳо ба таври мушаххас тавзеҳ ёфтаанд: **galber** a big sieve ва **парвезан** sieve [11, с. 390]: **Bo gilber galla toza mekunand. -** They are cleaning whear with the sieve [11, с. 57].

Вожаи **ғалбер-ро** муҳаққиқони шинохтаи рус М. С. Андреев, Е.М. Пешерева, А.Л Хромов дар забони яғнобӣ дар шакли **yawra** ба қайд гирифтаанд ва дар қисмати луғатномаи «Ягнобские тексты» ба таври дақиқ чунин шарҳ ёфтааст: **yawra** (манзур ғалбер) решето для отсеивания примесей от зерна [1, с. 365].

Василаи бунёдии дигар ин **нова** аст; василаи чӯбин, ки шакли новаро дорад ва ин асбоб ҳам барои тоза кардани ғалла ё мушунг (мулк) аз кулухчаву сангрезаҳо мебошад. Он асосан аз ғӯллачӯбҳо сохта шуда, дарозиаш тақрибан ба 50 см (ним метр) баробар аст. Дохили ғӯллачӯбро кофта, дар шакли нова омода мекунанд, ки ду тарафи он маҳкам аст.

Ин калимаро агар хоҳем ба забони англисӣ муқоиса кунем, моро лозим аст онро тавзеҳ диҳем, чунки дар забони англисӣ ин гуна асбоб мавҷуд нест: **A small container/box for shaking grain in to clean it.**

Вожаи мавриди андеша шабоҳат ба новаро дошта, дорои бунёди куҳан мебошад ва дар матнҳои суғдӣ ба кор рафта, дар фарҳанги суғдӣ ба ду маънои он ишора шудааст: **n'w** [naw] 1. киштӣ, нов; 2. такон додан, ларзондан, навидан [9, с. 5819] ва дар забони эронии бостон низ ба маънои «киштӣ, нов» маъмул будааст.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар забонҳои эронии бостон, суғдӣ дорои баъзе фарқиятҳои маъноӣ будааст, вале дар шакл тафовуте ба мушоҳида намерасад.

**Новае**, ки имрӯз дар забони тоҷикӣ истифода мешавад, ба таҳаввулоти маъноӣ дучор гардида, мафҳуми навро ба худ касб намудааст. Дар асл **нова** ба киштӣ ё нов монанд аст. Ҳангоми иҷрои вазифа ба дохили он ба як миқдори муайян ғалла меандозанд, пас онро бо ду даст ба ин тарафу он тараф меҷунбонанд (такон медиҳанд) ва ба ин восита, сангрезаҳо, саракҳои аз ғалла ҷудонашуда ба як тарафи нова аз ғаллаи тоза ҷудо шуда меистанд.

Ба андешаи мо решаи калимаи **нова** аз асоси замони ҳозираи феъли **нов** новидан, яъне «ларзондан, ҷунбондан, такон додан» берун омадааст.

**1.2. Олоти меҳнате, ки ба восита онҳо зироатҳои ғалладона зери хок карда мешаванд.**

Вожаи дигаре, ки ба олоти кори кишоварзӣ марбут аст, **хоркан** ва **мола** мебошанд. **Хоркан** шабеҳи пойтеша буда, дастаи дароз дорад. Ба воситаи он ду амали кишоварзӣ анҷом дода мешавад. Ба ин олот кулуххҳои замини шудгоршуда пас аз пошидани зироатҳои ғалладона майда карда мешаванд. Вазифаи дигари он кандани буттаву рустаниҳои хордор аст.

Вижаи **хоркан** аз рӯйи сохт мураккаб буда, аз **хор** ва асоси замони ҳозираи феъли **кан** (кандан) таркиб ёфтааст, ки ҳарду ҷузъ аз ҷиҳати баромад мутааллиқ ба забони тоҷикианд. Муодили вожаи мавриди назар дар забони англисӣ ба мушоҳида нарасид, бинобар ин, метавон онро тавзеҳ дод, яъне **a pick for breaking clods:** Бо **хоркан** кулух майда мекунанд. **- With a xorkan they break the clods** [11, с. 406].

**Мола. Мола** ҳам яке аз абзорҳои муҳимми барзгарон буда, дорои таърихи қадима мебошад. Дар давраҳои аввал он аз тахта сохта мешуд ва бо раванди пешрафти ҷамъият шакли он тағйир ёфта, аз оҳани дандонадор сохта шуд. **Мола**ро кишоварзон пас аз шудгор ва пошидани донаҳои ғалладона (тухмӣ) ба замин, ба ҷуфти гов ё трактор баста, ба ин восита, донаҳои пошидаро зери хок ва кулухҳоро майда намуда, замини киштро ҳамвор мекунанд.

Қадима будани вожаи **мола** дар забони тоҷикӣ аз он ба мушоҳида мерасад, ки он дар осори адабиёти классикӣ истифода шудааст. Масалан, Саноӣ дар яке аз мисраъҳои шеърии худ, на танҳо **мола**, ҳатто чанд вожаи мавриди пажуҳиши моро ба назм даровардааст, ки барои тақвияти андешаи хеш метавон онро ҳамчун намуна зикр кард:

Барзгар рафту нону дӯғ бибурд,

**Молаву** ҷуфту досу юғ бибурд [4, с. 699].

Вожаи **мола** на танҳо дар забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он, балки дар забони форсии Эрон низ дар ҳамин шакл ва маъно ба кор меравад ва он дар «Фарҳанги забони форсӣ» ба таври зайл тавзеҳ ёфтааст: **mäl-e** абзоре, ки бо он гил ва коҳгил ва гаҷро бар девор мемоланд ва барзгарон заминро бо он ҳамвор мекунанд [10, с. 935].

Вожаи **мола** аз ҷиҳати сохт мутааллиқ ба калимаҳои сохта буда, решаи он **мол** аст. **Мола** асоси замони ҳозираи феъли **молидан** буда, тавассути пасванди калимасози – **а** аз феъли амал исм сохтааст.

Вожаи **сихмола** дар ФЗТ ба қайд гирифта нашудааст, аз ин ҷо маълум мешавад, ки муодили он – калимаи **мола** таърихи қадима доштааст. Аз ин ҷиҳат, метавон гуфт, ки **сихмола** ин маҳсули давраи нави ташаккули забони тоҷикӣ мебошад.

**1.3. Бархе аз ҷузъҳое, ки ба қисматҳои юғу испор марбутанд.**

Як бахши вожаҳои таркиби луғавии забон, аз ҷумла забонҳои тоҷикӣ ва англисиро низ калимаҳое ташкил медиҳанд, ки ба ҷузъҳои **юғу испор** алоқаманд мебошанд. Вожаи **юғ** аз ҷиҳати сохт сода мебошад ва дар забони тоҷикӣ танҳо ба як маъно истифода мешавад. Дар забони англисӣ бошад, калимаи мавриди назар дорои шаклҳо ва маъноҳои гуногун аст. Чунончи, дар забони англисӣ ба гунаҳои **collar [‘kɔlə], oxbow [‘oksbou], yoke [jəuk],** ки яке аз маъноҳои ин шаклҳо **юғ** аст, ба кор меравад [8, с. 106].

Аз вожаҳои номбурда, дутои он – **collar** ва **yoke** аз руйи сохт сода буда, яктоаш – **oxbow** мураккаб мебошад. Ин калима аз ду ҷузъ: **ox [ɔks]** “барзагов, барзагови ахташуда” ва **bow [‘bou]**, ки дорои маъноҳои “камон; тиру камон; камонча; банд; ресмон; таъзим; салом” мебошад, таркиб ёфтааст.

**Юғ** чӯби чортарош ё ғӯллаи тахминан 2-2.5 метра буда, дар охири ҳарду тарафи он сурохиҳое ҳаст, ки дар онҳо ба таври вертикалӣ дутоӣ чӯбчаҳои мехмонанд гузаронида мешаванд. Номи чӯбчаҳо **юғулоқ** аст ва дарозиашон 30-35 сантиметрӣ аст ва онҳоро ба гардани барзаговҳо меандозанд ва метавон ин калимаро ба забони англисӣ тавзеҳ дод**: yoke-pins, the vertical pieces of wood keeping the yoke in place at the oxens’neck.**

Инчунин, **юғулоқҳоро**, ки гардани барзаговҳо байни онҳо қарор доранд, бо бандҳое баста мешаванд ва номашон банди **юғулоқ** аст. Чуноне ба назар мерасад ифодаи он бо ибораи изофӣ сурат гирифтааст, ки бо забони англисӣ метавон ба маври зайл тавзеҳ дод: **rope for the yoke pins.**

**Юғулоқ** аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз калимаҳои **юғ** ва **улоқ** корбаст гардидааст. Ҳарду ҷузъ калимаҳои иқтибосӣ аз туркӣ ба забони тоҷикӣ мебошанд, ки ҳар яке дар фарҳанги забони тоҷикӣ тавзеҳ ёфтааст. Масалан, **юғ** олоти махсуси деҳқонӣ, ки ба гардани ҷуфти гов мебанданд ва корҳои гуногуни хоҷагиро иҷро мекунанд [5, с. 625] ва **улоқ** бузе, ки кӯбкорӣ мекунанд, буз ё гӯсолаи дар бузкашӣ кашидашаванда [5, с. 387].

Олоти дигари кишоварзӣ, ки оҳанини ҳилолшакл аст, бо он алаф, зироатҳои ғалладонаро дарав мекунанд, дар забони тоҷикӣ бо номи **дос** ва англисӣ **sickle** маъруфият дорад: **Ту бо кадом дос алаф дарав мекунӣ? -** With which sickle did you mow the grass? **Ман бо доси калон алаф дарав мекунам**. - I will mow the grass with a big sickle; **Бо ин дос алаф дарав кардан намешавад**. - It’s no use mowing grass with these sickle; **дос тез кардан -** to whet, sharpen the sickle [11, с. 73].

Ҳамин тавр, таҳлил ва таҳқиқи калимаву истилоҳоти пешаи кишоварзӣ, хосатан олоти меҳнат аз он шаҳодат медиҳанд, ки доираи истеъмоли ин навъи вожаҳои соҳа мисли дигар соҳаҳои луғоти тахассусӣ бо вуҷуди тараққиёт ва пешрафти техника ва

технологияи ҳозиразамон, ба вижа дар минтақаҳои кӯҳистонии кишварамон, номи олоти меҳнат, воситаҳои истеҳсолот ба тағйироту таҳаввулоти ҷиддӣ дучор нагардида, баръакс шаклҳои бунёдии худро нигоҳ доштаанд.

Теъдоди чунин навъи калимаҳо он қадар зиёд набошад ҳам, вале омӯзиши онҳо, махсусан дар муқоиса бо забони англисӣ дорои аҳамияти илмии хоса мебошанд, чунки то ба ҳол он амалҳои кишоварзӣ дар шакли суннатӣ ба ҷо оварда мешаванд. Масалан, **панҷшоха**, василаи кишоварзӣ буда, аз чӯби сахт сохта мешавад. Панҷшоха аз се қисм иборат аст: а) даста; б) тахтачаи ба даста ва шохаҳо пайваст (насбшуда); в) шохаҳо. Шохаҳоро ба воситаи сурохиҳои махсуси тахтача гузаронида, ба даста ба воситаи тасмаи чармӣ мебанданд. Панҷшоха асосан барои бод додани коҳи кӯфтаи хирман (коҳро аз ғалла ҷудо кардан) истифода мешавад, ки бо забони англисӣ онро метавон чунин тавзеҳ дод: A five-pron-ged fork, used for winnowing.

Дар забони тоҷикӣ **панҷшоха** аз ҷиҳати сохт мураккаби омехта буда, аз се ҷузъ: **панҷ+шох+а,** яъне аз ду ҷузъи мустақилмаъно, аз шумораву исм ва пасванди калимасоз таркиб ёфтааст. Дар забони англисӣ вожаи мавриди андеша на ба сурати мураккаб, балки дар шакли ибора корбаст шудааст.

Дар робита бо ин масъала метавон гуфт, ки таърихи ҳар як забон, аз ҷумла забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ низ фарогири осори зиёди хаттӣ, шифоҳӣ мебошанд ва дар ин ҷода, нақшу мақоми адибону устодони бузурги сухан, аҳли илму фарҳанг хеле муҳим аст. Сарчашмаҳое, ки махсусан, аз онҳо дар бораи таърихи забон, луғоту истилоҳоти бунёдӣ ба даст овардан мумкин аст, ба мо имконият медиҳанд, ки дар пояи ин маъхазҳо вазъи забонҳои муқоисашавандаро то ҷойи имкон муайян созем.

**Руйхати адабиёт:**


1. Андреев М.С., Пещерева Е. М. Ягнобские тексты. с приложением ягнобско- русского словаря, составленного М. С. Андереевым, В.А. Лившицем и А. П. Писарчик. М.-Л.: Академии наук СССР, 1957. – 392 с.
2. Доро Наҷот. Фарҳанги Доро. – Душанбе: Пайванд, 2012.-599 с.
3. Ҷамшедов П., Толиби Розӣ. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ бо роҳнамои вожагони тоҷикӣ / Толиби Розӣ // Душанбе: Пайванд, 2005. – 1202с.
4. Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ/ Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. – Душанбе: Дониш, 2017.- 842с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. /ФЗТ. –М.: Советская энцикопедия,1969. – 449с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. /ФЗТ. –М.: Советская энцикопедия,1969. – 451с.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. –Душанбе: ҶММ «Ксероксленд», 2008. – 949с. 944 с.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. –Душанбе: ҶММ «Ксероксленд», 2008. – 949с. 944 с.
9. Garib B. Sogdian Dictionari (Sogdian-Persian- English). –Tehran: Farangan, 1995. – 473c.
10. Mahshid Moshiri/ Persian Dictionary. Tehran: Soroush Press, 1990.-1190 pp.
11. Mirzozoda S. Farhangi yagnobi-tojiki-anglisi. – Dushanbe: Devashtich, 2008. – 435p.
12. Oxford Russian Dictionary. Third edition. New York: Oxford University Press, 1997.-1293 pp.


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР НИЗОМИ МАОРИФ


**Бобошерова Ф.Г.-докторанти PhD аз рӯйи ихтисоси молия ДДМИТ**


Дар шароити имруза Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигаргуниҳои куллии нишондиҳандаҳои сохтории таҳсилоти умумӣ ру ба ру гаштааст. Дар заминаи муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтисоди маориф ҷузъи муҳимтарини онҳо мегардад. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нақш, вазифаҳо ва принсипҳои нави низоми таҳсилоти умумиро муайян кардааст.

Ба андешаи мо, ҳалли бомуваффақияти муамоҳои инкишофи таълими умуми дар зарурати дарки назариявии нуқтаҳои асосии муқаррароти методологӣ ва таҳлилии

таҷрибаи амалии татбиқи механизмҳои ташкилию молиявии ин соҳа дар асоси усулҳои инноватсиони маблағгузорӣ, зеро сифати нави таълим дар ниҳоят бо кори самараноки механизми ташкилию молиявии низоми таҳсилоти умумӣ таъмин карда мешавад.

Мустаҳкам намудани иқтидори низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ тавассути:

- афзоиши сохтмони мактабҳои дорои инфрасохтори зарурӣ бо иқтидори умумии тақрибан 440 ҳазор хонанда;

- ташкили раванди мониторинги муассисаҳои таълимӣ (дар асоси абзори таҳияшуда), ки самтҳои дастгирии минбаъдаи методии раванди баланд бардоштани сифати таълимро дар асоси равиши салоҳиятнок муайян мекунад;

- Таълимӣ – методӣ, тадричан ва самарабахш гузаштан ба аҳсилоти умумии миёнаи 12-сола;

- вусъат додани амалияи эҷодии синфҳои махсусгардонидашуда дар муассисаҳои таълимӣ, таваҷҷӯҳ ба омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ, информатика, математика, физика, химия, биология (166)

Дар асоси гуфтаҳои боло омӯзиши минбаъдаи назариявии масъалаҳои бунёди механизми ташкилию молиявии низоми маориф ва такмили унсурҳои алоҳидаи он дар асоси усулҳои инноватсионии он, дида баромадани масъалаҳои зеринро тақозо мекунад: таҳияи стратегияи рушди низоми таҳсилоти умумӣ ва дар асоси он самтҳои такмили механизми ташкилию молиявӣ омухта мешавад.

Дар айни замон инноватсияҳои ташкилӣ ва молиявӣ ҳамчун воситаи табдилдиҳӣ дар як қатор илмҳо: иқтисодӣ, фалсафӣ, ҷомеашиносӣ ва ғайра мавзӯи омӯзиши мустақилона гардидаанд.

Омӯзиши рушди инноватсионӣ, пеш аз ҳама бояд аз омӯзиши мафҳумҳои асосӣ ба мисли «инноватсия ва таснифоти он», «раванди инноватсионӣ ва ҷузъҳои он», «фаъолияти инноватсионӣ ва хусусиятҳои он», «инноватсияи ташкилию молиявӣ» оғоз карда шавад. Моҳият ва мазмуни ин категорияҳои иқтисодӣ, инчунин муайян намудани хусусиятҳои таҳия ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ имкон медиҳад, ки консепсияи муосири Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии молиявӣ дар бахши давлатӣ ошкор карда шавад.

Бо дарназардошти вижагиҳои низоми таҳсилоти умумӣ дастгоҳи консептуалӣ ва категориявӣ дар доираи таҳқиқоти мо шартан ба ду қисм: умумӣ ва махсус тақсим карда шуд. Қисми умумӣ соҳаи консептуалии категорияи маблағгузориро ҳамчун яке аз намудҳои зиёди фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар бар мегирад. Қисми махсус соҳаи консептуалӣ-категориявиро дар бар мегирад, ки хусусияти ин равандро дар асоси навовариҳо дар низоми маориф тавсиф мекунад.

Аз мафҳумҳои умумӣ мо зарур мешуморем, ки инҳо: маблағгузорӣ, молия, захираҳои молиявӣ, таъминоти молиявӣ, механизми молиявӣ, механизми маблаггузорӣ дар мавриди назар бошанд. Аз мафҳумҳои махсус мо зарур мешуморем, ки мафҳумҳо: маориф, низоми маориф, фаъолияти таълимӣ, барномаи таҳсилоти умумӣ, фармоиши давлатии (маҳалли) иҷтимоӣ, механизми маблағгузории низоми таҳсилоти умумӣ, инноватсия, ҷори кардани чизи нав, навоварӣ, зеро онҳо вуҷуд доранд.

Аввалан, онҳо барои фаҳмидани моҳияти масъалаи баррасишаванда бо назардошти хусусиятҳои он муҳимтаранд.

Дуюм, онҳо дар танзими муносибатҳо дар соҳаи маориф, аз ҷумла дар робита ба такмили механизми молиявии низоми маориф дар асоси усулҳои инноватсионӣ муҳиманд.

Асарҳои омузиши коллективонаи муаллифон бо роҳбарии М. Романовский, О.В. Врублевская [115, с. 54] оид ба мавзӯи аппарати консептуалӣ-категорӣ, ки мо мавриди омӯзиш қарор дода истодаем, имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин барорем:

Аввалан, ҳангоми баррасии мушкилоти маблағгузории низоми таҳсилоти умумӣ муаллифон бо аксари мафҳумҳо ва категорияҳои он мавриди омӯзиш қарор гирифта, онҳоро муайян накардаанд.

Дуюм, бо назардошти категорияи «молия» онро ҳамчун низоми муносибатҳои арзиши пулие, ки аз ҷониби давлат тавлид ва танзим карда мешавад, бо ташаккул ва истифодаи фондҳои пулӣ дар раванди тақсимот ва азнавтақсимкунии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва қисми сарвати миллӣ дар назар дошта мешавад.

Категорияҳои «молия» ва «маблағгузорӣ» аз ҷониби аксарият якранг фаҳмида мешаванд ва дар бархӯрдҳо ба таърифи онҳо фарқияти ҷиддӣ вуҷуд надорад. Аксари муаллифон ҳангоми баррасии категорияи «молия» танҳо давлатро ҳамчун субъекти хоҷагидор ба инобат мегиранд, дар ҳоле ки дигар субъектҳои хоҷагидор аз баррасӣ хориҷ шудаанд. Фондҳои пулиро давлат ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ (ташкилотҳои тиҷоратӣ, корхонаҳо, аҳолӣ ва ғ.) ташкил медиҳанд. Дар муқоиса бо равишҳои дар боло зикршуда, мо чунин мешуморем, ки молия чизе бештар аз маблағҳои давлатӣ аст.

Ба хулосае омадан мумкин аст, ки механизми молиявӣ ду принсипи ба ҳам алоқаманд дорад: объективӣ ва субъективӣ. Тарафи объективии механизми молиявӣ дар он зоҳир мегардад, ки вай мувофиқи талаботи қонунҳои объективии иқтисодӣ сохта шудааст. Аз тарафи дигар, механизми молиявӣ характери субъективӣ дорад, зеро он аз ҷониби мақомоти давлатӣ барои ҳалли мушкилоте, ки дар марҳилаи муайяни рушд дучор мешаванд, таъсис дода мешавад. Маҷмӯи органикии чунин принсипҳо ба мо имкон медиҳад, ки механизмҳои идоракунии гардиши пули нақдро аз рӯи категорияҳои иқтисодӣ тавсиф кунем.

Аз нуқтаи назари амалӣ ин ақида барои низоми маълумоти умуми бештар қобили қабул аст. Мо чунин мешуморем, ки унсури асосие, ки ба беҳбуди маблағгузории низоми маориф мусоидат мекунад, низоми тавлиди навовариҳои ташкилию молиявӣ ва равандҳои инноватсиони мебошад. Мо ин низом ва дараҷаи ҳамгироии онро ҳамчун унсури механизми умумии ташкилию молиявӣ дар сархати оянда муфассалтар дида мебароем.

**Адабиёт:**


1. Голикова Т.А. Основные направления реструктуризации бюджетного сектора и совершенствования бюджетного процесса // Финансы. - 2004. - Х» 2.-С. 5-6.
2. Григоров В.Э. Перспективное финансовое планирование в муниципальных образованиях РФ. - М.: Фонд «Институт экономики города», 2004.-214 с
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030., Душанбе, 2016. Захираи электронӣ: https://mmk.tj/


## ХУСУСИЯТҲОИ АУДИТИ НИЗОМИ НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ


**Мухамедҷонов Ш. - донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-25011100 -аудит ва ревизия**


Дар шароити иқтисоди бозорӣ шаклҳои гуногуни назорат амал менамоянд, ки назорати дохилӣ аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо ба ҳисоб меравад. Назорати дохилӣ бо механизми мунтазамии татбиқи амалҳои назоратӣ-санҷишӣ метавонад аз дигар намудҳои назорат фарққунанда бошад. Маҳз зери назорати доимӣ қарор додани дороиҳо ва амадлиётҳои хоҷагидорӣ ба назорати дохилӣ имконият медиҳад, то самаранокии низоми идоракуниро таъмин кунад. Аммо ҳолатҳое мавҷуданд, ки ба устувории низоми назорати дохилӣ таъсири манфӣ мерасонанд, ки ошкор ва бартараф намудани онҳо истифодаи хизмати аудиториро талаб менамояд. Воқеан, санҷиши аудиторӣ ва низоми машваратҳои аудиторӣ барои устувор намудани унсурҳои низоми назорати дохилӣ ёрӣ мерасонанд.

Назорати дохилӣ чун воситаи асосии идоракунии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ва танзимкунандаи муносибатҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ баромад

мекунад [2, с. 23]. Дар алоқа бо ин, ҳамчун воситаи муҳим корхонаҳо қарорҳои идоракунии пешакӣ ва аҳамияти стратегидоштаро қабул мекунанд.

Новобаста аз он ки дар шарҳи низоми назорати дохилӣ маҷмуи чорабиниҳои характери назоратӣ-санҷишӣ дошта фаҳмида мешавад, аммо он омӯзиши маҷмуи фаъолияти корхона, қисмҳои таркибии он, самаранокии иқтисодӣ, ба таври қонунӣ амаликунии амалиёти ҳоҷагӣ, пуррагии ахбороти муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, инчунин, ҳолати объектҳои назоратиро пурра фаро гирифта наметавонад. Бинобар ин, зарурати назорати аудиторӣ пеш меояд.

Назорати дохилӣ ҳамчун унсури ҷудонашавандаи низоми идоракунии фаврии ширкатҳои суғуртавӣ мебошад. Ин шакли назорат дар давраи "амаликунии чорабиниҳо барои ноилгардӣ ба мақсад" ва "танзими чорабиниҳо барои ноил гаштан ба мақсади гузошташуда", дар ҷараёни нишон додани амалиёти ҳоҷагӣ ва молиявии ширкати суғуртавӣ истифода мешавад. Дар асоси маълумотҳои ҳуҷҷатҳои аввала, ҳисобгирии фаврӣ ва муҳосибӣ, барӯйхатгирӣ ва мушоҳидаи назорати ҷорӣ, огоҳ кардан аз талаф, зарарҳо ва ғайра ба роҳ монда мешавад.

Нақши асосии назорати дохилӣ ба таври фаврӣ ошкор кардани норасоиҳо дар истифодабарии қонун ва дастурамалҳои амалкунанда, нишондиҳандаҳои нақшавии тасдиқшуда бо роҳи мувофиқ овардани маълумотҳои ҳақиқӣ бо талаботи мавҷуда ба роҳ монда мешавад. Назорати дохилӣ новобаста аз ҷараёни гузаронидани амалиёти ҳоҷагӣ гузаронида шуда, ба ошкоркунӣ ва истифодабарии имкониятҳо равона карда мешавад. Ҷиҳати мусбии ин намуди назорат мавҷудияти имкониятҳои сари вақт ошкоркунии имкониятҳои васеъкунии фаъолият мебошад [3, с. 42].

Низоми назорати субъекти иқтисодӣ аз маҷмуи унсурҳои ба ҳамдигар алоқаманд иборат мебошад. Дар ҳолати фаъол набудани яке аз унсурҳои низоми мазкур, таъмин намудани самаранокии фаъолияти идоракунӣ ғайриимкон мегардад. Сохтори низоми назорати амалкунандаи субъекти иқтисодиро дар расми 1 нишон медиҳем.




***Расми 1.*** *Сохтори низоми назорати амалкунандаи субъектҳои иқтисодӣ.*

Чӣ тавре, ки аз расми 1 маълум аст, асоси низоми назорати дохилиро шуъбаи аудити дохилӣ ва шуъбаи муҳосибот ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, чорабиниҳои санҷишӣ-назоратии аудитор бояд фаъолияти ин ду сохтори асосиро фарогир бошад.

Дар ҷараёни аудити низоми назорати молиявӣ ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ба таври зарурӣ омӯхта шавад. Чунки хизмати муҳосибот унсури асосии низоми назорати дохилӣ дониста мешавад.

Аудитор дар рафти санҷиш ба сифати объекти омӯхташаванда ҷараёнҳои дар фаъолияти хоҷагидории корхона баамалояндаро аз нуқтаи назари қонунӣ, саҳеҳӣ, мақсаднокӣ, масрафнокӣ, нигоҳдории моликият, дуруст барасмиятдарорӣ ва истифода бурдани сармояи худӣ ва амалиёти амсоли инҳоро, ки зери таъсири низоми назорати дохилӣ қарор доранд, қабул менамояд [4, с. 211]. Ҳамчунин, аудитор дар рафти санҷиш фаъолияти шахсони мутасадии корхона, ҳолатҳои ҷудогона, мушкилоти баҳсталаб, масъалаҳои технологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва тамоми зуҳуротро, ки ба низоми назорати дохилӣ шомиланд, дида мебарояд.

Мо чунин мешуморем, ки агар аудитор ҳолатҳои зеринро дида барояд, он гоҳ вай ба устувории низоми назорати дохилии ташкилоти суғуртавӣ баҳо дода метавонад:

- барӯйхатгириҳои гузаронидашуда оид ба мавҷудият ва нигоҳдории арзишҳои масолеҳӣ, истеҳсолоти нотамом (сохтмони нотамом), нимфабрикатҳо, таҷҳизот барои идораҳо, воситаҳои пулӣ  ва дигар дороиҳо;

- санҷиши визуалии дурустии барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо (пурра ва ҷиҳати саҳеҳ барасмиятдарории нишондодҳои ҳуҷҷатҳо, ошкоркунии ҳуҷҷатҳои қалбакӣ;

- санҷиши пуррагӣ ва дурустии ҳуҷҷатҳо бо мақсади муайян намудани дурустии маълумоти он, инчунин, баҳодиҳии дурустӣ ва бо  пуррагӣ  нишон додани қайдҳо дар сабткунакҳои муҳосибӣ, ҷадвалҳои коркардшуда, журнал – ордерҳо дар китоби асосӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо;

- санҷиши дуруст ҳисобкунии нишондиҳандаҳои ҳисобдорӣ аз қабили пардохти уҳдадории музди меҳнат, уҳдадории андозӣ, маблағи фарсудашавӣ, захираҳо, фоизҳои қарзҳо ва ғ.;

- таҳлил ва баҳодиҳии дурустии нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, оморӣ бо мақсади муайян намудани эътимоднокии онҳо ва ошкор намудани таъсири онҳо ба қабули қарорҳои идоракунӣ.

Маъмулан аудитор дар ҷараёни санҷиши низоми назорати дохилии ташкилоти суғуртавӣ қисмати зиёди вақти худро дар санҷиши фаъолияти шуъбаи аудити дохилӣ равона мекунад. Чунки назорати дохилӣ дар шакли аудити дохилӣ унсури асосии низоми мазкур мебошад. Аслан дар субъектҳои иқтисодӣ интихоби шакли назорати дохилӣ аз мураккабии сохторҳои муассисаҳо, шакли ҳуқуқӣ, намуд ва шакли фаъолият, муносибати роҳбарияти муассисаҳо бо назорат ва баҳодиҳии бевоситаи фаъолияти менеҷерҳо дар тамоми дараҷаҳои идоракунӣ вобастагӣ дорад.

Бояд қайд намуд, ки ба ғайр аз вазифаҳое, ки хоси аудити дохилӣ мебошад, инчунин иҷроиши санҷишҳои иқтисодӣ, коркарди стратегияи молиявӣ, гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ ва корҳои  машваратӣ – идоракунӣ низ ба он вобаста карда шудааст.

Чорабиниҳои санҷишие, ки аудитор аз болои низоми назорати дохилӣ татбиқ менамояд, бояд баҳодиҳии ҳама самтҳои фаъолияти низоми мазкурро фаро гирад, аз ҷумла: ҷорабиниҳо оид ба сари вақт ошкоркунӣ ва огоҳонидани нодуруст гузаронидани амалиёт дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ [1, с. 271].

Аудити низоми назорати дохилӣ дар муқоиса бо дигар намуди объектҳо хусусияти хоси худро дорад, ки ин, пеш аз ҳама, ба мақсадҳои низоми амалкунандаи назорати дохилӣ алоқаманд мебошад. Вобаста ба ин, мақсади низоми мазкур аз таъмини риояи сиёсати ҳисобдорӣ, стратегияҳои роҳбарият, таъмини нигоҳдории амвол ва ахборот, сари вақт ва ба таври пурра омодакунии ахборот, таъмини риояи талаботи қонунгузорӣ иборат мебошад. Ҳамчунин, дар баъзе аз адабиёти тахассусии хориҷӣ қайд мешавад, ки вазифаи низоми назорати дохилӣ огоҳ кардан аз ғайрисамаранок истифодабарии дороиҳои корхона, хусусан нигоҳдорӣ аз сарфи зиёдатии  воситаҳо, ошкоркунии шахсони гунаҳкор оиди  ғайримақсаднок истифодабарии захираҳои иқтисодӣ иборат мебошад.

Ба ақидаи мо, аудити низоми назорати дохилӣ ба самаранокии низоми идоракунии ташкилоти суғуртавӣ мусоидат менамояд, агар сарчашмаҳои иттилоотии зерин мавриди санҷиш қарор дода шаванд:

- ҳуҷҷатҳои хазина ва амалиёти хазинавӣ;
- ҳуҷҷатҳои бонкӣ ва амалиёт бо ҳисобҳои бонкӣ;
- ҳуҷҷатҳои муҳосибот, аз ҷумла низоми иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ;
- ҳуҷҷатҳо аз натиҷаи ҳамкориҳо бо таъминкунандагон;
- тавозуни муҳосибӣ ва дигар шаклҳои ҳисоботи молиявӣ;
- бизнес –нақшаи корхона ва дигар ҳуҷҷатҳои ба низоми назорати дохилӣ алоқаманд.

Дар натиҷаи омӯзиши адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин, таҳлил ва баҳодиҳии маълумот аз амалияи корҳои назоратии ташкилотҳои суғуртавӣ ба чунин хулос омадем, ки устувории низоми назорати дохилӣ дар корхона аз фаъолияти пурсамари сохторҳои корхона, қабул ва истифодаи машваратҳои аудиторон, ки барои мукаммалгардонии низоми мазкур пешниҳод мешаванд, вобастагӣ дорад. Дар робита ба ин ҳолат, барои қаноатбахш будани низоми назорати дохилӣ пешниҳодҳои зеринро муҳим мешуморем:

1. Таъмин будани ҷараёни назорат бо ахборот, яъне марҳилаи ибтидоии назорат бояд ба ҷамъоварии ахборот, ки барои коркард ва қабули қарорҳои мувофиқ ёрӣ мерасонад, нигаронида шавад;
2. Назорат бояд на танҳо барои ошкоркунии камбудиҳо, дуздиҳо, балки баҳри ислоҳкунии онҳо дар давраҳои дуру дароз мусоидат намояд;
3. Назорат бояд барои сафарбаркунии ҳамаи захира ва имкониятҳои мавҷудаи корхона нигаронида шуда, баҳри ноилгардӣ ба мақсадҳои мусбӣ ва самаранокии фаъолият мусоидат намояд;
4. Назорат бояд барои кормандони ташкилоти суғуртавӣ ҳамчун воситаи тарбия, бо роҳи таъминоти қонуну қонунгузориҳо, шиносонидани онҳо ба иҷроиши ҳуқуқу уҳдадориҳо равона карда шавад;
5. Назорат бояд дар тамоми давраҳои идоракунӣ истифода шавад, яъне дар давраи гузоштани муаммоҳои ҳалшаванда, муайянкунии мақсад, банақшагирии чорабиниҳо барои ба мақсад ноилгардӣ. Аслан, дар давраҳои нишондодашуда назорат бояд баҳри риояи талаботи қонунгузориҳо ва риояи дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ нигаронида шавад.

## АДАБИЁТ


1.Бейсова, Р. С. Аудит качества: учебное пособие/ Р. С. Бейсова. — Мазур, И. И. Упр авление качеством: учеб. пособие / И. И. Мазур, В. Д. Шапиров. — М.: Высш. шк., 2003. — 334 с.

2.Методика проведения внутреннего аудита в страховой организации // Современный капитал. —2003. — №9. — С. 22- 25.

3.Новицкий, А. Л. Внутренний аудит. Что дает форма отчета? / Болотина Т. Э. // Методы менеджмента качества. — 2005. — N 1. — С. 41—44.

4.Ф.Ф.Терехов, М.А.Терехов Контроль и аудит: Основные методологические приемы и технология. М. Финансы и статистика. 2017.-312 с.


## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛ ВА ТАКМИЛИ АУДИТИ САМАРАНОКӢ


**Тоҳирҷони Т. - донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-25011100 аудит ва ревизия**


Аудити самаранокӣ яке аз намудҳои муҳими аудит ба ҳисоб рафта, аудиторони Палатаи ҳисоб дар рафти ташкил ва гузаронидани он ба татбиқи сиёсати Ҳукумати мамлакат дар соҳаи молия баҳогузорӣ менамоянд. Аудити самаранокӣ дар объектҳои соҳаҳои буҷетӣ, хусусан аз болои татбиқи барномаҳои давлатӣ бо истифодаи методикаи қабулкардашудаи Палатаи ҳисоб амалӣ карда мешавад.

Санҷиши барномаҳои давлатӣ чунин ташкил карда мешавад, ки аввалан усулҳои гузаронидани аудити самаранокӣ бо назардошти масъалаҳои ҳалталаби бо самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ алоқаманд интихоб карда мешаванд. Усулҳои амалӣ намудани аудити самаранокӣ вобаста ба мазмуни мавзуъ, хусусияти фаъолияти объектҳои санҷишӣ ва мақсадҳои аудити самаранокии мушаххас метавонад гуногун бошад.

Аудити самаранокии иҷроиши барномаҳои давлатӣ тавассути санҷиш ва таҳлили ҳолатҳои зерин амалӣ карда мешавад: а) ташкили дурусти истифодабарии маблағҳои давлатӣ, ки аз тариқи барнома ба даст оварда шудаанд; б) натиҷаҳои истифодабарии маблағҳои давлатӣ; в) ҷанбаҳои алоҳидаи истифодабарии маблағҳои давлатӣ.

Санҷиш ва таҳлили ҳолати ташкили истифодабарии маблағҳои давлатӣ, ҳамчун қоида, амали ибтидоии гузаронидани аудити самаранокӣ ба ҳисоб рафта, тибқи меъёрҳои муқарраргардида сохтори идоракунӣ, банақшагирӣ, мониторинг ва назорат дар соҳаи санҷидашавандаи истифодабарии маблағҳои давлатӣ мавриди санҷиш ва таҳлил қарор дода мешаванд.

Барои гузаронидани санҷиш ва таҳлили ҷанбаҳои алоҳидаи истифодабарии маблағҳои давлатӣ аз тариқи барномаҳо интихоби чунин ҷанбаҳои мушаххас дар соҳаҳои буҷетӣ ё дар фаъолияти объектҳои санҷишӣ зарур мебошад, ки натиҷаи санҷиш ва таҳлили онҳо на танҳо барои хулосаи ҷамъбастӣ вобаста ба истифодабарии маблағҳои давлатиро дар доираи мавзуи аудити самаранокӣ имконият фароҳам оварда тавонад, балки барои баланд намудани самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ дар тамоми соҳаи санҷидашаванда ва ё барои мукаммал гардонидани фаъолияти муассисаҳои буҷетӣ истифода карда тавонанд.

Интихоби ҷанбаҳои мушаххаси истифодабарии маблағҳои давлатӣ бо назардошти дараҷаи таъсири он ба натиҷаҳои истифодабарии маблағҳои давлатӣ дар соҳаи санҷидашаванда ва ё ба фаъолияти объекти санҷишӣ амалӣ карда шуда, бо мақсадҳо ва масъалаҳои аудити самаранокӣ муайян карда мешавад. Дар сурати ошкор намудани камбудиҳои ҷиддӣ ва масъалаҳои ҳалталаб аз натиҷаи санҷиш ва таҳлили ҷанбаҳои интихоб гардида, он барои хулосабарорӣ оид ба ғайрисамаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ дар доираи мавзуи аудити самаранокӣ асос шуда метавонад.

Усулҳои гузаронидани аудити самаранокӣ дар ҳамбастагиҳои гуногун вобаста аз мақсадҳои пешбинишуда метавонад татбиқ гардида, дар асоси усулҳои интихобгардидаи гузаронидани аудити самаранокӣ усулҳои амалӣ намудани санҷиш, ҷамъ овардан ва таҳлили нишондиҳандаҳои воқеӣ ва иттилоот тибқи меъёрҳои муқарраргардидаи арзёбии самаранокӣ муайян карда мешаванд.

Аудити самаранокӣ ин намуди мустақили назорати молиявӣ ба шумор рафта, тавассути гузаронидани чорабинии назоратӣ, ки мақсади он муайян намудани самаранокӣ, маҳсулнокӣ ва натиҷанокии истифодабарии воситаҳои давлатии аз ҷониби ташкилоту муассисаҳо ҷиҳати расидан ба мақсадҳо, ҳалли вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии мавҷуда ва иҷрои функсияҳои базимма дошта гирифта шудаанд, амалӣ карда мешавад. Роҷеъ ба аудити самаранокӣ мафҳумҳои зерин истифода бурда мешаванд:

а) принсипи сарфанокӣ - ин кам кардани хароҷоти захираҳо мебошад. Воситаҳои истифодашаванда бояд сари вақт ба миқдори дахлдор, сифатнок ва нархи беҳтарин дастрас бошанд;

б) принсипи самаранокӣ, яъне аз захираҳои мавҷуда самараи зиёдтар ба даст овардан аст;

в) принсипи натиҷанокӣ, яъне ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда ва ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишуда вобаста аст;

г) воситаҳои давлатӣ, яъне истифодаи маблағҳои буҷети давлатӣ ва амволи давлатӣ.

Аслан, мақсади аудити самаранокӣ аз сифатан беҳтар намудани ҷараёни идоракунии захираҳои давлатӣ дар асоси пешниҳоди маълумоти пурра, саҳеҳ ва

беғаразона оид ба фаъолияти ташкилотҳое, ки ба раванди буҷет ҷалб гардидаанд, иборат мебошад. Аудити самаранокӣ ҳисоботро оид ба масъалаҳои иқтисод, молия, самаранокии фаъолияти амалиётӣ ва маъмурии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин тавсияҳоро оид ба такмили қонунгузории буҷетӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод менамояд. Ҳисобот метавонад масъалаҳои зеринро дар бар гирад:

1. Масъалаҳои ба фаъолияти маъмурии бахши давлатӣ, ки нисбат ба он Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарии аудитӣ муайян намудааст;

2. Қайдҳои муҳосибӣ ва дигар қайдҳо, ки аз таҷрибаи умумии қабулшудаи пешбурди баҳисобгирӣ фарқ мекунанд;

3. Баҳисобгирии нодурусти воситаҳои давлатӣ, коммуналӣ ё воситаҳои ташкилоти санҷидашаванда;

4. Мавҷуд набудани қайдҳои баҳисобгирӣ ва дигар қайдҳо ё амалиёти нокифоя барои:

а) ҳифзи моликияти давлатӣ ё моликияти ташкилоти санҷидашаванда;

б) таъмини аудити самаранокӣ оид ба ҷамъоварӣ ва ҷойгир намудани маблағҳои пулӣ ва пардохтҳо.

Аз нигоҳи мо, вазифаҳои асосии аудити самаранокӣ бояд инҳо бошанд:

- санҷиши назоратии фаъолияти ташкилоти назоратшаванда ва муайян намудани сабабҳои ғайрисамаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ аз тарафи гирандагони онҳо;

- ҷустуҷӯи таҳлилӣ ва муайян намудани алоқамандии сабабу натиҷаҳои кори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва хулосаҳои он;

- ташаккули таркибӣ, муайян намудани тавсияҳо барои беҳтар кардани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои санҷидашаванда;

- ба мақомоти қонунгузор додани имконияти баҳодиҳӣ ба натиҷанокии қабули қарорҳо оид ба танзими раванди буҷетӣ;

- таъмини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо маълумот ва тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳо.

Низоми молиявӣ яке аз бахшҳои муҳими иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Вай шумораи бисёри ҷараёнҳои иқтисодӣ, низоми андозӣ, низоми буҷетӣ, муносибатҳои пулӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракуниро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, назорати молиявӣ танзими идоракунии қисми зиёди хоҷагии халқро дар бар мегирад. Мо ҳамаи намудҳои назорати молиявиро дар ҳамаи сатҳҳо дида баромадем ва метавонем хулоса барорем, ки назорати молиявӣ ин таъминоти босамари фаъолияти ҳамаи корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ мебошад.

Барои пурзӯр намудани назорати молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки сатҳи донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандонро баланд бардошта ва дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқҳои онҳо аз тарафи давлат ҳимоя карда шаванд. Инчунин, донишҳои тахассусии кормандони мақомотҳои дахлдори назорати молиявӣ баланд бардошта шавад.

Имрӯз бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомотҳои назорати давлатии молиявӣ ташкил карда шудаанд, вале фаъолияти ин мақомотҳо на он қадар натиҷаи мусбат дода истодааст. Намуди нави назорати молиявӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо шудааст, назорати молиявии аудиторӣ ном дорад. Бо гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми иқтисоди бозорӣ ва пайдоиши корхонаву ташкилотҳои гуногуни тиҷоратӣ талабот ба устувории молиявӣ ва баҳодиҳии воқеии ҳолати молиявии корхонаву ташкилотҳои мазкур хело афзуд ва он яке аз заминаҳои асосии пайдоиши назорати молиявии мустақил гардид.

Назорати аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли рушд мебошад. Барои рушд кардани ин намуди назорат моро зарур аст, ки мутахассисони баландихтисосро дар соҳаи аудит тайёр намоем. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои фаъолияткунанда на он қадар зиёд мебошанд. Дар ҳолати кам будани шумораи

корхонаҳои фаъолияткунанда талабот ба хизматрасонии аудиторӣ кам пайдо мешавад, яъне шахсон ҳавасманд нестанд, ки ширкатҳои аудиторӣ ташкил намоянд.

Дар самти такмилдиҳии аудити самаранокӣ пешниҳодҳои зеринро муҳим мешуморем, ки аз таҳқиқоти гузаронидашуда ба даст оварда шудаанд:

- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати молиявӣ ҳамчун назорат аз рӯйи қонунӣ ва максаднок ба роҳ мондани амалиёт дар соҳаҳои буҷетӣ, тақсимнамоӣ ва истифодабарии фондҳои пули давлатӣ ва субъектони идораи маҳаллӣ бо максади тараққиёти самараноки тараққиёти иҷтимоӣ- иқтисодии ҷумҳурӣ ва нохияҳои алоҳидаи он мушаххас ҷорӣ карда шавад;

- низоми назорати молиявӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ки аз рӯйи фаъолияти молиявӣ – хоҷагидории ташкилотҳо, муассисаҳо бо мақсади баҳогузории объективии фаъолияти онҳо ташкил карда мешавад, дуруст ва ҳақиқи бурда шавад;

- назорати молиявӣ ҳамчун танзимкунандаи меъёрҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба тафтиши самаранокӣ ва қонуни будани истифодабарии захираҳои молиявӣ, истифодабарии моликияти давлатӣ ва маҳаллӣ эътироф карда шуда, мавқеи он мустаҳкам гардад;

- назорати молиявии риояи қонунгузориҳо дар сохаи андозситонӣ, марзӣ, гумрук ва фаъолияти бонкӣ шаффоф амалӣ карда шавад;

- назорати пешакӣ муҳокима ва тасдиқнамоии лоиҳаи қонунҳо, қарорҳо оид ба буҷет ва дигар лоиҳаҳо аз рӯйи саволҳои буҷетӣ аз ҷониби мутахассисони баландихтисос гузаронида шавад;

- ба тараққиёти фаъолияти аудиторӣ диққати зарурӣ дода, барои омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии аудит курсҳои такмили ихтисос ташкил карда шаванд, аз дигар давлатҳо устодон барои омӯзонидан ҷалб карда шаванд;

- ташкилотҳои ҷамъиятии аудиторон маблағгузорӣ карда шаванд;

- институтҳои аудиторон таъсис дода шаванд, ки дар он ҷо методика, таҷрибаҳо, китобҳои дарсӣ, барномаҳо, тестҳо оид ба фаъолияти аудиторӣ тайёр карда шаванд;

- шуъбаҳои аудити дохилӣ дар ҳар як корхона, ширкат таъсис дода шуда, амал намояд;

- фаъолияти ширкатҳои аудиторӣ ва аудиторони инфиродӣ омӯхта шаванд, дар зери назорат гирифта шаванд, ба онҳо имтиёзҳо муқаррар карда шавад.

**АДАБИЁТ**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ” аз 2 –юми декабри соли 2002, № 66. - http://mmk.tj

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июни соли 2011, № 723. -http://mmk.tj

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июни соли 2011, № 749. -http://mmk.tj

4.Воронин Ю.М. Государственный финансовый контроль: вопросы теории и практики. - М.: Финансовый контроль, 2005. – 256 с.

5.Двуреченских В.А., Чегринец Е.А., Чернавин Ю.А. Основы государственного аудита // Методология контроля общественных финансовых средств. Материалы Межвузовской научно-практической конференции / Под общ. ред. В.А. Двуренческих. – М.: Финансовый контроль, 2004. – 218 с.

6.http://mmk.tj

## ХУСУСИЯТҲОИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР СУБЪЕКТҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Неъматзода В. - донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-25011100 - аудит ва ревизия**

Бо мақсади таъмини риояи қонунгузорӣ, самаранокии низоми назорати дохилӣ ва баландбардории ҳосилнокии меҳнат дар фаъолияти дилхоҳ субъекти иқтисодӣ зарурати таъсис додани хизмати аудити дохилӣ пеш меояд. Воқеан, чорабиниҳои санҷишию

баҳодиҳие, ки аз ҷониби аудиторони дохилӣ гузаронида мешаванд, барои татбиқи нақшаҳои стратегии корхона шароити мусоид фароҳам меоваранд.

Аудити дохилӣ барои муайян ва ошкор кардани самтҳои афзалиятноки фаъолияти корхона аз тариқи татбиқи бандҳои нақшаи тақвимӣ мусоидат менамояд. Чунки аудити дохилӣ оид ба гузаронидани санҷиш, баҳодиҳӣ ва машваратдиҳии низомҳои идоракунӣ ва дигар низомҳо, ки бо мақсади мусоидат намудан ба фаъолияти қонунӣ, самаранок ва натиҷабахши субъектҳо анҷом дода мешавад, фаъолияти мустақил ва объективӣ мебошад.

Супоришҳои муайян, ки барои гузаронидани таҳқиқоти аудиторӣ, бо роҳи амалӣ намудани чорабиниҳои санҷишӣ ва ё машваратӣ иборат мебошад, супориши аудити дохилӣ мебошад. Мақсадҳои супориши аудитӣ аз таъмини хулосаи воқеӣ ва мустақил оид ба фаъолият ва натиҷаҳои ҷараён, низом ё ҷузъиёти дигаре, ки аудит онҳоро фаро гирифтааст, иборат мебошад.

Супориши аудитӣ дар намуди аудити низом, аудити мувофиқат ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аудити молиявӣ, аудити фаъолият ва аудити технологияи иттилоотӣ ба роҳ монда мешаванд. Ёрии машваратӣ дар фаъолияти хизмати аудити дохилӣ яке аз намудҳои муҳими хизматрасониҳо ба ҳисоб меравад, ки бо роҳи пешниҳоди тавсияву хулосаҳо, изҳори ақидаҳо, омӯзиш ва дигар тавзеҳот, ки барои инкишофи ҷараёни идоракунӣ ва назорати таваккал мусоидат менамоянд, дар назар дошта мешаванд.

Аудиторони дохилӣ дар заминаи як қатор принсипҳо ва меъёрҳо фаъолияти худро ба роҳ мемонанд, аз ҷумла: мустақилӣ; беғаразӣ; салоҳиятнокӣ; касбият; бовиҷдонӣ; масъулиятокӣ ва махфият.

Бояд қайд намуд, ки аудити дохилӣ имкон дорад дар ҳолатҳое, ки аз нигоҳи расму анъанаҳои фарҳангӣ ва ҳуқуқ фарқ мекунанд, дар ташкилотҳое, ки таъинот, андоза, мураккабии кор ва сохторашон фарқият дорад, ҳам аз тарафи кормандони худи ҳамон ташкилот ва ҳам аз тарафи кормандони берунӣ гузаронида шавад. Азбаски ин фарқиятҳо имкон дорад таъсири хусусиятҳои худро ба амалияи аудити дохилӣ дар ин ё он ҳолат расонад, бинобар ин, риояи стандартҳои байналмилалии касбии аудити дохилӣ заминаи асосии иҷрои уҳдадориҳои аудиторони дохилӣ ба ҳисоб меравaнд.

Аудитори дохилӣ метавонад стардартҳоеро, ки аз тарафи ташкилотҳои бонуфуз коркард шудааст, истифода баранд, дар ҳолате, ки дар ҳисоботи худ он маълумотро нишон дода бошанд. Агар байни талаботҳои стандартҳо ва дигар меъёрҳои эътирофшуда фарқият мавдуд бошад, он гоҳ аудитори дохилӣ бояд ба талаботи стандартҳо ҷавобгӯй бошад, инчунин, метавонад талаботи дигар стандартҳоро иҷро намояд, агар онҳо тавсифи ҷиддӣ дошта бошанд.

Мақсади стандартҳои байналмилалии касбии аудити дохилӣ инҳо мебошанд: муқаррар кардани принсипҳои асосии амалияи аудити дохилӣ ва таъмин намудани заминаҳои консептуалӣ барои пешниҳод намудани маҷмуи васеи хизматҳо дар соҳаи аудити дохилӣ, ки ба такмил додани фаъолияти корхона равона карда шудааст ва ғ. [3, с.23].

Аудитори дохилӣ бояд барои маълум кардани нишонаҳои қаллобӣ дониши кофӣ дошта бошад, инчунин дониши ӯ бояд барои баҳо додани он ки ташкилот чӣ тавр хафвро идора мекунад, басанда бошад. Аудиторони дохилӣ бояд дорои донишҳои кофӣ оид ба хавфҳои асосӣ ва усулҳои назорат, ки бо технологияҳои иттилоотӣ вобастагӣ доранд, дошта бошад. Инчунин, усулҳои автоматикунонии аудитиро дар хаҷми лозима барои иҷрои вазифаҳои додашуда истифода карда тавонанд. Ҳамзамон, дар назар дошта намешавад, ки ҳамаи аудиторони дохилӣ салоҳияти аудиторӣ доранд, ки вазифаи асосии онҳо аудити технологияҳои иттилоотӣ мебошад.

Аудиторони дохилӣ уҳдадоранд донишу малака ва муқарраротии касбии худро истифода баранд. Муносибати касбӣ ба кор маънои онро надорад, ки аудитор ба содир кардани хато ҳуқуқ надошта бошад.

Аудитори дохилӣ бояд ба кор муносибати касбӣ зоҳир намуда, объектҳои зеринро баҳо диҳад:

- ҳаҷми коре, ки барои ноил гардидани мақсадҳои супориши аудиторӣ зарур мебошад;

- мураккабӣ, моҳият ва аҳамияти нисбии масъалаҳое, ки нисбат ба онҳо кафолат дода мешаванд;

- мутобиқат ва самарабахшии равандҳои идоракунии хавфҳо, назорат ва идоракунии корпоративӣ;

- эҳтимолияти хатоҳои ҷиддӣ, таҳрифот ё риоя накардани қоидаҳо;

- маблағе, ки дар муқоиса бо фоидаи эҳтимолӣ барои додани кафолати аудиторӣ сарф мешавад.

Мо чунин мешуморем, ки барои изҳори муносибати касбӣ ба кор, аудитори дохилӣ бояд имконияти истифода намудани усулҳо ва воситаҳоро, ки аз технологияҳои компютерӣ асос ёфтаанд, инчунин, дигар усулҳои таҳлилии маълумотро баррасӣ намояд.

Аудитори дохилӣ бояд ба вуҷуд доштани хавфҳои ҷиддӣ, ки метавонанд ба фаъолият ва ё захираҳои ташкилот таъсир расонанд, барои баҳодиҳӣ омода бошад. Аудиторони дохилӣ бояд донишу малака ва сатҳи тахассусии худро ба таври мунтазам такмил диҳанд.

Роҳбари аудити дохилӣ уҳдадор аст, ки барномаи кафолат ва баланд бардоштани сифатро, ки тамоми намудҳои фаъолияти аудити дохилиро дар бар мегирад, таҳия ва дастгирӣ намояд. Барномаи кафолат ва баланд бардоштани сифат бо мақсади таъмини баҳодиҳии мутобиқати аудити дохилӣ ба муқаррароти аудити дохилӣ ва стандартҳои байналмилалии касбии аудити дохилӣ таҳия карда мешавад.

Баҳодиҳии дохилии фаъолияти касбии аудитори дохилӣ бояд ҳолатҳои зеринро дар бар гирад: а) мушоҳидаи пай дар пайи фаъолияти аудити дохилӣ; б) тафтиши давра ба давра, ки аз тарафи кормандони хизмати аудити дохилӣ бо роҳи худбаҳодиҳӣ ва ё аз тарафи кормандони дигари ташкилот, ки дорои донишу таҷрибаи аудити дохилӣ мебошанд, гузаронида мешавад [4, с.22].

Ҳамин тавр, ҳамчун хулоса метавон гуфт, ки хадамоти аудити дохилӣ бояд барои иҷрои корҳое мусоидаткунанда бошад, ки пешрафти фаъолияти корхона аз натиҷаи онҳо вобаста бошанд. Вобаста ба ин ҳолат, чунин мешуморем, киаудиторони дохилӣ бояд дар рафти фаъолияти корӣ, алалхусус ҳангоми иҷрои супоришҳои машваратдиҳӣ муносибати касбӣ нишон диҳанд ва ҳолатҳои зеринро баҳо диҳанд:

- эҳтиёҷот ва умеду боварии муштариён, аз ҷумла хусусият, муҳлат ва тарзҳои пешниҳоди ҳисобот дар бораи натиҷаҳо;

- мураккабии нисбии кор ва ҳаҷми он, ки барои ноил гардидани мақсадҳои супориши аудиторӣ заруранд;

- маблағе, ки дар муқоиса бо фоидаи эҳтимолӣ барои хизмати машваратдиҳӣ сарф мешавад.

**АДАБИЁТ**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ”, № 993 аз 22.07. 2013сол. http:www.mmk.tj

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудитории дохилӣ дар сохторҳои давлатӣ”,№ 631 аз 21.07. 2010сол. http:www.mmk.tj

3.Бурцев, В. В. Внутренний аудит компании: вопросы организации и управления // Финансовый менеджмент. — 2003. — №4. — С. 20—24.

4.Методика проведения внутреннего аудита системы менеджмента каче-ства на предприятии// Современный капитал. —2003. — №9. — С. 22- 25.

## НАҚШИ РЕКЛАМА ДАР СОҲАИ СУҒУРТА

***Исматов А. - донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси суғурта***
***Ормонова М.М. - ассистенти кафедраи суғуртаи ДДМИТ***

Дар шароити ҳозираи ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба системаи иқтисодии ҷаҳонӣ, гузаштан ба муносибатҳои бозаргонӣ ва густариши муносибатҳои мутақобилаи иқтисодии байналхалқӣ, фаъолияти суғуртавӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Соҳаи суғурта ва рушди бозори суғурта дар ҷумҳурӣ аз инфраструктурае, ки ба ҳамаи соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намуда, самаранокии онро баланд мебардорад, иборат мебошад. Маҳз бо ҳамин аҳамияти рушди ҳамаи намудҳои суғурта, пеша аз ҳама шаклҳои байналхалқии суғурта, аз қабили муносибатҳои берунитиҷоратӣ, суғуртакунии сармоягузории хориҷӣ ва ғайра дар кишвари мо , аз ҷумла ҷараёни ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, муайян карда мешавад.

Фаъолияти иқтисодию молиявии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфрондӣ дар тамоми соҳаҳо ба бурду бохти ҳисорот рӯ ба рӯ мегардад , ки ҳудуди онро пешакӣ муайян намудан ва ба он баҳо додан ғайриимкон мебошад. Омилҳои тасодуфӣ, ҳодисаҳои алоҳида метавонад зиёни на танҳо эҳсосшаванда, балки ислоҳнопазириро ба миён орад.

Пешгирӣ кардани чунин тасодуфот ва ҳолатҳои суғуртавӣ, ҳифз намудан ва ба он кафолати бехатарӣ додан, вазифаи асосии ширкатҳои суғуртавӣ ба ҳисоб мераванд.

Қайд кардан бомаврид аст, ки имрӯзҳо амалӣ намудани чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирии давлатии амалиёти содиротӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин зарурияти ҳалли мушкилоти бозори суғуртаи Тоҷикистон ҳангоми ҷорӣ намудани суғуртаамоии амалиёти иқтисодии байналхалқӣ ва намудҳои онро дар амалияи муносибатҳои суғуртавии ҶТ ба миён меорад.

Суғурта ҳамчун соҳаи муҳими иқтисодиёт барои пешрафти соҳаҳои дигари хоҷагии халқ шароити мусоид фароҳам меорад ва мавҷудияти он ҷараёни бефосилаи истеҳсолот, тақсимот, муомилот ва истеъмолотро таъмин менамояд. Ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ ва ашхоси алоҳида ба ин ё он хотир (ҳаёт, саломатӣ, молу мулк ва ғ.) барои кафолати манфиятҳои худ ба ташкилотҳои суғурта муроҷиат мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки яке аз роҳҳои рушд додан ва паҳн намудани хизматрасонии суғуртавӣ шартҳои асосие мавҷуданд, ки инҳо ҷалби мизоҷон, кадрҳои боқувват назорат дар бозори суғурта ва реклама дар суғурта мебошад.

**Реклама -** иттилооте, ки дар ҳар шакл, тавассути ҳар навъ воситаҳо оид ба шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо (ахбори рекламавӣ) паҳн мешаванд ва барои доираи васеи шахсон пешбинӣ шуда, ҷиҳати ташаккул ё дастгирии шавқмандӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо, ташаббусҳо таъин гардида, барои фурӯхтани молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо мусоидат менамояд. Он дар аксар ҳолатҳо мақсади амалигардонии вазифаҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратии ширкатҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайраро дорад.

Ҳамин тавр, реклама имрӯзҳо яке аз соҳаҳои инкишофёфтаи тиҷорат ба ҳисоб меравад. Он на танҳо маълумотҳои заруриро оид ба молу хизматрасониҳо паҳн менамояд, ҳамчунин яке аз воситаи коммуникатсионии низоми иқтисодӣ мебошад. Илова ба дигар вазифаҳои асосии ба реклама дахлдошта, реклама одатан ба коркард ва паҳн намудани маълумот оид ба мол, нигоҳдории обрӯи ширкат равона карда шудааст. Иттилооти рекламавӣ аз дигар иттилоот бо он фарқ менамояд, ки он вазифаи панддиҳиро иҷро намуда, истеъмолкунандаро яқин менамояд, ки молу хадамоти ин ё он ширкатро харидорӣ намояд.

Бояд қайд намуд, ки амалисозии чорабиниҳои рекламавӣ дар фаъолияти ширкат вобаста ба давраҳои ҳаётии мол ва хизматрасонӣ тағйир меёбад. Стратегияи реклама аз рӯи ҳолати буҷети ширкат, фалсафаи умумии он муайян карда мешавад.

Нақши рекламаро дар фаъолияти ширкат ва ҷамъият аз рӯи се категория муайян кардан мумкин аст:

- нақши он барои истеъмолкунанда;

- накши он барои тиҷорат;
- накши он барои ҷамъият.

Барои он ки дар фаъолияти ширкат реклама вазифаашро самаранок иҷро намояд, моли ширкат бояд маҷмуи хусусиятҳо ва манфиатҳоеро дошта бошад, ки талаботҳои муайяни истеъмолкунандагонро қонеъ сохта тавонад. Реклама бояд маълумотҳоро оид ба манфиатҳои асосӣ ва хусусиятҳои диққатҷалбкунандаи молу хадамот паҳн намояд. Инчунин, маълумотҳо бояд дақиқ бошанд ва манфиатнокиҳои ҳақиқии молро дарбар гиранд.

Ҳангоми амалисозии вазифаҳои реклама ширкат бояд ба масъалаҳои зерин диққати махсус диҳад:

- мавқеи тамғаи мол дар категорияҳои молӣ;
- доираи хариди мол;
- хабардоршавӣ оид ба мол ва мавқеи он дар бозор;
- хусусияти мавсимӣ доштани мол;
- стратегияи кӯтоҳмуддати реклама;

Барои муайян намудани дараҷаи манфиатнокии реклама чор омил истифода карда мешаванд:

-ҳаҷми фурӯш;

-муҳити рақобатпазирии мол ва меъёри фоиданокии он;

-фалсафаи умумии идоракунии реклама;

-воридсозии молу хизматрасониҳои нав.

Шаклҳои реклама қадимтарин ба ҳисоб меравад, ки имрӯзҳо низ ҳангоми рекламаи молу хадамоти гуногун васеъ истифода карда мешавад. Вазифаи асосии рекламаи берунӣ илова бар рекламае, ки дар дигар васоити ахбори умумҷойгир карда шудааст, устувор намоии таъсири реклама ба истеъмолкунанда мебошад.

Рекламаи берунӣ воситаҳоеро дар бар мегирад, ки инсон онҳоро ҳангоми дар кӯча буданаш мушоҳида менамояд. Ин намуди рекламаро реклама дар ҳавои боз низ меноманд.

Рекламаи берунӣ дар баробари дигар намудҳои реклама барои ҳаракати молу хадамот накши муайянро мебозад. Ба рекламаи берунӣ рекламаи нақлиётӣ, реклама дар кӯча ва реклама бовоситаҳои рӯшнои диҳанда дохил мешавад.

***Реклама дар кӯчаҳо*** (бо дарбаргирии реклама дар роҳҳова реклама дар минтақаҳои истироҳатӣ) туфайли воситаҳои гуногуни тасвирӣ ба роҳмонда мешавад. Воситаҳои нисбатан паҳнгардидаи он плакатҳо, овезаҳо, тахтаҳова ғ. ба ҳисоб мераванд.

***Реклама дар нақлиёт*** ин плакатҳои рекламавие мебошанд, ки дар дохил ва беруни воситаҳои гуногуни нақлиёт ҷойгир карда шудаанд.

***Рекламаи дар воситаҳои рӯшноидиҳанда*** (бо баркҷиҳозонидашуда) - плакатҳо, роҳнамоҳо ё навиштаҷоти баркие мебошанд, ки ба воситаи рӯшноидиҳандаҳои махсуси баркӣ ва самараҳои ҳаракаткунандаи рӯшноӣ ҷиҳозонидашудаанд.

Имконияти рекламаи берунӣ маҳдудаст, чунки он бояд дар лаҳзаи кӯтоҳтарин аз тарафи одамони роҳгузар қабул карда шавад. Барои ҳамин рекламаи берунӣ оид ба мол ва ширкати стеъмолкунандагонро на бояд боваркунонад, балки нисбат ба молу хизматрасонӣ хотиррасон шавад. Мураккаби ичунин намуди реклама дар он зуҳур меёбад, ки одамон дар мӯҳлати кӯтоҳтарини вакт бояд ақидаи асосии рекламаро аз худ намоянд. Рекламаи берунӣ тараққиёти баланди худро дар ИМА, Ҷопон, Фаронса ноил гардидааст.

Барои рекламаи берунӣ чунин талаботҳои асосӣ хосанд. Он бояд:

- тез-тез ба чашмафтад;
- диққати шахсро ҷалб намуда тавонад;
- кӯтоҳ бошад;
- фаҳмо бошад;

- дар рафти ҳаракат хонда шавад.

Аз рӯи талаботҳои нишондода шуда рекламаи беруниро танҳо барои ҳамон молҳо ва хизматрасониҳое, ки онҳоро ба воситаи расм ё матни кӯтоҳ муаррифӣ менамоянд самаранок истифода намудан мумкин аст. Рекламаи беруниро махсусан барои хотиррасонии бартариятҳои молҳои машҳур ва мавқеи харидори намоии онҳо истифода кардан мумкинаст. Ҳамин тавр, рекламаи берунӣё хотиррасон мекунад, ё иттилоот медиҳад.

Рекламаи муосир шакл ва намудҳои гуногунро дорад. Таснифоти шакл ва намудҳои реклама ба рекламадиҳандагон имкон медиҳад, ки вобаста ба шакл ва хусусияти молу хизматрасонии худ, шакл ва намуди мувофиқи рекламаро барои таблиғи молу хизматрасониҳо интихоб намоянд.

Вобаста ба рекламадиҳанда чунин намудҳои рекламаро ҷудо мекунанд:

– реклама аз номи истеҳсолкунанда;

– реклама аз номи фурӯшандаи яклухт ва чакана;

– реклама аз номи шахсони алоҳида;

– реклама аз номи ҳукумат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ.

Реклама аз номи истеҳсолкунанда ва миёнаравҳо дар аксар ҳолатҳо хусусияти тиҷоратӣ дорад ва мустақилона ва ё худ якҷоя барои ноил гардидан ба мақсадҳои умумии онҳо ба роҳ монда мешавад.

Реклама аз номи шахсони алоҳида дар шакли эълон оид ба хариду фурӯш, ҳодисаҳои маъруф ва ғайра ба роҳ монда мешавад.

Реклама аз номи ҳукумат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ хусусияти ғайритиҷоратӣ дошта, барои ноил гардидан ба мақсадҳои муайян дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва инчунин дар таблиғоти ақидаҳои муайяни сиёсии сиёсатмадорон, ҳизбҳо истифода карда мешавад.

Чунин намудҳои рекламадиҳандагонро ҷудо намудан мумкин аст:

- **Рекламадиҳандагони умумимиллӣ -** ин ширкатҳо, истеҳсолкунандагоне мебошанд, ки бо онҳо мо дар мағозаҳо, толорҳои намоишӣ, намоишгоҳҳо вохӯрда метавонем.
- **Рекламадиҳандагони маҳаллӣ** – фурӯшандагони чакана мебошанд.
- **Истеҳсолкунандаи реклама -** шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ҷойгир ё паҳнкунии иттилооти рекламаро пурра ё қисман дар шакли тайёр барои паҳнкунӣ омода месозад;
- **Пахшкунандагони реклама** – шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мебошанд, ки ба ҷойгиркунӣ ва пахши иттилооти рекламавӣ дар васоити пахши реклама машғуланд.

Дар байни истеҳсолкунандагони реклама дар бозори реклама нақши агентиҳои рекламавӣ хеле калон аст.

**Истифодабарандагони реклама -** шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие, ки реклама ба маълумоташон расонида мешавад.

**Рекламаи тиҷоратӣ** ин паҳнгардонии мақсадноки иттилоот оид ба хусусиятҳои истеъмолии мол ва хизматрасониҳое мебошад, ки барои машҳур гардонидани мол ва ҷалби диққати истеъмолкунандагон ба он, бо мақсади бавуҷудории тақозо ва зиёдгардонии ҳаҷми фурӯш пешниҳод карда мешавад.

Ҳамин тавр, реклама чун унсури ягонаи коммуникатсияи маркетингӣ метавонад мизоҷонро оид ба мавҷудияти молу хизматрасониҳои гуногун хабардор намояд ва ҷараёни фурӯши молҳои онро тезонад. Илова бар ин, барои баланд бардоштани реклама дар фаъолияти ширкат бояд, зарурати ташкил ва пахши он муайян карда шавад. Барои мисол, истифодабарии реклама дар чунин ҳолатҳо бамаврид ҳисобида мешавад:

– пайдоши моли наве, ки хусусиятҳои истеъмолии он барои харидорон маълум нест;
– моле, ки ҳоло харидор оид ба он маълумот надорад;
– вақте ки бозор бо молҳои якхела ғанӣ гардидааст ва истеҳсолкунанда мехоҳад, диққати истеъмолкунандаро ба моли худ ҷалб намояд.

**Адабиёт:**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2018. №457 «Дар бораи фаъолияти суғурта».
2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила».Душанбе 23 июли соли 2009 № 669.
